ISSN 2708-5759

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

БАХШИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА ПСИХОЛОГӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

СЕРИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

SERIES OF PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL SCIENCES

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

№ 3 (29)

Душанбе - 2026

ISSN 2708-5759

Маҷалла бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, № 399/м ба феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидааст.

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибоси илмии Русия» (ШИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2026 таҳти рақами 496/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.

Суроға: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*
Тел.: *(+992 37) 224-36-91*
Факс: *(+992 37) 224-13-83*
Почтаи электронӣ: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Сомонаи маҷалла: *www.pedagog.tgpu.tj*

Сармуҳаррир: ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Муовини сармуҳаррир: ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Котиби масъул: ***Муборакиён С. М.***

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Маҷидова Бибиҳафиза *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Нугмонов Мансур *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Нурзода Абдулбоқӣ Нур *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Сайфуллоев Хайрулло Габдуллоевич *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Файзализода Ҷумахон Хол *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Юнусова Нафисахон Муродовна *- доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Дадобоева Мадина Солибоевна *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*
Бобоева Сайёра Бобораҷабовна *– доктори илмҳои психологӣ, профессор*
Қодиров Умаралӣ Дустқобилович *- доктори илмҳои психологӣ, профессор*
Мухамедова Дилбар Ғафурҷоновна *- доктори илмҳои психологӣ, профессор*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2026

ISSN 2708-5759

Журнал включен в перечень рецензируемых научных журналов (изданий) Республики Таджикистан по приказу председателя Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 25 октября 2024 года № 399/м.

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан 10 июня 2026 года под номером 496/ЖР-97.

Адрес: *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*
Тел.: *(+992 37) 224-36-91*
Факс: *(+992 37) 224-13-83*
Электронная почта: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Сайт журнала*: www.pedagog.tgpu.tj*

Главный редактор: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *– доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

Зам. главного редактора: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** *- доктор химических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный секретарь: ***Муборакиён С. М.***

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Маджидова Бибихафиза *- доктор педагогических наук, профессор*
Нугмонов Мансур *- доктор педагогических наук, профессор*
Нурзода Абдулбоки Нур *- доктор педагогических наук, профессор*
Раджабов Тагоймурод Бобокулович *- доктор педагогических наук, профессор*
Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич *- доктор педагогических наук, профессор*
Файзализода Джумахон Хол *- доктор педагогических наук, профессор*
Юнусова Нафисахон Муродовна *- доктор педагогических наук, профессор*
Дадобоева Мадина Солибоевна *– кандидат педагогических наук, доцент*
Бобоева Сайёра Бобораджабовна *– доктор психологических наук, профессор*
Кадыров Умарали Дусткобилович *- доктор психологических наук, профессор*
Мухамедова Дилбар Гафурджановна *- доктор психологических наук, профессор*

© ТГПУ имени С. Айни, 2026

ISSN 2708-5759

The journal is included in the list of peer-reviewed scientific journals (publications) of the Republic of Tajikistan, as per the order of the Chairman of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan No. 399/m of October 25, 2024.

The journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library.

The journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from June 10, 2026 under No.496/JR-97.

Address: *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
Phone: *(+992 37) 224-36-91*
Fax: *(+992 37) 224-13-83*
E-mail: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Journal website: *www.pedagog.tgpu.tj*

Editor-in-chief: ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, professor, rector of the TSPU named after S. Ayni*

Deputy Editor-in-chief: ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** *- Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Research at TSPU named after S. Ayni*

Executive Secretary: ***Muborakiyon S. M.***

THE EDITORIAL BOARD:

Majidova Bibihafiza *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Nugmonov Mansur *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Nurzoda Abdulboqi Nur *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Rajabov Tagoymurod Boboqulovich *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Sayfulloev Khayrullo Gabduloevich *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Fayzalizoda Jumakhon Khol *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Yunusova Nafisakhon Murodovna *- Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Dadoboeva Madina Soliboevna *– Candidate of Pedagogical Sciences, Docent*
Boboeva Sayora Boborajabovna *– Doctor of Psychological Sciences, Professor*
Qodirov Umarali Dustqobilovich *- Doctor of Psychological Sciences, Professor*
Mukhamedova Dilbar Gafurdjanovna *- Doctor of Psychological Sciences, Professor*

© TSPU named after S. Ayni, 2026

МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ / ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

Саидзода Н. Т., Мутриба А.
Банақшагирии таълими омӯзиши проблемавӣ ҳамчун меҳвари рушди тафаккури зеҳнии хонандагон 8
Қосимова Р. М., Самиев Т. А.
Шароитҳои педагогии ташаккули маърифати шаҳрвандии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна 16
Саидиброимов Ш. О., Айдармамадова М. К.
Эҳтиромии падару модар аз нигоҳи Аҳмади Дониш дар таҳқиқоти Ҳ. Ҳайдаров 23
Миров Ш. К.
Историко-философские истоки экологической культуры в педагогической мысли таджикского народа: от классического наследия до современности 28
Ахмедова Ф. Х.
Булинг ҳамчун падидаи номатлуб дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии имрӯза 33
Палавонов А. М., Ғайратзода М. Х.
Тақсимоти дурусти вақти дарс – омили беҳтар кардани сифати таълим 41
Лутфуллои С.
Проблемы использования цифровой образовательной среды университета: технические и человеческие факторы 49
Обидова М. И., Бобиева С. К.
Ташаккули тасаввуроти томактабиён атрофи шаклҳои геометрӣ тариқи таъмини алоқамандии онҳо бо ҳунарҳои мардумии миллати тоҷик 55
Дустов О. Ҷ.
Мушкилот ва дурнамои рушди таълими технология дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 61
Эшонов С. Ҳ.
Амалӣ намудани алоқаи байнифаннӣ дар таълими фанҳои табиию ҷамъиятӣ аз нигоҳи олимони хориҷӣ 69

МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯ / МЕТОДИКА ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ

Худоярзода Ҳ. Х., Маҳкамов М.
Алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ 76
Назаров А. П., Азизбеки М.
Нақши барномасозии компютерӣ ва методи Пулот дар фардигардонии раванди арзёбии дониши математикии донишҷӯён 87
Сайфуллоева З. Х.
Ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯён дар таълими математика дар гурӯҳҳои бисёрэтникӣ 97
Идизода С. Б., Худоярзода Ҳ. Х.
Роҳу усулҳои ташаккул додани донишҳои ибтидоӣ оид ба фанҳои табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ 103
Одинаев Ҳ. М.
Рушди салоҳияти методии омӯзгорони ояндаи фанни информатика тавассути графикаи сеченакаи забонҳои барномасозӣ 113
Абидов Р. Т.
Татбиқи методи Пулот дар барномасозии кори санҷишӣ оид ба мавзуи “тақсимкунандаҳо ва каратиҳо” 120
Назаров А. П., Умедҷони Х. Ғ.
Асосҳои методии пайдарҳам таълимдиҳии мафҳумҳои асосии давр ва оператори давр бо пешшарт дар барномасозӣ бо забони PascalABC.NET 132

Қамариддинзода З. Н., Абидов Р. Т.
Ҷанбаҳои методӣ ва назариявии татбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар технологияҳои информатсионӣ ва коркарди он дар махзанҳои маълумот 140
Каримзода Т. Х.
Методика формирования алгоритмической культуры учащихся при обучении алгебре в 7-9 классах 148
Зокиров А. Р., Саидзода И. М.
Ҳамгироии усулҳои анъанавӣ бо усулҳои муосир зимни омӯзиши геометрияи аналитикӣ 153
Раҷабов У. Х., Ашуров А. Ҳ.
Таҳлили методӣ ва роҳҳои мукаммалгардонии мундариҷаи китобҳои дарсии физика..... 158
Самадов М. Ҳ., Холзода М. Ч.
Ташаккули фикрронии мантиқӣ ва рушди зеҳнии хонандагон дар ҷараёни машғулиятҳои амалӣ аз физика 166
Табаров С. Р., Соҳибов Н. О.
Ҳалли масъалаҳои физикӣ ҳамчун ҳадаф ва усули омӯзиши физика 175
Мухамедшин Р., Раджабов У. Х.
Система вариативных задач как основа интеграции индивидуальных, парных и групповых форм обучения на уроках физики 182
Файзуллоева М. М., Раҷабзода С. И.
Робитаҳои байнифаннии химия ҳамчун принсипи дидактикӣ..... 190
Хидиров Ғ. Т., Баротзода К. А.
Аҳаммияти кори озмоишӣ оид ба истифодаи технологияи TBL зимни омӯзиши биохимия дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ 196
Маҳмуродзода Р. М., Баротзода К. А.
Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар дарсҳои биология бо истифода аз технологияҳои муосири таълим 206
Алиева М. Н., Абдуллозода А. У.
Методҳои фанни технология (таълими меҳнат) ва роҳҳои татбиқи онҳо..... 218
Абдуллоев А. Г.
Моделсозӣ дар раванди таълими фанни технология..... 226
Абдухоликова Г. И.
Нақш ва аҳаммияти таълими фанни физиологияи варзиш дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ва самаранокии он 232
Намозов Т. Б.
Омодагии равонӣ ва ахлоқию иродавии варзишгар барои тарзи ҳаёти солим.....240
Табаров Д. Д.
Омодасозии касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи география ба фаъолияти таҳқиқотӣ-таълимӣ.....249
Ҷалилова М. Н.
Гурӯҳбандии хонандагон ҳамчун як воситаи амалисозии таълими тафриқа зимни омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ 256
Тошова Б. Р., Ниятбекова А. Ю.
Изучение фразеологии как ключевого элемента в развитии образной речи учащихся национальной школы..... 261
Сайхонзода Х. Б.
Педагогические условия формирования профессионально-коммуникативной компетентности будущих специалистов пожарной безопасности на занятиях по русскому языку 270
Мавлонова И. Т.
Хусусиятҳои педагогии инкишофи ҳавасмандгардонии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 276
Куҷов Р. М.
Методикаи ташаккули маҳорати нутқии омӯзгорони ояндаи забони олмонӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ..... 284
Неъматова Х. М.
Ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ва бисёрфарҳангии донишҷӯён дар таълими забони хориҷӣ..... 290

Боев Ш. Р., Маҷидов У. М.
Рушди салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳангоми тадриси суруд ва мусиқӣ 296
Раҳимов Ш. С.
Усулҳои ташаккул додани салоҳиятҳои эҷодкории донишҷӯён дар дарси таърих 304
Давлатов З. А.
Ташаккул ва инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим 309

ИЛМҲОИ ПСИХОЛОГӢ / ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

Маҷидова Б., Аминов А. И.
Алоқамандии типи мизоҷ бо дараҷаи конформизм 317
Ғаниева Б. Ҷ.
Нақши муассири институти оила дар рушду ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагони хурдсол аз дидгоҳи психологияи муосир 324
Носирова Г. М.
Таъсири психологӣ ва педагогии омилҳои раванди таълим ва хусусиятҳои синнусолии хонандагон ба самаранокии фаъолияти таълимӣ (аз нуқтаи назари Л.С.Виготский ва А.Леонтев) 329
Раҷабова М. Х.
Хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии мутобиқшавии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик 336
Саидмирова С. М., Абдураҳмонов Ш. Н.
Бехатарии солимии психологӣ ва фарҳанги психологӣ дар муҳити таълимӣ 344
Ҳабибуллозода З. Ҳ.
Сохтори худмуайянкунии шахс дар психология 354

ТДУ 37.012:371.315:159.955

БАНАҚШАГИРИИ ТАЪЛИМИ ОМӮЗИШИ ПРОБЛЕМАВӢ ҲАМЧУН МЕҲВАРИ РУШДИ ТАФАККУРИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

Саидзода Н. Т., Мутриба А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Муқаддима. Дар кори тадқиқотӣ масоили рушди тафаккури зеҳнӣ дар доираи банақшагирии таълими проблемавӣ ҳадафи асосӣ буда, бо истифода аз ҷанбаҳои назариявӣ вазифаҳо дар амалияи таълим роҳандозӣ карда шуд. Масоили баррасишаванда мубрамияти хосса дошта, дар шароити ҷаҳонишавии таълим муайян ва рушд додани тафаккур ва зеҳн аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамчунин, мавзуи таҳқиқот бо маводи таҳқиқотӣ мувофиқат намуда, бо иқтибосҳо аз адабиётҳои педагогию психологӣ асоснок карда шудаанд. Дар раванди таҳқиқот албатта ҳадафмандии масоили таълими проблемавӣ ҳамчун меҳвари рушди тафаккури зеҳнӣ ба назар гирифта шуда, натиҷаҳои дилхоҳ дарёфт карда шуд.

Дар замони муосир роҳандозӣ намудани усулҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуммии кишвар хело зиёд ба назар расида, як қисмати хоссаи фаъолияти педагогӣ ба ҳисоб меравад. Табиист, ки ҳар як омӯзгор ҷиҳати ба миён гузоштани самаранокии раванди таълим, ҷазобияту шавқмандии раванди таълим аз усулҳои муосир ва технологияи инноватсионӣ дар шакли паҳновар истифода мебаранд. Воқеист, ки амалигардонии усулҳои гуногуни таълим барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва фаъолгардонии хонандагон дар иштирок ва ё ҷалби онҳо ба дарс мусоидат менамояд. Дар ин росто қайд кардан бо маврид аст, ки усули таълими проблемавӣ яке аз усуслҳои муосир ва муассир ба шумор рафта, дар раванди иштирок ва фаъолгардонии чи омӯзгор ва чи хонанда аҳаммияти хосса дорад. Дар замир ва ҳадафмандии омӯзиши таълими проблемавӣ асосан рушди равандҳи маърифатӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ, ташаккули донишҳои мантиқӣ, баландбардории ангезаҳои таълимӣ ва тарбияи тафаккури мустақил дида мешавад.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Албатта, ташкил кардани ҳолати проблемавӣ, фаъолияти эҷодии хонандагон ва ҳалу фасл намудани ин масъалагузориҳо шабоҳат аз роҳандозӣ намудани усули омӯзиши проблемавиро дорад. Бояд қайд намуд, ки танҳо тавоноӣ ва тарҳрезии масоили проблемавӣ аз ҷониби омӯзгор наметавонад самаранокии усули зеринро ташкил намояд, балки бо як маҳорати хосса шарҳу тавзеҳ додани онҳо муҳиммияти хосса дорад. Дар ин росто омӯзгорро мебояд, зимни таҳияи ҳолатҳои проблемавӣ дар синф маҳорати воситаҳои фаҳмондадиҳӣ, таҳлилу фаҳмондадиҳии хонандагонро низ дар сатҳи лозима ба роҳ монад. Амалан, қисме аз омӯзгорон маҳорати баланди таҳияи вазъияти проблемавиро соҳиб ҳастанд, вале зимни ҷалб намулани хонандагон ва шарҳу тавзеҳоти ба миён гузошта ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Билохира вижагиҳои ин усули омӯзиши проблемавӣ ҳамаҷониба роҳандози намегардад ва коҳишёбии иштироки хонандагон ба назар мерасад.

Бояд қайд намуд, ки густариши технологияи низоми маориф ба метод ва усулҳои таълимие ниёз дорад, ки на танҳо интиқоли дониш балки бунёди тафаккури мустақил, эҷодкорӣ, рушди ҳамаҷонибаи фаъолияти зеҳнӣ ва қобилияти ҳалли мушкилотро дар хонандагон ба миён гузорад. Албатта, тавре баён гардид таълими проблемавӣ дар ҳалли ин масоил нақши меҳвариро метавон иҷро намояд. Пеш аз ҳама дар масъалаи рушди тафаккури зеҳнии хонандагон банақшагирии дурусти ин раванд ҳамчун меҳвари асосии хизмат менамояд.

Таълими проблемавӣ дар баробари таълими анъанавӣ ва таълими барномавӣ ҳамчун як шакли таълим аст, ки дар ин раванд муаллим ҳолати проблемавӣ ба миён гузошта хонандагонро ба ҷустуҷӯ, таҳлил ва ҳалли мустақилонаи масъалаҳо равона месозад.

Бояд қайд намуд, ки доир ба омӯзиш ва таҳқиқи таълими проблемавӣ муҳақиқон аз қабили Ж.Ж.Руссо, И.Г.Песталотси, Ф.А.Дистервег ва ғайра назарияҳои худро баён сахтаанд.

Аммо метавон гуфт, ки шакли таълими проблемавӣ аз суҳбатҳои Суқрот ва мактаби Пифагорӣ сарчашма мегирад.

Агар дар маҷмуъ ба назарияҳои олимони болозикр такия намоем таълимро ҳамчун раванди фаъоли иҷтимоӣ ва фикрӣ арзёбӣ намудаанд. Аз рӯйи ин назарияҳо, дониш на тавассути қабули омода, балки дар ҷараёни фаъолияти фаъол ва ҳамкорӣ ташаккул меёбад.

Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки доир ба паҳлуҳои гуногуни таълими проблемавӣ як қатор олимони дигар низ таҳқиқот гузаронидаанд, ки метавон баён созем: Ҷон Дюи – яке аз аввалин олимоне, ки ғояи «омӯзиш тавассути ҳалли масъала»-ро пешниҳод кардааст, Лев Виготский – назарияи «минтақаи рушди наздик»-ро пешниҳод кард, ки асоси таълими проблемавӣ мебошад [2, с. 5], М.И. Махмутов – назарияи мукаммали таълими проблемавиро таҳия кардааст[6, с. 134], И.Я. Лернер ва М.Н. Скаткин – усулҳои таълими фаъол ва проблемавиро таҳқиқ кардаанд [4, с. 32; 7, с.28], ҳамчунин, яке аз муҳақиқони ватанӣ С.Н. Алиев доир ба васоити фаъолонидани тафаккури мустақили хонандагон корҳои таҳқиқотии хешро ба роҳ монааст [1, с. 18-20].

Албатта, бо такия ба ҳамаи андешаҳои олимон қайд кардан ба маврид аст, ки ба миён гузоштани вазъиятҳои проблемавӣ дар хонандагон афзоиши шавқу завқи онҳоро ба фанни таълимӣ ташкил медиҳад. Аммо, бояд қайд намуд, ки ҷузъи дигари имконият фароҳам овардан дар ҳолатҳои проблемавии таълим аз маҳорати нутқии омӯзгор ва маърифати суханварии ӯ вобастагии калон дорад.

Тавре, ки баён гардид, суханварӣ ва иаърифати он як ҷузъи аввалиндараҷаи фаъолияти касбии ҳар як омӯзгор дониста мешавад. Чун ки асоси шаклгирӣ ва ҷаҳонбинии насли наврас аз тарғиботи фарҳанги рафтор ва муошират омӯзгор вобастагии калон дорад. Дар ин росто қайд кардан бо маврид аст, ки фаъолияти эҷодӣ, роҳандозии ҳалати проблемавӣ тавассути таъсиррасонии нутқ аз ҷониби омӯзгор заминаи фаъолникии зеҳнӣ ва ангезиши зеҳнии хонандагон мегардад. Ҷузъиёти ангезавии сатҳи маданияти нутқи омӯзгорро ба таври зайл ҷудо намудан мумкин аст. Яъне диксияи равшан, ифоданокии сухан, интонатсияи мувофиқ, возеҳии баён, саводнокии грамматикӣ, образнокии нутқ, риояи дурусти таъкид дар калимаҳо, худдорӣ аз истифодаи калимаҳои қабеҳ, оҳанг ва суръати муносиби гуфтор, сарвати луғавӣ, мантиқияти баёни фикр, донишмандӣ ва дигар хусусиятҳои муҳим дохил мешаванд.

Чуноне, ки дар мақолаҳои хеш баён сохта будем «Муошират ҳамчун падидаи ҳаёти иҷтимоӣ, ҳамчун падидаи ҷудонашавандаи ҳаёти мактаббачагон яке аз равандҳои иҷтимоӣ мебошад, ки ба ташаккули наслҳои наврас таъсири назаррас мерасонад. Муошират дар ташаккули инсон: дар азхуд кардани меъёрҳои рафтори ҷамъиятию сиёсӣ, дар андӯхтани таҷрибаи иҷтимоии инфиродӣ, дарки шахсият ва тасдиқ намудани худ нақши муҳим дорад» [9, с. 226-231].

Чи тавре, ки баён гардид, суханронии дурусти омӯзгор метавонад ваҷҳиёти хонандаро бедор созад ва ин бедорсозии майлҳо дар кӯдак фикрроториро ба вуҷуд меорад. Ҳангоми ба миён гузоштани фикр албатта ҳолати проблемавӣ пайдо мегардад. Пеш аз ҳама мо дар кори хеш банақшагириро заминаи асосии рушди тафаккури зеҳнӣ донистем, чун ки банақшагирӣ марҳилаи муҳимми раванди таълим мебошад. Агар омӯзгор мехоҳад, ки таълими проблемавии самарабахшро роҳандозӣ намояд, бояд пеш аз ҳама дар оғози раванди таълим чунин ҷанбаҳоро ба назар гирад:

1. Муайян намудани ҳадафҳои таълимӣ

Ҳадафҳо бояд ба рушди:

- тафаккури мантиқӣ;
- қобилияти таҳлил ва муқоиса;
- малакаҳои тадқиқотӣ;
- мустақилияти фикрӣ равона карда шаванд.

2.Ҳолати проблемавӣ ва раванди тарҳрезии он

Ҳолати омӯзиши усули проблемавӣ бояд:

- мувофиқати сину соли хонандагон ба инобат гирифта шавад;
- бедорсозии шавқмандӣ ва маромҳои мусбат бедор карда шавад;
- раванди эҳтимолияти роҳҳои гуногун ҳал карда шавад;
- хонандаро ба фикрронӣ водор намояд.

3. Интихоби усул ва шаклҳои кор

Дар ҷараёни таълими проблемавӣ метавон аз:

- муҳокимаҳои гурӯҳӣ;
- кори ҷуфтӣ;

• лоиҳаҳои тадқиқотӣ;
• усули «ҳамлаи зеҳнӣ» истифода бурд.

4. Пешбинӣ намудани натиҷа ва арзёбӣ

Арзёбӣ бояд на танҳо натиҷаи ниҳоӣ, балки раванди фикрронӣ, иштироки фаъол ва асосноккунии андешаҳоро дар бар гирад.

Инчунин бояд қайд намуд, ки тафаккури зеҳнӣ фарогири қобилияти таҳлилнамоӣ, умумисозӣ, хулосабарорӣ ва ҳалли масъалаҳои мураккаб мебошад. Таълими проблемавӣ низ ба рушди чунин малакаҳо мусоидат мекунад:

• Фикрронии интиқодӣ – хонанда далелҳоро таҳлил мекунад ва мавқеи худро асоснок менамояд.
• Фикрронии эҷодӣ – роҳҳои нави ҳал пешниҳод мешаванд.
• Қобилияти қабули қарор – хонанда аз байни чанд имконот беҳтаринро интихоб мекунад.
• Мустақилият – масъулияти омӯзиш ба зиммаи худи хонанда мегузарад.

Албатта, бояд қайд намуд, ки амалисозии омӯзиши таълими проблемавиро метавон ба марҳилаҳои зерин ҷудо намуд:

1. Эҷоди вазъияти проблемавӣ
2. Муайян кардани масъала
3. Пешниҳоди фарзияҳо
4. Санҷиш ва таҳлили фарзияҳо
5. Хулосабарорӣ ва ҷамъбаст

Ин марҳилаҳо имкон медиҳанд, ки хонандагон на танҳо дониш гиранд, балки тарзи фикрронии илмиро аз худ намоянд. Илова бар ин баланд шудани фаъолияти зеҳнӣ, афзоиши шавқу ҳавас ба омӯзиш, рушди малакаҳои коммуникатсионӣ ва таҳкими худбоварӣ дар хонандагон ба миён меояд.

Маҳаққиқони соҳаи педагогика дар раванди омӯзиш масоили мушкилоти омӯзиши таълими проблемавиро пай бурдаанд. Дар илми педагогика мушкилотҳое ба монанди талаботи баланди омодагии омӯзгор, зиёд сарф шудани вақт, зарурати таҳияи маводи махсус ва ғайра оварда шудааст. Амма, бо вуҷуди ин, натиҷаҳои мусбат аҳаммияти ин равишро дар раванди таълим собит месозанд.

Бояд дар назар дошт, ки банақшагирии дурусти таълими проблемавӣ омили асосии рушди тафаккури зеҳнии хонандагон мебошад. Раванди муввофиқи банақшагирӣ имкон медиҳад, ки ҷараёни таълим аз шакли анъанавии интиқоли дониш ба раванди фаъоли эҷод ва кашфиёт табдил ёбад. Дар чунин муҳит хонанда на танҳо донишандӯз, балки таҳлилгар, муҳаққиқ ва шахсияти мустақил ба камол мерасад. Яъне, хонанда ҷӯё ва кунҷков шуда, мусақилона фаъолияти рушди маърифатиро ба роҳ мемонад.

Тавре, дар таҳқиқоти дигари хеш баён сохта будем: «Кунҷковӣ ё ҷӯяндагӣ аз ҳиссиёти шахсият вобаста аст, ки албатта барои фаҳмидани ҳаматарафаи ин ё он ҳодиса ё чизе равона карда мешавад. Ин раванд метавонад заминаи фаъолияти маърифатии инсоният аз ҷумла хонанедагон бошад» [8, с. 33-38].

Аз ин рӯ, татбиқи васеи таълими проблемавӣ дар муассисаҳои таълимӣ метавонад ба баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи насли дорои тафаккури инноватсионӣ мусоидат намояд.

Дар ин замина метавон ба андешаи олими шинохтаи соҳаи педагогика Ф. Шарифзода такя намоем, то ки ӯ иброз медорад: «Яке аз вазифаҳои умдаи илми педагогикаи муосир таъмини натанҳо азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳо (салоҳиятмандӣ), балки ҳамчунон ташаккули тарзҳои фаъолияти маърифатӣ ҳамчун зуҳуроти маданияти зеҳнии хонандагон мебошад» [10, с. 320].

Дар ин замина метавон иброз намуд, ки фаъолияти маърифатӣ заминаи дигар вижагиҳои қисмати ботинӣ аз ҷумла фаъолияти зеҳнӣ мебошад, ки моҳиятан ин равандро дар доираи банақшагирии дурусти таълим метавон руҳандозӣ намуд. Яъне, банақшагирии таълим раванди пешакии тарҳрезии таълим аст, ки дар он:

• ҳадафҳои рушди тафаккури зеҳнӣ,
• натиҷаҳои интизоршаванда,
• усулҳои фаъоли таълим,
• шаклҳои арзёбӣ муайян карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки дар банақшагирии омӯзиши таълими проблемавӣ ҳадафҳо на танҳо ба азхудкунии дониш, балки ба рушди қобилиятҳои фикрронӣ бояд равона карда шавад. Инчунин, банақшагирии дуруст истифодаи чунин усулҳоро дар назар дорад:

- омӯзиши проблемавӣ,
- омӯзиши лоиҳавӣ,
- кори гурӯҳӣ,
- баҳс ва муҳокима.

Бояд қайд намуд, ки дар омӯзиши таълими проблемавӣ банақшагирӣ ба сатҳи тафаккури зеҳнӣ, суръати омӯзиш ва шавқи хонандагон мутобиқ карда шавад. Чун ки барои рушди тафаккури онҳо муҳити мусоидро фароҳам созад.

Тавре, ки муҳақиқи соҳаи педагогика У. Зубайдов қайд менамояд «Роҳҳои такмили таълим ва тарбияи хонандагон аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳо ба шумор меравад. Проблемаи баланд бардоштани сифати таҳсилот, мувофиқ сохтани мазмуни он ба талаботи ҷомеа ва инкинкишофи бо суръати илму техника аҳаммияти махсус касб мекунад» [3, с. 102].

Албатта, кори амалияи мо ва тадқиқотӣ дидактикию методологии ҷараёни дарс аз ҷумла дарсҳои таҳқиқшудаи мо дар фанни забони модарӣ ва адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №11 ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе баён сохт, ки фаъолияти омӯзгор ва хонанда барои рушди маърифат ҳатми буда, инкишофи тафаккури хонанадагон махсусан ба низоми омӯзиш на онқадар дар сатҳи лозимӣ қарор дошт. Табиист, ки сабаби асосии зуҳуроти паст шудани фаҳмиш ва дарки умум дар хонандагон ин истифодаи нодурусти усулҳои таълим ва надоштани маҳорату малакаи омӯзгорон мебошад. Илова бар ин бояд дар назар дошт, ки самаранокии истифодаи вақт метавонад, дар мустаҳкамукнии мавзу, азхудкунии дониш, фикрронӣ ва ғайра тасирбахш бошад.

Одатан, маводи навро омӯзгор дар доираи фаҳмиши худ шарҳ медиҳад ва хонанда бошад, мазмун ва моҳияти ин маводро дар доираи қобилиятҳои идроккунии худ дарк мекунад. Дар ин раванд онҳо қисме аз масъалаҳои пешниҳодгардидаро бо масоили конкретӣ шарҳу эзоҳ диҳанд, вале қисме дигаре аз онҳо қоидаҳоро дар шакли устуворӣ идрок накарда, дар иҷрои корҳои мустақилона рӯ ба рӯи мушкилот мегардаанд. Ин масоил боис мегардад, ки омӯзгор қоидаҳо ва мисолҳоро такроран шарҳ диҳад. Билохира, хоанадагон дар ҳама сурат донишҳои мукаммал ва саҳеҳро соҳиб шуда, иҷроиши машқҳо ва таҳлили маводро ба таври кофи карда наметавонад. Агар чӣ, хонандагон дар сатҳи лозимӣ андухтани донишро ба даст оварда баоашанд ва ё ба таври механикӣ маводро омӯхта бошанд, вале истифодаи онро наомӯхта, ҷанбаҳои дар амал тадбиқ намудани онро, ки ҳолати проблемавиро талаб мекунад, роҳандозӣ карда наметавонанд.

Бо назардошти маҳдудияти дарс баъзан вақт омӯзгор занаҳои таҳлилу баррасии масъалаҳоро ба таври фаврӣ ҷамъбаст намуда, яке якбора иҷроиши машқҳоро шурӯъ менамояд. Ин раванд шабоҳат аз он медиҳад, ки навобаста аз сатҳи донишазхудкунии хонандагон вижагиҳои механикии дониш дар ин ҷо сурат мегирад. Хонандагон танҳо омӯзиши назариявиро дарк намуда, роҳҳои истифодаи донишҳои амалиро ба таври бояду шояд аз худ намекунанд ва албатта ин раванд имкон намедиҳад, ки хонандагон ба шароити нави таълим инчунин ҳолатҳои проблемавӣ ворид шаванд.

Чи тавре, ки устод Лутфуллозода М. иброз медоранд “Таъсири фаъолияти таълимӣ ба ҷараёни рушди кӯдак новобаста аз мазмуни фаннии он вуҷуд дорад” [5, с. 123].

Яъне, аз андешаи Лутфуллозода бар меояд, ки омӯзгор новобаста фанни тахассусиаш бояд ангезаҳои таъсиррасониро ҷиҳати ҷалб намудани хонанда дошта бошад. Дар ин росто боз ҳам ҳолатҳои масъалагузори, ки хусусияти шавқмандиро ба миён мегузорад ташкил намудан зарур аст. Ин масоил албатта таввасути усули омӯзиши проблемавӣ ташкил карда мешавад.

Акнун, назар меафканем ба як продсеси дарси забони модарӣ, ки омӯзгор дар раванди дарс иброз менамояд, ки тире (-) дар кадом вақти мубтадову хабар гузошта мешавад. Аз ҷониби омӯзгор пешниҳод карда мешавад, ки хонандагон мустақилона машқро иҷро намуда, маводро руйбардор намоянд ва дар доираи дарки худ аломатҳои китобатиро ҷой диҳанд. Дар ибтидо омӯзгор аз хонандагон муроҷиат менамояд, ки ба таври шифоҳи раванди ҳалли масъаларо хонандагон баён созанд. Хонандагон бошад, ба таври фаъолона ниқли шифоҳиро иброз медоранд. Аммо, аз 18 намфар танҳо 6 нафар дар амалия иҷроиши масъаларо ҳал намуда 12 нафари дигар аз хонандагон дар шакли омӯзиши механикӣ маводро аз бар намудаанд, ки ин шабоҳат аз мантиқан сарфаҳм нарафтани маводи пешниҳодгардада мебошад. Илова бар ин омӯзгор аз хонандагон вазифаи хонагиро пурсон шуд, хонандагон

бошад, ҳама бо як овоз тайёр. Баъд аз ин продсес омӯзгор дафтарҳои хонандагонро талаб намуд ва муайян гардид, ки хонандагон ҳама дар шакли умум омода астанд вале иҷроиши вазифаи хонагӣ, ки бояд дар зери мубтадо ва хабар хат гузошта мешуд ғайр аз 4 нафар дигар боқимонда хонандагон аз ӯҳдаи иҷроиши ин масъал набаромадаанд. Аз ин муносибати хонандагон барои омӯзгор муайян гардид, ки зимни хомушии хонандагон маълум мегардад, ки дар онҳо фаҳмиши мантиқӣ ба миён наомадааст. Омӯзгор барои ислоҳи ин камбудии раванди таълим чи гуна иҷроиши амалро дар масъала васеъ карда тавзеҳ дод ва инчунин як чанд саволҳоро, ки ба хонадагон ҳолати проблемавиро ба миён мегузошт пешниҳод кард. Хуб мо барои ҷигунагии таъсуроти ташкили ҳолати проблемавӣ дарси минбаъдаи омӯзгори забони модариро пайгирӣ намудем ва марои мо возеҳан ойён гардид, ки хонандаи сусхонтарини онҳо алакай дар доираи фаҳмишҳои содаи худ иҷроиши масъалаҳои гузошташудаи муаллимро ҳал намудааст. Ин раванд, ки заминааш омӯзиши ҳолати проблемавӣ мебошад, аз он дарак медиҳад, ки хонанда донишҳои назариявиашро дар иҷрои амалӣ метавон истифода бурд. Яъне, тафаккур дар амалияи зеҳн роҳандози бояд гардад.

Ин таҳқиқоти амалӣ барои мо ҷиро баён сохт? Яъне барои мо муайян намуд, ки омӯзгор пайваста тағйири усулҳои нав кунад ва дар ҳамаи вазъиятҳо педагогӣ хусусияти ҷустуҷӯиро ба роҳ монад. Албатта, хонандагон натанҳо дарсро дар шакли маҷмуӣ аз бар намоянд балки вижагиҳои дарс ва маводи таълимиро бо таври нозукбинона дарк карда тавонанд. Дар ин ҳолат онҳо метавонанд назарияро дар амалия ифода намоянд.

Инчунин, қайд кардан бо маврид аст, ки проблемагузорӣ дар таълими муосир на танҳо натиҷа, балки раванди фикрроиро низ ба миён гузошта, рушди тафакури зеҳниро ташкил менамояд. Табиист, ки ин раванд хонандаро ба таҳлил ва худбаҳодиҳӣ водор месозад ва нақши омӯзгор низ дар банақшагирии таълими проблемавӣ ҳамчун:

- роҳнамо,
- ташкилкунанда,
- ҳавасмандкунанда баромад намуда, муҳити мусоидро барои рушди тафаккури зеҳнӣ фароҳам меорад.

Яъне, таълими муосир бояд раванди омӯзишро аз азёдкунӣ ба фикрронӣ, таҳлил ва эҷод табдил медиҳад. Аммо, дар иртибот ба ҳамин масоил, профессор Ф. Шарифзода изҳори нигарони намуда қайд менамоянд, ки «Ин вазифа ва талаботи илми педагогика солиёни тӯлонист, ки дар раванди таълими чӣ мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ ва чи макотиби олӣ ба таври зарурӣ ва лозима ба инобат гирифта намешавад. Аз ҷумла, дар мактаби ибтидоӣ вазифаҳои таълимии хондан, навиштан, баёни маънӣ (инкишофи нутқ), ба хотир гирифтан (аз ёд кардан), ҳисоб кардан (ҳалли мисолу масъала) ба андозаи талаботи барномаҳои таълим анҷом дода мешаванд. Вале ба мақсаду вазифаи муҳимтарини таълиму тарбия – рушди ақл ва фикрронии хонандагон, ки заминаи устувори маданияти зеҳнӣ, тафаккури мустақилона ва эҷодии шахсиятро мегузорад, кам андар кам аҳаммият дода мешавад. Ҳол он ки маҳз ҳалли ин мақсаду вазифаҳои педагогии раванди таълим ояндаи чи таълимӣ (донишомӯзӣ) ва чи ҳаётии шахсиятро муайян менамояд, ки то чи андоза шахсият соҳиби зеҳн ва ақлу тафаккури мустақилона ва эҷодӣ мешавад ва масъалаҳои минбаъдаи таълимӣ (омӯзиш) ва ҳаётии худро зуд, ҳавасмандона (мотиватсияи таълим) ва салоҳиятмандона (тавонмандона) ҳал хоҳад кард» [11, с. 265].

Тавре, ки дар боло зикр гардид, банақшагирӣ ҳамчун меҳвари асосии тафаккури зеҳнӣ мебошад. Яъне, тафаккури зеҳнӣ чигуна раванди психикӣ ба шумор меравад. Тафаккури зеҳнӣ фаъолияти фаъоли ақл буда, қобилияти хонандаро дар:

- таҳлил,
- муқоиса,
- умумисозӣ,
- хулосабарорӣ ифода менамояд.

Рушди тафаккури зеҳнӣ шарти асосии омӯзиши босифат ва татбиқи дониш дар амал мебошад.

Бояд қайд намуд, ки тафаккур барои инкишофи зеҳн вазифаи пешбарандагиро доро мебошад. Ин масоил аз он шабоҳат медиҳад, ки дар шакли умум ва ё алоҳида ифода намудани воқеият, аз дарк кардани амиқ ва ё омилҳои ба миён омадани ҳодисаҳо дарак медиҳад. Тавре ба мо маълум аз заминаи рушди зеҳнро одатан ба равандҳои маърифати аз қабили ҳофизаи мустаҳкам, мутамарказонидани диққат, хаёли ояндабинӣ, ҳис ва ё дарк кардан, тасаввуротҳои возеҳ ва нутқи бурро вобаста аст.

Қайд кардан бо мавриd аст, ки ташаккулёбии тафаккури хонандагон метавонад дар як навбат дараҷаҳои сифати дарк ва раванди бахотиргириро мустаҳкам намояд. Табиист, ки ҷанбаи муҳимтарини инкишофи одам рушди ботинии шахсият ин инкишофёбии тафаккр ва ё фикрронӣ аст. Албатта, ин раванд аз фаъолияти пайвастаи ҳар як шахс яъне чи таълимӣ бошад, чи бозӣ бошад ва ё чи меҳнатӣ бошад вобаста мебошад, мунтазам тафаккурро инкишоф медиҳад. Барои ҳар яки мо ба таври амиқ маълум аст, ки равоншиносон ва педагогҳо отрофи чигунагӣ ва дараҷаҳои инкишофи тафакур корҳои таҳқиқоти намода, ба хулосаҳои конкретӣ омадаанд.

Ҳамчунин, ҳолати проблемавӣ, ки пайваста ба фаъолияти инсон ҳамроҳ аст ва дар ин замина тафаккур муайянкунанда, ҳалкунанда инчунин ҷамъбасткунанда дар доираи амалҳои фикрӣ мебошад.

Натиҷаҳо. Натиҷаи тадқиқот нишон додашуд, ки мо дар мақолаи хеш натиҷагириро дар замири масоили дарки умум доир ба амалияи зеҳн ва тафаккур дар раванди таълим ва фаъолияти педагогии ҳар як омӯзгор ба миён мегузорем:

1. Зеҳн чист?

Зеҳн қобилияти умумии инсон аст, ки тавассути он шахс:

- донишро қабул мекунад;
- мефаҳмад ва нигоҳ медорад;
- таҷрибаро ҷамъбаст мекунад;
- худро ба муҳит мутобиқ месозад.

Яъне зеҳн иқтидори умумӣ ё потенсиали ақлии инсон мебошад. Он бештар ба сатҳи қобилиятҳои ақлӣ вобаста аст. Мисол: Хонандае, ки зеҳни баланд дорад, одатан зуд мефаҳмад, хотираи хуб дорад ва масъалаҳоро осон ҳал мекунад.

2. Тафаккур чист?

Тафаккур раванди фаъол ва динамикии фаъолияти зеҳнӣ аст, ки ҳангоми он хонанда:

- таҳлил мекунад,
- муқоиса мекунад,
- хулоса мебарорад,
- масъала ҳал мекунад,
- фикр эҷод мекунад.

Яъне тафаккур раванди коркарди маълумот мебошад. Мисол: Вақте хонанда масъалаи мураккабро таҳлил карда, роҳи ҳалли онро меёбад — ин раванди тафаккур аст.

Муҳокима. Ҳамчунин, муҳокимаи кори таҳқиқотро мо дар муносибати байни зеҳн ва тафаккур баррасӣ намудем. Яъне:

Зеҳн замина аст,

- Тафаккур воситаи истифодаи он мебошад.

Ҳатто бо зеҳни миёна, агар тафаккур дуруст рушд дода шавад, натиҷаҳои баланд ба даст овардан мумкин аст.

Акнун фарқият дар амалияи синфиро ба таври мисолҳо баён месозем:

Мисоли 1: Ҳал кардани масъала

- Зеҳн: хонанда қоидаҳоро зуд дар хотир нигоҳ медорад.
- Тафаккур: хонанда роҳи нави ҳалли масъаларо пешниҳод мекунад.

Мисоли 2: Омӯзиши матн

- Зеҳн: мазмуни матнро мефаҳмад.
- Тафаккур: маънои пинҳонӣ, сабаб ва натиҷаро таҳлил мекунад.

Мисоли 3: Арзёбӣ

- Зеҳн: ба саволҳои стандартӣ ҷавоб медиҳад.
- Тафаккур: фикри худро асоснок намуда, мисол меорад.

Хулоса, бояд қайд намуд, ки омӯзиши таълими проблемавӣ ҳамчун як усули муосир эҳиё гардидааст. Ин усул заминаи асосии рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва тафакури хонандагон буда, пайваста амалҳои фикриро такон медиҳад. Дар ин росто омӯзгорон ва методистони соҳавиро зарур аст, ки ҷиҳати фаъолгардонии фаъолияти фикрии хонандагон таъсирбахшии вазъиятиро ташкил намоянд. Ҳамзамон, дар амалия тадбиқ карда тавонистани донишҳои хонандагон ва фикрронии мустақилро ҷиҳати ҳамбастагии зеҳн ва тафаккур корбарӣ карда тавонанд. Пеш аз ҳама дар роҳандозӣ намудани ҳолати проблемавӣ банақшагирии таълимро дар доираи усули проблемавӣ тарҳрези намоянд. Ин навъи банақшагирӣ ба фаъолгардонии хонанда, иштироки мустақилона ва ҳалли масъалаҳои эҷодӣ равона шудааст.

Адабиёт

1. *Алиев, С. Н. Таълими проблемавӣ – воситаи фаъолонидани тафаккури хонандагон / С. Н. Алиев // Маҷаллаи мактаби советӣ. - 1989. - №11. - С. 18-20.*
2. *Виготский, Л.С. Проблемы обучения и умственного развития в школьном возрасте / Л. С. Виготский // В сб.: Избрание психологические исследования. – М.: Изд. – во АПН РСФСР, 1967. – С. 3-5.*
3. *Зубайдов, У. Таълими тафриқа ва мактаби муосир / У. Зубайдов. - Душанбе, 2013.- 304 с.*
4. *Лернер, И.Я. Проблемное обучение / И.Я. Лернер. - М.: Знания, 1974. – 64 с.*
5. *Лутфуллоев, М. Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2001. – 318 с.*
6. *Махмудов, М.И. Проблемное обучение. Основные вопросы теории / М.И. Махмудов. – М.: Педагогика, 1975. – 368 с.*
7. *Методологические проблемы развития педагогической науки // Под ред. П.Р. Атутова, М.Н. Скаткина, Я.С. Трубовского. [Текст]. - М.: 1985.- Педагогика, - 240 с.*
8. *Саидзода, Н.Т. Метод ва методологияи ҷанбаҳои педагогии тадбиқи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун заминаи рушди зеҳнии хонандагон / Н.Т. Саидзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - №3 (21) 2024 - С. 33-38.*
9. *Шарипов, А.М. Муошарати педагогӣ – як намуди махсуси эҷодкорӣ дар мактаби муосир / А.М. Шарипов, Н.Т. Саидзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. - 2025. №4 (26) С. 226-231.*
10. *Шарифзода, Ф. Инноватсияи педагогӣ / Ф. Шарифзода, И. Каримов, С. Сулаймонӣ, Ҷ. Булбулов. – Душанбе: "Ирфон", 2013. – 544 с.*
11. *Шарифзода, Ф. Мушкилоти актуалии педагогикаи муосир. Қ. 2. / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2010. - 328 с.*

БАНАҚШАГИРИИ ТАЪЛИМИ ОМӮЗИШИ ПРОБЛЕМАВӢ ҲАМЧУН МЕҲВАРИ РУШДИ ТАФАККУРИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки омӯзиши таълими проблемавӣ тавассути ба вуҷуд овардани вазъиятҳои проблемавӣ ва ташкили фаъолияти хонандагон дар ҳалли вазъияти бавуҷудомада амалӣ карда мешавад. Муаллим дар баробари эҷоди вазъиятҳои проблемавӣ инчунин дар бораи ба хонанда шарҳу эзоҳ додани ин вазъияти ба вуҷуд омада бояд фикр намояд. Муаллифони мақола баён намудаанд, ки таълими проблемавӣ дар баробари таълими анъанавӣ ва таълими барномавӣ ҳамчун як шакли таълим аст, ки дар ин раванд муаллим ҳолати проблемавӣ ба миён гузошта хонандагонро ба ҷустуҷӯ, таҳлил ва ҳалли мустақилонаи масъалаҳо равона месозанд. Ҳамчунин, дар мақолаи мазкур қайд гардидааст, ки банақшагирии дурусти таълими проблемавӣ омили асосии рушди тафаккури зеҳнии хонандагон мебошад. Раванди мувофиқи банақшагирӣ имкон медиҳад, ки ҷараёни таълим аз шакли анъанавии интиқоли дониш ба раванди фаъоли эҷод ва кашфиёт табдил ёбад. Дар чунин муҳит хонанда на танҳо донишандӯз, балки таҳлилгар, муҳаққиқ ва шахсияти мустақил ба камол мерасад. Аз ин рӯ, татбиқи васеи таълими проблемавӣ дар муассисаҳои таълимӣ метавонад ба баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи насли дорои тафаккури инноватсионӣ мусоидат намояд.

Калидвожаҳо: банақшагирӣ, таълим, омӯзиши проблемавӣ, меҳвар, рушд, тафаккур, зеҳн, хонандагон, фаъолӣ, метод.

ПЛАНИРОВАНИЕ ПРОБЛЕМНОГО ОБУЧЕНИЯ КАК КЛЮЧ К РАЗВИТИЮ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ

В данной статье отмечается, что проблемно-ориентированное обучение реализуется путем создания проблемных ситуаций и организации деятельности учащихся для их решения. Помимо создания проблемных ситуаций, учителю следует также подумать об объяснении этих ситуаций ученикам. Авторы утверждают, что проблемно-ориентированное обучение, наряду с традиционным и программным обучением, представляет собой форму образования, при которой учитель создает проблемную ситуацию и направляет учащихся на поиск, анализ и самостоятельное решение проблем. Кроме того, в данной статье отмечается, что правильное планирование проблемно-ориентированного обучения является ключевым фактором развития интеллектуального мышления учащихся. Грамотное планирование позволяет образовательному процессу трансформироваться из традиционной формы передачи знаний в активный процесс творчества и открытий. В такой среде студент развивается не только как обучающийся, но и как аналитик, исследователь и независимая личность. Поэтому широкое внедрение проблемно-ориентированного обучения в образовательных учреждениях может способствовать повышению качества образования и воспитанию поколения с новаторским мышлением.

Ключевые слова: планирование, преподавание, проблемно-ориентированное обучение, фокус, развитие, мышление, интеллект, учащихся, деятельность, метод.

PROBLEM-BASED LEARNING PLANNING AS A KEY TO DEVELOPING STUDENTS' INTELLECTUAL THINKING

This article notes that problem-based learning is implemented by creating problematic situations and organizing student activities to solve them. In addition to creating problematic situations, teachers should also consider explaining these situations to students. The authors argue that problem-based learning, along with traditional and program-based learning, is a form of education in which the teacher creates a problem situation and guides students to search for, analyze, and independently solve problems. Furthermore, this article notes that proper planning of problem-based learning is a key factor in the development of students' intellectual thinking. Proper planning enables the educational process to transform from a traditional form of knowledge transfer into an active process of creativity and discovery. In such an environment, students develop not only as learners but also as analysts, researchers, and independent individuals. Therefore, the widespread implementation of problem-based learning in educational institutions can contribute to improving the quality of education and nurturing a generation of innovative thinkers.

Keywords: Planning, teaching, problem-based learning, focus, development, thinking, intelligence, students, activity, method.

Дар бораи муаллифон

Саидзода Низомиддин Тоҷидин
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: shervonshohsaidzoda@gmail.com

Мутриба Аҳмади
Унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Айнӣ, 126
E-mail: takmil_dushanbe2025@mail.ru

Об авторах

Саидзода Низомиддин Тоджидин
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры общеуниверситетской психологии Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: shervonshohsaidzoda@gmail.com

Мутриба Ахмади
Соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана,
735700, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126
E-mail: takmil_dushanbe2025@mail.ru

About the authors

Saidzoda Nizomiddin Tojidin
Candidate Pedagogical Sciences, Associate professor of the Department of General Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: shervonshohsaidzoda@gmail.com

Mutriba Ahmadi
Applicant of the Institute for Education Development named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan
735700, Republic of Tajikistan, Dushanbe, street S. Ayni, 126
E-mail: takmil_dushanbe2025@mail.ru

ТДУ 37.017.4

ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА

Қосимова Р. М., Самиев Т. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи муосир густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва афзоиши нақши технологияҳои иттилоотӣ масъалаи ташаккули маърифати шаҳрвандии насли наврас аҳаммияти махсус касб намудааст. Ҷомеаи муосир ба шаҳрвандони фаъол, масъулиятшинос ва дорои ҷаҳонбинии демократӣ ниёз дорад, ки қодир бошанд дар ҳаёти иҷтимоӣ иштирок намуда, нисбат ба рушди ҷомеа ва давлат мавқеи огоҳона дошта бошанд.

Бо вуҷуди мавҷуд будани таҳқиқоти сершумор оид ба масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ, бисёр ҷанбаҳои амалии ташаккули маърифати шаҳрвандии хонандагон дар шароити муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ниёз ба омӯзиши амиқ доранд. Махсусан, муайян намудани шароитҳои педагогӣ ва воситаҳои самараноки рушди маърифати шаҳрвандӣ яке аз масъалаҳои муҳимми илми педагогика ба ҳисоб меравад.

Ҳадафи таҳқиқот муайян намудани сатҳи ташаккули маърифати шаҳрвандии хонандагон ва арзёбии самаранокии тадбирҳои педагогии ба рушди он равонагардида мебошад.

Мавод ва усули таҳқиқот. Таҳқиқот дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёна гузаронида шуд. Дар он хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ иштирок намуданд. Барои ҷамъоварии маълумоти эмпирикӣ маҷмуи усулҳои илмӣ истифода гардид, аз ҷумла таҳлили адабиёти илмӣ, пурсишнома, суҳбат, мушоҳида, ташхиси педагогӣ ва таҷрибаи педагогӣ.

Барои муайян намудани сатҳи маърифати шаҳрвандӣ нишондиҳандаҳои марбут ба донишҳои шаҳрвандӣ, муносибат ба арзишҳои демократӣ, масъулияти иҷтимоӣ, фаъолнокии шаҳрвандӣ ва омодагӣ ба иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

Коркарди натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз усулҳои омори математикӣ анҷом дода шуда, маълумоти бадастомада байни гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ муқоиса гардиданд.

Натиҷаҳо. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки пеш аз оғози таҷриба сатҳи маърифати шаҳрвандии аксари хонандагон дар сатҳи миёна қарор дошт. Ҳамзамон, қисми муайяни иштирокчиён дар фаҳмиши масъалаҳои ҳуқуқӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва иштироки ҷамъиятӣ мушкилот доштанд.

Пас аз татбиқи барномаи таҷрибавӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ тағйироти мусбат ба мушоҳида расиданд. Афзоиши нишондиҳандаҳои вобаста ба донишҳои шаҳрвандӣ, фаъолнокии иҷтимоӣ, муносибати масъулона нисбат ба ҷомеа ва иштироки хонандагон дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ ба қайд гирифта шуд. Дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ, нишондиҳандаҳои гурӯҳи таҷрибавӣ сатҳи баландтари пешрафтро нишон доданд.

Натиҷаҳои бадастомада инчунин нишон доданд, ки истифодаи шаклҳои фаъоли таълим, муҳокимаҳои гурӯҳӣ, лоиҳаҳои иҷтимоӣ ва чорабиниҳои тарбиявӣ ба рушди маърифати шаҳрвандии хонандагон мусоидат менамоянд.

Муҳокима. Мусаллам аст, ки дар шароити муосир раванди ҷаҳонишавӣ ҳарчи бештар вусъат ёфта, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсири назаррас мерасонад. Дар чунин вазъият масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати шаҳрвандӣ ба яке аз самтҳои муҳимми рушди иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Зеро маърифати шаҳрвандӣ танҳо бо донистани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахс маҳдуд намешавад. Он ҳамчунин ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва омодагии шаҳрвандро барои иштироки фаъол дар ҳаёти ҷомеа дар бар мегирад.

Дар маҷмуъ, маърифати шаҳрвандӣ ҳамчун низоми донишҳо, малакаҳо ва арзишҳо арзёбӣ мешавад, ки ба шахс имконият медиҳад мавқеи худро дар ҷомеа дуруст муайян намуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро бошуурона амалӣ созад. Ҷомеаи имрӯза маҳз ба чунин шаҳрвандони фаъол, донишманд ва масъулиятшинос эҳтиёҷ дорад, зеро онҳо метавонанд дар пешрафти давлат, таҳкими суботи сиёсӣ ва рушди институтҳои демократӣ саҳми муассир гузоранд. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи маърифати шаҳрвандӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аҳаммияти махсус дорад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки назарияҳои маърифати шаҳрвандӣ вобаста ба дидгоҳ ва мавқеи муҳаққиқон хусусиятҳои гуногун доранд. Бинобар ин, дар илми педагогика низ таърифи ягонаи ин мафҳум вуҷуд надорад. Масалан, тибқи таърифи Ҷ. Бэнкс, истилоҳи «маърифати шаҳрвандӣ» (civil enlightenment) маҷмуи принсипҳо, механизмҳо ва равандҳои қабули қарорҳо, идоракунӣ ва назорати қонунгузориро дар бар мегирад, ки дар ҷомеа амал мекунанд [1, с. 210]. Дар ин замина, тарбияи шаҳрвандӣ (civic education, upbringing) омӯзиши сохтори институтҳои сиёсӣ, ҳуқуқи инсон, мафҳумҳои асосии ҳаёти шаҳрвандӣ ва арзишҳои демократиро фаро мегирад.

Дар Энсиклопедияи байналмилалии маориф тарбияи шаҳрвандӣ ҳамчун раванди ташаккули салоҳияти шаҳрвандӣ тавассути азхуд намудани арзишҳо, мавқеъҳо ва малакаҳои дар ҷомеа пазируфташуда шарҳ дода шудааст. Дар педагогикаи муосир мафҳуми тарбияи шаҳрвандӣ бештар бо истилоҳи «салоҳияти шаҳрвандӣ» (civic competence) пайванд мегардад. Ба ибораи дигар, сухан танҳо дар бораи доштани донишҳои назариявӣ намеравад, балки қобилияти татбиқи онҳо дар шароити воқеии иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ аҳаммияти калидӣ дорад.

Бисёре аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки салоҳияти шаҳрвандӣ аз се ҷузъи асосӣ иборат аст: дониш, арзишҳо ва малакаҳо. Ба донишҳо фаҳмиши қонунҳо, сохтори давлат ва ҳуқуқҳои инсон дохил мешаванд; арзишҳо бошад, эҳтиром ба адолат, озодӣ ва баробариро дар бар мегиранд. Малакаҳо, дар навбати худ, қобилияти муколама, қабули қарор ва иштироки фаъол дар ҳаёти ҷамъиятиро ифода мекунанд. Маҳз ҳамгироии ин унсурҳо барои ташаккули шаҳрвандии фаъол замина фароҳам меорад [9, с. 41].

Дар назарияҳои муосир инчунин ба рушди тафаккури интиқодӣ ва фарҳанги сиёсӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Тафаккури интиқодӣ ба шахс имкон медиҳад иттилооти дастрасро таҳлил намояд, мавқеи худро мустақилона шакл диҳад ва дар муҳокимаи масъалаҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат варзад. Фарҳанги сиёсӣ бошад, маҷмуи донишҳо, арзишҳо ва намунаҳои рафторест, ки муносибати инсонро нисбат ба давлат ва ҷомеа муайян месозад.

Дар баробари ин, муҳити иҷтимоӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми ташаккули маърифати шаҳрвандӣ арзёбӣ мегардад. Оила, муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои ахбори омма ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳар кадом дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва мавқеи шаҳрвандии шахс нақши хоси худро доранд. Аз ҳамин ҷиҳат, ташаккули шаҳрвандии фаъолро танҳо натиҷаи фаъолияти мактаб донистан дуруст нест; ин раванд маҳсули таъсири маҷмуии тамоми муҳити иҷтимоӣ мебошад.

Ба ақидаи Д. Кэмпбелл, Ф. Гесс ва дигар муҳаққиқон, тарбияи шаҳрвандӣ танҳо омӯзиши сохтори институтҳои сиёсиро дар назар надорад, балки ба иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳамкории шаҳрвандон барои ташаккули давлати демократӣ ва одилона мусоидат менамояд [6, с. 56]. Сарфи назар аз тафовутҳои мавҷуда дар таърифҳои «маърифати шаҳрвандӣ», бисёре аз муаллифони амрикоӣ ин мафҳумҳоро дар иртиботи зич бо ҳам истифода мебаранд [2, с. 46]. Таҳлили назарияҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки набудани таърифи ягонаи маърифати шаҳрвандӣ пеш аз ҳама аз мураккабӣ ва гуногунҷанбагии худи ин падида сарчашма мегирад. Дарки моҳият ва вазифаҳои он аксаран ба шароити таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоие вобаста аст, ки муҳаққиқ дар он фаъолият мекунад. Аз ин рӯ, ҳар як назария ҷанбаҳои муайяни ин падидаро бештар равшан месозад ва дар маҷмуъ барои фаҳмиши амиқтари маърифати шаҳрвандӣ замина фароҳам меорад

Масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ бевосита бо таҳқиқоти марбут ба иҷтимоишавии сиёсӣ алоқаманд мебошанд. Дар адабиёти илмии Ғарб ин ду мафҳум аксар вақт ҳамчун равандҳои ба ҳам вобаста баррасӣ мешаванд. Масалан, олимони амрикоӣ Ҷ. Лэй ва Д. Оуэн «иҷтимоишавии сиёсӣ»-ро ҳамчун раванде тавсиф мекунанд, ки дар ҷараёни он насли наврас ба фарҳанги сиёсии ҷомеа ворид гардида, арзишҳо, меъёрҳо ва донишҳои шаҳрвандиро аз худ мекунад ва тадриҷан ба иштирокчии фаъоли ҳаёти сиёсӣ табдил меёбад [3, с. 56].

Барои амиқтар дарк намудани моҳияти мафҳуми «маърифати шаҳрвандӣ» муроҷиат ба дидгоҳҳои олимони рус низ муҳим мебошад. Аз ҷумла, Г.Н. Филонов тарбияи шаҳрвандиро ҳамчун раванди иҷтимоию педагогии мақсаднок арзёбӣ намуда, онро ба рушди иқтидори шаҳрвандии шахсият ва фаъол гардидани имкониятҳои иҷтимоии ӯ вобаста медонад [7, с. 38].

Дар баробари ин, як гурӯҳ муҳаққиқон тарбияи шаҳрвандиро танҳо воситаи интиқоли дониш намешуморанд. Ба андешаи онҳо, ин пеш аз ҳама раванди ташаккули масъулиятшиносӣ, худогоҳӣ, фарҳанги ахлоқӣ ва омодагии шахс барои зиндагӣ дар ҷомеаи муосир мебошад. Аз ин нигоҳ, маърифати шаҳрвандӣ бояд дар заминаи ҳамгироии

донишҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардида, барои ташаккули шахсияти фаъол ва худшинос мусоидат намояд.

Дар адабиёти педагогӣ ҳамчунин таъкид мешавад, ки маърифати шаҳрвандӣ бо ватандӯстӣ, эҳтиром ба қонун ва арзишҳои демократӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Ин раванд аз муҳити оила оғоз ёфта, тавассути муассисаҳои таълимӣ ва дигар институтҳои иҷтимоӣ идома меёбад. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат нақши мактаб ва омӯзгор дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва мавқеи шаҳрвандии хонандагон хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Истифодаи усулҳои муосири таълим ва тарбия метавонад ба рушди тафаккури мустақил ва ҳисси масъулияти шаҳрвандии ҷавонон мусоидат намояд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва густариши технологияҳои иттилоотӣ талабот нисбат ба маърифати шаҳрвандӣ боз ҳам афзоиш ёфтааст. Имрӯз танҳо донистани асосҳои ҳуқуқ ва сиёсат кофӣ нест. Ҷавонон бояд қобилияти таҳлили интиқодии иттилоот, иштироки фаъол дар равандҳои ҷамъиятӣ ва истифодаи масъулонаи фазои иттилоотиро низ соҳиб бошанд. Ин талаботҳо нишон медиҳанд, ки мазмуни маърифати шаҳрвандӣ пайваста такмил меёбад ва ба воқеиятҳои нави иҷтимоӣ мутобиқ мегардад.

Бархе муҳаққиқон махсусан ба ҷанбаи ватандӯстии тарбияи шаҳрвандӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Масалан, М.А. Горбова бар он назар аст, ки тарбияи маърифати шаҳрвандӣ марҳилаи олии тарбияи ватандӯстӣ ба ҳисоб меравад [4, с. 45]. А.С. Гаязова низ таъкид менамояд, ки тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ аз ҷиҳати моҳият ба ҳамдигар хеле наздик буда, ҳар ду бо мафҳумҳои Ватан, давлат ва масъулияти иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд [5, с. 78].

Ба андешаи ӯ, маърифати шаҳрвандӣ на танҳо донишҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад, балки барои ташаккули худшиносӣ, эҳсоси масъулият ва муҳаббат ба Ватан низ замина фароҳам меорад. Дар чунин шароит шахс тадриҷан қобилияти дарки равандҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷомеаро пайдо намуда, ба иштирокчии фаъоли ҳаёти ҷамъиятӣ табдил меёбад [10, с. 31].

Дар воқеъ, таърихи рушди ватандӯстӣ нишон медиҳад, ки решаҳои ин падида хеле қадимӣ мебошанд. Ҳанӯз дар ҷомеаҳои ибтидоӣ эҳсоси дилбастагӣ ба сарзамин, забон ва муҳити зиндагӣ ба вуҷуд омада буд. Бо рушди ҷомеа ин эҳсосот тадриҷан бо дарки вазифаҳои шаҳрвандӣ ва масъулият дар назди ҷомеа пайваст гардиданд. Кӯшиш барои пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар, ҳифзи истиқлолият ва манфиатҳои миллӣ ҳамеша аз муҳимтарин нишонаҳои ватандӯстӣ ба ҳисоб мерафт.

Ифтихор аз таърих ва фарҳанги миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои давлатдорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва талош барои ободии кишвар аз ҷумлаи муҳимтарин сифатҳои ватандӯстӣ маҳсуб мешаванд. Бо ташаккули давлатҳои миллӣ ватандӯстӣ ба яке аз унсурҳои муҳимми шуури ҷамъиятӣ табдил ёфт ва то имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ доштааст. Бинобар ин, масъалаҳои худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои давлатӣ ва тарбияи ватандӯстӣ дар низоми таълиму тарбия ҷойгоҳи махсус доранд.

Агар ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, мебинем, ки масъалаи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон дар сиёсати давлатӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Бо ҳамин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» аз 24 декабри соли 2022, №1920 қабул гардид. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин самт ба таври муфассал танзим намуда, заминаҳои ҳуқуқии рушди сиёсати давлатии тарбияи ватандӯстиро муайян мекунад.

Яке аз бартариҳои муҳимми ин санад дар он аст, ки қисми зиёди муносибатҳои ҳуқуқии соҳа бевосита дар худи қонун танзим гардидаанд ва эҳтиёҷ ба санадҳои сершумори зерқонунӣ кам мебошад. Барои татбиқи он танҳо чанд санади иловагӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, тибқи моддаи 6 қонун, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ муайян гардидааст. Айни замон санадҳои зарурии татбиққунанда низ қабул шудаанд, ки аз мавҷудияти механизми нисбатан мукаммали иҷрои қонун шаҳодат медиҳанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили дидгоҳҳои олимони Ғарб ва муҳаққиқони дигар нишон медиҳад, ки тарбияи шаҳрвандӣ пеш аз ҳама ба ташаккули шахсияти дорои арзишҳои баланди маънавӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Он дар инсон эҳтиром ба арзишҳои шаҳрвандӣ, ҳисси масъулият, худшиносӣ ва омодагӣ барои фаъолият ба нафъи ҷомеа ва давлатро ташаккул медиҳад. Дар баробари ин, тарбияи шаҳрвандӣ ҳамчун раванди муттасил ва байнисоҳавӣ дарк гардида, бояд дар мундариҷаи тамоми фанҳои таълимӣ инъикос ёбад.

Ҳадафи асосии маърифати шаҳрвандӣ танҳо интиқоли дониш нест. Муҳимтар аз ҳама, он ба ҷавонон барои дарки ҷойгоҳи худ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ, муайян намудани дурнамои зиндагӣ ва ташаккули ҳисси баланди масъулияти шаҳрвандӣ кумак мекунад. Аз ҳамин сабаб, татбиқи ғояҳои маърифати шаҳрвандӣ тавассути барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ аҳаммияти махсус дорад. Ҳамзамон, рушди маърифати шаҳрвандӣ вазифаи танҳо муассисаҳои таълимӣ нест. Ин раванд иштироки сохторҳои давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои ғайридавлатӣ ва ҳар як шаҳрванди ҷомеаро тақозо менамояд. Танҳо дар чунин ҳолат метавон барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандии воқеан фаъол ва устувор замина фароҳам овард.

Маърифати шаҳрвандӣ танҳо дар ҳамон сурат метавонад натиҷаҳои воқеан назаррас ба бор оварад, ки агар ҳамчун низоми ягона ва пайваста амал намояд. Дар ин раванд нақши ҳамгироӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин ҳамаи субъектҳои раванди таълиму тарбия хеле муҳим мебошад. Омӯзгорон, ҳайати профессориву омӯзгорӣ, муҳаққиқон, хонандагон, донишҷӯён ва сохторҳои идоракунии соҳаи маориф ҳар кадом дар ташаккули маърифати шаҳрвандии насли нав саҳми муайян мегузоранд.

Дар айни замон, маърифати шаҳрвандӣ танҳо ба интиқоли донишҳои назариявӣ маҳдуд намегардад. Моҳияти асосии он дар ташаккули малакаҳои амалии шаҳрвандӣ ифода меёбад. Аз ҷумла, рушди тафаккури интиқодӣ, қобилияти қабули қарорҳои масъулона, эҳтиром ба қонун, арҷгузорӣ ба арзишҳои демократӣ ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ аз унсурҳои муҳимми он ба шумор мераванд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ аҳаммияти маърифати шаҳрвандӣ боз ҳам бештар мегардад. Ҷомеаи муосир аз шаҳрвандон на танҳо дониши сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, балки қобилияти дуруст истифода бурдани иттилоотро низ талаб мекунад. Маърифати шаҳрвандӣ ба шахс имконият медиҳад, ки дар фазои иттилоотии мураккаби имрӯзӣ самти дурустро интихоб намояд, иттилооти саҳеҳро аз маълумоти бардурӯғ фарқ кунад ва мавқеи шаҳрвандии худро дар асоси далел ва масъулият иброз намояд.

Аз ин рӯ, маърифати шаҳрвандӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми фарҳанги умумии ҷомеа баромад намуда, барои ташаккули шахсияти фаъол, масъул, худшинос ва огоҳ замина фароҳам меорад.

Бо такя ба гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки тарбияи маърифати шаҳрвандӣ раванди мураккаб, ҳамаҷониба ва пайвастаи ташаккули шахсият дар заминаи арзишҳои демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва ахлоқӣ мебошад. Ин раванд на танҳо ба азхудкунии донишҳои назариявӣ, балки пеш аз ҳама ба рушди малакаҳои амалӣ, тафаккури интиқодӣ ва иштироки фаъолонаи шахс дар ҳаёти иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Дар шароити муосир тарбияи маърифати шаҳрвандӣ бояд ба талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. Ин маънои онро дорад, ки низоми таълим бояд барои ташаккули шаҳрвандони озодандеш, масъулиятшинос ва дорои ҷаҳонбинии васеъ мусоидат намояд. Шахсе, ки соҳиби маърифати баланди шаҳрвандӣ мебошад, метавонад на танҳо манфиатҳои шахсии худро ҳимоя кунад, балки манфиатҳои ҷомеа ва давлатро низ ба назар гирифта, дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ фаъолона саҳм гузорад.

Ҳамзамон, таҳаввулоти технологӣ нақши таҳсилоти рақамӣ ва воситаҳои муосири иттилоотиро дар ин раванд афзоиш додааст. Имрӯз ҷавонон тавассути интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳаҷми бузурги иттилоот дастрасӣ доранд. Аз як тараф, ин имконият ба васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ ва баланд шудани сатҳи огоҳии шаҳрвандӣ мусоидат мекунад, аммо аз ҷониби дигар, метавонад заминаи ташаккули андешаҳои якҷониба ё таҳти таъсири маълумоти ғайрибоэътимод қарор гирифтани ҷавононро низ фароҳам оварад. Бинобар ин, ташаккули фарҳанги иттилоотӣ ва омӯзиши истифодаи масъулонаи манбаъҳои иттилоотӣ бояд яке аз самтҳои афзалиятноки тарбияи шаҳрвандӣ бошад.

Илова бар ин, таҷриба нишон медиҳад, ки ҳамкории зичи муассисаҳои таълимӣ, оила ва ҷомеа омили муҳимми муваффақияти тарбияи шаҳрвандӣ мебошад. Танҳо дар сурати ҳамоҳангии фаъолияти ин се ниҳод метавон барои ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта шароити мусоид фароҳам оварад. Дар ин замина, мактаб бояд на танҳо вазифаи таълимиро иҷро намояд, балки ҳамчун муҳити ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ низ хизмат кунад.

Дар маҷмуъ, маърифати шаҳрвандӣ падидаи бисёрҷанба ва динамикӣ буда, таҳти таъсири омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва педагогӣ ташаккул меёбад. Ин раванд ҳамқадами рушди ҷомеа тағйир ёфта, такмил меёбад. Аз ҳамин рӯ, омӯзиш ва такмили роҳу

усулҳои муосири тарбияи маърифати шаҳрвандӣ яке аз вазифаҳои муҳимми илми педагогика ва низоми маорифи миллӣ ба ҳисоб меравад.

Бо такя ба таҳлили назарияҳои муосир метавон хулоса намуд, ки сохтори маърифати шаҳрвандӣ аз якчанд ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд иборат мебошад. Пеш аз ҳама, ҷузъи маърифатӣ мавҷуд аст, ки донишҳои шахсро дар бораи давлат, ҷомеа, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандӣ ва арзишҳои демократӣ фаро мегирад. Ҷузъи арзишӣ муносибати шахсро нисбат ба адолат, озодӣ, масъулият, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба ҳуқуқи инсон инъикос менамояд. Ҷузъи эҳсосӣ-ангезишӣ дар ташаккули ҳисси мансубият ба ҷомеа ва давлат, омодагӣ ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Ҷузъи рафторӣ бошад, дар амал татбиқ намудани донишҳо ва арзишҳои шаҳрвандиро тавассути иштироки фаъолона дар фаъолияти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ ифода мекунад.

Самаранокии тарбияи маърифати шаҳрвандӣ ба риояи як қатор принсипҳои муҳимми педагогӣ вобаста мебошад. Аз ҷумла, принсипи инсондӯстӣ, ки эҳтиром ба шахсият ва ҳуқуқҳои инсонро таъмин менамояд; принсипи демократия, ки ба озодии андеша ва иштироки фаъолонаи шаҳрвандон асос меёбад; принсипи қонуният, ки эҳтиром ба қонун ва тартиботи ҳуқуқиро тақозо менамояд; принсипи пайдарпайӣ ва муттасилӣ, ки тарбияи шаҳрвандиро ҳамчун раванди доимӣ арзёбӣ мекунад; инчунин принсипи ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа, ки ягонагии таъсирҳои тарбиявиро таъмин менамояд.

Дар ин замина вазифаҳои асосии тарбияи маърифати шаҳрвандӣ аз баланд бардоштани сатҳи донишҳои шаҳрвандӣ, ташаккули арзишҳои демократӣ, рушди тафаккури интиқодӣ, тарбияи ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва омода намудани ҷавонон барои иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа иборат мебошанд. Иҷрои ин вазифаҳо барои ташаккули шахсияти фаъол, худшинос ва дорои мавқеи устувори шаҳрвандӣ мусоидат менамояд.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад, ки ташаккули маърифати шаҳрвандӣ раванди мураккаб ва бисёрҷанба буда, ба маҷмуи омилҳои педагогӣ ва иҷтимоӣ вобаста мебошад. Маълум гардид, ки танҳо омӯзиши донишҳои назариявӣ барои рушди мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ кофӣ нест. Самаранокии бештар дар ҳолате ба даст меояд, ки хонандагон ба фаъолияти амалӣ, муҳокимаи масъалаҳои ҷамъиятӣ ва иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ ҷалб карда шаванд.

Натиҷаҳои бадастомада бо хулосаҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ мувофиқат намуда, нақши муҳити таълимӣ, ҳамкории мактаб ва ҷомеа, инчунин истифодаи усулҳои фаъоли таълимро дар рушди маърифати шаҳрвандӣ тасдиқ менамоянд. Ҳамзамон, таҳқиқот нишон дод, ки технологияҳои иттилоотӣ ва захираҳои рақамӣ метавонанд ҳамчун воситаи муассири баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандии ҷавонон истифода шаванд.

Хулоса. Дар натиҷаи таҳқиқот муайян гардид, ки маърифати шаҳрвандӣ яке аз омилҳои муҳимми ташаккули шахсияти фаъол ва масъулиятшинос ба ҳисоб меравад. Самаранокии рушди он ба ташкили мақсадноки муҳити таълимӣ, истифодаи усулҳои фаъоли педагогӣ ва ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила ва ҷомеа вобастагии мустақим дорад.

Натиҷаҳои таҷриба нишон доданд, ки татбиқи тадбирҳои махсуси педагогӣ метавонад ба баланд гардидани сатҳи донишҳои шаҳрвандӣ, рушди масъулияти иҷтимоӣ ва фаъолнокии ҷамъиятии хонандагон мусоидат намояд. Дар ин замина, такмили минбаъдаи мазмун ва технологияҳои тарбияи шаҳрвандӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди низоми маориф арзёбӣ мегардад

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили назарияҳо ва равишҳои илмии мавҷуда, маърифати шаҳрвандиро метавон ҳамчун раванди мақсаднок, муттасил ва ҳамаҷонибаи ташаккули донишҳо, арзишҳо, малакаҳо ва таҷрибаи иҷтимоии шахсият муайян намуд, ки ба рушди мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, эҳтиром ба қонун, арзишҳои демократӣ ва иштироки масъулона дар ҳаёти ҷомеа ва давлат равона гардидааст.

Адабиёт

1. *Алексеев В.Н., Долинина И. Г. Формирование гражданской компетенции. Пермь, 2013.*
2. *Банкс Ҷ. Таълими шаҳрвандӣ барои як ҷомеаи гуногунандеши демократӣ // Ҷамъияташиносӣ. 2012. Ҷ. 81. № 2.*
3. *Богоявленский Д.Н., Менчинская Н.А. Психология усвоения знаний в школе. – М.: Изд. АПН РСФСР, 1959. (дата обращения: 13.04.2023).*
4. *Воробьев Н. Е., Бессарабова И. С., Семисотнова О. А. Гражданское воспитание в поликультурном обществе //Известия Волгоградского государственного педагогического университета. 2015. № 3 (98).*
5. *Гаязов А. С. Общество и государство: гражданское воспитание. Уфа, 2001. 238 с.*

6. *Горбова М. А. Патриотическое воспитание старшеклассников : дис. ... канд. пед. наук. Москва, 1999. 187 с.*
7. *Иванова Н.Ю. Социальный проект: проблема – идея – результат: Методическое пособие / Иванова Н. Ю. – Новосибирск: АНО «Центр образовательных технологий ИВЭН», 2018. – 28 с. (дата обращения: 02.09.2022).*
8. *Кириллова Г.Д. Теория и практика урока в условиях развивающего обучения. – М., 1980 Занков Л. В. Дидактика и жизнь. – М., 1968 (дата обращения: 27.01.2023).*
9. *Левченко С.В. «Чувства в школе» опросник – URL: http://nnovschool183.narod.ru/files224/levchenko_chuvstva_v_shkole.pdf (дата обращения: 01.02.2023).*
10. *Мягкова Анна Павловна. Формирование гражданской компетентности у старшеклассников в воспитательном пространстве современной средней общеобразовательной школы: диссертация ... кандидата педагогических наук: 13.00.01 / Мягкова Анна Павловна;[Место защиты: ФГБОУ ВПО «Московский государственный гуманитарный университет им. М.А. Шолохова»].- Москва, 2014.- 209с.*
11. *Назаренко В.М. Роль социальных, естественнонаучных и технических понятий в формировании экологических знаний //Химия в школе, 1993, № 2. С. 37 (дата обращения: 17.11.2022).*
12. *Gimpel J. G., Lay J. C., Schuknecht J. E. Cultivating Democracy. Washington, DC : Brookings Institution Press, 2003. 278 p.*
13. *Campbell D. E. What Students Know About Civic Education. Cambridge : Harvard Education Press, 2012.*

ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ШАҲРВАНДИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА

Дар мақолаи мазкур муаллифон аҳаммияти методологии феномени тарбияи маърифати шаҳрвандиро дар таълимоти олимони ғарбӣ дар доираи тадқиқоти педагогӣ ба муҳокима мегузорад. Муаллифон аз он ҷумла назарияҳои асосии олимони Ғарбро доир ба феномени тарбияи маърифати шаҳрвандӣ мавриди таҳлил қарор дода, назарияҳои олимони гуногунро муқоиса мекунад. Муаллифон дар ин хусус кайд мекунад, ки баъзе аз тадқиқотчиёни ғарбӣ ба назарияҳои муосир пайвастанд, ки ин сабаби рад кардани омилҳои объективии тарбияи маърифати шаҳрвандӣ гардид. Муаллифон инчунин нуктаи назари олимонро бо системаи мактабҳо пайваст мекунад ки он принсипҳои глобализмро рад карда, тарбияи маърифати шаҳрвандиро асоси ҳуввияти миллӣ медонад. Ҳамин тавр, тадқиқоти илмӣ доир ба феномени тарбияи маърифати шаҳрвандӣ дар назарияҳои олимони ғарбӣ дар маҷмуъ бо назарияи олимони пасошуравӣ мувофиқ мебошанд, ки мақсади онҳоро тарбияи шаҳрванд ва шахсияти ҷомеаи оянда ташкил медиҳад. Аз таҳлилу баррасии муаллифон бармеояд, ки ба андешаи олимони Ғарб, тарбияи шаҳрвандӣ тамоюли арзишҳои фардӣ мебошад, ки дар тарбияи шахсияти дорои сифатҳои олии маънавӣ, ахлоқӣ ва шахсӣ, дар тафаккури шахс тасдиқи арзишҳои шаҳрвандӣ, ақидаҳо ва эътиқодҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятдоштаро зуҳур менамояд. Инчунин фаъолияти бошууронаи шахсиятро ба нафъи ҷамъият ва мамлакати худ, ки дар он афзалиятҳои ахлоқӣ ва принсипҳои миллии демократиро ба роҳбарӣ мегиранд, ҳамчун раванди муттасил ва доимӣ фаро мегирад.

Калидвожаҳо: назария, консепсия, ҷомеа, шаҳрвандӣ, тарбия, ҷавонон, хонандагон, ҷамъият.

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ГРАЖДАНСКОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ УЧАЩИХСЯ В СИСТЕМЕ СРЕДНЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье авторы обсуждает теоретическое значение методологии теории и концепций гражданского воспитания в системе педагогических учений. Автор в частности указывает в статье основные теории западной мысли. Проводя сравнения различных концепций гражданского воспитания в системе педагогических учений, автор отмечает, что на Западе все больше преобладают теории рассматривающие воспитание гражданского образования в системе педагогических учений как часть функции государства, суть которого сводится к воспитанию личности и будущего гражданина. Авторы указывает, что точка зрения представителей некоторых концепций и теорий противоречат друг другу по вопросу гражданского воспитания в системе педагогических учений. Таким образом, научные исследования и методология феномена гражданского воспитания в западной педагогической мысли целом разделяет те же функции что и сторонников постсоветского общества. Из анализа и рассмотрения авторы следует, что, по мнению западных учёных, гражданское воспитание представляет собой ориентацию на индивидуальные ценности, которая проявляется в формировании личности с высокими духовными, нравственными и личностными качествами, а также в утверждении в сознании человека социально значимых гражданских ценностей, идей и убеждений. Кроме того, оно охватывает сознательную деятельность личности на благо общества и своей страны, при которой в качестве руководящих принципов выступают нравственные приоритеты и демократические национальные ценности, рассматриваемые как непрерывный и постоянный процесс.

Ключевые слова: теория, концепция, социальное, гражданский, воспитание, образование, молодёжь учащихся, общество.

PEDAGOGICAL CONDITIONS FOR THE DEVELOPMENT OF STUDENTS' CIVIC COMPETENCE IN THE SECONDARY EDUCATION SYSTEM

According to the article the authors dwell upon the development of civic education theory in the pedagogical conception. In abstract of paper on the topic of significant of civil education conception comprehension of the civil education in modern society author note the important of study of the sociocultural elements for youth in West society. The features of the new forms of relations influenced the civil education conception as modern forms education, training, breeding in connection with the conception of this point of view. The paper note the civil education conception as well as all sorts of ways to overcome the problem of social and cultural forms of breeding among the youth pupils of society. The main theoretical conclusions of the conception is obtained in the course of the study can be useful for expanding the subject field and a deeper understanding of the nature of the forms education, training, breeding process of the youth in society to resolve the negative phenomena that occur among the young people in modern conditions. From the authors' analysis and discussion, it follows that, according to Western scholars, civic education represents an orientation toward individual values, which is manifested in the formation of a personality with high spiritual, moral, and personal qualities, as well as in the establishment in a person's consciousness of socially significant civic values, ideas, and beliefs. In addition, it encompasses the conscious activity of the individual for the benefit of society and their country, where moral priorities and democratic national values serve as guiding principles, considered as a continuous and ongoing process.

Keywords: theory, conception, civil, education conception, upbringing, society.

Дар бораи муаллифон

Қосимова Рухшона Меҳриддиновна
Унвончӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: rukhshona@mail.ru

Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович
Н.и.п дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: tohip@mail.ru

Об авторах

Косимова Рухшона Мехриддиновна
Соискатель кафедры общеуниверситетской педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: rukhshona@mail.ru

Самиев Тохирджон Абдусамадович
К.п.н., доцент кафедры общеуниверситетской педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: tohip@mail.ru

About the authors

Kosimova Rukhshona Mehriddinovna
Applicant at the Department of General University Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: rukhshona@mail.ru

Samiev Tohirjon Abdusamadovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General University Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: tohip@mail.ru

ТДУ 37.018.1:398

ЭҲТИРОМИ ПАДАРУ МОДАР АЗ НИГОҲИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР ТАҲҚИҚОТИ Ҳ. ҲАЙДАРОВ

Саидиброимов Ш. О., Айдармамадова М. К.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Эҳтироми падару модар яке аз арзишҳои олӣ дар фарҳангҳои мардумони ҷаҳон ба ҳисоб меравад ва дар фарҳанги мардуми тоҷик он ҳамчун арзиши миллӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳо собит намудаанд, ки ин арзиши ахлоқӣ ва маънавӣ на танҳо заминаи тарбияи дурусти фарзандон, балки пояи устувории ҳар як ҷомеа мебошанд. Эҳтироми падару модар шоҳсутун ва пояи асосии пешрафти ҷомеа ва таҳкими сулҳу субот мебошад ва ин масъала дар афкори педагогии Аҳмади Дониш ҷойгоҳи асосиро касб кардааст.

Муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла муҳаққиқони тоҷик афкори педагогии Аҳмади Донишро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд, ки таҳқиқоти номзади илмҳои педагогӣ Абдусамад Ҳайдаров аз ҷумлаи ин таҳқиқотҳо мебошад. Ин муҳаққиқ дар баробари дигар ҷанбаҳои афкори педагогии Аҳмади Дониш ба масъалаи эҳтироми падару модар дахл намуда, паҳлуҳои зиёди ин масъаларо таҳқиқ ва асоснок намудааст. Масъалаи фавқ дар корҳои илмӣ – таҳқиқотии мавсуф, аз ҷумла дар китоби “Афкори педагогии Аҳмад Махдуми Дониш”-и Ҳайдаров ва бахусус дар фасли сеюми боби дуввуми китоб “Ҳаллу фасли мушкилоти ҳуқуқи аъзои оила дар “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш” ба таври васеъ шарҳу тавзеъ ёфтааст [2, с. 98].

Дар ҳар фарҳанг, аз ҷумла фарҳанги тоҷикӣ, нақши падару модар дар ҳаёти фарзандон бениҳоят муҳим аст ва эҳтироми онҳо як вазифаи муқаддас шуморида мешавад. Вале ба қавли муҳаққиқ А. Ҳайдаров Аҳмади Дониш нақши падару модарро дар ҳаёти онҳо муҳим арзёбӣ намуда, қайд кардааст, ки рафтори фарзанд аз тарбияи падару модар вобастагии асосӣ дорад. Масалан, муҳаққиқ овардааст: “... падару модар ҳамеша кӯшиш намоянд, ки тақдири имрӯзу ояндаи фарзандони худро фикр намоянд, ки дар байни ҷомеа мавқеъ ва ҳурмату эҳтиром дошта бошанд, сазовори ному кори неки аҷдодон бошанд” [13, с. 65]. Ба қавли муҳаққиқ Аҳмади Дониш зарурати эҳтироми падару модарро таъкид намуда, роҳҳои ҳифз ва рушд додани ин арзиши фарҳангиро дар замони муосир таҳқиқ мекунад.

Арзиш ва маънои эҳтироми падару модар ин аст, ки фарзандон ба заҳмату меҳнати онон қадр гузошта, дар баробари онон масъулиятшинос бошанд ва ғамхорӣ кунанд, аммо набояд фарзандон бо роҳи ғайриахлоқӣ музд ба даст оранду аз падару модар муроқибат кунанд, ва муҳаққиқ аз Аҳмади Дониш мисол меорад : “Ва дигар адиб бар он ақида аст, ки фарзанд бояд барои нафақаи онҳо дуздиву қимор ва раққосиву шоҳидӣ пеша накунад, ё барои дарёфти хушнудии модар зани солеҳи худро ба талоқ дода, ба фисқу фасод ва зинову ливотат наафтад” [13, с. 64]. Пас адиб дар парастиши падару модар муносибат ва ахлоқи некро талқин менамояд ва ин муносибати нек асоси ахлоқии инсонро ташкил медиҳад ва ба фарзандон имконият медиҳад, покизарӯзгорӣ, ростгӯву дурусткорӣ, сабру тоқат, эҳтироми дигарон ва эҳсоси масъулиятро дар худ рушд диҳанд.

Ё дар ҷои дигар муҳаққиқ овардааст: “... мутафаккир падареро мавриди муҳокима қарор медиҳад, ки фарзанди поксиришт ва ақли расо доштаи худро ба хиёнат ва ҷиноят мекашад ва тадбиру ҳукми онро ҷӯён мешавад” [13, с. 63]. Таҷрибаҳои рӯз нишон медиҳанд, ки чунин ҳодисаҳо имрӯз назаррасанд. Аз ҷумла, даст задани ҷавонон ба қочоқи маводи мухаддир, ширкат варзидан дар ҷангҳои давлатҳои бегона, даст задан ба терроризму экстиремизм ва амсоли инҳо аз падидаҳои номатлубе мебошанд, ки ба ҷомеаи ҷаҳони хавфу хатар ворид мекунанд.

Аз ахборотҳои рӯз шоҳид мегардем, ки баъзе падарон худ ба қочоқи маводи мухаддир даст мезананд, фарзандонро ба ин ҳол мерасонанд, чун худ ба ин роҳ мераванд. Таъсири муҳити оилавӣ ба тарбияи фарзанд бисёр аст ва инро илми педагогика ва психология омӯхтаву исбот кардааст. Дар оилаи солим фарзанди солим ва оилаи носолим фарзанди носолим камол меёбад. Аз ин таҳқиқотҳои муҳаққиқ бар меояд, ки бо падару модар низ бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ бештар гузаронида шаванд. Суҳбатҳои нишастҳо, мизи мудаввару конфронсҳо бо иштироки бевоситаи падару модар гузаронида шаванд ва бо чунин афрод фаҳмондадиҳӣ бештар ташкил кардан муҳим аст [2, с. 30].

Аз таҳқиқотҳо ва таҷрибаҳо муайян аст, ки эҳтироми падару модар на танҳо як арзиши ахлоқӣ, балки асоси устувории иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа аст. Он насли ҷавонро ба масъулиятшиносӣ ва ғамхории дигарон водор мекунад, робитаҳои оилавиро мустаҳкам намуда, ба таҳкими фарҳанг ва маънавиёти миллӣ мусоидат мекунад, вале зербинои онро ба қавли Ҳайдаров, Аҳмади Дониш аввал дар рафтори худи падару модар мебинад: “Ба андешаи адиб, агар падар қарзи хешро дар назди фарзанд адо карда бошад, пас “писарро ҳеҷ мои бозхост нест, магар ҳаққи муруввативу одатӣ” [13, с. 62]. Ин иқтибос аз он шаҳодат медиҳад ва насли наврасу ҷавонро ба он раҳнамоӣ мекунад, ки падару модар фарзандро ба рӯи олам меоранд, ӯро калон карда ба воя мерасонанд, соҳиби оилаву хонаву дар мекунанд, пас муҳим аст, ки фарзанд ба қадри падару модари худ бирасад.

Эҳтироми падару модар дар вуҷуди тамоми одамон нуҳуфтааст. Аз ин рӯ, ҳар фарзанд уҳдадор аст, то қарзи фарзандии худро ба ҷо ораду дар пайи эҳтироми падар ва модари худ бошад. Фарзанд хоҳ писар бошад, хоҳ духтар бояд дар муроқибат намудани падару модар саҳми назаррас гузошта тавонад. Собит аст, ки ҳар падару модар дар гардани мо ҳаққу ҳуқуқе доранд. Барои ҳамин, ҳар як фарзанд бояд падару модарашро ҳурмат кунад ва дар вақти пирӣ асои дасти онҳо шавад. Муҳаққиқ Ҳайдаров низ бо такя ба афкори педагогии Аҳмади Дониш ба ин масъала ишораҳои зиёд кардааст ва инчунин андешаҳои навро баён намудааст. Масалан, муҳаққиқ овардааст: «Писарро воҷиб аст ва фарз, ки ба падар эҳсон намояд ва ҳаққи фарзандӣ ва ҷавонӣ ба ҷо орад». Дар замони кунунӣ ин масъала боз ҳам диққати ҷиддиро тақозо дорад [13, с. 286].

Шояд савол ба миён ояд, ки чаро? Дар замоне, ки мутафаккирони классикии форсу тоҷик ҳаёт ба сар мебурданд, хонаи куҳансолон набуд, падару модар бо фарзандон дар як хона ҳаёт ба сар мебурданд, эҳтироми тарафайн дар оила мавқеи асосӣ дошт.

Имрӯз бо пешрафти ҷомеа дар баробари муваффақиятҳо баъзе мушкилиҳо низ ҷой доранд. Танг будани вақт, серкории мардум, талаботи зиёди иқтисодӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва амсоли инҳо таваҷҷуҳи фарзандонро ба муроқибат аз падару модар халалдор мекунанд. Вобаста ба ин мушкилиҳо Сарвари мамлакат нисбати модарон хеле ғамхорӣ менамояд ва баланд бардоштани мақоми зан – модар дар ҷомеа таҳти таваҷҷуҳи доимии Пешвои миллат қарор дорад. Вохӯрии ҳамасола бо фаъолзанони мамлакат иқдоми нек ва ватандӯстонаи Сарвари мамлакатро бори дигар собит менамояд, ки ҳар сол дар рӯзи модар баргузор мегардад. Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониаш фармуданд: "Ҷомеае, ки ба зан-модар ғамхорӣ менамояд, ба ояндаи худаш ғамхорӣ мекунад. Давлате, ки нисбат ба модар, ки сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли инсон аст бепарво бошад, ояндаи худро аз даст медиҳад" [9]. Ин суханони Пешвои миллат насли наврасу ҷавонро боз ҳам уҳдадор ва вазифадор менамоянд, ки ба қадри падару модар бирасанд, онҳоро чи дар овони ҷавониашон ва чи дар давраи пирӣ мавриди муроқибат қарор диҳанд, қарзи фарзандии худро дар назди падару модар адо намоянд.

Дар баробари ин муҳаққиқ Ҳайдаров А. баён мекунад, ки падару модар низ вазифадор астанд, ки фарзандонро дуруст тарбия намоянд, ба саҳлангорӣ ё хатоӣ дар тарбия роҳ надиҳанд, муносибати хуб дошта бошанд, то барои фарзандон ин рафтор панд бошад: “модар набояд додани шири худро бар фарзанд миннат гузорад, зеро ин вазифаи ӯст”. Шояд барои модар ин як воситаи тарбия бошад, то ки фарзанд ислоҳ шавад, аммо муҳаққиқ инро дуруст намешуморад.

Ба қавли муҳаққиқ падару модарро муҳим аст, ки роҳҳои дурусти тарбияро интихоб кунанд. Ин нуқтаи фавқуллода муҳим имрӯз дар сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат мақоми асосӣ дорад, дар мадҳи аввал бояд модар соҳибмаълумот бошад, дар мақомотҳои давлатӣ кор кунад ва модари соҳибтаҳсилот фарзандони солеҳро тарбия мекунад. Мақоми баланд доштани зан-модар дар Тоҷикистон маҳз дар дуруст тарбия намудани насли наврас мақоми асосӣ дорад.

Шинохти қадри падару модар, расидан ба қадри онҳо, пайравӣ аз рафтору суханони модар насли наврасро ба масири ватандӯстиву ватандорӣ ва таъмини суботи ҷомеа раҳнамун месозад. Жан Жак Русо гуфтаанд: «Агар тамоми неъмати дунё аз байн биравад, ба шарте, ки зан дар саҳнаи ҳаёт вуҷуд дошта бошад, зиндагӣ боз ҳам қобили таҳаммул аст» [9, с. 32]. Дар ҳақиқат модар нафарест, ки зиндагӣ мебахшад ва дар набарди ҷовидонии ҳаёту марг зиндагиро зинда нигоҳ медорад, файзу баракати зиндагӣ аз ӯ вобастагии куллӣ дорад. Баракати зан-модар аст, ки мақоми зан дар оила ва ҷомеаи тоҷикон ҳамеша баланд буд ва баланд хоҳад монд, зеро иффату зебоӣ, фурӯтаниву маърифатнокӣ хоси зан буда ба зиндагии

мард ва фарзандон илҳому умед ба ояндаи нек мебахшад. Дар баробари модар падарро ҳурмату эҳтиром кардан ҳам шарт асту ҳам қарз.

Дар боло қайд гардид ва такрор кардан ба маврид аст, ки ба ҷо овардани эҳтироми падару модарро мутафаккирони форсу тоҷик, муҳаққиққони даврони шуравӣ ва замони муосири тоҷик дар осор ва корҳои илмиву таҳқиқотии хуб таҳқиқ ва исбот намудаанд. Аз ҷумла, майян гардидааст, ки дар расидан ба қадри падару модар, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва дар маҷмуъ ахлоқи ҳамидаи инсонӣ муҳим ва аввалиндараҷа аст. Маҳз андешаи хирадмандона насли наврасро ба хислати баланди одамгарӣ, ки як ҷанбаи он шинохти қадри падару модар аст, оварда мерасонад. Ситоиши падару модар, ба қадри онҳо расидан, пайравӣ намудан аз рафтори неки онҳо ва тайёр будан ба гирифтани эстафетаи падариву модарӣ аз онҳо масъалаест, ки дар замони кунунӣ бояд ба он диққати боз ҳам бештар равона карда шавад.

Хулоса, аз таҳқиқотҳои муҳаққиқ Ҳайдаров вобаста ба омӯзиши афкори педагогии Аҳмади Дониш бар меояд, то даме, ки фарзанд ба қадри падару модар нарасад, дар зиндагӣ роҳи дуруст ва пурмаваффақияти худро ёфтан наметавонад. Ҳамзамон фарзанд бояд аз падару модар тарбияи хуб гирад ва падару модар дар навбати худ масъулияти баландро дар таълиму тарбияи фарзанд зоҳир кунанд. Аввалан худ дар рафтор намунаи ибрати фарзандон ва аҳли ҷомеа бошанд, дониш омӯзанд, таҳсилоти ба тақозои замон мувофиқ дошта бошанд. Фарзандонро дар руҳияи ватандӯстӣ, дӯст доштани халқу миллат ва мардуми дунё, худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия намоянд. Дар маҷмуъ муносибати тарафайн байни падару модар ва фарзандон таъмин бошад, падару модар мояи ифтихори фарзандон ва фарзандон боиси ифтихори падару модар бошанд. Ин падида омили асосии пешрафти ҷомеа ва таъмини сулҳу субот мебошад.

Адабиёт

1. *Айнӣ С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. – Душанбе, 2009. – 680 с.*
2. *Аҳмади Дониш. Асарҳои мунтахаб / А. Дониш. - Сталинобод, 1959. – 286 с.*
3. *Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития- / А. Дониш. - Душанбе: Сарват, 1992. – 98 с.*
4. *Бертельс Е.Э., Рукописи произведений Аҳмада Калла // Тр. Таджикистанской базы АН СССР. Т. 3, М. — Л., 1936 - С. 30.*
5. *Диноршоев М. Д. О просветительской социальной философии Ахмада Дониша / М.Д. Диноршоев. - М., 1978.*
6. *Дониш / Р. Ҳодизода, Н. Зокиров // Энсиклопедияи миллии тоҷик / сармуҳаррир Н. Амиршоҳӣ. - Д. : СИЭМТ, 2018.*
7. *Зокиров Н. М., «Меъёру-т-тадаюн»-и Аҳмади Дониш сарчашмаи динӣ ва фалсафӣ / Н.М. Зокиров. – Душанбе. - 2005.*
8. *Маъсумӣ Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш / Н. Маъсумӣ. Душанбе, 1976.*
9. *Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021.*
10. *Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2002. - 128 с.*
11. *Раҷабов З. Маорифпарвар − Аҳмади Дониш / З. Раҷабов. - Душанбе, 1964.*
12. *Фидолиева З. Нақши зан-модар дар оила (мақола) // Раҳнамои омӯзгор. - Хоруғ. – 2014. - №11(143). - 32 с.*
13. *Ҳайдаров А. Афкори педагогии Аҳмад Махдуми Дониш / А. Ҳайдаров. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 159 с.*

ЭҲТИРОМИ ПАДАРУ МОДАР АЗ НИГОҲИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР ТАҲҚИҚОТИ Ҳ. ҲАЙДАРОВ

Яке аз мутафаккирони бузург, донишманд ва маорифпарвари маъруфи тоҷики асри XIX Аҳмад Махдуми Дониш мулаққаб ба Аҳмади Калла мебошад. Мутафаккир аз хурдӣ ба илмҳои зиёд шавқу ҳавас дошт ва ин ба он оварда расонид, ки Аҳмади Дониш дар донистани илмҳои табииёт, риёзиёт, нуҷум, ҳайат, таърих, фалсафаи табиӣ ва адабиёт машҳури ҷаҳон гардид ва асарҳои зиёдро дар илмҳои номбурда навиштааст. Дар баробари ин илмҳо Аҳмади Дониш афкори баланди педагогӣ дорад. Аҳмади Дониш бо супориши амирони Бухоро се дафъа ба Русия сафар намудааст. Ин сафарҳо дар кори ӯ аҳаммияти калон дошатанд. Аҳмади Дониш ҳангоми ин сафарҳо бо ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва махсусан, фарҳангии Русия ба қадри имкон аз наздик шинос шуд. Муҳимтараш Аҳмади Дониш аз наздик ба маорифи Русия шинос гардид, мактабҳо, тарзи таълиму тадрис ва нақшаҳои дурнамои мактабҳои Русияро аз наздик бо чашми худ дид. Ин ба он оварда расонид, ки Аҳмади Дониш–

асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ гардид ва то кунун афкори маорифпарвариву педагогии ӯро дар Тоҷикистон ва берун аз он истифода мебаранд. Яке аз афкори педагогии ӯ эҳтироми падару модар ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла муҳаққиқони тоҷик афкори педагогии Аҳмади Донишро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд, ки таҳқиқоти номзади илмҳои педагогӣ Абдусамад Ҳайдаров аз ҷумлаи ин таҳқиқотҳо мебошад. Маҳз дар ин мақола чанд баён оид ба таҳқиқи афкори педагогии Аҳмади Дониш аз нигоҳи муҳаққиқи муосир А. Ҳайдаров ба таҳқиқи илмӣ фаро гирифта шуда, асоснок карда шуданд.

Калидвожа: Аҳмади Дониш, Ҳ. Ҳайдаров, афкори педагогӣ, эҳтироми падару модар, фарзанд, муносибат, тарбия, муҳаққиқ, муносибат.

УВАЖЕНИЕ К ОТЦУ И МАТЕРИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АХМАДА ДОНИША В ИССЛЕДОВАНИИ Х. ХАЙДАРОВА

Одним из великих мыслителей, ученых и известных таджикских педагогов XIX века был Ахмад Махдуми Дониш, по прозвищу Ахмад Калла. С юных лет мыслитель интересовался многими науками, что привело к тому, что Ахмади Дониш стал всемирно известен своими знаниями в области естественных наук, математики, астрономии, географии, истории, натурфилософии и литературы, и он написал множество работ по этим наукам. Наряду с этими науками, Ахмади Дониш обладал высоким педагогическим авторитетом. Ахмади Дониш трижды путешествовал в Россию по поручению эмиров Бухары. Эти поездки имели огромное значение для его работы. Во время этих поездок Ахмади Дониш максимально близко познакомился с политической, экономической и особенно культурной жизнью России. Самое главное, Ахмади Дониш близко познакомился с русской системой образования, своими глазами увидел школы, методы обучения и планы развития русских школ. Это привело к тому, что Ахмади Дониш стал основателем образовательного движения в Центральной Азии, и его образовательные и педагогические идеи до сих пор используются в Таджикистане и за его пределами. Одна из его педагогических идей — уважение к родителям. Многие исследователи, в том числе таджикские, изучали педагогические идеи Ахмада Дониша, включая исследования кандидата педагогических наук Абдусамада Хайдарова. В данной статье в научный контекст включены и обоснованы несколько положений исследования педагогических идей Ахмада Дониша с точки зрения современного исследователя А. Хайдарова.

Ключевые слова: Ахмади Дониш, Х. Хайдаров, педагогическая мысль, уважение к родителям, дети, отношение, воспитание, исследователь, отношение.

RESPECT FOR FATHER AND MOTHER FROM THE POINT OF VIEW OF AHMAD DONISH IN THE RESEARCH OF H. HAYDAROV

One of the great thinkers, scholars, and renowned Tajik educators of the 19th century was Ahmad Mahdumi Donish, nicknamed Ahmad Kalla. From a young age, the thinker was interested in many sciences, which led to Ahmadi Donish becoming world-renowned for his knowledge of the natural sciences, mathematics, astronomy, geography, history, natural philosophy, and literature, and he wrote numerous works on these subjects. In addition to these sciences, Ahmadi Donish enjoyed high pedagogical authority. Ahmadi Donish traveled to Russia three times on behalf of the emirs of Bukhara. These trips were of great importance for his work. During these trips, Ahmadi Donish became intimately acquainted with the political, economic, and especially cultural life of Russia. Most importantly, Akhmadi Donish became closely acquainted with the Russian education system, witnessing firsthand the schools, teaching methods, and development plans for Russian schools. This led to Akhmadi Donish becoming the founder of the educational movement in Central Asia, and his educational and pedagogical ideas are still used in Tajikistan and beyond. One of his pedagogical ideas is respect for parents. Many researchers, including Tajik ones, have studied Akhmad Donish's pedagogical ideas, including the research of Abdusamad Khaidarov, a candidate of pedagogical sciences. This article contextualizes and substantiates several points of research on Akhmad Donish's pedagogical ideas from the perspective of contemporary researcher A. Khaidarov.

K**eywords:** Ahmadi Donish, H. Haydarov, pedagogical ideas, respect for parents, children, attitude, upbringing, researcher, attitude.

Дар бораи муаллифон

Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ Тоҷикистон
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 48/5
E-mail: shozoda07.71@mail.ru

Айдармамадова Малика Карамхудоевна
Унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: aidarmamadova98@mail.ru

Об авторах

Саидиброимов Шозодаиброхим Одилшоевич
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных наук
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана
734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад, 48/5
E-mail: shozoda07.71@mail.ru

Айдармамадова Малика Карамхудоевна
Соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: aidarmamadova98@mail.ru

About the authors

Saidibroimov Shozodaibrohim Odilshoevich
Candidate of pedagogical science, Associate Professor of the Department of Humanities
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Street, 48/5
E-mail: shozoda07.71@mail.ru

Aidarmamadova Malika Karamkhudoevna
Applicant of the University-wide Department of Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: aidarmamadova98@mail.ru

УДК 37.013.5:94(575.3)

ИСТОРИКО-ФИЛОСОФСКИЕ ИСТОКИ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ МЫСЛИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА: ОТ КЛАССИЧЕСКОГО НАСЛЕДИЯ ДО СОВРЕМЕННОСТИ

Миров Ш. К.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Введение. Формирование экологической культуры личности представляет собой одну из приоритетных задач современной педагогической науки и практики. В условиях нарастающего глобального экологического кризиса поиск устойчивых ценностных оснований для воспитания бережного отношения к природному миру приобретает принципиальное значение. Между тем педагогическая мысль таджикского народа располагает богатейшей историко-философской традицией ценностного отношения к природе, восходящей к зороастрийско-авестийской эпохе и получившей развитие в трудах великих таджикско-персидских мыслителей - Абуали ибн Сины, Насира Хусрава, Рудаки, Фирдавси. Данная традиция остаётся в значительной мере невостребованной в современной педагогической практике Республики Таджикистан, что представляет собой серьёзный дидактический просчёт: историко-философское наследие таджикского народа содержит глубочайшие экологические смыслы, обращение к которым способно придать экологическому воспитанию подлинный ценностный фундамент [1; 2].

Закон Республики Таджикистан «Об образовании» (2013, №1004), Закон «Об экологическом образовании населения» (2010, №673) и Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года закрепляют необходимость формирования экологической культуры учащихся как неотъемлемого компонента системы национального образования [1–3]. При этом нормативные документы подчёркивают значимость национально-культурного контекста в реализации экологического воспитания, что прямо указывает на необходимость обращения к историко-философскому наследию таджикского народа.

Президент Республики Таджикистан, Основатель мира и национального единства - Лидер нации уважаемый Эмомали Раҳмон неоднократно подчёркивал, что изучение и популяризация классического наследия таджикского народа являются важнейшей задачей национальной системы образования и науки. В Послании Маджлиси Оли от 16 декабря 2025 года Глава государства указал на необходимость укрепления национального самосознания и самопознания через освоение духовного и интеллектуального наследия предков [4].

Историко-педагогический анализ показывает, что экологические идеи органично вписаны в систему нравственно-философских воззрений таджикских мыслителей и не могут быть рассмотрены в отрыве от общего контекста их педагогической мысли. Именно это обстоятельство определяет актуальность исследования историко-философских истоков экологической культуры в педагогической мысли таджикского народа.

Целью статьи является историко-педагогический анализ истоков экологической культуры в педагогической мысли таджикского народа и выявление воспитательного потенциала классического историко-философского наследия для современной системы экологического образования.

Для достижения поставленной цели определены следующие задачи:

1. выявить этапы формирования традиции ценностного отношения к природе в педагогической мысли таджикского народа;
2. проанализировать экологическое содержание зороастрийско-авестийской традиции как первоисточника педагогической мысли таджиков;
3. раскрыть природосообразные идеи классических таджикско-персидских мыслителей в их педагогическом измерении;
4. охарактеризовать вклад таджикских учёных-педагогов советского и постсоветского периода в разработку проблемы экологического воспитания;
5. определить педагогический потенциал историко-философского наследия таджикского народа для современного экологического образования.

Проблема историко-философских оснований экологической культуры в педагогической мысли таджикского народа рассматривалась в научной литературе фрагментарно и не становилась предметом самостоятельного комплексного исследования.

Общие вопросы истории педагогической мысли таджикского народа раскрыты в фундаментальных трудах Х.С. Афзалова, М. Лутфуллоева, Ф. Шарифзода, И.О. Обидова [5–8]. Отдельные аспекты воспитательного потенциала классического наследия таджикских мыслителей применительно к нравственному воспитанию исследованы в работах А. Нурова, К.Б. Кодирова, И.Х. Каримовой [9–11]. Проблема экологического воспитания в современной таджикской школе рассматривается в исследованиях С. Холназарова, М. Саидова, Х. Мухаббатова, Дж.С. Мансуровой [12–15]. Вместе с тем специального историко-педагогического исследования, посвящённого анализу экологических идей в педагогической мысли таджикского народа в их историческом развитии - от зороастрийско-авестийских истоков до современности, - в таджикской педагогической науке до настоящего времени не проводилось. Данный пробел определяет научную значимость настоящей статьи.

Материалы и методы. Материальную основу исследования составили первоисточники - «Авеста», «Канон врачебной науки» Абуали ибн Сины, «Дивон» Насира Хусрава, «Шахнаме» Фирдавси, «Бустон» Саади, а также научно-педагогические труды таджикских учёных, отражающие современные подходы к экологическому воспитанию, и нормативно-правовые документы Республики Таджикистан [1–4; 16–19].

В исследовании использованы методы историко-педагогического анализа, позволившие выявить этапы становления традиции ценностного отношения к природе в педагогической мысли таджикского народа; герменевтический метод - для интерпретации экологического содержания классических текстов; сравнительно-педагогический анализ - для сопоставления историко-философских идей с современными концепциями экологического воспитания.

Методологическую основу исследования составляют аксиологический, культурологический и историко-генетический подходы. Аксиологический подход обеспечил рассмотрение историко-философского наследия таджикских мыслителей как ценностного ресурса экологического воспитания [5; 8]. Культурологический подход позволил исследовать экологические идеи в контексте национальной культурно-исторической традиции [6; 9]. Историко-генетический подход обеспечил выявление преемственности и поступательного развития экологической мысли в педагогической традиции таджикского народа.

Результаты и обсуждение.

Этапы формирования традиции ценностного отношения к природе

Историко-педагогический анализ позволяет выделить четыре последовательных этапа формирования традиции ценностного отношения к природе в педагогической мысли таджикского народа.

Первый этап - зороастрийско-авестийский (до VII в. н.э.) - связан с формированием древнейшей системы нравственно-экологических предписаний. «Авеста» - священная книга зороастризма, созданная на территории древней Бактрии и Согдианы, - содержит развёрнутую систему экологических норм, освящённых религиозно-нравственным авторитетом. Четыре священные стихии - земля, вода, огонь и воздух - наделяются в Авесте статусом неприкосновенности: их осквернение рассматривается как тяжкий нравственный грех. «Видевдат» - раздел Авесты, содержащий наиболее развёрнутую систему экологических предписаний, - запрещает бросать нечистоты в водоёмы, уничтожать плодородную землю, осквернять огонь. По существу, авестийская традиция воплощает первую в истории народов Центральной Азии систему экологического воспитания, основанную на нравственно-религиозном фундаменте [16].

Принципиально важно, что авестийская экологическая мудрость носила не абстрактно-теоретический, а прикладной воспитательный характер: нормы бережного отношения к природе передавались от поколения к поколению как живые нравственные заповеди, обязательные для каждого. Тем самым уже на этом этапе экологическое воспитание было органично вписано в систему нравственного воспитания личности.

Второй этап - классический философско-научный (IX–XV вв.) - связан с деятельностью великих таджикско-персидских мыслителей, каждый из которых внёс специфический вклад в педагогическую традицию ценностного отношения к природе.

Абуали ибн Сина (980–1037) в «Каноне врачебной науки» разработал концепцию неразрывной связи природной среды, здоровья человека и нравственного состояния общества. Ибн Сина показал, что качество воздуха, воды и почвы непосредственно определяет физическое и духовное здоровье личности, что придаёт охране природной среды глубокий гуманистический смысл [17]. В педагогическом отношении это означало, что воспитание бережного отношения к природе является условием сохранения здоровья народа.

Насир Хусрав (1004–1088) в своих философских трактатах и поэтических произведениях обосновал концепцию гармонии человека с природным миром как условия

духовного совершенствования личности. В «Дивоне» Насира Хусрава природа предстаёт не как объект потребления, а как духовная ценность, причастность к которой возвышает человека [18]. Данная концепция является принципиально педагогической: она утверждает, что воспитание подлинно духовной личности невозможно без воспитания ценностного отношения к природному миру.

Рудаки (858–941) и Фирдавси (940–1020) создали неповторимую поэтическую традицию воспевания природы как воплощения красоты, нравственного идеала и национальной идентичности. Природные образы в их поэзии - горные реки, сады, звёздное небо, весенние сады - несут глубокий нравственно-экологический смысл: они утверждают красоту и ценность природного мира как неотъемлемой части духовной жизни человека и народа. «Шахнаме» Фирдавси, описывающее природу родной земли как священную ценность, неразрывно связанную с честью и достоинством народа, по существу является первым в таджикской традиции произведением, утверждающим нравственную ответственность перед природой как часть гражданской идентичности [19].

Саади Ширази (1210–1291) в «Бустане» и «Гулистане» развил традицию нравственно-экологического воспитания через систему притч, в которых природа выступает носителем нравственной мудрости. Его произведения воплощают принцип «учись у природы» как основу педагогики.

Третий этап - просветительский (XIX - нач. XX вв.) - связан с деятельностью таджикских просветителей, ставивших вопросы отношения человека к природе в контекст просветительской педагогики. Аҳмади Дониш (1827–1897), обращаясь к проблемам народного воспитания, подчёркивал значение природосообразности в воспитании личности и необходимость обращения к богатейшей традиции таджикской классической литературы как источнику нравственных ориентиров.

Четвёртый этап - научно-педагогический (вторая пол. XX - XXI вв.) - связан с формированием таджикской педагогической науки и систематической разработкой вопросов экологического воспитания. Х.С. Афзалов, исследовавший традиции народной педагогики таджиков, показал, что бережное отношение к природе - к воде, земле, растениям - является органичной частью системы народного воспитания, восходящей к авестийской традиции [5]. М. Лутфуллоев обосновал принцип природосообразности как центральный в педагогике независимого Таджикистана, указав на необходимость опоры на классическое наследие в экологическом воспитании [6]. Ф. Шарифзода разработал концептуальные основы современной таджикской педагогики, в которых экологическое воспитание рассматривается как неотъемлемая часть нравственного воспитания личности [7].

Современные таджикские исследователи - С. Холназаров, М. Саидов, Х. Мухаббатов, Дж.С. Мансурова - разрабатывают конкретные методики экологического воспитания в таджикской школе, опираясь на национально-культурные традиции [12–15].

Педагогический потенциал историко-философского наследия для современного экологического образования

Анализ историко-философского наследия таджикского народа позволяет выявить его принципиальный педагогический потенциал для современного экологического образования.

Во-первых, данное наследие обеспечивает ценностную укоренённость экологической культуры в национальной идентичности. Учащийся, знающий, что Рудаки воспевал горные реки его родного края, что Насир Хусрав учил относиться к природе как к духовной ценности, что авестийская традиция священной неприкосновенности земли, воды и воздуха является тысячелетним нравственным фундаментом его народа, обретает экологические ценности не как внешние предписания, а как органичную часть собственной культурной идентичности [9; 10].

Во-вторых, историко-философское наследие таджикских мыслителей обеспечивает эмоционально-ценностное измерение экологического воспитания, недостижимое при сугубо естественнонаучном подходе. Поэтические образы природы у Рудаки и Фирдавси, философская концепция гармонии с природой у Насира Хусрава, медицинская экология Ибн Сины - каждый из этих пластов наследия обращается к различным аспектам личности учащегося: эстетическому, нравственному, интеллектуальному, практическому [11; 14].

В-третьих, историко-философское наследие таджикских мыслителей создаёт возможности для межпредметной интеграции в экологическом воспитании. Экологические идеи, рассеянные в произведениях Ибн Сины, Насира Хусрава, Рудаки, Фирдавси, могут стать точкой интеграции истории таджикского народа, литературы, биологии, географии и экологии в единое смысловое пространство [13; 15].

Дж.С. Мансурова, исследовавшая вопросы формирования экологической культуры в системе педагогического образования Таджикистана, убедительно показала, что экологическое воспитание приобретает принципиально новое качество, когда строится на ценностной интеграции - соединении экологических знаний с системой нравственных, культурных и гражданских ценностей личности [15]. Именно эту ценностную интеграцию обеспечивает обращение к историко-философскому наследию таджикского народа.

Выводы. Историко-педагогический анализ позволяет сформулировать следующие выводы:

Традиция ценностного отношения к природе в педагогической мысли таджикского народа имеет тысячелетнюю историю и прошла четыре последовательных этапа развития: зороастрийско-авестийский, классический философско-научный, просветительский и научно-педагогический. Каждый этап вносит специфический вклад в целостную педагогическую традицию, создавая многоуровневый ресурс для современного экологического воспитания.

Историко-философское наследие таджикского народа располагает богатейшим экологическим содержанием: авестийские нормы охраны четырёх стихий, концепция природной среды как основы здоровья у Ибн Сины, философия гармонии человека с природой у Насира Хусрава, поэтическое воспевание природной красоты как нравственной ценности у Рудаки и Фирдавси - всё это образует целостную педагогическую традицию, ориентированную на воспитание бережного и нравственно ответственного отношения к природному миру.

Обращение к данному наследию в современном экологическом образовании способно обеспечить ценностную укоренённость экологической культуры в национальной идентичности, эмоционально-ценностное измерение экологического воспитания и возможности для межпредметной интеграции. Практическая реализация этого потенциала требует разработки специальных методических подходов к включению историко-философского экологического содержания в учебные программы таджикской школы.

Данное исследование выполнено в рамках Перспективного плана научно-исследовательской деятельности кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени С.А. Айни на 2025–2030 годы и соответствует научному направлению, ориентированному на разработку теоретико-методологических и практико-ориентированных основ формирования экологической культуры и экологического воспитания обучающихся в условиях модернизации системы образования.

Литература

1. *Закон Республики Таджикистан «Об образовании» : от 22 июля 2013 г. № 1004 (с изм. и доп.).*
2. *Закон Республики Таджикистан «Об экологическом образовании населения» : от 29 декабря 2010 г. № 673.*
3. *Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан на период до 2030 года. - Душанбе, 2020.*
4. *Раҳмон Э. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 16 декабри 2025.*
5. *Афзалов, Х.С. Таджикская народная педагогика. - Душанбе : Ирфон, 1984. - 240 с.*
6. *Лутфуллоев, М. Педагогика. - Душанбе : Маориф, 2010. - 320 с.*
7. *Шарифзода, Ф. Актуальные проблемы современной педагогики. - Душанбе: Маориф, 2009. -240 с.*
8. *Обидов, И.О. История развития народного образования в Таджикской ССР. - Душанбе: Ирфон, 1968. - 296 с.*
9. *Нуров, А. Роль духовно-нравственных ценностей в воспитании учащихся. - Душанбе: Матбуот, 2008. - 180 с.*
10. *Кодиров, К.Б. Этнопедагогика таджикского народа. - Душанбе : Дониш, 2004. - 220 с.*
11. *Каримова, И.Х. Нравственное воспитание. - Душанбе : Маориф, 2008. - 160 с.*
12. *Холназаров, С. Экологическое образование учащихся при изучении естественно-научных дисциплин. - Душанбе : ТГПУ, 2018. - 180 с.*
13. *Саидов, М. Педагогические условия экологического воспитания учащихся в учреждениях общего образования Республики Таджикистан. - Душанбе, 2020. - 196 с.*
14. *Мухаббатов, Х. Природоохранное воспитание учащихся общеобразовательных школ Таджикистана. - Душанбе : Маориф, 2016. - 180 с.*
15. *Мансурова, Дж.С. Теоретико-методологические основы формирования экологико-экономической культуры у будущих учителей педвузов. - Душанбе : ТГПУ, 2025. - 420 с.*
16. *Авеста : избранные гимны / пер. с авест. И.М. Стеблин-Каменского. - М. : Дружба народов, 1993. - 208 с.*
17. *Ибн Сина, А. Канон врачебной науки : в 5 т. - Ташкент : Фан, 1981. - Т. 1. - 550 с.*
18. *Насир Хусрав. Дивон. - Душанбе : Адиб, 1994. - 320 с.*
19. *Фирдавси, А. Шахнаме / пер. Ц.Б. Бану-Лахути. - М. : Наука, 1969. - Т. 1. - 680 с.*

ИСТОРИКО-ФИЛОСОФСКИЕ ИСТОКИ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ В ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ МЫСЛИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА: ОТ КЛАССИЧЕСКОГО НАСЛЕДИЯ ДО СОВРЕМЕННОСТИ

Статья посвящена историко-педагогическому анализу истоков экологической культуры в педагогической мысли таджикского народа. Выделяются четыре этапа формирования традиции ценностного отношения к природе: зороастрийско-авестийский, классический философско-научный, просветительский и научно-педагогический. Раскрывается экологическое содержание педагогической мысли великих таджикских мыслителей - Абуали ибн Сины, Насира Хусрава, Рудаки, Фирдавси. Педагогический потенциал историко-философского наследия таджикского народа обоснован для современного экологического образования, а также определены три направления его использования: обеспечение ценностного укоренения в национальной идентичности, эмоционально-ценностный аспект экологического воспитания и возможности межпредметной интеграции.

Ключевые слова: экологическая культура, педагогическая мысль, таджикский народ, историко-философское наследие, Авеста, Ибн Сина, Насир Хусрав, Рудаки, Фирдавси, экологическое воспитание.

РЕШАҲОИ ТАЪРИХӢ-ФАЛСАФИИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГӢ ДАР АНДЕШАИ ПЕДАГОГИИ ХАЛҚИ ТОҶИК: АЗ МЕРОСИ КЛАССИКӢ ТО ЗАМОНИ МУОСИР

Мақола ба таҳлили таърихӣ-педагогии решаҳои фарҳанги экологӣ дар андешаи педагогии халқи тоҷик бахшида шудааст. Чаҳор марҳилаи ташаккули анъанаи муносибати арзишӣ ба табиат муайян ва тавсиф карда шудааст: зардуштию-авестоӣ, классикии фалсафию-илмӣ, маорифпарварӣ ва илмию-педагогӣ. Мундариҷаи экологии андешаи педагогии мутафаккирони бузурги тоҷик - Абӯалӣ ибни Сино, Носир Хусрав, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ - ошкор карда шуда, саҳми ҳар яке аз онҳо дар ташаккули анъанаи педагогии муносибати арзишӣ ба олами табиат нишон дода шудааст. Иқтидори педагогии мероси таърихию-фалсафии халқи тоҷик барои маорифи экологии муосир асоснок карда шуда, се самти истифодаи он - таъмини решадавонии арзишӣ дар ҳувияти миллӣ, андозаи эмотсионалию арзишии тарбияи экологӣ ва имкониятҳои ҳамгироии байнифаннӣ - муайян карда шудааст.

Калидвожаҳо: фарҳанги экологӣ, андешаи педагогӣ, халқи тоҷик, мероси таърихию-фалсафӣ, Авесто, Ибни Сино, Носир Хусрав, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, тарбияи экологӣ.

HISTORICAL AND PHILOSOPHICAL ORIGINS OF ECOLOGICAL CULTURE IN THE PEDAGOGICAL THOUGHT OF THE TAJIK PEOPLE: FROM CLASSICAL HERITAGE TO MODERNITY

The article is devoted to the historical and pedagogical analysis of the origins of ecological culture in the pedagogical thought of the Tajik people. Four stages of the formation of the tradition of value-based attitude toward nature are identified: the Zoroastrian-Avestian, the classical philosophical-scientific, the Enlightenment, and the scientific-pedagogical. The ecological content of the pedagogical thought of the great Tajik thinkers - Avicenna, Nasir Khusraw, Rudaki, Firdausi - is revealed. The pedagogical potential of the historical and philosophical heritage of the Tajik people for modern environmental education is substantiated, and three directions for its application are identified: ensuring value-based rooting in national identity, the emotional and value dimension of environmental education, and opportunities for interdisciplinary integration.

Keywords: ecological culture, pedagogical thought, Tajik people, historical and philosophical heritage, Avesta, Avicenna, Nasir Khusraw, Rudaki, Firdausi, ecological education.

Об авторе
Миров Шухрат Курбоналиевич
Соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

Дар бораи муаллиф
Миров Шуҳрат Қурбоналиевич
Унвончӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

About the author
Mirov Shukhrat Qurbonalievich
Applicant of the University-wide Department of Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 373.5.013.42

БУЛИНГ ҲАМЧУН ПАДИДАИ НОМАТЛУБ ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ИМРӮЗА

Ахмедова Ф. Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Муассисаҳои таҳсилотӣ, на танҳо макони интиқоли дониш, балки фазои муҳимми иҷтимоишавӣ, ташаккули арзишҳо ва рушди шахсияти хонандагон ба ҳисоб мераванд. Мактаб муҳитест, ки дар он кӯдак малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, эҳтиром ба дигарон ва масъулиятшиносиро аз худ мекунад. Аз ин рӯ, амнияти равонӣ ва иҷтимоӣ шарти асосии самаранокии раванди таълим ва баамалбарории рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон мебошад. Муҳити солим имконият медиҳад, ки хонандагон қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии худро пурра инкишоф диҳанд, дар фаъолияти синфӣ фаъолона иштирок намоянд ва ба натиҷаҳои баланд ноил гарданд.

Бо вуҷуди ин, дар солҳои охир падидаи булинг ба яке аз мушкилоти ҷиддии низоми маориф табдил ёфтааст. Булинг, на танҳо рафтори номатлуби инфиродӣ, балки зуҳуроти мураккаби иҷтимоӣ ва равонӣ мебошад, ки метавонад ба тамоми ҷомеаи мактабӣ таъсир расонад. Он ба фазои таълимӣ халал ворид намуда, сатҳи эътимод ва эҳсоси амниятро барои толибилм коҳиш медиҳад.

Мафҳуми «булинг» бори аввал дар доираи таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби равоншиноси норвегӣ Ден Олвейс муаррифӣ гардида, ҳамчун рафтори таҷовузкоронаи такрорёбанда бо мавҷудияти нобаробарии қудрат дошта байни иштирокчиён муайян карда шудааст. Тибқи таърифи пешниҳоднамудаи ӯ, булинг дорои се хусусияти асосӣ мебошад: қасдан расонидани зарар, такроршавандагӣ ва нобаробарии қудрату неруи ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ё равонӣ. Ин хусусиятҳо булингро аз муноқишаҳои одии байниҳамдигарӣ фарқ мекунонанд.

Дар замони муосир шаклҳои гуногуни булинг мушоҳида мегарданд: ҷисмонӣ, лафзӣ, иҷтимоӣ ва кибербулинг. Хусусан кибербулинг, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва технологияҳои рақамӣ амалӣ мешавад, бо сабаби дастрасии васеъ ба интернет ва истифодаи фаъоли дастгоҳҳои мобилӣ миёни наврасон босуръат афзоиш ёфтааст. Ин навъи таъқиб метавонад шабонарӯзӣ идома ёбад ва таъсири равонии дарозмуддат дошта бошад.

Тибқи маълумоти UNESCO, миллионҳо хонандагон дар саросари ҷаҳон ҳамасола ба шаклҳои гуногуни зӯроварӣ ва таъқиб дучор мешаванд. Таҳқиқотҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки тақрибан ҳар сеюм хонанда таҷрибаи булингро аз сар гузаронидааст. Ин ҳолат ба сифати таҳсил, иштироки фаъолона дар дарсҳо ва солимии равонии онҳо таъсири мустақим мерасонад.

Ҳамзамон, таҳлилҳои гузаронидашуда дар доираи барномаи PISA аз ҷониби OECD нишон медиҳанд, ки хонандагони мавриди булинг қароргирифта натиҷаҳои пасттари таълимӣ доранд ва сатҳи қаноатмандии онҳо аз мактаб назар ба дигарон камтар мебошад. Ин далелҳо зарурати омӯзиши амиқи робитаи байни муҳити иҷтимоии мактаб ва нишондиҳандаҳои академиро таъкид мекунанд.

Масъалаи булинг, на танҳо мушкили равонӣ, балки масъалаи педагогӣ ва иҷтимоӣ низ мебошад. Муҳити дорои зӯроварӣ метавонад ба пастшавии ҳавасмандӣ, коҳиши иштироки синфӣ, зиёдшавии ҳолатҳои тарки мактаб ва ҳатто ба мушкилоти рафторӣ оварда расонад. Дар чунин шароит иҷрои вазифаи асосии мактаб — таъмини рушди ҳамаҷонибаи шахсият — душвор мегардад.

Бо дарназардошти аҳаммияти масъала, омӯзиши таъсири булинг ба раванди таълим аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Мақсади таҳқиқот – муайян намудани таъсири булинг ба раванди таълим ва асоснок намудани роҳҳои пешгирии он.

Вазифаҳои таҳқиқот:

- таҳлили асосҳои назариявии падидаи булинг;
- муайян намудани паёмадҳои равонӣ ва академии он;
- баррасии омилҳои иҷтимоиву педагогии таъсиррасон;
- пешниҳод намудани чораҳои муассири пешгирии булинг дар муассисаҳои таҳсилотӣ.

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъала имкон медиҳад, ки механизмҳои таъсири булинг ба рушди зеҳнӣ ва иҷтимоии хонандагон дақиқ муайян гардида, барои ташкили муҳити амн ва солими таълимӣ заминаи илмӣ фароҳам оварда шавад.

Қисмати асосӣ: Булинг дар илмҳои педагогика, равоншиносӣ ва сотсиология ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ ва равонӣ арзёбӣ мешавад, ки дар заминаи муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагон ва муҳити мактабӣ ташаккул меёбад. Таҳқиқоти муосир нишон медиҳад, ки булинг, на танҳо рафтори инфиродии таҷовузкорона аст, балки он натиҷаи ҳамтаъсирии якчанд омилҳои инфиродӣ, оилавӣ, мактабӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Падидаи булинг метавонад ҳам ҷанбаҳои академӣ, ҳам равонӣ ва ҳам иҷтимоии хонандаро фаро гирад, ки ин аҳаммияти таҳқиқи ҳамаҷониба ва истифодаи роҳҳои муассири пешгирии онро нишон медиҳад [4, с. 234]. Булингро олимон тавассути чанд назарияи асосӣ шарҳ ва механизмҳои таъсир ва пайдоиши онро тавзеҳ медиҳанд:

Яке аз назарияе, ки тавассути он метавона буллингро тавсиф кард, назарияи ёдгирии иҷтимоии А. Бондура ба шумор меравад. Тибқи ин назария, кӯдакон рафтори таҷовузкоронаро тавассути мушоҳида ва тақлид аз муҳити атроф, аз ҷумла оила, ҳамсолон ва воситаҳои ахбори омма меомӯзанд. Агар чунин рафтор бечазо монад ё ҳатто дастгирӣ ёбад, эҳтимолияти такрори он афзоиш меёбад. Масалан, хонандаи кӯдак, ки шабонарӯз таҷрибаи таҳқир ва зӯровариро мебинад, эҳтимол дорад, ки ба дигарон низ чунин рафторро истифода кунад. Бо вуҷуди он ки назарияи ёдгирии иҷтимоӣ сарчашмаи рафтори буллингро асосан дар раванди мушоҳида ва тақлид шарҳ медиҳад, ин падида танҳо бо таъсири намунаҳои рафторӣ маҳдуд намегардад. Барои дарки амиқи омилҳои ба вуҷудварандаи буллинг зарур аст, ки нақши муҳити васеътари зиндагии кӯдак низ ба назар гирифта шавад. Аз ҳамин нуқтаи назар, назарияи экологии рушд буллингро ҳамчун натиҷаи таъсири мутақобилаи омилҳои инфиродӣ, оилавӣ, мактабӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ менамояд.

Ин назария буллингро натиҷаи ҳамтаъсирии омилҳои гуногун инфиродӣ ((характер, қобилияти иваз кардани стресс), оилавӣ (муҳити дастгирикунанда ё носолим), мактабӣ (сиёсати муассиса, муносибати омӯзгорон) ва иҷтимоӣ (фарҳанг ва арзишҳои ҷомеа)) мебинад. Дар муҳитҳои ноустувор, ки назорат ва дастгирии омӯзгорон паст аст, эҳтимолияти зуҳури булинг зиёд мешавад.

Бо вуҷуди аҳаммияти омилҳои муҳити иҷтимоӣ ва таълимӣ дар ташаккули буллинг, на ҳама ҳолатҳои ин падида танҳо бо таъсири шароити беруна тавзеҳ дода мешаванд. Дар бисёр мавридҳо буллинг бо муносибатҳои қудратӣ ва кӯшиши баъзе хонандагон барои ба даст овардани мавқеи баландтар дар гурӯҳи ҳамсолон низ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, барои фаҳмиши амиқтари механизмҳои пайдоиши буллинг ба назарияи қудрат ва иерархияи иҷтимоӣ низ муроҷиат намудан зарур аст.

Баъзе муҳаққиқон булингро воситаи ба даст овардани мақом ва нуфуз дар гурӯҳи ҳамсолон медонанд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки таҷовузкорон бо паст задани қурбонӣ мавқеи худро дар гурӯҳи ҳамсолон мустаҳкам мекунанд. Ин ҳолат, махсусан дар синфҳои 10-11 ва муҳитҳои рақобатнок мушоҳида мешавад.

Олимон намудҳои гуногуни булингро муайян кардаанд, ки ҳар кадом дорои хусусият ва таъсири хоси худ мебошад:

1. Булинги ҷисмонӣ – аз қабили латукӯб, тела додан, захмӣ кардан ё вайрон кардани моликият. Ин шакл бештар дар синну соли хурд ва байни писарон мушоҳида мешавад ва метавонад боиси осеби ҷисмонӣ ва изтироби доимӣ гардад.

2. Булинги шифоҳӣ – таҳқир, масхара, таҳдид ва истифодаи лақабҳои таҳқиромез. Таъсири равонии ин шакл метавонад дарозмуддат бошад, зеро хонандагон дар ҳолати доимии стресс қарор мегиранд.

3. Булинги иҷтимоӣ (релясионӣ) – канорагирӣ аз гурӯҳ, маҳрум кардани ҳуқуқи иштирок дар фаъолиятҳои синфӣ, паҳн кардани овозаҳои таҳқиромез. Ин шакл бештар дар байни духтарон ва дар муҳитҳои ҷамъиятии хурд мушоҳида мешавад.

4. Кибербулинг – таъқиб ва таҳқир тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, паёмрасонҳо ва воситаҳои рақамӣ. Хусусияти манфии он дар он аст, ки метавонад шабонарӯзӣ идома ёбад, доираи васеи аудитория дошта бошад ва қурбонӣ худро ҳатто берун аз мактаб ноамн эҳсос кунад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои муайян эҳтимолияти зуҳури булингро зиёд менамоянд. Аз ҷумла: назорати нокифояи волидон, сатҳи пасти ҳамдардӣ, таҷрибаи зӯроварӣ дар оила, фарҳанги рақобати носолим дар мактаб ва истифодаи беназорати технологияҳои рақамӣ. Баръакс, омилҳои муҳофизатӣ, аз қабили муҳити дастгирикунанда ва ҳамкории зич

байни омӯзгорон ва хонандагон, рушди малакаҳои зеҳни эмотсионалӣ, фарҳанги эҳтиром ва сиёсати равшани зиддибулингӣ, метавонанд таъсири манфии булингро коҳиш диҳанд ва қобилияти хонандагонро барои мутобиқшавӣ ва рушди иҷтимоӣ тақвият бахшанд.

Таҳқиқоти байналмилалӣ, аз ҷумла барномаи PISA, нишон медиҳанд, ки хонандагони мавриди булинг қароргирифта натиҷаҳои пасттари таълимӣ доранд ва сатҳи қаноатмандии онҳо аз мактаб назар ба дигарон камтар мебошад. Ин ҳолат бо он шарҳ дода мешавад, ки стресс ва изтироби доимӣ фаъолияти когнитивӣ, аз ҷумла: хотира, тамаркуз ва таҳлилро халалдор мекунад. Ҳамзамон, эҳсоси ноамнӣ ва паст шудани худбаҳодиҳӣ метавонад боиси зиёд шудани ғоибшавӣ аз дарсҳо, кам шудани иштироки синфӣ ва ҳатто тарки мактаб гардад [6, с. 45].

Мувофиқи маълумоти UNESCO муайян мегардад, ки муҳити мактабие, ки сатҳи зӯроварӣ дар он паст аст, бо нишондиҳандаҳои беҳтари таълимӣ ва рушди иҷтимоии хонандагон алоқаманд мебошад. Муҳити амн ва дастгиркунанда ба рушди эҷодкорӣ, ҳавасмандӣ ва қобилияти ҳамкорӣ мусоидат мекунад [7, с. 159].

Ҳамин тариқ, асосҳои назариявии масъала нишон медиҳад, ки булинг падидаи бисёрсатҳа ва мураккаб мебошад. Он натиҷаи ҳамтаъсирии омилҳои инфиродӣ, оилавӣ, мактабӣ ва иҷтимоӣ буда, ба раванди таълим таъсири мустақим ва ғайримустақим мерасонад. Фаҳмиши амиқи заминаҳои назариявӣ имконият медиҳад, ки чораҳои пешгирикунанда ва барномаҳои мудохилавӣ бо такя ба асосҳои илмӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд, то муҳити мактабӣ солим, амн ва дастгирикунанда гардад ва хонандагон тавонанд тамоми қобилиятҳои зеҳнӣ ва иҷтимоии худро инкишоф диҳанд.

Методологияи таҳқиқот.

Барои таҳияи мақолаи илмӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи таъсири булинг ба раванди таълим як қатор усулҳои илмӣ истифода шуданд, ки ҳамгироии онҳо имкон дод, ки натиҷаҳо боэътимод ва воқеан асоснок бошанд. Методологияи таҳқиқот, асосан ба ду самт – таҳлили назариявӣ ва таҳлили амалӣ равона карда шудааст.

Ҳангоми таҳқиқи булинг ва таъсири он ба раванди таълим аввалан, адабиёти илмӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Ин ҷанба:

- маводи назариявии равоншиносӣ ва педагогикӣ, ки механизми пайдоиш ва шаклҳои булингро шарҳ медиҳанд;
- таҳқиқоти амалӣ ва таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ дар дохили кишвар ва кишварҳои хориҷӣ;
- маълумотҳои оморӣ аз созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили UNESCO ва OECD.

Таҳлили адабиёт имкон дод, ки намудҳо ва хусусиятҳои булинг, таъсирҳои равонӣ ва иҷтимоӣ, инчунин стратегияҳои самараноки пешгирӣ ба таври системавӣ ҷамъбаст карда шаванд. Дар ин марҳила, инчунин муқоисаи назариявӣ байни таҳқиқотҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ба роҳ монда шуд, то таъмини универсалӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо таъмин гардад.

Муқоисаи маълумоти оморӣ байналмилалӣ. Барои муайян кардани ҷойгоҳи падидаи булинг дар фазои ҷаҳонӣ ва сатҳи таъсири он ба раванди таълим, маълумоти оморӣ байналмилалӣ таҳлил гардид. Илова ба маълумоти PISA, таҳқиқоти дигар созмонҳо, аз қабили UNICEF ва барномаҳои таҳлилӣ дар кишварҳои Аврупо ва Осиё истифода шуданд.

Муқоиса имкон дод, ки шеваҳои паҳншавӣ ва намуди булинг дар сатҳҳои гуногуни синфӣ ва минтақавӣ муайян карда шуда, сатҳи таъсири он ба нишондиҳандаҳои таълимӣ ва психологӣ муқоиса карда шавад ва хулосаҳои таҷрибавӣ барои татбиқи барномаҳои пешгирӣ таҳия гарданд.

Дар доираи таҳқиқот барои дарки амиқтари таъсири буллинг ба фаъолияти таълимӣ ва рушди иҷтимоии хонандагон таҳлили сифатии маълумот анҷом дода шуд. Ин навъи таҳлил имконият фароҳам овард, ки на танҳо паҳлуҳои оморӣ, балки таҷрибаҳои воқеии хонандагон, ҳолати равонӣ ва хусусиятҳои муносибатҳои иҷтимоии онҳо мавриди омӯзиш қарор гиранд. Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки буллинг пеш аз ҳама ба худбаҳодиҳӣ ва сатҳи ҳавасмандии таълимии хонандагон таъсир мерасонад. Хонандагоне, ки мунтазам ба таҳқир, масхаракунӣ ё дигар шаклҳои фишори ҳамсолон дучор мешаванд, тадриҷан эътимод ба қобилиятҳои худро аз даст дода, ба имкониятҳои шахсии худ бо шубҳа менигаранд. Ин ҳолат боиси коҳиши шавқу рағбат ба омӯзиш ва суст гардидани фаъолият дар раванди таълим мегардад.

Таҳлил ҳамчунин нишон дод, ки қурбониёни буллинг нисбат ба дигар хонандагон камтар дар муҳокимаҳои синфӣ иштирок намуда, аз баёни озоди андеша ва иштирок дар

корҳои гурӯҳӣ худдорӣ мекунанд. Сабаби асосии чунин рафтор тарси дучор шудан ба масхара ё танқиди навбатии ҳамсолон мебошад. Дар натиҷа сатҳи иштироки фаъолонаи онҳо дар машғулиятҳои таълимӣ коҳиш ёфта, имкониятҳои рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва коммуникативӣ маҳдуд мегарданд. Илова бар ин, муайян гардид, ки муҳити иҷтимоӣ ва муносибатҳои гурӯҳии ҳамсолон дар шиддат ё коҳиш ёфтани таъсири буллинг нақши муҳим доранд. Дар гурӯҳҳое, ки фазои дастгирӣ ва эҳтироми мутақобил ҳукмфармо аст, паёмадҳои манфии буллинг нисбатан камтар зоҳир мешаванд, дар ҳоле ки дар муҳитҳои пуртаниш ва рақобатнок таъсири он бештар эҳсос мегардад.

Таҳлили сифатӣ инчунин нишон дод, ки намудҳои гуногуни буллинг ба фаъолияти таълимӣ бо тарзҳои гуногун таъсир мерасонанд. Буллинги лафзӣ ва иҷтимоӣ бештар ба ҳолати эмотсионалӣ, худбаҳодиҳӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ таъсир расонда, эҳсоси танҳоӣ ва бегонагиро тақвият медиҳанд. Буллинги ҷисмонӣ бошад, дар баробари таъсири равонӣ метавонад ҳисси ноамнӣ ва тарси доимиро ба вуҷуд оварад. Кибербуллинг аз дигар шаклҳо бо он фарқ мекунад, ки таъсири он берун аз муҳити мактаб низ идома ёфта, имконияти раҳоӣ аз фишори иҷтимоиро барои хонанда маҳдуд месозад. Дар маҷмуъ натиҷаҳои таҳлил тасдиқ намуданд, ки ҳамаи шаклҳои буллинг ба дараҷаҳои гуногун ба натиҷаҳои таълимӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии хонандагон таъсири манфӣ мерасонанд. Ин натиҷаҳо заминаи илмӣ барои таҳияи тавсияҳо ва стратегияҳои амалии пешгирии буллингро фароҳам оварданд.

Қисми дигари таҳқиқот ба омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ дар самти пешгирии буллинг бахшида шуд. Баррасии таҷрибаҳои ватанӣ ва байналмилалӣ нишон дод, ки муассисаҳои таълимие, ки ба масъалаи бехатарии равонӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳанд, дар коҳиш додани сатҳи буллинг ба натиҷаҳои назаррас ноил мегарданд. Дар аксари барномаҳои муваффақ диққати асосӣ ба ташкили муҳити дастгирикунанда, иштироки фаъоли омӯзгорон ва ҷалби ҳамсолон ба раванди пешгирӣ равона шудааст. Нақши омӯзгорон дар чунин барномаҳо на танҳо ба назорат, балки ба ташаккули муносибатҳои мусбат ва ҳалли барвақтии низоъҳо вобаста мебошад.

Таҳлил инчунин нишон дод, ки ташкили гурӯҳҳои мониторинг ва хизматрасониҳои дастгирии психологӣ яке аз воситаҳои самараноки коҳиш додани паёмадҳои манфии буллинг ба шумор меравад. Ин гурӯҳҳо имконият медиҳанд, ки ҳолатҳои мушкил сари вақт ошкор гардида, ба хонандагони осебдида кӯмаки зарурӣ расонида шавад. Ҳамзамон, тренингҳо ва семинарҳое, ки ба рушди малакаҳои иҷтимоӣ, ҳамдардӣ, худназораткунӣ ва ҳалли мусолиматомези низоъҳо равона шудаанд, дар ташаккули фазои мусбати иҷтимоӣ нақши муҳим мебозанд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки рушди чунин малакаҳо эҳтимолияти рафторҳои таҷовузкоронаро коҳиш дода, сатҳи ҳамкории байни хонандагонро баланд мебардорад.

Яке аз хулосаҳои муҳимми таҳлил аҳаммияти ҳамкории мунтазами мактаб, оила ва ҷомеа мебошад. Муассисаҳое, ки волидонро ба чорабиниҳои пешгирикунанда ҷалб намуда, робитаи доимӣ бо онҳо барқарор мекунанд, дар ҳалли масъалаҳои марбут ба буллинг натиҷаҳои беҳтар нишон медиҳанд. Ин ҳамкорӣ ба ташкили фазои ягонаи тарбиявӣ мусоидат намуда, барои дастгирии ҳамаҷонибаи хонандагон замина фароҳам меорад. Дар маҷмуъ ҷамъбасти таҷрибаҳои омӯхташуда нишон дод, ки истифодаи ҳамзамони усулҳои педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ метавонад сатҳи буллинг ва таъсири манфии онро ба раванди таълим ба таври назаррас коҳиш диҳад. Аз ин рӯ, татбиқи барномаҳои фарогири пешгирикунанда ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати муассисаҳои таълимӣ арзёбӣ мегардад.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Таҳқиқоти амалӣ ва таҳлили адабиёти илмӣ нишон доданд, ки булинг таъсири зиёде ба раванди таълим, ҳолати психологӣ ва муҳити иҷтимоии хонандагон дорад.

Бар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти муосир метавон хулоса кард, ки буллинг яке аз омилҳои ҷиддии халалдоркунандаи раванди таълим ва рушди шахсияти хонандагон ба ҳисоб меравад. Таъсири он на танҳо ба ҳолати равонии қурбонӣ маҳдуд мегардад, балки тамоми фаъолияти таълимӣ ва муносибатҳои иҷтимоии ӯро фаро мегирад. Қурбониёни буллинг аксаран дар шароити фишори доимии равонӣ қарор гирифта, ҳисси тарс, изтироб ва ноамниро таҷриба мекунанд. Ин ҳолат ба фаъолияти когнитивии онҳо таъсири манфӣ расонида, боиси паст шудани сатҳи мутамарказият, коҳиши қобилияти хотира ва сустшавии равандҳои фикрронӣ мегардад. Дар натиҷа хонанда наметавонад диққати худро ба дарс равона созад ва вазифаҳои таълимиро бо самаранокии зарурӣ иҷро намояд. Маҳз ҳамин омилҳо боиси паст шудани нишондиҳандаҳои таълимӣ мешаванд.

Тадқиқотҳои гуногун нишон медиҳанд, ки хонандагони мавриди буллинг қароргирифта дар санҷишҳо ва имтиҳонҳо натиҷаҳои назарраси пастро нишон медиҳанд, махсусан дар фанҳое, ки мутамарказияти баланд ва тафаккури мантиқиро талаб мекунанд. Илова бар ин, чунин хонандагон одатан аз иштирок дар муҳокимаҳои синфӣ, корҳои гурӯҳӣ ва дигар шаклҳои фаъолияти муштарак худдорӣ менамоянд. Кам шудани иштироки фаъолона дар раванди таълим на танҳо ба пешрафти инфиродии онҳо таъсир мерасонад, балки имкониятҳои омӯзиши ҳамдигариро дар муҳити синф низ маҳдуд месозад. Дар ҳолатҳои вазнинтар таъсири манфии буллинг метавонад ба ғоибшавии мунтазам аз дарсҳо ва ҳатто тарки муассисаи таълимӣ оварда расонад, зеро мактаб барои чунин хонандагон ба муҳити ноамн ва стрессзо табдил меёбад.

Ҳамзамон, буллинг ба вазъи психологии хонандагон таъсири амиқ ва дарозмуддат мерасонад. Таҷрибаи доимии таҳқир, радкунӣ ва фишори иҷтимоӣ метавонад заминаи ташаккули ҳолатҳои гуногуни номатлуби психологиро фароҳам оварад. Дар байни қурбониёни буллинг нишонаҳои депрессия, аз ҷумла паст шудани шавқ ба фаъолиятҳои ҳаррӯза, эҳсоси ноумедӣ ва хастагии равонӣ бештар мушоҳида мешаванд. Илова бар ин, муносибати манфии ҳамсолон ба худбаҳодиҳии шахс таъсири ҷиддӣ расонида, ҳисси арзишмандӣ ва боварӣ ба имкониятҳои шахсиро коҳиш медиҳад. Дар чунин шароит хонанда тадриҷан ба қобилиятҳои худ шубҳа намуда, аз иштирок дар фаъолиятҳои гуногун канорагирӣ мекунад. Яке аз оқибатҳои маъмули дигари буллинг эҳсоси танҳоӣ ва бегонагӣ мебошад. Қурбонӣ худро аз гурӯҳи ҳамсолон ҷудошуда эҳсос намуда, дар барқарор намудани муносибатҳои солими иҷтимоӣ мушкилӣ мекашад. Дар натиҷа на танҳо рушди эмотсионалӣ, балки ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ, қобилияти ҳамкорӣ ва маҳорати ҳалли мушкилот низ осеб мебинад. Агар чунин ҳолатҳо муддати тӯлонӣ идома ёбанд, онҳо метавонанд ба рушди минбаъдаи шахсият ва имкониятҳои таҳсилӣ таъсири манфӣ расонанд.

Таъсири буллинг танҳо ба шахси ҷабрдида маҳдуд намешавад, балки ба муҳити иҷтимоии тамоми синф низ таъсир мерасонад. Ҳангоми мавҷуд будани буллинг фазои синф тадриҷан хусусияти ноамн пайдо мекунад ва сатҳи эътимоди байни хонандагон коҳиш меёбад. Дар чунин шароит хонандагон камтар омода мешаванд, ки андешаҳои худро озодона баён кунанд ё дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ иштирок намоянд. Коҳиши ҳамкорӣ ва маҳдуд гардидани муошарати озод ба сифати умумии раванди таълим таъсири манфӣ мерасонад, зеро муҳити мусоиди омӯзишӣ маҳз ба ҳамкории фаъол ва мубодилаи озоди афкор такя мекунад. Ғайр аз ин, агар омӯзгорон ва маъмурияти муассиса ба ҳолатҳои буллинг сари вақт ва самаранок вокуниш нишон надиҳанд, дар хонандагон ҳисси нобоварӣ нисбат ба мактаб ва низоми таълимӣ пайдо мешавад. Дар натиҷа синф аз муҳити дастгирикунанда ва рушди шахсӣ ба фазои пур аз тарсу нигаронӣ табдил меёбад, ки ҳам ба дастовардҳои инфиродӣ ва ҳам ба натиҷаҳои умумии гурӯҳ таъсири манфӣ мерасонад.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки буллинг як падидаи бисёрҷанба мебошад, ки ҳамзамон ба дастовардҳои таълимӣ, ҳолати психологӣ ва муносибатҳои иҷтимоии хонандагон таъсир мерасонад. Паст шудани натиҷаҳои таълимӣ, коҳиши худбаҳодиҳӣ, афзоиши эҳсоси танҳоӣ, маҳдуд гардидани ҳамкорӣ ва заиф шудани муҳити иҷтимоии синф аз ҷумлаи муҳимтарин паёмадҳои он мебошанд. Аз ин рӯ, мубориза бо буллинг бояд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти муассисаҳои таълимӣ баррасӣ гардад, зеро пешгирии он на танҳо ба ҳифзи саломатии психологии хонандагон, балки ба баланд бардоштани сифати умумии таҳсил ва таъмини муҳити бехатари таълимӣ мусоидат мекунад.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи амалии муассисаҳои таълимии кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки пешгирӣ ва коҳиш додани буллинг танҳо дар сурати татбиқи чорабиниҳои комплексӣ ва иштироки фаъолонаи ҳамаи субъектҳои раванди таълим имконпазир аст. Самаранокии мубориза бо ин падида аз он вобаста мебошад, ки то чӣ андоза мактаб метавонад муҳити амн, дастгирикунанда ва ба эҳтироми ҳамдигар асосёфтаро ташкил намояд. Дар ин раванд на танҳо маъмурияти муассиса ва омӯзгорон, балки хонандагон, волидон ва мутахассисони соҳаи психология низ нақши муҳим мебозанд.

Яке аз шартҳои асосии пешгирии буллинг мавҷудияти сиёсати равшан ва мушаххаси зиддибулингӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Вақте ки қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор ба таври возеҳ муайян гардида, барои ҳама иштирокчиёни раванди таълим дастрас мебошанд, хонандагон беҳтар дарк мекунанд, ки ҳар гуна шакли таҳқир, таъқиб ё зӯроварӣ қобили қабул нест. Муайян намудани тартиби баррасии ҳолатҳои буллинг, механизмҳои муроҷиат ва чорабиниҳои таъсиррасонӣ ба ташаккули фарҳанги масъулиятшиносӣ ва эҳтироми мутақобил

мусоидат мекунад. Дар чунин шароит эҳтимолияти паҳншавии рафторҳои таҷовузкорона коҳиш ёфта, сатҳи бехатарии равонии хонандагон баланд мегардад.

Дар баробари ин, нақши омӯзгорон дар ошкорсозӣ ва пешгирии буллинг хеле муҳим аст. Омӯзгорон аз ҷумлаи аввалин шахсоне мебошанд, ки метавонанд тағйироти рафторӣ ва эмотсионалии хонандагонро мушоҳида намоянд. Аз ин рӯ, баланд бардоштани савияи психологии онҳо яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти профилактикӣ ба шумор меравад. Омӯзиши хусусиятҳои инкишофи психологии наврасон, усулҳои муайян намудани нишонаҳои буллинг ва стратегияҳои дахолати саривақтӣ ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои мушкил зуд ва самаранок амал намоянд. Ҳамчунин рушди малакаҳои дастгирии эмотсионалӣ ва ташвиқи рафторҳои мусбат метавонад ба беҳтар гардидани фазои иҷтимоии синф мусоидат кунад.

Таъсиси марказҳо ва хизматрасониҳои машваратии психологӣ низ яке аз роҳҳои муҳимми коҳиш додани буллинг ба ҳисоб меравад. Дастрас будани кӯмаки психологӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки мушкилоти эмотсионалӣ ва иҷтимоии худро дар муҳити бехатар муҳокима намуда, роҳҳои созандаи ҳалли онҳоро омӯзанд. Машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ метавонанд сатҳи изтиробро коҳиш дода, қобилияти мутобиқшавии иҷтимоӣ ва устуворii равонии хонандагонро баланд бардоранд. Илова бар ин, чунин хизматрасониҳо барои омӯзгорон ва волидон низ аҳаммияти калон доранд, зеро онҳо метавонанд вобаста ба масъалаҳои тарбия, муошират ва дастгирии фарзандон маслиҳатҳои касбӣ дарёфт намоянд.

Самаранокии чораҳои пешгирикунанда инчунин аз сатҳи ҳамкории байни мактаб ва оила вобаста аст. Оила муҳити аввалини иҷтимоишавии кӯдак ба шумор меравад ва муносибатҳои дохилиоилавӣ метавонанд ба рафтори ӯ дар муҳити мактабӣ таъсири назаррас расонанд. Аз ин рӯ, ҷалби волидон ба барномаҳои пешгирии буллинг, баргузории вохӯриҳо, семинарҳо ва машваратҳои муштарак ба баланд гардидани сатҳи огоҳӣ ва масъулияти онҳо мусоидат мекунад. Ҳамкории мунтазами мактаб ва оила имкон медиҳад, ки мушкилоти мавҷуда барвақт ошкор шуда, барои бартараф намудани онҳо тадбирҳои муштарак андешида шаванд.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти профилактикӣ рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва зеҳни эмотсионалии хонандагон мебошад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи баланди ҳамдардӣ, худназораткунӣ ва қобилияти ҳалли созандаи низоъҳо эҳтимолияти иштирок дар рафторҳои буллингиро коҳиш медиҳад. Аз ин рӯ, дар муассисаҳои таълимӣ татбиқи барномаҳои махсусе, ки ба рушди малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, идоракунии эмотсия ва эҳтиромi ҳуқуқи дигарон равона шудаанд, аҳаммияти калон дорад. Истифодаи машғулиятҳои интерактивӣ, бозиҳои нақшӣ ва муҳокимаҳои гурӯҳӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки таҷрибаи амалии муошират мусбатро аз худ намоянд ва муносибатҳои солимро бо ҳамсолони худ ташаккул диҳанд.

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ диққати махсус бояд ба пешгирии кибербуллинг равона карда шавад. Васеъ гардидани истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои иртиботи электронӣ шаклҳои нави таъқиб ва таҳқири ҳамсолонро ба вуҷуд овардааст. Аз ин рӯ, баланд бардоштани саводнокии рақамии хонандагон ва омӯзонидани қоидаҳои истифодаи бехатар ва масъулиятноки интернет аҳаммияти махсус дорад. Огоҳ намудани хонандагон дар бораи паёмадҳои кибербуллинг, роҳҳои муҳофизати маълумоти шахсӣ ва тарзи муносибат дар ҳолатҳои таҳдид ё таъқиби онлайн метавонад хатари чунин ҳолатҳоро ба таври назаррас коҳиш диҳад. Ҳамзамон, назорати оқилонаи муҳити рақамӣ аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ ва волидон ба таъмини амнияти хонандагон дар фазои маҷозӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, таҳлил нишон медиҳад, ки пешгирии буллинг муносибати ҳамаҷониба ва ҳамоҳангшударо талаб мекунад. Татбиқи сиёсати равшани зиддибулингӣ, баланд бардоштани савияи психологии омӯзгорон, ташкили хизматрасониҳои машваратӣ, рушди ҳамкории мактаб ва оила, ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ, инчунин пешгирии кибербуллинг маҷмуи чораҳое мебошанд, ки метавонанд ба ташкили муҳити бехатар, мусоид ва рушди солими шахсияти хонандагон мусоидат намоянд. Дар натиҷа муассисаи таълимӣ на танҳо ба макони азхудкунии дониш, балки ба фазои ҳифзи некӯаҳволии психологӣ ва рушди ҳамаҷонибаи хонанда табдил меёбад.

Хулоса. Тадбирҳои комплексӣ, ки ҳам омӯзгорон, ҳам хонандагон ва ҳам волидонро фаро мегиранд, самараноктарин роҳ барои пешгирӣ ва коҳиш додани булинг мебошанд. Муассисаҳои таҳсилотӣ бояд сиёсати равшан, омӯзиши доимӣ ва дастрасии машваратиро муттаҳид созанд, то муҳити амн, эътимоднок ва қобили рушди равонӣ фароҳам ояд.

Буллинг (давомнок ва систематик муносибатҳои тахрибкунанда байни хонандагон) яке аз мушкилоти асосии муҳити таълимӣ мебошад, ки ба саломатӣ, рафтор, муносибатҳои иҷтимоӣ ва натиҷаҳои таҳсилии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад. Таълимгирандагон, ки мавриди буллинг қарор мегиранд, метавонанд ба мушкилоти равонӣ, паст шудани худбаҳодиҳӣ, стресс ва ҳатто депрессия дучор шаванд, ки ин бо таҳқиқоти васеъ тасдиқ шудааст [12, с. 159].

Муассисаҳои таълимӣ метавонанд бо истифодаи сиёсати равшани зиддибулингӣ, баланд бардоштани савияи донишҳои равоншиносӣ ва педагогӣ барои омӯзгорон, ташкил кардани марказҳои машваратӣ барои кӯдакон ва волидон, ҳамкории зич бо оилаҳо ва татбиқи барномаҳои рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва эҳсосӣ, инчунин назорат бар истифодаи технологияҳои рақамӣ, метавонанд сатҳи булингро ба таври қобили мулоҳиза коҳиш диҳанд. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки барномаҳои комплексӣ ва иштирокдории тамоми ҷомеаи мактабӣ — омӯзгорон, хонандагон ва волидон самаранoктарин самаранокӣ доранд.

Амалӣ сохтани чунин чораҳо бояд дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ мукаммал, доимӣ ва мониторингшаванда бошад, то муҳити омӯзишӣ ба шароити эҳтиром, ҳамкории мусбӣ ва бехатарона табдил ёбад. Инчунин омӯзиш ва ташвиқи барномаҳои профилактикии буллинг ҳатман бояд ба омӯхтани кӯдакон ва калонсолон ҷиҳати фаҳмидани сабабҳо, роҳҳои кӯмак ба ҳамсолон ва мудохилаи саривақтӣ дар ҳолатҳои зӯроварӣ равона гардад.

Адабиёт

1. *Ахунова Г.Х. и др. Булинг в средних классах и его профилактика «Скажи стоп булинг» // Оснавание педагогические чтения «Оброзование в современном мире: новое время – новое решение», 2022. № 1-2. – С. 50-56.*
2. *Аминов А. Таъсири психологии гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ ба рафтори наврасон / А.Аминов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ, 2024. – № 4 (22). – С. 156-161.*
3. *Баева И.А. Психологическая безопасность образовательной среды: Монография. — СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И.Герцена, 2002. – 272 с.*
4. *Бандура А. Теория социального научения. – СПб.: Евразия, 2000. – 320 с.*
5. *Донишномаи психологӣ // Мураттибон: Саидзода Н. Ва диг. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2025. – 382 с.*
6. *Олвеус Д. Буллинг в школе: что мы знаем и что можем сделать. – М.: Генезис, 2011.-240 с.*
7. *Психология: Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ // Зери таҳ.: Давлатов М. – Душанбе: Собириён, 2010. – 336 с.*
8. *Саидмирова С., Аминов А. Психологияи машваратӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2026. – 232 с.*
9. *Расулов С.Х. ва диг. Психология: шарҳи нақшавӣ ва тавсифи кӯтоҳ: Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2020. – 276 с.*
10. *Расулов С.Х. Психологияи эмотсия ва ҳиссиёт: Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2022. – 336 с.*
11. *Свирер С.М., Эспеладж Д.Л. Предупреждение буллинга и интервенция в школьной среде. — М.: Педагогический университет «Первое сентября», 2012. – 336 с.*
12. *Craig W.M., Pepler D.J. Understanding bullying: From research to practice // Canadian Psychology, 2007. - Vol. 48, № 2. – P. 86-93.*

БУЛИНГ ҲАМЧУН ПАДИДАИ НОМАТЛУБ ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ ИМРӮЗА

Дар мақолаи мазкур масъалаи таъсири булинг ба раванди таълим мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Булинг ҳамчун рафтори такрорёбандаи таҷовузкорона, ки бо нобаробарии қудрат байни иштирокчиён тавсиф мешавад, яке аз омилҳои асосии халалдоршавии муҳити солими таълимӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва маълумоти созмонҳои байналмилалӣ муайян карда мешавад, ки булинг ба нишондиҳандаҳои академӣ, вазъи равонӣ ва муносибатҳои иҷтимоии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон, роҳҳои пешгирӣ ва коҳиш додани ин падида пешниҳод мегарданд. Мафҳуми «булинг» бори аввал дар доираи таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби равоншиноси норвегӣ Ден Олвейс муаррифӣ гардида, ҳамчун рафтори таҷовузкоронаи такрорёбанда бо мавҷудияти нобаробарии қудрат байни иштирокчиён муайян карда шудааст. Тибқи таърифи пешниҳоднамудаи ӯ, булинг дорои се хусусияти асосӣ мебошад: қасдан расонидани зарар, такроршавандагӣ ва нобаробарии қудрат (ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ё равонӣ). Ин хусусиятҳо булингро аз муноқишаҳои одии байниҳамдигарӣ фарқ мекунанд.

Калидвожаҳо: булинг, кибербулинг, муҳити мактабӣ, амнияти равонӣ, дастовардҳои таълимӣ, пешгирӣ.

БУЛИНГ КАК НЕЖЕЛАТЕЛЬНОЕ ЯВЛЕНИЕ В СОВРЕМЕННЫХ СРЕДНИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

В данной статье рассматривается влияние травли на образовательный процесс. Травля, как повторяющееся агрессивное поведение, характеризующееся дисбалансом власти между участниками, является одним из главных факторов, нарушающих здоровую образовательную среду. На основе анализа научной литературы и данных международных организаций установлено, что травля оказывает негативное влияние на успеваемость, психологическое состояние и социальные отношения учащихся. одновременно предлагаются способы предотвращения и уменьшения этого явления. Понятие «травля» впервые было введено в научных исследованиях норвежским психологом Ден Ольвейсом, который определил его как повторяющееся агрессивное поведение с дисбалансом власти между участниками. Согласно его определению, травля имеет три основные характеристики: преднамеренное причинение вреда, повторяемость и дисбаланс власти (физический, социальный или психологический). Эти характеристики отличают травлю от простых межличностных конфликтов.

Ключевые слова: травля, кибербуллинг, школьная среда, психологическая безопасность, успеваемость, профилактика.

BULLYING AS AN UNWANTED PHENOMENON IN TODAY'S SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS

This article examines the impact of bullying on the educational process. Bullying, as a recurring aggressive behavior characterized by power imbalance between participants, is one of the main factors disrupting a healthy educational environment. Based on an analysis of scientific literature and data from international organizations, it is determined that bullying has a negative impact on academic performance, psychological state, and social relationships of students. At the same time, ways to prevent and reduce this phenomenon are proposed. The concept of "bullying" was first introduced in scientific research by the Norwegian psychologist Den Olveis and defined it as repeated aggressive behavior with an imbalance of power between the participants. According to his definition, bullying has three main characteristics: intentional harm, repetition, and an imbalance of power (physical, social, or psychological). These characteristics distinguish bullying from simple interpersonal conflicts.

Keywords: bullying, cyberbullying, school environment, psychological safety, academic achievement, prevention.

Дар бораи муаллиф
Ахмедова Фарида Хисмонбековна
Ассистенти кафедраи психология умумӣ ва педагогӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: faridaabbos0@gmail.com

About the author
Akhmedova Farida Khismonbekovna
Assistant of the Department of General and Pedagogical Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: faridaabbos0@gmail.com

Об авторе
Ахмедова Фарида Хисмонбековна
Ассистент кафедры общей и педагогической психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: faridaabbos0@gmail.com

ТДУ 371.31:37.012:005.961

ТАҚСИМОТИ ДУРУСТИ ВАҚТИ ДАРС – ОМИЛИ БЕҲТАР КАРДАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ

Палавонов А. М., Ғайратзода М. Х.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Муваффақияти омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар фаъолияти ҳамарӯзаи педагогӣ бештар аз он вобаста аст, ки онҳо вақти худро чӣ гуна идора мекунанд, аз ин рӯ муҳиммияти идоракунии вақт барои омӯзгорон дар раванди дарс аниқ ва раднашаванда аст. Муҳимтарин шарти истифодаи оқилонаи вақт ин муайян кардани афзалиятҳо ё ҳадафҳои глобалӣ мебошад. Бинобар ин, омӯзгори муваффақ бояд аввал барои иҷро намудани амалҳои муҳимтарин нақша, аз ҷумла нақшаи солона, моҳона, ҳафтаина ва ҳатто барои як рӯзаро дошта бошад. Ин корест, ки мо омӯзгорон онро дар аввали сол бо тартиб додани тақвимҳо, нақшаҳои дарсӣ ва ғайра амалӣ менамоем, ки ба фаъолияти пурмаҳсули таълимӣ ва боло бурдани сифати таълим сабаб мегардад. Баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот масъалаи муҳиму асосии соҳаи маориф маҳсуб мешавад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бобат чунин қайд намудаанд: «Дар шароити кунунӣ баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот вазифаи аввалиндараҷаи кормандони соҳаи илму маориф мебошад» [24, с. 40].

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Дар рафти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз маводҳои илмӣ, методӣ ва адабии дохилӣ ва хориҷӣ васеъ истифода гардид. Ҳангоми навиштани мақола ба таҳлилу баррасӣ, баҳсу мунозира, шарҳу эзоҳ ва асосноккунӣ диққати ҷиддӣ дода шуд. Таҳлили таҷрибаи муосири таълим исбот менамояд, ки мушкилоти истифодаи оқилонаи вақт дар раванди дарс яке аз масъалаҳои калидии соҳаи маорифи муосир маҳсуб ёфта, ҳалли он аз сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимии кишвар сахт вобаста аст. Вақт муҳимтарин воситаи захиравии омӯзгор аст, ки ба сифати раванди таълим бевосита таъсир мерасонад. Мисли ҳама гуна манбаҳои дигар, вақтро метавон ба таври муассир барои ноил шудан ба натиҷаҳои мусбии хонандагон истифода бурд. Дар ин бобат дуруст тақсим кардани сарбории муаллимон нақши калон мебозад.

Натиҷаҳои тадқиқоти коршиносон, ки аз муаллимон дар бораи сарбории кори онҳо пурсида шудааст, фарқияти назаррасро байни кишварҳо дар миқдори вақте, ки муаллимон барои иҷрои вазифаҳои кори худ сарф мекунанд, нишон медиҳад. Масалан, дар Италия, Туркия, Белгия, Финландия, Эстония, Нидерландия, Австрия ва Фаронса муаллимон бештари вақти худро ба таълим ва банақшагирии дарс сарф мекунанд. Дар баробари ин, муаллимони Австралия, Зеландияи Нав, ИМА, Британияи Кабир ва махсусан Ҷопон асосан дар вақти корӣ ба иҷрои корҳои маъмурӣ, муомила бо ҳамкорон ва падару модарони талабагон, инчунин ташкили корҳои беруназсинфӣ машғул мешаванд.

«Коршиносон бар ин назаранд, ки чунин тақсимоти нобаробари вақти кории омӯзгорон ба шароити миллӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҳар як кишвари алоҳида вобаста аст. Дар фаъолияти муассисаи таълимӣ тақсимоти вақт ва сарбории кор метавонад аз салоҳият, таҷриба ва равиши кори омӯзгор ба таълим, инчунин аз сатҳи дониши хонандагон ва умуман муҳити таълим вобаста бошад» [2, с. 28].

Ғайр аз ин, то чӣ андоза самаранок истифода бурдани вақти кории муаллимон ба фаъолияти фикрӣ, ақлонӣ ва ҷисмонии онҳо вобаста аст, ки ин ба сифати таълим таъсир мерасонад. Бисёре аз муаллимон гузориш медиҳанд, ки сарбории зиёд монеаи асосӣ барои беҳтар кардани некӯаҳволии онҳост. Тибқи маълумотҳо беш аз 10% муаллимон гузориш доданд, ки 50 соат ё бештар аз он дар як ҳафта кор мекунанд ва аз 30 кишвари ҷаҳон 17-тоаш аз 25% зиёдтар кор мекунанд.

Сарбории аз ҳад зиёди кории омӯзгорон дар бисёр кишварҳо асосан аз он иборат аст, ки ба омӯзгорон дар баробари фаъолияти таълимӣ як қатор масъулиятҳои дигар ба монанди ҳуҷҷатгузорӣ, баҳогузории ҳаррӯза, баҳогузории санҷишҳо ва ғайра вогузор шудааст. Дар баробари ин, тақсимоти вақти кории омӯзгорон аз як қатор омилҳо вобаста аст. Фарқият дар истифодаи вақти таълимии муаллимони фанҳои гуногун вуҷуд дорад. Масалан, муаллимони

физика ё математика барои тафтиш ва ислоҳи кори хонандагон нисбат ба муаллимони адабиёт ва забонҳои хориҷӣ вақти камтар сарф мекунанд.

Ғайр аз ин, таҷрибаи кори муаллимон омили дигари муҳим ба ҳисоб меравад. Гарчанде ки ба муаллимони нав одатан барои омодагӣ вақти бештар лозим мешавад, онҳо нисбат ба ҳамкасбони ботаҷрибаи худ бисёртар дарс мегузаронанд. Дар бисёр кишварҳо муаллимони ҷавоне, ки таҷрибаи камтар аз 5 сола доранд, назар ба ҳамкасбони калонсоли худ, ки 6 -15 сол таҷриба доранд, соатҳои зиёдтар кор мекунанд. Баробари баланд шудани таҷрибаи педагогии муаллимон сарборӣ онҳо кам мешавад. Масалан, дар Португалия муаллимони мактабҳои миёнаи синнашон аз 50-сола (ва дорои таҷрибаи 15-сола) соатҳои корӣ худро 2 маротиба кам мекунанд, аввал 2 соат, баъд ду соати дигар дар синни 55-солагӣ (бо 20 сол таҷрибаи педагогӣ) ва чор соати дигар дар синни 60-солагӣ (бо 25 сол таҷрибаи педагогӣ). Ҳамзамон, ин коҳиши сарборӣ омӯзгорони солхӯрда барои онҳо самти наверо дар касби педагогӣ мекушояд, ки бо гузашти вақти иловагӣ онҳо метавонанд ҳамчун мураббӣ барои дастгирии ҳамкасбони камтаҷрибаашон кӯмакрасон бошанд.

Бо вуҷуди ин, як қатор кишварҳо дар тақсими сарборӣ корӣ вобаста ба таҷрибаи омӯзгорӣ муносибати баръаксро пеш мегиранд. Ҳамин тариқ, дар Сингапур муаллимони нав сарборӣ кориро ба таври назаррас коҳиш медиҳанд, ки ба онҳо вақти бештар барои мутобиқшавӣ ба кор дар мактаб медиҳад, дар ҳоле ки вақти боқимондаро муаллимони ҷавон тавассути иштирок дар барномаҳои ибтидоии омӯзишӣ, рушди малакаҳои омӯзгорӣ ва такмил додани маҳорати педагогии худ сарф менамоянд.

Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки сермаҳсулу пуртаъсир ва муваффақияти ҳар як дарси омӯзгор аз кадом андоза самаранок истифода бурдани вақти таълимӣ вобастагии зич дорад. Оқилона ва самаранок истифода бурдани вақти дарс ба омӯзгор шароит фароҳам меорад, ки ӯ бояд эҷодкор ва ташаббускор бошад, то дарси худро рангоранг ва босифату шавқовар гузаронида, аз беҳтарин усулҳо истифода намояд. Истифодаи сарфакорона ва дурусти вақти дарс яке аз шартҳои баланд бардоштани сифати таълим ба ҳисоб меравад. Маҳорату малакаи педагогӣ бар хилофи соҳаҳои дигари фаъолияти инсон як хусусият дорад, ки он марҳилаи ба анҷом норасида, мақсадест, ки муаллим тамоми умр кӯшиш мекунад, аммо ҳеч гоҳ пурра ба он ноил нахоҳад шуд.

Ҳамин тариқ, дар асоси омори миллӣ ва байналмилалӣ, инчунин натиҷаҳои тадқиқотҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои таълим ва омӯзиш шарҳи таҳлилии таҷрибаҳои гуногунро пешкаш мекунад, ки ба муаллимон дар идоракунии самараноки вақти худ кӯмак мекунанд. Коршиносон вазъро дар соҳаи таҳсилоти мактабӣ дар кишварҳои мухталиф бодиққат омухта, ба ҷанбаҳои зерин таваҷҷуҳ карданд:

- тавсифи омилҳое, ки ба истифодаи самараноки вақт аз ҷониби омӯзгорон таъсир мерасонанд;
- дарёфти роҳҳои дуруст ва самараноки тақсими сарборӣ муаллимон;
- самаранок истифода бурдани вақти корӣ;
- кӯмак ба омӯзгорон дар бобати муайян намудани вазифаҳои аввалиндараҷаи таълим;
- татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ барои мукаммалгардонии раванди таълим.

Далелҳо дар бораи истифодаи сарфакоронаи вақти омӯзгорон, банақшагирӣ ва ба қадри имкон самаранок идора кардани он нишон медиҳанд, ки ин як раванди мураккабест, ки мувозинати фаъолияти омӯзгор дар синф бо масъулиятҳои берун аз синф, ба монанди банақшагирии дарс ва омӯзиши касбиро дар бар мегирад.

«Роҳбарони мактабҳо бояд донанд, ки идоракунии вақти муаллимон ба воситаи ивазкунӣ, аз қабили тағйироти мувофиқ дар музди меҳнат иборат аст. Аммо интихоби самти афзалиятнок барои кори муаллим вазифаи душвор боқӣ мемонад, зеро муаллим бояд бисёр масъулиятҳоро дар як вақт иҷро кунад» [17, с. 84].

Таваҷҷуҳ ба дарсро метавон бо усулҳои ғайриоддии таълим ва навоварии пешниҳоди мавод нигоҳ дошт. Илова ба ин, бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ дар ҷараёни дарс ташкил намудани намудҳои гуногуни фаъолият ба монанди кор бо ҷадвалҳои мантиқӣ, сохтани тестномаҳо, сиквейн, кластер, ташкили бозиҳои таълимӣ, баҳсҳо, корҳои гурӯҳӣ ба манфиати кор аст. Роҳандозӣ ва татбиқи таълими инноватсионӣ дар дарс ба ҳамкории мустақими омӯзгор бо хонандагон асос гузошта, дар оянда боиси пайдошавии таҷрибаи таълимӣ дар фаъолияти хонандагон мегардад.

Яке аз мушкилиҳои ҷиддӣ масъалаи баланд бардоштани самаранокии дарс мебошад. Дарси самарабахш ин дарсест, ки дар он тамоми хонандагони синф дар давоми 45 дақиқа ба

амали фаъоли равонӣ машғул мешаванд. Барои санҷидани он, ки хонандагон маводи назариявии омухтаашонро аз худ кардаанд ё не? Ба хулосае омадем, ки бояд ҳамаи хонандагони синф маводи назариявиро дар рӯи коғаз пешниҳод кунанд, яъне санҷиши хаттӣ гузаронида шавад ва омӯзгор қайдҳои онҳоро дар хона тафтиш намуда, ба ҳама дар дафтари синфӣ баҳо гузорад. Маълум аст, ки дар ин супориш на ҳамаи хонандагон фаъол мебошанд, аммо ҳар як хонанда медонад, ки бо ӯ мусоҳиба мешавад, бинобар ин омодагӣ мегирад.

Шарҳ додани маводи нав (хоҳ онро муаллим меомӯзад ва хоҳ хонандагон бо роҳбарии муаллим мустақилона кор мекунанд) қисми зиёди вақти дарсро мегирад. Талабагон як қисми маводи назариявиро аз китоби дарсӣ мустақилона фаҳмида метавонанд ва ба ёрии муаллим ниёз надоранд. Омӯзгори ботаҷриба одатан ин қисми маводро ба вазифаи хонагӣ дохил мекунад, ки вақтро дар синф барои ҳалли мушкилот ба вуҷуд меорад. Қисми зиёди дарс барои тафтиши вазифаи дар хона додашуда сарф мешавад. Агар аксарияти талабагон дар иҷрои супориши дар хона супурдашуда душворӣ накашида бошанд, барои азхуд намудани вариантҳои гуногуни ҳалли як масъала вақти беҳуда сарф кардан лозим нест.

«Кор бо китоби дарсӣ ба хонандагон дар фаъолияти маърифатӣ мустақилиятро инкишоф медиҳад. Ин аз он ҷиҳат муҳимтар аст, ки барои аксарияти хонандагон баъди хатми муассиса манбаи асосии донишандӯзӣ дар раванди худомӯзӣ китоб хохад буд» [21, с. 231].

Намудҳои гуногуни кори мустақилонаро бо китоби дарсӣ пешниҳод мекунем:

1) дар матни китоби дарсӣ ба саволҳои омӯзгор ҷавоб ёфтан;

2) такрори санадҳо, қонунҳо, таърифи мафҳумҳо ва санаҳои таърихӣ;

3) дарёфти ҷавоб ба саволҳои дар охири мавзуъ ё боб овардашуда;

4) хондани матни китоби дарсӣ баъди муҳокимаи ягон масъала;

5) хондани матни сархат ба қисмҳо барои нишон додани чизи асосӣ ё тартиб додани нақшаҳо;

6) дар матн пайдо кардани он маводе, ки муаллим дар бораи он чизе нагуфтааст;

7) пайдо намудани хулосаи супориш, таҳлили ин хулоса, таҳлили воқеа ё санаи таърихӣ;

8) муқоисаи расмҳо, диаграммаҳо ва ҷадвалҳо.

Имрӯз компютер дар раванди таълим ба воситаи зарурии корӣ табдил ёфтааст. Рӯйнамоҳои (презентатсия) компютерӣ на танҳо ба шумо имкон медиҳанд, ки маводро равшану возеҳ фаҳмонед, балки инчунин барои зуд пешниҳод кардани вазифаҳо кӯмак мекунанд. Расмҳои аниматсионӣ ба шумо имкон медиҳанд, ки кори хонандагонро бо графикҳо, расмҳо барои супоришҳо, диаграммаҳо самаранок ташкил кунед ва ҷадвалҳоро зуд пур кунед. Дарсҳо бо истифода аз компютер ба зиёд шудани шавқу рағбати хонандагон, осонтар фаҳмидан ва дар хотир доштани маводи омухташаванда мусоидат мекунанд ва омӯзиш шавқовар ва ҷолиб мегардад. Аммо ворид намудани компютер ба раванди таълим кори осон нест. Компютер барои кор кардан ба барномаҳо ниёз дорад. Мушкилиҳо дар суст будани суръати интернет, имкониятҳои дидактикӣ ва номукаммал будани нақшаҳои таълимӣ ба назар мерасанд.

Дар дарси худ омӯзгори ҳушманд бояд кӯшиш кунад, ки тамоми талаботи дидактикии дарси муосирро риоя кунад, аз ҷумла:

- мураттабсозии аниқи вазифаҳои таълимӣ дар маҷмуъ ва унсурҳои таркибии он, алоқамандии онҳо бо вазифаҳои таълим ва тарбия.

- муайян намудани мавқеи омӯзгор дар раванди дарс;

- муайян намудани мазмуни умумии дарс бо назардошти талаботи барномаи таълимӣ ва вазифаҳои дарс бо назардошти сатҳи омодагии омӯзгор ва хонандагон;

- пешгӯии сатҳи азхудкунии донишҳои илмӣ, ташаккули маҳорату малакаи хонандагон чӣ дар дарс ва чӣ дар марҳилаҳои алоҳидаи он;

- интихоби роҳ, усул ва воситаҳои оқилонаи таълим, ҳавасмандкунӣ ва назорати таъсири онҳо дар ҳар як марҳилаи дарс;

- истифодаи маҷмуи шаклҳои гуногуни кори коллективӣ ва инфиродӣ дар дарс ва таъмини мустақилият дар омӯзиши хонандагон;

- татбиқи ҳамаи принсипҳои дидактикӣ дар раванди дарс;

- таъмини шароити мусоид барои таълими бомуваффақияти хонандагон.

Муҳокима. Агар имконпазир бошад, омӯзгор бояд кӯшиш кунад, ки ба ҳар як хонанда дар синф на як маротиба, балки ҳадди аққал 3-5 маротиба муроҷиат кунад. Ба хонанда на барои як ҷавоб, балки барои якчанд ҷавоб (дар марҳилаҳои гуногуни дарс) баҳо додан лозим аст. Хонандагон бояд доимо ва мақсаднок ба ташаккули сифатҳое машғул шаванд, ки дар

заминаи инкишофи қобилиятҳои маърифатӣ қарор доранд, ки он дар суръати таъсирбахшӣ ба ҳама намуди хотира, диққат, тасаввурот ва ғайра амалӣ шуда метавонад. Вазифаи асосии ҳар як омӯзгор на танҳо таълим додан, балки ба воситаи фан ва мавзуи ҳаррӯзаи таълимӣ тафаккури хонандаро инкишоф додан аст. Омӯзгори муваффақ бояд кӯшиш кунад, ки то ҳадди имкон донишҳоро муттаҳид созад, мавзуъҳои фанни худро ҳам бо мавзуҳои гузашта алоқаманд ва ҳам бо фанҳои дигари таълимӣ пайваст кунад, дониши худро ғанӣ гардонад, ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ намояд.

«Истифодаи оқилонаи вақти дарс ҳамчун шарти муҳимми ба даст овардани дониши баланд аз ин ё он фанни таълимӣ мебошад, зеро дар муассисаҳои таълимӣ дарс шакли асосии ташкилӣ мебошад, ки дар доираи он фаъолияти эҷодии омӯзгорон ташаккул меёбад» [6, с. 160].

Боз як сабаби дигар вуҷуд дорад, ки татбиқи пурраи он бо таҷрибаи чандинсола ба даст омадааст. Дониши хонандагоне, ки дар муасссаҳои таълимӣ таҳсил мекунанд, бениҳоят мухталифанд, сатҳи муваффақият гуногун аст, бинобар ин, зарурати модели технологии ивазшаванда, устувор ва функсионалӣ ба миён омад. Ин модел зуд мутобиқ карда мешавад ва ба омӯзгор имкон медиҳад, ки аз паст шудани сатҳи таҳсил ва сифати таълим пешгирӣ кунад ва самаранок истифода бурдани вақти корӣ хешро омӯзад.

Мушкилоти марбут ба омӯзгор дар бобати идора карда натавонистани вақти дарс яке аз масъалаҳои ҳалталаби педагогӣ ба ҳисоб меравад. Ин дар суҳбат бо падару модарон ва худи хонандагон маълум мегардад.

Таҳлили дархостҳои волидайн, суҳбатҳо бо хонандагон нишон дод, ки:

- баъзе аз мактаббачагон дар як ҳафта то 36 соат вақти худро беҳуда сарф мекунанд;
- бархе аз кӯдакон майли иштирок дар дарс надоранд ва иҷрои супоришҳои омӯзгоронро то лаҳзаи охирин ба таъхир мегузоранд;
- баъзе аз хонандагон дӯст медоранд, ки корҳои муфидро то дертар ба таъхир гузоранд ё ҳатто мавҷудияти онҳоро фаромӯш кунанд;
- бисёре аз мактаббачаҳо намедонанд, ки вақти холии худро ба ҷуз тамошои телевизор ва бозӣ дар компютер боз чигуна сарф кунанд;
- баъзе кӯдакон ҳар рӯз 4-6 соат телевизор тамошо мекунанд ва дар компютер бозӣ мекунанд ва вақти беҳтарини хешро барои ин сарф мекунанд;
- барои баъзе бачаҳо раванди анҷом додани корҳои хонагӣ ва ё корҳои муфиди рӯзгор вақти тӯлониро мегирад, зеро майнаи онҳо бо андешаҳои ғайр пур шудааст;
- тақрибан нисфи кӯдакон эътироф мекунанд, ки онҳо рӯзи худро ба нақша намегиранд;
- шумораи зиёди мактаббачагон реҷаи ҳаррӯза надоранд;
- бисьёр хонандагон аз он шикоят мекунанд, ки барои дамгирӣ вақти кам доранд – қисми зиёди вақт ба тайёр кардани дарс сарф мешавад.

Истифодаи самараноки вақти таълимӣ дар таҳлил ва ба мақсаднок тақсим намудани вақти фаъолияти таълимӣ вобаста аст.

Сабабҳои нокифоя будани вақт:

1. Ҷойгиркунии нодурусти афзалиятҳои таҳсил;
2. Набудани банақшагирии вақти таҳсил.

Саволҳое, ки ба муаллимон кӯмак мекунанд, ки вақти таълимро самараноктар кунанд:

1. Дар ин соли таҳсил аввал ба чӣ таваҷҷуҳ бояд кард? (вазифаи асосӣ ва марказӣ чист?)
2. Вазифаи муҳимтарин ва вақтталаб дар ин соли таҳсил кадом аст?
3. Кадом чорабиниҳои дигар дар ин соли таҳсил бояд гузаронида шаванд, барои анҷом додан, омода ё оғоз шаванд (вазифаҳои зарурӣ)?
4. Кадом масъалаҳои ҳалношуда бояд ҳал карда шаванд (вазифаҳои имконпазир)?
5. Боз чӣ кор кардан лозим ё зарур аст?

Самаранокии истифодаи вақти таълимӣ барои омӯзгор бо ин омилҳо муайян карда мешавад: сабти натиҷаҳо (ба ҷои амалҳо, сабт кардани натиҷаҳо ё ҳадафҳо дар нақшаҳо, на танҳо як амал).

«Вақт муҳимтарин омили захиравии омӯзгор аст, ки ба сифати раванди таълим бевосита таъсир мерасонад. Мисли ҳама гуна манбаи дигар, вақтро метавон бо роҳи муассиртарин барои ноил шудан ба натиҷаҳои мусбӣ дар таълими хонандагон истифода бурд» [6, с. 160].

«Таврe мутахассисони соҳаи психологияи инкишоф ва тарбия муайян кардаанд, 45 дақиқаи дарс барои фаъолияти пурсамари равонӣ имконият фароҳам меорад. Дар ин муддат

кобилияти марказонидан ва иҷрои амалҳои мураккаби равонӣ ба авҷи аълои худ мерасанд. Болотар аз ин, маҳсулнокии майна паст мешавад ва зиёд намудани вақт фоидаи назаррас намедиҳад» [23, с. 122].

Омӯзгорон аксар вақт шикоят мекунанд, ки дар дарс барои анҷом додани ҳама кор вақт намерасад ва ё баръакс - онҳо ҳамаи корҳои пешбинишударо иҷро кардаанд, вале то охири дарс боз вақт боқӣ мондааст. Аммо, мушкилот дар камӣ ё зиёдатии вақт нест, балки дар идоракунии нодурусти вақт аст. Тақсими дурусти вақт дар дарс ба омӯзгор кӯмак мекунад, ки зудтар ва самаранок ба ҳадафҳои гузошташуда бирасад. Бисёриҳо дар бораи он фикр намекунанд, ки риояи вақт то чӣ андоза муҳим аст.

Тақсимоти вақт дар дарс чӣ зарурат дорад?

Тақсимоти дурусти вақт дар дарс ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ мебошад. Мо ҳама чизро дар як дарс омӯзонда наметавонем, аз ин рӯ мо дар якчанд марҳила ба ҳадаф расиданро ба нақша мегирем. Дар дохили дарс мо вақтро дар марҳилаҳои барои омӯзиши мавзуъ ҷудошуда тақсим мекунем. Тақсимоти одилонаи вақти дарс ҳам барои хонандагон ва ҳам барои омӯзгор муҳим ва зарур мебошад.

Тақсимоти дурусти вақт ба муаллим чунин кӯмак мекунад:

- банақшагирии дурусти марҳилаҳои асосии ташкили дарси пурмаҳсул ва нишонрас;
- сари вақт амалӣ намудани марҳилаҳои дарс;
- афзалият додан ба фаъолияти хонанда, ки барои ҳарчи зудтар ба мақсад расидан ба ӯ кӯмак мекунад.
- ҳама чизеро, ки ба нақша гирифтан, дар вақташ амалӣ намудан;
- ба нақша гирифтани супоришҳои иловагӣ, ки агар вақт боқӣ монад.

Тақсимоти дурусти вақт самаранокии фаъолияти хонандаро таъмин мекунад:

- беҳтар дарк намудани маводи омухташаванда;
- набудани дарси дилбазан ва дилгиркунанда;
- хонанда алакай сарфаҳм меравад, ки дар назди ӯ кадом вазифа гузошта шудааст ва барои иҷрои он чӣ қадар вақт лозим аст;
- оғоз ва анҷоми вақтро ба назар мегирад.

«Иҷро накардани вазифаи хонагӣ, ба дарс дер мондан ва барои иҷрои саволу супоришҳо дар дарс вақти зиёд талаб кардан маънои онро дорад, ки хонанда истифодаи самараноки вақтро намедонад. Аз ин рӯ, риояи идоракунии вақт дар раванди дарс ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда муҳим аст» [6, с. 162].

Чӣ гуна вақтро аз рӯи марҳилаҳои дарс дуруст тақсим кардан мумкин аст?

Идоракунии вақт дар дарс чорчӯбаи умумиқабулшуда дорад. Мо як малакаро ҳамчун асос мегирем, ки бояд кор карда шавад: хондан, навиштан, гӯш кардан ё сухан гуфтан. Мо ба таври возеҳ дарк мекунем, ки кор кардани яке аз малакаҳо қисми зиёди вақти дарсро мегирад ва марҳилаҳои боқимонда ба ҳисоби миёна ҳар кадоме 2-7 дақиқа вақтро мегиранд.

Дарсеро, ки 45 дақиқа давом мекунад, чунин тақсим кардан мумкин аст:

1. Оғози дарс: водоркунӣ, суҳбати хурд, такрор, тафтиши вазифаи хонагӣ ≈ 5-7 дақиқа;
2. Пешниҳоди мавзуи нав: муаррифии мавзуи дарс, ҳадафҳо ва вазифаҳо ≈ 3 дақиқа;
3. Ба воситаи презентатсия (муаррифӣ) тафтиш намудан, ки хонанда аллакай мавзуъро медонад ё не? ≈ 10 дақиқа;
4. Ҷоннок намудани фаъолияти хонандагон: кӯшиш мекунем, ки мавзуи омухташударо дар супоришҳои намуди амалияи назоратшаванда ва нимназоратшаванда ≈ 5-10 дақиқа амалӣ созем;
5. Муайян сохтани маҳсулнокии дарс: аз рӯи мавзуъ кор кардан, ба монанди амалияи озодтар ≈ 8-10 дақиқа;
6. Хулосаҳо дар бораи мавзуъ: ҷамъбасти дарс, хулосабарорӣ ва таассуротро мубодила кардан ≈ 5 дақиқа.

«Вақт тахминан навишта шудааст, зеро ҳама дар режимҳои гуногун кор мекунанд: рӯ ба рӯ (онлайн) ё маҷозӣ (офлайн), дар гурӯҳ ё як ба як. Барои баъзеҳо дарс 45 дақиқа ё 50 дақиқа, барои дигарон як соат давом мекунад. Чизи асосӣ он аст, ки «қисмати амалӣ» - татбиқи мавзуи омухташуда дар шакли хаттӣ қисми зиёди дарсро мегирад. Аммо, ин маънои онро надорад, ки омӯзгор бояд барои як вазифаро иҷро намудан вақт ҷудо кунад. Омӯзгори муваффақ бояд кӯшиш кунад, ки тез-тез марҳилаҳои дарсро дигаргун созад, то на худаш ва на хонанда дар дарс дилгир нашаванд» [12, с. 86].

Чӣ ба омӯзгор кӯмак мекунад, ки вақти дарсро идора кунад?

Мо панҷ пешниҳодро оид ба идоракунии вақт дар дарс ҷамъ овардаем, ки ба муллим ва хонандагон дар давоми дарс кӯмак мекунанд:

1. Омӯзгор бояд вақтсанҷ ё соати зангдорро истифода барад ва ин имкон медиҳад, ки ӯ вақтро дар дохили дарс дуруст тақсим кунад, то соати зангдор ҳангоми гузаштан ба марҳилаи навбатӣ ё анҷом додани кор занг занад. Муаллим бояд худидоракуниро омӯзад, муҳимтар аз ҳама, вақтро риоя кунад ва хонандагонро бо вақти зиёд дилгир накунад, ки ин хилоф ба касбияти омӯзгор мебошад.

2. Омӯзгор пешакӣ фикр кунад, ки чӣ тавр ва кай супоришро эълон мекунад, мавзуи дарсро муаррифӣ мекунад ё ба марҳилаи нав мегузарад. Ин вақтро барои фикр кардан дар бораи амали беҳтарин коҳиш медиҳад. Агар муаллим пешакӣ омода бошад, пас ин аллакай 50%-и муваффақият аст.

3. Устод бояд ҳамеша ба рӯй додани ҳолатҳои ғайричашмдошт тайёр бошад. Дар ҳама гуна савол ё супориш хонанда метавонад санаи рух додани ин ё он воқеаи таърихиро дар хотир надошта бошад ва онро камаш 20 сония дар китоби дарсӣ ё дафтар ҷустуҷӯ кунад. Ҳангоми дарсҳои маҷозӣ (онлайн) низ метавонад мушкилот бо Интернет вуҷуд дошта бошад. Чунин чизҳоро пешгӯӣ кардан мумкин аст, аммо аниқии рӯй додани онҳо маълум нест. Омӯзгор бояд барои чунин лаҳзаҳо каме вақти иловагӣ ҷудо кунад ва он гоҳ ҳеҷ мушкиле нахоҳад буд.

4. Муаллим набояд дарсро аз ҳад зиёд бо маълумотҳои нав вазнин кунад, чунки чӣ қадаре ки хонанда дар дарс маълумоти навро камтар гирад, ҳамон қадар дарк кардан ва кор кардан барои ӯ осонтар мешавад. Суръати иҷро намудани супоришҳо ва сифати кори хонандаро зери назорат гирад. Бигузор муаллим барои кор кардан ва додани як малака вақти зиёд сарф кунад ва ин беҳтар аз он аст, ки ӯ маълумоти нофаҳмо ва зиёдеро ба дӯши хонандагон вогузор намояд. Дар ниҳояти кор ин ягон натиҷаи дилхоҳе намедиҳад.

5. Омӯзгор бояд вақти барои супориш ҷудошударо эълон намояд. Аз хонанда хоҳиш кунад, ки мустақилона ҳисоб кунад, ки ӯ барои иҷрои намудани ин супориш чӣ қадар вақт сарф карда метавонад. Ҳамин тавр, хонанда ба пайгирии вақт дар дарс шурӯъ мекунад. Агар ӯ бинад, ки хонанда дар охири дарс хаста шудааст ё баръакс, ба ҷои иҷрои супориш ба дигар кор машғул аст, пас, масалан, бигӯяд: «Ҳоло мо вазифаи охиринро иҷро карда истодаем ва онро ҳадалимкон анҷом медиҳем». Шогирд мефаҳмад, ки ками дигар кор кардан лозим аст, бинобар ин диққат додан зарур аст ва баъд истироҳат карда метавонад.

Кай барои омӯзгор идоракунии вақт душвор аст?

Ҳар дафъа дар дарс, махсусан бо наврасон риоя намудани вақт ғайриимкон аст. Ҳолатҳои ғайричашмдошт ҳамеша рӯй дода метавонанд. Масалан, мушкилоти техникӣ, агар муаллим бо интернет кор карда истода бошад, хонанда аз сабаби беморӣ ё тамбашавии воситаҳои нақлиёт дар роҳ дер мондааст ва сабабҳои дигар низ буда метавонанд.

Тағйир додани вақт бамаврид аст, агар:

- хангоми кор бо технологияҳои муосири инноватсионӣ душвориҳои техникӣ ба амал меоянд, зеро бе кори устувори техника дарс самарабахш нахоҳад буд;
- хонандагон мавзуи дарси гузаштаро азхуд накардаанд ва ин ба омухтани мавзуи наве, ки омӯзгор барои дарси ҳозира ба нақша гирифта будааст, халал мерасонад. Беҳтар аст, ки мавзуи кӯҳнаро аз нав дида барояд ва дар болои он кор кунад;
- омӯзгор мушоҳида мекунад, ки ба хонанда ягон ҳодиса руй додааст ва ӯ тамоман майл ба дарс надорад, ки дар ин ҳолат бо ӯ 5 дақиқаи иловагӣ дар бораи чигуна ҳал намудани душвориҳо суҳбат кардан лозим аст, то ӯро ба худ ҷалб кунад ва аз мушкилоташ то андозае дур созад;
- хонанда намефаҳмад, ки супоришро чигуна ҳал намудан лозим аст ва барои чӣ иҷро намудани он зарур аст. Муаллим бояд фаҳмонад, ки шумо дар болои чӣ кор карда истодаед ва чаро. Ин барои пешгирӣ кардани нофаҳмиҳо ва баҳсҳо кӯмак мекунад;
- муаллим ҳис мекунад, ки хонанда аз супоришҳо хаста шудааст ва ба анҷом додани амалҳои нодуруст шуруъ мекунад. Барои руҳбаланд кардани шогирдон як лаҳза машқи ҷисмонӣ гузаронидан ба манфиати кор аст.

Хулоса. Дарси имрӯза бояд дар асоси роҳу воситаҳои нави таълимӣ ташкил карда шавад ва нисбат ба ҳама падидаҳои иҷтимоӣ чавоб дода тавонад. Омӯзгор танҳо бо истифодаи самаранок ва оқилонаи вақти дарс метавонад дар таълиму тарбияи насли наврас, омода намудани мутахассисони соҳибихтисос ба комёбиҳо ноил гардад. Шавқовар ва пуртаъсир будани дарси омӯзгор, истифода аз усулу методҳои фаъоли таълим ва технологияи муосир ба тақсимоти дурусти вақти дарс сахт вобаста аст. Вақт дар дарс нишондиҳандаи муҳимми иҷроиши вазифаҳо аст, агар хонанда супоришро дар тӯли зиёда аз 30 дақиқа иҷро кунад, омӯзгор бояд дар бораи он фикр кунад, ки оё тавонистааст, ки

мавзуъро ба хонанда дуруст фаҳмонад. Иҷро нашудани вақти ҷудошуда ҳам аз муаллим ва ҳам аз хонанда сахт вобаста аст. Вазифаи асосии омӯзгор дар дарс назорати иҷроиши қисматҳои дарс, аз ҷумла вақт мебошад ва ӯ бояд кӯшиш кунад, ки нисбати он беэътиноӣ накунад. Агар устодону омӯзгорон ҳама қисматҳои дарсро сари вақт иҷро кунанд ва тибқи дастуру пешниҳодҳое, ки мо дар мақола овардаем, фаъолият намоянд аз манфиати идоракунии дурусти вақт бархурдор хоҳанд гардид.

Адабиёт

1. *Абдуллоев, И. Ташкили корҳои методӣ, такмили ихтисос ва баландбардории малакаи касбии омӯзгорон // И. Абдуллоев. – Душанбе, 2005. – 215 с.*
2. *Атакуллаев У. И. Развитие общего образования в Республике Таджикистан в период независимости (1991-2005гг.). – Душанбе, 2010. – 46 с.*
3. *Алимӣ, Ҷ., Даминова, А.И. Мушкилоти педагогӣ. – Душанбе, «ЭрГраф», 2015. – 224 с*
4. *Байзоев, А. Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмуӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам. – Душанбе: Донишварон, 2017. – 150 с.*
5. *Березин С.В., Лисецкий К.С. Технология формирования социальных навыков: методическое пособие для психологов и социальных педагогов ИТУ. Самара, 1999. – 58 с.*
6. *Бабанский Ю. К. Оптимизация процесса обучения.– М.,1977. – 251 с.*
7. *Беспалько В. П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения. – М., 1995. – 204 с.*
8. *Волков П. Учитель творчеству. – М., 1982. – 160 с.*
9. *Дьяченко В. К. Организационная структура учебного процесса и ее развитие. – М.: Педагогика, 1989. – 165 с.*
10. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - №7. соли 2013. – 40 с.*
11. *Қодиров, Қ. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик // Қ.Қодиров. – Душанбе, 1990. – 185 с.*
12. *Козлов И. Ф. Педагогический опыт А. С. Макаренко.– М., 1987.– 159 с.*
13. *Коротков Э. М. Управление качеством образования. – 2-е изд.–М.: Академический проект, 2007. – 320 с.*
14. *Лутфуллоев, М. Қиссаи оғози тарбия М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2005. – 80 с.*
15. *Лутфуллоев, М. Фарзанд ҳадяи худованд // М.Лутфуллоев. – Душанбе: 2007. – 112 с.*
16. *Лутфуллоев, М. Эҳёи педагогикаи Аҷам // М. Лутфуллоев. – Душанбе, 1977. – 149 с.*
17. *Лутфуллоев, М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. / бахшида ба 15-солагии Истиқлолияти давлатии ҶТ.– Душанбе: Саҳбо, – 2006. – 224 с.*
18. *Лутфуллоев М. Дарс. – Душанбе: Маориф, 1995. – 162 с.*
19. *Лернер И. Я. Требования к современному уроку. Метод указания. – М., 1969. – 262 с.*
20. *Методы, приёмы, средства обучения. Классификация методов по источникам и уровням познавательной деятельности. – Режим доступа к источнику: https://mybiblioteka.su/6-46236.html*
21. *Махмутов М. И. Современный урок. – М., 1985. – 375 с.*
22. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017. – Душанбе, 2018. – 25 с.*
23. *Панина Т. С. Современные способы активизации обучения. – М.: Академия, 2006. – 176 с.*
24. *Раҳмонов, Э. Маориф омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат // Э. Раҳмонов. – Душанбе, 2006. – 372 с.*
25. *Ушинский К. Д. Педагогические соч. В 6-ти т. Т. 2. – М.,1988. – 492 с.*
26. *Ярмаченко Н. Д. Педагогическая деятельность и творческое наследие А. С. Макаренко. – Киев, 1989. ISBN 5-330-00641-4. – 189 с.*

ТАҚСИМОТИ ДУРУСТИ ВАҚТИ ДАРС – ОМИЛИ БЕҲТАР КАРДАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ

Дар ин мақола оиди тақсимоти вақт дар дарс, идоракунии вақт, тағйир додани вақт, самаранокии вақт, истифодаи роҳ ва усулҳои гуногуни муосири педагогӣ дар таълим, зарурати татбиқи навовариҳо дар системаи таълими муосир, инчунин таъсири онҳо ба самаранокии раванди таълим мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Инчунин қайд шудааст, ки вақт воситаи муҳимми захиравии муаллим мебошад, ки бевосита ба сифати раванди таълим таъсир мерасонад. Мисли ҳама гуна захираҳои дигар, вақтро барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбӣ дар дарс самаранок истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаи таҳқиқот нишон дод, ки сари вақт иҷро накардани вазифаи хонагӣ, дер мондан ба дарсҳо ва сарф кардани вақти аз ҳад зиёд барои посух додан ва иҷрои супоришҳо дар дарс нишон медиҳад, ки хонанда аз вақти худ самаранок истифода намебарад. Аз ин рӯ, назорат кардани идоракунии вақт дар раванди таълим ҳам барои муаллим ва ҳам барои хонанда хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин дар бораи натиҷаҳои кор оид ба истифодаи оқилонаи вақти дарс дар раванди фаъолияти таълимӣ хулосаҳо бароварда шудаанд.

Калидвожаҳо: вақт, идоракунӣ, инноватсия, педагогика, хонанда, муассиса, маориф, таълим, роҳ ва усулҳои гуногун, сифати таълим.

ПРАВИЛЬНОЕ РАСПРЕДЕЛЕНИЕ УЧЕБНОГО ВРЕМЕНИ – ФАКТОР УЛУЧШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБУЧЕНИЯ

В данной статье рассматривается распределение времени на уроке, управление временем, изменение времени, эффективность времени, использование различных современных педагогических способов и методов в обучении, необходимость внедрения инноваций в современную систему образования, а также их влияние на эффективность учебного процесса. Также было отмечено, что время является важным ресурсным инструментом учителя, который напрямую влияет на качество учебного процесса. Как и любой другой ресурс, время можно эффективно использовать для достижения положительных результатов в уроке. Результаты исследования показали, что несвоевременное выполнение домашних заданий, опоздание на занятия и трата слишком большого количества времени на ответы и выполнение заданий в классе указывают на то, что ученик не использует свое время эффективно. Поэтому контроль управления временем в процессе обучения становится очень важным как для учителя, так и для ученика. Также были сделаны выводы о результатах работы по рациональному использованию учебного времени в процессе учебной деятельности.

Ключевые слова: время, управление, инновация, педагогика, ученик, учреждение, образование, обучение, различные способы и методы, качество обучения.

PROPER ALLOCATION OF STUDY TIME IS A FACTOR IN IMPROVING THE QUALITY OF EDUCATION

This article examines the distribution of time during a lesson, time management, time modification, time efficiency, the use of various modern pedagogical methods and techniques in teaching, the need to introduce innovations into the modern education system, as well as their impact on the effectiveness of the learning process. It was also noted that time is an important resource tool for a teacher, which directly affects the quality of the learning process. Like any other resource, time can be used effectively to achieve positive results in the lesson. The study results showed that untimely completion of homework, being late for classes, and spending too much time on answering and completing assignments in class indicate that the student is not using their time effectively. Therefore, monitoring time management in the learning process becomes very important for both the teacher and the student. Conclusions were also drawn regarding the results of the work on the rational use of study time in the process of educational activities.

Keywords: time, management, innovation, pedagogy, student, institution, education, training, various methods and techniques, quality of teaching.

Дар бораи муаллифон

Палавонов Амоншо Муминович
Н.и.п, муаллими калони кафедраи психология ва сотсиология
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
E-mail: amonsho.palavonov@mail.ru

Ғайратзода Меҳровар Ховар
Н.и.б., дотсенти кафедраи ботаника
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: qayratzoda1971@mail.ru

Об авторах

Палавонов Амоншо Муминович
К.п.н, старший преподаватель кафедры психологии и социологии
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе ул. Саид Носир, 33
E-mail: amonsho.palavonov@mail.ru

Гайратзода Мехровар Ховар
К..б.н., доцент кафедры ботаники
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: qayratzoda1971@mail.ru

About the authors

Palavonov Amonsho Muminovich
Candidate of Pedagogical Sciences, senior lecturer of the Department of Psychology and Sociology
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe st. Said Nosir, 33
E-mail: amonsho.palavonov@mail.ru

Gairatzoda Mehrovar Khovar
Candidate of Biological Sciences, Associate Professor of the Department of Botany
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: qayratzoda1971@mail.ru

УДК 378.147:004

ПРОБЛЕМЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЦИФРОВОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЫ УНИВЕРСИТЕТА: ТЕХНИЧЕСКИЕ И ЧЕЛОВЕЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ

Лутфуллои С.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Актуальность исследования. За последние годы в университетах значительно возросло использование цифровых технологий. Компьютерные классы, мультимедийные проекторы, локальные сети, электронные образовательные платформы и облачные сервисы стали неотъемлемой частью учебного процесса. Сегодня проведение лекций, практических занятий, контроль знаний и обмен учебными материалами напрямую связаны с использованием цифровых средств.

Вместе с тем практика работы технической службы показывает, что наличие современной техники не всегда обеспечивает её эффективное использование. Несмотря на регулярное обновление оборудования и программного обеспечения, преподаватели и сотрудники продолжают сталкиваться с различными затруднениями при работе с цифровыми ресурсами. Чаще всего речь идёт о настройке мультимедийного оборудования, использовании образовательных платформ, подключении к локальной сети, работе с электронными сервисами и программным обеспечением.

Анализ обращений пользователей показывает, что далеко не все возникающие проблемы связаны с техническими неисправностями. Во многих случаях оборудование находится в исправном состоянии, а причиной затруднений становятся ошибки при эксплуатации техники, недостаточное владение цифровыми инструментами, несоблюдение инструкций или отсутствие необходимых навыков работы с современными информационными технологиями. По этой причине жалобы на работу цифровой инфраструктуры не всегда отражают её реальное техническое состояние.

Особенно заметно это проявляется при использовании мультимедийных проекторов, интерактивных средств обучения и электронных образовательных платформ. Одни преподаватели активно используют возможности цифровой среды и редко обращаются за технической помощью, тогда как другие испытывают затруднения даже при выполнении базовых операций. Подобная ситуация свидетельствует о том, что эффективность цифровой образовательной среды определяется не только качеством оборудования, но и уровнем подготовки её пользователей.

Опыт технического сопровождения образовательного процесса показывает необходимость рассмотрения проблемы с двух сторон: технической и человеческой. Без повышения цифровой грамотности пользователей даже современная материально-техническая база не позволяет в полной мере использовать возможности цифровой образовательной среды университета.

Цель исследования. Определить влияние технических и человеческих факторов на эффективность функционирования цифровой образовательной среды университета и разработать рекомендации по совершенствованию её использования в образовательном процессе.

Задачи исследования

1. Изучить научные подходы к организации цифровой образовательной среды в высшей школе.
2. Определить роль технической инфраструктуры в обеспечении образовательного процесса университета.
3. Выявить наиболее распространённые технические проблемы, возникающие при эксплуатации компьютерного и мультимедийного оборудования.
4. Исследовать влияние уровня цифровой подготовки преподавателей и сотрудников на эффективность использования цифровых технологий.
5. Проанализировать типичные ошибки пользователей при работе с программным обеспечением и цифровыми сервисами.

6. Установить влияние технических и человеческих факторов на качество функционирования цифровой образовательной среды.

7. Разработать практические рекомендации по повышению эффективности использования цифровых технологий в университете.

Теоретическое обоснование исследования. Вопросы использования цифровых технологий в образовании всё чаще становятся предметом научных исследований. Это связано не только с расширением технических возможностей университетов, но и с изменением требований к организации учебного процесса. Сегодня эффективность работы информационной инфраструктуры зависит как от состояния оборудования и программного обеспечения, так и от того, насколько уверенно пользователи работают с цифровыми ресурсами.

Дж. Ш. Баротов отмечает, что применение технических средств обучения даёт наибольший результат в тех случаях, когда пользователи владеют необходимыми навыками работы с оборудованием и понимают особенности его использования в образовательной деятельности [1, с. 69-71]. Схожую позицию занимает Н. Мирзораджабзода, указывая на то, что цифровые технологии расширяют возможности обучения, взаимодействия преподавателей и студентов, а также доступ к образовательным ресурсам [2, с. 105-107].

Вместе с тем наличие современной техники ещё не означает её эффективного использования. Дж. Ш. Баротов обращает внимание на то, что уровень цифровой подготовки пользователей во многих случаях оказывает не меньшее влияние на результаты работы, чем материально-техническое обеспечение образовательной организации [1, с. 72-73]. Данное положение представляет практический интерес для университетов, где цифровые сервисы используются ежедневно и являются частью учебного процесса.

Н. М. Набиев рассматривает цифровую образовательную среду как систему взаимосвязанных технических, программных и организационных компонентов [3, с. 150-152]. Такой подход позволяет рассматривать возникающие проблемы комплексно. На практике затруднения нередко возникают не из-за неисправности оборудования, а вследствие ошибок при его использовании, некорректной настройки программного обеспечения или недостаточного уровня подготовки пользователей.

Отдельное внимание исследователи уделяют человеческому фактору. По мнению Н. Мирзораджабзода, даже при хорошем техническом оснащении эффективность использования электронных ресурсов может снижаться из-за недостаточного уровня цифровой грамотности пользователей [2, с. 107-109]. Аналогичной точки зрения придерживается Н. М. Набиев, подчёркивающий необходимость постоянного совершенствования цифровых навыков преподавателей и сотрудников образовательных организаций [3, с. 152-154].

Анализ рассмотренных публикаций показывает, что обновление оборудования само по себе не решает всех возникающих проблем. На работу цифровой образовательной среды одновременно влияют технические ресурсы, программное обеспечение, организация работы и уровень подготовки пользователей. Именно поэтому при изучении эффективности цифровой инфраструктуры университета необходимо учитывать как технические, так и человеческие факторы.

Материалы и методы исследования. Источниками информации послужили научные публикации по вопросам цифровизации образования, использования информационно-коммуникационных технологий и организации цифровой образовательной среды, а также материалы, полученные в процессе технического сопровождения образовательного процесса в университете.

При анализе научных работ учитывались выводы М. Н. Рахмоновой о роли информационных технологий в развитии современного образования [4, с. 40-42], а также результаты исследований С. О. Одиназода и Г. Н. Неъматова, посвящённых использованию цифровых средств обучения в образовательной практике [5, с. 75-77].

Основу практической части составили наблюдения за эксплуатацией компьютерной техники, мультимедийных проекторов, локальной сети и электронных сервисов университета. Дополнительно анализировались обращения преподавателей и сотрудников в техническую службу. Наиболее часто пользователи сталкивались с проблемами

подключения мультимедийного оборудования, настройкой программного обеспечения, работой электронных образовательных платформ и использованием сетевых ресурсов.

При определении направлений анализа учитывались выводы А. П. Назарова и Х. М. Одинаева о возрастающей роли современных программных средств в образовательной деятельности [6, с. 49-51]. Их исследования подтверждают необходимость постоянного обновления цифровых инструментов и совершенствования навыков работы с ними.

Для обработки собранных материалов использовались анализ, сравнение и обобщение полученных данных. Это позволило выявить наиболее распространённые причины возникающих затруднений, определить роль технических и человеческих факторов в работе цифровой образовательной среды и подготовить практические рекомендации по повышению эффективности использования цифровых технологий в университете.

Материалы и методы исследования. Для достижения цели исследования использовался комплекс теоретических и эмпирических методов, обеспечивающих всесторонний анализ технических и человеческих факторов, влияющих на эффективность функционирования цифровой образовательной среды университета.

К теоретическим методам относятся анализ научной и учебно-методической литературы по проблемам цифровизации образования, цифровой компетентности, информационно-коммуникационных технологий и организации цифровой образовательной среды, а также сравнительный анализ и обобщение научных подходов к исследуемой проблеме. При этом учитывались результаты исследований М. Н. Рахмоновой, раскрывающие значение информационных технологий в развитии современного образования [4, с. 40-42], а также работы С. О. Одиназода и Г. Н. Неъматова, посвящённые использованию цифровых средств обучения в образовательном процессе [5, с. 75-77].

В качестве эмпирических методов применялись наблюдение за процессом эксплуатации компьютерного и мультимедийного оборудования, анализ обращений пользователей в техническую службу университета, изучение случаев возникновения технических неисправностей и затруднений при использовании цифровых образовательных ресурсов, а также анкетирование преподавателей и сотрудников университета с целью выявления уровня их цифровой компетентности и наиболее распространённых проблем при работе с цифровыми технологиями.

Материалами исследования послужили данные, полученные в ходе эксплуатации компьютерной техники, мультимедийных проекторов, локальной сети и цифровых сервисов университета, а также результаты анализа обращений преподавателей и сотрудников по вопросам технической поддержки образовательного процесса. При определении направлений анализа учитывались выводы А. П. Назарова и Х. М. Одинаева о возрастающей роли современных программных средств и цифровых технологий в образовательной деятельности [6, с. 49-51].

Обработка и интерпретация полученных данных осуществлялись с использованием методов качественного и количественного анализа. Это позволило определить наиболее распространённые причины возникновения проблем в цифровой образовательной среде университета, установить взаимосвязь между техническими и человеческими факторами и сформулировать практические рекомендации по повышению эффективности использования цифровых технологий в образовательном процессе.

Результаты и обсуждение. Анализ обращений в техническую службу университета показал, что проблемы при использовании цифровых технологий возникают регулярно, несмотря на наличие компьютерной техники, мультимедийного оборудования и доступа к сетевым ресурсам. Наиболее часто сотрудники и преподаватели обращались по вопросам подключения проекторов перед занятиями, настройки программного обеспечения, восстановления доступа к образовательным платформам и работы с сетевыми сервисами. Подобная ситуация согласуется с выводами И. М. Саидзода и У. М. Каримова о том, что эффективность использования информационных технологий во многом определяется уровнем владения цифровыми средствами всеми участниками образовательного процесса [8, с. 108-110].

Изучение поступивших заявок показало, что далеко не все обращения были связаны с неисправностью оборудования. Во многих случаях компьютеры, проекторы и сетевое оборудование находились в рабочем состоянии, а затруднения возникали из-за ошибок при

настройке программ, неправильного подключения устройств или недостаточного знания возможностей используемых сервисов. На необходимость формирования устойчивых навыков работы с информационными технологиями указывает и К. А. Саидзода [9, с. 76-78].

Вместе с тем часть обращений действительно была связана с техническими неисправностями оборудования. Однако их количество оказалось значительно меньше по сравнению с проблемами, возникавшими в процессе эксплуатации техники и программного обеспечения. Это позволяет говорить о заметном влиянии человеческого фактора на эффективность использования цифровой инфраструктуры университета.

Наблюдения показали, что преподаватели, постоянно использующие образовательные платформы, электронные ресурсы и мультимедийные средства обучения, значительно реже обращаются за технической помощью. Как правило, они самостоятельно решают большинство возникающих вопросов. Иная ситуация наблюдается у пользователей, которые используют цифровые инструменты эпизодически. Аналогичные выводы приводит Т. Х. Худойдодова, связывая качество обучения с эффективностью применения современных информационных средств и технологий [10, с. 86-88].

Интересно отметить, что после обновления оборудования количество обращений в техническую службу не всегда сокращается. В первые месяцы эксплуатации новой техники число запросов иногда даже возрастает, поскольку пользователям требуется время для освоения новых функций и настроек. На данную проблему обращает внимание и С. Дж. Раджабова, подчёркивающая необходимость постоянного совершенствования цифровых навыков преподавателей при внедрении современных технологий [7, с. 102-104].

Полученные материалы показывают, что устойчивую работу цифровой образовательной среды нельзя связывать только с обновлением технической базы. Практика эксплуатации оборудования свидетельствует о том, что эффективность использования цифровых возможностей университета зависит одновременно от качества техники, программного обеспечения и уровня подготовки пользователей. Именно сочетание этих факторов определяет результативность работы цифровой инфраструктуры.

Выводы. Анализ обращений в техническую службу университета показал, что многие проблемы при использовании цифровых технологий связаны не с неисправностью оборудования, а с особенностями его использования. Пользователи регулярно сталкиваются с трудностями при подключении мультимедийных проекторов, работе с образовательными платформами, настройке программного обеспечения и использовании сетевых сервисов. При этом во многих случаях оборудование находится в исправном состоянии и не требует ремонта.

Практика работы показывает, что преподаватели и сотрудники, которые постоянно используют цифровые инструменты в учебной и профессиональной деятельности, значительно реже обращаются за технической помощью. Они быстрее осваивают новые программы и сервисы, увереннее работают с оборудованием и способны самостоятельно решать многие возникающие вопросы. В то же время пользователи, имеющие недостаточный опыт работы с цифровыми технологиями, чаще нуждаются в консультациях и технической поддержке.

Полученные материалы свидетельствуют о том, что развитие цифровой образовательной среды невозможно свести только к обновлению компьютерной техники и программного обеспечения. Даже при наличии современной инфраструктуры эффективность её использования во многом зависит от уровня цифровой подготовки преподавателей и сотрудников.

Поэтому университету следует уделять больше внимания не только техническому оснащению, но и обучению пользователей. Проведение кратких консультаций, обучающих семинаров и подготовка понятных инструкций по работе с цифровыми сервисами помогут сократить количество типичных ошибок и повысить эффективность использования имеющихся технических ресурсов. Такой подход позволит улучшить организацию образовательного процесса и более полно использовать возможности цифровой среды университета.

Литература

1. *Баротов Дж. Ш. Особенности использования технических средств обучения в процессе инклюзивного образования // Вестник педагогического университета. - 2024. - С. 68-74.*
2. *Назира Мирзораджабзода. Роль информационных технологий в образовательном процессе (на примере учебного предмета «Биология») // Вестник педагогического университета. - 2024. - С. 104-110.*
3. *Набиев Н. М. Информационные технологии в смешанном обучении в учреждениях среднего профессионального образования // Вестник педагогического университета. - 2024. - № 3 (21). - С. 149-155.*
4. *Назаров А. П., Одинаев Х. М. Обучение разработке линейных анимационных моделей в трёхмерной графике языка программирования PascalABC.Net // Вестник педагогического университета. - 2024. - С. 48-54.*
5. *Одиназода С. О., Неъматов Г. Н. Роль электронных таблиц в процессе преподавания дисциплин информатической специализации // Вестник педагогического университета. - 2024. - № 2 (20). - С. 74-78.*
6. *Рахмонова М. Н. Роль информационных технологий в сфере образования // Вестник педагогического университета. - 2024. - С. 39-46.*
7. *Раджабова С. Дж. Об использовании современных технологий на уроках математики // Вестник педагогического университета. - 2024. - № 1 (19). - С. 101-106.*
8. *Саидзода И. М., Каримов У. М. Теоретические основы использования информационных технологий в образовательном процессе // Вестник педагогического университета. - 2024. - № 1 (19). - С. 107-112.*
9. *Саидзода К. А. Использование средств новых информационных технологий в образовательном процессе // Вестник педагогического университета. - 2024. - С. 75-80.*
10. *Худойдодова Т. Х. Использование технологий и информационных средств для повышения качества обучения студентов // Вестник педагогического университета. - 2024. - № 2 (20). - С. 85-90.*

ПРОБЛЕМЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЦИФРОВОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЫ УНИВЕРСИТЕТА: ТЕХНИЧЕСКИЕ И ЧЕЛОВЕЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ

В статье рассматриваются проблемы использования цифровой образовательной среды университета и факторы, влияющие на эффективность её функционирования. Особое внимание уделено вопросам эксплуатации компьютерной техники, мультимедийного оборудования, программного обеспечения и электронных образовательных ресурсов. На основе анализа научной литературы и практического опыта технического сопровождения образовательного процесса выявлены наиболее распространённые причины возникновения затруднений при использовании цифровых технологий в университете. Установлено, что эффективность цифровой образовательной среды зависит не только от уровня технического оснащения образовательного учреждения, но и от цифровой грамотности пользователей. Показано, что значительная часть возникающих проблем связана с недостаточным уровнем владения цифровыми инструментами, ошибками при эксплуатации оборудования и затруднениями при работе с электронными сервисами. Обоснована необходимость комплексного подхода, предусматривающего развитие технической инфраструктуры и повышение цифровой компетентности преподавателей и сотрудников университета.

Ключевые слова: цифровая образовательная среда, цифровизация образования, информационные технологии, цифровая компетентность, техническая поддержка, мультимедийное оборудование, цифровая грамотность, университет, образовательные платформы.

МУШКИЛОТИ ИСТИФОДАИ МУҲИТИ РАҚАМИИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲ: ОМИЛҲОИ ТЕХНИКӢ ВА ИНСОНӢ

Дар мақола масъалаҳои марбут ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти таълимии донишгоҳ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба истифодаи техникаи компютерӣ, проекторҳо, шабакаи интернетӣ ва захираҳои электронии таълимӣ равона шудааст. Дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҷрибаи фаъолияти хизматрасонии техникӣ сабабҳои асосии мушкилоте, ки ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба миён меоянд, муайян карда шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки самаранокии истифодаи технологияҳои рақамӣ танҳо ба сатҳи таъмин будани донишгоҳ бо техника вобаста нест. Омили муҳим омодагии омӯзгорон ва кормандон барои кор бо воситаҳои рақамӣ мебошад. Қисми зиёди мушкилоти мавҷуда на аз вайроншавии таҷҳизот, балки аз нокифоя будани малакаҳои кор бо барномаҳо, истифодаи нодурусти таҷҳизот ва мушкилот ҳангоми кор бо платформаҳои таълимӣ сар мезананд. Аз ин рӯ, дар баробари такмил додани заминаи моддию техникӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои рақамии кормандон ва омӯзгорон низ аҳаммияти калон дорад.

Калидвожаҳо: муҳити рақамии таълимӣ, рақамикунонии маориф, технологияҳои иттилоотӣ, салоҳияти рақамӣ, дастгирии техникӣ, таҷҳизоти мултимедиявӣ, саводнокии рақамӣ, донишгоҳ, платформаҳои таълимӣ.

PROBLEMS OF USING THE UNIVERSITY DIGITAL EDUCATIONAL ENVIRONMENT: TECHNICAL AND HUMAN FACTORS

The article examines the problems associated with the use of the university digital educational environment and the factors affecting its effectiveness. Particular attention is paid to the operation of computer equipment, multimedia devices, software, and electronic educational resources. Based on the analysis of scientific literature and practical experience in technical support of the educational process, the most common difficulties in the use of digital technologies at the university are identified. The study shows that the effectiveness of the digital educational environment depends not only on the level of technical infrastructure but also on the digital literacy of its users. A considerable number of problems are related to insufficient digital skills, errors in equipment operation, and difficulties in using electronic services. The necessity of a comprehensive approach combining the development of technical infrastructure and the improvement of digital competence of university staff and teachers is substantiated.

Keywords: digital educational environment, digitalization of education, information technologies, digital competence, technical support, multimedia equipment, digital literacy, university, educational platforms.

Об авторе
Лутфуллои Саъдулло
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры основ информационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: lutfullo_22@mail.ru

About the author
Lutfulloi Sa'dullo
Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer at the Department of Fundamentals of Information Technology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: lutfullo_22@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Лутфуллои Саъдулло
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи асосҳои технологияи информатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: lutfullo_22@mail.ru

ТДУ 373.2.016:514:398

ТАШАККУЛИ ТАСАВВУРОТИ ТОМАКТАБИЁН АТРОФИ ШАКЛҲОИ ГЕОМЕТРӢ ТАРИҚИ ТАЪМИНИ АЛОҚАМАНДИИ ОНҲО БО ҲУНАРҲОИ МАРДУМИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Обидова М. И., Бобиева С. К.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар марҳилаи муосири таҳсилоти томактабӣ алоқамандии таълим бо арзишҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад. Бояд қайд кард, ки ба рушди ҳунарҳои мардумӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса медиҳад. Бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2018-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” эълон гардидааст. Рушди соҳаҳои мазкур ҳамчун қисми таркибии "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" идома ёфтааст.

Ҳунарҳои мардумӣ муаррифгари фарҳанги милати тоҷик мебошад. Дар назар дошта шудааст, ки эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла дӯзандагӣ, кулолгарӣ, қолинбофӣ, махсусан чакандӯзӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда шаванд.

Бо мақсади эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ як қатор чорабиниҳои фарҳангию маънавӣ, илмию таълимӣ ба нақша гирифта мешаванд, аз ҷумла таъсис додани марказҳои таълимии ҳунаромӯзӣ, ташкил намудани озмунҳо миёни толибилмони муассисаҳои таълимӣ, намоишҳои ҳунарҳои мардумӣ ва ғ.

Бояд қайд кард, ки масъалаи таҳким бахшидани тарбияи меҳнатӣ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ аз ҷиҳати илмӣ низ омӯхта шудааст. Олимони тоҷик дар ҳамкорӣ бо кормандони муассисаҳои таҳсилотӣ дар таҳия намудани барномаҳои нави таълимӣ ташаббус нишон дода, саҳми назаррасро дар пешрафти илми педагогикаи тоҷик гузошта истодаанд. Ташкили маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ ва тақвияти робитаи мактаб бо истеҳсолоти маҳаллӣ, боиси таҳияи рисолаҳои илмии як қатор муҳаққиқон, аз ҷумла Қодирова З., Муминова Н., Ҷураева Ш., Мирзоева С., Азизов А. гардидаст.

Муҳаққиқ Рӯзиева М. Д. дар мақола оид ба ҳунарҳои мардумӣ қайд намудааст, ки “Мақоми ҳунарҳои миллӣ на танҳо дар наздик сохтани насли наврас ба неъматҳои зебоипарастии ҳаёт бузург аст, балки ба пешрафти сатҳи маънавиёти оила, рӯзгордорӣ ва ғанӣ гардидидани захираҳои моддӣ дар оила нақши муассир дорад. Зеро аз қадимулайём мардуми соҳибмаърифати тоҷик дар баробари қавму мардуми дигар бо шавқу завқи баланд ба касбу ҳунарҳои милливу аҷдодӣ, амсоли оҳангарӣ, мисгарӣ, зардӯзӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, кулолгарӣ, шонатарошӣ, кордсозӣ, қолинбофӣ, чармгарӣ, олкорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, на танҳо дар зинда нигоҳ доштани урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, ҳамчунин дар тарғибу муаррифии фарҳанги бою ғанӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагӣ онро васеъ истифода менамуданд” [10, с.19-25].

Намунаҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла кулолгарӣ, гулдӯзӣ, наққошӣ, чубтарошӣ, қуроқдӯзӣ, қаламкашӣ, зардӯзӣ, гаҷкорӣ ва ғайраҳо миёни мардуми маҳаллӣ ва дигар мардумони дунё шӯҳрати хоса пайдо карданд. Профессор Маҷидова Б. дар китоби “Педагогикаи томактабӣ” қайд мекунад, ки мардуми маҳаллӣ нисбат арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ, хештаншиносӣ эҳтироми хоса зоҳир мекунад ва он аз синни хурдсолӣ тарбия карда мешавад. Чунин арзишҳо асоси тарбияи ахлоқӣ ва маънавии кӯдакони синни томактабиро ташкил медиҳад” [6, с.15].

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Кӯдакони синни томактабӣ бо ҳунарҳои мардумӣ дар машғулиятҳои гуногуни таълимӣ шинос мешаванд, масалан, дар рафти машғулиятҳои санъати тасвирӣ намунаҳои гуногуни он нишон дода мешавад, аз ҷумла сӯзанӣ, гулдӯзӣ, кулолгарӣ, қуроқдӯзӣ, баъзе намунаҳои гаҷкорӣ. Дар рафти машғулиятҳои амалии санъати тасвирӣ намунаҳои гуногуни онро меофаранд: дар расмкашӣ нақшу нигорҳоро тасвир мекунанд, дар фаъолияти гулмонӣ элементҳо ё унсурҳои алоҳидаи онҳоро аз қоғаз бурида бо шириш якҷоя мекунанд, дар фаъолияти суробсозӣ аз чӯб, гил, ашёҳои рӯзгорро месозанд. Инчунин дар раванди фаъолияти меҳнати дастӣ истифода аз матоъ ва ресмон намунаҳои гуногуни гулдӯзиро ба кӯдакон ёд медиҳанд, дар машғулиятҳои математика диктанти математикиро иҷро намуда, тибқи нишондод шаклҳои аз қоғаз буридашударо ҷо ба ҷо карда, нақшҳои сӯзаниро тартиб медиҳанд.

Дар ҳар як нақшу нигорҳое, ки дар намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ истифода мешаванд, мо бо шаклҳо ва мафҳумҳои геометрӣ рӯ ба рӯ мешавем. Мафҳумҳои геометрӣ дар кӯдакистон дар доираи машғулиятҳои ташаккули тасаввуротҳои одитарини математикӣ азхуд карда мешавад. Математика ба қатори илмҳои байналмиллалӣ дохил мешавад, зеро мафҳумҳое, ки дар он истифода мешаванд ҳамчун эталон (намуна) барои аксарияти мардуми рӯйи замин баромад мекунад. Ин эталонҳо дар рақамгузорӣ, муайян кардани шакл, бузургӣ, вақт истифода мешаванд. Асосан ду намуд рақамгузорӣ мавҷуд аст: 1) римӣ (дар гузоштани бобҳо, асрҳо бештар истифода мешавад), 2) арабӣ (1,2,3 то 9) [7, с. 53]. Бояд қайд кард, ки рақамгузории арабӣ аз тарафи олими асри IX Муҳаммад ал-Хоразмӣ, ки ин низомро такмил дода ба ҷаҳониён муаррифӣ карданд. Онро инчунин рақамгузории ҳиндӣ-арабӣ меноманд, зеро он дар ибтидо маҳз дар Ҳиндустон бавуҷуд омадааст. Мафҳуми геометрия бошад, аз юнонӣ *geo-* замин ва *metrio* –чен мекунам таркиб ёфтааст [3, с. 6]. Мафҳуми ченкуниро одамон дар фаъолияти меҳнатии худ доимо истифода мебаранд, масалан, дар таҳрезӣ ва сохтани бинои истиқоматӣ, заминченкунӣ, дӯхтани сару либос, сохтани ашёҳои рӯзгор ва ғ. андозаи он чен карда мешавад. Ба ақидаи муҳаққиқон Бурҳонов Қ.Т ва Узбеков М.А. дар муассисаҳои таҳсилотӣ кӯдакон дар фаъолияти таълимӣ – меҳнатӣ, дар машғулиятҳои санъат ва меҳнат, дар раванди фаъолияти суробсозӣ, тарҳрезӣ ва ғайра ба эҳтиёҷоти ченкунӣ низ дучор мешавад [2, с. 130-137].

Дар муайян кардани шаклҳо эталонҳои байналмилалии геометрии зерин истифода мешаванд: куб, квадрат, ромб, силиндр, паралелепипед, трапетсия, пирамида, конус. Қимсме аз онҳо ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд: секунҷа, чоркунҷа, бисёркуҷа, доира, давра, байза. Инчунин кубро мураббаъ меноманд, ки он бештар дар соҳаи сохтмон истифода мешавад.

Пас, барои ҳар як ҳунарманде, ки осори худро меофарад ҳатман доир ба унсурҳои нақшу нигорҳо донишҳои мушаххаси геометрӣ дошта бошад, зеро донистани мафҳумҳои геометрӣ имкон медиҳад, ки шакли ашёи пешбинишуда бо истифодаи нақш ё нигор дақиқ инъикос карда шавад. Масалан, ҳунарманд ҳангоми кашидани гул дар болои матоъ аз рӯйи хаёл амал карда онро доирашакл ё секунҷашакл тасвир мекунад: дар нақшҳои мардуми Бадахшон кӯҳҳои баланд дар шакли секунҷа тасвир шудаанд; дар ҷануби Тоҷикистон мардум дар ороишоти либос бештар шакли доираро истифода мебаранд, қуроқдӯзӣ, ки миёни мардуми шимолӣ паҳн шудаанд шаклҳои чоркунҷа, секунҷа, росткунҷа, ромб васеъ истифода мешавад, дар ҳунари кандакорӣ нақшҳоро дар шакли геометрӣ метарошанд, бояд қайд кард, ки дар он қариб ҳамаи шаклҳое геометрии мавҷудбуда истифода мешавад: аз секунҷаю чоркуҷаю доира то трапетсия, паралелограм ва бисёркуҷаҳои гуногун.

Донишҳо ё худ мафҳумҳои геометриро ба одӣ ва мушаххас ҷудо мекунанд. Донишҳои мушаххаси геометрӣ дар мактаби миёна ва касбӣ, олии касбӣ гирифта метавонанд.

Мафҳумҳои одии геометрӣ дар бораи шакл аз хурсолӣ омӯхта мешавад. Шакл ин хосияти ашё мебошад ва ба он кӯдак дар давраи баравқти бачагӣ (аз 1 то 3 сола), ҳангоми фаъолияти ашёгӣ диққати махсус медиҳад. Шакл ба воситаи анализаторҳои биноӣ, ламсӣ, мушакӣ дарк карда мешаванд. Кӯдак ашёи дар наздаш мавҷудбударо мебинад, шакли онро бо роҳи ҳаракати ламсӣ дарк мекунад.

Инкишофи дарки шакли ашёҳои дар атроф мавҷудбуда раванди хеле тӯлонӣ ва мураккаб мебошад [5, с. 85].

Шаклҳои геометрӣ, намунаҳоеанд, ки одам аз онҳо истифода бурда, шакли ашёро муайян мекунад. Шакл дар фазо як ашёро аз дигараш маҳдуд мекунад. Шакли ашё дар шаклҳои геометрӣ инъикос мешаванд [5, с. 9].

Натиҷаҳо. Чӣ тавре, ки қайд кардем, мардуми тоҷик аз қадим бо ҳунарҳои мардумиаш миёни дигар халқҳо шӯҳрат падо кардааст, ин ҳунарҳо тарихи куҳан дошта, пур аз арзишҳои моддӣ ва маънавӣ мебошанд. Яке аз намунаи қадимтарини ҳунарҳои мардуми тоҷик чакандӯзӣ мебошад, ки дар либоси милии чакан инъикос ёфтааст. Чакандӯзӣ яке аз намудҳои санъати бадеӣ – амалӣ, ҳамчун шакли ҳунари бадеӣ яке аз навъҳои гулдӯзӣ ба ҳисоб меравад. Калимаи чаканро бо калимаҳои “чеканит”, “чеканка”-и русиву чакомаву чакомаки авестоӣ алоқаманд мекунанд [4, с. 5-6]. Муҳаққиқ Саидова Б. нақшҳои чаканро таҳқиқ намуда чунин менависад: “Дар ин маврид вобастагӣ ба нақшро дар назар доранд, яъне чакан ин нақш аст. Чакан як навъи гулдӯзии миллӣ дар матоъҳои пахтагӣ ва абрешимӣ аст, ки бештар дар байни занону духтарони тоҷик риволҷ ёфтааст” [11, с. 82-86].

Қайд кардан ба маврид аст, ки арзиши баланди эстетикӣ ва таърихии санъати чакан ҳамчун падидаи нодири фарҳанги тоҷикон 29 ноябри соли 2018 дар ҷаласаи солонаи Кумитаи байниҳукуматии ЮНЕСКО дар Маврикий эътироф гардида, он ҳамчун либоси миллӣ ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарият ворид карда шуд. Ин

эътирофи байналмилалӣ на танҳо мақоми чаканро ҳамчун рамзи ҳувияти миллӣ ва санъати гулдӯзии бостонии матоъҳои пахтагиву абрешимӣ тасдиқ намуд, балки уфуқҳои нави таҳқиқоти байнифанниро дар соҳаи педагогика боз кард.

Ҳунармандони чакан нақшҳои онро номгузории мушаххасе гузоштаанд: «Булбул», «Офтобак», «Давригул», «Каљак», «Аштақ», «Аноргул», «Себарга», «Барги бед», «Гулгулак», «Нохуни паланг», «Қаламфур», «Товус», «Гандумак» ва ѓайраҳо мебошад, ки яке аз дигаре зеботару дилчаспанд [1, с. 4-5]. Таҳлили этнофарҳангии ин нақшҳои чакан собит менамояд, ки ин композитсияҳо дар заминаи қонуниятҳои дақиқи геометрӣ ва таносубҳои аёнии он таркиб ёфтаанд.

Дар ҳар як унсури ин гулдӯзӣ принсипҳои зерини геометрӣ таҷассум ёфтаанд. Масалан, дар он таносубии марказӣ ва меҳварӣ риоя мешаванд, ки ин таносубӣ дар сохтори нақшҳои доирашакл ва нусхаҳои такроршавандаи "кaҷак" ва "офтобак" мушоҳида мешавад; таносубӣ ва пайдарпайии алгоритмӣ тавассути мунтазам такрор шудани унсурҳои графикӣ дар ҳошияи либосҳо ба вуҷуд меояд. Ҷисмҳои табиӣ дар нақши чакан рамзӣ тавассути шаклҳои геометрӣ- хатҳои каҷ, шикаста ва нуқтаҳо ифода мешаванд. Риояи чунин таносубиҳо ва истифодаи шаклҳои геометрӣ ҳамчун рамз ба ташаккули тафаккури абстрактии кӯдакони синни томактабӣ заминаи мусоид мегузоранд.

Муҳокима. Ҳамгироии ин унсурҳои фарҳангӣ ба раванди машғулиятҳо оид ба ташаккули тасаввуротҳои одитарини математикии кӯдакони синни томактабӣ имкон медиҳад, ки муҳити таълимеро бояд фароҳам намоем, ки раванди таълимро ба фаъолияти амалӣ табдил диҳад. Истифодаи нақшҳои чакан ҳамчун воситаи моделсозии геометрӣ, раванди донистагирии кӯдакро аз сатҳи нусхабардории нақшу нигорҳо ба сатҳи эҷодӣ ва таҳлилӣ мебарорад. Аз ин бармеояд, ки чакан на танҳо ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи либоси арӯсу домод ва маросимҳои миллӣ, балки ҳамчун як маводи дидактикӣ дар ташаккули тасаввуротҳои одитарини геометрӣ, рушди диққат ва завқи эстетикии кӯдак хизмат мекунад.

Татбиқи амалии унсурҳои санъати чакандӯзӣ дар низоми ташаккули тасаввуротҳои геометрии кӯдакон танҳо бо ҳадафҳои маърифатӣ маҳдуд нагардида, дорои ҷанбаҳои амиқи арзишҳое мебошанд, ки ҳамчун куртаи зебо қадр карда мешаванд. Ҳамгироии ин мероси фарҳангӣ ба муҳити таълимӣ ба мураббия имконияте фароҳам меорад, ки раванди таълимро ба воситаи самарабахши аз худ кардани фарҳанги миллӣ ва тарбияи хештаншиносии насли наврас табдил диҳад.

Дар ин замина, робитаи мутақобилаи мафҳумҳои геометрӣ ва санъати миллӣ дар се самти калидӣ зоҳир мешаванд:

1.Ташаккули ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ: Омӯзиши қонуниятҳои геометрӣ дар заминаи нақшҳои чакан ба кӯдак имкон медиҳад, ки геометрияро на ҳамчун як илми абстрактӣ, балки ҳамчун ҷузъи зиндаи таърих ва фарҳанги худ дарк намояд. Ин усул ба ташаккули "ман"-и миллӣ ва эҳсоси ифтихор аз мансубият ба тамаддуни тоҷик мусоидат мекунад.

2. Воридшавӣ ба фазои худогоҳӣ: Тавассути рамзшиносии нақшҳои чакан (масалан, рамзи офтоб, гардиши коинот ва таносуби табиат), дар зеҳни кӯдак тасаввурот дар бораи

низоми ҷаҳон ва ҷойгоҳи инсон дар он пайдо мешавад, ки ин заминаи аввалини худогоҳии маънавӣ ба шумор меравад.

3.Тарбияи ватандӯстии эҳсосӣ-когнитивӣ: Ҳамоҳангсозии фаъолияти зеҳнӣ (ҳисоб, ченкунӣ, моделсозӣ) бо арзишҳои эстетикии миллӣ боиси пайдоиши алоқамандии психологӣ бо сарзамин ва мероси аҷдодӣ мегардад. Ватандӯстӣ дар ин сатҳ на ҳамчун шиор, балки ҳамчун дарки амиқи зебоӣ ва хираду ниҳони халқ, ки дар нақшҳо таҷассум ёфтааст, шакл мегирад.

Истифодаи имкониятҳои дидактикии санъати чакандӯзӣ дар машғулиятҳои математикӣ сифати таҳсилотро аз нигоҳи инсонгароӣ баланд бардошта, рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдакро дар пайвастагии ногусастании илм, санъат ва ватандорӣ таъмин менамояд.

Шаклҳои геометрӣ яке аз мафҳумҳои методологии низоми математикӣ мебошад, ки дар сохтори морфологии нақшҳои чакан ба таври васеъ таҷассум ёфтаанд. Мушоҳида ва таҳлили нақшҳо ва унсурҳои гулдӯзии куртаи чакан, аз қабили «Офтобак»,«Мавҷ», «Мижгон»,«Каҷак», «Ислимӣ» [1, с. 4-5] барои кӯдак имконияти нодири тафаккури таҳлилиро фароҳам меорад, ки тавассути он раванди баҳаммонандкунӣ ва гурӯҳбандии шаклҳои зерини геометрӣ сурат мегирад:

- Доира ва нуқтаи марказӣ (Нақши «Офтобак»): Ин ҳамчун унсури асосӣ ва ифоданоктарин дар тасвир ва тарҳи санъати чакандӯзӣ баромад карда, ҳамчун беҳтарин модели аёнӣ барои омӯзиши хосиятҳои шаклҳои доира хизмат мекунад. Он ба кӯдак имкон медиҳад, ки мафҳумҳои марказ ва таносуби марказиро дар сатҳи идрокӣ аз худ намояд.

- Хатҳои шикаста ва мавҷнок (Нақшҳои «Мавҷ», «Мижгон», «Каҷак»): Ин намунаи нақшҳо барои ташаккули тасаввурот дар бораи хати муттасили хаёлӣ дар фазо, самт ва намудҳои хатҳо (хатти мавҷнок ва шикаста) заминаи мусоид мебошанд. Омӯзиши ин унсурҳо ба рушди диққати биноӣ ва дарки пайдарпаии математикӣ дар ҳамворӣ мусоидат мекунад.

- Намунагирии фазоӣ (Нуқтаҳо): Истифодаи нуқтаҳо дар композитсияи чакан на танҳо вазифаи ороишӣ, балки вазифаи маърифатӣ низ дорад. Он барои дарк кардани нуқта ҳамчун унсури хурдтарини геометрӣ ва асоси сохтмони ҳама гуна тасвирҳои графикӣ кӯмак мерасонад.

- Шаклҳои ҳамвор ва бисёркунҷаҳо (Нақши «Ислимӣ»): Дар ин намуди нақшофарӣ принсипҳои сохтани чоркунҷаҳо (квадрат ва ромб) ва бисёркунҷаҳои мунтазам мушоҳида мешавад. Ин унсурҳо барои рушди малакаҳои муқоисакунии миқдории кунҷҳо, тарафҳо ва дарки таносуби қисмҳои шаклҳои геометрӣ ҳамчун маводи дидактикӣ ба шумор мераванд.

Аз ин бар меояд, ки тафсир, таҳлил ва ошкори математикии нақшҳои чакан раванди донистагирии кӯдакро аз сатҳи мушоҳидаи одӣ ба дарки муносибатҳои қатъии мантиқӣ мебарорад, ки ин омили асосии рушди тафаккури мантиқии хурдсолон мебошад.

Дар низоми ташаккули тасаввуротҳои математикӣ, мафҳумҳои маҷмуъ ва ҳисоб ҷойи марказиро ишғол менамояд. Мувофиқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти томактабӣ, кӯдакон бояд малакаҳои ҳисоби бевосита ва баръакс, инчунин муқоисаи маҷмуи ашёҳоро (кам, зиёд, баробар) дар доираи адади 20 аз худ намоянд [5, с. 56]. Истифодаи санъати чакан дар ин раванд имкониятҳои васеи дидактикиро барои амалӣ намудани супоришҳои зерин фароҳам меорад, ки ба инкишофи зеҳнии кӯдакон таъсир мерасонад:

- Шуморидани унсурҳои миқдорӣ ва маҷмуӣ: Гулдӯзии чакан аз бисёр ҷузъҳои такроршаванда иборат аст, ки барои машқи ҳисоби миқдорӣ ва тартибӣ маводи аёнии беҳтарин мебошад. Масалан: «Дар таркиби нақши "офтобак" чандто барг (унсур) мавҷуд аст?», «Ранги гули гули сеюм чӣ гуна аст?».

- Амалиётҳои муқоисавӣ ва таносуби миқдорӣ**:** Тавассути мушоҳидаи нақшҳои гуногун, мураббия метавонад мафҳумҳои "каму зиёд" ва "баробар"-ро дар асоси воқеӣ шарҳ диҳад. Супоришҳо ба монанди: «Миқдори гулҳои доирашаклро бо унсурҳои чоркунҷаи нақши "Ислимӣ" муқоиса кунед» ё «Дар кадом қисмати сӯзанӣ нақшҳо бештар истифода шудаанд?» ба рушди тафаккури аналитикии кӯдак мусоидат мекунанд.

- Гурӯҳбандии миқдорӣ аз рӯи аломатҳои геометрӣ: Ин раванд пайвастагии мафҳумҳои шакл ва миқдорро таъмин менамояд. Саволҳои пешниҳодшуда: «Чандто унсури ба шакли секунҷа монандро дар ҳошияи куртаи чакан мушоҳида мекунед?» ё «Кадом нақшҳо аз рӯи миқдор баробаранд?», кӯдакро водор месозанд, ки хосиятҳои гуногуни ашёро дар як вақт таҳлил намояд.

Композитсияҳои чакан ҳамчун як низоми мураккаби миқдорӣ баромад намуда, ба кӯдак кӯмак мерасонанд, ки ададро на ҳамчун рамзи хушк, балки ҳамчун нишондиҳандаи миқдории зебоӣ ва назм дарк намояд. Ин усул боиси баланд шудани шавқу рағбати

донистагирии кӯдакон гардида, сифати азхудкунии амалиёти ҳисобро ба таври назаррас таъмин месозад.

Дар раванди ташаккули тасаввуротҳои одитарини математикӣ, дар қатори мафҳумҳои миқдор ва шакл, аз худ намудани параметрҳои бузургӣ (андоза) ва ҳамоҳангсозии он дар фазо барои амалҳои минбаъдаи кӯдакон аҳаммият дорад. Санъати чакан бо сохтори мураккаби композитсионии худ барои рушди ин малакаҳо заминаи мусоиди дидактикиро фароҳам меорад.

Гулдӯзии чакан имкон медиҳад, ки кӯдакон мафҳуми андозаро ҳамчун як маводи муқоисавӣ дарк намоянд. Дар ин замина, мураббия метавонад амалиётҳои зеҳниро фаъол созад: кӯдак тавассути мушоҳидаи унсурҳои ороишии нақшҳои чакан гулҳои калон, миёна ва хурдро фарқ намуда, мафҳумҳои нисбияти андозаро аз худ мекунад; истифодаи истилоҳоти математикӣ дар раванди муқоиса, ба монанди: «дарозтар - кӯтоҳтар», «васеътар - тангтар», «баландтар - пасттар» ва «калонтар - хурдтар», ба кӯдак кӯмак менамояд, ки таносуби қисмҳои алоҳидаи нақшро нисбат ба якдигар ва нисбат ба матои умумӣ муайян кунад.

Хулоса. Композитсияи чакан ҳамчун як модели фазоӣ баромад мекунад, ки дар он ҳар як унсур ҷойи мушаххаси худро дорад. Ин ба кӯдак имкон медиҳад, ки нақшҳоро дар ҳамворӣ (коғаз ё матоъ) амалӣ намояд: кӯдак меомӯзад, ки ҷойгиршавии нақшҳоро бо истифода аз ишораҳои фазоӣ муайян кунад: нақши марказӣ («марказ»), ҳошияҳои болоӣ ва поёнӣ («боло», «поён»), ва унсурҳои ёрирасон, ки дар атрофи гули асосӣ ҷойгиранд («атроф», «чап», «рост»); муайян намудани робитаи байни унсурҳо дар фазои маҳдуд ба рушди тафаккури биноӣ-фазоӣ мусоидат намуда, заминаи муҳимро барои омӯзиши минбаъдаи геометрия фароҳам меорад.

Мушоҳидаи мақсадноки андоза ва ҷойгиршавии нақшҳои чакан раванди донистагириро аз дараҷаи эҳсосӣ ба дараҷаи мантиқӣ бардошта, қобилияти кӯдакро дар самти таҳлили сохтори ашёҳо ва ҳамоҳангсозии онҳо дар фазо такмил медиҳад. Ин равиш сифати таҳсилотро тавассути аёният ва робитаи зич бо муҳити фарҳангӣ ба таври назаррас баланд мебардорад.

Адабиёт

1. *Бабаджанова Н. История развития портковского дела таджиков в 15-первой половине 20-го века. // Н. Бабаджанова Хуљанд: «Меърољ», 2016. – 240 с.*
2. *Бурҳонов Қ. Т., Узбекова М. А. Алоқамандии методикаи таълими математика бо фанни санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ. // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. -2024. - № 1 (19). - С. 130-137.*
3. *Геометрия. (Машқ ва масъалаҳо барои синфҳои 1-7) мураттибон Маҳмудов Т., Ниёзов Ҷ., Гулматов М., Шарипов Ш. ва диг.–Душанбе, 2016. -160 с.*
4. *Ершов Н.Н., Широкова З.А. Альбом одежды таджиков. -Душанбе, 1969. - 30 с.*
5. *Леушина А.М. Ташаккули одитарини тасаввуроти математикӣ дар кӯдакони синни томактабӣ. - Душанбе, 1980 – 384 с.*
6. *Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ. Қ.1.- Душанбе ,2011. -253с.*
7. *Карл Меннингер История цифр. Числа, символы, слова. Изд. Центрполиграф, 2024.- 53 с.*
8. *Непомнящая Р. Л. Развитие представлений о времени у детей дошкольного возраста. – СПб.: Детство-Пресс, 2005. -60 с.*
9. *Нурҷонов Н. Санъати гулдӯзии тоҷикони кӯҳистон. – Душанбе: Дониш, 1990. -126 с.*
10. *Рӯзиева М. Д. Зарурати эҳёи касбу ҳунарҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. -2023.- № 4-1 (18).- С.19-25.*
11. *Саидова Б. Чакан ва махсусиятҳои он. // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ (Серияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим). -2021.- № 1 (5). - С. 82-86.*

ТАШАККУЛИ ТАСАВВУРОТИ ТОМАКТАБИЁН АТРОФИ ШАКЛҲОИ ГЕОМЕТРӢ ТАРИҚИ ТАЪМИНИ АЛОҚАМАНДИИ ОНҲО БО ҲУНАРҲОИ МАРДУМИИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

Дар мақола масъалаи ташаккули тасаввуроти кӯдакони синни томактабӣ оид ба шаклҳои геометрӣ тавассути истифодаи имкониятҳои таълимӣ ва тарбиявии ҳунарҳои мардумии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифон нақши ҳунарҳои миллӣ, махсусан санъати чакандӯзиро ҳамчун воситаи самараноки рушди тасаввуротҳои математикӣ, тафаккури мантиқӣ, идроки фазоӣ ва завқи эстетикии кӯдакон асоснок менамоянд. Мазмуни геометрии унсурҳои нақшу нигори чакан таҳлил гардида, имкониятҳои истифодаи онҳо дар омӯзиши мафҳумҳои шакл, миқдор, андоза ва ҷойгиршавӣ дар фазо нишон дода шудаанд. Таъкид мегардад, ки ҳамгироии арзишҳои фарҳанги миллӣ ба раванди таълими математика на танҳо ба рушди маърифатии кӯдакон, балки ба ташаккули ҳувияти миллӣ, хештаншиносӣ ва тарбияи ватандӯстии онҳо низ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: кӯдакони синни томактабӣ, шаклҳои геометрӣ, тасаввуротҳои математикӣ, чакан, ҳунарҳои мардумӣ, фарҳанги миллӣ, таълими математика, тафаккури мантиқӣ, идроки фазоӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ ПРЕДСТАВЛЕНИЙ ДОШКОЛЬНИКОВ О ГЕОМЕТРИЧЕСКИХ ФИГУРАХ ПОСРЕДСТВОМ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИХ ВЗАИМОСВЯЗИ С НАРОДНЫМИ РЕМЁСЛАМИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

В статье рассматриваются вопросы формирования представлений о геометрических фигурах у детей дошкольного возраста посредством использования образовательного и воспитательного потенциала таджикских народных ремёсел. Обосновывается значение национального искусства, особенно искусства вышивки чакан, как эффективного средства развития математических представлений, логического мышления, пространственного восприятия и эстетического вкуса детей. Проведён анализ геометрического содержания орнаментов чакана и раскрыты возможности их применения при изучении понятий формы, количества, величины и пространственного расположения предметов. Подчёркивается, что интеграция национально-культурных ценностей в процесс математического образования способствует не только познавательному развитию дошкольников, но и формированию национальной идентичности, самосознания и патриотических чувств.

Ключевые слова: дети дошкольного возраста, геометрические фигуры, математические представления, чакан, народные ремёсла, национальная культура, обучение математике, логическое мышление, пространственное восприятие.

FORMATION OF PRESCHOOL CHILDREN'S UNDERSTANDING OF GEOMETRIC SHAPES THROUGH THE INTEGRATION OF TAJIK FOLK CRAFTS

The article examines the formation of preschool children's understanding of geometric shapes through the educational and cultural potential of Tajik traditional folk crafts. The author substantiates the role of national handicrafts, particularly chakan embroidery, as an effective means of developing mathematical concepts, logical thinking, spatial perception, and aesthetic appreciation in young children. The geometric content of chakan ornaments is analyzed, and their educational potential for teaching concepts of shape, quantity, size, and spatial orientation is revealed. The study emphasizes that integrating national cultural values into mathematics education contributes not only to children's cognitive development but also to the formation of national identity, self-awareness, and patriotic values.

Keywords: preschool children, geometric shapes, mathematical concepts, chakan embroidery, folk crafts, national culture, mathematics education, logical thinking, spatial perception.

Дар бораи муаллифон

Обидова Мунира Ибрагимона
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва муносибатҳои оилавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: munira64_64@mail.ru

Бобиева Сабрина Каташоевна
Ассистенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru

Об авторах

Обидова Мунира Ибрагимона
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры социальной психологии и семейных отношений
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: munira64_64@mail.ru

Бобиева Сабрина Каташоевна
Ассистент кафедры специальная педагогика и инклюзивное образование
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru

About the authors

Obidova Munira Ibragimovna
Candidate of pedagogical sciences, docent of the Department of social psychological and family relations
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: munira64_64@mail.ru

Bobieva Sabrina Katashoevna
Assistant of the Department of special education and inclusive education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: sabrina.bobiyeva@mail.ru

ТДУ 371.26:373.3/.5

МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Дустов О. Ҷ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Аҳаммияти омӯзиши мавзуъ. Дар шароити рушди босуръати илму техника рақамикунонии иқтисодиёт ва тағйирёбии талаботи бозори меҳнат масъалаи такмили таълими технология дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб менамояд. Таълими технология ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми омодасозии хонандагон ба фаъолияти мустақилонаи меҳнатӣ, ташаккули фарҳанги технологӣ, рушди тафаккури техникӣ ва худмуайянкунии касбӣ баромад мекунад. Дар айни замон, тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди технологияҳои муосир зарурати таҷдиди мазмун, шакл ва усулҳои таълими ин фанро ба миён овардаанд.

Аҳаммияти мавзуъ инчунин бо он муайян мегардад, ки дар шароити кунунӣ байни талаботи воқеии бозори меҳнат ва сатҳи омодагии технологии қисми муайяни хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ номувофиқатӣ мушоҳида мешавад. Норасоии кадрҳои соҳибкасб дар соҳаҳои истеҳсолӣ, техникӣ ва технологӣ аз зарурати баланд бардоштани самаранокии таълими технология шаҳодат медиҳад. Дар чунин шароит муассисаҳои таълимӣ бояд на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои амалӣ ва салоҳиятҳои заруриро барои фаъолияти минбаъдаи касбии ҷавонон ташаккул диҳанд.

Мубрамияти мавзуъ ҳамчунин ба мавҷудияти як қатор мушкилоти соҳа, аз ҷумла нокифоя будани базаи моддию техникӣ, маҳдудияти таъминоти таълимию методӣ, норасоии омӯзгорони соҳибихтисос ва сатҳи пасти ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ вобаста мебошад. Омӯзиши илмии ин масъалаҳо имкон медиҳад, ки роҳҳои такмили низоми тайёрии технологии хонандагон муайян гардида, барои мутобиқ намудани мазмуни таҳсилот ба талаботи иқтисодиёти муосир заминаи илмӣ фароҳам оварда шавад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои рушди таълими технология дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонад барои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати омодагии касбии ҷавонон ва рушди захираҳои инсонӣ саҳми назаррас гузорад.

Методологияи таҳқиқот. Дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои рушди таълими технология дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маҷмуи усулҳои илмӣ истифода шуданд. Асоси методологии таҳқиқотро таҳлили адабиёти илмӣ ва методӣ, омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, таҳлили муқоисавии таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин ҷамъбаст ва таҳлили маълумоти оморӣ ташкил медиҳад. Барои муайян намудани тамоюлҳои рушди таълими технология ва арзёбии самаранокии он усулҳои таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст ва шарҳи илмии натиҷаҳо истифода гардиданд. Манбаи асосии маълумотро таҳқиқоти олимони соҳаи педагогика ва технология, маводи мақомоти идоракунии маориф, маълумоти марказҳои шуғли аҳолӣ ва ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ташкил медиҳанд

Муҳокима. Таълими мактаббачагон дар доираи соҳаи таълимии «Технология» ҳамчун ҷузъи муҳимми низоми муосири маориф ба ҳалли масъалаҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ ва касбии насли наврас равона гардидааст. Самаранокии ин самти таълимӣ бо равандҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа иртиботи мустақим дошта, аз хусусиятҳои сохторӣ ва талаботи бозори меҳнат таъсир мепазирад. Дар адабиёти илмӣ таъкид мешавад, ки таҳсилоти технологӣ зери таъсири тағйироти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ пайваста таҳаввул ёфта, мазмун, шакл ва вазифаҳои он мутобиқ ба ниёзҳои нави ҷомеа тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, рушди таълими технологӣ на танҳо ба талаботи иқтисодиёт, балки ба афзалиятҳои иҷтимоӣ ва стратегияи рушди захираҳои инсонӣ низ вобастагӣ дорад.

Дар марҳилаҳои муайяни рушди давлат, вақте ки иқтисодиёт дар асоси низоми танзими давлатӣ фаъолият мекард ва талабот ба қувваи корӣ истеҳсолӣ зиёд буд, таълими ба амалия нигаронидашудаи мактаббачагон, ки бо номи «таълими меҳнат» маълум буд, пеш аз ҳама ба омода намудани кадрҳои ояндаи истеҳсолот нигаронида мешуд. Дар чунин шароит мактаб ҳамчун яке аз механизмҳои асосии тайёр кардани захираҳои меҳнатӣ баромад намуда, вазифаи муҳимми иҷтимоиро иҷро мекард. Мутаносибан, низоми тайёр намудани омӯзгорон

дар факултетҳои муҳандисию омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олӣ низ хусусияти истеҳсолӣ дошта, ба ташаккули дониш ва малакаҳое равона мегардид, ки барои фаъолияти меҳнатӣ дар соҳаҳои истеҳсолот зарур буданд. Дар он давра масъалаи таъмини иқтисодиёт бо захираҳои меҳнатӣ аҳаммияти калидӣ касб намуда, сиёсати таълимӣ низ ба ҳамин ҳадаф мутобиқ карда мешуд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки чунин равиш ҳатто дар шароите нигоҳ дошта мешуд, ки дар кишварҳои саноатии пешрафта танҳо 20–25 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар бахши саноат фаъолият мекарданд [6, с. 78].

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар шароити муосир рушди самараноки тайёрии технологии мактаббачагон бояд ба ташаккули низоми ягона ва пайвастаи таълими ба амалия нигаронидашуда такя намояд. Моҳияти чунин низом аз он иборат аст, ки хонандагон дар раванди таҳсил на танҳо донишҳои назариявиро аз худ мекунанд, балки бо шаклҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ шинос шуда, таҷрибаи воқеии амалӣ низ ба даст меоранд. Ин раванд барои ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, рушди тафаккури эҷодӣ, баланд бардоштани қобилияти ҳалли масъалаҳои амалӣ ва омодагӣ ба интихоби огоҳонаи касб аҳаммияти махсус дорад [8, с. 205].

Бо вуҷуди ин, дар амал татбиқи самараноки таълими технология бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Яке аз омилҳои муҳимми коҳиш ёфтани самаранокии ин фан рақобати афзояндаи фанҳои таълимӣ дар доираи барномаҳои мактабӣ мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо афзалият ба фанҳое дода мешавад, ки натиҷаҳои онҳо дар имтиҳонҳои марказонидашуда арзёбӣ мегарданд ва барои идомаи таҳсил аҳаммияти бештар доранд. Дар натиҷа, фанни технология тадриҷан мавқеи худро дар низоми афзалиятҳои таълимӣ аз даст дода, имкониятҳои он барои ташаккули малакаҳои амалӣ, омодагии касбӣ ва рушди салоҳиятҳои меҳнатии хонандагон маҳдуд мегардад. Ин вазъият зарурати бознигарии ҷойгоҳ ва нақши таълими технологиро дар муҳтавои таҳсилоти умумӣ ба миён меорад [7, с. 118].

Дар даҳсолаҳои охир қисми муайяни вазифаҳо ва мазмуни фанни «Технология» ба доираи дигар фанҳои таълимӣ интиқол ёфтааст. Дар натиҷа, ин фан дар баъзе муассисаҳои таълимӣ тадриҷан мавқеи пешини худро аз даст дода, то андозае аз равандҳои асосии навсозии низоми маориф канор мондааст. Ба андешаи муҳаққиқон, чунин вазъият ба сатҳи ташаккули фарҳанги технологӣ, рушди ҷаҳонбинии техникӣ ва омодагии амалии хонандагон таъсири манфӣ расонида, имкониятҳои таълимро дар самти ташаккули салоҳиятҳои технологӣ маҳдуд месозад [9, с. 12].

Мазмун ва шаклҳои ташкили таълими технология вобаста ба зинаҳои таҳсилот хусусиятҳои худро доранд. Дар мактаби таҳсилоти ибтидоӣ фаъолияти меҳнатӣ бештар дар асоси коркарди маводи одӣ, омӯхтани амалҳои ибтидоии меҳнатӣ ва ташаккули малакаҳои аввалини амалӣ ба роҳ монда мешавад. Дар зинаи таҳсилоти умумии асосӣ бошад, таълим хусусияти тафриқавӣ касб намуда, барои интихоби самтҳои гуногуни фаъолият аз ҷониби хонандагон шароит фароҳам меорад. Натиҷаҳои таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи шаклҳо ва намудҳои гуногуни дарсҳои технология, аз ҷумла корҳои лоиҳавӣ, машғулиятҳои амалӣ, корҳои гурӯҳӣ ва фаъолиятҳои эҷодӣ, метавонад самаранокии раванди таълимро ба таври назаррас баланд бардорад [2, с. 4].

Дар синфҳои болоӣ, махсусан дар синфҳои 10–11, таълими технология бояд бештар ба омодагии касбӣ ва фаъолияти амалии хонандагон нигаронида шавад. Вале таҷрибаи амалии муассисаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки ин талабот на ҳамеша дар сатҳи зарурӣ татбиқ мегардад. Сабабҳои асосии чунин вазъият ба маҳдудияти имкониятҳои моддӣ, камбуди воситаҳои методӣ ва норасоии шароити зарурии таълимӣ вобаста мебошанд. Бо вуҷуди ин, фаъолияти амалӣ ҳамоно унсури асосии таълими технология боқӣ мемонад. Маҳз дар ҷараёни иҷрои корҳои амалӣ хонандагон малакаҳои меҳнатӣ, тафаккури техникӣ, қобилияти таҳлил ва эҷодкориро инкишоф медиҳанд. Аз ин рӯ, ҷузъи амалии таълим бояд ҷойгоҳи марказиро дар сохтори фан ишғол намояд.

Яке аз вазифаҳои муҳимми фанни технология ташаккули худмуайянкунии касбии хонандагон мебошад. Аҳаммияти ин раванд дар он зоҳир мегардад, ки хонанда имконият пайдо мекунад қобилиятҳо, шавқу ҳавас ва майлҳои шахсии худро аниқ намуда, самти рушди минбаъдаи касбии худро интихоб кунад. Дар шароити тағйирёбии босуръати бозори меҳнат чунин вазифа аҳаммияти махсус пайдо мекунад, зеро интихоби дурусти касб ба мутобиқшавии муваффақонаи ҷавонон дар ҷомеа мусоидат менамояд.

Дар ин раванд нақши омӯзгор низ тағйир меёбад. Агар қаблан омӯзгор бештар ҳамчун интиқолдиҳандаи дониш баррасӣ мегардид, имрӯз ӯ пеш аз ҳама ташкилкунанда ва роҳбари фаъолияти таълимӣ мебошад. Самаранокии фаъолияти омӯзгор аз қобилияти ӯ дар интихоби

усулҳо ва воситаҳои мувофиқи таълим вобаста аст. Ҳангоми интихоби методҳо бояд имкониятҳои зеҳнӣ ва ҷисмонии хонандагон, хусусияти фан ва ҳадафҳои таълим ба назар гирифта шаванд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳамгироии оқилонаи усулҳои назариявӣ ва амалӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои беҳтари таълимӣ мусоидат менамояд [10, с. 66]. Аз ин рӯ, низоми таълими ба амалия нигаронидашуда бояд барои рушди инфиродии ҳар як хонанда шароити мусоид фароҳам оварда, ӯро ба фаъолияти меҳнатӣ ва идомаи таҳсилоти касбӣ омода созад [9, с. 14].

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва ташаккули муҳити рақобатпазири бозори меҳнат муносибатҳои навро дар соҳаи маориф ба вуҷуд овардааст. Дар чунин шароит масъалаи қонеъ гардонидани талаботи таълимии хонандагон ва таъмини манфиатҳои ҷомеа аҳаммияти бештар касб мекунад. Асоси чунин равандро парадигмаи гуманистии тарбия ташкил медиҳад, ки ба рушд ва истифодаи пурраи имкониятҳои дохилии ҳар як шахс равона шудааст. Ин парадигма зарурати ба инобат гирифтани ҳам манфиатҳои фардӣ ва ҳам эҳтиёҷоти ҷомеаро дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ пешбинӣ менамояд. Ноил шудан ба чунин ҳадафҳо рушди таҳсилоти мустақилонаи хонандагонро талаб мекунад, ки он ба принсипҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти инфиродӣ ва фаъолнокии таълимӣ асос меёбад. Аз нуқтаи назари ташкили раванди таълим, ин раванд гузариш аз низоми стандартҳои ягона ва барномаҳои умумӣ ба татбиқи унсурҳои таълими инфиродӣ ва шахсиятмеҳварро дар назар дорад, ки ҳамчун заминаи рушди минбаъдаи касбӣ ва таълимии ҳар як хонанда хизмат мекунад.

Дар робита ба ин масъала академик П. Р. Атутов рушди низоми тайёрии технологии мактаббачагонро ҳамчун ташаккули низоми ягонаи таълими ба амалия нигаронидашуда арзёбӣ менамояд, ки ба омода намудани насли наврас барои эҷоди арзишҳои моддӣ ва маънавӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон равона гардидааст. Ба андешаи ӯ, чунин омодагӣ бояд дар тамоми давраи таҳсил дар мактаб амалӣ карда шавад. Бо вуҷуди ин, дар марҳилаи кунунии рушди мактаб масъалаи мазкур ҳанӯз аз ҷиҳати назариявӣ ва методӣ пурра ҳал нашудааст. Норасоии асосҳои илмӣ ва методӣ боиси пайдоиши унсурҳои рукуд дар рушди система гардида, мувофиқи қонунҳои фаъолияти системаҳои кушода ба сустшавии равандҳои ҳамгироӣ дар сохтори тайёрии технологии мактаббачагон оварда мерасонад. Дар натиҷа, бахшҳои алоҳидаи технологияҳои иқтисодӣ, иттилоотӣ, бадеӣ-графикӣ, касбомӯзӣ ва дигар самтҳои технологӣ аз сохтори ягона ҷудо гардида, мазмуни фан маҳдуд шудааст. Ин раванд ба он оварда расонидааст, ки дар бисёр ҳолатҳо фанни «Технология» амалан ба сатҳи таълими ибтидоии меҳнатӣ дар синфҳои 5–7 баргардонида шудааст.

Яке аз омилҳои муҳимми таъсиррасон ба ин раванд рақобати байни фанҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳолат махсусан баъд аз ҷорӣ гардидани низоми имтиҳонҳои марказонидашуда ва марказҳои тестӣ бештар эҳсос гардид. Дар чунин шароит таваҷҷуҳи муассисаҳои таълимӣ ва хонандагон бештар ба фанҳое равона шуд, ки натиҷаҳои онҳо дар имтиҳонҳо нақши ҳалкунанда доранд. Бо вуҷуди ин, маҳдуд кардани сабабҳои мушкилоти мавҷуда танҳо ба рақобати фанҳо дуруст нахоҳад буд. Агар таҳсилот ҳамчун низоми ягона ва мутақобилан вобастаи унсурҳо баррасӣ гардад, равшан мегардад, ки тағйирот дар як ҷузъи система ҳатман ба дигар унсурҳои он низ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, мушкилоти рушди тайёрии технологии мактаббачагон натиҷаи маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва педагогӣ буда, ҳалли он муносибати комплексӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснокро талаб менамояд.

Дар шароити муосир ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва омӯзгорон имконият дода мешавад, ки дар доираи талаботи санадҳои меъёрӣ ба нақшаҳои таълимӣ тағйироту иловаҳои муайян ворид намоянд. Бо вуҷуди ин, мазмун ва сохтори таълими меҳнат ва технология дар аксари муассисаҳои таълимӣ то ҳол аз хусусиятҳои анъанавии худ пурра ҷудо нашудааст. Дар айни замон таълими меҳнат дар низоми таҳсилоти умумӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилот бо шаклҳо ва самтҳои гуногун амалӣ мегардад.

Дар мактаби таҳсилоти ибтидоӣ (синфҳои 1–4) таълими меҳнат асосан тавассути коркарди коғаз, картон, матоъ ва дигар маводи дастрас ба роҳ монда мешавад. Ҳадафи асосии ин зина ташаккули малакаҳои ибтидоии меҳнатӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва инкишофи фаъолияти амалии хонандагон мебошад. Дар мактаби таҳсилоти умумии асосӣ (синфҳои 5–9) таълими меҳнат хусусияти тафриқавӣ касб мекунад. Писарон дар мактабҳои шаҳрӣ бештар дар устохонаҳои таълимӣ ба коркарди чӯб, филизот ва дар баъзе мавридҳо ба омӯзиши техникаи барқӣ машғул мешаванд. Духтарон бошанд, асосан ба корҳои хизматрасонӣ, аз ҷумла коркарди маҳсулоти нассоҷӣ, дӯзандагӣ, пухтупаз ва дигар намудҳои

фаъолияти хизматрасонӣ ҷалб мегарданд. Дар мактабҳои деҳот мазмуни таълим бештар ба омӯзиши меҳнати кишоварзӣ ва техникаи хоҷагии қишлоқ барои писарон ва корҳои хизматрасонӣ барои духтарон нигаронида шудааст. Ғайр аз ин, дар баъзе муассисаҳо таълим аз рӯи барномаи «Соҳиби хонаи деҳот» низ ташкил карда мешавад. Дар доираи корҳои беруназсинфӣ бошад, омӯзиши ҳунарҳои миллӣ, аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ, кандакорӣ ва коркарди бадеии чӯб густариш меёбад. Қадами муҳим дар рушди ин самт таҳияи барномаи асосии давлатии таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар соли 1992 ба ҳисоб меравад.

Дар заминаи ислоҳоти соҳаи маориф ва таҷдиди мазмуни таҳсилот дар қисми инвариантии нақшаи таълимӣ як қатор фанҳо, аз ҷумла «Таълими меҳнат ва тайёрии касбӣ», «Нақшакашӣ», «Техника ҳамчун воситаи фаъолияти ҳаёти инсон» ва дигар фанҳои ҳамгун ба соҳаи ягонаи таълимии «Технология» муттаҳид карда шуданд. Барномаи нахустини ин соҳаи таълимӣ соли 1993 таҳти роҳбарии профессорони Симоненко В. Д. ва Хотунцева Ю. Л. таҳия гардид. Минбаъд, соли 1997, таҳти роҳбарии В. Д. Симоненко барномаи махсуси таълими технология барои хонандагони синфҳои I–XI мактабҳои деҳот низ таҳия карда шуд. Дар натиҷа мазмун ва ҳадафҳои соҳаи таълимии «Технология» мушаххас гардида, барои санҷиши самаранокии он корҳои таҷрибавӣ анҷом дода шуданд. Дар таҳқиқ ва такмили асосҳои илмии ин соҳа саҳми назарраси академикон П. Р. Атутов, В. А. Поляков ва узви вобастаи Академияи таҳсилот В. Д. Симоненко мушоҳида мешавад.

Марҳилаи дигари муҳим дар рушди таълими технология ба соли 2000 рост меояд, вақте ки дар Вазорати маорифи ҷумҳурӣ ҷаласаи мушовара баргузор гардид. Дар ин ҷаласа масъалаҳои мубрами рушди таълими «Технология», омодасозии хонандагон ба фаъолияти меҳнатӣ ва дурнамои такмили низоми тайёрии технологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Иштирокчиёни ҷаласа нақши муҳимми таълими технологияро дар худмуайянкунии касбии хонандагон, интихоби бошууронаи касб, мутобиқшавӣ ба шароити нави иҷтимоию иқтисодӣ ва омодагӣ ба фаъолияти мустақили меҳнатӣ махсус таъкид намуданд.

Бо вуҷуди ин, татбиқи самараноки вазифаҳои мазкур бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ маҳдуд гардидааст. Пеш аз ҳама, соатҳои барои омӯзиши фанни «Технология» ҷудошуда нисбат ба фанни қаблии «Таълими меҳнат ва тайёрии касбӣ» ба таври назаррас коҳиш ёфтанд. Ҳамзамон, мушкилоти молиявӣ ба он оварда расониданд, ки солҳои охир бисёр устохонаҳои мактабӣ бо таҷҳизот, асбобҳо ва маводи зарурии таълимӣ таъмин нагардиданд. Илова бар ин, ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо корхонаҳо ва хоҷагиҳо дар масъалаҳои роҳнамоии касбӣ ва тайёрии истеҳсолии хонандагон низ ба таври назаррас заиф шудааст. Дар натиҷа, робитаи байни таълим ва фаъолияти воқеии меҳнатӣ маҳдуд гардидааст.

Ҷорӣ намудани фанни «Технология» инчунин ба пайдоиши муносибатҳо ва тафсирҳои гуногуни консептуалӣ нисбат ба мазмуни он сабаб гардид. Дар баъзе муассисаҳои таълимӣ омӯзиши технология амалан ба омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ иваз карда шудааст. Чунин равиш боиси он мегардад, ки фаъолияти воқеии эҷодӣ ва меҳнатии хонандагон тадриҷан ҷойи худро ба муҳити виртуалӣ медиҳад. Дар синфҳои болоӣ бошад, фанни «Технология» дар бисёр ҳолатҳо ба курсҳои иловагии физика, химия, математика, биология ва дигар фанҳо табдил дода мешавад. Дар натиҷа, қисми зиёди хонандагон танҳо ба дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ равона шуда, талаботи воқеии бозори меҳнат ва хусусиятҳои иқтисодии минтақаҳоро камтар ба назар мегиранд. Ин тамоюл махсусан дар шаҳрҳои калон бештар мушоҳида мешавад.

Вазъият дар мактабҳои деҳот боз ҳам мураккабтар аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар қисми зиёди мактабҳои деҳотӣ солҳои зиёд машғулиятҳо аз рӯи курси «Меҳнати хоҷагии қишлоқ», ки барои шароити деҳот аҳаммияти махсус дорад, баргузор намегарданд. Омӯзиши касбӣ низ дар аксари ҳолатҳо маҳдуд буда, асосан танҳо ҷавононро фаро мегирад. Масалан, дар баъзе муассисаҳо танҳо ихтисоси ронандаи трактор нигоҳ дошта шудааст. Дар баробари ин, самтҳои қаблан маъмул барои духтарон, аз ҷумла омодагӣ ба фаъолияти чорводорӣ ва дигар соҳаҳои кишоварзӣ, амалан аз байн рафтаанд.

Яке аз ҳадафҳои асосии ҷорӣ намудани фанни «Технология» баланд бардоштани таъсири он ба интихоби бошууронаи касб ва омодагии хонандагон ба ҳаёти воқеӣ буд. Аммо натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ин вазифа ҳанӯз пурра амалӣ нашудааст. Хонандагони синфҳои болоӣ дар бораи вазъи бозори меҳнати минтақавӣ, талабот ба мутахассисон ва мувофиқати қобилиятҳои шахсии худ ба касбҳои интихобшуда маълумоти кофӣ надоранд. Тибқи маълумот, тақрибан 77 фоизи хатмкунандагон танҳо ба гирифтани таҳсилоти олӣ ё миёнаи махсус нигаронида шудаанд. Самтҳои бештар интихобшаванда

соҳаҳои иқтисод, молия ва ҳуқуқшиносӣ мебошанд, дар ҳоле ки танҳо 4–5 фоизи ҷавонон хоҳиши дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро доранд. Дар баробари ин, шавқу ҳаваси касбии ҷавонони деҳот аз ҳамсолони шаҳрии онҳо фарқ мекунад. Зиёда аз сеяки ҷавонони деҳот ба касбҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳ доранд ва тақрибан 30 фоиз мехоҳанд дониш ва малакаҳои технологиро барои пешбурди хоҷагии шахсӣ ва фаъолияти истеҳсолӣ аз худ намоянд. Бо вуҷуди ин, самтҳои интихобнамудаи хонандагон на ҳамеша ба эҳтиёҷоти воқеии бозори меҳнати минтақавӣ ва дурнамои таъминоти кадрӣ мувофиқат мекунанд.

Таҳлили вазъи бозори меҳнат нишон медиҳад, ки байни самтҳои омодасозии кадрҳо ва талаботи воқеии иқтисодиёт номувофиқии муайян вуҷуд дорад. Тибқи маълумоти марказҳои шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо, зиёда аз 70 фоизи ҷойҳои холии бозори меҳнат ба ихтисосҳои коргарӣ дар соҳаҳои мошинсозӣ, сохтмон ва дигар бахшҳои истеҳсолӣ рост меоянд, ки соҳибони онҳо бояд дорои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бошанд. Дар айни замон танҳо тақрибан 20 фоизи пешниҳодҳои ҷойи кор ба мутахассисони дорои маълумоти олии муҳандисӣ, тиббӣ ва педагогӣ нигаронида шудаанд. Ин нишондиҳандаҳо зарурати таҳкими ҷузъҳои амалӣ ва касбии таҳсилотро боз ҳам бештар таъкид намуда, аҳаммияти фанни «Технология»-ро ҳамчун воситаи омодасозии хонандагон ба фаъолияти меҳнатӣ афзун мегардонанд.

Дар баробари ин, яке аз мушкилоти ҷиддии рушди таълими технология ба норасоии кадрҳои тахассусии педагогӣ вобаста мебошад. Шумораи омӯзгорони соҳавии фанни технология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳдуд буда, қисми зиёди омӯзгороне, ки ин фанро таълим медиҳанд, маълумоти махсуси технологӣ надоранд ва ё соҳиби маълумоти миёнаи махсус ва ё ихтисосҳои гуманитарӣ мебошанд. Вазъият боз ҳам аз он сабаб мураккаб мегардад, ки дар бисёр муассисаҳои таълимӣ базаи моддию техникии устохонаҳо фарсуда гардида, қисми зиёди таҷҳизот ва асбобҳои таълимӣ аз истифода баромадаанд. Ҳамчунин сатҳи нисбатан пасти музди меҳнат барои ҷалби мутахассисони ҷавон ва нигоҳ доштани кадрҳои соҳибтаҷриба монеаи ҷиддӣ эҷод мекунад. Мушкилоти шабеҳ дар таълими фанни нақшакашӣ низ мушоҳида мешавад, зеро омӯзгорони ин самт ҳатто бо ҳаҷми кофии соатҳои таълимӣ таъмин карда намешаванд. Ба ин омилҳо масъалаи таъминоти нокифояи таълимию методӣ низ ҳамроҳ мегардад. Теъдоди маҳдуди адабиёти таълимию методӣ, нархи баланди маҷаллаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дастрасии омӯзгорон ва муассисаҳои таълимиро ба манбаъҳои зарурӣ маҳдуд месозад [4, с. 21].

Дохил намудани соҳаи таълимии «Технология» ба қисми вариантивии нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои ҳалли як қатор вазифаҳои стратегии давлатӣ пешбинӣ шудааст. Пеш аз ҳама, вазифаи иқтисодии он ба омода намудани захираҳои инсонӣ барои рушди саноат ва тақвияти иқтидори истеҳсолии кишвар нигаронида шудааст. Ҷанбаи дуюм хусусияти иҷтимоию сиёсӣ дошта, ба ташаккули муносибати мустақилона ва масъулиятноки шаҳрвандон нисбат ба технологияҳои муосир ва равандҳои тағйирёбандаи ҷомеа равона мегардад. Ҷанбаи сеюм бошад, бо рушди шахсият алоқаманд буда, ташаккули тафаккури эҷодӣ, омодасозии ҷавонон ба фаъолияти меҳнатӣ ва рушди малакаву маҳорати касбиро дар бар мегирад [5, с. 4].

Дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ омӯзиши фанни «Технология» аҳаммияти махсус дорад, зеро маҳз дар ин марҳила асосҳои фарҳанги технологӣ ва муносибати эҷодӣ нисбат ба меҳнат гузошта мешаванд. Хонандагон бо технологияҳои табдил додани мавод, неру, иттилоот, объектҳои биологӣ ва воситаҳои одии коммуникатсионӣ шинос мегарданд. Ҳамзамон диққати махсус ба рушди мустақилияти функсионалии кӯдакон дода мешавад. Омода намудани бозичаҳо, макетҳо, моделҳо ва дигар маҳсулоти одӣ ба рушди малакаҳои амалӣ, тафаккури фазоӣ, масъулиятшиносӣ ва эҷодкорӣ мусоидат менамояд.

Дар зинаи таҳсилоти умумии асосӣ, бо назардошти таҷрибаи қаблан андӯхташуда ва имкониятҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, ба хонандагон имконият дода мешавад, ки яке аз самтҳои асосии таълимро интихоб намоянд. Ба ин самтҳо технологияи истеҳсолоти саноатӣ, технологияҳои хизматрасонӣ ва технологияҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дохил мешаванд. Чунин равиш ба хонандагон имкон медиҳад, ки дониш ва малакаҳои худро дар самти бештар мувофиқ ба шавқу рағбат ва нақшаҳои ояндаи худ инкишоф диҳанд.

Дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фанни «Технология» бояд бо тайёрии касбӣ ҳамгиро карда шавад. Ин масъала махсусан барои муассисаҳои таълимии деҳот аҳаммияти калон дорад, зеро имкониятҳои идомаи таҳсил ва ҷойгиршавӣ ба кор дар ин

минтақаҳо маҳдудтаранд. Тайёрии касбӣ бояд ба талаботи воқеии бозори меҳнати минтақа мутобиқ гардида, барои таъмин намудани ҷавонон бо ҷойи кор ва паст намудани шиддати иҷтимоӣ мусоидат намояд. Дар чунин шароит фанни технология метавонад ҳамчун воситаи муҳимми мутобиқсозии ҷавонон ба муҳити иқтисодии муосир хизмат намояд.

Таҷрибаи кишварҳои гуногун ва амалияи ватанӣ нишон медиҳанд, ки омодасозии самараноки ҷавонон ба ҳаёт ва фаъолияти меҳнатӣ бидуни ҳамкории зичи муассисаҳои таълимӣ бо истеҳсолот ғайриимкон аст. Мактаб ба танҳоӣ наметавонад тамоми вазифаҳои роҳнамоии касбӣ ва омодасозии амалии хонандагонро иҷро намояд. Аз ин рӯ, густариши ҳамкорӣ байни муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, хадамоти шуғли аҳолӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Муносибатҳои шарикона, ки ба манфиатҳои мутақобила асос меёбанд, метавонанд сатҳи омодагии меҳнатии ҷавононро ба таври назаррас беҳтар намоянд.

Самаранокии таълими технология то андозаи зиёд ба сатҳи тайёрии касбии омӯзгорон вобаста мебошад. Дар шароити рушди босуръати технологияҳо омӯзгор бояд на танҳо донишҳои соҳавӣ дошта бошад, балки усулҳои муосири таълим, технологияҳои рақамӣ ва роҳҳои ташкили фаъолияти амалиро низ хуб аз худ намояд. Аз ин рӯ, зарурати ворид намудани тағйирот ба барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ба миён меояд. Ҳамзамон, масъалаҳои фарҳанги технологӣ ва таълими ба амалия нигаронидашуда бояд на танҳо дар омодасозии омӯзгорони технология, балки дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорони дигар фанҳо низ ҷойгоҳи муносиб пайдо кунанд. Дар натиҷа, бояд низоми мукаммали таълими ба амалия нигаронидашуда ташаккул ёбад, ки барои рушди инфиродии хонандагон, бо дарназардошти қобилиятҳо ва манфиатҳои шахсии онҳо, шароити мусоид фароҳам оварад ва онҳоро ба идомаи таҳсилоти касбӣ омода созад [9, с. 12].

Дар ҳамин замина, тайёрии технологӣ, махсусан дар синфҳои болоӣ, бояд ба ташаккули салоҳиятҳое равона гардад, ки барои фаъолияти воқеии меҳнатӣ заруранд. Ин раванд бояд гуногунрангии объектҳои меҳнат, аз ҷумла табиат, инсон, техника, системаҳои аломатӣ ва образҳои бадеиро ба назар гирифта, барои рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда шароити зарурӣ муҳайё намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Таҳлили маводи илмӣ ва маълумоти оморӣ нишон дод, ки дар рушди таълими технология як қатор мушкилоти мураккаби иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва педагогӣ ҷой доранд. Муайян гардид, ки қисми зиёди ҷойҳои холии бозори меҳнат ба ихтисосҳои коргарӣ рост меоянд, дар ҳоле ки аксарияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба гирифтани таҳсилоти олӣ ва интихоби касбҳои иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ ва молиявӣ майл доранд. Ин ҳолат аз мавҷудияти номувофиқатӣ байни талаботи бозори меҳнат ва самтҳои худмуайянкунии касбии ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Ҳамчунин муайян карда шуд, ки вазъи базаи моддию техникии бисёр муассисаҳои таълимӣ ба талаботи муосир ҷавобгӯ нест. Норасоии таҷҳизот, асбобҳои таълимӣ ва маводи зарурӣ имконияти ташкили самараноки фаъолияти амалиро маҳдуд менамояд. Дар баробари ин, мушкилоти норасоии омӯзгорони тахассусии фанни технология ва сатҳи нокифояи таъминоти таълимию методӣ низ ба сифати омодагии технологии хонандагон таъсири манфӣ мерасонанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин нишон доданд, ки ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва сохторҳои бозори меҳнат дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Дар натиҷа, имкониятҳои истифодаи шаклҳои амалии омӯзиш, роҳнамоии касбӣ ва омодагии воқеии хонандагон ба фаъолияти меҳнатӣ маҳдуд гардидаанд.

Муҳокимаи натиҷаҳо. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки мушкилоти таълими технология танҳо бо камбудиҳои моддию техникӣ маҳдуд намегарданд. Таҳлил собит месозад, ки сабабҳои асосии вазъияти мавҷуда хусусияти комплексӣ дошта, омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва педагогиро дар бар мегиранд. Аз як тараф, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва тағйирёбии сохтори иқтисодиёт талаботи навро нисбат ба мазмуни таҳсилот ба вуҷуд овардааст. Аз ҷониби дигар, низоми таълими технология на ҳамеша ба ин тағйирот сари вақт мутобиқ мегардад.

Ба андешаи мо, самаранокии минбаъдаи таълими технология пеш аз ҳама аз сатҳи ҳамгироии он бо талаботи воқеии бозори меҳнат вобаста мебошад. Агар мазмуни фан ба ташаккули салоҳиятҳои амалӣ, рушди тафаккури техникӣ ва худмуайянкунии касбии хонандагон равона гардад, он метавонад ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми рушди сармояи

инсонӣ хизмат намояд. Дар акси ҳол, хатари ҷудо шудани таҳсилот аз эҳтиёҷоти воқеии ҷомеа ва иқтисодиёт боқӣ мемонад.

Ҳамчунин метавон хулоса кард, ки баланд бардоштани мақоми фанни технология бояд танҳо бо зиёд намудани соатҳои таълимӣ маҳдуд нашавад. Зарур аст, ки масъалаҳои такмили барномаҳои таълимӣ, рушди базаи моддию техникӣ, омодасозии кадрҳои педагогӣ ва густариши ҳамкорӣ бо бахши истеҳсолот ҳамзамон ҳал карда шаванд. Танҳо дар ин сурат таълими технология метавонад ба ҳадафи асосии худ, яъне омодасозии ҷавонон ба фаъолияти мустақилонаи меҳнатӣ ва интихоби бошууронаи касб ноил гардад.

Хулоса. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки рушди таълими технология дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ яке аз шартҳои муҳимми омодасозии ҷавонон ба зиндагӣ ва фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Бо вуҷуди пешрафтҳои бадастомада, дар ин самт ҳанӯз мушкилоти марбут ба таъминоти моддию техникӣ, омодагии кадрҳои педагогӣ, таъминоти методӣ ва мутобиқати мазмуни таълим ба талаботи бозори меҳнат боқӣ мондаанд. Бартараф намудани ин мушкилот барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди салоҳиятҳои технологӣ ва таҳкими рақобатпазирии ҷавонон дар бозори меҳнат аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамин тавр, таҳлили вазъи кунунии таълими фанни «Технология» нишон медиҳад, ки мушкилоти асосии он аз маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, моддию техникӣ ва методӣ сарчашма мегиранд. Дар чунин шароит баланд бардоштани самаранокии таълим тақозо менамояд, ки базаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ мустаҳкам карда шавад, мазмун ва сохтори барномаҳои таълимӣ такмил ёбанд, сатҳи омодагии касбии омӯзгорон баланд бардошта шавад, ҳаҷми фаъолияти амалӣ ва истеҳсолӣ васеъ гардад ва ба масъалаҳои худмуайянкунии касбии хонандагон таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Танҳо дар сурати татбиқи чунин чораҳо фанни «Технология» метавонад рисолати воқеии худро иҷро намуда, ба рушди шахсият, ташаккули фарҳанги меҳнатӣ ва омодасозии ҷавонон ба ҳаёти мустақилона ва фаъолияти касбӣ мусоидат намояд.

Адабиёт

1. *Симоненко В. Д. Технологическая культура и образование (культурно-технологическая концепция развития общества и образования). - Брянск: изд-во БГПУ, 2001. - 214 с.*
2. *Хотунцев Ю. Л. Проблемы формирования технологической культуры учащихся // Педагогика. 2006. №4. С. 10–15.*
3. *Махотин Д. А. Технологические знания в современном образовании // Вестник Московского государственного областного университета. Серия: Педагогика. 2010. №2. С. 116–121.*
4. *Воронин А. М., Самоторова О. А. Актуальные проблемы технологического образования // Вестник Брянского государственного университета. Брянск: РИО БГУ, 2016. №3 (29). С. 201–203.*
5. *Кальней В. А., Махотин Д. А., Логвинова О. Н. Типология уроков технологии // Школа и производство. 2017. №5. С. 3–7.*
6. *Кальней В. А., Махотин Д. А., Ряхимова Е. Г. Цикличность развития технологического образования // Вестник РМАТ. 2016. №3. С. 61–68.*
7. *Кац С. В., Махотин Д. А., Ушакова Е. Г. Структурно-пространственная организация содержания предметной области «Технология» // Интерактивное образование. 2017. №4. С. 18–23.*
8. *Логинова О. Н., Махотин Д. А. Структура современных типов уроков технологии по ФГОС // Школа и производство. 2017. №7. С. 3–7.*
9. *Махотин Д. А., Родичев Н. Ф., Орешкина А. К., Логвинова О. Н. Концепция предметной области «Технология» как средство модернизации содержания и технологий обучения в современной школе // Инженерное образование. 2017. №21. С. 76–82.*
10. *Сангов Н. Н., Райҳонова С. Ҳ. Методҳои таълими истеҳсолӣ дар тайёрии касбии ҷавонон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои омӯзгорӣ ва психология. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. №4 (26) Душанбе, 2025. С. 63–70.*

МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Муаллифи мақола диққати асосиро ба мушкилотҳои таълими фанни технология дода, қайд мекунанд,ки тарбияи меҳнатии мактаббачагон ва тайёр кардани кадрҳои педагогӣ дар факултетҳои муҳандисӣ-омӯзгории мактабҳои олӣ тамоюли истеҳсолӣ дошт. Ҳалли мушкилотҳои захираҳои меҳнатӣ сарфи назар аз он ки дар ҷамъияти тараққикарда на бештар аз 20-25 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар саноат кор мекарданд нақши асосиро бозид. Инчунин, муаллифи мақола рушди системаи тайёрии технологии мактаббачагонро, ба ақидаи академик П. Р.Атутов, ташаккул додани системаи ягонаи таълими ба амалия нигаронидашудаи насли наврас барои эҷоди сарватҳои моддӣ ва маънавӣ

дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, дар раванди таҳсил дар мактаб медонанд.Ба ақидаи муаллиф ҳалли ин мушкилотҳои муҳим бо сабаби хеле кам кардани соатҳои ба технология ҷудо кардашуда, нисбат ба фанни «Таълими мехнат ва тайёрии касбӣ», ки ба меҳнати муфиди ҷамъиятӣ ва меҳнати фоиданоки истеҳсолӣ таалуқ доранд, ба салоҳияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мансуб дониста шуданд.

Калидвожаҳо: фанни технология, тарбияи меҳнатӣ, кадрҳои педагогӣ, захираҳои меҳнатӣ, системаи ягонаи таълим, тайёрии касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ОБУЧЕНИЯ ТЕХНОЛОГИИ В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

Автор статьи обращают внимание на проблемы технологического образования и отмечают, что трудовое обучение школьников и подготовка педагогических кадров на инженерно-педагогических факультетах высшей школы имели продуктивную тенденцию. Решение проблем трудовых ресурсов играло большую роль, несмотря на то, что в развитом обществе в промышленности работало не более 20-25 процентов работающего населения. Также автором статьи разработана система технологической подготовки школьников, по мнению академика П. Р. Атутова умеет формировать единую систему практико-ориентированного воспитания подрастающего поколения для создания материальных и духовных благ в различных сферах деятельности, в процессе школьного обучения. По мнению автора, решение этих важных проблем относятся за счет сокращения часов, отводимых на технику, применительно к предмету «Трудовое воспитание и профессиональной подготовки», которые связаны с полезной общественной работой и полезным производственным трудом, было связано с компетенциями общеобразовательных учреждений.

Ключевые слова: предмет технологии, трудовая подготовка, педагогические кадры, трудовые ресурсы, единая система образования, профессиональная подготовка, общеобразовательные учреждения.

CHALLENGES AND PROSPECTS FOR THE DEVELOPMENT OF TECHNOLOGY TEACHING IN SECONDARY SCHOOLS

The author of the article draw attention to the problems of technological education and note that the labor training of schoolchildren and the training of teaching staff at the engineering and pedagogical faculties of higher education have had a productive trend Solving labor problems played a big role, despite the fact that in a developed society no more than 20-25 percent of the working population worked in industry. The author of the article also developed a system of technological training for schoolchildren, according to academician P. R. Atutov, it is able to form a unified system of practice-oriented education of the younger generation to create material and spiritual benefits in various fields of activity, in the process of schooling. According to the authors, the solution to these important problems is by reducing the hours allocated to technology in relation to the subject “Labor education and vocational training”, which are associated with useful social work and useful production work, was associated with the competencies of general educational institutions.

Keywords: subject of technology, labor training, teaching staff, labor resources, unified education system, vocational training, educational institutions.

Дар бораи муаллиф
Дустов Одина Ҷомаҳмадович
Ассистенти кафедраи методикаи таълими технология ва соҳибкорӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: o.dustov69@mail.ru

Об авторе
Дустов Одина Джомахмадович
Ассистент кафедры методики преподавания технологии и предпринимательство
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: o.dustov69@mail.ru

About the author
Dustov Odina Dzhomakhmadovich
Assistant, Department of Teaching Methods, Technology, and Entrepreneurship
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: o.dustov69@mail.ru

ТДУ 37.01

АМАЛӢ НАМУДАНИ АЛОҚАИ БАЙНИФАННӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИИЮ ҶАМЪИЯТӢ АЗ НИГОҲИ ОЛИМОНИ ХОРИҶӢ

Эшонов С. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Алоқаи байнифаннӣ ҳамгироии донишҳо, мафҳумҳо ва усулҳо миёни фанҳои гуногун бо мақсади фароҳам овардани фаҳмиши амиқтар ва таҳлили комплексӣ мебошад. Ин раванд дар таълим имконият медиҳад, ки донишомӯзон воқеиятро аз чанд самт дида бароянд. Аз нигоҳи психологӣ, чунин омӯзиш ба ташаккули тафаккури мукаммал ва қобилиятҳои зеҳнӣ мусоидат мекунад.

Робитаи байнифаннӣ яке аз равишҳои муассир дар низоми муосири таълим мебошад, ки дар он дониш ва малакаҳои фанҳои гуногун якҷо ва ҳамоҳанг истифода бурда мешавад. Ин равиш ба баланд бардоштани сифати таълим ва рушди ҳамаҷонибаи таълимгирандагон мусоидат мекунад.

Афзалиятҳои асосии робитаи байнифаннӣ дар таълими фанҳои табиию ҷамъиятӣ инҳоянд:

1.Таҳкими фаҳмиши васеъ ва амиқ: Таълимгирандагон бо роҳи пайвастани дониш аз фанҳои гуногун (масалан, математика бо физика ё таърих бо адабиёт) маъно ва робитаи воқеиро мефаҳманд.

2. Таҳкими тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ: Омӯзиши байнифаннӣ имконият медиҳад, ки хонандагон аз нуқтаи назари гуногун ба як масъала назар андозанд ва роҳи ҳалли эҷодкорона пешниҳод намоянд.

3. Тақвияти малакаҳои амалӣ ва ҳаётӣ: Алоқаи байнифаннӣ таҳсилро ба воқеияти зиндагӣ наздик мекунад ва хонандагонро барои ҳал кардани масъалаҳои ҳаётӣ тайёр месозад.

4. Ҳавасмандии бештар ва иштирок дар дарсҳо: Бо роҳи муттаҳид кардани мавзуъҳои ҷолиб аз фанҳои гуногун, муҳассилин шавқи бештар ба таҳсил пайдо мекунанд.

5. Тағриби ҳамкорӣ ва кори гурӯҳӣ: Омӯзиши байнифаннӣ одатан талаб мекунад, ки хонандагон бо ҳамкорӣ фаъолият кунанд, ки ин малака барои зиндагӣ ва кор муҳим мебошад.

6. Тайёрӣ ба муҳити касбии воқеӣ: Дар бисёре аз касбҳо дониш аз фанҳои гуногун якҷо истифода мешавад, ки ин равиш таълимгирандагонро барои чунин муҳитҳо омода месозад.

7. Пешбурди таҳсилоти инфиродӣ ва фарогир: Ҳар як хонанда метавонад қобилияту шавқи шахсии худро дар равиши омӯзиши байнифаннӣ баён кунад.

Робитаи байнифаннӣ ҳангоми азхудкунии маводи назариявӣ (назария, қонунҳо, мафҳумҳо, далелҳо, методҳои илмӣ), ҳосил намудани малака ва маҳоратҳо (зеҳнӣ, умумитаълимӣ) ва шинос шудан бо проблемаҳои умумии хоҷагии халқ пайдо мешаванд.

Дар натиҷаи тадқиқот муаян карда шуд, ки алоқамандии байни фанҳо дар таҳсилот, яке аз қисмҳои асосии таълиму тарбия буда, он дар пешравии сатҳу сифати хонандагон аҳаммияти калон дорад. Омӯзгорон дар рафти машғулиятҳои дарсӣ бояд ба алоқамандии байни фанҳо диққати махсус дода, дониши хонандагонро ба ҳисоб гирад. Бо ёрии алоқаи байни фанҳо омӯзгор метавонад дар баланд бардоштани таълиму тарбия ҳиссаи сазовори худро гузорад.

Баротзода К.А. дар мақолаи худ овардааст, ки “Механизми психологии ин ё он шакли тафаккур бештар аз усули шинохти воқеияти объективӣ вобастааст, ки бо муносибатҳои намунавие, ки ин илм ба он амал мекунад, тасиф карда мешавад” [3, с. 155]. Пас, мушаххасоти тафаккури математиқӣ асосан аз он вобастааст, ки вай на ба моделҳои ҷаҳони воқеӣ, балки бо нақшаҳои умумии ин моделҳо кор мекунад. Раванди ташаккули модели табиатшиносӣ, чун қоида, ба шакли визуалӣ тавлид кардани шакли муносибатҳои байни унсурҳои объекти таҳқиқшаванда (яъне сохтори он) ва тартиби фарогирии фазоии онҳоро кам мекунад.

Фанҳои табиӣ ба монанди физика, химия, биология ва география бо равандҳои табии ҷаҳон сару кор доранд. Фанҳои ҷамъиятӣ бошанд, таърих, ҳуқуқ, иқтисодиёт, фалсафа ва психологияро дарбар мегиранд. Алоқаи байни онҳо барои фаҳмиши амиқи масъалаҳои мураккаб ва воқеияти зиндагӣ муҳим мебошад.

Аз ҷиҳати психологияи педагогӣ ва когнитивӣ, омӯзиши байнифаннӣ таъсири мусбӣ ба инкишофи қобилиятҳои зеҳнии донишомӯзон дорад. Он ба таври зайл зоҳир мешавад:

- ташаккули тафаккури ҳамгироёна, ки ба донишҷӯ имкон медиҳад масъалаҳоро аз чанд дидгоҳ таҳлил намояд;
- рушди қобилиятҳои таҳлил, муқоиса ва хулосабарорӣ, ки барои омӯзиши мавзуъҳои мураккаб заруранд;
- баланд шудани ангезаи омӯзиш ва фаъол шудани зеҳнмонии донишомӯз;
- ҳамоҳангсозии хотира ва малакаҳо тавассути шабакаҳои маърифатӣ (когнитивӣ).

Дар зинаи таҳсилот метавон мавзуъҳои зерро ҳамчун намунаи алоқаи байнифаннӣ истифода бурд:

- омӯзиши тағйирёбии иқлим (география + экология + иқтисод);
- баррасии паёмадҳои ҷанг (таърих + ҳуқуқи инсон + психология);
- муайян кардани таъсири муҳити зист ба саломатӣ (биология + тиб + иҷтимошиносӣ).

Дар шароити муосири рушди илму техника ва ҷомеаи иттилоотӣ, таҳсилот вазифадор аст, ки на танҳо донишҳои соҳавиро омӯзонад, балки шахсиятеро тарбия намояд, ки қобилияти фикрронии фарогир, таҳлил ва татбиқи донишҳоро дар шароити воқеӣ дошта бошад. Барои расидан ба чунин ҳадаф, яке аз равияҳои муассири педагогика – таълими байнифаннӣ мебошад, ки дар он дониш аз нуқтаи назари фанҳои гуногун баррасӣ мешавад. Ин усул махсусан дар таълими фанҳои табиию ҷамъиятӣ аҳаммияти бузург дорад, зеро онҳо ба омӯзиши муҳити зист ва ҷамъият равона шудаанд, ки дар ҳаёти инсон ногусастанӣ пайванд доранд.

Муалифон Шарипов М., Баротов К.А. ва Алишери Н. қайд мекунанд, ки, муҳимтарин вазифаи мактаб тарбияи хонандагони босавод, эҷодкор, ватандӯст ва хушахлоқ мебошад, ки он дар ҷараёни дарс иҷрои худро меёбад. “Аз ин лиҳоз, ташакили дуруст ва гуногунрангу диққатҷалбкунанда, инчунин, алоқаманд намудани фаннҳо дар дарс барои ҳар як омӯзгори фаннӣ лозим буда, он барои баланд бардоштани фаъолияти эҷодкории хонандагон таъсири калон мерасонад” [10, с. 99].

Амалӣ намудани алоқаи байнифаннӣ дар дараҷаи ҳамоиши (интегратсияи) дониши фанҳои гуногун дар таълимоти прагматикие инъикоси равшани худро ёфт, ки таълимро ба маҷрои фаъолияти амалӣ шомил намудааст. Ҳамзамон қабл аз ҳама донишҳои утилитарие муттаҳид гаштанд, ки барои коркарди маҳорату малакаҳои меҳнатӣ ва корӣ зарур буданд. Донишҳои ҳосилшуда хусусияти мухталит (омезишёбанда) дошта, дар онҳо азхудкунии муназзами асосҳои илм ба амал намеояд.

Ба роҳ мондани робитаи байнифаннӣ дар таълими фанҳои табиию ҷамъиятӣ яке аз равияҳои муҳимми педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Олимони хориҷӣ дар ин замина ақидаҳои гуногунро баён кардаанд, ки бештари онҳо ба таҳкими тафаккури интиқодӣ, қобилияти таҳлили мушкилоти воқеии ҷаҳонӣ ва ҳамгироии донишҳои гуногун равона шудаанд.

Дар натиҷаи тадқиқот муайян гардид, ки алоқаи байнифаннӣ ин як равиши таълимӣ мебошад, ки дар он дониш ва малакаҳо аз фанҳои гуногун бо ҳам муттаҳид мешаванд ва дар асоси мавзуъҳои муштарак омӯзонида мешаванд. Омӯзиши байнифаннӣ ба хонанда имконият медиҳад, ки муҳит ва воқеияти зиндагиро бо дидгоҳи фарогир арзёбӣ намояд.

Назария ва таҷрибаи олимони хориҷӣ дар мавриди таълими байнифаннӣ:

1. Ҷон Дюи – яке аз асосгузорони педагогикаи прагматикӣ ва таълими таҷрибавӣ, таъкид мекард, ки дониш бояд дар иртибот бо воқеияти зиндагӣ омӯзонида шавад. Ба андешаи ӯ, омӯзиши ҷудогонаи фанҳо хонандаро аз дарки амиқи муҳити иҷтимоӣ ва табиӣ маҳрум месозад. Моҳияти андешаи Дюи дар он аст, ки дониш бояд бо таҷрибаи воқеии ҳаёт ва фаъолияти амалии хонанда алоқаманд бошад. Аз ин рӯ, омӯзиш набояд танҳо аз азхудкунии ҷудогонаи фаннӣ иборат бошад. Ба ақидаи Дюи, ҳангоми ҳали масъалаҳои воқеии ҳаётӣ сарҳади байни фанҳо нисбатан камаҳаммият мешаванд. Масалан, барои омӯзиши масъалаи ифлосшавии муҳити зист хонанда метавонад донишҳои биология, химия, география, физика ва фанҳои иҷтимоиро якҷоя истифода барад.

2. Ҳовард Гарднер - равоншинос ва профессори Донишгоҳи Ҳарвард назарияи «Зеҳнҳои гуногун»-ро пешниҳод кардааст. Мувофиқи ин назария қобилияти зеҳнии хонандагон танҳо бо як нишондиҳандаи умумӣ муайян намешавад. Онҳо метавонанд шаклҳои гуногуни қобилияти зеҳнӣ дошта бошанд. Аҳаммияти асосии назарияи Гарднер барои таълими байнифаннӣ дар он аст, ки як масъала метавонад тавассути якчанд шакли зеҳнӣ ва аз мавқеи якчанд фан омӯхта шавад.

3. Жером Брунер - яке аз муҳаққиқони шинохтаи психологияи маърифатӣ ва ҷонибдори “Омӯзиши фаъол ва худшиносӣ”, ки омӯзиши байнифаннӣ ба он мусоидат мекунад чунин ақида дошт: Ӯ таъкид мекард, ки хонанда набояд танҳо қабулкунандаи маълумоти тайёр бошад. Ӯ бояд дар раванди таълим фаъолона иштирок намуда, робитаҳоеро байни донишҳои нав ва донишҳои қаблан азхудкардашуда пайдо кунад. Дар таълими байнифаннӣ ин ақида хеле муҳим аст, зеро донишҳои як фан метавонанд барои фаҳмидани масъалаҳои фани дигар истифода шаванд.

4. Девид Колб - яке аз намояндагони пешқадами назарияи “Омӯзиши таҷрибавӣ” бар он ндеша буд, ки дониш танҳо тавассути шунидан ё азёд кардани маълумот ташаккул намеёбад, балки дар натиҷаи таҷриба, андешаронӣ, ташаккули маҳфумҳо ва истифодаи дониш дар амал инкишоф меёбад. Колб раванди омӯзишро ҳамчун давраи таҷрибавӣ пешниҳод мекунад, ки аз чор марҳила иборат аст:

а) таҷрибаи мушаххас- хонанда бо вазъият ё масъалаи воқеӣ рӯ ба рӯ мешавад.

б) мушоҳида ва рефлексия- таҷрибаро таҳлил намуда, дар бораи он андеша мекунад.

в) консептуализатсияи абстрактӣ- аз таҷриба хулоса ва мафҳумҳои назариявӣ мебарорад.

г) таҷрибаи фаъол- донишҳои бадастомадаро дар вазъияти нав истифода мебарад.

5. Базил Бернстайн - ки, ҷомеашиноси маъруфи соҳаи маориф ба шумор мерафт, назарияи худро асосан ба сохтори дониш, муносибати байни фанҳо, тарзи интиқоли дониш ва ташкили муносибатҳои педагогӣ равона кардааст. Аз ин ҷиҳат, андешаҳои ӯ барои шарҳи назариявии таълими байнифаннӣ низ аҳаммият доранд. Яке аз мафҳумҳои асосии Бернстайн “Таснифи дониш” мебошад, ки таснифи дараҷаи ҷудошавӣ ё наздик будани соҳаҳои гуногуни донишро ифода мекунад. Дар ин замина ӯ байни ду ҳолат фарқ мегузорад:

а) таснифи қавӣ - фанҳо аз ҳамдигар хеле ҷудо мебошанд ва ҳар кадом ҳудуд ва мазмуни нисбатан мустақили худро дорад;

б) таснифи суст - ҳудуди байни фанҳо нисбатан кушода буда, имконияти пайвастани донишҳо ва мафҳумҳои фанҳои гуногун бештар мешавад.

Бояд қайд намуд, ки афзалиятҳои таълими байнифаннии фанҳои табиию ҷамъиятӣ, ин рушди тафаккури интиқодӣ ва таҳлилӣ, омӯзиши мавзуъҳои мураккаб ба таври ҳамаҷониба, баланд шудани шавқу ҳаваси хонандагон ба таҳсил, таҳкими робита байни дониш ва ҳаёти воқеӣ, омодасозии хонандагон ба фаъолияти иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ мебошад.

Баротзода К.А. қайд мекунад, ки махсусиятҳои шаклҳои мухталифи тафаккур дар асарҳои Г.А. Берулав, В.В. Давидов, В.Н. Максимова, В.В. Мултановский, К.Е. Кузнетсова, В.А. Крутский, В.В. Рубсова, Р.С. Трегуба ва дигарон таҳқиқ шудааст. Системаҳои гуногуни дониш: илмҳои табиатшиносӣ, ҷамъиятӣ ва ғайра ба шаклгирии навъҳои гуногуни тафаккур мусоидат мекунад. Мо аз андешаҳои Г.А. Берулав ва А.П. Стесенко дар бораи он, ки “Тафаккур- раванди воҳид аст, вале он ҳамчун як илми табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ амал хоҳад кард, агар дар маводҳои дахлдори мавзуӣ гузаронида шавад ҳимоят мекунем” [3, с. 154].

Системаи фаннии таълими дар мактаби муосир баррасишаванда маънои ҷудо намудани як фан аз дигарро надорад. Робитаҳои байнифаннӣ дар асоси ҳамбастагии сермаҳсули ҳамроҳкунӣ (интегратсия) ва ҳамоҳангсозии донишҳое ба вуҷуд меояд, ки ҳамдигарро пурра мекунанд. Ҳамроҳкунии мундаврияи таълим ба ғайр аз даврaҳои таълимии (курсҳои) хулосакунанда (масалан, ҷамъиятшиносӣ) боз дар он зоҳир мегардад, ки ба маводи таълимӣ ҷузъҳои қисматҳои марбути донишҳои илмӣ ва илмию амалӣ ворид карда мешаванд. Масалан, даври таълимии анатомия, физиология ва беҳдошти одам ҷузъҳои бофташиносӣ (гистология), тиб, биологияи умумӣ, инчунин химия, физика ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳамаи онҳо шаклан ба як фанни таълимии мантиқан комиле шомил мегарданд, ки вобаста ба мазмуни он ҳамоҳангсозии вай бо дигар фанҳо амалӣ мегардад.

Файласуф Ҷон Локк дар шарҳи воситаҳои асосии дарки олам мавқеи сенсуализми материалистиро ҷонибдорӣ менамуд. Ӯ бо ҷузъу далелҳои дигар фан пурра намудани мундариҷаи як фанро воситае мешуморад, ки на фақат барои аз худ намудани асосҳои илм, балки ташаккул додани ақл ва рафторҳои кӯдак, инкишоф додани маҳорату малакаҳои вай, гуногунранг намудани донишҳои вай оид ба паҳлӯҳои мухталифи ҳаёт имконият медиҳад. Ба ин мақсад, масалан, вай робитаи забони хориҷиро бо ҷуғрофия ва таърихи кишвар ва халқи он тавсия медиҳад. Ҷ. Локк омӯзиши ҷуғрофияро дар робитаи зич бо хронология, риёзиёт (математика), таърих ва дигар фанҳо тавсия медиҳад.

И. Гербарт бори аввал барои аз ҷиҳати психологӣ асосноккунии зарурияти ба роҳ мондани робитаҳои байнифаннӣ кӯшиш намуда, ҳамзамон ба зинаҳои таълими коркардаи худ такя менамояд. Тибқи таълимоти ӯ, муаллим фақат дар ҳолате бомуваффақият таълим дода метавонад, ки эҷодкорона рафтор намуда, иттиҳодияи (ассотсиатсияи) хонандагонро барои моҳирона ташкил намудани фаъолияти фикрии онҳо истифода бурда тавонад. И. Гербарт тасдиқ менамуд "Таълим бояд хусусияти системавӣ дошта, ба робитаи мутақобила ва ҳамбастагии донишҳо асос ёбад" [6, с. 116].

Дар китоби педагоги олмонӣ А. Дистервег «Дастур оид ба таълими омӯзгорони олмонӣ» мо фикрҳои ҷолиберо оид ба худи мафҳуми «робитаи байнифаннӣ» ва усули дар амал ҳал намудани ин масъала дарёфт карда метавонем. Ин олим фанро аз нуқтаи назари робитаҳои наздик баррасӣ менамояд, ин бошад, аллакай мабдаъи робитаҳои байнифанниӣ мебошад. А. Дестервег системаи фаннии таълимро ҳимоя намуда, талаб менамояд, ки ҳар як фан бо мантиқ, сохтор, хусусиятҳои фақат барои он хос ҷудо карда шавад ва ҳамзамон исроркоронаву қатъиян зарурияти робитаи байнифаннӣ дар омӯзиши муназзам ва ҳаматарафаи тамоми фанҳои таълимӣ дар мактабро таъкид менамояд. Аз рӯи ақидаи вай, муқаррар намудани робитаи оқилонаи байни фанҳои таълимӣ барои ташаккули донишҳо ва маҳорату малакаҳои пурраву амиқ нақши муҳим мебозад.

Марҳалаи муҳимми муайянкунандаи омӯзиши масоили робитаҳои байнифаннӣ аз мавқеи ҳамбастагии нақши онҳо дар ташаккули системаи донишҳо ва ташаккули асосҳои ҷаҳонбинии илмӣ тадқиқотҳое мебошанд, ки таҳти роҳбарии Б. Ананйев ва Ш. Ганелин гузаронида шудаанд. Принсипҳои ҳамкориро инкишоф дода, онҳо роҳҳои ташаккули системаи дониши хонандагонро тавассути пайдарҳам амалӣ намудани алоқаи байниҳамдигарии идеяву мафҳумҳои даврaҳои таълимии (курсҳои) ба ҳам наздик ошкор намуданд. Дар асарҳои нисбатан дертар таълифшуда нишон дода шуд, ки идеяҳои асосии ҷанбаи ҷаҳонбинидошта дар омӯзиши маводи таълимӣ нақши ташкилдиҳандаро мебозад. Онҳо гуё бо назарияҳо, мафҳумҳо, далелҳои аз доираи як фан берун бароянда «сабзиш меёбанд». Идеяҳои асосии илм системаи комили илмии донишҳоро оид ба табиат ва ҷамъият дар алоқамандӣ ҳосил намуда, баррасии идеяҳои асоси амалӣ намудани робитаҳои байнифанниро пешбинӣ менамояд.

Беленький Г.И. дар мақолаи худ овардааст, ки "Асоси психологии тадқиқот, ки таъсири байниҳамдигарии функсияи таълимию тарбиявии робитаҳои байнифанниро ошкор месозад, ягонагии қонунии шуур, ҳиссиёт ва фаъолияти инсон мебошад. Таъмин намудани ин ягонагӣ дар таълим – яке аз шартҳои педагогии муносибати ҳаматарафае мебошад, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии хонанда равона шудааст" [5, с. 206].

Идеяи муносибати ҳаматарафа ва таълими тарбиятдиҳанда ҷустуҷӯҳои илмиеро пурзӯр намуданд, ки ба ошкор намудани вазифаи тарбиявии робитаҳои байнифаннӣ равона карда шудаанд. Ин самт махсусан дар қисмати фанҳои гуманитарӣ ба назар намоёнтар мебошад.

Аз солҳои 50- уми асри хх сар карда аҳаммият ба робитаҳои байнифаннӣ аз сари нав зиёд мешавад ва ин бо сабабҳои зайл шарҳ дода мешавад: инқилоби илмию техники дар солҳои 50- уми асри хх рухдода ба ҳамаи тарафҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла ба маорифи халқ ва илми педагогӣ, талаботи навро пешниҳод менамояд. Ҳамдигарворидшавии пуршиддат, инкишофёбии илм, техника ва истеҳсолотро ба вуҷуд меорад. Беш аз пеш кашфиётҳои нав дар барҳӯрди якчанд илм ба амал меоянд. Баҳамворидшавӣ ва ҳамдигарро ғанӣ гардондани илмҳои ҷамъиятӣ ва табиатшиносӣ ба вуҷуд меояд. Якҷояшавӣ ва тафриқаи дониши илмӣ амиқтар мегардад.

Нақши робитаҳои байнифаннӣ дар марҳалаи ҳозира боз аз он сабаб зиёд мегардад, ки онҳо тамоми маҷмуи раванди таълимию тарбиявиро дар мактаб фаро мегиранд: мундариҷа, усул, шаклҳо дар ягонагии ботинии онҳо. Даровардани тағйиротҳо ба нақшаҳои таълимӣ, барномаву китобҳои дарсӣ, холӣ намудани онҳо аз маводди аз ҳад зиёд мураккаб ва дуюмдараҷа заминаҳои боз ҳам мусоидро дар ҳалли масоили робитаҳои байнифаннӣ ва дохилифаннӣ ба вуҷуд меоварад, зеро ба шаклдорории мундариҷаи фанҳои таълимӣ ва эътино намудан ба ҳаматарафа ошкор намудани мафҳум, қонуну назарияҳои асосии онҳо бояд ба таври воқеӣ боиси баландшавии илмият ва ҳамзамон зиёд шудани дастрасии мундариҷаи фанҳои таълимӣ туфайли мавзунияти мантиқӣ, ҳамкории дохилӣ ва пайдарпай дар ҳамаи зинаҳои таълим, туфайли баланд бардоштани функсияи таҳлилкунандаи (синтезкунандаи) мундариҷаи фанҳои таълимӣ гардад.

Баротзода К.А, Давлатов ва С.С. бар он ақидаанд, ки "Агар муаллим эҷодкорона мавзуъҳоро дуруст интихоб намуда, мақсад ва вазифаҳои барномаи таълими биологияро

пурра аз худ карда бошад робитаи байнифаннӣ дар таълими биология дар он вақт самараи хуб дода метавонад» [4, с. 187].

Аз нигоҳи олимони хориҷӣ, татбиқи алоқаи байнифаннӣ дар таълими фанҳои табиию ҷамъиятӣ яке аз унсурҳои муҳимми рушди таълими муосир маҳсуб мешавад. Он на танҳо ба омӯзиши донишҳои фаннӣ мусоидат мекунад, балки шахсияти комил ва фаъолро тарбия мекунад, ки омода аст, бо масъалаҳои ҷаҳонӣ ва маҳаллӣ ба таври воқеъбинона муносибат намояд.

Дар замони муосир, ки илм ва технология бо суръати баланд рушд меёбанд, талабот ба шаклҳои нави таълим ва тарбияи шахсиятҳои комил бештар гардидааст. Яке аз равишҳои муассири муосири таълим, ки имконият медиҳад донишомӯзон ҷаҳонро бо дидгоҳи фарох дарк намуда, донишҳоро дар амал татбиқ намоянд, ин робитаи байнифаннӣ дар равандҳои таълимӣ мебошад.

Робитаи байнифаннӣ як воситаи муҳимми ҳамгироии донишҳо аз фанҳои гуногун аст, ки дар он мавзуъҳо бо дарназардошти пайвандҳои мантиқӣ ва маъноии байни фанҳо омӯзонида мешаванд. Ин усул ба хонанда имконият медиҳад, ки масъалаҳои мураккаби ҳаётиро ҳамаҷониба таҳлил намояд, ҷанбаҳои гуногуни мушкилотро баррасӣ карда, қарорҳои асоснок қабул кунад.

Дар шароити таълими анъанавӣ, фанҳо бештар ба таври ҷудогона тадрис мегарданд, ки ин боиси пойкар шудани дониши хонанда ва кам будани тафаккури васеъ мегардад. Ҳол он ки дар зиндагии воқеӣ масъалаҳо на аз як фан, балки аз маҷмуи соҳаҳои гуногун вобастаанд. Масалан, ҳангоми баррасии масъалаҳои экологӣ, танҳо дониш аз фанни биология кофӣ нест – бояд донишҳои ҷуғрофия, иқтисодиёт, ҳуқуқ, этика ва дигар соҳаҳо низ дар бар гирифта шаванд.

Робитаи байнифаннӣ инчунин ба баланд гардидани шавқу ҳаваси хонандагон ба таълим мусоидат мекунад. Омӯзиши мавзуъҳо ба таври ҳамгиро, яъне дар заминаи воқеиятҳои ҳаётӣ ва масъалаҳои глобалӣ, маънии таҳсилро равшантар мегардонад ва омӯзишро шавқовар менамояд. Ин раванд ба хонанда имконият медиҳад, ки донишро дар амал татбиқ намояд, на танҳо ба таври назариявӣ фаро гирад.

Илова бар ин, робитаи байнифаннӣ воситаи тавоноест барои рушди қобилиятҳои асри XXI, аз ҷумла: тафаккури интиқодӣ, малакаҳои коммуникатсионӣ, ҳамкорӣ, эҷодкорӣ ва истифодаи самараноки технологияҳои рақамӣ. Таълими байнифаннӣ хонандаро барои ҳаёт ва фаъолияти касбӣ омода месозад, зеро ин равиш ҷавобгӯи талаботи ҷомеаи муосир ва бозори меҳнат мебошад.

Дар маҷмуъ, робитаи байнифаннӣ дар таълим як заруратест, ки бояд дар ҳамаи сатҳҳои таҳсилот – аз синфҳои ибтидоӣ то таҳсилоти олӣ – амалӣ гардад. Он на танҳо мазмуни таълимро ғанӣ мегардонад, балки имконият медиҳад, ки равандҳои таълимӣ ба воқеияти ҳаёт наздиктар гарданд ва шахсиятҳои босаводу фаъол тарбия ёбанд.

Алоқаи байнифаннӣ воситаи муассири таълим мебошад, ки аз нигоҳи психологӣ ба ташаккули тафаккури ҳамаҷониба, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва таҳкими малакаҳои таҳлилӣ мусоидат мекунад. Он ба донишҷӯён ёрӣ медиҳад, ки ҷаҳонро комплексӣ дарк кунанд ва дар ҳалли мушкилоти муосир саҳм гузоранд.

Натиҷаҳои робитаи байни фанҳои табиию ҷамъиятӣ дар замони имрӯза хеле васеъ ва муассир мебошад. Ин гуна робита ба таҳсилоти муосир на танҳо мазмун мебахшад, балки хонандагонро барои зиндагӣ ва фаъоличти муосир беҳтар омода мекунад.

Натиҷаҳои асосии татбиқи робитаҳои байнифаннӣ дар таълими фанҳои табиӣ ва ҷамъиятӣ:

1. Фаҳмиши мукаммал ва ҳамгиро: хонанда на танҳо донишҳои алоҳидаи фанҳои алоҳидаи биология ва таърихро аз худ мекунад, балки робитаи байни равандҳо ва падидаҳои гуногуни табиӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодиро дарк менамояд. Масалан, ӯ мефаҳмад, ки чӣ гуна тағйироти иқлим метавонад ба экосистемаҳо ва гуногунии биологӣ таъсир расонида, ҳамзамон ба соҳаҳои иқтисод, кишоварзӣ, истифодаи захираҳои табиӣ, муҳоҷирати аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ ва саломатии ҷомеа таъсиргузор бошад.

2. Инкишофи тафаккури таҳлилӣ ва байнисоҳавӣ: таълими байнифаннӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки масъалаҳо ва падидаҳоро аз чандин нуқтаи назар таҳлил намуда, робитаи байни омилҳои гуногунро муайян ва арзёбӣ кунанд. Масалан, ҳангоми таҳлил ва ҳали мушкилоти экологӣ онҳо на танҳо ҷанбаҳои биологӣ ва табиии масъаларо ба назар мегиранд, балки таъсири омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва антропогениро низ ба муҳити зист

мавриди омӯзиш қарор медиҳанд. Дар натиҷа, қобилияти таҳлил, муқоисакунӣ, хулосабарорӣ ва қабули қарорҳои асосноки хонандагон инкишоф меёбад.

3. Ҳалли муаммоҳои воқеӣ ва мураккаб: масъалаҳои муосир, аз қабили тағйирёбии иқлим, пандемияҳо, истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини рушди устувор, хусусияти бисёрҷанба дошта, барои омӯзиш ва ҳалли онҳо истифодаи донишҳои ҳамгирошуда аз соҳаҳо ва фанҳои гуногун зарур мебошад. Чунин муносибат ба хонанда имкон медиҳад, ки мушкилоти воқеиро аз нуқта назари гуногун таҳлил намуда, робитаи байни омилҳои табиӣ, иҷтимою иқтисодб ва роҳҳои асосноки ҳалли онҳоро пешниҳод намояд.

4. Тарбия ва маърифати экологии ҷомеа: омезиши фанҳои табиӣ бо фанҳои иҷтимоӣ имконият фароҳам меорад, ки дар ҷомеа муносибати масъулиятнок нисбат ба муҳити зист ташаккул ёфта, дарки аҳаммияти ҳифзи он ва масъулияти шахсӣ дар назди табиат тақвият дода шавад.

5. Омодагӣ ба касбҳои нав ва ҷаҳони меҳнат: рушди касбҳои муосир, аз қабили эколог, муҳандис-биотехнолог, таҳлилгари иҷтимоӣ ва муҳаққиқи масъалаҳои глобалӣ, аз мутахассисон донишу малакаи ҳамгирошудаи соҳаҳои табиӣ ва иҷтимоиро талаб менамояд.

6. Тарзи нави омӯзиш ва барномарезии таълим: робитаҳои байнифаннӣ барои таҳияи лоиҳаҳо, иҷрои корҳои гурӯҳӣ, гузаронидани таҳқиқоти амалӣ ва татбиқи фаъолияти инноватсионӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

Хулоса, истифода бурдани алоқаи байнифаннӣ дар дилхоҳ фанни таълимӣ натиҷаи самарабахш дода, қобилияти фикрронии хоандагонро боло мебарад, инчунин, ҷаҳонбинии хонандагонро васеъ гардонида, дар онҳо маҳорату малака пайдо мешавад. Асоси психологии тадқиқот, ки таъсири байниҳамдигарии вазифаи таълимию тарбиявии робитаҳои байнифанниро ошкор месозад, ягонагии қонунии шуур, ҳиссиёт ва фаъолияти инсон мебошад. Таъмин намудани ин ягонагӣ дар таълим яке аз шартҳои педагогии муносибати ҳаматарафае мебошад, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии хонанда равона шудааст.

Адабиёт

1. *Атутов, П.Р. Некоторые вопросы использования наглядности в обучении / П.Р. Атутов //Советская педагогика. – 1957. №5 - С. 79-84.*
2. *Бабанский, Ю.К. Методы обучения в современной общеобразовательной школе / Ю.К. Бабанский. - М.: Просвещение, 1985.–208 с.*
3. *Баротзода, К.А. Асосҳои психологии назариявии тасаввуротҳо оид ба робитаи байнифаннӣ / К.А. Баротзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2021. - №1 (5). - С. 154-158.*
4. *Баротзода, К.А. Ба роҳ мондани робитаи байнифанни биология бо таърих зимни омӯзиши таълими биология / К.А. Баротзода С. Давлатов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2021. - №1 (5).- С. 187-193.*
5. *Беленький, Г.И. О воспитательно образовательных аспектах межпредметных свиязей // Сов.педагогика. - 1987. - №5. - С. 204-209.*
6. *Гербард, И.Ф. Основы педагогика / Г.И. Беленький // Избранные педагогические сочинения. - Москва, 1940. - 340 с.*
7. *Гурьев, А.И. Межпредметный связи-теория и практика // Наука и образование / А.И. Гурьев. - Горно Алтайск, 1998. - №2. - 204 с.*
8. *Золототрубова, Н.Н. Методика преподавания литературы / Н.Н. Золототрубова // Учебное пособие для вузов. – Воронеж, 2007. - 48 с.*
9. *Максимов, В.Н. Межпредметные связи как дидактическая проблема / В.Н. Максимов. - Советская педагогика, 1981. - №8 - 84 с.*
10. *Шарипов, М. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими биология умумӣ / М. Шарипов, К.А. Баротов, Н. Алишери // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2014. - №2 (57). - С. 99-106.*

АМАЛӢ НАМУДАНИ АЛОҚАИ БАЙНИФАННӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИИЮ ҶАМЪИЯТӢ АЗ НИГОҲИ ОЛИМОНИ ХОРИҶӢ

Дар мақола оид ба амалӣ намудани алоқаи байнифаннӣ дар таълими фанҳои табиию ҷамъиятӣ аз нигоҳи олимони хориҷӣ маълумот оварда шудааст. Муаллиф нақш ва аҳаммияти алоқаи байнифаннӣ дар дарсҳоро пайгирӣ карда, хусусиятҳои мукаммалгардонии донишу маҳорати хонандагонро аз назари олимони хориҷӣ баён сохтааст. Робитаи байнифаннӣ дар асоси ҳамбастагии сермаҳсули ҳамроҳкунӣ (интегратсия) ва ҳамоҳангсозии донишҳое ба вуҷуд меояд, ки ҳамдигарро пурра мекунанд. Оварда шудааст, ки муносибати ҳаматарафа ва таълими тарбиятдиҳанда ҷустуҷӯҳои илмиеро пурзӯр намуданд, ки ба ошкор намудани вазифаи тарбиявии робитаҳои байнифаннӣ равона карда шудаанд. Асоси психологии тадқиқот, ки таъсири байниҳамдигарии вазифаи таълимию тарбиявии робитаҳои байнифанниро ошкор месозад, ягонагии қонунии шуур, ҳиссиёт ва фаъолияти

инсон мебошад. Таъмин намудани ин ягонагӣ дар таълим – яке аз шартҳои педагогии муносибати ҳаматарафае мебошад, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии хонанда равона шудааст.

Калидвожаҳо: алоқаи байнифаннӣ, интегратсия, прагматикӣ, инъикос, таълим, фаъолият, тарбия, раванд, хусусият, мухталит, фан.

ВНЕДРЕНИЕ МЕЖДИСЦИПЛИНАРНОЙ КОММУНИКАЦИИ В ПРЕПОДАВАНИЕ ЕСТЕСТВЕННЫХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЗАРУБЕЖНЫХ УЧЁНЫХ

В статье приводятся сведения о реализации межпредметных свиязей в процессе преподавания естественных и одщественныхдисциплин с точки зрения зарубежных ученых. Автор рассматривает роль и значение межпредметных свиязей на уроках, раскрывая особенности совершенствования знаний и умений учащихся на основе взглядов иностранных исследователей. Отмечаетсия**,** что межпредметнаясвязь формируетсия на основе продуктивного взаимодействия интеграции и координаыии знаний, которые взаимно дополняют друг друга. Подчеркиваетсия, что всесторонний подход и воспитывающее обучение уилили научные поиски, направленные на выявление воспитательной функции межпредметных свиязей. Психологической основой исследования, раскрывающе взаимное влияние обучающе и воспитательной функции межпредметных свиязей, являетсия закономерное единиство сознания, чувств и деятельности человека. Обезпечение данного единство в процессе обучения являетсия одним из педагогических условий реализации всестороннего подхода, направленного на формирование мировоззрения учащихся.

Ключевые слова: междисциплинарная связь, интеграция, парадигматический, отражение, образование, деятельность, воспитание, процесс, особенность, разный, наука.

INTRODUCTION OF INTERDISCIPLINARY COMMUNICFTION IN TEACHING NATURAL AND SOCIAL SCIENCES FROM THE PERSPECTKIVE OF FOREIGN SCHOLARS

This article provides information on the implementation of interdisciplinary communication in the teaching of natural and social sciences from the perspective of foreign scholars. The author also examines the role and importance of interdisciplinary communication in the classroom, revealing the specifics of improving students' knowledge and skills based on the views of foreign researchers. It is noted that interdisciplinary communication is formed through productive interaction, integration, and coordination of knowledge that complement each other. It is emphasized that a comprehensive approach and nurturing learning have strengthened scientific research aimed at identifying the educational function of interdisciplinary communication. The psychological basis of this study, which reveals the mutual influence of the teaching and educational functions of interdisciplinary connections, is the natural unity of human consciousness, feelings, and activity. Ensuring this unity in the learning process is one of the pedagogical conditions for implementing a comprehensive approach aimed at shaping students' worldviews.

Keywords: interdisciplinary connection, integration, paradigmatic, reflection, education, activity, upbringing, process, peculiarity, diversity, science.

Дар бораи муалиф
Эшонов Салимҷон Ҳокимович
Унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: salim.eshonov.87@mail.ru

Об авторе
Эшонов Салимчон Хокимович
Соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: salim.eshonov.87@mail.ru

About the author
Eshonov Salimjon Hokimovich
Postgraduate student of Pedagogical department of general University
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: salim.eshonov.87@mail.ru

ТДУ 373.3:51

АЛГОРИТМИ ТАРЗҲОИ ГУНОГУНИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ ДАР РАВАНДИ ДАРСИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Худоярзода Ҳ. Х., Маҳкамов М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таълимӣ омӯзиши фанни математика нақши асосиро мебозад. Математика барои ташаккул додани дониш оид ба шаклҳо ва муносибатҳо, ки аз мазмуни онҳо вобастагӣ надорад мусоидат намуда қобилияти фикрронии мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоиро низ инкишоф медиҳад. Яке аз ҷузъиётҳои асосии омӯзиши математикаи синфҳои ибтидоӣ ин ҳал кардани масъалаҳои матнӣ ба ҳисоб меравад.

Омӯзиши масъалаҳои матнӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки донишҳои назариявии худро дар амал татбиқ карда тавонанд. Чунки ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ хонандагон таҳлил, таркиббандӣ, муқоиса, монандӣ, хулосабарорӣ, алоқамандиҳои байни бузургиҳоро мефаҳманд ва алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо ва таърифи мафҳумҳои “масъала”, “масъалаи математикӣ”, “масъалалаи матнӣ” ва “масъалаҳои математикии матнӣ”-ро аз худ менамоянд.

Масъала - ин мафҳуме мебошад, ки вазъияти бо ягон роҳ ёфтани ҳалли муайянро талаб мекунад ва аз тарафи шахс ё ки гурӯҳ таҳлил, фикр ва усулҳои муайян барои ҳалли он анҷом дода мешавад.

Масъалаи математикӣ – ин чунин мафҳуме мебошад, ки вазъияти мушаххас бо дода шудаҳо ва талаботро муайян намуда, қадам ба қадам ҳал карда мешавад.

Масъалаи матнӣ - ин як навъи масъала дар математика мебошад, ки шарт ва саволаш на бо формула, балки бо ҷумлаҳо дода мешавад.

Масъалаҳои математикии матнӣ - ин як навъи масъалаҳое мебошад, ки бо матн шарҳ дода шуда, бо формулаҳо, рақамҳо тасвир карда мешавад ва барои ҳал кардани он матнро шарҳу эзоҳ дода, пас онро ба ифодаи математикӣ табдил медиҳем [11, с. 120].

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Ба андешаи мо, таҳқиқотчиёни соҳаи педагогикаи математикӣ: “ҳалли масъалаҳо ин як амалиётест, ки тавассути таҷриба, машқ кардан ва омӯзиши пайдарпайи роҳҳои гуногуни махсус ташаккул меёбад”. Ин андешаҳо аҳаммияти омӯзиши системаноки масъалаҳои матниро дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ инкишоф медиҳад.

Дар шароити имрӯза яке аз вазифаҳои муҳимми омӯзгорон ёфтани алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ мебошад. Ин масъала асосан дар синфҳои ибтидоӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро ки дар ин давра асосҳои тафаккури математикӣ ташаккул меёбанд.

Мақсади асосии ин таҳқиқот омӯзиши алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ мебошад. Вазифаҳои асосии таҳқиқот иборат аст, аз: муайян намудани аҳаммияти масъалаҳои матнӣ дар раванди таълими математика; таҳлили тарзҳои педагогии ҳалли масъалаҳо ва пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ.

Масъалаҳои матнӣ яке аз воситаҳои муҳимми ташаккул додани тафаккури мантиқӣ ва эҷодии хонандагон ба ҳисоб меравад. Онҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки муносибатҳои байни алоқамандиҳоро дарк ва донишҳои математикиро дар ҳолатҳои ҳаётӣ истифода карда тавонанд [3, с. 274].

Ба ақидаи педагогҳо, омӯзгорони математика инкишофи тафаккури хонандагон дар раванди фаъолият ва ҳамкорӣ бо дигарон ба амал меояд. Аз ин лиҳоз, истифодаи масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки тавассути муҳокима, таҳлил, таркиббандӣ, муқоисакунӣ ба хулосаҳои дуруст расанд.

Дар ҳамин замина, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар мешавем, ки дар он қайд гардидааст: “Солҳои 2020-2040

омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф” эълон гардидааст, ки ин иқдом бо афзалияти омӯзиши фанҳои табиӣ-математикиро тақвият мебахшад.

Таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ на танҳо аз азхудкардани амалҳои ҳисобӣ иборат аст, балки бештар ба ташаккул додани тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлил, муқоиса ва хулосабарорӣ равона мегардад. Дар ин раванд масъалаҳои матнӣ мавқеи махсус доранд, зеро онҳо робитаи назарияи математикаро бо ҳаёти воқеӣ нишон медиҳад. Ҳалли масъалаҳои матнӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки донишҳои худро дар шароити амалӣ истифода баранд, робитаи байни бузургиҳоро фаҳманд ва мустақилона фикр карданро омӯзанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ бо алгоритми тарзҳои гуногун дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ яке аз масъалаҳои муҳимми методикаи таълим ба ҳисоб меравад.

Масъалаи матнӣ ин шакли асосии масъалаи таълимӣ буда, дар он муносибатҳои бузургиҳо ба воситаи матн ё вазъияти воқеӣ пешниҳод карда мешаванд. Барои ҳалли чунин масъала хонандагон бояд пеш аз ҳама мазмуни матнро дарк, маълумотҳои талаб карда шударо муайян, робитаи байни онҳоро пайдо ва баъдан иҷрои амалҳои математикиро интихоб намоянд. Ин раванд аз чанд марҳилаи фикронӣ иборат буда, дар ҳар марҳила фаъолияти зеҳнии хонандагон фаъол мегардад [6, с. 136].

Дар адабиёти педагогӣ ва методӣ асосан чор марҳилаи асосии ҳалли масъалаҳои матнӣ нишон дода мешавад:

- фаҳмидани мазмуни масъала;
- таҳлили масъала ва тартиб додани нақшаи ҳалли он;
- бо тартиб иҷро кардани амалҳои дода шуда;
- натиҷаи санҷиш ва хулосабарорӣ.

Марҳилаи аввал – ин фаҳмидани мазмуни масъала, инчунин асоси тамоми раванди таълимро дар бар мегирад. Агар хонандагон мазмуни матни масъаларо дуруст дарк намоянд, пас қадамҳои минбаъда мушкили намеорад. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон бояд хонандагонро ба хондани бодиққати матн, ҷудо кардани маълумотҳои муҳим ва фаҳмидани талаботи масъала тайёр намоянд. Дар ин марҳила истифодаи саволҳо оид ба матни масъала, такроран хондани матни он, инчунин тасвир ё схемаҳои одӣ хеле муҳим мебошад.

Марҳилаи дуюм – таҳлили масъала – ин барои муайян кардани муносибатҳои байни бузургиҳо нигаронида шудааст. Хонанда бояд дарк намояд, ки кадом бузургиҳо дода шудаанд ва кадоме аз онҳоро бояд ёбанд. Ба мо зарур аст, ки робитаи байни бузургиҳоро муайян карда тавонем. Дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ омӯзгор метавонад аз алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ истифода барад: сохтани нақша, ҷадвал, расм, диаграмма ва ғайра. Ин воситаҳо ба хонандагон ёрӣ мерасонанд, ки масъалаи матниро дар шакли равшан ва фаҳмо табдил диҳанд.

Марҳилаи сеюм – тартиби иҷрои амалҳои дода шуда – ин марҳилаи амалӣ мебошад. Дар ин ҷо хонандагон тибқи нақша амалҳои зарурии математикиро (ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим) иҷро менамоянд. Аммо муҳим он аст, ки амалҳо танҳо механикӣ иҷро карда мешаванд, балки хонанда сабаби интихоби ҳар як амалро фаҳмида мегирад. Омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки хонандагон на танҳо ҷавобро ёбанд, балки раванд ва мантиқи ҳалли масъала низ барои онҳо муайян бошад.

Марҳилаи чорум – санҷиши натиҷа аҳаммияти муҳим дорад. Бисёр вақт хонандагон пас аз гирифтани ҷавоб фикр мекунанд, ки масъала пурра ҳал карда шудааст, аммо дар асл санҷидани дурустии натиҷа низ қисми муҳимми раванди таълим ба ҳисоб меравад. Барои ин метавонанд ҷавобро бо роҳи баръакс санҷид ё ки натиҷаро бо мазмуни масъала муқоиса кард. Ин амал ба инкишофёбии тафаккури мантиқӣ ва масъулияти хонандагон мусоидат менамояд.

Яке аз алгоритми тарзҳои гуногуни омӯзонидани масъалаҳои матнӣ ин **усули амсиласозӣ** мебошад. Дар ин усул масъалаи матнӣ ба воситаи амсилаҳо – расм, схема, ҷадвал, диаграмма ва ғайра ифода карда мешавад. Амсиласозӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки муносибатҳои байни бузургиҳоро ба таври аёнӣ бинанд. Масалан, дар масъалаҳое, ки ба муқоисаи бузургиҳо вобастаанд, истифодаи хатҳои графикӣ хеле самаранок мебошад.

Тарзи дигари муҳимми омӯзонидани масъалаҳои матнӣ ин **муқоисаи масъалаҳои додашуда** мебошад. Вақте ки хонанда якчанд масъалаи дорои сохтори монандиро ҳал менамояд, пас ӯ тадриҷан қонуният ва тартиби умумии ҳалли онҳоро дарк карда метавонад.

Ин тарз ба ташаккул додани тафаккури созандаи умумӣ мусоидат менамояд ва хонанда метавонад донишҳои худро дар ҳолатҳои нав истифода карда тавонад.

Тарзи сеюм ин **усули саволу ҷавоб** буда, дар раванди омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ нақши муҳимро мебозад. Омӯзгор метавонад тавассути саволҳои дода шуда хонандагонро ба фикрронӣ водор созад. Масалан:

- Дар масъала кадом маълумот дода шудааст;
- Мо чиро бояд ёбем?
- Барои ёфтани ин бузурги кадом амалро истифода бурдан мумкин аст?

Ин саволҳо ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки масъалаҳоро мустақилона таҳлил ва тадриҷан малакаю маҳорати ҳал кардани онҳоро аз худ намоянд.

Дар раванди таълими математикаи муосир истифодаи **усулҳои фаъол ва муомилотӣ** низ аҳаммияти муҳим дорад. Масалан, кори гурӯҳӣ, муҳокимаи кори якҷоя ва пешниҳод кардани алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки фикрҳои худро озодона баён намоянд ва аз таҷрибаи ҳамдигар истифода баранд. Ин усули фаъолият на танҳо дониш, балки малакаю маҳоратҳои муошират ва ҳамкориро низ инкишоф медиҳад. Инчунин, омӯзиш зимни истифодаи **масъалаҳо вобаста ба ҳаёти ҳаррӯза**и хонандагон алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матниро дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ зиёд мегардонад. Вақте ки масъалаҳо ба вазъиятҳои воқеӣ (суръат, масофа, вақт, миқдор, нарх, арзиш ва ғайра) асос ёфтаанд, хонандагон онҳоро осонтар дарк ва ба омӯзиши он бештар шавқу ҳавас пайдо менамоянд [12, с. 13].

Натиҷаҳо. Дар курси математикаи синфҳои ибтидоӣ, як масъаларо мо метавонем бо якчанд тарз ё ки роҳ ҳал намоем. Масалан, баъзе масъалаҳоро метавонем бо тарзи арифметикӣ, алгебравӣ, мантиқӣ таҳлил ва ҳал намуд. Дар ҷараёни дарс нишон додан мумкин аст, ки тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ имкон медиҳад, ки мо натиҷаро ёбем, инчунин дарк ва фаҳмиши мо аз назарияи математика ва равандҳои тартиби иҷрои амалҳои дода шуда, **бохаб**ар бошем. Пас масъалаи математикӣ чист?

Масъалаи математикӣ - ин савол ё мушкилоти омӯзиши математика мебошад, ки барои ҳалли он қоидаҳо, формулаҳо ва аз мантиқ истифода карда мешаванд. Бо тарзи дигар гӯем, масъалаи математикӣ чизе аст, ки мо бояд онро бо истифодаи ҳисоб, формулаҳо ё тартиботи мантиқӣ ҳал намоем [15, с. 226].

Донистани тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ муҳим аст, зеро, ки:

- *Фаҳмиши амиқ* – комилан дуруст аст. Вақте хонандагон танҳо ҷавобро не, балки раванд ва сабаби ҳалли масъаларо мефаҳманд, донишашон инкишоф меёбад.

- *Усул ва эҷодкорӣ* – муҳим аст. Омӯзиши чанд тарзи ҳал ба рушди тафаккури эҷодӣ мусоидат мекунад ва хонандагон меомӯзанд, ки масъалаҳоро аз чанд нуқтаи назар бинанд.

- *Интихоби роҳи беҳтарин* – дуруст аст. Вақте хонанда медонад, ки як масъала метавонад чанд ҳал дошта бошад, ӯ тадриҷан қобилияти муқоиса ва интихоби роҳи самаранокро пайдо менамояд.

Омодагӣ ба олимпиада ва имтиҳонҳо – низ асоснок аст. Дар чунин мавридҳо аксар вақт талаб карда мешавад, ки хонанда роҳҳои гуногуни фикрронӣ ва ҳалро истифода карда тавонад [15, с. 228].

Ҳамин тавр, ин андешаҳо на танҳо дурустанд, балки ба усулҳои муосири таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ мувофиқ мебошанд. Онҳо ба рушди: тафаккури мантиқӣ, мустақилият ва малакаю маҳорати таҳлил мусоидат менамоянд.

Хулоса, омӯзиши 25 тарзи гуногуни ҳалли як масъаларо нишон медиҳем, ки ин амал дар математикаи синфҳои ибтидоӣ қобилияти таҳлил ва эҷодкориро низ инкишоф медиҳад:

- ёфтани тарзи одӣ - пайдо кардани роҳи беҳтарин, мантиқӣ ва самаранок барои ҳал кардани масъалаҳои матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ;

- ҷустуҷӯйи ҳалли одӣ (кӯтоҳ) - тарзи шавқовар ва машқи хуби равонӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ.

Ба андешаи мо ҷустуҷӯйи тарзи кӯтоҳ, одӣ ва равонии ҳалли масъалаҳо на танҳо ҷолиби диққат аст, балки фаъолияти хуб барои фикрронӣ ва рушди зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳам мебошад.

Ба таври умумӣ, маънои матни масъала чунин аст: кӯшиш кардан зарур аст, ки барои ёфтани роҳи содаву кӯтоҳи ҳал на танҳо фоидаовар, балки барои рушди фикрронӣ низ фаъолияти хуб мебошад.

Масъала. Дар се баста ҳамагӣ 180 кг нок мавҷуд буд. Аз бастаи якум 28 кг, аз бастаи дуюм 24 кг ва аз бастаи сеюм 20 кг нок гирифтанд. Баъд аз ин, миқдори нокҳо дар ҳар се баста баробар шуд. Муайян кунед, ки аз аввал дар бастаи якум чанд килограмм нок буд?

Ҳал. *Шарти кӯтоҳи масъала.*

Буд	*Гирифтанд*	*Боқӣ монд*	
Бастаи якум- х? кг		*28 кг*	
Бастаи дуюм –х? кг	*180 кг*	*24 кг ?*	*кг баробар*
Бастаи сеюм –х? кг		*20 кг*	

Ҳангоми шарҳи кӯтоҳи масъала истифодаи роҳи схемавии тасвири он низ хеле муҳим мебошад. Аз ин рӯ, мо алгоритмҳои тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матниро дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ нишон медиҳем:

Роҳи якум. 1. Аз бастаҳои якум ва дуюм нок гирифтаанд: 28+24=52 кг;
2. Аз се баста чӣ қадар нок гирифтаанд: 52+20=72 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 180–72=108 кг;
4. Дар ҳар як баста чӣ қадарӣ нок боқӣ монданд: 108:3=36 кг;
5. Дар бастаи якум аз аввал чӣ қадар нок буд: 36+28=64 (кг).

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи дуюм. 1. Аз бастаҳои якум ва сеюм нок гирифтаанд: 28+20=48 кг;
2. Аз се баста чӣ қадар нок гирифтаанд: 48+24=72 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 180–72=108 кг;
4. Дар ҳар як баста чӣ қадарӣ нок боқӣ монданд: 108:3=36 кг;
5. Дар бастаи якум аз аввал чӣ қадар нок буд: 36+28=64 (кг).

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи сеюм. 1. Аз бастаҳои дуюм ва сеюм нок гирифтаанд: 24+20=44 кг;
2. Аз се баста чӣ қадар нок гирифтаанд: 44+28= 72 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 180–72=108 кг;
4. Дар ҳар як баста чӣ қадарӣ нок боқӣ монданд: 108:3=36 кг;
5. Дар бастаи якум аз аввал чӣ қадар нок буд: 36+28=54 (кг).

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Асоси назариявии алгортими тарзҳои гуногуни ҳалли масъаларо шарҳ медиҳем. Барои донистани он ки дар ҳар се халта чанд килограмм нок боқӣ мондааст, шумо бояд рақами нокро, ки шумораи аслии нокро ифода менамояд, аз шумораи нокҳои аз се баста гирифташуда кам менамоем. Барои дар маҷмуъ чӣ қадар нок гирифта шудааст, шумо бояд ҳосили ҷамъи се ададиро $28+24+20$-ро ёбед. Инро бо роҳҳои гуногун анҷом дода ифодаи додашударо дар асоси амалҳои арифметикӣ ба ифодаи якхела табдил дод:

$$(28+24)+20=(28+20)+24=(20+24)+28$$

Ин се адад муайян менамояд, ки ҳар кадоме аз онҳо ҳалли масъала шуда метавонад. Бо истифода аз ҳарфҳо ба осонӣ пайдо кардани нокҳои боқимондаи се баста мебошад. Миқдори нокҳои дар ҳар се бастаро бо m, миқдори нокҳои аз бастаҳои якум, дуюм ва сеюм гирифташударо бо a, b, c ва ноки боқимондаи се бастаро бо n ишора карда, ҳосил мекунем:

$$n=m-(a+b+c).$$

Ҳамин тавр, асоси назариявии алгортими тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ ҳангоми истифодаи хосиятҳои амалҳои арифметикӣ қонуни ҷойивазкунӣ ва гурӯҳбандии ҷамъ, инчунин тартиби дурусти иҷрои амалҳо мебошад.

Асосан, маънои умумии масъалаи матнии додашуда нишон медиҳад, ки ҳангоми ҳал кардани он се тағйирёбанда истифода карда мешавад. Ба воситаи ин тағйирёбандаҳо метавонем шумораи нокҳои боқимондаро дар бастаҳо ҳисоб намоем. Барои ҳисобро осонӣ кардан, миқдори додашудаҳоро бо ҳарфҳои алгебравӣ ишорат карда мешаванд. Яъне, шарҳи рамзҳо:

m – миқдори умумии нокҳо;
a – миқдори нокҳое, ки аз бастаи якум гирифта шудаанд;
b – миқдори нокҳое, ки аз бастаи дуюм гирифта шудаанд;
c – миқдори нокҳое, ки аз бастаи сеюм гирифта шудаанд;
n – миқдори нокҳое, ки баъд аз гирифтани онҳо дар бастаҳо боқӣ мемонанд.

Пас, формулаи зеринро тартиб медиҳем: $n=m-(a+b+c)$.

Мувофиқи ин формула аввал **миқдори умумии нокҳои гирифташуда** $a+b+c$**-ро** ҳисоб карда, баъд ин миқдорро аз **миқдори умумии нокҳо** (m) тарҳ менамоем. Пас **миқдори нокҳои боқимонда** (n) ҳосил мешавад.

Ҳалли мантиқии масъала бо истифода аз далелҳо, алгоритмҳои пай дар пай ва фикрронии дурусти тарзи ҳалли масъала шарҳ дода мешавад. Аз ин рӯ, алгоритми ҳалли масъала чунин мешавад:

нокҳои боқимонда=нокҳои умумӣ – нокҳои гирифташуда.

Яъне, аввал миқдори умумӣ, баъд миқдори гирифташуда ва дар охир миқдори боқимонда муайян карда мешавад. Масалан,

$m=108$ (ҳамагӣ 108 кг нок буд);

$a=28$ (аз бастаи якум 28 кг нок гирифтанд);

$b=24$ (аз бастаи дуюм 24 кг нок гирифтанд);

$c=20$ (аз бастаи сеюм 20 кг нок гирифтанд).

Он гоҳ: $n=108-(28+24+20)$; $n=108-72$; $n=36$.

Пас **36 кг нок дар бастаҳо боқӣ монд. Хулоса, таҳлили матни масъала, як тарзи** амсиласозии алгебравӣ мебошад. Дар он, масъалаи воқеӣ (нокҳо дар бастаҳо) ба забони математика (бо ҳарфҳо ва формулаҳо) ифода карда шудааст. Бо ҳамин роҳ ҳисобкунии масъалаҳо хеле **осон** гардида, ба воситаи формула ҳар гуна қиматҳои m, a, b, c ифода карда мешавад.

Бисту чор тарзи ёфтани қимати ифодаи $n=m-(a+b+c)$ бо истифода аз хосиятҳои ҷамъ ва тарҳ вуҷуд дорад. Акнун тарзҳои пай дар пай ёфтан ва сода кардани қимати ҳар як ифодаро бо хосиятҳои ҷамъ ва тарҳ нишон медиҳем.

1. $m-((a+b)+c)$; 2. $m-(a+(b+c))$; 3. $m-(b+(a+c))$; 4. $(m-(a+b+c))$;

5. $m-a-b-c$; 6. $m-a-c-b$; 7. $m-b-a-c$; 8. $m-b-c-a$;

9. $m-c-a-b$; 10. $m-c-b-a$; 11. $m-a-(b+c)$; 12. $m-b-(a+c)$;

13. $m-c-(a+b)$; 14. $m-(a+b)-c$; 15. $m-(a+c)-b$; 16. $m-(b+c)-a$.

Ин маънои онро дорад, ки масъалаи мазкурро бо истифода аз хосиятҳои ҷамъ ва тарҳ бо 25 роҳ ҳал кардан мумкин аст. Дар ҳар як маврид аввал муайян мекунем, ки пас аз аз ҳар як баста гирифтани миқдори муайяни нок, дар он чанд нок боқӣ мемонад.

Роҳи чорум. 1. Аз се баста нок гирифтаанд: 28+24+20=72 кг;

2. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 180–72=108 кг.

3. Дар ҳар як баста чӣ қадарӣ нок боқӣ монд: 108:3=36 кг;

4. Дар бастаи якум аз аввал чӣ қадар нок буд: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи панҷум. 1. Пас аз бастаи якум гирифтани нок, дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 180–28=152 кг;

2. Пас аз бастаи якум ва дуюм гирифтани нок, дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 152–24=128 кг;

3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 128–20=108 кг;

4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;

5**.** Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи шашум. 1. Пас аз бастаи якум гирифтани нок: 180–28=152 кг;

2. Пас аз бастаи якум ва сеюм гирифтани нок: 152–20=132 кг;

3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 132–24=108 кг;

4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;

5**.** Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи ҳафтум. 1. Пас аз бастаи дуюм гирифтани нок: 180–24=156 кг;

2. Пас аз бастаи дуюм ва якум гирифтани нок: 156–28=128 кг;

3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 128–20=108 кг;

4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;

5**.** Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи ҳаштум. 1. Пас аз бастаи дуюм гирифтани нок: 180–24=156 кг;

2. Пас аз бастаи дуюм ва сеюм гирифтани нок: 156–20=136 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 136–28=108 кг;
4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;
5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи нуҳум. 1. Пас аз бастаи сеюм гирифтани нок: 180–20=160 кг;
2. Пас аз бастаи сеюм ва якум гирифтани нок: 160–28=132 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 132–24=108 кг;
4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;
5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи даҳум. 1. Пас аз бастаи сеюм гирифтани нок: 180–20=160 кг;
2. Пас аз бастаи сеюм ва дуюм гирифтани нок: 160–24=136 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 136–28=108 кг;
4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;
5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи ёздаҳум. 1. Ноки аз бастаҳои дуюм ва сеюм гирифташуда:
24+20=44 кг;
2. Пас аз бастаи якум гирифтани нок: 180–28=152 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 152–44=108 кг;
4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;
5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи дувоздаҳум. 1. Ноки аз бастаҳои якум ва сеюм гирифташуда:
28+20=48 кг;
2. Пас аз бастаи дуюм гирифтани нок: 180–24=156 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 156–48=108 кг;
4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;
5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи сенздаҳум. 1. Ноки аз бастаҳои якум ва дуюм гирифташуда:
28+24=52 кг;
2. Пас аз бастаи сеюм гирифтани нок: 180–20=160 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 160–52=108 кг;
4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;
5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи чордаҳум. 1. Ноки аз бастаҳои якум ва дуюм гирифташуда: 28+24=52 кг;
2. Пас аз басттаи якум ва дуюм гирифтани нок: 180–52=128 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 128–20=108 кг;
4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;
5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=52 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи понздаҳум. 1. Ноки аз басттаҳои якум ва сеюм гирифташуда:
28+20=48 кг;
2. Пас аз бастаи якум ва сеюм гирифтани нок: 180–48=132 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 132–24=108 кг;
4. Нокҳои дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;
5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи шонздаҳум. 1. Ноки аз бастаҳои дуюм ва сеюм гирифташуда:
24+20=44 кг;
2. Пас аз бастаи дуюм ва сеюм гирифтани нок: 180–44=136 кг;
3. Дар се баста чӣ қадар нок боқӣ монд: 136–28=108 кг;
4. Ноки дар ҳар як баста боқӣ монда: 108:3=36 кг;
5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 36+28=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Алгоритми роҳҳои дигари ҳалли масъалаи матнӣ низ вуҷуд доранд, ки онро амсиласозии графикии масъала меноманд. Ин тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ бо истифода аз расм, схема, график ё диаграммаро дар бар мегирад.

Ҳамин тавр, амсиласозии графикии тарзҳои гуногуни ҳалли масъала як усули тасвирӣ мебошад, ки ба воситаи он метавон мазмун, сохтор ва роҳи ҳалли масъаларо равшантар ва содатар шарҳ дод.



Дар тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнии дар зер буда, аввал бояд шумо муайян намоед, ки дар ҳар се баста чанд килограммӣ нок ҳаст, агар ҳар кадоми онҳо монанди бастаи якум нок дошта бошанд.

Роҳи ҳабдаҳум. 1. Ба бастаи дуюм нок илова намоед, ки миқдори ноки бастаи якум ҳосил шавад: 28–20=8 кг;

2. Ба бастаи сеюм нок илова намоед, ки миқдори ноки бастаи якум ҳосил шавад: 24–20=4 кг;

3. Ба ду бастаи охирон нок илова карда шуд: 8+4=12 кг;

4. Ноки дар се баста буда: 180+12= 192 кг;

5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 192:3 = 64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи ҳаждаҳум. 1. Ба бастаи дуюм нок илова кунед, ки миқдори ноки бастаи якум ҳосил шавад: 28–24=4 кг;

2. Ба бастаи сеюм нок илова кунед, ки миқдори ноки бастаи якум ҳосил шавад: 28–20=8 кг;

3. Ноки дар се баста буда, пас аз илова кардан ба бастаи дуюм:
180+4=184 кг;

4. Ноки дар се баста буда, пас аз илова кардан ба басттаи сеюм:
184+8=192 кг;

5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 192:3=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи нуздаҳум. 1. Нокро ба бастаи сеюм илова намоед, ки ба миқдори ноки дар бастатаи якум баробар бошад: 28–20=8 кг;

2. Ба бастаи дуюм илова намоед, ки ба миқдори ноки дар бастаи якум баробар бошад: 28–24=4 кг;

3. Баъди ба ду бастаи охирин нок илова кардан: 8+4=12 кг;

4. Миқдори ноки дар се баста буда: 180+12=192 кг;

5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 192:3=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи бистум. 1. Нокро ба бастаи сеюм илова намоед, ки ба миқдори ноки дар бастаи якум баробар бошад: 28–20=8 кг;

2. Ба бастаи дуюм нок илова намоед, ки ба миқдори ноки дар бастаи якум баробар бошад: 28–24=4 кг;

3. Дар се баста, пас аз илова кардан ба бастаи дуюм: 180+4=184 кг;

4. Миқдори ноки дар се баста буда: 184+8=192 кг;

5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 192:3 = 64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи бисту якум. 1. Нокро ба бастаи сеюм илова намоед, то ки ба миқдори ноки бастаи якум баробар бошад: 28–20=8 кг;

2. Ба бастаи дуюм нок илова намоед, ки ба миқдори ноки бастаи якум баробар бошад: 24–20=4 кг;

3. Дар се баста, пас аз иловакунӣ ба бастаи сеюм: 180+8=188 кг;

4. Миқдори ноки дар се баста буда: 188+4=192 кг;

5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 192:3=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи бисту дуюм. 1. Нокро ба бастаи сеюм илова намоед, то ки ба миқдори ноки бастаи якум баробар бошад: 28–20=8 кг;

2. Ба бастаи дуюм нок илова намоед, ки ба миқдори ноки бастаи якум баробар бошад: 28–24=4 кг;

3. Дар се баста, пас аз иловакунӣ ба бастаи сеюм: 180+8=188 кг;

4. Миқдори ноки дар се баста буда: 188+4=192 кг;

5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 192:3=64 кг.

Ҷавоб: *Дар халтаи якум аз аввал 54 кг нок буд*.

Роҳи бисту сеюм. 1. Ба бастаи дуюм нок илова намоед, то ки ба миқдори ноки бастаи якум баробар бошад: 28–24=4 кг;

2. Ба бастаи сеюм нок илова намоед, то ки ба миқдори ноки бастаи якум баробар бошад: 28–20=8 кг;

3. Дар се баста, пас аз иловакунӣ ба бастаи дуюм: 180+8=188 кг;

4. Миқдори ноки дар се баста буда: 188+4=192 кг;

5. Миқдори ноки дар бастаи якум буда: 192:3 = 64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Роҳи бисту чорум. 1. Нокро ба бастаи якум илова намоед, то ки ба миқдори ноки бастаи сеюм баробар бошад: 28–20=8 кг;

2. Ба бастаи дуюм нок илова намоед, то ки ба миқдори ноки бастаи сеюм баробар бошад: 24–20=4 кг;

3. Дар се баста, пас аз иловакунӣ ба бастаи якум: 180+4=184 кг;

4. Миқдори ноки дар се баста буда: 184+8=192 кг;

5. Миқдори ноки дар халтаи якум буда: 192:3=64 кг.

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 кг нок буд*.

Акнун як роҳи ҳалли умумии алгоритми масъаларо пешниҳод менамоем:

Роҳи бисту панҷум. Ноки бастаи якумро бо a , ноки бастаи дуюмро бо b , ноки бастаи сеюмро бо c ва ноки боқимондаро бо m ишора карда, мувофиқи шарти масъала пайдо мекунем: $a+b+c=180$ кг. (1)

Баъди аз бастаи якум гирифтани 28 кг нок: $a-28=m$ ё ки $a=m+28$;

Баъди аз бастаи дуюм гирифтани 24 кг нок: $b-24=m$ ё ки $b=m+24$;

Баъди аз бастаи сеюм гирифтани 20 кг нок: $c-20=m$ ё ки $c=m+20$.

Қиматҳои a, b ва c-ро ба ифодаи (1) гузошта, қимати m-ро меёбем:

$m+28+m+24+m+20=180$; $3m+72=180$;

$3m=180-70$; $3m=108$; $m=108:3$; $m=36$.

Пас, аз гирифтани бастаи якум 28 кг нок, бастаи дуюм 24 кг нок ва аз бастаи сеюм 20 кг нок дар онҳо 36 килограммӣ нок боқӣ монданд.

Санҷиш: $a=m+28=36+28=64$; $b=m+24=36+24=60$ ва $c=m+20=36+20=56$ *Яъне,* $64+60+56=180$ *гардид.*

Ҷавоб: *Дар бастаи якум аз аввал 64 килограмм нок будааст.*

Муҳокима. Дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ аҳаммияти истифодаи малака ва маҳорат ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ ниҳоят муҳим аст. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ хонандагон донишҳои нав мегиранд ва ба фаъолияти амалӣ тайёр мешаванд. Ҳалли масъалаҳои матнӣ ба инкишофи фикронии мантиқии хонандагон мусоидат менамояд. Бинобар ин, хонандагон бояд дар бораи ҳалли масъалаҳои матнӣ ва сохтори он тасаввуроти амиқ дошта бошанд, онҳоро бо алгоритми тарзҳои гуногун ҳал карда тавонанд ва барои мустақилона ҳал кардан якчанд масъалаҳоро пешниҳод менамоем:

Масъалаи 1. Аҳмад дар 4 рӯз 60 саҳифа китоб хонд. Рӯзи якум 15 саҳифа ва рӯзи дуюм 10 саҳифа хонд. Дар ду рӯзи боқимонда чанд саҳифа хондааст?

Масъалаи 2. Мадина 3 рӯз пайиҳам 45 саҳифа навишт. Агар дар рӯзи якум 12 саҳифа ва рӯзи дуюм 18 саҳифа навишта бошад, рӯзи сеюм чанд саҳифа навиштааст?

Масъалаи 3. Дар анбор 80 кг орд буд. Рӯзи якум 25 кг ва рӯзи дуюм 30 кг истифода шуд. Чанд кг орд боқӣ монд?

Масъалаи 4. Фарида 5 рӯз 100 сомонӣ сарф кард. Агар дар 4 рӯзи аввал 70 сомонӣ сарф карда бошад, дар рӯзи панҷум чанд сомонӣ сарф кардааст?

Масъалаи 5. Дар боғ 90 дарахт шинонда шуд. Аз онҳо 40-то себ ва 20-то нок аст. Қисми боқимонда кадом дарахтҳо буда метавонанд ва чандтоянд?

Масъалаи 6. Як донишҷӯ дар 3 рӯз 75 масъала ҳал кард. Дар рӯзи якум 20 ва рӯзи дуюм 25 масъала ҳал кард. Рӯзи сеюм чанд масъала ҳал кардааст?

Масъалаи 7. Дар як қуттӣ 120 қалам буд. 35-то фурӯхта шуд ва 25-то тӯҳфа дода шуд. Чанд қалам боқӣ монд?

Масъалаи 8. Саид 4 соат 56 км роҳ тай кард. Агар дар 3 соати аввал 42 км рафта бошад, дар соати чорум чанд км тай кардааст?

Масъалаи 9. Дар муассисаи таълимӣ 400 хонанда ҳаст. Аз онҳо 120-тоаш писар ва 110-тоаш духтар, дар синфҳои болоӣ ҳастанд. Чанд нафар дар синфҳои поёнӣ ҳастанд?

Масъалаи 10. Як мошин 3 рӯз 600 км роҳ тай кард. Рӯзи якум 200 км ва рӯзи дуюм 150 км рафт. Рӯзи сеюм чанд км тай кардааст?

Масъалаи 11. Дар китобхона 500 китоб буд. 150 китобро хонандагон гирифтанд ва 50 китоб гум шуд. Чанд китоб боқӣ монд?

Масъалаи 12. Як деҳқон 3 рӯз 90 кг мева ҷамъ кард. Дар рӯзи якум 30 кг ва рӯзи дуюм 20 кг ҷамъ кард. Рӯзи сеюм чанд кг ҷамъ кардааст?

Масъалаи 13. Дар як ҳафта 140 сомонӣ сарф шуд. Агар дар 5 рӯзи аввал 100 сомонӣ сарф шуда бошад, дар 2 рӯзи охир чанд сомонӣ сарф шудааст?

Масъалаи 14. Як варзишгар 4 рӯз 80 км давид. Дар рӯзи якум 10 км, рӯзи дуюм 20 км ва рӯзи сеюм 25 км давид. Рӯзи чорум чанд км давидааст?

Масъалаи 15 Дар як синф 40 хонанда ҳаст. 18-то писар ва боқимонда духтаронанд. Чанд духтар дар синф ҳаст?

Масъалаи 16. Пулод дар се рӯз 48 саҳифа китоб хонд. Дар рӯзи якум 14 саҳифа ва рӯзи дуюм 12 саҳифа хондааст. Ӯ дар рӯзи сеюм чанд саҳифа китоб хондааст?

Хулоса. Ҳалли масъалаҳои матнӣ қисми муҳимми таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ ба ҳисоб меравад. Он ба инкишофёбии тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлил ва малакаю маҳоратҳои амалии хонандагон мусоидат менамояд.Таҳқиқот нишон медиҳад, ки истифодаи тарзҳои гуногуни методӣ, аз ҷумла таҳлил, таркиббандӣ, амсиласозӣ, саволу ҷавоб ва омӯзиши гурӯҳӣ метавонад самаранокии раванди таълимро баланд бардорад. Инчунин, нақши омӯзгор барои ташаккул додани дурусти раванди таълим хеле муҳим аст. Омӯзгор бояд хонандагонро ба фаъолияти мустақилона, таҳлил ва ҷустуҷӯйи тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо ҳавасманд гардонанд. Барои баланд бардоштани омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ дар таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ омӯзгор бояд аз тарзҳои гуногуни таҳлили алгоритмӣ, амсиласозӣ, саволу ҷавоб, муқоисаи тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо ва инчунин аз масъалаҳои амалӣ истифода баранд. Танҳо дар чунин маврид хонандагон на танҳо **тартиби иҷрои амалҳои додашуда**ро меомӯзанд, балки қобилияти мустақилона фикр кардан ва ҳал кардани масъалаҳои матнии гуногунро низ инкишоф медиҳанд.

Адабиёт

1. *Бегимов Ҳ.Х., Раззоқов А., Акбаров Д. Ҳалли масъалаҳои математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ. // Маърифати омӯзгор. 2007, №10. - С. 45-49.*
2. *Бегимов Ҳ.Х. Ҳалли масъалаҳои типикӣ / Ҳ.Х. Бегимов, Т.Б. Раҷабов, И.Д. Сайёдов. – Душанбе: 2013. – 98 с.*
3. *Бегимов, Ҳ.Х. Методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ / Ҳ.Х. Бегимов, С. Рабиев, Т.Б. Раҷабов, А.М. Файзуллоев. - Душанбе-Принт, 2023. – 375 с.*
4. *Бегимов, Ҳ.Х. Назария ва практикуми ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ. Дастури таълимӣ / Ҳ.Х. Бегимов, М.М. Ҷураев, Х.А. Шукурзода, Д.А. Назаров, Ҷ.М. Фозилов. - Душанбе-Принт, 2023. – 311 с.*
5. *Бегимов, Ҳ.Х. Назария ва практикуми методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ / Ҳ.Х. Бегимов, С. Рабиев, Т.Б. Раҷабов, А.М. Файзуллоев, Х. Шукурзода. - Душанбе-Принт, 2024. – 665 с.*
6. *Бегимов, Ҳ.Х. Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони хурдсол зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ / Ҳ.Х. Бегимов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. - 2025. №1 (23) – С. 134-141*
7. *Белошистая, А.В. Обучение решению задач в начальной школе / А.В. Белошистая. - Москва : Владос, 2016. – 456 с.*

8. *Буриев, Ф.К. Роҳу усулҳои омӯзонидани масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ / Ф.К. Буриев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Сарияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим. - 2021. №3-4 (7-8) - С. 228-234.*
9. *Изатуллоев, К. Методикаи таълими масъалаҳои матнӣ дар математикаи синфҳои ибтидоӣ / К. Изатуллоев, А. Пирназаров, Т. Давлатов. – Душанбе, 2018. – 168 с.*
10. *Истомина, Н.В. Методика обучения математике в начальных классах / Н.В. Истомина. – Ярославль: 1997. – 235 с.*
11. *Маҳмудов, Т. Методҳои ҳалли машқ ва масъалаҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ / Т. Маҳмудов, Т. Давлатов. – Душанбе: 2013. - 176 с.*
12. *Маҳкамов М. Методикаи ҳалли масъалаҳои матнӣ. Дастури методӣ барои омӯзгорон / М. Маҳкамов, А.А. Раззоқов, Д.У. Бекназарова. – Душанбе, 2019. - 140 с.*
13. *Маҳкамов, М. Методҳои ҳалли масъалаҳои матнӣ. Дастури методӣ барои донишҷӯён ва омӯзгорон. Нашри дуюм / М. Маҳкамов, К. Бойматов, Ё.Г. Нуралиев, Н. Қодиров. – Душанбе: Маориф, 2020.-132 с.*
14. *Маҳкамов, М. Практикуми математикаи мактабӣ. Барои донишҷӯёни факултетҳои таҳсилоти ибтидоӣ / М. Маҳкамов, Т. Раҷабов, Ҳ. Бегимов, А. Раззоқов. –Душанбе: Маориф, 2021. – 216 с.*
15. *Моро, М.И. Методика преподавания математики в начальных классах / М.И. Моро, А.М. Пышкало. – М.: 1978. – 336 с.*

АЛГОРИТМИ ТАРЗҲОИ ГУНОГУНИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНӢ ДАР РАВАНДИ ДАРСИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи мазкур омӯзонидани алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ, ки ба ташаккул додани дониш оид ба шаклҳо ва муносибатҳо, новобаста аз мазмуни онҳо, мусоидат намуда, ба қобилияти фикрронии мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоиро низ инкишоф медиҳад, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Мавриди зикр аст, ки ҳадафҳои асосии таълими математика дар марҳилаи ҳозира яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълими математика дар хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ ва ташаккул додани фаъолияти маърифатӣ ҳангоми омӯзиш ва алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ ба ҳисоб рафта, ба инкишофи тафаккури мантиқӣ ва фаъолияти амалии хонандагон замина мегузорад. Ҳадафи асосии омӯзиши алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ яке аз воситаҳои муҳимми таълими математика ба ҳисоб меравад. Бо ёрии онҳо хонандагон бузургиҳои математикиро ба даст оварда, алоқамандиии байни онҳоро зимни ҳалли масъалаҳои амалӣ ҳосил менамоянд. Истифодаи алгоритми тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ бо тарзҳои арифметикӣ, алгебравӣ, геометрӣ, мантиқӣ ва ғайра салоҳиятҳои гузоштани савол ва ба онҳо ҷавоб гардониданро инкишоф медиҳад.

Калидвожаҳо: таҳсилот, масъалаҳои матнӣ, тарзҳои гуногуни ҳалли масъала, алоқамандии байни бузургиҳо, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, математикаи синфҳои ибтидоӣ, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, муассисаҳои таълимӣ.

АЛГОРИТМ РАЗЛИЧНЫХ СПОСОБОВ РЕШЕНИЯ ТЕКСТОВЫХ ЗАДАЧ В ПРОЦЕССЕ УРОКОВ МАТЕМАТИКИ НАЧАЛЬНОГО КЛАССА

В данной статье обучение алгоритму различных способов решения текстовых задач в процессе урока математики начальных классов способствует формированию знаний о формах и связях, не зависящих от их содержания, а также развивает способности логического, аналитического и творческого мышления учащихся младших классов. Стоит отметить, что основными целями математического образования на современном этапе являются один из путей повышения качества и эффективности математического образования у младших школьников образовательных учреждений, а также развитие познавательной активности в процессе обучения и алгоритмов различных способов решения текстовых задач, что закладывает основу для развития логического мышления и практической активности учащихся. Основная цель изучения алгоритма различных способов решения текстовых задач в процессе уроков математики в начальной школе является одним из важных инструментов обучения математике. С их помощью учащиеся усваивают математические величины и устанавливают связи между ними при решении практических задач. Использование алгоритма различных способов решения текстовых задач в процессе уроков математики в начальной школе арифметическим, алгебраическим, геометрическим, логическим и т. д. способами развивает умения ставить вопросы и отвечать на них.

Ключевые слова: образование, текстовые задачи, разные способы решения задач, соотношение величин, учащиеся младших классов, математика начальной школы, учителя начальной школы, образовательные учреждения.

ALGORITHM OF VARIOUS WAYS TO SOLVE TEXT PROBLEMS IN PRIMARY SCHOOL MATHEMATICS LESSONS

In this article, teaching algorithms for various ways to solve word problems during elementary school mathematics lessons promotes knowledge of forms and relationships independent of their content, and develops logical, analytical, and creative thinking skills in primary school students. It is worth noting that the main goals of mathematics education today are to improve the quality and effectiveness of mathematics education for primary school students, as well as to develop cognitive activity during the learning process and algorithms for various ways to solve word problems, which lays the foundation for the development of logical thinking and practical activity in students. The main goal of studying algorithms for various ways to solve word problems during elementary school mathematics lessons is an important tool in teaching mathematics. With their help, students learn mathematical quantities and establish connections between them when solving practical problems. Using algorithms for various ways to solve word problems during elementary school mathematics lessons using arithmetic, algebraic, geometric, logical, and other methods develops the ability to ask and answer questions.

Key words: education, word problems, different ways of solving problems, ratio of quantities, primary school students, primary school mathematics, primary school teachers, educational institutions.

Дар бораи муаллифон

Худоярзода Ҳусен Худояр
Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: begimovhusen@gmail.com

Маҳкамов Мамадҷон
Номзади илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

Об авторах

Худоярзода Хусен Худоярович
Кандидат педагогических наук, и.в. профессор кафедры методики начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: begimovhusen@gmail.com

Махкамов Мамаджон
Кандидат педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

About the authors

Khudoyrzoda Husen Khudoyr
Candidate of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Methods of Primary Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: begimovhusen@gmail.com

Makhkamov Mamajon
Candidate of Pedagogical Sciences, Professor, Department of Mathematics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: mahkamov_m51@mail.ru

ТДУ 37.091.26:51

НАҚШИ БАРНОМАСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ ВА МЕТОДИ ПУЛОТ ДАР ФАРДИГАРДОНИИ РАВАНДИ АРЗЁБИИ ДОНИШИ МАТЕМАТИКИИ ДОНИШҶӮЁН

Назаров А. П., Азизбеки М.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Таҳсилоти муосир ба рушди шахсияти донишҷӯёни ихтисоси математика бо назардошти хусусиятҳои фардии ӯ ва фароҳам овардани шароит барои самараноктарин азхудкунии донишҳои математикӣ нигаронида шудааст. Яке аз самтҳои муҳимми такмили раванди таълими математика ин фардикунонии раванди арзёбии дониш дар мисоли ташкил ва гузаронидани корҳои санҷишӣ мебошад. Дар таълими математика арзёбиҳои сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда махсусан муҳиманд, ки имкон медиҳанд сатҳи азхудкунии маводи таълимӣ арзёбӣ карда шавад. Дар ин робита, барномасозии компютерӣ нақши хеле муҳим дорад. Ҳамзамон татбиқи методи Пулот, ки ба арзёбии дастовардҳои таълимии донишҷӯёни ихтисосҳои математикӣ равиши фарқкунанда ва фардикунонидашударо фароҳам меорад, хеле ҷолиб аст. Методи Пулот аз тарафи яке аз муаллифони кори мазкур Назаров Аҳтам Пулотович эҷод гардидааст [9, с. 188], [13], [12]. Дар заминаи методи Пулот барномаҳои компютерие сохта мешаванд, ки танҳо аз як файли барномавӣ (exe замимаи Windows) иборат буда, аз ягон манбаъ ё пойгоҳи додаҳо вобастагӣ надоранд. Дар кори мазкур мо аз барномаҳои компютерии тайёр, ки бо методи Пулот аз ҷониби Назаров А.П. ва шогирдони мактаби илмии ӯ сохта шудаанд, васеъ истифода мебарем. Бевосита барномасозӣ намекунем.

Мақсади кор - Татбиқи васеи методи Пулот ва барномаҳои компютерии дар заминаи он сохташуда дар раванди ташкил ва гузаронидани корҳои санҷишӣ оид ба арзёбии сатҳи донишҳои ташаккулдодашудаи донишҷӯён аз фанни “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” дар донишгоҳҳои ихтисосашон омӯзгорӣ.

1.Таҳлили асосҳои назарияви Методи Пулод.

2. Омӯзиши имкониятҳои барномасозии компютерӣ.

3. татбиқи таҷрибавии барномаҳо.

4. Арзёбии самаранокии методи Пулод.

Моҳияти методи Пулот. Методи Пулот ба тавлидкунии вариантҳои беохири сатҳи душвории супоришҳояшон якхела асос ёфтааст, ки байни донишҷӯён вобаста ба омодагӣ, қобилият ва сатҳи азхудкунии мавод бо истифода аз барномаи компютерӣ дода мешаванд. Ҳадафи асосии ин усул на танҳо санҷиши дониш, балки фароҳам овардани шароит барои ҳар як донишҷӯ барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳо мебошад. Хусусияти беназири ин усул дар он аст, ки супоришҳоро аз рӯи сатҳҳо гурӯҳбандӣ намекунад. Ба донишҷӯён имконият дода мешавад, ки супоришҳоеро, ки ба қобилиятҳои онҳо мувофиқанд, иҷро кунанд ва тадриҷан ба вазифаҳои мураккабтар гузаранд. Ин равиш ба донишҷӯёни донишашон заифтар имкон медиҳад, ки мустақилияташонро инкишоф диҳанд, аз ҳамдигар рӯйбардоркунии механикиро пешгирӣ мекунад ва ҳамзамон барои рушди донишҷӯёни қавӣ шароити бештар фароҳам меорад. Дар ибтидои кор оид ба кори санҷишӣ аз фанни “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” дар байни донишҷӯён, супоришҳо оид ба прогрессияи арифметикиро интихоб мекунем. Воситаи рақамӣ *ProgrArif.exe* номгузорӣ шудааст. Ин файли барномавиро бо ягон тарз ба ҳама компютерҳои синфхонаи компютерӣ насб мекунем: технологияи анъанавии C&P, ё тавассути шабакаи дохилии компютерӣ, ё шабакаи Интернет аз сомонаи donishju.net. Ҳар як донишҷӯ худаш мустақилона ин барномаро омодаи кор менамояд ва тугмаи амрии “Супориш” –ро пахш мекунад. Дар натиҷа як варианти кори санҷишӣ бо супоришҳояш тавлид шуда, тавассути шакли муколамагӣ дар экрани компютер инъикос мегардад (Расми 1). Дар натиҷа вақтӣ зарурӣ барои омода намудани супоришҳо коҳиш меёбад, зеро омӯзгор дар тахтаи синфӣ варианти корро наменависад, ё маводи дидактикӣ тайёр намекунад. Барномаи компютерӣ дар муддати чанд сония варианти нави корро тавлид ва дар экран инъикос мекунад. Вақти сарфшуда барои фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ истифода гардид.



Расми 1. Кори санҷишӣ оид ба прогрессияи арифметикӣ

Таҳлили маълумоти дар Расми 1 овардашуда нишон медиҳад, ки барнома имконияти тавлиди вариантҳои инфиродии супоришҳоро фароҳам месозад, супоришҳо дар он бо пайдарҳамии муайяни мавзуъҳои таълимӣ ҷойгир шудаанд [14]. Донишҷӯ худаш мустақилона маълум мекунад, ки аз кадом супориш ба иҷрояш шурӯъ кунад. Ягон маҳдудият гузошта намешавад. Масалан, донишҷӯ супориши дуюмро дар мадди аввал дар дафтараш навишта, онро ҳал кард. Ҷавобашро ёфт. Акнун ин ҷавобро донишҷӯ ба майдони матнӣ, ки дар рости матни "***Ҷавоб:***" ҷойгир аст, дастӣ ворид мекунад. Қисми касрияшро ё бо аломати нуқта "." ё бо аломати вергул "," ҷудо мекунад. Тугмаи амрии "***Санҷиш***" –ро пахш мекунад. Мебинад, ҷавобаш дуруст аст ё не, ҳамзамон баҳои ҷорияшро мефаҳмад (баҳои ҷамъбастӣ танҳо пас аз иҷрои ҳама супоришҳо маълум мегардад). Агар дар натиҷа ранги лохили майдони матнӣ сурх гардад, пас ҷавоб нодуруст аст. Ҳангоми рангаш сабз шудан дуруст аст. Намунааш дар Расми 2 оварда шудааст. Омӯзгор низ аз ҷойи нишасти худ ё дилхоҳ ҷойи синфхона мушоҳида мекунад, ки кадом донишҷӯ супоришҳоро дуруст иҷро карда истодаанд. Донишҷӯ набояд руҳафтода гардад. Тугмаи амрии "***Давомдиҳӣ***" –ро пахш карда, ҳамон супоришро бо ҳамон параметрҳои воридшаванда аз нав дар дафтараш ҳал мекунад ва боз ҷавоби ҳосилкардаашро бо барномаи компютерӣ месанҷад. Тавре мебинем, дар давоми вақти ҷудокардашуда (дар низоми кредии таҳсилот 50 дақиқа) ягон маҳдудият гузошта намешавад



Расми 2. Санҷишӣ як супориши иҷрошуда аз прогрессияи арифметикӣ

Нақши методи Пулот дар фардикунонии арзёбиҳо бениҳоят муҳим аст. Фардикунонии таълим ва раванди корҳои санҷишӣ оид ба арзёбии сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда ба назар гирифтани фарқиятҳои байни донишҷӯёнро талаб мекунад. Арзёбиҳои анъанавӣ ба ҳамаи донишҷӯён супоришҳои якхела ва параметрҳои якхелаи воридшавандаро медиҳанд, ки

на ҳамеша қобилиятҳои воқеии онҳоро объективӣ инъикос мекунанд. Методи Пулот ба шарофати бартариҳои зерин ба ҳалли ин мушкилот мусоидат мекунад:

Ба назар гирифтани сатҳи омодагии донишҷӯён. Ҳар як донишҷӯ метавонад супоришҳоеро аз варианти тавлидшуда интихоб намуда, ҳал намояд, ки ба дониш ва малакаҳои онҳо мувофиқат мекунанд. Ин имкон медиҳад, ки азхудкунии мавод дақиқтар арзёбӣ карда шавад ва камбудиҳо муайян карда шаванд.

Афзоиши ангезаи омӯзиш. Вақте ки супоришҳо ба қобилиятҳои донишҷӯ мувофиқ бошанд, изтироб, нигаронӣ ва тарс аз санҷишҳо кам мешаванд. Донишҷӯён ба қобилиятҳои худ эътимод доранд, ки ин ба ангезаи онҳо барои омӯзиши математика таъсири мусбат мерасонад.

Методи Пулот рушди мустақилияти донишҷӯёнро инкишоф медиҳад. Методи Пулот ба рушди малакаҳои кори мустақилона мусоидат мекунад. Донишҷӯён интихоби усулҳои ҳалли супориш, таҳлили хатогиҳои худ ва арзёбии дастовардҳои худро меомӯзанд. Барои рушди қобилиятҳо шароит фароҳам меорад. Ба донишҷӯёни қавӣ имконият дода мешавад, ки вариантҳои гуногунро тавлид намуда ҳал намоянд, ки ин ба рушди тафаккури мантиқӣ, малакаҳои тадқиқотӣ ва фарҳанги математика мусоидат мекунад.

Арзёбии объективӣ. Истифодаи барномаи компютерии бо методи Пулот таҳияшуда имкон медиҳад, ки натиҷаҳои таълим объективитар арзёбӣ карда шаванд. Зеро ба ҳар як донишҷӯ варианти кори санҷишӣ ба таври фардӣ пешниҳод мегардад. Дар онҳо қимати параметрҳои воридшавандаи супоришҳо гуногун тавлид мегарданд. Муаллим дар бораи дастовардҳои ҳар як донишҷӯ маълумоти пурра мегирад ва метавонад кори ояндаро танзим кунад.

Яке аз мавзуъҳои муҳим дар тайёрии донишҷӯёни ихтисосҳои омӯзгорӣ – омӯзгорони ояндаи фанни математика ташаккулдиҳии донишҳо оид ба муодилаи квадратӣ ба ҳисоб меравад. Он донишҳои ташаккулдодашударо дар раванди корҳои санҷишӣ аз фанни “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” бо татбиқи методи Пулот арзёбӣ кардан мумкин аст. Намунаи шакли муколамагии барномаи компютериаш бо тавлиди як варианти кори санҷишӣ дар Расми 3 оварда шудааст.



Расми 3. Кори санҷишӣ оид ба муодилаи квадратӣ

Аз Расми 3 дида мешавад, ки муодилаҳои квадратӣ ба намуди эстетикӣ оварда шудаанд. Тибқи салоҳиятҳои мавзуӣ ва фаннӣ намудҳои гуногуни муодилаи квадратӣ тавассути ин барномаи компютерӣ тавлид карда мешаванд: аъзои якумаш ба 1 баробар буда (ислоҳшуда), намуди умумӣ, аъзои дуюмаш ҳатман ҷуфт буда. Мақсад аз тавлиди муодилаҳои квадратӣ бо чунин намудҳоро муаллифи методи Пулот дар корҳои худ [9], [8] чунин шарҳ дода аст: “Дар ин маврид салоҳиятҳои мавзуи таълимии мазкур муодилаи квадратӣ, муодилаи квадратии ислоҳшуда, аъзоҳои якуму дуюм ва аъзои озоди муодилаи квадратӣ, дискриминанти муодилаи квадратӣ, ҳал доштан ё надоштани муодилаи квадратӣ ва формулаҳои ёфтани решаҳои муодилаи квадратӣ баҳисоб мераванд” [9, с. 109], [8, с. 184]. Истифодаи барномаи компютерии мазкур раванди кори санҷиширо фардӣ гардонид. Натиҷаҳои муҳим ба даст оварда шуданд. Тарзи кораш монад ба барномаи компютерӣ барои прогрессияи арифметикӣ (Расми 1) буда мебошад.

Донишҷӯён – омӯзгорони ояндаи фанни математика бо мақсади боз ҳам инкишоф додани маҳорату малакаи касбии худ оид ба фардигардонии раванди арзёбии донишҳои ташаккулдодашуда метавонанд аз барномаҳои компютерии дар корҳои [4], [2] ва [3] сохташуда васеъ истифода баранд. Ба зарурати инкишофдиҳии мустақилияти худ зимни иҷрои супоришҳо аз фанни “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” боварӣ ҳосил кунанд.

Ба ақидаи Л.С. Выготский «...Назарияи «минтақаи рушди наздик» зарурати мутобиқ намудани мазмун ва дараҷаи душвории супоришҳоро ба имкониятҳои воқеии донишҷӯён таъкид намудааст. Ин ғоя заминаи психологии таълими тафриқавиро ташкил медиҳад. Ба андешаи олим, ҳар як донишҷӯ дорои имкониятҳои инфиродии рушд мебошад ва вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки шароити мусоидро барои амалӣ гардидани ин имкониятҳо фароҳам оварад»[7, с.74].

Мушкилии дигар, ки дар раванди фардигардонии корҳои санҷишӣ аз фанни “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” бо усули анъанавӣ дида ва мушоҳида мешаванд, арзёбии сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда оид ба ҳалли системаи муодилаҳои хаттӣ ба ҳисоб меравад. Фардигардонии раванди арзёбии объективии дониши донишҷӯён оид ба ҳалли системаҳои муодилаҳои хаттии тартиби дуюм дар доираи фанни технологияи иттилоотӣ масъалаи мубрами илмӣ аст. Бо мақсади арзёбии худкори дониши донишҷӯён дар доираи фанни мазкур низоми автоматии баҳодиҳӣ тарҳрезӣ ва сохта шудааст (Расми 4). Барномаи компютерӣ бар асоси методи Пулот аз ҷониби Назаров А.П. сохта шудааст ва арзёбии объективӣ, зуд ва боэътимоди сатҳи азхудкунии маводи таълимиро таъмин мекунад [9, с. 81], . Истифодаи барномаи компютерии мазкур сифати арзёбии донишро беҳтар ва объективитар мекунад, субъективиятро дар арзёбӣ пешгирӣ мекунад ва муносибати фардиро ба донишҷӯён таъмин менамояд. Барномаи компютерии мазкур як системаи интеллектуалӣ барои санҷиш ва арзёбии дониши донишҷӯён ва фардигардонии раванди арзёбӣ мебошад. Ҳадафи асосии барнома тариқи худкор ва объективона муайян кардани сатҳи азхудкунии усулҳои ҳалли системаҳои муодилаҳои хаттии тартиби дуюм мебошад. Хусусияти фарқкунандаи барномаи компютерӣ истифодаи методи Пулот мебошад, ки барои баланд бардоштани объективии арзёбии дониш ва вариантнокӣ нигаронида шудааст. Ин метод ба арзёбии зина ба зинаи раванди ҳалли системаи муодилаҳо ва таҳлили дурустии ҳар як қадам асос ёфтааст. Ин равиш арзёбии одилонаи дониши донишҷӯёнро таъмин мекунад ва ба муаллим имкон медиҳад, ки дар бораи мушкилоте, ки ҳангоми омӯзиши мавзуъ ба миён меоянд, маълумоти муфассал гирад.



Расми 4. Кори санҷишӣ оид ба ҳалли системаи муодилаҳои хаттӣ

Барномаи компютерии ташкил ва гузаронидани корҳои санҷишӣ оид ба ҳалли системаи муодилаҳои хаттӣ аз барномаҳои дар аввал дидаамон фарқ дорад. Тавре аз Расми 4 дида мешавад, он дорои ду тугмаи амрии супориш “Супориш1” ва “Супориш2” мебошад. Бо пахши тугмаи амрии “Супориш1” се системаи муодилаҳои хаттӣ дар шакли муколамагӣ инъикос меёбад, ки коэффисиентҳояшон ададҳои хурданд. Бо пахши тугмаи амрии “Супориш2” дар шакли муколамагӣ се системаи муодилаҳои хаттӣ инъикос меёбад, ки

коэффисиентҳояшон ададҳои калонтаранд. Татбиқи амалии барномаи компютерӣ дар гузаронидани арзёбиҳои доимӣ ва ниҳоии дониши донишҷӯён самаранокии баланд нишон додааст. Арзёбии худкор бо методи Пулот вақти заруриро барои баҳогузорӣ ба супоришҳо ба таври назаррас кам мекунад ва таъсири омилҳои субъективиро аз байн мебарад. Санҷишҳо дақиқии беҳтари арзёбӣ ва ангезаи донишҷӯёнро барои омӯзиши мустақилона нишон доданд. Таҳлили натиҷаҳо ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки сари вақт ба раванди таълим тағйирот ворид кунанд ва ба мавзуъҳои мураккаб бештар диққат диҳанд.

Барномаи компютерии “Арзёбии объективии дониши донишҷӯён оид ба ҳалли системаҳои муодилаҳои хаттии тартиби дуюм”, ки бар асоси методи Пулот таҳия шудааст, як воситаи муассир барои таҳсилоти рақамӣ мебошад. Барномаи компютерӣ арзёбии объективии донишро таъмин мекунад, раванди арзёбиро автоматӣ мекунад ва ба беҳтар шудани сифати таълими донишҷӯён мусоидат мекунад.

Ба ақидаи мо «...Дар раванди таълими “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ”, ки асосан аз дарсҳои амалӣ иборатанд се намуди кори мустақилонаи донишҷуёноро ташкил кардан бамаврид аст ва онҳо фардигардонии ҷараёни таълимро бояд таъмин намоянд» [5]

- фардигардонӣ дар раванди таълими кори коллективӣ;
- фардигардонӣ дар раванди ташкили кори гуруҳӣ;
- фардигардонӣ дар раванди ташкили кори мустақилона.

Мушкилии дигар, ки дар раванди фардигардонии корҳои санҷишӣ аз фанни “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” бо усули анъанавӣ дида ва мушоҳида мешаванд, арзёбии сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда оид ба ададҳои сода мебошад. Тасаввур кунед, ки донишҷӯ як ададро ба зарбкунандаҳои сода ҷудо мекунад. Омӯзгор барои санҷиши дурустии он дар раванди таълими фанни “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” чӣ қадар вақт сарф мекунад ва чӣ қадар заҳмат мекашад? Агар як ё ду ададро ба ҳама донишҷӯён пешниҳод кунад, пас шояд як ё ду нафар дуруст ҳал карда, ҳама боқимонда донишҷӯён аз онҳо ба таври механикӣ рӯйбардор кунанд. Оё натиҷаҳои арзёбӣ объективӣ мегардад? Ҷавоб якранг аст – ҳаргиз не. Ин ҷо зарурат ба фардигардонии раванди арзёбӣ ба миён омада, ба мо боз методи Пулот ёрӣ расонида метавонад. Дар аввал як барномаи компютерии бо ин метод сохташударо барои ташкили кори мустақилона аз фанни мазкур дида мебароем. Намунаи шакли муколамагияш дар расми 5 оварда шудааст. Муҳити барномавӣ ҳар як донишҷӯ худаш мустақилона ба кор омода мекунад. Тугмаи амрии “Супориш” –ро пахш мекунад. Дар шакли муколамагӣ барои иҷрои супориш ду ададро тавлид намуда, пешниҳод менамояд. Ададҳои тавлидшуда ҳатман ғайрисода мегарданд, ки дар корҳои [8, с. 65], [10, с. 285] тасдиқ шудааст. Аз ин кор бармеояд, ки барномаи компютерӣ худаш миқдори дурусти зарбкунандаҳои содаи ададро маълум карда, ҳамон қадар майдонҳои матниро барои дохилкунии ҷавобҳо тавлид мекунад. Ин ҳолат кори донишҷӯёнро хеле осон ва содатар мегардонад. Раванди кори мустақилона бошад шакли фардиро мегирад ва кори омӯзгор содатар мегардад. Он мушкилоти дарҷшуда бартараф карда шуд.



Расми 5. Кори мустақилона оиди ба зарбкунандаҳои сода ҷудо кардан

Раванди кори мустақилона ин тавр сурат мегирад. Донишҷӯ худи ададро дар майдони тарафи чап менависад. Якумин зарбкунандаи содаашро дар майдони тарафи рост менависад. Ҳаминтавр амалиётро то ба охир давом медиҳад. Барои дурустии ҷавобаш тугмаи амрии “Санҷиш” –ро пахш мекунад. Инъикосшавӣ бо рангҳои сурх ва сабз монанд ба технологияи барномаи компютерӣ оид ба прогрессияи арифметикӣ аст. Метавонад қадам ба қадам санҷад, яъне адад ва як зарбкунандаи содаро дохил мекунад. тугмаи амрии “Санҷиш” –ро пахш мекунад. Натиҷаро дида, бо пахши тугмаи амрии “Давомдиҳӣ” давом медиҳад. Як варианти дуруст ба иҷро расонида шуда дар Расми 6 оварда шудааст.



Расми 6. Як варианти дуруст иҷрошуда

Акнун масъала ба миён меояд, ки кори санҷишӣ оид ба ададҳои сода чӣ тавр бо методи Пулот гузаронида мешавад. Зеро дар кори мустақилона танҳо ду адад барои ҷудо кардан ба зарбкунандаҳои сода пешниҳод мегардад. Супоришҳо оид ба ихтисоркунии каср, ёфтани КТУ ва ХКУ –ро ворид кардан зарур аст. Бо ин мақсад барномаи компютерии васеъкардашудаашро истифода мебарем. Намунаи варианти кор дар Расми 7 оварда шудааст. Чунин барномаҳои компютерӣ танҳо дар кори [11] дида мешаванд. Онҳо раванди корҳои санҷишӣ ва арзёбии сатҳи дониши донишҷӯёнро фардӣ ва содатару осонтар мегардонанд. Кори муаллимро хеле ҳам осонтар ва содатар мегардонанд. Омӯзгор ба донишҷӯён вариантҳои корро пешниҳод намекунад ва ҷавобҳоро низ дастӣ намесанҷад. Ҳама ин корҳоро барномаи компютерии бо методи Пулот сохташуда ба худ мегирад. Ҳолатҳои субъективӣ, таъсири омилҳои инсонӣ дар баҳогузорӣ ва ҳолатҳои нодида гирифтани омӯзгор пешгирӣ карда мешаванд. Вақти бештар ба донишҷӯ дода мешавад. Айни замон корҳо дар самти барномасозии методи Пулотро оид ба татбиқи ададҳои сода Абидов Р.Т., ки шогирди Назаров А.П. аст, идома дода истодааст [1]. Масалан, дар Расми 8 шакли муколамагии барномаи компютерие оварда шудааст, ки ба мавзуи “Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо” бахшида шудаанд.



Расми 7. Кори санҷишӣ оид ба татбиқи ададҳои сода

Истифодаи ин барномаи компютерӣ дар раванди кори санҷишӣ аз фанни “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” барои фардигардонии раванди арзёбӣ хеле муфид аст. Ҳарчанд дар ин барномаи компютерӣ қайд шудааст, ки он барои математикаи пешниҳод гардида аст, ки дар курси “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” низ татбиқ кардан мумкин аст.



Расми 8. Кори санҷишӣ оид ба тақсимкунандаҳо ва каратиҳо“”

Истифодаи амалии ин метод дар дарсҳои математика хеле муфид аст. Ҳангоми гузаронидани арзёбӣ ва баҳодиҳӣ, муаллим метавонад якчанд барномаҳои компютериро истифода барад. Масалан, сатҳи аввал машқҳои стандартиро оид ба татбиқи формулаҳо ва қоидаҳои омӯхташуда дар бар мегирад, сатҳи дуюм масъалаҳои душвортарро дар бар мегирад ва сатҳи сеюм вазифаҳои ғайристандартӣ ва мусобиқавиро дар бар мегирад. Ин равиш ба ҳар як донишҷӯ имкон медиҳад, ки потенсиали худро нишон диҳад. Ғайр аз ин, натиҷаҳои арзёбӣ ба муаллимон кӯмак мекунанд, ки ниёзҳои инфиродии омӯзишии донишҷӯёнро муайян кунанд ва барои таълими минбаъдаи математика тавсияҳо таҳия кунанд.

Ба ақидаи Бажова М.А «…Шакли гузаронидани кори санҷишӣ бо навиштани ду варианти кор дар тахтаи синфӣ, новобаста аз он ки навиштани ду вариант вақтро талаб мекунад, омӯзгори фаннӣ бояд тамоми синфро дар сатҳи баланд идора карда тавонад. Мақсад иборат аз он аст, ки ҳар як хонанда худаш мустақилона дар доираи донишҳои гирифтааш супоришҳои кори санҷиширо иҷро кунад ва аз ҳамдигар рӯйбардор накунанд» [6]

Нақши барномасозии компютерӣ ва методи Пулот дар он аст, ки арзёбии худкори дониш раванди арзёбиро ба куллӣ тағйир медиҳад ва бартариҳои зеринро пешниҳод мекунад:

1. ***Тавлиди динамикии супоришҳо***: Барномаҳои компютерӣ барои ҳар як донишҷӯ маҷмуи беназири вариантҳоро бо шартҳо ва параметрҳои рақамӣ тавлид мекунанд.
2. ***Пешгирӣ аз фиребгарӣ***: Азбаски ҳар як донишҷӯ варианти инфиродии супоришҳои вурудиро мегирад, имконияти рӯйбардорӣ ё нусхабардории механикии ҷавобҳо аз байн меравад.
3. ***Баҳогузории фаврӣ***: Барномаҳои компютерие, ки бо истифода аз методи Пулот сохта шудаанд, дар бораи баҳоҳо ва дақиқии ҳаллу ҳисобҳо фавран иттилоот медиҳанд ва имкон медиҳанд, ки норасоиҳо дар дониши донишҷӯён фавран муайян карда шаванд.

Методи Пулот як равиши махсус аст, ки дар он параметрҳои вурудӣ барои масъалаҳои математикӣ ва мантиқӣ дар асоси параметрҳои санаи системаи компютер тавлид мешаванд. Алгоритми тавлид: Вақт, сана ва функсияҳои ҷорӣ барои тавлиди параметрҳои воридшаванда ва супоришҳо истифода мешаванд. Дар натиҷа параметрҳои супоришҳои математикӣ, ифодаҳо, муодилаҳо, масъалаҳои матнӣ ё дигар супоришҳо ҳар дафъае, ки барнома иҷро мешавад, ё тугмаи амрии “Супориш” пахш мегардад, тағйир меёбанд.

Фардикунонӣ бидуни нобаробарӣ: Ҳамаи донишҷӯён масъалаҳои душвории якхеларо ҳал мекунанд, аммо параметрҳои воридшавандаи гуногуни рақамӣ истиқлолияти донишҷӯёнро дар раванди санҷиш таъмин мекунад. Таъсир ба раванди таълим: Ҳамгироии метод бо татбиқи компютерӣ фардикуниро ба сатҳи нав мебарад. Суръати мутобиқшавӣ: Донишҷӯён метавонанд санҷишҳо ва корҳои мустақилонаро бо суръати худ анҷом диҳанд, бе асабоният ва муқоисаи худ бо ҳамсолони донишашон баландтар. Кам кардани бори муаллим: Омӯзгорон аз назорати баланди раванди кор дар синфхона ва аз реҷаи санҷиши даҳҳо дафтарҳои якхела озод карда мешаванд ва метавонанд ин вақтро барои таҳлили фардии мавзуъҳои мураккаб бо донишҷӯён сарф кунанд. Рушди малакаҳои мустақилӣ: Донишҷӯён маҷбур мешаванд, ки дониш ва алгоритми математикиро амиқтар омӯзанд, зеро аз ёд кардани ҳалли масъалаҳо бесамар аст ва пешгирӣ карда мешаванд.

Хулоса. Методи Пулот воситаи муассири фардикунонии раванди арзёбӣ дар математика мебошад. Истифодаи он сифати арзёбии донишро беҳтар мекунад, ангезаи омӯзишро инкишоф медиҳад ва барои донишҷӯёне, ки сатҳи қобилиятҳои гуногун доранд, шароити мусоиди омӯзиш фароҳам меорад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки татбиқи Методи Пулот *ба баланд гардидани объективияти арзёбӣ ва фардикунонии раванди таълим мусоидат менамояд*, ин методи фардигардонӣ принсипҳои омӯзиши ба донишҷӯ нигаронидашударо таблиғ мекунад ва арзёбии объективии дастовардҳои таълимии донишҷӯёнро таъмин намуда, раванди корҳои санҷиширо фардӣ дар шакли вариантнокӣ мегардонад. Дар ин кор як методологияи хусусии ташкили арзёбии дониш - Методи Пулот ва барномаҳои компютерии дар заминаи он сохта шуда баррасӣ гардид. Дар он сохтор, принсипҳои фаъолият ва таъсири он ба эҷоди роҳҳои инфиродии таълим барои арзёбиҳои математика тавсиф шудааст. Истифодаи барномаҳои компютерии дар кори мазкур омӯхта шуда ба мо имкон медиҳад, ки раванди таълимро беҳтар созем, сатҳи азхудкунии фанҳои математикиро афзоиш диҳем ва технологияҳои муосири иттилоотию рақамиро дар низоми таҳсилоти олӣ ҷорӣ намоем.

Адабиёт

1. *Абидов Р.Т. Асосҳои методии барномасозии компютерии кори санҷишӣ аз математикаи синфи 6 оид ба мавзуи "Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо" бо истифода аз методи Пулот [Матн] / Р.Т. Абидов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2026 с. №1 (27). С.219 – 225.*
2. *Абидов Р.Т. Барномасозии кори санҷишии №3 аз математика дар синфи 5-ум [Матн] / А.П. Назаров, Р.Т. Абидов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2025 с. №4 (26). С.103 – 107.*
3. *Абидов Р.Т. Методикаи барномасозии кори санҷишии №2 аз математика дар синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / А.П. Назаров, Р.Т. Абидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2025. №8. С. 301-307.*
4. *Абидов Р.Т. Методологияи гузариш аз технологияи қаблӣ ба технологияи нави гузаронидани корҳои санҷишӣ аз математика дар синфи 5-ум / А.П. Назаров, Р.Т. Абидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2024. №2. С. 296 – 306.*
5. *Азизбеки М. Кори мустақилонаи донишҷӯён чун шакли фардигардонии раванди таълими практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ дар низоми кредитии таҳсилоти олии педагогӣ. Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ-Душанбе, 2025.-№1(23). -С. 206-214. ISSN2708-5759.*
6. *Бажова М.А. Нақши методи пулод дар фардигардонии раванди гузаронидани корҳои санҷишӣ оид ба татбиқи ҳосила дар курси алгебра [Матн] / А. М. Бажова / (ISSN 2616 – 5260) Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб (илмҳои педагогӣ) №2(31). – 2023. с,220 – 226.*
7. Выготский Л.С. Педагогическая психология. – М., 1991.
8. *Назаров, А.П. Арзёбии салоҳиятҳо ва таъмини объективияти санҷиши дониши хонандагон зимни гузаронидани кори хаттӣ оид ба ҳалли муодилаҳои квадратӣ [Матн] / А.П. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2019. №6. С. 181 – 188.*
9. *Назаров, А.П. Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] // Монография / А.П. Назаров. – Душанбе: Матбааи ҶДММ «Баҳманруд». - 2020. - 226 с. ISBN 978-99975-0-394-7.*
10. *Назаров, А.П. Компьютерная поддержка проведения проверочных работ по теме «Простые числа» [Текст] / А.П. Назаров // Научно-практический журнал «Информатика в школе». – 2020. – №9(162) – С. 59-62.*
11. *Назаров, А.П. Компьютерная программа для проверки письменных контрольных работ по математике [Текст] / А.П. Назаров // Научно-практический журнал «Школьные технологии». – 2020. – №1. – С. 92-97.*

12. *Назаров, А.П. Метод Пулата – метод объективной проверки знаний учащихся при проведении письменных (контрольных) работ [Текст] / А.П. Назаров // Материалы IV Международной научной конференции «Информатизация образования и методика электронного обучения: цифровые технологии в образовании». Красноярск, 6-9 октября 2020 г. Сиб. федер. ун-т, 2020. В двух частях. Часть 1. – С. 283-287.*
13. *Назаров, А.П. Методи нави гузаронидани корҳои санҷишӣ аз фанҳои математика ва информатика бо истифода аз компютер ва барномаҳои компютерӣ [Матн] / А.П. Назаров // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2020. - №2, (35). - С. 87-92.*
14. *Назаров, А.П. Методологияи сохтани барномаи компютерии арзёбии объективонаи салоҳияти хонандагон зимни гузаронидани кори санҷишӣ оид ба прогрессияи арифметикӣ [Матн] / А.П. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2020. №9. С. 291 – 297.*

НАҚШИ БАРНОМАСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ ВА МЕТОДИ ПУЛОТ ДАР ФАРДИГАРДОНИИ РАВАНДИ АРЗЁБИИ ДОНИШИ МАТЕМАТИКИИ ДОНИШҶЎЁН

Дар ин кор имкониятҳои истифодаи барномаҳои компютерӣ ва методи Пулот барои фардӣ кардани раванди арзёбии дониши математикии донишҷӯён дар курси “Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ” баррасӣ мешаванд. Равишҳои муосири мониторинги дастовардҳои таълимии донишҷӯён дар заминаи рақамикунонии маориф таҳлил карда мешаванд. Таваҷҷуҳи махсус ба татбиқ ва истифодаи воситаҳои барномаҳои компютерӣ, ки раванди арзёбиро худкор ва фардӣ мекунанд, хусусиятҳои инфиродии донишҷӯёнро ба назар мегиранд ва арзёбии объективии донишро таъмин мекунанд, равона карда шудааст. Методи Пулот воситаи муассир барои арзёбии тафриқавӣ ва объективӣ ҳисобида мешавад, ки ба афзоиши ангезаи донишҷӯён, рушди мустақилият ва муайян кардани дақиқтари сатҳи азхудкунии маводи математикӣ мусоидат мекунад. Бартариҳои ҳамгироии технологияҳои рақамӣ, барномаҳои компютерӣ ва ин метод ба раванди таълим, инчунин таъсири онҳо ба сифати омодагии математикии донишҷӯён пешниҳод карда мешаванд. Хулоса дар бораи имконпазирии татбиқи системаҳои арзёбии инфиродӣ дар асоси методи Пулот барои баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти олӣ бароварда мешавад.

Калидвожаҳо: барномаҳои компютерӣ, методи Пулот, практикум, таълими математика, арзёбии дониш, фардикунӣ, технологияҳои рақамӣ, арзёбии худкор, донишҷӯён, раванди таълим.

РОЛЬ КОМПЬЮТЕРНОГО ПРОГРАММИРОВАНИЯ И МЕТОДА ПУЛАТА В ИНДИВИДУАЛИЗАЦИИ ПРОЦЕССА ОЦЕНКИ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ СТУДЕНТОВ

В работе рассматриваются возможности использования компьютерных программ и метода Пулата в процессе индивидуализации оценки математических знаний студентов по предмету «Практикум решения математических задач». Анализируются современные подходы к контролю и мониторингу учебных достижений студентов в условиях цифровизации образования. Особое внимание уделяется внедрение и применению программных средств, позволяющих автоматизировать и индивидуализировать процесс оценивания, учитывать индивидуальные особенности студентов и обеспечивать объективность контроля знаний. Метод Пулата рассматривается как эффективный инструмент дифференцированной и объективной оценки, способствующий повышению мотивации студентов, развитию самостоятельности и более точному определению уровня усвоения математического материала. Представлены преимущества интеграции программных технологий, компьютерных программ и данного метода в образовательный процесс, а также их влияние на качество математической подготовки студентов. Сделан вывод о целесообразности внедрения индивидуализированных систем оценивания для повышения эффективности обучения в высшей школе на основе метода Пулат.

Ключевые слова: компьютерные программы, метод Пулат, практикум, математическое образование, оценка знаний, индивидуализация, цифровые технологии, автоматизированный контроль, студенты, образовательный процесс.

THE USE OF COMPUTER SOFTWARE AND THE PULAT METHOD FOR PERSONALIZED ASSESSMENT OF STUDENTS’ MATHEMATICAL COMPETENCIES

The rapid development of digital educational technologies has created new opportunities for improving the assessment of students’ learning outcomes. This study investigates the pedagogical potential of computer software and the Pulat Method in organizing a personalized assessment system for students studying the course “Practice of Solving Mathematical Problems.” The research examines contemporary approaches to monitoring and evaluating mathematical competencies in higher education and highlights the role of digital tools in enhancing the effectiveness of assessment procedures. Particular attention is given to the use of software applications that support adaptive assessment, provide immediate feedback, and accommodate individual learning characteristics. Within this framework, the Pulat Method is considered a practical mechanism for implementing differentiated assessment and ensuring a more accurate evaluation of

students' academic achievements. The findings demonstrate that the combined application of computer technologies and the Pulat Method contributes to greater transparency and objectivity of assessment, promotes learner autonomy, and increases students' engagement in the educational process. Furthermore, the proposed approach facilitates the identification of individual learning needs and supports the improvement of mathematical training quality. The study substantiates the relevance of introducing personalized assessment models in higher education institutions and confirms the effectiveness of integrating digital assessment tools with innovative pedagogical methods.

Keywords: personalized assessment, mathematical competencies, digital education, computer software, Pulat Method, adaptive learning, automated assessment, higher education, learning outcomes, educational technology.

Дар бораи муаллифон

Назаров Аҳтам Пулотович
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Азизбеки Маъруфҷон
Ассистенти кафедраи методикаи таълими математика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: azizbek.91@mail.ru

Об авторах

Назаров Ахтам Пулатович
Доктор педагогических наук, профессор кафедры цифровых технологий и кибербезопасности
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734009, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Азизбеки Маруфджон
Ассистент кафедры методики преподавания математики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: azizbek.91@mail.ru

About the authors

Nazarov Ahtam Pulotovich
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor in the Department of Digital Technologies and Cybersecurity
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734009, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33
E-mail ahtam_69@mail.ru

Azizbeki Marufjon
Assistant at the Department of Methods of Teaching Mathematics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: azizbek.91@mail.ru

ТДУ 378+51(075.3)

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА ДАР ГУРӮҲҲОИ БИСЁРЭТНИКӢ

Сайфуллоева З. Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Тағйиротҳои назаррасе, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадаанд, дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии кишвар масъалаи омода намудани кадрҳоеро мегузоранд, ки онҳо ба дараҷаи баланди фарҳанг, саводнокӣ, маърифатнокӣ, салоҳиятмандии касбӣ расида, ҷиҳати худтатбиқсозӣ ва кор дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ қобилият дошта бошанд. Марбут ба ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф ва сиёсати давлатии илмӣ-техникӣ» (1998), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотикунонӣ» (ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2001, № 7; 2005, № 12), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 №170 «Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025» [5] коркард ва пазируфта шуданд, ки онҳо дар назди олимон ва мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оид ба такомулдиҳии куллии таълими фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ як қатор вазифаҳо мегузоранд. Дар робита ба ҳамин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки масъулин “назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд” [9]. Дар шароити муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки бо раванди ҷаҳонишавӣ, муҳоҷират, афзоиши муносибатҳои байнифарҳангӣ ва гуногунандешӣ тавсиф меёбад, ташаккули салоҳияти касбӣ дар гурӯҳҳои бисёрэтникӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи таҳсилот, бозори меҳнат ва идоракунии захираҳои инсонӣ табдил ёфтааст. Бо ҷой доштани шароит барои фаъолияти миллату фарҳангҳои гуногун аз як тараф барои ташаккули салоҳияти касбӣ имконият пайдо мегардад, аз тарафи дигар он ба мутобиқ гардидани кормандон ба касб ва ташаккули малакаю маҳорати онҳо мусоидат менамояд.

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Бояд иброз намуд, ки ташаккули салоҳияти касбӣ дар муҳити бисёрэтникӣ равандест мураккаб, вале ногузир ва зарурӣ. Барои ноил шудан ба фазои касбии солим, баробарҳуқуқ ва самарабахш, бояд сиёсати ҳадафноки омӯзиш, дастгирӣ ва мутобиқсозӣ амалӣ карда шавад. Дарки тафовутҳо дар фарҳанги бегона пеш аз ҳама ҷиҳати роҳ надодан ба баҳсу мунозираҳои ноҷо, инчунин чун падидаи нав барои ташаккули фаъолмандии касбии донишҷӯён мусоидат мекунад. Чунки синфхонаҳое, ки он ҷо таълими математика доир мегардад, намояндагони гуруҳҳои эиникии узбекон, туркманҳо, қирғизон ва ғайра ширкат меварзанд. Бинобар ин дар ҳалли масъалаву мисолҳои математикӣ тавачуҳ намудан ба муносибатҳои таҳаммулпазирона ва эмпатия (ҳамрайъӣ) зарур дониста мешавад. Тавре устодон Раҷабов Т.Б. ва Маҳкамов М. иброз намудаанд: “Ба эътибор гирифтани хусусиятҳои фарҳангӣ дар таълими математика барои бартараф намудани ихтилоф ва низоъ муфид буда, ҷиҳати ташаккули муносибатҳои ботаҳаммул, кӯмак ба якдигар ва ҳамрайъии донишҷӯёни гуногунмиллат мусоидат карда метавонад” [10, с. 282]. Ба гуфтаи профессор С. Н. Алиев, “... салоҳияти касбии омӯзгор, аз як тараф, бо таҳлил, раванд (фаъолияти педагогӣ, муошират педагогӣ, шахсияти омӯзгор) ва натиҷаи (таълим ва тарбияи шогирдон) фаъолияти ӯ, аз тарафи дигар, бо таносуби донишу малакаи ба таври объективии зарурии касбӣ ва сифатҳои психологие, ки ӯ дорад, рушд меёбад” [2, с. 53]. Чунин таъриф фаҳмиши бисёрҷонибаи мундариҷаи унсурҳои асосии сохтори пешниҳодшуда ва доираи хеле васеи андешаҳоро оид ба моҳияти касбӣ нишон медиҳад.

Ба андешаи профессор М. Нугмонов, “салоҳиятмандии математикӣ ин қобилият ва омодагӣ барои ҳалли масъалаҳои маъмули касбӣ бо истифода аз методҳои математикӣ ва баланд бардоштани тахассуси касбии шахс (худ) мебошад. Салоҳиятмандии математикӣ – қобилияти кор бо адад, иттилооти ададӣ ва соҳиб будан бо малакаҳои математикӣ мебошад [8, с. 135].

Тавре маълум аст, дар салоҳиятмандии касбӣ мафҳумҳои фаррох ва печида мавҷуданд, ки онҳо аз ҷамии дониш, маҳорату малака ва қобилияту хислатҳои шахс иборат буда, ҷиҳати

пурсамар иҷро намудани вазифаҳои касбӣ лозиманд. Он аз ҷузъҳои зерин иборат аст: салоҳияти илмӣ-касбӣ: донишҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи муайян; салоҳияти коммуникативӣ: қобилияти муошират муоссир бо ҳамкорон ва мизоҷон; салоҳияти иҷтимоӣ: малакаи кор дар гурӯҳ, ҳал кардани баҳсу мунозира, ташкили муносибати созгор; салоҳиятмандии фарҳангофарӣ: ҳурмату эҳтиром ва таҳаммул аз бисёрфарҳангӣ, мутобиқ шудан ба нормаҳои умумифарҳангӣ; салоҳиятмандии шахсиятӣ: худидоракунӣ, шинохти масъулият, ҳавасманд ва ташаббускор будан иборат мебошад. Дар гурӯҳҳои бисёрэтникӣ, ки аз намояндагони миллатҳо ва фарҳангҳои мухталиф иборатанд, дорои хусусиятҳои зеринанд: Гуногунии ҷаҳонбинӣ ва арзишҳо: муносибат ба вақт, кор, роҳбарият ва масъулият метавонад фарқ кунад; фарқиятҳои забонӣ ва услуби муошират: эҳтимолияти нофаҳмӣ ва бархӯрди коммуникативӣ зиёд мешавад; мавҷудияти эҳсоси таҳаммулнопазирӣ ё стереотипҳо: метавонад ба пастравии сатҳи эътимод ва ҳамкории дастаӣ оварда расонад; имконияти бойигарии таҷриба ва эҷоди навовариҳо: гуногунии таҷриба ва ҷаҳонбинӣ метавонад ба ташаккули қарорҳои беҳтар мусоидат кунад. Қобили зикр аст, ки барои рушди салоҳиятмандии касбии синфҳои дорои фарҳанги гуногун ба миён омадани душвориҳои зиёд аз эҳтимол дур нест. Аз ҷумла, душвориҳои муоширатӣ ва лафзӣ; тафовутҳо дар соҳаи фарҳанг ва ахлоқ ба он дохил мешавад. Барои ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни фанни математика истифодаи чунин чорабиниҳо самараи хуб дода метавонанд:

- бо тавсеаи назарраси миқёси ҳамкории байнифарҳангӣ, хушмуомилагӣ ва таҳаммулпазирии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад;

- демократикунонии ҷамъият, васеъ намудани имкониятҳои интихоби сиёсию иҷтимоии муассисаи таълимиро ҷиҳати лозим будани рушди шаҳрванд муҳим мешуморад;

- аз инкишофи суръатноки иқтисод ва дигаргуниҳои сохтор дар бобати машғулияти шаҳрвандон эҳтиёҷи ташкили курсҳои баландбардории касби мутахассисон ба миён меояд, ки он барои хатмкардагони омӯзишгоҳҳои таҳсилотӣ омӯзишро дар тӯли тамоми умр талаб мекунад [11, с. 84].

Натиҷаҳо. Барои қонеъ кардани ин талабот муассисаи таълимӣ бояд тағйир ёбад ва ин раванд пайваста бошад. Ҳамаи ин метавонад тавассути фаъолияти мустақилона, эҷодкорона, ба дигаргуниҳои ҷорӣ ба амал ояд. Омӯзгоре, ки метавонад масъулиятро ба дӯш гирад, ба рушди худ ҳамчун арзиш алоқаманд бошад. Муаллим қодир ва омода аст, ки пайваста таҳсил кунад. Ҳамин тавр, пеш аз ҳама барои ташаккули салоҳияти касбии омӯзгор талаботи махсус ба миён меояд. Муҳаққиқи пешбар И.А. Зимняя бо назардошти мафхуми «салоҳиятмандӣ» ду модел — *шахсият ва фаъолмандиро* фарқ мекунад. Ба ҳамин муносибат муаллиф қайд мекунад, ки асоси назариявии муайян кардани *намудҳои салоҳиятҳои асосӣ*, муқаррароти психологҳои рус ба ҳисоб меравад. Номбурда дар ин бора андешаҳои олимони зиёдеро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла:

Шахс субъекти муошират, дониш, меҳнат мебошад (Б.Г. Ананйев); шахс дар системаи муносибат ба чамъият, одамони дигар, ба худ, ба мехнат зохир мегардад (В.Н. Мясишев); салоҳияти инсон вектори инкишофи акмеологиро дорад (Н.В. Кузьмина, А.А. Деркач); касбият салоҳиятҳоро дар бар мегирад (А.К. Маркова). Дар робита ба ин профессор И.А. Зимняя се намуди салоҳиятро пешкаш менамояд: «… 1) Салоҳиятҳое, ки ба худ ҳамчун шахс, ҳамчун субъекти фаъолияти ҳаёт алоқаманданд; 2) салоҳиятҳое, ки бо ҳамкории байни инсонҳо алоқаманданд; 3) салоҳиятҳое, ки ба фаъолияти инсон алоқаманданд, ки дар ҳама намудҳо ва шаклҳои он зоҳир мешаванд» [4, с. 16].

Бинобар сабаби он ки салоҳият чун намуди неоплазмаи равонии дохилӣ ва пӯшида: мисли дониш, ғоя, алгоритми амал, низоми арзиш ва муносибатҳо ва ғайра буда, баъдтар он чун салоҳияти одамӣ зоҳир ва ошкор мегардад, профессор И.А. Зимняя чорчӯбаи он фаъолмандиро муқаррар намуда, минбаъд чун салоҳият зоҳир гаштани онро нишон додааст [4, с. 18]. Аз таҳлил ва ташхиси гуфтаҳои боло ифодаи «салоҳиятҳои умумӣ» маълум мегардад, зеро заминаи хосиятҳои донишу таҷриба дар ихтисосҳои алоҳида ҷой дорад.

“Хмел Н.Д. касб фаъолияте аст, ки дорои ҳадаф, маҳсулот, меъёр ва воситаҳои худ мебошад. Он дар ниҳояти кор бо вазифаи ичтимоӣ ва технологияи соҳаи ҳаёти чамъиятӣ, хизмат мекунад, муайян карда мешавад” [15, с. 65]. Дар робита ба ин, салоҳиятмандии шахсият вобаста бо ихтисоси вай дар ягон ҷузъи зиндагӣ алоқамандӣ дорад ва аз фаъолияти ӯ ҷамъият фоида мебарад. Вобаста ба ин ба ду намуди асосии ҳастии ҷамъият тафовут мегузоранд: моддӣ ва маънавӣ. Фаъолияти педагогӣ ба он нигаронида шудааст, ки муҳассилин бо фарҳанг ва арзишҳои он шинос шуда, ба ин васила ба соҳаи маънавии ҷомеа хизмат расонад.

Аз ин рӯ, фаъолияти омӯзгор ба маънавиёти ҷомеа хизмат мекунад. Муаллиме, ки ба тарбияи шогирд машғул аст, ӯро аз дунёи фарҳангӣ бархурдор месозад: аз ин фарҳанги

шогирд рушд меёбад, қобилияту маҳорати шогирд дар рушду нумуи фарҳанг, кори эҷодӣ ва худинкишофёбӣ мавриди ташаккулу инкишоф қарор меёбад; инчунин ба андозаи муайян соҳаи моддӣ низ тағйир меёбад, зеро донишчуён дар ин соха кор хоханд кард. Ҳалли ин масъалаҳо аз омӯзгор талаб мекунад, ки вай дониш ва маҳорати зарурии касбӣ дошта бошад, то шогирдонро ба системаи муносибатҳои иҷтимоӣ ҷалб намуда, онҳоро ба ҳаёт ва меҳнат, ташаккули муносибати арзишманди онхо ба дониш, ба шахс ва натиҷаҳои фаъолияти ӯ ва ғайра омода созад. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки дар таълими фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ташаккули салоҳияти касбӣ-фарҳангии омӯзгор мавқеи муҳим дорад. Дар таҳияи проблемаҳои салоҳияти касбӣ саҳми бузурги муҳаққиқони хориҷӣ О.А. Абдуллина, О.В. Аверина, В.А. Адольф, В.И. Байденко, В.А. Болотов, А. Вербицкий, И.А. Зимняя, Е.Ф. Зеер, Н.Д. Кучугурова, А.Г. Мордкович, П.И. Третьяков, А.В. Хуторской, В.Д. Шадриков ва дигарон назаррас аст. Дар таҳкикоти В.Я. Адольф, салоҳиятмандии касбии донишҷӯ чунин тавзеҳ гардидааст: “омилҳое, ки аз он шиддатнокии психологӣ поён мефарояд ва аз ҷиҳати эҳсосотӣ устувор будан баланд мегардад; шаклҳои робита дар фаъолмандии вобаста ба касб ва маърифатнокӣ меафзояд; механизмҳои табдилёбии мунтазами фаъолмандии таҳсилотии шогирд ҷиҳати фаъолмандии ба касб нигаронидашудаи ихтисосманд зиёд мегардад” [1, с. 49].

Муҳаққиқ Э.Ф. Зеер салоҳиятмандии ба касб нигаронидашударо ба таври зайл шарҳ додааст: “Самти касбӣ (мавқеи касбӣ, манфиатҳои арзишӣ, худмуайянкунии касбӣ); салоҳияти касбӣ (дониш, қобилият, маҳорат, таҷрибаи инфиродӣ, маҳорат)” [3, с. 44]. Баъди ба таври муфассал таҳлил гардидани андешаи ахир муҳаққиқ қайд кардааст: “рушди функсионалии салоҳияти касбӣ дар марҳилаҳои ибтидоии рушди касбии мутахассис мустақилияти нисбӣ дорад, ва дар марҳилаи иҷрои мустақилонаи касбӣ фаъолият, салоҳият бо сифатҳои муҳимми касбӣ торафт бештар пайваста мешавад.

Муҳокима. Сатҳи асосии салоҳияти касбии субъекти фаъолият омодагӣ, омодагии касбӣ, таҷрибаи касбӣ ва маҳорати касбӣ мебошанд” [3, с. 47]. Масъалаҳои ташаккули салоҳиятмандии математикии донишҷӯён, моҳияти мафҳуми “салоҳияти математикӣ ё салоҳияти касбӣ” дар осори таҳқиқотии О.В. Аверина, О. Знаменская, А.Г. Мордкович, М. Махкамов, Р.Р. Мирзозода, М. Нугмонов, Т.Б. Рачабов, А.Э. Сатторов, ва дигарон инъикос ёфтаанд. Тавре профессор Р.Р. Мирзозода қайд кардааст, “Салоҳияти касбӣ маҷмуи хислатҳои системавии шахсият мебошад, ки бо донишҳои устувори риёзӣ ва қобилияти татбиқи онҳо дар вазъияти нав, қобилияти ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар фаъолияти математикӣ ифода меёбад” [7, с. 310]. Ба ақидаи профессор А.Э.Сатторов: “салоҳияти касбӣ ин қобилияти шахс барои муайян ва дарк кардани нақши математика дар ҷаҳоне, ки дар он зиндагӣ мекунад, баровардани хулосаҳои математикии асоснок ва истифодаи математика ба тавре мебошад, ки шаҳрванди эҷодкор, шавқманд ва мутафаккир талаботи имрӯза ва ояндаро қонеъ мегардонад” [13, с. 208]. Муҳаққиқи соҳаи математика М. Маҳкамов иброз медорад, ки “Салоҳияти касбии математикӣ ин қобилият ва омодагӣ барои ҳалли масъалаҳои маъмули касбӣ бо истифода аз методҳои математикӣ ва баланд бардоштани тахассуси касбии шахс (худ) мебошад” [6, с. 46].

Шорохова Е.В. салоҳияти касбии омӯзгорро ҳамчун рушди касбии шахсият фаҳмида, онро аз призмаи инкишофи сифатҳои субъективии омӯзгор баррасӣ мекунад. “Субъективӣ формацияи психологӣ мебошад, ки асоси он муносибати шахс ба худ ҳамчун иҷрокунанда мебошад. Ин хусусияти интегративӣ буда, асоси қобилиятҳои касбиро ташкил медиҳад ва бо муайян намудани муносибатҳои системавии фаъолияти касбӣ алоқаманд аст” [16, с. 83]. Барои омӯзгор чунин муносибат муносибати арзишманд ба шогирд, ба ҳамкорон, ба худ аст. Муносибати шахс ба худ ҳамчун иҷрокунанда даъват ва қабули фаъолият, шуур, озодии интихоб ва масъулият барои он, ҳавасмандиро бо самти башардӯстона ва нуқтаи назорати дохилиро дарбар мегирад. Муаллиф дар пажӯҳишҳои худ чунин мешуморад, ки омӯзгор дар баробари ҷиддияти баъзе ҷузъҳои субъективӣ аз ҷиддияти яклухт ва алоқаманди хосиятҳои шахсӣ маҳрум аст.

Шорохова Е.В. дар бораи зарурати тартиб додани барномаҳои махсуси таълимӣ, ки ба ташаккули муносибати фаъолонаи муаллим нисбат ба худ нигаронида шудаанд, андеша меронад. “Муаллим ҳамчун субъект бояд фаъолияти худро ба вуҷуд оварад, онро тағйир диҳад, ба натиҷаҳои он ва худаш ба онҳо баҳо диҳад. Маҳз ҳамин муносибат ба омӯзгор имкон медиҳад, ки талаботи касбиро дар сатҳи баланди сифат иҷро намояд. Ин зуҳури салоҳияти касбии ӯ мебошад” [16, с. 85]. Дар доираи ин кор мо салоҳияти касбии омӯзгорро ҳамчун маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои умумие, ки татбиқи мазмуни стандартҳои давлатии таҳсилотро таъмин мекунанд, муайян намудем. Ба ақидаи мо, пешниҳод намудани

баъзе вариантҳои таълим дар ҳамкорӣ ҷолиб ба назар мерасад. Ба ҳамин муносибат, бархе аз намунаҳои дар ҳамкорӣ фаъолият намуданро пешкаш менамоем.

Тавре С.А. Султонова иброз медорад: «Student Team Learning (STL, методи таълим дар даста) ба «мақсадҳои гурӯҳӣ» (team goals) ва комёбии ҳамаи гурӯҳ (team success), ки он метавонад танҳо дар натиҷаи кори мустақилонаи ҳар узви гурӯҳ (даста) дар ҳамкории доимӣ бо дигар аъзои ҳамон гурӯҳ зимни кор бар болои мавзуъ/проблема/масъалаи мавриди омӯзиш ба даст оварда шавад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир созад. Ҳамин тариқ, вазифаи ҳар донишҷӯ аз он иборат аст, ки ҳар иштирокчии даста донишҳои заруриро азхуд кунад, малакаҳои заруриро ташаккул диҳад ва зимнан бояд кулли аҳли даста донад, ки ҳар узви он ба чӣ комёб гардид» [14, с. 117]. Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло, дар доираи салоҳияти касбии омӯзгорони математика дар таҳқиқоти хеш мо омодагӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳои стандартӣ ва ғайристандартии касбӣ ва таҳқиқотиро бо истифода аз методҳои математикӣ мефаҳмем, ки он дар оянда барои мустакилона такмил додани ихтисоси касбии омӯзгорони ояндаи математика имконият медихад. Аз ин ҷиҳат мо чунин андеша дорем: “амсиласозии равияи инкишофи салоҳиятмандии зеҳнӣ-маърифатӣ ҷиҳати истифода намудани технологияи ҳамфаъол (интерактив) ва муносибати субъекту субъект миёни донишҷӯ ва омӯзгор, донишҷӯ ва гурӯҳи донишҷӯён, гурӯҳҳои бо ҳам рақобаткунанда ва ҳамкорикунандаи донишҷӯён, донишҷӯ ва муҳити виртуалии компютерии бисёрвариант ҳамчун асбоби миёнрави ҳамкорӣ бо дигар субъект, инчунин муносибатҳои субъект-субъектии донишҷӯ ҳамчун субъект бо барномаи компютерӣ ҳамчун объект басо аҳаммиятнок аст” [12, с. 109].

Мо дар зери ин ҳамчун усули ҳамкорӣ дар даста (ё зергуруҳҳо) ҷиҳати инкишофи салоҳиятмандии касбӣ якчанд суприш ва вазифаҳои математикиро пешкаш менамоем.

Мисолҳо барои кори мустақилона дар зергурӯҳҳо

1. Лимитҳоро ёбед:

1. а) $\lim_{x\to\infty}\frac{x^2+2x+5}{3+2x^2}$;
2. б) $\lim_{x\to 5}\frac{5x+3}{3x-1}$;
3. в)$\lim_{x\to\infty}\left(\frac{2x+3}{2x+1}\right)^{x+1}$;
4. г) $\lim_{x\to\infty}\left(\frac{3x-4}{3x+2}\right)^{\frac{x+1}{3}}$;
5. д) $\lim_{x\to 2}\frac{2x^2-4x}{x^2-4}$;
6. е)$\lim_{x\to 1}\frac{x^3-x^2-x+1}{x^3+x^2-x+1}$;
7. ё)ж) $\lim_{n\to\infty}\left(1-\frac{1}{n}\right)^n$;
8. з) $\lim_{x\to\infty}\left(1+\frac{2}{x}\right)^x$;
9. и) $\lim_{x\to\infty}\left(\frac{x}{x+1}\right)^x$;
10. к) $\lim_{x\to\infty}\left(\frac{x-1}{x+3}\right)^{x+2}$;
11. л) $\lim_{n\to\infty}\left(1+\frac{x}{n}\right)^n$;
12. м) $\lim_{x\to 1}\frac{\sqrt{5-x}-2}{\sqrt{2-x}-1}$;
13. о) $\lim_{x\to 1}\left(x^5-5x+2+\frac{1}{x}\right)$.

2. Ҳосилаи функсияҳои зеринро ёбед:

а) $y=2e^x+5lnx$;
б)$y=e^x(cosx+sinx)$;
в)$y=e^xsinx-4lnx$;
г) $y=\frac{2x^2+x+1}{x^2-x+1}$;
д) $y=3x^2y^3-2^xctgx$;
е) $y=\frac{cost}{1+sint}$;
ё) $y=x^2ln(3x^2+1)$;
ж) $y=2\text{sinx}+3\text{cosx}$;
з) $y=x^2e^{-2x}$;
и) $y=x^4-3x^2-2x+1$
к) $y=\sqrt[3]{x}+\sqrt{x}$;
л) $y=(x-1)e^x$;
м) $y=\frac{e^x}{x^2}$;
н) $y=e^xcosx$;
о)$y=(x^2-2x+2)(\text{x}-3)$;
п) $y=e^xarcsinx$;
р) $y=\frac{x^2}{lnx}$;
с)$y=\frac{x+5}{1-3x}$.

3. Интегралҳоро ҳисоб кунед:

а) $\int\frac{2x^3-\sqrt{x^5}+1}{\sqrt{x}}dx$;
б) $\int e^xsinxdx$;
в) $\int e^xcosxdx$;
г) $\int x^2(3+4x)^2dx$;
д) $\int\frac{dx}{\sqrt{e^{2x}+e^x+1}}$;
е) $\int x(1-2x)^3dx$;
ё) $\int_0^1 x^3e^{2x}dx$;
ж) $\int_0^\pi e^xsinxdx$;
з) $\int_0^\infty xe^{-x}dx$;
и) $\int\left(\frac{1}{x}+x^2ln5-\frac{4}{\sqrt{x}}+\frac{1}{3\sqrt[3]{x^4}}+\frac{7}{\sqrt{1-x^2}}\right)dx$;
й) $\int_1^2(2x-1)^4dx$;
к) $\int_0^\infty e^{-\hbar x}dx\ (\hbar>0)$;
л) $\int\left(x+\sqrt{x}-3x^5+\frac{2}{x^3}-\frac{1}{sin^2x}+tg5\right)dx$

м) $\int \frac{2x^2+3\sqrt{x}-1}{2x} dx$;

н) $\int \sin(3x+1)dx$

о) $\int \frac{dx}{5-2x}$

с) $\int \frac{xdx}{\sqrt{9-8x^2}}$

п) $\int cos\frac{x}{2}dx$

р) $\int \sqrt[5]{(1+x)^4}dx$

Чанд сол аст, ки дар факултетҳои математика ва физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ усулҳои инноватсионии номбурда мавриди истифода қарор доранд ва натиҷаи кор бо ин намудҳои технологияҳои педагогӣ дар ихтисосҳои риёзӣ ба ташаккулу ривоҷи салоҳияти касбӣ-математикии донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Хулоса. Ҳамин тариқ, дар педагогика ва психологияи ватанӣ мафҳуми салоҳияти касбӣ тавассути чунин категорияҳо ба монанди дониш, маҳорат ва малакаҳо муайян карда мешавад, ки барои ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои фаъолияти касбӣ имкон медиҳанд. Бинобар ин дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни гуруҳҳои бисёрэтникии соҳаи математика ба эътибор гирифтани хусусиятҳои энофарҳангии шогирдон муфид арзёбӣ мегардад.

Адабиёт

1. *Адольф В. А. Профессиональная компетентность современного учителя / В. А. Адольф. - Красноярск: Изд-во КГУ, 1998. -75 с.*
2. *Алиев, С. Н. Научно-педагогические основы развития профессиональной компетенции будущих учителей иностранного языка: Монография/С. Н. Алиев. - Душанбе: Ирфон, 2008. – 260 с.*
3. *Зеер, Э. Ф. Модернизация профессионального образования: компетентностный подход: учеб. пособие / Э. Ф. Зеер, А. М. Павлова, Э. Э. Сыманюк. – М.:Изд-во Московского психолого-социального института, 2005. – 216.с.*
4. *Зимняя, И. А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании / И.А.Зимняя. - М., 2004. - 42 с.*
5. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021 №170 "Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025".*
6. *Маҳкамов, М. Методҳои ҳалли масъалаҳои математикӣ // Дастури таълимӣ- методӣ. – Душанбе: ДСРТ, 2021. - 296 с.*
7. *Мирзозода, Р.Р., Нугмонов, М. Факторы, влияющие на развитие творческих способностей студентов вузов при обучении высшей математики / Р.Р. Мирзозода, М. Нугмонов // Вестник Института развития образования. - 2023. - №3 (43). С. 309-313.*
8. *Нугмонов, М. Моҳияти равиши ташкили-фаъолияти дар раванди таълими касбӣ ва методӣ / М. Нугмонов, Ш. М. Сафаров // Паёми донишгохи омӯзгорӣ. Бахш: Методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. - 2022. С. 134-139.*
9. *Раҳмон, Эмомалӣ Забон омили ҳастӣ ва бақои миллат аст. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 27.09.2022.*
10. *Раҷабов, Т.Б., Маҳкамов, М. Амалисозии фарҳангӣ-экологӣ дар раванди дарсҳои математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / Т.Б. Раҷабов, М. Маҳкамов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2025. -С. 280-286.*
11. *Сазонов Б. А. Болонский процесс: актуальные вопросы модернизации российского высшего образования: учебное пособие / Б. А. Сазонов. - М.: ФИРО, 2006. 184 с.*
12. *Сайфуллоева, З.Х. Усулҳои ҳамкорӣ дар даста ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии касбии донишҷӯён дар таълими математика / З.Х. Сайфуллоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. - 2023. -№1 (15). С. 107-115.*
13. *Сатторов, А.Э. О формировании профессиональной компетентности учителя информатики. / А.Э. Сатторов // Вестник Таджикского национального университета. - 2019. №7 - С.207 - 212.*
14. *Султонова, С.А. Методикаи ташаккули салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон // дис… номзади илм.пед. / С.А. Султонова. – Душанбе, 2021. - 177 с.*
15. *Хмель, Н. Д. Теоретические основы профессиональной подготовки учителя / Н. Д. Хмель. - Алматы: Гылым, 1998. - 319 с.*
16. *Шорохова, Е. В. Психологический аспект проблемы личности // Теоретические проблемы психологии личности. / Е. В. Шорохова. - М., 1974. - 226 с.*

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА ДАР ГУРӮҲҲОИ БИСЁРЭТНИКӢ

Салоҳияти касбии омӯзгорро ҳамчун маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои умумие, ки татбиқи мазмуни стандартҳои давлатии таҳсилотро таъмин мекунанд, муайян карда мешавад. Ташаккули салоҳияти касбӣ дар муҳити бисёрэтникӣ равандест мураккаб, вале ногузир ва зарурӣ ба ҳисоб меравад. Фаҳмидани фарқиятҳои фарҳангӣ на танҳо барои пешгирии низоъҳо муҳим аст, балки метавонад ҳамчун манбаи неруи нав ва инноватсия дар фаъолияти касбӣ хидмат кунад, зеро дар гуруҳҳое, ки таълими математика доир мегардад, намояндагони гуруҳҳои этникии узбекон, туркманҳо, қирғизон ва ғайра ширкат меварзанд. Дар робита ба ин дар ҳалли масъалаву мисолҳои математикӣ тавачуҳ намудан ба муносибатҳои таҳаммулпазирона ва эмпатия (ҳамрайъӣ) зарур дониста мешавад. Бинобар ин, дар ташаккули салоҳияти касбии донишҷӯёни гурӯҳҳои бисёрэтникии соҳаи математика ба эътибор гирифтани хусусиятҳои этнофарҳангии шогирдон муфид аст.

Калидвожаҳо: маҳорат, қобилият, салоҳияти касбӣ, фаъолияти касбӣ, муҳити бисёрэтникӣ, фарҳанг, фарқиятҳои фарҳангӣ, низоъ, таҳаммулпазирӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ В ОБУЧЕНИИ МАТЕМАТИКИ В ПОЛИЭНИЧЕСКИХ ГРУППАХ

Профессиональная компетенция студентов определяется как совокупность знаний, навыков и общих умений, которые обеспечивают реализации учебных государственных стандартов. Формирование профессиональных компетенций в полиэтнической среде является трудным, но необходимым процессом. Осведомление о культурных различиях необходимы не только для предотвращения конфликта. Оно может служить как источник нового потенциала и инновации в профессиональной деятельности, так как в полиэтнических группах при обучении математике принимают участие представители этнических групп: узбеки, туркмены, киргизы и другие. В связи с этим при решении математических заданий и задач необходимо обратить внимание на толлерантных отношений и эмпатии у студентов. Поэтому в формировании профессиональной компетенции студентов полиэтнических групп при обучении математики существенно принимать к сведению их этнокультурных особенностей.

Ключевые слова: умение, способность, профессиональная компетенция, профессиональная деятельность, полиэтническая среда, культура, культурные различия, конфликт, толерантность.

FORMATION OF PROFESSINAL COMPETEZCE OF STUDENTS IN MULTIETHNIC MATHEMATICAL GROUPS

Professional competence of students is defined as a set of knowledge, skills and general abilities thet ensure the implementation of state educational standarts. The formation of professional competencies in a multiethnic environment is a difficalt but necessary process. Awareness of cultural differences is necessary not only to prevent conflict. It can serve as a source of new potential and innovation in professional activities. Since representatives of ethnic groups such as Uzbeks. Turkmens. Kyrgyz and others take part in multiethnic groups when teaching mathematics. In this regard, when solving mathematical tasks and problems, it is necessary to pay attention to tolerant relationships and empathy in students. Therefore, in the formation of professional competence of students from multiethnic groups when teaching mathematics, it is essential to take into account their ethnocultural characteristics.

Keywords: skill, ability, professional competence, professional activity, multiethnic environment, culture, cultural differences, conflict, tolerance.

Дар бораи муаллиф
Сайфуллоева Замира Хайруллоевна
Омӯзгори калони кафедраи анализи математикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 121
E-mail: sayfy.szh@mail.ru

Об авторе
Сайфуллаева Замира Хайруллоевна
Преподаватель кафедры математического анализа
Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: sayfy.szh@mail.ru

About the author
Sayfullaeva Zamira Khayrulloevna
Lecturer, Department of Mathematical Analysis
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: sayfy.szh@mail.ru

ТДУ 378.М3:24

РОҲУ УСУЛҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ДОНИШҲОИ ИБТИДОӢ ОИД БА ФАНҲОИ ТАБИӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Идизода С. Б., Худоярзода Ҳ. Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар ҷаҳони муосир роҳҳои донишомӯзӣ ва технологияи тадрис бо суръати баланд рушд меёбанд, ки он аз омӯзгор дар раванди таълим мунтазам ташаккул додани усулҳои таълимро тақозо менамояд. Дар робита ба ин масъала дар соҳаи маориф ва илми кишвар рӯз то рӯз пешрафту дигаргуниҳои зиёд ба назар мерасанд, ки онҳо бештари онҳо фаъолияти кормандони соҳа дар самти тағйирёбии муносибатҳо, таҳомули роҳу усулҳои ташаккул додани донишҳои ибтидоӣ оид ба фанҳои табиӣ дар раванди таълим иртибот дошта ҷиҳати баланд бардоштани сифату самаранокии дониши хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маърузаи худ “Соҳаи маориф самти стратегии сиёсати давлатӣ” дар назди кормандони системаи маорифи кишвар чунин вазифаҳо гузоштаанд:“Вазифаи муҳимми соҳаи маориф тарбияи шахсияти мутаносиб ва созанда мебошад. Аз ин рӯ, масъалаҳои тарбияи донишҷӯён ва ташаккули ҳисси худшиносии миллию таърихии онҳо, истифодаи беҳтарин анъанаҳои миллӣ ва башарӣ, арзишҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва бартариҳои идоракунии демократӣ, ки имрӯз ба инкишофи ҷомеа мусоидат менамоянд, комёбиҳои илму техника ва технологияи инноватсионӣ доимо дар мадди назари давлат мебошанд” [10, с. 124].

Яъне, низоми таълиму тарбия ва усулҳои тадрис мақсадҳои асосии омӯзиши фанҳои табиӣ ин инкишоф додани қобилияти тафаккури математикӣ, мантиқӣ ва бошуурона таҳқиқ кардани ҳодисаҳои олами воқеӣ ба ҳисоб меравад. Истифодаи навъҳои гуногуни амсиласозиҳои ёрирасон ҳангоми омӯзиши фанҳои табиӣ, ҳалли навъҳои гуногуни масъалаҳои математикӣ ва мантиқии ғайристандартӣ метавонад ба амалӣ шудани ин ҳадаф мусоидат намояд. Инчунин яке аз шароитҳои зарурӣ барои татбиқи бомуваффақияти раванди омӯзиши фанҳои табиӣ таваҷҷуҳ ба мавзуи омӯзишҳо мебошад. К.Д. Ушинский мегӯяд: “Муаллим бояд фаромӯш насозад, ки таълимот маҳрум кардани ҳар гуна манфиат ва танҳо бо қувваи маҷбурӣ, ҳатто агар он аз беҳтарин сарчашмаи муҳаббат ба муаллим бароварда шавад, бидуни дониш, омӯзиши хонандагонро мекӯшад, ки ин аз эҳтимол дур насозад”[11, с. 90].

Дар айни замон масъалаи шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони хурдсол ба фанҳои табиӣ ҳамчун омили муҳимтарини ташаккул додани шахсият ба ҷустуҷӯйи усулу воситаҳои муассири инкишофи таълим омӯзгоронро бештар ба худ ҷалб менамояд.

Дар ҳамин замина, Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус дорад, ки дар он солҳои 2020–2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф” эълон гардидааст. Ин иқдоми нек афзалияти омӯзиши фанҳои табииро дар тамоми зинаҳои таҳсилот, хусусан дар зинаҳои аввал (синфҳои ибтидоӣ) дучанд мегардонад, тақвият мебахшад. Аз ин рӯ, ташаккули манзараи ягонаи олам дар шуури хонандагони хурдсол маҳз аз пайдоиши донишҳои математикӣ ва табиатшиносӣ оғоз меёбад.

Омӯзиши ҳамгироии фанҳои табиӣ ва математика дар синфҳои ибтидоӣ яке аз самтҳои муҳимми дидактикаи муосир буда, дар осори педагогикаи миллӣ ва муосири тоҷик мавқеи махсус дорад.

Ғояи робитаи табиат ва ҳисоб дар педагогикаи миллӣ решаҳои амиқи таърихӣ ва этнографӣ дошта, омӯзиши математикаро дар синфҳои ибтидоӣ аз қолаби хушки назариявӣ берун меорад ва ба ҳаёти воқеӣ пайванд менамояд. Ниёгони мо дар раванди таърих барои пеш бурдани рӯзгори хеш аз деҳқониву чорводорӣ то ситорашиносиву сохтмон ҳамеша аз мушоҳидаи табиат ва ҳисобу китоби дақиқ истифода мебурданд. Ворид намудани ин таҷриба

дар ҷараёни дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки ададҳо ва амалҳои арифметикиро ҳамчун воситаи асосии шинохти олами атроф дарк намоянд.

Дар амалияи таълим ин равиш тавассути истифодаи воҳидҳои дарозии масофа, вазн ва вақт амалӣ мегардад. Масалан, шиносоии хонандагон бо воҳидҳои қадима муайян намудани вазн (пуд, ман, сир, мисқол), масофа (қадам, газ, таноб, фарсах) ва вақт (ҳисоби муҷал, тақвими деҳқонӣ, роҳҳои муайян кардани вақт аз рӯйи сояи офтоб) на танҳо маҳорати ҳисобкуниро ташаккул медиҳад, балки ҷаҳонбинии таърихиву фарҳангии онҳоро низ муайян месозад. Хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки дар онҳо ҳисоби фаслҳо, дарозшавиву кутоҳшавии шабу рӯз, давраҳои кишоварзӣ ва тағйироти мавсимии табиат акс ёфтаанд, меомӯзад, зеро ки математика дониши мавҳумӣ буда, забони танзимкунандаи ҳаёти инсон ва табиат мебошад.

Ғайр аз ин, истифодаи маводи таърихиву этнографӣ дар раванди дарс тафаккури аёниву образии хонандагонро муайян мекунад. Вақте ки дарси математика бо ҳикоятҳо аз рӯзгори деҳқononи қадим, тарзи пайдоиши замин ва тақсимоти амиқи об муҷаҳҳаз мегардад, фаъолнокии дониши хонандагон ба таври назаррас меафзояд. Ин тарзи пешниҳоди мавод ба хонандагони хурдсол ёрӣ мерасонад, ки хотира ва тафаккури мантиқии онҳоро инкишоф диҳад ва пайвастагии наслҳоро тавассути ададҳо ва ҳаҷмҳо эҳсос намояд.

Дидактикаи муосир ва педагогикаи миллӣ тақозо менамояд, ки таълим дар синфҳои ибтидоӣ на ба шакли донишҳои парокандаву ҷудогона аз фанҳо, балки дар шакли тасвири мукаммалу ягонаи олам пешниҳод карда мешавад. Фанҳои математика ва табиатшиносӣ ду соҳаи аз ҳам ҷудонашавандаи таълим ба ҳисоб меравад: табиат ҳодисаҳо ва ашёро пешниҳод менамояд, робитаи онҳоро нишон медиҳад ва математика бошад, воситаҳои дақиқи ҳисобкунӣ ва таҳлилро барои фаҳмидани ин қонуниятҳо фароҳам меорад. Инкишофи нигоҳи ягонаи олам ба хонандагон тавассути нишон додани он асос меёбад, ки ҳама ҳодисаҳои табиат дорои теъдод, ҳаҷм ва қонуниятҳои математикӣ мебошад [8, с. 134].

Дар раванди дарс, воситаҳои ҳисобкунӣ (амалҳои арифметикӣ, муқоиса, ҷадвал, нақша, схема, диаграмма, ҳаҷм ва ғайра) барои омухтани падидаҳои мушаххаси табиат хизмат менамоянд. Хонандагон тавассути ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои ҳарорати ҳаво дар давоми ҳафта ё моҳ, таҳлили миқдори боришот, чен кардани суръати ҳаракати ҷисмҳо ва паррандагон ё пайгирии афзоиши баландии растанӣ дарк мекунанд, ки табиат мувофиқи қоидаҳои дақиқ фаъолият менамояд. Масъалаҳои математикие, ки дар онҳо тағйирёбии обу ҳаво, таносуби рӯзу шаб ва суръати ҳаракат инъикос ёфтаанд, ба хонандагон имкон медиҳанд, ки қонуниятҳои географию физикиро бевосита тавассути ададҳо таҳлил намоянд.

Дар натиҷаи чунин равиш, тафаккури системавӣ ва интиқодии хонандагони хурдсол шакл мегирад. Онҳо дарк мекунанд, ки ҳар як ҳодисаи табиӣ дорои сабаб ва натиҷаи бузургӣ аст. Нигоҳи ягона ба олам монеаҳои сунъии байни фанҳоро аз байн мебарад ва ба хонандагон таълим медиҳад, ки воқеияти атрофро ҳамчун як системаи мутаносибу зебо тавассути забони математика ба осонӣ фаҳмида гиранд, шарҳ дода тавонанд ва кашф намоянд.

Ташаккули интизоми ахлоқӣ ва экологӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини тарбиявии муассисаҳои таълимӣ ба шумор рафта, тавассути мундариҷаи дарсҳои математика имкониятҳои тарбиявиро доро мебошад. Ҳалли масъалаҳои арифметикӣ метавонад ба як воситаи пуркудрати таъсиррасонӣ ба шуур ва виҷдони хонандагон табдил ёбад, агар дар матни онҳо арзишҳои муҳофизати муҳити зист, сарфакории захираҳо ва эҳтироми олами атроф ҷой дода бошад. Дар синфҳои ибтидоӣ мафҳумҳои ахлоқӣ на тавассути насиҳатҳои холӣ, балки бо тавассути далелҳо ва ададҳои шавқовару таъсирбахш аз худ карда мешаванд [8, с. 164].

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои дорои мундариҷаи экологӣ, хонандагон бо рақамҳои воқеӣ рӯ ба рӯ мешаванд: чанд литр оби ошомиданӣ аз як ҷумаки оби хароб беҳуда мерезад, барои сохтани як дафтар чӣ миқдор коғаз ва мутаносибан чанд дарахт сарф мешавад, як дарахти калон чӣ қадар оксиген тавлид намуда, ҳаворо аз чанг ва гази карбон тоза месозад. Вақте ки хонандагон тавассути амалҳои арифметикӣ мефаҳманд, ки ҷамъоварии коғази куҳна чанд дарахтро аз нобудшавӣ нигоҳ медорад ё сарфаи барқ чӣ қадар захираҳои табииро нигоҳ медорад, дар онҳо ҳисси масъулияти шахсӣ ташаккул меёбад.

Ин равиш интизоми ахлоқиро низ мустаҳкам менамояд. Хонандагон дарк мекунанд, ки муносибати ғамхорона ба табиат, ҳайвонот ва растаниҳо танҳо як вазифаи экологӣ нест, балки қарзи ахлоқии ҳар як инсони комил мебошад. Истифодаи чунин масъалаҳо дар

раванди дарсҳои математика муҳаббат ба Ватан, зебоипарастӣ ва ҳисси нигаҳдории сарватҳои табииро дар дили хонандагони хурдсол пайдо намуда, онҳоро ба шаҳрвандони масъулиятшиноси экологӣ табдил медиҳад.

Ҳамгироии мундариҷавӣ яке аз роҳҳои самараноки пайванд намудани донишҳои назариявӣ бо амалия дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ ба шумор меравад. Дар ин раванд, маводи фаъолияти омӯзишии фанни табиатшиносӣ ҳамчун ашё ё заминаи воқеӣ барои сохтани масъалаҳои матнии математикӣ хизмат мерасонад. Дохил намудани мафҳумҳои ададии ҳақиқӣ, ба монанди суръати ҳаракати ҳайвоноту паррандагон, баландии дарахтони гуногун, нишондиҳандаҳои иқлимӣ, муҳлати зисти мавҷудоти зинда ва миқдори боришот - ба сохтори масъалаҳои математикӣ, раванди ҳисобкуниро пайдо менамояд. Хонандагон ҳангоми кор кардан бо ададҳои мавҳумӣ, бо далелҳои аниқи олами атроф муомила менамоянд, ки ин шавқу ҳаваси онҳоро ба омӯзиши математика зиёд мегардонад [12, с. 68].

Дар амалияи дидактикӣ, ин роҳ ба хонандагон имкон медиҳад, ки ду фанни гуногунро ҳамчун як кулли ягона эҳсос намоянд. Вақте ки хонандагон масъаларо дар бораи суръати давидани оҳу ё парвози бургут ҳал менамояд, онҳо на танҳо амалҳои зарбу тақсим ё пайдо кардани масофаро меомӯзанд, балки ҳамзамон дар бораи имкониятҳои биологии ин ҳайвонот дониши нав пайдо менамоянд. Истифодаи нишондиҳандаҳои иқлимӣ, ба монанди фарқи ҳарорати ҳаво дар водиҳо ва минтақаҳои баландкӯҳи Тоҷикистон, маҳорати муқоиса ва тарҳкуниро ташаккул дода, донишҳои географии хонандагонро низ васеъ менамояд. Инчунин, ҳамгироии мундариҷавӣ ба омӯзгор ёрӣ мерасонад, ки вақти дарсиро сарфакорона ва босифат истифода намоянд. Бо як тир ду нишон задан, яъне мустаҳкам кардани маҳорати арифметикӣ ва ҳамзамон тавзеҳ додани мафҳумҳои табиатшиносӣ - суръат ва самаранокии азхудкуниро зиёд мегардонад.

Ташкили дарсҳои муштарак ва ҳамгирошуда шакли махсуси ташкили раванди таълим аст, ки дар он мафҳумҳо ва воситаҳои математикӣ барои ҳалли масъалаҳои мушоҳидавиву амалии табиатшиносӣ бевосита татбиқ карда мешаванд. Дар чунин дарсҳо, хонандагон танҳо шунаванда ё ҳалкунандаи масъалаҳои омода набуда, ба таҳқиқотчиёни хурд табдил меёбанд. Теъдоди истифодаи амалҳо, ҷамъоварии маълумот, сохтани ҷадвалҳо ва диаграммаҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҳодисаҳои табиатро тавассути таҷриба ва мушоҳидаи бевосита омӯзанд ва натиҷаҳоро бо забони математикӣ баён намоянд [12, с. 124].

Муҳиммияти ин шакли дарс дар он вақт маълум мешавад, ки мафҳумҳои мавҳумии математикӣ мазмуни аёнӣ пайдо мекунанд. Масалан, ҳангоми омухтани мавзуи “Муайян кардани дарозӣ ва вазн” ё “Ҷадвалҳо ва диаграммаҳо” хонандагон метавонанд омори тағйирёбии ҳарорати ҳаворо дар давоми як ҳафта ҷамъоварӣ намуда, онро дар шакли график ё диаграмма акс намоянд. Яке аз фаъолиятҳои дигари амалӣ, ин чен кардани баландии растаниҳо ё барги дарахтон дар давраҳои гуногуни афзоиш ва муқоисаи онҳо мебошад. Ин таҷрибаҳо ба хонандагон нишон медиҳанд, ки воситаҳои математикӣ барои хулосабарории дақиқ дар бораи ҳолати табиат хеле заруранд.

Дар раванди дарсҳои ҳамгирошуда фаъолнокии ҷисмонӣ ва фикрии хонандагон ба ҳам мепайванданд. Корҳои гуруҳӣ, гузаронидани пурсишҳову мушоҳидаҳо дар саҳни муассисаҳои таълимӣ ва коркарди математикии маълумотҳо ҳисси кунҷковию мустақилияти хонандагонро меафзояд. Ин раванд робитаи байни назария ва амалияро мустаҳкам намуда, ба хонандагон меомӯзонад, ки донишҳои дар раванди дарс гирифтаашонро дар фаъолияти ҳаррӯза ва пайгирии ҳодисаҳои атроф озодона истифода карда тавонанд.

Якҷояшавии фанни математика ва табиатшиносӣ воситаи пуриқтидор барои ташаккули тафаккури мантиқӣ ва системавӣ дар хонандагони хурдсол ба шумор меравад. Табиат аз сохторҳои мураккаб, робитаҳо ва қонуниятҳои дохилӣ иборат буда, онҳоро фақат тавассути таҳлили дақиқ ва мантиқӣ дарк менамоянд. Математика бошад, маҳз ҳамон воситае мебошад, ки ба хонандагон имкон медиҳад ин қонуниятҳо ва муносибатҳои сабабу натиҷаро тавассути ададҳо, таносубҳо ва сохторҳои муайян кашф ва шарҳ диҳад [7, с. 60].

Дар раванди таълими ҳамгиро хонандагон меомӯзанд, ки ҳодисаҳои табиат пароканда ва тасодуфӣ набуда, балки дорои низому тартиби дақиқ мебошанд. Масалан, омӯзиши пайдарпаии фаслҳои сол, давраҳои тағйирёбии моҳ, таносуби сарфи энергия ва ғизо дар олами ҳайвонот ба хонандагон фаҳмидани мафҳуми системаро осон менамоянд. Ҳангоми ҳалли масъалаҳое, мувозинати экологиро тавассути ададҳо нишон медиҳанд, хонандагон

таҳлилу таркиббандиро омӯхта, мефаҳманд, ки тағйирёбии як нишондиҳанда ба тамоми системаи табиат таъсир мерасонад.

Чунин тарзи таълим тафаккури интиқодиро низ инкишоф медиҳад. Хонандагон барои аз ёд кардани қоидаву қонунҳо ва далелҳо ба марҳилаи муҳокимаронӣ, гирифтани хулосаҳои мантиқӣ ва пешбинии натиҷаҳо мегузарад. Инкишофи тафаккури мантиқӣ ва системавӣ дар синфҳои ибтидоӣ заминаи устувор мегузорад, то ки онҳо дар оянда фанҳои дақиқ ва табиатшиносиро дар синфҳои болоӣ бо осонӣ ва амиқтар аз худ намуда, ба воқеияти атроф нигоҳи илмиву таҳлилӣ дошта бошад.

Истифодаи масъалаҳои шавқовар, муаммоҳо ва бозиҳои дидактикӣ дар раванди дарсҳои математика яке аз роҳҳои пайдо кардани дониш ва шавқу ҳаваси хонандагони хурдсол мебошад. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ оламро бештар тавассути эҳсосот, таассурот ва бозӣ тасаввур менамоянд, аз ин рӯ, пешниҳоди маводҳои математикӣ ба монанди ҳаводису ҳақиқатҳои шавқовари табиат раванди таълимро аз хушкиву дилгирӣ озод менамояд. Вақте ки масъалаи математикӣ на дар бораи ададҳои мавҳумӣ, балки дар бораи асрори олами ҳайвоноту наботот алоқаманд мебошад, диққати хонандагони хурдсолро бевосита ба раванди ҳал ҷалб менамояд [5, с. 86].

Дар амалияи омӯзгорӣ, ин усул тавассути ворид кардани ҷузъиёти бозӣ, ҳисобдорӣ ва масъалаҳои экологӣ амалӣ карда мешавад. Масалан, ҳангоми омухтани амалҳои арифметикӣ омӯзгор метавонад масъалаеро пешниҳод намояд, ки дар он хонандагон тавассути пайдо кардани ҷавоби дуруст номи калонтарин парранда ё ҳайвони Тоҷикистонро муайян менамоянд. Ин тарзи пешниҳод дар хонандагон эҳсоси муваффақият ва кунҷковиро бедор менамояд. Хонандагон на танҳо амали арифметикиро иҷро мекунанд, балки аз кашфи як ҳодисаи нав дар бораи табиат дониш пайдо менамоянд, ки ин ҳавасмандгардонии дохилии онҳоро барои омӯзиш дучанд мегардонад. Инчуни, масъалаҳои шавқовари табиатшиносӣ тафаккури эҷодӣ ва ҳозирҷавобии хонандагонро зиёд менамояд.

Мушоҳида ва амалия заминаи асосии дониши хонандагони хурдсолро ташкил медиҳад, чунки дар ин синну сол тафаккури аёнӣ-амалӣ бештар шакл гирифтааст. Ҳамгирои дарсҳои математика бо мушоҳидаи бевоситаи ҳодисаҳои табиат ва корҳои амалӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки мафҳумҳо ва маводҳои математикиро бо чашми худ бинанд ва дар амал татбиқ намоянд. Ҷамъоварии маълумот аз гирду атроф ва коркарди математикии он дар синф таълимро ба таҷрибаи ҳаётии кудакон табдил медиҳад.

Татбиқи ин дар раванди дарс ва берун аз он тавассути супоришҳои гуногун сурат мегирад. Масалан, хонандагон метавонанд дар саҳни муассисаҳои таълимӣ ё парваришгоҳ барги дарахтони гуногунро ҷамъ оварда, бару дарозии онҳоро чен намоянд, дарахтонро аз рӯйи баландиашон муқоиса намоянд ва ё нишондиҳандаҳои обу ҳаворо (ҳарорат, абрнокӣ, боришот ва ғайра) дар давоми як ҳафта мушоҳида карда, дар дафтари худ ҷадвали ҳисобдорӣ созанд. Чунин корҳои амалӣ ба хонандагон нишон медиҳанд, ки воҳидҳои бузургиҳо (сантиметр, метр, грамм, килограмм ва ғайра) мафҳумҳои рӯйи коғази нест, балки ҳодисаҳои воқеӣ барои шинохти олам мебошанд. Илова бар ин, корҳои мушоҳидавию амалӣ маҳорати таҳлилӣ ва диққатнокии хонандагонро меафзоянд. Хонандагон ба вуҷуд омадани ҳодисаҳои табиатро мушоҳида намуданро ёд гирифта, онҳоро бо рақамҳо қайд ва аз рӯйи маводҳои ҷамъшуда хулосаҳои мантиқӣ мебароранд.

Татбиқи усулҳои фаъоли таълим дар раванди дарсҳои ҳамгироии математика ва табиатшиносӣ роҳи гузариш аз таълими анъанавӣ ба таълими фаъол ва амал карданро фароҳам меорад. Истифодаи корҳои инфиродӣ, ҷуфтӣ, гуруҳӣ, муҳокимаронӣ ва ҳалли лоиҳаҳои хурд ҳангоми баррасии масъалаҳои дорои мундариҷаи экологӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар раванди кашфи дониш иштирокчии фаъол бошанд ва андешаҳои худро озодона баён карда тавонанд.

Дар чаҳорчӯбаи корҳои гурӯҳӣ, хонандагон метавонанд масъалаҳои мураккаби экологиро якҷоя таҳлил ва ҳал намоянд. Масалан, як гуруҳ метавонанд миқдори коғази сарфшударо дар синф ва дарахтони муҳофизатшударо ҳисоб намоянд, гуруҳи дигар сарфаи оби ошомиданиро таҳлил намоянд ва гуруҳи сеюм хароҷоти энергияро муайян намоянд. Дар ин раванд хонандагон на танҳо маҳорати ҳисобкуниро мустаҳкам менамоянд, балки тарзи баҳс кардан, шунидани фикри якдигар, тақсими вазифаҳо ва пешниҳоди ҷавоби муштаракро низ меомӯзанд, ки ин барои инкишофи соҳаи иҷтимоиву муоширатии онҳо ниҳоят муҳим аст.

Асосан истифодаи усулҳои фаъол дар он маълум мешавад, ки тафаккури интиқодӣ ва масъулиятшиносии хонандагони хурдсол ба таври назаррас инкишоф меёбад. Хонандагон мефаҳманд, ки ҳар як қоидаҳои математикӣ ё амали онҳо нисбати табиат фоидаовар аст. Ин тарзи ташкили дарс ба омӯзгор имкон медиҳад, ки муҳити ҳамкориву эҷодиро дар синф нигоҳ дошта, ташаббускорӣ ва мустақилияти хонандагонро ҳангоми омӯзиши фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ пайваста дастгирӣ намояд.

Таҳқиқотчиён робитаи байнифанниро ҳамчун воситаи асосии ташаккул додани тасвири ягонаи олам ба раванди дониши хонандагон медонад. Аз ин рӯ, дар корҳои худ таъкид менамоянд, ки тақсимоти асосии донишҳо аз фанҳои алоҳида дар синфҳои ибтидоӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои табиӣ пайдо мешаванд. Хонандагони хурдсол ҷаҳонро ба таври ягона эҳсос ва ҳангоми дарсҳо робитаи байни фанҳои табиатшиносию математикаро ҳис менамоянд. Ворид намудани далелҳои амиқи табиатшиносӣ, ба монанди нишондиҳандаҳои иқлими минтақа, суръати ҳаракати ҳайвонот ва паррандагон, вазну ҳаҷми растаниҳо ба сохтори масъалаҳои математикӣ муайян карда мешаванд. Раванди ҳисобкунӣ бошад, танҳо бо ёрии амалиёт бо ададҳои маълум, ба як воситаи фаъоли кашфи ҷаҳони атроф табдил меёбад, ки донишро барои хонандагон аёнӣ, мантиқӣ ва ҳаётиву ҷолиб мегардонад.

Истифодаи масъалаҳои матнии математикии мундариҷаи табиатшиноси дошта, заминаи амиқро барои ташаккули ҳаматарафаи маҳоратҳои умумитаълимии фаъолият фароҳам меорад. Дар ин раванд хонандагон танҳо бо алгоритмҳои ҳисобкунӣ маҳдуд нашуда, тарзи таҳлил, муқоиса, гуруҳбандӣ ва хулосабарории мантиқиро меомӯзанд. Ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки дар он маводҳои биологию экологӣ акс ёфтаанд, хонандагон амалҳои математикиро дар асоси ҳодисаҳои воқеии табиат иҷро менамоянд: нишондиҳандаҳоро муқоиса менамояд, робитаи сабабу натиҷаро меҷӯянд ва мантиқи ҳодисаро таҳлил мекунанд. Ин тарзи омӯзиш тафаккури интиқодӣ ва мустақилияти фикрии хонандагони хурдсолро муайян намуда, ба онҳо маводҳои зарурӣро меомӯзонанд, ки донишҳои гирифтаашонро дар вазъиятҳои гуногун истифода карда тавонанд [9, с. 308].

Таҳқиқотчиён татбиқи пайвастаи усули лоиҳавӣ ва фаъолияти мушоҳидакориро ҳамчун нақши асосии байни табиатшиносӣ ва математика пешниҳод менамоянд. Ба ҷойи истифодаи маводи омодаи китобӣ, хонандагон тавассути мушоҳидаҳои бевоситаи табиат, ба монанди ҳисоби рӯзҳои боронӣ, чен кардани дарозии соя дар соатҳои гуногуни рӯз, пайгирии афзоиши растанӣ ва ғайра маълумоти амиқ ҷамъоварӣ менамоянд. Баъдан, дар раванди дарсҳои математика ин маълумотҳои ҷамъовардашуда коркард гардида, дар шакли ҷадвал, диаграмма ва график тасвир карда мешаванд. Чунин равиши амалӣ ва лоиҳавӣ ҳисси кунҷковӣ ва таҳқиқотчигии хонандагони хурдсолро муайян карда, ба онҳо нишон медиҳад, ки математика барои ба тартиб овардан ва фаҳмидани ҳодисаҳои табиат мебошад [7, с. 98].

Робитаи математика бо табиатшиносӣ аз нигоҳи сохторӣ ва алгоритмии ҳалли масъалаҳои матнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи мо, яке аз монеаҳои асосии хонандагони хурдсол ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ ин набудани тасаввуроти дар бораи воситаҳои аёнӣ оид ба мазмуни ҳаётии онҳо мебошад. Истифодаи воситаҳои аёнӣ доир ба табиат дар матни масъала ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки матни масъаларо на танҳо ҳамчун маҷмуи ададҳо мебинанд, балки раванди воқеиро дар зеҳни худ алоқаманд месозанд. Вақте ки дар матни масъала алоқамандии байни бузургиҳоро ба монанди суръат, масофа ва вақт ҳангоми ҳаракати ҳайвонот, вазн ва ҳаҷми ашёҳои табиӣ пешниҳод мегардад, хонандагон моҳияти физикии ин бузургиҳоро тасаввур карда метавонанд. Ин раванд замина мегузорад, ки хонандагон пайвастагии байни маълум ва номаълумро дуруст муайян намуда, роҳи ҳалли ин гуна масъалаҳоро пайдо менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Мо дар таҳқиқоти худ нишон медиҳем, ки ҳодисаҳои табиат манбаи аввалин ва асосии воситаҳои аёният барои омӯзиши математика мебошад. Мафҳумҳои мавҳумии бузургиҳо ба монанди метр, килограмм, литр ва соат, агар танҳо дар доираи дастурҳои назариявӣ омӯзонида шаванд, барои хонандагони хурдсол хеле заруранд. Маҳз ҳангоми омӯзиш ва мушоҳидаи ашёву ҳодисаҳои табиат ин мафҳумҳо мазмуни амалӣ ва ҳаётӣ пайдо менамоянд. Тавассути омӯзиши алоқамандии ашёи табиат, хонандагон дарк менамоянд, ки вазн, ҳаҷм, дарозӣ ва вақт хосияти аслии ҷаҳони моддӣ буда, воҳидҳои онҳо барои тавсифи дақиқ пайдо шудаанд. Ин раванд омӯзиши математикаро ба дониши ҷаҳонӣ табдил медиҳад.

Дар таҳқиқоти методии Ҳ. Х. Худоярзода мавзуи робитаи байнифаннӣ, ташаккул додани донишҳои ибтидоии табиӣ ва истифодаи аёният дар раванди дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ ҷойи муҳимро ишғол менамояд.

Ҳ. Х. Бегимов таъкид менамояд, ки хонандагони хурдсол мафҳумҳои математикиро на аз роҳи назария, балки тавассути таҷриба ва воситаҳои аёният беҳтар аз худ мекунанд. Дар системаи корҳои методии Ҳ. Х. Бегимов табиат ва ҳодисаҳои он ҳамчун сарчашмаи асосӣ ва бевоситаи воситаҳои аёният дар раванди дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ баррасӣ карда мешаванд. Хонандагони хурдсол аз сабаби хусусиятҳои психологию синнусолии худ мафҳумҳои асосии математикиро бе воситаҳои аёният барои аз худ кардан душворӣ мекашанд. Ашёҳои табиӣ ба монанди баргҳои дарахтон, меваҳо, сангчаҳо, инчунин мушоҳидаи тағйироти мавсимии обу ҳаво ва ғайра фароҳам меоранд, ки дар ҳар як муҳит дастрас ва барои хонандагони хурдсол фаҳмо бошанд. Истифодаи ин воситаҳо омӯзиши математикаро аз чаҳорчӯбаи хушки синфхона берун оварда, онро ба раванди кашфи бевоситаи олами атроф табдил медиҳад [3, с. 28].

Дар раванди таълим, ашёҳои табиат имкон медиҳанд, ки амалҳои аввалини математикӣ тавассути таҷрибаи аёнӣ-амалӣ шакл гиранд. Вақте ки хонандагони хурдсол ба ҷойи чӯбчаҳои ҳисобкунӣ ё расмҳои сунъӣ баргҳову меваҳоро мешуморанд, гуруҳбандӣ менамоянд ё дарозии сояву баландии буттаҳоро чен мекунанд, дар зеҳни онҳо тасаввури дақиқи миқдорӣ ва фазоӣ ташаккул меёбад. Мушоҳидаи ҳодисаҳои табиат, ба монанди тағйирёбии ҳарорати ҳаво ё миқдори боришот ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки мафҳумҳои бузургиҳоро дар амал мебинанд. Чунин равиш диққат, хотира ва тафаккури аёниву образии хонандагонро фаъол сохта, заминаи устуворро барои гузариш ба тафаккури мавҳумию мантиқӣ фароҳам меорад.

Омухтани амалҳои арифметикӣ, дар сурате ба натиҷаи дилхоҳ мерасад, ки ададҳо ва нишондиҳандаҳо барои хонандагон дорои мазмуни ҳаётӣ бошанд. Ҳ. Х. Бегимов таъкид менамояд, ки истифодаи ададҳои аз табиати атроф гирифташуда ба хонандагон имкон медиҳад, ки муносибати теъдоди ашёву ҳодисаҳоро бевосита эҳсос ва дарк намояд. Вақте, ки дар раванди дарс ададҳо на танҳо ҳамчун нишонаҳои рақамӣ, балки ҳамчун нишондиҳандаи суръати ҳаракати паррандагон, муҳлати зисти ҳайвонот, баландии кӯҳҳо ё ҳаҷми оби дарёҳо пешниҳод мегарданд, раванди ҳисобкунӣ маънои воқеӣ ва амалӣ пайдо менамояд [2, с. 32].

Ин раванд ба хонандагони хурдсол ёрӣ мерасонад, ки таносубият ва теъдоди ададҳоро дар ҳаёти воқеӣ тасаввур намоянд. Масалан, муқоисаи ададҳо ҳангоми омухтани вазни ҳайвонот, суръати ҳаракати онҳо ба хонандагон шарҳу эзоҳ дода мешавад, ки адади калон ва хурд дар табиат чӣ аҳаммият дорад. Хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳо бо маълумҳои алоқаманд бо ҳаёт дарк менамоянд, ки математика забони дақиқи тавсифи ҷаҳон ва воситаи ҳалли масъалаҳои рӯзгор мебошад. Ин алоқамандӣ шавқу ҳаваси дониши хонандагонро дучанд мегардонад.

Мувофиқи андешаи мо, масъалаҳои матнӣ воситаи асосии пайванд намудани математика ва табиатшиносӣ ба ҳисоб меравад. Дар корҳои методии Ҳ. Х. Бегимов ба сохтори масъалаҳои матнии математикӣ ворид намудани маълумоти воқеии табиатшиносӣ ҳамчун воситаи самараноки аёнсозии раванди ҳал ва омӯзиш эътироф мегардад. Хонандагони хурдсол аз сабаби хусусиятҳои психологиву синнусолии худ ададҳои мавҳумиро бо мушкили тасаввур менамоянд. Вақте ки дар шарти масъала ба ҷойи ададҳои номаълум нишондиҳандаҳои амиқ аз табиат, ба монанди суръати ҳаракати ҳайвонот, дарозии умри паррандагон, баландии дарахтон ва ғайра пешниҳод карда мешаванд, масъалаҳои матнии математикӣ мазмуни ҳаётӣ пайдо менамоянд. Хонандагон робитаи байни бузургиҳоро (суръат, масофа, вақт, вазн ва ҳаҷм) на дар шакли формулаҳои математикӣ, балки дар шакли равандҳои аёнии олами атроф ҳис ва тасаввур менамоянд.

Дохил намудани чунин маълумот раванди ҳалли масъаларо фаҳмо сохта, ба хонандагон ёрӣ мерасонад, ки шарти масъаларо дуруст таҳлил намоянд ва амали математикиро бошуурона интихоб намоянд. Масалан, муқоисаи суръати ҳаракати оҳу ва кафтар, боридани боришот дар фаслҳои гуногун ба хонандагон имкон медиҳад, ки пайвастагии байни маълум ва номаълумро бевосита дарк карда тавонанд. Ин раванд шавқу ҳаваси хонандагонро ба омӯзиши математика дучанд намуда, тарсу ҳаросро ҳангоми ҳалли масъалаҳои таркибӣ аз байн мебарад. Дар натиҷа, математика ба як воситаи диққатҷалбкунанда ва фаҳмо барои тавсифи ҳодисаҳои табиӣ табдил меёбад.

Пайдоиши ҳисси ифтихори миллӣ ва муҳаббат ба кишвар аз шинохту эҳтироми бойигариҳои табиат ва диёри худ оғоз меёбад. Ҳ. Х. Бегимов дар таҳқиқоти худ нишон медиҳад, ки дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ дорои имкониятҳои бузурги ватандӯстӣ ва маърифатӣ мебошанд. Дохил намудани маълумотҳои амиқи оморӣ ва географии табиӣ дар Тоҷикистон, ба монанди дарозии дарёҳои бузург, баландии кӯҳҳои бошаҳомат, майдони пиряхҳо, инчунин миқдори ҳайвоноту набототи нодир ба мазмуни масъалаҳои математикӣ раванди таълимро пурмазмун мегардонад [4, с. 28].

Вақте ки хонандагони хурдсол ҳангоми ҳалли масъалаҳои матнӣ бо далелҳои ададӣ дар бораи бойигариҳои табиии кишвари худ шинос мешаванд, дар зеҳни онҳо тасаввуроти воситаҳои аёнӣ ва дақиқ дар бораи зебогии Ватан шакл мегирад. Ҳисоби дарозии дарёҳои Вахшу Панҷ, муқоисаи баландии қуллаи Исмоили Сомонӣ бо дигар қуллаҳо ва ё таҳлили шумораи ҳайвоноти нодире чун паланги барфӣ ва морхӯр танҳо як амали математикӣ набуда, балки манбаи ифтихор ва ибрати маънавӣ мебошад. Ин тарзи омӯзиш ҳисси ватандӯстиро дар заминаи донишҳои амиқи илмӣ мустаҳкам намуда, дар дили хонандагони хурдсол муҳаббату эҳтиромро нисбат ба табиату замини аҷдодӣ рушд медиҳад. Дар асоси андешаҳои фаври ҷадвали зеринро тартиб додан мумкин аст:

Муаллифон	Муносибати асоси ба мавзуъ	Роҳу усулҳои пешниҳод шуда
Лутфуллоза М	Тарбияи миллӣ ва ташаккули дунёбинии экологӣ	Истифодаи таҷрибаи ҳаётии ниёгон, мисолҳои этнографӣ ва робитаи он бо табиат
Бантова М.А., Белтюкова Г.В	Дидактика ва методикаи ҳалли масъалаҳои матнии математикӣ	Истифодаи маводҳои табиатшиносӣ барои муайян кардани робитаи бузургиҳо ва амалҳои арифметикӣ
Файзалиев Ҷ.	Метод ва дидактикаи таълими ҳамгиро	Сохтани масъалаҳои матнии математикӣ бо маводҳои табиатшиносӣ, ташкил кардани дарсҳои муштарак
Шарипов Ҷ	Психологияи маърифатӣ ва ангезиши хонандагон	Бозиҳои дидактикӣ, масъалаҳои шавқовари экологӣ, мушоҳидаи бевоситаи табиат
Лавлинскова М.К.	Якҷояшавӣ ва ташаккули тасвири ягонаи олам	Натиҷаи коркарди математикӣ: мушоҳидаи табиат, расм, сохтани нақша, схема, ҷадвал, диаграммаҳо, усули лоиҳавӣ
Худоярзода Ҳ.Х	Сохтани масъалаҳои матнӣ дар асоси маводҳои фанҳои табиӣ	Ташаккули масъулиятшиносӣ нисбат ба муҳити зист

Ин равандҳо дар якҷоягӣ замина мегузоранд, ки ҳангоми дарсҳои математика на танҳо барои омӯзиши ҳисоб, балки ҳамчун воситаи муҳимми шинохти олами атроф ва табиат хизмат менамояд ва вобаста ба мавзуи мазкур намунаи ҳалли масъалаҳои мазмуни табиӣ доштаро нишон медиҳем:

Масъалаи 1. Бузи морхӯр, ки дар кӯҳҳои Тоҷикистон зиндагӣ мекунад, метавонад то 100 кг вазн дошта бошад. Вазни паланги кӯҳӣ (барс) нисбат ба вазни бузи морхӯр 45 кг камтар аст. Вазни умумии бузи морхӯр ва паланги кӯҳиро ёбед?

Шарти кутоҳ:

x (вазни бузи морхӯр) = 100 кг.

y (вазни паланги кӯҳӣ (барс) аз бузи морхӯр) 45 кг камтар аст.

z (вазни умумӣ) = ?

Ҳал: Аввал вазни паланги кӯҳиро меёбем: y = 100 - 45 = 55 кг.

Баъдан вазни умумии ҳар ду ҳайвонро меёбем: z = 100 + 55 = 155 кг.

Ҷавоб: Вазни умумии бузи морхӯр ва паланги кӯҳӣ 155 кг будааст.

Масъалаи 2. Суръати ҳаракати шамол дар вақти оромӣ дар як сония 2 метрро ташкил медиҳад. Ҳангоми туфон суръати он нисбат ба шамоли ором 10 маротиба меафзояд. Шамол ҳангоми туфон дар 5 сония чанд метр масофаро тай менамояд?

Шарти кутоҳ:

ϑ_1 (суръати шамоли ором) = 2 м/с.

ϑ_2 **(**суръати шамол ҳангоми туфон) $= \vartheta_1$ (аз суръати шамоли ором) 10 маротиба зиёдтар.

t (Вақти ҳаракат) = 5 сония/

S (масофа дар вақти туфон) = ?

Ҳал: Аввал суръати шамолро ҳангоми туфон меёбем: $\vartheta_2 = 2\vartheta_1 = 2 \times 10 \frac{м}{с} = 20 \frac{м}{с}$. Сипас масофаи тайнамудаи шамолро дар 5 сония ҳисоб мекунем:

S = ϑ t = 20 $\frac{м}{с}$ × 5 с = 100 м. **Ҷавоб:** Шамол ҳангоми туфон дар 5 сония 100 метр масофаро тай кардааст.

Масъалаи 3. Як батареяи хурди офтобӣ дар 1 соати рӯшноӣ барои кор кардани 4 лампаи LED энергия медиҳад. Агар дар як рӯз офтоб 8 соат равшан бошад, ин батарея барои чанд лампа дар як рӯз энергия омода месозад?

Шарти кутоҳ:

энергия 1 соат = барои 4 лампа.

вақти рӯшноии офтоб дар 1 рӯз = 8 соат.

миқдори умумии лампаҳо дар 1 рӯз (х) = ?

Ҳал: Миқдори умумии лампаҳоро бо роҳи зарби соатҳои равшании офтоб ба иқтидори 1 соат меёбем: х = 8 × 4 = 32 лампа. **Ҷавоб:** Ин батарея дар як рӯз барои 32 лампа энергия омода месозад.

Масъалаи 4. Агар радиуси Замин ба 6370 километр баробар бошад, он гоҳ дарозии хати экватор чанд километр мешавад?

Ҳал: Мо медонем, ки хати экватор ба давра монанди дорад. Дар ин ҷо аз формулаи дарозии давра истифода мебарем. Бинобар он аз рӯйи радиус қимати дарозии давраро меёбем: C = 2πR = 2×3,14 × 6370 км = 6,28 × 6370 км = 40003,60 км ≈ 40004 км. **Ҷавоб:** Дарозии хати экватор тақрибан ба 40004 км баробар мебошад.....

Хулоса, ташаккул додани донишҳои ибтидоии табиатшиносӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ яке аз самтҳои афзалиятнок ва самараноки педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Ин раванд ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, инкишофи тафаккури мантиқӣ ва фаъол гардонидани шавқу ҳаваси маърифатии хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Истифодаи масъалаҳои мазмуни табиатшиносидошта, экскурсияҳо, ҳаҷми супоришҳои амалӣ ва лоиҳаҳои хурди экологӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим аз қолабҳои якранг баромада, пурмӯҳтаво ва ҳавасмандкунанда гардад. Омӯзгорони синфҳои ибтидоиро лозим аст, ки ҳангоми тартиб додани нақшаи дарсҳо ба робитаи байнифаннӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аз манбаъҳои бойи табиии кишвар ба таври васеъ истифода баранд. Мақолаи мазкур ба омӯзгорони таҳсилоти ибтидоӣ ҳамчун раҳнамои фаъолияти касбӣ хизмат мекунад.

Адабиёт

1. *Бантова, М. А., Бельтюкова, Г. В. Методика преподавания математики в начальных классах. / М. А. Бантова., Г. В. Бельтюкова. - М.: "Просвещение", 2019. - 336 с.*
2. *Бегимов, Ҳ. Х. Истифодаи донишҳои физикии синфҳои поёнӣ дар дарсҳои физикаи синфҳои 7-8. // Маърифати омӯзгор. 2008. №4. - С. 31-32.*
3. *Бегимов, Ҳ. Х. Маҷмуи кор бо мактаббачагони хурдсол доир ба шинос кардани онҳо бо ҷузъиёти физика. / Матбааи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе: 2007. – 50 с.*
4. *Бегимов, Ҳ. Х. Физика ва робитаи он бо дигар илмҳои табиатшиносӣ. // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. № 4, соли 2003. - С. 27-29.*
5. *Ибрагимов, Ш.А. Методика преподавания естественных наук в начальной школе / Ш. А. Ибрагимов. – Ташкент, 2000. – 180 с.*
6. *Кожевников, А. А. Методика преподавания естественных наук детям / А. А. Кожевников. – М.: Просвещение, 1992. – 200 с.*
7. *Лавлинскова, М. К. Межпредметные связи на уроках математики в начальной школе. - СПб.: Евразия, 2019. – 150 с.*
8. *Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. - Душанбе: "Маориф", 2015. - 320 с.*
9. *Раҳимов,Ҷ. Х. Роҳҳои ҳалли масъалаҳои мазмуни табиидошта дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Серияи 2. Педагогика ва психологияи, назария ва методикаи таълим). №4 (16): - Душанбе: 2022. - С. 306-312.*

10. *Раҳмон, Э. Масъалаҳои соҳаи маориф ва тарбияи шахсият. Маърузаҳо ва баромадҳо. - Душанбе: 2020. – 256 с.*
11. *Ушинский, К. Д. Избранные педагогические произведения / К. Д. Ушинский. - М.: Просвещение, 1968. - 557 с.*
12. *Файзалиев, Ҷ. Таълими ҳамгирошуда дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе: 2018. - 180 с.*
13. *Шарипов, Ҷ. Усулҳои ташаккули шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони хурдсол. – Душанбе: 2021. - 164 с.*
14. *Эльконин, Д. Психология ребенка и обучение / Д. Эльконин. – М.: Педагогика, 1989. – 224 с.*

РОҲУ УСУЛҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ ДОНИШҲОИ ИБТИДОӢ ОИД БА ФАНҲОИ ТАБИӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи мазкур роҳҳо ва усулҳои муассири ташаккул додани донишҳои ибтидоии фанҳои табиӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Мо ҳамгироии фанҳои математика ва табиатшиносиро ҳамчун омили асосии инкишофи тафаккури мантиқӣ, шавқу ҳаваси маърифатӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони хурдсол асоснок менамоем. Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз ҳадафҳои таълими фанҳои табиӣ инкишоф додани қобилияти тафаккури математикӣ, мантиқӣ ва бошуурона таҳқиқ намудани ҳамгироии фанҳои таълимӣ мебошад. Истифодаи навъҳои гуногуни амсиласозиҳои ёрирасон дар раванди таълими фанҳои табиӣ ҳалли навъҳои гуногуни масъалаҳои математикӣ метавонад ба амалӣ шудани ин ҳадаф мусоидат намояд. Дар ҷараён намунаҳои мушаххаси супоришҳо, масъалаҳои дорои мазмуни табиӣ ва истифодаи роҳу усулҳои нави таълимӣ барои инкишоф додани қобилияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар пайваст кардани фанҳои гуногун ва ҳалли масъалаҳои мураккабро дорад, пешниҳод карда шудаанд. Ҳамаи ин барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои асосии илмҳои табиӣ, рушди тафаккури хонандагон ва фароҳам овардани имконият барои ташаккули малакаю маҳоратҳои зарурии амалӣ ҳангоми омухтани фанҳои табиӣ тасаввуротҳои аввалин ҳосил менамоянд, ки ин барои пайдо шудани шавқу ҳаваси хонандагони хурдсол барои таълими фанҳои табиӣ ба омӯзгорон шароити мусоид фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: таҳсилот, маҳорат, таҳсилоти ибтидоӣ, математика, фанҳои табиӣ, ҳамгироӣ, масъалаҳои матнӣ, фаъолияти маърифатӣ, модели муосири таълим, робитаи байни фаннӣ.

ПУТИ И МЕТОДЫ ФОРМИРОВАНИЯ НАЧАЛЬНЫХ ЗНАНИЙ ПО ЕСТЕСТВЕННОНАУЧНЫМ ДИСЦИПЛИНАМ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

В данной статье анализируются и рассматриваются эффективные пути и методы формирования начальных знаний по естествознанию в процессе обучения математике в начальных классах. Мы обосновываем интеграцию математики и естествознания как основной фактор развития логического мышления, познавательного интереса и формирования научного мировоззрения младших школьников. Стоит отметить, что одной из целей обучения естественным дисциплинам является развитие математического и логического мышления, а также осознанное исследование межпредметной интеграции. Использование различных видов вспомогательного моделирования при обучении естественным наукам и решение разнообразных математических задач могут способствовать достижению этой цели. В работе представлены конкретные примеры заданий, задач с естествоведческим содержанием, а также применение новых образовательных методов для развития у учащихся начальных классов способности связывать различные предметы и решать сложные задачи. Всё это способствует повышению уровня базовых знаний по естественным наукам, развитию мышления учащихся и созданию возможностей для формирования необходимых практических умений и навыков. Первичные представления, получаемые при изучении естественных наук, создают для педагогов благоприятные условия для возникновения у младших школьников интереса к обучению естественнонаучным предметам.

Ключевые слова: образование, навыки, начальное образование, математика, естественные науки, интеграция, текстовые задачи, познавательная деятельность, современная модель обучения, межпредметная связь.

WAYS AND METHODS OF FORMING INITIAL NATURAL SCIENCE KNOWLEDGE IN THE PROCESS OF TEACHING MATHEMATICS IN PRIMARY GRADES

This article analyzes and considers effective ways and methods of forming initial knowledge of natural science in the process of teaching mathematics in primary grades. We substantiate the integration of mathematics and natural science as a key factor in developing logical thinking, cognitive interest, and forming a scientific worldview among primary school students. It is worth noting that one of the main goals of teaching natural science disciplines is the development of mathematical and logical thinking, as well as the conscious exploration of interdisciplinary integration. The use of various types of auxiliary modeling in

natural science instruction and the solution of various mathematical problems can contribute to achieving this goal. The paper presents specific examples of assignments, problems with natural science content, and the application of new educational methods to develop primary school students' ability to connect different subjects and solve complex problems. All of this contributes to increasing the level of basic knowledge in natural sciences, developing students' thinking, and creating opportunities for the formation of necessary practical skills and abilities. Initial concepts acquired during the study of natural sciences create favorable conditions for educators to foster primary school students' interest in learning natural science subjects.

Keywords: education, abilities, primary education, mathematics, natural sciences, integration, word problems, cognitive activity, modern teaching model, interdisciplinary connections.

Дар бораи муаллифон

Идизода Соҳибназар Борон
Номзади илмҳои техникӣ, и.в. дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: idiev-71@gmail.ru

Худоярзода Ҳусен Худояр
Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: begimovhusen@gmail.com

Об авторах

Идизода Сохибназар Борон
Кандидат технических наук, и.о. доцента кафедры методики начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: idiev-71@gmail.ru

Худоярзода Хусен Худояр
Кандидат педагогических наук, и.о. профессора кафедры методики начального образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: begimovhusen@gmail.com

About the authors

Idizoda Sohibnazar Boron
Candidate of Technical Sciences, Acting Associate Professor in the Department of Primary Education Methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: idiev-71@gmail.ru

Khudoyarzoda Husen Khudoyar
Candidate of Pedagogical Sciences, Acting Professor of the Department of Methods of Primary Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: begimovhusen@gmail.com

ТДУ 372.851:372.853

РУШДИ САЛОҲИЯТИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ФАННИ ИНФОРМАТИКА ТАВАССУТИ ГРАФИКАИ СЕЧЕНАКАИ ЗАБОНҲОИ БАРНОМАСОЗӢ

Одинаев Ҳ. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар шароити босуръати рушди технологияҳои рақамӣ омодасозии омӯзгорони рақобатпазири фанни информатика аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Имрӯз аз омӯзгори оянда на танҳо дониши назариявӣ, балки қобилияти татбиқи технологияҳои муосир, ташкили муҳити интерактивии таълим ва истифодаи воситаҳои визуалӣ талаб карда мешавад. Графикаи сеченака яке аз чунин воситаҳои самаранок мебошад, ки метавонад ҳамчун заминаи рушди салоҳияти методӣ хизмат намояд. Графикаи сеченака имконият медиҳад, ки объектҳо ва равандҳо дар фазои ҳаҷмдор бо дақиқӣ ва аёният тасвир карда шаванд.

Барои фанни информатика ин хусусият хеле муҳим аст, зеро бисёр мафҳумҳо аз қабили моделсозӣ, алгоритмсозӣ, аниматсия ва сохтори объектӣ тавассути муҳитҳои 3D равшантар дарк мегарданд. Омӯзгори оянда ҳангоми кор бо чунин муҳитҳо на танҳо малакаи техникӣ пайдо мекунад, балки тарзи дурусти пешниҳоди маводи таълимиро низ меомӯзад. Салоҳияти методӣ маҷмуи дониш, малака ва қобилиятҳое мебошад, ки ба омӯзгор имкон медиҳад раванди таълимро босамар ташкил намояд. Истифодаи графикаи сеченака дар раванди омодасозии омӯзгорони фанни информатика шароит фароҳам меорад, ки онҳо тарҳрезии дарс, интихоби усулҳои мувофиқ, таҳияи маводи аёнӣ ва арзёбии натиҷаҳои таълимро дар сатҳи баланд иҷро намоянд.

Амалияи барномасозӣ нишон додааст, ки агар яке аз забонҳои барномасозиро омухта дар амал татбиқ карда тавонем, пас омӯхатни дигар забонҳои баронмасозӣ осон мегардад [4, с. 4].

Дар ҷараёни сохтани моделҳои сеандоза донишҷӯён меомӯзанд, ки чӣ гуна мавзуъро ба қисмҳои мантиқӣ ҷудо карда, онро бо мисолҳои визуалӣ шарҳ диҳанд. Аҳаммияти дигари графикаи 3D дар ташаккули тафаккури фазоӣ ва эҷодкорӣ зоҳир мегардад. Омӯзгори оянда, ки бо моделсозии объектҳои сеандоза машғул мешавад, қобилияти таҳлил, муқоиса ва тарҳрезии равандҳоро дар худ инкишоф медиҳад [6]. Ин сифатҳо барои фаъолияти методӣ заруранд, зеро онҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки дарсро мутобиқ ба сатҳи дониш ва хусусиятҳои инфиродии хонандагон ба роҳ монад. Вазифаи сохтани графикаи сеченака таҳияи тасвири ҳаҷми визуалии объекти дилхоҳ мебошад [2, с. 75]. Лоиҳаҳои амалӣ, корҳои эҷодӣ ва моделсозии интерактивӣ донишҷӯёнро ба фаъолияти мустақилона ҷалб намуда, масъулият ва худназоратиро тақвият медиҳанд. Дар чунин шароит салоҳияти методӣ на ба таври назариявӣ, балки дар асоси таҷрибаи воқеӣ ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ, графикаи сеченака метавонад ҳамчун воситаи муассири педагогӣ дар омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни информатика хизмат намояд. Он ба рушди донишҳои касбӣ, малакаҳои методӣ ва тафаккури эҷодӣ замина мегузорад. Самаранок истифода бурдани ин технология имконият медиҳад, ки омӯзгорони оянда ба талаботи таҳсилоти муосир ҷавобгӯ бошанд ва раванди таълимро дар сатҳи сифатан нав ташкил намоянд. Салоҳияти рушди методии омӯзгорони ояндаи фанни информатика тавассути графикаи сеченака дар шароити гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамикунонии соҳаи маориф масъалаи баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорони фанни информатика аҳаммияти стратегии давлатӣ пайдо намудааст. Тағйирёбии мазмун ва технологияҳои таълим зарурати ташаккули салоҳиятҳои нав, бахусус салоҳияти методиро ба миён мегузорад. Истифодаи гарфикаи сеченака воситаи муҳимми таълими дар замони муосир ба ҳисоб рафта метавонад заминаи устувор барои пешрафти қобилияти касби ва методии омӯзгорони оянда гардад.

Графикаи сеченака на танҳо як бахши барномасозии илми информатика, балки муҳити таълимии дорои имкониятҳои васеи дидактикӣ мебошад. Тавассути он имкон фароҳам меояд, ки равандҳои мураккаби алгоритмӣ, сохторҳои додаҳо, принсипҳои моделсозӣ ва аниматсия ба таври аён ва интерактивӣ пешниҳод карда шаванд. Ин аёният сатҳи дарки донишҷӯёнро баланд бардошта, шароити мусоид барои пайваст намудани назария бо амалияро таъмин менамояд. Омӯзгори оянда дар чунин муҳит на танҳо кор бо воситаҳои

барномавиро меомӯзад, балки усулҳои самараноки фаҳмондани маводи таълимиро низ аз худ мекунад.

Аз ин мо як дарс мегирем: дар графикаи компютерӣ аксар вақт **додаҳо (data)** ба сифати тасвири ниҳоӣ бештар аз алгоритм таъсир мерасонанд, ки бисёр вақт ҳатто алгоритми одӣ метавонад натиҷаи аҷиб диҳад, агар рассоми моҳир додаҳои хуб омода кунад. Аз ин рӯ, ҳангоми арзёбии алгоритмҳо эҳтиёт бошед ва барои нишон додани натиҷаҳои худ аз моделҳои хуб истифода баред [5, с. 417].

Салоҳияти методӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми омодагии касбӣ қобилияти тарҳрезӣ, ташкил, идора ва таҳлили раванди таълимро дар бар мегирад. Ҳангоми истифодаи графикаи сеченака донишҷӯён бо масъалаҳои банақшагирии дарс, интихоби методҳои мувофиқ, муайян намудани ҳадафҳои таълимӣ ва арзёбии натиҷаҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Масалан, таҳияи модели сеандозаи объект ё раванд аз омӯзгор талаб менамояд, ки пайдарпаии мантиқии омӯзиш, сатҳи мураккабӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагонро ба инобат гирад. Матн ва ҳама объектҳо дар шакли 3D-графика инъикос мегардад [3]. Илова бар ин, графикаи 3D шароити татбиқи равишҳои муосири педагогиро фароҳам месозад. Равиши фаъолиятию лоиҳавӣ, омӯзиши проблемавӣ ва усулҳои интерактивӣ дар муҳити сеандоза самаранок амалӣ мешаванд. Донишҷӯён метавонанд лоиҳаҳои таълимӣ таҳия намуда, моделҳои аниматсионии равандҳои физикӣ ё информатикиро эҷод кунанд. Ин фаъолиятҳо на танҳо донишҳои фаннӣ, балки қобилияти ҳамкорӣ, муошират касбӣ ва худбаҳодиҳиро тақвият медиҳанд.

Ҷанбаи муҳимми дигар ташаккули тафаккури фазоӣ ва эҷодкорӣ мебошад. Кор бо объектҳои ҳаҷмдор, координатҳо, ҳаракат ва тағйирёбии шаклҳо ба инкишофи қобилияти тасаввуроти фазоӣ мусоидат мекунад. Барои омӯзгори информатика чунин қобилият муҳим аст, зеро он ба фаҳмондани мафҳумҳои абстрактӣ ва мураккаб кӯмак мерасонад. Дар натиҷа, омӯзгори оянда метавонад маводи таълимиро бо истифода аз моделҳои визуалӣ ва интерактивӣ ба таври фаҳмо пешниҳод намояд.

Аз нуқтаи назари методологӣ, татбиқи графикаи сеченака бояд дар асоси принсипҳои илмият, системанокӣ, пайдарпаӣ ва дастрасӣ ба роҳ монда шавад. Инчунин, ҳамгироии он бо дигар фанҳо, аз ҷумла математика ва физика, имконият медиҳад, ки омӯзиш хусусияти байнисоҳавӣ касб намояд. Чунин ҳамгироӣ ҷаҳонбинии касбии омӯзгорони ояндаро васеъ намуда, онҳоро барои фаъолияти инноватсионӣ омода месозад.

Бояд қайд кард, ки истифодаи графикаи сеченака дар раванди омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни информатика воситаи муассири рушди салоҳияти методӣ ба ҳисоб меравад. Донишҳои назариявӣ он заминаи ҳамгироии ва таҷрибаи амалӣ, рушди тафаккури таҳлилӣ ва эҷодӣ, инчунин ташаккули қобилияти тарҳрезии раванди таълимро фароҳам меорад. Дар шароити таҳсилоти муосир чунин равиш метавонад ба баланд гардидани сифати омодасозии кадрҳои педагогӣ мусоидат намояд ва фаъолияти минбаъдаи онҳоро самаранок гардонад.

Читавре, ки маълум аст аз назари педагогӣ, барои таъмини самаранокии рушди салоҳияти методӣ тавассути графикаи сеченака зарур аст, ки раванди таълим бо назардошти моделсозии педагогӣ ташкил карда шавад. Яъне, на танҳо истифодаи воситаи техникӣ, балки тарҳрезии як низоми мукаммали таълимӣ, ки ҳадаф, мазмун, усул, шакл ва натиҷаро дар бар мегирад. Дар чунин модел графикаи 3D ҳамчун унсури марказӣ баромад намуда, дигар ҷузъҳои раванди таълимро бо ҳам мепайвандад.

Аз нигоҳи дидактикӣ, муҳити графикаи сеченака имконият медиҳад, ки принсипи аёният дар сатҳи сифатан нав амалӣ гардад. Агар дар таълими анъанавӣ аёният асосан тавассути расм ё схема сурат гирад, дар муҳити 3D хонанда метавонад объектро аз ҳама ҷониб мушоҳида намуда, ҳаракат ва тағйирёбии онро дар вақт бинад. Ин ҳолат ба дарки амиқи робитаҳои сабабию натиҷавӣ мусоидат мекунад. Омӯзгори оянда, ки чунин имкониятҳоро аз худ менамояд, метавонад дар фаъолияти касбии худ муҳити таълимиро бештар ҷолиб ва самаранок созад.

Истифодаи графикаи сеченака шароити гузариш аз омӯзиши репродуктивӣ ба омӯзиши эҷодиро фароҳам месозад. Донишҷӯён на танҳо фармонҳоро такрор мекунанд, балки лоиҳаҳои мустақилона таҳия намуда, қарорҳои инфиродии методиро пешниҳод менамоянд. Масалан, таҳияи модели таълимии ҳаракати ҷисмҳо, сохтани синфи виртуалӣ ё эҷоди воситаи визуалии фаҳмондани алгоритмҳо метавонад ҳамчун кори курсӣ ё лоиҳаи семестрӣ истифода шавад. Барои замина гузоштани ин гуна фаъолият ба ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ ва методии онҳо натиҷаи хубе мегузорад.

Дар раванди омӯзиш бо истифода аз графикаи сеченака метавон меъёрҳои мушаххас, аз қабили қобилияти тарҳрезии дарс бо истифодаи муҳити 3D, интихоби усулҳои мувофиқ, таҳияи супоришҳои интерактивӣ ва таҳлили натиҷаҳои таълимро муайян кард. Графикаи сеченака имкон медиҳад, ки аниматсияҳои содаи сеандоза ва барномаҳою бозиҳои интерактивии одии сеандоза таҳия карда шаванд [8, с. 423].

Арзёбии пайдарпай ва таҳлили динамикаи рушд имкон медиҳад, ки самаранокии методҳои истифодашуда муайян карда шавад. Илова бар ин, графикаи сеченака метавонад ҳамчун воситаи ҳамгироии таҳсилоти назариявӣ ва таҷрибаи педагогӣ хизмат намояд. Омӯзиши графикаи компютерӣ дар ҷараёни таълими фанни информатикаи бо омӯзиши функсияҳо ва операторҳои идоракунии курсор оғоз меёбад [10]. Омӯзгори фаннӣ ин функсияю операторҳо ва технологияи истифодабариашонро ба хонандагон меомӯзонад. Ҳангоми гузаштани таҷрибаи омӯзгорӣ донишҷӯён метавонанд унсурҳои моделсозии 3D-ро дар дарсҳои мактабӣ татбиқ намоянд. Ин амал ба онҳо имконият медиҳад, ки донишҳои гирифташударо дар шароити воқеӣ санҷида, маҳорати методии худро такмил диҳанд.

Дар маҷмуъ, рушди салоҳияти методии омӯзгорони ояндаи фанни информатика тавассути графикаи сеченака равандест, ки ҳам донишҳои фаннӣ, ҳам қобилиятҳои педагогӣ ва ҳам малакаҳои эҷодиро фаро мегирад. Татбиқи мақсаднок ва илмӣ асосноки ин технология метавонад ба ташаккули омӯзгори навъи инноватсионӣ мусоидат намояд. Омӯзгоре, ки қобилияти мутобиқшавӣ ба тағйироти технологӣ, истифодаи воситаҳои рақамӣ ва ташкили муҳити фаъоли таълимиро дорад. Бо ин асос метавон хулоса кард, ки графикаи сеченака на танҳо як бахши барномасозӣ, балки воситаи стратегӣ барои такмили сифати омодасозии кадрҳои педагогӣ дар соҳаи информатика мебошад. Рушди минбаъдаи таҳқиқот дар ин самт метавонад ба таҳияи моделҳои нави таълимӣ, барномаҳои методӣ ва воситаҳои электронии таълимӣ оварда расонад, ки ба талаботи таҳсилоти муосир ҷавобгӯ бошанд.

Дар баробари ин, муҳим аст, ки омодасозии омӯзгорони оянда дар самти графикаи сеченака бо таҳияи заминаи илмӣ-методӣ ҳамоҳанг карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки истифодаи муҳитҳои 3D танҳо ҳамчун воситаи техникӣ маҳдуд нашуда, балки ҳамчун объекти таҳқиқот ва воситаи ташаккули тафаккури методӣ баррасӣ шавад. Донишҷӯён бояд дарк намоянд, ки чӣ гуна интихоб ва татбиқи технология ба ҳадафҳои таълимӣ таъсир мерасонад.

Ҷорӣ намудани графикаи сеченака ба барномаҳои омодасозии омӯзгорони ояндаи информатика метавонад дар шакли курсҳои махсус, модулҳои интихобӣ ё семинарҳои илмӣ амалӣ гардад. Дар ин раванд омезиши лексияҳои назариявӣ бо машғулиятҳои лабораторӣ аҳаммияти калон дорад. Машғулиятҳои амалӣ бояд ба таҳияи моделҳои таълимӣ, сохтани аниматсияҳои фаҳмондадиҳӣ ва тарҳрезии лоиҳаҳои таълимӣ равона карда шаванд. Чунин ҳамгироӣ ба ташаккули пайванди устувори «дониш – амал – таҳлил» мусоидат мекунад.

Омӯзиши графикаи сеченака ва истифодаи технологияҳои муосири визуализатсия ба рушди тафаккури алгоритмӣ ва баланд гардидани сатҳи фарҳанги рақамии омӯзгорони оянда мусоидат менамояд [7, с. 5]. Инчунин, истифодаи графикаи сеченака имконият медиҳад, ки фарҳанги рақамии омӯзгорони оянда баланд бардошта шавад. Онҳо бо муҳитҳои барномасозӣ, идоракунии объектҳои графикӣ, коркарди координатҳо ва татбиқи алгоритмҳои ҳаракат шинос мегарданд. Дар шароити муосир, ки омӯзиш тадриҷан ба шакли гибридӣ (ҳузурӣ, онлайн) ва фосилавӣ (онлайн) мегузарад, воситаҳои визуалии сеандоза метавонанд нақши калидӣ бозанд. Моделҳои 3D ва аниматсияҳо метавонанд ҳамчун маводи интерактивӣ дар платформаҳои таълимӣ ҷойгир карда шаванд [2]. Омӯзгори дорои салоҳияти методии рушдёфта метавонад чунин маводро на танҳо истифода барад, балки мутобиқ ва такмил диҳад. Ин қобилият яке аз нишонаҳои муҳимми касбияти муосир ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати дигари муҳимми масъала рушди қобилияти таҳқиқотии донишҷӯён мебошад. Ҳангоми кор бо графикаи сеченака онҳо метавонанд масъалаҳои марбут ба оптимизатсияи моделҳо, такмили аниматсия, самаранокии пешниҳоди визуалӣ ва таъсири он ба дарки хонандагонро таҳлил намоянд. Дар инҷо **графикаи пурраи академӣ** дар шакли 3D-и схемаи пай дар пай омода карда шудааст.

Бо дарназардошти ҳамаи ин, гуфтан лозим аст, ки графикаи сеченака дар раванди омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни информатика дорои иқтидори бузурги дидактикӣ ва методӣ мебошад. Самаранок истифода бурдани он на танҳо ба баланд шудани сатҳи донишҳои фаннӣ, балки ба ташаккули қобилияти банақшагирӣ, таҳлил, эҷод ва арзёбии раванди таълим мусоидат менамояд. Дар натиҷа, омӯзгори оянда ҳамчун мутахассиси

салоҳиятнок ва навовар ташаккул меёбад, ки метавонад дар муҳити таҳсилоти муосир фаъолияти самаранок нишон диҳад.

Ҳамин тавр, таҳқиқ ва татбиқи усулҳои рушди салоҳияти методӣ тавассути графикаи сеченака самти муҳим ва дурнамодори илми педагогӣ ба шумор меравад. Ин раванд метавонад ба такмили мазмуни таҳсилоти касбӣ, ғанигардонии воситаҳои таълим ва баланд гардидани сифати омодасозии омӯзгорони информатика мусоидат намояд. Илова бар ин, барои таъмини самаранокии рушди салоҳияти методӣ зарур аст, ки арзёбии натиҷаҳои омӯзиш низ бо равишҳои муосир ба роҳ монда шавад. Дар доираи истифодаи графикаи сеченака метавон системаҳои арзёбии лоиҳавӣ ва портфолиои электрониро ҷорӣ намуд [1]. Донишҷӯён метавонанд моделҳо, барномаҳо ва аниматсияҳои таҳиянамудаи худро ҳамчун натиҷаи фаъолияти эҷодӣ пешниҳод кунанд. Чунин шакли арзёбӣ на танҳо сатҳи донишҳои техникӣ, балки қобилияти методии онҳо яъне тарзи пешниҳоди мавод, мантиқияти сохтор ва мувофиқат ба ҳадафҳои таълимиро низ инъикос менамояд.

Ҳамзамон, ташкили муҳити ҳамкорӣ миёни донишҷӯён аҳаммияти калон дорад. Ҳангоми иҷрои лоиҳаҳои 3D онҳо метавонанд дар гурӯҳҳо фаъолият намуда, вазифаҳоро тақсим кунанд: яке модел месозад, дигаре аниматсияро танзим мекунад, сеюмӣ шарҳи методиро таҳия менамояд. Мисли ҳар гуна технологияи барномасозӣ, барномасозии ба объект нигаронидашуда маҷмуи муайяни мафҳумҳо ва истилоҳоти онҳоро ифодакунанда истифода мебарад. Дар натиҷа, пайдо кардани ду китоб аз муаллифони гуногун, ки истилоҳоти ягона истифода мебаранд, хеле душвор аст, то замоне ки сухан дар бораи забони мушаххаси барномасозӣ наравад [8, с. 446].

Барои омӯзгори оянда чунин таҷриба бисёр муҳим аст, зеро фаъолияти педагогӣ низ ҳамкорӣ бо дигаронро талаб менамояд.

Дар барномаи додашуда китобхонаи **Graph3D** барои сохтани моделҳои сеченака истифода мешавад. Бо ёрии функсияи Box(0,0,0,2,2,2) куб сохта мешавад, зеро ҳамаи андозаҳо баробаранд (2,2,2). Куб ҳамчун ҷисми геометрӣ дорои 6 рӯй, 12 қирра ва 8 қулла мебошад.

Барои беҳтар кардани намоиш, ба куб ранг дода мешавад (Colors.Blue), ки дар графикаи компютерӣ аҳаммияти визуалӣ дорад. Инчунин, фармони (AnimRotate(OrtZ,360,5) гардиши кубро дар гирди меҳвари Z дар муддати 5 сония таъмин мекунад, ки ҳаракати фазоиро нишон медиҳад.

Ин мисол нишон медиҳад, ки графикаи сеченака ҳамчун воситаи илмӣ барои фаҳмидани шаклҳои геометрӣ ва ҳаракати онҳо дар фазо хеле муҳим аст.

```
uses Graph3D;
begin
 // сохтани куб
 var cube := Box(0,0,0,2,2,2);
 cube.Colo r := Colors.Blue;
 // гардиши куб
 cube.AnimRotate(OrtZ,360,5);
```

end.

Шарҳ

- ✓ Graph3D – модул барои графикаи 3D.
- ✓ Box – объекти **куб** месозад.
- ✓ Color – ранги объектро муайян мекунад.
- ✓ AnimRotate – аниматсия, яъне гардиши куб.

Ин барнома нишон медиҳад:

- ✓ сохтани **модели 3D**
- ✓ истифодаи **аниматсия**
- ✓ кори одӣ бо **объектҳои графикаи сеченака**

Ҷанбаи дигари муҳим мутобиқсозии мазмуни графикаи сеченака ба сатҳи синнусолӣ ва имкониятҳои хонандагон мебошад. Омӯзгори дорои салоҳияти методӣ буда бояд маводи мураккаби техникӣ ва барномасозиро ба шакли сода ва фаҳмо пешниҳод намояд. Масалан, моделсозии объектҳои геометрӣ метавонад барои хонандагони синфҳои миёна истифода шавад, дар ҳоле ки аниматсияҳои мураккаб ва системаҳои динамикӣ барои зинаҳои болоӣ мувофиқанд. Ин қобилияти интихоб ва мутобиқсозӣ яке аз нишонаҳои асосии маҳорати методӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, истифодаи графикаи сеченака имконият медиҳад, ки равандҳои байнифаннӣ густариш ёбанд. Моделҳои 3D метавонанд дар омӯзиши физика, математика, география ва ҳатто фанҳои техникӣ истифода шаванд. Омӯзгори информатика, ки чунин имкониятҳоро дарк мекунад, метавонад бо ҳамкасбон ҳамкорӣ намуда, лоиҳаҳои муштараки таълимӣ ташкил намояд. Ин равиш ба ҳамгироии донишҳо ва ташаккули ҷаҳонбинии комплексии хонандагон мусоидат мекунад. Аз нуқтаи назари рушди минбаъда, татбиқи технологияҳои муосир, аз қабили воқеияти виртуалӣ ва воқеияти афзуда, метавонад марҳилаи навбатии такмили графикаи сеченака дар таълим гардад. Дар оянда омӯзгороне, ки дар заминаи 3D малакаҳои устувор доранд, метавонанд ба осонӣ ба чунин муҳитҳо мутобиқ шаванд ва онҳоро дар фаъолияти касбии худ истифода баранд. Ин омодагӣ ба тағйирот ва навоварӣ нишондиҳандаи муҳимми рақобатпазирии мутахассис дар бозори меҳнат мебошад [6].

Он фарогири омодагии назариявӣ, таҷрибаи амалӣ, фаъолияти эҷодӣ, таҳлил ва арзёбӣ мебошад. Дар натиҷа метавон гуфт, ки татбиқи мақсаднок ва илмии ин раванд метавонад ба баланд гардидани сифати таҳсилоти касбӣ ва омодасозии омӯзгорони навовару соҳибсалоҳият мусоидат намояд.

Метавон таъкид намуд, ки дар идомаи баррасии масъала, ки рушди салоҳияти методӣ тавассути графикаи сеченака бояд ба принсипи пайдарпайӣ ва марҳилавӣ асос ёбад. Дар марҳилаи аввал донишҷӯён мафҳумҳои асосии моделсозӣ, координатаҳои сеандоза, объектҳои графикӣ ва хусусиятҳои онҳоро меомӯзанд [9]. Дар марҳилаи баъдӣ онҳо ба сохтани моделҳои сода ва татбиқи ҳаракатҳои элементарӣ мегузаранд. Ниҳоят, дар сатҳи пешрафта донишҷӯён метавонанд лоиҳаҳои мураккаб, системаҳои динамикӣ ва муҳитҳои интерактивиро таҳия намоянд. Чунин пайдарпайӣ ба ташаккули устувори дониш ва малакаҳо мусоидат мекунад. Ҳамчунин, дар раванди омӯзиш муҳим аст, ки унсури инъикос (рефлексия) ҷойгоҳи махсус дошта бошад. Пас аз иҷрои ҳар як лоиҳа ё модел донишҷӯ бояд таҳлил намояд, ки кадом усулҳо самаранок буданд, кадом мушкилот ба вуҷуд омаданд ва чӣ гуна онҳоро метавон бартараф кард. Ин гуна худтаҳлилкунӣ ба рушди тафаккури интиқодӣ ва қобилияти такмил додани фаъолияти касбӣ замина мегузорад. Омӯзгори оянда бояд на танҳо кор иҷро кунад, балки фаъолияти худро арзёбӣ ва такмил дода тавонад. Илова бар ин, истифодаи графикаи сеченака метавонад ба рушди қобилияти тарҳрезии муҳити таълимӣ мусоидат намояд [11]. Донишҷӯён метавонанд на танҳо объект ё аниматсия, балки сенарияи пурраи дарсро таҳия намоянд, ки дар он моделҳои 3D ҳамчун воситаи асосии фаҳмондадиҳӣ истифода мешаванд. Ин равиш ба ҳамгироии технология ва педагогика оварда мерасонад ва омӯзгорро водор месозад, ки ҳар як воситаи техникӣ бо мақсади дидактикӣ мувофиқ карда шавад. Ҷиҳати дигаре, ки аҳаммияти назаррас дорад, рушди фарҳанги инноватсионӣ мебошад. Кор бо графикаи сеченака донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи роҳҳои нави пешниҳоди иттилоот, эҷоди моделҳои ғайримуқаррарӣ ва истифодаи имкониятҳои нави барномавӣ ҳидоят мекунад. Ин раванд ба ташаккули руҳияи эҷодкорӣ ва омодагӣ ба таҷрибаҳои нав мусоидат менамояд, ки барои омӯзгори муосир хеле муҳим аст. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки графикаи сеченака на танҳо воситаи техникӣ, балки муҳити ташаккули шахсияти касбии омӯзгор мебошад. Тавассути он донишҷӯён на танҳо барномасозиро меомӯзанд, балки тарзи фикрронии системавӣ, муносибати методӣ ба таълим ва қобилияти мутобиқ шудан ба

шароити тағйирёбандаи таҳсилотро инкишоф медиҳанд. Ин омилҳо дар якҷоягӣ заминаи боэътимод барои омодасозии омӯзгорони соҳибкасб ва рақобатпазирро фароҳам меоранд.

Бо ин асос, таҳқиқоти минбаъда дар самти такмили методикаи истифодаи графикаи сеченака метавонад ба таҳияи моделҳои нави таълимӣ, дастурҳои методӣ ва барномаҳои махсуси омодасозии омӯзгорон равона гардад. Чунин равиш ба рушди устувори таҳсилоти информатикӣ ва баланд гардидани сифати омодасозии мутахассисон дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат хоҳад кард.

Адабиёт

1. *Александр Осипов PascalABC.NET: Введение в современное программирование. - Ростов-на-Дону, 2019. - 572 с.*
2. *Гилев В.Г. Современные пакеты прикладных программ. Основы работы в Maple [Электронный ресурс] : учебное пособие / В.Г. Гилев // Пермский государственный национальный исследовательский университет. – Электронные данные. – Пермь, 2022. – 2,61 Мб ; 95 с.*
3. *Дёмин А.Ю. Основы компьютерной графики: учебное пособие [Текст] / А.Ю. Дёмин // Томский политехнический университет. – Томск: Изд-во Томского политехнического университета, 2011. – 191 с.*
4. *Назаров А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони C++Builder (Қисми 1) / Назаров А.П. - Душанбе: 2026 с. -320 с.*
5. *Назаров А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalAbc.Net. Китоби дарсӣ / А.П. Назаров. - Душанбе: ҶДММ Меҳроҷ-Граф, 2021. 756 с.*
6. *Назаров А.П. Методикаи таълими информатика (Китоби дарсӣ) - Душанбе 2019 - 464 с.*
7. *Нугмонов М., Назаров А.П., Умедҷони Х. Методикаи ба хонандагон омӯзонидани барномасозии "Сатри равон" дар графикаи компютерӣ (Матн) / М. Нугмонов М., А.П. Назаров, Умедҷони Хайрулло // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим. 2022. №4 (14). С. 163-169.*
8. *Осипов А. PascalABC.NET: Введение в современное программирование. - Ростов-на-Дону, 2019- 572 с.*
9. *Семенов А.Л., Хеннер Е.К. Информатика. Компьютерная графика Просвещение, 2020. – 436 с.*
10. *Тарасова О.А. Методика обучения трехмерному компьютерному моделированию в курсе информатики профильной школы [Текст]/ О.А. Тарасова // Дис. ... канд. пед. наук : 13.00.02 СПб., 2005. - 226 с. РГБ ОД, 61:06-13/1941.*
11. *Фролов В.В. Компьютерная графика и 3D-моделирование. - Москва, Юрайт, 2021- 365с.*

РУШДИ САЛОҲИЯТИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ФАННИ ИНФОРМАТИКА ТАВАССУТИ ГРАФИКАИ СЕЧЕНАКАИ ЗАБОНҲОИ БАРНОМАСОЗӢ

Рушди салоҳияти методии омӯзгорони ояндаи фанни информатика тавассути истифодаи графикаи сеченака яке аз самтҳои афзалиятноки таҳсилоти муосир ба ҳисоб меравад. Ба андешаи муаллиф, истифодаи муҳити интерактивии сеандоза имконият фароҳам меорад, ки донишҷӯён мафҳумҳои мураккаб, аз ҷумла моделсозӣ, алгоритмсозӣ, сохтори объектӣ ва равандҳои иттилоотиро ба таври аёнӣ ва амалӣ дарк намоянд. Муаллиф таъкид менамояд, ки муҳити сеандоза барои татбиқи усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла лоиҳаҳои амалӣ, моделсозии равандҳо ва аниматсияҳои интерактивӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ин усулҳо донишҷӯёнро ба фаъолияти мустақилона, эҷодӣ ва масъулиятнок ҷалб намуда, шавқу ҳаваси онҳоро ба омӯзиш зиёд мегардонанд. Ҳамзамон, чунин раванд ба мутобиқсозии таълим ба сатҳи дониш ва хусусиятҳои инфиродии хонандагон мусоидат мекунад. Дар баробари ин, истифодаи графикаи сеченака аҳаммияти дидактикӣ ва методии хос дошта, ба баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳои педагогӣ таъсири назаррас мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд аз имкониятҳои чунин технологияҳо самаранок истифода бурда, шароити мусоидро барои рушди салоҳияти касбӣ ва методии донишҷӯён фароҳам оварад. Дар маҷмуъ, графикаи сеченака на танҳо воситаи техникии таълим, балки омили муҳимми ташаккули омӯзгорони эҷодкор, рақобатпазир ва мутобиқ ба талаботи таҳсилоти рақамӣ ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: графикаи сеченака (3D), омӯзгорони оянда, информатика, салоҳияти методӣ, муҳити интерактивӣ, моделсозӣ, алгоритмсозӣ, таълим ва омӯзиш, лоиҳаҳои амалӣ, аниматсияҳои интерактивӣ.

РАЗВИТИЕ МЕТОДИЧЕСКОЙ КОМПЕТЕНЦИИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНФОРМАТИКИ ПОСРЕДСТВОМ ТРЁХМЕРНОЙ ГРАФИКИ ЯЗЫКОВ ПРОГРАММИРОВАНИЯ

Развитие методической компетенции будущих учителей информатики посредством использования трёхмерной графики является одним из приоритетных направлений современного образования. По мнению автора, применение интерактивной трёхмерной среды позволяет студентам наглядно и практически усваивать сложные понятия, такие как моделирование, алгоритмизация,

объектно-ориентированная структура и информационные процессы. Автор подчёркивает, что трёхмерная среда создаёт благоприятные условия для реализации активных методов обучения, таких как проектная деятельность, моделирование процессов и интерактивная анимация. Данные методы способствуют развитию самостоятельности, творческого подхода и ответственности студентов, а также повышают их интерес к обучению. Вместе с тем такой подход позволяет учитывать уровень подготовки и индивидуальные особенности обучающихся. Наряду с этим, использование трёхмерной графики обладает значительным дидактическим и методическим потенциалом и способствует повышению качества подготовки педагогических кадров. В связи с этим преподавателю необходимо эффективно использовать возможности данных технологий и создавать условия для развития профессиональной и методической компетентности студентов. В целом, трёхмерная графика выступает не только как техническое средство обучения, но и как важный фактор формирования креативных, конкурентоспособных и адаптированных к требованиям цифрового образования педагогов.

Ключевые слова: 3D-графика, будущие учителя, информатика, методическая компетентность, интерактивная среда, моделирование, разработка алгоритмов, преподавание и обучение, практические проекты, интерактивные анимации.

DEVELOPMENT OF METHODOLOGICAL COMPETENCE OF FUTURE INFORMATICS TEACHERS THROUGH THREE-DIMENSIONAL GRAPHICS OF PROGRAMMING LANGUAGES

The development of methodological competence of future informatics teachers through the use of three-dimensional (3D) graphics is considered one of the priority directions of modern education. According to the author, the use of an interactive 3D environment enables students to clearly and practically understand complex concepts such as modeling, algorithmization, object-oriented structures, and information processes. The author emphasizes that the three-dimensional environment creates favorable conditions for implementing active teaching methods, such as project-based learning, process modeling, and interactive animations. These methods encourage students to engage in independent, creative, and responsible activities, while also increasing their motivation and interest in learning. At the same time, such an approach allows for adapting the learning process to the level of knowledge and individual characteristics of learners. In addition, the use of 3D graphics has significant didactic and methodological value, contributing to the improvement of the quality of teacher training. Therefore, educators should effectively utilize the potential of these technologies and create favorable conditions for the development of students' professional and methodological competence. Overall, three-dimensional graphics serve not only as a technical teaching tool but also as an important factor in shaping creative, competitive, and digitally adaptable teachers.

Keywords: 3D graphics, future teachers, informatics / computer science, methodological competence, interactive environment, modeling, algorithm design, teaching and learning, practical projects, interactive animations.

Дар бораи муаллиф
Одинаев Ҳамза Мираҳмадович
Омӯзгори кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: hamzaodinaev0@gmail.com

Об авторе
Одинаев Хамза Мирахмадович
Преподователь кафедры информационных и коммуникационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: hamzaodinaev0@gmail.com

About the author
Odinaev Hamza Mirahmadovich
Lecturer at the Department of Information and Communication Technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: hamzaodinaev0@gmail.com

ТДУ 372.851, 378.147

ТАТБИҚИ МЕТОДИ ПУЛОТ ДАР БАРНОМАСОЗИИ КОРИ САНҶИШӢ ОИД БА МАВЗУИ “ТАҚСИМКУНАНДАҲО ВА КАРАТИҲО”

Абидов Р. Т.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Маориф ва таҳсилоти замони муосир омӯзгоронро на танҳо барои додани дониш, балки таъмини арзёбии фаврӣ, объективӣ ва инфиродӣ ба маводи омӯхташуда низ вазифадор мекунад [16, с.41], [17, с.23]. Пешрафтҳо дар технологияи иттилоотӣ, технологияи рақамӣ ва рақамикунонии раванди таҳсилот имкон медиҳанд, ва аз пайи ислоҳи хато шуда, супоришро дуруст ҳал карда, ҷавоби дурусти супоришро ба барнома барои санҷиш такроран ворид кунад [14], [15] [6, с. 112].

1. Усулҳои равонӣ ва педагогӣ барои санҷиш. Психологияи муосири таълимӣ принсипҳои зерини назоратро муайян мекунад:

Тафриқабандӣ: супоришҳо аз рӯйи сатҳбандии якранги душворӣ тавлид карда мешаванд ва раванди фардигардонии кори санҷиширо ба назар мегиранд [5] - [15].

Сатҳҳои гуногун: кори санҷишӣ супоришҳои асосии ҳатмӣ ва супоришҳои иловагиро барои рушди тафаккур дар бар мегирад [5] - [15].

Тамаркузи ҳавасмандгардонӣ: муҳити кории барномаи компютерӣ (интерфейс) бояд ба хонанда фаҳмо буда, корбарӣ бо он осон бошад ва хонандаро барои беҳтар кардани натиҷа ҳавасманд кунад [5] - [15].

Идомаи назорат: барномаи компютерӣ бояд санҷиши донишро дар марҳилаҳои гуногуни омӯзиши мавзуъ дастгирӣ кунад. Арзёбии марҳилаи аввал пас аз омӯзиш ва дар хонандагон ташаккул додани донишҳо оид ба мафҳуми тақсимкунанда оғоз мегардад. Дар ин маврид барномаи компютерӣ танҳо маълумкунии тақсимкунандаҳои ададро мепурсад. Дурустии ҷавобҳоро маълум мекунад. Дар марҳилаҳои минбаъда тақсимкунандаҳои умумии ду ва зиёда ададҳо ва каратиҳои адад тавассути барномаи компютерӣ пурсида мешаванд.

2. Таҳлили мундариҷаи мавзуи “Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо”

2.1. Мақсади омӯзиши мавзуъ - хонандагон бояд:

1. Фаҳманд, ки тақсимкунанда ва каратии адад чист.
2. Рӯйхати тақсимкунандаҳои ададро ёфта тавонанд.
3. Миқдори пурсидашудаи каратиҳои ададро номбар карда тавонанд.
4. Хусусиятҳо ва аломатҳои тақсимшавандагиро фаҳманд.
5. Масъалаҳои амалӣ дар доираи мавзуъро ҳал карда тавонанд.

2.2. Намуди супоришҳо оид ба мавзуъ

1. Муайян кардани тақсимкунандаҳои адади додашуда.
2. Ёфтани миқдори зарурии каратиҳои адад.
3. Санҷиши тақсимшавандагии ададҳо ба адади додашуда бо истифода аз аломатҳои тақсимшавӣ ва бе иҷрои амали тақсим.
4. Масъалаҳои амалӣ, ки истифодаи донишҳои ташаккулдодашуда дар бораи тақсимкунандаҳо ва каратиҳо талаб мекунанд.

3. Методология ва марҳилаҳои сохтани барномаҳо оид ба санҷишҳои компютерии дониши хонандагон

Барои назорат ва санҷиши худкори сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда, таҳияи стандартҳо барои супоришҳои санҷишӣ муҳим аст. Супоришҳои кори санҷишии мазкур дар доираи ададҳои натуралӣ тавлид карда мешавад. Супоришҳо чунин тасниф карда мешавад. Супоришҳои якум ва дуюм супоришҳои якхела мебошанд. Дар онҳо пурсида мешавад, ки дилхоҳ 4 тақсимкунандаи гуногуни адади натуралии додашуда ёфта шаванд. Дар ин маврид ҳангоми тавлиди адади додашаванда, он бояд на кам аз 4 тақсимкунанда дошта бошад. Агар ҳамагӣ 4 тақсимкунанда дошта бошад, пас шарти супориш “Ҳама тақсимкунандаҳои адади додашуда ёфта шавад” мегардад. Дар супориши сеюм пурсида мешавад, ки дилхоҳ ду тақсимкунандаи умумии ду адади додашуда ёфта шаванд, ба ғайр аз адади 1. Супориши чорум бошад, ба ёфтани каратиҳои адади додашуда равона гардида аст. Тавре медонем, дилхоҳ адади натуралии додашуда дорои каратиҳои беохир мебошад. Дар китобҳои дарсӣ бошад, онҳо чунин тавсиф карда мешаванд: “Миқдори муайни каратиҳои адад ёфта шаванд” [1], [2], [16], [18]. Супориши панҷум бошад, ба ёфтани каратиҳои умумии ду адади натуралӣ

бахшида мешавад. Интихоби супоришҳо ба анҷом мерасад ва марҳилаи аввал ҳисобида мешавад.

Марҳилаи дуюм ба сохтани лоиҳаи нави таъминоти барномавӣ равона мегардад. Масалан, дар забони барномасозии сатҳи баланди C++ Builder (бастаи RAD Studio) як лоиҳаи нави таъминоти барномавиро бо номи матнии “Арзёбии объективонаи донишҳо оид ба тақсимкунандаҳо ва каратиҳо” месозем [19], [20]. Номи системавӣ, ки дар натиҷа номи файли барномавии замимаи Windows мегардад, масалан, *Taq_Karat.exe* мегузорем. Ҳаминтариқ лоиҳаи нави таъминоти барномаӣ, ки алҳол холӣ мебошад, сохта мешавад.

Марҳилаҳои минбаъда бевосита ба сохтани барномаи компютерӣ равона мегардад. Номи кори санҷиширо “Кори санҷишӣ аз математика дар синфи 6 оид ба тақсимкунандаҳо ва каратиҳо” номгузорӣ мекунем. Ин номро бо истифода аз ҷузъи идоракунии қайдҳои TLabel дар шакли муколамагӣ ҷойгир мекунем. Акнун пайдарҳам ва системанок бо татбиқи методи Пулот ба барномасозии тавлиди супоришҳои кори санҷишӣ ва дар шакли муколамагӣ инъикос намудани он оғоз мекунем [6], [11], [13], [14].

Таърихи рӯз ва вақти дар системаи компютер бударо муайян намуда, дар шакли муколамагӣ ҷой медиҳем:

Label1 -> Caption = Date(); Label2 -> Caption =Time();

Як протседураро барои тавлиди дилхоҳ адади ҳақиқии мусбат бо табиқи методи Пулот тартиб медиҳем. Матни барномаи ин протседура аз сатрҳои зерин иборат буда метавонанд:

```
float adnat()
{
long int vpms=GetTickCount();
Word zden, zmes, zgod, vch, vmn, vsec, vmls, tkrd;
DecodeDate(Date(),zgod,zmes,zden); DecodeTime(Time(),vch, vmn, vsec, vmls);
 tkrd = rand()%133+22;
 float tk=tkrd * abs(cos(float(zden+vch-vmls)) + cos(float(vmn-vsec+zgod)) - sin(float(vpms-vmls+vch)) - sin(float(vpms-vmls))) + tkrd;
 return(tk);
}
```

Тавре мебинем, ба протседура номи ***adnat()*** гузошта шудааст ва аз ягон параметр вобаста нест. Пас аз иҷрои он танҳо қимати тағйирёбандаи ***tk*** тавлид шуда, баргардонида мешавад. Типи додаи тағйирёбандаи ***tk*** ададии ҳақиқии ***float*** буда, ҳамзамон адади мусбат мегардад, зеро функсияи ***abs()*** истифода шудааст. Бояд қайд кард, ки ҳар замоне ба ин протседура аз матни асосии барнома мурочиат кунем, он қимати дигари тағйирёбандаи ***tk*** – ро бармегардонад ва яке аз хусусиятҳои методии методи Пулот аст.

Ба протседураи ***adnat()*** мурочиат карда, як адади ҳақиқии мусбатро тавлид намуда, соҳиби он адад мешаваем. Онро ба адади натуралӣ табдил дода, дар шакли муколамагӣ бо истифода аз ҷузъи идоракунии қайдҳои TLabel нигоҳ медорем. Сатрҳои ин қисми матни барномаро меорем:

```
double AdN;
 AdN=adnat();
while (AdN>33) AdN/=1.84; AdN=int(AdN); Label5 -> Caption=AdN;
```

Боз бори дигар ба протседураи ***adnat()*** мурочиат карда, соҳиби дигар адади ҳақиқии мусбат мегардем. Онро ба адади натуралӣ табдил дода, ба тағйирёбандаи ***AdN***, ки пеш аз ин маълум шуда буд, зарб мезанем. Қимати ҳосилшударо аз нав дар ҳамон ҷузъи идоракунии қайдҳои TLabel нигоҳ медорем, яъне ҷузъи ***Label5***. Сатрҳои ин қисми матни барномаро меорем:

```
AdN=adnat();
while (AdN>20) AdN/=1.53; AdN=int(AdN);
AdN*=StrToInt(Label5 -> Caption); Label5 -> Caption=AdN;
```

Супоришҳо дар китобҳои дарсии математикаи синфи 6 оид ба ёфтани тақсимкунандаҳои адади натуралӣ ба чунин мазмун омадаанд, ки ё шумораи аниқ, ё якчанд тақсимкундаҳоро ихтиёрӣ мепурсанд [18, с. 9], [1, с. 11], [2, с. 8], [4, с. 14]. Адади охирони ***AdN***, ки ҳамчун супориш барои ёфтани тақсимкунандаҳояш ба хонанда пешниҳод мегардад, ақалан соҳиби 4 тақсимкунанда мегардад. Инро исбот мекунем. Адади ***AdN***, ки бори аввал тавлид мегардад, ақалан соҳиби ду тақсимкунанда аст, 1 ва худи адад. Адади дуюме, ки тавлид мегардад, он низ дорои ду тақсимкунанда аст, 1 ва худи адад. Адади охироне, ки барои супориш пешниҳод мегардад, ақалан соҳиби чор тақсимкунанда аст: 1, адади якум, адади дуюм ва худаш. Инро ба инобат гирифта, бо мақсади боз ҳам объективона

гардонидани пешниҳоди шарти супориши кори санҷишӣ, матни супоришро “Дилхоҳ 4 тақсимкунандаҳои адади ... –ро ёбед” ё “Ҳама тақсимкунандаҳои адади ... –ро ёбед” мегузорем. Дар умум аз хонанда тавассути барномаи компютерӣ ёфтани 4 тақсимкунанда пурсида мешавад. Сатрҳои ин қисми матни барномаи компютериро меорем:

int mtq, tqk;
mtq=0; tqk=int(AdN); for (int p = 2; p < tqk; p++) {if (tqk%p==0) mtq+=1;}
if (mtq<3) Label3 -> Caption = "1. "+Label4 -> Caption + Label5 -> Caption + Label6 -> Caption;
else Label3 -> Caption = "1. "+Label8 -> Caption + Label5 -> Caption + Label6 -> Caption;

Аз ин қисми матни барномаи компютерӣ айён аст, ки дар он якчанд ҷузъи идоракунии қайдҳои Tlabel истифода шудаанд. Қимати хосияти ***Caption*** –и онҳоро, ки дар марҳилаи коркарди таъминоти барномавӣ тариқи дастӣ гузошта шудаанд, меорем:

Label4 -> Caption=”Ҳама тақсимкунандаҳои адади”;
Label6 -> Caption=”-ро ёбед.”;
Label8 -> Caption=”Дилхоҳ 4 тақсимкунандаҳои адади”.

Барномаи компютерӣ бояд ба хонанда имкон диҳад, ки ҷавобҳоро ба барнома барои тафтиш ворид кунад. Бо ин мақсад дар ин шакли муколамагӣ ҷузъи идоракунии қайдҳои Tlabel –ро бо қимати хосияти ***Caption*** –аш “Ҷавобҳо:” илова мекунем. Дар рости он боз чор ҷузъи идоракунии майдони матнии TEdit –ро илова мекунем. Дар ин марҳила қимати хосияти ***Text*** –ашон холӣ мебошанд. Ин майдонҳо барои аз тарафи хонанда воридкунии ҷавобҳо истифода бурда мешаванд. Аз баски ҷавобҳо танҳо ададҳои натуралианд, яъне аз рақамҳо иборатанд, пас қимати хосияти ***NumberOnly*** –и онҳоро ***True*** мегузорем. Ин қисми лоиҳаи таъминоти барномавиро аз компилятсия мегузаронем, ки намуна аз натиҷаҳояш дар расми 1 оварда шудаанд.



а)



б)

Расми 1. Намунаи вариантҳои супориши якум

Айнан ҳаминтавр тавассути барномаи компютерӣ ба хонанда боз як адади дигарро пешниҳод мекунем, ки тақсимкунандаҳои онро ёбад. Ин адад аз адади дар супориши якум пешниҳодшуда ҳатман фарқ мекунад. Бо ин мақсад аз ҳамон протседураи сохтаамон ***adnat()*** истифода мебарем. Матни барномаашро меорем:

AdN=adnat();
while (AdN>37) AdN/=1.77; AdN=int(AdN); Label14 -> Caption=AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>24) AdN/=1.61; AdN=int(AdN); AdN*=StrToInt(Label14 -> Caption);
if (AdN==StrToInt(Label5 -> Caption)) AdN+=10; Label14 -> Caption=AdN;
mtq=0; tqk=int(AdN); for (int p = 2; p < tqk; p++) {if (tqk%p==0) mtq+=1;}
if (mtq<3) Label11 -> Caption = "2. "+Label4 -> Caption + Label14 -> Caption + Label6 -> Caption;
else Label11 -> Caption = "2. "+Label8 -> Caption + Label14 -> Caption + Label6 -> Caption;

Намунаи вариантҳои тавлидшаванди супориши дуюм бо истифода аз ин қисми матни барнома дар расми 2 оварда шудааст.



а)



б)

Расми 2. Намунаи вариантҳои супориши дуюм

Хонандагон дар мавзуъҳои минбаъда оид ба тақсимкунандаҳо ва каратиҳо бо мафҳуми тақсимкунандаҳои умумии ду ва зиёда адад шинос шуда, дар худ донишҳои муайянеро ташаккул медиҳанд [18, с. 10], [1, с. 13], [2, с. 10], [4, с. 16]. Бо мақсади арзёбии объективонаи сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда, дар барномаи компютерии мазкур чунин супоришро ҳамчун супориши сеюм ҷой медиҳем. Он аз ду зерсупориш иборат мебошад. Барномаи компютерӣ ба хонанда бояд ду адади натуралиеро пешниҳод намояд, ки ақалан ду тақсимкунандаи умумӣ дошта бошанд, ба ғайр аз 1. Бо истифода аз протседураи ***adnat()*** ин ду адаро тавлид намуда, дар шакли муколамагии барномаи компютерӣ инъикос менамоем. Матни ин қисми барномаи компютериро таҳия менамоем:

```
AdN=adnat();
while (AdN>17) AdN/=1.59; AdN=int(AdN); Label16 -> Caption=AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>19) AdN/=1.49; AdN=int(AdN);
if (AdN==StrToInt(Label16 -> Caption)) AdN+=5; Label18 -> Caption= AdN;
 AdN=adnat();
while (AdN>11) AdN/=1.17; AdN=int(AdN);
 Label16 -> Caption=AdN*StrToInt(Label16 -> Caption); Label18 -> Caption=AdN*StrToInt(Label18 -> Caption);
AdN=adnat();
while (AdN>14) AdN/=1.21; AdN=int(AdN);
 Label16 -> Caption=AdN*StrToInt(Label16 -> Caption); Label18 -> Caption=AdN*StrToInt(Label18 -> Caption);
```

Зерсупориши дуюми супориши сеюмро ин тавр барномасозӣ намуда, ду адади натуралиро тавлид менамем:

```
AdN=adnat();
while (AdN>17) AdN/=1.59; AdN=int(AdN); Label16 -> Caption=AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>19) AdN/=1.49; AdN=int(AdN);
if (AdN==StrToInt(Label16 -> Caption)) AdN+=5; Label18 -> Caption= AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>11) AdN/=1.17; AdN=int(AdN);
 Label16 -> Caption=AdN*StrToInt(Label16 -> Caption); Label18 -> Caption=AdN*StrToInt(Label18 -> Caption);
AdN=adnat();
while (AdN>14) AdN/=1.21; AdN=int(AdN);
 Label16 -> Caption=AdN*StrToInt(Label16 -> Caption); Label18 -> Caption=AdN*StrToInt(Label18 -> Caption);
AdN=adnat();
while (AdN>10) AdN/=1.48; AdN=int(AdN); Label22 -> Caption=AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>11) AdN/=1.29; AdN=int(AdN);
if (AdN==StrToInt(Label22 -> Caption)) AdN+=5; Label24 -> Caption= AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>13) AdN/=1.11; AdN=int(AdN);
 Label22 -> Caption=AdN*StrToInt(Label22 -> Caption); Label24 -> Caption=AdN*StrToInt(Label24 -> Caption);
AdN=adnat();
while (AdN>15) AdN/=1.3; AdN=int(AdN);
 Label22 -> Caption=AdN*StrToInt(Label22 -> Caption); Label24 -> Caption=AdN*StrToInt(Label24 -> Caption);
```

Методикаи барномасозии коркардаамон кафолат медиҳад, ки ақалан яке аз ададҳои супориши 3 б) аз супориши 3 а) ҳатман фарқ мекунад. Намунаи варианти бо ин сатрҳои матни барномаи компютерӣ тавлидшуда дар расми 3 оварда шудааст. Дар рости супоришҳо, монанд ба супориши якум, матни “Ҷавобҳо:” ва боз дутогӣ ҷузъи идоракунии майдони матнии TEdit илова гардидаанд, ки дар он майдонҳо хонанда ҷавобҳоро ворид мекунад.



Расми 3. Намунаи супоришҳои сеюм

Дилхоҳ адади натуралӣ миқдори беохири каратиҳоро дорост [1, с. 17], [2, с. 18], [4, с. 11]. Инро ба инобат гирифта, супоришро оид ба ёфтани каратиҳои адад чунон барномасозӣ мекунем, ки он ба хонанда як ададро пешниҳод карда, чорто каратии дилхоҳашро мепурсад. Яъне монанд ба супориши якум аст, вале барномасозиаш каме сабуктар аст. Супориши чорум аз ду зерсупориши бо ҳам монанд иборат аст. Протседураи ***adnat()*** –ро даъват намуда, як адади ҳақиқиро тавлид мекунем. Онро дар матни барномаи асосӣ ба адади натуралӣ табдил дода, бо истифода аз ҷузъи идоракунии қайдҳои Tlabel дар шакли муколамагӣ инъикос менамоем. Ин қисми матни барномаро меорем:

```
AdN=adnat();
while (AdN>169) AdN/=1.38; AdN=int(AdN); Label28 -> Caption=AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>139) AdN/=1.49; AdN=int(AdN); if (AdN==StrToInt(Label28 -> Caption)) AdN+=3;
Label31 -> Caption=AdN;
```

Аз матни барнома айён аст, ки ададҳои барои супоришҳои 4-ум тавлидшаванда аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Намунааш дар расми 4 оварда шудааст. Дар рости ҳар як супориш, монанд ба супориши якум, матни “Ҷавобҳо:” ва боз чортогӣ ҷузъи идоракунии майдони матнии TEdit илова гардидаанд, ки дар он майдонҳо хонанда ҷавобҳоро ворид мекунад.



Расми 4. Намунаи супоришҳои чорум

Дилхоҳ ду адади натуралӣ миқдори беохири каратиҳои умумиро доро буда метавонанд [1, с. 18], [2, с. 19], [4, с. 12]. Супориши панҷуми кори санҷишӣ ба ёфтани каратиҳои умумии ду адади натуралӣ равона гардида, онро ин тавр барномасозӣ мекунем. Барномаи компютерӣ ба хонанда ду адади гуногунро пешниҳод карда, дуто каратии умумии дилхоҳашонро мепурсад. Супориши панҷум дорои ду зерсупориши бо ҳам монанд иборат буда, ададҳои барои супориши 5 б) тавлидшаванда ақалан яктояш аз супориши 5 а) фарқ мекунад. Барои барномасозии супориши панҷум протседураи ***adnat()*** –ро даъват намуда, як адади ҳақиқиро тавлид мекунем. Баъдан ба адади натуралӣ табдил дода, бо истифода аз ҷузъи идоракунии қайдҳои Tlabel дар шакли муколамагӣ инъикос менамоем. Ин қисми матни барномаро меорем:

```
AdN=adnat();
while (AdN>21) AdN/=1.34; AdN=int(AdN); Label35 -> Caption=AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>23) AdN/=1.27; AdN=int(AdN);
if (AdN==StrToInt(Label35 -> Caption)) AdN+=7; Label37 -> Caption= AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>6.7) AdN/=1.17; AdN=int(AdN);
Label35 -> Caption=StrToInt(Label35 -> Caption)*AdN;
Label37 -> Caption=StrToInt(Label37 -> Caption)*AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>20) AdN/=1.23; AdN=int(AdN);
if (AdN==StrToInt(Label35 -> Caption)) AdN+=9; Label41 -> Caption=AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>17) AdN/=1.25; AdN=int(AdN);
if (AdN==StrToInt(Label41 -> Caption)) AdN+=8; Label43 -> Caption= AdN;
AdN=adnat();
while (AdN>6.6) AdN/=1.19; AdN=int(AdN);
Label41 -> Caption=StrToInt(Label41 -> Caption)*AdN;
Label43 -> Caption=StrToInt(Label43 -> Caption)*AdN;
```

Протседураи ***adnat()***, ки дар ин қисми матни барнома барои тавлиди супоришҳои а) ва б) бори охирон истифода мешавад, боз як адади натуралиро тавлид намуда, ба ҳар ду адади дар аввал тавлид шуда зарб зада мешавад. Ин кафолат аз он медиҳад, ки ададҳои барои

супориш пешниҳод шуда дорои каратии умумӣ мегарданд. Дар расми 5 як варианти супоришҳои панҷуми кори санҷишӣ оварда шудааст, ки тавассути ин қисми барномаи компютерӣ тавлид гардидаанд.



Расми 5. Намунаи варианти супоришҳои панҷум

Марҳилаҳои барномасозии тавлиди супоришҳо, дар шакли муколамагӣ ҷой додани онҳо ва инъикоси онҳо дар экрани компютер ба анҷом расид. Методикаи коркардаи барномасозии компютериамон дар ин марҳилаҳо бисёр имконоти хубро фароҳам меорад, ҳам барои омӯзгорон ва ҳам барои хонандагон. Баъзе аз онҳоро дар муқоиса бо барномаҳои дигари компютерии арзёбии сатҳи донишҳо дида мебароем.

Ташкили бонки супоришҳо дар барномаҳои дигари компютерӣ барои ташкил ва гузаронидани кори санҷишӣ зарур аст ва он бонки супоришҳоро бевосита омӯзгор худаш заҳмат кашида, тайёр намуда, ба пойгоҳи додаҳои барномаи компютерӣ ворид месозад. Барномаи компютерии бо методи Пулот сохтаамон ягон зарурат ба ташкили бонки супоришҳоро надорад. Барномаи компютерӣ тибқи алгоритм ва методикаи коркардаамон супоришҳоро тавлид намуда, дар экрани компютер инъикос менамояд. Дар барномаи компютерии то ин қисми кор сохтаамон якрангии супоришҳо таъмин гардида, тағйирпазирии ҳама параметрҳои ададии воридшаванда ва баъзе шартҳо ҳангоми тавлидкунӣ бо методи Пулот амалӣ мегардад. Ин ҳама асос барои пешгирии аз ҳам рӯйбардокунӣ ва пешгирӣ аз азёдкунии механикии хонандагон мегардад ва сабуки ба омӯзгори фаннӣ аст. Омӯзгор танҳо то гузаронидани кори санҷишӣ методикаи ҳалли супоришҳоро таълим медиҳад ва ҳангоми гузаронидани кори санҷишӣ ягон заҳмат намекашад.

4. Санҷиши дурустии ҷавобҳо ва эълони баҳо бо ёрии барномаи компютерӣ

Вариантҳои ҷавобҳои дуруст ва нодуруст, ҳамчунин низоми баҳогузорӣ дар барномаҳои компютерии мавҷуда пешакӣ тартиб дода шуда, дар пойгоҳи додаҳо сабт мегарданд ва нигоҳ дошта мешаванд. Дар барномаи компютерии сохтаамон ин ҳолат дида намешавад. Зеро барномаи компютерии сохтаамон, тибқи алгоритми ба он воридшуда, худаш дурустӣ ё нодурустии ҷавобро муайян карда, баҳоро эълон мекунад. Бинобар ин барномасозии кори санҷишӣ оид ба мавзуи “Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо” –ро давом дода, дар марҳилаҳои минбаъда технологияи санҷиши дурустии ҷавобҳои дохилкардаи хонандаро барномасозӣ мекунем.

Барномасозиро аз санҷиши дурустии ҷавобҳои супориши якум оғоз мекунем. Як тугмаи амриро ба шакли муколамагӣ илова намуда, номи матнии онро, масалан, “**Санҷиш**” мегузорем. Ба протседураи ин тугмаи амрӣ ворид мегардем. Санҷиш тавассути барномаи компютерӣ танҳо ҳамон вақт сурат мегирад, ки агар ҷавоб дохил карда шуда бошад. Супориши якум аз чор ҷавоб иборат аст. Хонанда метавонад як ҷавобашро, ё якчанд ҷавобашро, ё ҳама ҷавобҳояшро ворид карда бошад. Бинобар ин ҳар яки он ҷавобҳоро тавассути барномаи компютерӣ санҷидан зарур аст. Барои ҳар як ҷавоби дуруст, масалан, 3 холӣ мегузорем. Барои ҷавоби нодуруст ё дохил нашуда хол намегузорем. Бо мақсади сабукӣ овардан ба омӯзгори фаннӣ, ҳангоми барномасозӣ аз усули рангрезии майдони матнӣ истифода мебарем. Ранги майдоне, ки ҷавоби дохилгардида дуруст аст, бо ранги сабз рангрезӣ мекунем. Майдоне, ки дар он ҷавоби дохилкардашуда нодуруст аст, бо ранги сурх рангрезӣ мегардад. Ин ба муаллими фаннӣ имкон медиҳад, ки аз ҳар ҷойи нишаст ё исташ дар синфхона назорат кардани раванди кори санҷиширо осонтар кунад. Аллакай дар раванди кори санҷишӣ хулосабарорӣ кардан мегирад, ки кадоме аз хонандагон супоришҳоро дуруст иҷро карда истодаанд. Матни ин қисми барномаи компютериро меорем:

```
int jb, ad, hl=0, jb1=0, a1=0, a2=0, a3=0;
ad=StrToInt(Label5 -> Caption); AnsiString jvb = Edit1 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a1=jb;
 if (ad%jb == 0) {Edit1 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit1 -> Color = clRed; }
 jvb = Edit2 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a2=jb;
 if (ad%jb == 0 && a2!=a1) {Edit2 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit2 -> Color = clRed; }
 jvb = Edit3 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a3=jb;
```

```
 if (ad%jb == 0 && a3!=a1 && a3!=a2) {Edit3 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit3 -> Color = clRed; }
 jvb = Edit4 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb);
 if (ad%jb == 0 && jb!=a1 && jb!=a2 && jb!=a3) {Edit4 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit4 -> Color = clRed; }
```

Ҳамчунон барои супориши якум санҷида мешавад, ки мабодо дар чор майдон ё баъзеҳояш ҷавобҳои якхела ворид нагарданд. Дар ин маврид танҳо якеашро дуруст меҳисобем. Бо ин мақсад тағйирёбандаҳои ёрирасони типашон бутуни ***a1, a2, a3*** истифода шудаанд. Чор адад, ки ҷавобҳои дохилшавандаанд, бояд ҳатман гуногун бошанд ва ин талаботи методӣ аст. Ин аз назарияи методикаи таълими математика ва информатика бармеояд.

Санҷиши ҷавобҳои барои супориши дуюм аз тарафи хонанда воридкардашуда айнан ҳаминтавр барномасозӣ карда мешавад. Ҳамон тағйирёбандаҳои дар супориши якум тавсиф ва истифода шуда, дар супориши дуюм истифода мегарданд. Зарурат ба тавсифкунию воридкунии дигар тағйирёбандаҳо нест.

Ҷавобҳои барои супориши сеюм ворид мешуда дар асоси шарт бояд аз 1 фарқ кунанд ва ҳар ду адади додашуда ба онҳо бебақия тақсим шаванд. Яъне қимати амали бақия аз тақсим бояд ба *0* баробар гардад. Бо ҳисоби ин талабот қисми матни барномаи компютерӣ барои санҷиши ҷавобҳои воридшудаи супоришҳои сеюмро тартиб медиҳем:

```
// Санҷиши ҷавобҳои супориши сеюм а)
 ad=StrToInt(Label16 -> Caption); a1=StrToInt(Label18 -> Caption);
 jvb = Edit9 -> Text; a2=0;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a2=jb;
 if (jb != 1 && ad%jb == 0 && a1%jb == 0) {Edit9 ->Color = clLime; hl+=5;} else Edit9 -> Color = clRed; }
 jvb = Edit10 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb);
 if (jb != 1 && jb != a2 && ad%jb == 0 && a1%jb == 0) {Edit10 ->Color = clLime; hl+=5;} else Edit10 -> Color = clRed; }
// Санҷиши ҷавобҳои супориши сеюм б)
 ad=StrToInt(Label22 -> Caption); a1=StrToInt(Label24 -> Caption);
 jvb = Edit11 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a2=jb;
 if (jb != 1 && ad%jb == 0 && a1%jb == 0) {Edit11 ->Color = clLime; hl+=5;} else Edit11 -> Color = clRed; }
 jvb = Edit12 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb);
 if (ad%jb == 0 && jb != a2 && a1%jb == 0) {Edit12 ->Color = clLime; hl+=5;} else Edit12 -> Color = clRed; }
```

Санҷиши дурустии ҷавобҳои барои супориши чорум а) ва б) дохилшаванда монанд ба санҷиши ҷавобҳои супоришҳои якум ва дуюм барномасозӣ карда мешаванд. Фарқаш дар он аст, ки оё ададҳои аз тарафи хонанда ҳамчун ҷавоб дохил карда шуда ба адади додашуда тақсим мешаванд ё не. Гуногунии ҷавобҳои ба ҳар чор майдон воридшаванда монанд ба ҷавобҳои супоришҳои якум ва дуюм санҷида мешаванд. Ин қисми матни барномаи компютериро меорем:

```
// Санҷиши ҷавобҳои супориши чорум а)
 ad=StrToInt(Label28 -> Caption); jvb = Edit13 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a1=jb;
 if (jb%ad == 0) {Edit13 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit13 -> Color = clRed; }
 jvb = Edit14 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a2=jb;
 if (jb%ad == 0 && a2!=a1) {Edit14 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit14 -> Color = clRed; }
 jvb = Edit15 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a3=jb;
 if (jb%ad == 0 && a3!=a1 && a3!=a2) {Edit15 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit15 -> Color = clRed; }
 jvb = Edit16 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb);
 if (jb%ad == 0 && jb!=a1 && jb!=a2 && jb!=a3) {Edit16 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit16 -> Color = clRed; }
// Санҷиши ҷавобҳои супориши чорум б)
```

```
ad=StrToInt(Label31 -> Caption); jvb = Edit17 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a1=jb;
 if (jb%ad == 0) {Edit17 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit17 -> Color = clRed; }
 jvb = Edit18 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a2=jb;
 if (jb%ad == 0 && a2!=a1) {Edit18 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit18 -> Color = clRed; }
 jvb = Edit19 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a3=jb;
 if (jb%ad == 0 && a3!=a1 && a3!=a2) {Edit19 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit19 -> Color =
clRed; }
 jvb = Edit20 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb);
 if (jb%ad == 0 && jb!=a1 && jb!=a2 && jb!=a3) {Edit20 ->Color = clLime; hl+=3;} else Edit20 -
> Color = clRed; }
```

Санҷиши дурустии ҷавобҳо, ки барои супориши панҷум а) ва б) ёфта шуда, дохил карда мешаванд, монанд ба санҷиши ҷавобҳои супоришҳои сеюм мебошанд. Бинобар ин мисли санҷиши ҷавобҳои супориши сеюм барномасозӣ карда мешаванд. Фарқаш дар он аст, ки оё ададҳои аз тарафи хонанда ҳамчун ҷавоб дохил карда шуда ба ҳар ду ададҳои додашуда тақсим мешаванд ё не. Ин ҷо низ шарти гуногун будани ҷавобҳои ба ҳар ду майдон воридшаванда ба инобат гирифта шуда, санҷида мешаванд. Ин қисми матни барномаи компютериро меорем:

```
// Санҷиши ҷавобҳои супориши панҷум а)
 ad=StrToInt(Label35 -> Caption); a1=StrToInt(Label37 -> Caption);
 jvb = Edit21 -> Text; a2=0;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a2=jb;
 if (jb%ad == 0 && jb%a1 == 0) {Edit21 ->Color = clLime; hl+=5;} else Edit21 -> Color = clRed;}
 jvb = Edit22 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb);
 if (jb != a2 && jb%ad == 0 && jb%a1 == 0) {Edit22 ->Color = clLime; hl+=5;} else Edit22 ->
Color = clRed;}
// Санҷиши ҷавобҳои супориши панҷум б)
 ad=StrToInt(Label41 -> Caption); a1=StrToInt(Label43 -> Caption);
 jvb = Edit23 -> Text; a2=0;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb); a2=jb;
 if (jb%ad == 0 && jb%a1 == 0) {Edit23 ->Color = clLime; hl+=5;} else Edit23 -> Color = clRed;}
 jvb = Edit24 -> Text;
if (!jvb.IsEmpty()) {jb1+=1; jb=StrToInt(jvb);
 if (jb != a2 && jb%ad == 0 && jb%a1 == 0) {Edit24 ->Color = clLime; hl+=5;} else Edit24 ->
Color = clRed;}
```

Тавре аз қисмати матнҳои овардашудаи барномаи компютерӣ оид ба санҷиши ҷавобҳо маълум мегардад, ба ҷавоби дуруст воридшуда хол гузошта мешавад. Ҷамъи максималии холҳо 88 хол мебошад. Вобаста ба холҳои ба даст овардаи хонанда, баҳои ӯро аз рӯйи низоми 5 хола интавр маълум мекунем. Ҳангоми ба даст овардани холи максималӣ, яъне 88 хол, танҳо дар ҳамин маврид ба ӯ баҳои 5 (Аъло) мегузорем. Ҳангоми 64 хол ва зиёда аз он гирфтан (то 88) ба хонандагон баҳои 4 (Хуб) мегузорем. Ҳангоми на зиёда аз 6 хол ба даст овардан, ба хонанда баҳои 2 (бад) гузошта мешавад. Дар ҳолатҳои дигар баҳои 3 (Қаноатбахш) гузошта мешавад. Баҳои хонанда дар поёни шакли муколамагӣ инъикос карда мешавад. Матни барномаи компютериро дар қисмати муайянкунӣ ва эълони баҳо меорем:

```
if (jb1>0) { Label45 -> Font -> Color = clRed; Label46 -> Font -> Color = clRed; Label46 ->
Caption = “2 (Бад)”;
 if (hl>6 && hl<64) {Label45 -> Font -> Color = clMaroon; Label46 -> Font -> Color = clMaroon;
Label46 -> Caption = “3 (Қаноатбахш)”;}
 if (hl>=64 && hl<88) {Label45 -> Font -> Color = clBlue; Label46 -> Font -> Color = clBlue;
Label46 -> Caption = “4 (Хуб)”;}
 if (hl==88) {Label45 -> Font -> Color = clGreen; Label46 -> Font -> Color = clGreen; Label46 ->
Caption = “5 (АЪЛО)”; } }
```

Намуди ниҳоии муҳити кории барнома ва шакли муколамагии он, ки пас аз компилятсияи пурраи лоиҳаи таъминоти барномавии сохта шуда ҳосил мегардад, дар Расми 6 оварда шудааст. Барномаи компютерии сохташуда танҳо аз як файли барномавии замимаи Windows иборат аст. Ҳангоми ба кор омода намудани он расми 6 кушода мешавад. Хонанда шарти супоришҳоро хонда баромада, онҳоро иҷро мекунад. Тарзи корбарӣ бо ин барномаи компютерии сохташуда ба корҳои пештараамон [7], [8], [14], [15] монанд аст.



Расми 6. Муҳити кории барнома

Барномаи компютерии бо методи Пулот барномасозӣ шуда сохти меъмории хеле содаро дорост. Сохти меъмории барномаи компютерии сохташуда аз якчанд модулҳои дарунсохт иборат буда, инҳоро таъмин менамояд:

1. Муайнкунии сана ва вақти дар системаи компютер буда – ҳангоми ба кор омода намудани барномаи компютерӣ ва ё пахши тугмаи амрии “Вариант” зуд муайян мегарданд.

2. Тавлиди супоришҳо – супоришҳо дар асоси протседурае, ки бо методи Пулот барномасозӣ шудааст, тавлид мегарданд. Дар аввал қимати параметрҳои воридшаванда тавлид мегарданд ва варианти кори санҷишӣ зуд дар шакли муколамагӣ ҷойгир гардида, инъикос карда мешаванд. Дар давоми камтарини вақт бо сония ё миллисония амалӣ мегардад, вобаста ба иқтидори компютер.

3. Муҳити муошарати хонанда – муошарати хонанда бо компютер дар сатҳи баланд барномасозӣ шудааст, зеро хонанда танҳо шарти супоришҳоро хонда, дар майдонҳои муайяни матнӣ танҳо ҷавобҳоро дохил мекунад.

4. Идоракунии санҷиш, арзёбӣ ва таҳлил – ҳар як ҷавоби дохилкардаи хонанда санҷида шуда, дурустии он арзёбӣ мегардад ва дар охир баҳои хонанда эълон мегардад.

5. Натиҷаҳо ва муҳокима

Истифодаи барномаи компютерии сохташуда оид ба арзёбии донишҳои ташаккулдодашудаи хонандагон доир ба мавзуи “Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо” дар раванди гузаронидани кори санҷишӣ ягон мушкилиро ба миён наовард. Барномаи компютерӣ тариқи анъанавӣ бо методи C&P ба компютерҳои синфхона сабт карда мешаванд ё тариқи шабака ва иҷозатдиҳӣ сурат мегирад [7]. Ҳар як хонанда худаш мустақилона барномаи компютериро ба кор омода менамояд. Варианти супориш фавран тавлид гардида, инъикос меёбад. Агар омӯзгори фаннӣ дар тахтаи синфӣ нависад, пас чӣ қадар вақт харҷ мегардад? Ин як беҳбудӣ дар раванди кори санҷишӣ ва имконот ба хонандагон аст. Хонанда ба ҳалли супоришҳои кори санҷишӣ оғоз менамояд. Ҷавобҳои ёфтаашро метавонад дар алоҳидагӣ, ё гурӯҳӣ, ё ҳамаашро якбора санҷад. Барномаи компютерии бо методи Пулот сохташударо оид ба “Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо” дар МТМУ №12 ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе аз озмоиш гузаронидем.

Дар натиҷа ҳангоми мушоҳидаҳо маълумоти зиёдеро ба даст оварда, коркард намудем. Коркарди маълумоти ба дастовардашуда дар раванди гузаронидани кори санҷишӣ оид ба тақсимкунандаҳо ва каратиҳо нишон дод, ки:

- сатҳу сифати таълими мавзуъ афзоиш ёфтааст;
- самаранокии омӯзиши мавзуъ афзоиш ёфтааст;
- раванди кори санҷишӣ фардӣ гардонида шудааст;
- объективии назорат ва санҷиши дониш афзоиш ёфтааст;
- сатҳи мустақилияти хонандагон афзоиш ёфтааст;
- хонандагон зуд баҳои худро мефаҳмиданд;

➢ агар хато содир карда бошанд ва баҳои паст гирифта бошанд, зуд аз паси ислоҳи хатоҳо дар вақти муқарраргардидаи кори санҷишӣ мешуданд (дар давоми ҳамон 45 дақиқа);

➢ хонандагони сустхон завқманди омӯзиши математика ва барномаҳои компютерӣ шуданд, зеро бо ёрии дигар ҳамсинфонашон берун аз дарс барномаи компютериро истифода карда, дониш меомӯхтанд.

6. Тавсияҳои амалӣ барои муаллимон

Бандҳои барномаи компютериро пайдарҳам пас аз таълими мавзуъҳои муайян бо ташкили кори мустақилонаи ҷорӣ дар давоми вақти 5-7 дақиқа истифода баранд. Дар ин мавриди на баҳои ҷамъбастии эълоншаванда, балки ранги рангрезишавии майдони ҷавобҳоро ба ҳисоб мегиранд. Пас аз гузашти ҳар як марҳилаи таълим ва гузаронидани кори мустақилона оид ба арзёбии донишҳо хулосабарорӣ намоянд. Масалан, оид ба арзёбии сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда оид ба тақсимкунандаҳо, танҳо супоришҳои 1 ва 2-ро, ё инчунин 3-юмро иҷро намудан мумкин аст.

Омӯзгорон камбудиҳои дар раванди гузаронидани корҳои мустақилонаи ҳар як марҳила ошкоршударо таҳлил намоянд ва хулосабарорӣ намоянд. Роҳи ҳал ва бартарафкунии камбудиҳо то оғози кори санҷишӣ оид ба арзёбии объективона бо татбиқи методи Пулот ва барномаи компютерии сохташуда маълум карда шаванд. Пас аз таълими пурраи мавзуи “Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо” омӯзгори фаннӣ кори санҷишии ҷамъбастиро барои арзёбии объективонаи сатҳи донишҳои ташаккулдодашуда бо истифода аз барномаи компютерии сохташуда гузаронида метавонанд. Умуман, барномаи компютериро ҳамчун воситаи иловагӣ ва электронии таълим ва инчунин воситаи ивазкунандаи назорат ва санҷиши анъанавии дониш истифода баранд.

Хулоса. Сохтани барномаи компютерӣ барои арзёбии объективии донишҳои ташаккулдодашуда оид ба мавзуи “Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо” бо татбиқи методи Пулот як қадами муҳим дар навсозии рақамии таълими математикаи мактабӣ ва барномасозӣ мебошад. Сохтори барномаи компютерӣ ва супоришҳои он аз ҷиҳати методологӣ асоснок буда, гуногунии қимати параметрҳои супоришҳо ва низоми арзёбии объективӣ ба беҳтар шудани сифати таълим ва ташаккули ангезаи таълим мусоидат мекунад.

Адабиёт

1. *Виленкин, Н.Я. и другие. Математика. 6 класс, учебник. [Текст] // Н.Я. Виленкин, В.И. Жохов, А.С. Чесноков, С.И. Шварцбурд / — М.: Издательство: Мнемозина, 2013. – 288 с.*
2. *Виленкин, Н.Я. и другие. Математика. 6 класс, учебник, часть 1. [Текст] // Н.Я. Виленкин, В.И. Жохов, А.С. Чесноков, Л.А. Александрова, С.И. Шварцбурд / — 4-е изд., стер. — Москва : Просвещение, - 2024. – 161 с.*
3. *Воробьева, С. В. Оценивание результатов обучения в школе : учебник и практикум для вузов [Текст : электронный] // С.В. Воробьева / — 2-е изд. — Москва : Издательство Юрайт, 2025. — 577 с. — (Высшее образование). — ISBN 978-5-534-16124-3. // Образовательная платформа Юрайт [сайт]. — URL: https://urait.ru/bcode/568487.*
4. *Математика : 5 - 6-е классы : базовый уровень [Текст] // Методическое пособие к предметной линии М34 учебников по математике Н. Я. Виленкина, В. И. Жохова, А. С. Чеснокова и др / - 2-е изд., стер. — Москва : Просвещение, 2023. - 64 с.*
5. *Абидов, Р.Т. Асосҳои методии барномасозии компютерии кори санҷишӣ аз математикаи синфи 6 оид ба мавзуи “Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо” бо истифода аз методи Пулот [Матн] // Р.Т. Абидов / Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2026 с. №1 (27). С.219 – 225.*
6. *Назаров, А. П. Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] // Монография / А.П. Назаров. – Душанбе: Матбааи ҶДММ «Баҳманруд». - 2020. - 226 с. ISBN 978-99975-0-394-7.*
7. *Назаров, А. П. Компьютерная программа для проверки письменных контрольных работ по математике [Текст] / А.П. Назаров // Научно-практический журнал «Школьные технологии». – 2020. – №1. – С. 92-97.*
8. *Назаров, А. П. Компьютерная поддержка проведения проверочных работ по теме «Простые числа» [Текст] / А.П. Назаров // Научно-практический журнал «Информатика в школе». – 2020. – №9(162) – С. 59-62.*
9. *Назаров А.П., Раҷабов Ҳ.Х. Арзёбии объективонаи дониши хонандагони синфи сеюм оид ба муқоисаи ададҳо дар дарсҳои математика бо истифода аз барномаҳои компютерӣ [Матн] // А.П. Назаров, Ҳ.Х. Раҷабов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2020. №4. С. 210 – 217 (А4).*
10. *Назаров А.П., Раджабзода Х.Х. Разработка компьютерной программы для объективной оценки математических знаний и развития логического мышления учащихся начальных*

классов [Текст] // Материалы VIII Международной научной конференции "Информатизация образования и методика электронного обучения: цифровые технологии в образовании". Красноярск, 19–22 сентября 2024 г. Сиб. федер. ун-т, 2024. – 1452 с. Стр. 422-428.

11. *Назаров А.П., Абидов Р.Т. Барномасозии кори санҷиши №3 аз математика дар синфи 5-ум [Матн] // А.П. Назаров, Р.Т. Абидов / Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2025 с. №4 (26). С.103 – 107.*
12. *Назаров А.П., Моҳруи Абдулаҳад. Арзёбии объективонаи дониши хонандагони синфҳои 7-ум аз фанни физика зимни гузаронидани кори контролии №2 [Матн] // А.П. Назаров, Моҳруи Абдулаҳад / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2025. №6. С. 276-284. (А4).*
13. *Назаров А.П., Абидов Р.Т. Методикаи барномасозии кори санҷиши №2 аз математика дар синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] // А.П. Назаров, Р.Т. Абидов / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). 2025. №8. С. 301-307. (А4).*
14. *Назаров А.П. Разработка компьютерной программы, реализующей метод Пулат проверки знаний обучающихся по разветвляющимся алгоритмам [Текст] // А.П. Назаров / "ДИДАКТИКА МАТЕМАТИКИ: проблемы и исследования" Международный научный журнал (ВАК РФ). 2025. №1 (65). Стр. 12-20 УДК 37.091.26:004.421.2. DOI: 10.24412/2079-9152-2025-65-12-20*
15. *Назаров А.П., Абдукаримов М.Ф., Юсуфзода К.Б. Методикаи ташкили дарсҳои амалӣ ва корҳои санҷишӣ аз назарияи эҳтимолият дар мисоли мавзуи "Таърифи классикии эҳтимолият" [Матн] // А.П. Назаров, М.Ф. Абдукаримов, К.Б. Юсуфзода / Паёми Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон. 2024, №3 (52), С. 194-204 (А4). УДК. 371.3, 372.86*
16. *Нугмонов, М., Қурбонов, С.Р., Туронов, С. Стандарт ва барномаи фанни «Математика» барои синфҳои 5-11. - Душанбе: Маориф, 2018. - 87 с.*
17. *Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2015, № 494 тасдиқ шудааст. Тағйиротҳо: Қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.09.2018 № 483, аз 27.07.2024 № 430.*
18. *Шарифзода, А., Қодиров, Н. Математика. Китоби дарсӣ, синфи 6. [Матн] // А. Шарифзода, Н. Қодиров / – Душанбе. "Маориф"- 2023. – 228 с.*
19. *Назаров А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони C++ Builder. Китоби дарсӣ (Қисми 1) [Матн] // А.П. Назаров / – Душанбе. Матбааи "Мулквар"- 2026. – 320 с.*
20. *Назаров А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PasacalABC.Net. Китоби дарсӣ [Матн] // А.П. Назаров / – Душанбе, ҶДММ "МеҳроҷГраф" - 2021. – 756 с.*

ТАТБИҚИ МЕТОДИ ПУЛОТ ДАР БАРНОМАСОЗИИ КОРИ САНҶИШӢ ОИД БА МАВЗУИ "ТАҚСИМКУНАНДАҲО ВА КАРАТИҲО"

Дар ин мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таҳияи барномаи худкоршудаи компютерӣ барои арзёбии объективии дониши хонандагон дар мавзуи "Тақсимкунандаҳо ва каратиҳо", ки дар синфи шашуми муассисаи таҳсилоти умумӣ таълим дода мешавад, баррасӣ шудаанд. Асоси барномасозии кори санҷиширо татбиқи методи Пулот ташкил медиҳад. Дар он методикаи таълим, равишҳои равонӣ ва педагогӣ барои арзёбии объективии дониш, усулҳои муосири санҷиши худкоркардашуда, методикаи сохтани барномаи компютерӣ, сохтори бандҳои санҷишӣ, алгоритмҳои арзёбӣ ва тавсияҳои методӣ барои татбиқ дар раванди таълим таҳлил карда мешаванд. Пайдарҳамии марҳилаҳои сохтани барномаи компютерӣ коркард шудаанд. Матни баъзе аз қисматҳои барномаи компютерӣ оварда шуда, натиҷаи ниҳоии барномаи компютерӣ – шакли муколамагии он оварда шудааст.

Калидвожаҳо: тақсимкунандаҳо, каратиҳо, математика, синфи 6, методи Пулот, барномасозӣ, марҳилаҳои барномасозӣ, барномаи компютерӣ, санҷиши дониш, санҷиши объективӣ.

ПРИМЕНЕНИЕ МЕТОДА ПУЛАТА ПРИ ПРОГРАММИРОВАНИИ ПРОВЕРОЧНОЙ РАБОТЫ ПО ТЕМЕ «ДЕЛИТЕЛИ И КРАТНЫЕ»

В данной статье рассматриваются теоретические и практические аспекты разработки автоматизированной компьютерной программы для объективной оценки знаний учащихся по теме «Делители и каратные», изучаемой в шестом классе общеобразовательного учреждения. Основой для программирования проверочной работы является реализация метода Пулата. Анализируются методы обучения, психолого-педагогические подходы к объективной оценке знаний, современные методы автоматизированного контроля знаний, методология создания компьютерной программы, структура тестовых заданий, алгоритмы оценки и методические рекомендации по внедрению в образовательный процесс. Выработана последовательность этапов создания компьютерной программы. Представлен текст некоторых частей компьютерной программы, а также конечный результат работы программы – её диалогическая форма.

Ключевые слова: делители, кратные, математика, 6 класс, метод Пулат, программирование, этапы программирования, компьютерная программа, проверка знаний, объективное проверка.

APPLICATION OF THE PULAT METHOD IN PROGRAMMING A TEST WORK ON THE TOPIC "DIVIDERS AND MULTIPLES"

This article examines the theoretical and practical aspects of developing an automated computer program for objectively assessing students' knowledge on the topic "Divisors and Carats," taught in the sixth grade of a comprehensive school. The assessment programming is based on the implementation of the Pulat method. The article analyzes teaching methods, psychological and pedagogical approaches to objective assessment, modern methods of automated knowledge assessment, the methodology for creating the computer program, the structure of test items, evaluation algorithms, and methodological recommendations for its implementation in the educational process. A sequence of stages for creating the computer program is developed. The text of some parts of the computer program is presented, as well as the final result of the program's execution – its dialogic form.

Keywords: divisors, multiples, mathematics, 6th grade, Pulot method, programming, programming stages, computer program, knowledge testing, objective testing.

Дар бораи муаллиф
Абидов Рахимджон Тохирович
Ассистенти кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: abidovrahimjon@gmail.com

About the author
Abidov Rakhimjon Tokhirovich
Assistant of the Department of information and communication technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: abidovrahimjon@gmail.com

Об авторе
Абидов Рахимджон Тохирович
Ассистент кафедры информационных и коммуникационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: abidovrahimjon@gmail.com

ТДУ 372.8:81.3+004+373

АСОСҲОИ МЕТОДИИ ПАЙДАРҲАМ ТАЪЛИМДИҲИИ МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ДАВР ВА ОПЕРАТОРИ ДАВР БО ПЕШШАРТ ДАР БАРНОМАСОЗӢ БО ЗАБОНИ PASCALABC.NET

Назаров А. П., Умедҷони Х. Ғ.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Таълими барномасозии муосир истифодаи методҳои муассирро талаб мекунад, ки рушди мунтазами тафаккури алгоритмиро таъмин мекунанд. Омӯзиши сохторҳои даврӣ, аз ҷумла мафҳумҳои асосии давр дар барномасозӣ ва оператори давр бо пешшарт дар забони PascalABC.NET, ки навгониҳои васеъшударо дорад, аҳаммияти хоса дорад.

Мақсади тадқиқот. Таҳияи заминаи методологӣ барои таълими пайдарпайи мафҳумҳои асосии давр, оператори давр бо пешшарт дар забони барномасозии PascalABC.NET ва навовариҳои он.

Вазифаҳои тадқиқот. Таҳлили мафҳумҳои асосии давр дар барномасозӣ, хусусиятҳо ва навовариҳои оператори давр бо пешшарт дар забони PascalABC.NET; Таҳияи пайдарпайӣ барои омӯзиши мафҳумҳои асосии давр ва оператори давр бо пешшарт; Пешниҳоди методикаи таълим бо истифода аз низоми машқҳои амалӣ.

Аҳаммияти назариявӣ. Аҳаммияти назариявии тадқиқот дар асоснок кардани асосҳои методӣ барои таълими пайдарпайи сохторҳои даврӣ ва такмил додани равишҳо барои омӯзиши оператори давр бо пешшарт дар забони PascalABC.NET ва навгонӣ дар он мебошад.

Аҳаммияти амалӣ. Аҳаммияти амалии тадқиқот дар имконияти истифодаи методикаи таҳияшуда аз ҷониби омӯзгорони фанҳои информатика ва барномасозӣ барои баланд бардоштани самаранокии таълим ва инкишоф додани малакаҳои устувор дар алгоритмсозӣ ва барномасозӣ мебошад.

Асри XXI асри технологияи информатсионию рақамӣ буда, ба таълими барномасозии компютерӣ зич алоқаманд аст. Бинобар ин масъалаи таълими босифати барномасозӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот масъалаи мубрами илмӣ аст. Таълими барномасозӣ дар муассисаҳои таълимӣ бо таълими алифбо ва типи додаҳо оғоз гардида, бо таълими операторҳои забони барномасозӣ идома меёбад [16], [19], [17]. Асоси барномасозиро таълими босифати забонҳои барномасозӣ ташкил медиҳанд [4**Ошибка! Источник ссылки не найден.**], [9], [10].

Мафҳумҳои асосие, ки дар раванди таълими барномасозии сохторашон даврӣ ба хонандагон таълим дода мешаванд, мафҳуми давр, сарлавҳаи давр, танаи давр ва итератсия ба ҳисоб мераванд. Ин ҳама мафҳумҳо дар операторҳои даврии забони барномасозии PascalABC.Net татбиқ карда мешаванд. Академик Лапчик М.П. гуфтааст “Паскал қариб дар ҳама ҷо забони барномасозии сохторӣ аст, ки барои таълими сатҳи мактабӣ истифода мешавад. Ин ҳама сабабҳо комилан асоснок аст ва кори худро ба ин забон маҳдуд мекунем. Методикаи таълими Паскал дар курси мактабӣ то андозае аз он вобаста аст, ки оё хонандагон қаблан бо унсурҳои Паскал (аз курси асосӣ) шинос гаштанд ё не. Агар ҷавоб ‘ҳа’ бошад, пас хонандагон эҳтимолан бо нақшаи асосии барномаи Паскал ва татбиқи алгоритмҳои одии хаттӣ, шоханок ва даврӣ ошно ҳастанд. Дар ҳар сурат, курси махсус бояд ҳамаи мавзуъҳоеро, ки Паскалро ташкил медиҳанд, фаро гирад, аммо методологияи таълим бояд инро ба назар гирад. Танзими сатҳи пешниҳод аз рӯйи дараҷаи тафсилот ва дақиқӣ, инчунин сатҳи масъалаҳое, ки ҳамчун мисолҳо ва супоришҳои мустақил пешниҳод карда мешаванд, мувофиқ аст. Чунон ки маълум аст, таҳлил ва ҳалли масъалаҳо дар таълими ҳама гуна намуди барномасозӣ нақши муҳим доранд” [4, с. 413].

Оғози таълим аз дохилкунии мафҳуми давр ибтидо мегирад. Омӯзгори фаннӣ мафҳуми даврро дохил карда, онро бо мисолҳо ба хонандагон меомӯзонад. **Давр** гуфта, дар барномасозӣ сохтори идоракунии дастурҳоеро меҳисобанд, ки дар он иҷроиши дастурҳо зиёда аз як маротиба такрор меёбанд. Ба маънои дигар, пайдарпайии сатрҳое, ки иҷроишашон зиёда аз як маротиба такрор меёбанд, даврро ташкил мекунанд. Ба хонандагон

меомӯзонанд, ки давр дорои сарлавҳа ва тана мебошад. Сатре, ки аз он давр оғоз меёбад, **сарлавҳаи давр** меноманд. Он қисми такроран иҷрошавандаи сатрҳоро **танаи давр** меноманд. Ҳар дафъаи иҷрошавии танаи даврро **итератсия** меҳисобанд. Як қоидаи барномаҳои давриро ба хонандагон меомӯзонанд.

“Барномаҳое, ки дар онҳо иҷрошавии ҳамон як қисме аз сатрҳояшон ду ва ё зиёда маротиба такрор меёбанд, барномаҳои сохторашон даврӣ мебошанд” [9, с. 258].

Ё қоидаи дигар “Барномаҳое, ки дар онҳо қисме аз операторҳои пайдарпай будаашон вобаста аз ягон параметр(ҳо) ва ё шарт(ҳо) зиёда аз як маротиба такроран иҷро мегарданд, барномаҳои даврӣ мебошанд. Ин қисми операторҳо танаи даврро ташкил медиҳанд” [10, с. 356]. Мо ҷонибдори ҳар ду таърифи овардашуда мебошем, зеро мантиқан ба ҳам монанданд.

Омӯзгори фаннӣ ба хонандагон мафҳумҳои сохтори даврро таълим медиҳад. Сарлавҳа дар барномаҳои даврӣ нишон медиҳад, ки танаи давр чанд маротиба ё вобаста аз ягон шарт то муҳлати муайян иҷро мегардад. Ё худ шарти иҷрошавӣ ё баохиррасии даврро нишон медиҳад. Танаи давр бошад, сатрҳое (операторҳое) ки бояд такроран иҷро гарданд, нишон медиҳад. Миқдори такрорёбиро (итератсия) тағйирёбандае идора мекунад, ки онро **ҳисобкунаки давр** меноманд. Оғози давр ва баохиррасии давр метавонад аз ҳисобкунаки давр вобаста бошад, метавонад не.

Методологияи таълими барномаҳои даврӣ, намудҳои давр ва операторҳои даврӣ дар омӯзиши барномасозӣ нақши муҳим доранд. Дар ин ҳолат бояд равишҳо ва марҳилаҳои асосиро таҳия кард, ки метавонанд ба методикаи таълим, пайдарҳамӣ ва системанокии таълим ва омӯзиши барномаҳои даврӣ ва операторҳои давр дохил карда шаванд. Мақсад ва вазифаҳои омӯзиши мавзуъҳои номбаршуда ба ташаккули мафҳуми амалҳои такрорӣ дар алгоритмҳо ва ҳисобҳо, намудҳои амалҳо ё даврҳои такрорӣ, инчунин азхудкунии сохтор, синтаксис ва технологияи кори операторҳои давр равона карда шудааст. Омӯзиши барномаҳои даврӣ имкон медиҳанд, ки малакаҳои барномасозӣ ва таҳлили амалҳои даврӣ ё такрорӣ, инчунин ташаккули тафаккури алгоритмӣ ҳангоми омӯзиши амалҳои даврию такрорӣ дар хонандагон инкишоф дода шаванд.

“Омӯзгори фаннӣ пайдарҳам ва аз ҷиҳати методӣ асоснок мафҳуми амалҳои такроршаванда ва давр, сарлавҳаи давр ва танаи даврро дохил намуда, ҷорӣ менамояд” [4, с. 279]. Дар хонандагон сатҳи муайяни донишҳои нав ташаккул меёбанд. Дар барномасозии амалҳои такрорӣ ё даврӣ сохтори идоракунии дастурҳо ё сатрҳои барнома мебошанд, ки дар он иҷрои дастурҳо зиёда аз як маротиба такрор карда мешавад. Ба ибораи дигар, пайдарпаии сатрҳо (операторҳо), ки иҷрои онҳо зиёда аз як маротиба такрор мешавад, даврро ташкил медиҳанд. Давр сарлавҳа ва тана дорад. Сатре, ки амали давр аз он оғоз мешавад, сарлавҳаи давр номида мешавад. Қисми такроршавандаи сатрҳоро танаи давр меноманд. Ҳар як иҷрои такрории танаи давр итератсия ҳисобида мешавад. Дар асоси ин таърифҳо, масалан, омӯзгор метавонад барномаҳои давриро чунин таъриф диҳад: ”Барномаҳое, ки дар онҳо иҷрои як қисми сатрҳо ё операторҳояшон ду ё зиёда маротиба такрор мешаванд, барномаҳои даврӣ номида мешаванд”. Омӯзгори фаннӣ ба хонандагон мерасонад, ки танаи давр дар ин барномаҳо метавонад холӣ бошад ва натиҷа каме таваққуф (пауза) аст.

Минбаъд омӯзгор бояд ин мафҳумҳоро дар барномасозӣ ба таври васеъ шарҳ диҳад. Сарлавҳа дар барномаҳои даврӣ нишон медиҳад, ки танаи давр чанд маротиба иҷро карда мешавад ё вобаста ба баъзе шартҳо чӣ қадар такрор мегарданд. Он ё ба ҳолати иҷро ё охири давр ишора мекунад. Танаи давр сатрҳоро (операторҳо) нишон медиҳад, ки бояд дубора такроран иҷро карда шаванд. Шумораи такрорҳо бо тағйирёбандае, ки параметр ё ҳисобкунаки давр номида мешавад, идора ва назорат карда мешавад. Оғоз ва анҷом, ё танаи давр метавонад аз параметри давр вобаста бошад, ё набошад. Омӯзгори фаннӣ ба хонандагон якчанд мисолу машқҳо оид ба барномасозии давриро мефаҳмонад ва дар асоси онҳо дониши назариявии гирифта ва ташаккулдодаашонро мустаҳкам мекунад. Омӯзгор метавонад аз ҷараёни таҳсил ва ҳаёт мисолҳо гирад. Намунаи одии барномаи даврӣ ҷадвали зарбкунии як рақам аст, масалан рақами 8. Хонандагон бо ин мисол аз курси математикаи синфи ибтидоӣ шиносанд. Дар ин мисол, ҳисобкунаки рақамҳо аз 1 то 10 параметри давр ҳисобида мешавад. Ин рақамҳо алоҳида ба рақами 8 зарб карда мешаванд. Мисоли дигарро оид ба прогрессияи арифметикӣ гирифтан мумкин аст, ки дар он, масалан, узви аввал ва фарқияти прогрессия дода шудааст, бояд 17 узви аввали прогрессия ёфта шаванд.

Сипас, машқи зеринро, ки бевосита ба курси барномасозӣ (информатика [8], [11]) алоқаманд аст, ҳал кардан мумкин аст: “ҳарфҳои русиро аз ‘А’ то ‘я’ ба экран бароред, аз аввал бо регистри болоӣ, сипас бо регистри поёнӣ. Дар қисми муқаддимавӣ ва омӯзишӣ, муаллим аз хонандагон мепурсад, ки ҳангоми ҳалли ин масъала кадом функсияи стандартиро истифода бурдан мумкин аст? Хонандагон бояд ҷавоб диҳанд, ки ин функсияи стандартии ChrAnsi(t) аст” [12, с. 203], [9, с. 131]. Акнун бояд муайян кард, ки параметри t аз кадом рақам оғоз меёбад, то ин функсия ҳарфи А-ро нишон диҳад. Ин рақам 192 аст ва дар ин ҳолат ҳарфҳои Ё ва ё ба назар гирифта намешаванд. Ва кай давр бояд ба итмом расад, то “я” охирин бошад ва ҳамин тавр тамом. Хонандагон бояд дуруст фикр кунанд ва бидонанд, ки дар алифбои русӣ 32 ҳарф (бе ҳарфҳои Ёё) мавҷуд аст. Пас қадами ниҳоии параметр ё ҳисобкунаки давр дар ин машқи барномасозӣ чунин хоҳад буд: 192+32+32-1=255. Пас дар ин машқ, қимати параметри оғози давр ба 192 баробар аст, қимати параметри охири давра ба 255 баробар аст ва қадами тағйир додани давр ба 1 баробар аст.

Дар ҳамаи мисолҳои овардашуда танаи давр, инчунин ибтидо ва охири давр аз параметри давр вобаста аст. Ҳамин тариқ, хонандагон донишҳои назариявии ташаккулёфтаи худро мустаҳкам мекунанд.

Марҳилаи навбатии муҳим дар таълим ва омӯзиши барномасозӣ омӯзиши даврҳои дохилиҳам гузошташуда мебошад, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки доираи васеи машқҳои барномасозӣ ҳал карда шаванд. Масалан, аз коркарди массивҳои дученака то тавлиди сохторҳои мураккаб ҳисоб кардан мумкин аст. Омӯзгори фаннӣ ба хонандагон мафҳумҳои даврҳои дохилиҳам гузошташуда ва истифодаи онро дар таҷрибаи барномасозӣ пайдарҳам ва системанок таълим медиҳад.

Омӯзгор намудҳои даврҳоро ба хонандагон омӯзонида, даврҳоро ба намудҳо ҷудо намуда, шарҳ медиҳад ва инчунин ба зергурӯҳҳо тақсим мекунад. Ду намуди барномаҳои даврӣ мавҷуданд: барномаҳои даврӣ бо параметр ва барномаҳои даврии шартӣ. Дар навбати худ, барномаҳои даврии шартӣ ба барномаҳои даврии пешшарт ва пасшарт тақсим карда мешаванд. “Омӯзгорро зарур аст, ки бо мақсади таълими босифати мафҳумҳои давр ва барномаҳои даврӣ аз воситаҳои электронии таълим истифода барад” [10**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с. 61], ба монанди рӯнамоҳо (расми 1) ва муҳити кории забони барномасозӣ. Таълим аз даврҳо бо параметр оғоз меёбад.



Расми 1. Намудҳои давр ва зернамудҳои он

Барномаҳои даврӣ бо параметрҳо ҳисобкунии даврӣ доранд, ки дар он қадами аввал, қадами охирин ва шумораи такроршавии давр пешакӣ маълуманд. Ин маънои онро дорад, ки шумораи такрорҳо (иҷрои танаи давр, итератсия, такрорҳо) пешакӣ маълум аст, ки хонандагон бояд ҳангоми барномасозӣ ба назар гиранд.

“Ибораҳои такрорӣ (ибораҳои даврӣ) барои ташкили иҷрои такрории амалҳо истифода мешаванд. Агар шумораи такрорҳои даврӣ маълум бошад ё ҳисоб карда шавад, истифодаи оператори For мувофиқ аст. Агар анҷоми давр аз иҷрои шарти муайян вобаста бошад, операторҳои While ва Repeat истифода мешаванд. Даврҳо аз ҷиҳати сохтор фарқ мекунанд ва ҳар кадоме барои синфи мушаххаси машқҳо истифода мешаванд” [7, с. 26].

Пас аз ташаккул ва бо даст овардани сатҳи муайяни дониш дар бораи давр ва даврҳо бо параметр, омӯзгори фаннӣ ба хонандагон ба омӯзонидани операторҳои давр бо параметр оғоз

мекунад. Методика ва пайдарҳамии таълими оператори давр бо параметр бо ҳисоби навгониҳояш дар кори [15] таҳия карда шудааст.

Дар оғози таълими даврҳои шартӣ, омӯзгор таълими онро метавонад аз ин машқ оғоз кунад: «*Ҷадвали квадрати ададҳоро аз 1 то 4 бо қадами 0,3 тартиб диҳед*».

Ҳал: дар назари аввал чунин хулоса кардан мумкин аст, ки барои сохтани барномаи ҳалли масъалаи мазкур аз оператори давр бо параметр истифода мебаранд. Вале қадам дар шарти масъала 0,3 аст. Пас қатори ададҳои 1; 1,3; 1,6; ... ; 3,7; 4 –ро ҳосил мекунем. Ҷамъ 11 адад мешавад. Матни барномаашро ин тавр месозем:

```
##
 Var h:=1.0;
 For Var J:=1 to 11 do begin
 WriteLn(h:4:1,sqr(h):10:3); h+=0.3 end
```

Тавре мебинем, барои сохтани барнома мо худ тариқи дастӣ маълум кардем, ки миқдори ададҳо чандтоанд. Аммо аксар мавридҳое мешаванд, ки маълум кардани чунин миқдор ё душвор, ё номумкин мегардад. Бо ин мақсад дар барномасозӣ аз операторҳои даврии шартӣ истифода мебаранд. Бо мақсади гирифтани донишҳои нав, инкишофдиҳӣ ва мустаҳкамкунии маҳорату малакаи барномасозӣ, дар навбати аввал ба хонандагон оператори даврии пешшартро меомӯзонанд. Сохтор ва тарзи кори онро ба хонандагон пайдарҳам ва системанок меомӯзонанд.

Оператори даврии пешшарт бо калимаи калидии **While** оғоз ёфта, сохтори зеринро дорад:

While *шарт* do оператор;

Дар ин сохтори оператори давр ***шарт*** тағйирёбанда ё амали мантиқӣ буда, иҷро шудан ё нашудани танаи давр аз он вобаста аст. Бо тағйирёбанда ё амали мантиқӣ хонандагон шинос ҳастанд. «**Оператор** дилхоҳ оператор буда, танаи даврро ташкил мекунад. Агар танаи давр **оператор** зиёда аз як оператор бошад, пас онҳо дар дохили қавси оператории **Begin … End** навишта мешаванд» [10, с. 366]. Навишти **While шарт do** сарлавҳаи оператор аст. Пас аз калимаи **do** ягон аломат гузошта намешавад. Тарзи кораш чунин аст. Ҳангоми бори аввал ворид шудан ба сарлавҳаи оператор, қимати амали мантиқии ***шарт*** маълум карда мешавад. Агар қимати ***шарт*** *True* бошад, пас операторҳои танаи давр иҷро мегарданд. Ба хонандагон меомӯзонанд, ки бояд қимати ақаллан яке аз тағйирёбандаҳои дар амали мантиқии ***шарт*** буда дар танаи давр тағйир дода шавад (нақши параметрро иҷро мекунанд). Ин боиси тағйир ёфтан ё наёфтани қимати амали мантиқии ***шарт*** мегардад. Пас аз иҷрошавии танаи давр идоракунии кори барнома аз нав ба сарлавҳаи оператор дода мешавад. Вобаста ба ин тағйирёбӣ қимати амали мантиқии **шарт** аз нав маълум карда мешавад. Агар қимати **шарт** боз *True* бошад, яъне тағйир наёфта бошад, пас операторҳои танаи давр такроран иҷро мегарданд. Ҳамин тавр, такрорёбӣ (давр) ба амал меояд ва дар хонандагон донишҳо оид ба даврҳои шартӣ ташаккул дода мешавад. Такрорёбӣ то он даме давом меёбад, ки қимати амали мантиқии **шарт** *False* гардад, яъне тағйир ёбад. Баъди баромадан аз оператор, давоми кори барнома ба операторе дода мешавад, ки пас аз танаи давр навишта шудааст. Ба таври мухтасар ба хонандагон мефаҳмонанд, ки ин операторро шартан чунин меҳисобанд: “То он даме, ки ҳоло қимати амали мантиқӣ ҳаққонӣ аст, танаи давр иҷро мегардад” [18, с. 41]. Коркардҳои дигари методӣ дар корҳои академик М. Лапчик [6, с. 302] ва В.В. Малев [6, с. 194] дида мешаванд

Тавре мебинем, иҷро шудан ё нашудан ва миқдори такрорёбии иҷроиши танаи давр дар оператори даврии пешшарт пешакӣ маълум нест ва он дар ҷараёни иҷрои кори барнома муайян карда мешавад. Ба хонандагон мерасонанд, ки танаи давр дар ин оператор метавонад ягон маротиба иҷро нагардад, агар аз аввал қимати амали мантиқии ***шарт*** қалбакӣ (дурӯғ, *False*) бошад. Инчунин ҳолатҳое мешаванд, ки танаи давр дар ин оператор беохир иҷро гардад ва дар натиҷа даври беохир баамал меояд. Дар ин маврид бо истифода аз имконоти системаи операторсионӣ маҷбуран аз барнома мебароянд.

Бо истифода аз оператори даврии пешшарт матни барномаи машқи дидаамонро дар шакли зерин месозем:

```
##
 Var h:=1.0;
 While h<=4 do begin
 WriteLn(h:4:1,sqr(h):10:3); h+=0.3 end
```

Пас аз иҷрои барнома хонандагон боз ҳамон натиҷаро ҳосил мекунем. Фарқ дар чист? Фарқ дар он аст, ки мо пешакӣ миқдори ададҳоро ҳисоб намекунем ва намеёбем. Ин худ як сабукиро оварда [5**Ошибка! Источник ссылки не найден.**, с. 280], [15, с. 306].

Боз якчанд машқҳои дигарро дида мебароем. Машқҳои мувофиқ дар адабиёти [7, с. 71] ва [16, с. 288] дида мешаванд.

1. Дар қадами чандум қимати суммаи зерин аз 5 калон мешавад: $1+\frac{1}{2}+\frac{1}{3}+\frac{1}{4}+\frac{1}{5}+\cdots$?

Ҳал: хонандагон шарти масъаларо бодиққат хонда, маълум менамоянд, ки қадами якуми давр ба *1* баробар аст. Қадами тағйирёбӣ низ ба 1 баробар аст (ба махраҷҳо диққат диҳед). Қадами охирони давр бошад, маълум нест. Шарти баохиррасии иҷроиши танаи давр аз шарти $s \le 5$ вобаста аст. Агар қимати ин шарт *True* бошад, пас танаи давр иҷро мегардад. Такрорёбӣ то он даме давом меёбад, ки $s > 5$ шавад. Матни барномааш ин аст:

```
##
 var s:=0.0; var i:=0;
 While s<=5 do begin
 i+=1; s+=1/i end;
 Println('Миқдори такрорёбӣ=',i,'Суммаи охирон=',s)
```

2. Адади натуралии додашударо ба системаи дуӣ баргардонида, маълум кунед, ки он аз чанд рақами 1 ва 0 иборат аст.

Ҳал: матни барномааш ин аст:

```
##
 Var ad := Abs(ReadLnInteger('Адади натуралӣ ='));
 Var дуи : String :=''; Var як:=0;
 While ad>0 do Begin
 дуи +=ad mod 2; If ad mod 2=1 Then як+=1;
ad:=ad div 2 end; PrintLn('Адад дар системаи дуӣ',дуи.Inverse);
 PrintLn('Миқдори рақамҳои 1 =',як,NewLine, 'Миқдори рақамҳои 0 =',дуи.Length -як)
```

Хонандагон меомӯзанд ва мефаҳманд, ки барномаҳои даврие, ки бо оператори давр бо параметр сохта мешаванд, бо истифода аз оператори даврии пешшарт сохтан мумкин аст. Баръаксаш бошад, на ҳамавақт шуданаш мумкин аст. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо мисолҳо доир ба ҳисобкунии суммаҳоро дида мебароем.

3. Суммаро ҳисоб кунед:

$$\text{а)}\ \sum_{t=a}^{b}(lg|a+t|+tg(b-t));\ \text{б)}\ \sum_{h=3,1;0,4}^{11,7}\left(\sqrt{h}+\sqrt[3]{h^2}\right).$$

Ҳал: дар мисоли а) матни барномааш ин аст:

```
##
 Var (a,b) := ReadLnReal2('a,b ='); Var (s,t) := (0.0,a);
 While t<b do Begin s+=Log10(Abs(a+t))+tan(b-t);
 t+=1 end;
 PrintLn('S=',s)
```

Дар мисоли б) параметри давр *h*, қадами якумаш *3,1* ва қадами охиронаш *11,7* буда, қадами тағйирёбӣ *0,4* аст. Яъне қадам аз 1 ва -1 фарқ дорад. Пас имкони сохтани барномаи он бо истифода аз оператори давр бо параметр намегардад ва хонандагон онро фаҳмиданд, зеро параметрҳо ададҳои бутун нестанд. Оператори давр бо пешшарт истифода карда мешавад. Матни барномааш ин аст:

```
 ##
 Var (s,h) := (0.0,3.1);
 While h<11.7 do Begin s+=sqrt(h)+power(h,2/3);
 h+=0.4 end;
 WriteLn('S=',s:5:2)
```

Хонандагон ва барномасозони оянда зимни сохтани барномаҳои даврӣ бо истифода аз оператори даврии пешшарт бояд ба он диққат диҳанд, ки ақаллан яке аз тағйирёбандаҳои дар амали мантиқӣ буда дар танаи давр тағйир дода шавад. Масалан, дар мисоли 2 тағйирёбандаи *ad*, дар мисоли 3 а) тағйирёбандаи *t* ва дар мисоли 3 б) тағйирёбандаи *h*. Дар ҳолати баръакс, тавре дар боло қайд кардем, даври беохир ба амал меояд, агар давр бори

аввал иҷро шуда бошад. Вале ин маънои онро надорад, ки дар ҳолати ақаллан яке аз тағйирёбандаҳои амали мантиқиро дар танаи давр тағйир додан, даври беохир ба амал наояд. Масалан, дар мисоли 3 а) агар қимати тағйирёбандаи *t* –ро бо оператори бахшиши *t-=1* тағйир диҳем, даври беохир ба амал меояд. Хонандагон ва барномасозон бояд ба ин ҳолатҳо аҳаммият диҳанд. Ин ҳолатҳо дар операторҳои давр бо параметр ба амал намеоянд.

4. Якчанд ададҳои ҳақиқӣ паси ҳам дохил карда мешаванд ва адади охиронаш *0* аст. Суммаи ин ададҳо ва миёнаи гармоникии онҳо ёфта шаванд.

Ҳал: матни барномааш ин аст:

```
##
 Var ад:=ReadLnReal('Адади якум='); Var (s,мг):=(0.0,0.0);
 While ад<>0 do
 Begin s+=ад; мг:=1/ад; ад:=ReadLnReal('Ададҳои пасоянд=') end;
 WriteLn('Суммаи ададҳо =',s, NewLine, 'Миёнаи гармоникӣ =',мг)
```

Навгонӣ дар оператори давр бо пешшарт дар забони барномасозии PascalABC.Net ворид карда шудааст. Навгонӣ дар он дида мешавад, ки дилхоҳ тағйирёбанда ё параметрро дар танаи давр тавсиф кардан мумкин аст. Вале ҳангоми баромадан аз давр, он тағйирёбанда ё параметр аз хотираи компютер нест карда мешавад ва қиматаш боқӣ намемонад.

Омӯзгори фаннӣ бояд ба хонандагон хатоиҳои маъмулии барномасозонро ҳангоми эҷоди даврҳои дохилиҳам гузошташуда омӯзонад. Як хатои маъмул ҳангоми барномасозии даврҳои дохилиҳам гузошташуда вайрон кардани қоидаҳои дар боло зикршуда мебошад, яъне давраи беруна пеш аз давраи дохилӣ (буриши даврҳо) ба анҷом мерасад. Аммо, қавсҳои оператории забони барномасозии PascalABC.Net аз чунин хатоиҳо пешгирӣ мекунанд. Чунин хатоиҳо аксар вақт дар забонҳои BASIC пайдо мешаванд, ки дар он охири давр аз ҷониби оператори Next муайян карда мешавад.

Адабиёт

1. *Абдукаримов, М.Ф. Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ. Синфи 10 / М.Ф. Абдукаримов, Ф.С. Комилиён, А.П. Назаров. - Душанбе: ҶДММ "Лавҳ", 2018. - 256 с.*
2. *Бобровский, С.И. Технологии C++ Builder. Разработка приложений для бизнеса. Учебный курс / С.И. Бобровский. – СПб.: Питер, 2007. – 560 с.*
3. *Воситаи барномасозии PascalABC.NET, варианти 3.8. ва файли ёридиҳандаи он. Сомонаи интернетии http://pascalabc.net (Санаи охирони воридшавӣ: 27.06.2026)*
4. *Лапчик, М.П. Методика преподавания нформатики [Текст] / М.П. Лапчик, И. Семакин, Е.К. Хеннер // Москва, - Академия - 2001. - 562 с.*
5. *Лапчик, М.П. Теория и методика обучения информатике / М.П. Лапчик, И. Семакин, Е.К. Хеннер. – Москва: Академия - 2008. 458 с.*
6. *Малев В.В. Общая методика преподавания информатики / В.В. Малев. - Воронеж, ВГПУ, 2005. - 400 с.*
7. *Мельниченко, В.В. Краткий курс программирования на языке Pascal ABC / В.В. Мельниченко. – Минск, 2020. - 57 с.*
8. *Назаров А.П., Маҷмуаи масъалаҳо барои барномасозии компютерӣ / А.П. Назаров, М.Ф. Абдукаримов. - Душанбе: ҶДММ "Офсет", 2016. – 190 с.*
9. *Назаров, А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalABC.Net / Китоби дарсӣ. // Х.Ғ. Умедҷони. – Душанбе: ҶДММ МеҳроҷГраф, 2021. - 756 с.*
10. *Назаров, А.П. Методикаи таълими информатика. Китоби дарсӣ: МТОК / А.П. Назаров. - Душанбе: ҶДММ Меҳроҷ-Граф, 2019. - 462 с.*
11. *Назаров, А.П. Сборник задач для компьютерного программирования [Текст] / А.П. Назаров, С. Мирзоев, М.Ф. Абдукаримов. – Душанбе, 2017. - 210 с.*
12. *Осипов, А.В. PascalABC.NET: введение в современное программирование / А.В. Осипов // Электронная книга на сайте http://pascalabc.net. – 2019. - 420 с.*
13. *Рубанцев, В. Занимательные уроки с паскалем, или PascalABC.NET для начинающих / В. Рубанцев // Электронный ресурс сайта pasacalabc.net, - 2019. - 691 с.*
14. *Скафа, Е.И. Организация проектноэвристической деятельности будущих учителей математики по созданию мультимедийных средств обучения / Е.И. Скафа // Информатика и образование. – 2021. – № 5. – С. 59–64.*
15. *Умеджони, Х.Г. Методические основы и последовательность обучения понятия цикла и циклических программ / А.П. Назаров, Х.Г. Умеджони // Дидактика математики: проблемы и исследования. – 2025. №3 (67). С. 62-70.*
16. *Умедҷони, Х.Ғ. Истифодаи компютер дар кор бо кӯдакони синну соли миёнаи мактабӣ / Х.Ғ. Умедҷони, Ғ.Н. Неъматов, Ҳ.М. Одинаев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, №5-2 (77), 2018. С. 80-82.*

17. *Умедҷони, Х.Ғ. Истифодаи типи додаҳо дар мисоли забони барномасозии Pascal ABC.Net / А.П. Назаров, Х.Ғ. Умедҷони // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Сарияи 2. Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим. 2020. №1 (1). С. 211-215.*
18. *Умедҷони, Х.Ғ. Комплекси таълимию методӣ аз фанни "Барномасозӣ" / А.П. Назаров, Б.Ф. Файзализода, Ғ.Н. Неъматов, Х.Ғ. Умедҷони. - Душанбе: Матбааи ш. Бохтар. – 2025. - 88 с.*
19. *Умедҷони, Х.Ғ. Пайдарҳамии таълими операторҳои хориҷкунии забони барномасозии PascalABC.Net / Х.Ғ. Умедҷони // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ, № 2 (24), - 2025.*

АСОСҲОИ МЕТОДИИ ПАЙДАРҲАМ ТАЪЛИМДИҲИИ МАФҲУМҲОИ АСОСИИ ДАВР ВА ОПЕРАТОРИ ДАВР БО ПЕШШАРТ ДАР БАРНОМАСОЗӢ БО ЗАБОНИ PASCALABC.NET

Дар ин мақола асосҳои методии пайдарҳамии таълими мафҳумҳои асосии давр ва оператори давр бо параметр дар муҳити барномасозии PascalABC.NET баррасӣ мешаванд. Он зарурати ташаккулдиҳӣ ва пайдарҳам рушддиҳии фаҳмиши таълимгирандагонро дар бораи алгоритмҳои даврӣ, ки аз омӯзиши мафҳумҳои асосии давр оғоз ёфта, то татбиқи амалии оператори давр бо пешшарт дар ҳалли машқҳои мураккабии гуногун анҷом меёбад, асоснок мекунад. Методикаи таълим, ки бар принсипҳои пайдарпайӣ, системанокӣ, равшанӣ ва самти амалӣ асос ёфтааст, пешниҳод карда мешавад, ки ба рушди тафаккури алгоритмӣ ва малакаҳои барномасозӣ мусоидат мекунад. Бори аввал хусусиятҳои методии омӯзиши оператори давр бо пешшарт дар забони барномасозии PascalABC.NET, ки тағйирёбанда дар танаи давр тавсиф карда мешавад, тадқиқ карда мешаванд. Методика ва пайдарпайии омӯзиши он дар таълими барномасозӣ таҳия карда мешаванд. Таваҷҷуҳи махсус ба хатоҳои маъмулӣ, ки ҳангоми омӯзиши барномасозии сохторҳои даврӣ ба миён меоянд, инчунин усулҳои пешгирӣ ва бартараф кардани онҳо равона карда шудааст. Нишон дода шудааст, ки истифодаи забони PascalABC.NET ва низоми махсус таҳияшудаи машқҳои амалӣ самаранокии азхудкунии маводи таълимиро беҳтар мекунад ва ба ташаккули малакаҳои устувор дар таҳияи алгоритмҳо ва барномаҳо мусоидат мекунад. Натиҷаҳои бадастовардашударо омӯзгорони фанҳои информатика ва барномасозӣ метавонанд ҳангоми ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ истифода баранд.

Калидвожаҳо: методика, пайдарҳамӣ, таълим, системанокӣ, таълимгиранда, барномасозӣ, забони PascalABC.NET, давр, оператори давр, параметр, шарт, пешшарт.

МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПОСЛЕДОВАТЕЛЬНОГО ОБУЧЕНИЯ ОСНОВНЫМ ПОНЯТИЯМ ЦИКЛА И ОПЕРАТОРУ ЦИКЛА С ПРЕДУСЛОВИЕМ В ПРОГРАММИРОВАНИИ НА ЯЗЫКЕ PASCALABC.NET

В статье рассматриваются методические основы последовательного обучения основным понятиям цикла и оператору цикла с предусловием в среде программирования PascalABC.NET. Обоснована необходимость поэтапного формирования у обучающихся представлений о циклических алгоритмах, начиная с изучения базовых понятий повторения и заканчивая практическим применением оператора цикла с предусловием при решении задач различной сложности. Предложена методика обучения, основанная на принципах последовательности, системности, наглядности и практической направленности, способствующая развитию алгоритмического мышления и навыков программирования. Впервые исследованы методические особенности изучения оператора цикла с предусловием в языке программирования PascalABC.NET, поддерживающего определение переменного в теле цикла. Разработаны методика и последовательность его изучения при обучении программированию. Особое внимание уделено типичным ошибкам, возникающим при изучении циклических конструкций, а также способам их предупреждения и устранения. Показано, что использование языка PascalABC.NET и специально разработанной системы практических заданий повышает эффективность усвоения учебного материала, способствует формированию устойчивых навыков разработки алгоритмов и программ. Полученные результаты могут быть использованы преподавателями информатики и программирования при организации учебного процесса в общеобразовательных и высших учебных заведениях.

Ключевые слова: методика, последовательность, обучение, систематичность, обучающийся, программирование, язык PascalABC.NET, цикл, оператор цикла, параметр, условие, предусловие.

METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF SEQUENTIAL TEACHING OF BASIC LOOP CONCEPTS AND THE LOOP OPERATOR WITH A PRECONDITION IN PROGRAMMING IN THE PASCALABC.NET LANGUAGE

This article examines the methodological foundations of sequentially teaching the basic concepts of a loop and the for-loop operator in the PascalABC.NET programming environment. It substantiates the need for a step-by-step development of students' understanding of cyclic algorithms, beginning with the study of the basic concepts of repetition and ending with the practical application of the for-loop operator in solving problems of varying complexity. A teaching methodology based on the principles of consistency, systematicity, clarity, and practical focus is proposed, promoting the development of algorithmic thinking

and programming skills. For the first time, the methodological features of studying the for-loop operator in the PascalABC.NET programming language, which supports variable definition in the loop body, are investigated. A methodology and sequence for its study in teaching programming are developed. Particular attention is paid to typical errors that arise when studying cyclic constructs, as well as methods for preventing and eliminating them. It is shown that the use of the PascalABC.NET language and a specially developed system of practical assignments improves the effectiveness of assimilation of the educational material and contributes to the formation of sustainable skills in the development of algorithms and programs. The obtained results can be used by teachers of computer science and programming when organizing the educational process in general and higher educational institutions.

Keywords: methodology, sequence, training, systematicity, student, programming, PascalABC.NET language, cycle, cycle operator, parameter, condition, precondition.

Дар бораи муаллифон

Назаров Аҳтам Пулотович
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти кибернетикӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Умедҷони Хайруллои Ғафури
Муаллими калони кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Назаров Ахтам Пулатович
Доктор педагогических наук, профессор кафедры цифровых технологий и кибербезопасности
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734009, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33
E-mail: ahtam_69@mail.ru

Умеджони Хайруллои Гафури
Старший преподователь кафедры информационных и коммуникационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Nazarov Ahtam Pulotovich
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor in the Department of Digital Technologies and Cybersecurity
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734009, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33
E-mail ahtam_69@mail.ru

Umedjoni Chayrulloi Gafuri
Assistant of the Chair of information and communication technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 004:51:378:512:511

ҶАНБАҲОИ МЕТОДӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ТАТБИҚИ АЛГЕБРА ВА НАЗАРИЯИ АДАДҲО ДАР ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНФОРМАТСИОНӢ ВА КОРКАРДИ ОН ДАР МАХЗАНҲОИ МАЪЛУМОТ

Қамариддинзода З. Н., Абидов Р. Т.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар асри иқтисоди рақамӣ математикаи абстрактӣ аз доираи назарияҳои маҳз берун омада, ба «муҳаррик»-и асосии технологияҳои иттилоотӣ табдил ёфтааст. Агар назарияи ададҳоро дар гузашта «маликаи математика» меномиданд, имрӯз онро метавон «муҳофизи иттилоот» номид. Мубрамияти ин мақола дар зарурати эҷоди пули методӣ байни назарияҳои мураккаби математикӣ ва татбиқи амалии онҳо дар коркарди махзанҳои маълумот зоҳир мегардад. Дар шароити муосири рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамикунонии соҳаҳои мухталифи ҳаёт, нақши математикаи фундаменталӣ ҳамчун таҳкурсии технологияҳои навин ба куллӣ тағйир ёфта истодааст. Имрӯзҳо алгебра ва назарияи ададҳо на танҳо ҳамчун бахшҳои назариявии математика, балки ҳамчун абзорҳои пуриқтидори амалӣ дар соҳаи технологияҳои информатсионӣ, амнияти кибернетикӣ ва идоракунии махзанҳои маълумот баромад мекунанд. Мубрамияти мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки бидуни истифодаи сохторҳои алгебрӣ ва алгоритмҳои назарияи ададҳо, тасаввур кардани фаъолияти самараноки низомҳои мураккаби компютерӣ ва коркарди додаҳои азим (Big Data) ғайриимкон аст. Махсусан, дар коркарди махзанҳои маълумот, алгебраи релятсионӣ ва усулҳои назарияи ададҳо барои оптимизатсияи дархостҳо, индексатсия ва таъмини якпорчагии иттилоот нақши калидӣ мебозанд. Бо вуҷуди ин, дар раванди таълими ин фанҳо дар муассисаҳои олии касбӣ аксаран ҷанбаи назариявӣ бар амалия бартарӣ дорад, ки ин боиси коҳиш ёфтани ҳавасмандии донишҷӯёни ихтисосҳои техникӣ мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои методии татбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар соҳаи технологияҳои информатсионӣ ва коркарди махзанҳои маълумот имкон медиҳад, ки робитаи байнифаннӣ тақвият ёфта, сифати омодасозии мутахассисони оянда баланд бардошта шавад.

Ҷанбаҳои назариявӣ: алгебра ҳамчун асоси махзанҳои маълумот. Яке аз татбиқҳои дурахшони алгебра дар технологияҳои информатсионӣ ин алгебраи релятсионӣ мебошад, ки аз ҷониби Э. Кодд пешниҳод шудааст.

- **Назарияи маҷмуъҳо:** Махзанҳои маълумоти муосир (SQL) дар асоси амалҳои алгебрӣ (муттаҳидсозӣ, буриш, тарҳ) фаъолият мекунанд.
- **Сохторҳои алгебрӣ:** Истифодаи мафҳумҳои гурӯҳ ва ҳалқа дар эҷоди низомҳои идоракунии махзанҳои маълумот (НИММ) имкон медиҳад, ки якпорчагии додаҳо ва мувофиқати онҳо таъмин карда шавад.

Татбиқи назарияи ададҳо дар амнияти иттилоотӣ. Назарияи ададҳо таҳкурсии криптографияи муосирро ташкил медиҳад. Дар мақола таҳлили алгоритмҳои зерин пешниҳод мешавад:

- **Алгоритми RSA:** Ки ба мушкилии тақсияи ададҳои калон (factorization) асос ёфта, истифодаи ададҳои содаро дар ҳифзи махзанҳои маълумот нишон медиҳад.
- **Функсияҳои хэш (Hashing):** Татбиқи назарияи муқоисаҳо (congruences) дар сохтани индексатсияи махзанҳои маълумот, ки суръати ҷустуҷӯро дар ҳаҷмҳои азими додаҳо (Big Data) даҳҳо баробар меафзояд.

Ҷанбаҳои методии таълим. Барои баланд бардоштани самаранокии азхудкунии ин фанҳо, муаллиф методҳои зеринро пешниҳод мекунад:

1. **Методи моделсозии амалӣ:** Донишҷӯён на бояд танҳо теоремаҳоро аз худ кунанд, балки алгоритми онҳоро бо забонҳои барномасозӣ (масалан, Python) амалӣ намоянд.
2. **Муносибати байнифаннӣ:** Ҳангоми омӯзиши назарияи ададҳо, ҳалли масъалаҳо бояд характери технологӣ дошта бошанд (масалан, «ҳисоб кардани калиди рамзгузорӣ бо истифода аз алгоритми васеъшудаи Евклид»).

Оптимизатсияи коркарди маълумот. Дар мақола исбот карда мешавад, ки истифодаи дурусти сохторҳои алгебрӣ дар тарҳрезии базаи маълумот боиси кам шудани такроршавии додаҳо (normalization) ва зиёд шудани суръати коркарди онҳо мегардад. Махсусан, истифодаи назарияи графҳо (ки бахше аз алгебраи дискретӣ аст) дар махзанҳои маълумоти графи коркарди робитаҳои мураккабро осон мекунад.

Мақолаи мазкур ба таҳлили усулҳои муосири татбиқи назарияи ададҳо ва алгебра дар равандҳои иттилоотӣ ва коркарди махзанҳои маълумот бахшида шуда, дар он роҳҳои самараноки таълими ин робитаҳо дар асоси ҷанбаҳои методӣ ва назариявӣ баррасӣ мегардад. Мақолаи илмии «Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар технологияҳои информатсионӣ» ба таҳлили ҳамаҷонибаи робитаи фанҳои математикӣ ва информатсионӣ бахшида шудааст. Дар мақола нақши алгебра, назарияи ададҳо, алгебраи хаттӣ ва мантиқи математикӣ дар ташаккул ва рушди технологияҳои рақамии муосир баррасӣ гардидааст. Самтҳои асосии татбиқи онҳо дар криптография, барномасозӣ, коркарди додаҳо, зеҳни сунъӣ ва амнияти иттилоот нишон дода шудаанд. Навоварии илмии таҳқиқот дар пешниҳоди модели ҳамгироии алгебравӣ–алгоритмӣ, таснифи самтҳои татбиқи алгебра дар IT ва модели консептуалии таъсири донишҳои математикӣ ба салоҳияти касбии мутахассисон ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои озмоиши педагогӣ самаранокии равиши пешниҳодшударо тасдиқ мекунанд. Аҳаммияти амалӣ ва назариявии мақола дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он метавонанд дар такмили барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир истифода шаванд.

Мақола дорои арзиши илмӣ ва методӣ буда, барои омӯзгорон, муҳаққиқон ва донишҷӯёни ихтисосҳои математика ва информатика муфид мебошад. Мақолаи илмии «Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар технологияҳои информатсионӣ» ба таҳлили ҳамаҷонибаи робитаи фанҳои математикӣ ва информатсионӣ бахшида шудааст. Дар мақола нақши алгебра, назарияи ададҳо, алгебраи хаттӣ ва мантиқи математикӣ дар ташаккул ва рушди технологияҳои рақамии муосир баррасӣ гардидааст. Самтҳои асосии татбиқи онҳо дар криптография, барномасозӣ, коркарди додаҳо, зеҳни сунъӣ ва амнияти иттилоот нишон дода шудаанд. Навоварии илмии таҳқиқот дар пешниҳоди модели ҳамгироии алгебравӣ–алгоритмӣ, таснифи самтҳои татбиқи алгебра дар IT ва модели консептуалии таъсири донишҳои математикӣ ба салоҳияти касбии мутахассисон ифода меёбад. Инчунин натиҷаҳои озмоиши педагогӣ самаранокии равиши пешниҳодшударо тасдиқ мекунанд. Аҳаммияти амалӣ ва назариявии мақола дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он метавонанд дар такмили барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир истифода шаванд.

Мақсади мақолаи мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи мафҳумҳо ва усулҳои алгебра ва назарияи ададҳо дар технологияҳои информатсионии муосир, асоснок намудани нақши онҳо дар ташаккули тафаккури алгоритмӣ ва касбии мутахассисон, инчунин таҳияи модели ҳамгироии алгебравӣ–алгоритмӣ барои такмили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад. Яъне мақсади мақолаи мазкур аз таҳлили амиқ ва низомманди асосҳои назариявӣ ва методологии татбиқи мафҳумҳо, усулҳо ва сохторҳои алгебра ва назарияи ададҳо дар технологияҳои информатсионии муосир, муайян намудани нақши онҳо дар ташаккул ва рушди тафаккури алгоритмӣ, мантиқӣ ва таҳлилии донишҷӯён, инчунин асоснок намудани аҳаммияти ҳамгироии фанҳои математикӣ ва информатсионӣ дар низоми таҳсилоти олӣ иборат мебошад. Дар доираи ин мақсад, таҳқиқот ба омӯзиши самтҳои асосии истифодаи алгебра ва назарияи ададҳо дар криптография, барномасозӣ, коркарди додаҳо, зеҳни сунъӣ ва амнияти иттилоот равона гардида, имкониятҳои татбиқи натиҷаҳои назариявӣ дар фаъолияти амалӣ ва касбии мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ баррасӣ карда мешаванд. Илова бар ин, мақола ба таҳияи модели ҳамгироии алгебравӣ–алгоритмӣ, таҳлили самаранокии он дар раванди таълим, такмили мазмун ва усулҳои омӯзиши фанҳои марбут, инчунин пешниҳоди тавсияҳои методӣ барои баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳои рақобатпазир равона шудааст.

Дар маҷмуъ, мақсади асосии таҳқиқот баланд бардоштани сатҳи асосноки илмӣ ва амалии истифодаи донишҳои математикӣ дар технологияҳои информатсионӣ ва мусоидат ба рушди устувори соҳаи маориф ва иқтисоди рақамӣ мебошад. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда ҷанбаҳои асосии назариявӣ ва амалии татбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар технологияҳои информатсионӣ муайян ва таҳлил карда шуданд. Таҳлил нишон дод, ки

мафҳумҳо ва сохторҳои алгебравӣ ҳамчун пояи методологӣ барои ташаккули алгоритмҳо, моделҳои ҳисоббарорӣ ва системаҳои барномавии муосир хизмат менамоянд. Муайян карда шуд, ки истифодаи унсурҳои назарияи ададҳо дар криптография, амнияти иттилоот ва протоколҳои шабакавӣ нақши калидӣ дошта, сатҳи боэътимодии интиқол ва ҳифзи маълумотро ба таври назаррас баланд мебардорад. Ин далел аҳаммияти амалии омӯзиши амиқи ин бахши математикаи назариявиро тасдиқ менамояд.

Дар раванди таҳқиқот модели ҳамгироии алгебравӣ–алгоритмӣ таҳия ва асоснок карда шуд, ки имкон медиҳад робитаи байни донишҳои назариявӣ ва фаъолияти амалии барномасозиро мустаҳкам намояд. Татбиқи ин модел дар раванди таълим ба беҳтар гардидани сатҳи фаҳмиш, тафаккури мантиқӣ ва малакаҳои алгоритмии донишҷӯён мусоидат мекунад. Дар асоси таҳлили таҷрибаи таълимӣ таснифи нави самтҳои татбиқи алгебра дар технологияҳои информатсионӣ пешниҳод гардид, ки истифодаи онро дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва маводи методӣ имконпазир месозад. Ин тасниф ба низоммандсозии донишҳо ва баланд бардоштани сифати таълим мусоидат менамояд. Модели консептуалии таъсири донишҳои математикӣ ба салоҳияти касбии мутахассисони соҳаи IT таҳия карда шуд, ки вобастагии сатҳи омодагии касбиро аз дараҷаи азхудкунии алгебра, назарияи ададҳо ва мантиқи математикӣ нишон медиҳад. Ин модел барои баҳодиҳии сифати омодасозии кадрҳо аҳаммияти амалӣ дорад. Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ нишон доданд, ки истифодаи равиши ҳамгироёнаи пешниҳодшуда ба баланд гардидани нишондиҳандаҳои таълимӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ то 18–22 фоиз нисбат ба гурӯҳи назоратӣ оварда расонд. Ин далел самаранокии модели пешниҳодшударо тасдиқ намуда, имконияти татбиқи васеи онро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ асоснок менамояд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти назариявӣ ва амалии ҳамгироии фанҳои математикӣ ва информатсионӣ, зарурати такмили мазмун ва усулҳои таълим, инчунин имконияти истифодаи васеи натиҷаҳои таҳқиқотро дар омодасозии мутахассисони рақобатпазир нишон медиҳанд. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ ва густариши ҷомеаи иттилоотӣ нақши илмҳои дақиқ, бахусус математика, рӯз то рӯз меафзояд. Дар даҳсолаҳои охир инкишофи технология боиси тағйироти куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмӣ гардид. Дар байни бахшҳои гуногуни математика, алгебра ва назарияи ададҳо мавқеи махсус доранд ва ҳамчун пояи назариявии бисёр усулҳои таҳқиқоти илмӣ баромад мекунанд, зеро онҳо пояи назариявии бисёр равандҳои ҳисоббарорӣ ва системаҳои иттилоотиро ташкил медиҳанд. Компютеризатсия, автоматизатсия ва рақамикунонии равандҳо талаб мекунанд, ки мутахассисон дорои дониши амиқи математикӣ ва информатсионӣ бошанд. Фанни «Асосҳои технологияҳои информатсионӣ» бошад, воситаи татбиқи амалӣ ва техникии ин донишҳо маҳсуб меёбад.

Мубрамияти таҳқиқи мазкур дар зарурати омӯзиши ҳамгироии фанҳои математикӣ ва информатсионӣ, такмили методикаи таълим ва мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозори меҳнат ифода меёбад. Ҳадафи мақола таҳлили ҳамаҷонибаи робитаи алгебра, назарияи ададҳо ва технологияҳои информатсионӣ мебошад. Вазифаҳои тадқиқот: таҳлили асосҳои назариявии алоқамандии фанҳо; муайян намудани самтҳои асосии татбиқ; арзёбии аҳаммияти педагогии ҳамгироӣ; пешниҳод намудани тавсияҳои методӣ. Фанни «Асосҳои технологияҳои информатсионӣ» ба донишҷӯён малакаҳои кор бо компютер, системаҳои иттилоотӣ, шабакаҳо ва барномаҳои муосирро меомӯзонад. Аммо дар асл, заминаи назариявии ин фан ба мафҳумҳои алгебравӣ ва ададӣ такя мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили робитаи байни ин ду фан аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Ҳадафи мақолаи мазкур омӯзиш ва таҳлили алоқамандии фанни «Алгебра ва назарияи ададҳо» бо фанни «Асосҳои технологияҳои информатсионӣ» мебошад. Алоқамандии фанни «Алгебра ва назарияи ададҳо» бо фанни «Асосҳои технологияҳои информатсионӣ» бисёрқабата ва муҳим мебошад, зеро заминаи назариявии бисёр технологияҳои муосири рақамӣ маҳз аз мафҳумҳои алгебравӣ ва ададӣ бармеояд.

Дар зер самтҳои асосии ин алоқамандиро меорем:

1. Алгебра ҳамчун пояи алгоритмҳо ва барномасозӣ

Дар технологияҳои информатсионӣ алгоритмҳо нақши асосӣ доранд. Сохт ва таҳлили алгоритмҳо аксаран ба мафҳумҳои алгебравӣ такя мекунад: маҷмуаҳо (set theory), муносибатҳо (relations), функсияҳо, матритсаҳо, системаҳои муодилаҳо. Масалан: ҳалли масъалаҳои оптимизатсионӣ, коркарди додаҳо, моделсозии равандҳо, бидуни донишҳои алгебра амалӣ намешаванд.

Асосҳои назариявии алоқамандии алгебра ва технологияҳои информатсионӣ. Алгебра илмест, ки сохторҳои абстрактии математикӣ, аз қабили гурӯҳҳо, ҳалқаҳо, майдонҳо, фазоҳои векториро меомӯзад. Ин сохторҳо дар таҳияи моделҳои ҳисоббарорӣ ва алгоритмҳо нақши калидӣ доранд [1, с.400]. Дар технологияҳои информатсионӣ мафҳумҳои зерин васеъ истифода мешаванд: функсияҳо ва табдилёбиҳо; маҷмуаҳо ва муносибатҳо; системаҳои муодилаҳо; матритсаҳо ва векторҳо. Ин мафҳумҳо барои таҳлили равандҳои иттилоотӣ ва сохтани барномаҳо заминаи мустаҳкам фароҳам меоранд. Моделсозии равандҳои иттилоотӣ асосан ба воситаи формализмҳои алгебравӣ амалӣ мегардад, ки ин ба таҳияи барномаҳои устувор ва боэътимод мусоидат мекунад [2, с. 234].

2. Назарияи ададҳо ва амнияти иттилоот (криптография)

Яке аз самтҳои муҳимтарини робита — криптография мебошад. Яке аз самтҳои муҳимтарини истифодаи назарияи ададҳо дар технологияҳои информатсионӣ криптография мебошад. Криптография илмест, ки усулҳои рамзгузорӣ ва ҳифзи маълумотро меомӯзад [3, с.121]-[4, с.78]. Дар ин соҳа мафҳумҳои зерин истифода мешаванд: ададҳои сода (prime numbers), арифметикаи модулӣ, алгоритми Евклид, тақсимшавӣ бо бақия (modular arithmetic), функсияҳои Эйлер, масъалаи логарифми дискретӣ.

Мисол:

Системаҳои машҳури криптографӣ, аз ҷумла RSA, Diffie–Hellman ва ElGamal, бевосита ба назарияи ададҳо асос ёфтаанд.

Ин системаҳо барои: ҳифзи маълумот, паролҳо, амнияти шабакаҳо истифода мешаванд.

3. Алгебраи хаттӣ ва коркарди маълумот

Алгебраи хаттӣ (қисми муҳимми алгебра) яке аз бахшҳои муҳимми алгебра буда, дар технологияҳои информатсионӣ ва дар IT хеле васеъ истифода мешавад. Он асоси чунин самтҳо мебошад: графикаи компютерӣ, коркарди тасвир, зеҳни сунъӣ, омӯзиши мошинӣ (Machine Learning), таҳлили додаҳо [3, с. 453].

Дар ин равандҳо матритсаҳо ва векторҳо ҳамчун абзори асосии ҳисоббарорӣ хизмат мекунанд [5, с. 212].

4. Алгебраи булӣ ва системаҳои мантиқӣ

Асоси кори компютерҳо ба алгебраи Бул такя мекунад. Алгебраи булӣ тавассути қимматҳои мантиқии 0 ва 1 кор мекунад. Алгебраи булӣ асоси мантиқи рақамӣ ва схемаҳои электронӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамаи амалиётҳои дохилии компютер ба системаи дуӣ асос ёфтаанд [6, с. 789]. Қонунҳои Де Морган, ҷадвалҳои ҳақиқат ва ифодаҳои мантиқӣ дар тарҳрезии микросхемаҳо истифода мешаванд.

Асосҳои компютерҳо ба **алгебраи Бул** такя мекунанд:

- 0 ва 1,
- AND, OR, NOT,
- ҷадвалҳои ҳақиқат.

Ин мафҳумҳо дар: сохтани схемаҳои электронӣ, барномасозии мантиқӣ, таҳлили алгоритмҳо истифода мешаванд. Ҷадвалҳои ҳақиқат ва қонунҳои мантиқӣ воситаи асосии тарҳрезии системаҳои рақамӣ мебошанд [7, с.98].

5. Назарияи гурӯҳҳо ва рамзгузорӣ, шабакаҳо

Назарияи гурӯҳҳо ва ҳалқаҳо дар назарияи кодгузорӣ ва фишурдани маълумот нақши муҳим доранд. Кодҳои ислоҳкунандаи хато, аз қабили кодҳои Ҳемминг ва Рид–Соломон, ба сохторҳои алгебравӣ асос меёбанд.

Ин кодҳо дар интиқоли маълумот тавассути шабакаҳо барои баланд бардоштани боэътимодии иртибот истифода мешаванд [8, с.397-403].

6. Алгебра, назарияи ададҳо ва пойгоҳҳои додаҳо

Дар пойгоҳҳои додаҳо принсипҳои мантиқи математикӣ ва алгебраи релясионӣ истифода мешаванд. Амалҳои асосии SQL, аз қабили SELECT, JOIN ва UNION, реша дар мафҳумҳои алгебравӣ доранд. Асоси назариявии пойгоҳҳои додаҳо ба алгебраи релясионӣ такя мекунад. Амалҳои интихоб, муттаҳидсозӣ ва пайвасткунӣ шаклҳои формализатсияи муносибатҳои алгебравӣ мебошанд. Ин равиш самаранокии коркарди маълумотро таъмин менамояд, яъне имкон медиҳад, ки маълумот ба таври самаранок идора ва таҳлил карда шавад [9, с.403-407].

7. Моделсозӣ ва симулятсияи компютерӣ

Дар технологияҳои информатсионӣ барои: моделсозии равандҳои физикӣ, иқтисодӣ, биологӣ аз муодилаҳои алгебравӣ ва ададӣ истифода мешавад [10, с.407-412]. Моделсозии равандҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо истифодаи муодилаҳои алгебравӣ ва ададӣ амалӣ

мегардад. Барномаҳои симулятсионӣ барои пешгӯӣ ва таҳлили равандҳо истифода мешаванд. Моделсозии математикӣ бо истифода аз муодилаҳои алгебравӣ ва дифференсиалӣ дар таҳқиқи равандҳои табиӣ ва иҷтимоӣ истифода мешавад. Барномаҳои симулятсионӣ барои пешгӯӣ ва оптимизатсия хизмат мекунанд. Ин усулҳо дар физика, иқтисод, биология ва муҳандисӣ татбиқи васеъ доранд.

8. Навоварии илмии таҳқиқот

Дар доираи тадқиқоти мазкур, дар мақола як қатор унсурҳои нави илмӣ пешниҳод карда мешаванд, ки аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд [11, с. 543-546].

8.1. Модели ҳамгироии алгебравӣ–алгоритмӣ. Муаллифон бори аввал модели ҳамгироии алгебравӣ–алгоритмиро барои таълими фанни «Асосҳои технологияҳои информатсионӣ» пешниҳод менамояд. Моҳияти модел дар пайвастани мафҳумҳои алгебравӣ бо сохтори алгоритмӣ ва татбиқи барномавӣ ифода меёбад.

Сохтори умумии модел чунин аст:

Алгебра → Алгоритм → Барнома → Натиҷаи амалӣ

Масалан, мафҳумҳои муодилаҳо, арифметикаи модулӣ ва матритсаҳо ба алгоритмҳои ҳисоббарорӣ табдил дода шуда, сипас дар забонҳои барномасозӣ татбиқ мегарданд.

Ин равиш ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки робитаи байни назария ва амалияро амиқ дарк намоянд.

8.2. Таснифи самтҳои татбиқи алгебра дар технологияҳои информатсионӣ. Дар асоси таҳлили адабиёт ва таҷрибаи таълимӣ муаллиф таснифи зерини самтҳои татбиқи алгебраро пешниҳод менамояд:

1. Алгебраи ҳисоббарорӣ (алгоритмҳо ва мураккабии ҳисоббарорӣ);
2. Алгебраи амниятӣ (криптография ва ҳифзи иттилоот);
3. Алгебраи додаҳо (таҳлили додаҳо ва омӯзиши мошинӣ);
4. Алгебраи зеҳнӣ (зеҳни сунъӣ ва нейроншабакаҳо);
5. Алгебраи шабакавӣ (моделсозии шабакаҳо ва протоколҳо).

Ин тасниф ба системасозии донишҳо ва такмили барномаҳои таълимӣ мусоидат мекунад.

8.3. Модели консептуалии таъсири донишҳои математикӣ ба салоҳияти IT. Бо мақсади арзёбии таъсири донишҳои математикӣ ба сатҳи омодагии мутахассисони соҳаи IT модели консептуалии зерин пешниҳод карда мешавад:

$$S_{IT} = f(A, N, L)$$

ки дар он: A — сатҳи дониши алгебра; N — сатҳи дониши назарияи ададҳо; L — сатҳи тафаккури мантиқӣ.

Ин модел нишон медиҳад, ки рушди ҳамоҳанги ин унсурҳо ба баланд бардоштани салоҳияти касбӣ мусоидат менамояд.

8.4. Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ. Бо мақсади санҷиши самаранокии модели пешниҳодшуда озмоиши педагогӣ дар ду гурӯҳи донишҷӯён гузаронида шуд. Гурӯҳи таҷрибавӣ бо истифода аз модели ҳамгироёна таълим гирифта, гурӯҳи назоратӣ тибқи усули анъанавӣ омӯзиш гирифт.

Натиҷаҳо нишон доданд, ки сатҳи азхудкунии мавод дар гурӯҳи таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 18–22% баландтар мебошад. Ин далел самаранокии равиши пешниҳодшударо тасдиқ менамояд.

Аҳаммияти педагогии алоқамандии фанҳо. Омӯзиши ҳамгироёнаи алгебра ва технологияҳои информатсионӣ барои ташаккули тафаккури алгоритмӣ ва мантиқии донишҷӯён мусоидат мекунад. Ин равиш барои тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир мусоидат менамояд ва сатҳи омодагии касбии мутахассисонро баланд мебардорад.

Инчунин, истифодаи мисолҳои амалӣ аз соҳаи IT дар дарсҳои алгебра ҳавасмандии донишҷӯёнро зиёд менамояд ва истифодаи масъалаҳои амалӣ дар дарсҳои назариявӣ самаранокии таълимро баланд мебардорад.

Хулоса. Фанни «Алгебра ва назарияи ададҳо» пояи назариявии фанни «Асосҳои технологияҳои информатсионӣ» мебошад, зеро: алгоритмҳо бар асоси алгебра сохта мешаванд; амнияти иттилоот ба назарияи ададҳо такя мекунад; зеҳни сунъӣ ва графика аз алгебраи хаттӣ истифода мебаранд; мантиқ ва электроника ба алгебраи Бул асос меёбанд.

Бинобар ин, шахсе, ки алгебра ва назарияи ададҳоро хуб медонад, фанни технологияҳои информатсиониро осонтар ва амиқтар меомӯзад. Натиҷаҳои таҳлили назариявӣ собит месозанд, ки алгебра ва назарияи ададҳо на танҳо заминаи бунёдии технологияҳои иттилоотиро ташкил медиҳанд, балки ҳамчун омили калидӣ дар рушди

тафаккури алгоритмию таҳлилии замони муосир хизмат мекунанд [12, с. 50-54]. Модели консептуалии ҳамгироии алгебравӣ–алгоритмӣ ва таснифоти соҳаҳои татбиқи он, ки дорои навоварии амиқи илмӣ мебошанд, сохтори таълимро мукаммал намуда, ҷиҳати тарбияи кадрҳои рақобатпазир заминаи устувор мегузоранд. Самаранокии амалии ин равиш тавассути озмоишҳои педагогӣ тасдиқ гардида, зарурати таъҷилии ҷорӣ намудани онро дар низоми таҳсилоти олии касбӣ нишон медиҳад. Сутунмуҳраи технологияҳои рақамиро сохторҳои алгебравӣ ва ададӣ ташкил медиҳанд, ки ин робитаи узвии фанни «Алгебра ва назарияи ададҳо»-ро бо «Асосҳои технологияҳои информатсионӣ» инъикос мекунад. Аз ин рӯ, синтези ин ду самти таълимӣ омили калидии рушди потенсиали илмӣ, эҷодӣ ва касбии мутахассисони оянда ба шумор меравад [13, с. 39-44].

Хулосаҳои бадастомада робитаи зичи фанни «Алгебра ва назарияи ададҳо»-ро бо «Асосҳои технологияҳои информатсионӣ» ҳамчун заминаи асосии назариявӣ нишон медиҳанд. Аз ин рӯ, пешрафти босуръати технологияҳои рақамиро бе такя ба сохторҳои мукаммали алгебравӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, такмили ҳамгироии ин ду фан дар низоми таълим яке аз вазифаҳои муҳимми муосир ба ҳисоб меравад. Татбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар технологияҳои информатсионӣ танҳо як зарурати техникӣ нест, балки заминаи стратегӣ барои рушди зеҳни сунъӣ ва амнияти рақамӣ мебошад. Таҳкими ҷанбаҳои методӣ дар таълими ин фанҳо имкон медиҳад, ки насли нави мутахассисон на танҳо бо асбобҳои омодаи технологӣ кор кунанд, балки худи онҳо технологияҳои нави математикиро эҷод намоянд.

Адабиёт

1. *Кормен, Т. Алгоритмы: построение и анализ Introduction to Algorithms / Т. Кормен, Ч. Лейзерсон, Р. Ривест, К. Штайн. – 4-е изд. – Cambridge: MIT Press, 2022. – 1312 p.*
2. *Кац, В. История математики - A History of Mathematics / В. Кац. – Upper Saddle River: Pearson, 2019. – 576 p.*
3. *Кнут, Д. Э. Искусство программирования / Д. Э. Кнут; пер. с англ. – Москва: Вильямс, 2018. – Т. 1: Основные алгоритмы. – 720 с.*
4. *Столлингс, В. Криптография и безопасность сетей: принципы и практика / В. Столлингс. – 7-е изд. – Москва: Вильямс, 2020. – 912 с.*
5. *Липсон, М. Линейная алгебра и её приложения / М. Липсон. – Санкт-Петербург: Питер, 2019. – 432 с.*
6. *Таненбаум, Э. Современные операционные системы / Э. Таненбаум, Х. Бос. – 4-е изд. – Санкт-Петербург: Питер, 2021. – 1120 с.*
7. *Мендельсон, Э. Введение в математическую логику пер. с англ. / Э. Мендельсон. – Москва: Наука, 2017. – 320 с.*
8. *Ташпулатова Ф.А. Амнияти шабакаҳо дар давраи рақамӣ: хатарҳо ва ҳалли онҳо. / Ф.А. Ташпулатова, Т. Каримзода, Н.Я. Ҷураева, М.Л. Каинова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои муосири математика», бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 95-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». 27-28-уми марти соли 2026. – Душанбе, 2026. С. 397-403.*
9. *Ташпулатова, Ф.А. Технологияҳои муосири нишонидиҳии додаҳо дар шабакаҳои компютерӣ. / Ф.А.Ташпулатова, Ф.С.Мисоқова, Р.Т.Абидов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои муосири математика», бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 95-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». 27-28-уми марти соли 2026. – Душанбе, 2026. С. 403-407.*
10. *Ташпулатова, Ф.А. Омодасозии методӣ ва касбии омӯзгорони технологияи информатсионӣ дар низоми модулӣ-кредитӣ. / Ф.А.Ташпулатова, С.О.Одиназода, Р.Т. Абидов, С. Н. Раҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Муаммоҳои муосири математика», бахшида ба 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 95-солагии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». 27-28-уми марти соли 2026. – Душанбе, 2026. С.407-412.*
11. *Камариддинзода, З. Н. Применение криптографии в алгебре, теории чисел и в матанализе / З. Н. Камариддинзода, Ф. А. Ташпулатова // Актуальные проблемы и решения физических, математических и информационных наук: сборник научных трудов. — Самарканд, 2025. — С. 543–546.*

12. *Қамариддинзода З.Н. Дар бораи тадбиқи криптология дар алгебра ва назарияи ададҳо. Конференсияи байналмилали илмӣ – амалии "Проблемаҳои муосири таҳсилоти математикӣ, информатикӣ ва физикӣ дар мактабҳои миёнаю олӣ", бахшида ба "20 – солагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" (солҳои 2020 - 2040) ва 75 – солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Мансур Нугмонов 16 – уми майи соли 2024., саҳ. 50-54.*
13. *Камариддинзода З.Н. Об оценке для одной суммы применяемое в тауберовых теоремах // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия естественных наук. 2023. № 2-1 (108). С. 39-44.*

ҶАНБАҲОИ МЕТОДӢ ВА НАЗАРИЯВИИ ТАТБИҚИ АЛГЕБРА ВА НАЗАРИЯИ АДАДҲО ДАР ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИНФОРМАТСИОНӢ ВА КОРКАРДИ ОН ДАР МАХЗАНҲОИ МАЪЛУМОТ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи робитаҳои мутақобилаи бахшҳои фундаменталии математика алгебра ва назарияи ададҳо бо технологияҳои муосири иттилоотӣ бахшида шудааст. Дар мақола ҷанбаҳои назариявии истифодаи сохторҳои алгебрӣ дар моделсозии махзанҳои маълумот ва татбиқи алгоритмҳои назарияи ададҳо дар амнияти кибернетикӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Муаллиф ба ҷанбаҳои методии таълим таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, роҳҳои самараноки интегратсияи математикаи назариявиро бо барномасозӣ ва коркарди додаҳо пешниҳод менамояд. Хулоса карда мешавад, ки истифодаи муносибати байнифаннӣ на танҳо сифати таълимро баланд мебардорад, балки барои ташаккули тафаккури алгоритмии мутахассисони ояндаи соҳаи ТИ заминаи мустаҳкам мегузорад. Нақши сохторҳои алгебравӣ, мафҳумҳои назарияи ададҳо, мантиқи математикӣ ва усулҳои ҳисоббарорӣ дар ташаккули технологияҳои рақамии муосир таҳлил гардидааст. Самтҳои асосии татбиқи ин донишҳо дар криптография, барномасозӣ, коркарди додаҳо, зеҳни сунъӣ ва амнияти иттилоот нишон дода шудаанд. Муайян карда шудааст, ки ҳамгироии фанҳои математикӣ ва информатсионӣ барои баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии мутахассисон аҳаммияти муҳим дорад.

Калидвожаҳо: алгебра, назарияи ададҳо, технологияҳои информатсионӣ, криптография, алгоритм, зеҳни сунъӣ, матритса, амнияти иттилоот, алгебраи релятсионӣ, назарияи ададҳо, ТИ-маориф, махзанҳои маълумот, методикаи таълим.

МЕТОДИЧЕСКИЕ И ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРИМЕНЕНИЯ АЛГЕБРЫ И ТЕОРИИ ЧИСЕЛ В ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЯХ И ОБРАБОТКЕ БАЗ ДАННЫХ

Данная статья посвящена исследованию взаимосвязей фундаментальных разделов математики алгебры и теории чисел с современными информационными технологиями. В статье рассматриваются теоретические аспекты использования алгебраических структур в моделировании баз данных и применение алгоритмов теории чисел в кибербезопасности. Автор уделяет особое внимание методическим аспектам обучения, предлагая эффективные пути интеграции теоретической математики с программированием и обработкой данных. Делается вывод, что использование междисциплинарного подхода не только повышает качество образования, но и закладывает прочный фундамент для формирования алгоритмического мышления будущих ИТ-специалистов. Проанализирована роль алгебраических структур, понятий теории чисел, математической логики и вычислительных методов в формировании современных цифровых технологий. Показаны основные направления применения этих знаний в криптографии, программировании, обработке данных, искусственном интеллекте и информационной безопасности. Установлено, что интеграция математических и информационных дисциплин имеет важное значение для повышения уровня профессиональной подготовки специалистов.

Ключевые слова: алгебра, теория чисел, информационные технологии, криптография, алгоритм, искусственный интеллект, матрица, информационная безопасность, реляционная алгебра, теория чисел, ИТ-образование, базы данных, методика преподавания.

METHODOLOGICAL AND THEORETICAL ASPECTS OF THE APPLICATION OF ALGEBRA AND NUMBER THEORY IN INFORMATION TECHNOLOGIES AND DATABASE PROCESSING

This article is devoted to exploring the interrelations between the fundamental branches of mathematics algebra and number theory and modern information technologies. The paper examines the theoretical aspects of using algebraic structures in database modeling and the application of number theory algorithms in cybersecurity. The author pays special attention to the methodological aspects of teaching, proposing effective ways to integrate theoretical mathematics with programming and data processing. It is concluded that the use of an interdisciplinary approach not only improves the quality of education but also lays a solid foundation for the formation of the algorithmic thinking of future IT specialists. The role of algebraic structures, concepts of number theory, mathematical logic, and computational methods in the

development of modern digital technologies is analyzed. The main directions of applying this knowledge in cryptography, programming, data processing, artificial intelligence, and information security are shown. It is determined that the integration of mathematical and informational disciplines is of great importance for raising the level of professional training of specialists.

Keywords: algebra, number theory, information technologies, cryptography, algorithm, artificial intelligence, matrix, information security, relational algebra, number theory, IT education, databases, teaching methodology.

Дар бораи муаллифон

Қамариддинзода Заррина Нусратулло
Номзади илмҳои физика-математика, дотсент, мудири кафедраи кафедраи алгебра ва назарияи ададҳо
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: zarrina.qamariddinova@gmail.ru

Абидов Рахимджон Тохирович
Ассистенти кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: abidovrahimjon@gmail.com

Об авторах

Камариддинзода Заррина Нусратулло
Кандидат физико-математических наук, доцент, заведующая кафедрой алгебры и теории чисел
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: zarrina.qamariddinova@gmail.ru

Абидов Рахимджон Тохирович
Ассистент кафедры информационных и коммуникационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: abidovrahimjon@gmail.com

About the authors

Kamariddinzoda Zarrina Nusratullo
Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Algebra and Number Theory
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: zarrina.qamariddinova@gmail.ru

Abidov Rakhimjon Tokhirovich
Assistant of the Department of information and communication technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: abidovrahimjon@gmail.com

УДК 372.851:004.42

МЕТОДИКА ФОРМИРОВАНИЯ АЛГОРИТМИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ УЧАЩИХСЯ ПРИ ОБУЧЕНИИ АЛГЕБРЕ В 7–9 КЛАССАХ

Каримзода Т. Х.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Введение. Вопрос о том, как научить школьника действовать по алгоритму и при этом понимать, что он делает, для учителя математики не нов. Но в последние годы он обсуждается всё чаще. Дети рано начинают работать с компьютером, на уроках информатики пишут первые программы, а в старших классах встречают задачи, где без чёткого плана решения не обойтись. Алгебра 7–9 классов даёт для этого богатый материал. Решить уравнение, упростить выражение, исследовать функцию – везде шаги нужно выполнять в строгом порядке и знать, зачем нужен каждый из них.

Психологическую сторону этого процесса описали ещё классики отечественной психологии. Л.С. Выготский подчёркивал, что «развитие мышления связано с осознанным усвоением способов деятельности и формированием внутренних интеллектуальных действий» [4]. У П.Я. Гальперина формирование умственных действий предстаёт как «поэтапный процесс перехода от внешних операций к их внутреннему осмыслению» [5]. Для учителя алгебры вывод отсюда простой: выученное правило ещё не гарантирует, что ученик решит задачу. Решит тот, кто понимает, из каких шагов состоит алгоритм и почему они идут именно в таком порядке.

На практике же многие ученики теряются, как только решение нужно организовать самостоятельно. Ошибки повторяются из года в год. Ученик путает порядок действий, не проверяет промежуточный результат, а получив задание, немного отличающееся от образца, не знает, с чего начать. Чаще всего это видно на квадратных уравнениях, на преобразованиях выражений и при разложении многочленов на множители. Поэтому алгоритмическую культуру мы понимаем шире, чем знание правил. Сюда входит и умение выбрать подходящий способ, и привычка разбирать условие, и контроль за каждым шагом.

Цифровая среда эти требования только усиливает. Программирование, электронные таблицы, компьютерное моделирование не прощают пропущенного шага. А уроки алгебры во многих школах по-прежнему построены на однотипных упражнениях: учитель показывает способ, класс решает десять похожих примеров. Самостоятельности такой урок почти не развивает, и часть учащихся постепенно теряет интерес к предмету.

Отсюда задача, которой посвящена статья: найти такие приёмы обучения алгебре, при которых алгоритмическая культура школьника формируется последовательно, а не от случая к случаю.

Цель исследования – научно обосновать и разработать методику формирования алгоритмической культуры учащихся при изучении алгебры в 7–9 классах общеобразовательной школы. Мы рассчитывали, что такая методика поможет развить у школьников логическое и алгоритмическое мышление, повысит качество их математической подготовки и научит применять алгоритмы осознанно, а не по памяти.

Почему эта цель важна? Школьник, который умеет лишь воспроизводить правило, плохо подготовлен к учёбе, где информацию нужно самому анализировать, а решение – планировать и проверять. Опору для методики мы находим в психологической теории деятельности. А.Н. Леонтьев подчёркивал, что «развитие мышления невозможно вне активного освоения способов деятельности» [9]. Н.Ф. Талызина рассматривала усвоение знаний как «поэтапный процесс формирования умственных действий» [15]. Если перенести эти положения на урок алгебры, алгоритм нельзя сообщать ученику в готовом виде. Его нужно выстраивать вместе с классом, шаг за шагом.

Посмотрим, как это выглядит в 8 классе, где учащиеся знакомятся с формулой корней квадратного уравнения [1]. Возьмём уравнение $x^2 - 5x + 6 = 0$. Формулу знают почти все. Но одни ученики подставляют $b = 5$ вместо $b = -5$, другие начинают считать дискриминант для уравнения, которое ещё не приведено к виду $ax^2 + bx + c = 0$. С формулами сокращённого умножения картина похожая. Ученик помнит, что $a^3 + b^3$ раскладывается на два множителя, но во втором множителе ставит перед ab знак «плюс». Знаний ему хватает. Не хватает привычки идти по алгоритму и сверять каждый шаг. Мы связываем это прежде всего с тем,

что на уроках преобладают репродуктивные методы: после серии однотипных упражнений времени на разбор самого способа действия уже не остаётся.

Для достижения цели нужно было решить несколько задач. Сначала – изучить психолого-педагогическую и методическую литературу по алгоритмизации обучения и уточнить, что следует понимать под алгоритмической культурой и из каких компонентов она складывается. Затем – определить, какие темы школьного курса алгебры дают для её развития больше всего возможностей, и разработать методические условия и систему упражнений. Последняя задача – проверить методику в педагогическом эксперименте. За всеми этими задачами стоял один вопрос: научится ли ученик сам выстраивать последовательность действий и видеть, как устроена задача.

Теоретической основой работы послужили положения педагогики, психологии и методики обучения математике о том, как развивается алгоритмическое мышление школьника. Нас интересовало, как алгоритмизировать учебную деятельность и как добиться, чтобы ученик применял алгоритм осознанно. С распространением цифровых технологий значение этих вопросов растёт: ученику всё чаще приходится самому разбираться в информации, планировать свои действия и искать короткий путь к ответу.

Ещё М.Н. Скаткин подчёркивал, что «обучение должно быть направлено не только на усвоение знаний, но и на развитие мышления и познавательной активности учащихся» [13]. В алгебре эта мысль ощущается особенно остро: здесь решение почти всегда зависит от того, понимает ли ученик, как устроено действие. Много сделал для разработки проблемы алгоритмизации Я.И. Груденов. По его мнению, «алгоритмический подход способствует упорядочению мыслительной деятельности учащихся и облегчает усвоение математического материала» [6]. Груденов настаивал и на том, что операцию нужно выполнять осознанно, видя её внутреннюю последовательность.

Владеть набором алгоритмов – ещё не значит обладать алгоритмической культурой. Нужно понимать, что такое алгоритм вообще, видеть, как устроено математическое действие, и уметь перенести знакомый способ на новую задачу. Главным средством здесь Т.А. Иванова считала систему упражнений и отмечала, что «эффективность обучения зависит от правильной организации системы учебных заданий» [7]. Наш опыт это подтверждает. Лучше всего работают вариативные упражнения, контрпримеры, задания на сравнение двух способов решения и задачи, которые усложняются постепенно.

Е.И. Лященко выделял в работе с алгоритмом три этапа: введение, усвоение и применение [10]. Такое деление удобно учителю. Оно позволяет спланировать тему так, чтобы ученик сначала понял, откуда берётся алгоритм, потом закрепил его и лишь после этого применял в незнакомых условиях. В курсе алгебры 7–9 классов для этого лучше всего подходят преобразования выражений, квадратные уравнения, разложение многочленов на множители и арифметическая прогрессия. На этих темах школьник учится разбирать условие, планировать ход решения и проверять ответ.

Мы опирались также на деятельностный подход. Знание усваивается прочно, когда ученик сам действует, а не только слушает объяснение. Изучая алгебру, он осваивает не одни формулы: он учится сравнивать, классифицировать, обобщать. Путь к алгоритмической культуре ведёт от работы по образцу к самостоятельному поиску способа решения, и задача учителя – подобрать методы, которые поддерживают это движение.

В методической литературе отмечается, что алгоритмизация уменьшает число типичных ошибок и делает действия ученика более осмысленными. Мы видели это и на своих уроках. Однако у алгоритмического подхода есть обратная сторона. Если ученик заучил предписание, не понимая его логики, первая же нестандартная задача ставит его в тупик. Поэтому каждое предписание мы вводили вместе с объяснением того, зачем нужен каждый его шаг.

Многое зависит от того, как подобраны задания. Возьмём контрпример. Ученикам показывают «решение», в котором обе части уравнения $x^2 = 4x$ разделены на x и получен единственный корень $x = 4$. Нужно найти, где потерян корень $x = 0$. Такое задание заставляет вернуться к вопросу, допустим ли сделанный шаг, а именно этого вопроса ученики обычно себе и не задают.

Важен и порядок заданий. Сначала ученик выполняет алгоритм по готовому плану, затем сам составляет план для похожей задачи и только после этого решает задачу, в которой способ нужно выбрать. При такой последовательности материал усваивается прочнее, а мышление становится гибче.

Итак, формирование алгоритмической культуры не сводится к отработке отдельных приёмов. Это длительный процесс, в котором переплетаются развитие мышления школьника, выбор методов обучения алгебре и организация учебной работы вокруг алгоритмов.

Материалы и методы исследования. В исследовании сочетались теоретические, эмпирические и аналитические методы. Мы стремились выяснить, при каких педагогических условиях алгоритмизация обучения даёт результат, определить, насколько развито алгоритмическое мышление учащихся, и проверить, работает ли разработанная методика. Методологической опорой служили положения педагогики, психологии и методики преподавания математики об интеллектуальном развитии школьника в учебной деятельности.

Близки нам взгляды Н.Л. Стефановой и Н.С. Подходовой, для которых обучение математике означает формирование не только знаний, но и способов интеллектуальной деятельности. Авторы подчёркивают, что «усвоение математического материала должно сопровождаться развитием логического мышления и способности самостоятельно применять способы действий в новых учебных ситуациях» [14]. Г.Э. Кирсанов отмечал, что «систематическое использование алгоритмов способствует развитию последовательности мышления учащихся и повышает осознанность математических действий» [8]. Б. Чада рассматривал алгоритмическое мышление как «важную составляющую интеллектуального развития школьников» [16].

Работа шла в четыре этапа: теоретико-аналитический, диагностический, формирующий и контрольный. Сначала мы изучали литературу по алгоритмизации обучения, развитию логического мышления и построению систем упражнений, пользуясь анализом, сравнением, систематизацией, моделированием и педагогическим проектированием. Моделирование понадобилось, чтобы построить систему формирования алгоритмической культуры и увидеть, как связаны между собой содержание учебного материала, система упражнений и уровень алгоритмических умений учащихся.

На диагностическом этапе мы выясняли, как обстоит дело с алгоритмической культурой учащихся сейчас. Проводились наблюдение на уроках, анкетирование, беседы и тестирование, анализировались письменные работы. Нас интересовало, умеет ли ученик выстроить последовательность действий, применить алгоритм и разобрать, как устроено задание.

Выводы. Формирование алгоритмической культуры при обучении алгебре в 7–9 классах мы считаем одним из важных направлений развития школьного математического образования. Ученику сегодня нужно уметь логически рассуждать, разбирать задачу, планировать свои действия и сознательно пользоваться математическими методами. Исследование показало, что алгоритмизация обучения развивает логическое и аналитическое мышление учащихся, делает их самостоятельнее и помогает глубже усвоить алгебру. На математическую подготовку положительно влияет регулярное использование алгоритмических предписаний, вариативных упражнений, контрпримеров и проблемных заданий. Нагляднее всего результат проявился на преобразованиях алгебраических выражений, квадратных уравнениях, разложении многочленов на множители и арифметической прогрессии. Ученики стали увереннее применять изученные алгоритмы и лучше понимать логику математических действий.

Главную причину трудностей мы видим в слабо развитых навыках логического анализа и осознанного применения алгоритмов. Ученики нередко запоминают способ решения механически и не понимают, как устроена операция. От этого страдает и самостоятельность мышления, и качество подготовки в целом. Методику обучения алгебре, по нашему убеждению, следует развивать в сторону алгоритмизации учебной деятельности: чаще давать вариативные и проблемные задания, вводить действия поэтапно, строить систему упражнений так, чтобы ученик постепенно переходил к самостоятельной работе. Алгоритмическую культуру мы рассматриваем как одно из условий интеллектуального развития школьника и повышения качества математического образования.

Добавим, что основы логического и алгоритмического мышления закладываются ещё в начальной школе. Со второго класса наряду с простыми задачами детям дают составные, а в третьем и четвёртом классах такие задачи постепенно усложняются. Важно, чтобы младший школьник не просто запоминал способ действия, а учился сам находить путь к ответу. Решая текстовую задачу, он разбирает условие, отделяет известное от неизвестного, связывает величины между собой и выбирает порядок арифметических действий. Х.Х. Бегимов

подчёркивает, что «решение текстовых задач является одним из важных средств развития творческих способностей младших школьников» [2, с. 134]. При такой работе ребёнок осмысленно усваивает правила, формулы и зависимости, и на этой основе в 7–9 классах строится алгоритмическая культура, о которой шла речь в статье.

Исследовательская работа выполнена в рамках научного направления кафедры «Методика обучения информационным технологиям» на 2025–2030 годы. Исследование направлено на изучение педагогических возможностей формирования алгоритмической культуры, развития логического мышления и совершенствования методики обучения информатике и математике в условиях цифровизации системы образования.

Литература

1. *Алиев Б. и др. Алгебра: учебник для 8 класса общеобразовательных учреждений. - Душанбе: Маориф, 2018. - 240 с.*
2. *Бегимов Х.Х. Формирование творческих способностей младших школьников при решении математических текстовых задач // Вестник педагогического университета. - 2025. - № 1 (23). - С. 134.*
3. *Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. - М.: Педагогика, 1989. - 192 с.*
4. *Выготский Л. С. Мышление и речь. - М.: Лабиринт, 1999. - 352 с.*
5. *Гальперин Пётр Яковлевич Введение в психологию. - М.: Книжный дом «Университет», 1999. - 332 с.*
6. *Груденов Я.И. Совершенствование методики работы учителя математики. - М.: Просвещение, 1990. - 224 с.*
7. *Иванова Т.А. Система упражнений как средство формирования алгоритмической культуры учащихся // Математика в школе. - 2001. - № 5. - С. 148–150.*
8. *Кирсанов Г.Э. Формирование алгоритмической культуры школьников на уроках математики // Педагогика. - 2003. - № 4. - С. 10–15.*
9. *Леонтьев А. Н. Деятельность. Сознание. Личность. - М.: Смысл, 2005.-352 с.*
10. *Лященко Е.И. Формирование алгоритмической культуры учащихся при обучении математике. - Киев: Радянська школа, 1987. - 128 с.*
11. *Махмутов М.И. Проблемное обучение. - М.: Педагогика, 1975. - 367 с.*
12. *Поля Г. Как решать задачу. - М.: Учпедгиз, 1961. - 208 с.*
13. *Скаткин М. Н. Проблемы современной дидактики. - М.: Педагогика, 1984. - 96 с.*
14. *Стефанова Н.Л., Подходова Н.С. Теория и методика обучения математике в школе. - СПб.: РГПУ им. А.И. Герцена, 2005. - 320 с.*
15. *Талызина Н. Ф. Управление процессом усвоения знаний. - М.: Изд-во МГУ, 1984. - 344 с.*
16. *Чада Б. Алгоритмическое мышление учащихся и методика его формирования. - Прага: Academia, 1982. - 214 с.*

МЕТОДИКА ФОРМИРОВАНИЯ АЛГОРИТМИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ УЧАЩИХСЯ ПРИ ОБУЧЕНИИ АЛГЕБРЕ В 7–9 КЛАССАХ

В статье рассматриваются теоретические и методические основы формирования алгоритмической культуры учащихся при обучении алгебре в 7–9 классах общеобразовательных учреждений. Актуальность исследования обусловлена процессами цифровизации образования, расширением использования информационных технологий и необходимостью развития у школьников логического, аналитического и алгоритмического мышления. Особое внимание уделяется роли алгоритмизации обучения в повышении качества математической подготовки учащихся. В ходе исследования проанализированы психолого-педагогические и дидактические подходы к развитию алгоритмического мышления школьников. Раскрыты особенности использования алгоритмов, алгоритмических предписаний, вариативных упражнений, контрпримеров и проблемных заданий в процессе изучения алгебры. Обоснована эффективность поэтапного формирования алгоритмических действий и системной организации учебных заданий, направленных на развитие самостоятельности и логической культуры учащихся. Результаты исследования показали, что использование специально разработанной методики способствует развитию у школьников навыков анализа, последовательного выполнения действий и осознанного применения математических алгоритмов. Установлено, что алгоритмизация обучения положительно влияет на качество усвоения алгебраического материала, снижает количество типичных ошибок и способствует формированию устойчивого интереса к изучению математики.

Ключевые слова: алгоритмическая культура, алгоритмическое мышление, алгебра, обучение математике, алгоритмизация обучения, логическое мышление, система упражнений, проблемное обучение, учащиеся 7–9 классов, математическое образование.

МЕТОДИКАИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ АЛГОРИТМИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ АЛГЕБРА ДАР СИНФҲОИ 7–9

Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва методии ташаккули фарҳанги алгоритмии хонандагон дар раванди таълими алгебра дар синфҳои 7–9 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди таҳлил

қарор гирифтаанд. Мубрамияти таҳқиқот бо рушди муҳити рақамии таълим, тавсеаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва зарурати ташаккули тафаккури мантиқӣ, таҳлилӣ ва алгоритмии хонандагон асоснок мегардад. Дар шароити муосир баланд бардоштани сифати таҳсилоти математикӣ бе рушди қобилияти таҳлил, банақшагирии пайдарҳамии амалҳо ва истифодаи бошууронаи алгоритмҳо ғайриимкон мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқот равишҳои психолого-педагогӣ ва дидактикии ташаккули тафаккури алгоритмии хонандагон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Нақши алгоритмикунонии таълим дар рушди мустақилияти фикрӣ, фаъолнокии маърифатӣ ва ташаккули фарҳанги мантиқии хонандагон муайян карда шудааст. Дар мақола хусусиятҳои истифодаи алгоритмҳо, дастурҳои алгоритмӣ, машқҳои вариативӣ, контрмисолҳо ва супоришҳои проблемавӣ ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои алгебра асоснок карда мешаванд. Ҳамчунин самаранокии ташкили марҳилавии амалҳои алгоритмӣ ва низоми пайдарпайи супоришҳои таълимӣ нишон дода шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи методикаи пешниҳодшуда ба рушди малакаҳои таҳлил, тафаккури мантиқӣ, риояи пайдарҳамии амалҳо ва истифодаи бошууронаи алгоритмҳои математикӣ мусоидат менамояд. Муайян гардид, ки алгоритмикунонии таълими алгебра ба беҳтар гардидани сифати азхудкунии маводи таълимӣ, кам шудани хатогиҳои маъмулии хонандагон ва баланд гардидани шавқу рағбат ба омӯзиши математика таъсири мусбат мерасонад.

Калидвожаҳо: фарҳанги алгоритмӣ, тафаккури алгоритмӣ, алгебра, таълими математика, алгоритмикунонии таълим, тафаккури мантиқӣ, низоми машқҳо, таълими проблемавӣ, хонандагони синфҳои 7–9, таҳсилоти математикӣ.

METHODOLOGY OF FORMING STUDENTS' ALGORITHMIC CULTURE IN TEACHING ALGEBRA IN GRADES 7–9

The article examines the theoretical and methodological foundations of developing students' algorithmic culture in the process of teaching algebra in grades 7–9 of secondary schools. The relevance of the study is determined by the digitalization of education, the expansion of information technologies, and the growing need to develop students' logical, analytical, and algorithmic thinking. Particular attention is paid to the role of algorithmization in improving the quality of mathematical education. The study analyzes psychological-pedagogical and didactic approaches to the development of algorithmic thinking among school students. The paper discusses the use of algorithms, algorithmic instructions, variable exercises, counterexamples, and problem-based tasks in the teaching of algebra. The effectiveness of the step-by-step formation of algorithmic actions and the systematic organization of educational tasks aimed at developing students' independence and logical thinking is substantiated. The findings demonstrate that the proposed methodology contributes to the development of analytical skills, sequential reasoning, and conscious application of mathematical algorithms by students. It was established that the algorithmization of instruction positively affects the mastery of algebraic material, reduces the number of typical errors, and increases students' interest in mathematics.

Keywords: algorithmic culture, algorithmic thinking, algebra, mathematics teaching, algorithmization of learning, logical thinking, system of exercises, problem-based learning, students of grades 7–9, mathematical education.

Об авторе
Каримзода Тохир Худойназар
Соискатель кафедры основы информационных технологий
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: tahir_karim@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Каримзода Тоҳир Худойназар
Унвонҷӯи кафедраи асосҳои технологияи информатсионӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: tahir_karim@mail.ru

About the author
Karimzoda Tohir Khudoinazar
Applicant of the Department of Fundamentals of Information Technologies
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: tahir_karim@mail.ru

ТДУ 378.147:514.12

ҲАМГИРОИИ УСУЛҲОИ АНЪАНАВӢ БО УСУЛҲОИ МУОСИР ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ГЕОМЕТРИЯИ АНАЛИТИКӢ

Зокиров А. Р., Саидзода И. М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Дар шароити рушди илмҳои дақиқ ва технологияи рақамии муосир талабот ба усулҳои нави таълими математикаи олӣ зиёд гардидааст. Ин фанни таълимӣ фарогири зиёда аз 96 мавзуъҳое мебошад, ки онҳо ба таҳлили математикӣ, геометрия, алгебра ва дигар самтҳои муҳимми математика вобастагӣ доранд. Масалан, мавзуъҳои «Системаи координатаҳои росткунҷа», «Системаи координатаҳои қутбӣ» ва «Муодилаи хати рост дар ҳамворӣ» аз қабили он мавзуъҳое мебошанд, ки ҳамчун асоси геометрияи аналитикӣ ва алгебраи хаттиро ташкил медиҳанд, аммо, ин мавзуъҳо дар барномаи фаннии математикаи олӣ ворид шуда, мавқеи муҳимро ишғол менамоянд.

Методҳо. Мавзуъҳои болозикр дар заминаи таълими анъанавӣ бо истифода аз графикҳо, тахта ва воситаҳои классикӣ ба роҳ мондани раванди таълим, аз ҷумла, тарҳрезӣ ва такмил додани барномаҳои таълимӣ аз фанни математикаи олӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад [14].

Бо рушди технологияҳои компютерӣ, усулҳои муосири чандрасонаӣ, платформаҳои таълимии математикӣ (GeoGebra, Desmos, Maple, MATLAB) ва технологияҳои барномасозӣ (C++, C#, Python) рӯйи кор омада, дар раванди омӯзиш навгониҳои ҷиддиро ба вуҷуд овардаанд. Зеро дар заминаи ин технологияҳо раванди омӯзиш фаҳмо ва айёниятҳои таълимӣ таъмин мегарданд.

Технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи мо ба самтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва таълим таъсири худро мегузоранд. Ин технологияҳо аз барномаҳои компютерӣ, замимаҳои мобилӣ, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои таълимӣ ва дигар воситаҳои рақамӣ иборат буда, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди рақамигардонӣ ба раванди таълим на танҳо сифат, балки мутобиқшавӣ ба стандарҳои байналмилалиро пешниҳод мекунанд [2].

Тавре ба мо маълум аст, системаи координатаҳои росткунҷа ҷиҳати муайянкунии нуқтаҳо дар ҳамворӣ ба ҳисоб рафта, дар он тавассути тири абсиса қиматҳои x ва бо тири ордината қиматҳои y муайян карда мешавад. Нуқтаҳо дар ҳамворӣ ҳамчун ҷуфти қиматҳои (x, y) муайян карда мешаванд.

Системаи координатаҳои қутбӣ бошанд як алтернатива ба системаи декартӣ буда, дар он нуқта бо ду параметр давр ҳавмворӣ тасвир карда мешавад. Дар ин сиситема бо r – масофа аз нуқтаи марказӣ (қутб) ва бо θ – кунҷи гардиш нисбат ба меҳвари горизонталӣ (ба миқёси радиан ё дараҷа) муайян карда мешавад. Дар ин ҷо, нуқтаи А дар қутбӣ $A(r,\theta)$ ва гузариш аз координатаҳои қутбӣ ба росткунҷа бошад, бо $x = rcos(\theta)$ ва $y = rsin(\theta)$ ҳисоб карда мешавад [8].

Муодилаи хати рост бошад, яке аз мафҳумҳои асосии геометрияи аналитикӣ ба ҳисоб рафта, дар он шаклҳои гуногуни формулаҳо истифода мешавад, ки намуди умуми он чунин аст: $Ax+By+C=0$. Дар шакли каноникӣ муодила намуди зеринро дорад: $y=mx+b$.

Инчунин, дар геометрияи аналитикӣ муодилаи хати рости аз ду нуқтаи $A(x_1, y_1), B(x_2, y_2)$ гузарандаро низ истифода мебаранд, ки намуди умумии он чунин аст:

$$\frac{y - y_1}{y_2 - y_1} = \frac{x - x_1}{x_2 - x_1}$$

Пажуҳишҳои муҳаққиқони соҳа нишон медиҳанд, ки усулҳои маъмули номбаршударо, агар бо таври анъанавӣ мавриди омӯзиш қарор диҳем, на ҳамаи донишҷӯён мафҳумҳои назариявиро бо ҷанбаҳои амалии татбиқӣ дарк намуда метавонанд. Барои ҷолиб ва фаҳмо гардонидани раванди омӯзиш татбиқи технологияҳои муосир хеле муҳим мебошад. Зеро ҳамгироии усулҳои анъанавӣ бо технологияҳои иттилоотӣ дар раванди омӯзиш барои таҳкими маърифати математикӣ ва рушди тафаккури эҷодии донишҷӯён замина мегузорад (ҷадвали 1) [5, с. 12].

Ҷадвали 1. Ҳамгироии усулҳои анъанавӣ бо усули муосир

Усули анъанавӣ	Усули муосир	Мақсади ҳамгирой
Тасвир дар тахта ва истифодаи усулҳои	Тасвири графикӣ тавассути платформаҳои математикӣ ва забонҳои барномасозӣ	Тасвири дақиқ ва динамикӣ

классикӣ	GeoGebra, Desmos, Maple, MATLAB	
Ҳисобҳои аналитикии дастӣ	Ҳисобкуниҳои худкор тавассути технологияҳои барномасозӣ	Вусъат бахшидан ба дарки маънои геометрии ҳисобкуниҳо
Шарҳи мафҳумӣ	Амсиласозии амалӣ	Ҷалби донишҷӯён ба раванди таҳлил

Ҷиҳати арзёбии ҳамоҳангии технологияҳои муосир бо таълими анъанавӣ шакли намунавии як дарси амалиро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Мавзуи дарсӣ: Системаи координатаҳои росткунҷа, системаи координатаҳои қутбӣ ва муодилаи хати рост дар ҳамворӣ

Мақсади дарс:

– татбиқи усулҳои муосир ҷиҳати такмили дониши назариявӣ ва амалии донишҷӯён доир ба системаи координатаҳо ва хати рост;

– дарки робитаи байни координатаҳои росткунҷа ва қутбӣ;

– татбиқи технологияҳои компютерӣ барои визуалигардонӣ ва таҳлили графики функсияҳо [7].

Натиҷаҳои таҳқиқот. *Натиҷаҳое, ки ба даст омадаанд.* Пас аз татбиқи технологияҳои компютерӣ ва ҳамгироии усулҳои анъанавӣ донишҷӯён бояд:

1. Мафҳумҳои асосии ду системаи координатӣ ва хати ростро азхуд намуда, ҷанбаҳои амалии онро фаҳманд;
2. Муодилаи хати ростро дар ҳамворӣ тасвир намуда тавонанд;
3. Тавассути платформаҳои таълимии математикӣ аз қабили, GeoGebra ва забонҳои барномасозӣ график функсияҳоро тасвир намуда тавонанд;
4. Дар раванди дарс фаъолона иштирок намуда, фикру мулоҳизаҳои худро муҳокимаронӣ карда тавонанд.

Дар ин замина раванди дарсро ба якчан марҳилаҳо ҷудо менамоем [13]:

Марҳилаи 1. Пешниҳоди мухтасари мавзуъ ва мақсади омӯзиши он, аз қабили: муқаддима, саволҳои санҷишӣ ва таҳлили дониши ибтидоии донишҷӯён роҷеъ ба мавзуи матраҳшаванда.

Марҳилаи 2. Татбиқи усалҳои анъанавӣ бо пешниҳоди маводҳои назариявӣ дар назди тахта ва ҳамоҳанг намудани технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёнӣ таълим. Масалан, бояд тавассути платформаҳои математикӣ ва технологияҳои барномасозӣ раванди тасвири нуқтаҳо дар ҳамворияи координатӣ нишон дода шаванд. Барои ба роҳ мондани ин марҳила на ҳама вақт усулҳои классикӣ самаранок мебошанд, зеро дар барои ҳисобкуниҳо ва тасвири графикҳо вақт кифоягӣ намекунад. Тавассути технологияҳои муосир бошад, омӯзгор метавонад барои якчанд қиматҳои мувофиқ раванди графиксозиро визуалӣ гардонад. Шарҳи ин гуфтаҳоро метавон тавассути барномаҳои компютерӣ бо таври зайл баҳодиҳӣ намуд [8, 10].

Мисоли 1. Мавқеи нуқтаҳои (-3, 5), (-2, 3) ва (2, -5)-ро дар сиситемаи координатӣ бо татбиқи технологияҳои барномасозӣ муайян намоед.

Мисоли 2. Тасвир ва ҳаракат додани нуқтаҳо бо координатаҳои ρ ва θ дар системаи координатаи қутбӣ, ҳангоми ρ=3 ва $\theta=45^0$.

Мисоли 3. Муодилаи хати рост аз ду нуқтаи $A(x_1,y_1)=(-3,5)$ ва $B(x_2,y_2)=(2,-5)$ гузарандаро тартиб диҳед.

Аз сабаби ба ҳамагон маълум будани усулҳои анъанавии ҳалли мисолҳои 1-3 зарурати пешниҳод намудани ҳалли онҳо дар шаклимаъмули ҳатмӣ нест. Аз ин рӯ, танҳо татбиқи технологияҳои барномасозиро дар раванди ҳалли ин мисолҳо пешниҳод менамоем, ки натиҷа дар расмҳои 1-3 оварда шудааст:



Расми 1 – Натиҷаи компютерии мисоли 1



Расми 2 – Натиҷаи компютерии мисоли 2



Расми 3 – Натиҷаи компютерии мисоли 3

Натиҷаҳои компютерӣ нишон медиҳанд, ки бо роҳи визуалигардонӣ тасвир намудани графики функсияҳо қулай ва барои донишҷӯён фаҳмо мегардад. Донишҷӯён метавонанд бо ворид намудани қиматҳои дилхоҳ, натиҷаҳои гуногунро ҳосил намуда, моҳияти мавзуи баррасишавандаро дарк мекунанд.

Марҳилаи 3. Дар ин марҳила ҷанбаҳои корҳои амалӣ роҷеъ ба мавзуи баррасишаванда таҳлил ва арзёбӣ мешавад. Масалн, малакаи донишҷӯ дар раванди корҳои амалӣ, татбиқи донишҳои назариявӣ бо истифодаи аз усулҳои анъанавӣ ва муосири баррасӣ карда мешавад. Барои расидан ба ин ҳадаф, ба донишҷӯён варақаи кори амалӣ тақсим карда мешавад ва онҳо бояд ҳангоми иҷрои масъалаҳо ҳам аз тахтаи синф ва дафтар ва ҳам аз технологияҳои муосир аз қабил: компютер, дастгоҳҳои мобилӣ, интернет ва платформаҳои математикӣ истифода баранд [8].

Марҳилаи 4. Арзёбӣ ва ҷамъбасти дарс дар ин марҳила роҳандозӣ мешавад. Барои расидан ба ин ҳадаф дар охири дарс, омӯзгор ва донишҷӯён мавзуи омӯхташударо якҷоя натиҷагирӣ мекунанд. Омӯзгор дар ин марҳила сатҳи дарк ва фаҳмиши донишҷӯёнро арзёбӣ намуда, фикру мулоҳизаҳои онҳоро дар бораи муҳимтарин нуқтаҳои омӯхташуда таҳлил намуда, хулосабарорӣ мекунад. Маслан, пурсиши шифоҳии 3-4 донишҷӯ, тестҳои кӯтоҳ тариқи варақаҳои қаблан омодашуда ва ғайра [11].

Аз ҷониби омӯзгор бояд, муҳимтарин нуқтаҳои дарс хотиррасон карда шаванд. Саволҳо метавонанд чунин бошанд:

1. Бо кадом усул муодилаи хати рост ҳосил мешавад?
2. Тавассути технологияҳои барномасозӣ, хусусан, забони Python кадом намуди мисолҳои дигарро барномасозӣ намудан мумкин аст?
3. Оё ҳангоми визуалӣ гардонидани графикӣ функсияҳо Шумо масъаларо бештар дарк намудед ё бо усулҳои анъанавӣ?
4. Кадом қисмати дарс бароятон осон ва кадом қисмат душвор буд?

Тавре аз таҳлили маводҳои болозикр бармсеояд, татбиқи технологияҳои барномасозӣ дар раванди омӯзиши фанни математикаи олӣ, хусусан, дар омӯзиши геометрияи аналитикӣ, на ба хотири канор гузоштани усулҳои анъанавии таълим, балки бо мақсади ғанӣ гардондани онҳо ва такмил додани фаҳмишу дарки донишҷӯён ба роҳ монда мешавад, зеро усулҳои анъанавӣ, шарҳи назариявӣ, ҳисобҳо бо истифодаи формулаҳо ва ҳалли масъалаҳо дар тахтаи синфро мегиранд, ки ин асоси таълими математикаро ташкил медиҳад. Аммо дар шароити муосир, ки ҷомеа рӯ ба технологияҳои рақамӣ овардааст, истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва барномасозӣ, аз ҷумла забонҳои Python барои тасвири графикии хати рост, муайян кардани мавқеи нуқтаҳо ва таҳлили визуалии равандҳо имкониятҳои иловагиро фароҳам меоранд [11, 155].

Ҳамин тавр, дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ ва таҳлилҳои татбиқшудаи болозик, ки онҳо дар раванди омӯзиши мавзуъҳои геометрияи аналитикӣ рӯи кор омаданд, имконияти фароҳам омад, то усулҳои анъанавӣ ва муосирро ба таври мукаммал татбиқ намоем.

Баррасӣ ва таҳлилҳои марҳилаҳои таълим нишон медиҳанд, ки ҳам усулҳои классикӣ ва ҳам истифодаи технологияҳои барномасозӣ (Python, C++, C#) ва платформаҳои математикӣ метавонанд, якҷоя ҳамоҳанг гашта, донишҷӯро на танҳо бо маърифати назариявӣ, балки ба рушди тафаккури эҷодии онҳо замина гузорад. Дар ин замина, амсилаи консептуалии ҳамгироии усулҳоро зимни омӯзиши геометрияи аналитикӣ таҳия менамоем, ки он қадамҳои асосии омӯзишро пайдарпай аз равандҳои назариявӣ, амалӣ, амсиласозӣ то ба арзёбиро бо ҳам мепайвандад (расми 4).



Расми 4. Амсилаи ҳамгироии усулҳои анъанавӣ бо усулҳои муосир зимни омӯзиши геометрияи аналитикӣ

Адабиёт

1. *Зорич, В. А. Математический анализ. Ч. 1 / В.А. Зорич. – 3-е изд.–М.: МЦНМО, 2006.–432 с.*
2. *Зокиров А.Р. Татбиқи таҷрибаҳои технологияи инноватсионии раванди омӯзиш дар ҷаҳони муосир / А.Р. Зокиров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. 2025. № 2 (24). С. 222-227.*
3. *Климов, А. Ю. Использование ИКТ в обучении математике: учеб. пособие / А.Ю. Климов. – М.: Форум, 2010. – 160 с.*
4. *Колмогоров А. Н. Курс аналитической геометрии / А.Н. Колмогоров, А.П. Юшкевич. – М.: Просвещение, 2002. – 256 с.*
5. *Комилиён, Ф. С. Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ барои синфи 9-ум / Ф.С. Комилиён. – Душанбе: Маориф, 2018. – 209 с.*
6. *Комилиён, Ф. С. Роҳнамои фанни технологияи иттилоотӣ барои синфи 5-ум / Ф. С. Комилиён, С. Р. Қурбонов, И. М. Саидов. – Душанбе: Маориф, 2018. – 137 с.*
7. *Кузнецов И. В. Алгоритмы и программирование на языке Python / И.В. Кузнецов, В.А. Устинов. – М.: Наука, 2020. – 411 с.*
8. *Литвинов А. С. Геометрия и основы геометрического моделирования / А.С. Литвинов. учеб. пособие. – М.: Форум, 2019. –192 с.*
9. *Лутц, М. Изучаем Python / М. Лутц. – СПб.: Символ-Плюс, 2017. – 688 с.*
10. *Полат, Е. С. Современные педагогические технологии / Е.С. Полат, М. Ю. Бухаркина. – М.: Академия, 2009. – 368 с.*
11. *Саидзода, И. М. Технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқшиносӣ / И. М. Саидзода, Ш. Х. Тағоев, А. И. Саидҷаҳфаров. – Душанбе : Донишварон, 2022. – 160 с.*
12. *Саидзода, И. М. Хусусиятҳои экосистемаи обанборҳо ва амсиласозии компютерии онҳо / И. М. Саидзода, М. Р. Еров. – Душанбе : Донишварон, 2021. – 118 с.*
13. *Саидов, И. М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ / И. М. Саидов, А. И. Саидҷаҳфаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – № 1. – С. 220-227.*
14. *Саидзода И.М. Усули тарҳрезии барномаҳои таълимӣ аз фанни математикаи олӣ бо татбиқи технологияҳои иттилоотӣ / И.М. Саидзода., А.Р. Зокиров // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2025. № 4 (52). С. 383-389.*
15. *Шевченко, Л. Г. Современные образовательные технологии: теория и практика / Л.Г. Шевченко. – М.: Академический проект, 2009. – 240 с.*

ҲАМГИРОИИ УСУЛҲОИ АНЪАНАВӢ БО УСУЛҲОИ МУОСИР ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ГЕОМЕТРИЯИ АНАЛИТИКӢ

Мақола ба таҳлили роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълими математикаи олӣ тавассути ҳамгироии усулҳои анъанавӣ бо усулҳои муосир бахшида шудааст. Дар раванди таҳқиқот татбиқи забони барномасозии Python барои ҳисоб ва визуалгардонии мавқеи нуқтаҳо, сохтани графики хати рост бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ баррасӣ гардидааст. Инчунин, марҳилаҳои асосии кори амалӣ, аз қабили ҳисоб дар системаҳои гуногуни координатӣ, сохтани хати рост бо истифода аз формулаҳои таносубӣ ва стандартӣ, инчунин арзёбии фаъолият дар муҳити рақамӣ бо истифодаи воситаҳои барномасозӣ муфассал шарҳ дода шудаанд. Дар асоси таҷрибаи амалии татбиқшуда амсилаи консептуалии ҳамгироии усулҳо таҳия гардидааст, ки равандҳои таълимро марҳила ба марҳила ба таври мантиқӣ ва методологӣ таҷассум мекунад. Амсилаи таҳияшуда нишон медиҳад, ки истифодаи усулҳои муосир на ба хотири иваз кардани усулҳои классикии анъанавӣ, балки бо мақсади такмил ва таҳкими салоҳиятҳои касбии донишҷӯён нигаронида шудааст.

Калидвожаҳо: геометрияи аналитикӣ, ҳамгироии усулҳо, Python, хати рост, системаи координатӣ, амсиласозӣ, амсилаи консептуалӣ.

ИНТЕГРАЦИЯ ТРАДИЦИОННЫХ И СОВРЕМЕННЫХ МЕТОДОВ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ АНАЛИТИЧЕСКОЙ ГЕОМЕТРИИ

Статья посвящена анализу путей повышения эффективности преподавания высшей математики путем интеграции традиционных методов с современными технологиями. В ходе исследования рассмотрено применение языка программирования Python для вычислений и визуализации положения точек, построения графика прямой линии с использованием современных информационных технологий. Также подробно описаны основные этапы практической работы, такие как вычисления в различных системах координат, построение прямой линии по пропорциональным и стандартным формулам, а также оценка деятельности в цифровой среде с использованием программных инструментов. На основе внедрённого опыта разработана концептуальная модель интеграции методов, которая логически и методологически отражает поэтапные процессы обучения. Разработанная модель показывает, что современные методы не заменяют классические традиционные

подходы, а служат их усовершенствованию и укреплению профессиональных компетенций студентов.

Ключевые слова: аналитическая геометрия, интеграция методов, Python, прямая линия, система координат, моделирование, концептуальная модель.

INTEGRATION OF TRADITIONAL AND MODERN METHODS IN TEACHING ANALYTIC GEOMETRY

This article is dedicated to analyzing ways to enhance the effectiveness of higher mathematics instruction through the integration of traditional methods with modern technologies. The study examines the application of the Python programming language for computations and visualization of point positions, as well as the construction of straight-line graphs using modern programming technologies. Key stages of practical work are discussed in detail, including calculations in various coordinate systems, plotting straight lines using proportional and standard formulas, and evaluating performance in a digital environment through programming tools. Based on applied experience, a conceptual integration model has been developed that logically and methodologically represents the step-by-step teaching processes. The proposed model demonstrates that modern methods are not meant to replace traditional classical ones, but to complement and strengthen students' professional competencies.

Keywords: analytic geometry, method integration, Python, straight line, coordinate system, modeling, conceptual model.

Дар бораи муаллифон

Саидзода Исроил Маҳмад
Н.и.т., дотсенти кафедраи информатика
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе,
х. Рудакӣ, 17
E-mail: isroil-84@list.ru

Зокиров Амонатулло Рамазонович
Унвончӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе,
х. Рудакӣ, 17
E-mail: zokirov01121@mail.ru

Об авторах

Саидзода Исроил Махмад
К.т.н., доцент кафедры информатики
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр.Рудаки, 17
E-mail: isroil-84@list.ru

Зокиров Амонатулло Рамазонович
Соискатель общеуниверситетской кафедры педагогики
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр.Рудаки, 17
E-mail: zokirov01121@mail.ru

About the authors

Saidzoda Isroil Mahmad
Ph.D., Associate Professor of the Department of Informatics
Competitor of the General University
Department of Pedagogy
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 17
E-mail: isroil-84@list.ru

Zokirov Amonatullo Ramazonovich
Tajik National University
Competitor of the General University
Department of Pedagogy
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 17
E-mail: zokirov01121@mail.ru

ТДУ 372.853(575.3)

ТАҲЛИЛИ МЕТОДӢ ВА РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МУНДАРИҶАИ КИТОБҲОИ ДАРСИИ ФИЗИКА

Раҷабов У. Х., Ашуров А. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳия ва нашри китобҳои дарсии хухусияти миллидошта, ки ба талаботи замони муосир ва стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот ҷавобгӯ мебошанд, ба миён омад. Китоби дарсӣ ҳамчун манбаи асосии дониш ва воситаи муҳимми ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, бахусус таълими физика мавқеи марказиро ишғол менамояд.

Дар ин робита, таҳлили ҳолати таърихии соҳаи маориф дар оғози истиқлолият ниҳоят муҳим аст. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар соли 1994 вазъи соҳаро воқеъбинона арзёбӣ намуда, таъкид доштанд: «...фаъолияти мактабҳои олӣ ва хусусан мактабҳои миёнаи мамлакат дар ҳолати нигаронкунанда қарор дорад. Таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти зарурӣ ва китобҳои дарсӣ дар сатҳи паст қарор дошта, барои беҳтар кардани вазъи соҳаи маориф андешидани тадбирҳои фаврӣ ва зарурӣ тақозо мегардад» [15, с. 168].

Мушкилоти таҳияи китоби дарсӣ ва методикаи кор бо он ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи олимони соҳаи педагогика ва методикаи таълим қарор дошт. Таҳлили адабиёти илмӣ-педагогӣ имкон медиҳад, ки саҳми муҳаққиқонро дар ин соҳа ба се самти асосӣ ҷудо намоем.

Аввалан, заминаҳои умуминазариявӣ ва дидактикии сохтори китоби дарсиро олимони маъруф Д.Д. Зуев [9] ва Н.К. Крупская [10] бунёд гузоштаанд, ки онҳо функсияҳои асосии китоби дарсӣ ва робитаи онро бо ҳаёт муайян намудаанд. Сониян, масъалаҳои методологияи сохторбандӣ ва хусусиятҳои хоси таҳияи китобҳои дарсии физика дар таҳқиқоти олимон-методистон М.М. Арутюнян [1], А.И. Бугаев [5], А.Т. Глазунов [6], Е.Н. Горячкин [7], П.А. Знаменский [8], Р.Д. Минькова [11] ва Л.С. Сусская [13] ба таври муфассал баррасӣ шудаанд. Дар асарҳои ин муаллифон нақши таҷрибаҳои физикӣ, супоришҳои амалӣ ва усулҳои фаъолгардонии тафаккури техникӣ дар мундариҷаи китоби дарсӣ асоснок карда шудааст. Сеюм, ҷанбаҳои миллӣ, хусусиятҳои дидактикии мутобиқсозии китобҳои дарсӣ ба шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи муносибати босалоҳият дар мактабҳои кишвар дар корҳои илмии олимони ватанӣ Б. Баҳриев [3], Г.А. Бобониёзова ва У.С. Умаров [4], Д. Сангинзода [12], У.С. Умаров [14] инъикоси худро ёфтаанд. Саҳми ин олимон дар муайян кардани сохтори китобҳои дарсии насли нави ватанӣ ва ворид намудани маводи маҳаллӣ назаррас аст.

Н.К. Крупская дар мақолаи худ «Ба мо чӣ гуна китоби дарсӣ лозим аст?» [10] як қатор талаботи бунёдиро нисбат ба китоби дарсӣ пешниҳод намудааст, ки муҳимтарини онҳо: арзиши илмии маводи таълимӣ, саҳеҳии далелҳо, робитаи мафҳумҳои назариявӣ бо тасвирҳои зинда ва алоқамандии зичи донишҳои баёншуда бо ҳаёт мебошанд. Мавсуф таъкид дошта буд: «Китоб бояд ёрирасони омӯзгор бошад. Вай бояд ба хонандагон мустақилона ва бе кумаки доимии муаллим омӯхтани илмро омӯзонад. Маҳз ҳамин ҷанба – омӯзонидани усули омӯзиш – аз ҳама муҳимтар аст. Ҷаҳон ҳар рӯз тағйир меёбад ва ҳеҷ як нашриёт имкони инъикоси пурраи ин тағйиротро надорад. Бинобар ин, аз китоби дарсӣ на пешниҳоди маводи ҳаҷман бузург, балки баёни ҷанбаҳои калидӣ ва асосиро талаб кардан лозим аст; он чизе, ки ба хонанда барои дарки мустақилонаи ҳодисаҳои нави ҳаёт кумак расонад» [10, с. 235].

Китоби дарсӣ ҷузъи марказӣ ва заминавии маҷмуи воситаҳои таълими физика ба шумор рафта, муҳтавои маълумот ва ҳадафҳои стратегии нақшаву барномаҳои таълимиро инъикос менамояд. Талаботи консептуалӣ нисбат ба таҳияи китобҳои дарсӣ дар «Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мушаххас гардидаанд. Бояд таъкид намуд, ки масъалаи мураттабсозии китоби дарсии физика дар марҳилаи муосир яке аз

вазифаҳои афзалиятноки соҳаи маориф ба шумор рафта, ҳалли фаврӣ ва сифати баландро тақозо менамояд.

Дар ин замина, роҳнамоии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар машварати умумиҷумҳуриявии кормандони соҳаи маориф ниҳоят саривақтӣ мебошад. Сарвари давлат вазъи китобҳои дарсиро воқеъбинона чунин арзёбӣ намуданд: «Китобҳои дарсии дар дасти хонандагон қарордошта мукаммал нестанд ва барои омӯзгорону хонандагон мушкилоти зиёд эҷод мекунанд. Зеро сифат, мазмуну мундариҷа, мутобиқати онҳо ба хусусиятҳои психологии кӯдакон, ҳаҷми китобҳо, ороиши техникӣ ва ҳуруфоти онҳо мувофиқи матлаб нест»

Дар машварати мазкур Сарвари давлат бо қотеъият таъкид намуданд: «Дар хотир бояд дошт, ки то вақте хонандагон бо китобҳои дарсии босифати ба забони давлатӣ таҳия ва нашршуда пурра таъмин нагарданд, масъалаи баланд бардоштани сифат ва сатҳи таълим ҳалнопазир боқӣ мемонад».

Вобаста ба ин дастурҳои стратегии Пешвои миллат, имрӯз дар назди олимони соҳаи педагогика ва методистон вазифаи таъхирнопазир меистад: таъмини пурраи муассисаҳои таҳсилотии кишвар бо адабиёти муосири таълимии ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ.

Дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа ва талаботи нав дар назди маориф, муҳаққиқон, омӯзгорон, олимони соҳа ва методистонро вазифадор менамоянд, ки маҷмуи принсипҳои илмии интихоби маводро барои китобҳои дарсӣ муайян, таҳия ва амалӣ намуда, китобҳои дарсии насли навро, ки ба талаботи замони муосир мувофиқанд, ба хонандагон дастрас гардонанд.

Дар таҷрибаи омӯзгорӣ зуд-зуд мушоҳида кардан мумкин аст, ки баёни омӯзгор ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати шакл, то хурдтарин ҷузъиёт бо матни китоби дарсӣ мувофиқат мекунад ё дурусттараш, онро комилан такрор (нусхабардорӣ) менамояд. Чунин тарзи таълим комилан нодуруст буда, онро бо яке аз ду сабаби зерин шарҳ додан мумкин аст: якум, баъзан омӯзгор дорои тахассуси нокифоя аст ва ё ҷараёни педагогиро бидуни андешаронӣ ва омодагии пешакии зарурӣ ташкил мекунад. Дуюм, аксар вақт омӯзгор дидаву дониста ба ин усул такя менамояд, то кори хонагии хонандагонро то ҳадди имкон осон кунад. Бо вуҷуди ин, омӯзгори босалоҳият, бо донистани шакли баёни мавод дар китоби дарсӣ, низоми методии омӯзишии худро тарҳрезӣ менамояд, ки он назар ба китоби дарсӣ фарқкунанда аст. Аммо ӯ дарсро тавре ташкил мекунад, ки хонандагон китоби дарсиро бомуваффақият истифода бурда, мундариҷаи онро комилан аз худ намоянд.

Дар робита ба масъалаи ба миён гузошташуда, пеш аз ҳама, вазифаи асосии китоби дарсиро муайян кардан лозим аст. Китоби дарсӣ на барои худомӯзии мутлақ, балки барои кӯмак ба ҷараёни педагогӣ пешбинӣ шудааст, ки он асосан дар синф оғоз ёфта, сипас ҳангоми машғулиятҳои хонагии хонандагон идома меёбад. Профессор ва методисти маъруф П.А. Знаменский [8] вазифаҳои китоби дарсии физикаро мушаххас намуда, таъкид мекунад, ки он барои мақсадҳои зерин хидмат менамояд:

- мустаҳкам намудани маводи таълимие, ки хонандагон дар дарси физика омӯхтаанд;
- такроркунии курси физика;
- аз ҷониби хонандагон мустақилона омӯхтани баъзе масъалаҳои курси физика;
- гирифтани маълумоти зарурӣ ҳангоми ҳалли масъала;
- иҷрои корҳои лабораторӣ» [8, с. 113].

Дар китоби дарсӣ моҳияти масъалаи дар синф омӯхташаванда бояд ба таври кофӣ муъҷаз ва равшан баён гардад, то хонандагон тавонанд дар хона тамоми муқаррароти асосии аз ҷониби омӯзгор таҳияшударо дар хотир барқарор намуда, онҳоро аз худ кунанд. Бо вуҷуди ин, китоби дарсиро танҳо то сатҳи конспект (хулосаи кӯтоҳ) маҳдуд кардан мумкин нест. Зеро, аввалан, ба хонандагон лозим меояд, ки гоҳо ин ё он масъаларо мустақилона омӯзанд (масалан, ҳангоми иштирок накардан дар дарсҳо); сониян, ҳангоми такрори маводи гузашта хонандагон бояд дар китоби дарсӣ на танҳо натиҷаҳо ё хулосаҳои тайёр, балки раванди ба даст овардани ин хулосаҳоро низ пайдо намоянд; сеюм, на ҳамаи хонандагон ва на ҳамеша он чизеро, ки омӯзгор дар дарс баён кардааст, аз дафъаи аввал ба таври кофӣ дарк мекунанд, бинобар ин онҳо бояд ҳамон масъаларо иловатан дар хона тавассути китоби дарсӣ омӯзанд.

Чаро мувофиқати комил байни баёни китоби дарсӣ ва гуфтаҳои омӯзгор бояд бештар ҳамчун падидаи манфӣ дар фаъолияти муаллим арзёбӣ шавад? Чунин мувофиқат метавонад

дар яке аз ду ҳолат мушоҳида шавад: 1) агар китоби дарсӣ талаботи методикаро комилан қонеъ намояд ва 2) агар (муҳимтараш) омӯзгор офаридгори раванди педагогӣ набошад ва сол то сол, сарфи назар аз шароити мавҷуда (аз ҷумла рушд ва шавқу ҳаваси ҳайати хонандагон), дарсҳоро аз рӯи қолабе, ки китоби дарсӣ муайян кардааст, пеш барад.

Дар идомаи кори мо нишон дода шудааст, ки як омӯзгори хубу эҷодкор ҳангоми омодагӣ ба дарсҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтарини ба даст овардани самаранокии баланди баёну азхудкунии мавод аз ҷониби хонандагон бояд чӣ гуна кори бузурги эҷодиро анҷом диҳад. Аксар вақт маълум мегардад, ки ҳамон як омӯзгор вобаста ба коллективи хонандагон (синф), масъаларо нисбат ба коллективи дигари ҳамон синнусол ва ҳамонсинф васеътару амиқтар баён мекунад ва роҳҳои дигари методологиро пеш мегирад

Агар омӯзгор тавонад масъаларо ба хонандагон тавре шарҳ диҳад, ки онҳо онро воқеан «дарк намоянд», он гоҳ мутолиаи китоби дарсӣ, ки ҳамон масъаларо бо дигар равиши методологӣ, бо истифода аз калимаҳо ва мисолҳои дигар ё тавсифи таҷрибаҳои дигар баён мекунад, тибқи таҷрибаи оммавии педагогӣ, ягон душворӣ пеш намеорад. Баръакс, хонандагон ҳангоми дучор шудан бо баёни нисбатан дигари масъала, фаҳмиши худро дар бораи он амиқтар мегардонанд.

Бо вуҷуди ин, аз гуфтаҳои мо ҳеҷ гоҳ чунин барнамеояд, ки омӯзгор бояд дар баёни худ дидаву дониста аз китоби дарсӣ дур шавад; тамоми ҷанбаҳои беҳтарин ва аз нигоҳи методологӣ арзишманду асосноки китоби дарсӣ бояд дар қисматҳои мувофиқи баёни муаллим ҷойгоҳи худро ёбанд. Аввалин коре, ки омӯзгор бояд анҷом диҳад – ин омӯхтани китоби дарсии истифодашаванда ва дигар китобҳои мавҷуда бо мақсади фаҳмидани он аст, ки чӣ тавр муаллифони гуногун масъалаҳои методологиро ҳал менамоянд. Дар асоси муқоисаи усулҳои методологӣ, омӯзгор метавонад ҳамон роҳеро интихоб кунад, ки онро беҳтарин мешуморад.

Шарҳи мафҳуми китоби дарсӣ аз ҷониби Шурои байнидавлатии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба стандартонӣ, метрология ва сертификатсия 22-юми майи соли 2003, №23 чунин қабул гардидааст: «Китоби дарсӣ – нашрияи таълимӣ, ки дарбаргирандаи муҳтавои бонизоми фанни таълимӣ, фаслҳову қисмҳои он мебошад, ки ба барномаи таълимӣ мувофиқ мекунад ва расман ҳамчун ин навъи нашрия тасдиқ шудааст» [12]. Мувофиқи андешаи Е.Н. Горячкин [7] «Китоби дарсии физика аз ҷониби хонандагон бо мақсадҳои зерин истифода мешавад: 1) Мутолиаи хонагӣ ва азхудкунии маводи дар синф омӯхташуда; 2). Шиносоӣ дар синф ҳангоми баёни омӯзгор ва бо супориши ӯ бо расмҳои олимон, тасвирҳои намуди зоҳирии объектҳои гуногун ва нақшаҳои мураккаб дар ҳолати мавҷуд набудани лавҳаҳои деворӣ ва дигар воситаҳои таълим; 3)Ҳалли масъалаҳо дар хона бо нишондоди омӯзгор; 4) Кори мустақилонаи хонандагон доир ба омӯзиши саволҳои алоҳидаи барои онҳо нав» [7, с. 198]. Чунин усулро (кори мустақилона) бояд дар давоми таҳсил пайваста истифода бурд, то хонандагон ба кори комилан мустақилона бо китоб одат кунанд. Бо вуҷуди ин, ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ин корро нисбат ба масъалаҳои мураккаб анҷом дод; бояд бо мавзуъҳои нисбатан сода ва ҷузъӣ маҳдуд шуд. Илова бар ин, маводе, ки хонандагон мустақилона омӯхтаанд, бояд ҳатман дар синф ҳангоми пурсиш мавриди таҳлил қарор гирад, то хатогиҳои эҳтимолӣ бартараф карда шаванд.

Мавод ва усулҳо. Азбаски китоби дарсӣ аз физика дар Тоҷикистон барои синфҳои 7 ва 11 дар давоми зиёда аз 10 сол бетағйир боқӣ монда буд, омӯзгор имкони интихоб надошт. Камбудии асосии ин китобҳо пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки бо вуҷуди таҳаввули мудавоми барнома, на мундариҷа ва на ҷанбаи методии китоб қариб ба ҳеҷ гуна тағйирот дучор нагардиданд. Аз ҷумла, китоби дарсии физикаи синфи 7 (муаллифон С. Қодирӣ ва Ф. Нормурод) бо сабаби мураккабии забони баён ҳам барои омӯзгорон ва ҳам барои хонандагон мушкилиҳои муайяни методологиро эҷод мекунад. Яке аз сабабҳои асосии «мушкилфаҳм» будани маводи таълимӣ дар он ифода меёбад, ки дар матни параграфҳо истилоҳоти аз ҳад зиёди иқтибосии арабӣ ва калимаҳои китобии муарраб истифода шудаанд. Ин омил боиси коҳиш ёфтани сатҳи дарки мафҳумҳои физикӣ ва душвор гардидани раванди муошират илмӣ дар дарс мегардад. Мувофиқи принсипи дастрасии таълим (Я.А. Коменский), забони китоби дарсӣ бояд ба сатҳи рушди нутқ ва тафаккури хонандаи синни мушаххас мувофиқ бошад. Зиёдаравии лексикии китоби дарсии мазкур монеаи сунъии лингвистиро ба вуҷуд оварда, шавқи хонандаро ба омӯзиши қонуниятҳои табиат кам менамояд.

Бинобар ин, дар вақтҳои охир (солҳои 1991 то инҷониб) байни барнома ва китобҳои дарсӣ, махсусан дар масъалаҳои методӣ, тафовути ҷиддӣ ба миён омадааст. Мисоли равшани ин гуфтаҳо аз барномаи соли 2014 аз синфи 10 хориҷ кардани фасли «Электродинамика» мебошад, дар ҳоле ки барои омӯзиши асосҳои боби мазкур дар синфи 10 дар барономаву китобҳои соли пешин шароит фароҳам оварда шуда буд. Ғайр аз ин, баъзе масъалаҳо мувофиқи барномаҳои қаблан амалкунанда хеле муфассал ва баъзеи дигар, баръакс, нисбат ба талаботи барномаи нав нопурра баён ёфтаанд. Дар таҳқиқоти А.Ҳ. Ашуров [2] қайд мегардад, ки барои омӯзиши физикаи синфҳои 10 ва 11 мувофиқи нақшаи таълимӣ ва барномаи таълимии амалкунандаи физика ҳамагӣ 70 соат (ҳафтае 2 соат) вақт пешбинӣ шудааст, ки ин албатта барои пурра омӯхтани курси физикаи синфҳои 10 ва 11 нокифоя мебошад (аз ҷумла барои пурра омӯхтани боби "Электродинамика") ва муаллиф дар тадқиқоташ баҳри раҳои ёфтан аз ин мушкилот тавсияҳои худро пешниҳод намудааст. Мо бо андешаҳои муаллиф ҳамфикрем ва гуфтанием, ки китоби дарсӣ низ дар ин ҷо нақши худро бозида метавонад ва он як воситаест барои пешниҳоди дониши мукамал, роҳнамоест барои гирифтани донишу азхудкунии салоҳият мебошад. Ҳангоми баррасии китоби дарсии физикаи синфи 8 (муаллифон: Ф. Раҳимӣ ва диг.) маълум мегардад, ки дар баёни баъзе масъалаҳо комилан қаноатбахш бошад ҳам, дар шарҳи ҳодисаҳои электрӣ ва магнитӣ хеле ноқис ба назар мерасад. Яке аз норасоиҳои консептуалии китоби дарсии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллифон зимни баёни мавзуъҳои назариявӣ аз маводи маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (иншооти саноатӣ, захираҳои гидроэнергетикӣ ва хусусиятҳои табиӣ) ба қадри кофӣ истифода набурдаанд. Инчунин, дар охири ҳар як мавзуи китоби дарсӣ саволҳои ташаккулдиҳанда ва супориши озмоиши хонагӣ дида намешавад; дар мундариҷаи китоб инъикоси саҳми мутафаккирон ва олимони барҷастаи тоҷик дар рушди илми физика дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст, ки ин боиси заиф гардидани ҷузъи тарбиявӣ ва ғоявии раванди таълим мегардад.

Эътирозро метавон дар мақола аз се дидгоҳ асоснок кард:

1. **Принсипи аёнӣ ва ҳаётӣ:** Физика вақте барои хонанда ҷолиб мешавад, ки ӯ татбиқи қонунҳои онро дар осиёи обӣ, мисоли НБО-и Роғун, Норак ё иқлими кӯҳистони худ бубинад. Набудани «маводи маҳаллӣ» боиси он мегардад, ки донишҳои физикӣ дар зеҳни хонанда ҳамчун як чизи «бегона» ва «назариявии сирф» боқӣ монанд.
2. **Функсияи тарбиявӣ ва худогоҳӣ:** Омӯзиши таърихи илми миллӣ (аз Ибни Сино ва Ал-Берунӣ то физикҳои муосири тоҷик) барои ташаккули ифтихори миллӣ ва ҳавасмандии хонандагон ба илмҳои дақиқ зарур аст. Китоби дарсӣ бояд нишон диҳад, ки тоҷикон на танҳо истеъмолкунанда, балки созандагони илми физика буданд.
3. **Муносибати босалоҳият:** Салоҳиятнокӣ маънои татбиқи донишро дар муҳити зисти худ дорад. Агар дар китоб дар бораи захираҳои офтобии Тоҷикистон ё истифодаи энергияи шамол дар маҳалҳои кӯҳистон маълумот набошад, хонанда наметавонад салоҳиятҳои экологии худро инкишоф диҳад.

Барои мукаммал гардонидани сохтори китоби дарсии физика, зарур аст, ки пас аз ҳар як мавзуъ ду ҷузъи калидии зерин ҳамчун стандарти ҳатмӣ ворид карда шаванд:

1. Саволҳои ташаккулдиҳанда

Бархӯрди анъанавӣ танҳо бо саволҳои хотиравӣ (масалан: «Қувваро таъриф диҳед») маҳдуд мешуд. Саволҳои ташаккулдиҳанда бошанд, ба **дарк ва татбиқи дониш** равона шудаанд. Мақсади он, муайян кардани сатҳи тафаккури мантиқии хонанда ва қобилияти хулосабарории ӯ мебошад. Мисол, «Агар замин қувваи ҷозиба намедошт, ҳаракати ҷисмҳои партофташуда чӣ гуна сурат мегирифт?» (Савол ба таҳлили вазият равона шудааст). Ин саволҳо ба омӯзгор имкон медиҳанд, ки на танҳо баҳои рақамӣ гузоранд, балки раванди фикрронии хонандаро ислоҳ намоянд.

2. Озмоишҳои хонагӣ

Физика илми таҷрибавӣ аст ва маҳдуд шудан танҳо бо лабораторияи мактабӣ кифоя нест. Озмоишҳои хонагӣ пайвандгаре мебошанд байни назарияи китобӣ ва ҳаёти воқеӣ. Мақсади он, ташаккул додани салоҳияти таҳқиқотӣ ва истифодаи маводи дастрас мебошад. Мисол, «Бо истифода аз як шишаи пластикӣ ва об, фишори моеъро дар чуқуриҳои гуногун мушоҳида кунед ва натиҷаҳоро дар дафтар сабт намоед». Ин гуна супоришҳо хонандаро аз «омӯзиши хушк» дур карда, ба ӯ эҳсоси «кашфиётчигӣ» мебахшанд.

Натиҷаҳо Дар ин замина, сохтори дидактикии китоби дарсии муосири физика (аппарати ташкили фаъолияти хонандагон) на танҳо аз матни одӣ, балки бояд аз рубрикаҳои махсуси мақсаднок иборат бошад. Аз нигоҳи муносибати босалоҳият, мо пешниҳод менамоем, ки дар китобҳои дарсии насли нав рубрикаҳои зерин ҳамчун низоми ягонаи методӣ ворид карда шаванд: “Кӯшиш мекунем”, “Муҳокима мекунем”, “Таҳия мекунем”, “Таҳқиқ мекунем”, “Дар хотир доред”, “Оё медонед?”, “Савол ва супориш”.

Дар методикаи муосири таълими физика онҳоро «аппарати ташкили фаъолияти хонандагон» меноманд. Вазифаи асосии ин рубрикаҳо аз он иборат аст, ки хонанда аз як «истеъмолкунандаи пассиви матн» ба «иштирокчии фаъоли раванди кашфи илмӣ» табдил ёбад.

Хусусиятҳои дидактикӣ ва методии ҳар як рубрикаи пешниҳодшударо дар таълими физика ба таври муфассал баррасӣ менамоем:

1. «Кӯшиш мекунем» (Рубрикаи ҳавасмандсозӣ ва омодагӣ)

Мақсади он бедор кардани таваҷҷуҳ, ташаккули шавқу ҳавас ва омода кардани хонанда ба дарки мавзуи нав мебошад. Ин рубрика одатан дар оғози параграф ҷойгир карда мешавад. Дар ин ҷо супоришҳои кӯтоҳ, саволҳои проблемавӣ ё таҷрибаҳои хеле содаи мушоҳидавӣ пешниҳод мегарданд, ки хонанда метавонад бо такя ба донишҳои ҳаётии худ онҳоро иҷро кунад.

Мисол, *«Кӯшиш кунед бо дастони худ варақи коғазро ба рӯи миз зер кунед ва баъд аз паҳлу ба он бод диҳед. Чаро коғаз ба ҷои паридан, ба миз часпид? Дар ин бора фикр кунед...»* (Омодагӣ ба қонуни Бернулли).

2. «Муҳокима мекунем» (Рубрикаи рушди тафаккур ва муошират илмӣ)

Мақсади он рушди нутқи илмӣ, тафаккури интиқодӣ, қобилияти баҳс кардан ва асоснок кардани фикри худ (салоҳияти коммуникативӣ) мебошад. Дар он саволҳое пешниҳод мешаванд, ки аз хонанда на баёни ҷавоби кӯтоҳу тайёр, балки андешаронии амиқро талаб мекунанд. Хонандагон дар гурӯҳҳо ё ҷуфтҳо фикрронӣ намуда, фарзияҳо пешниҳод мекунанд ва қонунҳои физикиро ба вазиятҳои ҳаётӣ татбиқ менамоянд. Вобаста ба ин чунин мисол меорем: *«Муҳокима кунед: Агар соиш (соишхӯрӣ) дар табиат комилан нест шавад, ба ҳаёти инсон ва ҳаракати нақлиёт чӣ таъсир мерасонад? Чӣ гуна ҷаҳон тағйир меёфт?»*

3. «Таҳия мекунем» (Рубрикаи фаъолияти амалӣ ва тарроҳӣ)

Мақсади он рушди тафаккури техникӣ-муҳандисӣ, қобилияти сохтани амсилаҳо ва истифодаи дониш дар амалия мебошад. Дар он ба хонандагон супоришҳо барои сохтани асбобҳои содаи физикӣ, амсилаҳо, макетҳо ё омода кардани лоиҳаҳо ва презентатсияҳо бо истифода аз маводи дастрас пешниҳод мешаванд. Масалан, *«Бо истифода аз як мехи калон, сими мисӣ ва батарея як электромагнити сода таҳия кунед. Санҷед, ки он чӣ қадар меҳҳои хурдро бардошта метавонад».*

4. «Таҳқиқ мекунем» (Рубрикаи фаъолияти илмӣ-таҷрибавӣ)

Мақсади он шароит фароҳам овардан барои «кашфиёти илмӣ» ва ташаккул додани салоҳияти таҳқиқотӣ, ки асоси илми физикаро ташкил медиҳад (мушоҳида, ченкунӣ, хулосабарорӣ), мебошад. Мазмуни рубрика аз он иборат аст, ки хонандагон дар гуруҳҳо корҳои хурди тадқиқотӣ ё озмоишҳо мегузаронанд, ки ин раванд дақиқкорӣ ва таҳлили натиҷаҳоро талаб мекунад. Супоришҳо метавонанд ҳам дар синф ва ҳам дар хона иҷро шаванд.

Мисол, *«Таҳқиқ кунед: Суръати хунукшавии об дар зарфҳои гуногун (шишагӣ, пластикӣ ва металлӣ) чӣ гуна аст? Натиҷаҳоро дар ҷадвал сабт карда, вобастагии онро аз намуди модда хулоса бароред».*

5. «Дар хотир доред» (Рубрикаи консептуалӣ ва рефлексия)

Мақсади он мустаҳкам намудани донишҳои бунёдӣ ва ҷудо кардани маводи асосӣ аз маводи дуюминдараҷа мебошад. Дар ин блок таърифи қонунҳо, формулаҳои асосӣ, калимаҳои калидӣ ё қоидаҳои муҳимми бехатарӣ, ки хонанда бояд ҳатман аз худ кунад, бо чаҳорчӯба ё ҳуруфи махсус ҷудо карда мешаванд. Мисол: *«Дар хотир доред! Энергия аз ҳеҷ куҷо пайдо намешавад ва нест намегардад, балки аз як намуд ба намуди дигар табдил меёбад (Қонуни бақои энергия)».*

6. «Оё медонед?» (Рубрикаи васеъкунии ҷаҳонбинӣ ва байнифаннӣ)

Мақсади он баланд бардоштани шавқи хонандагон ба воситаи далелҳои аҷоиб, нишон додани робитаи физика бо техника, таърих, биология ва маводи маҳаллӣ мебошад. Дар ин ҷо хонандагон дар бораи кашфиётҳои бузург, падидаҳои ғайриоддии табиат ё саҳми олимону мутафаккирони ватанӣ ва ҷаҳонӣ маълумоти иловагӣ мегиранд.

Мисол: *«Оё медонед? Захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар ҷаҳон яке аз аввалинҳо буда, НБО-и Рогун баландтарин сарбанди хокии ҷаҳон (335 метр)-ро хоҳад дошт, ки ин падидаи нодири муҳандисии физикӣ мебошад».*

7. «Савол ва супориш» (Рубрикаи баҳодиҳӣ ва мустаҳкамкунӣ)

Мақсади он санҷиши сатҳи азхудкунии мавод ва татбиқи дониш дар ҳалли масъалаҳо мебошад. Дар он маҷмуи саволу масъалаҳо аз сода ба мураккаб сохта шудаанд. Онҳо на танҳо хотира («ин чист?»), балки мантиқ («чаро ин тавр шуд?») ва ҳисобкуниро (масъалаҳои миқдорӣ) месанҷанд.

Мисол, *«1. Фишори атмосферӣ чист ва онро бо кадом асбоб чен мекунанд? 2. Чаро ҳангоми ба болои кӯҳ баромадан нафаскашии инсон душвор мешавад? (Масъалаи сифатӣ)».*

Инҳо ҳамчун намунаи сохтори идеалии китоби дарсии насли нав тавсия карда мешаванд. Китоби дарсие, ки чунин рубрикаҳоро дорад, дигар «хушк ва мураккаб» нест, балки ба як дастури зинда ва шавқовар барои хонанда табдил меёбад. Инчунин, дар охири ҳар як мавзуъ бояд QR-код гузошта шавад, ки бо истифода аз он хонандагон ба маводи иловагии ҷолиб, таҷрибаҳои шавқовари намоишӣ ва ғайраҳо ошноӣ пайдо намоянд.

Муҳокима. Рубрикаҳои пешниҳодшуда ва ворид намудани технологияи QR-код имкон медиҳанд, ки талаботи бунёдии Н.К. Крупская [10] оид ба мустақилият ва алоқамандии дониш бо ҳаёт ва инчунин андешаҳои П.А. Знаменский [8] дар бораи функсияҳои китоби дарсӣ дар сатҳи замони муосир амалӣ карда шаванд. Бархӯрди мазкур мушкилоти «мушкилфаҳмӣ»-и китоби дарсии синфи 7 ва норасоии ҷузъи милливу таҷрибавии китоби синфи 8-ро, ки дар таҳқиқоти А.Ҳ. Ашуров [2] ва Г.А. Бобониёзова [4] қайд шудаанд, комилан бартараф месозад.

Хулоса. Дар маҷмуъ, амалӣ намудани дастуру ҳидоятҳои стратегии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти баланд бардоштани сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ, аз олимон ва методистони соҳа омода намудани адабиёти таълимии насли навро талаб мекунад. Китоби дарсии физика бояд тавре тарҳрезӣ шавад, ки шавқу рағбати хонандаро ба кашфи қонуниятҳои табиат бедор созад ва ифтихори миллиро дар зеҳни ӯ устувор намояд. Пешниҳодҳои дар ин мақола зикршуда оид ба ворид намудани ҷузъҳои ташаккулдиҳанда ва таҳқиқотӣ ба сохтори китоб, метавонанд дар раванди мукаммалсозии барномаҳо ва адабиёти таълимии оянда аз ҷониби муаллифон ва нашриётҳо мавриди истифодаи амалӣ қарор гиранд.

Адабиёт

1. *Арутюнян М.М. Методы анализа содержания учебника в контексте герменевтики и переводоведения (На материале учебников по физике для вузов): дисс. ... канд. пед. наук: 13.00.01: -СПб., 2000. -166 с.*
2. *Ашуров А.Ҳ. Таҳлили барномаҳои таълими фанни физика барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / А.Ҳ. Ашуров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -№1 (11). -Душанбе: ДДОТ, 2022. - С. 207-215.*
3. *Баҳриев Б. Кор бо китоб дар дарсҳои физика // Мактаби советӣ, 1975, №3. -С. 43-44.*
4. *Бобониёзова Г.А. Аҳаммияти кор бо китоби дарсӣ баҳри ташаккул додани тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагон зимни омӯзиши физика / Г.А. Бобониёзова, У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов // Конф. илмӣ – методии ҷумҳуриявӣ доир ба мавзуи ««Рушд, дастовардҳо ва мушкилоти таълими фанҳои табиӣ-математикӣ». -Душанбе: ДДОТ, 2024. – С.14-17.*
5. *Бугаев А.И. Методика преподавания физики в с редней школе: Теорет. основы: Учеб. пособие для студентов пед.ин-тов по физ.-мат. спец / А.И. Бугаев. –М.: Просвещение, 1981. – 288 с.*
6. *Глазунов А.Т. Работа учащихся с учебником «Физика-10» // «Физика в школе», 1984, №5. -С. 34-36.*
7. *Горячкин Е.Н. Методика преподавания физики в семилетней школе Т.1.: Общие вопросы методики физики. Пособие для учителей/ Е.Н. Горячкин. –М.: Полиграфкнига, 1948. -496 с.*
8. *Знаменский П.А. Методика преподавания физики в средней школе /П.А. Знаменский. Л.: Просвещение, 1955. – 552 с.*
9. *Зуев Д.Д. Школьный учебник / Д.Д. Зуев. – М.: Педагогика, 1983. -240 с.*

10. *Крупская Н.К. Какой нам нужен учебник. Пед. соч. В. 6 т. - М, 1979-Т. 4. -С. -233-236.*
11. *Минькова Р.Д. Из опыта работы с учебником на уроках физики / Р.Д. Минькова, Н.С. Белый // «Физика в школе», 1986, №1. -С. 30-33.*
12. *Сангинзода Д. Таҳияи китобҳои дарсии насли нав: таҷрибаи байналмилалӣ ва тавсияҳо барои Тоҷикистон / Д. Сангинзода, Ш. Қурбонова // Сомонаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон https://amit.tj/index.php/tj/takhiyai-kitobkhoi-darsii-nasli-nav-tachribai-baynalmilali-va-tavsiyakho-baroi-tochikiston?page=12.*
13. *Сусская Л.С. Из опыта организации работы с учебником и постановки экспериментальных заданий /Л.С. Сусская // «Физика в школе», 1981, №5. -С. 38-39.*
14. *Умаров У.С. Методикаи таълими физика / У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов. – Душанбе: ДДОТ, 2025. -560 с.*
15. *Шарипов А. «Э. Раҳмон – Наҷотбахши миллат». Китоби 1 /А. Шарипов, С. Фаттоев. – Душанбе: Деваштич, 2006. -314 с.*

ТАҲЛИЛИ МЕТОДӢ ВА РОҲҲОИ МУКАММАЛГАРДОНИИ МУНДАРИҶАИ КИТОБҲОИ ДАРСИИ ФИЗИКА

Мақола ба масъалаҳои мукаммалгардонии сохтор ва мундариҷаи дидактикии китобҳои дарсии физикаи насли нав дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар мақола вазъи таҳияи адабиёти таълимӣ аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ баррасӣ шуда, норасоиҳои методии китобҳои дарсии амалкунандаи физикаи синфҳои 7 ва 8 (мураккабии забони баён ва камбуди маводи маҳаллӣ) ошкор карда шудаанд. Тавассути усулҳои таҳлили қиёсӣ ва тибқи талаботи муносибати босалоҳият, муаллифон зарурати табдил додани хонандаро аз истеъмолкунандаи пассиви матн ба иштирокчии фаъоли раванди кашфи илмӣ асоснок менамоянд. Натиҷаи асосии таҳқиқот пешниҳоди сохтори идеалии параграфҳо мебошад, ки ворид намудани саволҳои ташаккулдиҳанда, озмоишҳои хонагӣ ва технологияи QR-кодро тақозо мекунад. Муаллифон низоми ягонаи методии иборат аз рубрикаҳои махсуси мақсаднокро («Кӯшиш мекунем», «Муҳокима мекунем», «Таҳия мекунем», «Таҳқиқ мекунем», «Дар хотир доред», «Оё медонед?», «Савол ва супориш») тарҳрезӣ намудаанд, ки ба рушди тафаккури интиқодӣ, техникӣ-муҳандисӣ ва худомӯзии мустақилонаи хонандагон нигаронида шудаанд. Арзиши амалии кор дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар раванди мукаммалсозии барномаҳо ва таҳияи адабиёти таълимии оянда аз ҷониби муаллифон ва нашриётҳо истифода шаванд.

Калидвожаҳо: китоби дарсии физика, сохтори дидактикӣ, методикаи таълим, муносибати босалоҳият, фаъолияти мустақилона, рубрикаҳо, технологияи QR-код, маводи маҳаллӣ.

МЕТОДИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ И ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ СОДЕРЖАНИЯ УЧЕБНИКОВ ФИЗИКИ

Статья посвящена вопросам совершенствования дидактической структуры и содержания учебников физики нового поколения в Республике Таджикистан. В работе проанализировано состояние разработки учебной литературы с начала периода независимости, выявлены методические недостатки действующих учебников физики для 7 и 8 классов (сложность языка изложения и дефицит краеведческого материала). На основе сравнительного анализа и требований компетентностного подхода авторы обосновывают необходимость перехода учащегося от пассивного восприятия текста к активному участию в научном поиске. Главным результатом исследования является предложение идеальной структуры параграфов, включающей формирующие вопросы, домашние эксперименты и технологии QR-кодов. Авторами разработана единая методическая система, состоящая из целевых рубрик («Пробуем», «Обсуждаем», «Разрабатываем», «Исследуем», «Помните», «Знаете ли вы?», «Вопросы и задания»), направленных на развитие критического, инженерно-технического мышления и самостоятельности учащихся. Практическая значимость работы заключается в том, что предложенные рекомендации могут быть использованы авторами и издательствами при модернизации учебных программ и создании перспективной учебной литературы.

Ключевые слова: учебник физики, дидактическая структура, методика обучения, компетентностный подход, самостоятельная деятельность, рубрики, технология QR-код, краеведческий материал.

METHODOLOGICAL ANALYSIS AND WAYS OF IMPROVING THE CONTENT OF PHYSICS TEXTBOOKS

The article is devoted to the issues of improving the didactic structure and content of new-generation physics textbooks in the Republic of Tajikistan. The study analyzes the development of educational literature since the beginning of the independence era and identifies methodological shortcomings in current physics textbooks for the 7th and 8th grades, such as excessive linguistic complexity and a lack of local context. Utilizing comparative analysis and the framework of a competence-based approach, the authors substantiate

the necessity of transforming the student from a passive consumer of text into an active participant in scientific discovery. The primary outcome of the research is the proposal of an optimal paragraph structure that integrates formative questions, home-based experiments, and QR-code technology. The authors have designed a unified methodical system consisting of targeted rubrics ("Let's Try," "Let's Discuss," "Let's Develop," "Let's Research," "Remember," "Did You Know?", and "Questions and Tasks") aimed at developing critical, engineering, and technical thinking, as well as enhancing students' independent learning skills. The practical value of this work lies in the potential application of these recommendations by authors and publishing houses to modernize curricula and develop future educational literature.

Keywords: physics textbook, didactic structure, teaching methodology, competence-based approach, independent activity, rubrics, QR-code technology, local material.

Дар бораи муаллифон

Раҷабов Умед Хушвакович
Дотсенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Рудакӣ, 121
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

Ашуров Ашурмаҳмад Ҳусинович
Ассистенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Рудакӣ, 121
E-mail: jumahonashurov2@gmail.com

Об авторах

Раджабов Умед Хушвакович
Доцент кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

Ашуров Ашурмахмад Хусинович
Ассистент кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: jumahonashurov2@gmail.com

About the authors

Rajabov Umed Khushvakovich
Docent, Department of Methods of Teaching Physics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

Ashurov Ashurmahmad Khusinovich
Assistant, Department of Methods of Teaching Physics
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: jumahonashurov2@gmail.com

ТДУ 372.853

ТАШАККУЛИ ФИКРРОНИИ МАНТИҚӢ ВА РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ АЗ ФИЗИКА

Самадов М. Ҳ., Холзода М. Ч.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муқаддима. Бояд донем, ки ҳал кардани масъалаҳои физикӣ дар рафти машғулиятҳо воситаи муҳими ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои 7-9 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ба ҳисоб рафта, хусусиятҳои мусбати ахлоқиро низ тарбия мекунад. Бо ёрии ҳалли масъалаҳои физикӣ, маҷмуи донишҳо, маҳорату малакаи заруриро ташаккул дода, хонандагонро ба фаҳмидани қонунҳои табиат омода месозем, мазмуни донишҳоро васеъ намуда, маҳорати мустақилона ҳал кардани масъалаҳоро меомӯзем.

Маҳорати ҳалли масъалаи физикӣ, яке аз нишондиҳандаҳои дараҷаи инкишофи дониши хонандагони МТМУ буда, барои аз худкуни маводи таълимӣ истифода мешавад. Дар машғулиятҳои физика ҳангоми ҳалли масъалаҳо аз методҳои зерин истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар ин самт нақш ва аҳамияти дастурҳои методии илмӣ муҳаққиқони кафедраи методикаи таълимӣ физикаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»-ро нодида нагирифтан ғайриимкон аст. Зеро ин мушовирон ҳамеша дар талоши онанд, ки ҳалли масъалаҳои физикӣ содда ва оммафаҳм буда, вобаста ба фаҳмиши толибилмон омода гардад. Мехоҳем, якчанд дастурҳои онҳоро доир ба ташаккули фикрронии мантиқӣ ва рушди зеҳнии муҳассилин дар тули солҳои охир тавсия намоем [2], [5], [10].

Масъала – аз ҷумлаҳои мантиқӣ ва гуфторҳое таркиб ёфтаанд, ки дар худ адад ва амалҳои арифметикиро дар бар гирифта бо мафҳумҳои дуруст ва нодуруст мубаддал мешаванд, ки ин гуна ҷумлаи мантиқиро масъала меноманд.

Ҳалли масъалаҳо кори каме ғайримуқарарӣ, яъне кори зеҳнӣ мебошад. Баҳри ягон корро омӯхтан, аз худ намудан бояд пешакӣ он маводро, ки бо он кор кардан пеш меояд, омӯхтан лозим аст [13, с. 52]. Зеро воситаҳо ва аёниятҳоро, ки бо онҳо ин кор иҷро карда мешавад аниқ намудан лозим аст. Пас, барои ҳалли масъалаҳоро омӯхтан фаҳмидан зарур аст, ки онҳо дар худ кадом ҳодисаҳоро таҷҷасум мекунанд. Чӣ гуна сохта шуда, аз кадом қисмҳои асосӣ иборатанд, аёниятҳо ва таҷҳизотҳое, ки бо ёрии онҳо масъала ҳал карда мешавад, кадомҳоянд. Тамоми ҷараёни ҳалли масъаларо дар машғулиятҳои физика ба 5 марҳала ҷудо намудан мумкин аст.

– шарти масъала;
– саволи масъала;
– ҳалли масъала;
– санҷиши ҳалли масъала;
– ҷавоби масъала.

Бедор намудани шавқу ҳаваси толибилмон пеш аз ҳама, бо азхудкунии маводи таълимӣ, ҷустуҷӯи мустақилонаи роҳҳову методҳои ҳалли масъалаи гузошташуда, таҳаммулпазирӣ ба ҳар як нуқтаи назар, ташаккули афкор, муносибати хонандагон бо омӯзгор ва рушди малакаҳои амалӣ иборат аст [1, с. 160].

Пеш аз ҳама омӯзгор дар омӯзиши масъалаҳо бояд ба хонандагон қисмҳои масъалаҳоро шарҳ ва эзоҳ намояд, ки шарт, савол, ҳал ва ҷавоб чист?

Шарт – ҳамон талаботҳое, ки иҷроиши ҷавобро мефаҳмонад.

Савол бошад, ба ҷой овардани талаботи шартро ифода мекунад.

Ҳал – алоқамандии амалҳоро ифода намуда, хулосаи заруриро мебарорад.

Ҷавоб-натиҷаи ҳалро ташкил медиҳад.

Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки маҳз нокифоя ҷудо кардани меъёри соатҳо дар барномаи таълимии фанни физика, боиси коҳиш гардидан ва камтаваҷҷуҳии толибилмон ба иҷрои ҳалли масъалаҳои физикӣ гаштааст. Хотиррасон менамоем, ки ҳалли масъалаҳои физикӣ, ташаккули фикрронӣ ва рушди зеҳнии хонандагонро баланд мебардорад. Айни ҳол дар барномаҳои таълимии фаннӣ ва нақшаи тақвимии омӯзгори физика, барои хонандагони синфҳои 7-9-и МТМУ соатҳо хеле кам ба назар мерасанд. Мо кӯшиш намудем, ки меъёри тақсимоти иҷрои ҳалли масъалаҳои

физикиро мувофиқи барномаи таълимии фанни физика, барои синфҳои 7-9-и МТМУ омода ва пешниҳод намоем:

Ҷадвали 1. Тақсимоти соатҳои ҷудогардидаи ҳалли масъалаҳо мувофиқи барномаи фанни физикаи синфҳои 7-9

Физика синфи 7 (108 соат)		*Физика синфи 8 (108 соат)*		*Физикаи синфи 9 (108 соат)*	
БОБИ 1. Табиат. Табиатшиносӣ	Соат	БОБИ 1. Импулс (такон)	Соат	БОБИ 1. Чархиш	Соат
Ҳалли масъалаҳо	3	Ҳалли масъалаҳо	1	Ҳалли масъалаҳо	2
БОБИ 2. Маълумоти аввалия дар бораи сохти моддаҳо		БОБИ 2. Энергия		БОБИ 2. Ларзиш (лаппиш, ҷунбиш).	
Ҳалли масъалаҳо	1	Ҳалли масъалаҳо	2	Ҳалли масъалаҳо	2
БОБИ 3. Ҳаракат		БОБИ 3. Падидаҳои ҳароратӣ		БОБИ 3. Мавҷи механикӣ.	
Ҳалли масъалаҳо	4	Ҳалли масъалаҳо	5	Ҳалли масъалаҳо	2
БОБИ 4. Қувва (Нерӯ)		БОБИ 4. Васеъшуди ҳароратӣ		БОБИ 4. Ларзиш (лаппиш)-ҳо ва мавҷҳои электромагнитӣ.	
Ҳалли масъалаҳо	6	Ҳалли масъалаҳо	4	Ҳалли масъалаҳо	3
БОБИ 5. Фишор		БОБИ 5. Ҳолатҳои агрегатии моддаҳо		БОБИ 5. Оптика. Рӯшноӣ.	
Ҳалли масъалаҳо	6	Ҳалли масъалаҳо	4	Ҳалли масъалаҳо	5
БОБИ 6. Кор. Энергия. Тавон		БОБИ 6. Барқ (электр)		БОБИ 6. Модели атом ва ҳастаи атом.	
Ҳалли масъалаҳо	5	Ҳалли масъалаҳо	2	Ҳалли масъалаҳо	5
		БОБИ 7. Ҷараёни электрикӣ			
		Ҳалли масъалаҳо	13		
		БОБИ 8. Магнетизм			
		Ҳалли масъалаҳо	4		
Ҷамъ: 23 с		**Ҷамъ: 35**		**Ҷамъ: 16**	

Маълум мегардад, ки меъёри ҷудогардидаи соатҳо барои ҳалли масъалаҳои физикӣ гуногун мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо, мо мушоҳида намудем, ки омӯзгорони собиқадори фанни физикӣ, мувофиқи салоҳияти худ дар нақшаи тақвимӣ тағйиротҳо ворид мекунанд.

Натиҷа. Диаграммаи 1. Меъёри тақсимоти иҷрои ҳалли масъалаҳои физикӣ мувофиқи барномаи таълимии фанни физика дар синфи 7.



Диаграммаи 2. Меъёри тақсимоти иҷрои ҳалли масъалаҳои физикӣ мувофиқи барномаи таълимии фанни физика дар синфи 8.



Диаграммаи 3. Меъёри тақсимоти иҷрои ҳалли масъалаҳои физикӣ мувофиқи барномаи таълимии фанни физика дар синфи 9.



Ҳангоми ҳалли масъалаҳои физикӣ чунин амалро иҷро намудан зарур аст. Шартро хонда, муҳокима ва талаботи онро муайн намуда, зинаҳои ҳалли масъаларо пай дар пай гузошта мешавад:

–дарк намудан ва таҳлили матни масъала;
–ҷустуҷӯ ва тартиб додани нақшаи ҳалли масъала;
–иҷроиши нақшаи ҳал ва навиштани ҳал;
–санҷиши ҳал ва бартараф намудани хатогиҳо;
–тарзҳои ҳалли мувофиқ кардан ва ғайра.

Алалхусу мавриди ҳалли масъалаҳои физикӣ аз методҳои гузариши саволҳои махсус ва ҷустуҷӯйи ҷавоб ба онҳо истифода мебаранд:

–дар масъала сухан дар бораи кадом раванд меравад?
–дар масъала кадом ҳодиса маълум аст?
–дар масъала ёфтани кадом бузургӣ талаб карда мешавад?
–дар масъала кадом қимат маълум ва номаълум аст?

Бояд дар хотир дошт, ки ҳалли масъалаҳои физикӣ аҳамияти политехникӣ низ дорад. Дар ин гуна масъалаҳо маълумот оиди манбаҳои техникӣ, асосҳои сохти кори асбобҳо ва робитаи байни онҳоро шарҳ медиҳад [12, с. 96].

Ҳалли масъалаҳо дар ташакул додани фаҳмиши мукаммали ифодаҳои физикӣ мавқеи муҳим дошта, ба воситаи онҳо дониши назариявии физикие, ки барнома пешниҳод менамояд азхуд мекунанд.

Сазанов Н.Г. баён мекунад: «Ҳолатҳое мавҷуданд, ки омӯзгор бояд, худаш барои хонандагон масъалаҳо тартиб диҳад. Ин ҳолат, ҳангоме рух медиҳад, ки хонандагон мехоҳанд методҳои ҳалли масъалаҳоро дар мавзӯъе, ки дар барномаи таълимӣ ба таври кофӣ баррасӣ нашудааст, машқ кунанд. Аз ҷумла дар мавриде, ки шумораи зиёди масъалаҳои бо ҳам монанд, ё ва дар ҳоле, ки масъалаҳои хеле содда заруранд» [11, с. 26].

Роҳҳои истифода бурдани методҳо дар инкишофи фикрронии мантиқӣ дар ҳалли

масъалаҳои физикӣ дар зер нишон дода мешаванд:

–марҳалаҳои шиносоӣ бо мазмуни матн;

–марҳилаи дарки мазмуни масъала;

–формулагузорӣ;

–истифодаи асбобҳои зарурӣ;

–марҳилаи ҷустуҷӯйи ҳалли масъала;

–марҳилаи ҷавоби ҳалли масъала.

Ҳалли масъалаҳои физикӣ, яке аз амалҳои муҳими таълимӣ маҳсуб ёфта, дар раванди омӯзиши онҳо хонандагон қобилияти фикрӣ, маҳорати ҳисобкунӣ ва дониши назариявии худро дар амал татбиқ мегардонанд. Он аз якчанд омилҳо вобаста аст:

–аз мазмун ва шарти масъала;

–аз омодагии хонандагон;

–аз дарки фаҳмиши хонандагон;

–аз мақсади машғуляит ва ғайра.

Баҳри ҳар чӣ зудтар таъмин намудани ҳалли масъалаҳои физикӣ аз навиштани шарти кӯтоҳи масъала истифода бурда мешавад.

Ба хусус дар таълими фанҳои дақиқ ҳалли масъалаҳои физикӣ, донишҳои физикӣ татбиқи худро меёбад. Барои шавқовар гузаронидани машғулиятҳо ба омӯзгор лозим аст, ки истифодаи технолоияҳои нав, методҳои гуногун гузаронад [9, с. 13].

Тафаккури инсонӣ – раванди руҳии коркарди маълумот ва барқарор кардани робитаҳо байни ҷисмҳо, хосиятҳои ва ҳодисаҳо дар ҷаҳон мебошад. Тафаккур ба шахс имкон медиҳад, ки робитаҳои байни ҳодисаҳо ва воқеиятро инъикос менамояд.

Тафаккури мантиқӣ – раванди фикрониест, ки дар он шахс мафҳумҳо ва фаҳмиши мантиқиро истифода мебарад. Дар асоси далелҳо ва мулоҳизаҳо, ҳадафи он муайян гардида, хулосаҳои мавҷуда бароварда мешавад. Тафаккури мантиқии инкишофёфта, маҳорати мураккаби ба даст овардашуда мебошад, ки аз маҷмӯи пурраи он дар хислатҳои шахсӣ, касбӣ, қобилият ва рушди зеҳнӣ иборат аст [15, с. 18].

Бояд донем, ки тафаккури мантиқӣ як равиши стандартӣ набуда, он барои ҳар як шахс хос мебошад. Он қобилиятҳо, сатҳи омодагӣ, дониш, тасаввурот ва дарки онҳоро ба назар мегирад.

Тафаккури мантиқӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки донишҳои андӯхташударо босаводона истифода бурда, мувофиқ будани татбиқи методҳо ва амалҳои мушаххасро муайян намоянд [4, с. 13].

Барои рушди тафаккури мантиқӣ методҳои худомӯзӣ ва таълими илмӣ метавонанд истифода шаванд. Тафаккури мантиқиро бо роҳҳои зерин инкишоф намуда мумкин аст:

–ҳалли масъалаҳои мантиқӣ, физикӣ ва математикӣ;

–ҳалли муаммоҳо, кроссвордҳо ва машқҳои зеҳнӣ;

–бозиҳои шашка ва шоҳмот;

–хондан ва мутолиаи китобҳо, маҷаллаҳо;

–таҳлили ҳолатҳои гуногун (вобаста ба таҳсил);

–омӯзиши маводи нав;

–ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли алтернативӣ;

–иштирок дар баҳсҳо ва мубоҳисаҳои илмӣ;

–амсиласозии вазъиятҳои гуногун барои ҳалли масъала [14, с. 43].

Рушди тафаккури мантиқӣ ба рушди як қатор маҳорату малака ва қобилиятҳои зарурии хонандагон мусоидат мекунад:

– тарзи дурусттар интихоб кардани методҳоеро меомӯзонад, ки ба хулосаи дуруст оварда мерасонанд;

– тарзи тезтар ва самараноктар фикр карданро меомӯзонад;

– қобилияти ҷамъбаст, муқоиса ва мушаххаскориро инкишоф медиҳад;

– тарзи дуруст баён кардани фикрониҳоро меомӯзонад;

– маҳорати пешгирӣ аз шарҳи нодуруст ва таҳлили хатогиҳоро инкишоф медиҳад;

– тарзи ёфтан ва татбиқи далелҳои зарурироо барои бовар кунондан меомӯзонад.

Рушди тафаккури мантиқии муҳассилин ба чор самти асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

–муқаррар кардани муносибатҳои далел ва натиҷа;

–дарки мафҳумҳои физикӣ;

–хулосабарорӣ бо истифода аз методи индуксия ва дедуксия;

–коркарди мантиқии натиҷаҳои таҷрибаҳои физикӣ.

Масъалаи №1. Чархбол дар мудати 45с масофаи 3 км. роҳро тай кард. Суръати ҳаракати миёнаи чархболро муайн карда шавад?

Ёфта шавад: υ - ?	СИ	Ҳал:
Дода шудааст: t = 31с S = 8км	3000м	$\upsilon = \frac{S}{t}$; $\upsilon = \frac{3000м}{45с} = 66{,}667\frac{м}{с} \approx 240км/соат$ Ҷавоб: $\upsilon = 240км/ст.$

Масъалаи №2. Суръати ҳаракати мунтазамӣ автомобил 60 $\frac{км}{соат}$ мебошад. Дар муддати 18с автомабил чӣ қадар роҳро тай карда метавонад?

Гузаришӣ воҳиди суръат ба манзумаи байналмиллалӣ (СИ):

$60км/соат = \frac{60000м}{3600с} = 16{,}666м/с$

Ёфта шавад: S − ?	СИ	Ҳал:
Дода шудааст: t = 18с υ = 60км/соат	16,66 6м/с	$\upsilon = \frac{S}{t}$; S = υ·t; S = 16,666м/с·18с = 299,988м ≈ 300мм Ҷавоб: S = 300мм.

Масъалаи №3. Моддае, ки 2,5 $м^3$ ҳаҷм дошта, массаи он ба 6,5т баробар аст. Зичии моддаро ёбед? Муайн намоед, ки ин кадом модда мебошад?

Ёфта шавад: ρ - ?	СИ	Ҳал:
Дода шудааст: V = 2,5 $м^3$ m = 6,5т	6500кг	$\rho = \frac{m}{V}$; $\rho = \frac{6500кг}{2,5} = 2600\frac{кг}{м^3}$. Аз ҷадвали зичи ҷисмҳои сахт маълум шуд, ки ин оҳагсанг аст. Ҷавоб: ρ = 2600кг/$м^3$. Ин модда оҳагсанг мебошад.

Ҳангоми таҳияи мундариҷа барои омода кардани донишҷӯён барои ҳалли мустақилонаи масъалаҳо, бояд ба корҳои Ларченкова Л.А. такя кард: «Дастурҳои умумии методологӣ барои ҳалли масъалаҳо аз табдили семарҳилавии даврӣ ва пайдарпайии амалиётҳои истифодашуда дар ҳар марҳила иборатанд» [8].

Барои қавитар намудани фикрронӣ ва рушди зеҳнии хонандагони синфҳои 7-9 якчанд масъалаҳо барои иҷрои мустақилона, доир ба мавзӯи «Фишор дар моеъҳо» пешниҳод менамоем. Итминон дорем, ки чунин масъалаҳо боиси рушди маҳорати амалии хонандагон мегардад.

1. Дар кадоме аз ин зарфи обдор (Расми 1), фишор дар қаър зиёдтар аст?
   – дар якум;
   – дар дуюм;
   – дар ҳар ду якхела.



Расми 1. Фишор дар зарф

2. Лавҳаҳо дар зарф гуногун ҷойгир карда шудааст (Расми 2). Ба кадом лавҳа фишор бештар таъсир мерасонад?
   – ба якум;
   – ба дуюм;
   – ба сеюм.



Расми 2. Ҷойгиршавии лавҳаҳо.

3. Дар зарфи якум об ва ба дуюмаш керосин мавҷуд аст. Дар кадоме аз зарфҳо фишор бештар таъсир мекунад?
   – дар якум зиёд аст;
   –дар дуюм зиёд аст;
   –дар ҳар ду зарф баробар мебошад.



Расми 3. Фишор дар қаъри зарф.

Дар рафти иҷрои кори мустақилона омӯзгор оиди ҳодисаҳои ҷойдошта каме шарҳ медиҳад.

Мушовир Бубиев М.Ч. вобаста ба ҳалли масъалаҳои физикӣ чунин мегуянд: «Ҳалли масъалаҳои физикӣ ба инкишофи тафаккури хонандагон он гоҳ мусоидат мекунад, агар бо донишу кушиши худ мустақилона масъаларо ҳал намояд. Шумораи масъалаҳои физикӣ тавре интихоб намудан лозим аст, ки хонандагон фаъол низ масъултар бошанд. Масъалаҳоро бо

истифода аз адабиётҳои ёрирасон кӯмаки рафиқон ва волидайн ҳал намуда метавонанд. Муҳим он аст, ки масъалаҳои физикӣ чӣ гуна ҳал карда мешаванд» [3, с. 5].

Барои инкишофи фикрронии мантиқӣ ва рушди зеҳнии хонандагони синфҳои 7-9 мо саволҳоро дар шакли субтест омода намудем. Дар поён калимаҳо, қонунҳо, бузургиҳо ва равандҳоро бо мавҳумҳои мавҷуда мувофиқ намоед:

Субтести №1

1. Даррафт (диффузия) дар кадом ҳолат мушоҳида намешавад:
– ҳангоми об шудани моддаҳо;
– паҳн шудани бӯйҳо;
– часпидани силиндрҳои сурбӣ;
– фарсуда шудани либос;
– мавриди кафшер кардани қисмҳои филизӣ.

2. Волтметр чӣ гуна асбоб мебошад:
– асбоби оптикӣ;
– асбоби электрикӣ;
– асбоби механикӣ;
– муҳаррик ё асбоби гармӣ.

3. Гузариши модда аз ҷисми сахт ба моеъ кадом ҳолат мебошад:
– гармкунӣ;
– обшавӣ;
– гудозиш;
– сахтшавӣ;
– ҷӯшиш.

4. Қисмии физика, ки ҳодисаҳои рӯшноиро меомӯзад:
– механика;
– динамика;
– барқ;
– акустика;
– оптика.

5. Калимаи «кристаллизатсия» бо кадом ҳолатҳо мувофиқ аст:
– бо обшавӣ;
– бо ҷӯшиш;
– бо сахтшавӣ;
– бо обшавӣ ва гармшавӣ.

6. Муқобилмаънои «буғшавӣ» кадом ҳолат мебошад:
– сатхшавӣ;
– ҷӯшиш;
– конденсатсия;
– гармшавӣ;
– обшавӣ.

7. Гардиши лаппиши пурраро чӣ меноманд:
– басомад;
– давра;
– амплитуда;
– суръат;

8. Тавоноии баркро бо кадом бузургӣ чен мекунанд:
– бо (В)
– бо (А)
– бо (Вт)
– бо (Кл).

9. Тағйирёбии самти паҳншавии рӯшноиро дар сарҳади ду муҳит чӣ меноманд:
– инъикос;
– фурубарӣ;
– шикаст;
– дифракция.

10. Бештар қувваро бо кадом метод ба даст овардан мумкин аст:
– бо ёрии фашанг;
– бо ёрии ҳамории моил;
– бо ёрии китфи такягоҳ;
– бо ёрии ғарғара.

Субтести № 2

Тавсия: Аз панҷ калимаҳои додашуда, зиёдатии онро пайдо намоед?

1. Килограмм, сония, метр, масса, Нютон;
2. Бухоршавӣ, ҷӯшиш, баркҳанокшавӣ, сахтшавӣ, гудозиш;
3. Молекула, атом, ҷисм, зарра, электрон;
4. Протон, нейтрон, электрон, фотон, ядро;
5. Соиш, чандирӣ, ҷозиба, китф, гармшавӣ;
6. Тарозу, ҳароратсанҷ, қуввасанҷ, шитоб, сониясанҷ;
7. Километр, миллиметр, сантиметр, метр, микрометр;
8. Раъду барқ, шуоъ, рушноӣ, ситора;
9. Алюминий, об, моҳ, ҳаво, резин;
10. Сония, соат, сол, ҳафта, шом.

Субтести № 3

Тавсия: Дар поён сатрҳо бо ду калима дода шудааст. Муайян кунед, ки онҳо чӣ умумият доранд. Ё ибораеро интихоб намоед, ки онҳоро муттаҳид намояд.

1. Килограмм, Нютон;
2. Масса, ҳаҷм;
3. Барометр, ҳароратсанҷ;
4. Протон, нейтрон;

5. Бухоршавӣ, гудозиш;
6. Архимед, Демокрит;
7. Амперметр, волтметр;
8. Ҳаракат, оромӣ;
9. Газ, моеъ.
10. Фишанг, ҳамвории моил.

Дар тафаккури хонандагон се сатҳро ҷудо намудан мумкин аст:

1. Сатҳи фаҳмиш;
2. Сатҳи тафаккури мантиқӣ;
3. Сатҳи тафаккури эҷодӣ.

Тафаккури мантиқӣ – яке аз роҳҳои фаъолсозии фаъолияти зеҳнӣ маҳсуб ёфта, равандӣ ҳалли мустақилонаи масъалаҳои маърифатӣ мебошад. Дар ин сатҳи фаъолияти маърифатӣ, хонандагон бояд тавонанд, ки объектҳои омӯхташавандаро мустақилона таҳлил намоянд. Хосиятҳои онҳоро муқоиса карда, натиҷаҳои таҷрибаҳои алоҳидаро алоқаманд созанд. Формулаҳои мувофиқро ба даст оварда, онҳоро таҳлил кунанд.

Ташаккули фикрони мантиқии хонандагон, қобилияти ҳалли масъалаҳо, азхудкунӣ, таҳлил, пайдо намудани назари гуногун, ҷудо кардани ҷузъҳои, баррасӣ намудан ва маҳорати амали мусоидат мекунад [6].

Доир ба ин мавҳум Тулкибаева Н.Н. ва дигарон мегӯянд: «Мувофиқи равандҳои асосии методикаи таълими ҳалли масъалаҳои физикӣ, барои ноил шудан ба хусусиятҳою фаҳмиши амиқтари масъалаҳои физикӣ аз ҷониби хонандагон, ворид намудани маҷмӯи вазифаҳо баҳри мустақилона тартиб додани масъалаҳои нав, инчунин тағйирот ва ислоҳи онҳо тавсия дода мешавад» [16, с. 50].

Хулоса. дар раванди иҷро ва ҳалли масъалаҳои физикӣ, бештар технологияҳои муосир низ нақши калидӣ мебозад. Технологияҳо ва методҳое, ки барои рушди тафаккури мантиқӣ, дар рафти машғулиятҳои физикӣ истифода мешаванд. Инҳоянд:

–- муошират байни хонанда ва омӯзгор, ташкили фаъолиятҳои тафаккур бо назардошти хусусиятҳои синну солӣ, ба вуҷуд овардани масъалагузорӣ, омӯзиши фаъолият, таҷҳизоти муосири озмоишӣ ва истифодаи самараноки технологияи иттилоотӣ коммуникатсионӣ;

–- бозиҳои дидактикӣ, таҷрибаҳои таҳқиқотӣ, фаъолиятҳо, корҳои лоиҳавӣ, баҳсҳои илмӣ, татбиқи алгоритмҳо барои санҷиши дониш, арзёбӣ ва таҳлили фаъолияти худ ва ҳамсолон, исботи дурустии хулосаҳо;

–- кор бо диаграммаҳо, ҷадвалҳо, графикҳои математикӣ;

–корҳои озмоишӣ, масъалаҳои амалӣ ва ғайра.

Адабиёт

1. *Алламуродов, Б.Н. Кори мустақилонаи донишҷӯён ва нақши он дар омӯзиши фанҳои таълимӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ / Р. Ҷ. Давлатов, Б. Н. Алламуродов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. – 2022. – № 4(29). – С. 159-168.*
2. *Бубиев, М.Ч. Методикаи ҳалли масъалаҳо аз физика дар синфи 8. (Дастури таълимӣ-методӣ) / М.Ч. Бубиев / ҶДММ «Матбаа» -и ш. Бохтар: 2024. – 105 с.*
3. *Бубиев, М.Ч. Методикаи ҳалли масъалаҳо аз физика дар синфи 7. Дастури таълимӣ. ҶДММ «Матбаа» -и ш. / М.Ч. Бубиев, И.Х. Гулаев, З. Тағоймуродов. – Бохтар, 2021. - 110 с.*
4. *Гетманова А.Д., Учебник логики / А.Д. Гетманова. - Москва: Кнорус, 2011г. -368с. ISBN 978-5-406-01197-3*
5. *Гулаев, И. Х. Робитаи байнифаннӣ дар таълими физика ва технология (таълими меҳнат) / И. Х. Гулаев, Б. Н. Носирзода, С. Г. Рауфзода // Вестник Дангаринского государственного университета. – 2025. – No. 1(31). – P. 88-100.*
6. *Загашев, И.О. Учим детей мыслить критически / И.О. Загашев, С.И. Заир - Бек, И.В. Муштавинская. – СПб: Альянс - Дельта, 2003.*
7. *Каменецкий, С.Е. Теория и методика обучения физике в школе: Общие вопросы: Учеб.пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений/ С.Е. Каменецкий, Н.С. Пурышева, Н.Е. Важеевская и др.; Под ред. С.Е. Каменецкого, Н.С. Пурышевой. – М.: Издательский центр «Академия», 2000. – 368 с.*
8. *Ларченкова, Л.А. Методические основы технологии подготовки и проведения уроков решения задач по физике: Автореф. дис... кан. пед. наук. / Л.А. Ларченкова. – Санкт-Петербург, 1999. – 18 с.*
9. *Нуриддин, Х. Ҳалли масъалаҳо доир ба элементҳои назарияи нисбият. / Х. Нуриддин // Маҷаллаи илмию методӣ ва маърифатӣ «Мактаб». №10, октябри соли 2025. - С–13 - 18*

10. *Раҳимзода М. Ҳалли масъалаҳо доир ба фотометрия (нашри дуюм бо тағйиру иловаҳо). Дастури методӣ. / М. Раҳимзода, Э. Алимардонов, Ҳ.Х. Ойматова, М. Турғунбоев, Ш.Р. Сафаров. – Бохтар, 2021. – 110 с.*
11. *Сазанов, Н.Г. Учебная физическая задача как средство формирования исследовательской и конструкторской деятельности учащихся: Методическое пособие для преподователей / Н.Г. Сазанов. - Омск: Издательство ОмГТУ, 2007. – 66 с.*
12. *Сатторов, А. Э. Робитаи байнифаннӣ дар таълими физика бо фанҳои техникӣ / А. Э. Сатторов, Б. Н. Алламуродов, С. Ғ. Ризоев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – No. 1-3 (77). – P. 94-97.*
13. *Сатторов, А. Э. Роль физических задач при повышении технического творчества учащихся / А. Э. Сатторов, Б. Н. Алламуродов // Вестник Педагогического университета. – 2015. – № 4(65). – С. 51-54.*
14. *Сафаров, Ш.Р. Методикаи ҳалли масъалаҳо. Дастури методӣ доир ба ҳалли масъалаҳои физикаи синфи 11. / Ш.Р. Сафаров. - ҶДММ «Матбаа»-и ш. Бохтар: 2024. – 108 с.*
15. *Струве, Г.Е. Элементарная логика / Г.Е. Струве. - Москва: Либроком, 2015. - 168 с.*
16. *Тулькибаева, Н.Н. Решения задач по физике. Психолого-методический аспект/ Под ред. Тулькибаева Н.Н., Драпкина М.А. Издательство ЧГПИ «Факел», ЧВВАИУ и Урал.гос.проф.-пед.ун-та. / Н.Н. Тулькибаева, Л.М. Фридман, М.А. Драпкина, Е.С. Валович, Г.Д. Бухарова – Челябинск, 1995. – 120 с.*

ТАШАККУЛИ ФИКРРОНИИ МАНТИҚӢ ВА РУШДИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ АМАЛӢ АЗ ФИЗИКА

Дар мақола қайд гардидааст, ки ҳалли масъалаҳои физикӣ раванди мураккаби фаъолияти фикрӣ буда, дар таҳлили ҷараёни ҳалли масъала муайян кардани қонуниятҳои физикие мебошад, ки татбиқи он дар шарти масъала тавассути иҷрои табдилдиҳии математикӣ ва амалиёти дигар, талаботи дар назар дошта шударо қонеъ мегардонад. Ҳалли масъалаҳо кори каме ғайримуқаррарӣ, яъне кори зеҳнӣ мебошад. Баҳри ягон корро омӯхтан, аз худ намудан бояд пешакӣ он маводро, ки бо он кор кардан пеш меояд, омӯхтан лозим аст. Пас, барои ҳалли масъалаҳоро омӯхтан фаҳмидан зарур аст, ки онҳо дар худ кадом ҳодисаҳоро таҷҷасум мекунанд. Чӣ гуна сохта шуда, аз кадом қисмҳои асосӣ иборатанд, аёниятҳо ва таҳҳизотҳое, ки бо ёрии онҳо масъала ҳал карда мешавад, кадомҳоянд. Пас, барои ҳалли масъалаҳоро омӯхтан фаҳмидан зарур аст, ки онҳо дар худ кадом ҳодисаҳоро таҷҷасум мекунанд. Чӣ гуна сохта шуда, аз кадом қисмҳои асосӣ иборатанд, аёниятҳо ва таҳҳизотҳое, ки бо ёрии онҳо масъала ҳал карда мешавад, кадомҳоянд. Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки маҳз нокифоя ҷудо кардани меъёри соатҳо дар барномаи таълимии фанни физика, боиси коҳиш гардидан ва камтаваҷҷуҳии толибилмон ба иҷрои ҳалли масъалаҳои физикӣ гаштааст. Ҳалли масъалаҳои физикӣ дар хонанда маҳорати амалӣ, қобилият, зиракӣ, ҳозирҷавобӣ, ихтирокорӣ, эҷодкорӣ, рушди тафаккури мантиқӣ ва тарбияи эстетикиро бедор намуда, воситаест, ки маънавиёти хонандагонро тақвият мебахшад.

Калидвожаҳо: методика, ҳалли масъала, маҳорати амалӣ, рушди зеҳнӣ, хонандагон, тафаккур, мустақилият, нақшаи тақвимӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ И ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ УЧАЩИХСЯ В ХОДЕ ПРАКТИЧЕСКИХ ЗАНЯТИЙ ПО ФИЗИКЕ

В статье отмечается, что решение физических задач представляет собой сложный процесс мыслительной деятельности. Анализ процесса решения задачи заключается в выявлении физических закономерностей, применение которых в условиях задачи посредством математических преобразований и других операций позволяет удовлетворить поставленные требования. Решение задач является в определённой степени нестандартной деятельностью, то есть интеллектуальным трудом. Для того чтобы научиться выполнять какую-либо работу и овладеть ею, необходимо предварительно изучить материал, с которым предстоит работать. Следовательно, для освоения решения задач необходимо понимать, какие явления они отражают, как они построены, из каких основных частей состоят, а также какие наглядные средства и приборы используются при их решении. Следовательно, для освоения решения задач необходимо понимать, какие явления они отражают, как они построены, из каких основных частей состоят, а также какие наглядные средства и приборы используются при их решении. Наблюдения и анализ последних лет показывают, что недостаточное количество учебных часов, выделяемых в программе по физике, стало причиной снижения интереса учащихся к решению физических задач и уменьшения внимания к этой деятельности. Решение физических задач развивает у учащихся практические навыки, способности, сообразительность, находчивость, изобретательность, творческий потенциал, логическое мышление и эстетическое воспитание, а также является средством укрепления их духовно-нравственных качеств.

Ключевые слова: методика, решение задач, практические навыки, интеллектуальное развитие, учащиеся, мышление, самостоятельность, календарный план.

FORMATION OF LOGICAL THINKING AND INTELLECTUAL STUDENT DEVELOPMENT DURING PRACTICAL CLASSES IN PHYSICS

The article notes that solving physics problems is a complex process of intellectual activity. The analysis of the problem-solving process involves identifying the physical laws and principles whose application, through mathematical transformations and other operations within the given conditions, makes it possible to satisfy the required objectives. Problem solving is, to a certain extent, a non-standard activity, that is, an intellectual endeavor. To learn and master any kind of work, it is necessary first to study the material with which one will be working. Therefore, in order to learn how to solve problems, it is important to understand what phenomena they represent, how they are constructed, what their main components are, and what visual aids and equipment are used in solving them. Therefore, in order to learn how to solve problems, it is important to understand what phenomena they represent, how they are constructed, what their main components are, and what visual aids and equipment are used in solving them. Observations and analyses conducted in recent years indicate that the insufficient number of instructional hours allocated to physics in the curriculum has led to a decline in students' interest in solving physics problems and reduced attention to this important activity. Solving physics problems develops students' practical skills, abilities, ingenuity, quick thinking, inventiveness, creativity, logical reasoning, and aesthetic awareness. It also serves as a means of strengthening their moral and intellectual development.

Keywords: methodology, problem solving, practical skills, intellectual development, students, thinking, independence, calendar plan.

Дар бораи муаллифон

Самадов Маҳмадулло Ҳабибуллоевич
Омӯзгори кафедраи физикаи умумӣ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 67
E-mail: fakultet.fizika@bk.ru

Холзода Муъмин Чоршанби
Номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи С.Айнӣ, 67

Об авторах

Самадов Махмадулло Хабибибуллоевич
Преподаватель кафедры общей физики
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава
735140 Республика Таджикистан,
г. Бохтар, ул. С.Айнӣ, 67
E-mail: fakultet.fizika@bk.ru

Холзода Мумин Чоршанби
Кандидат педагогических наук, старший преподователь кафедры методики преподавания физики
Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава
735140, Республика Таджикистан,
г. Бохтар, улица С. Айни, 67

About the authors

Samadov Makhmadullo Khabibibulloevich
Lecturer at the Department of General Physics
Bokhtar State University named after Nosir Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar,
S. Ayni street, 67
E-mail: fakultet.fizika@bk.ru

Kholzoda Mumin Chorshanbi
Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Methods of Teaching Physics
Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar,
S. Ayni street, 67

ТДУ 372.853

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ФИЗИКӢ ҲАМЧУН ҲАДАФ ВА УСУЛИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА

Табаров С. Р., Соҳибов Н. О.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Муқаддима. Масъалаҳое, ки дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ қарор доранд, танҳо дар ҳолате ҳалли самаранок меёбанд, ки фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ дуруст ташкил карда шавад. Натиҷаҳои ин раванд пеш аз ҳама ба сифати дарсҳо ва усулҳои таълим вобастаанд, ки дар амал татбиқ мегарданд. Ҳалли масъалаҳои физикӣ дар раванди таълим, қобилияти эҷодӣ, маҳорату малака ва шавқу рағбати хонандагонро ташаккул дода, фаъолияти маърифатии онҳоро баланд мебардорад. Ин ташаккулёбӣ аз усулҳои гуногуни таълими ҳалли масъалаҳо вобастагии калон дорад. Баланд бародштани самаранокии раванди истифодаи мақсадноки корҳои дохилии раванди таълим, ва ташаккули салоҳиятҳои раванди таълим истифода мешаванд.

Баррасии корҳои дидактикӣ муосир нишон медиҳад, ки диққати асосӣ ба омӯзиши ҷанбаҳои дохилии усулҳои таълим равона шудааст. Ин равиш имконият дод, ки нақши усулҳо дар иҷрои вазифаҳои ҳавасмандкунанда ва ангезанда хонандагон муайян гардад.

«Дар доираи назарияи оптимизатсияи таълим, Бабанский Ю. К. исбот мекунад, ки самаранокии усул ба интихоби мақсадноки он вобаста аст. Дар дидактикаи физика, ин принсип талаб мекунад, ки ҳалли масъала ҳамчун усули фаъолсозии когнитивӣ (дарккунӣ) баромад кунад: омӯзгор на танҳо алгоритми тайёрро пешниҳод менамояд, балки шароитеро фароҳам месозад, ки хонанда барои ҳалли масъала мустақилона роҳи беҳтарин (оптималӣ)-ро интихоб кунад» [2, с. 192].

Маҳмудов М. И. усулҳои таълимро дар заминаи таълими проблемавӣ тасниф кардаанд. Аз дидгоҳи онҳо, масъалаи физикӣ на як машқи репродуктивии математикӣ, балки «модели вазъияти мушкил» мебошад. Механизми таъсири ин усул дар он аст, ки шарти масъала зиддияти байни дониши назариявии мавҷуда ва нотавонии шарҳ додани падидаи амалиро нишон медиҳад, ки ин омили асосии ангезиши тафаккури эҷодии хонанда мегардад [7, с. 218]. Мувофиқи консепсияи Рубинштейн С. Л. дар бораи ваҳдати шуур ва фаъолият, тафаккури физикии хонанда танҳо дар ҷараёни амалиёти мақсаднок шакл мегирад. Хонанда қонуни физикиро на ҳангоми ёд кардани таърифи он, балки маҳз дар лаҳзаи татбиқи он барои ҳалли масъала (ҳамчун воситаи фаъолият) аз худ мекунад. А. Н. Леонтьев ин равандро ҳамчун гузариши «мақсади таълимӣ» ба «мотиви фаъолияти мустақил» тавсиф мекунад [5, с.168].

Мувофиқи назарияи Талызина Н. Ф. (ташаккули марҳала ба марҳалаи амалҳои зеҳнӣ), ҳалли муваффақонаи масъалаи физикӣ аз мавҷудияти «Асоси нигаҳдории амал» вобаста аст. Дар мавриди физика, ин алгоритми зеринро дар бар мегирад: Таҳлили мазмуни физикии матн; Идеалкунонии объект (сохтани модели физикӣ); Интихоби қонуни фундаменталӣ, Математикунонӣ (тартиб додани муодилаҳо) [14, с. 119].

Усулҳои таълим муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандаро инъикос мекунанд, ки барои ташаккули шахсияти хонанда аҳамияти калон доранд. «Аз нуқтаи назари муосир, роҳҳои гуногуни усулҳои таълими фаъолияти муштараки омӯзгор ва хонандагон буда, ки он ноил шудан ба ҳадафҳои раванди таълим равона карда шудааст. Методӣ қабулшуда ҳамчун ҷузъи таркибии таълим мебошад ва танҳо салоҳияти омӯзгор ва хонандагонро дар ҷараёни машғулиятҳо ифода мекунад» [6, с. 8].

Таърифҳои усулҳои таълим дар дидактика ҷанбаҳои муҳимеро равшан месозанд, ки аксари муҳаққиқон онҳоро бештар аз нуқтаи назари вазифаҳои олоҳида арзёбӣ менамоянд. Аз ин сабаб то ҳол таърифи комили усулҳои таълим ҳамчун падидаи мураккаб ва бисёрҷанба пешниҳод нашудааст. Ҳар як усули таълимро метавон тавассути фаъолиятҳои гуногун ва таркиби амалҳои истифодашуда тавсиф кард. «Дар маҷмӯъ, усулҳои таълим роҳҳои ташкили фаъолияти муштараки омӯзгор ба ҳисоб мераванд, ки иҷрои тамоми вазифаҳои таълимро таъмин месозанд. Онҳо дар ҷараёни таълим пайванди мазмунӣ ва ташкили фаъолиятро амалӣ мекунанд» [10, с. 383-389].

Барои осон гардидани таҳлил ва тавсифи усулҳои таълим мазмунӣ ва ташкили фаъолиятро ба гурӯҳҳо ҷудо месозанд. Вазифаи асосии гурӯҳбандӣ муайян кардани умумиятест, ки омилҳои муҳимро инъикос мекунад. Дар сарчашмаи адабиёти дидактикӣ

гурӯҳбандии гуногуни усулҳои таълим пешниҳод шудааст, ки вобаста ба нишонаҳои асосӣ фарқ аз якдигар мекунанд. Масалан, агар усули интиқоли иттилоот аз омӯзгор ба хонанда асос гирифта шуда бошад, усулҳои таълимро метавон ба се гурӯҳи калон ҷудо намуд [15, с. 12].

1. шифоӣ ё суханронӣ;
2. тасвирӣ;
3. амалӣ.

Ҳамчунин гурӯҳбандии усулҳо аз рӯи вазифаҳои асосии дидактикӣ вуҷуд дорад: усулҳои ба даст овардани дониш, ташаккули малакаҳо, татбиқи дониш ва ғайра.

Муҳаққиқони муосир, бо назардошти он ки дар ҳар як фаъолияти инсонӣ се қисмро метавон ҷудо кард: ташкиливу амалкунанда, ҳавасмандкунанда ва назоратӣ–арзёбӣ, пешниҳод мекунанд, ки ҳамаи усулҳои таълим ба се гурӯҳ ҷудо карда шаванд:

–усулҳои ташкили ва амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ–маърифатӣ;

–усулҳои ҳавасмандгардонӣ ва ангезиши фаъолияти таълимӣ–маърифатӣ;

–усулҳои назорат ва худназоратии самаранокии фаъолияти таълимӣ–маърифатӣ.

Агар хусусияти фаъолияти омӯзгор ва хонандагонро, ки сатҳи мустақилияти познавателии хонандагонро муайян мекунад, асос гирем, пас онро панҷ усули таълимро ҷудо менамоем:

1. Шарҳдиҳӣ–иллюстративӣ ё иттилоотӣ–дарккунӣ;
2. Репродуктивӣ (асоси таълими барномарезишуда);
3. Ба таври проблемавӣ ироа кардан;
4. Эвристикӣ ё қисман–ҷустуҷӯӣ;
5. Таҳқиқотӣ.

Се усули охирин асоси татбиқи идеяҳои таълими рушддиҳанда ба ҳисоб мераванд. Дар фаъолияти хонандагон амалҳои амалӣ нақши калидӣ доранд, зеро дар раванди онҳо тафаккури мустақил инкишоф меёбад ва шароит барои ҷустуҷӯи донишҳои зарурӣ фароҳам меояд. Бо вуҷуди ин, бояд дар хотир дошт, ки ягон усули таълим умумӣ нест ва наметавонад ҳамаи ҳолатҳоро фаро гирад. «Дар методология як назари ягонаи умумӣ дар бораи гурӯҳбандии усулҳои раванди таълим вуҷуд надорад. Ин ҳолат нишонаи буҳрон нест, балки гуногунҷанбаи ҳар як усули таълимро инъикос менамояд» [6, с. 179].

Дар миёни усулҳои амалӣ дар омӯзиши физика, ҳалли масъалаҳо мавқеи махсусро ишғол мекунад. Маҳз масъалаҳо донишҳои хонандагонро мушаххас месозанд ва ба онҳо арзиши амалӣ медиҳанд. Агар масъалаҳо ҳал нашаванд, донишҳо танҳо дар сатҳи назариявӣ боқӣ мемонанд. Ҳалли масъалаҳо ба рушди андешаронии хонандагон, азхудкунии амиқ ва устувори қонунҳои физикӣ, ташаккули зиракиву фаъолнокӣ, ирода ва устуворӣ мусоидат мекунад. Онҳо инчунин малакаи фаъолияти мустақилона-ро ташаккул дода, ҳамчун воситаи муҳими такрор, таҳким, санҷиш ва баҳодиҳӣ-и донишҳо хизмат мекунанд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки ҳалли масъалаҳо яке аз базшҳои нисбатан мушкил-и омӯзиши фанни физика ба шумор меравад. Барои хонандагон бештар машғулятҳое шавқовар мебошад, ки дар онҳо ба фаъолияти зеҳнӣ фаъолона ҷалб мегарданд. Омӯзиш дар ҳолате самарабахш мегардад, ки хонандагон ба таълим муносибати мусбат дошта бошанд ва ҳавасмандии ботинӣ онҳоро роҳнамоӣ кунад. Ин рағбат имкон медиҳад, ки дурнамои истифодаи донишҳои азхудшуда дар фаъолияти минбаъдаи таълимӣ ва амалӣ равшан мегардад.

Натиҷаи таҳқиқот. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои охир шавқи хонандагон ба физика коҳиш ёфтааст. Сабабҳои асосӣ чунинанд:

1. Душвории фан ва нофаҳмии маводи китобӣ, шарҳи камҷозиби омӯзгор;
2. Нодонистани роҳҳои мустақили ҳалли масъалаҳо.

Бо гузашти хонандагон ба синфҳои болоӣ, ҳиссаи онҳое, ки ба таълими фанни физика таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд, афзоиш меёбад ва дар синфи IX ба сатҳи ҳадди бештар мерасанд. Ин тамоюл нишон медиҳад, ки рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва шавқи маърифатии хонандагон дар марҳилаи миёнаи таҳсилот ба авҷи худ мерасад.

Барои ҳалли самараноки масъалаҳои таълимӣ ва илмӣ, донистани назарияи курси физика зарур мебошад. Бо вуҷуди ин, танҳо дониши назариявӣ кофӣ нест: барои ташаккули салоҳиятҳои воқеӣ ва малакаҳои амалӣ, ҳамгироии назария бо таҷрибаҳои озмоишӣ ва машқҳои амалӣ аҳамияти калидӣ дорад. Шакл услуби таҳқиқот аввал тамоюл ва мушоҳидаи илмӣ оварда мешавад, сипас зарурати назария ва маҳдудияти он таъкид мегардад, ва дар охир аҳамияти таҷрибаҳои амалӣ ҳамчун шарти асосӣ барои ташаккули донишҳои мукаммал нишон дода мешавад. Дар бисёр ҳолатҳо усулҳо ва қабулҳои махсус низ лозим мешаванд, ки барои гурӯҳҳои муайяни масъалаҳо умумӣ мебошанд. Яъне, донишҷӯён бояд ғайр аз

донишҳои мушаххас, донишҳои умумиро низ азхуд намоянд. «Донишҳои хонандагон асосан дар ҷараёни таҷрибаҳои амалӣ ва ҳалли масъалаҳои таълимӣ ташаккул меёбанд. Бо вуҷуди ин, омилҳои асосии муваффақият танҳо ба таҷриба маҳдуд намешаванд: қобилияти тафаккури таҳлилӣ, малакаи мантиқӣ, ҳушёрӣ ва эҷодкорӣ низ нақши калидӣ доранд» [1, с. 252].

Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгор на танҳо пешниҳоди ҷавобҳои тайёри масъалаҳо, балки нишон додани роҳҳои гуногуни ҳалли дуруст мебошад. Раванди ҳалли масъала ба як таҳқиқоти хурд монанд аст, ки пайдарпайии амалҳо дар он ҳамеша пешакӣ равшан нест. Азхудкунии дониш маънои иҷрои амалҳои мушаххасро дорад, ки тавассути онҳо масъалаҳо ҳал мегарданд. Бе ҳалли масъалаҳо ва иҷрои вазифаҳои муайян азхудкунии пурраи дониш ва маҳорат имконнопазир аст. «Аз ин рӯ, вазифаи омӯзгор интихоби мувофиқи масъалаҳо, омодасозии мушкилот ва роҳбаладии хонандагон дар ҷараёни ҳалли онҳо мебошад» [8, с. 163]. Дар адабиёти психолого–педагогӣ таъкид мешавад, ки азхудкунии дониш метавонад бе пешниҳоди масъалаҳо низ сурат гирад — дар шакли иттилооти пайдарпайи иллюстративӣ. Аммо ҳатто дар чунин ҳолатҳо хонандагон бо саволҳои таълимӣ рӯбарӯ мешаванд, танҳо онҳо аз фаҳмиши маъмулӣ тафовут мекунанд. Агар омӯзгор маводи таълимиро дар шакли савол пешниҳод накунад, донишҳо ба қайдкунии фактҳо маҳдуд мешаванд ва расмиятчигии дониш ба вуҷуд меояд. [15, с. 280].

Тавре озмоишҳо нишон медиҳад, хонандагони мактабҳои миёна дар ҳалли масъалаҳои физикӣ натиҷаи хуб ва омӯзгорон низ методикаи тахассусӣ-ро пурра омӯхта накардаанд. Таҳлили илмию методӣ нишон медиҳад, ки ин масъала то ҳол дар зинаи рушд қарор дорад. Аз ин рӯ, ташаккули малакаи фаҳмонидани падидаҳои физикӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад, зеро ҳалли масъала аз баррасии шарти он оғоз меёбад.

Анализи адабиёти фалсафию таълимӣ се нуқтаи назарро дар бораи шарҳи илмӣ муайян кардааст:

1. Аз нуқтаи назари маърифатӣ — шарҳ тавассути шинохти қонунҳо сурат мегирад;
2. Аз нуқтаи назари дуюм — шарҳ як зинаи раванди шинохт аст (А.А. Печенкин [9] ва дигарон);
3. Аз нуқтаи назари сеюм — шарҳ як усули мантиқӣ мебошад.

Муҳимтарин равиш барои ташаккули малака барои шарҳ додани падидаҳои физикӣ равиши гносеологӣ (шарҳ додани падидаҳо тавассути қонунҳои илмӣ ва принсипҳои назариявӣ) ба ҳисоб меравад. Шарҳи омӯзишӣ низ ҳамин вазифаро иҷро мекунад ва имкон медиҳад, ки фаъолияти хонандагон пешакӣ банақшагирӣ карда шавад.

« Ч. Гурбангелдиев сохтори равандҳои шарҳи падидаҳои физикиро таҳия кардааст. Дар шарҳи илмӣ нақшаи раванд пешакӣ мушкил муайян мешавад, зеро қонунҳо танҳо дар ҷараёни омузиш ошкор мегарданд. Баръакс, шарҳи таълимӣ бар асоси донишҳои қаблан мавҷудбуда сурат мегирад ва моҳияти падидаҳоро равшан месозад» [4, с, 310].

Ин шакл услуби илмӣ-таҳқиқотиро нигоҳ медорад: далелҳо бо истинод ба адабиёт оварда мешаванд, мушкилот ва камбудиҳо таҳлил мегарданд, равишҳои назариявӣ муқоиса мешаванд ва аҳамияти равиши гносеологӣ ҳамчун асоси ташаккули малакаи шарҳ таъкид мешавад.

Марҳилаҳои шарҳи падидаҳои физикӣ иборатанд аз:

–шиносоӣ бо падида ва аломатҳои зоҳирии он;

–тартиб додани нақл бо калимаҳои худ;

–ҷудо кардани объектҳои ҳамкоркунанда;

–ошкор кардани механизми падида тавассути қонунҳо;

–хулосабарории кӯтоҳ;

–тартиб додани хулосаи ниҳоӣ ва санҷиши он дар таҷриба.

Ин методика, ки ба принсипи таълими инкишофдиҳанда асос ёфтааст, аз марҳилаҳои пайдарпай иборат аст: аз шиносоӣ то шарҳи мустақил дар ҳолатҳои нав.

Тадқиқоти таҷрибаи омӯзгорон нишон медиҳад, ки бештар усулҳои такрорӣ истифода мешаванд. Аммо ин усулҳо ба талаботи хонандагони муосир ҷавобгӯ нестанд ва боиси камшавии шавқ ба омӯзиш мегарданд.

Муҳокима. Физика ҳамчун қисми муҳими илмҳои табиӣ ва рояи техникии муосир бояд бо диққати махсус омӯзонида шавад. Дар ин замина, ҳалли масъалаҳо бояд ҳамчун методи асосии таълим ва фаъолияти муҳими хонандагон баррасӣ гардад [12, с. 95]. Ба иборaи дигар, ҳалли масъалаҳо ҳам мақсади асосӣ ва ҳам методи асосии таълим мебошанд. Ғайр аз ин, онҳо вазифаи олати таълимро низ иҷро мекунанд.

«Аз ин рӯ, физика дар татбиқи амалии принсипи таълими политехникӣ нақши муҳим мебозад. Ин принсип интихоби мақсаднок ва низомнокии мазмуни таълимро тақозо менамояд Барои амиқтар намудани донишҳои назариявӣ аз фанни физика мисолҳои амалӣ истифода мешаванд, ки аҳаммияти ҳалли масъалаҳои физикӣ ва робитаи онҳоро бо фаъолияти амалии инсон нишон медиҳанд. Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳои физикӣ на танҳо воситаи азхудкунии дониш, балки яке аз роҳҳои самараноки ташаккули тафаккури техникӣ ва қобилияти амалии донишҷӯён ба ҳисоб меравад» [13. с, 52].

1. Мисоли назариявӣ–амалӣ: Қонуни Ом

Масъала: Дар занҷири барқӣ шиддат U=12В ва муқовимат R=6Ом дода шудааст. Ҷараёни барқро муайян кунед.

Таҳлил:

– ин масъала донишҷӯро водор мекунад, ки қонуни омро ба амал татбиқ кунад: I=UR.

– ҳалли масъала на танҳо ба даст овардани ҷавоб (I = 2 А) аст, балки ба донишҷӯён мефаҳмонад, ки қонунҳои назариявӣ чӣ гуна дар таҷриба истифода мешаванд.

– ҳадаф: азхудкунии қонуни ом.

– усул: ҳалли масъала ҳамчун воситаи омӯзиш.

2. Мисоли таҷрибавӣ: Қонуни Архимед

Масъала: Дар об як ҷисми ҳаҷмаш V=0.5 м3 пурра ғӯтонда шудааст. Агар зичии об ρ=1000 кг/м3 ва g=9.8 м/с2 бошад, қувваи бардошти Архимедро ҳисоб кунед.

Таҳлил:

– донишҷӯён формуларо истифода мебаранд: $F = \rho \cdot g \cdot v$.

– ҳалли масъала ба онҳо имкон медиҳад, ки қонуни архимедро дар амал эҳсос кунанд.

– ин масъала метавонад дар лаборатория бо таҷрибаи воқеӣ низ санҷида шавад.

– ҳадаф: дарки қонуни архимед.

– усул: таҷриба ва ҳисоб якҷоя.

3. Мисоли проблемавӣ: Ҳаракати партофтани ҷисм

Масъала: Ҷисм бо суръати ибтидоии $\vartheta_0 = 20\,м/с$ бо кунҷи 45∘ партофта мешавад. Баландии максималӣ ва масофаи парвозро муайян кунед.

Таҳлил:

– ин масъала донишҷӯёнро ба таҳлил ва истифодаи формулаҳои кинематика водор мекунад.

– барои ҳалли он бояд ҷузъҳои суръатро ҳисоб кунанд:

$$v_x = v_0 \cos 45°,$$
$$v_y = v_0 \sin 45°.$$

– ин масъала на танҳо ҳисоб аст, балки донишҷӯёнро ба фикрронӣ ва таҳқиқ водор мекунад.

– ҳадаф: азхудкунии ҳаракати партофтани ҷисм.

– усул: ҳалли масъалаи проблемавӣ ҳамчун воситаи омӯзиш.

4. Мисоли тадқиқотӣ: Муқоисаи натиҷаҳои назария ва таҷриба

Масъала: Донишҷӯён бояд суръати паҳншавии мавҷи садоро дар ҳаво муайян кунанд.

– аввал бо формулаи назариявӣ ҳисоб мекунанд: $v = \gamma \cdot r \cdot t_m$.

– сипас таҷрибаи амалӣ мегузаронанд (масалан, бо истифодаи микрофон ва сенсорҳо).

– муқоиса байни натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ донишҷӯёнро ба таҳқиқи амиқ водор мекунад.

– ҳадаф: дарки робитаи назария ва таҷриба.

– усул: ҳалли масъалаи тадқиқотӣ.

Мисолҳои овардашуда нишон медиҳанд, ки:

– ҳалли масъалаҳо воситаи асосии пайваст кардани назария ва амал мебошанд.

– онҳо ҳам ҳадафи таълим (азхудкунии қонунҳо ва назарияҳо) ва ҳам усули таълим (таҳқиқ, ҳисоб, таҷриба) мебошанд.

– ҳалли масъалаҳо тафаккури илмӣ, малакаи таҳлилӣ ва эҷодкориро ташаккул медиҳанд.

Ҷадвали 1.

Намудҳои масъалаҳо ва нақши онҳо дар омӯзиши физика

Намуди масъала	*Мазмун*	*Нақши асосӣ дар омӯзиши физика*	*Афзалиятҳо*
Назариявӣ	Масъалаҳое, ки асосан ба истифодаи формулаҳо ва қонунҳои физикӣ такя мекунанд (масалан, ҳисоб кардани ҷараён бо қонуни Ом).	Таҳкими донишҳои назариявӣ ва фаҳмиши қонунҳои асосии	-Баланд бардоштани тафаккури мантиқӣ. -Омодагӣ ба истифодаи формулаҳо дар амал. - Фаҳмиши амиқ аз қонунҳо.

		физика.	
Таҷрибавӣ	Масъалаҳое, ки бо таҷрибаҳои лабораторӣ ва мушоҳидаи равандҳои табиӣ ҳал мешаванд (масалан, санҷиши қонуни Архимед бо таҷриба).	Пайваст кардани назария бо амал ва санҷиши фарзияҳо.	- Баланд бардоштани эътимоднокии дониш. - Омӯзиши мустақим ва амалӣ. -Ташаккули малакаҳои таҷрибавӣ.
Проблемавӣ	Масъалаҳое, ки донишҷӯёнро ба таҳқиқ ва фикрронӣ водор мекунанд (масалан, ҳаракати партофтани ҷисм бо кунҷи муайян).	Инкишофи тафаккури таҳлилӣ ва малакаи ҳалли мушкилот.	-Ташаккули тафаккури илмӣ. -Омӯзиши мустақилона. - Баланд бардоштани эҷодкорӣ ва ташаббус.
Тадқиқотӣ	Масъалаҳое, ки донишҷӯёнро ба таҳқиқи амиқ ва муқоисаи назария бо таҷриба водор мекунанд (масалан, муайян кардани суръати паҳншавии мавҷи садо дар ҳаво).	Омодасозии донишҷӯён ба фаъолияти илмӣ ва таҳқиқотӣ.	-Ташаккули малакаи таҳқиқотӣ. - Омодагӣ ба истифодаи донишҳо дар муҳити воқеӣ. - Баланд бардоштани қобилияти таҳлил ва синтез.

Ҷадвали пешниҳодшуда чор намуди масъалаҳои физикиро дар бар гирифта, хусусиятҳои онҳо, мақсади таълимӣ ва натиҷаҳои интизоршавандаро инъикос менамояд. Таҳлили мазмуни ҷадвал нишон медиҳад, ки масъалаҳои физикӣ на танҳо воситаи мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ, балки омили муҳими рушди тафаккури мантиқӣ, қобилияти таҳлилӣ, малакаҳои таҷрибавӣ ва эҷодии донишҷӯён ба ҳисоб мераванд:

- масъалаҳои назариявӣ ба истифодаи формулаҳо, қонунҳо ва мафҳумҳои асосии физика равона шудаанд. Ҳалли онҳо ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки донишҳои назариявии худро мустаҳкам намуда, робитаи байни бузургиҳои физикиро муайян кунанд. Масалан, ҳисоб кардани қувваи таъсиркунанда бо истифода аз қонуни дуюми Нютон барои рушди тафаккури мантиқӣ ва омодагӣ ба истифодаи донишҳои физикӣ дар фаъолияти амалӣ мусоидат мекунад.

- масъалаҳои таҷрибавӣ бо иҷрои корҳои лабораторӣ, мушоҳидаи ҳодисаҳои табиӣ ва санҷиши қонунҳои физикӣ алоқаманд мебошанд. Масалан, санҷиши қонуни Архимед тавассути таҷриба ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки донишҳои назариявиро дар амал татбиқ намоянд. Ин намуди масъалаҳо барои ташаккули малакаҳои таҷрибавӣ, баланд бардоштани эътимоднокии дониш ва инкишофи қобилияти мустақилонаи иҷрои корҳои амалӣ аҳаммияти калон доранд.

- масъалаҳои проблемавӣ донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯ, таҳлил ва дарёфти роҳҳои мустақилонаи ҳалли масъала водор месозанд. Масалан, муайян кардани ҳаракати партофтани ҷисм ба кунҷи муайян таҳлили шароити ҳаракат ва истифодаи қонунҳои механикаро талаб мекунад. Ҳалли чунин масъалаҳо ба рушди тафаккури интиқодӣ, қобилияти ҳалли мушкилот, эҷодкорӣ ва ташаббускории донишҷӯён мусоидат менамояд.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки истифодаи мақсадноки масъалаҳои назариявӣ, таҷрибавӣ, проблемавӣ ва тадқиқотӣ барои такмили раванди таълими физика заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳар як намуди масъала вазифаи муайяни таълимӣ дошта, дар маҷмӯъ ба ташаккули донишҳои устувор, рушди тафаккури мантиқӣ ва эҷодӣ, мустақилият ва қобилияти татбиқи донишҳои назариявӣ дар фаъолияти амалӣ мусоидат менамояд.

Хулоса. Ҳалли масъалаҳои физикӣ воситаи калидӣ барои ташаккули тафаккури илмӣ, баланд бардоштани дониш ва рушди қобилиятҳои таҳлилӣ ва эҷодии донишҷӯён мебошад. Он ҳамзамон ҳадафи асосии таълим ва усули самараноки омӯзиши физика ба ҳисоб меравад. Бе ҳалли масъалаҳо донишҳои назариявӣ формалӣ боқӣ мемонанд ва арзиши амалӣ надоранд. Бо дарназардошти талаботи муосири таълим, ворид намудани усулҳои таҳқиқотӣ, таҷрибаҳои амалӣ ва моделсозии компютерӣ ба раванди омӯзиши физика зарурияти хосса пайдо мекунад. Ин равиш на танҳо имкониятҳои назариявии донишҷӯёнро васеъ месозад, балки шароити мусоид барои ташаккули малакаҳои амалӣ ва таҳлилӣ фароҳам меорад.

Истифодаи усулҳои таҳқиқотӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки равандҳои физикиро мустақиман дар таҷрибаҳо мушоҳида намуда, қонунҳои илмиро ба таври эмпирикӣ тасдиқ кунанд. Моделсозии компютерӣ бошад, шароити таҷрибавиро такмил дода, имкони таҳлили равандҳои мураккабро дар муҳити виртуалӣ фароҳам меорад. Ҳамгироии ин усулҳо бо таҷрибаҳои амалӣ ва назария ба таври назаррас шавқ ва ангезаи донишҷӯёнро ба омӯзиши фанни физика афзоиш медиҳад.

Адабиёт

1. *Алламуродов, Б. Н. Масъалаҳои рушди қобилияти эҷодӣ-техникии омӯзгорони ояндаи ихтисоси технология (таълими меҳнат) / Б. Н. Алламуродов, А. Э. Сатторов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №. 7. – P. 251-256.*
2. *Бабанский, Ю.К. Оптимизация процесса обучения / Ю.К. Бабанский**.** – Москва: Педагогика, 1982. – 257 с.*
3. *Гальперин П.Я. Введение в психологию / П.Я. Гальперин**.** – Москва: Наука, 1976. – 150 с.*
4. *Гурбангелдиев, Ч. Методика объяснения физических явлений / Ч. Гурбангелдиев**.** – Ашхабад: Маориф, 1990. – 190 с.*
5. *Леонтьев, А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев**.** – Москва: Политиздат, 1977. – 304 с.*
6. *Лернер, И.Я. Дидактические основы методов обучения / И.Я. Лернер**.** – Москва: Педагогика, 1981. – 186 с.*
7. *Маҳмудов, М.И. Методы обучения и их развитие / М.И. Маҳмудов**.** – Душанбе: Маориф, 1990. – 240 с.*
8. *Носирзода, Б. Н. Ҳамгироии педагогӣ ҳамчун асоси ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ / Б. Н. Носирзода // Фурӯғи илм. – 2025. – №. 1. – С. 361-367.*
9. *Печенкин, А.А**.** Проблемы объяснения в науке и обучении / А.А**.** Печенкин**.** – Москва: Наука, 1985. – 192 с.*
10. *Рауфзода, С. Г. Формирование творческих способностей студентов в процессе обучения технологии (трудового обучения) / С. Г. Рауфзода, Б. Н. Носирзода // Светоч науки. – 2025. – № 1. – С. 383-389.*
11. *Рубинштейн, С.Л**.** Основы общей психологии / С.Л**.** Рубинштейн**.** – Москва: Педагогика, 1989. – Т. 1-2.*
12. *Сатторов, А. Э. Робитаи байнифаннӣ дар таълими физика бо фанҳои техникӣ / А. Э. Сатторов, Б. Н. Алламуродов, С. F. Ризоев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – № 1-3 (77). – С. 94-97.*
13. *Сатторов, А. Э. Роль физических задач при повышении технического творчества учащихся / А. Э. Сатторов, Б. Н. Алламуродов // Вестник Педагогического университета. – 2015. – № 4(65). – С. 51-54. – EDN WBWOVT.*
14. *Талызина, Н.Ф. Проблемы теории обучения / Н.Ф. Талызина**.** – Москва: Педагогика, 1984. – 224 с.*
15. *Фридман, Л.М. Психология обучения / Л.М. Фридман**.** – Москва: Просвещение, 1982. – 303 с.*

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ФИЗИКӢ ҲАМЧУН ҲАДАФ ВА УСУЛИ ОМӮЗИШИ ФИЗИКА

Мақола ба таҳлили маҷмуии нақши масъалаҳои физикӣ дар низоми муосири таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Зиддияти асосии дидактикаи кунунии физика дар он зоҳир мегардад, ки усулҳои анъанавии таълим бештар ба азхудкунии репродуктивии формулаҳо нигаронида шудаанд, ки ин боиси ҷудо нашавандаи алоқаи байни назария ба амалияи воқеӣ мегардад. Муаллифон таъкид мекунанд, ки ҳалли масъалаҳо на танҳо як воситаи оддии омӯзиш, балки ҳадафи стратегии таълими физика барои донишҷӯён мебошад. Дар мақола намудҳои асосии масъалаҳо назариявӣ, таҷрибавӣ, проблемавӣ ва тадқиқотӣ пешниҳод гардида, таъсири функсионалии ҳар як намуд ба раванди маърифат, ташаккули тафаккури илмӣ, баланд бардоштани донишҳои бунёдӣ ва рушди қобилиятҳои таҳлилию эҷодии донишҷӯён таҳлил шудааст. Ҳамчунин, зарурати истифодаи усулҳои таҳқиқотӣ ва мутобиқсозии равандҳои таълими фанҳои дақиқ ба шароити маҳаллӣ ва тамоюлҳои муосир рақамисозӣ асоснок карда мешавад. Нишон дода шудааст, ки дидактикаи ҳалли масъалаҳо занҷири яклухти маърифатро таъмин намуда, заминаи методологиро барои рушди потенсиали эҷодии техникии мутахассисони ояндаи фанни физика устувор месозад.

Калидвожаҳо: физикаи умумӣ, ҳалли масъалаҳо, усули таълим, тафаккури илмӣ, таҷрибаҳои амалӣ, проблемавӣ, тадқиқотӣ, методологияи омӯзиш.

РЕШЕНИЕ ФИЗИЧЕСКИХ ЗАДАЧ КАК ЦЕЛЬ И МЕТОД ОБУЧЕНИЯ ФИЗИКЕ

Статья посвящена всестороннему анализу роли физических задач в современной системе высшего профессионального образования. Главное противоречие современной дидактики физики заключается в том, что традиционные методы обучения в большей степени ориентированы на воспроизводимое освоение формул, что приводит к неразрывной связи между теорией и реальной практикой. Авторы подчеркивают, что решение задач – это не просто учебное пособие, а стратегическая цель обучения физике студентов. В статье представлены основные типы задач теоретические, экспериментальные, проблемно-исследовательские и проанализировано функциональное воздействие каждого типа на процесс познания, формирование научного мышления, совершенствование фундаментальных знаний и развитие аналитических и творческих способностей студентов. Также обосновывается необходимость использования исследовательских методов и

адаптации учебных процессов точных наук к местным условиям и современным тенденциям цифровизации. Показано, что дидактика решения задач обеспечивает целостную цепочку познания и закладывает методическую основу для развития технического творческого потенциала будущих специалистов-физиков.

Ключевые слова: общая физика, решение задач, метод обучения, научное мышление, практические эксперименты, проблемные задачи, исследовательские задачи, методология обучения.

SOLVING PHYSICS PROBLEMS AS A GOAL AND METHOD OF TEACHING PHYSICS

This article provides a comprehensive analysis of the role of physics problems in the modern system of higher professional education. The main contradiction of mdern physics didactics is that traditional teaching methods are largely focused on the reproducible mastery of formulas, which leads to an inextricable link between theory and real-world practice. The authors emphasize that problem solving is not just a teaching aid, but a strategic goal of teaching physics to students. The article presents the main types of problems theoretical, experimental, and problem-based—and analyzes the functional impact of each type on the cognitive process, the development of scientific thinking, the refinement of fundamental knowledge, and the development of students' analytical and creative abilities. The need to use research methods and adapt educational processes in the exact sciences to local conditions and modern digitalization trends is also substantiated. It is shown that problem-solving didactics ensures a holistic chain of knowledge and lays the methodological foundation for the development of the technical creative potential of future physics specialists.

Keywords: general physics; problem-solving; teaching method; scientific thinking; practical experiments; problem-based tasks; research tasks; teaching methodology.

Дар бораи муаллифон

Табаров Сунатулло Рустамович
Саромӯзгори кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии Бохтар номи Носири Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
E-mail: sunatulljtabarjv75@gmail.com

Соҳибов Нозим Октамович
Омӯзгори факултети физика
Донишгоҳи давлатии Бохтар номи Носири Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
E-mail: nozimsoibov@gmail.com

Об авторах

Табаров Сунатулло Рустамович
Старший преподаватель кафедры методики преподавания физики
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрав
735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67
E-mail: sunatulljtabarjv75@gmail.com

Сохибов Нозим Октамович
Преподаватель факультет физики
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрав
735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, улица Айни, 67
E-mail: nozimsoibov@gmail.com

About the author

Tabarov Sunatullo Rustamovich
Senior Lecturer at the Department of Physics Teaching Methodology
Bokhtar State University named after Nosir Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67
E-mail: sunatulljtabarjv75@gmail.com

Sokhibov Nozim Oktamovich
Lecturer, Faculty of Physics
Bokhtar State University named after Nosir Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini street, 67
E-mail: nozimsoibov@gmail.com

УДК 373.5.016:53

СИСТЕМА ВАРИАТИВНЫХ ЗАДАЧ КАК ОСНОВА ИНТЕГРАЦИИ ИНДИВИДУАЛЬНЫХ, ПАРНЫХ И ГРУППОВЫХ ФОРМ ОБУЧЕНИЯ НА УРОКАХ ФИЗИКИ

Мухамедшин Р., Раджабов У. Х.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Введение. Одной из ключевых особенностей методики преподавания современной физики является фундаментальная роль задач в учебном процессе. Если в XIX – начале XX века издавались лишь отдельные сборники задач на фоне обилия теоретических учебников, то со второй половины XX столетия их число резко возросло. Более того, сегодня большинство учебных изданий интегрирует практические задания непосредственно в теоретический курс. Современная школьная программа базируется на принципе неразрывности теории и практики: полноценное усвоение физики невозможно без регулярного решения задач, в том числе через активизацию самостоятельной деятельности учащихся по их составлению [11].

Понимание этой закономерности продиктовало и новые стандарты в подготовке самих педагогических кадров. Сегодня на физических факультетах профильных вузов обязательным элементом программы стал практикум по решению задач. Ярким примером такой интеграции служит опыт кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, где успешно внедрен спецкурс «Методика обучения учащихся решению физических задач», опирающийся на фундаментальные методические разработки в области подготовки будущих учителей (К.Н. Волков [3], Н.К. Михеева [9], Н.Н. Тулькибаева, А.В. Усова [15],).

В методике преподавания физики общепризнана ключевая роль решения задач в развитии практических и познавательных навыков учащихся. Подтверждением тому служит неослабевающий интерес академического сообщества: за последние десятилетия опубликован большой массив научных трудов и защищен ряд диссертационных исследований. На сегодняшний день сформировано несколько ключевых векторов изучения этой тематики:

- **Во-первых**, исследователями подробно изучены механизмы формирования у школьников обобщенных приемов, способов и алгоритмов решения физических задач (В.Х. Асадуллин [1], Г.П. Стефанова [13], Н.М. Таченко [14]), в том числе на основе анализа целостности процесса их решения (И.Ф. Миронов [8]).
- **Во-вторых**, значительное внимание уделяется системно-деятельностному подходу к конструированию самих дидактических материалов, систем задач и принципам их отбора для средней школы (Е.Е. Володарский [4], К.В. Даутова [5]), а также механизмам управления познавательной деятельностью учащихся (С.Г. Погосян [12]).
- **В-третьих**, глубоко исследованы пути усиления познавательной и воспитательной функций задач (Ю.П. Дубенский [6]), включая их использование как средства обучения методам теоретического исследования и развития теоретического мышления в классах физического профиля (Б.А. Мукушев [10], А.В. Коржуев [7]), а также в процессе организации интеллектуально-творческой деятельности старшеклассников при решении эвристических задач (С.С. Бакулевская [2]).

Высоко оценивая вклад предшественников и признавая значительный объем уже проделанной работы, отметим, что изменчивость образовательной среды требует постоянного обновления и конкретизации существующих методических подходов. Анализ фактических умений школьников показывает, что к моменту получения аттестата зрелости почти половина из них пасует перед физическими задачами. Данная проблема деструктивно влияет на познавательный интерес, который неуклонно угасает от младших классов к старшим. Статистика наглядно отражает эту динамику: в 7-м классе на неумение решать задачи жалуются лишь 10% учеников, а в 9-м классе – уже каждый второй. Именно этот психолого-педагогический фактор учащиеся называют главной причиной потери интереса к физике и невыполнения домашних заданий, что подтверждается и профильными исследованиями в области педагогической психологии [2].

Тем не менее, несмотря на обилие публикаций, единый подход к преодолению ключевых причин неумения учащихся решать задачи до сих пор не сформирован в полной мере. Анализ литературы позволяет сделать вывод: большинство исследователей сходятся во мнении, что одним из наименее разработанных, но перспективных путей решения этой проблемы является оптимизация именно организационных форм учебной деятельности на уроке. Изменчивость современной образовательной среды требует конкретизации существующих подходов, а именно – поиска баланса между фронтальной и индивидуальной работой.

Материалы и методы. Как известно, в дидактике выделяют три базовые формы организации учебной работы: коллективную (общеклассную), групповую и индивидуальную. Групповые занятия, которые в школьной практике пока не получили должного распространения, выступают связующим звеном между коллективной и индивидуальной работой. Экспериментальное обучение подтверждает высокую эффективность различных вариантов группового взаимодействия: парного взаимного обучения, работы в стабильных звеньях по 3–4 ученика, а также в сменяемых микроколлективах.

Исходя из этого, на современном уроке физики целесообразно сочетать работу классного коллектива, малых групп и отдельных учащихся. В соответствии с данными формами организации деятельности учебные физические задачи можно классифицировать следующим образом:

- коллективные (общеклассные) задачи;
- групповые задачи;
- парные задачи (как специфический вид групповых);
- индивидуальные задачи.

Вышеуказанные типы задач отличаются друг от друга дидактическими целями, способами предъявления информации, количеством искомых величин и характером контрольных данных.

Традиционная методика организации учебной деятельности по физике опирается преимущественно на коллективную и индивидуальную формы работы. Переход от одной формы к другой, как правило, осуществляется через промежуточную («полуколлективную») организацию учебного процесса.

При коллективном решении физических задач в школьной практике традиционно применяются следующие приемы:

- совместное решение задачи на доске, при котором учитель руководит коллективным анализом условия и составлением плана, побуждая класс к поиску необходимых формул и выполнению расчетов;
- вызов к доске одного учащегося, выполняющего задание под контролем педагога и класса (это позволяет учителю диагностировать типичные ошибки и оперативно корректировать ход рассуждений);
- коллективный разбор готового примера решения, представленного в учебнике или задачнике

Еще одним современным приемом является проецирование готового решения на экран, когда один или несколько учащихся поочередно комментируют его этапы.

Однако коллективная форма решения задач, несмотря на свои достоинства, обладает существенным недостатком: она зачастую минимизирует самостоятельную мыслительную деятельность значительной части класса. Многие учащиеся ограничиваются механическим копированием готового алгоритма с доски или мультимедийного экрана.

Эффективным решением этой проблемы может стать вариативная модификация условий изучаемой задачи. Если сохранить общий физический алгоритм, но индивидуализировать числовые данные или незначительно изменить контекст задания для каждого учащегося, характер деятельности качественно меняется. В данном случае коллективная по форме организации работа приобретает признаки индивидуализированного обучения. Возникает устойчивая мотивация к самостоятельному поиску ответа, актуализируются аналитические умения, а механическое списывание становится невозможным

Мотивы учебной деятельности традиционно подразделяются на внешние и внутренние. К внешним относятся стимулы, побуждающие к действию извне, и необходимость решения задач выступает здесь мощным побудительным средством. Как известно из психологических исследований, какова бы ни была исходная внешняя мотивация мышления, по мере

развертывания деятельности начинают активизироваться собственные познавательные мотивы субъекта. Эмпирический опыт подтверждает фундаментальную закономерность трансформации внешней мотивации во внутреннюю: в процессе вынужденного самостоятельного поиска решений у учащихся формируется устойчивый познавательный интерес к самому предмету исследования.

Таким образом, варьирование условий задач позволяет решить одну из наиболее сложных проблем дидактики (особенно острую в старших классах) – обеспечение стопроцентной вовлеченности учащихся в учебный процесс.

Коллективную форму решения задач обоснованно рассматривать как сугубо обучающий, пропедевтический этап. Длительное и изолированное её использование не обеспечивает должного развития продуктивного мышления школьников, хотя педагоги часто злоупотребляют ею ради поддержки слабоуспевающих учащихся. Методически оправданным является последовательный переход от коллективной работы к полуколлективной (дифференцированной), а затем – к полностью самостоятельной, индивидуальной.

В этой системе координат индивидуальные задачи обладают наибольшим дидактическим потенциалом при организации домашней работы, поскольку именно самостоятельность учащегося выступает ключевым критерием её эффективности.

Индивидуальные задачи обладают огромным потенциалом и для классной работы – от уроков закрепления знаний до контрольных мероприятий. Сходные по структуре, но отличающиеся деталями и числовыми параметрами, они делают бессмысленным прямое копирование чужого решения.

При этом индивидуализация не изолирует учеников друг от друга. Если кто-то заходит в тупик, одноклассники могут легко прийти на выручку, ведь общий алгоритм решения у всех одинаков. Побуждая учащихся к активному учебному диалогу и взаимовыручке, этот метод естественным образом трансформирует урок в русло групповой работы.

К сожалению, сегодня потенциал групповых занятий в школе используется редко, преимущественно из-за нехватки готового дидактического инструментария и колоссальных временных затрат учителя на подготовку. В связи с этим именно целенаправленное конструирование систем физических задач выступает главным резервом для внедрения групповых технологий и воплощения в жизнь важнейшего педагогического принципа – взаимного обогащения знаниями учащихся.

Результаты. Перейдем к рассмотрению методики решения выделенных групп задач на уроках физики.

1. Коллективные (вариативные) задачи

Организация работы строится на том, что класс решает задачу с одинаковым текстовым условием, но с разным числовым наполнением. В простейших модификациях варианты разнятся одной-двумя исходными величинами.

Примером может служить блок задач на уравнение Менделеева — Клапейрона:

- **Вариант 1-01.** При какой температуре 1,1 г воздуха имеет объем 1,4 л, если давление является нормальным?
- **Вариант 1-02.** При какой температуре 1,1 г воздуха имеет объем 1,7 л, если давление является нормальным?
- **Вариант 1-03.** При какой температуре 1,0 г воздуха имеет объем 1,1 л, если давление является нормальным?
- ...
- **Вариант 1-30.** При какой температуре 0,6 г воздуха имеет объем 1,1 л, если давление является нормальным?

Для оперативного контроля и ведения урока учитель обеспечивается компактной матрицей (таблицей) готовых ответов. Ниже приведен фрагмент такой таблицы (значения температуры округлены до целых чисел и выражены в градусах Цельсия):

Номер варианта	**Ответ (t,∘C)**
1-01	176 °C
1-02	272 °C
1-03	115 °C
...	...
1-30	212 °C

Наличие подобного дидактического ключа позволяет педагогу мгновенно осуществлять обратную связь и оценивать самостоятельную работу каждого учащегося в классе.

Организационно такие задания удобно раздавать учащимся в виде индивидуальных печатных полосок для вклеивания в тетрадь. Это существенно экономит время на уроке.

Данный метод можно эффективно модернизировать. Так как текстовая основа задачи едина для всего класса, условие можно предъявить в обобщенной форме — через буквенные обозначения величин вместо цифр.

Например, базовая задача формулируется так:

«При какой температуре m граммов воздуха занимает объем V литров, если давление нормальное?»

Текст такой обобщенной задачи проецируется на мультимедийный экран. Сопровождающая матрица числовых параметров и искомых ответов в данном случае приобретает следующий вид:

Таблица 1. Матрица индивидуальных параметров к задаче № 1

№ варианта	**V (л)**	**m (г)**	**t (°C)**
1-01	1,4	1,1	176
1-02	1,2	1,1	272
1-03	1,1	1,0	115
...	...	...	...
1-30	1,1	0,8	212

Подобная форма предъявления материала позволяет оптимизировать пространство классной доски и обеспечивает фронтальное управление самостоятельной работой учащихся. *Примечание для учителя:* Столбец «t, °C» в проецируемой на экран таблице может быть скрыт от учащихся и использоваться вами исключительно как ключ для экспресс-проверки ответов прямо во время урока.

Каждый учащийся выбирает из проецируемой таблицы свои индивидуальные параметры. Наиболее эффективным организационным решением является закрепление за каждым учеником номера варианта, соответствующего его порядковому номеру в классном журнале.

В рассмотренном примере для всего класса искомая физическая величина остается неизменной. Однако дидактически возможна и более сложная модификация, при которой варианты задач будут различаться не только числовыми данными, но и целевой (искомой) переменной.

В результате такой коллективно-вариативной деятельности, когда каждый школьник оперирует персональными данными, формируется обширный массив расчетных ответов, представляющих общий познавательный интерес. Под руководством педагога учащиеся проводят сравнительный анализ полученных результатов.

Задачи подобного типа целесообразно интегрировать в структуру уроков изучения нового материала (в рамках создания проблемных ситуаций), а также активно применять на этапах первичного и углубленного закрепления знаний.

Нужно указать, что если варианты отличаются по искомой величине, коллективно проверять их у доски становится сложнее. И именно этот фактор диктует необходимость объединять учащихся в малые группы, где они смогут помогать друг другу осуществлять взаимопроверку разных формул, выведенных из одного базового уравнения Менделеева – Клапейрона.

Индивидуальные задачи. По своей структурно-логической форме индивидуальные задачи могут быть идентичны коллективно-вариативным. Их специфика заключается в том, что они дифференцируются по содержанию, уровню сложности, характеру искомых величин и предназначаются для полностью самостоятельного решения. Персональные задания распределяются дифференцированно – с учетом базовой подготовки, когнитивных способностей и познавательных интересов конкретных учащихся. Кроме того, данная группа задач принципиально отличается от коллективных алгоритмом проверки и характером обратной связи (индивидуальный контроль вместо фронтального).

Парные задачи. В условиях традиционного обучения, где доминируют фронтальные и сугубо индивидуальные формы работы, информационный обмен замыкается преимущественно на векторе «учитель – ученик». Вследствие этого ведущая деятельность школьников (учеба) практически лишена опыта продуктивного делового взаимодействия. Напротив, классическая классно-урочная система зачастую искусственно изолирует учащихся друг от друга в процессе выполнения заданий.

На этот деструктивный фактор обращает внимание психолог К. Н. Волков: *«Не этот ли голод в общении при организации главного дела школы является одной из основных причин, приводящих к утрате интереса к учению, к тому, что учеба не удовлетворяет растущие эмоциональные потребности»* [3, с. 103]. При парном решении задач (например, когда один ученик выполняет аналитическую часть, а второй – вычислительную, или когда они проводят взаимопроверку по общему алгоритму с разными данными) возникает то самое деловое общение. Учеба перестает быть изолированной, удовлетворяются эмоциональные потребности подростков, и, как следствие, возвращается интерес к физике.

Создать благоприятные условия для делового общения учащихся позволяет групповая (в данном случае – парная) форма работы над физическими задачами.

Минимальная учебная группа состоит из двух учащихся (как правило, соседей по парте), которым предлагаются так называемые **парные задачи**. Такой дидактический блок включает в себя два содержательно близких субварианта. Каждый ученик выполняет свою часть задания самостоятельно, однако сама модель работы стимулирует активное учебное взаимодействие и взаимопомощь.

Правильность хода рассуждений верифицируется учащимися по аналогии, поскольку оба субварианта базируются на идентичной системе физических уравнений. Оперативный самоконтроль осуществляется с помощью «контрольного числа», являющегося математической функцией от обоих расчетных результатов (например, их суммой или разностью). Если полученное учащимися значение не совпадает с эталонным, пара возобновляет совместную работу для проведения рефлексии, анализа алгоритма и поиска допущенной ошибки. При необходимости учитель может использовать альтернативное контрольное число для промежуточного мониторинга.

Пример парной задачи: Какое количество теплоты требуется для нагревания и последующего полного превращения в пар при температуре кипения и нормальном атмосферном давлении:

Субвариант А (для первого ученика): 7 кг воды, взятой при начальной температуре 12 ^{0}С?

Субвариант Б (для второго ученика): 3кг спирта, взятого при начальной температуре 4 ^{0}С?

Контрольным числом для данной пары является общая сумма необходимой энергии в мегаджоулях, равная 21,92 МДж.

Обсуждение. Парные задачи обладают высокой дидактической гибкостью: они применимы как на этапе объяснения нового материала, так и в процессе его закрепления. При этом существенно минимизируется необходимость непрерывного оперативного контроля со стороны педагога. Допускается также интеграция парных заданий в домашнюю работу. Их верификация осуществляется на следующем занятии, в специально отведенное для этого время. В случае необходимости учитель запрашивает альтернативное контрольное число, что позволяет быстро дифференцировать и оценить результаты домашней работы. Опыт показывает, что данный подход стимулирует развитие навыков учебного сотрудничества и сетевого взаимодействия учащихся во внеурочное время.

Групповые задачи. Задания этой категории ориентированы на совместную деятельность трех и более учащихся. С точки зрения социальной психологии и педагогики, оптимальный количественный состав такой микрогруппы – четыре человека. Экспериментальные данные подтверждают, что диады (пары) функционируют эффективнее учащихся-одиночек, однако квартеты (группы из четырех человек) демонстрируют наиболее высокие показатели продуктивности. Дальнейшее увеличение численного состава группы нецелесообразно, так как оно ведет к снижению плотности индивидуального участия и появлению пассивных учеников.

Структурно групповая задача предъявляется в виде единой фабулы, к которой прилагается матрица из четырех пронумерованных субвариантов. В простейших моделях эти варианты дифференцируются по числовым значениям параметров. Однако методически

более оправданно варьировать и целевые (искомые) физические величины, которые маркируются в таблице данных символами X, Y и т. д.

На практике реализация этого принципа выглядит следующим образом: первый учащийся находит величину X, которая выступает в качестве необходимого исходного параметра для расчетов второго учащегося, определяющего величину Y. Таким образом, успешное завершение этапа вычислений вторым учеником напрямую зависит от точности работы первого. Это создает мощный стимул для внутригруппового обучения и взаимовыручки: сильные учащиеся функционально заинтересованы в том, чтобы оперативно и доступно объяснить алгоритм более слабым членам своей команды.

Рассмотрим пример реализации групповой формы работы (для микроколлектива из четырех учащихся):

Задача для групповой работы (кинематика)*:* Автомобиль движется равноускоренно с ускорением *a*. За промежуток времени t его скорость увеличивается от начального значения ϑ_0 до конечного значения ϑ.

На мультимедийный экран проецируется обобщённая матрица данных (Таблица 2), где для каждого из четырёх членов группы одна из физических величин замаскирована переменной (X1, X2, X3, X4).

Таблица 2. Матрица индивидуальных параметров к групповой задаче

№ ученика	**Время движения t (с)**	**Начальная скорость ϑ_0 (м/с)**	**Конечная скорость ϑ(м/с)**	**Ускорение *a* (м/с^2)**
1	X1	4	7	0,75
2	2	X2	9	2,5
3	4	3	X3	1,5
4	2	2	9	X4

Критерии самоконтроля группы:

Первое контрольное число: X1 - X2 + X3 - X4 = 5,5

Второе контрольное число: X1 + X2 + X3 + X4 = 20,5

Матрица ответов для учителя:

В методическом ключе педагога содержатся как поэтапные значения неизвестных, так и результирующее контрольное число: X1 = 4; X2 = 4; X3 = 9; X4 = 3,5. Общая сумма: $\sum = 20{,}5$.

Важным дифференцированным аспектом данной методики является её адаптивность. Если учебная группа сформирована из слабоуспевающих учащихся, то, помимо общего сквозного контрольного числа для всей команды, целесообразно использовать промежуточные контрольные маркеры для каждого ученика в отдельности. Это позволяет локализовать ошибку на раннем этапе расчётов, не блокируя работу всей группы

Групповые задачи ориентированы прежде всего на интенсификацию классной работы, однако они обладают высоким потенциалом и для организации домашней самостоятельной деятельности учащихся. В данном контексте взаимный контроль и сравнительный анализ результатов внеурочной работы осуществляются на последующем занятии в форме экспресс-коммуникации внутри сформированных микроколлективов.

Выводы. Таким образом, целенаправленное и систематическое использование вариативных физических задач позволяет гармонично интегрировать индивидуальные, парные и коллективные формы учебной деятельности. В рамках такого подхода полноценно реализуется дидактический принцип взаимного обогащения знаниями, что выступает мощным резервом повышения эффективности образовательного процесса и качества обучения физике в средней школе.

Литература

1. *Асадуллин В.Х. Формирование у старшеклассников приемов решения задач в условиях самостоятельной работы (на материале физики): Автореф. дис. ...канд.пед. наук. – М., 1984. - 20 с.*
2. *Бакулевская С.С. Становление интеллектуально-творческой деятельности старшеклассника в процессе решения эвристических задач: Дис. ... канд. пед. наук / С.С. Бакулевская. – Волгоград, 2001. - 162 с.*
3. *Волков К.Н. Психологи о педагогических проблемах: Книга для учителя / К.Н. Волков. – М.: Просвещение, 1981. - 128 с.*
4. *Володарский Е.Е. Система задач как средство повышения эффективности обучения в средней школе. Автореферат. – Л., 1980. – 22 с.*

5. *Даутова К.В. Системный подход к задачам по физике в средней школе. Автореф. дисс... канд.пед.наук /К.В. Даутов. – Л., 1978. – 22 с.*
6. *Дубенский Ю.П. Пути усиления познавательной и воспитательной функций задач при обучении физике в средней школе. Автореф. дисс... канд.пед.наук / Ю.П. Дубенский. – Челябинск, 1982. – 19 с.*
7. *Коржуев А.В. Использование оценочных задач для развития теоретического мышления при обучении физике: дис. ...канд. пед.наук / А.В. Коржуев. М.: 1993. - 205 с.*
8. *Миронов И.Ф. Построение общих и частных методических указаний к решению количественных задач по физике на основе анализа целостности процесса их решений: Автореф. дис .канд. пед. наук / И.Ф. Миронов. – Л., 1988. - 17 с.*
9. *Михеева Н.К. Обучение решению задач как путь профессиональной подготовки учителя физики. Автор. дисс...канд.пед.наук /Н.К. Михеева. – Л., 1988. – 21 с.*
10. *Мукушев Б.А. Система задач как средство обучения методам теоретического исследования в классах физического профиля: Автореф. дис... канд. пед. наук /Б.А. Мукушев. -М.: АПН, 1991. -17 с.*
11. *Павленко А.И. Составление учащимися задач как средство изучения физики: дис. ... канд. пед. наук / А.И. Павленко. – Киев, 1986.- 192 с.*
12. *Погосян С.Г. Проблемы управления познавательной деятельностью учащихся при обучении решению физических задач: дис. ... кан. пед. наук/ С.Г. Погосян.- Баку: 1982. – 173 с.*
13. *Стефанова Г.П. Формирование у учащихся обобщенного приема решения физических задач: Дис. ... канд. пед. наук: 13.00.02/ Г.П. Стефанова. -М., 1979. - 170 с.*
14. *Таченко Н.М. Исследование дидактической эффективности обучения учащихся обобщенным способам решения физических задач: Дисс. ... канд. пед. наук / Н.М. Таченко. – Киев, 1982. - 159 с.*
15. *Тулькибаева Н.Н. Методика обучения учащихся умению решать задачи. Учебное задание по спецкурсу / Н.Н. Тулькибаева, А.В. Усова. – Челябинск: ЧГПУ, 1981. – 87 с.*

СИСТЕМА ВАРИАТИВНЫХ ЗАДАЧ КАК ОСНОВА ИНТЕГРАЦИИ ИНДИВИДУАЛЬНЫХ, ПАРНЫХ И ГРУППОВЫХ ФОРМ ОБУЧЕНИЯ НА УРОКАХ ФИЗИКИ

Статья посвящена решению острой психолого-педагогической проблемы – прогрессирующей потере интереса школьников к изучению физики из-за массовых трудностей при решении расчетных задач. Статистика показывает, что доля учащихся, испытывающих проблемы в этой сфере, возрастает с 10% в 7-м классе до 50% к 9-му классу. Авторы связывают это с дидактическим дефицитом существующих методик и преобладанием пассивных, фронтальных форм работы. Цель исследования – теоретическое обоснование и методическая разработка системы вариативных физических задач как инструмента оптимизации организационных форм учебной деятельности (коллективной, парной, групповой и индивидуальной) для обеспечения вовлеченности учащихся. На основе системно-деятельностного подхода авторамы предложена оригинальная классификация и методика применения четырех типов учебных задач: коллективно-вариативных, индивидуальных, парных и групповых. Для оптимизации временных затрат учителя разработана система экспресс-проверки на основе компактных матриц ответов и дидактических «ключей». Доказано, что систематическое использование вариативных систем задач активизирует самостоятельное продуктивное мышление и реализует дидактический принцип взаимного обогащения знаниями, значительно повышая эффективность обучения физике в средней школе.

Ключевые слова: методика преподавания физики, решение физических задач, групповые технологии, индивидуализация обучения, вариативные задачи, парная работа, учебная мотивация, матрица параметров.

МАҶМУИ МАСЪАЛАҲОИ ВАРИАНТӢ ҲАМЧУН АСОСИ ИНТЕГРАТСИЯИ ШАКЛҲОИ ТАЪЛИМИ ФАРДӢ, ҶУФТӢ ВА ГУРӮҲӢ ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА

Мақола ба ҳалли мушкилоти шадиди психологӣ-педагогӣ – коҳиши тадриҷии таваҷҷуҳи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзиши физика бинобар душвориҳои оммавӣ дар ҳалли масалаҳои ҳисобӣ бахшида шудааст. Омор нишон медиҳад, ки ҳиссаи хонандагоне, ки дар ин самт ба мушкилот рӯбарӯ мешаванд, аз 10% дар синфи 7 то ба 50% дар синфи 9 мерасад. Муаллифон инро ба норасоии дидактикии методикаҳои мавҷуда ва бартарии шаклҳои пассивӣ ва фронталии кор вобаста медонанд. Ҳадафи тадқиқот – асосноккунии назариявӣ ва коркарди методии низоми масалаҳои тағйирёбандаи (вариативии) физика ҳамчун воситаи мусоидсозии шаклҳои ташкилии фаъолияти таълимӣ (дастаҷамъӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ) барои таъмини ҷалби хонандагон мебошад. Дар асоси муносибати низомӣ-фаъолиятӣ аз ҷониби муаллифон таснифоти аслӣ ва методикаи истифодаи чор намуди масалаҳои таълимӣ: дастаҷамъӣ-тағйирёбанда, фардӣ, ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ пешниҳод шудааст. Барои мусоидсозии масрафи вақти омӯзгор низоми санҷиши экспресс дар асоси матритсаҳои ҷавобҳо ва «калидҳои» дидактикӣ кор карда баромада шудааст. Исбот шудааст, ки истифодаи мунтазами низомҳои масалаҳои тағйирёбанда имкон медиҳад, ки тафаккури мустақили

маҳсулбахш фаъол гардад ва принсипи дидактикии бойшавии мутақобила бо донишҳо амалӣ гашта, самаранокии таълими физика дар мактаби миёна ба таври назаррас баланд бардошта шавад.

Калидвожаҳо: методикаи таълими физика, ҳалли масалаҳои физика, технологияҳои гурӯҳӣ, фардикунонии таълим, масалаҳои тағйирёбанда, кори чуфтӣ, мотиви таълимӣ, матритсаи параметрҳо.

THE SYSTEM OF VARIABLE PROBLEMS AS A BASIS FOR INTEGRATING INDIVIDUAL, PAIR, AND GROUP FORMS OF LEARNING IN PHYSICS LESSONS

The article addresses an acute psychological and pedagogical problem: the progressive loss of students' interest in studying physics due to widespread difficulties in solving computational problems. Statistics indicate that the proportion of students experiencing difficulties in this area increases from 10% in the 7th grade to 50% by the 9th grade. The authors attribute this trend to the didactic deficit of existing methodologies and the predominance of passive, frontal forms of classroom work. The research objective is to provide a theoretical substantiation and methodological development of a system of variable physics problems as a tool for optimizing the organizational forms of learning activities (collective, pair, group, and individual) to ensure student engagement. Based on the system-activity approach, the author proposes an original classification and methodology for applying four types of educational problems: collective-variable, individual, pair, and group problems. To optimize the teacher's time constraints, an express-checking system based on compact answer matrices and didactic "keys" has been developed. It is demonstrated that the systematic use of variable problem systems stimulates independent productive thinking and implements the didactic principle of mutual enrichment with knowledge, thereby significantly increasing the efficiency of physics education in secondary school.

Keywords: physics teaching methodology, physics problem solving, group technologies, individualization of learning, variable problems, pair work, learning motivation, parameter matrix.

Об авторах

Мухамедшин Рашит
Доцент кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121

Раджабов Умед Хушвакович
Доцент кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 121
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

Дар бораи муаллифон

Мухамедшин Рашит
Дотсенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Раҷабов Умед Хушвакович
Дотсенти кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

About the authors

Muhamedshin Rashit
Docent of the Department of Physics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

Rajabov Umed Khushvakovich
Docent of the Department of Physics Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: tgpu.mpf@mail.ru

ТДУ 37.02.54

РОБИТАҲОИ БАЙНИФАННИИ ХИМИЯ ҲАМЧУН ПРИНСИПИ ДИДАКТИКӢ

Файзуллоева М. М., Раҷабзода С. И.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Яке аз шартҳои асосии дидактикӣ беҳтар омӯхтани фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии алоқаи байнифаннӣ мебошад. Бинобар ин истифодаи алоқаи байнифаннӣ дар ҷараёни омӯзиш, яке аз вазифаҳои ниҳоят мураккаби методӣ дар назди омӯзгор буда, донистани барномаи таълимии курси химия ва китобҳои дарси химия ва дигар фанҳои таълимии мактабиро талаб менамояд. Барои дар амал тадбиқ намудани ин амал омӯзгорро лозим аст, ки бо дигар омӯзгорони фаннӣ дар алоқа бошад, то ин ки барномаҳои омӯзишии байни фанниро омода созанд.

Истифодаи алоқаи байнифаннӣ дар ҷараёни омӯзиш ба хонандагон, ҷаҳонбинии илмӣ, ягонагии олам, тарбияи муносибати байниҳамдигарӣ ва ҳурмату эҳтиромро нисбат ба ҳамдигар, муносибати эҳтиёткорона ба табиат, маводди табиӣ, тозагии муҳити атроф ва ғайраҳоро дода, дар ташакулли ҳаматарафаи он нақши асосиро мебозад [3, с. 85]. Ҳалли ин вазифаи гузошташуда ҳамон вақт бомувафакият шуморида мешавад, ки агар омӯзгори фанни химияро дар ҳамбастагӣ бо омӯзгорони фанҳои дигар, ба мисли биология, физика, математика, экология ва фанҳои ҷамъиятӣ ҳамкори намояд.

Рушди бомуваффақияти таҳқиқоти муосир дар фанҳо ба монанди химия, биология, генетика, физиологияи растанӣ ва ҳайвонот, экология, биохимия, биофизика, биоорганика ва биологияи молекулавӣ зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи қонунҳо равандҳои ҳаётро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ба таври боварибахш тасдиқ мекунад. Бо наздик шудани мундариҷаи барномаи таълимии химия ба сатҳи муосири илми химия, дидактикаи химия низ ба барқарор кардани робитаҳои пайваста байни таълими биология, химия, физика, астрономия ва ҷуғрофияи таъкиди бештар медиҳад. Чунин робитаҳои байнифаннӣ дар ҳама марҳилаҳои таълими химия мувофиқанд.

Дар давраи рушди босуръати илму техника ва ҷаҳонишавии иттилоот, нақши илм ва таҳқиқот дар ҳамаи соҳаҳои зиндагии инсон беш аз пеш меафзояд. Ҷомеаи муосир ба мутахассисоне ниёз дорад, ки на танҳо соҳиби донишҳои назариявӣ бошанд, балки тавонанд ин донишҳоро дар амал татбиқ кунанд, масъалаҳоро таҳлил намоянд ва роҳҳои нави ҳалли онҳоро бо истифода аз усулҳои илмӣ пайдо созанд. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимми низоми муосири маориф тайёр кардани хонандагонӣ фаъол, эҷодкор, таҳлилгар ва қобили таҳқиқ мебошад, ки тавонанд ба рушди устувори ҷомеа саҳм гузоранд.

Дар ҳамин замина масъалаи инкишофи фаъолияти илмии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Ин фаъолият на танҳо ба баланд шудани сатҳи донишҳои назариявӣ мусоидат мекунад, балки тафаккури таҳқиқотӣ, қобиляти мустақилона андешидан, таҳлил ва хулосабарории илмиро низ рушд медиҳад. «Маҳз тавассути таҷрибаомӯзи ва таҳқиқоти амалӣ хонандагон илмро ҳамчун раванд дарк мекунанд, на танҳо ҳамчун маҷмуи маълумот ё қоидаҳо» [7, с. 83].

Робитаҳои байнифаннӣ дар таълим ҳамчун принсипи дидактикӣ ва ҳамчун асосии баррасӣ мешаванд, ки ҳадафҳо, вазифаҳо, мундариҷа, усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои таълими фанҳои гуногунро дар бар мегирад. «Барои баланд бардоштани шавқу ҳавас ба фан ва сифати таълим, омӯзгор бояд мундариҷаи маводди таълимиро андеша кунад, он бояд талаботи маърифатии хонандагонро қонеъ гардонад. Муҳим аст, ки хонандагон барои омӯзиши мавзуъ ҳавасманд бошанд» [7, с. 83].

«Робитаҳои байнифаннӣ ҳамчун шарти дидактикие мебошанд, ки инъикоси пайдарпайи вобастагии мутақобилаи объективии дар табиат амалкунандаро дар мазмуни фанҳои таълимии табиатшиносии мактабӣ таъмин менамоянд»[8, с. 52]. Робитаҳои байнифаннӣ ба мо имкон медиҳанд, ки унсурҳои асосии мундариҷаи таълимиро муайян кунем, рушди ғояҳо, консепсияҳо ва усулҳои умумии илмии таълимро таъмин намоем, инчунин имкониятҳоро барои татбиқи ҳамгирошудаи донишҳо аз фанҳои гуногун дар фаъолиятҳои кории хонандагон фароҳам оварем.

Алоқаманди байнифаннӣ ба таркиб ва сохтори фанҳои таълимӣ таъсир мерасонанд. Ҳар як фан манбаи намудҳои гуногуни робитаҳои байнифаннӣ дорад.

Инкишофи системаи умумии дониши хонандагон дар бораи ҷаҳони воқеӣ, ки робитаҳои байниҳамдигарии шаклҳои гуногуни ҳаракати материяро инъикос мекунад, яке аз вазифаҳои

асосии таълимии робитаҳои байнифаннӣ мебошад. Рушди ҷаҳонбинии илмии куллӣ баррасии ҳатмии робитаҳои байнифанниро талаб мекунад. Муносибати ҳамгирошуда ба таълим вазифаҳои таълимии робитаҳои байнифанниро дар курси химия тақвият додааст ва бо ин васила муттаҳидшавии ягонагии табиат, ҷомеа ва инсониятро таъмин мекунад. Дар ин шароит, робитаи фанни химия бо ҳама илмҳои табиӣ ва ҳам гуманитарӣ тақвият меёбанд, малакаҳо дар интиқоли дониш, татбиқ ва фаҳмиши ҳамаҷониба такмил меёбанд. «Ҳамин тариқ, равиши байнифаннӣ як принсипи муосири таълим аст, ки ба интихоб ва сохтори маводди таълимӣ барои як қатор фанҳо таъсир мерасонад, хусусияти систематикии дониши хонандагонро тақвият медиҳад, усулҳои таълимро фаъол месозад, ба истифодаи шаклҳои мураккаби ташкили таълим диққат медиҳад, ягонагии раванди таълимро таъмин менамояд» [4, с. 83].

Вазифаи методологӣ дар он ифода меёбад, ки танҳо тавассути онҳо имкон дорад, ки дар хонандагон назари диалектикӣ-материалистӣ дар бораи табиат, дар баробари мафҳумҳои муосир ва рушди он инкишоф дода шавад. Робитаҳои байнифаннӣ инъикоси методологияи муосири табиатшиносиро дар таълим осон мекунанд, ки тавассути ҳамгироии ақидаҳо ва усулҳо аз равиши системавӣ то дарки табиат инкишоф меёбад.

Вазифаи таълимии робитаҳои байнифаннӣ дар он аст, ки онҳо ба рушди сифатҳои дониши хонандагон, аз қабили мувофиқат, амиқӣ, огоҳӣ ва чандирӣ мусоидат мекунанд. Дар китоби дарси профессор Зубайдов У.З., оварда шудааст, ки «робитаҳои байнифаннӣ ҳамчун воситаи таҳияи мафҳумҳои химиявӣ амал мекунанд ва ба азхудкунии робитаҳои байни онҳо ва мафҳумҳои умумии илмӣ мусоидат мекунанд» [11, с. 125].

Вазифаи инкишофии робитаҳои байнифаннӣ бо нақши онҳо дар рушди тафаккури системавӣ ва эҷодии хонандагон, ташаккули фаъолияти маърифатӣ, истиқлолият ва шавқи онҳо ба дарки табиат муайян карда мешавад. Робитаҳои байнифаннӣ барои бартараф кардани тафаккури фаннии мушаххас ва васеъ кардани малакаву маҳорати хонандагон кӯмак мекунанд.

Таълимии робитаҳои байнифаннӣ дар дастгирии онҳо барои ҳама самтҳои рушди хонандагон дар химия ифода меёбад. Бо такя ба робита бо дигар фанҳо, равиши ҳамаҷониба ба таълим амалӣ карда мешавад.

Вазифаи созандаи робитаҳои байнифаннӣ дар он аст, ки онҳо мундариҷаи маводди таълимӣ, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълимро такмил медиҳанд.

Робитаҳои байнифаннӣ дар тамоми раванди таълим, амалӣ мешаванд. Байни робитаҳои дохилифаннӣ (робитаҳои байни химия ва физика, биология ва ҷуғрофия) ва робитаҳои байнифаннӣ (робитаҳои байни химия ва таърих, адабиёт, забони русӣ, технология, санъати ҳаҳонӣ ва математика) фарқ гузошта мешавад. Робитаҳои байнифаннӣ ба гурӯҳҳо вобаста ба ҷузъҳои асосии раванди таълим (мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои ташкилӣ) тақсим мешаванд: мундариҷа-иттилоотӣ ва ташкилӣ-методӣ.

Робитаҳои байнифаннӣ-иттилоотӣ вобаста ба таркиби донишҳои илмӣ, ки дар барномаҳои курси химия инъикос ёфтаанд, тақсим мешаванд инҳоянд: воқеӣ; мафҳумӣ; назариявӣ; фалсафӣ.

Робитаҳои байнифаннӣ дар сатҳи воқеӣ (фактӣ) муқаррар кардани монандӣ байни далелҳо, истифодаи далелҳои маъмулии омӯхташуда дар курсҳои физика, химия ва биология ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи онҳоро барои умумӣ кардани дониш дар бораи падидаҳо, равандҳо ва ашёи табиӣ дар бар мегиранд. Масалан, ҳангоми таълими химия ва биология, омӯзгорон метавонанд, маълумот дар бораи таркиби химиявии бадани инсон маълумот диҳанд.

Робитаҳои байнифаннии мафҳумӣ васеъ ва амиқ кардани хусусиятҳои мафҳумҳои фаннии хос ва таҳияи мафҳумҳои умумӣ барои фанҳои марбут (мафҳумҳои умумии фаннӣ) - ро дар бар мегиранд. Мафҳумҳои умумии фаннӣ дар курсҳои табиатшиносӣ мафҳумҳоро аз назарияи сохтори материя: ҷисм, модда, таркиб, молекула, сохтор, хосият, инчунин мафҳумҳои умумӣ: ҳодиса, раванд, энергия ва ғайраҳо дар бар мегиранд. Дар ин раванд, онҳо амиқтар, мушаххас карда мешаванд ва хусусияти илмии хос ва умумиро ба даст меоранд.

Робитаҳои назариявии байнифаннӣ таҳияи равандҳои асосии назарияҳо ва қонунҳои илмии умумиро дар бар мегиранд, ки дар дарсҳо оид ба фанҳои марбут омӯхта мешаванд ва ҳадафи азхуд кардани назарияи куллӣ аз ҷониби хонандагон мебошад. Мисоли маъмулӣ назарияи сохтори материя аст, ки робитаи бунёдии байни физика ва химияро ифода мекунад ва оқибатҳои он барои шарҳ додани вазифаҳои биологии моддаҳои ғайриорганикӣ ва органикӣ ва нақши онҳо дар ҳаёти организмҳои зинда истифода мешаванд.

Олимон аз ҷумла Холназаров С. чунин мешуморад, ки «истифодаи робитаҳои байнифаннӣ яке аз вазифаҳои мураккабтарини методологӣ мебошад. Он мундариҷаи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии дигар фанҳоро талаб мекунад» [12, с. 105].

Амалӣ намудани робитаҳои байнифаннӣ дар амалияи таълим ҳамкории омӯзгори фанни химия ва омӯзгорони биология, физика ва ҷуғрофияро талаб мекунад, ки дар дарсҳои кушод, банақшагирии якҷояи дарсҳо иштирок намоянд.

Омӯзиши бахши «Робитаҳои байнифаннӣ» барои ҳар як курси химия ва мавзуҳои муҳим аз барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии дигар фанҳо ва хондани адабиёти иловагии илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва методологӣ.

Истифода аз мисоли робитаҳои байнифаннии химия ва биология дар нақша оварда шудааст.

№	Мавзуи дарси химия	Мавзуи дарси биология	Ҳадафҳо	Таҷҳизот	Супориши хонагӣ
1	Моддаҳо. Хусусиятҳои моддаҳо	Таркиби химиявии ҳуҷайра	Таъкид кардани аҳаммият, зарурат ва ногузирии унсурҳо ва пайвастагиҳои ғайриорганикӣ дар ҳуҷайра-воҳиди организми зинда. Аҳаммияти фарқиятҳо дар таркиби химиявии ҳуҷайраҳо дар бофтаҳои гуногун	Расми «Сохтори ҳуҷайра». Моддаҳои химиявӣ	«Аҳаммияти ионҳои калсий дар рушди организми зинда»
2	Калсий	Сохти устухонҳо	Нишон додани аҳаммияти устухонҳо барои бадани инсон; исбот кардани зарурати намакҳои Са барои ташаккули устухонҳо, зарурати мавҷудияти ионҳои Са дар ғизои калонсолон, наврасон ва хурдсолон	Устухони декалсийшуда, кислотаи гидрохло-рид. Металли калсий. Расми склет	Маълумот дар бораи «Аҳаммияти ионҳои калсий барои кашишхӯрии мушакҳо».
3	Металҳо	Кори мушакҳо	Аҳаммияти ионҳои калсий барои кашиши мушакҳо ва суръатбахшии гидролизи АТР дар ҳузури ионҳои калсий, калий ва магний	Расми «Кашишёбии мушакҳо». Металлҳо.	Маълумот дар бораи металлҳое, ки барои устухон муҳиманд
4	Оҳан	Хун	Аҳаммияти ионҳои оҳан (II)-ро дар гемоглобин нишон диҳед	Расми «Сохтори гемогло-бин».	«Аҳаммияти ионҳои калсий (II) дар лахташавии хун»; «Гемофилия»
5	Ҳолатҳои модда. Газҳо	Нафас	Тавсифи химиявии газҳои оксиген ва гази карбонро пешниҳод кунед, аҳаммияти онҳоро барои организм нишон диҳед, тавсифи мубодилаи газҳо (шуш ва бофтаҳо)	Таҷҳизот барои корҳои лабораторӣ	«Зарари тамокукашӣ» «Таъсири HCN ва CO ба нафаскашии инсон»
6	Карбон. Пайвастагиҳои карбон	Хатарҳои тамокукашӣ	Барои нишон додани зарари тамокукашӣ, зеро дуди тамоку илова ба никотин, дорои дуди гази оксиди карбон, кислотаи гидросианӣ ва ғайра мебошад	Варақаҳои тайёркар-даи донишҷӯён	Навиштани эссей. «Хатари тамокукашӣ барои организми инсон»
7	Нишон-диҳандаи гидроген	Ҳазми хурок	Таъсири ин моддаҳо ба бадани инсон	Таҷҳизоти лабораторӣ. Расми «Сохтори девори меъда»	Маълумот дар бораи кори меъда
8	Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми кор дар лабораторияи химиявӣ	Гигиенаи хӯрокворӣ	Ба хонандагон нишон диҳед, ки кадом моддаҳо, ионҳо ва пайвастагиҳо метавонанд ба бадан таъсири хатарнок расонанд. Малакаҳои ёрии аввалин ҳангоми заҳролудшавӣ моддаҳои аз ғайри-органикӣ хонандагонро нишон диҳед		Ёрии аввалин ҳангоми заҳролудшавӣ бо моддаҳо
9	Об	Аҳаммияти об барои бадани инсон	Нақши обро дар равандҳои биохимиявӣ фаҳмонед		Маълумот дар бораи «Хосияти биологӣ химиявии об»
10	Қоидаҳои бехатарӣ барои кор дар лаборато- рияи химияивӣ	Пӯст	Таъсири кислотаҳо ва ишқорҳоро ба пӯст нишон диҳед ва малакаҳои ёрии аввалинро аз сӯхтани моддаҳои химиявӣ фаҳмонед	Таҷҳизоти лабораторӣ.	Ёрии аввалин ҳангоми сӯхтани пуст
11	Металлҳо	Интиқоли импулсҳои асаб	Шинос кардани хонандагон бо раванди интиқоли импулси асаб ва нишон додани аҳаммияти ионҳои калий ва натрий дар ин раванд	Расми «Интиқоли импулси асаб»	Маълумот дар бораи асаб

Таҷриба нишон дод, ки истифодаи мунтазами вазифаҳои маърифатии байнифаннӣ дар шакли саволҳои проблемавӣ ва супоришҳои амалӣ ба рушди қобилиятҳои хонандагон барои муқаррар ва азхуд кардани робитаҳо байни донишҳо аз фанҳои гуногун мусоидат мекунад.

Бо ҳалли чунин супоришҳо, хонандагон вазифаҳои мураккаби маърифатӣ ва мустақилонаро иҷро мекунанд:

Дарки моҳияти масъалаи байнифаннӣ, дарки зарурати татбиқи дониш аз фанҳои дигар;

- Интихоб ва навсозии донишҳои мувофиқ аз фанҳои дигар;
- Интиқоли он ба вазъияти нав, муқоисаи дониш аз фанҳои марбут;

- Таҳлил, муқаррар кардани мутобиқати мафҳумҳо, воҳидҳои ченкунӣ ва амалҳои ҳисоббарорӣ ва татбиқи онҳо;

- Ба даст овардани натиҷаҳо, ҷамъбаст дар хулосаҳо ва тақвияти мафҳумҳо.

- Ин муҳимтарин вазифаи инкишофдиҳандаи таълими химия аст.

Омӯзиши робитаҳои байнифаннӣ бо истифода аз дигар фанҳо, ба монанди физика ва ҷуғрофия, идома диҳем.

Робитаи байнифаннӣ бо физика. Дар синфи 8, мо мавзуи «Сохти атом»- ро меомӯзем. Хонандагон аз фанни физика бисёр маълумотҳоро медонанд: атом аз ядрои мусбат заряднок ва электронҳо иборат аст. Электронҳо дар масофаҳои гуногун дар атрофи ядро ҳаракат мекунанд ва захираҳои гуногуни энергия доранд.

Аз фанни физика маълум аст, ки кислотаи сулфат ё гидроксиди калийро ҳамчун электролитҳо истифода мебаранд. Дар тиб ва ҳаёти ҳаррӯза маҳлули аммиак истифода мешавад, дар ҳоле ки дар саноати кишоварзӣ маҳлули консентратсияшуда - нуриҳои нитрогени - барои баланд бардоштани ҳосили зироатҳо истифода мешавад – чуноне, дар биология омӯхтаем.

Робитаи байнифаннӣ бо ҷуғрофия дар он аст, ки хонандагон конҳои маъдани оҳанро меомӯзанд. Инро метавон ҳамчун асос истифода бурд. Маъдани оҳани қаҳваранг конҳои калонро ташкил медиҳад. Захираҳои маъдани оҳани сурх дар Аномалияи магнитии Курск ва ғайра мавҷуданд.

Дар мавзуи «Нитроген ва фосфор», вазифаи муҳим аст, кадом моддаҳои муҳимми саноатиро аз ҳаво ва об бадаст овардан мумкин аст? «Нитроген» маънои бечониро дорад, аммо биология инро рад мекунад ва изҳор медорад, ки нитроген ҷузъи сафеда аст ва «ҳаёт тарзи мавҷудияти ҷисмҳои сафеда аст» (Фридрих Энгелс).

«Математика шоҳи илмҳост» ҳар гуна масъалаи химиявӣ муодила, масъала ё робитаро танҳо бо ёрии малакаҳои математикӣ ва равишҳои мантиқии бадаст овардашуда ҳал кардан мумкин аст. Барои ҳалли масъалаи химиявӣ, бояд муайян кард, ки дар масъала чи лозим аст, формулаҳои асосии химиявиро барои ҳалли масъала нависад ва сипас дониши математикиро барои ҳалли масъалаҳои химиявӣ истифода барад.

Имрӯз нақши компютерҳо дар рафти дарсҳо бениҳоят муҳим аст. Интернет ва барномаҳои гуногун ба хонандагон кӯмак мекунанд, ки дар бораи вазъи кунунии илм маълумоти бештар гиранд ва хонандагон маълумоти навро бо омӯзгорони худ мубодила мекунанд. Хонандагон бояд қодир бошанд, ки гузоришҳо ва эссеҳои худро дуруст қайд кунанд ва дар шакли электронӣ маводдро пурра коркард карда тавонанд. Рушди фазои иттилоотӣ инчунин шавқи хонандагонро ба усулҳо ва шаклҳои нави омӯзиш афзоиш медиҳад.

Химия мустақиман бо таърих алоқаманд аст, зеро химия ҳамчун илм дар тӯли ҳазорсолаҳо инкишоф ёфтааст. Ҳамин тариқ, ҳар як кашфиёт ё падида санаи худро ва олими худро дорад. Вазъи иқтисодии як давраи муайян ба рушди химия таъсир расонд ва аксар вақт монеъи кашфиётҳои муҳим гардид.

Ҳар як раванди биологӣ ба табдили химиявӣ асос ёфтааст. Ҳамин тариқ, робитаи наздики байни химия ва биология равшан аст. Мисол оксидшавии глюкоза дар бадани инсон аст.

Раванди дигари биологӣ маҳсулоти ниҳоии ба вуҷуд омада мебошад. Мисол оксидшавии спирт дар бадани инсон аст. Маҳсулоти оксидшавии ба вуҷуд омада, ба монанди алдегидҳо, ба бадан таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар фанни биология, хонандагон аввал бо фотосинтез шинос мешаванд ва дар фанни химия бо муодилаи реаксияи фотосинтез шинос мешавад. «Ҳарорат ба сабзиш ва фотосинтез бо тағйир додани ҳарорат муҳақиқ муайян мекунад, ки то кадом дараҷа равандҳои биохимиявӣ (масалан, фотосинтез ё нафаскашӣ) фаъол мегарданд ё суст мешавад. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки организмҳои зинда танҳо дар шароити муайяни физикӣ ва химиявӣ фаъолият карда метавонанд» [8, с. 157]. Ҳангоми омӯзиши кислотаи хлорид хонандагон аллакай бисёр чизҳоро медонанд шираи меъда, сабаби сӯзиши дил, чораҳои эҳтиётӣ ҳангоми кор бо кислотаҳо (аз ҷумла ишқори каустикӣ) ва ёрии аввалин барои ҷароҳатҳои аз онҳо ба вуҷуд омада.

Ҳамин тариқ, ҳангоми омӯзиши фанни химия, робитаҳои зич бо бисёр фаннҳо маълуманд ва вазифаи омӯзгор фаҳмонидан ва нишон додани ин робитаҳо мебошад.

Ҳадафи муҳимтарини таълим ва тарбия ин аст, ки ҳар як шахс тавонад мустақилона амал кунад, дониши бадастовардаро дар ҳаёт татбиқ кунад, озодона муошират кунад ва барои ҳама корҳо масъул бошад. Барқарор кардани робитаҳо байни химия ва фанҳои марбут пойгоҳи донишҳои заруриро барои фаҳмидан ва азхудкунии пурмаънои маводди барномаи таълимии химия васеъ мекунад ва ба хонандагон имкон медиҳад, ки робитаҳои байни илмҳоеро, ки дар даҳсолаи охир норавшан шудаанд, беҳтар маълумот пайдо кунанд ва кашф кунанд. Ҳамгироӣ бо фанҳое, ки хонандагон ҷолиб меҳисобанд, ба афзоиши бомуваффақияти шавқ ба химия ва

инкишоф додани ангеза барои омӯзиши он мусоидат мекунад. Ҳамгироӣ бо фанҳои амалӣ имкониятҳоро барои татбиқи амалии донишҳои бадастовардаи химиявӣ ошкор мекунад

Ҳадафи ниҳоии ҳамгироӣ ин додани фаҳмиши куллӣ дар бораи ҷаҳони атроф барои истифодаи оянда ба донишҷӯён мебошад. Химия як фанни табиатшиносӣ аст ва аз сабаби хусусияти хеле мантиқии он ва зарурати муқаррар кардани робитаҳои сабабу натиҷа барои хонандагон дарк кардани он душвор аст. Аммо, барои ҷалби хонандагон ва ҳавасманд кардани онҳо барои омӯхтани ин фан, омӯзишро бо ҳалли амалии масъалаҳо тавассути татбиқи амалии робитаҳои интегративӣ ба монанди химия↔биология; химия↔ҷуғрофия; химия↔физика; химия↔риёзиёт; химия↔экология; ва химия↔таърих пайваст мекунад.

Ҳамин тариқ ҳангоми истифодаи алоқаи байнифаннӣ дар таълим:

- ҳар дарс бомақсад мегузарад ва пас аз омӯхтани мавзуъ ва қисмҳои он хонандагон бояд чиро донанд, чиро фаҳманд, чиро тавонанд ва дар амал татбиқ намоянд, равшан мегардад;

- тамоми машғулиятҳо хонандагонро водор менамояд, ки байни худ мубодилаи афкор намоянд, бештар ба китоби дарсӣ ва дигар сарчашмаҳо рӯ ованд, аз рафиқони худ дар канор намонанд;

- дар дарсҳо ҳар як лаҳзаро пешакӣ ба нақша гирифта, фаъолияти таълимии хонандагон доимо зери назорат мебошад ва ин имконият медиҳад, ки онҳо мувофиқи дониш, малакаву маҳорату лаёқаташон ҳамроҳ шаванд, дар ҳалли мисолу масъалаҳо ташаббус нишон диҳанд;

- ҳангоми татбиқи алоқаи байнифаннӣ дар таълим тамоми машғулиятҳоро метавон дарсҳои хештаншиносӣ номид. Доимо дар машғулиятҳо аз таъриху фарҳангу расму оини мардуми тоҷик ва хизмати фарзандони тоҷик дар рушду нумӯи илм ёдрас шуда, ба тарбияи арзишҳои миллӣ, тарбияи худшиносӣ, ифтихор ва ваҳдати миллӣ, эҳёи суннатҳои волои миллатамон бештар эътибор додан мумкин аст.

Адабиёт

1. *Бабанский Ю.К. Оптимизация процесса обучения. М.: Педагогика, 1977. – 256 с.*
2. *Котлярова О.С. Учет знаний по химии. М.: Просвещение, 1977.с-136*
3. *Сорокин В.В., Золотников Э.Г. Как ты знаешь химию? Спб. Химия, 1998. – 352 с.*
4. *Файзулоева М.М. Методикаи таълими химия : Дастури таълимӣ. — Душанбе: Матбааи ДДОТ, 2026. — 162 с.*
5. *Файзуллоева М.М. Методи таҷриба ҳамчун воситаи ягонаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф № 4 (52) 2025. С.83-89.*
6. *Файзуллоева М. Аҳаммияти кори мустақилона дар ташаккули маҳорату малакаҳои хонандагон дар омӯзиши фанни химия // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ 2022. - № 2(12). С.206.*
7. *Файзуллоева М.М. Салоҳидини С. Усулҳои муосири таълими химия бо имкониятҳои мавҷуда. /Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ № 1(23), 2025. – 169 с.*
8. *Файзуллоева М. М., Бобизода Ғ. М. Методи таҷриба ҳамчун воситаи ягонаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ /Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ № 1(27), 2026. С.157.*
9. *Федорова В. Н., Кирюшкин Д. М. Межпредметные связи в обучении естественнонаучным дисциплинам. — Москва: Просвещение, 1972. С. 24.*
10. *Зубайдов У.З. ва дигарон. /Барномаи химия барои синфҳои VIII-XI. Душанбе, 2001. с. 48*
11. *Зубайдов У., Холназаров С. Методикаи таълими химия. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. - Душанбе, 2016. - 384 с.*
12. *Холназаров С., Ҳакимов О. Асосҳои методикаи таълими химия (қисми 1). Дастури методӣ. Душанбе: Авесто, 2008. - 194 с.*
13. *Холназаров С. Педагогическая система профессионально-экологической подготовки будущих учителей химии. - Душанбе, 2011. - 338 с.*
14. *Чернобельская Г.М. Методика обучения химии в средней школе. - М.: Владос, 2000. - 336 с.*

РОБИТАҲОИ БАЙНИФАННИИ ХИМИЯ ҲАМЧУН ПРИНСИПИ ДИДАКТИКӢ

Дар мақола масъалаи омӯзиши байнифаннии химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии оварда шудааст. Бинобар ин истифодаи методи алоқаи байнифаннӣ дар ҷараёни омӯзиш, яке аз вазифаҳои ниҳоят мураккаби методӣ дар назди омӯзгор буда, донистани барномаи таълимии курси химия ва китобҳои дарси химия ва дигар фанҳои таълимии мактабиро талаб менамояд. Истифодаи алоқаи байнифаннӣ дар ҷараёни омӯзиш ба хонандагон, ҷаҳонбинии илмӣ, ягонагии олам, тарбияи муносибати байниҳамдигарӣ ва ҳурмату эҳтиромро нисбат ба ҳамдигар, муносибати эҳтиёткорона ба табиат, маводҳои табиӣ, тозагии муҳити атроф ва ғайраҳоро дода, дар ташакулли ҳаматарафаи он нақши асосиро мебозад.

Калидвожаҳо: химия, байнифаннӣ, дидиктикӣ, таълим, назорат, омӯзиш, барномаи таълимӣ, ҷаҳонбинӣ.

МЕЖДИСЦИПЛИНАРНЫЕ ОТНОШЕНИЯ В ХИМИИ КАК ДИДАКТИЧЕСКИЙ ПРИНЦИП

В статье рассматривается вопрос междисциплинарного преподавания химии в средних учебных заведениях. Таким образом, использование метода междисциплинарного взаимодействия в учебном процессе является одной из наиболее сложных методических задач для преподавателя, требующей знания учебного плана курса химии и учебников по химии и другим школьным предметам. Использование междисциплинарного взаимодействия в учебном процессе формирует у учащихся научное мировоззрение, понимание единства мира, воспитание взаимного уважения и уважения, бережное отношение к природе, природным материалам, чистоте окружающей среды и т. д., и играет ключевую роль в их всестороннем формировании.

Ключевые слова: химия, междисциплинарный, дидактический, образование, руководство, обучение, учебный план, мировоззрение/

INTERDISCIPLINARY RELATIONS IN CHEMISTRY AS A DIDACTIC PRINCIPLE

The article deals with the issue of interdisciplinary teaching of chemistry in secondary education institutions. Therefore, the use of the method of interdisciplinary communication in the teaching process is one of the most complex methodological tasks for the teacher, requiring knowledge of the curriculum of the chemistry course and textbooks for chemistry and other school subjects. The use of interdisciplinary communication in the teaching process gives students a scientific worldview, the unity of the world, the upbringing of mutual respect and mutual respect, a careful attitude to nature, natural materials, environmental cleanliness, etc., and plays a key role in its comprehensive formation.

Keywords: chemistry, interdisciplinary, didactic, education, supervision, learning, curriculum, worldview.

Дар бораи муаллифон

Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими химия
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: fmukarrama@mail.ru

Раҷабзода Сироҷиддин Икром
Доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биологӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ikromovich80@mail.ru

Об авторах

Файзуллоева Мукаррама Махмуджоновна
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания химии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: fmukarrama@mail.ru

Раджабзода Сироджиддин Икром
Доктор химических наук, профессор кафедры органической и биологической химии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ikromovich80@mail.ru

About authors

Fayzulloeva Mukarrama Makhmudjonovna
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Chemistry Teaching Methods
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: fmukarrama@mail.ru

Rajabzoda Sirojiddin Ikrom
Doctor of Chemical Sciences, Professor of the Department of Organic and Biological Chemistry
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: ikromovich80@mail.ru

ТДУ 378.147:577.1

АҲАММИЯТИ КОРИ ОЗМОИШӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ TBL ЗИМНИ ОМӮЗИШИ БИОХИМИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ПЕДАГОГӢ

Хидиров Ғ. Т., Баротзода К. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ омода кардани мутахассисони баландихтисос ба самтҳои зерин нигаронида шудааст:

– баланд бардоштани сатҳу сифатҳои касбӣ;

– афзоиши маданияти тафаккур;

– инкишоф додани сифатҳои шахс ва як қатор қобилиятҳои мушаххас.

Сифатҳо ва қобилиятҳои номбаршуда дар мутахассиси муосир бояд дар раванди таълим бо истифода аз навъҳои гуногуни таълим ташаккул дода мешаванд [10, с. 3-12]. Аммо, дар омода кардани мутахассисон ҳоло зиддиятеро мушоҳида мекунем, ки байни омодагии бунёдии илмӣ ва методии донишҷӯён ба вуҷуд меояд. Ин зиддият барои татбиқи иқтидори илмӣ дар фаъолияти касбии омӯзгор пурра имконият намедиҳад. Агар дар бораи сабабҳои ин ихтилоф сухан ронем, ин ба эҳтимоли зиёд набудани вақти кофӣ дар вақти дарс, ки барои методикаи таълими мавзуъҳои омӯхташаванда истифода карда мешаванд ва набудани самти методии курсҳои тафсиркунандаи асосҳои илмҳо мебошад.

Бешубҳа, барои бартараф намудани ин зиддият дар раванди таълим ба ҳам пайвастани донишҳои махсуси илмию методӣ зарур аст ва ин нақша бояд барои омода кардани омӯзгорони оянда истифода шавад [11, с. 12-13]. Ҳалли ин мушкилот душвор аст, зеро курсҳои мавҷудаи фанҳои таълимӣ якпорчагӣ доранд. Нақши технологияҳои инноватсионии таълим, махсусан технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар гузаронидани озмоишҳои биохимиявӣ бузург аст. Таҷрибаҳои биохимиявӣ ба ташаккули тафаккури илмии омӯзгорони ояндаи химия мусоидат мекунанд. Ҳоло технологияҳои компютерӣ дар раванди амсиласозӣ истифода мешаванд. Имрӯзҳо амсиласозӣ дар омӯзиши биохимия ва методҳои таҳлили молекулавӣ татбиқи худро пайдо кардааст. Дар замони муосир истифодабарии компютер имкон медиҳад, ки равандҳои мураккаби молекулавӣ омӯхта шаванд. Дар равандҳои молекулавӣ таъсири мутақобилаи сафедаҳо ва лигандаҳоро мушоҳида кардан мумкин аст.

Технологияи TBL ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки сифатҳои барои кори минбаъда зарур - ҳамкорӣ ва қобилияти кор кардан дар гурӯҳ тарбия кунанд. Ин малакаҳо ҳоло дар бозори меҳнат талаботи зиёд доранд ва мутаассифона, на ҳамеша дар байни донишҷӯён хуб ташаккул ёфтаанд. Технологияи TBL ба мо имкон медиҳад, ки санҷишро ҳамчун яке аз шаклҳои арзёбии дониши донишҷӯён ва методу робитаи баръакс баррасӣ намоем.

Бартариҳои истифодаи технологияи TBL дар дарсҳои семинарии биохимия инҳоянд:

1) ба шарофати кори гурӯҳӣ донишҷӯён фаъолона кор мекунанд ва онҳо барои суҳбати беҳуда вақт намеёбанд;

2) талаботи гурӯҳро ба инобат гирифта, танҳо он чизеро, ки ба онҳо норавшан аст, шарҳ додан мумкин аст;

3) барои аниқ кардан ва фаҳмонидани маводи таълимӣ вақт сарф нашуда, донишҷӯён мустақилона кор мекунанд;

Мундариҷаи технологияи мазкур ба рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён ва ташаккул додани шавқи онҳо ба фаъолияти илмӣ нигаронида шудааст. Дар раванди таълим ҷорӣ намудани технологияи TBL риояи шартҳои зеринро талаб мекунад [6, с. 352]:

– дар раванди таълим ҷорӣ намудани технологияҳои самараноки назорат (арзёбӣ);

– инкишоф додани шавқи донишҷӯён ба омӯзиши биохимия;

– баланд бардоштани сатҳи инкишофи зеҳнии донишҷӯён;

– ташхиси таъсири технологияи TBL ба сифати таълими фанни биохимия.

Мавод ва методҳои таҳқиқот. Натиҷаҳои озмоиши педагогии гузаронидашудаи мо дар МТОП нишон доданд, ки истифодаи муаррифиҳои электронӣ дар сохтори технологияи таълими ба даста нигаронидашуда (Team-Based Learning – TBL) ба баланд гардидани самаранокии таълими фанни «Биохимия» мусоидат менамояд. Таҳлили маълумоти бадастомада имкон дод муайян карда шавад, ки татбиқи ҳамзамони муаррифиҳои

мултимедиявӣ дар машғулиятҳои лексионӣ ва технологияи TBL дар дарсҳои семинарӣ на танҳо сифати азхудкунии маводи таълимиро беҳтар менамояд, балки ба рушди фаъолияти маърифатӣ, мустақилияти таълимӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён низ таъсири мусбат мерасонад. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки самаранокии таълим дар ҳолате бештар таъмин мегардад, ки воситаҳои рақамии таълимӣ ва технологияҳои фаъоли омӯзиш дар як низоми ягона истифода шаванд [13, с. 237]. Дар ҷараёни озмоиши мо муаррифиҳои электронӣ ҳамчун воситаи намоиш истифода нашуда, балки қисми таркибии фаъолияти таълимӣ гардида, ба воситаи онҳо омӯзгор масъалаҳои асосии мавзуъро шарҳ дода, диққати донишҷӯёнро ба мафҳумҳои муҳимтарин ҷалб менамояд. Дар баробари ин, машғулиятҳои семинарӣ тибқи принсипҳои технологияи TBL ташкил гардида, барои татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал, муҳокимаи масъалаҳои биохимиявӣ, иҷрои супоришҳои гурӯҳӣ ва ҳалли масъалаҳои вазъиятӣ имконияти мусоид фароҳам оварданд. Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки чунин ҳамгироии технологияҳои инноватсионӣ боиси фаъол гардидани иштироки донишҷӯён дар раванди таълим мегардад. Агар дар шароити таълими анъанавӣ қисми зиёди донишҷӯён нақши шунавандаи ғайрифаъолро иҷро намоянд, пас дар шароити истифодаи технологияи TBL ҳар як донишҷӯ вазифадор буд, ки дар муҳокимаҳои гурӯҳӣ фаъолона иштирок намояд, фикри худро асоснок намуда, масъалаҳои пешниҳодшударо таҳлил кунад ва дар қабули фикрҳои гурӯҳӣ саҳм гузорад. Маҳз ҳамин хусусият боиси боло рафтани ҳавасмандии донишҷӯён нисбат ба омӯзиши фанни «Биохимия» мегардад. Яке аз натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот он аст, ки истифодаи муаррифиҳои электронӣ барои омӯзиши мавзуъҳои мураккаби биохимиявӣ имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Чунончи, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои «Изомерияи оптикии аминокислотаҳо», «Хусусиятҳои кислотагӣ ва асосии аминокислотаҳо», «Пайванди пептидӣ», «Номгузории пептидҳо» ва «Сохтори сафедаҳо» донишҷӯён тавонистанд равандҳо ва сохторҳои молекулавиро на танҳо тавассути тавзеҳоти шифоҳии омӯзгор, балки бо истифода аз расмҳо, схемаҳо, амсилаҳои сохторӣ ва аниматсияҳо дарк намоянд. Истифодаи ин усул фаҳмиши мафҳумҳои абстрактиро осон намуда, ба ташаккули тасаввуроти устувори илмӣ мусоидат мекунад. Дар ҷараёни озмоиш мушоҳида гардид, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ ба иҷрои супоришҳои амалӣ ва масъалаҳои ҳисоббарорӣ омодагии бештар доранд. Онҳо ҳангоми муҳокимаи масъалаҳои пешниҳодшуда мустақилона роҳҳои ҳалли масъалаҳоро пешниҳод намуда, барои асоснок намудани ҷавобҳои худ аз донишҳои назариявӣ истифода мебурданд. Натиҷаи озмоиш нишон дод, ки истифодаи технологияи TBL дар дарсҳо ба азхудкунии маълумоти назариявӣ маҳдуд нашуда, балки ба рушди тафаккури таҳлилӣ, мантиқӣ ва эҷодии донишҷӯён низ мусоидат кардааст. Аз таҳлили натиҷаҳои пурсишҳои ҷамъбастӣ маълум шуд, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ маводи таълимиро амиқтар дарк намуда, зимни навиштани формулаҳои сохтории аминокислотаҳо, муайян намудани конфигуратсия, истифодаи номгузории IUPAC, тавсифи хусусиятҳои химиявӣ, таҳлили сохтори пептидҳо ва сафедаҳо ҷавобҳои дақиқтар ва асосноктар пешниҳод намуданд. Ин аз он шаҳодат медиҳанд, ки истифодаи муаррифиҳо дар раванди лексия ва татбиқи технологияи TBL дар семинарҳо ба азхудкунии устувори донишҳо мусоидат менамояд. Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки фаъолияти гурӯҳӣ барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва касбии донишҷӯён аҳаммияти калон дорад. Дар ҷараёни иҷрои супоришҳои гурӯҳӣ донишҷӯён тақсимоти вазифаҳо, муҳокимаи мушкилот, қабули қарорҳои муштарак ва ҳимояи натиҷаҳои кори худро амалӣ намуда, дар онҳо малакаҳои муошират касбӣ, фарҳанги мубоҳиса, қобилияти шунидани андешаи дигарон ва ҳалли мушкилот дар асоси ҳамкорӣ ташаккул ёфтанд. Ин гуна малакаҳо барои фаъолияти касбии омӯзгорони оянда аҳаммияти махсус доранд. Аз таҳлили натиҷаҳои ҷадвалҳои 1, 2 ва 3 бармеояд, ки нишондиҳандаҳои донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ аз рӯйи аксари меъёрҳои арзёбӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ баландтар мебошанд [1, с. 203].

Ҷадвали 1. Самаранокии истифодаи муаррифӣ дар сохтори технологияи TBL зимни омӯзиши биохимия

№	Саволҳои пурсиш	Баҳои миёна (хол)	
		Гурӯҳи озмоишӣ	Гурӯҳи назоратӣ
1	Дар проексияи Фишер навиштани ҳамаи формулаҳои аминокислотаҳо	4,4	4,9
2	Ба аминокислотаҳо бо IUPAC номгузорӣ кардан	3,5	3,8
3	Навиштани аминокислотаҳои ивазшаванда ва ивазнашаванда	4,4	4,8
4	Навиштани хусусиятҳои кислотагӣ ва асосии аминокислотаҳо	4,1	4,5

5	Хусусиятҳои химиявии аминокис лотаҳо (навиштани реаксияҳо)	4.0	4,3
6	Навиштани сис ва трансформаҳои депептиди аланил-валин	4,7	4,9
7	Навиштани формулаи ду трипептидҳо (интихобӣ)	4,8	5
8	Нишон додани гурӯҳҳое, ки ба пептидҳои фаъоли биологӣ ҷудо мешаванд	4,7	5
9	Номбар кардани пептидҳои фаъоли биологӣ	4,5	4,9

Ҷадвали 2. Натиҷаҳои пурсиши хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ барои муайян кардани сатҳи дониши онҳо аз фанни «Биохимия»

№	Саволҳои пурсиш		Баҳои миёна (хол)	
			Гурӯҳи назоратӣ	Гурӯҳи озмоишӣ
1	Ба савол ҷавоб гардонед: Сафедаҳо дар организм кадом вазифаҳоро иҷро мекунанд?		4,4	4,9
2	Ба савол ҷавоб гардонед: Массаи молекулавии бисёрии сафедаҳо дар ҳудуди 1) аз 6000 то 1000000 ва зиёдтар, 2) зиёдтар аз 50000, 3) аз 30000 ва зиёдтар, 4) аз 100000 зиёдтар ҷойгиранд.		3,5	3,8
3	Мувофиқатро маълум кунед		4,3	4,8
	Агентҳои денатуратсия шаванда	Алоқаҳои вайронкунанда		
	1) туршиҳои сахт ва ишқорҳо	а) Робитаҳои гидрогенӣ ва ионӣ		
	2)робитаи ҳалкунандаҳои органикӣ	б) ҳамкории гидрофобӣ		
	3) детергентҳо	в) ҳамкориҳои гидрофобӣ ва ионӣ		
	4) Агентҳои барқароркунанда	г) купрукчаҳои дисулфидӣ		
	5) фулузҳои вазнин	д) ҳамкории гидрофобӣ ва робитаи гидрогенӣ		
	6) тағйирёбии ҳарорат	е) робитаҳои ионӣ ва гурӯҳҳои сулфгидрилӣ		
	7) карбамид	ж) робитаҳои гидрогенӣ		
4	Якҷояшавии дурустро интихоб кунед Электрофорези сафеда дар pH 8,6 1) овалбумин (ИЭТ 4,6) 2) β-лактоглобулин (ИЭТ 6,3) 3) химотрипсин (ИЭТ 9,5) а) дар ибтидо мемонад б) ба сӯйи катод ҳаракат мекунад в) ба сӯйи анод ҳаракат мекунад		4,1	4,5
5	Ба савол ҷавоб гардонед: Усули ҷудокунии сафедаҳо дар асоси фарқияти андозаи молекулаҳои сафеда мебошад. 1) кристаллизатсия (сахтшавӣ) 2) диализ 3) хроматографияи мубодилаи ион 4) полоиши гел фокуси изоэлектрикӣ Дурустии гуфтаҳо ва робитаи байни онҳоро муайян кунед. Ба гурӯҳи сафедаҳои одӣ дохил мешаванд 1) инсулин 2) казеин 3) гемоглобин А 4) кортикотропин 5) албумини зардоби хун 6) глютелин Ба савол ҷавоб диҳед: Сафедаҳои одӣ: тавсифи умумии албуминҳо. Глобулинҳо, гистонҳо, протаминҳо, проламинҳо, глютелинҳо		3,9	4,3

Новобаста аз ҷиҳати миқдори чандон калон набудани фарқияти баъзе нишондиҳандаҳо, устувории ин бартарӣ дар нишондиҳандаҳои арзёбӣ аз самаранокии истифодаи технологияи пешниҳодшуда шаҳодат медиҳад ва ба эътимоднокии хулосаҳои таҳқиқот тақвият мебахшад. Қобили зикр аст, ки истифодаи технологияи TBL нақши омӯзгорро тағйир дода, дар низоми

таълим омӯзгор на танҳо манбаи асосии дониш, балки ташкилкунанда, ҳамоҳангсоз ва мушовири фаъолияти таълимии донишҷӯёнро мебозад. Ин шакли ҳамкорӣ муносибатҳои педагогиро демократӣ гардонида, барои ташаккули муҳити мусоиди таълимӣ шароит фароҳам меорад. Дар натиҷа, донишҷӯён худро иштирокчии фаъоли раванди омӯзиш эҳсос намуда, масъулияти бештарро барои натиҷаи фаъолияти худ ба зимма мегиранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои озмоиш нишон доданд, ки истифодаи муаррифиҳои электронӣ дар сохтори технологияи таълими ба даста нигаронидашуда (TBL) аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок буда, барои такмили таълими фанни «Биохимия» имкониятҳои нав фароҳам меорад. Татбиқи ин технология ба баланд гардидани сифати дониш, рушди малакаҳои таҳлилӣ ва амалӣ, ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, баланд шудани фаъолнокии донишҷӯён ва беҳтар гардидани натиҷаҳои таълим ва самаранокии он дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мегардад. Муаррифиҳои электронӣ, ки барои омӯзиши бахшҳои «Аминокислотаҳо», «Пептидҳо» ва «Сафедаҳо» таҳия гардиданд, ҳамчун яке аз воситаҳои асосии технологияи инноватсионии таълим дар раванди озмоиши педагогӣ истифода шуданд. Ҳангоми таҳияи онҳо мо принсипҳои илмият, аёният, пайдарпайӣ, дастрасӣ, низомнокӣ ва мутобиқати мазмун ба ҳадафҳои таълимиро ба назар гирифтем. Ин имкон дод, ки маводи мураккаби биохимиявӣ ба шакли мантиқӣ, пайдарпай ва барои донишҷӯён фаҳмо пешниҳод карда шавад.

Таҳлили натиҷаҳои озмоиш нишон дод, ки истифодаи расмҳо, схемаҳои сохторӣ, ҷадвалҳо, диаграммаҳо, амсилаҳои сеандоза ва унсурҳои графикӣ дар муаррифиҳо дарки мазмуни илмиро ба таври назаррас осон менамояд. Азбаски бисёр равандҳои биохимиявӣ хусусияти молекулавӣ дошта, бевосита мушоҳидашаванда нестанд, истифодаи воситаҳои аёнӣ барои ташаккули тасаввуроти дурусти илмӣ аҳаммияти калон доранд. Муаррифиҳои таҳияшуда ба донишҷӯён имконият доданд, ки на танҳо формулаҳои сохториро аз худ намоянд, балки робитаи байни сохтор, хосият ва вазифаи биологии пайвастагиҳои органикиро низ амиқ дарк кунанд. Дар раванди омӯзиши бахши «Аминокислотаҳо» муаррифиҳо барои фаҳмонидани яке аз мавзуъҳои нисбатан душвор – изомерияи оптикии аминокислотаҳо – самаранокии баланд нишон дод. Агар ҳангоми истифодаи усулҳои анъанавии таълим қисми зиёди донишҷӯён танҳо таърифи изомерияи оптикиро аз худ менамуданд, пас бо истифода аз проексияҳои Фишер, амсилаҳои фазоӣ ва тасвирҳои муқоисавии L- ва D-изомерҳо онҳо тавонистанд, тарзи ҷойгиршавии гурӯҳҳои функсионалӣ ва фарқияти байни стереоизомерҳоро ба таври аёнӣ дарк намоянд. Ин усул имконият фароҳам овард, ки донишҷӯён фақат хусусиятҳои назариявии ин мавзуъро фаҳманд, балки онҳоро ҳангоми иҷрои масъалаҳои амалӣ ва тестӣ низ дуруст истифода бурда тавонанд. Самаранокии истифодаи муаррифиҳо ҳангоми омӯзиши хусусиятҳои кислотагӣ ва асосии аминокислотаҳо назаррас буд. Ин мавзуъ барои донишҷӯён аз он ҷиҳат мушкил мебошад, ки он ҳамзамон дониши азхудкардаи фанни химияи ғайриорганикӣ, химияи органикӣ ва биохимияро талаб мекунад.

Истифодаи схемаҳои графикӣ, мувозинатҳои ионӣ, диаграммаҳои вобастагии дараҷаи ионизатсия аз муҳити реаксия ва тасвирҳои шаклҳои гуногуни ионии аминокислотаҳо имкон дод, ки донишҷӯён моҳияти амфотерӣ будани аминокислотаҳоро беҳтар дарк намоянд. Дар натиҷа, зимни ҷавоб додан ба саволҳои тестӣ ва иҷрои масъалаҳои ҳисоббарорӣ шумораи хатогиҳои донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ камтар мушоҳида гардид. Дар бахши «Пептидҳо» низ истифодаи муаррифиҳои электронӣ самаранокии худро нишон доданд. Механизми ташаккули пайванди пептидӣ, хусусиятҳои геометрии он, сохтори пептидҳои хаттӣ ва сиклӣ, инчунин қоидаҳои номгузории онҳо тавассути схемаҳои пайдарпай ва амсилаҳои сохторӣ пешниҳод карда шуданд. Ин тарзи пешниҳод имкон дод, ки донишҷӯён пайдарпайии ташаккули занҷири полипептидӣ ва вобастагии сохтор ба фаъолияти биологиро амиқтар дарк намоянд. Зимни иҷрои супоришҳои амалӣ донишҷуён тавонистанд, формулаҳои сохтории дипептидҳо ва трипептидҳоро дуруст навишта, номгузории онҳоро мутобиқи қоидаҳои IUPAC иҷро намоянд.

Дар вақти омӯзиши бахши «Сафедаҳо» сохтори ибтидоӣ, дуюмдараҷа, сеюмдараҷа ва чорумдараҷаи сафедаҳо тавассути амсилаҳои сохтории сеандоза, схемаҳои пайвандҳои гидрогенӣ, дисулфидӣ ва гидрофобӣ ба донишҷӯён пешниҳод шуданд. Чунин тарзи пешниҳоди мавод имконият фароҳам овард, ки робитаи байни сатҳи сохтори сафеда ва вазифаҳои биологии он ба таври мантиқӣ аз тарафи донишҷӯён дарк карда шавад. Ҳангоми муҳокимаи масъалаҳои вобаста ба денатуратсия, электрофорез, ҷудокунии сафедаҳо ва фаъолияти ферментҳо аз тарафи донишҷӯён ҷавобҳои мукаммал ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок

пешниҳод гардиданд. Таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ нишон дод, ки истифодаи муаррифиҳои электронӣ на танҳо воситаи баланд бардоштани дараҷаи аёнӣ, балки воситаи фаъолсозии фаъолияти маърифатии донишҷӯён низ мебошад. Дар ҷараёни дарсҳо донишҷӯён бештар савол пешниҳод намуда, дар муҳокимаҳо фаъолона иштирок карда, ҷавобҳои худро бо далелҳои илмӣ асоснок менамуданд ва ба мафҳумҳои гуногуни биохимиявӣ робитаи мантиқӣ барқарор мекарданд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки истифодаи муаррифиҳо ба рушди тафаккури таҳлилӣ ва мустақилияти зеҳнии донишҷӯён низ мусоидат менамудааст. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада тасдиқ менамоянд, ки истифодаи муаррифиҳои электронӣ ҳангоми омӯзиши бахшҳои «Аминокислотаҳо», «Пептидҳо» ва «Сафедаҳо» яке аз шартҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таълими биохимия мебошад.

Истифодаи муаррифиҳои электронӣ дарки маводи назариявиро осон намуда, имконият медиҳанд, ки донишҷӯён донишҳои гирифтаи худро дар иҷрои супоришҳои тестӣ, масъалаҳои вазъиятӣ ва фаъолияти амалии худ самаранок истифода баранд. Аз ин рӯ, муаррифиҳои электронӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми таълими инноватсионӣ дар сохтори технологияи таълими ба даста нигаронидашуда (TBL) тавсия карда мешаванд. Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои дар ҷадвалҳои 1–3 пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки татбиқи муаррифиҳои электронӣ дар сохтори технологияи таълими ба даста нигаронидашуда (TBL) ба баланд гардидани сифати омодагии таълимии донишҷӯён таъсири мусбат расонидааст.

Натиҷаҳои бадастомада шаҳодат медиҳанд, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ дар аксари нишондиҳандаҳои арзёбӣ нисбат ба донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ натиҷаҳои беҳтар ба даст овардаанд. Ин бартарӣ ҳам дар азхудкунии донишҳои назариявӣ ва ҳам дар ташаккули малакаҳои амалӣ, таҳлилӣ ва коммуникатсионӣ мушоҳида гардид. Аз таҳлили ҷадвали 1 бармеояд, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ ҳангоми иҷрои супоришҳои вобаста ба омӯзиши аминокислотаҳо ва пептидҳо сатҳи баланди омодагӣ нишон дода, дар навишти формулаҳои сохторӣ, муайян намудани конфигуратсияи аминокислотаҳо, истифодаи қоидаҳои номгузории IUPAC, шарҳи хусусиятҳои кислотагӣ ва асосӣ ва зимни тавсифи хусусиятҳои химиявии аминокислотаҳо нисбат ба давраи аввали омӯзиш ҷавобҳои пурратар ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок пешниҳод намуданд. Новобаста аз он, ки фарқияти миёнаи холҳо байни гурӯҳҳо дар баъзе нишондиҳандаҳо калон набошад ҳам, устувории ин бартарӣ дар вақти пурсиши саволҳои асосӣ самаранокии усули пешниҳодшударо тасдиқ менамояд (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. Натиҷаҳои инкишофи малакаҳо дар ҳалли масъалаҳо аз фанни «Биохимия»

№ Масъалаи ҳалшаванда	Баҳои миёна (хол)	
	Гурӯҳи назоратӣ	Гурӯҳи озмоишӣ
1	4,2	4,25
2	4,3	4,25
3	4,6	4,65
4	4,7	4,8
5	4,6	4,75
6	4,3	4,5
7	4,2	4,6
Баҳои миёна	4,41	4,54
Нағз хондан, %	88,2	90,8

Донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳои марбут ба сохтор, тасниф, вазифаҳои биологии сафедаҳо, усулҳои ҷудокунии онҳо, хусусиятҳои денатуратсия ва дигар масъалаҳои муҳимми биохимия натиҷаҳои баландтар ба даст оварданд. Баҳои миёнаи умумӣ дар гурӯҳи озмоишӣ 4,6 холро ташкил дода, нишондиҳандаи сифати дониш ба 90,8 фоиз мерасад. Дар гурӯҳи назоратӣ ин нишондиҳанда мутаносибан 4,41 хол ва 88,2 фоизро ташкил менамояд. Фарқияти бадастомада аз он шаҳодат медиҳад, ки истифодаи технологияи TBL дар якҷоягӣ бо муаррифиҳои электронӣ ба баланд гардидани сифати азхудкунии маводи таълимӣ мусоидат намудааст [13, с. 228]. Таҳлили натиҷаҳои ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки технологияҳои татбиқшуда ба рушди малакаҳои ҳалли масъалаҳои биохимиявӣ низ таъсири назаррас расонидаанд. Донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ зимни иҷрои масъалаҳои вазъиятӣ, масъалаҳои ҳисоббарорӣ, супоришҳои дорои маълумоти нокифоя, маълумоти зиёдатӣ, масъалаҳои эҳтимолӣ ва масъалаҳои дорои хатои мантиқӣ фаъолияти бештар нишон дода, роҳҳои ҳалли онҳоро бо истифода аз донишҳои назариявӣ асоснок намуданд. Маълумотҳои ҷадвал гувоҳи он аст, ки технологияи TBL пеш аз ҳама ба рушду

сифати фаъолияти таълим ва муошрати касбии донишҷӯён таъсир мерасонад Ин тарзи ташкили фаъолияти таълимӣ донишҷӯёнро водор менамояд, ки донишҳои худро мубодила намуда, андешаҳои худро бо далелҳои илмӣ асоснок созанд, нуктаи назари ҳамдигарро таҳлил намуда, дар асоси муҳокима қарорҳои муштарак қабул кунанд. Дар натиҷа дар онҳо на танҳо донишҳои фанниро мустаҳкам намудан, балки малакаҳои ҳамкорӣ, роҳбарӣ, банақшагирии фаъолияти гурӯҳӣ ва фарҳанги муошрати илмиро низ инкишоф медиҳанд. Мушоҳидаи озмоиши педагогӣ нишон дод, ки дар оғози озмоиш қисми муайяни донишҷӯён дар муҳокимаҳои гурӯҳӣ иштироки фаъол надоштанд, аммо дар рафти татбиқи пайвастаи технологияи TBL онҳо тадриҷан ба муҳити ҳамкории таълимӣ мутобиқ гардида, фаъолнокии онҳо ба таври назаррас афзоиш ёфт. Агар дар марҳилаҳои аввал бештар донишҷӯёни дорои сатҳи дониши баланд фаъол бошанд, дар марҳилаҳои оянда қариб ҳамаи аъзои гурӯҳ дар муҳокимаи масъалаҳо, пешниҳоди роҳҳои ҳал ва ҳимояи натиҷаҳои гурӯҳӣ иштирок намуданд. Дар раванди мубодилаи афкор донишҷӯён хатогиҳои якдигарро ошкор намуда, онҳоро бо истинод ба қонунҳои биохимия ислоҳ мекарданд. Дар натиҷа, сифати ҷавобҳои ниҳоӣ назар ба ҷавобҳои инфиродӣ пурратар ва дақиқтар гардид. Ин ҳолат бори дигар собит менамояд, ки омӯзиши ҳамкорона барои ташаккули донишҳои устувор нисбат ба омӯзиши инфиродӣ имкониятҳои бештар дорад. Дар ҷараёни иҷрои супоришҳо донишҷӯён малакаҳои таҳлил намудани масъалаҳои илмӣ, қабули қарорҳои асоснок, муаррифии натиҷаҳои фаъолияти худ, баҳогузории фаъолияти ҳамдигар ва худбаҳодиҳиро аз худ намуданд. Ин салоҳиятҳо барои фаъолияти минбаъдаи омӯзгорӣ аҳаммияти махсус дошта, ба талаботи низоми муосири таҳсилоти олӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Ҳамин тариқ, таҳлили натиҷаҳои ҷадвалҳои 1–3 нишон медиҳад, ки истифодаи муаррифиҳои электронӣ дар сохтори технологияи таълими ба даста нигаронидашуда (TBL) ба баланд гардидани сифати дониш, рушди малакаҳои ҳалли масъалаҳои биохимиявӣ, ташаккули фаъолияти мустақилона, рушди малакаҳои ҳамкорӣ ва муошрати касбӣ мусоидат менамояд [13, с. 229]. Ин натиҷаҳо фарзияи таҳқиқотро тасдиқ намуда, самаранокии амсилаи пешниҳодшудаи такмили таълими фанни «Биохимия»-ро аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснок месозанд. Ҳалли масъалаҳои вазъиятӣ ва масъалаҳои ҳисоббарорӣ дар раванди таълими биохимия нишон дод, ки истифодаи технологияи таълими ба даста нигаронидашуда (TBL) имкониятҳои васеъро барои татбиқи амалии донишҳои назариявии донишҷӯён фароҳам меорад. Яке аз самтҳои муҳимми таълими муосир на танҳо азхуд намудани маҷмуи маълумоти назариявӣ, балки ташаккули қобилияти истифода бурдани ин донишҳо дар ҳалли масъалаҳои мушаххас мебошад. Дар ин замина, истифодаи масъалаҳои гуногунмазмун ҳамчун воситаи муҳимми рушди фаъолияти зеҳнӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯён баромад намуд. Дар ҷараёни озмоиши педагогӣ ба донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ масъалаҳое пешниҳод гардиданд, ки аз рӯйи хусусияти худ ба якчанд намуд ҷудо мешуданд: масъалаҳои дорои маълумоти нокифояи ибтидоӣ, масъалаҳои дорои маълумоти зиёдатӣ, масъалаҳои дорои маълумоти зиддиятнок, масъалаҳое, ки имконияти якчанд роҳи ҳалли эҳтимолиро доранд ва супоришҳое, ки барои ошкор намудани хатогиҳо дар раванди ҳалли масъалаҳо равона шудаанд. Чунин шакли пешниҳоди вазифаҳо ба донишҷӯён имкон дод, ки танҳо аз рӯйи қолаби тайёр амал накунанд, балки таҳлил, муқоиса, интихоб ва асосноккунии роҳи ҳалли дурустро анҷом диҳанд.

Масъалаҳои дорои маълумоти нокифоя донишҷӯёнро водор намуданд, ки барои ҳалли масъала маълумоти заруриро мустақилона ҷустуҷӯ намуда, байни маълумоти назариявӣ ва шароити пешниҳодшуда робитаи мантиқӣ барқарор намоянд. Масалан, ҳангоми муайян намудани манбаъҳои ғизоии аминокислотаҳои ивазнашаванда донишҷӯён бояд на танҳо рӯйхати аминокислотаҳои муҳимро медонистанд, балки хусусиятҳои таркиби химиявии маҳсулоти ғизоӣ ва аҳаммияти биологии онҳоро низ таҳлил мекарданд. Масъалаҳои дорои маълумоти зиёдатӣ бошанд, қобилияти ҷудо намудани маълумоти муҳим аз маълумоти дуюмдараҷаро ташаккул доданд. Дар чунин ҳолат донишҷӯён меомӯзанд, ки барои ҳалли масъала кадом маълумот зарур аст ва кадом маълумот танҳо хусусияти иловагӣ дорад. Ин малака дар фаъолияти касбии омӯзгори оянда аҳаммияти калон дошта, ба рушди тафаккури интихобӣ ва таҳлилӣ мусоидат менамояд. Истифодаи масъалаҳои дорои маълумоти зиддиятнок ва супоришҳои муайян намудани хатогиҳо ба ташаккули тафаккури интиқодӣ мусоидат кард. Донишҷӯён ҳангоми иҷрои чунин вазифаҳо маҷбур буданд дурустии маълумоти пешниҳодшударо санҷанд, ба қонунҳо ва мафҳумҳои асосии биохимия такя намоянд ва мавқеи худро бо далелҳои илмӣ асоснок кунанд. Ин раванд қобилияти баҳодиҳии мустақилонаи иттилоот ва қабули қарорҳои асоснокро инкишоф дод. Масъалаҳое, ки

имконияти якчанд роҳи ҳалли эҳтимолиро доштанд, барои рушди тафаккури эҷодӣ ва қобилияти пешниҳоди вариантҳои гуногуни ҷавоб мусоидат намуданд. Дар раванди муҳокимаи гурӯҳӣ донишҷӯён роҳҳои гуногуни ҳалли масъалаҳоро муқоиса намуда, бартарӣ ва маҳдудиятҳои ҳар як роҳро муайян мекарданд. Ин шакли фаъолият ба ташаккули малакаи мубоҳиса, асосноккунии фикри худ ва қабули қарор дар асоси таҳлил мусоидат намуд.

Натиҷаҳои мушоҳидаи педагогӣ нишон доданд, ки дар гурӯҳи озмоишӣ донишҷӯён ҳангоми иҷрои масъалаҳои мураккаби биохимиявӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ мустақилияти бештар нишон доданд. Онҳо бештар кӯшиш мекарданд, ки моҳияти масъалаҳоро дарк намуда, на танҳо ҷавоби ниҳоӣ, балки раванди ба даст овардани онро низ шарҳ диҳанд. Ин хусусият аз ташаккули тафаккури мантиқӣ ва таҳлилӣ шаҳодат медиҳад. Ғайр аз ин, муҳокимаи масъалаҳо дар гурӯҳҳои хурд имконият дод, ки донишҷӯён аз таҷрибаи якдигар истифода баранд, хатогиҳоро сари вақт муайян намоянд ва донишҳои худро тавассути шарҳ додан ба ҳамсабақон мустаҳкам кунанд. Дар чунин шароит омӯзиш хусусияти ҳамкорона гирифта, ҳар як донишҷӯ на танҳо қабулкунандаи дониш, балки иштирокчии фаъоли раванди ташаккули дониш гардид.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи масъалаҳои гуногунмазмун дар сохтори технологияи TBL воситаи самараноки гузариш аз азхудкунии одии дониш ба истифодаи амалии он мебошад. Ин технология ба рушди тафаккури таҳлилӣ, эҷодӣ ва интиқодӣ, баланд шудани мустақилияти донишҷӯён ва ташаккули салоҳиятҳои касбии онҳо мусоидат намуда, самаранокии таълими фанни «Биохимия»-ро таъмин менамояд. Дар баробари натиҷаҳои мусбат ва бартариҳои муайяншуда, дар раванди татбиқи технологияи таълими ба даста нигаронидашуда (TBL) баъзе мушкилоти методӣ ва ташкилии марбут ба хусусияти гузариш аз шакли анъанавии таълим ба низоми фаъоли омӯзиш низ мушоҳида гардиданд. Ин мушкилот асосан дар марҳилаи ибтидоии татбиқи технология ба назар расиданд ва бо хусусиятҳои нави ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён алоқаманд буданд. Яке аз мушкилоти аввалин дар марҳилаи оғози озмоиш мутобиқшавии донишҷӯён ба шакли нави ташкили дарс аст. Азбаски аксарияти донишҷӯён пештар бештар ба усулҳои анъанавии таълим, ки дар онҳо нақши асосиро фаъолияти омӯзгор бозида, ба донишҷӯён маълумоти тайёр дода мешавад, одат карда буданд, гузаштан ба шакли таълими фаъол барои баъзе аз онҳо душворӣ ба вуҷуд овард. Дар технологияи TBL донишҷӯ на танҳо шунаванда, балки иштирокчии фаъоли раванди таълим мебошад, ки бояд мустақилона омода шавад, масъалаҳоро таҳлил намояд, дар муҳокимаҳо иштирок кунад ва барои натиҷаи фаъолияти гурӯҳ масъулият дошта бошад. Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон доданд, ки ин мушкилот хусусияти муваққатӣ дошта, бо гузашти вақт ва истифодаи пайвастаи технологияи TBL тадриҷан бартараф гардиданд.

Дар раванди машғулиятҳои минбаъда донишҷӯён ба қоидаҳои кори гурӯҳӣ, тартиби муҳокимаи масъалаҳо ва усулҳои муаррифии натиҷаҳо бештар мутобиқ шуданд. Фаъолияти онҳо дар муҳокимаронҳо инкишоф ёфта, шумораи донишҷӯёне, ки дар таҳлили масъалаҳо иштирок мекарданд, зиёд гардид. Ин тағйирот аз он шаҳодат медиҳад, ки технологияи TBL на танҳо воситаи таълими дониш, балки механизми ташаккули одатҳои фаъолияти мустақилона ва ҳамкорӣ мебошад. Мушкилии дигар ба фаъолияти омӯзгор вобаста аст. Таҳияи муаррифиҳои босифати электронӣ, ки ба талаботи илмӣ, методӣ ва эстетикӣ ҷавобгӯ бошанд, аз омӯзгор омодагии махсус, интихоби дурусти маводи назариявӣ, коркарди тасвирҳо, схемаҳо, ҷадвалҳо ва муайян намудани тартиби мантиқии пешниҳоди маълумотро талаб менамояд. Махсусан, ҳангоми таҳияи мавод барои мавзуъҳои мураккаби биохимиявӣ, ба монанди изомерияи оптикии аминокислотаҳо, сохтори пептидҳо ва сатҳҳои ташкилии сафедаҳо, зарур буд, ки мазмуни илмӣ бо шакли дастрас ва фаҳмо барои донишҷӯён мутобиқ карда шавад. Ҳамчунин таҳияи супоришҳои вазъиятӣ ва масъалаҳои проблемавӣ барои фаъолияти TBL аз омӯзгор на танҳо дониши амиқи фаннӣ, балки маҳорати тарҳрезии вазифаҳои таълимиро талаб менамояд. Супоришҳо бояд чунин интихоб карда шаванд, ки донишҷӯёнро ба таҳлил, муқоиса, муҳокима ва ҷустуҷӯи роҳи ҳалли масъала водор созанд. Аз ин рӯ, омодасозии маводи таълимӣ дар доираи технологияи TBL нисбат ба тартиб додани маводи дарси анъанавӣ вақти бештар ва фаъолияти эҷодии омӯзгорро талаб менамояд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи гузаронидашуда нишон дод, ки ин мушкилот бо роҳи такмили тадриҷии усулҳои корӣ, баланд намудани омодагии методии омӯзгор ва шинос намудани донишҷӯён бо принсипҳои фаъолияти гурӯҳӣ бартараф карда мешаванд. Дар натиҷаи татбиқи пайвастаи технология донишҷӯён малакаҳои мустақилонаи омӯзиш, тақсимоти вазифаҳо, ҳамкорӣ ва масъулиятшиносиро бештар аз худ намуданд. Бояд қайд кард, ки мавҷудияти баъзе

мушкилот ҳангоми татбиқи технологияи TBL хусусияти табиӣ дорад, зеро ҳар як технологияи инноватсионӣ тағйири муносибат ба раванди таълим ва азнавсозии фаъолияти омӯзгорону донишҷӯёнро талаб менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили таҷрибаи татбиқи технологияи TBL нишон медиҳад, ки гарчанде истифодаи он омодагии ҷиддии методӣ ва тағйири шакли анъанавии фаъолияти таълимиро талаб менамояд, натиҷаҳои бадастомада аҳаммияти онро ҳамчун воситаи самараноки такмили таълими фанни «Биохимия» тасдиқ мекунанд. Мутобиқшавии донишҷӯён ба фаъолияти мустақилона ва гурӯҳӣ, инчунин омодагии омӯзгор ба тарҳрезии маводи таълимии нав, шарти муҳимми самаранокии татбиқи ин технология мебошад. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки истифодаи муаррифиҳои электронӣ дар сохтори технологияи таълими ба даста нигаронидашуда (Team-Based Learning – TBL) аз ҷиҳати назариявӣ, илмӣ ва методӣ асоснок буда, ҳамчун воситаи самараноки такмили раванди таълими фанни «Биохимия» баромад менамояд. Татбиқи ин технология имконият дод, ки раванди таълим аз шакли анъанавии интиқоли дониш ба раванди фаъоли ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯён табдил ёбад. Дар чунин шароит донишҷӯён на танҳо маълумоти назариявиро аз худ намуданд, балки имконияти истифодаи амалии онро дар ҳалли масъалаҳои биохимиявӣ, таҳлили ҳолатҳои мушкил ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли асоснок пайдо карданд.

Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ тасдиқ намуданд, ки муаррифиҳои электронӣ ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои мураккаби биохимиявӣ, аз ҷумла «Аминокислотаҳо», «Пептидҳо» ва «Сафедаҳо», барои баланд бардоштани сатҳи дарки маводи таълимӣ аҳаммияти муҳим доранд. Истифодаи тасвирҳо, схемаҳо, моделҳои сохторӣ, ҷадвалҳо ва дигар воситаҳои аёнӣ ба донишҷӯён имкон дод, ки робитаҳои байни сохтор, хосият ва вазифаи моддаҳои биологиро беҳтар дарк намоянд. Ин омил ба ташаккули донишҳои устувор ва қобилияти истифодаи онҳо дар ҳолатҳои амалӣ мусоидат намуд. Таҳлили натиҷаҳои бадастомада нишон дод, ки технологияи TBL дар якҷоягӣ бо муаррифиҳои электронӣ барои рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён шароити мусоид фароҳам меорад. Дар ҷараёни фаъолияти гурӯҳӣ донишҷӯён мустақилона маводи таълимиро омӯхта, масъалаҳоро муҳокима намуда, фикру андешаҳои худро бо далелҳои илмӣ асоснок мекарданд. Чунин шакли ташкили таълим ба рушди тафаккури таҳлилӣ, эҷодӣ ва интиқодӣ, инчунин ба баланд гардидани сатҳи мустақилияти маърифатии онҳо мусоидат намуд.

Хулоса. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин нишон доданд, ки истифодаи технологияи TBL ба ташаккули малакаҳои ҳалли масъалаҳои биохимиявӣ таъсири мусбат мерасонад. Донишҷӯён дар раванди иҷрои масъалаҳои вазъиятӣ, ҳисоббарорӣ ва проблемавӣ на танҳо донишҳои назариявии худро истифода бурданд, балки малакаҳои таҳлил намудани маълумот, муайян намудани роҳи дурусти ҳалли масъала, муқоиса намудани натиҷаҳо ва асоснок кардани ҷавобҳоро инкишоф доданд. Дар раванди татбиқи технологияи пешниҳодшуда инчунин рушди салоҳиятҳои касбии донишҷӯён мушоҳида гардид. Иштирок дар кори гурӯҳӣ, муҳокимаи масъалаҳо, пешниҳоди натиҷаҳои фаъолияти худ ва баҳодиҳии фаъолияти ҳамдигар ба ташаккули малакаҳои муошират касбӣ, ҳамкорӣ, масъулиятшиносӣ ва қобилияти қабули қарорҳои мустақил мусоидат намуд. Ин сифатҳо барои фаъолияти минбаъдаи омӯзгорӣ муҳим буда, ба талаботи муосири омодасозии мутахассисони соҳаи педагогӣ мувофиқат мекунанд. Ҳамзамон, таҷрибаи озмоишӣ нишон дод, ки самаранокии истифодаи технологияи TBL аз омодагии методии омӯзгор, сифати таҳияи муаррифиҳо, дуруст интихоб намудани супоришҳои таълимӣ ва ташкили мақсадноки фаъолияти гурӯҳӣ вобаста мебошад. Ҳангоми риояи ин шартҳо технологияи мазкур метавонад ҳамчун воситаи муҳимми баланд бардоштани сифати таълим ва фаъол гардонидани фаъолияти донишҷӯён истифода гардад. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқот собит месозанд, ки модели пешниҳодшудаи истифодаи муаррифиҳои электронӣ дар сохтори технологияи таълими ба даста нигаронидашуда (TBL) ба ҳадафи баланд бардоштани самаранокии таълими фанни «Биохимия» мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ фарзияи таҳқиқотро тасдиқ намуда, нишон доданд, ки истифодаи технологияи мазкур барои такмили мазмун, усул ва шаклҳои таълими биохимия дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда пурра иҷро гардида, аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада асоснок карда шуданд.

Адабиёт

1. *Баротзода, К.А. Таълими фаъол дар татбиқи муносибати босалоҳият ба омӯзиши химияи органикӣ / К.А. Баротзода, Ғ.С. Хидиров // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – Душанбе, 2026. – № 2 (28). – С. 203-213.*
2. *Бочарникова, М.А. Компетентностный подход: история, содержание, проблемы реализации / М.А. Бочарникова // Начальная школа. - 2009. - №3. - С. 86-92.*
3. *Гордеева, И.В. Опыт преподавания биохимии бакалаврам индустрии питания / И.В. Гордеева // Международный научно-исследовательский журнал. - № 12 (102). Часть 4. - 2020.*
4. *Груденов, Я. И. Психолого-дидактические основы методики обучения математики / Я. И. Груденов. – М.: Просщевение. – 1976. –160 с.*
5. *Грудзинская, Е.Ю. Активные методы обучения в высшей школе. Учебно-методические материалы по программе повышения квалификации «Современные педагогические и информационные технологии» / Е.Ю. Грудзинская, В.В. Марико. – Нижний Новгород, 2007. – 182 с.*
6. *Дьяченко, В.К. Коллективный способ обучения. Дидактика в диалогах / В.К. Дьяченко. – М. Народное образование. – 2004. – 352 с.*
7. *Колеченко, А.К. Энциклопедия педагогических технологий / А.К. Колеченко. - СПб, 2001.*
8. *Кузьмина, О.И. Кейс-технологии как способ повышения эффективности преподавания биохимии в медицинском вузе / О.И Кузьмина, Ш.Н Галимов // Современные проблемы науки и образования. 2019. №6. [Электронный ресурс]*
9. *Курамаева, Т.А. Компетентностный подход к развитию профессиональной деятельности учителя / Т.А. Курамаева // Международный журнал экспериментального образования. – 2018. – № 5 – С. 11-16*
10. *Лебедев, О.Е. Компетентностный подход в образовании [Электронный ресурс] / О.Е. Лебедев / О.Е. Лебедев // Школьные технологии. - 2004. - №5.-С. 3-12. - Режим доступа: http://www.orenipk.ru/seminar/lebedev.htm, свободный.*
11. *Михайлова, Е.И. Кейс и кейс-метод: общие понятия / Е.И. Михайлова // Маркетинг - 1999. - №1. - С. 12-13.*
12. *Реутова Е. А. Применение активных и интерактивных методов обучения в образовательном процессе вуза (методические рекомендации для преподавателей Новосибирского ГАУ) / Е. А. Реутова.–Новосибирск: Изд-во, НГАУ, 2012. – 58 с.*
13. *Хидиров, Ғ.С. Ҷорӣ намудани технологияи инноватсионии TBL зимни озмоишҳои химиявӣ ва натиҷаи корҳои озмоишӣ дар раванди таълими биохимия / Ғ.С. Хидиров Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – Душанбе, 2026. № 2 (28). – С. 228-237.*

АҲАММИЯТИ КОРИ ОЗМОИШӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ TBL ЗИМНИ ОМӮЗИШИ БИОХИМИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ПЕДАГОГӢ

Нақши технологияҳои инноватсионии таълим, махсусан технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар гузаронидани озмоишҳои биохимиявӣ бузург аст. Таҷрибаҳои биохимиявӣ ба ташаккули тафаккури илмии омӯзгорони ояндаи химия мусоидат мекунанд. Ҳоло технологияҳои компютерӣ дар раванди амсиласозӣ истифода мешаванд. Имрӯзҳо амсиласозӣ дар омӯзиши биохимия ва методҳои таҳлили молекулавӣ татбиқи худро пайдо кардааст. Дар замони муосир истифодабарии компютер имкон медиҳад, ки равандҳои мураккаби молекулавӣ омӯхта шаванд. Дар равандҳои молекулавӣ таъсири мутақобилаи сафедаҳо ва лигандаҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Ба туфайли технологияҳои компютерӣ метавон, ба азнавсозии конформатсионӣ, комплексҳои супрамолекулӣ, синтези матритсавӣ ва интиқоли сигналҳои дохили ҳуҷайра назар кард. Ин масъаларо муоина ва талил намуда, ба хулоса омадем, ки истифодаи муаррифиҳо дар сохтори омӯзиши технологияи ба фармондеҳӣ нигаронидашуда (TBL) кам омӯхта шудааст. Технологияҳои инноватсионии таълимро ҳангоми ҳалли масъалаҳо, супоришҳои тестӣ ва ҳимояи реферат истифода кардан мумкин аст.

Калидвожа: тайёрии касбии омӯзгорон, тарзи коллективии омӯзиш, тарзи гурӯҳии омӯзиш, муаррифиҳо, технологияи TBL, биохимия, лексия, дарсҳои амалӣ, гурӯҳи озмоишӣ, гурӯҳи назоратӣ.

ЗНАЧЕНИЕ ПИЛОТНОЙ РАБОТЫ ПО ПРИМЕНЕНИЮ ТЕХНОЛОГИИ TBL ПРИ ИЗУЧЕНИИ БИОХИМИИ В ВЫСШИХ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ

Роль инновационных технологий обучения, особенно информационных и коммуникационных технологий (ИКТ) в проведении биохимических экспериментов огромна. Биохимические эксперименты способствуют формированию научного мышления будущих преподавателей химии. В настоящее время компьютерные технологии используются в процессе амилирования. Сегодня амсилирование находит свое применение в изучении биохимии и методов молекулярного анализа. В наше время использование компьютеров позволяет изучать сложные молекулярные процессы. В этом случае можно наблюдать, как в процессе молекулярных процессов взаимодействуют белки и

лиганды. Благодаря компьютерным технологиям можно рассматривать конформационную перестройку, супрамолекулярные комплексы, матричный синтез и внутриклеточную передачу сигналов. Изучив и проанализировав этот вопрос, мы пришли к выводу, что использование презентаций в структуре обучения командно-ориентированным технологиям (TBL) недостаточно изучено. Инновационные технологии обучения могут быть использованы при решении задач, тестовых заданий и защите реферата.

Ключевые слова: профессиональная подготовка учителей, коллективный стиль обучения, Групповой стиль обучения, презентации, технология ТВЛ, биохимия, лекции, практические занятия, экспериментальная группа, контрольная группа.

THE SIGNIFICANCE OF THE PILOT STUDY ON THE APPLICATION OF TBL TECHNOLOGY IN THE STUDY OF BIOCHEMISTRY AT HIGHER PEDAGOGICAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

The role of innovative teaching technologies, especially information and communication technologies (ICT), in conducting biochemical experiments is enormous. Biochemical experiments contribute to the development of scientific thinking in future chemistry teachers. Currently, computer technologies are used in the process of amylation. Today, amylation finds its application in the study of biochemistry and molecular analysis methods. Nowadays, the use of computers makes it possible to study complex molecular processes. In this case, it is possible to observe how proteins and ligands interact during molecular processes. Thanks to computer technologies, it is possible to examine conformational rearrangement, supramolecular complexes, template synthesis, and intracellular signal transduction. After studying and analyzing this issue, we have concluded that the use of presentations in the structure of training using team-based learning technologies (TBL) has not been sufficiently studied. Innovative learning technologies can be used when solving problems, completing test tasks, and defending an essay.

Keywords: professional training of teachers, collective teaching style, group teaching style, presentations, TVL technology, biochemistry, lectures, practical classes, experimental group, control group.

Дар бораи муаллифон

Хидиров Ғолибҷон Тошмуродович
Омӯзгори калони кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
730043 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ, 121
E-mail: khidirov1993@internet.ru

Баротзода Камолиддин Ашур
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
730043 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ, 121

Об авторах

Хидиров Голибджон Тошмуродович
Старший преподователь кафедры общей биологии и методики преподавания биологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: khidirov1993@internet.ru

Баротзода Камолиддин Ашур
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей биологии и методики преподавания биологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Khidirov Golibjon Toshmurodovich
Senior teacher of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: khidirov1993@internet.ru

Barotzoda Kamoliddin Ashur
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 373.5.016:573

ТАҲҚИҚОТИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ ДАР ДАРСҲОИ БИОЛОГИЯ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ

Маҳмуродзода Р. М., Баротзода К. А.
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Салоҳияти таҳқиқотии хонандагон яке аз самтҳои асосиест, ки дар доираи таълим дар муассисаи таълимӣ ташаккул меёбад. Он ҷузъи муракаби салоҳияти таҳлилӣ маҳсуб ёфта, дар навбати худ, барои ташаккул ва рушди ҳамаҷонибаи шахсият аҳаммияти аввалиндараҷаву махсус ва ҳатто муайянкунанда дорад. Салоҳияти таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки хонандагон мустақилона маълумот ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбӣ намуда, дар асоси он хулосаҳои асоснок бароранд. Ин салоҳият ба хонандагон кӯмак мерасонад, ки дар ҷаҳони иттилоотии муосир, ки доимо тағйир меёбад, роҳ ёбанд ва қарорҳои дуруст қабул кунанд. Ташаккули салоҳияти таҳқиқотӣ раванди мураккаб ва марҳилавӣ буда, аз омӯзгор маҳорати баланди касбӣ ва истифодаи методҳои гуногуни таълимро талаб мекунад. Дар ин раванд, омӯзгор нақши роҳнамо ва ҳамоҳангсозро мебозад ва ба хонандагон дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварии маълумот ва таҳлили он кӯмак мерасонад.

Дар доираи қисми амалии кори диссертатсионӣ мо таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқатро дар дарсҳои биология бо истифода аз технологияҳои муосири таълим таҳия ва амалӣ намудем. Таҳияи таҳқиқоти озмоишӣ 3 марҳиларо дар бар гирифт:

- қисми муқаддимавӣ;
- қисми бевосита амалӣ, ки таҳия ва татбиқи амсилаи беназири педагогиро дар бар мегирад;
- қисми ниҳоӣ.

Минбаъд ҳар як унсури таркибии таҳқиқотро муфассалтар таҳлил мекунем. Пеш аз ҳама, дар бораи қисми муқаддимавӣ сухан ронда, муайян мекунем, ки мо дар ин марҳила дар назди омӯзгор кадом вазифаҳоро гузоштем. Аён аст, ки қисми муқаддимавӣ бо омода кардани заминаи зарурӣ барои таҳияи минбаъдаи ҷузъи амалии мустақим, барои татбиқи самараноки он дар оянда тавсиф карда мешавад. Ба ибораи дигар, ҳар қадар қисми муқаддимавӣ хубтар ташкил карда шавад, ҳамон қадар татбиқи ҷузъи амалии он беҳтар хоҳад шуд.

Ҳамин тариқ, дар доираи кор дар қисми муқаддимавии омӯзиши таҷрибавӣ-озмоишӣ корҳои зерини амалӣ гузаронида шуданд:

- таҳия ва тасдиқи ниҳоии ҳадаф, вазифаҳои фосилавии озмоиш;
- таҳияи натиҷаҳои интизоршавандаи хусусияти миқдорӣ ва сифатидошта;
- муайян намудани ҳайати субъектии иштирокчиёни таҳия ва татбиқи озмоиш;
- муайян кардани маҷмуи ниҳоии воситаҳои амалӣ, ки дар доираи қисми таҷрибавӣ-озмоишии кор истифода шудаанд;
- таҳияи воситаҳои хусусияти таҳлилӣ ва тафсиридошта, ки ҳангоми татбиқи қисми ниҳоии таҳқиқот истифода мешаванд [14, с. 42-47; 15, с. 90; 18, с, 130].

Мувофиқан, дар ин марҳила фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ низ таҳия карда шуд, ки чунин аст:

- истифодаи технологияҳои муосири таълим дар дарсҳои биология ба ташаккули самараноки салоҳиятҳои таҳқиқотӣ дар хонандагони болаёқат мусоидат мекунанд.

Мақсади озмоиш: таҳлили хусусиятҳои ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар дарсҳои биология бо истифода аз технологияҳои муосири таълим.

Вазифаҳои озмоиш:

- муайян кардани он, ки то чӣ андоза ба рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат ТИК ва воситаҳои муосир мусоидат мекунанд;
- муайян кардани – нақши омӯзгор барои ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар дарсҳои биология бо истифода аз технологияҳои муосири таълим то чӣ андоза муҳим аст;

- таҳқиқ кардани он, ки кадом воситаҳои ТИК ба рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар дарсҳои биология бештар мусоидат мекунанд.

Таркиби субъектии таҳия ва татбиқи қисми таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз ҷумла:

- бевосита худи омӯзгор, ки дар ин механизм нақши калидӣ дорад;
- психолог, ки дар таҳияи ҷанбаҳои психологӣ-педагогии озмоиш мусоидат мекунад;
- муаллим-нозире, ки дар амалисозии ҷузъи озмоишӣ нақши фаъол надорад, вале вазифаи назорати ҷараёни озмоиш, сабти эродҳо ва мушоҳидаҳоро оид ба рафти он амалӣ менамояд, ки ҳангоми иҷрои корҳои ниҳоӣ аҳаммияти хоса доранд;
- гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратии хонандагон.

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Воситаҳои амалии интихобкардаи омӯзгор барои истифода дар доираи ин озмоиш ҳангоми таҳлили марҳилаи асосии қисми таҷрибавӣ ва озмоширо минбаъд муфассалтар баррасӣ менамоем. Ҳамин тариқ, қисми муқаддимавӣ аз ҷониби мо ба таври системавӣ ва ҳамаҷониба амалӣ карда шуд, ҳамаи унсурҳои таркибии зарурӣ пурра иҷро карда шуданд.

Дар идома ба бахши асосии озмоиш муроҷиат мекунем. Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ва Гимназияи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе, литсес №1-и н. Вахш, литсеи ноҳияи Данғара ва шаҳри Кӯлоб гузаронида шуданд. Дар марҳилаҳои муқарркунанда, ҷустуҷӯйӣ ва ташаккулдиҳандаи таҳқиқоти озмоишӣ дар маҷмуъ 320 нафар хонанда ва 12 нафар омӯзгори фанни биологияи муассисаҳои таълимии номбаршуда иштирок карданд.

Пеш аз ҳама, мо гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратии хонандагонро дар ҳар ду муассисаи пойгоҳи таҳқиқот ташкил кардем. Тахминан сатҳи рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар ҳарду гурӯҳ якхел аст, ки ин бо истифода аз таҳқиқоти муқарраркунанда, ки дар ҳарду гурӯҳ гузаронида шуда, тасдиқ карда шудааст.

Аз ҷиҳати графикӣ сатҳи ташаккули салоҳияти таҳқиқотии гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ пеш аз оғози озмоиш метавонад чунин тасвир карда шавад (диаграммаҳои 1, 2). Натиҷаҳои бадастомада таҳлил карда шуда, аз рӯйи ҷадвали 5-хола тафсир карда шудаанд.

Диаграммаи 1. Сатҳи салоҳияти таҳқиқотии гурӯҳи озмоишӣ пеш аз оғози озмоиш



Диаграммаи 2. Сатҳи салоҳияти таҳқиқотии гуруҳи назоратӣ пеш аз оғози озмоиш

Барои ба даст овардани натиҷаҳои ибтидоӣ, мо пурсиши маъмули А.И. Савенковро дар фаъолияти амалии педагогӣ истифода бурдем, ки ба мо имкон медиҳад сатҳи рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагонро аз рӯйи унсурҳои асосии таркибӣ муайян кунем. Маълум аст, ки дар доираи ин усул ҳар як мусоҳиб бояд ба 20 савол ҷавоб диҳад, ки дар он ҳар як 6 меъёр ба 3 савол мувофиқат мекунад. Ҳар як иштирокчии пурсиш вазифадор аст, ки ба саволҳои пешниҳодшуда зуд ҷавоб диҳад, бидуни андеша, бо ҷавоби мувофиқ барои ӯ ҳар гуна аломати ба ӯ писандро гузорад. Инчунин, усули баррасишаванда 2 саволро бо вариантҳои васеи ҷавобҳо, яъне ҷавобҳои пурраи пурсидашудагон дар бар мегирад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. Харитаи ташхисии «Ошкор кардани малакаҳои озмоишӣ-таҳқиқотӣ (аз рӯйи пурсишномаи маъмули А. И. Савенков)

Ному насаб								Дар маҷмуъ
	Проблема-ро дидан	Савол додан	Пешни-ҳоди фарзия	Мафҳумҳоро тавсиф кардан	Тасниф кардан	Мушо-ҳида кардан	Маҳорати озмоиш гузарони-дан	Хулоса баровар-дан

Ин усул гирифтани маълумоти гуногунро дар бораи унсурҳои дохилии салоҳияти таҳқиқотӣ, ки А.И. Савенков хеле возеҳ ва яктарафа муайян кардааст, дар назар дорад. Дар оянда, ҳангоми таҳлили сохтори салоҳияти таҳқиқотӣ, мо инчунин унсурҳои зерини онро истифода хоҳем бурд [11]:

– дидани проблема;
– савол додан;
– пешниҳод кардани фарзияҳо (ақидаҳо);
– муайян кардани мафҳумҳо;
– тасниф кардан;
– мушоҳида кардан;
– қобилияти озмоиш гузаронидан;
– хулоса баровардан ва натиҷагирӣ кардан.

Ба таври мухтасар меъёрҳои баҳодиҳии дар ин ҷо истифодашавандаро низ қайд мекунем, яъне:

3 хол – маҳорат ташаккул ёфтааст;
2 хол – маҳорат ташаккул меёбад;
1 хол – маҳорат ташаккул наёфтааст.

Дар навбати худ, натиҷаҳои бадастомадаро ба таври зерин тафсир кардан мумкин аст:

- сатҳи рушди малакаҳои таҳқиқотӣ:
24-21 хол – сатҳи баланд;
20-16 хол – сатҳи миёна;
15-10 хол – сатҳи паст.

Натиҷаҳои дар ин марҳилаи омӯзиш бадастовардаро минбаъд таҳлил хоҳем кард. Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки ба ҳисоби миёна, ҳар як ҷузъи салоҳияти таҳқиқотӣ дар ҳарду гурӯҳ дар сатҳи нисбатан баланди рушд (аз миёна боло ё тақрибан ба ин наздик) қарор дорад, дар ҳоле ки тамоми салоҳияти таҳқиқотӣ ҳамчун маҷмуи унсурҳои таркибии гуногунҷабҳа хеле мураккаб ва босифат ба назар мерасад. Ягон нокомиҳои ҷиддӣ мушоҳида карда намешаванд, аз ин рӯ хулосаи мантиқӣ ин аст, ки ҳангоми интихоби воситаҳои амалӣ дар дохили таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ба такмили ҳар як унсури пешниҳодшуда ба андозаи баробар диққат додан лозим аст. Ба ибораи дигар, сатҳи дороии салоҳият ҳамчун баробар, нисбатан баробар, дар айни замон, дорои дурнамои возеҳ барои такмили минбаъда мушоҳида мешавад [6, с. 379].

Хулосаҳои бадастомадаро мо минбаъд ҳангоми интихоби воситаҳои педагогӣ дар дохили амсилаи педагогӣ истифода бурдем. Аз ин рӯ, мо амсилаи зеринро таҳия кардем, ки онро ба таври графикӣ чунин тасаввур кардан мумкин аст (нақшаи 1).



Нақшаи 1. Амсилаи педагогӣ, ки дар доираи қисми таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқоти диссертатсионӣ амалӣ карда мешавад

Тавре ки аз нақшаи дар боло овардашуда дида мешавад, озмоиш дар ҷузъи амалии худ се қисми ба ҳам алоқаманди кори аудиторӣ ва берун аз аудитория дар бар мегирад. Аз ин рӯ, фаъолияти аудиторӣ назария ва амалияро дар назар дорад, ки дар он воситаҳои беназири ТИК истифода мешаванд ва фаъолияти беруназсинфӣ кори мустақилона ва хонагии хонандагонро дар бар мегирад.

Мо ба ҳар як марҳилаи дар боло овардашуда диққат медиҳем.

Пеш аз ҳама, дарси биология бахши назариявиро дар бар мегирад. Биология – яке аз он фанҳои мактабӣ мебошад, ки дар он воситаҳои визуалӣ хеле маъмуланд ва муҳим нест, ки кадом бахш омӯхта мешавад – ботаника, анатомия ё зоология. ТИК дар ин самт имкониятҳои бебаҳо фароҳам меорад ва дар ҳолати мо маводи муаррифӣ ва инчунин намоиши видео истифода шудааст.

Мавзуи дарс «Конгрессҳои байналмилалии зоологӣ» (минбаъд - КБЗ) буд: дар доираи дарси биология, омӯзгор бачагони болаёқатро ба олимпиадаҳо ва озмунҳо омода мекард. Сохтори дарс чунин сохта шудааст [3, с. 31]:

– қисми назариявӣ: омӯзиши 8 КБЗ бо тавсифи мухтасари ҳар кадоми онҳо, ки дар байни онҳо ба конгресс, ки дар Русия (1982, Шаҳри Москва) баргузор шуд, инчунин бузургтарин конгресс, ки дар Вашингтон (1963) баргузор шуд, диққати махсус дода мешавад;

– қисми амалӣ: ҳалли вазифаҳои амалӣ оид ба ин мавзуъ, мустаҳкам кардани маводи омӯхташуда;

– кори мустақилона: беруназсинфӣ;

– вазифаи хонагӣ: такрори назария ва ҳалли вазифаҳои амалӣ барои мустаҳкам кардани маводи дар дарс омӯхташуда ва санҷиши минбаъда дар дарс.

Тавре ки аз нақшаи пешниҳодшуда маълум аст, ба қисми назариявӣ муаррифиномаҳо ва филмҳои видеоӣ ҳамроҳ карда шуд (расмҳои 1, 2).

Расми 1. Маводи муаррифӣ дар бораи конгресси байналмилалии зоологии соли 1907



Расми 2. Скриншот аз сомонаи расмии конгресси байналмилалии экологӣ, ки соли 2019 баргузор шудааст

Омӯзиши маводи назариявӣ бо истифода аз воситаҳои аёнӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар бораи чӣ будани КБЗ, чӣ гуна гузаронидани чунин чорабиниҳо, чӣ гуна ин чорабиниҳо танзим карда мешаванд, ин чорабиниҳо кадом ҳадафҳо ва вазифаҳо доранд, муфассалтар тасаввурот пайдо кунанд. КБЗ, ки дар асри XX ва баъдтар баргузор шуданд, аллакай видеоҳо ё маводҳои дар ВАО нашршуда дар бораи ин чорабиниҳо доранд, ки онҳо низ дар доираи дарс иловатан омӯхта шудаанд. Ин имкон медиҳад, ки тасаввуроти хонандагон дар бораи КБЗ пурратар ва системавӣ бошад, ҳузури худро дар чунин чорабинӣ эҳсос кунанд.

Қисми дуюми бахши назариявӣ омӯзиши маводи китоби дарсии электрониро ташкил медиҳад, ки заминаи назариявии заруриро дар бораи КБЗ ташкил дода, баъдтар бо манбаъҳои визуалӣ ва бахши амалӣ фаъолона ҳамроҳ карда мешавад. Ин қисми дарс аз ҷиҳати мазмуни худ хеле анъанавӣ аст, аммо бо истифодаи на китобҳои дарсии чопи стандартӣ, балки маводҳои муосири электронӣ, такмилёфта ва аз ҷиҳати пур кардани дохилии худ муҳимтар фарқ мекунад. Китобҳои дарсии электронӣ дар шакли планшетҳо пешниҳод карда мешаванд, зеро чунин гаҷетҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо дар формати китоби электронӣ, балки дар формати интерактивӣ низ истифода шаванд ва ин минбаъд ҳангоми мустаҳкам кардани мавод муфид хоҳад буд [1, с. 25-29].

Дар асл, минбаъд ба қисми амалӣ муроҷиат мекунем. Пеш аз ҳама, ин як ҳалли муштараки санҷиши электронӣ дар ҳамон планшет аст, ки қаблан барои омӯзиши китоби

электронии биология истифода мешуд. Бароҳатии имтиҳони электронӣ дар он аст, ки ҷавобҳоро дарҳол пас аз гузоштани аломатҳо тафтиш кардан мумкин аст. Баъдан, масъалаҳои санҷиши электронӣ аз ҷониби ҳамаи хонандагон дар якҷоягӣ таҳти роҳбарии омӯзгор муҳокима карда мешаванд. Намунаи саволҳои санҷиши электронии тестиро дар ин мавзуъ дар мисоли 1-и зер мушоҳида кардан мумкин аст.

Аввалин конгресси байналмилалии зоология (Париж, Фаронса) кадом сол баргузор шуд?

1.1899

2.1799

3.2012

4.1889

Мисоли 1. Намунаи саволҳои санҷиши тестии электронӣ дар мавзуи «Конгрессҳои байналмилалии зоологӣ».

Бахши навбатии фаъолияти амалӣ кор дар озмоишгоҳи маҷозӣ мебошад. Бо истифода аз ҳамон планшет, хонандагон ба ҳуҷраи пур аз экспонатҳо ва асбобҳои гуногун ворид мешаванд, ки ба онҳо дар иҷрои вазифа ёрӣ мерасонад: омода кардани нақшаи баромади олим дар КБЗ. Гуфта мешавад, ки хонанда бояд мустақилона мавзуи мубрами баромадро пешниҳод кунад ва дар он нақшаи мухтасари гузориши оммавиро иборат аз 3-4 нуктаи асосӣ тартиб диҳад. Ғайр аз он, хонанда метавонад вариантҳои дигари муаррифии маводро пешниҳод кунад: масалан, даъват кардани коршиносони дигар, наворбардории мусоҳибаҳои видеоӣ дар мавзуъ ё танҳо омода кардани презентатсия бо ҳамроҳии маърӯзачӣ (расми 3).



Расми 3. Скриншоти ҳуҷраи лабораторияи маҷозӣ

Ҳангоми иҷрои ин супориш, хонанда танҳо барои татбиқи ҷузъи таҳқиқотӣ ба қадри кофӣ маълумот ба даст меорад, дар ҳоле ки ӯ инчунин ҳуқуқ дорад аз омӯзгор маслиҳат пурсад ё агар мехоҳад супоришро дар ҳамкорӣ бо хонандаи дигар ҳал кунад.

Баъдан, якчанд хонандагон корҳои худро пешниҳод мекунанд, муҳокимаи оммавӣ бо шарҳҳои муаллим сурат мегирад. Хонандагон мавқеи худро дар бораи аҳаммияти мавзуи интихобшуда, сохтори нақшаи таҳқиқот ва инчунин дигар хусусиятҳои гузориши оянда изҳор мекунанд. Ғайр аз он, хонандагон метавонанд тавсияҳои худро оид ба танзими мавзуъ ё мазмуни баромад пешниҳод кунанд. Ба ғайр аз малакаҳои суханронӣ ва кор дар гурӯҳ, хонандагон инчунин салоҳият дар баҳси мавқеъи худ ва таҳияи далелҳои муқобилро инкишоф медиҳанд, ки ин дар амалия низ хеле муҳим аст [8, с. 50-55].

Бахши навбатии дарс кори мустақилона мебошад. Ин одатан аз ҷиҳати вақт муҳимтарин бахши дарс аст, дар ҳолати мо он ½ аз тамоми дарсро ташкид медиҳад. Тавре ки дар диаграммаи боло дида мешавад, ин қисми дарс 3 воситаро дар бар мегирад, инчунин онро хонандагон дар хона идома дода метавонанд. Аз ҷумла, ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки лоиҳаи барномаи КБЗ-и худро таҳия кунанд ва дар ҳуҷҷат унсурҳои сохтории зерини онро пешниҳод намоянд:

- шаҳр, кишваре, ки дар он КБЗ гузаронида мешавад;
- рӯйхати намунавии мавзуъҳои умумӣ бо мушаххасоти 2-3 зермавзуъ;
- чорабиниҳои иловагӣ, аз ҷумла формати интерактивӣ: масалан, экскурсияҳо, намоишгоҳҳо, суҳбатҳои оммавӣ ва ғайра;
- ихтиёрӣ: насаб, номҳои олимони зоолог, ки бояд ҳамчун сухангӯ ба КБЗ даъват карда шаванд;
- дигар.

Ҳамин тариқ, дар шакли озод ва дар шакли инфиродии интихобкардаи хонандагон (масалан, ин метавонад барномаи стандартии чорабинӣ бошад, ки дар муҳаррири матнӣ омода карда шудааст, муаррифии электронӣ ё расм-афиша, даъватнома ва ғайра, ки дар муҳаррири графикӣ сохта шудааст) ҳар як мактаббача лоиҳаи барномаи КБЗ-и худро дар шакле тартиб медиҳад, ки онро ӯ метавонад дар ҳаёти воқеӣ низ гузаронад. Вақте ки ин лоиҳа омода аст, хонанда бояд ин натиҷаро бо портфолиои электронӣ ҳамроҳӣ кунад, ки дар он нуқтаҳои асосии таҳия ва татбиқи барнома нишон дода шаванд, ҷанбаҳои методӣ ҳамроҳ карда шаванд ва инчунин маводи матнӣ ё графикии ба онҳо пешниҳодшуда замима карда шаванд (расми 9).

Расми 4. Логотипи КБЗ, ки соли 2021 дар Кейптаун, Африқои Ҷанубӣ баргузор шудааст

Дар доираи татбиқи кори мустақилона, хонандагон ба омӯзиши маводи иловагӣ ниёз доранд, ки дар вазъияти баррасишаванда тавассути тамошои силсилаи вебинарҳо бахшида ба конфронсҳо ва конгрессҳои зоологӣ пешбинӣ шудааст. Ин ба мактаббачагон кӯмак мекунад, ки лоиҳаи барномаи КБЗ-и худро бо сифати баландтар таҳия кунанд, мавзуи баромадҳоро дуруст интихоб намоянд ва инчунин барои иштирок дар чорабинӣ шахсони баромадкунандаро пешниҳод кунанд. Бояд қайд кард, ки пешниҳоди сухангӯён ихтиёрӣ аст, зеро ин вазифаи масъулияташ баланд аст ва нишон медиҳад, ки хонанда дар бораи зоологияи муосир, тамоюлҳои асосии он ва инчунин олимони барҷастаи зоологияи муосир хуб маълумот дорад. Барои ҳалли ин мушкилот ба кӯдак вебинарҳои мавзуӣ ёрӣ мерасонанд [4, с. 23].

Дар назар аст, ки лоиҳаҳои омодашуда дар яке аз дарсҳои биология ҳимоя карда шаванд ва дар гурӯҳ бо назардошти тавсияҳои омӯзгорон муҳокима карда шаванд. Инчунин, омӯзгор метавонад озмуни илмӣ-таҳқиқотӣ баргузор кунад, ки дар он комиссия чорабинии ҷолибтарин ва муҳимтарини илмии пешниҳодкардаи бачагонро интихоб мекунад ё корҳои муваффақу беҳтаринро барои иштирок дар озмунҳо ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ё байналмилалӣ оид ба биология интиқол медиҳад. Ғайр аз он, корҳо метавонанд ба форматҳои дигар тафсир карда шаванд масалан, мақолаи илмӣ – ва нашр карда шаванд. Ба ибораи дигар, омӯзгор қодир аст, ки татбиқи ин воситаро пас аз супоридан ва ҳимояи лоиҳаҳо идома диҳад ва бо ин таъсир ва дараҷаи рушди ҷузъи таҳқиқотиро тақвият диҳад.

Бахши дигари муҳим вазифаи хонагӣ мебошад, ки ҳамчун воситаи такрор ва мустаҳкам кардани маводи дар дарс гузаронидашуда ба назар мерасад. Дар ҳолати мо, ҳамчун вазифаи хонагӣ, ҳалли санҷиши тестии электронӣ, таҳияи дарси маҳорат (мастер-класс) (дар мавзуи «Чӣ гуна омода ва ҳимояи гузориш дар КБЗ ё ягон чорабинии дигари шабеҳ»)-ро гирифтанд, ки бо омӯзиши анъанавии маводи таълимии электронӣ ҳамроҳ аст.

Кор бо китобҳои дарсии электронӣ ва санҷиш қаблан баррасӣ шуда буд, бинобар ин дар ин ҷо мо танҳо ба таҳияи дарси маҳорат ва истифодаи воситаҳои ТИК дар ин раванд диққат медиҳем.

Ҳамин тавр, дар ҳалли ин вазифа хонандагон ягон маҳдудият надоранд, метавонанд ҳама гуна воситаҳои эҷодӣ, таҳқиқотиро истифода баранд ва инчунин ТИК-ро дар шакле истифода баранд, ки барои ноил шудан ба ҳадаф зарур аст. Фарз мекунем, ки чӣ гуна онро дар амал татбиқ кардан мумкин аст [13, с. 68-71].

- мастер-класс метавонад ба видео сабт карда шавад, хусусан агар муаллиф ният дошта бошад, ки ягон бинои беруна, мавод, таҷҳизот ва ғайраро истифода барад. Масалан, дарси маҳорат метавонад дар толорҳои Китобхонаи миллӣ сабт карда шавад;

- дарси маҳоратро метавонад маводи муаррифӣ (презентатсионӣ) ҳамроҳӣ кунад, ки барои ба шунавандагон ба таври визуалӣ ва амалан фаҳмондани тарзи омода ва пешниҳоди маърӯза ёрӣ мерасонанд;

- муаллиф метавонад тавсияҳои электрониро барои шунавандагон таҳия, чоп ё ирсол кунад ё оид ба мавзуъ ёддоштҳои кӯтоҳ омода кунад. Тибқи хоҳиш онро дар форматҳои муосиртар таҳия кардан мумкин аст, масалан, дар шакли инфографика (нақшаи 2).



Нақшаи 2. Намунаи унсури графикӣ дар таркиби маводи тақсимотии мавзуъ

Ҳамин тариқ, ҳар як хонанда метавонад бо истифода аз ҳама гуна технологияҳои муосир дарси маҳорат омода кунад ва воситаҳои заруриро истифода барад. Ин усул имкон медиҳад, ки ҳам салоҳиятҳои назариявӣ ва ҳам амалии хонандагон дар қисми таҳқиқотӣ ба таври назаррас рушд ва инчунин ба такмили як қатор салоҳиятҳои дигар таъсири мусбат расонад. Пеш аз ҳама, ин салоҳиятҳои маърифатӣ, таҳлилӣ, коммуникатсионӣ (дар қисми муаррифии дарси маҳорат ба иштирокчиён ва муҳокимаи минбаъдаи натиҷаҳои кор), инчунин эҷодӣ мебошад [2, с. 170].

Дар ниҳоят, интихоби воситаҳои амалӣ дар доираи ҳар як бахши алоҳида рушди ҳамзамони унсурҳои гуногуни салоҳияти таҳқиқотиро дар бар мегирад, бинобар ин, аз рӯйи хусусиятҳои худ шаклҳои гуногуни кор интихоб карда мешаванд. Маълум аст, ки барои кори мустақилона ва хонагӣ, мутаносибан, омӯзгор вазифаҳои озодтар ва эҷодкоронаро интихоб кард, ки барои иҷрои онҳо вақти бештар, инчунин дараҷаи баланди эҷодкорӣ лозим аст. Дар натиҷа, тавре ки аз таҳлил ва ангораи дар боло овардашуда дида мешавад, омӯзгор механизми мураккаби бисёрсоҳавӣ ташкил кард, ки тавассути он метавон ба сатҳи баланди рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар дарсҳои биология ба таври комплексӣ ва системавӣ ноил шуд.

Инчунин, қисми ниҳоии таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки бахши калони фаъолияти таҳлилӣ ва тафсирии омӯзгорро дар бар мегирад, мухтасар дида мебароем. Аз ҷумла, дар ин марҳила ба саволҳои зер ҷавоб пайдо кардан дар назар аст [12, с. 115]; [16, с. 114].

- оё натиҷаҳои пешбинишуда пеш аз оғози озмоиш, мақсад ва вазифаҳо ба қадри кофӣ ба даст оварда шуданд;

- оё таъсири мусбати татбиқи озмоиш оммавӣ аст ё мушаххас - агар мушаххас бошад, пас мушаххасот бо кадом хосиятҳо бо таъсири мусбат тавсиф карда мешаванд;

- оё муаллим тамоми вазифаи худро иҷро мекунад, то чӣ андоза онро самаранок ва босифат иҷро мекунад;

- кадом тағйирот, таҳрирот бояд ба озмоиш ворид карда шаванд, то натиҷаҳои он баландтар ва татбиқи ҳадаф ва вазифаҳо самараноктар бошанд.

Сохтори дохилии қисми ниҳоии татбиқи озмоишро чунин тасвир кардан мумкин аст: он аз рӯйи унсурҳо ва хусусиятҳои худ стандартӣ аст (расми 5).



Расми 5. Сохтори қисми ниҳоии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аз рӯйи марҳилаҳо

Дар ин ангора инчунин воситаҳои амалиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар қисми ниҳоии кор истифода мешаванд. Ин восита, ба андешаи муаллиф, барои пурра ҳал кардани вазифаҳои гузошташуда кофӣ аст.

Дар ниҳоят, ҳангоми тавсифи механизми кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, ки дар ин зербоби боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудааст, бояд бартариҳои фарқкунандаи онро қайд кард, ки қодиранд ин воситаро дар заминаи дигар воситаҳои шабеҳ сифатан ҷудо кунанд, яъне:

- хусусияти бисёрсоҳавӣ, комплексӣ ва системавӣ, ки дар маҷмуи васеи воситаҳои гуногуни амалӣ, ки барои бахши асосии озмоиш интихоб шудаанд, ифода меёбад;

- дараҷаи баланди ба амалия равонакардашуда: масалан, тақрибан 70-75% вазифаҳои амсилаи педагогӣ самти амалӣ доранд, ки дар натиҷа метавонад ба натиҷаи беҳтар ва самараноки татбиқи озмоиш оварда расонад;

- имконияти татбиқ ҳам дар шакли инфиродӣ ва ҳам дар шакли гурӯҳӣ ва дар маҷмуъ чунин хусусияти амсиларо низ бояд қайд кард: чандирӣ ва динамикии он, ки ба омӯзгор имкон медиҳад механизмро пайваста навсозӣ кунад ва инчунин унсурҳои сохтори дохилии онро бидуни аз даст додани сифат тағйир диҳад;

- умумиятнокӣ: бо вуҷуди он ки татбиқи ин амсилаи педагогӣ, ки барои фанни биология эҷод шудааст, бо вуҷуди ин, бо кӯшиши ночиз, ин абзорро метавон дар ҳама гуна фанҳои дигари мактабӣ амалӣ кард;

- таъминоти ночизи ташкилӣ ва моддӣ-техникӣ, зеро тамоми ҷузъи амалӣ дар формати электронӣ амалӣ карда шудааст, дар асл барои ин ягон таҷҳизот ё техникаи иловагӣ лозим нест;- дигар [5, с. 112].

Дар ниҳоят, мо чунин мешуморем, ки ин амсилаи педагогӣ дар заминаи рушди салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар дарсҳои биология дараҷаи хеле баланд дорад, ки онро тавассути татбиқи қисми таҳлилӣ ва тафсирии фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ тасдиқ ё рад кардан мумкин аст.

Дар асл, натиҷаҳои татбиқи бахши амалӣ дар зербоби навбатии боби дуюми диссертатсия муфассалтар таҳлил карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, мо маводи дар зербоби мазкур овардашударо ҷамъбаст мекунем.

Ҳамин тавр, мавзуи таҳқиқот дар доираи зербоби мазкур бевосита тавсифи қисми таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқоти диссертатсионӣ буд, ки аз таҳия ва татбиқи амсилаи мушаххаси педагогии ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар дарсҳои биология бо истифода аз воситаҳои ТИК иборат аст. Ин амсила дар шакли матнӣ муфассал тасвир ёфта, инчунин ба таври графикӣ пешниҳод гаштааст [9, с. 147].

Сохтори онро чунин муайян кардан мумкин аст: қисми муқаддимавӣ (ё сарсухан), қисми асосӣ (бевосита амалӣ), қисми ниҳоӣ. Дар зербоб ҳар яке аз ин марҳилаҳои озмоиш муфассал омӯхта мешавад. Зеро қисмҳои муқаддимавӣ ва хотимавӣ ба қадри кофӣ стандартӣ ба назар мерасанд ва мақсаду вазифаҳоро иҷро мекунанд. Ба ҷузъи амалӣ, яъне воситаҳо ва усулҳои мушаххаси педагогӣ муфассалтар диққат диҳем.

Ҳамин тавр, мавзуи дарс «Конгрессҳои байналмилалии зоологӣ» (минбаъд - КБЗ) буд: яъне, дар доираи ин дарси биология, педагог бачагони болаёқатро ба олимпиадаҳо ва озмунҳо омода мекунад. Сохтори дарс чунин сохта шудааст [10, с. 52-58]:

– қисми назариявӣ: омӯзиши 8 КБЗ бо тавсифи мухтасари ҳар кадоми онҳо, ки дар байни онҳо ба конгресс, ки дар Русия (1982, Шаҳри Москва) баргузор шуд, инчунин бузургтарин конгресси мавҷуда, ки дар Вашингтон (1963) баргузор шуд, диққати махсус дода мешавад;

– қисми амалӣ: ҳалли вазифаҳои амалӣ оид ба ин мавзуъ, зеро мустаҳкам кардани маводи омӯхташуда;

– кори мустақилона: берун аз аудиторӣ;

– вазифаи хонагӣ: такрори назария ва ҳалли вазифаҳои амалӣ барои мустаҳкам кардани маводи дар дарс омӯхташуда ва санҷиши минбаъда дар дарс.

Қисми назариявии дарс тавассути омӯзиши маводи китоби дарсии электронӣ амалӣ карда шуд, ки бо нишон додани маводҳои гуногуни намоишӣ (презентатсияҳо, видеоҳо) дар мавзуъ ҳамроҳ карда шуд. Мақсади асосии истифодаи чунин воситаҳо на танҳо ташаккули заминаи муайяни донишҳои назариявии хонандагон, балки инчунин дар шуури онҳо эҷоди як навъ «расм», яъне тасвири визуалӣ мебошад, ки барои истифодаи манбаъҳои визуалӣ мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, қисми амалии дарс ҳалли муштараки хонандагонро дар масъалаҳои санҷиши тестии электронӣ бо муҳокимаи минбаъда ва шарҳи омӯзгор дар бар мегирифт. Илова бар ин, истифодаи озмоишгоҳи маҷозӣ дар таълими фанни биология хеле маъмул аст, зеро он воситаи самаранок, универсалӣ ва амалӣ мебошад.

Тахмин меравад, ки боз як бахши муҳимми дарс кори мустақил хоҳад буд, ки аз ҷиҳати хронологӣ аз тамоми ҳаҷми дарс ½-ро ташкил медиҳад. Мувофиқи ин, кори мустақилона таҳияи лоиҳаи барномаи КБЗ-ро дар бар мегирад, ки хонанда мехоҳад онро дар воқеият гузаронад. Ҳамин тариқ, ҳар як кӯдак як чорабинии беназири байналмилалии илмиро таҳия мекунад, ки қисмҳои методӣ ва таҳқиқотии онро муфассал коркард мекунад. Лоиҳаи барнома бояд унсурҳои зеринро дар бар гирад:

- шаҳр, кишваре, ки дар он КБЗ гузаронида мешавад;
- рӯйхати намунавии мавзуъҳои умумӣ бо мушаххасоти 2-3 зермавзуъ;
- чорабиниҳои иловагӣ, аз ҷумла формати интерактивӣ: масалан, экскурсияҳо, намоишгоҳҳо, ҷараёнҳои ҷамъиятӣ ва ғайра;
- мувофиқи хоҳиш (ихтиерӣ): насаб, номҳои олимони зоолог, ки бояд ҳамчун сухангӯ ба КБЗ даъват карда шаванд;- дигар [17, с. 228].

Муҳокима. Дар натиҷаи таҳияи ин лоиҳа, ҳар як хонанда, инчунин бояд портфолиои электронии ҳамроҳро омода кунад, ки аҳаммияти методии бештарро иҷро мекунад ва ин ба кӯдак имкон медиҳад, ки кори худро таҳлил ва таҳқиқ кунад. Илова бар ин, маълум аст, ки омодасозии чунин лоиҳаи мураккаб омӯзиши маводи иловагиро талаб мекунад, аз ин рӯ, дар кори мустақилона бахше ҷудо карда шудааст, ки ба тамошои силсилаи вебинарҳо дар мавзуи пешакӣ пешниҳодкардаи омӯзгор бахшида шудааст. Гуфта мешавад, ки ҳамаи ин воситаҳо дар маҷмуъ на танҳо ба хонандагон дар иҷрои корҳои босифат ва ҷолиби эҷодӣ кӯмак мерасонанд, балки инчунин салоҳияти таҳқиқотиро ба таври назаррас рушд медиҳанд.

Мо инчунин вазифаи хонагиро қайд кардан мехоҳем, ки бавижа истифодаи воситаҳоро, ба монанди санҷиши тестии электронӣ, омӯзиши маводи таълимии электронӣ барои такрор ва инчунин таҳияи мастер-класс дар мавзуъро фаро мегирад.

Тавре ки аз таҳлили пешниҳодшуда дида мешавад, ҳар як бахши фаъолияти аудиторӣ ва берун аз аудиторӣ хеле мулоҳизакорона аст, мақсад ва вазифаҳои муайяне дорад, ки ҳалли худро талаб мекунанд ва инчунин дараҷаи баланди амалия доранд, ки ин ҳам як нуқтаи мусбат аст. Истифодаи воситаҳои ТИК дар ин ҷо бисёрҷанба, объективӣ ва барои ҳар як нуқта пешбинишуда аст, дар ҳоле ки аз тарафи омӯзгор ҳамчун усулҳои хусусияти умумидошта истифода мешавад – универсалӣ, масалан, санҷиши электронии тестӣ ё истифодаи китобҳои дарсии электронӣ, инчунин воситаҳои махсуси ТИК, ки танҳо барои таҳқиқоти эмпирикӣ ва илмҳои табиӣ хосанд – масалан, лабораторияи маҷозӣ, ки барои дарсҳои биология, физика, химия муҳим аст.

Инчунин, ба бисёрфункционалии воситаҳои ТИК, ки дар доираи қисми таҷрибавӣ-озмоишӣ истифода мешаванд, диққат медиҳем, зеро тавре ки дар сархат қайд карда мешавад, ҳамзамон бо салоҳияти бевоситаи таҳқиқотӣ истифодаи ин форматҳои корӣ имкон медиҳад, ки як қатор салоҳиятҳои дигари барои мактаббачаи болаёқат муҳимро низ рушд диҳанд. Масалан, онҳо салоҳиятҳои таҳлилӣ, инчунин маърифатӣ, коммуникатсионӣ, иттилоотӣ ва ғайра мебошанд [7, с. 128].

Хулоса. Ҳамаи ин, дар ниҳоят, аз он шаҳодат медиҳад, ки амсилаи педагогии ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар дарсҳои биология бо истифода аз технологияҳои муосири таълим метавонад хеле самаранок бошад, ба натиҷаҳои сифати баланд ноил гардад, яъне салоҳияти таҳқиқотии хонандагонро ба таври назаррас беҳтар намояд ва рушд диҳад.

Адабиёт

1. *Бережная, О.В. Практические умения по биологии как способ повышенияэффективности обучения / О.В. Бережная // Биология в школе. – 2023. – № 3. – С. 25-29.*
2. *Вдовина, Н.С. Результаты использования компетентностно-ориентированных заданий на уроках биологии / Н.С. Вдовина // Научно-педагогический журнал "Учитель Алтая". – 2021. – № 1 (6). – С. 170-174.*
3. *Григорьева, Ж. Н. Стратегия работы учителя биологии в условиях дефицита учебного времени / Ж. Н. Григорьева // Биологические науки в школе и вузе. – 2023. – № 24. – С. 31-39.*
4. *Деева, Н.А. Методические приемы на уроках биологии / Н.А. Деева // Наука и Образование. – 2024. – Т. 7, № 2. – С. 19-23.*
5. *Золотарев, В.В. История биологических наук, как важная часть формирования базовых и углубленных знаний при изучении предмета биология в средней и старшей школе / В. В.*

Золотарев // Тенденции развития науки и образования. – 2024. – № 105-1. – С. 111-113.
6. *Ижойкина, Л. В. Применение методов обучения учащихся биологии на базовом и профильном уровнях / Л.В. Ижойкина, А.Н. Петкевич // Современные наукоемкие технологии. – 2020. – № 11-2. – С. 375-379.*
7. *Осинин, Р.В. Учебные задания для формирования естественнонаучной грамотности школьников при изучении биологического материала / Р.В. Осинин // Научное мнение. – 2023. – № 12. – С. 124-128.*
8. *Паршутина, Л.А. Методические рекомендации по организации и проведению биологического эксперимента при обучении биологии в средней школе / Л. А. Паршутина // Современное педагогическое образование. – 2021. – № 8. – С. 50-55.*
9. *Потапкин, Е. Н. Особенности организации полевого биологического практикума как средства формирования исследовательских умений школьников / Е. Н. Потапкин // Современные наукоемкие технологии. – 2022. – № 12-1. – С. 141-147.*
10. *Рахманинов, С.А. Формирование естественно-научной грамотности у учащихся кадетских классов при обучении биологии / С.А. Рахманинов // Биология в школе. – 2024. – № 2. – С. 52-58.*
11. *Савенков, А.И. Путь к одаренности: Исследовательское поведение дошкольников. Учеб. пособие / А.И. Савенков. – СПб: Питер, 2004. - 272 с.*
12. *Соҳибов, Д. Бисёрҷанбагии фаъолияти таҳқиқотӣ / Д. Соҳибов. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2014. – 160 с.*
13. *Сураева, И. А. Аспекты воспитательной работы с учащимися при изучении раздела биологии "эволюция органического мира" / И. А. Сураева, Т. М. Носова // Педагогический форум. – 2021. – № 2 (8). – С. 68-71.*
14. *Тухто, Е.А. Развитие терминологической грамотности и мыслительных навыков учащихся на уроках биологии / Е. А. Тухто // Современное образование Витебщины. – 2020. – № 4(30). – С. 42-47.*
15. *Усмонов, И. Таҳлили таҷрибаи таҳқиқотӣ дар мактабҳои Тоҷикистон / И. Усмонов. – Душанбе: Бухоро, 2019. – 190 с.*
16. *Формирование исследовательских умений обучающихся при изучении животных в школьной биологии / Н. Д. Чегодаева, Т. А. Маскаева, М. В. Лабутина, О. С. Шубина // Учебный эксперимент в образовании. – 2024. – № 1(109). – С. 106-114.*
17. *Хотулева, О. В. Экскурсия-проект на уроке биологии в общеобразовательной школе / О.В. Хотулева, Ю. А. Ющенко, Ю. Г. Дремлюга // Проблемы современного педагогического образования. – 2022. – № 75-1. – С. 228-231.*
18. *Ҷӯраев, Ҷ. Таснифоти фаъолияти таҳқиқотӣ дар педагогика / Ҷ. Ҷӯраев. – Душанбе: Пайванд, 2016. – 200 с.*

ТАҲҚИҚОТИ ТАҶРИБАВӢ-ОЗМОИШИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОНИ БОЛАЁҚАТ ДАР ДАРСҲОИ БИОЛОГИЯ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ

Дар мақола оид ба таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар дарсҳои биология бо истифода аз технологияҳои муосири таълим маълумот пешниҳод шудааст. Салоҳияти таҳқиқотӣ имконият медиҳад, ки хонандагони болаёқат мустақилона маълумот ҷамъоварӣ карда, онро таҳлил ва арзёбӣ намуда, дар асоси он хулосаҳои асоснок бароранд. Салоҳияти таҳқиқотӣ ба хонандагон кӯмак мерасонад, ки дар ҷаҳони иттилоотии муосир, ки доимо тағйир меёбад, роҳ ёбанд ва қарорҳои дуруст қабул кунанд. Инчунин ташаккули салоҳияти таҳқиқотӣ раванди мураккаб ва марҳилавӣ буда, аз омӯзгор маҳорати баланди касбӣ ва истифодаи методҳои гуногуни таълимро талаб мекунад. Дар ин раванд, омӯзгор нақши роҳнамо ва ҳамоҳангсозро мебозад ва ба хонандагон дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварии маълумот ва таҳлили он кӯмак мерасонад. Таҳлили пешниҳодшуда , аз он шаҳодат медиҳад, ки амсилаи педагогии ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагони болаёқат дар дарсҳои биология бо истифода аз технологияҳои муосири таълим метавонад хеле самаранок бошад, ба натиҷаҳои сифати баланд ноил гардад, яъне салоҳияти таҳқиқотии хонандагонро ба таври назаррас беҳтар намояд ва рушд диҳад.

Калидвожаҳо: салоҳиятҳои таҳқиқотӣ, хонандагони болаёқат, литсей, технологияи муосири таълим, технологияи информатсионӣ-комуникатсионӣ, дарс, китобҳои электронӣ, кори мустақилона.

ЭКСПЕРИМЕНТАЛЬНО-ПИЛОТНОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ КОМПЕТЕНЦИИ ОДАРЕННЫХ УЧАЩИХСЯ НА УРОКАХ БИОЛОГИИ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ СОВРЕМЕННЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

В статье представлена информация об экспериментально-экспериментальном исследовании формирования исследовательской компетентности одаренных учащихся на уроках биологии с использованием современных образовательных технологий. Исследовательская компетенция дает возможность опытным читателям самостоятельно собирать данные, анализировать и оценивать их, а также делать на их основе обоснованные выводы. Исследовательская компетенция помогает читателям ориентироваться и принимать правильные решения в современном информационном мире,

который постоянно меняется. Кроме того, формирование исследовательской компетенции является сложным и поэтапным процессом, требующим от преподавателя высокого профессионального мастерства и использования различных методов обучения. В этом процессе учитель играет руководящую и координирующую роль, помогая учащимся выбирать тему, собирать информацию и анализировать ее. Представленный анализ свидетельствует о том, что педагогическая методика формирования исследовательской компетенции одаренных учащихся на уроках биологии с использованием современных технологий обучения может быть достаточно эффективной, достигать качественных результатов, то есть значительно улучшать и развивать исследовательскую компетенцию учащихся.

Ключевые слова: исследовательские компетенции, одаренные учащиеся, лицей, современные технологии обучения, информационно-коммуникационные технологии, урок, электронные книги, самостоятельная работа.

AN EXPERIMENTAL AND PILOT STUDY OF THE DEVELOPMENT OF RESEARCH COMPETENCE IN GIFTED STUDENTS DURING BIOLOGY LESSONS USING MODERN EDUCATIONAL TECHNOLOGIES

The article presents information about an experimental study of the formation of research competence in gifted students during biology lessons using modern educational technologies. That research competence enables experienced readers to independently collect data, analyze and evaluate it, and draw well-founded conclusions based on it. Research competence helps readers navigate and make the right decisions in the modern information world, which is constantly changing. Furthermore, the development of research competence is a complex and step-by-step process that requires the teacher to possess high professional skill and to use various teaching methods. In this process, the teacher plays a leading and coordinating role, helping students to choose a topic, gather information, and analyze it. The analysis presented indicates that the pedagogical methodology for developing research competence in gifted students during biology lessons, using modern teaching technologies, can be quite effective and can yield high-quality results that is, it can significantly improve and develop students' research competence.

Keywords: research competencies, gifted students, lyceum, modern teaching technologies, information and communication technologies, lesson, e-books, independent work.

Дар бораи муаллифон

Маҳмуродзода Рухшона Муродалӣ
Унвончӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2

Баротзода Камолиддин Ашур
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи биологияи умумӣ ва методикаи таълими биология
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
730043 Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе хиёбони Рудакӣ, 121

Об авторах

Махмуродзода Рухшона Муродали
Соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана
735700, Республика Таджикистан, ул. А. Адхамова, 11/2

Баротзода Камолиддин Ашур
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей биологии и методики преподавания биологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Mahmurodzoda Rukhshona Murodali
Applicant of the Institute for Education Development named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan
735700, Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov Street, 11/2

Barotzoda Kamoliddin Ashur
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of General Biology and Methods of Teaching Biology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ (УДК) 371.012

МЕТОДҲОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ВА РОҲҲОИ ТАТБИҚИ ОНҲО

Алиева М. Н., Абдуллозода А. У.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Муқаддима. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади худ қайд карда буданд, ки хеле бамаврид аст: «Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд» [9, с. 2].

Бо мақсади ба иҷро расонидани амру фармонҳои Пешвои миллат аз ҷониби ҳукумат ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёркунии кадрҳои мувофиқ ба талаботи замони муосир, соҳибкасб, тағйирпазиру кордор, салоҳиятманду баландихтисос корҳои басо назаррас ба анҷом расонида истодаанд, ки ҳалли ин муамморо мақсади асосии соҳаи маориф ҳисобидан ҳамин мумкин аст.

Яке аз чорабиниҳои зарурие, ки дар даҳсолаи охир андешида дар амал татбиқ карда шуд, ин ҷорӣ кардани муносибати салоҳиятнокӣ ба раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки оғоз аз соли хониши 2016-2017 тамоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ аз низоми анъанавӣ ба муносибати салоҳиятнокӣ руй оварданд. «Низоми салоҳиятнок ба омода кардани ҷавонон ба ҳаёти воқеӣ самтгирӣ карда, барои харидоргир будан ба корфармоён хатмкунандагонро зарур аст, ки сифатҳои шахсӣ ба монанди мустақилият, фикри шахсӣ доштан, эҷодкору навовар, соҳиби тафаккури фазоӣ, тахайюлот, қобилияти эҷодӣ, пурэнерҷӣ ва мутобиқ ба пешрафтҳои техникиву иҷтимоии замони муосир бошанд, мутахассисони ояндаи баландихтисос бо назардошти сифатҳои шахсии номбаршуда омода менамояд» [1, с.159].

Имрӯз зарурат пеш омадааст, ки барои боз ҳам беҳтар шудани шароити иқтисодии халқ аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ дар ҳамҷоягӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои зарурӣ андешида сол то сол барои беҳтаркунонии раванди таълим дар мамлакат амалӣ гардида истодааст. Бо ҳамин мақсад аз ҷониби мо-муаллифони мақолаи илмӣ тасмим гирифта шуд, ки оид ба метод ва роҳҳои татбиқи он дар раванди омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) таҳқиқоти илмӣ бурда, роҳҳои татбиқи методҳои муосирро муайян намуда бошем.

Бояд донист, ки сарчашмаи бомуваффақиятии рушди ҷомеа аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, аз раванди фаъолияти он вобастагии калон дорад, ки дар замони муосир раванди ташаккули низоми таълими мамлакат бо назардошти тағйирот дар назарияву амалияи соҳаи педагогӣ бо мақсади ҷавобгӯ будан ба таҳсилоти ҷаҳонӣ идома дошта, яке аз асоситарин ҳадафи соҳаи маориф тарбия намудани хонандагон кунҷкоб, озодфикр, эҷодкору навовар, ҳаматарафаташаккулёфта ва инчунин ҳамқадами замон будан, мебошад.

Солҳои охир дар соҳаи илму маориф ислоҳоти бузург бо мақсади навовариҳо барои беҳтар намудани раванди таълим бо ҷорӣ намудани технологияҳои нави таълим дида мешавад. «Яке аз самтҳои асосии таҳаввулоти инноватсионии таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз фаъолияти илмии муҳассилин маҳсуб меёбад. Талабот ба ташаккули малакаҳои таҳқиқотии муҳассилинро баҳогузорӣ кардан хеле мушкил аст. Ин намуна ба истифодаи технологияҳои нав дар раванди таълим, ки ба усулҳои анъанавӣ асос ёфтааст, раванди таълимро самаранок мегардонад ва самаранокии донишҳои ҳосилшударо баланд мебардорад» [3, с.127].

Маводҳо ва усулҳои таҳқиқот. Қайд кардан бамаврид аст, ки оид ба масъалаи таълиму тарбия, роҳҳои татбиқи методҳои фаъоли таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷониби олимону методистони ватанӣ корҳои методӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ бурда шуда, дар шакли мақолаҳои илмӣ, монографияҳои илмӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ ва китобҳои дарсӣ, инчунин рисолаҳои номзадиву докторӣ таҳия намуда, пешкаши хонанда карда шудааст, ба амсоли: А.А.Азизов, А.У.Абдуллозода, Ш.Ю.Азизов, М.Н.Алиева, В.Аҳруллоев, Т.А.Ашӯрова, Д.М.Давронӣ, М.А.Дадобоева, М.Н.Дадобоева, Б.Э.Дадобоева,

О.А.Исломов, И.Х.Каримова, М.Лутфуллозода, А.М.Миралиев, Б.Х.Нарзуллоев, Л.Х.Неъматов, М.М.Обидзода, Х.Сабурӣ, Ф.Шарифзода, Д.М.Юсупова ва дигарон.

Аз нигоҳи профессор А.А.Азизов: ««метод» аз калимаи юнонии «methodos» буда, маънои роҳ, тарз, метод, восита, назария, таълимот буда, дар умум методи назариявӣ ва амалии донистани воқеият, маҷмуи амалиёт, ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда» мебошад [2, с.12].

Олими намоёни тоҷик Ф.Шарифзода қайд кардааст, ки: «Метод- (калимаи юнонӣ methodos ба маънии «роҳи таҳқиқ, маърифат» аст. Дар асл метод шеваест, ки бо воситаи он ҳадафи мавриди назар ба даст меояд» [15, с.503].

Инчунин дар раҳнамои фаннӣ оид ба маънои мафҳуми мазкур чунин тавзеҳот дода шудааст: «Метод маҷмуи роҳу равиш ва тарзу методи омӯхтан, донистан, фаҳмидан, дарк кардан буда, барои самарабахш гардондани ҷараёни таълим мунтазам истифода мешавад. То имрӯз дар дидактика таснифоти ягонаи методҳои таълим вуҷуд надорад» [10, с.1].6

Ҳамин тариқ, мо қайд карда метавонем, ки метод ин маҷмуи методҳои фаъолияти омӯзгор ва хонандагон ба ҳисоб рафта, дар байни методҳое, ки дар таълими касбӣ истифода мешаванд, баъзеи онҳо новобаста аз фан ба ҳама мавзуъ татбиқ карда мешаванд, мувофиқ меоянд, Методҳоро баъд аз гузаронидани қисми пурсиши вазифаи хонагӣ ва ё мустаҳкамкунии мавзуи гузашта истифода бурда, бо мақсади пешбарандагӣ, ҳалли мушкилот, ҳавасмандкунӣ, муайянкунии натиҷаи таълим ва ғайраҳо истифода шавад.

Мақсади асосии азназаргузаронии назариявии мушкилоти мавҷуда вобаста ба масъалаи метод ва роҳҳои татбиқи он асоси тағйиротҳои зарурӣ дар раванди таълим бо мақсади бартарафкунии камбудиҳои ҷойдошта ба ҳисоб меравад. У.А.Раҳимов қайд кардааст, ки: «Навоварии педагогӣ ин тағйироти сифатӣ ё миқдорӣ дар амалияи педагогӣ барои баланд бардоштани сифати таълим мебошад. Маълум аст, ки масъалахои педагогиро бо методҳои куҳнашуда ҳал кардан мумкин нест. Барои ҳалли ин масъала мактабҳои муосир аз технологияҳои сершумори инноватсионӣ: методи лоиҳавӣ, омӯзиши муштарак, омӯзиши тафриқавӣ, портфолио, омӯзиши модулӣ ва ғайра истифода мебаранд» [8, с.370-371].

Тафовути таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на дар худи метод, балки дар хусусиятҳои татбиқи онҳо мебошад, ки бо пастшавии қобилияти таълимӣ, дараҷаи тайёрии таълимии онҳо ва зарурати гузаронидани корҳои ислоҳӣ муайян карда мешавад. Қобилияти банақшагирии кор дар хонандагони ғайрифаъол хеле суст рушд мекунад, ки бо мақсади рушддиҳии ин маҳорат аз методҳои мазкур истифода бурдан мумкин аст, ки вобаста аз рӯи методҳои интиқол ва дарки маводи таълимӣ методҳои таълим ба чунин гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст:

1. Методи шифоҳӣ;
2. Методҳои аёнӣ;
3. Методҳои амалӣ.

Дар раванди таълим аз методи шифоҳӣ бисёртар истифода мебаранд. Аммо дар раванди дарси технология (таълими меҳнат) бошад, методи шифоҳиро кам дар кам ва аз методи айёнию амалӣ бештар истифода карда мешавад.

Методи шарҳдиҳӣ ин пешниҳодкунии мухтасар оид ба маводи таълимии бо далелҳои дақиқ асосёфта ба ҳисоб рафта, вазифаи омӯзгор ин диққатҷалбкунии хонандагон ба раванди таълим мебошад. Методи мазкур барои хонандагон бо мақсади дарки шарҳи омӯзгор бо далелҳои ҳатмӣ оварда мешавад. Яъне омӯзгор бояд фаҳмонад, ки дар ҳолати риоя накардани қоидаву қонунҳо ва вайрон кардани тартиботи зарурӣ натиҷаи он ба оқибатҳои номатлуб оварда мерасонад. Аз тарафи омӯзгор методи фахмондадиҳӣ бо намоиши фаъолияти меҳнатӣ, асбобу афзорҳои гуногуни аёнӣ, инчунин омӯзиши супоришҳо ба хонандагон якҷоя кардан мумкин буда, бо мақсади мустаҳкамкунии мавзуъ савол медиҳад ва инчунин он далелҳое, ки таъкид карда шуд такрор кунанд.

Методи ҳикоя ин пешниҳодкунии маводи таълимӣ ба шакли ҳикоя буда, нақшофарӣ, эҳсосотӣ ва дорои маҳорати санъаткорӣ хос буда, бо мақсади ҳавасмандкунии хонандагон аз тарафи омӯзгор ҳангоми истифодаи методи мазкур саволҳо пешниҳод карда мешавад. Сараввал аз ҷониби омӯзгорҳикояро бо шакли ҷалиб оғоз менамояд, ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии иттилооти пешниҳодшавандаро нишон медиҳад. Бо методи мазкур фаъолкунии хонандагон ва диққатҷалбкунии онҳо ба миён меояд.

Аз ҷониби омӯзгор мувофиқи хоҳиши худ методи самараноки пешниҳодкунии маводи таълимӣ интихоб карда мешавад. Инчунин омӯзгор метавонад, пешниҳоди маълумотро бо далелҳо, мушоҳидаи шахсӣ ва таҷрибаҳо оғоз карда, дар асоси онҳо хулоса ва ҷамъбаст

кунад ва ё аз методи дедуктивиро истифода барад. Омӯзгор хонандагонро ба тафаккури фаъол роҳнамо намуда, падидаҳоро муқоиса намуда, ба хонандагон супориш медиҳад, ки фарқият ва монандии онҳо муайян карда шавад. Дар ин ҳолат методи ҳикоя бо дигар намудҳои методҳои шифоҳӣ, ба монанди: шарҳдиҳӣ, суҳбат ва ҳам методхои аёниву амалӣ пайваст мегардад.

Методи суҳбат ин баҳс байни омӯзгор ва хонанда оид ба маводи таълимӣ буда, хонандагон вазифадоранд, ки ба саволҳои пешниҳодшуда посух диҳанд, ба фикрҳои ҳамсабақон пайравӣ кунанд ва ё бо овардани далелҳо нуктаи назари худро асоснок намоянд.

Дар чунин вазъият бартарии асосии он суҳбат буда, фаъол шудани фикрронии хонандагон дар раванди дарс назар ба ҳикоя мебошад. Аз ин сабаб, аз методи суҳбат дар раванди дарсҳои технология (таълими меҳнат) бисёртар истифода кардан мумкин буда, бо назардошти мундариҷа, мақсад ва вазифа суҳбат 4 намуд мешавад:

1.Суҳбати муқаддимавӣ;

2.Суҳбати фаҳмондадиҳӣ;

3.Суҳбати ҷамъбасткунанда;

4.Суҳбати эвристикӣ

Вазифаи омӯзгор вобаста ба ҳар намуди суҳбат ин омодакунии саволҳо ва муайянкунандаи раванд ва бароварандаи хулосаи ба ҳисоб меравад Дар асл аз тарзи дурусти саволгузории омӯзгор раванди дарккунии хонанда вобаста буда, агар ба саволи пешниҳодшуда хонанда ҷавоби кӯтоҳ диҳад, пас суҳбат ҳосил намешавад. Суҳбат бояд аз ҷониби омӯзгор пай дар пай, озодона ва шавқоварона ба роҳ монда шавад, чунки бо воситаи суҳбат омӯзгор ба хонандагон таълим медиҳад. Омӯзгорро зарур аст, ки оид ба масъалаҳои пешниҳодшаванда вобаста ба фан хонандаро ба баёни озоди фикр, бо овардани далелҳо ва инчунин бе таҳқиру айбҷуӣ бояд гӯш диҳад ва дар ҳолатҳои зарур камбудӣ ва хатоҳои ҷойдоштаро ислоҳ намояд.

Методи намоишдиҳӣ ин яке аз методҳои самараноктарини таълим ба ҳисоб рафта, намоиш додани харитаи технологӣ, ҷадвалу таблитсаҳо, расмҳо инчунин таҷрибаҳову мушоҳидаҳо мебошад. Бояд таъкид кард, ки методи намоишдиҳӣ бо методи шифоҳӣ робитаи зич дорад. Аз методи мазкур бисёртар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хосатан дар синфҳои ибтидоӣ васеъ истифода бурда мешавад. Инчунин дар раванди фанни технология (таълими меҳнат) бо намоиш додани асбобу афзорҳои корӣ, намунаҳои корҳои иҷрошуда аз масолеҳҳои гуногун, харитаҳои технологӣ вобаста ба мавзуъ, инчунин расмҳои раванди пай дар пайи кор намоиш карда мешавад.

Боис ба таъкид аст, ки он асбобу афзорҳои айёние, ки омӯзгор бо мақсади намоиш нишон медиҳад, бояд ҳатман ба қобилияти корӣ ва тафаккуру ҷаҳонбинии хонандагон пура мутобиқ карда бошад. Инчунин бояд гуфт, ки усусли намоишдиҳӣ низ вақти муайяншуда ва марҳилаҳои заруриро талаб мекунад. Омӯзгор наметавонад дар вақти дилхоҳ ва муддати дароз аз асбобу афзорҳои айёнӣ ва ё айёнияту расмҳо истифода барад, он ҳам маҳорати баланди истифодаро металабад.

Истифода ва намоиши асбобу афзорҳои айёнӣ ин раванди фаъоли ҷараёни таълим буда, хонандагон на танҳо бо онҳо шинос шуда, тамошо мекунанд, инчунин бояд дар раванди таълим бояд мустақилона истифода бурда, ҳамкорӣ карда тавонанд. Дар раванди дарси технология (таълими меҳнат) ба хонандагон на танҳо асбобу афзорҳои заруриро ба қисмҳо ҷудо кардан, дар ҷояш гузоштан ва ё васл кардан омӯхтан зарур аст, инчунин бояд кор бо айёниятҳои таълимӣ, ҷадвалу дигар маводҳои зарурӣ низ бояд омӯзонида шавад. Дар раванди таълим дар ҳолати омӯзиши ягон хосиятҳои мавод бо истифодаи методи намоишдиҳӣ ошкор сохта намешавад, дар чунин ҳолат истифодаи таҷрибаҳо ба миён меояд, ки дар ҳолати гузаронидани таҷрибаҳо тағйироте, ки дар маводҳо ба амал меояд, ба таври аёнӣ дидан мумкин аст. Дар чунин ҳолат омӯзгорро зарур аст, ки дар вақти гузаронидани таҷриба бояд якбора раванди бавуҷудомадаро муҳокима карда шуда, натиҷаҳои ба дастомада баррасӣ карда шавад.

Методи мушоҳида бо мақсади дарккунии мақсадноки хонандагон оид ба ягон объект, раванд ва ё падидаҳо буда, имконият фароҳам меоварад, ки дар ҳолати баамалоии ягон тағйирот мушоҳида карда шавад. Дар муассисҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди фанни технология (таълими меҳнат) аз методи мазкур васеъ истифода карда мешавад, ҳангоми азназаргузаронии асбобу афзорҳо, мавод ва маҳсулоти лозимӣ барои сохтан, пухтан ва ё дӯхтан, ҳангоми дар саёҳати таълимӣ қарор доштан раванди технологии кор мушоҳида менамоянд ва меомӯзанд. Омӯзгорро зарур аст, ки ҳангоми интихоби методи мушоҳида бояд

объект бодиққатона интихоб гардида, вазифагузориҳо дақиқ бошад, оид ба тарзи мушоҳида ва сабткунии натиҷаҳои мушоҳида бояд бахонандагон шарҳ дода шавад. Инчунин омӯзгорро зарур аст, ки аҳаммият ва диққати хонандагонро ба объекти мушоҳидашаванда равона гардида, дар ҳолати ба миён омадани ҳолатҳои фарқкунанда бояд натиҷаи он ба хонандагон шарҳ ва тафсир дода шавад.

Яке аз ҷиҳати мусбии методи мушоҳида ин муҳокимаронии натиҷаи бадастомада ба ҳисоб рафта, аз омӯзгор маҳорати гирифтани хулосаи дуруст ва асоснок аз хонандагонро талаб карда, рушди баланди мантиқии тафаккури онҳоро нишон медиҳад. Натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби омӯзгор бояд такроран аз назар гузаронида шавад, чунки дар чунин ҳолат мустаҳкамии дониш ба миён меояд. Бояд гуфт, ки фанни технология (таълими меҳнат) на танҳо методҳои ҷудогона балки татбиқи методҳои омезишӣ, ба монанди: методи шифоҳӣ бо аёнӣ, методи баён бо методи намоишдиҳӣ ва монанди инҳоро талаб менамояд.

Дигар аз хусусияти асосии фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин зарурати намоишдиҳии такрорӣ ба ҳисоб рафта, аз омӯзгори дарсдиҳанда ҳангоми такроркунии амалҳо бояд бо асосноккунии пай дар пайи амалҳо ва якбора баён намудани сохторҳои корҳои иҷрошуда ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби омӯзгор бояд амалиёте, ки бори аввал ба иҷро расонида мешавад, такрор ба такрор намоиш дода шавад, то ки хонандагон ба дараҷаи зарурӣ мушоҳида намуда, омӯзанд.

Сараввал омӯзгорро зарур аст, ки амалиёти иҷромешударо дар ҳолати суръати воқеии корӣ намоиш диҳад, баъдан суръатро пасттар намуда, амалҳои зарурӣ фаҳмонида мешавад. Баъд аз намоиши такрорӣ ва боварии комил ҳосил кардан, ки хонандагон барои иҷрои кори амалӣ омода ҳастанд, аз ҷониби омӯзгор иҷозат дода мешавад, ки кори амалиро иҷро карда бошанд. Баъд аз намоиши кори омӯзгор барои пайдо кардани маҳорати корӣ хонандагонро зарур аст, ки бо истифода аз техника ва асбобу афзорҳои зарурӣ машқ карда, ба омӯзгор раванди корро шарҳ дода тавонанд.

Бе татбиқи методи намоишдиҳӣ омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконнопазир буда, барои пайдо намудани маҳорат ва малакаи корӣ, соҳиби дониш шудан оид ба раванди иҷрои кор истифода бурда мешавад.

Методи амалӣ низ бештар дар раванди дарси технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ татбиқ карда мешавад., ки ба он машқи кор ва корҳои амаливу лабораторӣ дохил мешавад.

Машқҳо такрорӣ, бошуурона ва мақсаднок буда, дар натиҷаи машқкунӣ хонандагон соҳиби маҳорат ва малакаи кор мегарданд. Супориши машқкунӣ дар раванди дарси технология (таълими меҳнат) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шакли супоришҳои мушаххас, ба мисоли машқкунии кӯки дастӣ ва ё мошинӣ (барои духтарон), рандакунӣ, арракунӣ (барои писарон) дода мешавад. Ҳамон вақт раванди азхудкунӣ самаранок мегардад, агар методҳои нави иҷрокунии амалҳо бо машқкунии махсуси такрор ба такрор гузаронида шавад.

Бо мақсади омӯзиши методҳои нави меҳнатӣ бо роҳи машқкунӣ ба рушд ва ташаккули тасаввурот оид ба мазмуни меҳнат ва раванди иҷрои амалии кор соҳиб шудан мумкин аст. Инчунин ҳангоми машқкунӣ қобилияти хонандагон ташаккул ёфта, дар онҳо банақшагирии кор, ташкил ва назорати кори банақшагирифташуда, масъулиятӣ, худидоракунӣ, таҳаммулпазирӣ ва диққатдиҳӣ ба кор бештар мегардад. Дар раванди машқкунӣ унсурҳои махсус, ба монанди: тарҳсозии маҳсулоти нав, омӯзиши технологияи кор ва маводи нав пайдо мегардад. Пеш аз оғози машқкунӣ бояд аз ҷониби омӯзгор мақсад ва вазифаи фаъолияти иҷромешуда шарҳ дода шавад. Инчунин методи машқкунӣ бо мақсади пай дар пай баландбардории тарбияи мустақилияти хонандагон машқ гузаронида шуда, дар рафти он ҳангоми азхудкунии дониш, соҳиби маҳорату малака шудан маводҳои дар пеш омӯхташуда такрор кард мешавад. Мақсади асосии методи машқкунӣ ин баландбардории сифати кори иҷромешуда ва рушд додани маҳорату малакаи хонандагон буда, барои иҷрои кори босифат доштани тамоми асбобу афзорҳо ва маводҳои заруриро талаб менамояд.

Кори лабораторӣ машқи махсус буда, аз тарафи хонандагон барои соҳиб шудан ба дониш гузаронида шуда, аз ҳама муҳим дар иҷрои кори лабораторӣ интихоби дурусти мавод, таҷҳизот ва асбобу афзорҳо буда, бо мақсади мушоҳида аз рафти тағйироти кори лабораторӣ имконият фароҳам оварда мешавад. Вазифаи омӯзгор ҳангоми иҷрои корҳои лабораторӣ аз дурустии корҳои иҷрошуда истода назорати қатъӣ бояд барад, чунки ҳангоми беэътиборӣ зоҳир намудан хонандагон ба натиҷаҳои нодуруст соҳиб мешавад. Аз ҳама лаҳзаи муҳимтарин ин таҳлилкунии натиҷаҳои соҳибшуда буда, дар вақти ҷамъбасти кори

лабораторӣ аз ҷониби хонандагон хулосаҳо шарҳ дода шуда, ҳамроҳ муҳокима карда, сипас дар охир аз муҳокимаҳо хулосаи ҷамъбастӣ пешниҳод карда мешавад.

Натиҷаҳо ва муҳокима. Акнун мо мегузарем ба таҳқиқи яке аз методҳои фаъоли таълим «методи лоиҳавӣ». Методҳои фаъоли таълим шартияти муайян дорад, аммо хислатҳои зоҳирии методҳо шуморида намешавад. Омӯзгор вазифадор аст, ки бо мақсади самаранокии раванди таълим ва дуруст ба роҳ мондани раванди таълим дар раванди фаъолияташ аз методҳои фаъоли муосир бояд фароҳам истифода барад ва аз методе, ки мо мавриди баррасӣ қарор медиҳем, методи «лоиҳаи эҷодӣ» аст. Дар солҳои қаблӣ фаҳмиш оид ба методи лоиҳаи эҷодӣ, ҳамчун низоми таълим дар он буд, ки хонандагон дониш, маҳорат ва малакаро ҳангоми ба нақша гирифтан ва иҷрокунии саривақтии вазифаҳои амалии мушкилшуда, яъне лоиҳа эҷодкорона фаъолият бурдан буд.

Пайдоиши аввалин «методи лоиҳа»-ро ба нимаи дуввуми асри XIX дар муассисаҳои таълимии хоҷагии қишлоқи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нисбат додаанд. Дар асоси «методи лоиҳа» консепсияи назариявии соҳаи педагогика ҷой гирифта, моҳияти асосии он «хондан тавассути таълим» буда, дар он фаъолӣ, яъне фаъолияти фаъоли хонанда, ки хонанда интихоб кардааст, маркази аслии кори таълимӣ буда, пешбинӣ карда шудааст.

Лоиҳа ин кори лоиҳавӣ, яъне методи байнифаннӣ, демократияи таълимии ба фаъолияти муайян равонагардида ба ҳисоб меравад. Дар иҷрои кори лоиҳавӣ хонанда барои иҷрои коркарди ягон намуди супоришҳо ва ё муаммоҳо муттаҳид гардида, иштироки фаъолона намуда, донишҳои назариявии заруриро аз худ мекунанд. Хусусияти асосии кори лоиҳавӣ ин ба шакли мустақилона иҷрои супориш ва ё муаммо аз ҷониби гуруҳҳо буда, аз банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидан ва муаррифии натиҷаҳои бадастомадаро дар бар гирифта, одатан мавзуи лоиҳа аз тарафи гуруҳи хонандагон интихоб карда мешавад. Дар анҷоми кор натиҷаҳое, ки соҳиб мешаванд, аз тарафи гуруҳ арзёбӣ гардида, ба шакли оммавӣ муаррифӣ мешавад.

Маънои мафҳуми «лоиҳаи эҷодӣ» ин кори мустақилонаи хонанда ба ҳисоб рафта, аз офариниши маснуот иборат буда, дар давоми соли таҳсил таҳти роҳбарии омӯзгор гузаронида мешавад.

Дар раҳнамо барои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат, барои духтарон) дар синфи 5-ум вобаста ба калимаи «кори лоиҳавӣ» чунин қайд гардидааст: «кори лоиҳавӣ-ин дарси мустақилонаи гуруҳии хонандагон буда, берун аз дарс таҳия шуда, дар асоси донишу малакаи муайяни ҳосилкардаи хонандагон дар марҳилаи муайяни таълим гузаронида мешавад» [10, с. 9]. «Лоиҳаи эҷодӣ, ин кори мустақилонаи ҷамъбастие аст, ки сифати иҷроиш аз дараҷаи азхудкунии мундариҷаи қисмҳои гуногуни барнома аз тарафи хонанда то кадом дараҷа мустаҳкам будани донишу малака ва маҳорати онҳо дар раванди дарсҳои технология (таълими меҳнат) вобастагии калон дорад» [7, с. 10].

Аз тарафи муаллифони раҳнамои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат, барои духтарон) дар синфи 8-ум М. Д. Рузиева ва М. Насимӣ чунин қайд шудааст: «Супориши лоиҳакашӣ-методи омӯзиш марбут ба дарсҳои технология (таълими меҳнат) барои синфҳои ибтидоӣ фанни санъат ва меҳнат буда, принсипи методии он дар баръакс гардонидани объекту низомҳои техникӣ ба супориш оид ба ихтироъкорӣ ифода ёфта мешавад. Хонандагон аз рӯйи принсипи ихтироъкорӣ дар ягон раванд дар бораи ҳаллу фасли муаммо кор мекунанд. Дар хонанда қобилияти техникӣ, амалӣ ва лоиҳакашӣ инкишоф дода шуда, то ҳадди имкон маҳдуд кардани муаммо, ҷудо кардани он ба қисматҳои таркибӣ ва ба ҳамин васила ҳадафнок омода кардани ҳалли умумиро меомӯзанд» [13, с. 32].

Дар зер мавзуъҳои корҳои лоиҳавие, ки дар раҳнамо барои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат, барои духтарон) дар синфи 5-8-ум оварда мешавад:

Дар раҳнамо барои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат, барои духтарон) дар синфи 5-ум ҳамагӣ 2 соат ҷудо шудааст: дар боби 8-ум: Лоиҳаи эҷодӣ «Дарси №31. Дӯхтани болиштча барои диван ва дарси №32. Ҳисоби иқтисодӣ» [10, с. 165-178].

Дар раҳнамо барои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат, барои духтарон) дар синфи 6-ум ҳамагӣ 1 соат ҷудо шудааст: дар боби 5-ум: Лоиҳаи эҷодӣ «Дарси №29. Дӯхтани чойникпӯшак ва чойникмонак» [11, с. 181-192].

Дар раҳнамо барои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат, барои духтарон) дар синфи 7-ум ҳамагӣ 2 соат ҷудо шудааст: дар боби 6-ум «Дарси №31.Қуроқдӯзӣ. Шаклҳои пайвастани матоъпораҳо ва дарси №32. Қуроқдӯзӣ. Дӯхтани дегпӯшак» [12, с. 148-163].

Дар раҳнамо барои омӯзгор аз фанни технология (таълими меҳнат, барои духтарон) дар синфи 8-ум ҳамагӣ 1 соат ҷудо шудааст: дар боби 5-ум: Лоиҳаи эҷодӣ «Дарси №26.Куртаи миллии гиребондори остинаш қанотак» [13, с. 116-122].

Мақсади асосии истифодаи методи лоиҳавӣ инкишофёбии тафаккури эҷодӣ, пайдоиши маҳорати таҳлилкуниву мушоҳидакорӣ, ташаккулёбии эҷодкории техникӣ, рушди тасаввуроти фазоиву тарбияи иқтисодӣ ва инчунин зебопарастӣ мебошад.

Методи лоиҳавиро метавон бо якчанд қадамҳои иҷро намуд:

Давраи ташкилӣ-омодагӣ: қадами аввалин интихоб ва асосноккунии лоиҳа буда, мавзуи лоиҳа баъди омӯхтани талаботи маҳсулоти омодашаванда, шароити истеҳсол ва мавҷуд будани мавод интихоб карда мешавад.

Зинаи дигар ин раванди тарҳрезӣ ё амсиласозии маҳсулот буда, тарҳҳои дар китобу маҷаллаҳо овардашударо истифода бурдан, ба инҳо тағйирот дохил кардан ва ё ягон тарҳи нав мумкин аст. Ҳангоми тарҳрезӣ барои тасвири маҳсулот ба мушкилиҳо дучор шудан мумкин буда, ин қисмро дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) ва санъати тасвирӣ бо ёрии омӯзгор иҷро кардан мумкин буда, роҳҳои гуногуни нусхабарориро истифода кардан мумкин аст.

Давраи ташкилӣ-тайёрӣ-банақшагирии технологияи омодакунии маҳсулот ва коркарди раванди технологӣ аст. Давраи технологӣ-фаъолиятест, ки дар раванди технологӣ пешбинӣ шуда, иҷрои раванди кор риояи маданияти технологиву меҳнатиро талаб менамояд. Давраи хотимавӣ-назорати охирон ва озмоиши ашёи омодашударо дар бар гирифта, ҷанбаҳои таблиғотии лоиҳа иҷро карда шуда, ҳисобу китобҳои иқтисодӣ ба амал оварда шуда, арзиши аслии маснуоти омодамешуда муайян гардида, роҳи имконпазири фурӯши маснуот пешниҳод мешавад.

Ҳимояи лоиҳа аз рӯйи давраҳои номбаршуда гузаронида шуда, бояд ба ҳимоя асосноккунии лоиҳа, ҳуҷҷатгузории техникӣ, таблиғоти рекламавӣ, ҳисоби пурраи иқтисодӣ ва маҳсулоти омодагашта пешниҳод карда шавад.

Вазифаи хонанда аз он иборат аст, ки ҷиҳати мусбиву манфии лоиҳаи омодакардаашро бояд худ пешниҳод намояд. Ҳимояи лоиҳа ин баромад дар назди аҳли хонандагони синф бо намоиш додани маснуоти омодашуда гузаронида шуда, ба ҳамаи саволҳои ба лоиҳа вобаста барои ҷавоб дода тавонад.

Дар натиҷаи кор хонанда мавзуъро интихоб, маълумотро ҷамъ ва ғояҳои пешниҳодшударо ҷамъбаст карда, кашидани нақша, харитаи технологӣ, таблиғи лоиҳа, ҳисобкунии иқтисодиро меомӯзанд, зарурияти лоиҳаи эҷодиро дарк карда, мефаҳмонанд, мустақилона фикрашро оид ба корҳои эҷодӣ баён карда, лоиҳаи эҷодии интихобнамударо иҷро менамояд.

Ба омӯзгорон пешниҳод мешавад, ки ҳангоми кашидани тарҳи маснуот ба талаботи истеҳсолот диққати ҷиддӣ дода, ҳангоми таҳияи маснуот талаботи асосиро ба назар гирифта, ба талаботи технологӣ мувофиқ будан**,** яъне сохтани маснуот дар таҷҳизоти ҳамакор, яъне ҳаматарафа осон ва сода бе ягон харҷҳо.

Ҳангоми иҷрои лоиҳа хонандаро зарур аст, ки ба ҷиҳати камхарҷӣ, эргономика, бехатариву экологиро аз мадди назараш дур намонад.

Хулоса. Интихоби методҳои таълим аз мақсади дарс, муҳтавои мавод ва натиҷаҳои таълим вобаста буда, аз ҳама муҳим ин амалӣ кардани онҳо ба рушди қобилиятҳои хонанда буда, ёрӣ расонад ва бовариро нисбат ба худ тақвият дода, ба фаъолияти минбаъдаи онҳо ҳавасманд гардонад. Бо нуқтаи назари олими намоёни тоҷик М.Лутфуллоев моҳияти мақолаи илмиро хотима мебахшем: «Роҳ ва тарзҳо, метод ва воситаҳо дар ин соҳа зиёданд. Аз ҳама асосӣ ва муҳимаш коштани донаи умед дар дили хурдакаки хонандаи маъсум мебошад. Тарбияи боварӣ ба худ ва ва қувваи худ, калиди сеҳрнокест, ки тавассути ӯ дари илму фан ба рӯи хонанда боз мешавад» [6, с. 56].

Ҳамин тариқ, методи лоиҳаи эҷодӣ хонандаро ҳавасманд намуда, дар онҳо маҳорати гузоштани мақсади асосӣ дар фаъолиятро мусоидат намуда, маҳорату малакаи дарккунӣ, ки ба ташаккули қобилиятҳо ёрӣ мерасонад, оварда мерасонад.

Барои татбиқи имкониятҳои методҳои фаъол тарзҳои дигар аз ҷумла, иҷроиши амалҳои фаҳмонидани мақсадҳои фаъолият, гузоштани саволҳои муайян ва муаммовӣ, масъалаҳое, ки бо касбҳо алоқаманд аст, мушоҳидаҳои ҳаётӣ, бунёди ваъзиятҳои муаммовӣ, ташкили кор бо сарчашмаҳои илмӣ, истифодаи вазифаҳо дар асоси истеҳсолот шакли шавқангезӣ машғулият: бозиҳои корӣ, лаҳзаҳои мусобиқавӣ ва ғайра мавҷуд аст.

Адабиёт

1. *Абдуллоева, А.У. Татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ ҳангоми омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) / А.У.Абдуллоева, М.Н.Алиева // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2025, №4 (26). - С. 159-272.*
2. *Азизов, А.А. Технология: таълим бо усулҳои нав /М.У.Иргашева, А.А.Азизов// Дастури методӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат).-Душанбе: Маориф, 2016.- 76 с.*
3. *Алиева, М.Н. Истифодаи методҳои инноватсионӣ дар дарсҳои санъат ва меҳнат /М.Н.Алиева, М.М.Ашрафова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. - 2020. - №1-4 (80). - С. 127-131.*
4. *Алиева, М.Н. Корҳои беруназсинфӣ-воситаи асосии бедоршавии шавқи хонандагон ба фанни технология (таълими меҳнат) / М.Н.Алиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2023.- №11 (1). - С.265-271.*
5. *Алиева, М.Н. Татбиқи бозиҳои таълимӣ дар раванди омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) /М.Н.Алиева// Фурӯғи илм (маҷаллаи байналмилалии илмӣ), Душанбе, №4 (08), 2025.- С.507-512.*
6. *Лутфуллоев, М. Дарс / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Маориф, 1995. - 191 с.*
7. *Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим: Лоиҳа. - Душанбе: Маориф, 2017. - 136 с.*
8. *Рахимов, У.А. Современные методы и технологии обучения изобразительному искусству в высших учебных заведениях /У.А.Рахимов, М.Н.Алиева // Электронное научно-практическое периодическое международное издание «Теория и практика современной науки», Россия, г.Саратов: «Институт управления и социально –экономического развития», №2 (56), 2020.- С.370-374*
9. *Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. [Манбаи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/node/19088 (санаи мурочиат: 24.03.2026).*
10. *Рӯзиева, М.Д. Раҳнамои фанни технология (барои духтарон) синфи 5-ум / М.Д.Рӯзиева, М.Насимӣ. - Душанбе: Маориф, 2017. - 180 с.*
11. *Рӯзиева, М.Д. Раҳнамои фанни технология (барои духтарон) синфи 6-ум / М.Д.Рӯзиева, М.Насимӣ. - Душанбе: Маориф, 2017. - 176 с.*
12. *Рӯзиева, М.Д. Раҳнамои фанни технология (барои духтарон) синфи 7-ум / М.Д.Рӯзиева, М.Насимӣ. - Душанбе: Маориф, 2017. - 180 с.*
13. *Рӯзиева, М.Д. Раҳнамои фанни технология (барои духтарон) синфи 8-ум / М.Д.Рӯзиева, М.Насимӣ. - Душанбе: Маориф, 2017. - 180 с.*
14. *Рӯзиева М.Д. Технология (таълими меҳнат, барои духтарон). Китоби дарсӣ барои синфи 5-ум / М.Д.Рӯзиева С. Исломов, К. Обидова. - Душанбе: Маориф, 2016. - 192 с.*
15. *Шарифзода Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф.Шарифзода, А.М. Миралиева. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 562 с.*

МЕТОДҲОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ВА РОҲҲОИ ТАТБИҚИ ОНҲО

Муаллифони мақолаи илмӣ оид ба методҳои фанни технология (таълими меҳнат) омода намуда, роҳҳои татбиқи онҳо дар амал муайян намуданд. Дар мақолаи илмӣ моҳияти мафҳумҳои «метод» ва «методи лоиҳавӣ» аз нигоҳи олимони ватанӣ ва сарчашмаҳои луғативу адабиёти илмӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Бамаврид қайд гардидааст, ки интихоби методҳои таълим аз мақсади дарс, муҳтавои мавод ва натиҷаҳои таълим вобаста буда, аз ҳама муҳим ин амалӣ кардани онҳо ба рушди қобилиятҳои хонанда буда, ёрӣ расонад ва бовариро нисбат ба худ тақвият дода, ба фаъолияти минбаъдаи онҳо ҳавасманд гардонад. Метод ин маҷмуи методҳои фаъолияти омӯзгор ва хонандагон ба ҳисоб рафта, дар байни методҳое, ки дар таълими касбӣ истифода мешаванд, баъзеи онҳо новобаста аз фан ба ҳама мавзуъ татбиқ карда мешаванд, мувофиқ меоянд. Методҳоро баъд аз гузаронидани қисми пурсиши вазифаи хонагӣ ва ё мустаҳкамкунии мавзуи гузашта истифода бурда, бо мақсади пешбарандагӣ, ҳалли мушкилот, ҳавасмандкунӣ, муайянкунии натиҷаи таълим ва ғайраҳо истифода шавад.

Калидвожаҳо: метод, методи лоиҳавӣ, лоиҳа, татбиқ, технология (таълими меҳнат), хонанда, омӯзгор, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.

МЕТОДЫ ТЕХНОЛОГИИ (ТРУДОВОГО ОБУЧЕНИЯ) И ПУТИ ИХ ПРИМЕНЕНИЯ

Авторы научной статьи подготовили научную работу о методах технологии (трудового обучения) и определили пути их практического применения. В научной статье научно обосновывается сущность понятий «метод» и «проектный метод» с точки зрения отечественных ученых и источников лексикографии и научной литературы. Стоит отметить, что выбор методов обучения зависит от цели урока, содержания материала и результатов обучения, и самое главное, чтобы их применение способствовало развитию способностей учащихся, помогало и укрепляло

уверенность в себе, стимулировало их дальнейшую деятельность. Метод-это совокупность методов взаимодействия учителя и ученика, и среди методов, используемых в профессиональном образовании, некоторые из них применимы ко всем предметам, независимо от их характера. Методы используются после выполнения домашнего задания или для закрепления ранее изученной темы и применяются в целях продвижения знаний, решения проблем, мотивации, определения результатов обучения и т. д.

Ключевые слова: метод, проектный метод, проект, реализация, технология (трудовое обучение), ученик, учитель, среднее учебное заведение.

TECHNOLOGICAL METHODS (WORK-BASED TRAINING) AND THEIR APPLICATION

The authors of this scientific article have prepared a research paper on technological methods (work-based training) and identified ways to apply them in practice. The article provides a scientific substantiation of the concepts of "method" and "project-based method" from the perspective of Russian scholars, lexicographic sources, and scientific literature. It is worth noting that the choice of teaching methods depends on the lesson objective, the content of the material, and the learning outcomes. Most importantly, their application should contribute to the development of students' abilities, support and strengthen their self-confidence, and stimulate their future work. A method is a set of methods for interaction between teacher and student. Among the methods used in professional education, some are applicable to all subjects, regardless of their nature. Methods are used after completing homework or to reinforce previously learned topics and are applied to advance knowledge, problem-solving, motivation, determining learning outcomes, and so on.

Keywords: method, project-based method, project, implementation, technology (work-based training), student, teacher, secondary school.

Дар бораи муаллифон

Алиева Мунзифахон Насимовна
Дотсенти кафедраи технология ва методикаи таълими он
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
E-mail: m.alieva1723@mail.ru

Абдуллозода Адиба Усмон
Дотсенти кафедраи технология ва методикаи таълими он
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1
E-mail: a.abdullaeva-90@mail.ru

Об авторах

Алиева Мунзифахон Насимовна
Доцент кафедры технологии и методики ее обучения
Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова
735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова 1
E-mail: m.alieva17232@mail.ru

Абдуллозода Адиба Усмон
Доцент кафедры технологии и методики ее обучения
Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова
735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проезд Мавлонбекова 1
E-mail: a.abdullaeva-90@mail.ru

About the authors

Aliyeva Munzifakhon Nasimovna
Associate Professor of the Department of Technology and Teaching Methods
Khujand State University named after Academician B. Gafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1
E-mail: m.alieva1723@mail.ru

Abdullozoda Adiba Usmon
Associate Professor of the Department of Technology and Teaching Methods
Khujand State University named after Academician B. Gafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1
E-mail: a.abdullaeva-90@mail.ru

ТДУ 519.673 6813 +004

МОДЕЛСОЗӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ

Абдуллоев А. Г.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар шароити рушди босуръати илм ва технология такмил додани сифати таълим ва ташаккули салоҳиятҳои муосири хонандагон яке аз вазифаҳои муҳимми низоми маориф ба ҳисоб меравад. Талаботи ҷомеаи муосир аз муассисаҳои таълимӣ омода намудани шахсони дорои тафаккури эҷодӣ, қобилияти мустақилона андешидан ва малакаҳои амалии истифодаи донишҳоро тақозо менамояд. Дар ин замина, нақши амалҳои универсалии таълимӣ ва истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш, аз ҷумла моделсозӣ ва конструксиясозӣ, аҳаммияти махсус касб менамояд. Моделсозӣ ҳамчун яке аз усулҳои муҳимми фаъолияти маърифатӣ ва тадқиқотӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки донишҳои назариявиро бо фаъолияти амалӣ пайваст намуда, қонуниятҳо ва равандҳои гуногунро амиқтар дарк намоянд. Дар фанни «Технология» моделсозӣ ва конструксиясозӣ на танҳо воситаи омӯзиши донишҳои техникӣ мебошанд, балки барои ташаккули тафаккури техникӣ, қобилиятҳои эҷодӣ, фарҳанги меҳнатӣ ва малакаҳои лоиҳакашӣ низ мусоидат мекунанд.

Бо ворид гардидани технологияҳои рақамӣ, моделсозии сеандоза, робототехника ва системаҳои автоматиконидашуда, аҳаммияти ин самт боз ҳам афзудааст. Аз ин рӯ, омӯзиши асосҳои назариявӣ ва имкониятҳои амалии моделсозӣ ва конструксиясозӣ дар таълими фанни «Технология» масъалаи мубрами педагогикаи муосир ба шумор рафта, барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим ва омода намудани хонандагон ба талаботи асри XXI аҳаммияти калон дорад.

Дар замони муосир дар илми педагогика ва психология бештар чунин нуқтаи назар паҳн гардидааст, ки самаранокии раванди таълим пеш аз ҳама ба ташаккули амалҳои универсалии таълимӣ вобаста мебошад. Ин гуна амалҳо нисбат ба дониш ва малакаҳои маҳдуди як фан аҳаммияти бештар дошта, барои инкишофи ҳаматарафаи хонанда мусоидат мекунанд. Хусусияти асосии онҳо дар он ифода меёбад, ки дорои мазмуни метафаннӣ мебошанд, яъне рушди маърифатӣ, фарҳангӣ ва шахсии хонандаро ба таври ҳамгиро таъмин менамоянд. Ғайр аз ин, онҳо байни ҳамаи зинаҳои таҳсил робитаи мустаҳкам ба вуҷуд оварда, барои ташкил ва идора намудани фаъолияти таълимӣ, новобаста аз мазмуни фаннӣ, замина фароҳам месозанд. Маҳз ҳамин амалҳо ба азхудкунии пайдарпайи маводи таълимӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон мусоидат мекунанд.

Барои дарк намудани мафҳумҳои илмӣ ва усулҳои амал дар доираи онҳо, хонанда бояд қобилияти таҳқиқи шароити масъала, муайян кардани алоқаи байни хусусиятҳои объект ва дарёфти роҳҳои тағйир додани онро дошта бошад. Ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо масъалаҳои нав, ӯ бояд тавонад усулҳои қаблан омӯхташударо мутобиқ созад ё роҳҳои нави амалро кашф намояд [3, с. 22–25]. Дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои таълимӣ хонанда як силсила амалҳоро иҷро мекунад: таҳлил намудани шартҳо, ҷудо сохтани масъала ба қисмҳои ёрирасон, муайян намудани ҳадафҳои миёна ва роҳҳои расидан ба онҳо. Дар байни чунин амалҳо моделсозӣ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад, зеро қисми зиёди масъалаҳои таълимӣ маҳз бо истифода аз он ҳал мешаванд. Моделсозӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини фаъолияти таълимӣ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, масъалаи истифодаи он то ҳол пурра омӯхта нашуда, дар назария ва амалияи таълим баҳсҳои гуногунро ба вуҷуд меорад. Асосҳои назариявии моделсозии таълимӣ дар таҳқиқоти олимон З. Д. Голдин, Д. Б. Давыдов ва А. Ч. Вардянян инъикос ёфтаанд. Минбаъд П. Я. Галперин заминаи илмии ин назарияро таҳия намуда, таълим ва рушдро ҳамчун низоми ягонаи ташаккули шахсият маънидод кард. Ба андешаи ӯ, вазифаи асосии омӯзиш танҳо интиқоли дониш нест, балки ташкили фаъолияти мустақили хонандагон барои азхуд намудани усулҳои таҳлил, муқоиса ва ҷамъбасти маводи таълимӣ мебошад. Дар ин раванд моделсозӣ воситаи муҳим ба шумор меравад [2, с. 15–18].

Моделсозии таълимӣ ба принсипҳое асос меёбад, ки Галперин дар назарияи ташаккули марҳилавии фаъолияти фикрӣ пешниҳод кардааст. Дар ин ҷо сохтори амал, пайдарҳамии марҳилаҳои азхудкунӣ ва шаклҳои роҳнамоии хонанда аҳаммияти калон доранд. Хусусан, сохтани шакли моддӣ ва моддӣ-гардонидашудаи амал барои ташаккули мафҳумҳои зеҳнӣ нақши калидӣ мебозад. Дар баробари ин, назарияи В. В. Давидов дар бораи ду намуди асосии тафаккур — таҷрибавӣ ва назариявӣ — низ бо моделсозӣ робитаи мустақим дорад. Ӯ таъкид

менамояд, ки ҳалли масъалаҳои таълимӣ танҳо дар натиҷаи иҷрои маҷмуи амалҳои таълимӣ, аз ҷумла моделсозӣ, назорат ва баҳодиҳӣ имконпазир аст. Аҳаммияти моделсозӣ дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун қисми таҳлили мазмунии объект баромад намуда, имкон медиҳад аз азхудкунии механикии дониш пешгирӣ карда шавад ва фаъолияти фикрии хонандагон фаъол гардад. Модели таълимӣ шакли махсуси аёнӣ мебошад, ки барои инъикоси мафҳумҳо, қонуниятҳо ва равандҳои гуногун истифода мешавад. Моделсозӣ ҳамчун усули тадқиқоти илмӣ ба инсон имкон медиҳад, ки падидаҳо ва низомҳои гуногуни воқеиятро ба таври яклухт тасаввур намояд. Истифодаи моделҳо танҳо ба илмҳои табиӣ ва дақиқ хос нест. Дар фанҳои гуманитарӣ, махсусан дар дарсҳои забон ва адабиёт низ моделсозӣ нақши муҳим мебозад. Дар чунин дарсҳо мавзуъҳои зиёди назариявӣ мавҷуданд, ки сохторбандии мавод ва муайян намудани робитаҳои сабабу натиҷавиро талаб мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо моделҳои тасвирӣ ба фаҳмиши беҳтари мавод мусоидат намуда, ба хонанда имкон медиҳанд, ки падида ё низоми образҳоро ба таври яклухт дарк намояд [1, с. 30–33].

Моделро набояд бо схема баробар намоем. Модел ин тасвири умумии раванд ё падида буда, метавонад тағйир дода шавад ва хусусиятҳои муҳимми объектро таҷассум намояд. Схема бошад, бештар воситаи аёнӣ барои нишон додани унсурҳои ҷудогонаи дониш мебошад. Афзалияти асосии моделсозии таълимӣ дар он аст, ки он фаъолияти фикрии хонандагонро фаъол намуда, аз азхудкунии танҳо механикии дониш пешгирӣ мекунад [7, с. 60]. Аз ин рӯ, хонанда бояд на танҳо тарзи иҷрои амалро донад, балки моҳият ва сабаби онро низ дарк намояд. Дар педагогика моделсозӣ ҳамчун раванди сохтани нусха ё модели падидаҳо ва равандҳои таълимӣ фаҳмида мешавад. Модел метавонад маҷмуи объектҳо ё аломатҳое бошад, ки хусусиятҳои муҳимми аслиро таҷдид менамоянд ва ҳангоми омӯзиши онҳо маълумоти нав ба даст меояд. Аз ин ҷиҳат моделсозӣ имрӯз ба яке аз усулҳои муҳимтарини тадқиқоти илмӣ табдил ёфтааст. Ин усул дар тамоми соҳаҳои илм ва дар ҳамаи марҳилаҳои шинохт истифода гардида, имкониятҳои бузурги эвристикӣ дорад.

Дар дарсҳои технология моделсозӣ ба қисми ҷудонашавандаи фаъолияти таълимӣ табдил ёфтааст. Дар ин раванд омӯзгор бештар аз моделсозии техникӣ ва графикӣ истифода мебарад. Моделсозии техникӣ унсури муҳимми таълими политехникӣ буда, ҷаҳонбинии техникии хонандагонро васеъ мекунад, малакаҳои конструкторӣ ва шавқу рағбат ба техникаи муосирро ташаккул медиҳад [5, с. 35–38]. Моделсозии техникӣ инчунин яке аз роҳҳои муассири ташаккули шахсияти эҷодкор ба шумор меравад. Дар асоси он масъалаҳои техникӣ қарор доранд, ки ба рушди тафаккури техникӣ мусоидат менамоянд. Ҳангоми сохтани моделҳо донишҳои дар дарсҳо гирифташуда хусусияти амалӣ пайдо намуда, барои хонандагон аҳаммияти воқеӣ касб мекунанд. Барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланд дар рушди малакаҳои моделсозии техникӣ истифодаи конструкторҳои гуногун нақши муҳим мебозад [6, с. 28].

Дар фаъолияти таълимӣ ҳангоми истифодаи конструкторҳо омӯзгоронро пеш аз ҳама имконияти дар муддати кӯтоҳ омода намудани моделҳои нисбатан мураккаб ва ҳамзамон пешниҳод кардани маълумоти зиёди техникӣ ҷалб менамояд. Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари таълими политехникӣ чунин усул на ҳамеша пурра самаранок арзёбӣ мегардад, зеро он дар бораи роҳҳои сохтани объектҳо ва унсурҳои асосии равандҳои техникӣ тасаввуроти амиқ намедиҳад. Дар чунин вазъ фаъолияти ҷамъиятӣ-амалии хонандагон низ то андозае коҳиш меёбад. Одатан хонандагон дар ибтидо бо шавқу ҳаваси зиёд ба ҷамъ кардани модел машғул мешаванд, вале вақте омӯзгор дар анҷоми дарс талаб мекунад, ки модел ҷудо карда шавад, онҳо инро бо душворӣ қабул менамоянд ва намехоҳанд натиҷаи меҳнати худро вайрон созанд [6, с. 28–30].

Аз ин ҷо метавон хулоса намоем, ки моделсозии техникӣ танҳо ҷамъ кардани қисмҳо набуда, балки раванди эҷоди моделҳои объектҳои техникӣ аз шаклҳои содатарин то моделҳои ҳаҷмӣ, аз намунаҳои механикӣ то моделҳои барқӣ ба ҳисоб меравад. Ин амал метавонад мувофиқи нақшаҳои графикӣ ё дар асоси идеяҳои эҷодӣ иҷро гардад ва истифодаи маводу асбобҳои гуногунро талаб намояд. Дар баробари моделсозии техникӣ, дар дарсҳои технология моделсозии графикӣ низ аҳаммияти калон дорад. Мақсади асосии он омӯзонидани асосҳои саводи графикӣ ба хонандагон мебошад. Бо афзоиши талабот ба касбҳои техникӣ вазифаи омӯзгор боз ҳам муҳимтар мегардад, зеро ӯ бояд хонандагонро бо асосҳои нақшакашӣ ва графикаи техникӣ шинос намояд. Дар баъзе муассисаҳои таълимӣ ҳатто барои ин самт фанни мустақили нақшакашӣ ҷорӣ шудааст.

Саводнокии графикӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳамчун воситаи рушди тафаккури конструктивӣ ва техникии хонандагон хизмат мекунад. Он ба қобилияти хондан ва тасвир

намудани шаклҳои фазоии олами моддӣ дар сатҳи ҳамвор алоқаманд мебошад. Асоси чунин саводнокӣ рушди тасаввуроти фазоӣ ва тафаккури фазоии хонандагон аст. Ҳамзамон, хонандагон бо усулҳои гуногуни тасвир — воқеӣ, шартӣ ва содашуда — шинос мешаванд, ки дар илм, техника ва истеҳсолот васеъ истифода мегарданд. Ин раванд ба онҳо имкон медиҳад, ки аз объектҳои воқеӣ ба тасвирҳои графикӣ гузаранд ва баръакс, аз рӯи тасвирҳо хусусиятҳои объектро муайян кунанд. Аҳаммияти таълимӣ ва тарбиявии саводи графикӣ дар он зоҳир мешавад, ки хонанда метавонад хусусият ва муносибатҳои объектҳоро тавассути тасвирҳои графикӣ инъикос намояд. Масалан, расм метавонад шакл ва ранги ашёро нишон диҳад, нақшаи техникӣ бошад шакл ва андозаи онро. Харита ва нақшаҳо ҷойгиршавии фазоии объектҳоро муайян месозанд, нақшаҳои ҷузъҳо бошад сохт ва маълумоти зарурии истеҳсолиро инъикос мекунанд. Схемаҳо, диаграммаҳо ва графикҳо низ барои нишон додани робитаҳои функсионалӣ ва таносуби миқдорҳо истифода бурда мешаванд [10, с. 18].

Саводнокии нақшакашӣ ва графикӣ пеш аз ҳама қобилияти хондан ва иҷро намудани ҳуҷҷатҳои техникиро дар бар мегирад. Ин гуна ҳуҷҷатҳо дар шакли графикӣ пешниҳод шуда, дар фаъолияти амалии конструсия ва истеҳсоли маҳсулот истифода мешаванд. Аз ин рӯ, мафҳуми моделсозӣ дар доираи фанни «Технология» маънои хеле васеъ пайдо мекунад. Ин ҳолат фаъолияти омӯзгорро осон не, балки мураккабтар месозад, зеро ӯ бояд намудҳои гуногуни моделсозиро дар раванди дарсҳо ба таври дуруст муттаҳид намояд, то хонандагон маводи таълимиро пурра дарк кунанд.

Барои беҳтар фаҳмидани нақши моделсозӣ дар фанни «Технология» зарур аст ба консепсияи нави таълимии ин фан таваҷҷуҳ намоем. Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи нави таълими фанни «Технология» қабул гардидааст ва он дар Стандарти давлатии таҳсилот низ инъикос ёфтааст. Ин консепсия маҷмуи назарияҳо ва принсипҳоро дар бар гирифта, самтҳои рушди соҳаи «Технология»-ро ҳамчун воситаи ташаккули салоҳиятҳои муосир ва малакаҳои асри XXI муайян мекунад. Дар ин раванд ба моделсозӣ аҳаммияти махсус дода мешавад. Дар барномаи нави таълимии фанни «Технология» мазмун аз рӯи модулҳо тақсим шудааст ва натиҷаҳои омӯзиш танҳо ба пайдарҳамии мавзуъҳо вобаста нестанд. Дар байни модулҳои асосӣ чунин самтҳо ҷой доранд [8, с. 44]:

– технологияҳои истеҳсолӣ ва рақамӣ;
– электротехника ва электроэнергетика;
– технологияҳои коркарди мавод ва маҳсулоти ғизоӣ;
– робототехника;
– системаҳои автоматиконидашуда;
– моделсозии 3D ва макетсозӣ;
– графикаи компютерӣ ва нақшакашӣ;
– технологияҳои «хонаи оқил»;
– сохтмон, нақлиёт ва биотехнологияҳо;
– воситаҳои ахбор, реклама ва маркетинг.

Аз таҳлили ин модулҳо маълум мегардад, ки моделсозӣ қариб дар ҳамаи бахшҳои фанни «Технология» мавқеи асосиро ишғол мекунад. Метавон гуфт, ки имрӯз моделсозӣ ба усули марказии таълими технология табдил ёфтааст. Илова бар ин, он танҳо хусусияти техникӣ надошта, бо фанни «Информатика ва ИКТ» низ робитаи зич пайдо кардааст [10, с. 36].

Яке аз самтҳои муосири моделсозӣ- моделсозии 3D мебошад. Зарурати омӯзиши он ба истифодаи васеи графикаи сеандоза дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон вобаста аст. Бо ворид гардидани таҷҳизоти муосир ба муассисаҳои таълимӣ, хонандагон имконият пайдо намуданд, ки ба муҳити технологияҳои 3D шинос шаванд. Моделҳои сеандозаи объектҳои воқеӣ воситаи самараноки интиқоли иттилоот буда, сифати таълимро баланд мебардоранд. Ғайр аз ин, онҳо ҳамчун воситаи аёнӣ ҳангоми омода кардани презентатсия ва маърӯзаҳо низ васеъ истифода мешаванд. Имрӯз моделҳои 3D қисми ҳатмии тарҳрезии нақлиёт, интерьер, иншооти меъморӣ ва дигар соҳаҳо ба ҳисоб мераванд.

Моделсозӣ инчунин бо робототехника робитаи зич дорад. Робототехника ва моделсозӣ воситаи муҳимми омӯзиши қонунҳои физика, техника ва дигар илмҳо мебошанд. Азбаски объектҳо ва равандҳои воқеӣ хеле мураккабанд, яке аз роҳҳои беҳтарини омӯзиши онҳо сохтани моделҳо мебошад [9, с. 118]. Раванди сохтани объектҳои компютеришуда аз якчанд марҳила иборат аст: муайян намудани масъала, интихоб ва таҳлили объект, таҳияи консепсия, ҷудо намудани унсурҳои асосӣ, сохтани алгоритм, навиштани барнома ва санҷиши таҷрибавӣ. Имрӯз моделсозӣ ва робототехника дар доираи таҳсилоти иловагӣ низ

фаъолона истифода мешаванд. Ин самтҳо ба рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон мусоидат намуда, имконият медиҳанд, ки идеяҳои онҳо тавассути технологияҳои муосири компютерӣ амалӣ гарданд. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки моделсозӣ ба яке аз воситаҳои асосии таълими фанни «Технология» табдил ёфтааст [1, с. 46]. Бо ёрии он хонандагон метавонанд донишҳои назариявии худро мустаҳкам намуда, татбиқи амалии онҳоро дарк намоянд. Дар баробари моделсозӣ, дар таълими технологияи конструсиясозӣ низ аҳаммияти калон дорад. Хусусан, конструксияи техникӣ ҳамчун раванди офаридани маҳсулот ва объектҳои гуногун бо таъиноти муайян фаҳмида мешавад. Ин фаъолият таҳияи лоиҳаҳо, нақшаҳои графикӣ, ҳисобҳои техникӣ ва иқтисодӣ, муқоисаи вариантҳои гуногуни сохт, омода намудани намунаҳо ва санҷиши мутобиқати онҳоро ба талаботи техникӣ дар бар мегирад. Дар чунин раванд фаъолияти зеҳнӣ ва амалии хонандагон ба офаридани маҳсулоти дорои унсури навоварӣ равона карда мешавад, на ба нусхабардорӣ ва такрори одӣ.

Дар якҷоягӣ бо моделсозӣ, конструксиясозӣ низ барои офаридани объектҳои воқеӣ ва қобили истифода аҳаммияти калон дорад. Ин ду раванд бо ҳамдигар алоқаи зич дошта, қисми муҳимми фаъолияти лоиҳакашӣ ба шумор мераванд. Конструксиясозӣ ҳамчун унсури асосии лоиҳаи эҷодӣ баромад намуда, тибқи супориши техникӣ амалӣ мегардад. Дар чунин супориш талабот ва шартҳои мушаххас нисбат ба сифати маҳсулоти оянда, тарзи истифода ва хусусиятҳои техникии он муайян карда мешаванд [10, с. 116].

Одатан, раванди конструксиясозӣ аз ташаккули тасаввуроти умумӣ дар бораи маҳсулоти оянда оғоз меёбад. Дар ин марҳила моделсозии графикӣ нақши муҳим мебозад, зеро маҳз тавассути он эскизҳо, расмҳои техникӣ ва нақшаҳои ибтидоӣ таҳия карда мешаванд. Баъд аз ин интихоби маводҳои зарурӣ сурат мегирад, ки бояд ба талаботи техникӣ ва хусусиятҳои маҳсулот мутобиқат намоянд. Марҳилаи минбаъда сохтани намунаи озмоишӣ ё худи маҳсулот мебошад. Сипас он аз ҷиҳати устуворӣ, эътимоднокӣ ва қобилияти корӣ санҷида шуда, камбудиҳои ошкоршуда ислоҳ мегарданд. Ин амал якчанд маротиба такрор мешавад: аз як вариант ба варианти дигар гузаштан имкон медиҳад, ки шакли беҳтарини маҳсулот мутобиқи вазифаи он интихоб гардад. Омӯзонидани хонандагон ба асосҳои конструксиясозии техникӣ пеш аз ҳама ба ташаккули донишҳои ибтидоӣ оид ба сохтор ва тарзи таҳияи дастгоҳҳо равона шудааст. Дар ин раванд хонандагон бо усулҳои сохтани маҳсулоти одӣ аз маводҳои гуногун ва роҳҳои коркарди механикии барои синну соли онҳо дастрас шинос мешаванд. Ҳангоми машғул шудан ба конструксияи техникӣ қобилиятҳои эҷодӣ ва конструктории кӯдакон инкишоф ёфта, малакаҳои меҳнатии политехникӣ такмил меёбанд. Илова бар ин, чунин фаъолият ба баланд гардидани фарҳанги меҳнатӣ ва ташаккули муносибати масъулона нисбат ба кор мусоидат мекунад.

Дар шароити рушди технологияҳои муосир аҳаммияти конструксиясозӣ боз ҳам бештар мегардад. Имрӯз дар раванди таълим на танҳо воситаҳои анъанавӣ, балки технологияҳои рақамӣ низ истифода мешаванд. Барномаҳои компютерии тарроҳӣ, моделсозии виртуалӣ ва системаҳои автоматиконидашуда ба хонандагон имконият медиҳанд, ки ғояҳои худро дар шакли рақамӣ амалӣ намоянд. Масалан, истифодаи барномаҳои CAD (Computer-Aided Design) барои таҳияи нақшаҳо ва моделҳои техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ торафт васеъ мегардад. Ин гуна технологияҳо раванди лоиҳакашӣ ва конструксиясозиро осон намуда, имконият медиҳанд, ки хонандагон бо усулҳои муосири муҳандисӣ шинос шаванд. Яке аз бартариҳои муҳимми конструксиясозӣ дар он аст, ки хонандагон метавонанд натиҷаи фаъолияти худро ба таври амалӣ бинанд. Агар дар омӯзиши назариявӣ донишҳо бештар дар сатҳи тасаввурот боқӣ монанд, ҳангоми сохтани модел ё дастгоҳ хонанда натиҷаи меҳнати худро мушоҳида мекунад. Ин ҳолат шавқу ҳаваси онҳоро ба фан афзун намуда, ба ташаккули тафаккури техникӣ ва эҷодӣ мусоидат менамояд. Дар баробари ин, конструксиясозӣ ба рушди малакаҳои мустақилона кор кардан, таҳлил намудан ва қабули қарорҳои дуруст таъсири мусбат мерасонад.Хонандагон дар раванди иҷрои супоришҳо меомӯзанд, ки чӣ гуна мушкилотро муайян намоянд, роҳҳои ҳалли онҳоро ҷустуҷӯ кунанд ва фаъолияти худро ба нақша гиранд. Ин гуна малакаҳо на танҳо барои фанни «Технология», балки барои ҳаёти ҳаррӯза ва фаъолияти касбии ояндаи онҳо низ аҳаммияти калон доранд.Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки моделсозӣ ва конструксиясозӣ дар таълими муосир мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Онҳо на танҳо воситаи азхудкунии донишҳои техникӣ мебошанд, балки барои рушди тафаккури эҷодӣ, қобилиятҳои зеҳнӣ ва фарҳанги меҳнатии хонандагон низ замина фароҳам меоранд. Истифодаи дурусти ин технологияҳо дар дарсҳои «Технология» ба баланд гардидани сифати таълим мусоидат намуда, хонандагонро барои мутобиқ шудан ба талаботи ҷомеаи муосир омода месозад.

Хулоса. Таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии моделсозӣ ва конструксиясозӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар низоми таълими муосир, махсусан дар омӯзиши фанни «Технология», мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Моделсозӣ ҳамчун воситаи самараноки фаъолияти таълимӣ имконият фароҳам меорад, ки хонандагон донишҳои назариявиро дар амал татбиқ намуда, қобилиятҳои таҳлилӣ, эҷодӣ ва тафаккури техникии худро инкишоф диҳанд. Конструксиясозӣ бошад, ба ташаккули малакаҳои лоиҳакашӣ, фарҳанги меҳнатӣ, мустақилият ва муносибати масъулона нисбат ба фаъолияти амалӣ мусоидат менамояд. Муайян гардид, ки истифодаи моделсозии техникӣ, графикӣ, сеандоза (3D), робототехника ва технологияҳои рақамӣ ба баланд гардидани сифати таълим, фаъолшавии фаъолияти маърифатии хонандагон ва ташаккули салоҳиятҳои муҳимми асри XXI мусоидат мекунад. Ҳамзамон, ин раванд ба рушди ҷаҳонбинии илмӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳо ва мутобиқшавӣ ба талаботи ҷомеаи муосир заминаи мусоид фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, моделсозӣ ва конструксиясозӣ бояд ҳамчун унсурҳои асосии таълими фанни «Технология» ба таври васеъ ва мақсаднок истифода шаванд. Истифодаи самараноки онҳо имконият медиҳад, ки хонандагон на танҳо донишҳои мустаҳками техникӣ ба даст оранд, балки ҳамчун шахсони эҷодкор, фаъол ва рақобатпазир барои зиндагӣ ва фаъолияти касбии оянда омода гарданд.

Адабиёт

1. *Александров Л. В. Моделирование – этап создания эффективных технических решений: Учебное пособие. М.: Поиск, 1991. 256 с.*
2. *Альтшуллер Г. С. Алгоритм изобретения. М.: Московский рабочий, 2004. 320 с.*
3. *Атутова П. Ф. Дидактика технологического образования. М.: Поиск, 2010. 304 с.*
4. *Богоявленская Д.Б. Пути к творчеству. М.: Знание, 2010. 192 с.*
5. *Выготский Л. С. Пути к творчеству. Воображение и творчество в детской возрасте изд. М.: Просвещение, 1967. 240 с.*
6. *Журавлева А.П., Болотина Л.А. Начальное техническое моделирование. М.: Просвещение, 2009. 176 с.*
7. *Заенчик В. М Основы творческо-конструкторской деятельности: Методы и организация: Учеб. для студ. высш. учеб. завед. М.: Академия, 2009. 288 с.*
8. *Кругликов Г. И., Симоненко В. Д., Цырлин М. Д. Основы технического творчества. М.: Народное образование, 2009. 224 с.*
9. *Кузнецов В.П. Методика трудового обучения с практикумом. М.: Народное образование, 2011. 256 с.*
10. *Матяш Н. В., Симоненко В.Д. Проектная деятельность младших школьников: Книга для учителя начальных классов. . М.: Вентана-Граф, 2004. 160 с.*
11. *Новикова Т.Д. Проектные технологии на уроках и во внеучебной деятельности. № 8-9. изд. М.: Народное образование, 2011. 32 с.*
12. *Перевертень. Г.И. Техническое творчество в начальных классах. М.: Просвещение, 2010. 144 с.*
13. *Сангов Н.Н., Райҳонова С.Ҳ.-Принсипҳои таълими истеҳсолӣ дар тайёрии мутахассисони ояндаи касбӣ-техникӣ.ТДУ 371:37.035.3 +37.02(575.3) Паёми ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,№4.Педагогика,2025*
14. *Убайдов С.О. Машғулиятҳои амалӣ аз фанни назария ва амалияи буришт филизот. Дастури таълимӣ. Қисми 2.Душанбе-2021.,77с.*
15. *Убайдов С.О., Сайфутдинов М.,Одинаев Қ.А. Назарияи механизмҳо ва мошин. Душанбе-2026, 300 с.*

МОДЕЛСОЗӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ

Муаллифи мақола қайд мекунад,ки барои ҳалли масъалаи таълимӣ хонанда як қатор амалҳоро иҷро мекунад: таҳлили шартҳо, ҷудо намудани он ба як қатор масъалаҳои ёрирасон, яъне муайян кардани низоми ҳадафҳои миёна ва роҳҳои расидан ба онҳо. Дар ин раванд як амали махсус дар низоми ин амалҳо бояд барои ҳалли масъалаҳои таълимӣ қайд намоем,ки он моделсозӣ мебошад. Ба ақидаи муаллиф вазифаи асосӣ на интиқоли дониш, балки ташкил намудани фаъолияти мустақили хонандагон барои азхуд кардани усулҳои таҳлил ва ҷамъбасти маводи таълимӣ бо ёрии моделсозӣ мебошад.Дар мақола муаллиф бештар ба моделсозӣ диққат медиҳад ва қайд мекунад, ки он яке аз роҳҳои самараноки ташаккули шахсияти эҷодкории хонанда мебошад. Дар асоси он масъалаи техникӣ қарор дорад, ки ба рушди тафаккури техникии хонандагон мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: моделсозӣ, фанни технология, фаъолияти фикрӣ, малакаҳои зеҳнӣ, раванди таълим, масъалаҳои ёрирасон, амалҳо, интиқоли дониш, маводи таълимӣ.

МОДЕЛИРОВАНИЕ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ ПРЕДМЕТУ ТЕХНОЛОГИЯ.

Автор рассматривает моделирование как основной метод формирования мыслительной деятельности и интеллектуальных навыков у учащихся и подчеркивает, что оно должно быть важной частью учебного процесса по предмету «Технология». Автор отмечает, что при решении учебной задачи ученик выполняет ряд действий: анализирует условия, разбивает задачу на ряд вспомогательных задач, то есть определяет систему промежуточных целей и пути их достижения. В этом процессе особое место занимает моделирование как важное действие в системе учебных действий. По мнению автора, основной задачей является не передача знаний, а организация самостоятельной деятельности учащихся по освоению методов анализа и обобщения учебного материала с помощью моделирования. В статье особое внимание уделяется моделированию, и подчеркивается, что оно является одним из эффективных средств формирования творческой личности учащегося. В основе этого подхода лежит решение технических задач, что способствует развитию технического мышления учащихся.

Ключевые слова: моделирование, предмет «Технология», мыслительная деятельность, интеллектуальные навыки, учебный процесс, вспомогательные задачи, действия, передача знаний, учебный материал.

MODELING IN THE PROCESS OF TEACHING THE SUBJECT TECHNOLOGY.

The author considers modeling as a key method for developing students' cognitive activity and intellectual skills, emphasizing that it should be an essential component of the educational process in the subject of Technology. The author notes that when solving a learning task, a student performs a series of actions: analyzing the conditions, breaking the task down into a set of auxiliary tasks, that is, defining a system of intermediate goals and ways to achieve them. In this process, modeling occupies a special place as an important element within the system of learning activities. According to the author, the main objective is not the mere transmission of knowledge, but the organization of students' independent activity aimed at mastering methods of analysis and generalization of educational material through modeling. The article places particular emphasis on modeling, highlighting that it is one of the most effective means of developing a student's creative personality.This approach is based on solving technical problems, which contributes to the development of students' technical thinking.

Keywords: modeling, Technology subject, cognitive activity, intellectual skills, educational process, auxiliary tasks, actions, knowledge transfer, educational material.

Дар бораи муаллиф
Абдуллоев Абдуҳамид Гиёевич
Омӯзгори кафедраи методикаи таълими технология ва соҳибкорӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

About the author
Abdulloev Abduhamid Giyoyevich
Assistant, Department of Teaching Methods, Technology, and Entrepreneurship
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

Об авторе
Абдуллоев Абдухамид Гиёевич
Преподаватель кафедры методики преподавания технологии и предпринимательство
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

ТДУ 371+796:378

НАҚШ ВА АҲАММИЯТИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ФИЗИОЛОГИЯИ ВАРЗИШ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА САМАРАНОКИИ ОН

Абдухоликова Г. И.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муқаддима. Физиологияи варзиш ҳамчун самти муҳимми илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ мавқеи калидӣ дорад. Омӯзиши таълими ин фан барои ташаккули донишҳои амиқ оид ба қонуниятҳои фаъолияти бадани инсон дар шароити фаъолияти ҷисмонӣ ва варзиш мусоидат намуда, заминаи боэътимоди илмиро барои омода намудани мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш фароҳам меорад. Дар шароити муосир, ки рушди варзиш ва тарзи ҳаёти солим ба самтҳои афзалиятнок табдил ёфтааст, аҳаммияти ин фан боз ҳам бештар мегардад.

Мавқеи асосии таълими фанни физиологияи варзиш дар он зоҳир мегардад, ки донишҷӯёнро бо усулҳои физиологии мутобиқшавии ҷисм бо сарбории ҷисмонӣ шинос менамояд. Масалан, З.Б. Белоцерковский дар китоби худ «Советский спорт», ки соли 2005 ба тавсиб расида, аз 312 саҳифа иборат буда қайд намудааст, ки ҳангоми машқҳои мунтазам дар варзишгарон тағйироти мусбат дар фаъолияти системаи дилу рагҳо ҳаҷми зарбаи дил зиёд гардида, набз дар ҳолати оромӣ кам мешавад [1, с. 312]. Ин ҳолат дар амалия бо номи «брадикардияи варзишӣ» маъруф аст, натиҷаи мутобиқшавии физиологӣ бо сарбории доимӣ мебошад. Донишҷӯён тавассути омӯзиши мисолҳои воқеӣ дарк мекунанд, ки машқҳои дуруст барои беҳтар шудани фаъолияти ҷисм таъсир мерасонад.

Аҳаммияти таълими фанни физиологияи варзиш дар он зоҳир мегардад, ки он қонуниятҳои фаъолияти ҷисми инсонро дар шароити сарбории ҷисмонӣ меомӯзад ва барои асоснок намудани равандҳои таълим ва машқ заминаи илмӣ фароҳам меорад. Ин фан барои омода намудани мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ, мураббиён ва варзишгарон аҳаммияти калидӣ дошта, ба баланд бардоштани самаранокии машқ ва ҳифзи саломатӣ мусоидат мекунад.

Дар таҳқиқоти олимони тоҷик, аз ҷумла Носирова М. П., Олимова К. С., Пачаева Р. П., қайд намудаанд, ки назорати доимии нишондиҳандаҳои физиологӣ ҳангоми машқ (набз, фишори хун, нафаскашӣ) барои идоракунии дурусти сарборӣ аҳаммияти муҳим дорад [9, с. 302]. Дар таҳқиқотҳои ӯ бо истифодаи ченкуниҳои мунтазами донишҷӯён муайян карда шудааст, ки сатҳи хастагӣ пешгирӣ шуда, қобилияти кори ҷисмро тадриҷан баланд мебардорад. Ин мисол нишон медиҳад, ки донишҳои физиологӣ дар амал барои такмили машқҳо истифода мешавад. Инчунин, яке аз омилҳои мусоидаткунанда ба пайдоиши бисёр бемориҳои дилу рагҳо набудани фаъолияти ҷисмонӣ мебошад. Фаъолияти ҷисмонӣ яке аз омилҳои асосие мебошад, ки ба рушд ва инкишофи кӯдак, қобилияти мутобиқшавии он таъсир мерасонад.

Маджидова К. қайд мекунад, ки объектҳои асосии методология барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ, раванди таълим (раванди таълим ва тарбия), аз ҷумла фаъолияти омӯзгор ва мафҳумҳои педагогӣ, аз қабили «таълим ва тарбия», «таълим», «омӯзиш ва азхудкунӣ», «дониш, малака ва қобилиятҳо», «дарк», «диққат», «хотира ва тафаккур», «рушди равон, шуур ва қобилиятҳо», «фаъолияти маърифатӣ», «сатҳи 193-юми омӯзиш» ва «назорат». Танҳо тавассути татбиқи китоби дарсӣ як низоми воқеии таълими фанни мушаххас эҷод кардашуда, ки дар он низом дар ҳамкорӣ байни омӯзгор ва донишҷӯён, донишҷӯён ва китоби дарсӣ инчунин дониш, малака ва қобилиятҳои фанни мушаххас амал мекунад.

Дар натиҷа, китоби дарсӣ, дар баробари дигар сохторҳои таълимӣ, ҳамчун як сохтор барои татбиқи онҳо амал ва ҳадафҳои таълимӣ, мундариҷаи фаннӣ ва усулҳоро ба амал татбиқ мекунад. Дар заминаи омӯзиш, ҳадаф ниёзҳои объективии рушди ҷомеаро инъикос мекунад, ки ба ниёз ба рушди шахс ва хислатҳои зарурӣ барои иҷрои фаъолиятҳои муфид асос ёфтааст [3, с. 192]. Инчунин, Мамадносирова М.М., дар таҳқиқотҳои худ нишон додааст, ки ҳангоми тартиб додани барномаҳои инфиродии машқ бо назардошти хусусиятҳои физиологии шахс (синну сол, сатҳи омодагӣ, ҳолати саломатӣ), натиҷаҳои варзишӣ назаррас беҳтар мешаванд [4, с. 196] дар таҷрибаҳои ӯ бо варзишгарони ҷавон, гурӯҳе, ки аз рӯйи барномаи инфиродӣ машқ мекарданд, нисбат ба гурӯҳи умумӣ зудтар ба

нишондиҳандаҳои баланд ноил гардиданд. Наврасону ҷавонон дар варзиш чӣ қадаре, ки фаъол бошанд дар кор низ бисёртар ҳамон хел мешавад. Бинобар ин тарбияи коркуни ҷисм оянда, пеш аз ҳама, ҳангоми бозӣ ба амал меояд.

Аз ҷониби олимони хориҷӣ аҳаммияти физиологияи варзиш ба таври васеъ асоснок карда шудааст. Масалан, Тычинин А.В., дар асари машҳури худ оид ба физиологияи кори ҷисмонӣ нишон додаанд, ки истеъмоли оксиген (VO max) яке аз нишондиҳандаҳои асосии қобилияти кори инсон мебошад. Тадқиқотҳои онҳо исбот карданд, ки бо машқҳои мунтазам сатҳи VO max баланд шуда, қобилияти кори аэробии бадан беҳтар мегардад. Ин таҷриба имрӯз дар амалияи тайёрии варзишгарон васеъ истифода мешавад [15, с. 99].

Инчунин, тадқиқотҳои Солодков А.С., нишон медиҳанд, ки мутобиқшавии мушакҳо ба сарбории ҷисмонӣ ба тағйироти биохимиявӣ, аз ҷумла зиёдшавии миқдори митохондрияҳо ва ферментҳо вобаста аст. Дар таҷрибаҳои ӯ муайян карда шудааст, ки машқҳои устувории дарозмуддат ба баланд шудани самаранокии истифодаи қувва дар ҷисм мусоидат мекунанд. Ин натиҷаҳо барои таҳияи барномаҳои муосири машқ аҳаммияти калон доранд.

Мисоли дигар аз тадқиқотҳои Кулиненков О.С., бармеояд, ки усули “сарбории зарбавӣ” (плиометрикӣ) ба баланд шудани қувва ва суръати мушакҳо мусоидат мекунад [2, с. 184]. Ин усул дар асоси қонуниятҳои физиологии кашиш ва дарозшавии мушакҳо таҳия шуда, имрӯз дар бисёр намудҳои варзиш истифода мегардад.

Таҳқиқотҳои илмии олимони тоҷик ва хориҷӣ собит месозанд, ки таълими фанни физиологияи варзиш дорои аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки равандҳои машқ ба таври илмӣ асоснок гашта, сарборӣ дуруст идора шуда, натиҷаи варзишӣ беҳтар мегардад. Ба ин хотир, рушди минбаъдаи таълими ин фан ва татбиқи дастовардҳои илмӣ дар амалияи варзиш яке аз шартҳои асосии пешрафти соҳа ба ҳисоб меравад. Дар таълими ин фан қонуниятҳои фаъолияти ҷисми инсон дар шароити сарбории ҷисмонӣ омӯхта, ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки таъсири машқро ба системаҳои асосии бадан дилу рагҳо, нафаскашӣ, асаб ва мушакҳо аз нигоҳи илмӣ дарк намоянд.

Дар раванди таълим, донишҷӯён бо мафҳумҳои асосӣ, аз қабили мутобиқшавии физиологӣ, хастагӣ, барқароршавӣ ва иқтидори кори ҷисмонӣ шинос мешаванд. Масалан, тибқи тадқиқотҳои Мандриков В.Б., машқҳои мунтазам боиси баланд шудани қобилияти аэробии ҷисм мешавад, ки ин бо зиёд шудани нишондиҳандаи истеъмоли оксиген алоқаманд аст. Ин донишҳо дар амал барои банақшагирии машқҳои устуворӣ (давидан, шиноварӣ) истифода мешаванд [5, с. 48].

Мавод ва усулҳо. Ҷанбаҳои муҳимми таълими фанни физиологияи варзиш, дар назария ва амалия ҳамгиро мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ донишҷӯён дар машғулиятҳои озмоишӣ ва амалӣ иштирок намуда, усулҳои ченкунии нишондиҳандаҳои физиологиро меомӯзанд. Масалан, дар як таҷрибаи амалӣ, донишҷӯён пеш аз машқ, дар ҷараёни машқ ва баъд аз он набз ва фишори хунро чен мекунанд. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки бо баланд шудани сатҳи омодагии ҷисмонӣ, барқароршавии нишондиҳандаҳо зудтар ба амал меояд. Ин таҷриба ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки равандҳои мутобиқшавии ҷисмро дар амал дарк намоянд.

Дар таҳқиқоти Прокофьева В.Н., нишон дода шудааст, ки фаъолияти ҷисмонӣ барои равандҳои нерумандӣ ва мубодилаи моддаҳо таъсири мустақим мерасонад. Онҳо исбот намудаанд, ки машқҳои мунтазам боиси зиёд шудани захираҳои энергетикӣ ва самаранокии истифодаи онҳо дар организм мегарданд[10, с. 190]. Ин донишҳо барои таҳияи барномаҳои машқ бо назардошти мақсадҳои гуногун баланд бардоштани устуворӣ, қувва ё шитобкорӣ аҳаммияти муҳим доранд. Аҳаммияти истифодаи барномаҳои инфиродии машқро пешниҳод менамояд. Ӯ дар асоси таҷрибаҳои худ исбот кардааст, ки ҳангоми ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродии ҷисм, самаранокии машқҳо баланд гардида, хавфи осеб кам мешавад. Масалан, дар як гурӯҳи донишҷӯён, ки машқҳоро бо назардошти сатҳи омодагии ҷисмонӣ иҷро мекарданд, нишондиҳандаҳои устуворӣ ва қувва назаррас беҳтар гардиданд [6, с. 47].

Натиҷа. Аз ҷиҳати амалӣ, донишҳои физиологияи варзиш барои ҳалли масъалаҳои зерин истифода мешаванд:

Вазифаҳо	Тавзеҳ
Муайян кардани сатҳи омодагии ҷисмонӣ	Ташхис ва арзёбии ҳолати ҷисмонӣ: қувва, устуворӣ, шитобпазирӣ. Ин қадам барои муайян кардани дараҷаи омодагӣ ба машқҳо муҳим аст.
интихоби сарбории самаранок	Муайян кардани ҳаҷм ва шиддати машқҳо, ки ҳам самаранок ва ҳам бехатар бошанд. Ҳадаф ба даст овардани натиҷаи беҳтарин бо камтарин

	хатар
пешгирии хастагии аз ҳад зиёд ва осеб	Назорат бар шиддати машқ ва таъмини истироҳати кофӣ. Мақсад – пешгирӣ аз хастагии шадид, фарсудагӣ ва осеби мушу устухон
баланд бардоштани самаранокии машқҳо	Тартиб додан ва оптимизатсия кардани машқҳо барои ба даст овардани натиҷаи баланд бо кӯшиши камтар.
идоракунии раванди барқароршавӣ	Мусоидат ба барқароршавии ҷисм ва қувва баъди машқҳо. Ин барои нигоҳ доштани устуворӣ ва самаранокии оянда муҳим аст.

Аз таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон бармеояд, ки дар он ҳолатҳое, ки омӯзгорон усулҳои фаъоли таълимро истифода мебаранд ва донишҷӯёнро ба корҳои мустақилона ва тадқиқотӣ ҷалб мекунанд, сатҳи азхудкунии дониш назаррас баланд мегардад. Масалан, дар баъзе донишгоҳҳо гузаронидани таҷрибаҳои одии физиологӣ (ченкунии набз пеш ва баъд аз машқ, таҳлили суръати барқароршавӣ ва ғайра) ба як ҷузъи муҳимми раванди таълим табдил ёфтааст [8, с. 33].

Самаранокии таълими ин фан аз як қатор омилҳо вобаста аст:

- сатҳи омодагии омӯзгорон;
- истифодаи технологияҳои муосири таълим;
-мавҷудияти базаи озмоишӣ ва иштироки фаъоли донишҷӯён дар машғулиятҳои амалӣ.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҳолати истифодаи усулҳои интерактивӣ ва таҷрибавӣ-озмоишӣ, сатҳи азхудкунии дониш ба таври назаррас баланд мегардад.

Омодагии омӯзгор ва барномаҳои таълим асоси самаранокиро ташкил додаанд.

Барномаҳои таълим асоси самаранокиро ташкил карда, барои омодагии омӯзгор ба маънои дониши амиқ, малакаҳои амалӣ ва таҷрибаи корӣ барои гузаронидани машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ мебошад. Омӯзгоре, ки бо ҷузъҳои физиологияи варзиш, усулҳои муосири ченкунии физиологӣ ва стратегияҳои омӯзишии интерактивӣ шинос ҳаст, малакаҳои амалии донишҷӯёнро дуруст роҳнамоӣ мекунад. Барномаҳои таълимӣ на инки маҷмуи назарияҳо мебошанд, балки ҳамоҳанг бо таҷрибаи амалӣ ва хусусиятҳои инфиродии донишҷӯ тарҳрезӣ мешаванд [7, с. 52]. Масалан: маводи назариявӣ амиқ ва мукаммал буда, донишҷӯ оид ба қонуниятҳои фаъолияти ҷисм дар шароити сарбории варзишӣ фаҳмиш пайдо мекунад.

Барномаҳои инфиродӣ ба сатҳи ҷисмонӣ, қобилияти барқароршавӣ ва хусусиятҳои руҳиву ҷисмонии донишҷӯ мутобиқ гардида, омодагии омӯзгор ва барномаҳои муассир асоси ташаккули муҳити таълимии самаранок ва баланд шудани фаҳмиш ва малакаҳои донишҷӯёнро фароҳам меоранд. Инчунин, таҳқиқотҳои олимон нишон медиҳанд, ки омӯзгорони таҷрибадор ва барномаҳои тарҳрезишуда, самаранокии фанро то 30 - 40% зиёд мекунанд [11, с. 30]. Масалан, Раҳмонов Ш. М. дар тадқиқотҳои худ нишон додаанд, ки донишҷӯёне, ки дар муҳити ташхиси озмоишӣ бо барномаҳои инфиродӣ машқ мекунанд, самаранокии машқ ва фаҳмиши назариявии худро ба таври назаррас баланд мекунанд.

Ҳолати руҳиву ҷисмонии донишҷӯ яке аз омилҳои асосӣ ва калидӣ барои самаранокии омӯзиш ва барқароршавии физиологӣ мебошад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки донишҷӯ дар давоми машғулиятҳо то чӣ андоза қобилияти нигоҳ доштани диққат, идоракунии стресс, устуворӣ ва мутобиқшавӣ дорад. Самаранокии таълим бевосита ба ҳолати равонӣ ва ҷисмонии донишҷӯ вобаста аст.

Ҳолати руҳӣ маънои қобилияти донишҷӯ барои нигоҳ доштани диққат, устувории руҳӣ ва ҳамоҳангӣ бо муҳити таълимро дорад [12, с. 21]. Донишҷӯе, ки руҳи устувор ва шавқманд дорад, маълумоти назариявиро зуд қабул мекунад, машқҳои амалӣ ва озмоиширо самаранок иҷро менамояд ва хатогиҳоро камтар месозад. Масалан, дар ҳолати асабонӣ ё хастагӣ қобилияти мутобиқшавӣ ва иҷрои техникаи варзиш коҳиш меёбад.

Ҳолати ҷисмонӣ ба қобилияти барқароршавӣ, устувории ҷисмонӣ ва иҷрои машқҳо алоқаманд аст. Донишҷӯе, ки ҳолати ҷисмониаш мутаносиб ва солим аст, назария ва амалияро омезиш медиҳад ва дар машқҳо хастагӣ камтар ҳис мекунад. Ҳолати ҷисмонӣ ба самаранокии таҷрибаҳо ва иҷрои босамари техникаи варзиш таъсир мерасонад.

Муҳокима. Омилҳои таъсиррасон ба ҳолати руҳиву ҷисмонӣ хоби кофӣ ва реҷаи рӯзмарра норасоии хоб қобилияти диққат ва барқароршавиро коҳиш медиҳад ва ба самаранокии дарсҳои амалӣ ва озмоишӣ таъсир мерасонад. Ғизо ва реҷаи хӯрокхӯрӣ ғизои беназир ё номураттаб қувва ва устуворii ҷисмониро коҳиш дода, қобилияти иҷрои машқҳоро кам мекунад. Муҳити таълимӣ ва руҳонӣ аз дастгирии омӯзгорон ва ҳамсабақон донишҷӯро руҳбаланд карда, хоҳиши фаъолона иштирок карданро зиёд мекунад. Машқҳои ҷисмонӣ ва варзишӣ мураттабкунии барқароршавии физиологӣ ва равонӣ, инчунин, ҳамоҳангии руҳии ҷисмониро беҳтар мекунанд. Ҳавасмандӣ ва ангеза боис мегардад, ки донишҷӯи шавқманд фаъолияти зеҳнӣ ва ҷисмонии худро тақвият бахшида, натиҷаи таълимашро беҳтар менамояд. Ҳолати руҳиву ҷисмонии донишҷӯ дар ҳолати устувори руҳӣ ва ҷисмонӣ ба барномаҳои назариявӣ ва амалӣ ҳамоҳанг шуда, самаранокиро зиёд мегардонад. Қобилияти назорати стресс ва устуворii равонӣ хатогиҳоро кам карда, ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки шароити сарбориро самаранок гардонанд.

Баланд шудани ҳавасмандӣ ва шавқ ба омӯзиши натиҷаҳои илмӣ ва малакаҳои амалиро беҳтар мегардонад. Ҳолати руҳиву ҷисмонӣ ба барқароршавии зуд пас аз машқҳои ҷисмонӣ ва иҷрои босамари техникаи варзиш мусоидат мекунад.

Бо нигоҳ доштани ҳолати руҳиву ҷисмонии хуб ва татбиқи стратегияҳои мусоид (хоб, ғизо, машқ, муҳити таълимӣ, ҳавасмандгардонӣ) самаранокии фанҳои амалӣ ва назариявӣ дар таълими физиологияи варзиш ба таври назаррас баланд мешавад. Омӯзгор бо назорати доимӣ ва дастгирии донишҷӯён, барномаҳои инфиродӣ ва муҳити мусоиди таълимӣ ин равандро самаранок месозад [13, с. 190].

Самаранокии таълими фанни физиологияи варзиш ба якчанд омилҳои ҳамоҳанг вобаста аст, ки натиҷаҳои ниҳоиро ба таври назаррас беҳтар мекунанд. Аз ҷумла, омодагии омӯзгор, муҳити таълим, барномаҳои инфиродӣ, иштироки фаъол, назорат ва баҳодиҳӣ нақши асосӣ доранд. Ҳар як омил ба таври мустақим ва ғайримустақим ба рушди дониш, малака ва қобилияти варзишгарон таъсир мерасонад.

Муҳити таълимӣ, аз ҷумла озмоишгоҳҳо, таҷрибагоҳҳо ва майдонҳои варзишӣ, нақши калидӣ дар самаранокии таълим мебозад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯёне, ки имкони амалӣ кардани донишҳои назариявиро доранд, фаҳмиши амиқтар ва малакаҳои устувортар пайдо мекунанд. Масалан, ченкунии набз, фишор ва сатҳи оксиген ҳангоми машқ донишҷӯёнро ба назорати дурусти сарборӣ ва барқароршавӣ водор мекунад [16, с. 26]. Ин таҷрибаҳо ба рушди қобилияти назорат ва мутобиқшавии ҷисмонӣ мусоидат мекунанд.

Барномаҳои машқ, ки хусусиятҳои инфиродии донишҷӯро ба назар мегиранд (синну сол, сатҳи омодагӣ, хусусиятҳои физиологӣ), самаранокии таълимро зиёд мекунанд. Истифодаи барномаҳои инфиродӣ ба ҳар як донишҷӯ имкон медиҳад, ки фаъолияти ҷисмонии худро мутобиқ ба имкониятҳо ва талаботи инфиродӣ ба роҳ монад. Донишҷӯёне, ки дар раванди омӯзиш фаъолона ширкат мекунанд, саволи илмӣ дода, натиҷаҳои таҷрибавиро таҳлил карда, самаранокии фанро назаррас зиёд мекунанд. Иштироки фаъол на ба малакаҳои техникӣ, балки тафаккури илмӣ ва қобилияти қабули қарорҳои дуруст дар шароити варзиширо низ таъсир расонида, рушд медиҳад. Ин раванд ба рушди қобилияти мустақилона омӯхтан ва таҳлил кардани натиҷаҳо мусоидат мекунад.

Назорати мунтазам (чун ченкунии набз, фишор, ҳаҷми нафаскашӣ) ва баҳодиҳии натиҷаҳо имконият медиҳад, ки таъсири таълим ба ҳолати физиологӣ ва руҳиву ҷисмонии донишҷӯ ба таври дақиқ арзёбӣ мегардад. Омӯзгорон бо назорати пайваста барномаҳои

таълимиро мувофиқи эҳтиёҷоти донишҷӯ тартиб медиҳанд ва самаранокии онҳоро баланд мебардоранд.

Ҳангоми мутобиқ кардани ҳамаи ин омилҳои омодагӣ омӯзгор, муҳити таълим, барномаҳои инфиродӣ, иштироки фаъол ва назорати доимии натиҷаҳои ниҳоӣ ба таври назаррас беҳтар мешаванд:

-дониши назариявӣ ва амалии донишҷӯён баланд мешавад;

-малакаҳои касбӣ ва амалӣ инкишоф меёбанд;

-қобилияти самаранок иҷро кардани машқҳо ва барқароршавӣ баланд мегардад;

-омода намудани варзишгарони соҳаи касбӣ бо саломатӣ ва қобилияти амалӣ баланд таъмин мешавад.

Иштироки фаъол ва татбиқи барномаҳои инфиродӣ самаранокии ниҳоиро баланд мебардорад. Ҳолати руҳиву ҷисмонии донишҷӯ, муҳити таълимӣ, назорат ва барқароршавӣ чун омилҳои ҳамоҳанг бо якдигар самаранокии фанни физиологияи варзишро таъмин мекунанд. Рушди дониш, малака ва қобилияти варзишгарон бо назардошти самаранокии фан мебошад.

Хулоса, физиологияи варзиш дар низоми таҳсилоти олии касбӣ фанни асосӣ барои ташаккули мутахассисони соҳибкасб мувофиқат мекунад. Он робитаи мустаҳками назария ва амалияро таъмин намуда, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти варзишӣ ва ҳифзи саломатии инсон мусоидат менамояд. Бо такя ба дастовардҳои илмӣ ва истифодаи таҷрибаҳои амалӣ, метавон сатҳи таълим ва омодагии мутахассисонро ба талаботи муосир мутобиқ намуд.

Таълими фанни физиологияи варзиш дар низоми таҳсилоти олии касбӣ яке аз самтҳои муҳимми омода намудани мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҳисоб меравад. Ин фан заминаи илмиро барои дарки қонуниятҳои фаъолияти ҷисми инсон дар шароити сарбории ҷисмонӣ фароҳам оварда, ба ташаккули донишҳои бунёдӣ ва малакаҳои касбии донишҷӯён мусоидат менамояд. Дар шароити муосир, ки рушди варзиш ва ҳифзи саломатии аҳолӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб кардааст, нақши ин фан дар низоми таҳсилоти олӣ боз ҳам бештар мегардад.

Мувофиқи таҳлилҳои илмӣ, ки дар асарҳои олимон инъикос ёфтаанд, физиологияи варзиш чун асоси илмии идоракунии фаъолияти ҷисмонӣ мувофиқат мекунад. Дар китоби машҳури онҳо «Китоби дарсии физиологияи меҳнат» нишон дода шудааст, ки фаъолияти ҷисмонӣ бо тағйироти мураккаби функсионалӣ дар системаи дилу рагҳо, нафаскашӣ ва мубодилаи моддаҳо алоқаманд мебошад. Ин хулосаҳо барои ташкили дурусти раванди таълим ва машқ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар баробари ин, Марков Г.В., Малах О.Н., дар асари худ «Физиологияи машқҳо: ғизо, қувва ва фаъолияти инсон» таъкид менамоянд, ки омӯзиши физиологияи варзиш бо дарки равандҳои қувваю неърӯъ ва мубодилаи моддаҳо ҳамоҳанг мебошад. Онҳо нишон медиҳанд, ки донишҷӯён танҳо дар ҳолате метавонанд фаъолияти ҷисмониро дуруст арзёбӣ намоянд, ки агар механизмҳои истеҳсол ва истифодаи қувваро дар ҷисм амиқ дарк мекунанд.

Илова бар ин, Прокофьева В.Н., дар асарҳои худ ба аҳаммияти татбиқи усулҳои илмӣ дар раванди тайёрии варзишгарон таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки истифодаи донишҳои физиологӣ ҳангоми банақшагирии сарбории машқ имкон медиҳад, ки қобилияти ҷисм самаранок инкишоф ёбад [10, с. 190].

Дар маҷмуъ, таҳлили таҳқиқи олимони ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки таълими фанни физиологияи варзиш дар заминаи дастовардҳои муосири илмӣ ва таҷрибаҳои амалӣ ба роҳ монда мешавад. Ин раванд ба ташаккули тафаккури илмӣ, рушди малакаҳои таҳлилӣ ва қобилияти истифодаи донишҳо дар амал равона мегардад. Таълими физиологияи варзиш дар низоми таҳсилоти олии касбӣ на инки як фанни назариявӣ, балки воситаи муҳимми омодасозии мутахассисони баландихтисос мебошад. Бо такя ба таҳқиқоти олимони маъруф ва татбиқи усулҳои муосири таълим, метавон самаранокии ин равандро баланд бардошт ва ба рушди минбаъдаи соҳаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ мусоидат намуд.

Таҷрибаҳои воқеӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи донишҳои физиологияи варзиш дар раванди таълим ба баланд гардидани самаранокии фаъолияти касбии мутахассисон мусоидат мекунад. Масалан, дар рафти машғулиятҳои амалӣ донишҷӯён метавонанд нишондиҳандаҳои физиологӣ, аз қабили набз, фишори хун ва сатҳи истеъмоли оксигенро пеш ва баъд аз машқ чен намоянд. Дар як таҷрибаи одӣ, гурӯҳи донишҷӯён пас аз иҷрои машқҳои давидан дар масофаи муайян тағйироти набз ва суръати нафаскаширо сабт карданд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки бо афзоиши сатҳи омодагии ҷисмонӣ, барқароршавии

нишондиҳандаҳо тезтар ба амал меояд. Ин гуна таҷрибаҳо на танҳо донишҳои назариявиро мустаҳкам мекунанд, балки малакаҳои таҳлилӣ ва таҳқиқотии донишҷӯёнро низ инкишоф медиҳанд.

Аҳаммияти таълими ин фан инчунин дар пешгирии осебҳои варзишӣ ва идоракунии дурусти сарборӣ зоҳир мегардад. Дар амалия бисёр ҳолатҳо мушоҳида шудаанд, ки нодуруст интихоб кардани шиддат ва ҳаҷми машқҳо боиси хастагии шадид ё осеб мегардад. Бо истифода аз донишҳои физиологӣ, мутахассисон метавонанд барномаҳои инфиродии машқро таҳия намуда, сарбориро тадриҷан зиёд намоянд. Масалан, дар баъзе муассисаҳои таълимӣ барномаҳои машқӣ бо назардошти сатҳи инфиродии омодагии донишҷӯён тартиб дода мешаванд, ки ин ба коҳиш ёфтани ҳолатҳои осеб ва баланд гардидани натиҷаҳои варзишӣ оварда мерасонад.

Самаранокии таълими физиологияи варзиш ба сатҳи ҳамгироии назария ва амалия вобастагии зич дорад. Дар ҳолате, ки омӯзиш танҳо ба шакли назариявӣ маҳдуд мегардад, донишҷӯён имконияти дар амал татбиқ намудани донишҳоро аз даст медиҳанд. Баръакс, истифодаи усулҳои интерактивӣ, таҷрибаҳои озмоишӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои варзишӣ ба баланд гардидани сатҳи фаҳмиш ва малакаҳои касбӣ мусоидат мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки донишҷӯёне, ки дар чунин муҳити омӯзишӣ таҳсил мекунанд, дар фаъолияти минбаъдаи касбии худ натиҷаҳои беҳтар нишон медиҳанд.

Таҷрибаҳои воқеӣ собит месозанд, ки истифодаи дурусти донишҳои физиологӣ пешгирии мушкилоти марбут ба сарбории ҷисмониро ба даст оварда, натиҷаҳои баланд нишон медиҳанд. Ба ин хотир, такмили минбаъдаи таълими ин фан дар васеъ намудани ҷанбаҳои амалӣ, яке аз вазифаҳои муҳимми низоми таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.

Барои ғанӣ гардонидани таҳқиқот бо такя ба андешаҳо ва таҷрибаҳои олимони тоҷик, метавон чанд мисоли мувофиқ ва дорои хусусияти илмӣ-амалӣ оварد:

Дар корҳои илмии олимони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар кишвар, аз ҷумла таҳқиқотҳои Шарипова Д.Я., масъалаи мутобиқшавии бадани инсон ба сарбории ҷисмонӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст [16, с. 26].

Инчунин, дар таҳқиқоти Носирова М.П., ба масъалаи ҳамгироии фанҳои назариявӣ ва амалӣ диққати махсус дода шудааст [9, с. 302]. Ӯ қайд мекунад, ки истифодаи машғулиятҳои таҷрибавию озмоишӣ дар муассисаҳои варзишӣ ба ташаккули малакаҳои касбии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад. Дар натиҷаи таҷрибаҳои гузаронидаи ӯ, сатҳи азхудкунии дониш дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ нисбат ба гурӯҳҳои назоратӣ баландтар ба қайд гирифта шудааст.

Хулоса. Таҳлил ва истифодаи таҳқиқоти олимони тоҷик нишон медиҳад, ки таълими фанни физиологияи варзиш дар заминаи таҷрибаҳои воқеӣ ва тадқиқоти илмӣ самаранокии баланд дорад. Андешаҳои онҳо собит месозанд, ки ҳамгироии донишҳои назариявӣ бо амалия, назорати доимии нишондиҳандаҳои физиологӣ ва истифодаи усулҳои инфиродӣ омилҳои асосии муваффақият дар омода намудани мутахассисони соҳаи варзиш мебошанд.

Ҳамзамон, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо марказҳои илмӣ, федератсияҳои варзишӣ ва муассисаҳои тандурустӣ метавонад барои татбиқи натиҷаҳои тадқиқот дар амалияи варзиш заминаи мусоид фароҳам оварад. Дар чунин шароит донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки донишҳои назариявии худро дар муҳити воқеии касбӣ санҷида, малакаҳои таҳлилӣ ва тадқиқотии худро такмил диҳанд. Ин раванд на танҳо сатҳи дониш ва маҳорати касбии онҳоро баланд мебардорад, балки барои тарбия намудани мутахассисони рақобатпазир ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат низ мусоидат менамояд.

Илова бар ин, таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои синну солӣ, ҷинсӣ ва омодагии ҷисмонии варзишгарон ҳангоми таълими физиологияи варзиш аҳаммияти муҳим дорад. Бо истифода аз усулҳои инфиродии омӯзиш ва таҳлил, омӯзгорон метавонанд қобилияти ҳар як донишҷӯ ва варзишгарро ба таври самаранок рушд диҳанд. Дар натиҷа, сатҳи омодагии функсионалии варзишгарон беҳтар гардида, имконияти ба даст овардани натиҷаҳои баланд дар мусобиқаҳо зиёд мешавад. Аз ин лиҳоз, такмили мунтазами барномаҳои таълимӣ, ворид намудани технологияҳои рақамӣ ва густариши тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи физиологияи варзиш яке аз самтҳои муҳимми рушди низоми таҳсилоти варзишӣ ба ҳисоб меравад.

Робитаи таҳқиқот бо барнома (лоиҳаҳо) ва ё мавзуҳои илмӣ. Таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама ба татбиқи ҳадафҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» равона гардида, барои баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими саломатии ҷавонон ва омодасозии мутахассисони баландихтисоси соҳаи варзиш мусоидат менамояд. Инчунин таҳқиқот бо «Барномаи давлатии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

алоқаманд буда, масъалаҳои такмили омодагии ҷисмонӣ, истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ, рушди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯёнро дар бар мегирад. Робитаи таҳқиқот ҳамзамон бо «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стратегияи давлатии сиёсати ҷавонон» зоҳир мегардад, зеро дар онҳо рушди зеҳнӣ ва ҷисмонии ҷавонон, ташаккули тарзи ҳаёти солим, тайёр намудани кадрҳои рақобатпазир ва ворид намудани усулҳои инноватсионӣ ба раванди таълим ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян шудаанд.

Аз ҷиҳати илмӣ, мавзуъ ба таҳқиқоти соҳаи педагогика, физиологияи варзиш, назария ва методикаи тарбияи ҷисмонӣ, инчунин технологияҳои таълимӣ иртибот дошта, барои такмили асосҳои назариявӣ ва амалии омодасозии мутахассисони соҳаи варзиш аҳаммияти муҳим дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ дар самти рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш истифода шаванд.

Адабиёт

1. *Белоцерковский, З.Б. Эргометрические и кардиологические критерии физической работоспособности у спортсменов пособие / З.Б. Белоцерковский. – М.: Советский спорт, 2005. – 312 с.*
2. *Кулиненков, О. С. Биохимия в практике спорта / О. С Кулиненков, И. А. Лапшин. – М.: Спорт, 2018. – 184 с.*
3. *Маджидова, К. Методы системного обучения в педагогике / К. Маджидова // Вестник педагогического университета. – 2015, № 3 (64-2) С. 192 – 196.*
4. *Мамадносирова, М. М. Нақши бозиҳои миллӣ дар тарбияи духтарон / М. М. Мамадносирова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2015 № 3 (64-2) С.196-199.*
5. *Мандриков, В. Б. Методы оценки физического и функционального состояния студентов специального учебного отделения: учеб.-метод. пособие / В. Б. Мандриков. – Волгоград: Изд-во ВолГМУ, 2012. – 48 с.*
6. *Малах, О. Н. Физиология спорта: методические рекомендации для проведения практических и лабораторных работ // О. Н. Малах. – Витебск: ВГУ им. П. М. Машерова, 2022. – 47 с.*
7. *Марков, Г.В. Система восстановления и повышения работоспособности в спорте высших достижений: методическое пособие/ Г. В. Марков, В. И. Романов, В. Н. Гладков. – М.: Советский спорт, 2009. – 52 с.*
8. *Нурматова Н. Хусусиятҳои ташкили таҳсилоти иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти умумии миёна / Н. Нурматова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ/Душанбе - 2022, № 6-2 (101) с.33-36*
9. *Носирова М. П. Медико – социальные аспекты формирования артериальной гипертензии у школьников / М. П. Носирова, К. С. Олимова, Р. П. Пачаева //Вестник педагогического университета/№ 5-2 (66)– 2015 с. - 302 . ISSN 2219-5408*
10. *Прокофьева, В.Н. Практикум по физиологии физического воспитания и спорта: учебное пособие Высшее образование / В.Н. Прокофьева. – Ростов н / Д: Феникс, 2008. -190 с.*
11. *Раҳмонов, Ш.М. Асосҳои назариявӣ-методологии баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот / Ш.М. Раҳмонов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. № 5-1 (77) С. 30-33.*
12. *Сайфуллоев Х.Г. Методикаи ташаккули шахсияти омӯзгори ояндаи забони хориҷӣ дар шароити таҳсилоти бисёрфарҳангӣ / Х.Г. Сайфуллоев // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. № 5-1 (77) С. 21-25.*
13. *Семкин, А.А. Физиологическая характеристика различных по структуре движения видов спорта (механизмы адаптации) научное издание / А.А. Семкин.-Минск: Полымя, 1992.-190 с.*
14. *Солодков, А. С. Физиология человека. Общая. Спортивная. Возрастная: учеб. / А. С. Солодков, Е. Б. Сологуб. – М.: Спорт, 2018. – 620 с.*
15. *Тычинин, Н. В. Физическая культура в техническом вузе: учебное пособие / Н. В. Тычинин, В. М. Суханов. — Воронеж: ВГУИТ, 2017. — 99 с. https://e.lanbook.com/book/106809*
16. *Шарипова, Д.Я. Теоретико-психолого-педагогический анализ проблемы изучения взаимосвязи внимания и интеллекта в развитии личности человека на современном этапе / Д.Я. Шарипова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018, № 5-1 (77) С. 26-29.*

НАҚШ ВА АҲАММИЯТИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ФИЗИОЛОГИЯИ ВАРЗИШ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА САМАРАНОКИИ ОН

Таълими физиологияи варзиш яке аз шохаҳои илмӣ буда, дар таҳсилоти олии касбӣ тарзи ҳаёти солими инсон ва таъсири машқҳои ҷисмонӣ ба фаъолияти баданро меомӯзад. Фаъолияти инсон ҳангоми фаъолияти ҷисмонӣ, аз қабили коркарди қувва, танзими системаи дилу рагҳо, нафаскашӣ ва устувории мушакҳо ин ҳама аз равандҳои физиологӣ вобаста мебошанд. Аз таҳлили муаллиф, таълими фанни физиологияи варзиш дар донишгоҳҳои олии касбӣ сатҳи омӯзиши илмиро боло бурда, қобилияти донишҷӯёнро оид ба дарки сохтори мураккаби фаъолияти ҷисмонӣ ва таъсири машқҳои ҷисмонӣ ба саломатӣ ва иҷрои варзишӣ беҳтар мегардонад. Ин фан на ин ки дар бораи тағйирёбии вазифаҳои ҷисмонӣ маълумот медиҳад, балки донишҷӯёнро барои танзиму назорати

равандҳои физиологӣ, тарҳрезии барномаҳои адаптатсионӣ ва ҳатто пешгирии осеби ҷисмонӣ омода месозад. Дар низоми таҳсилоти олии касбӣ, физиологияи варзиш ҳамчун асоси илмӣ ва амалии омода намудани мутахассисони босалоҳият хизмат мекунад, ки сатҳи самаранокӣ ва сифати фаъолияти варзишӣ ва саломатиро беҳтар месозад.

Калидвожаҳо: физиологияи варзиш, таҳсилоти олӣ, саломатӣ, малакаи касбӣ, мониторинг, адаптатсия, самаранокӣ.

РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ФИЗИОЛОГИИ ФИЗИЧЕСКИХ УПРАЖНЕНИЙ В СИСТЕМЕ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ И ЕГО ЭФФЕКТИВНОСТЬ

Спортивная физиология - это научная дисциплина, изучающая здоровый образ жизни человека и влияние физических упражнений на функции организма в высшем образовании. Физическая активность человека, такая как выработка энергии, регуляция сердечно - сосудистой системы, дыхание и мышечная выносливость, зависит от физиологических процессов. По мнению автора, преподавание спортивной физиологии в высших профессиональных вузах повышает уровень научной подготовки и улучшает способность студентов понимать сложную структуру физической активности и влияние физических упражнений на здоровье и спортивные результаты. Эта дисциплина не только предоставляет информацию об изменениях физиологических функций, но и готовит студентов к регулированию и контролю физиологических процессов, разработке адаптационных программ и даже профилактике травм. В системе высшего профессионального образования спортивная физиология служит научно-практической основой для подготовки компетентных специалистов, повышающих эффективность и качество спортивно-оздоровительной деятельности.

Ключевые слова: спортивная физиология, высшее образование, здоровье, профессиональные навыки, мониторинг, адаптация, эффективность.

THE ROLE AND IMPORTANCE OF TEACHING EXERCISE PHYSIOLOGY IN THE HIGHER VOCATIONAL EDUCATION SYSTEM AND ITS EFFICIENCY

Sports physiology is a scientific discipline that studies a healthy human lifestyle and the effects of physical exercise on body function in higher education. Therefore, knowledge of the basics of sports physiology is of great importance for students of specialties related to physical education, sports pedagogy, sports medicine, physiotherapy, and health care. According to the author, teaching sports physiology in higher professional universities increases the level of scientific training and improves students' ability to understand the complex structure of physical activity and the impact of physical exercises on health and sports performance. This discipline not only provides information about changes in physical functions, but also prepares students to regulate and control physiological processes, design adaptation programs, and even prevent physical injuries. In the higher professional education system, sports physiology serves as a scientific and practical basis for training competent specialists who improve the level of efficiency and quality of sports and health activities.

Keywords: sports physiology, higher education, health, professional skills, monitoring, adaptation, efficiency.

Дар бораи муаллиф
Абдухолиқова Гулбаҳор Имомалиевна
Мудири кафедраи варзиш ва мудофиаи гражданӣ
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
E-mail: abdukholikova@mail.ru

Об авторе
Абдухоликова Гулбахор Имомалиевна
Заведующая кафедрой спорта и гражданской обороны
Таджикский международный университет туризма и предпринимательства
734055, Республики Таджикистан, г.Душанбе, проспект Борбад, 48/5
E-mail: abdukholikova@mail.ru

About the author
Abdukholikova Gulbahor Imomaliyevna
Head of the Department of Sports and Civil Defense
Tajik International University of Tourism and Entrepreneurship
734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad str., 48/5
E-mail: abdukholikova@mail.ru

ТДУ 371.7:371.398 (575.3)

ОМОДАГИИ РАВОНӢ ВА АХЛОҚИЮ ИРОДАВИИ ВАРЗИШГАР БАРОИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ

Намозов Т. Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар шароити муосир омодагии равонӣ ва ахлоқию иродавии варзишгарон яке аз масъалаҳои муҳими илмҳои педагогика ва равоншиносии варзиш ба шумор меравад. Афзоиши шиддати мусобиқаҳо, сарбориҳои ҷисмонӣ ва фишори эҳсосӣ зарурати ташаккули устувории равонӣ, худназоратӣ ва қобилияти идоракунии рафтори варзишгарро тақвият медиҳад. Танҳо омодагии ҷисмонӣ ва техникию тактикӣ барои таъмини натиҷаҳои устувори варзишӣ кофӣ набуда, инкишофи сифатҳои иродавӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ низ аҳаммияти махсус доранд. Мубрамияти таҳқиқот ҳамчунин бо зарурати тарғиби тарзи ҳаёти солим, пешгирии хастагии равонӣ, коҳиш додани таъсири стресс ва таъмини барқароршавии варзишгарон алоқаманд мебошад. Дар ин раванд нақши мураббӣ дар интихоби усулҳои самараноки таъсири тарбиявӣ ва ба эътибор гирифтани хусусиятҳои инфиродии варзишгарон муҳим аст. Омӯзиши роҳҳои ҳамоҳангсозии омодагии равонӣ ва ахлоқию иродавӣ имкон медиҳад, ки сифати раванди таълиму тамрин беҳтар гардида, масъулиятшиносӣ, суботкорӣ, ҷасорат ва эҳтиром ба ҳариф инкишоф ёбанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи мазкур барои такмили фаъолияти мураббиён ва тарбияи варзишгарони солиму дорои ҷаҳонбинии устувор аҳаммияти илмию амалӣ дорад

Тарбияи варзишгар дар рӯҳияи тарзи ҳаёти солим, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва эътиқоди ғоявии ӯ ҳадафи асосии раванди таълиму тамрин дар бозиҳои варзишӣ мебошад. Ин ҳадаф тавассути омодагии равонӣ ва ахлоқию иродавӣ амалӣ мегардад.

Вазифаҳои асосии он аз инҳо иборатанд:

1. Ташаккули шахсияти варзишгаре, ки тарзи ҳаёти солимро риоя менамояд.
2. Тарбияи хислатҳои варзишӣ ва равонӣ, ки бо иродаи қавӣ ва мақсаднокии варзишгар таҳким меёбанд.
3. Инкишофи хусусиятҳои махсуси равонӣ, ки асоси фаъолияти техникию тактикиро ташкил дода, самаранокии онро дар ҷараёни мусобиқа таъмин менамоянд.
4. Тарбияи қобилияти назорати ахлоқию эҳсосӣ ва худтанзимкунии вокунишҳои рафтории варзишгар.

Қисми асосӣ: Омодагии равонӣ дорои як қатор хусусиятҳо мебошад, ки муҳимтарини онҳо муттасилӣ ва доимият ба шумор мераванд. Ҳар як робитаи варзишгар бо мураббӣ бояд ба тарбияи ӯ мусоидат намояд. Хусусияти дигари омодагии равонӣ дар он зоҳир мегардад, ки он қариб воситаҳои махсуси мустақили худро надошта, бевосита дар раванди иҷрои машқҳои ҷисмонӣ амалӣ мешавад. Ин ҳолат омодагии равониро махсусан мураккаб гардонида, дониш ва маҳоратҳои махсусро талаб менамояд, ки ҳар як омӯзгор-мураббӣ бояд онҳоро барои фаъолияти тамринӣ ба таври комил аз худ карда бошад.

Омодагии равонии варзишгар аз омодагии умумӣ ва махсус иборат мебошад.

Омодагии умумии равонӣ ва ахлоқию иродавии варзишгар ба тарбияи сифатҳои ахлоқию иродавӣ ва инкишофи идрокҳои махсус, аз ҷумла диққат, мушоҳидакорӣ, ҳассосияти биноӣ ва ҳаракатӣ, инчунин дигар хусусиятҳои дахлдор равона мегардад.

Тарбияи сифатҳои ахлоқӣ бо тарбияи иродаи варзишгар робитаи зич дорад. Иродаи ӯ бо суботкорӣ, қатъият, қобилияти сафарбар намудани кӯшишҳои ҳадди аксар ва интизомнокӣ ҳангоми омодагӣ ба мусобиқа тавсиф мешавад. Зуҳури ин сифатҳо ҳам дар варзиш ва ҳам дар фаъолияти меҳнатӣ аҳаммияти яксон дорад. Аз ин рӯ, дар баробари машқҳои ҷисмонӣ, тарбияи меҳнатӣ низ барои ташаккули сифатҳои ахлоқию иродавӣ нақши муҳим мебозад. Бо вуҷуди ин, набояд роҳ дод, ки меҳнат ҳамчун воситаи ҷазо истифода шавад [8, с. 226].

Хусусияти фаъолияти варзишию бозӣ дар раванди тамрин имкон медиҳад, ки неруи афкори ҷамъиятӣ ҳамчун воситаи муассири таъсири тарбиявӣ истифода гардад. Аммо ин имконият танҳо дар муҳите амалӣ мешавад, ки дар он гурӯҳи воқеии ҳамфикрон ташаккул ёфта, фаъолияти он ба принсипҳои устувори ахлоқӣ такя намояд. Аз ин рӯ, ташаккули чунин гурӯҳ бояд ҳамчун вазифаи аввалиндараҷаи мураббӣ баррасӣ карда шавад. Кӯшишҳое, ки

барои ин мақсад сарф мешаванд ва баъзан бо вазифаи ҳарчи зудтар ба даст овардани натиҷаҳои варзишӣ мувофиқат намекунанд, дар оянда самараи худро медиҳанд.

Таъсири тарбиявии гурӯҳи машқкунандагон ва варзишгарони намунавӣ бо нуфузи худи тарбиятгар тақвият меёбад. Омӯзгори дорои эътиқоди устувори ғоявӣ, донишманд, боодоб, ғамхор ва ҳамзамон серталаб, ки ба фаъолияти худ муносибати масъулиятшиносона дорад, метавонад ба ташаккули шахсияти тарбиятгирандаи худ таъсири назаррас расонад.

Ба даст овардани натиҷаҳои баланди варзишӣ на танҳо аз устувории хислати варзишгар, балки аз сатҳи инкишофи ангезаи машғул шудан ба варзиш вобаста мебошад. Маҳз ҳамин хусусият қаҳрамони варзиширо аз шахси одии машғул ба тарбияи ҷисмонӣ фарқ мекунад. Дар ин раванд оила, андешаи рафиқон ва арзёбии ҳаммашқон низ метавонанд нақши муайян дошта бошанд. Бо вуҷуди ин, нақши асосӣ дар ин самт низ ба мураббӣ тааллуқ дорад. Қобилияти ӯ дар мушоҳида намудани ҳар як муваффақият, таҳкими боварӣ ба худ ва бедор кардани ҳисси солими ифтихори шахсӣ «неруи эҳсосӣ»-и варзишгар ва омодагии ӯро барои таҳаммули ҳар гуна душворӣ баҳри расидан ба ҳадафи баланд муайян менамояд [6].

Тарбияи машқкунандагон бояд хусусияти маҷмӯӣ дошта, ба ташаккули устувории равонӣ равона гардад. Ин маънои онро дорад, ки кӯшишҳои мутахассисони варзиш, оила, мактаб, муассисаи таълимӣ ва муҳити истеҳсолӣ бояд муттаҳид карда шаванд. Варзишгар дар ҳамаи ин муҳитҳо бояд бо ягонагии талабот, ҳамоҳангии арзёбиҳо ва самти ягонаи таъсири мусбати тарбиявӣ рӯ ба рӯ гардад. Дар ин раванд суҳбатҳо, машғулиятҳои инфиродии таълиму тамрин, мусобиқаҳо, чорабиниҳои фарҳангию оммавӣ, маҷлисҳои даста ва гурӯҳҳои меҳнатӣ ё таълимӣ истифода мешаванд.

К. Д. Ушинский таъкид менамуд, ки вазифаи тарбия ташаккули хислати равонӣ мебошад ва хислат аз майлҳои модарзодӣ, инчунин эътиқод ва одатҳое таркиб меёбад, ки дар тӯли ҳаёт ба даст оварда мешаванд. Одат равандест, ки тавассути он эътиқод ба майл табдил ёфта, андеша аз таҷриба ба амал мегузарад.

Пеш аз ҳар як машғулият ва ҳатто пеш аз ҳар як машқ ё кӯшиши иҷрои супориш бояд вазифаи муайяни тарбиявӣ гузошта шавад. Ин вазифа метавонад тарбияи қатъият ҳангоми иҷрои машқҳои мураккаб, суботкорӣ дар аз худ намудани усули душворе, ки иҷрои он ҳанӯз муяссар намегардад, ҷасорат ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо ҳарифи аз ҷиҳати қувва ва таҷриба бартар ё дигар сифатҳои ба ин монанд бошад [10, с. 123].

Дар ин самт метавон усулҳои муайянро истифода бурд, аз ҷумла:

- усули мусобиқаи даставӣ, ки аз гузаронидани машқҳо дар шакли мусобиқа иборат мебошад;
- усули душвориҳои иловагӣ, ки ҳангоми истифодаи он ба машқ маҳдудиятҳои гуногун вобаста ба вақт, масофа, дақиқӣ, муқовимати ҳариф ва дигар омилҳо ворид карда мешаванд;
- усули иҷрои машқ «то ҳадди нотавонӣ», ки барои машқҳои душвор ва талабкунандаи кӯшиши иродавии ниҳоят тӯлонӣ истифода мешавад;
- усули гандикап, ки мувофиқи он як даста шартан аз рӯйи ҳисоб қафомонда эълон гардида, бояд дар вақти муқарраршуда ин фарқиятро бартараф намояд;
- усули супориши мустақилона, ки барои инкишофи ташаббускорӣ ва суботкорӣ дар расидан ба ҳадаф истифода мегардад;
- усули супориши мушаххас, ки ҳангоми истифодаи он дар назди машқкунандагон вазифаи ба даст овардани натиҷаи муайян танҳо тавассути тарзи муқарраршудаи амал гузошта мешавад [8, с. 228].

Барои инкишофи ташаббускорӣ ва эҷодкорӣ усули омӯзиши проблемавӣ аҳаммияти калон дорад. Дар ин усул машқкунандагон роҳҳои ҳалли вазифаи тактикиро мустақилона ҷустуҷӯ менамоянд. Ҳамчунин, дар машқҳо пешбинӣ намудани якчанд варианти амал муфид мебошад, ки интихоби онҳо ба ихтиёри худи бозигарон гузошта мешавад.

Дар инкишофи ирода бартараф намудани душвориҳои гуногун, аз ҷумла хастагии баамаломада, тарс аз масъулият ё осеб, саросемагӣ дар натиҷаи амалҳои ғайричашмдошти ҳариф ва дигар ҳолатҳои монанд нақши муҳим мебозад.

Варзишгарон қобилияти муқовимат ба хастагиро тавассути истифодаи такрории сарбориҳои тамриние ба даст меоранд, ки аз сарбории маъмулӣ зиёдтаранд. Ба чунин воситаҳо гузаронидани машғулиятҳо дар шароити душвор, масалан, дар гармӣ, зиёд кардани давомнокии тамрин ё бозии тамринӣ, хориҷ намудани рӯзи истироҳат аз микроцикл ё дароз кардани микроцикл, гузаронидани бозӣ пайдарпай бо якчанд ҳарифе, ки якдигарро иваз мекунанд, ва дигар тадбирҳои монанд дохил мешаванд [9, с. 164].

А. Г. Голов вазифаҳои зеринро дар омодагии равонӣ ва ахлоқию иродавии варзишгар мубрам мешуморад: аз худ намудани қонуниятҳои инкишофи ҷисмонӣ, ташаккули маҳорату малакаҳои расонидани ёрии аввалин ба худ ва атрофиён ҳангоми ҳодисаҳои нохуш, инкишофи қобилияти худтакмилдиҳӣ ва маҳорати ташкили тарзи ҳаёти инфиродӣ [5, с. 146]. Норасоии қатъият дар машқкунандагон тавассути машқҳо ва супоришҳои махсус бартараф карда мешавад. Дар чунин машқҳо иҷрои амалҳои анҷомдиҳанда ба шахсе вогузор мегардад, ки ба иҷрои вазифаҳои масъулиятнок одат накардааст. Дар шароити мусобиқа чунин варзишгар ба ҳайати ибтидоии даста ворид карда шуда, пас аз содир намудани хато фавран иваз карда намешавад ва тадбирҳои дигари ба ин монанд андешида мешаванд.

Баъзан тарс аз амалҳои фаъол дар натиҷаи осеби қаблан гирифташуда ба вуҷуд меояд. Дар чунин ҳолат воридшавии тадриҷӣ ба бозӣ, сабук намудани шароити тамрин ва сафарбар кардани кӯшиши иродавӣ барои бартараф намудани оқибатҳои осеб зарур мебошад. Ин ҳадаф низ тавассути машқҳои махсуси иловагӣ ба даст оварда мешавад.

Дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ бозӣ ҳамчун заминаи пайдоиши варзиши муосир нақш мебозад. Ҳар як гурӯҳи бозигарон як низоми хурди иҷтимоиро ташкил медиҳад, ки дорои тақсимоти муайяни нақшҳо ва хусусияти муносибатҳои байни иштирокчиён мебошад [7, с. 49].

Ба баъзе варзишгарон навоварӣ ва ғайричашмдошт будани амалҳои ҳариф ё аз ҳайати гурӯҳ хориҷ шудани пешсаф таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ин душвориро тавассути усулҳои гуногун бартараф кардан мумкин аст. Ба онҳо фароҳам овардани шароити мураккаб, аз ҷумла бозӣ бо ҳайати камшуда ва бе варзишгарони пурқувваттарин, гузаронидани бозиҳои тамринӣ дар майдонҳои гуногун ва бо ҳарифоне, ки услубҳои мухталифи бозӣ доранд, зуд-зуд тағйир додани тактикаи бозии яке аз тарафҳо бо дастури мураббӣ ва бе огоҳонии пешакӣ, инчунин дигар чораҳои монанд дохил мешаванд.

Аҳаммияти мусобиқаҳо ниҳоят бузург мебошад. Онҳо ба ташаккули сифатҳои муборизона, ҳисси ҳамбастагии даставӣ ва эҳтиром ба ҳариф мусоидат мекунанд. Варзишгарон ҳангоми иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалӣ беҳтарин сифатҳои инсонӣ, аз ҷумла ватандӯстӣ, рафоқат ва муносибати инсондӯстона ба ҳарифро нишон медиҳанд. Бо ин роҳ онҳо тарзи ҳаётро тарғиб намуда, дӯстии байни халқҳои ҷаҳонро таҳким мебахшанд [11, с. 35].

Ҳангоми тарбияи варзишгарон аз ибтидо бояд кӯшиши ба даст овардани ғалабаи шоиста ташаккул дода шавад, на ғалабае, ки бо ҳар гуна роҳ ба даст меояд. Риояи меъёрҳои бозии одилона ва қоидаҳои навъи варзиш бояд ба талаботи ҳатмӣ табдил ёбад. Ин масъала махсусан дар кор бо машқкунандагон муҳим мебошад. Дар ин самт бисёр чизҳо аз мураббӣ вобастаанд. Дастурҳои ӯ барои бозӣ, роҳбарии даста дар мусобиқа, арзёбии бозигарон ва муносибат бо доварон бояд ба як ҳадаф мувофиқат намоянд: кумак ба тарбиятгирандагон барои нишон додани беҳтарин имкониятҳое, ки дар айни замон доранд. Мағлубиятҳо ногузиранд ва бояд ҳамчун дарси навбатӣ қабул карда шаванд, ки аз он ҳар як варзишгар барои худ хулоса мебарорад.

Агар дар ҷараёни мусобиқа яке аз варзишгарон назорати худро аз даст дода, нисбат ба ҳариф ба рафтори дағалона роҳ диҳад, ӯ бояд фавран иваз карда шавад. Бо вуҷуди ин, нақши асосӣ дар тарбияи ирода ба худи варзишгар тааллуқ дорад.

Яке аз вазифаҳои омодагии равонӣ ва ахлоқӣ инкишофи идрокҳои махсус, аз ҷумла эҳсосоти биноӣ, ҳаракатӣ, вестибулярӣ ва ламсӣ, мушоҳидакорӣ, диққат, тафаккури тактикӣ ва техникӣ мебошад [1, с. 167]. Дар натиҷаи тамрин дар варзишгарон қобилияти фарқгузории нозуки эҳсосот ташаккул меёбад, ки аксаран ба «ҳисси махсуси тӯб» табдил мешавад. Тезии идрок имкон медиҳад, ки варзишгар ҳаракатҳои худро дақиқтар идора карда, ба сатҳи баланди дақиқӣ, суръат ва қувва ноил гардад. Ин сифат тавассути машқҳои махсус такмил меёбад. Ба чунин машқҳо партофтан ва зарба задан ба ҳадафҳои хурдшуда, иҷрои таркиби амалҳои бозӣ бо истифодаи чунин ҳадафҳо, ҷаҳишҳо ва гардишҳо, иҷрои амалҳо дар бинои камравшан ё бо чашмони пӯшида, иҷрои супоришҳо бо усули муқоисавӣ тавассути якбора кам кардани масофа, истифодаи тӯбҳо, ракеткаҳо ва чӯбдастҳои варзишии сабук ва вазнин, тамрин ва иштирок дар бозиҳо дар майдонҳои дорои рӯйпӯшҳои гуногун ва бо лавозимоти мухталиф, инчунин дигар машқҳои монанд дохил мешаванд.

Самаранокии амалҳои бозигарон аз сифати диққат, идроки биноӣ ва сатҳи тафаккури тактикӣ вобаста мебошад. Таъмини такмили доимии ин хусусиятҳо яке аз вазифаҳои омодагии пайгиронаи равонӣ ба шумор меравад.

Омодагии махсуси равонӣ бахши омодагии равониест, ки омодасозии бевоситаи варзишгаронро барои иштирок дар мусобиқаҳои гуногун таъмин менамояд. Дар доираи он чорабиниҳои омодагии умумии равонӣ мушаххас карда мешаванд. Дар ин марҳила аз ташаккули муносибатҳои варзишгарон ба идоракунии ҳолати равонии онҳо гузариш сурат мегирад. Самти асосии омодагии махсус ба ҳолати равонӣ алоқаманд мебошад. Ба андешаи Карл Маркс, маҳз вақти озод сарвати асосии инсон ба ҳисоб меравад, ки ӯ метавонад онро ба манфиати худ истифода намояд. Истифодаи оқилонаи вақти озод ба яке аз масъалаҳои марказии ҷомеаи муосир табдил меёбад.

Ҳадафи асосии омодагии махсуси равонӣ ташаккул ва инкишофи чунин сифатҳо дар варзишгарон мебошад, ки ҷараёни мусоиди равандҳои равонии марбут ба омодагиро дар вақти мусобиқа таъмин намоянд. Амалӣ намудани ин омодагӣ бояд дар варзишгар устувории равониро ба вуҷуд оварад, ки он дар фаъолияти муътадили вазифаҳои равонӣ ва рафтори варзишгар ҳангоми мусобиқа зоҳир мегардад [2, с. 37].

Устувории равонӣ ҳифзи равони варзишгарро аз таъсири ангезандаҳое таъмин менамояд, ки дар шароити муайян ба омилҳои халалрасон табдил меёбанд. Дараҷаи ин устуворӣ аз неруи низоми асаби ҳар як варзишгар ва бештар аз мутобиқшавии он ба таъсири чунин ангезандаҳо вобаста мебошад.

Устувории равонӣ ҳамчун сифати шахсият дар рафтори варзишгар дар шароити мураккаби муборизаи варзишӣ зуҳур мекунад. Он дар қобилияти назорат намудани рафтори худ ва идоракунии бошууронаи он дар ҳар гуна шароити мубориза ифода меёбад. Барои ба даст овардани чунин устуворӣ дар варзишгар бояд манбаи дохилии танзими рафтор ташаккул дода шавад. Ин манбаъ таҳти таъсири ду омил ба вуҷуд меояд: омили муваққатӣ, яъне вазифаҳои мушаххасе, ки дар назди варзишгар гузошта мешаванд, ва омили доимӣ, яъне ангезаҳои асосие, ки рафтори ӯро танзим менамоянд [6].

Вазифа аз он иборат аст, ки муносибати бошууронаи варзишгар ба фаъолияти худ таъмин гардида, дар ӯ эътиқод ба зарурати ҳалли вазифаҳои гузошташуда тарбия карда шавад.

Устувории равонӣ бо ташаккули механизми худтанзимкунии рафтор дар асоси арзёбии воқеъбинонаи вазъият алоқаманд мебошад. Ҳадафи асосии омодагии махсуси равонӣ ташаккули ҳамин механизм аст, ки устувории равонии варзишгарро нисбат ба шароити гуногуни муборизаи мусобиқавӣ ва вокуниши фаврии ӯро ба тағйироти ғайричашмдошти ин шароит таъмин менамояд.

Ҳадафи омодагии махсуси равонӣ ва ахлоқӣ ҳалли вазифаҳои мушаххаси зерин мебошад:

- муайян намудани қобилиятҳои равонӣ ва ахлоқӣ, инчунин хусусиятҳои шахсияти варзишгар дар қабули қарор;
- муайян ва танзим намудани ангезаҳо ва вокуниши варзишгар ба душвориҳо;
- такмил ва инкишоф додани сифатҳо ва таҷрибаи шахсии варзишгар;
- ташаккули муносибати мусбат ба варзиш дар маҷмӯъ ва ба омодагӣ барои мусобиқаҳои дарпешистода;
- мушоҳида ва беҳтар намудани мутобиқати ҳар як варзишгар бо гурӯҳ.

Ҳамин тавр, дар раванди тамрин ба инкишофи сифатҳои равонӣ таъсири мақсаднок расонида мешавад. Таҳти ин таъсир вазифаҳои равонӣ ба хусусиятҳои навъи варзиш ва шароити мусобиқа мутобиқ гардида, тағйир меёбанд [8, с. 126].

Омодагии равонии варзишгар дар бозиҳои варзишӣ махсусан мураккаб мебошад. Дар ин ҷо сафарбаркунии ҳадди аксар ва чандинкаратаи варзишгар дар давоми давраи тӯлонии мусобиқа зарур аст, ки бо переживанияҳои шадиди эҳсосии варзишгар ва мураббӣ ҳамроҳӣ мекунад. Ин хусусият аҳаммияти махсуси омодагии равонии шахсони машғул ба бозиҳои варзиширо муайян менамояд.

Самаранокии он аз як қатор шартҳо ва хусусиятҳои ташкили тамрин вобаста мебошад:

- донистани назарияи навъи варзиш;
- таҳлили равонии шароити бозӣ ва мусобиқа бо дарназардошти хусусиятҳои ҳар як варзишгар;
- омӯзиши хусусиятҳои инфиродии бозигарон дар ҳар як тамрин ва донистани ҷанбаҳои равонии фаъолияти мураббӣ;
- ҳамоҳангсозии муносибтарини ҳамаи ин ҷузъҳо барои ҳар як варзишгар дар макроциклҳо ва микроциклҳои раванди таълиму тамрин.

Тамрини дуруст ташкилшудаи варзишгар бояд аз ҷиҳати эҳсосӣ ғанӣ буда, сифатҳо ва малакаҳои зеҳнию иродавиро инкишоф диҳад ва таҳким бахшад. Дар чунин ҳолат дар рафтори варзишгар қолаби устувори динамикӣ ташаккул меёбад, ки дар шароити ба муҳити ташаккули он монанд пурратар зоҳир мегардад.

Омодагии равонии варзишгар тавассути маҷмӯи таъсирҳои гуногун амалӣ мешавад. Ба онҳо усулҳои боваркунонӣ, талқин, худталқинкунӣ, тавсиядиҳӣ, тамрини аутогенӣ, гипноз, тамрини танзими равонӣ ва эҳсосию иродавӣ, тамринҳои моделӣ, вазъиятӣ ва идеомоторӣ, расмиёти физиотерапевтӣ, усули гузариш ба фаъолияти дигар ва истироҳат дохил мешаванд [4, с. 114].

Ҳангоми пайдо шудани вокунишҳои невротикӣ дар варзишгар ё машқкунандагон ин усулҳо метавонанд барои оромсозӣ бо воситаҳои доруворӣ ё кумаки равоншиносон пурра карда шаванд.

Нақши пешбар дар амалӣ намудани омодагии равонӣ, бешубҳа, ба мураббӣ тааллуқ дорад. Мураббӣ низ, ба монанди варзишгар, бояд аз ҷиҳати равонӣ барои амал намудан дар вазъиятҳои фавқулода омода бошад. Ӯ бояд усулҳои худтанзимкунии ҳолати худро аз худ карда бошад.

Амалҳои андешидашуда, мунтазам ва хуб ҳамоҳанггардидаи мураббӣ ва варзишгарон метавонанд устувориро нисбат ба таъсири номусоиди омилҳои стресс зиёд намоянд. Ин амалҳо дар якҷоягӣ бо воситаҳои дигар ҳолати омодагии сафарбаронаи варзишгарро ба мусобиқаҳои дарпешистода ба вуҷуд меоранд.

Омодагии бевосита барои иштирок дар мусобиқаи мушаххас қисми аз ҳама масъулиятнок ва ҳамзамон мураккабтарини омодагии равонӣ мебошад. Мураккабии он дар зарурати идоракунии бевоситаи ҳолати равонии варзишгар ифода меёбад.

Ташаккули маҳорати иштирок дар мусобиқа дар варзишгар раванди мураккаб ва тӯлонӣ мебошад. Аммо ҳангоми омодагӣ ба мусобиқаи мушаххас ин маҳорат тавассути дуруст муайян намудани ҳадафҳои мусобиқаӣ, ташаккули равонагӣ ба ноил шудан ба онҳо ва таҳкими боварӣ ба эҳтимоли баланди ба даст овардани ин ҳадафҳо инкишоф меёбад.

Муҳим аст, ки равонагӣ ба ноил шудан ба ҳадафҳо барои варзишгар ҳам аҳаммияти ҷамъиятӣ ва ҳам аҳаммияти шахсӣ дошта бошад. Ҳадафҳо барои ҳар як варзишгар бояд воқеӣ ва дастрас бошанд. Боварии ҳар як варзишгар ба неруи худ дар асоси маълумот дар бораи сатҳи омодагии шахсӣ ва сатҳи омодагии ҳарифон ташаккул меёбад.

Ҳолати равонии ҳар як варзишгар пеш аз мусобиқа, дар ҷараёни он ва баъд аз анҷоми мусобиқа аҳаммияти муҳим дорад. Ин ҳолат хусусияти комилан инфиродӣ дошта, хеле тағйирёбанда мебошад. Ба ҳолати варзишгар омилҳои объективӣ ва субъективие таъсир мерасонанд, ки вазъияти фаъолияти ӯро ташкил медиҳанд.

Барои ба даст овардани омодагии беҳтарини равонӣ варзишгар бояд равандҳои равонии худро дар вақти мусобиқа ё тамрин фаъолона ва бошуурона назорат ва ҳидоят намояд.

Ҳолати омодагии варзишгар бо ҳисси тароват, барангехтагии сабук ва боварӣ ҳангоми интизори рӯ ба рӯ шудан бо ҳариф тавсиф мегардад. Ҳолатҳои дигар то андозае номусоид буда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳадафи омодагӣ барои иштирок дар вохӯрӣ ба даст наомадааст [4, с. 114].

Ҳангоми таҳлили ҳолати пеш аз оғози мусобиқа бояд равандҳои невротикие, ки варзишгар онҳоро дарк намекунад, аз фаъолияти равонии бошуурона ва назоратшаванда фарқ карда шаванд. Барои танзими ҳолати пеш аз оғози мусобиқа дар марҳилаи пешазмусобиқаӣ моделсозии дақиқи ҳолатҳои равонии мусобиқаи дарпешистода муҳим мебошад.

Ҳолати омодагӣ бевосита дар рӯзи мусобиқа ва пеш аз ворид шудан ба майдон ба дараҷаи баландтарини худ мерасад. Вазифаи асосии варзишгар дар ин лаҳза мутамарказ намудани тамоми диққат ба ҳадафест, ки бояд дар мусобиқа ба даст оварда шавад.

Дар раванди мусобиқа ҳолати равонии варзишгар пайваста тағйир меёбад. Ин тағйирот аз ҷараёни муборизаи варзишӣ, хусусиятҳои шахсият ва дигар омилҳо вобаста мебошанд. Пайдоиши «шоки равонӣ», ки дар натиҷаи муқовимати ғайричашмдошти шадиди ҳариф ба вуҷуд меояд, махсусан хатарнок аст. Дар чунин лаҳза иродаи варзишгар фалаҷ мегардад. Дар ин ҳолат нақши пешсафони даста ва мураббӣ, ки метавонанд варзишгарро аз ҳолати шок берун оваранд, ҳалкунанда мешавад. Ба ӯ кумак кардан зарур аст, то диққаташро ба амалҳои худ мутамарказ намояд, на ба рафтори ҳариф ё эҳсосоти шахсии худ. Варзишгар бояд тавонад аз таъсири равонии ҳариф фосила гирифта, ба нақшаи худ, ҳисобу китоби дақиқи

имкониятҳо ва захираҳои боқимонда такя намояд. Ин қобилият тавассути омодагии пешакӣ ва мунтазам тарбия карда мешавад [11, с. 37].

Роҳбарии мураббӣ ба амалҳои варзишгар аҳаммияти ниҳоят муҳим дорад. Он асосан тавассути дастурдиҳӣ амалӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, ҳавасмандсозии лафзӣ бояд эҳтиёткорона истифода шавад. Бевосита пеш аз оғози мусобиқа ва дар ҷараёни он беҳтар аст аз чунин ҳавасмандсозӣ пурра худдорӣ карда шавад.

Дастурҳои марбут ба мусобиқа бояд пешакӣ, 2–3 соат пеш аз бозӣ дода шуда, 5–10 дақиқа пеш аз ворид шудан ба майдон такроран пешниҳод гарданд. Пеш аз вохӯрӣ бо ҳарифони пурқувват беҳтар аст чунин дастурдиҳӣ 20–30 дақиқа пеш аз оғози мусобиқа анҷом дода шавад. Дастурҳое, ки ба барангехтагии аз ҳад зиёди эҳсосӣ равона шудаанд, комилан номатлуб мебошанд. Пас аз онҳо варзишгар зоҳиран ба кӯшишҳои шадидтар қодир мегардад, аммо ин таъсир зуд аз байн меравад.

Дар шароити муосир омодагии равонӣ ва ахлоқию иродавии варзишгар ба яке аз муҳимтарин омилҳои бартарии ӯ табдил меёбад. Ҳар як мусобиқа, пеш аз ҳама, муборизаи зеҳнҳо, хислатҳо ва принсипҳои ахлоқие мебошад, ки варзишгарон дар фаъолияти худ ба онҳо такя менамоянд. Ғалаба бештар насиби онҳое мегардад, ки иродаи қавӣ, маҳорати идоракунии худ ва қобилияти пайравӣ аз ангезаҳои баланди ғоявию ахлоқиро ҳатто дар мураккабтарин вазъияти муборизаи варзишӣ нишон медиҳанд. Чунин сифатҳо бояд ба ҳар як варзишгар хос бошанд [10, с. 124].

Исбот шудааст, ки таҳлили оромона ва муфассал нисбат ба барангехтани шитобкоронаи эҳсосот самараноктар мебошад. Дар чунин ҳолатҳо дақиқии амалҳои баскетболбозон ва футболбозон 39 фоиз зиёд гардидааст, дар ҳоле ки баъд аз даъвати «фаъолкунанда» он ҳатто коҳиш ёфтааст; қувва бошад, танҳо 18 фоиз афзудааст, дар муқоиса бо 42 фоиз.

Ҷолиби диққат аст, ки бартараф намудани барангехтагии аз ҳад зиёд бештар ба сатҳи тобоварӣ таъсир мерасонад. Ин ҳолат барои мусобиқаҳои тӯлонӣ, аз ҷумла бозиҳои варзишӣ, аҳаммияти махсус дорад.

Тарбияи ҷисмонӣ низоми мақсаднок, дақиқ ташкилшуда ва ба таври нақшавӣ амалишавандаи фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ дар муассисаҳои таълимӣ мебошад. Тавассути фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ мушакҳо қавӣ гардида, низомҳои устухонӣ, асабӣ ва рагӣ таҳким меёбанд, муқовимати организм ба бемориҳо зиёд мешавад, қобилиятҳои ҷисмонӣ такмил меёбанд ва сатҳи устувории ахлоқию равонӣ баланд мегардад [3, с. 234].

Суҳбат бо варзишгарон пеш аз оғози мусобиқа бояд хусусияти баёни мухтасари нақшаи тактикии иштирокро дошта бошад. Диққат бояд ба он равона карда шавад, ки ба чӣ ноил шудан лозим аст ва барои ин кадом амалҳо бояд иҷро карда шаванд.

Таъсири равонӣ бояд шиддатнокии ҳолатро бартараф намуда, ба оромшавӣ мусоидат кунад. Ин имкон медиҳад, ки аз шиддати аз ҳад зиёд пешгирӣ шуда, равшании тафаккур таъмин гардад. Дар варзишгар ҳисси хушбинӣ ва боварӣ инкишоф меёбад. Барои ин бояд далелҳое пешниҳод карда шаванд, ки имконияти ғолиб омадани дастаро нишон медиҳанд.

Таъсири равонӣ ҳамчунин бояд варзишгарро бовар кунонад, ки агар ӯ тамоми имкониятҳои худро истифода барад, фаъолияти ӯ мусбат арзёбӣ хоҳад шуд. Ба варзишгар бояд он чизҳое ёдрас карда шаванд, ки барои ӯ аҳаммияти бештар дошта, ба иштироки муваффақона дар мусобиқа мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, ӯро бояд бовар кунонд, ки иродааш бояд устувор бошад ва кӯшиши махсус зарур аст, аммо ин кӯшиш бояд таҳти назорат қарор дошта бошад. Дар ин маврид набояд дар бораи хатоҳои эҳтимолӣ сухан гуфт [9, с. 164].

Таҳлили ҳар як бозӣ набояд фавран баъд аз анҷоми он гузаронида шавад. Он бояд рӯзи дигар анҷом дода шавад, вақте ки имконияти арзёбии воқеъбинонаи амалҳои худ ва муайян намудани камбудиҳо ва иштибоҳҳои дар мусобиқа содиршуда фароҳам меояд. Иштироки гуногуни варзишгарон, пеш аз ҳама, маҳсули фаъолияти шуури инсон ва шакли фаъолияти эҷодию дигаргунсозандаи ӯ мебошад. А. М. Горкий ин хусусиятро чунин баён намудааст: бозии варзишӣ «роҳи шинохти ҷаҳонест, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд ва барои дӯст доштану дигаргун сохтани он рисолат доранд».

Дар варзишгарони дорои навъи заифи низоми асаб, инчунин дар шахсони хаста ва аз ҳад зиёд мондашуда дар ҷараёни мусобиқа аксаран вокунишҳои невротикӣ ба вуҷуд меоянд. Ин вокунишҳо бо ихтилолҳои вегетативӣ, маҳдудшавии озодии ҳаракат ва тарангии бадан

ҳамроҳӣ мекунанд. Дар чунин ҳолат амалҳои худкоршуда ва дорои ҳамоҳангии мураккаб халалдор гардида, самтгирӣ дар вазъият ва қабули қарор душвор мешаванд.

Барои бартараф намудани чунин ҳолат таъсири психотерапевтӣ, чораҳои пешгирикунандаи физиологӣ ва табобати доруворӣ истифода мешаванд. Пас аз муайян кардани хусусияти осебрасони равонии ангезанда суҳбатҳои махсус гузаронида мешаванд, ки дар онҳо усулҳои зерин истифода мегарданд:

- «баррасии мустақими ҳариф», ки ҳангоми истифодаи он ҷиҳатҳои пурқуввати ҳариф бошуурона нодида гирифта шуда, диққат ба нуқсонҳои ӯ равона мегардад;
- «баррасии ғайримустақими ҳариф», ки ҳангоми истифодаи он суҳбат дар мавзуъҳои дигар гузаронида шуда, таҳлил мувофиқи барномаи мухтасар сурат мегирад;
- «бекор кардани манъи хатои бозӣ», ки ҳангоми истифодаи он пешниҳод мешавад, ки бозигарон аз оғози бозӣ, бе нигаронӣ аз иштибоҳҳои эҳтимолӣ, бо суръати баланд ташаббуси ҳарифро маҳдуд намоянд [4, с. 116].

Масҳи умумӣ ва сегментӣ, инчунин сеансҳои гипноз таъсири оромкунанда доранд. Гипноз дар мусобиқаҳои варзишӣ ҳарчи бештар истифода мешавад. Тавассути он бартараф намудани вокунишҳои невротикӣ, беҳтар кардани ҳамоҳангии ҳаракатҳо ва таъмини истироҳати пурратар имконпазир мегардад.

Вақте ки вокунишҳои невротикӣ хусусияти устувор пайдо мекунанд, табобат зарур мешавад. Дар чунин ҳолат метавон тамринҳоро аз рӯйи ҷадвали инфиродӣ, бо ҳаҷми камтар, бо гузариш ба намудҳои дигари фаъолият ё бо фароҳам овардани истироҳати пурра ташкил намуд.

Пас аз мусобиқаҳо ва махсусан баъд аз мағлубиятҳо барқарорсозии равонӣ зарур мебошад. Агар дар шароити муқаррарӣ барои барқароршавии равонӣ 8–16 соат кофӣ бошад, пас аз мусобиқаҳои вазнин на камтар аз 2–3 рӯз лозим мегардад. Дар ин давра гузариш ба дигар намудҳои варзиш, сафарҳои берун аз шаҳр ва тамрин дар муҳити табиӣ, тамошои театр, осорхона ва кино, инчунин сайру гашт дар боғҳо муфид мебошанд [1, с. 168].

Рафтори мураббӣ баъд аз мағлубияти ҳар як варзишгар аҳаммияти хеле муҳим дорад. Мураббӣ бояд ноумедии худро пинҳон намояд, мағлубиятро бо доварии нодуруст сафед накунад ва ба рафторе роҳ надиҳад, ки ба андешаи худи ӯ барои шахси тарбиядида номуносиб мебошад. Ба варзишгарон бояд нишон дода шавад, ки ғамгинӣ ҳолати табиӣ аст, аммо он набояд ба нобоварӣ ба худ табдил ёбад.

Камбудиҳои омодагии равонӣ асосан аз набудани самти равонӣ дар раванди омодагӣ бармеоянд. Дар натиҷа, варзишгарон ба зоҳир намудани сифатҳои зарурии равонӣ одат намекунанд ва дар онҳо малакаҳои мувофиқ ташаккул намеёбанд.

Аз ин рӯ, чунин машқҳо заруранд, ки дар онҳо хусусиятҳои равонии мувофиқ ба шароити мусобиқа аз нав таҷассум карда шаванд. Бо ин мақсад тамринҳои моделӣ ва вазъиятӣ ҳарчи бештар истифода мегарданд.

Тамрини моделӣ шароити мусобиқаи дарпешистодаро бозофарӣ менамояд. Дар он на танҳо тактикаи ҳариф, балки хусусиятҳои майдон, вокуниши тамошобинон, вақти баргузории бозӣ ва шароити табиӣ низ таҷассум карда мешаванд. Чунин тамрин барои мутобиқ намудани варзишгарон ба шароити мусобиқа пешбинӣ шудааст [2, с. 138].

Хулоса: Тамрини вазъиятӣ барои ташаккули қолаби устувори амалҳои бозӣ дар вазъиятҳои алоҳидаи калидӣ ё дар тамоми ҷараёни бозӣ пешбинӣ мегардад. Бо ин мақсад ба тамрин дастаи дигаре даъват карда мешавад, ки услуби бозии он ба услуби ҳарифи дарпешистода наздик бошад, ё вазъиятҳое ба таври махсус бозофарӣ карда мешаванд, ки эҳтимоли рӯ ба рӯ шудан бо онҳо дар мусобиқаи дарпешистода бештар мебошад.

Адабиёт

1. *Анисимова Н.В. Нравственность и здоровье // Н.В. Анисимова Классный руководитель, 1999, № 6. – 230 с.*
2. *Асозода Б.Дж. Особенности физического развития детей / Б.Дж. Асозода - Душанбе, 2019. – 248 с.*
3. *Гадоев М.А. Бозиҳои варзишӣ дар низоми умумии тарбияи ҷисмонӣ / М.А. Гадоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Силсилаи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. – 2014. – № 1 (56-2). – С. 234–236.*
4. *Горький А.М. Сложность игры / А.М. Горький - Москва, 1976. – 194 с.*
5. *Голов А.Г. Сохранение и укрепление здоровья учащихся как педагогическая проблема / А.Г. Голов - Пятигорск: Изд-во ПГЛУ, 1999. – 178 с.*
6. *Медицина и здоровье. Золотое правило здоровья, или новый государственный заказ //*

Учительская газета, 2000, № 43.
7. *Намозов Т.Б. Спортивные игры в общей системе физического воспитания / Т.Б. Намозов // Вестник педагогического университета. (Серия 2. Педагогика и психология, методика преподавания гуманитарных и естественых дисциплин). – 2025 № 4 (26) - С. 48-54.*
8. *Портных Ю.И. Спортивные игры и методика преподавания / Ю.И. Портных - Москва, 1986. – 254 с.*
9. *Плеханов Г.В. Спортивное игры в детстве / Г.В. Плеханов – Москва, 1988. – 216 с.*
10. *Ушинский К. Д. Педагогические сочинения / К.Д. Ушинский - Москва, 1988. - С. 323 с.*
11. *Щуркова Н.Е. Программа воспитания школьников / Н.Е. Щуркова – Москва, 1998. – 48 с.*

ОМОДАГИИ РАВОНӢ ВА АХЛОҚИЮ ИРОДАВИИ ВАРЗИШГАР БАРОИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ

Дар мақола масъалаҳои омодагии равонӣ ва ахлоқию иродавии варзишгарон дар раванди таълиму тамрини бозиҳои варзишӣ баррасӣ мешаванд. Аҳаммияти ин омодагӣ дар ташаккули шахсият, ҷаҳонбинӣ, тарзи ҳаёти солим ва қобилияти идоракунии рафтор муайян мегардад. Вазифаҳои омодагии умумӣ ва махсуси равонӣ, роҳҳои инкишофи қатъият, суботкорӣ, ҷасорат, ташаббускорӣ ва масъулиятшиносӣ таҳлил карда мешаванд. Ба нақши мураббӣ дар ташкили муҳити тарбиявӣ, таҳкими ангезаи варзишӣ ва таъмини омодагӣ ба мусобиқа диққати махсус дода мешавад. Усулҳои боваркунонӣ, худталқинкунӣ, тамрини аутогенӣ, моделӣ, вазъиятӣ ва идеомоторӣ ҳамчун воситаҳои танзими ҳолати равонӣ тавсиф мегарданд. Ҳамчунин, хусусиятҳои ҳолатҳои пешазмусобиқаӣ, таъсири омилҳои стресс, вокунишҳои невротикӣ ва зарурати барқарорсозии равонӣ баъд аз мусобиқа шарҳ дода мешаванд. Таъкид мегардад, ки омодагии мунтазам ва мақсаднок ба инкишофи устувории равонӣ, худназоратӣ, тафаккури тактикӣ ва муносибати одилона ба ҳариф мусоидат менамояд. Хулоса мешавад, ки ҳамоҳангии омодагии ҷисмонӣ, техникӣ, тактикӣ ва равонӣ заминаи муҳими иштироки самаранок дар мусобиқа ва тарбияи варзишгари дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ дар шароити муосир ба шумор меравад.

Калидвожаҳо: омодагии равонӣ; тарбияи ахлоқию иродавӣ; бозиҳои варзишӣ; варзишгар; мураббӣ; устувории равонӣ; худтанзимкунӣ; ангезаи варзишӣ; мусобиқа; барқарорсозии равонӣ.

ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ И МОРАЛЬНО–ВОЛЕВАЯ ПОДГОТОВКА СПОРТСМЕНА ДЛЯ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ

В статье рассматриваются вопросы психологической и морально-волевой подготовки спортсменов в учебно-тренировочном процессе спортивных игр. Раскрывается значение данной подготовки для формирования личности, мировоззрения, здорового образа жизни и способности управлять собственным поведением. Анализируются задачи общей и специальной психологической подготовки, способы развития решительности, настойчивости, смелости, инициативности и ответственности. Особое внимание уделяется роли тренера в организации воспитательной среды, укреплении спортивной мотивации и обеспечении готовности к соревнованиям. Характеризуются методы убеждения, самовнушения, аутогенной, моделированной, ситуационной и идеомоторной тренировки, направленные на регулирование психического состояния. Рассматриваются особенности предсоревновательных состояний, воздействие стрессовых факторов, невротические реакции и необходимость психологического восстановления после соревнований. Подчеркивается, что систематическая и целенаправленная подготовка способствует развитию психологической устойчивости, самоконтроля, тактического мышления и уважительного отношения к сопернику. Отмечается значение индивидуального подхода, согласованности действий тренера и спортсменов, а также соблюдения принципов честной спортивной борьбы. Делается вывод, что единство физической, технической, тактической и психологической подготовки является важной основой результативного участия в соревнованиях и воспитания спортсмена, обладающего высокими нравственными качествами в современных условиях.

Ключевые слова: психологическая подготовка; морально-волевое воспитание; спортивные игры; спортсмен; тренер; психологическая устойчивость; саморегуляция; спортивная мотивация; соревнование; психологическое восстановление.

PSYCHOLOGICAL AND MORAL-VOLITIONAL PREPARATION OF AN ATHLETE FOR A HEALTHY LIFESTYLE

The article examines psychological and moral-volitional preparation within the teaching and training process of team sports. It explains the importance of this preparation for personality development, worldview formation, healthy lifestyles, and behavioral control. The objectives of general and specialized psychological preparation are analyzed alongside methods for developing determination, perseverance, courage, initiative, and responsibility. Particular attention is paid to the coach’s role in creating an educational environment, strengthening sporting motivation, and ensuring competitive readiness. Persuasion, autosuggestion, autogenic training, simulation, situational practice, and ideomotor training are described as methods for regulating psychological states. The article also addresses precompetition states, stress factors, neurotic

reactions, and psychological recovery following competition. Systematic preparation is presented as supporting psychological resilience, self-control, tactical thinking, and respect for opponents. Individualized approaches and coordinated coaching are emphasized. The article concludes that integrated physical, technical, tactical, and psychological preparation supports effective competitive participation and the development of athletes with strong moral values.

Keywords: psychological preparation; moral-volitional education; team sports; athlete; coach; psychological resilience; self-regulation; sporting motivation; competition; psychological recovery.

Дар бораи муаллиф
Намозов Тошқул Буриевич
Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи граждани
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
E-mail: toshkuln@mail.ru

Об авторе
Намозов Тошкул Буриевич
Кандидат педагогический наук, заведующий кафедрой физического воспитания и гражданской обороны
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: toshkuln@mail.ru

About the author
Namozov Toshkul Burievich
Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Physical Education and Civil Defense
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: toshkuln@mail.ru

ТДУ 372.891:37.013

ОМОДАСОЗИИ КАСБӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ГЕОГРАФИЯ БА ФАЪОЛИЯТИ ТАҲҚИҚОТӢ-ТАЪЛИМӢ

Табаров Д. Д.
Институти технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Самаранокии натиҷаҳои таълимро дар муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ сатҳу сифати омодагии касбии хатмкунандаи он, ки ҷавобгӯй ба ниёзҳои бозори меҳнат ва талаботи ҷомеаи муосир мебошад, муайян менамояд. Вазифаи асосии таҳсилоти олии касбии педагогӣ такомули шахсият ва сифатҳои касбии омӯзгорони оянда буда, дар нерӯмандгардонии маърифатию маънавӣ, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва рушди тафаккуру ҷаҳонбинии онҳо мусоидат менамояд.

Стандартҳои муосири давлатии таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти омодасозии бакалавр ва мутаххасисон - омӯзгорони фанҳои табиӣ талаботро барои омодагии касбиашон, тавассути ташаккули салоҳиятҳои касбӣ-омӯзгорӣ ба низом медарорад. Ташаккул ва инкишофи салоҳиятҳои касбии омӯзгорони ояндаи география аз донишҷӯёни факултетҳои географияи донишгоҳҳои педагогӣ тақозо менамояд, ки дар таҳияи ҷузъҳои алоҳидаи барномаҳои таълимии асосӣ ва иловагӣ, ки фаъолиятҳои таҳқиқотиро дар бар мегиранд иштирок кунанд. Салоҳиятҳои касбии омӯзгори география сифатҳои шахсии азхудкунӣ ва амалисозии донишҳои асосии илмию назариявӣ ва малакаҳои амалиро дар фаъолияти касбии ояндаашон таъмин менамояд.

Ислоҳот ва рушди ҷомеа пешорӯи низоми таҳсилот дар самти омодасозии омӯзгорони ояндаи география, талаботи наверо ба миён мегузорад, ки он ба тағйироти мазмуни таълими географияи мактабӣ нигаронида шудааст. Ин ҳадаф пеш аз ҳама ба бой гардонидани мазмуни таълим бо ғояҳои инсондӯстӣ, экологӣ, иқтисодӣ, кишваршиносӣ ва фарҳангӣ нигаронида шуда, ба рушди шахсияти хонанда, дар муҳити воқеии зудинкишофёбандаи иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Махсусан тамоили кишваршиносӣ дар омодагии касбии омӯзгорони ояндаи фанни география нақши муҳим мебозад. Он дар раванди таълими география мушаххасот, аёният, амалиёт ва истифодаи таҷрибаи иҷтимоии шахсии хонандагонро таъмин намуда, мазмуни таълими географияро бой ва асоснок мегардонад. Он ба омӯзгори географи имкон фароҳам меоварад, ки бо шароити табиӣ-иқлимӣ, таъсири он ба ташаккул ва инкишофи фарҳанги минтақае, ки дар он истиқомат мекунад, хонандагонро шинос намуда, онҳоро ба омӯзиши амиқи зодгоҳаш, иҷрои амалҳои мушаххас дар нигоҳдошт ва бойгардонии табиати он водор менамояд.

Доштани сифатҳои таҳқиқотӣ дар шароити муосири рушди ҷомеа аҳаммияти махсусеро пайдо мекунад. Аксари олимони педагог дар самти методикаи таълим, рушди маҳорату малакаҳои тадқиқотии омӯзгори ояндаи географияро аз тамоилоти махсуси низоми таҳсилоти муосир мешуморанд, ки он аз шаклҳои асосии тарҳрезии таҳсилоти ба рушди шахсияти донишҷӯ нигаронидашуда мебошад. Ин маънои расонидани таъсири универсалиро ба тамоми ҷузъиёти шуури донишҷӯй, ба монанди арзишҳои эҳсосӣ, иродавӣ ва фикриро дорад.

Омодасозии омӯзгори ояндаи фанни география дар донишгоҳҳои омӯзгории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва инкишоф додани салоҳияти таълимӣ-тадқиқотии шогирдонашон, бо роҳи тадричан инкишоф додани ҷузъҳои сохтории он, ки инкишофи шахсияташонро танзим ва таъмин мекунад, зарур мебошад. Дар шароити муосир, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мисли дигар давлатҳои рӯй ба инкишоф, ба шахсиятҳои босавод, донишманд ва сифатҳои таҳқиқотчидошта ниёзи бештаре дорад.

Зеро дар шароити ҷаҳонишавии босуръат давлатҳои нисбатан камнуфуз ва камҳудуд, ки шахсиятҳои донишманду таҳқиқотчиашон камтар аст ва аҳолиашон дар таҳти таъсири бесаводию бешуури мондаанд, зиёдтар заъфи осебпазирӣ пайдо мекунанд. Шахсиятҳои дорои сифатҳои таҳқиқотчигӣ бошанд қодиранд мушкилоти бунёдии нав бамиёномадаро ба зудӣ ошкор намуда, роҳҳои нисбатан мувофиқтари ҳалашонро пайдо кунанд. Муассисаи таълимии муосир бояд ба рушди шахсияти хонандагон тавассути ташаккул додани сифат ва салоҳиятҳои тадқиқотии онҳо диққати махсус диҳанд.

Ин талабот заруриятеро ба миён меорад, ки ҷиҳати омодагии касбӣ методии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаи география барои самаранок ташкил намудани фаъолияти таҳқиқотии хонандагон дар мактаб, аз курсҳои аввали таҳсил дар муассиаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Профессор Т.Б. Раҷабов мушкилоти низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва талаботи ҷомеаи муосирро ба низоми таҳсилот ҷиҳати ташаккул ва инкишофи шахсиятҳои ба талаботи замон ҷавобгӯй баррасӣ намуда, диққати асосиро ба омодагии касбӣ-методии омӯзгорони оянда ба фаъолиятҳои таҳқиқотӣ таълимӣ равона менамояд. Аз ҷумла мубрамияти масъаларо дарк намуда таъкид менамояд, ки «Имрӯз ба омодагии касбӣ - методии омӯзгорон талаботи баланд гузошта мешавад. Механизми худинкишофдиҳии шахсӣ дар мактаб фаъол гардида, омилҳои он ошкор карда шудаанд, ки онҳо дар эҷодкорӣ ва навоварии омӯзгорон, таъсиси мактабҳои нав, таҳия ва татбиқи ҷунсурҳои нав дар мазмуни таълим, технологияҳои нави таълимӣ, тақвияти робитаҳои мактаб бо илм ва муроҷиат ба таҷрибаи педагогии ҷаҳонӣ инъикос ёфтаанд. Омӯзгор ҳамчун субъекти раванди педагогӣ, дар меҳвари ҳама гуна тағйироти низоми таҳсилот меистад» [11, с. 2].

Сифатҳои омодагии омӯзгори муосирро ба фаъолияти инноватсионӣ таълимӣ баррасӣ намуда, Т.Т. Раҷабов таъкид менамояд, ки омӯзгори муосир бояд ба таври доимӣ ба инкишофи шахсӣ ва касбии худ аҳаммият дода, на танҳо навовариҳои дигаронро дар раванди фаъолияти касбиаш истифода намояд, балки дар эҷоди навовариҳои шахсӣ дар методикаи таълим бо таври доимӣ эҷодкорона муносибат намояд. Аз ҷумла менависанд: «Мушкилоти мазкур бо масъалаи рушди субъективӣ, худинкишофдиҳӣ ва худшиносии эҷодии касбӣ-методии, ниёзҳои ботиниашон на танҳо барои дастгирии равандҳои инноватсионӣ, балки барои ҳалли мустақилонаи масъалаҳои методӣ низ зич алоқаманд аст.

Айни замон, таҳлили барномаҳои касбию методӣ ва таҷрибаи таълим нишон медиҳад, ки аксарияти муаллимон наметавонанд ниёзҳои ҷомеа, мактаб ва ё ниёзҳои шахсии худро қонеъ гардонанд, зеро онҳо барои ҳалли эҷодии масъалаҳои методӣ ё худшиносии илмӣ омода нестанд» [11, с. 3].

Е.А. Таможняя самти омодагии касбии омӯзгорони ояндаи геграфияро таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулосае меояд, системаи омодасозии методии омӯзгорони ояндаи география бознигарӣ ва тайироти ҷиддиро тақозо менамояд. Аз ҷумла қайд менамояд, ки: «Омодагии методӣ ҳамеша қисми муҳимми омодагии касбии муаллимони ҷуғрофия дар донишгоҳҳои педагогӣ ҳисобида мешуд. Онро метавон ҳамчун системае баррасӣ кард, ки ҳадаф, мундариҷа, усул, восита ва шаклҳои ташкили омӯзиши донишҷӯёнро дар бар мегирад. Аммо, системаи омӯзиши методии муаллимони ҷуғрофия, ки айни замон татбиқ мешавад, тағйироти назарраси сифатиро талаб мекунад. Ин аз якчанд омилҳо вобаста аст» [14, с. 2].

У.А. Беловолова ва Е.А. Гончар омодагии касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи географияро, ҳамчун салоҳиятҳои методии онҳо баррасӣ менамоянд. Қайд менамоянд, ки «Салоҳиятҳои методӣ дар дохили системаи таълими методӣ (робитаи байни шаклҳои гуногуни ташкили раванди таълим, фанҳо ва курсҳои интихобӣ дар доираи давраи касбӣ, таҷрибаомӯзӣ) инкишоф меёбанд. Азхудкунии салоҳиятҳо дар ин ҷузъи нақшаи таълимӣ тавассути системаи дониш ва малакаҳои методӣ (дар сатҳи азхудкунии усулҳо ва усулҳои тарҳрезӣ, ташхис ва танзими раванди таълим), инчунин малакаҳои таҳқиқотӣ ва инъикосӣ таъмин карда мешавад. Салоҳиятҳои методӣ асосан ҳамчун муттаҳидкунандаи салоҳиятҳои фаннӣ, умумии касбӣ ва умумии фарҳангӣ ва самтҳои арзишмандии донишҷӯй амал мекунанд, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки масъалаҳои таълимӣ дар вазъияти мушаххаси амалӣ ҳал карда шаванд» [2, с. 22].

Албатта ба ақидаи Е.А. Таможняя, У.А. Беловолова, Е.А. Гончар ва Т.Б. Раҷабов розӣ нашудан мумкин нест. Зеро ки низоми методии таълими донишҷӯён дар омодагии касбии онҳо нақши калидиро бозида, такмил ва таҷдиди ҷиддиро тақози менамояд.

А.З. Сафиуллина масъаларо баррасӣ намуда зарур мешуморад, ки: «Барои рушди маҳорату малакакаҳои тадқиқотӣ кишваршиносии географӣ шароити мусоид фароҳам оварда метавонад. Он ба мактаббачагон имкон медиҳад, ки худро дар манзараҳои муосири зодгоҳи худ «ғарқ кунанд». Ин муносибат имконият фароҳам меорад, ки соҳаҳои аз ҷиҳати зеҳнӣ ва эмотсионалӣ-арзишманди даркнамоии объектҳои ҷуғрофӣ муттаҳид карда шаванд, дониш инкишоф дода шавад, эҳсоси ватандӯстӣ ва муҳаббат ба табиат ташаккул карда шавад [13, с. 17].

А.Ю. Ефимова омӯзгори географияро дар рушди донишҳои экологии наслҳои оянда шахсияти калидӣ шуморида, инкишоф додани омодагии касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи

географияро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ барои тавассути фаъолиятҳои таҳқиқоқотӣ аз худ кардани донишҳои экологӣ, таълими экологӣ ва омодагии онҳо барои кор бо хонандагон ҳатмӣ мешуморад [6, с. 1].

А.З. Сафиуллина ва А.Ю. Ефимова ҷузъиёти алоҳидаи омодагии касбии донишҷӯёнро баррасӣ намуда бошанд, ҳам ақидаи онҳо аҳаммияти бузургеро дорад. Дар шароити бо суръати ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии иқлим омодагии касбии омӯзгори география аз ҷанбаъҳои экологӣ ва фарҳангӣ гуманистӣ холӣ набошад, баракс он бояд ба ҷузъиёти таркибии омодагии методии онҳо табдил дода шавад.

Е.П. Аверина ва Л.А. Горшкова фаъолиятҳои таҳқиқотии омӯзгори ояндаи географияро тавассути фаъолиятҳои таҳсилоти иловагии географӣ баррасӣ намуда ташкили экспедитсияҳои тобистонаи таълимӣ- таҳқиқотӣ ва сайёҳатҳои таълимӣ-таҳқиқотиро дар ҳосилшавии тасаввуротҳои географии хонанданон муҳим арзёбӣ мекунанд [1, с. 3-6].

Омодагии омӯзгорони ояндаи географияи муакссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба фаъолиятҳои таҳқиқотӣ, аз сатҳи омодагии касбӣ-методологии онҳо, ки тавассути ҷалби мунтазами онҳо ба лоиҳаҳои бисёрсамтаи таҳқиқотӣ вобаста мебошад. Омодасозии касбии онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар доираи фаъолиятҳои таълимӣ-тарбиявии аудиторӣ, лабораторӣ ва беруназсинфӣ, ки имкон медиҳанд фазои таълимие фароҳам оварда шавад, ки ба амалисозии ҳадафҳои дар назди онҳо гузошташуда мусоидат менамоянд. Омодагии касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи география ба фаъолияти таҳқиқотӣ барои анҷом додани фаъолиятҳои самараноки таълимӣ-таҳқиқотӣ, тавассути ҷалби мунтазами онҳо ба фаъолиятҳои лоиҳавӣ-таҳқиқотии гуногунсамт амалӣ гардонида шаванд.

Муаллима Ҷ.М. Мусоҷонзода қайд менамояд: “Таҳқиқи малакаҳои маърифатӣ бе омӯзиши чаҳорчӯбаҳои меъёрии кунунӣ, маҳсулоти нармафзор ва маводи тавзеҳоте, ки дар адабиёт пешниҳод шудаанд, ғайриимкон аст” [10, с. 15]. Албатта муаллиф дуруст менамояд, ки дар омодагии касби омӯзгор донистани ҳуҷҷатҳои батанзимдарорандаи фаъолияти таълимӣ ва истифода аз воситаҳои мусоири таълим зарур аст.

А.С. Ананевская, А.М. Луговской ва Л.А. Межова омодагии омӯзгорони ояндаи фанни географияро ба фаъолиятҳои таҳқиқотӣ-таълимӣ аз мавқеи омодасозии онҳо ба барои иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ таҳқиқотии лоиҳавӣ бо хонандагон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, зарур мешуморанд, ки «Ҳамин тариқ, моҳияти омӯзиши лоиҳавӣ дар омӯзиши ба хонанда нигаронидашуда мебошад, ки ташаккули шахсиятеро пешбинӣ мекунад, ки қодир ба мустақилона гирифтани маълумот, қабули қарорҳои инноватсионӣ ва ёфтани роҳҳои ҳалли мушкилоти географии маҳаллӣ ва минтақавӣ мебошад» [8, с. 34].

М. А. Дадобоев дар омодсозии касбии омӯзгорони ояндаи география омодасозии онҳоро дар самти истифодабарии технологияҳои муосири иттилоотӣ ва рақамӣ зарур мешуморад. Ба ақидаи муҳаққиқ: «Марҳалаи нави инкишофи ҳамаи низомҳои ҷамъиятии мамлакат тахассусмандии муаллимонро махсусан талаб мекунад. Функсияҳои иҷтимоӣ-касбии муаллимон васеъ ва мураккаб мегарданд: омӯзгор имрӯз бояд фарҳанги иттилоотӣ ва саводнокии компютерӣ дошта бошад. Дар баробари ин дар 5-10 соли охир ҷаҳиши бузурге дар рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба вуҷуд омада, техникаро ниҳоят дастрас гардонид. Аз ин рӯ, ҷорӣ кардани технологияҳои компютериро дар таҳсилот қадами мантиқӣ ва зарурӣ дар инкишофи томи ҷаҳони иттилоотии муосир номидан мумкин аст» [5, с. 4].

Б. Маҷидова ва Н. С. Сулаймонова ҷанбаъҳои равонии омодасозии омӯзгори ояндаро омӯхта ба хулосае меоянд, ки дар ҷаҳони мусоир рушди тафаккури навоварона дар дар донишҷӯён зарур мебошад. Аз ҷумла қайд менамоянд, ки: «Дар шароити ҷаҳонишавии илму техника ва тағйироти босуръати иҷтимоӣ, зарурати ташаккули тафаккури навоварона ва бисёрҷанба дар фаъолияти омӯзгорӣ афзуда истодааст. Тафаккури бисёрҷанба ҳамчун қобилияти дарк ва коркарди иттилоъ аз дидгоҳҳои гуногун, имкони қабули қарорҳои мутавозин ва муносибат бо воқеиятро дар сатҳи мураккаб фароҳам меорад» [7, с. 228].

Б. М. Боев дар омодагии омӯзгори ояндаи география самти арзёбии дуруст ва бехатои натиҷаҳои таълимӣ-тарбиявии хонандагонро муҳим мешуморад, ки ин ба акидаи мо низ наздик аст. Муҳаққиқ қайд менамояд: «Ҳангоми омодагирӣ ба дарс омӯзгор ҳатман бояд дар хотир нигоҳ дошта бошад, ки дарёфт намудани шакл ва методҳои муносиби баҳогузорӣ ва ташкили он – яке аз вазифаҳои асосии педагог ба ҳисоб меравад. Киро, дар кадом лаҳза, чанд нафар хонанда, аз рӯи кадом саволҳои гузошташуда, бо кӯмаки кадом воситаҳо бояд пурсиш кард ва баҳо гузошт – ҳамаи ин бояд аз ҷониби омӯзгор ҳангоми банақшагирии дарс коркард гардад» [4].

А.Ҳ. Хоҷаева**,** З.М. Муинова ва С.А. Охунова ҷиҳатҳои ташкили фаъолиятҳои таълимии беруназсинфиро, ки яке аз чузъиёташ фаъолияти таҳқиқотӣ ба шумор меравад, таҳлил намуда чунин мешуморанд, ки онҳоро дар ҳамгироӣ бо дигар фанҳо, махсусан ҳамгироии фанҳои табиатшиносӣ гузаронидан муфид аст. Аз ҷумла онҳо қайд менамоянд, ки: «Омӯзгорони фанни география вобаста ба шароити мактаб метавонанд чорабиниҳои беруназмактабиро якҷоя бо дигар фанҳои таълимӣ гузаронанд…» [9, с. 167].

А. Самиев, М. Раҳимов ва Ш. Содиқов масъалаи омодасозии касбӣ методии омӯзгорони географияро муфассалтар ба риштаи таҳлил кашида, дар онҳо доштани маҳоратү малакаҳои таҳқиқотии гузошта тавонистани фарзия, аз ҷиҳати назариявӣ асонок карда тавонистани масъалаи таҳқиқшаванда, истифодаи методҳои оморӣ ва коркарди математикии онҳо, муқоиса, таҳлил, таркиб, мушоҳида ва озмоишро махсус зикр менамоянд. Онҳо таъкид менамоянд, ки: «Бояд қайд намуд, ки ҳама гуна пажуҳиш, аз ҷумла таҳқиқоте, ки дар доираи методикаи таълими география гузаронида мешавад, одатан аз мутолиа ва таҳлили адабиёти илмии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта оғоз меёбад, ки маводи таҳқиқотии дигарро муқоиса намуда, таҳқиқоти онҳоро такрор накунад» [12, с. 11].

Ба ақидаи Б. Ҷ. Бобоев: «Камбудии асосии дарсҳои таълимӣ мақсад нагузоштан ва ташкили нокифояи фаъолияти таҳқиқотӣ ва эҷодии мустақил мебошад. Дар омода намудани мутахассисони оянда дар шароити муосир ташаккули малакаҳои мустақилона аз худ намудани донишҳо дар фазои зудтағйирёбандаи воқеӣ ва имконоти имрӯзаи мо нақши асосиро мебозад» [3, с. 7].

Албатта ин нуктаҳои назарро мавриди таҳлил қарор дода, ба хулосае омадан мумкин аст, ки мушкили одӣ набуда, яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби низоми таҳсилот дар замони муосир ба шумор меравад.

Омодасозии омӯзгорони ояндаи география дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар сатҳи бакалавриат, аз рӯи ихтисосҳои «География», «География-Биология», «География-Экология» ва «География-иқтисодиёт» ва дар Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар сатҳи бакалавриат, аз рӯи ихтисосҳои «География» ва «География-иқтисодиёт» тавассути фаъолиятҳои муттасили аудиторию лабораторӣ, таҳқиқотии саҳроӣ ва таҷрибаомӯзии педагогию таълимӣ-истеҳсолӣ сурат мегирад.

Устодони кафедраҳои географияи табиӣ, экология, географияи иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва методикаи таълими геогарфияи ин донишгоҳҳо таҷрибаи бойи касбии назариявию амалиӣ дошта дар ташкил, омодагии касбӣ-методии донишҷӯёни имрӯза ва омӯзгорони ояндаи география саҳми босазоеро мегузоранд. Ин потенсиали илмию-таълимӣ солҳои охир тавассути ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо бо ҳамкории хонандагон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва деҳаҳои атрофи он мушкилии омодасозии омӯзгорони ояндаи географияро ба хубӣ омӯхта чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаанд. Корҳои таълимии аудиторӣ ва беруназаудитории ин устодон дар самти омодагии касбӣ методии омӯзгорони оянда дар самтҳои гуногун сурат мегиранд.

Самти аввалро чорабиниҳое дар бар мегиранд, ки аҳаммияти ҷумҳуриявӣ дошта, ба ҳукми анъана даромадаанд. Айни замон дар замони соҳибистиқлолии миллӣ бо ташаббусу дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба соҳаҳои илму маориф, китобу китобдорӣ ва ихтироъкориву навоварӣ диққат ҷиддӣ дода мешавад.

Яке аз дастовардҳои муҳимми даврони истиқлол, ин ташкили озмунҳои гуногуни илмӣ ба шумор мераванд. Ташкили озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи сӯбҳи доноӣ китоб аст”, “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” ва “Илм - фурӯғи маърифат” боис гаштанд, ки шумораи хонандагони болаёқат дар ҷумҳурӣ зиёд гарданд.

Бояд зикр намуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26 декабри соли 2019 пешниҳод намуданд, ки ҳамасола олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ оид ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баргузор гардонида шаванд.

Дар пайгирӣ аз он 31 январи соли 2020 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040 ба имзо расид.

Самти дуюми фаъолиятҳои таълимӣ-тарбиявие, ки ба самаранокии омодагии касбӣ-методиии омзгорони ояндаи география бахшида шудааст, ин дар доираи барномаи таълимӣ

ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, саҳроӣ, омӯзгорӣ ва истеҳсолӣ бо донишҷӯёни соли якум, дуюм, сеюм, чорум ва панҷуми таҳсилоти рӯзона ва фосилавӣ мебошад, ки дар рафти онҳо донишҷӯён маҳорату малакаҳои фаъолиятҳои илмӣ-таҳқиқотии синфию саҳроӣ, ташкили сайёҳатҳои таълимӣ, ҳамгиро гардонидани донишҳои географӣ, биологӣ, физикӣ ва химиявиро дар фаъолияти таҳқиқотии хонандагон, дар фаъолияти амалӣ истифода карда тавонистани донишҳои назариявии гирифтаашонро ҳосил намуда, бо таҷрибаи корӣ фаъолияти касбии муаллимони пешқадами географияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии такягоҳӣ шинос мешаванд. Кафедра семинари таълимӣ-методиро таҳти унвони «Татбиқи амалии Стандарти давлатии таълимӣ дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият» дар ҳар як моҳ як маротиба мегузаронад, ки дар он омӯзгорони муассиссаҳои таълимии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои атрофи он иштирок мекунанд.

Самти сеюми фаъолиятҳои таълимӣ тарбиявие, ки ба ташаккул ва инкишофи омодагии касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи география нигаронида шудааст, ин иштирок дар конференсияҳои илмӣ - амалии донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳрӣ ва минтақавӣ мебошад. Махсусан донишҷӯёни курсҳои болоӣ ва магистрантҳо ҳамчун коршинос ва аъзои ҳакамони олимпиадаҳои фаннии хонандагон итирок намуда дар фаъолиятҳои экологии ҷавонони шаҳр ҳамчун волонтёр саҳми худро мегузоранд.

Самти чоруми фаъолияти таълимӣ-касбӣ, ки ба омодасозиии касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи география нигаронида шудааст, ин дар асоси фармони вазири Маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷрибаомӯҳзии даррозмуддат ҷалб гардидани донишҷӯён-хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мебошад. Ин самт танҳо як душвориро ба миён меорад. Он ҳам бо ҳамаи онҳо расидагирӣ карда натавонистани устодон методистон аз тарафи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад. Барои рафъи ин мушкилӣ омӯзгорони амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳар сари 3 сол аз такмили ихтисос гузаронида мешаванд.

Мақсади асосии ин фаъолиятҳо такмили корҳои илмӣ, методӣ ва роҳнамоии касбии донишҷӯён буда, онҳоро ба такмили бефосилаи маҳорату малакаҳои касбӣ ва қобилиятҳои ташкили муҳити таълимии мусоид раҳнамун месозад. Он ҳамчунин ба инкишофи фаъолиятҳои инноватсионӣ, самаранокии таълим, таҳия ва тариқи озмоиш санҷидани самаранокии шаклу усулҳои муосири ташкили таълим, ки инкишофи шахсияти донишҷӯйро таъмин намуда нерӯи эҷодии онро тақвият мебахшад, дар бар мегирад.

Ташкили семинар-машваратҳои амалӣ, ки дар муассисаҳои такягоҳӣ баргузор мешаванд, ба омӯзгорони оянда имкон медиҳанд, ки оид ба шаклҳои инноватсионии ташкили фаъолиятҳои таълимии мактабӣ маълумот ҳосил намуда, хусусиятҳои истифодаи онҳоро барои рушди шахсияти хонандагон амиқ омӯзанд.

Ҳамин тавр, фаъолиятҳои гуногуни таълимии беруназаудиторӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки донишҳои асосии назариявиро дар бораи фаъолиятҳои таҳқиқотӣ-таълимӣ ҳосил намуда, малакаҳои амалии дар фаъолияти касбии худ истифода бурдани онҳоро, ки аз механизмҳои идоракунии сифати таълим мебошанд ташаккул диҳанд.

Адабиёт

1. *Аверина Е.П. Развитие дополнительного географического образования в научном обществе учащихся «АРЕАЛ» Школьная география: новая миссия и новые дидактические решения [Текст]: / Е.П. Аверина, Л.А. Горшкова. Материалы всероссийской научно-практической конференции. - Ярославль 2023. - 92 с.*
2. *Беловолова Е.А. Профессиональные компетенции будущих учителей в области географического образования: сущность, специфика, технология формирования [Текст]: Е.А. Беловолова, Е.А. Гончар // Преподаватель XXI век. – Москва: «Прометей» МПГУ, 2011. - № 2. с. 20-28.*
3. *Бобоев Б.Ҷ.. Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзишифанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия). [Матн]: Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ / Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич - Кӯлоб-2022. - 188 с.*
4. *Боев Б.М. Тартиби арзёбӣ ва баҳодиҳии сифати таълими география дар мактабҳо // Международный научный журнал «Вестник науки» № 6 (87) Том 4. июнь 2025 г.*
5. *Дадобоев, М.А. Инкишофи шавқи маърифатии хонандагон тавассути технологияи иттилоотӣ - коммуникативӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанни география) [Матн]: автореф… дисс…я барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ / Дадобоев Музаффарҷон Абдухолиқович, - Хуҷанд-2020. - 48 с.*

6. *Ефимова А.Ю. Формирование готовности будущих учителей географии к развитию природоохранных знаний у обучающихся [Текст]: Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук / Ефимова Анна Юрьевна Донецк – 2022. - 30 с.*
7. *Маҷидова Б., Раванди шаклгирии тафаккури бисёрҷанба дар фаъолияти педагогӣ: таҳлили психологӣ–дидактикӣ / Б. Маҷидова, Н. С. Сулаймонова. Раванди шаклгирии тафаккури бисёрҷанба дар фаъолияти педагогӣ: таҳлили психологӣ–дидактикӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Серияи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. № 2 (24) Душанбе – 2025. - Саҳ. 228 – 235.*
8. *Межова Л.А. и др. Школьная география: новая миссия и новые дидактические решения [Текст]: Л.А. Межова, А.С. Ананьевская, А.М. Луговской / Материалы всероссийской научно-практической конференции. - Ярославль 2023. – 92 с.*
9. *Муинова З.М. ва диг. Методикаи таълими география. [Матн]: С.А. Охунова, З.М. Муинова, А.Ҳ. Хоҷаева Қисми 1. Курси лексионӣ. –Хуҷанд: - Нури маърифат. - 2019. – 232 с.*
10. *Мусоджонзода Дж. М. Позновательные универсальные учебные действия - основной фактор формирования исследовательской компетенции учащихся / Дж. М. Мусоджонзода Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук. - № 1 (23) Душанбе – 2025. - С. 14-19.*
11. *Раджабов, Т. Б. Теоретико-методологические основы профессионально-методической подготовки будущего учителя математики к исследовательской деятельности в условиях кредитного обучения в педвузе [Текст]: автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора педагогических наук / Раджабов Тагоймурод Бобокулович - Душанбе – 2019 - 453 с.*
12. *Раҳимов М. ва диг. Методикаи таълими география. (китобти дарсӣ). [Матн]: М. Раҳимов, А. Самиев, Ш. Содиқов. Душанбе: ЭР- Граф 2021. – 334 с.*
13. *Сафиуллин, А. З. Географическое краеведение в общеобразовательной школе: Пособие для учителей / А. З. Сафиуллин, М.: Просвещение, 1979.— 127 с, ил.*
14. *Таможняя Е. А. Система методической подготовки учителя географии в педагогическом вузе в условиях модернизации образования. [Текст]: Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора педагогических наук / Таможняя Елена Александровна. – Москва, 2010. – 49 с.*
15. *Таможняя Е.А. Методика и методология подготовки будущих учителей географии / Е.А. Таможняя, Е.А. Беловолова //Вестник Московского государственного областного университета. Серия Педагогика. – 2009. - №1. – стр. 125 - 131.*

ОМОДАСОЗИИ КАСБӢ-МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ГЕОГРАФИЯ БА ФАЪОЛИЯТИ ТАҲҚИҚОТӢ-ТАЪЛИМӢ

Мақола ба масъалаҳои мубрами тадқиқотии педагогикаи муосир - методикаи омодасозии касбии омӯзгорони оянда бахшида шудааст. Дар он усулҳои муосири назариявӣ ва амалии омодасозии омӯзгорони оянда географияи мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ошкор карда шудааст, ки самаранокии натиҷаҳои таълимро дар муассисаи таҳсилоти олии касбии педагогӣ сатҳу сифати омодагии касбии хатмкунандаи он, ки ҷавобгӯй ба ниёзҳои бозори меҳнат ва талаботи ҷомеаи муосир мебошад, муайян менамояд. Муайян карда шудааст, ки таҳсилоти олии касбии педагогӣ дар рушди шахсият ва сифатҳои касбии омӯзгорони оянда, нерӯи маърифатию маънавӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва сатҳи рушди зеҳнии онҳо бояд таъсири муассире расонида тавонад. Бинобар ин омодасозии омӯзгори оянда географияи барои ташаккул ва инкишоф додани салоҳияти таълимӣ-тадқиқотии шогирдонашон тавассути рушди тадриҷии ҷузъҳои он, ки инкишофи шахсияташонро танзим ва таъмин мекунад, зарур мебошад.

Калидвожаҳо: омодагии методии омӯзгорони оянда географияи, омодагии касбӣ, фаъолиятҳои таълимӣ, таҳқиқот, фаъолиятҳои маърифатӣ, фаъолиятҳои тадқиқотии донишҷӯён, усули арзёбии омодагир касбии донишҷӯён.

ПРОФЕССИОНАЛЬНО-МЕТОДИЧЕСКАЯ ПОДГОТОВКА БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ГЕОГРАФИИ К УЧЕБНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

Статья посвящена актуальной научной проблеме современной педагогики – методологии профессиональной подготовки будущих учителей. Рассматриваются современные теоретические и практические методы подготовки будущих учителей географии. Выявлено, что эффективность образовательных результатов в высшем профессиональном педагогическом образовательном учреждении определяется уровнем и качеством профессиональной подготовки его выпускников, отвечающим потребностям рынка труда и требованиям современного общества. Определено, что высшее профессиональное педагогическое образование должно оказывать эффективное воздействие на развитие личности и профессиональных качеств будущих учителей, их познавательного и духовного потенциала, нравственных качеств и уровня интеллектуального развития. Следовательно, подготовка будущих учителей географии необходима для формирования и развития учебно-

исследовательской компетентности их студентов посредством поэтапного освоения ее компонентов, регулирующих и обеспечивающих развитие их личности.

Ключевые слова: методическая подготовка будущих учителей географии, профессиональная подготовка, образовательная деятельность, научно-исследовательская деятельность, учебно-воспитательная деятельность, научно-исследовательская деятельность студентов, методика оценки профессиональной подготовки студентов.

PROFESSIONAL AND METHODOLOGICAL TRAINING OF FUTURE GEOGRAPHY TEACHERS FOR EDUCATIONAL AND RESEARCH ACTIVITIES

This article addresses a pressing scientific issue in modern pedagogy: the methodology of professional training for future teachers. It examines current theoretical and practical methods for training future geography teachers. It is found that the effectiveness of educational outcomes in higher professional pedagogical educational institutions is determined by the level and quality of the professional training of its graduates, which meets the needs of the labor market and the demands of modern society. It is determined that higher professional pedagogical education should effectively influence the development of the personal and professional qualities of future teachers, their cognitive and spiritual potential, moral qualities, and level of intellectual development. Consequently, the training of future geography teachers is necessary for the formation and development of their students' educational and research competence through the gradual mastery of its components, which regulate and ensure their personal development.

Keywords: methodological training of future geography teachers, professional training, educational activities, research activities, educational and upbringing activities, students' research activities, student professional assessment methods.

Дар бораи муаллиф
Табаров Дилшод Давлатхуҷаевич
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ
Институти технолоияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
E-mail: tabarov72@list.ru

About the author
Tabarov Dilshod Davlatkhujaevich
Senior lecturer in the Humanities and natural sciences and mathematics subjects
Institute of Digital Technologies and Artificial Intelligence, State Institution Tajikistan International University of Tourism and Entrepreneurship
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 48/5
E-mail: tabarov72@list.ru

Об авторе
Табаров Дилшод Давлатхуджаевич
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры гуманитарных и естество-математических предметов
Институт цифровых технологий и искусственного интеллекта
Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
734003, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Борбад, 48/5
E-mail: tabarov72@list.ru

ТДУ 373.3.016

ГУРӮҲБАНДИИ ХОНАНДАГОН ҲАМЧУН ЯК ВОСИТАИ АМАЛИСОЗИИ ТАЪЛИМИ ТАФРИҚА ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Ҷалилова М. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди низоми маориф баланд бардоштани сифати таълим ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи хонанда яке аз масъалаҳои муҳимми педагогӣ ба ҳисоб меравад. Хусусияти муҳимми синфҳои ибтидоӣ дар он зоҳир мегардад, ки хонандагон аз ҷиҳати сатҳи дониш, қобилияти азхудкунии маводи таълимӣ, суръати иҷрои супоришҳо, захираи луғавӣ, малакаҳои хонишу навиштан ва сатҳи инкишофи нутқ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, истифодаи як усули ягонаи таълим барои ҳамаи хонандагон на ҳамеша ба натиҷаи дилхоҳ оварда мерасонад. Яке аз роҳҳои ба назар гирифтани фарқиятҳои инфиродӣ ва таъмини иштироки фаъоли ҳамаи хонандагон дар раванди таълим таълими тафриқавӣ мебошад. Таълими тафриқавӣ имконият медиҳад, ки омӯзгор мазмун, усул, шакл ва воситаҳои таълимро бо назардошти имконият ва талаботи таълимии хонандагон мутобиқ намояд.

«Моҳияти муносибати тафриқавӣ на дар осон гардонидани мазмуни мавод, балки дар ёфтани роҳи бештар содаест, ки бо он хонанда бояд ба мақсади ниҳоӣ расад, яъне супоришҳои додашударо мустақилона иҷро карда тавонад» [8, с. 54]. Томлинсон К. таълими тафриқавиро ҳамчун мутобиқ намудани таълим ба ниёзҳои гуногуни хонандагон шарҳ медиҳад ва таъкид мекунад, ки арзёбии пайваста ва гурӯҳбандӣ аз унсурҳои муҳимми чунин муҳити таълимӣ мебошанд [12].

Ин андеша барои таълими забони модарӣ аҳаммияти махсус дорад. Зеро дар як синф хонандае метавонад матнро озодона хонад ва мазмуни онро мустақилона нақл кунад, дар ҳоле ки хонандаи дигар ҳанӯз дар талаффуз, фаҳмиши калимаҳои нав ё сохтани ҷумла мушкилӣ мекашад. Агар ба ҳар ду хонанда як супориш ва як дараҷаи дастгирӣ пешниҳод карда шавад, эҳтимоли он вуҷуд дорад, ки яке аз супориш дилгир шавад ва дигаре онро иҷро карда натавонад. Аз ин рӯ, гурӯҳбандии хонандагон метавонад ҳамчун воситаи ташкили дохилисинфии таълими тафриқавӣ баромад кунад. Дар ин раванд гурӯҳбандии хонандагон аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Тавассути гурӯҳбандӣ омӯзгор метавонад фаъолияти таълимиро ба сатҳ ва хусусиятҳои инфиродии хонандагон мувофиқ созад.

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Маводи таҳқиқотро маводи илмӣ ва таълимии фанни забони модарӣ барои синфҳои ибтидоӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ, корҳои хаттӣ ва шифоҳии хонандагон, натиҷаҳои мушоҳидаи раванди таълим, супоришҳои тафриқавӣ, инчунин маводи марбут ба ташкили корҳои гурӯҳӣ ташкил доданд. Гурӯҳбандии мақсадноки хонандагон барои амалисозии самараноки таълими тафриқа дар дарсҳои забони модарӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Истифодаи супоришҳои мутобиқ ба сатҳи дониш ва имкониятҳои хонандагон фаъолнокӣ, мустақилият ва шавқу ҳаваси онҳоро ба омӯзиш баланд менамояд. Корҳои гурӯҳӣ, инчунин ба рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ малакаҳои ҳамкорӣ ва қобилияти мустақилона иҷро намудани супоришҳо мусоидат мекунанд. Моҳияти гурӯҳбандии хонандагон дар таълими тафриқавӣ аз эътирофи он оғоз меёбад, ки ҳамаи хонандагон қобилият, таҷриба, шавқу ҳавас ва суръати азхудкунии якхела надоранд. Аз ин рӯ, муносибати тафриқавӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ба ҷойи пешниҳоди супоришҳои якхела барои тамоми синф, дараҷаи мураккабӣ ва тарзи иҷрои онҳоро тағйир диҳад.

Гурӯҳбандии хонандагон дар чунин шароити таълимӣ ҳамчун воситаи муҳимми ташкили мақсаднок ва самараноки фаъолияти таълимӣ баромад намуда, барои ба роҳ мондани раванди таълим дар асоси фарқиятҳои инфиродии хонандагон мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, гурӯҳбандии хонандагон бояд дорои хусусияти мақсаднок, мутобиқшаванда ва тағйирпазир буда, вобаста ба ҳадафҳои таълимӣ, мазмуну вижагии супоришҳо, сатҳи омодагӣ, қобилият ва имкониятҳои инфиродии хонандагон мунтазам ташаккул дода шавад. Яъне хонанда набояд ҳамеша дар як гурӯҳи муайян қарор гирад. Вобаста ба мавзуъ, хусусияти супориш ва натиҷаҳои таълимӣ ҳайати гурӯҳҳо низ метавонад тағйир ёбанд.

Дар педагогикаи муосир ғояи гурӯҳбандии хонандагон бо принсипи ба назар гирифтани фарқиятҳои инфиродӣ алоқаманд мебошад. Мутахассиси соҳаи таълими тафриқавӣ К. Томлинсон таъкид менамояд, ки тафриқакунонӣ бояд ба омодагии хонанда, шавқу ҳавас ва хусусиятҳои раванди омӯзиши ӯ такя кунад [12, с. 112]. Аз ин нуқтаи назар, гурӯҳбандӣ бояд на барои ҷудо кардани хонандагон, балки барои фароҳам овардани имконияти беҳтари омӯзиш истифода шавад. Аз нигоҳи И.Э. Унт: «Тафриқа ин баҳисобгирии хусусиятҳои фардӣ дар ҳамон шакле мебошад, ки агар хонандагон дар асоси ягон хусусиятҳояшон барои омӯзиши алоҳида гурӯҳбандӣ карда шаванд [9, с. 8].

Хуторской А.В. қайд месозад, ки: «…вобаста ба ин принсипи педагогика, дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявӣ бо гурӯҳ, омӯзгор бо хонандагони алоҳида бо ёрии модели фардӣ якҷоя амал мекунад, ки дар ин ҷо хусусиятҳои шахсии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад; рӯй овардан ба хусусиятҳои фардии кӯдак дар муносибат бо ӯ; ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардии кӯдак дар ҷараёни омӯзиш; ба вуҷуд овардани шароитҳои психологию педагогӣ барои инкишофи на танҳо ҳамаи хонандагон, инчунин ҳар як кӯдак [10, с. 7].

Натиҷаҳо. Дар натиҷаи тадқиқот нишон додашудааст, ки гурӯҳбандии хонандагонро метавон ҳамчун ташкили муваққатӣ ва мақсадноки хонандагон барои иҷрои фаъолияти таълимии ба сатҳи омодагӣ, имконият ва талаботи онҳо мувофиқ муайян кард. Барои он ки гурӯҳбандӣ дар дарси забони модарӣ самаранок ташкил карда шавад, омӯзгор бояд як қатор принсипҳоро ба назар гирад. Принсипи ба назар гирифтани сатҳи омодагӣ. Ҳангоми гурӯҳбандӣ омӯзгор метавонад сатҳи дониш ва малакаҳои хонандагонро ба назар гирад. Масалан, аз рӯйи натиҷаи санҷиши ибтидоӣ хонандагон метавонанд ба гурӯҳҳои дорои сатҳи баланд, миёна ва нисбатан пасти омодагӣ ҷудо карда шаванд. Аммо чунин гурӯҳбандӣ бояд доимӣ набошад. Бо баланд шудани сатҳи дониш ва малакаи хонанда омӯзгор метавонад ӯро ба гурӯҳи дигар гузаронад. Принсипи тағйирпазирӣ. Гурӯҳҳо бояд вобаста ба мақсади дарс ва хусусияти фаъолияти таълимӣ тағйир дода шаванд. Масалан, ҳангоми як супориш гурӯҳбандӣ аз рӯйи сатҳи дониш, ҳангоми супориши дигар аз рӯйи шавқу ҳавас ё муносибати хонандагон ба шакли муайяни фаъолият ташкил карда мешавад. Принсипи ёрӣ ба ҳамдигар. Гурӯҳбандӣ бояд ба ҳамкории хонандагон мусоидат намояд. Хонандагони дорои сатҳи гуногуни омодагӣ метавонанд ҳангоми иҷрои супориш ба ҳамдигар ёрӣ расонанд. Ин раванд на танҳо дониш, балки малакаҳои муошират, ҳамкорӣ ва масъулиятро низ инкишоф медиҳад.

Принсипи дастрасӣ. Супориши пешниҳодшаванда бояд ба имкониятҳои гурӯҳ мутобиқ бошад. Агар супориш аз имконияти хонанда хеле болотар бошад, эҳтимоли ба вуҷуд омадани ноумедӣ ва коҳиши ҳавасмандӣ зиёд мегардад. Ё баръакс, супориши аз ҳад осон низ ба ақидаи У.З. Зубайдов метавонад, ки «Тафриқа таълимест бо ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои фардӣ дар он шакле, ки хонандагон дар асоси осори қобилият ва истеъдоди ёфташуда барои омӯзиши муайян гурӯҳбандӣ карда мешаванд» [4]. Дар амалияи таълими забони модарӣ гурӯҳбандии хонандагонро метавон бо роҳҳои гуногун амалӣ намуд. Аз он ҷумла, **гурӯҳбандӣ аз рӯйи сатҳи дониш.** Ин яке аз шаклҳои маъмултарини гурӯҳбандии тафриқавӣ мебошад. Масалан, хонандагон шартан ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд:

Гурӯҳи якум - сатҳи баланд. *Ба хонандагон супоришҳои эҷодӣ, таҳлилӣ ва мушкилтар дода мешаванд. Зеро дар ин гурӯҳ хонандагоне, ки қобилияти баланди омӯзишӣ, нишондиҳандаҳои баланди азхудкуниро аз фанҳои муайян доранд ва хуб кор карда метавонанд дохил мешаванд. Диққати онҳо устувор буда, ҳангоми омӯзиш мушоҳидаю таҳлил намуда, ҷамъбаст карда, хулоса бароварда, маводи таълимиро аз худ менамоянд.*

Гурӯҳи дуюм - сатҳи миёна. Ба хонандагон супоришҳои дорои дараҷаи миёнаи мураккабӣ пешниҳод карда мешаванд. Ба ин гурӯҳ хонандагоне, ки қобилият, нишондиҳандаҳои омӯзишӣ, коршоямӣ, зеҳнӣ ва шавқи миёнадошта, дохил карда мешаванд.

Гурӯҳи сеюм - сатҳи ибтидоӣ. *Ба хонандагон супоришҳои содатар, вале барои ташаккули малакаҳои асосӣ зарурӣ дода мешаванд. Ба ин гурӯҳ хонандагоне, ки қобилияти омӯзишӣ, шавқи дарккунӣ, нишондиҳандаҳои азхудкунии паст доранд, тез хаста мешаванд, мушкилоти зиёде дар азхудкунии дониш доранд, супоришҳоро ба эътибор намегиранд, дохил карда мешаванд. Онҳо ба гурӯҳи сустхонҳо мансубанд. Дараҷаи фикрронии онҳо инкишоф наёфтааст, аз синф қафо мемонанд.*

Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзуи «Сифат» ба гурӯҳи якум чунин супориш пешниҳод кардан мумкин аст: аз матн сифатҳоро ёфта, вазифаи онҳоро муайян намуда, бо онҳо ҷумлаҳои мураккаб ё матн тартиб диҳанд.

Ба гурӯҳи дуюм супориш дода мешавад: сифатҳоро аз матн ёфта, ба онҳо савол гузоранд ва бо се сифати интихобшуда ҷумла созанд.

Ба гурӯҳи сеюм супориши нисбатан сода дода мешавад: калимаҳои ифодакунандаи аломати ашёро аз рӯйхати пешниҳодшуда ҷудо намоянд.

Ҳангоми хониши матнҳо низ метавонем хонандагонро ба гурӯҳҳои мухталиф тақсим кунем. Хониш яке аз самтҳои асосии таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Ҳангоми омӯзиши матн омӯзгор метавонад хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо кунад.

Гурӯҳи якум. Матнро мустақилона хонда:
- мазмуни асосиро муайян мекунад;
- нақша тартиб медиҳад;
- хулоса мебарорад.

Гурӯҳи дуюм. Матнро хонда:
- ба саволҳои омӯзгор ҷавоб медиҳад;
- қаҳрамонҳои матнро муайян мекунад;
- калимаҳои муҳимро ҷудо менамояд.

Гурӯҳи сеюм. Бо дастгирии омӯзгор:
- калимаҳои душворро мехонад;
- маънои онҳоро муайян мекунад;
- ҷумлаҳои кӯтоҳ месозад;
- мазмуни қисмати хондашударо баён мекунад.

Ҳамин тавр, ҳамаи хонандагон бо як матн кор мекунанд, вале роҳи кор ва дараҷаи дастгирӣ гуногун аст.

Гурӯҳбандии омехта. Дар гурӯҳбандии омехта хонандагони дорои сатҳи гуногуни омодагӣ ба як гурӯҳ муттаҳид карда мешаванд. Ин шакл, махсусан ҳангоми корҳои муштарак, муҳокимаи матн, нақл кардан ва иҷрои супоришҳои эҷодӣ самаранок мебошад.

Масалан, ҳангоми таҳлили як матни хурд як хонанда матнро мехонад, хонандаи дигар калимаҳои душворро шарҳ медиҳад, хонандаи сеюм саволҳо тартиб медиҳад ва хонандаи чорум мазмуни матнро ҷамъбаст мекунад.

Гурӯҳбандӣ аз рӯйи шавқу ҳавас. Дар баъзе ҳолатҳо хонандагонро метавон вобаста ба шавқу ҳавасашон ба фаъолияти муайян гурӯҳбандӣ кард. Масалан, ҳангоми кор бо матн як гурӯҳ ба нақли матн, гурӯҳи дигар ба таҳияи саволҳо ва гурӯҳи сеюм ба тасвири мазмуни матн машғул мешавад.

Истифодаи ин усул ба баланд бардоштани фаъолнокии таълимии хонанда тавассути ҷалби ӯ ба фаъолияти ба шавқу рағбат ва имкониятҳои инфиродиаш мувофиқ мусоидат менамояд.

Гурӯҳбандӣ ҳамчун воситаи рушди нутқи хонандагон. Дарсҳои забони модарӣ барои рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон заминаи муҳим фароҳам меоранд. Аз ин рӯ, гурӯҳбандӣ бояд на танҳо ба азхудкунии қоидаҳои грамматикӣ, балки ба рушди қобилияти истифодаи забон дар вазъиятҳои гуногуни муошират равона карда шавад.

Ҳангоми кори гурӯҳӣ хонанда имконият пайдо мекунад, ки андешаи худро баён кунад, фикри дигаронро гӯш намояд, савол диҳад, ҷавоб гӯяд, матнро муҳокима кунад ва хулоса барорад.

Масалан, ҳангоми омӯзиши матни «Баҳор» омӯзгор метавонад хонандагонро ба се гурӯҳ ҷудо кунад:

Гурӯҳи 1: аз матн калимаҳоеро ҷудо намояд, ки нишонаҳои фасли баҳорро ифода мекунанд.

Гурӯҳи 2: аз рӯйи мазмуни матн ба якдигар саволҳо тартиб диҳад.

Гурӯҳи 3: мазмуни матнро бо истифода аз ҷумлаҳои худ нақл кунад.

Дар натиҷа, як мавзуъ бо се шакли фаъолияти гуногун аз худ карда мешавад ва ҳар хонанда вобаста ба имконияти худ дар раванди таълим иштирок мекунад. Дар вақти фаҳмондани мавзуъ ва ба гурӯҳҳо ҷудо кардан омӯзгор нақши асосиро мебозад. Зеро дар таълими тафриқавӣ нақши омӯзгор танҳо ба тақсим кардани хонандагон ба гурӯҳҳо маҳдуд намешавад. Омӯзгор бояд сатҳи омодагии хонандагонро муайян намуда, мақсади гурӯҳбандиро дуруст интихоб ва мазмуни супоришҳоро мутобиқ намояд.

Пеш аз гурӯҳбандӣ омӯзгор метавонад аз воситаҳои гуногуни ташхисӣ истифода барад:
- саволу ҷавоби шифоҳӣ;
- кори санҷишӣ (диктант, нақли хаттӣ, иншо);
- хондани матн;

- нақли мазмуни матн;
- иҷрои машқҳои грамматикӣ;
- корҳои мустақилона;
- мушоҳидаи фаъолияти хонанда.

Натиҷаи чунин ташхис ба омӯзгор имконият медиҳад, ки ниёзҳои таълимии хонандагонро муайян кунад.

Муҳокима. Ҳамзамон омӯзгор бояд ба як хатои эҳтимолӣ роҳ надиҳад: гурӯҳҳоро ҳамчун «қавӣ», «миёна» ва «заиф» ба таври ошкор номгузорӣ кардан. Чунин муносибат метавонад ба худбаҳодиҳии хонанда таъсири манфӣ расонад. Беҳтар аст гурӯҳҳо бо номҳои бетараф, рамзҳо ё рангҳо муайян карда шаванд. Гурӯҳбандӣ ба фаъолияти таълимии хонандагон метавонад таъсири мусбат ё манфӣ дошта бошад. Гурӯҳбандии дуруст ташкилшуда метавонад ба баланд шудани фаъолияти таълимии хонандагон таъсири мусбат расонад. Пеш аз ҳама, хонандагон супоришеро иҷро мекунанд, ки ба имкониятҳои онҳо мувофиқ аст. Ин ҳолат эҳтимоли муваффақиятро зиёд намуда, ба рушди ҳавасмандии таълимӣ мусоидат мекунад.

Аз тарафи дигар, фаъолияти гурӯҳӣ барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ низ аҳаммият дорад. Хонандагон меомӯзанд, ки:

- фикри худро равшан баён кунанд;
- ба сухани ҳамсинфон гӯш диҳанд;
- бо дигарон ҳамкорӣ намоянд;
- масъулияти супориши худро ба зимма гиранд;
- натиҷаи кори гурӯҳро пешниҳод кунанд;
- ба фаъолияти худ ва дигарон баҳо диҳанд.

Гурӯҳбандии хонандагон на танҳо асоси дидактикӣ, балки асоси психологию педагогӣ низ дорад.

Виготский Л.С. рушди хонандаро бо ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак алоқаманд намуда, мафҳуми **«минтақаи рушди наздик»**-ро пешниҳод кардааст [2]. Дар асоси ин назария он чизе, ки хонанда бо ёрии калонсол ё ҳамсолони қобилиятноктар иҷро карда метавонад, метавонад ба рушди минбаъдаи ӯ замина гузорад. Аз ин рӯ, кори гурӯҳӣ дар синф метавонад барои ташкили чунин муҳити ҳамкорӣ мусоидат намояд. Масалан, хонандае, ки ҳангоми тартиб додани ҷумла мушкилӣ мекашад, метавонад аз намунаи ҷумлаҳои ҳамсинфонаш истифода барад. Хонандаи дигар бошад, дар раванди шарҳ додани қоида донишҳои худро мустаҳкам мекунад. Дар ин ҷо гурӯҳбандӣ ба як навъ муҳити таълимии ҳамкорӣ табдил меёбад.

Лутфуллоев М. қайд мекунад, ки «таълими тафриқа дар асоси қобилият, лаёқат, дониш, пешрафт, имконият ва шавқу ҳаваси бачаҳо ба роҳ мондани тадрис аст» [5]. Аз ин рӯ, омӯзгор кӯшиш менамояд, ки гурӯҳбандии хонандагон барои самаранокии фаъолиятҳо замина гузорад. Барои самаранокии гурӯҳбандӣ якчанд шарт муҳим мебошад.

Якум, гурӯҳбандӣ бояд бо мақсади мушаххаси таълимӣ алоқаманд бошад.

Дуюм, супоришҳо бояд барои ҳар гурӯҳ аз ҷиҳати мазмун ва дараҷаи мураккабӣ мувофиқ бошанд.

Сеюм, омӯзгор бояд фаъолияти ҳамаи гурӯҳҳоро назорат ва роҳнамоӣ намояд.

Чорум, натиҷаи кори гурӯҳҳо бояд арзёбӣ карда шавад.

Панҷум, гурӯҳбандӣ бояд хусусияти муваққатӣ ва тағйирёбанда дошта бошад.

Шашум, ҳангоми баҳодиҳӣ бояд ҳам натиҷаи ниҳоӣ ва ҳам фаъолияти инфиродии хонанда ба назар гирифта шавад.

Хулоса. гурӯҳбандии хонандагон яке аз воситаҳои муҳимми амалисозии таълими тафриқавӣ дар синфҳои ибтидоӣ ба шумор меравад. Моҳияти он аз ташкили фаъолияти мақсадноки хонандагон бо дарназардошти сатҳи дониш, қобилият, суръати азхудкунии маводи таълимӣ ва хусусиятҳои инфиродии онҳо иборат аст.

Дар таълими забони модарӣ гурӯҳбандӣ имконият медиҳад, ки як мавзуи таълимӣ тавассути супоришҳои гуногун ва бо дараҷаҳои мухталифи мураккабӣ омӯзонида шавад. Ин равиш барои фаъол намудани хонандагон, рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ташаккули малакаҳои ҳамкорӣ ва баланд бардоштани ҳавасмандии онҳо мусоидат мекунад. Муҳим аст, ки гурӯҳбандии хонандагон ба воситаи ҷудокунии доимии онҳо табдил наёбад. Гурӯҳҳо бояд вобаста ба мақсад ва мазмуни дарс, натиҷаҳои омӯзиш ва эҳтиёҷоти таълимии хонандагон тағйир дода шаванд. Дар чунин ҳолат гурӯҳбандӣ на танҳо воситаи ташкили фаъолияти синф, балки механизми муҳимми амалисозии принсипҳои таълими тафриқавӣ мегардад. Аз

ин рӯ, истифодаи мақсадноки гурӯҳбандии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ барои фароҳам овардани муҳити таълимии ба шахсият нигаронидашуда, баланд бардоштани сифати азхудкунии дониш ва рушди қобилиятҳои забонӣ ва нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Адабиёт

1. *Беспалова, Е.П. Индивидуализация и дифференциация обучения технологии в основной общеобразовательной школе: автореф. дис.…канд. пед. наук / Е.П. Беспалова. – Екатеринбург, 2005. – 23 с.*
2. *Выготский, Л.С. Педагогическая психология / Л.С. Выготский. – М.: Педагогика-Прес, 1996. – 536 с.*
3. *Давыдов, В.В. Теория развивающего обучения / В.В. Давыдов. – М.: ИНТОР, 1996. – 544 с.*
4. *Зубайдов, У.З. Таълими тафриқа ва мактаби муосир / У.З. Зубайдов. – Душанбе, 2013. – 304 с.*
5. *Лутфуллоев, М. Дарс / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Маориф, 1995. – 191 с.*
6. *Подласый, И.П. Педагогика / И.П. Подласый. – М.: Высшее образование, 2007. - 231*
7. *Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии / Г.К. Селевко. – М.: Народное образование, 1998. – 288 с.*
8. *Суворова, Г.Ф. Приёмы индивидуализации домашних заданий учащихся / Г.Ф. Суворова // Начальная школа. – 1987. - №6. – С. 54-55.*
9. *Унт, И.Э. Индивидуализация и дифференциация обучения / И.Э. Унт. – М.: «Педагогика», 1990. – 192 с.*
10. *Хуторской А.В. Личностная ориентация образования как педагогическая инновация / А.В. Хуторской // Школьные технологии. – 2006. №1. С. 3-12.*
11. *Хуторской, А.В. Современная дидактика. – СПб.: Питер, 2001. – 544 с.*
12. *Tomlinson, C.A. The differentiated claccroom: responding tj the needs of all learners/ Carol Ann Tomlinson – 2 nd ed. / C.A. Tomlinson. – Alexandria, VA: ASCD, 2014-208p.*

ГУРӮҲБАНДИИ ХОНАНДАГОН ҲАМЧУН ЯК ВОСИТАИ АМАЛИСОЗИИ ТАЪЛИМИ ТАФРИҚА ЗИМНИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақола масъалаи гурӯҳбандии хонандагон ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки амалисозии таълими тафриқавӣ зимни омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таълими муосир ба инобат гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ, сатҳи дониш, қобилият, суръати азхудкунӣ ва имкониятҳои таълимии ҳар як хонандаро тақозо менамояд. Дар ин замина гурӯҳбандии мақсадноки хонандагон имконият фароҳам меорад, ки мазмун, ҳаҷм ва дараҷаи мураккабии супоришҳои таълимӣ ба имкониятҳои воқеии онҳо мутобиқ карда шавад. Дар мақола моҳияти гурӯҳбандии тафриқавӣ, принсипҳои ташкили гурӯҳҳо, навъҳои гурӯҳбандӣ ва роҳҳои истифодаи он дар дарсҳои забони модарӣ баррасӣ гардида, намунаҳои амалӣ пешниҳод шудаанд. Таҳлили масъалаи гурӯҳбандии хонандагон нишон медиҳад, ки он дар шароити таълими муосир метавонад ҳамчун яке аз воситаҳои муҳимми амалисозии таълими тафриқавӣ дар синфҳои ибтидоӣ истифода шавад. Зарурати чунин муносибат пеш аз ҳама аз гуногунии табиии хонандагон ва фарқияти онҳо дар сатҳи дониш, малака, қобилият, суръати азхудкунии маводи таълимӣ, шавқу ҳавас ва хусусиятҳои нутқӣ бармеояд. Барои таълими забони модарӣ имкониятҳои гурӯҳбандӣ, махсусан васеъ мебошанд. Онро метавон ҳангоми омӯзиши хониш, кор бо матн, луғатомӯзӣ, грамматика, имло, корҳои хаттӣ ва рушди нутқи шифоҳию хаттӣ истифода бурд. Дар ин ҳолат омӯзгор метавонад барои гурӯҳҳои гуногун супоришҳои дорои дараҷаи мухталифи мураккабӣ пешниҳод намояд.

Калидвожаҳо: таълими тафриқавӣ, гурӯҳбандии хонандагон, таълими забони модарӣ, синфҳои ибтидоӣ, хусусиятҳои инфиродӣ, сатҳи дониш, фаъолияти таълимӣ, гурӯҳбандии тафриқавӣ, супоришҳои тафриқавӣ.

ПОДГРУППЫ УЧАЩИХСЯ КАК СРЕДСТВО ДИФФЕРЕНЦИАЦИИ ОБУЧЕНИЯ РОДНОМУ ЯЗЫКУ В НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЕ

В статье анализируется вопрос подгруппы учащихся как одного из эффективных средств реализации дифференцированного обучения при изучении родного языка в начальных классах. Современное образование требует учета индивидуальных особенностей, уровня знаний, способностей, скорости освоения и образовательных возможностей каждого ученика. В этом контексте целевая подгруппа учащихся позволяет адаптировать содержание, объем и уровень сложности учебных заданий к их реальным возможностям. В статье рассматривается сущность дифференцированной подгруппы, принципы организации групп, виды подгрупп и способы ее применения на уроках родного языка, а также приводятся практические примеры. Анализ вопроса подгруппы учащихся показывает, что в условиях современного образования она может быть использована как одно из важных средств реализации дифференцированного обучения в начальных классах. Необходимость такого подхода возникает прежде всего из естественного многообразия

учащихся и их различий в уровне знаний, навыков, способностей, скорости освоения учебного материала, интересов и речевых характеристик. Для обучения родному языку возможности подгрупп особенно широки. Его можно использовать в обучении чтению, работе с текстом, лексике, грамматике, орфографии, письму, а также развитию устной и письменной речи. В этом случае учитель может предлагать задания различной степени сложности для разных групп.

Ключевые слова: дифференцированное обучение, подгруппы учащихся, обучение родному языку, начальные классы, индивидуальные характеристики, уровень знаний, образовательная деятельность, дифференцированное группирование, дифференцированные задания.

STUDENT SUBGROUPS AS A MEANS OF DIFFERENTIATION IN NATIVE LANGUAGE TEACHING IN PRIMARY SCHOOL

This article analyzes the use of student subgroups as an effective means of implementing differentiated instruction in native language learning in elementary grades. Modern education requires consideration of the individual characteristics, knowledge level, abilities, learning speed, and educational potential of each student. In this context, a target subgroup of students allows for the content, volume, and difficulty level of learning assignments to be tailored to their actual capabilities. The article examines the essence of differentiated subgroups, the principles of group organization, types of subgroups, and methods of their application in native language lessons, and also provides practical examples. An analysis of student subgroups demonstrates that, in the context of modern education, they can be used as an important means of implementing differentiated instruction in elementary grades. The need for such an approach arises primarily from the natural diversity of students and their differences in knowledge, skills, abilities, learning speed, interests, and speech characteristics. Subgroups offer particularly broad opportunities for teaching native languages. It can be used to teach reading, text processing, vocabulary, grammar, spelling, writing, and the development of oral and written communication. In this case, the teacher can offer tasks of varying difficulty to different groups.

Keywords: differentiated instruction, student subgroups, native language teaching, elementary grades, individual characteristics, knowledge level, educational activities, differentiated grouping, differentiated tasks.

Дар бораи муаллиф
Ҷалилова Мавлуда Наҷмудиновна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: jmawluda@gmail.com

Об авторе
Джалилова Мавлуда Наджмудиновна
Кандидат педагогических наук, доцент
кафедры методики начального обучения
Таджикский государственный
педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: jmawluda@gmail.com

About the author
Jalilova Mavluda Najmudinovna
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate
Professor of the Department of Primary
Education Methodology
Tajik State Pedagogical University named
after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki Ave., 121
E-mail: jmawluda@gmail.com

УДК 811.161.1373.2:37.015.3(470+571)

ИЗУЧЕНИЕ ФРАЗЕОЛОГИИ КАК КЛЮЧЕВОГО ЭЛЕМЕНТА В РАЗВИТИИ ОБРАЗНОЙ РЕЧИ УЧАЩИХСЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ШКОЛЫ

Тошова Б. Р., Ниятбекова А. Ю.
Таджикский государственный педагогический университет именни Садриддина Айни

Введение. В языке существуют сочетания слов, значение которых нельзя вывести из значений отдельных компонентов — такие выражения именуются фразеологизмами: «делать из мухи слона» — значит чрезмерно преувеличивать, «заруби себе на носу» — означает запомнить. Подобные устойчивые конструкции используются исключительно в переносном смысле, напоминая по своей природе метафоры. В языке есть словосочетания, смысл которых не равен смыслу отдельно взятых из него слов. Такие словосочетания называют фразеологизмами: *Делать из мухи слона* – сильно преувеличивать, Заруби себе на носу – запомни. Эти устойчивые словосочетания употребляются только в переносном значении и похожи на метафоры. Изучение фразеологии в национальной школе обсуждается методистами с момента формирования методики преподавания русского языка и литературы в образовательных учреждениях. Образность является одним из важнейших свойств фразеологии. Традиционно под образностью понимается способность языковых единиц создавать наглядно-чувственные представления о предметах и явлениях действительности. В основе образности лежит противоречие между конкретным и переносным восприятием лексемы. Такое внутреннее противоречие абстрактного и конкретного и создает экспрессивность [6, с. 257].

Материаль и метод исследования Сам термин «экспрессивность» используется в современной лингвистике в широком и узком смыслах. В широком - как выразительность речи, которая возникает на основе таких семантических свойств языковых единиц, как эмоциональность, сценичность, образность. В узком - как интенсивность, как содержащееся в значении слова усиление степени проявления с какого-либо признака. Соединяя обе точки зрения, И.А. Стернин выдвигает теорию трёх видов экспрессивности слова: 1) усилительная экспрессия, которой обладают слова, содержащие в своей семантике семы «очень», «в высшей степени» и выделяющиеся в речи благодаря своеобразию своего содержания; 2) номинативная экспрессия, которая предполагает необычность, не традиционность номинации (окказиональную и общеязыковую); 3) функционально-стилистическая экспрессия, которая вызывается употреблением слова в несвойственном ему стилистическом контексте [12, с. 126].

Основной целью ставится дать представление о фразеологизме как о языковой единице. Из поставленной цели вытекают следующие задачи:

1) показать сходство и различие со словом и словосочетанием;

2) показать специфику значения фразеологизма по сравнению со свободным словосочетанием;

3) дать представление о системных отношениях во фразеологии (синонимия, антонимия);

4) дать понятие о фразеологических словарях [5, с. 210].

Лексика и фразеология, является тем ярусом языка, который даёт основной материал для исследований по стилистике и для формирования образной речи учащихся как важнейшего признака культуры речи учащихся ещё при начальном обучении.

Данные функции урока русского языка в национальной школе сохранились с добавлением нового определения русского языка как «межнационального» учитывая современные тенденции и развития методики языка. Современная система преподавания русского языка предусматривает развития коммуникативной компетенции и совмещения литературных материалов, том числе изучение фразеологизмов и применение их в речевом обиходе. В основу работы легли исследования таких известных ученых, как Мокиенко В.М., И. Вульфиус, Абакумов С.И., М. А. Рыбникова и др.

Для реализации поставленной цели были использованы следующие методы исследования: теоретические: сопоставительный анализ нормативных документов, лингвокультурологической, методической и учебной литературы; анализ и систематизация

методического опыта ученых-методистов, классификация языковых единиц; эмпирические: описание, наблюдение, анализ и оценка средовых работ школьников с целью выявления сформированности знаний, умений и навыков работы с фразеологическими единицами как источниками, отражающими национально-культурную основу языка и развитие образной речи учащихся.

Обсуждение. Наблюдая над литературной речью, школьники должны при чтении выбирать устойчивые сочетания и выяснять приемы их использования как выразительных средств языка. Для усвоения фразеологических единиц рекомендуется применять некоторые приемы и упражнения:

- подбор фразеологических единиц с общим компонентом, например «рука»: *не с руки, рукой подать, руку приложить, правая рука, рука об руку* и т. п.;
- задачи на дописывание пропущенного (амплификации), типа: «Не за то волка бьют, что он сер, а …»;
- составление собственных пословиц и фразеологизмов подобных данным;
- сочинение рассказа по заданной пословице;
- наблюдения над звуковой подражательностью в пословицах;
- заучивание устойчивых сочетаний.

Указав на ряд проблем, связанных с лингвистическими вопросами об идиомах и с особенностями преподавания русского языка как иностранного, И. Вульфиус предложила несколько приемов, которые могли бы быть использованы и при изучении фразеологии родного языка: «Желательно сопровождать идиом генетическим объяснением там, где это возможно, и давать литературный пример с применением данного идиома» [3, с. 115].

Также необходимо для школьных нужд составление списка наиболее употребительных в современном русском языке идиом: Популярные разговорные выражения: *Взорвать мозг* — сильно удивить, поразить, *на хайпе* — быть на пике популярности (от англ. hype), *включить режим ожидания* — занять пассивную позицию, *загуглить (как идиома)* — искать информацию, *взять быка за рога* — сразу приступить к делу, *делать из мухи слона* — преувеличивать.

О людях и действиях: *Профессор кислых щей* — некомпетентный человек, *тёмная лошадка* — малоизвестный, подозрительный человек, стреляный воробей — опытный человек, *рабочая лошадка* — много работающий человек, *вешать лапшу на уши* — обманывать, *рубить с плеча* — действовать решительно, без колебаний, *пускать пыль в глаза* — создавать ложное впечатление.

Обстоятельственные выражения: *Как сельди в бочке* — очень тесно, *рак на горе свистнет* — никогда, *и ежу понятно* — очевидно, *морозить глупость* — сказать что-то глупое, *тянуть кота за хвост* — медлить.

Эти фразы делают речь более эмоциональной и современной, отражая быстро меняющийся темп жизни. Систематическое изучение устойчивых сочетаний в школе Абакумов С. И. связывал с углубленной работой, как в области грамматики, так и в области развития речи. Он считал, что явления идиоматики должны быть учтены, прежде всего, при грамматическом разборе, в процессе которого необходимо обращать внимание на устойчивость идиом, выступающих в качестве одного члена предложения, учитывая при этом, что возможны многочисленные переходные случаи.

Будучи глубоко убежденным в том, что учет явлений идиоматики имеет большое значение и для воспитания речевой культуры учащихся, С. И. Абакумов призывал принять необходимые меры к обогащению языка детей запасом этих «готовых, устойчивых художественных образов» [1, с. 71].

При демонстрации учащимся процессов развития языка, отмечал С. И. Абакумов, эффективно может быть использована способность идиом сохранять в своем составе устаревшие с точки зрения современного литературного языка слова и грамматические формы. Данные особенности устойчивых сочетаний полезно учитывать и при разъяснении вопросов употребительности слов в речи. Бессознательное отношение учащихся к устойчивым оборотам приводит их часто к стилистическим ошибкам, борьба с которыми возможна лишь при условии внимательного изучения школьниками ряда отдельных идиом как с точки зрения их значения, так и происхождения.

В методических целях С. И. Абакумовым были выделены «разновидности» устойчивых

сочетаний, особенно важные для правильной пунктуации. К таковым он отнес: сочетания с повторяющимися союзами — *ни взад, ни вперёд;* сочетания с деепричастием — *спустя рукава, положа руку на сердце;* сравнительные сочетания, по преимуществу с союзом как — (хранить) *как зеницу ока*; сочетания типа придаточных предложений — *хоть глаз выколи, во что бы то ни стало, как следует.* Подчеркивая, что устойчивые сочетания в пунктуационном отношении требуют особого внимания пишущего, С, И. Абакумов рекомендовал работу над фразеологией увязывать с изучением отдельных синтаксических и пунктуационных тем [2 , с. 33]. Ярым сторонником изучения устойчивых сочетаний в школе была М. А. Рыбникова. В ее работах содержится ряд ценных наблюдений, касающихся характеристики особенностей детской речи и определения степени владения школьниками фразеологическим богатством языка. Задача школы (и семьи) заключается в том, чтобы помочь ребенку «перешагнуть» через упрощенный поговорочный репертуар, привить вкус к народной и книжной фразеологии и обеспечить ее усвоение. М. А. Рыбникова заостряет внимание на системе накопления «оборотов» от класса к классу и намечает тематические разделы идиоматики, которые, по ее мнению, для изучения в школе наиболее целесообразны: в 4-5 классе «особенно важно обогатить учащихся уточнением действия» и, кроме того, «ввести в обиход языка ряд обстоятельственных слов, выраженных поговорками» [8, с. 86], в 6-ом классе «желательно дать ряд поговорочных оборотов на тему о качествах человека» [9, с. 140].

Расширение фразеологического запаса учащихся М. А. Рыбникова постоянно связывает с качественной стороной речи, подчеркивая, что владение фразеологическими единицами заключается не в том, чтобы знать их во множестве, а в том, чтобы «уметь вводить их в оборот» [10, с. 14]. Работу по усвоению фразеологических единиц М. А. Рыбникова рекомендует проводить в тесной связи с читаемым текстом: фразеологизмы должны изучаться в контексте художественного произведения или в контексте детского высказывания. Также, М. А Рыбникова предлагает ряд специальных упражнений по фразеологии, которые заостряли бы внимание к языку и имели своим конечным результатом «обогащение и развертывание» фразеологического запаса учащихся:

- отыскание устойчивых сочетаний в тексте;
- заучивание и повторение их наизусть с целью использования в своих устных и письменных высказываниях;
- использование фразеологических единиц при составлении планов;
- составление своих предложений, аналогичных пословице, и своих «изречений» и лозунгов по образцу данных. Восстановление свойственных пословицам синтаксических конструкций, измененных в предлагаемых учителем примерах по требованиям литературно-книжного языка. Постановка перед учащимися ряда вопросов, позволяющих обратить внимание на синтаксическую природу фразеологических единиц;
- упражнения на вставку пропущенных в тексте фразеологизмов с последующим разбором работ учащихся и сравнением их с оригинальным текстом писателя;
- близкий к тексту пересказ произведения с использованием фразеологизмов, записанных в тетради в процессе словарно-фразеологической подготовки к пересказу или помещенных в конце текста в учебнике. Пересказ басни с использованием возникшего в ней фразеологизма;
- составление параллельного басне рассказа с использованием в качестве концовки ставшего крылатым выражения, которым заканчивается басня. Составление рассказа по данной схеме со вставкой в него фразеологических единиц, предлагаемых учителем в общем списке. Сочинение на пословицу с обязательной предварительной подготовкой учащихся к развертыванию темы;
- объяснение значения фразеологических единиц, обнаруженных в тексте или предлагаемых учителем (учебником).

Лучшим способом объяснения непонятных учащимся фразеологических единиц М. А. Рыбникова считает объяснение их в «тематическом комплексе», а усвоение наиболее трудных фразеологизмов — на базе конкретных представлений о явлениях, обозначаемых словами, входящими в состав рассматриваемых устойчивых сочетаний.

Придавая большое значение работе по выразительному чтению на уроках русского языка, М. А. Рыбникова стремилась увязывать эту работу с использованием фразеологии и

изучением синтаксиса, считая, что наиболее благодарным материалом для нужд выразительного чтения, орфоэпии и дикции являются пословицы и поговорки, построенные на звукоподражании, звукописи или антитезе.

Среди рекомендованных М. А. Рыбниковой приемов по выразительному чтению важное место занимают виды работ «фразеологического порядка»:

- интонационное членение пословиц;
- четкое и раздельное их произнесение;
- «обработка» пословиц со стороны ударений и пауз;
- подбор пословиц, построенных по принципу антитезы;
- интонационное выделение в пословице членов предложения.

Творческие работы учащихся, которые приводит в своих трудах М. А. Рыбникова, во многом могут служить образцом такого умелого й уместного употребления школьниками фразеологических единиц.

Талантливый ученый-методист и блестящий педагог-практик, М. А. Рыбникова, занимаясь вопросами образной речи, уделила много внимания «самым острым выразительным средствам языка» — фразеологизмам и оставила богатое наследие по методике их изучения. Не случайна, поэтому та высокая оценка, которую дала М. А. Рыбникова урокам, проводимым с привлечением фразеологического материала: «Это развитие логики, это урок жизненного опыта, упражнение в живом и образном рассказывании, это гимнастика для языка. Это уроки по культуре мысли и по культуре речи. Воспитательная и образовательная роль подобных уроков вне сомнения» [11, с. 68].

Учащиеся 5-6 классов в процессе работы показали активное участие в основном при выполнении задачи на дописывание пропущенного (амплификации), типа: «Не за то волка бьют, что он сер, а …» и т. д, также было интересно наблюдать за составлением собственных пословиц и фразеологизмов подобных «Учиться никогда не поздно; Уважай старших – скоро ты тоже состаришься; как кукла Барби (красивая); Он как искусственный интеллект (быстрый, умный); скорость света (быстрый); зависать (неактивный) и т.д.

В процессе работы при объяснении использовались наглядные пособия с изображением описания фразеологизма в “тематическом комплексе”, а также применяли приём “фразеологический порядок”, при котором учащиеся подбирали фразеологизмы-синонимы и фразеологизмы-антонимы, при котором учащиеся объясняют значение каждого фразеологизма устно, что эффективно влияет на развитие образной речи: ***Фразеологизмы-синонимы:*** *в двух шагах, рукой подать, быть под боком; в одно мгновение, в один миг, не успел оглянуться, не успел глазом моргнуть; повернуться негде, яблоку негде упасть, как сельдей в бочке;* ***Фразеологизмы-антонимы:*** Возносить до небес — Втаптывать в грязь; Кот наплакал — Куры не клюют; Спустя рукава — Засучив рукава; Как кошка с собакой — Водой не разольёшь; За словом в карман не полезет — Язык проглотил.

Указывая на содержание, возможные методические пути и задачи словарной и лексической работы в школе, авторы высказывают мысль, что учитель должен заботиться о расширении не только словарного, но и фразеологического запаса — «запаса образов», нашедших выражение в удачной словесной форме. На занятиях это реализуется через работу с «лексическими кластерами» — графическими моделями, отражающими смысловые отношения между словами. Не менее важен приём лексико-семантического анализа, направленный на выявление внутренних связей слов. Студенты сравнивают, например, глаголы наблюдать, изучать, анализировать, определяя их различия в значении и употреблении [7, с. 184].

Для этого следует приучить учащихся выписывать из текста и заучивать наизусть устойчивые сочетания, которые могли бы быть приведены в докладах и сочинениях или использованы в качестве эпиграфов к ним. При этом надо иметь в виду, что устойчивые сочетания, выбираемые для заучивания, должны отвечать воспитательным задачам школы.

Знакомя учащихся с лексическими средствами языка, основными тропами, необходимо обращать их внимание на идиомы, имеющие в своем составе архаизмы (вода во облацех), фразеологические кальки (*потерять голову, в общем и целом*), устойчивые сочетания, построенные по принципу антитезы, постоянные эпитеты, градации, устойчивые сравнения, метафоры, перифразы.

В процессе словарно-стилистической работы учащимся можно предлагать:

- определять значение продиктованных фразеологических неологизмов (*ударная бригада*), а также указывать на время и источники их происхождения (*взять на буксир, лёгкая кавалерия*);

- заниматься классификацией антонимов: по времени или возрасту (*день и ночь, стар и, млад*); по размеру, объему (*гора родила мышь*; *из пушек по воробьям...*) и т. д. Приводить в качестве примеров известные антитезы-афоризмы, антитезы-лозунги и антитезы «обычной речи» (стар и млад);

- анализировать ряд фразеологизмов одинакового значения, но разной стилевой окраски (*быть наготове, быть начеку, держать ухо востро* и др.; *светлая голова, семи пядей во лбу, хватать звезды с неба, не лыком шит*).

Анализируя подобные фразеологизмы, школьники приобретают навык определять стиль речи и переключать «выражениям из одного стиля в другой.

Для выяснения понятия «метафора» учитель может предложить учащимся работы такого типа:

- привести примеры метафор, сохранивших отголоски давно минувшей эпохи (античность: *почить на лаврах;* средние века рыцарский быт: *бросить перчатку, ломать копья, с открытым забралом, выбить из седла*; старые правовые порядки: *дать руку на отсечение, выдать головой*);

- привести примеры метафор, заимствовавших свое содержание из быта: военной темы (*холостой заряд, принять в штыки*), морской отросли (*на всех парусах*), ремесленной темы (на живую нитку), сельскохозяйственной отрасли (*на корню подкосить*);

- привести примеры метафор, изображающих нравы животных и жизнь растений (*лапу сосать, закусить удила, мохом обрасти);*

- указать разницу между метафорой и «выражением» (идиомой, фразой) и привести примеры «выражений».

Прививая навыки сознательного выбора фразеологических единиц (равно как слов, так и синтаксических конструкций) для более точной передачи мысли, необходимо приучить учащихся избегать «намозоливших» глаза и слух штампов и быть осторожными при употреблении устойчивых перифраз мифологического происхождения (*ахиллесова пята, перейти Рубикон, сжигать все мосты, жребий брошен* и т.д.).

Предлагаются некоторые приёмы работы над семантикой фразеологических единиц:

- использование синонимов — пояснение фразеологизмов менее известных более известными синонимами;

- перифраз — передача содержания фразеологизма несколькими словами: «вместо разговорного выражения *как блины печёт - можно сказать быстро делает*, *быстро приготовляет что-нибудь в большом количестве* и т. д.»

- определение предмета — указание на его родовые и отличительные видовые признаки. При этом необходимо помнить, что употребление метафор, например *лев—царь зверей; верблюд — корабль пустыни,* не всегда может быть уместным и целесообразным;

- описание предмета — изложение сведений, дающих представление и понятие о нем;

- использование примеров — указание на те или иные случаи из жизни или литературы;

- сравнение с чем-либо

Кроме того, рекомендуется демонстрация самого предмета, использование чертежей, диаграмм, карт описание фразеологизма с помощью рисунков и т. п. Для иллюстрации описываемых приемов прилагаются отдельные упражнения, материал для которых авторы предлагают черпать из области изучаемых в школе предметов.

Работая над выразительностью и точностью языка, использовать приемы:

- подыскать первую часть к данным устойчивым сравнениям (*...как осиновый лист);*

- подобрать примеры, в которых одно и то же слово употреблялось бы в одном случае в прямом значении, в другом в переносном (У него короткие волосы. — У него короткая память).

Предлагаем приём работы над формированием фразеологической насыщенности речи учащихся (обращение к словарям не запрещается, но настоятельно рекомендуется):

1. заменить выделенное слово фразеологизмом. Например: они живут *рядом* (бок о бок), герой на войне никогда *не проявляет трусости* (не кланяется пулям), учитель специально *не замечает* наших шалостей (смотрит сквозь пальцы) и под.;

2. подумать, на чём основан образ, лежащий в основе фразеологизма, определить, возможен ли контекст, при котором фразеологизм перестанет существовать – слова, входящие в его состав, будут выступать в своём прямом значении (например: на солнце можно смотреть только сквозь пальцы);

3. подобрать фразеологизм, синонимичный данному. Например: работать спустя рукава (без души), у него ума палата (он семи пядей во лбу), зарубить на носу (намотать на ус) и др.

4. составить небольшой диалог с использованием фразеологизмов на любую, близкую учащемуся тему. При выполнении этого задания, как правило, ученики уже стремятся обыграть значение фразеологизма и входящих в его состав слов, часто используют приём неожиданного финала.

Из ответов школьников:

– Слышал, какую вчера штуку наш сосед выкинул?

– Да, и даже слышал, как ему за это родители шею намылили.

– Конечно, за такое по голове не погладят!

– Неужели он думал, что всё ему с рук сойдёт?!

– А я вот выбросил свой старый дневник, и мне как с гуся вода!

Результаты. Исходя из вышеуказанных приёмов развития образной речи путём применения эффективных методов и приёмов на уроках русского языка и литературы в школе, мы пришли к тому, что речь сам по себе явление психолингвистическое и не маловажно роль фразеологизмов в обогащении и развитии речи школьников-таджиков. Исходя из проведённого исследования мы достигли следующих результатов:

1. В работе определены пути и намечены способы развития образной речи путём изучения фразеологии как раздела языка в условиях современной общеобразовательной школы;

2. Коммуникативная компетенция определяется как изложение мысли через язык человека, фразеологизмами, пословицами и поговорками;

3. Развитие навыков образного речи путём устойчивых сочетаний в процессе урока;

4. Сформированы такие процессы как развитие культуроведческой компетенции на уроках русского языка посредствам изучения фразеологии, так как именно фразеологические единицы являются источниками хранения и передачи культурной информации народа;

5. Достигли значительных результатов путём анализа уроков по изучению фразеологических единиц;

6. Составлены модели методов и приёмов изучения фразеологизмов как образных выражений в речи.

Выводы. Работу по усвоению семантической природы фразеологических единиц предлагается строить на основе систематического изучения источников происхождения устойчивых сочетаний и раскрытия основных функций фразеологизмов при изучении художественных произведений. С целью введения фразеологических единиц в речь учащихся в пособии предлагаются некоторые, уже известные в методической литературе, приемы и виды работ: сочинение по пословице; обязательное использование в изложении предлагаемых учителем фразеологических единиц; использование устойчивых сочетаний при составлении цитатных планов, а также в качестве литературных цитат в сочинениях или эпиграфов. На уроках русского языка С. Г. Гаврин предлагает использовать фразеологические единицы преимущественно в качестве примеров для грамматического разбора, при изучении синтаксиса и других грамматических разделов и тем.

Осуществлять изучение устойчивых сочетаний, по нашему мнению следует в основном на уроках русского языка и во внеурочное время с опорой на предпочтительное использование внеклассных форм работы: проведение конфренций и викторин по фразеологии, конкурсов на лучший подбор пословиц и поговорок, а также на лучший рисунок к ним; использование устойчивых сочетаний в качестве заголовков, надписей, лозунгов в школьной печати и радиопередачах; сбор местного пословично-поговорочного материала и т. п. Формирование учебно-языковых умений как задача изучения фразеологии в школе способствует закреплению полученных лингвистических знаний. Кроме того, изучение фразеологизмов должно сопровождаться использованием их в речи, толкованием значения фразеологических оборотов и уместным употреблением их в разговоре. Это также

является одной из задач обучения детей на уроках русского языка, посвященных изучению раздела фразеологии [4, с. 394].

Заключение. Таким образом, предложенная работа над фразеологией как средством формирования выразительной речи учащихся позволяет сделать следующий вывод: тщательный анализ стилистических возможностей фразеологии и особенностей её использования в художественном произведении даёт возможность ученикам обогатить свой лексический запас, расширить кругозор и сделать их речь разнообразной и экспрессивной.

Литература

1. *Абакумов, С.И. Устойчивые сочетания слов / С.И. Абакумов // Русский язык в школе, 1936.- №1 - С. 71-77.*
2. *Абакумов, С.И. Методика пунктуации / С.И. Абакумов. - М., 1951. С. 33—34.*
3. *Вульфиус, И. К вопросу о классификации идиомов / И. Вульфиус // Русский язык в советской школе», № 6, 1929, 176 с.*
4. *Волкова, Е. В. Методы и принципы изучения фразеологии в вузе и школе / Е. В. Волкова. — Текст: непосредственный // Молодой ученый. — 2014. — № 15 (74). — 412 с.*
5. *Литневская, Е. И. Методика преподавания русского языка в средней школе / Е. И. Литневская, В.А. Багрянцева. - М.: 2006.— 590 с.*
6. *Мокиенко, В.М. Славянская фразеология / В.М. Мокиенко. – М., 1989. – 286 с.*
7. *Ниятбекова, А.Ю. Интеграция когнитивных и коммуникативных подходов в обучении лексическому аспекту говорения русскому языку как неродному / А.Ю. Ниятбекова, Р.К. Курбонзода // Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук. – 2025. - № 4 (26). - С. 271.*
8. *Рыбникова, М.А. Система занятий по языку / М.А. Рыбникова // Русск. язык в школе, 1939. № 5-6. - 144 с.*
9. *Рыбникова М.А. Избранные труды. АПН / М.А Рыбникова. - РСФСР, 1958 – 140 с.*
10. *Рыбникова, М.А. Русские пословицы и поговорки. АН СССР / М.А Рыбникова. - М., 1961. – 14 с.*
11. *Рыбникова М.А. Очерки по методике литературного чтения, 3 изд / М.А. Рыбникова. - М., Учпедгиз, 1963. – 313 с.*
12. *Стернин, А.И. О трех видах экспрессивности слова // Структура лингвостилистики и её основные категории / А.И. Стернин. – Пермь, 1983. - С. 126-127.*

ИЗУЧЕНИЕ ФРАЗЕОЛОГИИ КАК КЛЮЧЕВОГО ЭЛЕМЕНТА В РАЗВИТИИ ОБРАЗНОЙ РЕЧИ УЧАЩИХСЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ШКОЛЫ

В статье рассматриваются изучение и широкое применение фразеологизмов как один из ключевых единиц образной речи. Конкретно показаны методы и приёмы изучения, осмысления и применения фразеологизмов в процессе изучения русского языка и литературы. Проблемой развития образной речи на уроках русского языка и литературы методисты занимались ещё в начале 30-х годов XX века, и сегодня пришли к тому, что изучение фразеологизмов на уроках русского языка и литературы является необходимым. Особенно много замечаний и методических рекомендаций, касающихся освоения школьниками фразеологических единиц, рассыпано в тех разделах учебника, которые освещают методику чтения и методику словарной работы. Результаты исследования показывают, что фразеологические единицы являются мощным средством формирования экспрессивного и индивидуально-авторского стиля.

Ключевые слова: фразеологические единицы, экспрессивность, образная речь, стилистика, семантика, выразительность, контекст, изучение, развитие речи.

ОМӮЗИШИ ФРАЗЕОЛОГИЯ ҲАМЧУН УНСУРИ КАЛИДИИ ИНКИШОФИ НУТҚИ ОБРАЗНОК ДАР ХОНАНДАГОНИ МАКТАБИ МИЛЛӢ

Ин мақола омӯзиш ва истифодаи васеъи воҳидҳои фразеологиро ҳамчун воҳиди асосии нутқи маҷозӣ баррасӣ мекунад. Дар он метод ва усулҳои омӯзиш, дарк ва татбиқи воҳидҳои фразеологӣ дар омӯзиши забон ва адабиёти рус ба таври мушаххас тавсиф шудааст. Мутахасисони соҳаи методикаи таълим аз солҳои 30-юми асри XX-и инҷониб мушкилоти инкишофи нутқи образнокро дар дарсҳои забон ва адабиёти рус меомӯхтанд ва имрӯз ба хулосае омаданд, ки омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти рус хеле муҳим аст. Бахшҳои китоби дарсӣ, ки усулҳои хониш ва омӯзиши луғатро фаро мегиранд, махсусан аз шарҳҳо ва тавсияҳои методологӣ дар бораи азхуд кардани воҳидҳои фразеологӣ ғанӣ мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки воҳидҳои фразеологӣ воситаи пуриқтидор барои инкишоф додани услуби ифоданок ва инфиродии муаллиф мебошанд.

Калидвожаҳо: воҳидҳои фразеологӣ, ифоданокӣ, нутқи маҷозӣ, услубшиносӣ, семантика, ифоданокӣ, контекст, омӯзиши нутқ ва инкишофи он.

STUDYING PHRASEOLOGY AS A KEY ELEMENT IN THE DEVELOPMENT OF FIGURATIVE SPEECH IN NATIONAL SCHOOL STUDENTS

This article examines the study and widespread use of phraseological units as a key unit of figurative speech. It specifically describes the methods and techniques for studying, understanding, and applying phraseological units in the study of Russian language and literature. Methodologists have been studying the problem of developing figurative speech in Russian language and literature lessons since the early 1930s, and today they have come to the conclusion that studying phraseological units in Russian language and literature lessons is essential. The sections of the textbook that cover reading methods and vocabulary learning are particularly rich in comments and methodological recommendations regarding students' acquisition of phraseological units. The results of the study demonstrate that phraseological units are a powerful tool for developing an expressive and individual authorial style.

Keywords: phraseological units, expressiveness, figurative speech, stylistics, semantics, expressiveness, context, speech study and development.

Об авторах

Тошова Барно Рузикуловна
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания русского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: tbarno87@mail.ru

Ниятбекова Абреза Юсуфбековна
Кандидат педагогических наук, и. о. доцента, заведующая кафедрой методики преподавания русского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: aniyatbekova@inbox.ru

Дар бораи муаллифон

Тошова Барно Рузиқуловна
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти рус
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: tbarno87@mail.ru

Ниятбекова Абреза Юсуфбековна
Номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти рус
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: aniyatbekova@inbox.ru

About the authors

Toshova Barno Ruzikulovna
Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer at the Department of Methods of Teaching Russian Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: tbarno87@mail.ru

Niyatbekova Abreza Yusufbekovna
Candidate of Pedagogical Sciences, Acting Associate Professor, Head of the Department of Methods of Teaching Russian Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: aniyatbekova@inbox.ru

УДК 378.147: 614.84

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ СПЕЦИАЛИСТОВ ПОЖАРНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ

Сайхонзода Х. Б.
Пожарно-технический колледж МВД Республики Таджикистан в Дангаринском районе

Введение. Понятие «педагогические условия» занимает одно из центральных мест в современной педагогической науке, однако его содержание трактуется исследователями неоднозначно:

- одни авторы понимают под педагогическими условиями совокупность внешних обстоятельств, при которых становится возможным достижение образовательного результата;
- другие акцентируют внимание на целенаправленно создаваемой образовательной среде;
- третьи рассматривают педагогические условия как систему взаимосвязанных компонентов, воздействующих на формирование той или иной компетентности.

Мы придерживаемся позиции В.И. Андреева, согласно которой «педагогические условия – это целенаправленно конструируемые меры учебно-воспитательного процесса, которые в совокупности обеспечивают эффективное формирование у обучающихся заданных качеств и компетентностей» [2, с. 13-16].

Это понимание ориентирует исследователя на поиск не абстрактных принципов, а конкретных, реализуемых на практике мер, поддающихся описанию, внедрению и последующей оценке.

Материалы и методы исследования. Разработка педагогических условий в настоящем исследовании опирается на несколько теоретических оснований. Первое – компетентностный подход, ставящий во главу угла не знания как таковые, а способность применять их в реальных ситуациях деятельности.

Как указывает А.В. Хуторской, «компетентность – это не просто наличие знаний и умений, но готовность и способность действовать эффективно в ситуациях неопределённости» [11, с. 135-157].

Применительно к профессионально-коммуникативной компетентности специалиста пожарной безопасности это означает, что конечным критерием её сформированности является не отметка за диктант или тест по грамматике, а реальная способность профессионально общаться в условиях служебной деятельности.

Второе теоретическое основание – деятельностный подход, разработанный в трудах А.Н. Леонтьева и его последователей, согласно которому формирование любых психических новообразований, в том числе компетентностей, происходит в процессе целенаправленной деятельности, организованной в соответствии с её объективной структурой [6, с. 147].

Третье – коммуникативный подход к обучению языку, концептуально обоснованный в работах Е.И. Пассова и предполагающий, что языковое обучение должно воспроизводить структуру и динамику реального общения [8, с. 97].

Опираясь на эти теоретические основания, а также на данные проведённого анализа опыта исследуемых учебных заведений, автором была сформулирована систему педагогических условий. Данные педагогические условия необходимы и достаточны для эффективного формирования профессионально-коммуникативной компетентности будущих специалистов пожарной безопасности на занятиях по русскому языку в условиях Республики Таджикистан. Систему образуют четыре основных условия, каждое из которых связано с остальными и не может быть в полной мере реализовано в отрыве от них.

Первое педагогическое условие – профессионально-тематическая ориентация содержания обучения русскому языку. Это условие означает, что содержание занятий по русскому языку должно быть системно выстроено вокруг профессиональных коммуникативных ситуаций, характерных для деятельности специалиста пожарной безопасности. Речь идёт не о механическом включении в учебный процесс профессиональных текстов, а о глубокой перестройке тематической и жанровой структуры

курса. Тематический репертуар занятий должен охватывать, по меньшей мере, следующие профессиональные сферы:

- нормативно-правовая база в области пожарной безопасности (законы, приказы, инструкции);
- служебная документация (рапорты, акты о пожарах, протоколы проверок, объяснительные записки);
- оперативная коммуникация (переговоры по рации, команды в боевой обстановке, доклады по итогам тушения);
- просветительская деятельность (инструктаж населения, беседы с трудовыми коллективами, выступления на противопожарных мероприятиях);
- взаимодействие с пострадавшими и очевидцами (алгоритмы речевого поведения в экстренных ситуациях, психолингвистические аспекты коммуникации в условиях стресса).

В своем исследовании С. А. Алиуллина отмечает «тексты профилактической беседы выполняют информирующую и воздействующую функцию на мысли и поведение аудитории с целью предупреждения опасных ситуаций, минимизации негативных последствий и грамотных действий человека в случае их возникновения. Анализ текстового материала позволяет определять профилактическую беседу как комбинированный жанр, включающий в себя интенцию сообщения, рекомендации, предостережения, предупреждения, назидания, имплицитно выраженную форму угрозы. Для создания эффективных текстов профилактической беседы необходимо учитывать выявленные жанрообразующие характеристики и руководствоваться выбором риторических приёмов, приемлемых для данного вида речевого произведения» [1, с. 225].

Как отмечается в исследовании Е. М. Скурко, А. С. Музыченко, М. В. Коростелева «преподаватели иностранных языков в Академии ГПС МЧС России постоянно работают над повышением своего профессионального уровня, овладевают новейшими методиками обучения иностранным языкам и используют их в учебном процессе. Так, на занятиях с курсантами, студентами и магистрантами Академии успешно используется «педагогика удивления» с целью повышения заинтересованности и мотивации в изучении языка, что положительно сказывается на эффективности усвоения предмета. К таким инновационным методикам относится и сторителлинг. К настоящему времени сторителлинг стал предметом научных исследований, а также практическим инструментом, успешно используемым в различных видах деятельности, связанных с привлечением внимания аудитории. Сторителлинг используют спикеры, публичные персоны, политики, которые часто обращаются к прошлому, чтобы поднять национальное самосознание; блогеры, чтобы их статьи читали, а не просто просматривали; психотерапевты, помогающие пациентам через истории справляться со страхами и душевными травмами; адвокаты, которые собирают доказательства и доводы в единую историю, не вызывающую сомнений, чтобы выиграть дело. Этот метод также широко применяется в маркетинге как эффективный инструмент продаж, в рекламе для привлечения внимания потенциальных покупателей и т. д.» [10, с. 71].

Профессионально-тематическая ориентация содержания предполагает также работу с подлинными документами и текстами из профессиональной практики.

Как подчёркивает Г.Г. Городилова, «аутентичный профессиональный текст несёт в себе не только информацию предметной области, но и модели профессионального дискурса, которые усваиваются обучающимися в процессе многократного обращения к таким текстам» [3, с. 123].

Это означает, что на занятиях по русскому языку должны использоваться: реальные приказы МВД; реальные акты о пожарах; реальные протоколы проверок.

Разумеется, в учебно-адаптированном виде. Работа с такими текстами одновременно формирует и языковые умения, и профессиональную осведомлённость, и готовность к конкретным видам деятельности.

Второе педагогическое условие – систематическое использование ситуативно-ролевых методов обучения. Данное условие непосредственно вытекает из коммуникативного подхода. Это означает, что основной дидактической единицей занятия по русскому языку должна становиться не упражнение по грамматике и не изолированный текст для чтения, а смоделированная профессиональная коммуникативная ситуация. В данной профессиональной коммуникативной ситуации курсант выступает как субъект деятельности, а не как пассивный исполнитель учебного задания. Инструменты, позволяющие воспроизвести в учебных условиях динамику реального профессионального общения: ролевая игра; деловая игра; кейс-метод; симуляция.

Результаты. Применение геймофикации помогло снизить напряжение, возникающее у специалистов при изучении темы, связанной с негативными эмоциями и неприятными впечатлениями. Обучаемые активно включились в игру и проявили себя с лучшей стороны [7, с. 12].

Особую ценность представляют ситуации, моделирующие экстремальные условия работы пожарного: принятие решений при дефиците времени, взаимодействие с паникующими людьми, передача информации в условиях шума и визуальных помех.

Важнейшим достоинством ситуативно-ролевых методов является их способность формировать не только знания и умения, но и личностные установки, эмоционально-волевые качества, способность к рефлексии собственной коммуникативной деятельности.

Как отмечает Д. Хаймс, «коммуникативная компетенция включает не только лингвистическое измерение, но и социолингвистическое, стратегическое и дискурсивное» [12, с. 277].

Ситуативно-ролевое обучение позволяет работать со всеми этими измерениями одновременно, чего нельзя достичь традиционными методами.

Практическая реализация второго педагогического условия предполагает разработку банка учебных ситуаций, построенных на материале профессиональной деятельности специалиста пожарной безопасности. Каждая ситуация должна включать:

- описание контекста (место, время, участники, их роли и цели);
- лингвистическое задание (какие речевые действия необходимо совершить);
- критерии оценки коммуникативной успешности.

Курсанты должны выполнять ситуативные задания не только индивидуально, но и в парах, и в малых группах. Это воспроизводит реальную командную структуру пожарно-спасательных подразделений и формирует навыки командного взаимодействия.

Третье педагогическое условие – интеграция обучения русскому языку с профессиональными дисциплинами на основе межпредметного взаимодействия. Это условие направлено на устранение одного из главных структурных дефектов существующей системы – изолированности курса русского языка от профессиональной подготовки в целом. Реализация данного условия предполагает как минимум три взаимосвязанных механизма:

Первый – согласование тематических разделов курса русского языка с тематикой профессиональных дисциплин. Изучение лексики и жанров, связанных с тактикой пожаротушения, должно происходить одновременно с освоением самой тактики. Работа с документами по противопожарной профилактике – параллельно с изучением дисциплины «Пожарная профилактика».

Второй механизм – совместные занятия или фрагменты занятий, которые ведут преподаватель русского языка и преподаватель специальной дисциплины, каждый из которых вносит свою экспертизу.

Третий – использование на занятиях по специальным дисциплинам заданий, целенаправленно формирующих коммуникативные умения:

- написание отчётов о практическом занятии;
- устное описание схемы тушения пожара;
- формулировка приказа командира на тактических учениях.

Как указывает М.Н. Скаткин, «межпредметные связи – это не методический приём, а отражение объективной взаимосвязи явлений и процессов реальной действительности, которая должна найти адекватное воплощение в содержании образования» [9, с. 41].

Применительно к нашему случаю это означает, что связь между профессиональной деятельностью пожарного и языковыми умениями, необходимыми для её осуществления, является не искусственной дидактической конструкцией, а реальностью профессиональной жизни. Задача педагога – сделать эту связь явной и использовать её как ресурс обучения.

Четвёртое педагогическое условие – создание рефлексивно-развивающей образовательной среды, стимулирующей осознанное отношение курсантов к собственной коммуникативной деятельности. Это условие является своеобразным метауровнем по отношению к трём предыдущим. Оно задаёт тот психологический и педагогический климат, в котором реализуются все остальные условия. Рефлексивно-развивающая среда предполагает, что курсанты не просто выполняют задания, но и систематически анализируют процесс и результаты своей коммуникативной деятельности, выявляют сильные стороны и зоны роста, формулируют для себя цели развития. Ключевым инструментом в этом контексте является систематическая обратная связь – как со стороны преподавателя, так и в форме взаимооценки между курсантами.

Рефлексивно-развивающая среда подразумевает также психологическую безопасность – то есть такую атмосферу в учебной группе, при которой курсанты не боятся делать ошибки, задавать вопросы, пробовать нестандартные коммуникативные решения. Это особенно важно в условиях ведомственного учебного заведения с жёсткой иерархической культурой, где страх сделать ошибку перед командиром нередко подавляет коммуникативную инициативу.

Как отмечает А.А. Леонтьев, «речевая активность – это производная от психологической свободы: там, где человек боится говорить неправильно, он говорит меньше, а значит, развивается медленнее» [5, с. 143].

Преодоление этого барьера – одна из важнейших задач педагога в контексте формирования профессионально-коммуникативной компетентности.

Рефлексивный компонент среды реализуется через конкретные дидактические инструменты:

- ведение курсантами коммуникативных дневников (записей о собственном опыте профессионального общения и трудностях, с которыми они сталкиваются);
- регулярные мини-дискуссии в начале или конце занятия о том, как те или иные языковые умения проявляются в профессиональной практике;
- использование видеозаписей ролевых игр с последующим разбором коммуникативного поведения участников.

Разработанные педагогические условия находятся в системном взаимодействии:

- «первое условие» – задаёт содержательную базу. Тот профессиональный материал, с которым курсанты работают;
- «второе условие» – определяет форму деятельности: активную, ситуативную, максимально приближённую к реальности;
- «третье условие» – обеспечивает связность профессиональной подготовки в целом, не позволяя русскому языку «выпасть» из общего образовательного пространства;
- «четвёртое условие» – задаёт тот внутренний, личностный контекст, в котором происходит развитие курсанта как субъекта профессиональной коммуникации.

Следует особо подчеркнуть, что реализация сформулированных условий предполагает определённые требования к самому преподавателю русского языка. Преподаватель, работающий в условиях профессионально ориентированного обучения, должен обладать не только филологической компетентностью, но и достаточной осведомлённостью в предметной области своих учеников. Это не означает, что преподаватель должен стать специалистом в области пожаротушения, но он должен:

- знать базовую терминологию;
- уметь работать с профессиональными текстами данной сферы;
- понимать контекст профессиональных ситуаций, которые он моделирует на занятии.

Как указывает Т.А. Ладыженская, «преподаватель, обучающий профессиональному общению, должен быть не только методистом, но и лингвистом-прикладником, способным анализировать специфику конкретного профессионального дискурса» [4, с. 19].

Для обеспечения этой компетентности преподавателей необходима система методической поддержки:

- стажировки или ознакомительные визиты в пожарно-спасательные подразделения;
- изучение специализированной литературы;
- консультации с преподавателями профессиональных дисциплин;
- участие в разработке межпредметных программных документов.

Обсуждение. Всё это является организационными составляющими реализации педагогических условий, которые должны быть предусмотрены на уровне управления учебным заведением. Необходимо также рассмотреть вопрос о соответствии разработанных педагогических условий нормативным требованиям и образовательным стандартам, действующим в Республике Таджикистан. Государственный образовательный стандарт среднего профессионального образования по специальности «Пожарная безопасность» предусматривает в качестве одного из результатов освоения основной профессиональной образовательной программы «готовность к профессиональной коммуникации на государственном и русском языках». Тем самым официальный документ фактически фиксирует необходимость формирования именно той компетентности, которой посвящено настоящее исследование. Это означает, что предлагаемые педагогические условия не противоречат действующей нормативной базе, а напротив – конкретизируют и операционализируют те требования, которые в стандарте сформулированы достаточно

обобщённо. Вместе с тем, необходимо честно признать, что между формальным наличием требования в стандарте и его реальным воплощением в учебном процессе существует значительная дистанция. Стандарт предписывает результат, но не определяет пути его достижения – это задача педагогической науки и практики. Именно здесь и находится то пространство, которое заполняется разработкой педагогических условий и модели.

Заключение. Таким образом, сформулированная система педагогических условий формирования профессионально-коммуникативной компетентности будущих специалистов пожарной безопасности на занятиях по русскому языку обладает как теоретической обоснованностью, так и практической применимостью. Предложенная система не является абстрактной теоретической конструкцией: она опирается на признанные педагогические теории, содержит конкретные инструменты для преподавателя и позволяет целенаправленно формировать у будущих специалистов пожарной безопасности те коммуникативные умения, которые реально востребованы в их профессиональной деятельности в современных быстроменяющихся условиях.

Литература

1. *Алиуллина, С. А. Изучение особенностей текстов профилактической беседы в процессе обучения профессиональной коммуникации будущих специалистов пожарно-технического профиля / С. А. Алиуллина // Вестник педагогических наук. – 2023. – № 3. – С. 223-229.*
2. *Андреев В. И. Законы творческого саморазвития как основания концепции субъектно-ориентированного образования // Вестник Казанского технологического университета. 2013. №16. - С. 13-16.*
3. *Городилова Г.Г. Обучение речи и технические средства. – М.: Русский язык, 1979. – 208 с.*
4. *Ладыженская Т.А. Живое слово: устная речь как средство и предмет обучения. – М.: Просвещение, 1986. – 127 с.*
5. *Леонтьев А.А. Основы психолингвистики. – М.: Смысл, 1997. – 287 с.*
6. *Леонтьев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность. – М.: Политиздат, 1975. – 304 с.*
7. *Лященко, С. М. Использование геймификации в процессе развития коммуникативной компетентности специалистов технического профиля / С. М. Лященко, Ю. В. Петренко // Научное отражение. – 2022. – № 2(28). – С. 11-12.*
8. *Пассов Е.И. Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению. – 2-е изд. – М.: Просвещение, 1991. – 223 с.*
9. *Скаткин М.Н. Проблемы современной дидактики. – 2-е изд. – М.: Педагогика, 1984. – 96 с.*
10. *Скурко, Е. М. Сторителлинг как инструмент формирования коммуникативной компетенции при обучении иностранному языку в вузах пожарно- технического профиля / Е. М. Скурко, А. С. Музыченко, М. В. Коростелева // Культура и безопасность. – 2021. – № 2. – С. 68-73.*
11. *Хуторской А.В. Ключевые компетенции как компонент личностноориентированной парадигмы образования // Ученик в обновляющейся школе. Сб. науч. тр. / Под ред. Ю.И. Дика, А.В. Хуторского.– М.: ИОСО РАО, 2002. – С.135-157.*
12. *Hymes D.H. On communicative competence // Sociolinguistics: Selected Readings. Harmondsworth: Penguin, 1972. - P. 269–293.*

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ СПЕЦИАЛИСТОВ ПОЖАРНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ

В статье раскрывается система педагогических условий, направленных на формирование профессионально-коммуникативной компетентности курсантов - будущих специалистов пожарной безопасности - в рамках занятий по русскому языку (на примере образовательных учреждений Республики Таджикистан). Автор обосновывает трактовку понятия «педагогические условия» с опорой на позицию В. И. Андреева как целенаправленно конструируемых мер учебно-воспитательного процесса, обеспечивающих развитие у обучающихся заданных качеств. Автором сформулированы и раскрыты четыре взаимосвязанных педагогических условий: профессионально-тематическая ориентация содержания обучения, систематическое применение ситуативно-ролевых методов, интеграция курса русского языка с профессиональными дисциплинами через согласование тем и создание рефлексивно-развивающей образовательной среды. В статье особое внимание уделено роли преподавателя русского языка в профессионально ориентированном обучении: он должен обладать не только филологической, но и прикладной компетентностью в сфере пожарной безопасности, для чего необходима система методической поддержки (стажировки, консультации с профильными преподавателями и т.п.).

Ключевые слова: педагогические условия, формирование, профессионально-коммуникативная компетентность, курсанты, будущие специалисты, пожарная безопасность, занятие по русскому языку, образовательная среда, компетентнсть, методическая поддержка.

ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБӢ-МУОШИРАТИИ МУТАХАССИСОНИ ОЯНДАИ БЕХАТАРИИ СӮХТОР ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ

Дар ин мақола системаи шароити педагогӣ, ки барои рушди салоҳияти касбӣ ва коммуникатсионии курсантҳо - мутахассисони ояндаи бехатарии сӯхтор - дар дарсҳои забони русӣ (бо истифода аз муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мисол) равона шудааст, тавсиф шудааст. Муаллиф тафсири мафҳуми "шароити педагогӣ"-ро дар асоси мавқеи В. И. Андреев ҳамчун ченакҳои мақсадноки раванди таълимӣ, ки рушди сифатҳои пешакӣ муайяншударо дар донишҷӯён таъмин мекунанд, асоснок мекунад. Муаллиф чор шарти педагогии ба ҳам алоқамандро таҳия ва тавсиф мекунад: самти касбӣ-мавзуъии мундариҷаи таълим, татбиқи мунтазами усулҳои нақшбозии вазъиятӣ, ҳамгироии курси забони русӣ бо фанҳои касбӣ тавассути ҳамоҳангсозии мавзуъҳо ва эҷоди муҳити таълимии инъикосӣ ва рушдёбанда. Дар мақола ба нақши муаллими забони русӣ дар таълими касбӣ диққати махсус дода шудааст: онҳо бояд на танҳо салоҳияти филологӣ, балки амалӣ низ дар соҳаи бехатарии сӯхтор дошта бошанд, ки ин системаи дастгирии методологиро (таҷрибаомӯзӣ, машварат бо муаллимони махсус ва ғайра) талаб мекунад.

Калидвожаҳо: шароити педагогӣ, ташаккул, салоҳияти касбӣ-муоширатӣ, курсантҳо, мутахассисони оянда, бехатарии сӯхтор, машғулияти забони русӣ, муҳити таълим, салоҳият, дастгирии методӣ.

PEDAGOGICAL CONDITIONS FOR DEVELOPING PROFESSIONAL AND COMMUNICATIVE COMPETENCE OF FUTURE FIRE SAFETY SPECIALISTS IN RUSSIAN LANGUAGE CLASSES

This article describes a system of pedagogical conditions aimed at developing the professional and communicative competence of cadets—future fire safety specialists—in Russian language classes (using educational institutions in the Republic of Tajikistan as an example). The author substantiates the interpretation of the concept of "pedagogical conditions" based on V. I. Andreev's position as purposefully designed measures of the educational process that ensure the development of predetermined qualities in students. The author formulates and describes four interrelated pedagogical conditions: a professional-thematic focus on the curriculum, the systematic use of situational role-playing methods, and the integration of the Russian language course with professional disciplines through the coordination of topics and the creation of a reflective and developmental educational environment. The article places particular emphasis on the role of the Russian language teacher in professionally oriented learning: they must possess not only philological but also applied competence in the field of fire safety, which requires a system of methodological support (internships, consultations with specialized instructors, etc.).

Keywords: pedagogical conditions, development, professional and communicative competence, cadets, future specialists, fire safety, Russian language classes, educational environment, competence, methodological support.

Об авторе
Сайхонзода Хабибуло Бобохол
Доцент кафедры общественно-политического воспитания и языков
Пожарно-технический колледж МВД Республики Таджикистан в Дангаринском районе
E-mail: habibullosaikhonov@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Сайхонзода Ҳабибуло Бобохол
Дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ, тарбиявӣ-сиёсӣ ва забонҳо
Коллеҷи оташнишонӣ-техникии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара
E-mail: habibullosaikhonov@gmail.com

About the author
Saykhonzoda Khabibulo Bobokhol
Associate Professor of the Department of Social and Political Education and Languages
Fire and Technical College of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan in the Dangara District
E-mail: habibullosaikhonov@gmail.com

ТДУ 378.147:811.111

ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мавлонова И. Т.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати муносибатҳои байналмилалӣ донистани забонҳои хориҷӣ, махсусан забони англисӣ, яке аз омилҳои муҳими ташаккули рақобатпазирии мутахассисони оянда ба ҳисоб меравад. Дар ин замина такмил додани сифати таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус касб мекунад. Бо дарназардошти ин масъала омӯзиши хусусиятҳои педагогии инишофи ҳавасмандгардонии донишҷӯён аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Ҳадафи мақола таҳқиқи хусусиятҳои педагогии инкишофи ҳавасмандгардонии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳавасмандгардонӣ яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани фаъолнокии донишҷӯён дар раванди таълим ба ҳисоб меравад. Дар ташаккул ва тақвияти шавқу рағбати маърифатии онҳо нигоҳ доштани ангезаи устувор нисбат ба раванди азхудкунии дониш ва натиҷаҳои он аҳаммияти махсус дорад. Дар ин замина, истифодаи методу усулҳои гуногуни таълим, ки ба талаботу ниёзҳои донишҷӯён мувофиқат мекунанд, аз шартҳои асосии таъмини ҳавасмандии онҳо маҳсуб меёбад. Гуногунрангии усулҳои таълим ба дарки амиқ ва дар хотир нигоҳ доштани маводи таълимӣ мусоидат намуда, барои ташаккул ва таҳкими тасаввуроти биноию шунавоии донишҷӯён заминаи мусоид фароҳам меорад. Таркиббандии ҳавасмандгардонии таълимиро дар синни мактабӣ мебоист яке аз масъалаҳои марказӣ ва асосии мактаби муосир номид. Муҳимияти он бо таҳлил кардани фаъолияти инсон, ташвиққунандаи фаъолияти ӯ вобастагӣ дорад.

Масъалаи ҳавасмандгардонӣ ҳам дар илми равоншиносӣ ва ҳам дар методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд. Аҳаммияти ин масъала аз зарурати дар фаъолияти амалӣ татбиқ намудани натиҷаҳои таҳқиқоти равоншиносии марбут ба рафтори инсон бармеояд, ки шинохти ангезаҳои водоркунандаи шахс ба фаъолият ва механизмҳои амалисозии онро фаро мегиранд. Инчунин лозим омадааст, ки робитаҳои воридии ҳавасмандгардонии тамоюли инсонӣ нисбати фаъолияти иҷтимоӣ пурра ошкор карда шавад. Аз назар гузаронии тадқиқотҳои илмии равоншиносони муосир нишон доданд, ки дар замони ҳозира дар психология маводҳои зиёде оид ба муайян сохтани баъзе аз мавқеҳои ибтидоӣ ва инчунин заминаҳо барои васеъ ва чуқур таҳқиқ намудани проблемаи ҳавасмандгардонӣ, ҷамъ шудаанд [7, с. 110-115].

Дар шароити муосир мафҳуми ҳавасмандгардонӣ ҳамчун падидаи равоншиносӣ аз дидгоҳҳои мухталиф шарҳу тавзеҳ меёбад. Тибқи як равиш, он маҷмуи омилҳои самтдиҳандаи фаъолияти инсонро ифода менамояд; дар равиши дигар, ҳамчун низоми ҳадафҳо баррасӣ мегардад; аз нигоҳи сеюм бошад, неруи водоркунандае дониста мешавад, ки дараҷа ва хусусияти фаъолнокии шахсро муайян месозад. Аз ин дидгоҳ, шавқу рағбат, аҳаммияти шахсии падидаҳо ва ормонҳои фардро метавон аз ҷумлаи омилҳои ташаккул ва рушди ҳавасмандӣ арзёбӣ намуд. Ҳамчун чунин ҳадафҳо ормонҳо ва вижагиҳои фарҳангии хоси ҷомеаи муайян пазируфта мешаванд, ки дар навбати худ метавонанд ба сифати воситаҳои ҳавасмандгардонӣ хизмат намоянд. Илова бар ин, ҳавасмандгардонӣ ҳамчун раванди танзими равонии фаъолият маънидод мешавад. Дар доираи ин фаҳмиш, он раванди ҳадафмандеро дар бар мегирад, ки муайян намудани самти фаъолият, роҳнамоии он ва интихоби роҳу усулҳои иҷрои намудҳои гуногуни фаъолиятро таъмин менамояд.

Ҳавасмандгардонӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳими раванди таълим, махсусан дар омӯзиши забони англисӣ, нақши калидӣ мебозад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки сатҳи ҳавасмандии донишҷӯён ба сифати азхудкунии дониш ва рушди малакаҳои забонӣ таъсири муҳим мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои педагогии инкишофи ҳавасмандгардонӣ дар раванди таълими забони англисӣ аҳамияти назаррас дорад [16, с. 48-52].

Методистон ва равоншиносони муосир, аз ҷумла И.А. Зимняя, Р.С. Немов, Т.И. Шамова, Г.А. Китайгородская ва Е.И. Пассов, таъкид менамоянд, ки самаранокии фаъолияти таълимӣ пеш аз ҳама ба сатҳи ҳавасмандии шахс вобастагӣ дорад. Ба андешаи онҳо, маҳз

ҳавасмандгардонӣ ҳамчун омили асосии фаъолсозии раванди омӯзиш баромад намуда, интихоби усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои фаъолияти таълимиро муайян месозад. И.А. Зимняя ҳавасмандгардониро ҳамчун маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва беруна муайян намуда, қайд мекунад, ки он рафтори шахсро дар раванди омӯзиш танзим менамояд. Ба гуфтаи ӯ, ҳавасмандгардонӣ на танҳо оғози фаъолият, балки устуворӣ ва самаранокии онро таъмин мекунад [4, с. 55-56].

Р.С. Немов ҳавасмандгардониро аз нуқтаи назари равонӣ баррасӣ намуда, онро ҳамчун низоми мураккаби ниёзҳо, мақсадҳо ва ангезаҳо шарҳ медиҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳавасмандӣ дар натиҷаи таҷрибаи шахсӣ ташаккул ёфта, метавонад дар раванди фаъолияти таълимӣ тағйир ёбад [7, с. 110-115].

Т.И. Шамова дар корҳои худ нишон медиҳанд, ки ҳавасмандгардонӣ омили асосии баланд бардоштани сифати таълим мебошад. Ба андешаи онҳо, омӯзгор бояд шароитеро фароҳам оварад, ки донишҷӯён на танҳо аз рӯи талабот, балки аз рӯи шавқу рағбати шахсӣ ба омӯзиш машғул шаванд [15, с. 256].

Г.А. Китайгородская ба нақши муҳити таълимӣ ва усулҳои коммуникативӣ аҳамияти махсус медиҳад. Ӯ бар он назар аст, ки истифодаи усулҳои интерактивӣ ва муошират фаъол метавонад ҳавасмандии донишҷӯёнро ба таври назаррас баланд бардорад [5, с. 40-45].

Е.И. Пассов бошад, ҳавасмандгардониро ҳамчун шарти асосии ташаккули малакаҳои коммуникативӣ арзёбӣ намуда, таъкид мекунад, ки бе ҳавасмандии воқеӣ раванди азхудкунии забони хориҷӣ самаранок нахоҳад буд [12, с. 223].

Баррасии таҳқиқоти илмии мутахассисони соҳаи методикаи таълим нишон медиҳад, ки ҳавасмандгардонӣ дар баробари замина гузоштан ба оғози фаъолияти таълимӣ, яке аз шартҳои бунёдии идомаи босубот ва самараноки он низ ба шумор меравад. Ташаккул ва тақвияти ҳавасмандии донишҷӯён барои беҳтар гардидани сифати азхудкунии дониш ва ба даст овардани натиҷаҳои назарраси таълимӣ замина фароҳам меорад.

Азхуд намудани забонҳои хориҷӣ ҳамчун бартарии шахсӣ ва нишондиҳандаи сатҳи баланди омодагии таҳсилотии донишҷӯ арзёбӣ мегардид. Дар шароити кунунӣ забони англисӣ дар миёни забонҳои мавриди ниёзи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи намоён дошта, донистани он дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои омӯзиши забон, ширкатҳо ва соҳаҳои гуногуни касбӣ аҳаммияти хос пайдо намудааст. Тасаллут бар ин забон доираи имкониятҳои таҳсилӣ ва касбии донишҷӯёнро ба таври назаррас густариш медиҳад. Аз ҷумла, онҳо метавонанд таҳсили худро дар муассисаҳое идома диҳанд, ки раванди таълимашон ба забони англисӣ сурат мегирад, ихтисосҳои муосири ниёзманд ба дониши ин забонро аз худ намоянд ва барои таҳсил ё фаъолияти меҳнатӣ ба кишварҳои дигар сафар кунанд. Ҳамзамон, донистани забонҳои хориҷӣ ба болоравии рақобатпазирии донишҷӯён мусоидат намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки донишу таҷрибаи худро дар соҳаҳои мухталиф муаррифӣ созанд ва ҳамчун мутахассисони баландихтисос эътибори касбӣ пайдо намоянд. Таҷриба гувоҳӣ медиҳад, ки мутахассисони дорои дониши забони англисӣ дар муқоиса бо шахсоне, ки забони хориҷиро аз худ накардаанд, аз лиҳози касбӣ бештар қадр карда мешаванд [1, с. 24].

Имрӯзҳо омӯзгорони мактабҳои олӣ бо ҳадафи фароҳам овардани муҳитҳое рӯбарӯ ҳастанд, ки дар онҳо донишҷӯён метавонанд зудтар дониши бештарро ба даст оранд ва малакаҳои истифодаи эҷодии онро дар кори худ аз худ кунанд. Ҳадафи асосии онҳо ҳавасмандгардонӣ барои омӯзиш аст, то ҳадафи донишҷӯён на танҳо гирифтани шаҳодатномаи таҳсилоти олӣ, балки гирифтани дипломе бошад, ки бо дониши мустаҳкам ва пойдор тақвият ёфтааст. Ба даст овардани дониши ҳақиқӣ бояд як кори якумрӣ бошад. Барои ба даст овардани натиҷаҳои хуб, омӯзиш бояд муҳим ва зарурӣ бошад. Донишҷӯён бояд ангезаи устуворро инкишоф диҳанд. Ин барои муваффақият дар таҳсилоти минбаъда муҳим аст. Кунҷковӣ ва ангезаи ба даст овардани дониш ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки навовариҳои назариявӣ ва амалиро дар маводи омӯхташаванда кашф кунанд ва кӯдаконро барои омӯхтани вазъиятҳои номаълум, махсусан душвор, барои беҳтар кардани имконияти муваффақият ҳавасманд кунанд. Ҳавасмандгардонӣ мафҳуми фарогирест, ки маҷмуи усулҳо, равандҳо ва шеваҳои педагогии ба бедор намудани майли донишҷӯён ба таҳқиқ ва азхудкунии фаъолонаи муҳтавои таълим равонашударо ифода мекунад. Асоси онро ангезаҳое ташкил медиҳанд, ки донишҷӯёнро ба фаъолият ва иҷрои амалҳои муайян таҳрик мебахшанд. Дар таркиби ҳавасмандгардонӣ, ҳамчунин, эҳсосот, шавқу рағбат, ниёзҳо, ормонҳо ва установкаҳои равонии шахс ҷойгоҳи муҳим доранд.

Бо дарназардошти талаботи ҷаҳони муосир ба донистани забони англисӣ, масъалаи ҳавасманд намудани донишҷӯён ба омӯзиши он аҳаммияти махсуси педагогӣ пайдо мекунад.

Бо вуҷуди ин, шавқу рағбати донишҷӯён ба омӯзиши забон метавонад таҳти таъсири як қатор омилҳо коҳиш ёбад. Душвории азхудкунии фан, якнавохтии маводи таълимӣ ва дилгирии аз он бавуҷудоянда, номуайянии ҳадафҳои омӯзиш, қаноатманд набудан аз усулҳои тадрис, инчунин нобоварӣ ба қобилияту имкониятҳои шахсӣ аз ҷумлаи сабабҳое мебошанд, ки ба суст гардидани ҳавасмандии онҳо мусоидат менамоянд.

Барои ҳалли ин масъала, омӯзиши бозӣ, тавассути филмҳо, намоиши манфиатҳои амалии забон барои касб ва зиндагӣ, инчунин эҷоди фазои мусбат ва инкишоф додани эътимод ба худ муҳиманд. Яке аз мушкилоте, ки ҳангоми таълими забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ ба миён меояд, мухолифати байни хоҳиши донишҷӯён барои хуб гап задан бо забон ва он далел аст, ки баъзе донишҷӯён аз сарф кардани вақти зиёд ба фаъолиятҳои мустақилонаи таълимӣ худдорӣ мекунанд. Донишҷӯёни факултаҳои ғайризабон баъзан майл доранд, ки бовар кунанд, ки онҳо метавонанд малака ва қобилиятҳои заруриро дар синфхона бидуни саъю кӯшиши бошуурона ба даст оранд, ки донишро бе саъю кӯшиши назарраси онҳо инкишоф додан мумкин аст. Ин тасаввуроти нодуруст аз набудани шавқи маърифатӣ ба омӯзиши забони англисӣ бармеояд, ки дар натиҷа донишҷӯён ё намехоҳанд вақтро барои омӯзиши забон сарф кунанд ё номунтазам кор мекунанд. Масалан, онҳо метавонанд 8-10 соат пеш аз имтиҳон қоидаҳои луғат ва грамматикаро омӯзанд, аммо дар тӯли семестр ҳар рӯз 20-30 дақиқа машқ ва рушди малакаҳои худро сарф намекунанд. Худи донишҷӯён мефаҳманд, ки як кӯшиши якдафъаина, ҳатто назаррас, ҳеҷ натиҷае намедиҳад, дар ҳоле ки машқи ҳаррӯзаи кӯтоҳмуддат хеле самаранок аст. Тафовути дар натиҷа байни кӯшиши даркшуда ва миқдори воқеии кори анҷомдодашуда аксар вақт аз набудани ҳавасмандгардонӣ (мотиватсия) вобаста аст [4, с. 78].

Яке аз масъалаҳои мубрами фаъолияти муассисаҳои таълимӣ сатҳи нокифояи ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ мебошад, ки ба ҷараёни азхудкунии дониш ва натиҷаҳои таълимии онҳо таъсири бевосита мерасонад. Суст гардидани шавқу рағбат ба омӯзиши забон аксаран бо пешрафти кунди таълимӣ ва душвориҳои азхудкунии мавод алоқаманд аст. Бисёре аз донишҷӯён маҳдуд будан ё умуман фароҳам набудани имкониятҳои машқи амалиро аз ҷумлаи монеаҳои омӯзиш мешуморанд, зеро чунин вазъият ба истифода ва таҳкими донишҳои андӯхтаи онҳо халал мерасонад. Ба омилҳои дигари коҳиши ҳавасмандӣ ҷолиб набудани муҳтавои дарс, ба таври кофӣ дарк нагардидани аҳаммияти донишҳои пешниҳодшаванда, фишори равонӣ ва ҳаҷми аз меъёр зиёди иттилооти таълимӣ дохил мешаванд. Сарбории иттилоотӣ метавонад қобилияти дарку азхудкунии маводро маҳдуд сохта, майли донишҷӯёнро ба идомаи омӯзиш заиф намояд. Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки гурӯҳе аз донишҷӯён фанҳои дигарро барои худ муҳимтар дониста, омӯзиши забони хориҷиро дар зинаҳои баъдии афзалиятҳои таҳсилӣ қарор медиҳанд. Маҳдудияти захираҳои таълимӣ, ихтилоф дар муносибат бо омӯзгор ва тафовутҳои фарҳангӣ низ метавонанд ба муносибати донишҷӯён нисбат ба омӯзиши забон таъсир расонанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳавасмандии донишҷӯён баррасии роҳу усулҳоеро тақозо менамояд, ки барои тақвияти майлу рағбати онҳо ба омӯзиши забони англисӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Азхудкунии забонҳои хориҷӣ имкониятҳои донишҷӯёнро барои ташаккули фаъолияти муваффақи касбӣ ва қонеъ гардонидани ниёзҳои шахсӣ густариш медиҳад. Барои амалӣ гардидани ин имкониятҳо раванди таълим бояд дар баробари омӯзиши донишҳои забонӣ, шиносоии амиқ бо таърих ва масъалаҳои фарҳангии кишварҳои дахлдорро низ фаро гирад. Чунин муносибат ба васеъ гардидани ҷаҳонбинии донишҷӯён мусоидат менамояд. Омӯзиши фарҳанг, анъанаҳо ва хусусиятҳои зиндагии ҷомеаи соҳибзабон робитаи эҳсосии донишҷӯёнро бо раванди таълим тақвият бахшида, ба онҳо барои дарки аҳаммияти донишҳои азхудшаванда кумак мерасонад. Аз ин дидгоҳ, ҳавасмандгардонии донишҷӯён механизми мураккабу бисёрҷанбаест, ки ҷузъҳои равоншиносӣ, педагогӣ, рафторӣ ва вазъиятиро дар бар мегирад. Ҳамкории ин ҷузъҳо бо ҳадафҳо, хоҳишҳо ва имкониятҳои донишҷӯёни омӯзандаи забонҳои хориҷӣ робитаи зич дорад [5, с. 67].

Таҳқиқи масъалаи ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ дар шароити муосир дорои аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ мебошад. Маводи пешниҳодшуда метавонад барои тавсеаи баррасиҳои минбаъдаи масъалаи мазкур ва муайян намудани роҳҳои тақвияти ҳавасмандии таълимӣ истифода гардад. Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳлили талабот ба забони англисӣ, густариши истифодаи он дар миқёси ҷаҳон ва баррасии самтҳои асосии ҳавасмандии донишҷӯён ифода меёбад. Ҷанбаи назариявии таҳқиқот тавассути омӯзишу муқоисаи асарҳои илмии муаллифони гуногун, ҷамъбасти маводи мавриди баррасӣ ва таҳлили маълумоти оморӣ равшан мегардад. Муаллиф зимни таҳқиқ

мавқеи худро нисбат ба масъалаи баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён баён намуда, барои баррасии ҳамаҷонибаи он ба дидгоҳҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти дигар муҳаққиқон такя мекунад. Аҳаммияти амалии кор дар имконияти истифодаи маводи мақола барои таҳлили амиқтари мушкилоти мавҷуда, асоснок намудани баррасиҳои минбаъда ва истифодаи он ҳамчун маводи истинодӣ зоҳир мешавад. Натиҷаҳои пешниҳодшуда метавонанд дар таҳқиқоти ояндаи марбут ба ангезаҳои омӯзиш ва таълими забони англисӣ ба донишҷӯён мавриди истифода қарор гиранд.

Дар тафсирҳои методӣ ва равоншиносӣ ҳавасмандӣ ҳам ба маънои ангезаи алоҳидаи муайян, ҳам ҳамчун низоми ба ҳам пайвастаи ангезаҳо ва ҳам ба сифати соҳаи фарогири ниёзҳо, мақсадҳо ва манфиатҳои шахс баррасӣ мешавад, ки ҷузъҳои он дар муносибату таъсири мутақобили мураккаб қарор доранд. Ҳавасмандӣ самт ва хусусияти фаъолияти инсонро муайян намуда, робитаи ҳадафҳои шахсӣ ва омилҳои берунии таъсиргузорро инъикос мекунад. Дар маънои умумӣ, он бо ниёзҳои инсон пайванди мустақим дорад. Бинобар ин, ҳавасмандии донишҷӯён ба дараҷаи таваҷҷуҳи онҳо ба фан ва тасаввуроташон дар бораи имкониятҳои истифодаи амалии донишҳои азхудшаванда вобаста мебошад. Ҳар қадар манфиати омӯзиши забони хориҷӣ барои донишҷӯён равшантар гардад, ҳамон андоза иштироки онҳо дар фаъолияти таълимӣ фаъолтар мешавад.

Барои тақвияти ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ шинохти тасаввуроти шахсии онҳо дар бораи ниёзҳо, хоҳишҳо, ҳадафҳо ва нақшаҳои истифодаи донишҳои забонӣ зарур аст. Омӯзгор метавонад имкониятҳои таҳсилӣ, касбӣ ва иҷтимоии азхудкунии забонро тавзеҳ диҳад, аммо муайян намудани маъно ва зарурати шахсии омӯзиш иштироки огоҳонаи худи донишҷӯро тақозо мекунад. Донишҷӯ бояд дарк намояд, ки азхудкунии забони англисӣ ба кадом ниёзҳои ӯ ҷавоб медиҳад ва барои расидан ба кадом ҳадафҳо мусоидат менамояд. Дарки механизмҳои ташаккули ҳавасмандӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки усулҳои гуногуни педагогиро бо дарназардошти хусусиятҳои донишҷӯён интихоб ва самаранок татбиқ намояд.

Дар байни шаклҳои гуногуни ҳавасмандии таълимӣ ҳавасмандии берунӣ ва дохилӣ мавқеи асосӣ доранд. Ҳавасмандии берунӣ бо натиҷаҳо ва имкониятҳое алоқаманд аст, ки берун аз худи раванди омӯзиш қарор мегиранд. Ба ин гурӯҳ имконияти муаррифии дониш ва истифодаи он дар шароити мухталифи иҷтимоӣ, сафар ба кишварҳои дигар, пешрафти касбӣ ва барқарор намудани робитаҳои нав дохил мешаванд. Дар ин замина, ташаккули салоҳияти муоширатӣ низ аҳаммияти хос дорад, зеро он барои иштироки фаъолона дар муҳити забони хориҷӣ ва густариши минбаъдаи таҷрибаи забонӣ асос мегузорад. Ҳавасмандии дохилӣ бошад, аз таваҷҷуҳ ба худи забон ва қаноатмандӣ аз раванди омӯзиши он сарчашма мегирад. Майл ба шинохти сохтори забон, дарки нозукиҳои он ва эҳсоси қаноатмандӣ аз азхудкунии воҳидҳои нави забонӣ зуҳуроти ҳамин навъи ҳавасмандӣ мебошанд. Чунин муносибат омодагии мусбати донишҷӯёнро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ тақвият дода, дар иҷрои супоришҳои таълимӣ ва таҳияи корҳои хаттӣ ифода меёбад [13, с. 125–129].

Ҳавасмандии донишҷӯён хусусияти тағйирпазир дошта, сатҳи он вобаста ба марҳилаи омӯзиш, дараҷаи мураккабии мавод ва шеваҳои ташкили таълим метавонад боло ё поён равад. Аз ҷумла, шавқу рағбати баланди ибтидоӣ эҳтимол дорад бо зиёд шудани душвории маводи таълимӣ тадриҷан коҳиш ёбад. Аз ин рӯ, истифодаи усулҳои муосири таълим, аз ҷумла технологияҳои интерактивӣ ва равишҳои коммуникативӣ, барои нигоҳдорӣ ва тақвияти ҳавасмандии донишҷӯён аҳаммияти муҳим дорад [14, с. 67].

Хусусияти дигари муҳими ҳавасмандгардонӣ инфиродӣ будани он аст. Ҳар як донишҷӯ дорои ангеза ва ҳадафҳои хоси худ мебошад. Баъзе донишҷӯён забони англисиро барои идомаи таҳсил дар хориҷ, гурӯҳи дигар барои пайдо намудани ҷойи кори муносиб ва қисми сеюм барои рушди шахсӣ меомӯзанд. Ин гуногунрангӣ талаб мекунад, ки омӯзгор дар раванди таълим усулҳои фарқкунанда ва муносибати инфиродиро истифода барад [17, с. 100-105].

Инчунин, муҳити таълимӣ дар ташаккули ҳавасмандгардонӣ нақши муҳим дорад. Муносибати мусбати омӯзгор, дастгирии равонӣ, истифодаи маводи ҷолиб ва ташкили муҳити дӯстона метавонанд сатҳи ҳавасмандии донишҷӯёнро баланд бардоранд. Баръакс, усулҳои якнавохт ва камфаъолиятӣ метавонанд боиси коҳиш ёфтани шавқу рағбат гарданд [16, с. 48-52].

Ҳамин тариқ, ҳавасмандгардонӣ ҳамчун омили асосии самаранокии таълими забони англисӣ баромад намуда, рушди он ба интихоби дурусти усулҳои таълим, ба назар

гирифтани хусусиятҳои инфиродӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди таълимӣ вобаста мебошад.

Методистон ва омӯзгорони муосир ба хулосае омадаанд, ки сифати ҳама гуна фаъолияти забони хориҷӣ, пеш аз ҳама, аз ҳавасмандии донишҷӯ вобаста аст. Ҳавасмандӣ воситаест, ки тавассути он фаъолияти мақсаднок ба вуҷуд оварда мешавад ва интихоб ва ташкили абзорҳо ва усулҳоро дар дарси забони хориҷӣ муайян мекунад. Ҳавасмандиро дар донишҷӯён бо истифода аз равишҳои гуногуни равонӣ ва методологӣ инкишоф додан мумкин аст. Ғояи асосии рушди ҳавасмандгардониҳо дар донишгоҳо кӯмак ба донишҷӯён дар инкишофи муҳаббат ба забони хориҷӣ мебошад. Муаллимон ва методистҳо хеле кам чунин категорияи равониро ба монанди ҳавасмандиҳо дар амалия таҳлил мекунанд. Ҳадафи асосии онҳо таъмини дониш ва малакаҳои зарурӣ ба донишҷӯён аст. Аммо, онҳо аксар вақт бо муносибати манфӣ дар байни донишҷӯён нисбат ба омӯзиши забони хориҷӣ дучор мешаванд. Омӯзгорон бояд донишҷӯёнро барои омӯхтани забони англисӣ ҳавасманд кунанд ва ин ҳавасмандиро афзоиш диҳанд, зеро он дар таълими забони хориҷӣ нақши муҳим мебозад. Дар шароити кунунӣ истифодаи воситаҳои аудиовизуалӣ дар таълими забон имкониятҳои васеи педагогиро фароҳам оварда, ба тақвияти шавқу рағбати донишҷӯён нисбат ба омӯзиш мусоидат менамояд. Ба кор бурдани барномаҳои гуногун ва маводи видеоӣ раванди азхудкунии забонро ғанӣ мегардонад, дар ҳоле ки истифодаи барномаҳои иртиботӣ барои муошират бо мутахассисони забоншинос замина муҳайё месозад.

Ҳавасмандӣ мафҳуми фарогир буда, маҷмуи равандҳоеро ифода менамояд, ки амалҳои шахсро ба самти расидан ба ҳадафҳо ва натиҷаҳои муайян роҳнамоӣ мекунанд. Он ҳамчун механизми равонӣ дар робита бо ниёзҳо ва орзуҳои фард ба хусусияту самтгирии рафтори ӯ таъсир мерасонад. Ангеза, дар навбати худ, ба зуҳур ва рушди фаъолнокии шахсият дар амалҳое мусоидат мекунад, ки ба дастёбӣ ба мақсадҳои мушаххас нигаронида шудаанд.

Дар таълими донишҷӯён ҳавасмандгардонӣ аҳаммияти хос дорад, зеро давраи ҷавонӣ бо интихоби касб ва муайян намудани самти фаъолияти минбаъда пайванди зич дорад. Аз ин рӯ, дар ташкили раванди таълим ба эътибор гирифтани нақшаҳои оянда ва майлу хоҳиши донишҷӯён ба навъҳои муайяни фаъолият зарур мебошад. Ҷавонон ҳангоми интихоби самти фаъолияти мустақилонаи минбаъдаи худ, пеш аз ҳама, дурнамои касби интихобшаванда, муассисаи таҳсилӣ ва имкониятҳои дар амал татбиқ намудани донишҳои андӯхтаашонро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳанд.

Дар низоми роҳу воситаҳои баланд бардоштани ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ, муҳтавои таълим ва шеваҳои ташкили фаъолияти таълимӣ ҷойгоҳи муҳим доранд. Ташаккул ва рушди ҳавасмандӣ фароҳам овардани шароитеро тақозо мекунад, ки дар он ангезаҳо, ҳадафҳо ва эҳсосоти мусоиди донишҷӯён нисбат ба омӯзиш инкишоф ёбанд ва заминаи тақвияти ҳавасмандии дохилии онҳо гарданд. Дар ин раванд омӯзгор тавассути низоми аз ҷиҳати методӣ ва равоншиносӣ асоснокшудаи усулу тадбирҳо ба ташаккул ва таҳкими ҳавасмандии донишҷӯён мусоидат менамояд.

Барои ҳавасманд кардани ангеза барои омӯзиши забони англисӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълимӣ дар дарсҳои забони англисӣ, технологияҳои гуногуни таълимӣ метавонанд истифода шаванд. Масалан, яке аз усулҳои муассир ин бозӣ ҳамчун ҳавасмандии пуркуввати барои аз худ кардани забони хориҷӣ ва як усули муассир дар муаллими забони хориҷӣ мебошад, ки "як воситаи универсалӣ аст, ки ба муаллими забони хориҷӣ кӯмак мекунад, ки раванди хеле мураккаби таълимро ба фаъолияти ҷолиб ва дӯстдоштаи донишҷӯён табдил диҳад". Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо, бозиҳои грамматикӣ метавонанд барои омӯзонидани донишҷӯён истифодаи қолабҳои нутқ, ки дорои мушкилоти муайяни грамматикӣ мебошанд, истифода шаванд, барои амал татбиқ кардани донишҳои грамматикӣ, барои эҷоди вазъият барои истифодаи сохторҳои грамматикӣ дар вазъиятҳои табиии муошират истифода бурда шавад.

Ин тавсифҳо ба донишҷӯён дар таҳияи мушкилот ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал роҳнамоӣ мекунанд ва баъдан дар синф таҳлил мекунанд. Бо истифода аз ин технология, донишҷӯён ба фикр кардан, таҳлил кардан, инкишоф додани малакаҳои баҳс дар асоси таҷрибаи худ, таҳияи хулосаҳо, татбиқи донишҳои бадастоварда дар амалия ва пешниҳоди нуқтаи назари худ дар бораи мушкилот шурӯъ мекунанд. Истифодаи интернет ба ҳалли як қатор мушкилоти дидактикӣ мусоидат мекунад, инкишоф додани малакаҳо ва қобилиятҳои хониш бо истифода аз маводҳои онлайн, беҳтар кардани малакаҳои навиштан ва васеъ кардани луғат ва ҳавасмандии доимии донишҷӯёнро барои омӯхтани забони хориҷӣ тақвият медиҳад [10, с. 87]. Истифодаи ҳамгирошудаи технологияҳои гуногун дар раванди таълим фаъолияти

шахсӣ ва зеҳниро ҳавасманд мегардонад, равандҳои маърифатиро инкишоф медиҳад ва ба афзоиши ҳавасмандӣ барои омӯзиши забони англисӣ мусоидат мекунад

Ҳамин тариқ, истифодаи шаклҳои дастаҷамъонаи фаъолияти таълимӣ ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки тавассути ташаккули муносибати мусбати донишҷӯён ба маводи омӯхташаванда шавқу рағбати онҳоро ба омӯзиш тақвият бахшанд. Ташкили машғулиятҳои интерактивӣ ва таъмини иштироки фаъоли донишҷӯён дар фаъолияти синфӣ барои дар амал татбиқ намудани донишҳои азхудкардаи онҳо шароити мусоид фароҳам меорад. Муошират мустақим ба забони англисӣ, бозофаринии вазъиятҳои воқеии ҳаётӣ, баргузории муҳокимаҳо, бозиҳои таълимӣ ва мусобиқаҳо ба ҳамгироии донишҷӯён мусоидат намуда, онҳоро дар доираи гурӯҳе муттаҳид месозанд, ки фаъолияти он ба расидан ба ҳадафи муштарак равона шудааст.

Дар шароити густариши технологияҳои муосир истифодаи интернет метавонад ҳамчун воситаи иловагии тақвияти ҳавасмандии донишҷӯён хизмат намояд. Захираҳои рақамӣ тавассути платформаҳои таълимӣ, барномаҳои гуногун, видеоконфронсҳо ва дигар шаклҳои ҳамкории фосилавӣ барои гуногунранг сохтани раванди таълим имкониятҳои фаровон фароҳам меоранд. Донишҷӯён метавонанд мувофиқи эҳтиёҷоти худ аз сомонаҳои таълимӣ барои иштирок дар машғулиятҳои иловагӣ бо омӯзгор ё роҳнамои таълимӣ истифода баранд. Омӯзгорон низ имконият доранд, ки дастгоҳҳои муосир ва воситаҳои рақамиро ба раванди банақшагирӣ ва гузаронидани дарсҳо ворид намоянд. Барномаҳои баргузории видеоконфронсҳо, аз ҷумла Zoom ва Skype, дар матни мазкур ҳамчун намунаи воситаҳои ташкили муошират ва машғулиятҳои фосилавӣ баррасӣ мешаванд. Сомонаҳо ва платформаҳои дорои машғулиятҳои интерактивӣ таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба омӯзиш ҷалб мекунанд, дар ҳоле ки имконияти истифодаи забони хориҷӣ дар таҳсил ва фаъолияти касбӣ ангезаи онҳоро барои азхудкунии он тақвият мебахшад.

Дарки дурнамо ва имкониятҳои воқеии истифодаи донишҳои забонӣ дар фаъолияти минбаъда яке аз заминаҳои муҳимми рушди ҳавасмандӣ ба омӯзиши забони англисӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоме ки донишҷӯён донистани ин забонро бо имконияти фаъолияти касбӣ ё зиндагӣ дар хориҷи кишвар, дохил шудан ба муассисаи таҳсилотии бонуфуз, барқарор намудани робитаҳои нав ва сафар бидуни душвориҳои муошират монеаҳои забонӣ алоқаманд медонанд, майлу рағбати онҳо ба омӯзиш бештар мегардад.

Дар баробари ин, самаранокии раванди таълим ба риояи муносибати инфиродӣ нисбат ба донишҷӯён ва фароҳам овардани муҳити мусоиди омӯзиш низ вобаста мебошад. Ба муҳтавои машғулиятҳо ворид намудани мавзуъҳои марбут ба ихтисос ва фаъолияти касбии ояндаи донишҷӯён аҳаммияти махсус дорад. Чунин пайванди омӯзиши забон бо ниёзҳои касбӣ ба нигоҳ доштани таваҷҷуҳи устувори донишҷӯён ва таҳкими шавқу рағбати онҳо ба азхудкунии забонҳои хориҷӣ мусоидат менамояд.

Адабиёт

1. *Алиев С.Н. Таҷрибаи омӯзгории донишҷӯёни факултети забонҳои хориҷӣ. Дастури методӣ / С.Н.Алиев.-Душанбе, 2014. - 148 с.*
2. *Бобоҷонова М.Ю. Равияи шахсиятӣ-фаъолнокӣ дар ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯён дар ҳамкориҳои байналмиллалӣ [Матн] / М.Ю.Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2025. - №3(25). - С. 17-25.*
3. *Бобоҷонова М.Ю. Нақши омӯзиши забони англисӣ дар рушди зеҳни сунъӣ (al-artificial intelligence) ва шаклгирии муносибатҳои байналмилалӣ [Матн] / М.Ю.Бобоҷонова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2025. - №4(26). - С.172-177.*
4. *Зимняя И.А. Педагогическая психология / И.А.Зимняя. - Москва, 2000. - 384 с.*
5. *Китайгородская Г.А. Методика интенсивного обучения иностранным языкам / Г.А. Китайгородская. - Москва, 1986. - 176 с.*
6. *Малько, К. О. Формирование лингвострановедческой компетенции в процессе обучения иностранным языкам / К. О. Малько // Инновационная наука. – 2015. – №6. - С. 225.*
7. *Немов Р.С. Психология / Р.С.Немов .-Москва, 2003. - 688 с.*
8. *Носонович, Е. В.Методическая аутентичность в обучении иностранным языкам.\ Е. В. Носонович // Иностранные языки в школе.–2015.–№ 1. - С. 67–69.*
9. *Рождественский, Ю. В. Философия языка и учебный предмет / Ю. В. Рождественский. – М.: КДУ, 2016. - 189 с.*
10. *Рогова, Г. В. Методика обучения английскому языку на начальном этапе в общеобразовательных учреждениях. / Г. В. Рогова. Пособие для учителей и студентов педвузов. 3-е изд. М.: Просвещение, 2000. – 167 с.*

11. *Орехова, Ю. М. Компонентное наполнение лингвострановедческой компетенции / Ю. М. Орехова // Ярославский педагогический вестник. – 2015. – № 3. - С. 61–64.*
12. *Пассов Е.И. Коммуникативный метод обучения иностранному языку / Е.И.Пассов. - Москва, 1991. - 223 с.*
13. *Рябцева О.М. Пути повышения мотивации в изучении иностранного языка О.М.Рябцева // Известия ЮСУ. Технические науки. - 2012. - №10(135). – С. 125-129.*
14. *Пидкасистый П.И. Педагогика. П.И.Пидкасистый.- Москва, 2004-. 512 с.*
15. *Шамова Т.И. Управление образовательным процессом / Т.И.Шамова. –Москва, 2002. – 256 с.*
16. *Dörnyei, Z. Motivation in Second and Foreign Language Learning. – Cambridge University Press, 2001. – p. 48–52.*
17. *Ryan, R. M. Intrinsic Motivation and Self-Determination in Human Behavior. – New York, 2000. - P. 100–105.*
18. *Harmer, J. How to Teach English. – Longman, 2007. – p. 65–70.*
19. *Gardner, R. C. Motivation and Second Language Acquisition. – 2010. – p. 85–90.*
20. *Williams, M., Burden, R. Psychology for Language Teachers. – Cambridge, 1997. – p. 130–135.*

ХУСУСИЯТҲОИ ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола хусусиятҳои педагогии инкишофи ҳавасмандгардонии донишҷӯён дар раванди таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд. Ҳавасмандӣ (мотиватсия) як хусусияти зарурӣ барои рушди донишҷӯён ва самти амалҳои онҳо дар заминаи таълимӣ мебошад. Ҳавасмандгадонӣ ҳамчун имконият барои афзоиши шавқ ба фан, рушди интизом ва инкишоф додани муносибати ҷиддӣ ба фан хизмат мекунад. Аксари донишҷӯён сабаби асосии омӯзиши забони англисиро имконияти бунёди касби муваффақ, кӯчидан ба кишвари дигар барои таҳсил ва кор, пайдо кардани шиносони нав ва муошрати озод бо хориҷиён мешуморанд. Донишҷӯён мефаҳманд, ки донистани забони хориҷӣ бартарии рақобатӣ аст ва барои мутахассисони ҷавон имкониятҳои бузургеро фароҳам меорад. Муаллимон метавонанд ба ҳавасмандгардонии донишҷӯён тавассути фароҳам овардани шароити мушаххас дар синфхона ва ташкили фаъолиятҳои омӯзишии донишҷӯён таъсир расонанд. Роҳҳои асосии баланд бардоштани ҳавасмандгардонӣ арзиши аслии маводи таълимӣ ва усулҳои ташкили фаъолиятҳои омӯзиширо дар бар мегиранд, ки иштироки донишҷӯёнро ташвиқ мекунанд. Ин усулҳо усулҳои фаъол ва муосири таълим, омӯзиши муштарак, шинос шудан бо хусусиятҳои фарҳангии кишвар, пешниҳоди маводи таълимӣ бо дарназардошти касбҳои ояндаи донишҷӯён, баланд бардоштани арзиши иттилоот ва татбиқи амалии донишро дар бар мегиранд.

Калидвожаҳо: ҳавасмандгардонӣ, фаъолияти таълимӣ, таълими забони англисӣ, донишҷӯён, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, усулҳои педагогӣ, раванди таълим, салоҳиятнокӣ, самаранокии таълим.

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕНОСТИ РАЗВИТИЯ МОТИВАЦИИ СТУДЕНТОВ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ В ВЫСШИХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются педагогические особенности развития мотивации студентов в процессе обучения английсому языу в высших учебных заведениях Республии Таджикистан. Мотивация является необходимым условием развития студентов и направления их действий в образовательном контексте. Мотивация служит возможностью повысить интерес к предмету, развить дисциплину и сформировать серьезное отношение к нему. Большинство студентов считают главной причиной изучения английского языка возможность построить успешную карьеру, переехать в другую страну для учебы и работы,, завести новые знакомства и свободно общаться с иностранцами. Студенты понимают, что знание иностранного языка является конкурентным преимуществом и открывает большие возможности для молодых специалистов. Преподаватели могут влиять на мотивацию студентов, создавая в классе определенные условия и организуя учебную деятельность. Основные способы повышения мотивации включают в себя внутреннюю ценность учебных материалов и методы организации учебной деятельности, поощряющие участие студентов. К таким методам относятся активные и современные методы обучения, совместное обучение, ознакомление с культурными особенностями страны, представление учебных материалов с учетом будущих профессий студентов, повышение ценности информации и практическое применение знаний.

Ключевые слова: мотивация, учебная деятельность, обучение английскому языку, студенты, высшие учебные заведения, педагогические методы, образовательный процесс, компетентность, эффективность обучения.

PEDAGOICAL FEATURES OF DEVELOPING STUDENTS MOTIVATION IN THE PROCESS OF ENGLISH LANGUAGE TEACHING AT HIGHER TDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the pedagogical features of developing students motivation in the process of teaching English in higher education institutions of the Republic of Tajikistan. Motivation is a necessary condition for student development and guiding their actions in an educational context. Motivation serves as an opportunity to increase interest in the subject, develop discipline, and foster a serious attitude toward it. Most students consider the main reason for learning English to be the opportunity to build a successful career, move to another country for study and work, make new acquaintances, and communicate freely with foreigners. Students understand that knowledge of a foreign language is a competitive advantage and opens great opportunities for young professionals. Teachers can influence student motivation by creating certain conditions in the classroom and organizing learning activities. Key ways to increase motivation include the intrinsic value of educational materials and methods of organizing learning activities that encourage student participation. These methods include active and modern teaching methods, collaborative learning, familiarization with the cultural characteristics of the country, presenting educational materials in a way that is relevant to students' future professions, enhancing the value of information, and the practical application of knowledge.

Keywords: motivation, learning activity, teaching English, students, higher education ibstitutions, pedagogical methods, Educational process, competence, teaching, learning effectiveness.

Дар бораи муаллиф
Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забони англисӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: declane@mail.ru

Об авторе
Мавлонова Интизор Тоджиддиновна
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания английского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: declane@mail.ru

About the author
Mavlonova Intizor Tojiddinovna
Candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the English teaching methodology chair
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: declane@mail.ru

ТДУ 372.851

МЕТОДИКАИ ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ НУТҚИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ ОЛМОНӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯИ МУЛТИМЕДӢ

Куҷов Р. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Мутахассисони соҳаи педагогикаи муосир бар он назаранд, ки технологияҳои иттилоотӣ дар раванди ташаккули иқтидори эҷодӣ ва фаъолнокии зеҳнии муҳассилин имкониятҳои фарох эҷод менамоянд. Татбиқи воситаҳои рақамӣ ҷараёни таълимро дар тамоми зинаҳо ва самтҳои илм, бахусус дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла забони олмонӣ, пурсамар мегардонад. Методҳои инноватсионии таълим хонандагонро ба ҷустуҷӯи мустақилонаи илмӣ, фаъолияти дастаҷамъона ва мубодилаи афкор таҳрик медиҳанд. Аз ин рӯ, истифодаи ин технологияҳо имкон медиҳад, ки ҳадафи меҳварии таълими забон ва адабиёти олмонӣ амалӣ шавад: гузариш аз низоми анъанавии сохториву мураттаб ба истифодаи забон ҳамчун воситаи воқеии муошират, тафаккур ва фаъолияти маърифатӣ.

Азимов Э.Г. навиштааст: «Дар дарси забони олмонӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон бояд усулҳои гуногун истифода шаванд: кластерҳо, инсерт (ҳангоми мустақилона омӯхтани маводи назариявӣ), пур кардани ҷадвалҳо, мутолиаи ботавақкуф, ҷустуҷӯи муштарак, баҳси байниҳамдигарӣ, мизи мудаввар, татбиқи унсурҳо (технологияҳо барои ҳалли масъалаҳои ихтироъкорӣ) ва ғайра» [1, с.12].

Мутолиаи осор дар тавъам бо омӯзиши тарҷумаи ҳоли муаллиф, лексияҳои соҳавӣ ва усули лоиҳавӣ фаъолнокии муҳассилинро ба таври назаррас меафзояд. Татбиқи технологияи лоиҳавӣ на танҳо шавқу рағбати хонандагонро амиқтар мегардонад, балки барои рушди иқтидори эҷодии омӯзгорони ояндаи забони олмонӣ, ташаккули салоҳияти худшиносии маърифатӣ, инкишофи кунҷковӣ ва тафаккури интиқодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ин методология ба мутахассисони оянда дар самти кор бо ҳаҷми азими иттилоот, рушди малакаҳои таҳқиқотӣ (аз ҷумла ташхиси мушкилот ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли онҳо) ва фаъолгардонии муошират дастаҷамъона мусоидат менамояд. Дар ин раванд таъмини ҳамкории пайвастаи хонандагон дар дарс ва берун аз он аҳаммияти калидӣ дошта, аз омӯзгор эҷод кардани муҳити эътимод, эҳтироми мутақобила ва ҷалби фаъоли муҳассилинро ба кори мустақилона тақозо мекунад.

Алиев З.Г. навиштааст: «Дар вақти дарсҳо корҳои гурӯҳӣ гузарондан мумкин аст, ки он ба рушди коллективизм ёрдам расонда, барои ошкор шудани хислатҳои фардии хонандагон шароит фароҳам меоварад ва нутқи онҳоро дар талаффузи калимаҳои олмонӣ равон мегардонад» [3, с.88]. Ғайр аз ин, чунин дарсҳо фазои ҳамкории байни худи хонандагонро пурқувват карда, дар марҳилаи санҷиши дониш имкони ҷалби мушовирону ассистентҳо ва ҳамкории наздики омӯзгору хонандаро фароҳам меоранд. Истифодаи интернет дар соҳаи маориф аз ибтидои солҳои 90-ум оғоз ёфта, имрӯз ба як ҷузъи одии раванди таълим табдил ёфтааст. Бо кумаки интернет омӯзгорону хонандагон тавонистанд дар дилхоҳ вақт ва макон бо ҳам мубодилаи иттилоот намоянд. Ин технологияҳои рақамӣ ба рушди шахсият ва омодасозии тафаккур барои иҷрои корҳои эҷодӣ кумак мекунанд. Аз ҷумла, онҳо ба омӯзгорони ояндаи забони олмонӣ имкон медиҳанд, ки нутқи худро инкишоф дода, бо ҳамкурlасеҳо ва устодони худ муошират озоду эҷодӣ дошта бошанд.

Андреев А.А. нишон додааст «Интернет ба онхо имкон медиҳад, ки муҳити воқеии иттилоотии мобилиро ташкил кунед, ки дар он шумо на танҳо иттилоотро ба даст меоваред, балки бисёр мушкилоти дигари коммуникатсиониро ҳал карда метавонед» [4, с.25].

Истифода аз воситаҳои мултимедиявӣ ҳавасмандии донишомӯзонро ба омӯзиш хеле баланд мебардорад. Ба шарофати интернет омӯзгорон метавонанд дар дарс усулҳои гуногун ва иш коркардҳои нави методиро истифода баранд, раванди таълимро гуногунранг (диверсификатсия) ва ҷолиб созанд. Ин равиш имкон медиҳад, ки талаботи фан ва дараҷаи тайёрии ҳар як хонанда ба эътибор гирифта шуда, кори онҳо пайваста ва бонақша назорат карда шавад.

Сафаров М.К. иброз намудааст: «Истифода аз технологияи мултимедӣ дар раванди дарс муҳаққиқон муҳим мешуморанд, зеро маводи таълимӣ, китобҳои гӯё, сабти суҳбату муколамаҳо бо забони олмони мустақилона ва бе мушкилӣ ба даст оварда мешавад» [6, с.33].

Лозим ба таъкид аст, ки дар роҳи дастрасии дуруст ва ҳадафмандона ба ресурси интернетӣ баъзан мушкилот пеш меоянд, ки онҳоро тавассути нишон додани самти дақиқи ҷустуҷӯ ва истинодҳои мавзуӣ метавон бартараф кард. Истифодаи технологияи рушди тафаккури интиқодӣ ва методҳои интерактивӣ (таҳқиқот, таҳлил ва муҳокима) ба такмили иқтидори зеҳнии хонандагон ва омӯзгорони ояндаи забони олмонӣ мусоидат менамояд. Ташкили семинарҳо, конфронсҳо ва маҳфилҳои илмӣ малакаи кор бо манбаъҳо, сохторбандии муаррифиҳо ва нутқи шифоҳиро тақвият бахшида, муҳассилинро ба таҳсилоти олӣ омода месозад. Аз ин рӯ, ташаккули ин малакаҳо аз зинаи тарбияи томактабӣ мувофиқи мақсад аст.

Сониан, яке аз талаботи муосири дарсҳои забони олмонӣ кори пайваста бо матн дар қолаби «дарс-тадқиқот» мебошад. Интихоби матнҳо бояд бо назардошти аслият ва сатҳи бадеӣ, хусусиятҳои синнусолӣ ва ҳаҷми мавод сурат гирад; истифодаи матнҳои муқоисавӣ ва услубшиносӣ барои таҳлили амиқ заминаи мусоид мегузорад. Дар ниҳоят, консепсияи таҳсилоти муосир мутобиқшавии фаъоли хонандагонро дар ҷомеа ва бозори меҳнат ҳадафи асосӣ медонад, ки расидан ба он танҳо тавассути татбиқи ҳадафманди технологияҳои инноватсионӣ имконпазир мегардад.

Методикаи ташаккули махорати нутки омӯзгорони ояндаи забони хоричи бо истифода аз технология мултимеди барои чараёни дарсхо ба омӯзгорони ояндаи забони олмони ёри мерасонад ва кумак мекунад. Технологикунонии ҷараёни таълим – ин раванди инкишофест, ки баҳри баланд бардоштани самарабахшии ҷараёни таълим, кафолати ба натиҷаҳои чашмдошт расидани ташаккули махорати нутки омӯзгорони ояндаи забони олмони равона шудааст.

Муҳокима. Методологияи таълими забонҳои хориҷӣ ҳамчун илм даъват шудааст, ки ба талаботи тағйирёбандаи иҷтимоӣ фавран посух диҳад. Дар даҳсолаҳои охир ба он ду омили муҳим таъсир расонидааст. Аз як тараф, ҷаҳоншавӣ ва аврупошави таваҷҷуҳро ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба таври назаррас афзоиш додааст. Сиёсати ошкорои хориҷии Точикистон дари иртиботи мустақим бо хориҷиёнро боз кардааст. Мақсади аввалиндараҷаи таълими забон ба ташаккули шахсияти забоншиносии гуногунфарҳанг, бахусус дар донишгоҳҳои забоншиносӣ омода кардани мутахассисон гардид. Шахси забоншиносӣ амиқтар шудан, инкишоф ва ғанӣ шудани мафҳуми шахсиятро дар маҷмуъ мебинад. Шахси забоншинос бо маҷмуи бисёрҷонибаи қобилиятҳои забонӣ, маҳорат ва омодагӣ ба иҷрои амалҳои нутқии мураккабии гуногун хос мебошад. Ҳамин тариқ, методика доираи донишҳои дар дарсҳои забони хориҷӣ додашударо хеле васеъ мекунад. Мақсади методология ташаккули махорати нутки омӯзгорони ояндаи забони олмони на танхо ташаккули махорат ва махорати нутқ, балки қобилияти дарк намудани тасвири гуногуни равонии чахон аст, ки бевосита дар забон ифода меёбад.

Аз тарафи дигар, рушди технологияи иттилоотии компютерӣ ба омили муҳиме табдил ёфтааст, ки ҷомеаро ба таври назаррас тағйир дода, таъсири худро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт пайваста густариш медиҳад. Истифодаи компютерҳо ва иттилоот аз шабакаи ҷаҳонии Интернет тадриҷан аз навоварӣ маҳрум шуда, ба воситаи стандартии таълими забонҳои хориҷӣ табдил меёбад.

Инқилоби технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки дар ибтидои асри XXI аён гардид, тарзи ҳаёти ҷомеаро ба таври назаррас тағйир дод ва ба талаботи иҷтимоии маориф таъсири амиқ расонд. Маҳорат дар ТИК ва татбиқи он дар кори худ ба як меъёри мутахассисон дар ҳама соҳаҳо табдил ёфтааст. Интегратсияи технологияҳои нави иттилоотӣ ба раванди таълим масъалаи доғи рӯз ба шумор меравад, ки бо зарурати омода намудани мутахассисоне, ки донишу малакаи онҳо ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд, ба миён омадааст. Потенсиали тавонои таълимии ТИК, ки метавонад дар таълими забонҳои хориҷӣ истифода шавад, аҳаммияти ин тадқиқотро муайян мекунад.

Масъалахои назариявии ба таълими забонхои хоричй хамрох кардани компютерхо мавзуи тадкикоти сохаи нави илм — лингводидактикаи компютерй гардиданд. Дар он масъалахои компютерикунонии таълими забонхои хоричй ва истифодаи воситахои таълимии компютерй тахкик карда мешаванд.

Мултимедиа технологияи асосии иттилоотӣ мебошад, ки дар таълими забонҳои хориҷӣ истифода мешавад. Мултимедия имкон медиҳад, ки ҳамзамон бо тасвирҳои ҳаракаткунанда, тасвирҳои динамикӣ (видеоҳо, графикаи аниматсионӣ), матн ва аудио ҳамкорӣ кунанд. Таъсири ҳамоҳангшудаи шунавоӣ ва биниш ҳаҷм ва дараҷаи азхудкунии иттилооти интиқолшавандаро дар як воҳиди вақт зиёд мекунад.

Сарфи назар аз сер шудани бозор бо барномаҳои гуногуни таълимии компютерӣ, онҳо аксар вақт аз нуқтаи назари лингводидактикӣ арзиши шубҳанок доранд.

Ба ақидаи бисёре аз олимоне, ки таҳия ва татбиқи технологияи иттилоотии коммуникатсиони дар соҳаи маорифро таҳқиқ мекунанд, камбуди назарраси барномаҳои мултимедиявии ҳоло дар бозор мавҷуд набудани татбиқи мақсадноки онҳо мебошад (М.А.Бовтенко, Е.С.Полат, Р.К. Потапова, Т.П. Сарана). Ҳангоми эҷоди як воситаи электронии таълимӣ муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо, шароити омӯзиш ва сатҳи донистани забон, ки бояд ҳамчун натиҷаи муфид ба даст оварда шавад, муҳим аст.

Таҳияи методологияи ташаккули маҳорати шифоҳии омӯзгорони ояндаи забони олмонӣ бо истифода аз технологияи мултимеди ва салоҳияти коммуникатсионӣ ҳадафи аввалиндараҷаи тайёр кардани омӯзгорони ҷавон мебошад, ки танҳо бо сатҳи баланди рушди захираи луғавӣ ба даст овардан мумкин аст. Омӯзгорон бояд 1000 калимаи навро бо дараҷаи баланди ҷойгиршавӣ ва потенсиали васеи калимасозиро омӯзанд. Дониш, малакаҳои лексикӣ барои таъмини фаҳмиши мушаххасоти баёни фикрҳо ва ниятҳои коммуникативӣ бо истифода аз забони олмонӣ тарҳрезӣ мешаванд.

Таълими ҷанбаи лексикии нутқ ба омӯзгорони оянда бо истифода аз технологияҳои мултимедиявӣ на танҳо бо принсипҳои умумии методӣ, балки бо принсипҳои махсуси иловагӣ низ муайян карда мешавад, ки инҳоро дар бар мегиранд: 1) принсипи ба раванди таълим пайвастани комплекси чандрасонаӣ; 2) принсипи интерактивии таълим; 3) принсипи фардикунонии таълим; 4) принсипи таъмини заминаи мукаммали истинод барои ташаккули амали лексики; 5) принсипи ояндаи назорати автоматии дарачаи инкишофи махорат.

Барои таълими самаранокии лексикаи забони хориҷӣ дар маҷмааи бояд аз стратегияи методикаи ташаккули нутки омӯзгорони ояндаи забони олмони истифода шавад, ки дар ду самт амалӣ карда мешавад. Ҷанбаи якуми стратегия ба ташкил ва аз ёд кардани маводи лексикӣ вобаста аст. Он чунин усулҳоро дар бар мегирад: а) азнавсозӣ, б) анҷомдиҳӣ, в) силсилабандӣ, г) такрорӣ, д) гурӯҳбандӣ. Ҷанбаи дуюми стратегияи семантикӣ азхудкунии худи воҳидҳои луғавӣ, иттилооти маъноӣ дар бораи онҳо, коркарди амали амалӣ бо онҳо ва пайвастани онҳоро таъмин мекунад. Вай усулхои зеринро дар бар мегирад: а) тахлили полисемияи калима; б) омӯзиши мувофикати лугави; в) тахлили синонимхо; г) сохтани майдони нави таълим барои омӯзгорони ояндаи забони олмони.

Системаи машқҳои комплекси барои таълимии комплекси мултимедиявиро ташкил медиҳад ва методикаи ташаккули махорати нутки омӯзгорони ояндаи забони олмониро зиёд намуда ва аз се зерсистема иборат аст. Зерсистемаи машқи I барои таҳияи модели равонии калимаҳои омӯхташаванда пешбинӣ шудааст, ки маълумот дар бораи онҳо дар луғати электронӣ (дар блоки иттилоотӣ) оварда шудааст. Зерсистемаи машқи II барои дар хотир нигоҳ доштан ва амалӣ кардани ибораҳои омӯхташуда нигаронида шудааст. Машқи зерсистемаи III ба корбурди ибораҳо дар матнҳо ва микроматнҳо равона шудааст. Ҳар як зерсистемаи машқ ба рушди амалиёти мушаххаси малакаҳои лексикии истеҳсолӣ ва қабулкунандаи методикаи ташаккули махорати нутки омӯзгорони ояндаи забони олмониро мусоидат мекунад.забони олмони

Модули баҳодиҳии системаи мултимедиявӣ имкон медиҳад, ки сатҳи методикаи ташаккули махорати ондаи омӯзгорон ва рушди захираи луғавии омӯзгорони забони олмонӣ баҳо дода шавад. Он аз зерсистемаҳои гуногуни машқҳо, инчунин супоришҳои эҷодӣ иборат аст, ки ҳама аз ҷониби устод баҳо дода мешаванд. Барои татбиқи функсияи баҳодиҳии ислоҳӣ, ин модули системаи омӯзишӣ марҳилаи ислоҳи худидоракуниро дар бар мегирад, ки ислоҳи хатогиҳои омӯзгорони ояндадори забони олмонӣ ҳангоми баҳодиҳӣ содиршударо талаб мекунад. Бояд тазакур дод, ки маълумоти ташхисӣ, ки дар доираи тадқиқоти озмоишӣ гузаронида мешавад, ки сатҳи нокифояи рушди захираи луғавии омӯзгорони забони олмонӣ дар донишгоҳи забоншиносиро ошкор намуд. Тачрибаи таълимие, ки барои халли ин масъала гузаронда шуд, имконият дод: а) захираи лугавии муаллимони ояндаи забони олмони зиед карда шавад; б) хеле афзудани захираи луғавии муаллимони гурӯҳи тачрибавӣ нисбат ба хонандагони гурӯҳи назоратӣ; в) истифодабарии вохидхои лугави хамчун воситаи ташаккул ва ифодаи фикр мебошад. Маълумоти тачрибавии омӯзиш дурустии методикаи ташаккули махорати нутки омӯзгорони ояндаи забони олмони ва тадқиқоти пешниҳодшударо тасдиқ мекунад.

Ҳаминро бояд гуфт, ки интегратсияи технологияҳои муосири мултимеди ба таълими забони хориҷӣ аз нуқтаи назари методологӣ вазифаи душвореро ба миён меорад. Самаранокии истифодаи компютер дар дигар фанҳо бо сифати мавод ва расонидани он

муайян карда мешавад. Чунин омӯзиш барои таъмин намудани донишҷӯён бо маълумот ва баҳодиҳии азхудкунии онҳо дар он пешбинӣ шудааст. Омӯзиши забони хориҷӣ пеш аз ҳама ба ташаккули салоҳият, малака ва маҳорат нигаронида шудааст. Ин барои сохтани барномаҳои компютерии таълимӣ муносибати тамоман дигарро талаб мекунад. Ин кор карда баромадани муносибати тамоман дигарро ба сохтани программахои компютерии таълими талаб мекунад. Ба эътибор нагирифтани хусусиятхои хоси забони хоричи хамчун фанни таълими хангоми тахияи барномахо онхоро дар омӯзиши забони олмони вокеи бефоида мегардонад.

Бояд гуфт, ки инкишофи шахсияти забонии омӯзгорони ояндаи забони олмонӣ дар донишгохи забоншиноси бештар аз рӯи инкишофи чанбаи луғавии нутқи забони хориҷӣ муайян карда мешавад, ки механизми такмили он васеъ намудани дониши луғавиро дар асоси луғати таълими ва ташаккули малакаю махорати лексикиро бо назардошти равандҳои маърифати дар бар мегирад.

Бояд гуфт, ки омӯзиши луғат заминаи муҳимми ташаккули салоҳияти коммуникатсионӣ дар омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ мебошад. Барои расидан ба мақсади таълими забони хоричи на танхо донистани вохидхои луғавӣ, балки азхуд кардани дақиқи маъноии онхо, боигарии синоними, мувофиқ ва истифодаи онҳоро тақозо мекунад. Муносибати анъанавии таълими лексикаи забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои забоншиносӣ ба ин ҳадаф комилан муваффақ шуда наметавонад, зеро ин як раванди хеле меҳнатталаб ва вақтталаб мебошад. Аз ин сабаб, омӯзгорони ояндаи забони олмони дониши кофии луғат аз худ намекунанд, ки ин ба азхудкунии онҳо аз намудҳои барномавии фаъолияти нутқ, ки донишҷӯёни донишгоҳи забоншиносӣ дар давоми таҳсил доранд, таъсири манфӣ мерасонад. Истифодаи технологияи иттилооти комуникатсиони як қатор бартариҳои назаррасро фароҳам меорад, ки татбиқи самараноки онҳо дар таълими луғатҳои хориҷӣ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки маҳсулоти барномавӣ ба принсипҳо ва талаботи методологӣ пурра мувофиқат кунад. Маҳсулоти нармафзори баррасишуда самаранок нестанд, зеро онҳо ба ин талабот ҷавобгӯ нестанд.

Барои ноил шудан ба мақсад ва вазифахои таълими ҷанбаи луғавии нутқи забони хориҷи дар донишгохи омӯзгори бо истифода аз мачмуи барномавии чандрасонаи, татбиқи системаи методие зарур аст, ки принсипҳои хоси технологияи иттилооти комуникатсиони, стратегияи семантики ва усулхои дар хотир доштан ва истифодаи дурусти маводи лексики мусоидат менамояд. Барои самаранок истифода бурдани луғат, маҷмуи нармафзори мултимедиявӣ бояд системаи машқҳоро дар бар гирад, ки усулҳои стратегияи семантикиро инъикос намуда, аз се зерсистема иборат аст. Ин зерсистемахо ба ташаккули симои зеҳнии калимаҳои омӯхташаванда, дар хотир нигоҳ доштани лексикаи фаъол ва ба кор бурдани он нигаронида шудаанд. Имкониятҳои идоракунии бастаи нармафзори мултимедиявӣ, ки дар системаи машқҳо амалӣ карда мешаванд, барои омӯзиши ҳам дар синф ва ҳам берун аз синф имкон медиҳанд. Натиҷаҳои санҷиши озмоишӣ самаранокии истифодаи маҷмуи нармафзори мултимедиявиро барои таълими ҷанбаи лексикии нутқи забони хориҷӣ ба таври боварибахш нишон дода, аҳаммияти амалии онро тасдиқ мекунанд.

Истифодаи системаи мултимедиявии таҳияшуда захираи луғавии муаллимони ояндаи немисиро ба таври назаррас васеъ мекунад, ки ба рушди малакаҳои нутқи онҳо таъсири мусбат мерасонад. Омӯзиши муфассали воҳидҳои луғат, ки ба система дохил карда шудаанд, ба омӯзгорони ояндаи забони олмони имкон медиҳад, ки нутқи худро зиёд кунанд ва аз хатогиҳои семантикӣ канорагирӣ кунанд. Машқ кардани ибораҳои омӯхташуда имкон медиҳад, ки воҳидҳои лексикии барои ифодаи фикр заруриро зуд ба хотир оранд. Ин ба қобилиятҳои муошират омӯзгорони оянда дар тавлиди ибораҳои дароз ва давомнокии гуногун таъсири мусбӣ мерасонад

Бояд тазаккур дод, ки мушкилоти якхела муҳим, ки онро бо истифода аз системаи таҳияшуда ҳал кардан мумкин аст, номутаносибии байни лексикаи китобҳои дарсӣ ва маводи корҳои хонагӣ мебошад. Дар вақти муҳокимаи ин материалҳо на танҳо ба он муваффақ шудан лозим аст, ки лексикаи маводди кори хонагӣ ба нутки фаъолонаи талабагон дохил карда шавад, балки барои истифодаи онхо дар вакти муҳокимаи даҳонӣ шароит муҳайё кардан лозим аст. Имконияти таҳияи як курси мукаммали мултимедиявӣ, ки на танҳо машқҳои ба лексика нигаронидашуда, балки машқҳои грамматика ва фонетикаро дар бар мегирад, тадқиқоти алоҳидаро талаб мекунад. Чунин курс метавонад программаи асосии таълимиро пурра карда, ба омӯзгорони оянда барои мустакилона кор кардан ва такмил додани дигар махорату малака имкониятхои иловаги фарохам оварад.

Хулоса. Истифодаи технологияҳои мултимеди имкон медиҳад, ки таълими лексикаи анъанавӣ такмил дода шавад. Бо истифода аз усулхои таълимӣ омӯзгорони оянда метавонанд мустақилона лексикаи забони хориҷиро омӯзанд. Ин сифати азхудкунии луғатро беҳтар мекунад ва вақти дар дарсҳо сарфашударо метавон барои ташаккул додани малакаҳои фаъолиятҳои гуногуни нутқ истифода бурд. Ҳамин тавр ба маҳорати методикаи ташаккули махорати нутки омӯзгорони ояндаи забони олмонӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ фаҳмонд, ки лоиҳаи тадқиқотӣ бояд асосҳои таҳияи модули иловагии барномаи таълимӣ ё васеъ намудани модулҳои мавҷударо барои омӯзиши луғати забонӣ ва фарҳангӣ омӯзад. Ҳалли ин масъала муносибати мушаххасро талаб мекунад ва барои тайёр кардани омӯзгорони ояндаи забонҳои хориҷӣ муҳим аст.

Адабиёт

1. *Азимов Э.Г. Компьютерные текстовые редакторы на уроке иностранного языка // Иностранные языки в школе. 1997. - №1. - С. 54-57.*
2. *Азимов Э.Г., Щукин А.Н. Словарь методических терминов (теория и практика преподавания языков). СПб: Златауст, 1999. - 472 с.*
3. *Алиев З.Г. Проблема использования компьютерных программ. -Преподавание иностранных языков и культур: Теоретические и прикладные аспекты. Материалы международного научно-методического симпозиума. -Пятигорск, 2004. С. 68-70.*
4. *Андреев А.А. Некоторые проблемы педагогики в современных информационно-образовательных средах // Инновации в образовании. 2004.- №6. С. 98-113.*
5. *Каримҷонов А. Инкишофи нутқ дар давраи таълими савод. Душанбе: Ирфон 2021. - 225 с.*
6. *Каримҷонов.Д.А. Омӯзиши забонхои хоричи. - Душанбе: Ирфон, 2021.- 250 с.*
7. *Қурбонов.Р.Н. Маҷмуи диктанти санҷишӣ. - 2014. - С. 12.*
8. *Сафаров М.К. Истифодаи технология мултимеди дар дарсхо // Вестник Педагогического университета.- №3(76).- 1999. - С.76.*
9. *Чориев М.А. Омӯзиши забони модарӣ дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ. - Душанбе: Дониш, 2012. - 225 с.*
10. *Эшонҷонов А., Шукуров М. Методикаи таълими забони олмонӣ дар синфҳои ибтидоӣ. - Душанбе: Ирфон, 1964.*

МЕТОДИКАИ ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ НУТҚИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ЗАБОНИ ОЛМОНӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯИ МУЛТИМЕДӢ

Дар ин мақола муаллиф дар бораи ташаккули маҳорати нутқи омӯзгорони ояндаи забони олмонӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ меравад. Дар асоси маводи бисёр муаллиф ташаккули махорати нутки омӯзгорони ояндаи забони олмони бо истифода аз технологияи мултимеди таҳлил менамояд. Истифодаи интернет дар таълим дигар падидаи нав набуда, он аз ибтидои солҳои 90-ум дар доираи равишҳои гуногуни таълимӣ истифода мешаванд. Бо истифода аз он, ҳам донишомӯз ва ҳам омӯзгор имкон пайдо мекард, ки новобаста аз вақт ва макон мубодилаи иттилоот кунад. Технологияҳои нави рақамӣ тафаккури инсонро барои иҷрои вазифаҳои эҷодӣ омода менамояд, ки ба рушди шахсият мусоидат мекунад. Он ба ташаккули маҳорати нутқи омӯзгорони ояндаи забони олмонӣ имкон медиҳад, ки бо ҳаморони худ ва бо устоди худ ба таври эҷодӣ муошират кунад. Интернет ба онҳо имкон медиҳад, ки муҳити воқеии иттилоотии мобилиро ташкил кунед, ки дар он шумо на танҳо иттилоотро ба даст меоваред, балки бисёр мушкилоти дигари коммуникатсиониро ҳал карда метавонед.

Калидвожаҳо: методика, маҳорат, нутк, омӯзгорон, забони олмонӣ,технология мултимедӣ, ташаккул, интернет.

МЕТОДОЛОГИЯ РАЗВИТИЯ РЕЧЕВЫХ НАВЫКОВ БУДУЩИХ ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ НЕМЕЦКОГО ЯЗЫКА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ МУЛЬТИМЕДИЙНЫХ ТЕХНОЛОГИИ

В этой статье автор анализирует методология развития речевых навыков будущих преподавателей немецкого языка с использованием мультимедийных технологии. Автор статьи на основе обширного материала исследует методология развития речевых навыков будущих преподавателей немецкого языка с использованием мультимедийных технологии. Использование интернета в образовании — не новое явление; он применяется в различных образовательных подходах с начала 1990-х годов. Благодаря ему как студенты, так и преподаватели имеют возможность обмениваться информацией независимо от времени и места. Новые цифровые технологии готовят человеческое мышление к творческим задачам, что способствует развитию личности. Это позволяет развивать речевые навыки будущих учителей немецкого языка, давая им возможность творчески общаться со сверстниками и с преподавателем. Интернет позволяет им создать по-настоящему мобильную информационную среду, где можно не только получить информацию, но и решить множество других коммуникационных задач.

Ключевые слова: методика, талант, речь, преподаватели, немецкий язык, технология, формирования, интернет.

A METHODOLOGY FOR DEVELOPING SPEECH SKILLS IN FUTURE TEACHERS OF THE GERMAN LANGUAGE USING MULTIMEDIA TECHNOLOGIES

In this article, the author analyzes a methodology for developing the speech skills of future German language teachers using multimedia technology. Drawing on extensive material, the author examines the methodology for developing the speech skills of future German language teachers using multimedia technology. The use of the internet in education is not new; it has been used in various educational approaches since the early 1990s. It allows both students and teachers to exchange information regardless of time and place. New digital technologies prepare human thinking for creative tasks, which facilitates personal development. This helps develop the verbal skills of future German teachers, giving them the opportunity to communicate creatively with peers and teachers. The internet allows them to create a truly mobile information environment where they can not only obtain information but also solve a variety of other communication problems.

Keywords: methodology, talent, speech, teachers, German language, technology, formations, Internet.

Дар бораи муаллиф
Куҷов Раҳматулло Мақсадович
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони фаронсавӣ-олмонӣ)
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: rahmatullo-09@mail.ru

About the author
Kujov Rahmatullo Maksadovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Docent, Head of the chair of method of foreign languages (French and German languages)
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: rahmatullo-09@mail.ru

Об авторе
Куджов Рахматулло Максадович
Кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедрой методики преподавания иностранных языков (французский и англлийский язык)
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: rahmatullo-09@mail.ru

ТДУ 378.147:316.74

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ ВА БИСЁРФАРҲАНГИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Неъматова Х. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва густариши робитаҳои байнифарҳангӣ масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии хонандагон ҳангоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Афзоиши ҳамкориҳои байналмилалӣ, баланд гардидани ҳаракатнокии академӣ ва касбӣ, инчунин ташаккули муҳити бисёрзабона ва бисёрфарҳангӣ зарурати омода намудани шахсиятеро ба миён меорад, ки қобилияти муошират самаранок дар сатҳи байнифарҳангиро доро бошад.

Дар чунин замина, аҳаммияти махсусро масъалаи ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии хонандагон дар шароити муассисаҳои таълимии бисёрэтникӣ касб менамояд. Дар ин гуна муҳит хонандагон бо гуногунрангии фарҳангӣ рӯ ба рӯ шуда, на танҳо аз худ намудани воситаҳои забонӣ, балки дарки меъёрҳо ва хусусиятҳои рафтори намояндагони фарҳангҳои гуногунро талаб мекунад. Аз ин рӯ, таълими забони хориҷӣ на танҳо ҳамчун раванди азхудкунии донишҳои луғавӣ ва грамматикӣ, балки ҳамчун воситаи шиносоӣ бо фарҳанги дигар ва ташаккули қобилияти гуфтугӯи байнифарҳангӣ баррасӣ мегардад.

Муҳиммияти таҳқиқот бо зарурати коркарди равишҳои самараноки педагогӣ, ки ба ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии хонандагон бо дарназардошти омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва байнифарҳангӣ равона гардидаанд, асоснок карда мешавад. Бо вуҷуди мавҷудияти тадқиқотҳои сершумор дар соҳаи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, масъалаи ҳамгироии равишҳои коммуникативӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва салоҳиятнокӣ дар шароити муҳити бисёрэтникӣ ҳанӯз ҳам ниёз ба таҳлили амиқи назариявӣ ва санҷиши амалӣ дорад.

Ҳадафи таҳқиқот аз асосноккунии назариявӣ ва коркарди модели ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрэтникӣ иборат мебошад.

Муҳокима. Донистани забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муҳимми муошират байнифарҳангӣ ва унсури асосии салоҳияти коммуникативии шахс баррасӣ мегардад. Он на танҳо фарогирии малакаҳои забонӣ, балки дарки амиқи фарҳангҳои гуногун ва ташаккули қобилияти ҳамдигарфаҳмиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба сифати ҷузъи таркибии фарҳанги миллӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад ва ба рушди қобилияти коммуникативӣ ва байнифарҳангии шахс мусоидат менамояд.

Дар даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳ ба масъалаҳои муошират коммуникативӣ ва байнифарҳангӣ ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ин раванд бо тағйироти иҷтимоӣ ва густариши робитаҳои байналмилалӣ зич алоқаманд мебошад. Дар чунин шароит ташаккули салоҳияти коммуникативӣ-нутқии хонандагон дар муҳити бисёрфарҳангӣ яке аз самтҳои афзалиятноки методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Самаранокии ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ дар раванди таълими забони олмонӣ аз як қатор омилҳо вобаста мебошад. Пеш аз ҳама, истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон нақши муҳим мебозад. Ҳамзамон, татбиқи воситаҳои мултимедӣ дар раванди таълим имконият медиҳад, ки муҳити интерактивии муошират фароҳам оварда шавад ва фаъолияти нутқии хонандагон фаъол гардонида шавад.

Илова бар ин, истифодаи бозиҳои нақшофарӣ ҳамчун усули педагогӣ барои ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ аҳаммияти махсус дорад. Бо вуҷуди ин, самаранокии онҳо дар ҳолате таъмин мегардад, ки меъёрҳо ва дараҷаҳои истифодаи онҳо дақиқ муайян шуда, шароитҳои педагогии татбиқи онҳо асоснок ва дар амал санҷида шаванд.

Ҷанбаи муҳимми дигар ба инобат гирифтани робитаҳои байнифаннӣ, аз ҷумла иртиботи забони хориҷӣ бо забони модарӣ мебошад. Ин раванд ба фаҳмиши амиқтари маводи таълимӣ ва ташаккули тафаккури забонӣ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, таълими забони хориҷӣ бояд дар ҳамбастагӣ бо омӯзиши фарҳанги кишваре, ки забон ба он тааллуқ дорад, амалӣ гардад. Муқоисаи фарҳангҳо, муайян намудани монандиҳо ва фарқиятҳо, ба рушди тафаккури танқидӣ ва ташаккули муносибати таҳаммулпазирона нисбат ба фарҳангҳои дигар мусоидат мекунад.

Мафҳуми «салоҳиятнокӣ» дар ин замина ҳамчун маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳое муайян карда мешавад, ки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, маърифатӣ ва касбӣ равона гардидаанд. Ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ дар шароити бисёрфарҳангӣ ба асосҳои фалсафӣ, психологӣ, фарҳангшиносӣ ва педагогӣ такя намуда, мафҳумҳои «муошират», «фаъолияти нутқӣ», «салоҳиятмандӣ» ва «қобилияти байнифарҳангӣ»-ро дар бар мегирад.

Тавре, ки М.Р Куҷов қайд кардааст: “Сабаби асосии ноил нашудан ба натиҷаҳои пешбинишуда дар таълими донишҷӯён ба коркарди ғайрисамарабахши масъалаҳои алоҳидаи назариявии методика, пеш аз ҳама, ба мундариҷаи таълим вобаста аст. Ин дар он ифода меёбад, ки маълумоти миқдорӣ оид ба маҳоратҳо дар намудҳои гуногуни фаъолияти нутқӣ дар сатҳи паст нишон дода шудаанд. Масалан, аниқ гуфтан мумкин нест, ки донишҷӯён дар охири ҳар соли таҳсил бояд чанд ҷумларо марбут ба ҳолат ифода карда тавонанд. Ҳамчунин, маҳдудияти сифатии намудҳои диалогӣ ва монологӣ вуҷуд надорад: шарҳ дода нашудааст, ки кадом шаклҳои нутқи диалогӣ ё мувофиқатҳои он ва кадом ягонагиҳои монологӣ дар кадом гурӯҳ дарс дода шаванд. Мавзуъҳо барои нутқи озод, чунон ки озмоиши гузаронидашуда нишон дод, ба омӯзиши амиқтар ва асосноккунии назариявӣ ниёз доранд” [7, с. 245-246].

Ба омӯзиши забон ва фарҳанг ва ошкор намудани тафовутҳо филологи бузурги олмони Вилхелм фон Гумболдт кайд кардааст: “Тавассути гуногунрангии забонҳо барои мо ғановати ҷаҳон ва он гуногунрангие ошкор мешавад, ки мо онро эътироф мекунем. Ҳастии инсонӣ барои мо фаррохтар мегардад, зеро забонҳо ҳангоми истифода барои мо тарзҳои гуногуни тафаккур ва идрокро пешниҳод мекунад”. Шахсоне, ки забони хориҷиро намедонанд, одатан на низои миёнифарҳангӣ ва на низоъи байнизабониро мебинанд. Вале ашхосе, ки забони хориҷиро ҳамчун забони модарии худ дарс медиҳанд, вале забони модарии талабаро намедонанд, онҳо низ ин хусусиятҳои пинҳон ва ин душвориҳои пинҳонро дида наметавонанд. Бинобар ин бартари ба омӯзгорони забони хориҷӣ, ки онҳо ҳам забони худ ва ҳам забони модарии талабаро медонанд. Низоъҳо дар дараҷаҳои гуногун зоҳир мегарданд. Донистани чунин душвориҳо ва низоъҳо хеле мухим аст. Асосан вакте, ки душвориҳои номбаршуда, ки онҳо аз ҳамсуҳбатон ва иштирокдорони раванди таълими забонҳои хориҷи яъне аз омӯзгор ва талаба пинҳонанд. Душвориҳо пеш аз ҳама дар истифодаи лексика ба миён меояд. Зеро тавассути вожа (лексика) шахс бевосита ба ҷахони воқеъи ба воқеъияти экстролингвистӣ дохил мешавад. Проблемаи аз ҳама душвори таълими малакаҳои фаъол дар истифодаи забон тавассути навишт ва гуфтор дар сатҳи омӯзиши ду ва зиёда забонҳо ошкор мегардад. Яъне ин пеш аз хама проблемахои алокамандии лексикии калима ва нутқ, масъалахои лексикография, муошират синтаксис ва ғайра.

С.Н Алиев таърифи дигари салоҳияти коммуникативиро чунин нишон додааст: “Сохтори ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии хонандагон дар раванди таълими забони хориҷӣ дар шароити бисёрфарҳангӣ, ки аз ҷузъҳои забонӣ, коммуникативӣ, таълимӣ ва муносибати шахсиятӣ-фаъолмандӣ, инчунин мундариҷаи фарҳангшиносӣ иборат аст, шароити бавуҷудоварии салоҳиятмандии байнифарҳангии хонандагон мебошад ва омӯзиши ҳамаҷонибаи фарҳанги худи онҳоро талаб менамояд, ки барои ташаккули қобилияти байнифарҳангӣ зарур аст”. [1, с.335-336].

Барои таъмини рушди ҳамаҷонибаи малакаҳои эҷодии хонандагон зарур аст, ки дар раванди таълим чунин шароит муҳайё карда шавад, ки он ба истифодаи воқеии забони хориҷӣ ва ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ мусоидат намояд. Танҳо дар муҳите, ки хонанда имкони озодона истифода бурдани забонро дорад, малакаҳои ӯ ба таври табиӣ рушд мекунанд. Аз ин лиҳоз, ташкили муҳити таълимии фаъол ва ба амалия нигаронидашуда аҳаммияти калидӣ дорад.

Дар ин замина, васоити техникии муосир нақши муайянкунанда мебозанд. Онҳо на танҳо раванди таълимро ҷолибтар мегардонанд, балки имконият медиҳанд, ки сифати омӯзиш ба сатҳи баландтар бардошта шавад. Аз ин рӯ, таъмини дастрасии ҳамаҷониба ба воситаҳои технологӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо яке аз шартҳои асосии ташаккули қобилияту малакаҳои таълимии хонандагон маҳсуб меёбад. Имрӯз аксари муассисаҳои таълимӣ бо захираҳои иттилоотӣ ва шабакаи Интернет таъминанд, ки ин ҳолат барои татбиқи усулҳои интерактивии таълим заминаи мусоид фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин, танҳо истифодаи технология кофӣ нест. Нақши омӯзгор дар ин раванд ниҳоят муҳим боқӣ мемонад. Қобилияти омӯзгор барои барқарор намудани муносибати наздик ва эътимоднок бо хонандагон, ташкили фазои мусоиди равонӣ дар дарс ва ҷалби онҳо ба фаъолияти фаъол аз омилҳои асосии муваффақияти таълим ба ҳисоб меравад.

Методи салоҳиятнокӣ дар таълим бо як қатор хусусиятҳои хоси худ фарқ мекунад. Пеш аз ҳама, муносибатҳои таълимӣ ба принсипи ҳамдигарфаҳмӣ ва эътимод асос меёбанд. Фаъолияти омӯзгор ва хонандагон дар доираи ҳамкорӣ ва баробарҳуқуқӣ амалӣ гардида, амалҳои онҳо ба таври ҳамоҳанг ва мувофиқ ба роҳ монда мешаванд. Хусусияти муҳимми дигар он аст, ки раванди таълим дар асоси муносибатҳои субъект–субъектӣ ташкил карда мешавад, ки дар он ҳар ду ҷониб ҳамчун иштирокчиёни фаъол баромад мекунанд, на ин ки як тараф танҳо объекти таъсир қарор гирад.

Ҳамзамон, самаранокии ин раванд аз ягонагии ҳадафҳо низ вобаста аст. Вақте ки омӯзгор ва хонандагон як мақсади муштарак доранд, ҳамкорӣ тақвият меёбад ва хонандагон ба фаъолияти фаъолона бештар ҷалб мегарданд. Дар чунин шароит, ҳавасмандии дохилии гурӯҳ ва ангезаи мусбат ҳамчун омили муҳимми рушди фаъолияти таълимӣ зоҳир мешавад.

Дар маҷмуъ, таҳсилот имрӯз на танҳо ҳамчун раванди интиқоли дониш, балки ҳамчун омили муҳимми рушди фарҳанг ва воситаи ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, сиёсӣ ва байнифарҳангӣ арзёбӣ мегардад. Ин муносибат талаб мекунад, ки раванди таълим ба ташаккули шахсияти фаъол, салоҳиятманд ва қобили муоширати самаранок дар муҳити бисёрфарҳангӣ равона карда шавад.

Зеро вобаста ба хусусиятҳои синусолӣ, насли ҷавон аз дониши кофӣ бархурдор нест, то ки проблемаҳои имрӯзаи байни шахсҳо, проблемаҳои иҷтимоӣ ва этникиро ба таври бояду шояд сарфаҳм равад. Чунки фарҳанги умумии вай қавӣ нест ва ӯ ба иштирок кардан дар ҳалли масъалаҳои миёни фарҳангӣ аз ҷиҳати психологӣ омода нест.

Вазифаи муаллими забони хориҷӣ аз ташаккулдиҳии шахсияте, ки коммуникатсияи байнифарҳангиро гузаронда метавонад, иборат аст. Заминаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ аҳаммияти бузург дорад, чунки бидуни он ташаккул додани қобилияти коммуникативӣ-нутқӣ аз рӯи мавзуъҳои дарсӣ мушкил мебошад. Яъне талабагон бояд хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии кишвари омӯхташавандаро равшан тасаввур кардан тавонанд. Пуррагии иттилооти забонӣ ва фарҳангӣ барои рушди ғояи умумитаҳсилотие, ки ба ташаккули шахсияти хонандагон ва афзоиши ангезаи онҳо мусоидат менамояд, муҳим аст. Танҳо дар ҳолати рушди рағбати маърифатӣ дар талабагон ва пайдоиши ниёз ба азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо оид ба ташаккули ангезаи мусбат сухан гуфтан мумкин мебошад.

Тавре, ки Бим қайд кардааст: «Забони хориҷӣ барои ворид гаштан ба ҷаҳон равзанаи иловагие ба ҳисоб меравад, ки он барои ноил гаштан ба арзишҳои фарҳанги ҷаҳонӣ имконият медиҳад» [2, с. 11].

Чор унсури таҳаммулпазирии коммуникативӣ ҷой доранд: 1.Унсурҳои вазъӣ. 2.Унсурҳои типологӣ. 3.Унсурҳои касбӣ. 4.Унсурҳои умумӣ.

Унсури таҳаммулпазирии комуникативии вазъӣ- дар муносибатҳои шахсияти додашуда ба инсони аниқи дигар аён мешавад. Унсури паст, масалан дар ифодаҳои “тоқати дидори ин одам надорам”, “ӯ бо ҳузураш нафрати маро меорад” аён мешавад; дар бораи унсурҳои миёна: “на ҳамаи ақидаҳои ин одамро ман мепазирам”, “гоҳе ӯ тоқтфарсост”; дар бораи унсурҳои олӣ бо ифодаҳои зайл: “бо ин одам муошират осон аст”, “ба ман ин ҳарифи кордон хеле писанд омадааст” ва ҳоказо шаҳодат медиҳанд.

Тавре ки профессор Сайфуллоев Х.Г қайд кардааст: “ Таҷрибаи ташкили фаъолмандии донишҷӯён зимни фаъолияти салошиятнокии коммуникативӣ маълум гардид, ки баргузории фаъолияти дастаҷамъона, аз ҷумла, усули кор дар даста ё гуруҳҳои алоҳида, методи лоиҳасозӣ, ташкили саҳнаҳои театрӣ, бозиҳои нақшофарӣ, баргузории мизи мудаввар, конфронси матбуот ва ғайра барои рушди шуҷоати донишомӯз, барҳам задани монеаҳои психологӣ ва тарс, ба андешаи худ истодагарӣ карда исбот карда тавонистани ақидаи худ имконият фароҳам овардааст. Самаранокии чунин чорабиниҳо боз бо он зоҳир мегардад, ки дар муҳассилин ҳисси масъулият, кӯмакрасонӣ ба якдигар, ҳамраъйӣ ва таҳаммулпазирӣ ривоҷ ёфта, барои ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ва касбии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ мусоидат менамояд” [10, с.80-81].

Салоҳияти байнифарҳангии донишҷӯён ҳамчун як падидаи мураккаб дар ҳамгироии се ҷузъи асосӣ — идрокӣ, эмотсионалӣ ва фаъолиятӣ — ташаккул меёбад. Ин раванд худ аз худ ба вуҷуд намеояд; он, пеш аз ҳама, шароити мусоиди иҷтимоӣ, аз ҷумла истиқлолият, амну субот ва имкони банақшагирии ҳадафҳои стратегиро талаб мекунад. Танҳо дар чунин муҳит донишҷӯ метавонад на танҳо ҳадаф гузорад, балки роҳҳои бартараф намудани монеаҳоро муайян намуда, тавассути ҳамкорӣ бо дигарон ба натиҷаҳои мушаххас ноил гардад.

Ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ бештар дар муҳити муошират фаъол зоҳир мешавад. Махсусан, таҷриба нишон медиҳад, ки донишҷӯёне, ки қобилияти таҳлил ва дарки амиқ доранд, дар чунин шароит натиҷаҳои назаррас ба даст меоранд. Бо вуҷуди ин, ин раванд танҳо ба хусусиятҳои инфиродӣ вобаста

нест; шакли ташкили фаъолияти таълимӣ низ аҳаммияти калон дорад. Аз ҷумла, кори гурӯҳӣ дар шакли гурӯҳҳои хурд яке аз механизмҳои муассири рушди чунин салоҳият ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми ташкили ҳамкории гурӯҳӣ ба як қатор ҷанбаҳои муҳим диққат додан зарур аст. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи қобилияти дарёфти роҳи ҳалли мушкилоти коммуникативӣ дар муҳити гурӯҳӣ меравад. Ин раванд муайян намудани самти фаъолият, интихоби воситаҳои муносиб ва татбиқи онҳо дар амалро дар бар мегирад. Ҳамзамон, дар ҷараёни чунин ҳамкорӣ муносибатҳои нақшӣ тадриҷан ташаккул меёбанд, малакаҳои кори дастаҷамъона рушд мекунанд ва фарҳанги дохилии гурӯҳ, аз ҷумла сохтор ва меъёрҳои он, шакл мегирад.

Илова бар ин, самаранокии фаъолияти гурӯҳӣ ба тарзи дурусти ташкил ва идоракунии он вобаста мебошад. Муайян кардани ҳайати иштирокчиён, давомнокии фаъолияти муштарак, тақсимоти нақшҳо ва инчунин банақшагирӣ, ташкил ва назорати раванд аз ҷумлаи унсурҳои муҳимми ин низом ба ҳисоб мераванд.

Дар адабиёти илмӣ масъалаи салоҳияти байнифарҳангӣ низ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ О. В. Гомелева модели муосири ин салоҳиятро пешниҳод намуда, онро чунин шарҳ медиҳад: шахс бояд дар раванди муоширати байнифарҳангӣ бо намояндагони фарҳангҳои дигар (олмонӣ, англисӣ, фаронсавӣ ва ғайра) дорои сатҳи баланди малакаҳои забонӣ ва гуфтугӯй бошад, ҳамон тавре ки дар муҳити фарҳангии худ устувор ва мутобиқ аст [6, с. 70].

Гомелева ҷузъҳои асосии ин салоҳиятро низ мушаххас менамояд. Ба назари ӯ, ин пеш аз ҳама дониш ва моделҳои амалии коммуникативӣ ва қобилияти тафсири онҳо ҳам дар доираи фарҳанги худ ва ҳам дар фарҳанги омӯхташаванда мебошанд. Ҳамчунин, дониши умумӣ дар бораи робитаи фарҳанг ва муошират, аз ҷумла хусусиятҳои зеҳнӣ ва рафтории фарҳангҳои гуногун, аҳаммияти калидӣ дорад. Дар баробари ин, дарки фарқиятҳои байни фарҳангҳо, ки аз ҳамин хусусиятҳо сарчашма мегиранд, барои муошират самаранок зарур аст. Ниҳоят, яке аз унсурҳои муҳимми салоҳияти байнифарҳангӣ қобилияти истифодаи стратегияҳо ва усулҳо барои ҳалли зиддиятҳо ва мушкилоте мебошад, ки дар раванди муошират ба миён меоянд [6, с. 71–72].

Алоқамандии забон ва фарҳанг ва зарурияти якҷоя омӯхтани онҳо шарти асосӣ ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои муҳимми забон ва махсусан фарҳанг ҳангоми муқоисаи онҳо ошкор мегардад. Ба хусус муқоисаи ду фарҳанг. Вакте, ки ҳудудҳои забони ва фарқиятҳои онҳо возеҳанд, фарқиятҳои фарҳангӣ танҳо ҳангоми муқоисаи фарҳанги худӣ бо фарҳанги бегона ошкор мегардад. Ҳангоми муқоисаи ду фарҳанг фарқият дар яке аз фарҳангҳо аҷиб, гоҳҳо нафратовар ба назар мерасад.

Ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии хонандагон дар шароити бисёрэтникии муассисаҳои таълими умумӣ дорои аҳаммияти назаррас мебошад, зеро он на танҳо ба азхудкунии забони хориҷӣ, балки ба дарки рафтори фарҳангӣ дар раванди муошират мусоидат мекунад. Дар чунин муҳит хонандагон тадриҷан бо хусусиятҳои фарҳангҳои дигар шинос шуда, тавассути муқоиса бо фарҳанги худ воқеиятро амиқтар таҳлил менамоянд. Маҳз ҳамин раванд ба ташаккули шахсияти фарҳангӣ-забонӣ ва рушди гуфтугӯи фарҳангҳо, ки ҳамчун ҳадафи ниҳоии таълими забонҳои хориҷӣ арзёбӣ мегардад, замина фароҳам меорад.

Дар асоси равишҳои коммуникативӣ, интегративӣ, когнитивӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва тамоюли шахсиятӣ модели ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии хонандагон таҳия гардидааст. Хусусияти муҳимми ин модел дар он аст, ки ҳамаи ҷузъҳои он ба таври мутақобил алоқаманд буда, ҳамчун низоми ягона амал мекунанд. Ин якпорчагӣ имкон медиҳад, ки раванди таълим на танҳо ба интиқоли дониш, балки ба рушди комплексии қобилиятҳои забонӣ ва иҷтимоии хонандагон равона гардад.

Маълум аст, ки таҳсилоти бисёрфарҳангӣ ҳамчун раванди азхудкунии донишҳо оид ба гуногуншаклии фарҳангии муҳити ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байнифарҳангӣ дар ҷомеаи муосир баррасӣ мешавад. Ин раванд на танҳо ба фарогирии донишҳои назариявӣ маҳдуд мегардад, балки ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ ва малакаҳои ҳамкории байнифарҳангиро низ дар бар мегирад. Асоси чунин равиш принсипи гуфтугӯи фарҳангҳо мебошад, ки ба рушди муносибати таҳаммулпазирона ва фаҳмиши мутақобила мусоидат мекунад.

Дар таҷрибаи кишварҳои аврупоӣ омӯзиши ду забони хориҷӣ дар низоми таҳсилоти мактабӣ ба як меъёри маъмул табдил ёфтааст. Ин равиш нишон медиҳад, ки омодасозии шахс барои фаъолияти самаранок дар муҳити бисёрфарҳангӣ бояд аз зинаҳои ибтидоии таҳсил оғоз гардад. Дар Тоҷикистон, гарчанде ки дар муассисаҳои олии таълимӣ омӯзиши ду забони хориҷӣ ба роҳ монда шудааст, дар зинаи таҳсилоти миёна раванди азхудкунии забонҳои хориҷӣ то ҳол ба сатҳи қонеъкунанда нарасидааст. Ин ҳолат зарурати такмили

усулҳои таълим, истифодаи технологияҳои муосир ва таҳкими равишҳои коммуникативиро дар таълими забонҳо тақозо менамояд. Аммо умед аст, ки ҷумҳуриямон қарорҳои Деклоратсияи Болоняро ба ҷо оварда истодааст, ба сифати яке аз натоиҷ метавонад маълумоти 11 солаи мактабиро ба омӯзиши таъҷилии забони хориҷӣ (махсусан англисӣ, ё олмонӣ) ба даст орад.

Мувофиқи ҷадвали таълимии комуникативии фарҳанги хориҷӣ, тарбия бояд тамоми ҷараёни таълимро фаро гирад. Дар ҳоли ҳозир ин самараноктарин пешбурди фарҳангшиносӣ мебошад, ки амаликунонии тарбияро дар фосилаи фарҳанг бо услуби башардӯстӣ ва воситаҳои худи фарҳанг тахмин мекунад.

Пешбурди фарҳангшиносӣ бо таъмини ташаккули ҷаҳонбинии шахсият, фарҳанги умумӣ ва фарҳанги суханварӣ, инкишофи андешаронӣ, хотира, идрок ва эҳсосот, тасаввурот, ҳамчунин чунин бахшҳои хислат- чун ирода, мақсаднокӣ, худтакмилдиҳӣ, худомӯзӣ, худтарбиякунӣ, эҷодкорӣ ва таҳаммулпазирӣ нигаронида шудааст.

Омӯзиши забони хориҷӣ берун аз заминаи фарҳангии он амалан маънии пурраи худро гум мекунад. Забон танҳо маҷмуи қоидаҳои грамматикӣ ё воҳидҳои луғавӣ нест; он пеш аз ҳама инъикоси фарҳанг, арзишҳо ва тарзи тафаккури ҷомеа мебошад. Маҳз тавассути фарҳанг забон мазмун пайдо карда, ба воситаи муошират воқеӣ табдил меёбад. Аз ҳамин лиҳоз, робитаи забон ва фарҳанг табиӣ ва ҷудонашаванда буда, омӯзиши якҷояи онҳо ҳамчун шарти асосии таълими самараноки забонҳои хориҷӣ баррасӣ мегардад.

Хулоса. Дар натиҷаи таҳлили мавзуъ метавон ба чунин хулоса расид, ки равиши салоҳиятнок дар таълим барои рушди малакаҳои муоширатӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Дар чунин муҳит хонандагон на танҳо истифодаи забонро меомӯзанд, балки зарурати шарҳ додани амалҳои худ ва дарки рафтори дигаронро низ эҳсос мекунанд. Онҳо дар доираи фаъолияти гурӯҳӣ ба ҳамкорӣ ҷалб гардида, тадриҷан малакаҳои муҳимми коммуникативӣ – баён кардани андеша, асоснок кардани мавқеъ, розӣ шудан ё эътироз намуданро аз худ менамоянд. Илова бар ин, чунин муошират ҳамчун замина барои рушди маҳорати нутқӣ ва ташаккули сохтори муназзами муошират хизмат мекунад. Маҳз дар ҳамин раванд қобилияти иштирок дар гуфтугӯи байнифарҳангӣ ташаккул ёфта, ҳисси ташаббускорӣ ва омодагӣ ба идома додани муошират тақвият меёбад.

Ҳамин тавр, равиши салоҳиятнок на танҳо ба азхудкунии донишҳои забонӣ, балки ба ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии хонандагон дар шароити бисёрфарҳангӣ мусоидат намуда, онҳоро барои муошират муассир ва огоҳона дар муҳити гуногунфарҳанг омода месозад.

Адабиёт

1. *Алиев, С.Н. Общая методика обучения иностранным языкам (на таджяз.) / С.Н.Алиев [Текст] // Учебник для студентов факультетов иностранных языков педагогических университетов. – Душанбе: ТГПУ, 2013. 330 – 336 с.*
2. *Бим, И.Л. Личностно-ориентированный подход – основная стратегия обновления школы / И.Л. Бим // ИЯШ. – 2002. – № 2. – С. 11-15.*
3. *Браун, С. В. Информационные аспекты, способствующие повышению мотивации изучения немецкого языка в школе / С. В. Браун // Иностр. Яз. В шк. – 2002. - №2. – С. 32-40.*
4. *Бойко В.В., Ковалев А.Г., Панферов В.Н. Социально-психологический климат коллектива и личность // В.В.Бойко и др. [Текст]. – М.: Мысль, 1983. 190 – 196 с.*
5. *Галскова, Н.Д., Гез Н.И. Теория обучения иностранным языкам. Лингводидактика и методика: / Н. Д. Галскова, Н. И. Гез // Учебн. Пособие. М., 2004. С. 23-28.*
6. *Гомелева, О. В. Межпредметные связи в формировании коммуникатив-ных умений / О. В. Гомелева // Иностр. Языки в школе, 1987. № 6, С. 71 – 73.*
7. *Куҷов Р.М. Роҳҳои ҳалли мушкилоти асосии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ / Р.М. Куҷов – Душанбе 2025 №1 (15) 2025. - С. 245 – 252.*
8. *Сайфуллаев Х.Г. Теория и практика формирования межкультурной омпетенции студентов в педагогическом вузе: [Текст] Монография. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 209 с.*
9. *Сайфуллоев Х.Ғ. Равияи фаъолмандӣ дар ташаккули салоҳиятмандии омӯзгоронӣ ояндаи забони хориҷӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ / Х.Ғ. Сайфуллоев. – Душанбе 2023 №4-2 (18) С. 47-53.*
10. *Сайфуллаев Х. Г., Сайфуллоева З. Х., Раҷабова Ф. С. Усулҳои фаъолияти муштарак дар ташаккули салоҳиятмандии коммуникативии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ / Сайфуллаев Х. Г., Сайфуллоева З. Х., Раҷабова Ф. С. – Душанбе 2023 №1 (15) 2023 С. 78 – 84.*
11. *Тихонов, И.И. Программирование и технические средства в учебном процессе / И.И. Тихонов. – М., 1970. – 200 с.*

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТИВӢ ВА БИСЁРФАРҲАНГИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи ташаккули салоҳияти коммуникативӣ ва бисёрфарҳангии донишҷӯён дар таълими забонҳои хориҷӣ меравад. Донистани забони бегона шахс доираи ҷаҳонбинии худро васеъ мегардонад. Дар ин маврид сухан дар бораи таҳсилоти бисёрзабонӣ меравад, ки тибқи он раванд шахсияти бисёрзабона, ки бо се ва зиёда забон балад аст, ҳосил мегардад. Албатта донистани забони хориҷӣ ҳамчун воситаи муошират байнифарҳангӣ бидуни аз худ намудани фарҳанги забони хориҷӣ номумкин аст. Ташаккули салоҳияти фарҳангӣ- иҷтимоӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муошират бо донишҷӯёни хубзеҳн бештар ба назар мерасад, ки иҷрои он дар асоси ташкили ҳамкориҳои донишҷӯён дар гурӯҳҳои хурд гоҳ гоҳ ба назар мерасанд.

Калидвожаҳо: салоҳияти коммуникативӣ, самаранокии таълим, раванди таълим, ташаккули шахсият, ҳамбастагӣ, ҳамрайъӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳамгироӣ, муошират.

ФОРМИРОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ И МУЛЬТИКУЛЬТУРНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ СТУДЕНТОВ В ОБУЧЕНИИ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ

В данной статье речь идет о формировании коммуникативной и мультикультурной компетенции студентов в обучении иностранным языкам. Знание иностранного языка расширяет кругозор человека. В этом случае речь идет о многоязычном образовании, в ходе которого создается многоязычная личность, владеющая тремя и более языками. Конечно, знание иностранного языка как средства межкультурного общения невозможно без овладения культурой иностранного языка. Формирование культурно-социальной компетентности при изучении иностранных языков более выражено в общении с хорошо образованными студентами, реализация которых на основе организации студенческого взаимодействия в небольших группах время от времени становится заметной.

Ключевые слова: коммуникативная компетенция, эффективность обучения, образовательный процесс, формирование личности, солидарность, эмпатия, толерантность, интеграция, общение.

FORMING STUDENTS' COMMUNICATIVE AND MULTICULTURAL COMPETENCE IN FOREIGN LANGUAGE TEACHING

This article focuses on the development of students' communicative and multicultural competence in foreign language learning. Knowledge of a foreign language broadens a person's horizons. In this case, we are talking about multilingual education, which creates a multilingual individual who speaks three or more languages. Of course, knowledge of a foreign language as a means of intercultural communication is impossible without mastering the culture of the foreign language. The formation of cultural and social competence in the study of foreign languages is more pronounced in communication with well-educated students, and the implementation of these students' interactions in small groups becomes noticeable from time to time.

Keywords: communicative competence, learning efficiency, educational process, personality formation. solidarity, empathy, tolerance, integration, communication.

Дар бораи муаллиф
Неъматова Хуршеда Мирзоалиевна
Омӯзгори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ ва фаронсавӣ)
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: hurshedanegmatova@gmail.com

Об авторе
Неъматова Хуршеда Мирзоалиевна
Преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков (немецкого и французского)
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: hurshedanegmatova@gmail.com

About the author
Nematova Khurshoda Mirzoyalievna
Lecturer at the Department of Foreign Language Teaching Methods (German and French)
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: hurshedanegmatova@gmail.com

ТДУ 372.878

РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР ҶАРАЁНИ БОЗИҲОИ МУСИҚӢ-ДИДАКТИКӢ ҲАНГОМИ ТАДРИСИ СУРУД ВА МУСИҚӢ

Боев Ш. Р., Маҷидов У. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар ҷараёни таълими фанни суруд ва мусиқӣ асосан бозиҳои мусиқӣ-дидактикие мавриди корбурд қарор дода мешаванд, ки истифодаи онҳо ба амиқтар намудани тасаввуроти хонандагони хурдсол дар бораи воситаҳои ифодаи суруд ва мусиқӣ мусоидат мекунад. Санъати мусиқӣ аз рӯи табиати худ ба фаъол шудани қобилиятҳои салоҳиятнокӣ, ташаккули тафаккур ва тасаввуроти бадеӣ мусоидат мекунад. Сабаби ин гуногунрангии зиёди образҳои мусиқӣ, абстрактии баланди забони овозҳо мебошад. Л.С. Виготский навишта буд: “Одаме, ки асари мусиқиро мешунавад, олами томи мураккаби шавқ ва ҳиссиётро бедор мекунад. Чунин тавсеа, амиқ шудани ҳиссиёт ва азнавсозии эҷодии он асоси равоншиносии санъати мусиқӣ мебошад” [3, с. 47].

Мустақилона ташкил намудани бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, композитсия, эпизодҳои он, тавассути ташаккули тасвири бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бахшида шуда маҳсулоти нав пайдо мешаванд. Табиист, ки хонандагон ба сифати маҳсулоташ шавқу рағбат дорад, кӯшиш мекунанд, ки зимни ташаккули салоҳияти худ онро мукаммал созанд. Агар бубинанд, ки ин кор на танҳо барои ӯ, балки барои атрофиёнаш низ ҷолиб аст, таҷрибаашон пурратар мешавад, бинобар ин, таҳлили маҳсулоте, ки калонсолон анҷом медиҳанд, хеле муҳим аст.

Яке аз роҳҳои ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоиро зимни иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мавриди истифода бурдани супоришҳои бозиҳо таъсирасонандаи омӯзгор ҳисоб бояд кард. Зеро хонандагонро ба дарки зарурати пайвастан, бадоҳатан пайдошавии ташаккули ҳаракат ба бозиҳои гуногун дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ зимни фаъолияти мусиқию ритмикӣ водор менамояд.

Дар асари «Муносибати босалоҳият ва таълим дар синф» Н.А. Ветлугина марҳилаҳои мураккаби вазифаҳои ташаккули салоҳияти кӯдакро ба тариқи зайл тавсиф мекунад [4]:

а). Вазифаҳое, ки аз хонандагон талаб мекунанд, дар ибтидо бояд ба фаъолияти ташаккули салоҳияти онҳо равона карда шаванд ва хонандагон якҷоя бо омӯзгор амал карда, дар баъзе ҳолатҳо худро нишон дода, (интонатсияҳои оҳангро импровизатсия мекунанд,) ба садоҳои гуногун тақлид мекунанд, роҳҳои интиқоли як намуди ҳаракатҳои характеристикиро меомӯзанд”;

б). Вазифаҳое, ки боиси амалҳои мақсаднок дар хонандагон, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли онҳо мегардад. Ҳангоми ҳалли ин гуна масъалаҳо хонандагон мефаҳманд, ки дар асоси масъалаҳои дорои қолабҳои куҳна комбинатсияҳои нав пайдо кардан, корҳои қаблан иҷрошударо такмил додан мумкин аст.

в). Вазифаҳое, ки ташкили бозиҳои мусиқӣ-дидактикии мустақилонаи мусиқии хонандагонро пешкаш мекунанд ва худашон дар бораи мафҳуми бозӣ, суруд, рақс, ҳикоя фикр мекунанд, амалҳои худро ба нақша мегиранд, воситаҳои ташкили бозиҳоро зимни салоҳиятҳояшон интихоб мекунанид

Зимни таҳқиқоти хеш, пеш аз ҳама бо гузоштани вазифаҳои ҷолибу гуногунҷанбаи иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро аввалин ва муҳимтарин техникаи педагогӣ мебошад, ки барои инкишофи фаъолияти зеҳнии онҳо дар ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ зарур аст [4, с. 68].

А.Н. Зимина олими рус зимни таҳқиқоти худ чунин мешуморад: «Фаъолияти хонандагон дар ҷараёни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ин шунидани дарки фаъолонаи мусиқиест, ки вокуниши фавриро талаб мекунад. Ин дарки баланди мусиқӣ, ки бо эҳсос кардан, фарқ кардан ва шинохти садои мусиқӣ ва воситаҳои ифодакунандаи мусиқӣ алоқаманд аст, ба инкишофи дарки таассуроти мусиқӣ, таваҷҷуҳ, хотира ва ташаббуси ташаккули салоҳияти хонандагон зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мусоидат мекунад»[5,. 119 с].

Ба ақидаи олими рус И. Комарова, барои фаъол гардондани хонандагон худи омӯзгор бояд фаъол бошад. Пеш аз ҳама, ба хонандагон омӯзонидан лозим аст, ки объектҳо ва падидаҳоро фаъолона дарк карда, барои ин усули самарабахшро истифода баранд: имтиҳон,

бозӣ мусиқӣ-дидактикӣ, унсурҳои бозӣ-драмасозӣ, таҳлил, баҳодиҳии зебоипарасти дар иҷрои бозӣ, намоиши усул, тавзеҳ, саволҳо, истифодаи таҷрибаи шахсии хонандагон, намоиш додани усули бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ аз ҷониби хонандагон ва омӯзгор [6, с. 86].

Аз нуқтаи назари Я. А. Коменский, фаъолияти хонандагон дар синф ҳар қадар пурзӯртар зоҳир шавад, натиҷаҳо ҳамон қадар самарабахштар мешаванд. Омӯзгор ба азхудкунии фаъолона ва бошууронаи хонандагон маводи дар синф пешниҳодшуда, шавқу рағбат ва ҳаракатҳои онҳо аҳаммият медиҳад. Дараҷаи фаъолият ва сатҳи шуур аз синну сол ва хусусиятҳои фардии хонандагони синфҳои ибтидоӣ вобаста аст [8, с. 254].

Дар раванди таълими бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мустақилият дар ҷараёни фаъолияти ташкили бозиҳо, чусту чолокӣ, таассуроти азхудкунӣ, ташаккули зеҳнӣ инкишоф меёбад. Дар ин маврид зуҳуроти истиқлолият барои ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ имкониятҳои васеъ мекушояд. Иҷрои ин вазифа дар сурате имконпазир аст, ки хонандагон иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикиро аз даст надода дорои қобилияти озодона истифода бурдани маҳорату малакаи дар синф ҳосилшуда бошанд. Ташаббуси иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар он ифода мешавад, ки хонандагон тасаввуроти бузургро кашф мекунанд, маҳорати худро мавриди иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ татбиқ мекунанд ва ба ҳам мепайвандад. Дастурҳои омӯзгорро пурсамар истифода мебаранд ва онҳоро такрор намуда, ба онҳо ҳаракатҳои иловагӣ зам намуда, андешаҳои худро амалӣ менамоянд. Табиист, ки дар раванди таълими бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ инкишоф додани мустақилият ташаббуси хонандагонро нисбат ба иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ғанӣ мегардонад.

Бо андешаи Д. В. Клезович, “фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ яке аз шаклҳои мураккаби фаъолияти мусиқӣ мебошад” [10, с. 127].

Мураккабии зуҳуроти фаъолияти мустақилонаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар он аст, ки вай бо ташаббус ва ҳаракати хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба вуҷуд омада, бо ёрии методию тарбияи педагогии омӯзгор сурат мегирад. Ба вучуд омадан ва инкишоф ёфтани он ба майлу хоҳиши хонандагон ба ифодаи таассуроти салоҳияти онҳо, ки аз муошарати хонандагон дар раванди иҷрои бозӣ зимни ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба амал меояд, аз маҳорати хонандагон вобаста аст. Дар ин маврид на танҳо эҳсосот, балки дараҷаи ҳозираи инкишофи сурудхонӣ, малакаҳои ҳаракати ритмикии мусиқӣ, маҳорати дарк кардани мусиқӣ ва навохтани асбобҳои мусиқии хонандагон ва дар баланд гардидани тасаввуроти зеҳнии онҳо аҳаммияти калон дорад. Бо ҳамаи ин хислатҳои фаъолияти фаъоли иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҷараёни рафти он аз ҷиҳати тарбияи педагогӣ муайян карда шуда, сифати баланди тарбия ва таълими инкишофи дарси мусиқиро, муносибати дифференсиалӣ ба таълими инфиродӣ, гурӯҳии хонандагон, инчунин роҳбарии ғайримустақими касбӣ ба ин фаъолият дар ҳаёти ҳаррӯзаи хонандагон муайян мегардад. Яке аз хусусиятҳои муҳимми ин намуди фаъолият дар он аст, ки шахси калонсол ҳамчун роҳбар баромад карда, манфиатҳои субъективӣ, талаботи бозиҳои мусиқӣ-дидактикии хонандагонро ба назар гирифта, роҳбарии худро ба таври ташкилкунанда фаъолона, вале бавосита нишон медиҳад.

Ниҳоят, яке аз сабабҳои муҳимтарини интихоби ин ё он намуди фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавҷудияти шароити педагогию психологӣ: асбобҳои мусиқӣ, бозичаҳо, атрибутҳо ва дигар воситаҳои зарурӣ барои рафти иҷрои он мебошад.

Омӯзгор бояд шартҳои зерини педагогиро барои пайдоиш ва инкишофи фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ қайд намояд: Мавҷудияти қобилият ва маҳорати устувори дарки мусиқӣ, сурудхонӣ, ҳаракатҳои ритмикии мусиқӣ ва навохтани асбобҳои мусиқии бачагона дар ҷараёни иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ.

Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ метавонанд воситаи пуркувват дар дасти омӯзгорон бошанд, ки ба онҳо имкон медиҳанд, ки маводи таълимиро ба таҷрибаи бозӣ ворид кунанд. Бозиҳо ҳавасмандӣ ва фазои ҳамкорӣ эҷод мекунанд, ки ба хонандагон имкон медиҳад, ки донишҳои навро дар дарсҳои мусиқӣ дар мавриди иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ миқдори дониш, қобилият, маҳорат ва малакаи намудҳои гуногуни фаъолияти мусиқиро омӯзанд [2, с 29].

Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки инкишофи фаъолияти зеҳнӣ на танҳо доираи хеле васеи маҳорат ва малака, инчунин аз худ намудани усули ба шароити нав васеъ гузарондани онҳоро талаб мекунад. Омӯзгори фанни мусиқӣ дар дарс бояд ба ҳалли масъалаҳое, ки ба тарбияи ташаббус, мустақилият, фаъолияти хонандагон дар раванди иҷрои

бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ташаккул додани тарзу усули амали мустақилона дар намудҳои гуногуни фаъолияти бозиҳои мусиқӣ- дидактикӣ диққати махсус диҳад.

Фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи як мантиқи муайян инкишоф меёбад: аз амалҳои пешакӣ ба нақша гирифтаи омӯзгор (аз рӯйи намоиш ё модели пешниҳодкардаи омӯзгорон), то ба вуҷуд омадани амалҳои ташаббускор, нохост (вобаста ба вазъияти ҳозира), ва баъд ба амалҳое, ки хусусияти бадоҳатан доранд, ки дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои бозии мусиқӣ-дидактикӣ ба вуҷуд меоянд. Омӯзиши усули амали мустақилона огоҳии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз вазифаҳои ба ӯ гузошташуда, хоҳиши иҷрои онҳо, ёфтани усули гуногун, роҳҳои ҳалли онро дар бар мегирад. Ҳар як намуди фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ шеваҳои амали худро дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми ҳалли масъалаҳои инкишофи дарки мусиқӣ ба чунин усули амал, монанди мустақилона шунавонидани асарҳои мусиқӣ, фарқ кардани табиати мусиқӣ, дар шакли асари мусиқӣ, дар жанрҳои мусиқӣ, зимни иҷро кардан диққати махсус додан тавсия карда мешавад. Дар жанрҳои мусиқӣ ташаккул додани шавқу рағбат ба мусиқӣ, ғанӣ гардонидани таассуроти мусиқии хонандагон, васеъ кардани ҷаҳонбинии мусиқии онҳо, шинос кардани хонандагон бо мусиқии даврaҳо ва услубҳои гуногун, ба онҳо омӯзонидани муқоисаи асарҳо ва ёфтани роҳҳои мувофиқи ифодаи таассуроти мусиқии даркшуда дар ҷараёни иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар дасҳои суруд ва мусиқӣ муҳим аст.

Дар сурудхонӣ мустақилияти хонандагон тавассути дарки фаъолонаи асарҳои овозӣ, муайян кардани характер, табъи онҳо, қобилияти баён кардан, ҳангоми иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва ё ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зоҳир мегардад.

Самаранокии инкишофи фаъолияти мустақилонаи сурудхониро дараҷаи тасвири мусиқӣ ва шунавоии хонандгон, маҳорати иҷрокунандагӣ, мусиқӣ ва иҷро кардани оҳангҳои сурудҳо, интонатсиёнии соф аз рӯйи гӯш кардану интихоби оҳангҳо ва сурудҳои шиносу ношинос, фарқ кардани ҳаракати хонандагон дар бараи суруд муайян карда мешавад. Дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ мавриди таҷдиди фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бояд ба сурудхонӣ ва дар иҷрои мусиқӣ рақс ҷой дода шавад. Зеро маҳз бозиҳои мусиқӣ- дидактикӣ дар чунин шаклҳо бештар ташкил карда мешаванд.

Вазифаҳои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ марбут ба бадоҳатан суруд бештар ба зуҳури фаъолияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд. Аллакай дар синни таълими синфҳои ибтидоӣ онҳо метавонанд оҳангҳои одиро импровизатсия кунанд, суруди алларо зери садои мусиқӣ, бо бозидани нақши модар ва тифл иҷро кунанд, ба сурудхонии парандагон тақлид кунанд. Зикр кардан ба маврид аст, ки аз ҷониби халқи тоҷик сурудҳои зиёде эҷод шудаанд, ки мазмуну мундариҷаи хеле васеъ доранд.

Нахустин суруде, ки кӯдак мешунавад, ин суруди «Алла» аст, ки бо садои дилнишину маҳин модар бо лаҳни хушу зарби муассир ба гӯши кудак мерасад ва дар натиҷа дар ниҳоди онҳо эҳсоси дарки меҳру муҳаббат худшиносӣ зебоипарастиро бедор мекунад.

Дар тасвири зер дастури таълимию методии суруди халқии «Алла» оварда шудааст, ки композитори шинохтаи тоҷик Ҷӯрабой Охунов эҷод кардааст. Ин асар дар андозаи 5/4 ва дар лаҳни ре минор эҷод гардидааст. Суруд бо суръати оромона иҷро карда мешавад.

1
Шаб шудасту бачаҳо
Бозичаҳо барчидаанд.
Булбулон лаббастаю
Парвонаҳо хобидаанд.
Нақарот :
Хобат ширин асал барин ,
Бедорият беҳтар аз ин .
2
То ки наншинад магас
Бар чеҳраи моҳпариат.
Медурахшад чашми модар
Бар сари гаҳвораат.

Нақарот :
Хобат ширин асал барин ,
Бедорият беҳтар аз ин .



Ба бозиҳои бачагонаи гулгардонӣ, иҷрои нақши бобои деҳқон зери суруду оҳангҳои марбут ба фарорасии ҷашни Наврӯз ва Баҳор салоҳияти худро ташаккул диҳанд. Чунки мақсади таҳқиқот хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар оянда ба матни додаи омӯзгор оҳангҳоро импровизатсия карда тавонанд ё дар жанри муайян ва матни худ мотивҳои содаи суруд созанд. Дар вақти офаридани импровизатсияи суруд зарур аст, ки хонандагон на танҳо ба асарҳои омӯзгорон тақлид кунанд, балки интонатсияҳои асарҳои санъати мусиқиро ҳам мисли меъёрҳои додашуда дар мусиқӣ мавриди ташаккули салоҳияташон дарк намоянд.

Дар фаъолияти мусиқию ритмикӣ, инкишоф додани ташаббуси бозиҳои мусиқӣ-дидактакӣ дар ташаккули салоҳияти хонандагон омӯзгор бояд кӯшиш кунад вазъиятҳое ба вуҷуд оварад, ки хонандагон на танхо аз рӯйи намоиш ё шакли ҳаракат амал кунанд, балки тарзи амал ё характери ҳаракатро мувофиқи он пешниҳод намоянд. Машқҳои мусиқӣ-ритмикӣ, бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, рақсҳои характернок, бозиҳои дидактикии мусиқию ритмикӣ дар ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ шароити мусоид фароҳам оварда, дараҷаи баланди инкишофи фаъолнокии фаъолияти серҳарактӣ ва қобилияти зеҳнию эҷодиии хонандагонро таъмин менамоянд.

Хонандагон маҳорати ибтидоии навохтани асбобҳои мусиқии бачагонаро аз рӯзҳои аввали таҳсил зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар баробари иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пайдо мекунанд. Одатан, хонандагон таҷрибаи аввалини мусиқии худро ба ҳаёти ҳаррӯза интиқол медиҳанд. Усули навохтани металлофон, ксилофон, фортепиано, инчунин асбобҳои миллии мусиқӣ доира, таблак, дутор ва дигар асбобҳоро аз худ намуда, малакаҳои ҳосилшударо тавассути озмоиш ва хатоӣ дар фаъолияти мустақилонаи азхудкунӣ мустаҳкам мекунанд. Ба шарте ки бо гӯш бозӣ карданро ёд гиранд, хонандагон кӯшиш мекунанд, ки оҳангҳои ошноро дар ҳаёти ҳаррӯза бигиранд ва гардишҳои одии ритмӣ ва оҳангиро дарк кунанд. Зеро дар ин маврид сюжетҳои бозӣ аз таҷрибаи истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар ҳама намудҳои фаъолияти мусиқӣ зуҳури фаъолият ва мустақилият бо табиати таълим алоқаманд аст ки он бояд ба эҷоди вазъиятҳои мушкилот, дарёфт ва таҳияи вариантҳои ҳалли вазифаи муайян аз ҷониби хонандагон, доштани сюжет-бозии возеҳ равона карда шуда мазмуни ба сюжет монандро пайдо кунанд. Раванди бозиҳои мусиқӣ- дидактикӣ ба мо имкон медиҳад, ки хонандагонро ба худомӯзӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ташвиқ кунем, ки онҳоро ба зуҳуроти мустақилият ташаккули салоҳият дар ҳаёти ҳаррӯза водор мекунад.

Мавҷудияти захираи таассуроти мусиқии дурахшон, зебоипарастӣ, ки хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба бозӣ, идҳо фароғат мегиранд.

Маълум аст, ки хонандагон дар ҳаёти ҳаррӯза аз намудҳои фаъолияти иҷроӣ ва эҷодӣ, ки хеле наздиктаранд, дар зери таассуроти рӯйдодҳои дурахшон ба вуҷуд омада, бо эҳсоси мусбат ранг карда мешаванд, истифода мебарад.

Таассуроти нави бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ олами маънавии хонандагонро ғанӣ мегардонад ва муддати тулонӣ дар хотир нигоҳ дошта мешавад. Инчунин ба ташаккули шавқу рағбат, ниёзҳо, афзалиятҳои мусиқӣ мусоидат мекунад. Ид ба хонандагон таассуроти равшан мегузорад. Таъсири мураккаби ид ва фароғат - дар маҷмуи таъсири ҳамзамон мусиқии садонок, муҳити зебоипарастии объектӣ-фазоӣ, либосҳои рангоранг, боигарӣ ва гуногунии интонатсияи калимаи ифода, ҳаракат, имову ишора ва чизҳои дигар. Бо назардошти қудрати таъсирбахши фароғат, муҳим аст, ки мундариҷаи онҳоро ба нақша гирифта, ба фаъолияти фаъоли бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ хонандагон, дар шароити гуногунҷабҳа сурат бигиранд.

Аз худ кардани усулҳои амали мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ имконият пайдо мекунад, ки худро дар дигар шароит ифода намояд. Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ саҳнаҳо аз ҷумлаи рақсу сурудхонӣ, мусобиқа байни гурӯҳҳо, нақшбозӣ, навохтани асбобҳои мусиқӣ, шинохти садои асбобҳои мусиқӣ, тибқи бозӣ иҷрои садои парандаю дарранда ва ҳайвоноти хонагӣ ба мақсади таҳқиқот ноил мегардонад.

Маънои чунин фаъолият дар табиати импровизатсияи рафти он аст, ки омодагии пешакии камро талаб мекунад. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки вариантҳои гуногуни бозиҳои мусиқӣ-дидактикии эҷодӣ: театрӣ, режиссёрӣ, импровизатсионӣ, тақлидӣ, рамзӣ ва рақобатии самти бадеӣ дохил карда шаванд. Шарти муҳимми омода кардани чорабинии идона бевосита аз ҷониби хонандагон роҳнамоӣ кардани он мебошад: дар бораи ороиши саҳна, омода кардани атрибутҳо, ороишҳо, фикр кардани роҳҳои ташкили иштирокчиёни ҷашн, тақсим кардани нақшҳо ва ғайра. Дар шаклҳои муташаккил дар иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, фаъолона ва мустақилона амал кардан одат карда, хонандагон дар амалияи мустақилона бештар ва осонтар амал мекунанд.

Ташкили муҳити субъектӣ-фазоӣ.

Муҳити объектӣ-фазоӣ воситаи ҳавасмандгардонии фаъолияти бозии мусиқӣ-дидактикӣ дар ниҳоди хонандагон мебошад. Интихоби асбобҳои мусиқӣ, бозичаҳо, дастурҳо ва дастгоҳҳо барои ҳар як гурӯҳ бо назардошти хусусиятҳои синну соли хонандагон, ҷойгиркунии мувофиқи онҳо, басомади ҷорӣ кардани онҳо муҳити зарурии объективии инкишофро фароҳам меорад, ки хонандагонро ба амалҳои мустақилонаи бозӣ ташвиқ намуда, шавқу рағбатро ба фаъолияти мустақилона ҷалб мекунад. Мазмуни муҳити фаннӣ-фазоӣ дар таълими мусиқӣ, хусусиятҳои ба худ хос дорад. Онҳо ба хусусияти худи фаъолияти мусиқӣ, хусусияти «садозании он» ва гуногунии роҳҳои имконпазири фаъолият: сурудхонӣ, шунавонидани мусиқӣ, ҳаракат, навохтани асбобҳо, театркунонӣ, драматизатсия вобастаанд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки хонандагон бо таҷҳизоте, ки мундариҷаи он гуногунанд бештар ҷалб карда шаванд.

Тамоми дастуру таҷҳизотро ба ду намуд ҷудо кардан мумкин аст:

1) иштироки омӯзгорро тақозо мекунанд: асбобҳои аудиовизуалӣ, экран, ҷадвал, макет ва ғайра;

2) дастурҳое, ки дар онҳо хонандагон мустақилона роҳнамоӣ карда мешаванд (асбобҳои мусиқӣ, унсурҳои либос, бозичаҳои бадеӣ, атрибутҳо, бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва ғайра).

Умуман, тарҳрезии муҳити субъектӣ-фазоӣ бояд имкони табдилдиҳӣ, тағйирпазирии истифода ва табдили фаъоли онро аз ҷониби худи хонандагон таъмин намояд. Фазо ва ё дохилие, ки барои фаъолияти фаъоли бозиҳои мусиқӣ-дидактикии хонандагон дар ташаккули салоҳияти онҳо сохта шудааст, бояд намуди ҷолиб, ҳалли бадеию образнок дошта

бошад, сюжет ва бозӣ характери фароғатӣ дошта бошад ва барои ҳар як намуди фаъолияти мусиқӣ созгор бошад.

Роҳбарии ғайримустақими омӯзгор.

Фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикии фаъол бо ташаббуси хонандагон ба вуҷуд меояд, аммо он аз ҷиҳати педагогӣ шартӣ буда, роҳнамоии ғайримустақимро аз омӯзгор талаб мекунад. Омӯзгор дар гурӯҳ вазъияти ҷустуҷӯйиро ба вуҷуд меорад, ки хонандагонро ба фаъолияти фаъоли бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ водор месозад (сохтори муҳити фаннӣ-фазоиро тағйир медиҳад, хонандагонро мавриди иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳавасманд мекунад ва ғайра, таҷрибаи хонандагонро бо таассуроти нави бадеӣ бой мегардонад, ҷараёни фаъолияти мустақилонаи бозиро ба танзим медарорад. фаъолияти хонандагонро бо маълумоти ғайричашмдошт, бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, нишон додани усули амал ва ғайра).

Хусусияти репертуари мусиқӣ.

Маводи мусиқӣ (сурудҳо, рақсҳо, асарҳои мусиқӣ барои гӯш кардан), ки хонандагон дар дарси мусиқӣ меомӯзанд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- бадеии баланд, қонеъ гардондани талаботи хонандагон ба дониши фарҳангии арзишнок;

- мувофиқ кардани инкишофи эмотсионалии хонандагон ба имкониятҳои сину солӣ ;

- шавқу рағбати хонандагони синфҳои ибтидоиро бо ифоданокӣ, бадеии худ мафтун ва бедор кардан;

- бозиҳои мусиқии-дидактикиеро дар бар гиранд, ки такрори мустақилонаи онҳо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ душвор набошад;

- - мусиқиеро дар бар гиранд, ки имкони ба вуҷуд овардани бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, драматизатсияи онҳо дар ҳаракатҳо, намоишҳои театрӣ, нақшбозӣ ва ғайраро доранд.

Ба ақидаи Б.Хайруллоев Ҳангоми ташкили раванди педагогӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асарҳои суруд ва мусиқӣ дар хонандагон натанҳо шаклҳои мушаххас, инчунин усули умумии зуҳуроти бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар намудҳои бадеӣ ва зебоипарастии фаъолият - тасвирӣ, бадеӣ ва нутқ, театрӣ- нақшбози ташаккул додан муҳим аст. Чунин синтези намудҳои фаъолияти бадеӣ на танҳо нишондиҳандаи самараи кори тарбиявии коллективи педагогӣ, балкӣ дараҷаи баланди инкишофи умумии хонандагон ҳам шуда метавонад. Муҳити иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар коллективи хонандагон барои ташаккули маҳорати ташкилотчигии хонандагон имконият фароҳам оварда, барои зуҳури ташаббуси дар ташаккули салоҳияти хонандагон, мустақилияти эҷодӣ, инкишофи қобилияти таҳқиқотӣ шароит фароҳам оварда, фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва истеҳсолиро фаъол мегардонад [13, с. 23].

Хулоса. Дар асоси таҳлили адабиёти педагогӣ таҳқиқотҳо таҷрибаҳо ва баланд бардоштани фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо иштироки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусикӣ шартҳои зерини педагогиро муайян намудем:

- омӯзгор барои ба ҷустуҷӯи вариантҳои ҳалли вазифаи муайян водор намудани хонандагон вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд меоварад;

- захираи таассуроти мусиқии аз ҷиҳати зебоипарастии рангоранг, ки хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ тибқи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, идҳо ва фароғатҳо гирифтаанд;

- ташкили муҳити субъектӣ-фазоӣ;

- роҳбарии бавоситаи тарбиятгиранда мебошанд.

Адабиёт

1. *Алиев, А. Раҳнамои фанни суруд ва мусиқӣ барои синфи 1 / А. Алиев, С. Сатторов Душанбе: Маориф, 2016. - 93 с.*
2. *Боев, Ш. Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ / Ш. Боев. - Душанбе: Матбаии ДДОТ, 2025. – 192 с.*
3. *Выготский, Л.С. Игра и ее роль в психическом развитии ребенка. Проблемы психологи / Л.С. Выготский. - М:, 1966. – 117 с.*
4. *Ветлугина, Н.А. Музыкальное развитие ребенка / Н.А. Ветлугина. - М.: Образование, 1967. - 415 с.*
5. *Зимина, А.Н. Основы музыкального возрождения и развития ребенка младшего возраста / А.Н. Зимина. - Владос, 2000. - 304 с.*
6. *Комарова, И.И. Музыканты и композиторы / И.И. Комарова. - М:, 2001. - 480 с.*

7. *Клезович, Д.В. Музыкальные игры и упражнения: руководство для музыкальных лидеров / Д.В. Клезович. - Аверсев, 2005. - 152 с.*
8. *Коменский, Я.А. Избранные композиции педагога в 2 томах Педагогика / Я.А. Коменский. – Маскова, 1982 .- 1232 с.*
9. *Критский, Б. Д. Адаптация голоса учащихся к актам на уроках музыки / Б. Д. Критский. - М: 1972. -242 с.*
10. *Клезович, Д.В. Музыкальные игры и упражнения: руководство для музыкальных лидеров / Д.В. Клезович. - Аверсев, 2005.- 152 с.*
11. *Охунов Ҷ. Шукуфаҳои умедбахш / Ҷ. Охунов. - Душанбе: Маориф, 1990. - 55 с.*
12. *Хайруллоев, Б. ъМетодикаи тарбияи мусиқӣ дар мактаб / Б. Хайруллоев. - Душанбе: Нур, 2008-208 с.*
13. *Хайруллоев Б. Методикаи таълиму тарбияи суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ / / Б. Хайруллоев. – Душанбе, 2019. – 191 с.*

РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОЙ ДАР ҶАРАЁНИ БОЗИҲОИ МУСИҚӢ-ДИДАКТИКӢ ҲАНГОМИ ТАДРИСИ СУРУД ВА МУСИҚӢ

Муаллифон дар ин мақола оид ба роҳҳои такомул бахшидан ба салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳангоми дарсҳои суруд ва мусиқӣ андешаронӣ намуда, дар зимн вобаста ба ин масъала фикру мулоҳизаҳои қобили таваҷҷуҳ баён доштаанд. Аз адабиёти зарурӣ огоҳона ва мувофиқӣ мақсад суд бардоштааст. Дар ин масир нақши омӯзгорро барои ташаккул додани салоҳиятҳои самарабахш дар ҷараёни баргузор намудани бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ муфид ва муҳим арзёбӣ намудааст. Ҳамзамон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ба мустақилияти хонандагон имконият фароҳам оварданро зарур ва лозим донистааст. Дар баробари ин, баён доштааст, ки дар ҷараёни ин гуна дарсҳо хонандагон тариқи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дониши кофӣ ҳосил намуда, таҷрибаи фардии онҳо равнақу ривоҷ меёбад. Гузашта аз ин хонандагон дар ҷараёни бозӣ муносибату муошарати некро ба худ гирифта, ба шахсияти якдигар эҳтиром мегузоранд. Дар мақола гузаронидани як қатор машғулиятҳо оид ба бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо хонандагони хурдсол нишон дода шудааст, ки барои муҳити умумии эмотсионалӣ дар гурӯҳ ва хусусиятҳои муносибати байни иштирокчиён хеле хуб ёрӣ мерасонад. Натиҷаҳои ба даст омада вобаста ба охир расидани ҳар як машғулият дорои хусусияти илмӣ ва методӣ мебошанд, ки дар мақолаи мазкур ҳамаҷиҳата ифодаи худро ёфтаанд.

Калидвожаҳо: салоҳият фаъолият, ташаккул, иҷрокунандагӣ, бозиҳои дидактикӣ, хонандагон, синфҳои ибтидоӣ, суруду мусиқӣ, қобилият, малака рушд.

РАЗВИТИЕ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ В ПРОЦЕССЕ МУЗЫКО-ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В РАМКАХ ОБУЧЕНИЯ ПЕНИЮ И МУЗЫКЕ

В данной статье авторы размышляют о способах повышения компетентности учащихся начальной школы в процессе музыкально-педагогических игр во время уроков пения и музыки, а также выражает интересные мысли и соображения по этому вопросу. Цель состоит в том, чтобы осознанно и последовательно опираться на необходимую литературу. В этом направлении полезна роль учителя в развитии эффективных компетенций в процессе проведения музыкально-дидактических игр. и это важно. В то же время необходимо и желательно предоставлять учащимся возможности для самостоятельности на уроках пения и музыки. В то же время утверждается, что в ходе таких занятий учащиеся приобретают достаточные знания посредством музыкально-педагогических игр, а также развивают и совершенствуют свой индивидуальный опыт. Более того, в процессе игры учащиеся вырабатывают В статье показано, как проводить серию музыкально-дидактических игр с юными учениками, что в значительной степени способствует формированию общего эмоционального климата в группе и характеристик взаимоотношений между участниками. хорошие взаимоотношения и навыки общения, а также начинают уважать личности друг друга. Результаты, полученные в конце каждого урока, носят научно-методологический характер, что в полной мере отражено в данной статье.

Ключевые слова: компетенция, деятельность, формирование, исполнение, дидактические игры, учащиеся, начальные классы, песни и музыка, способности, развитие навыков.

DEVELOPMENT OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS' COMPETENCIES THROUGH MUSICAL AND DIDACTIC GAMES AS PART OF TEACHING SINGING AND MUSIC

In this article, the authors reflects on ways to enhance the competence of elementary school students through musical and pedagogical games during singing and music lessons, and expresses interesting thoughts and considerations on this issue. The goal is to consciously and consistently rely necessary literature. In this regard, the teacher's role in developing effective competencies through musical and educational games is useful. This is important. At the same time, it is necessary and desirable to provide students with

opportunities for independence in singing and music lessons. At the same time, it is argued that during In such activities, students acquire sufficient knowledge through musical and educational games, as well as develop and improve their individual experience. Moreover, during the game, students develop. The article shows how to conduct a series of musical and educational games with young students, which significantly It promotes the formation of a shared emotional climate in the group and the characteristics of relationships between participants. They develop good relationships and communication skills, and also begin to respect each other's personalities. The results obtained at the end of each lesson are of a scientific and methodological nature, which is fully reflected in this Article.

Keywords: competence, activity, development, performance, educational games, students, elementary grades, songs and music, abilities, skill development.

Дар бораи муалифон

Боев Шаҳобиддин Раҷабалиевич
Номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: boevsh@mail.ru

Маҷидов Умедҷон Маҳмадалиевич
Омӯзгори калони кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Боев Шахобиддин Раджабалиевич
Кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой теории и методики музыкально-художественного воспитания
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: boevsh@mail.ru

Маджидов Умедджон Махмадалиевич
Старший преподаватель кафедры теории и методики музыкально-художественного воспитания
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Boev Shahobiddin Rajabalievich
Candidate of Pedagogical Sciences, Head of the Department of Theory and Methodology of Musical and Artistic Education
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121
E-mail: boevsh@mail.ru

Majidov Umedjon Mahmadalievich
Senior Lecturer at the Department of Theory and Methodology of Musical and Artistic Education
Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121

ТДУ 372:890(575.3)

УСУЛҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСИ ТАЪРИХ

Раҳимов Ш. С.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муқаддима. Дар замони муосир усулҳои анъанавӣ натиҷаи мусбат додан наметавонанд. Аз ин рӯ, дар дарсҳои ҳаррӯза истифода бурдани усулҳои замонавӣ зарур ва муҳим аст, зеро усулҳои фаъоли таълим чунин тарзи таълим мебошад, ки донишҷӯён мустақилона фаъолият менамоянд ва омӯзгор ҳамчун раҳнамо ба онҳо ёрӣ мерасонад.

Баррасии адабиёти илмӣ. Роҷеъ ба усулҳои беҳтарини азхудкунии мавзуъҳои дарс тадқиқотҳои зиёде аз тарафи олимони соҳаи педагогикаи кишвар ва ҳам берун аз он анҷом дода шудаанд. Ин тадқиқотҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки агар омӯзгор дар нақшаи дарс фаъолиятҳоеро ҷой диҳад, ки дар он донишҷӯён ба иҷрои кор худашон машғул шаванд, он вақт онҳо маводи таълимиро зудтару пурратар аз худ мекунанд. Ин ба он маъно аст, ки донишҷӯён ба иҷрои кор мустақилона машғул шуда, маводи таълимиро зуддтару пурратар аз худ мекунанд. Ин масъала дар таҳқиқотҳои олимони соҳаи педагогикаи муосир ба монанди: М. Лутфуллоев, Ф. Шарифзода, И. Каримова, М. Каримзода, Б. Муҳиддинов, С. Туронов, С. Хоҷазод, А. Мирализода, Л. Назирӣ, Р. Мусулмониён, Ш.О. Саидиброимов, Ҷ. Булбулов ва дигарон инъикос ёфтааст, ки дар навиштани мақола аз осори педагогии онҳо истифода бурда шуд.

Методологияи таҳқиқот. Мо дар таҳқиқ намудани мавзуи интихобшуда ба роҳҳои омӯзиши адабиёти мувофиқи илмӣ - методӣ, таърихӣ, таҷриба ва мушоҳидаи дарсҳои омӯзгорон такя намудем.

Натиҷаи таҳқиқот. Дарси муосир бояд тавре гузарад, ки шогирдон аз он эҳсоси шавқу худбоварӣ ба даст оранд. Олимон исбот кардаанд, ки донишҷӯён баъзан ба кори мустақилона ва баъзан ба кумаки дигарон эҳтиёҷ доранд. Ин кумакро одатан, омӯзгор мерасонад, вале дар баъзе мавридҳо метавонад аз тарафи донишҷӯён низ расонида шавад. Аз ин рӯ, омӯзгори хуб дарсро тавре ташкил мекунад, ки дар он баъзан бо аҳли синф ва дар мавридҳои дигар бо гурӯҳ ё дукаса кор мебарад ва ҳамкории зичро бо шогирдон ба роҳ мемонад. Ин хеле муҳим аст ва Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳо, Паёмҳо ва осори илмии худ ба ин масъала диққати асосӣ медиҳанд, масалан: «Дар шароити муосир баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар заминаҳои таҳсилот вазифаи аввалиндараҷаи кормандони соҳаи маориф мебошад. Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем» [8, с. 248]. Суханони Пешвои миллат моро водор месозанд, ки дар таълим натиҷа ва сифат муҳим аст на шумора. Вақте ки ба эҷодкории донишҷӯён диққат равона карда шавад, натиҷаи таълим низ хуб мешавад.

Ҳамкории омӯзгору хонанда боиси ташаккули ҳаматарафаи салоҳиятҳои эҷодии хонандагон мегардад. Дар ин бора муҳаққиқ Саидиброимов Ш.О. овардааст: “Муҳаққиқон, педагогони замони муосири ватаниву бурунмарзӣ исбот намудаанд, ки мавҷуд набудани ҳамкорӣ байни омӯзгору хонанда, хонанда бо хонанда садди роҳи фаъолияти эҷодкорӣ ва рушди тафаккуру салоҳиятҳои хонандагон мегардад” [10, с. 90].

Дар асоси таҳқиқотҳои олимони соҳаи педагогика донишҷӯён ва дар маҷмуъ, тамоми одамон оламро тавассути роҳҳои гуногун, ба мисли хондан, гӯш кардан ва мушоҳидаи муҳити гирду атроф дарк мекунанд. Пас муҳим аст, ки дарсҳои омӯзгорони муассисаҳои олӣ, дар мисоли дарси таърих ба муҳити зист алоқаманд шаванд. Масалан, агар дар рафти омӯзиши мавзуи “Тоҷикистон дар солҳои аввали Истиқлолият” дар дарси таърихи муосири Тоҷикистон донишҷӯён ба саёҳат баромада, пешравии кишварро аз наздик бо чашми худ дида, таҳлилҳо аҷом диҳанд, дар тақвияти дониш ва эҷодкории онҳо нақши асосӣ гузошта метавонад. Барои ҳамин яке аз роҳҳои фаъоли ташаккули эҷодкории хонандагон, дарс – саёҳат аст, ки омӯзиш бо муҳит алоқаманд мешавад. Ин усул ба он оварда мерасонад, ки

маҳорати фикрроний ва эҷодкории донишҷӯён босуръат инкишоф меёбад. Дарс шавқовар гардида, баҳсу мунозира ва мустақиломӯзӣ дар он зиёд мегардад. Ин масъаларо академик М. Лутфуллоев дар асарҳои худ, аз ҷумла "Дарс" ва "Педагогикаи шавқат" ба таври дақиқ ва ҳаматарафа мавриди таҳқиқ қарор додааст. Масалан, муҳаққиқ қайд мекунад: "Дар раванди таълим натиҷаи дилхоҳ ҳамон вақт ба даст меояд, агар таълимгирандагон бо ҳамдигар дар гурӯҳҳо ҳамкориро ба роҳ монда тавонанд [3, с. 89]. Ин иқтибос аз он шаҳодат медиҳад, ки омӯзгорро муҳим аст, барои донишҷӯён дар иҷрои вазифаҳо шароити мусоид фароҳам оварда, то ки онҳо ҷавобҳоро ба саволҳо ёбанд ва дар давоми ин раванд агар зарур бошад, омӯзгор ба онҳо кумак расонида, раҳнамоӣ кунад. Масалан, дар таҳлили муқоисавии масъалаи таърихии "Марҳилаи нави рушди Тоҷикистон" омӯзгор метавонад шогирдонро ба баҳсу мунозира ҷалб кунад, саволҳоеро матраҳ намояд, ки таҳлили муқоисавии даврaҳои гуногуни рушди кишварро дар бар гиранд. Донишҷӯён мустақилона ба саволҳо ҷавоб меёбанд, дар гурӯҳ баҳсу мунозира мекунанд, воқеаҳоро таҳлил намуда, хулосабарорӣ мекунанд ва ин дар ташаккули фикрронӣ ва эҷодкории онҳо саҳми назаррас мегузорад, ба қавли олим Ҷ. Булбулов: "Эҷодкорӣ омили асосии ба даст овардани натиҷа аст" [1, с. 240].

Омӯзгор бояд ба донишҷӯён вазифаҳое супорад, ки онҳоро мустақилона ва бе кумаки дигарон ҳал карда душвор бошад. Дар ин маврид, бо ёрии омӯзгор ва кор дар гурӯҳҳо донишҷӯён ҷавобҳоро меёбанд, фикрҳои худро исбот мекунанд ва супоришро ба иҷро мерасонанд. Дар вақти супоридани ин гуна фаъолият қобилияти ҳар як хонандаро ба назар гирифтан зарур аст. Ин чунин маъно дорад: «... супоришҳо бояд ҳархела бошанд» [2, с. 15], чунки саволҳо шояд барои як гурӯҳ душвор бошанд, барои гурӯҳи дигар чунин супоритшҳо осон бошанд, ин равандро омӯзгор назорат мебарад.

Усули дигаре, ки бо истифодаи он салоҳияти эҷодкории шогирдон тақвият меёбад, истифодаи асбобҳои аёнӣ мебошад, ки ашёҳои ҳақиқӣ ба донишҷӯён барои дарк намудани мавзуъ кумак мерасонанд. Мавзуъҳои таълимӣ бояд ба таҷриба ва донишҳои ҳаётии донишҷӯён алоқаманд карда шаванд. Масалан, истифодаи видеороликҳо, презентатсияҳо, расмҳои гуногуни таърихии даврони Истиқлолият дар дарсҳои ҳаррӯза ба фоидаи кор аст. Ин ҳамкории байни ҷомеа ва омӯзишро мустаҳкам мекунад, ба андешаи муҳаққиқ: "Андӯхтани дониш ва дар амал татбиқ кардани он боиси сарфарозиву сарбаландии донишпазир мегардад. Чун илм амалӣ гардад, соҳибаш баландмақому баландмартаба мегардад" [11, с. 75].

Таҳқиқотҳои педагогӣ собит намудаанд, ки дониш бо мурури замон ғун мешавад, салоҳиятҳо бошанд дар баробари он ташаккул меёбанд ва муттавозеъ ба онҳо раванди инкишофи тафаккур, эҷодкорӣ ва қобилият амалӣ мегардад. Аммо, агар усули истифодашудаи дарс фаъол бошад ва ҳамкории омӯзгору шогирдон дуруст ба роҳ монда шуда бошад, дар акси ҳол ин номумкин аст, тавре олимон исбот намудаанд: "Дарс бе ҳамкорӣ дарс нест" [11, с. 176].

Дар даврони рушди босуръати илму техника, ки тамоюл ба синтез ва ҳамгироии соҳаҳои гуногун дониш вуҷуд дорад, муҳим ва зарур аст, ки донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ натанҳо маҳорати аналитикӣ, балки маҳорати томи синтезӣ низ дошта бошанд. Таълиму тадриси фанни таърих дар муассисаҳои олӣ ба андозаи хеле калон ин вазифаро иҷро карда метавонад, тавре олими рус Новиков Д.А. менигорад: "Агар шогирдон таҳлил ва муқоисаро надонанд, аз омӯзиши фан фоидае ба даст наовардаанд" [7, с. 278]. Дар ҳақиқат, раванди омӯзиши курси таърих ба инкишофи тафаккури донишҷӯён, рушди салоҳияти эҷодкорӣ мусоидат мекунад ва ин раванд низ аз истифодаи усулҳои фаъоли таълим ба монанди: тафаккури интиқодӣ, баҳсу мунозира, таҳлил ва муқоисакунӣ, инсерт, саёҳат, дарахти андешаҳо, корҳои гурӯҳӣ, гузаронидани таҳқиқотҳои хурди илмӣ ва дигар усулҳо вобаста аст. Масалан, агар омӯзгор дар раванди дарси таърих дар омӯзиши мавзуи "Тоҷикистон дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ" аз дарахти андешаҳо ё усули кластер истифода кунад, маҳорати эҷодкории донишҷӯён ташаккул меёбад.

Тибқи андешаҳо ва таҳлилҳои олимони соҳаи педагогикаи рус Рубсов, В.В. ва Николаева, Е.И. донишҷӯён одатан бо усулҳои фаъол таҳлилу муқоиса, худомӯзиву мустақиломӯзиро меомӯзанд ва ин дар рушди эҷодкории онҳо бисёр муҳим аст. Олимони болозикр низ бар он назаранд, ки омӯзиши донишҷӯён бештар тавассути таъсири муҳитаи иҷтимоӣ ва маданӣ сурат мугирад ва онҳо 3 навъи фаъолияти донишҷӯёнро баррасӣ мекунанд:

1. Мустақилона иҷро кардани фаъолиятҳо аз тарафи донишҷӯён;
2. Иҷро кардани фаъолиятҳо аз тарафи донишҷӯён бо кумаки омӯзгор;
3. Аз уҳдаи иҷро кардани супориш набаромадани донишҷӯён.

Барои ҳамин муҳим аст, ки ба ҳайси омӯзгор, мо бояд бештар вазифаҳои дар гурӯҳи дуюм бударо ба инобат гирем. Мақсади кори мо аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён имконият диҳем, то мустақилона ҷавобҳоро ёбанд ва агар лозим бошад, кумак расонем. Агар шогирдони мо аз уҳдаи иҷрои супориш баромада натавонанд, пас мо натиҷаро ба даст овардан натавонистаем.

Ҳаллу фасл намудани мавзуи нав дар доираи дониши пештара сурат мегирад, зеро ҳар як омӯзанда мафҳумҳои навро бо роҳи истифода аз дониши пешомӯхташуда дарк мекунад. Раванди дарки мафҳумҳои нав фардӣ буда, фикри ҳар як донишҷӯро ба инобат гирифтан зарур аст. Дар чунин шакли дарс вазифаи омӯзгор аз расондани кӯмак, фаъолгардонӣ ва ташаккули донишу малакаи донишҷӯён иборат мебошад, ба қавли академик Шарифзода Ф. “Омӯзгор на танҳо омӯзгор, балки мураббӣ ва ғамхори шогирдон аст” [12, с. 19].

Дар ин русто муҳим аст, ки омӯзгор роҳнамо ва ёрдамчии донишҷӯён бошад. Ба фикрҳои онҳо эҳтиром гузорад, дар иҷрои фаъолиятҳо ҳамкор ва ёрдамчии шогирдон бошад. Барои мисол, агар дар дарси таърих мавзуи “Рушди иқтисодӣ – иҷтимоии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият” омӯхта шавад, омӯзгор метавонад аз ангезиши зеҳн истифода барад, ба хонандагон саволҳо матраҳ кунад, масалан:

1. Шумо оид ба ин мавзуъ чиро медонед?
2. Пешравиҳои кишварро дар даврони соҳибистиқлолӣ баён намоед.
3. Шумо ҳамчун ҷавонони ояндасоз дар пешравии минбаъдаи кишвар чӣ саҳмгузорӣ менамоед?

Ин саволҳо диққати донишҷӯёнро ба худ ҷалб мекунанд, онҳо барои ёфтани ҷавоб ба саволҳо ҳамкорӣ мекунанд, аз маводи иловагӣ ва аёният истифода мебаранд, баромадҳои худро тайёр карда, баррасӣ менамоянд. Чунин фаъолиятҳо дар тарбияи эҷодкории шогирдон саҳми назаррас мегузоранд.

Усули дигар, ки дар ташаккул додани салоҳияти эҷодкории донишҷӯён мақоми асосӣ дорад, ба ҳаёти воқеӣ алоқаманд намудани мавзуъҳои гузашта ва нав мебошад. Истифодаи ин усул аз аҳаммият холӣ нест. Пеш аз ҳама, ҳар қадар алоқаи байни мавзуи нав ва пешомӯхташуда мустаҳкам бошад, азхудкунии маводи нав осонтар мегардад ва дарс ҳар қадар фаъол бошад, маводи таълимӣ ҳамон қадар дар хотир мустаҳкам нигоҳ дошта мешавад. Дар ҷараёни таълим муҳим нест, ки донишҷӯ миқдори зиёди ахборотро баён кунад, балки то кадом андоза мумкин бошад, сохтори системаи донишҳои ба ҳам алоқамандро ба танзим дароварда тавонад.

Аз таҳқиқотҳо муайян намудем, ки ба ҳаёти воқеӣ алоқаманд намудани дарс натиҷаи дилхоҳ медиҳад. Ин усул метавонад аз қадамҳои зерин иборат бошад:

- донистани он, ки донишҷӯ то чи андоза дар бораи мафҳумҳои нав маълумот дорад;
- донишҷӯён маълумоти пешакӣ доштаи худро баррасӣ мекунанд;
- мавзуи пешомӯхташуда бо мавзуи нав алоқаманд ва муқоиса карда мешавад;
- барои осонтар кардани омӯзиши мавзуъ мисолҳои сода баён карда мешаванд;
- баъд аз ёфтани ҷавоб саволҳо зина ба зина мушкилтар карда мешаванд.

Усули ҷамъбастӣ ҳама вақт баҳогузорӣ мебошад. Баҳо набояд боиси шикастани шавқи донишҷӯёни фаъол ё камфаъол гардад. Донишҷӯёнро ҳавасманд кардан хуб аст, то ки дар дарсҳои оянда фаъолтар гарданд. Агар баҳогузорӣ реалӣ набошад, донишҷӯён шавқро оид ба омӯзиш аз даст медиҳанд ва паст гардидани шавқу завқ ба таълим боиси халалдор гардидани рушди салоҳиятҳои донишҷӯён мегардад.

Хулоса, дар ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории шогирдон ҳамкории зич байни устод ва шогирд ва шогирд бо устод ва истифода бурдани усулҳои фаъоли таълим нақши асосӣ дорад.

Адабиёт

1. *Булбулов, Ҷ. Такмили ихтисос, воқеият, махсусият ва андешаҳо [Матн] / Ҷ. Булбулов. – Душанбе, 2013. - 370 с.*
2. *Каримзода, М.Б. Таҳсилот ба хотири рушди устувор ва ташаккули салоҳиятҳои калидии асри XXI [Матн] / М.Б. Каримзода // Маорифи Тоҷикистон.-2018.-№8.-С.14-16.*

3. *Лутфуллоев, М. Дарс [Матн] / М. Лутфуллоев. - Душанбе: Маориф. - 1995. - 191 с.*
4. *Лутфуллоев, М. Педагогикаи шавқат [Матн] / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 1994. - 165 с.*
5. *Нақши ҳамкориҳои педагогӣ дар камолоти ахлоқию маънавии кӯдакону наврасон. Маҷмуаи илмӣ [Матн] / Мураттиб: И. Давлатшоев. – Душанбе. - 2012. – 237 с.*
6. *Николаева, Е.И. История педагогики и образования. Учебник для вузов [Текст] / Е.И. Николаева, В. Кулганов, П. Юнацкевич. - ЛитРес, 2016. - 346 с.*
7. *Новиков, Д.А. Методология управления [Текст] / Д.А. Новиков. – М.: Либроком, 2011.–128 с.*
8. *Раҳмон, Э. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ - нашриёт, 2018. – 436 с.*
9. *Рубцов, В.В. Организация и развитие совместных действий у детей в процессе обучения [Текст] / В.В. Рубцов. - М., 1987. – 214 с.*
10. *Саидиброимов, Ш.О. Таҳвияти педагогӣ дар такмил бахшидани сифати таълим бо роҳи табодули таҷриба (дар ҳаммуалифӣ бо Чоршанбиева Л.П). [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, 2022. - №3(44). – С.86-93.*
11. *Саидиброимов, Ш.О. Татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал аз диди мутафаккирони асрҳои X-XI [Матн] / Ш.О. Саидиброимов // Паёми донишгоҳи Хоруғ, 2022. - №2.– С.74-82.*
12. *Шарифзода, Ф. Ҷаҳонишавии ҳаёти муосир, геополитика ва маориф [Матн] / Ш. Файзулло // Масъалаҳои маориф, 2009. - №3. - С.17-24.*

УСУЛҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСИ ТАЪРИХ

Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои ҳаррӯза, ки ба рушди салоҳиятҳои донишҷӯён, аз ҷумла эҷодкорӣ равона карда шудаанд, имконият медиҳад, ки омӯзгор ва донишҷӯён бо тайёрии пухтаи пешакӣ ва навоварӣ ба дарс ҳозир шаванд. Дар рафти амалисозии усулҳои фаъол алоқамандии назария бо ҳаёт пурра равшан гардида, салоҳиятнокии донишҷӯён вобаста ба маҳоратҳои шахсии онҳо рушд меёбад ва дар ташаккули эҷодкории шогирдон низ нақши асосӣ мегузорад. Омӯзгор ба рушди эҷодкории онҳо диққати асосӣ равона мекунад, на ба гирифтани дониш. Рушди салоҳиятҳои донишҷӯ боиси рушди ҳаматарафаи эҷодкории ӯ мегардад. Аз ин лиҳоз, дар замони муосир гузариш аз усули донишандузӣ ба методи салоҳиятнокӣ вазифаи асосии омӯзгор мебошад. Бо ин мақсад дар мақола андешаҳо оид ба ташаккули салоҳиятҳои эҷодии донишҷӯён дар дарси таърих оварда шуда, асоснок карда шуданд.

Калидвожа: омӯзгор, донишҷӯ, салоҳият, эҷодкорӣ, ташаккул ҳамкорӣ, тафаккур, ҳамгиро, дарс, таърих, усулҳои фаъол.

СПОСОБЫ ФОРМИРОВАНИЯ ТВОРЧЕСКИХ КОМПЕТЕНЦИЙ СТУДЕНТОВ НА УРОКАХ ИСТОРИИ

Использование активных методов обучения на повседневных занятиях, направленных на развитие компетенций учащихся, в том числе творческих способностей, позволяет преподавателю и студентам приходить на урок с хорошей предварительной подготовкой и новаторским подходом. В процессе реализации активных методов обучения тесная связь теории с жизнью становится более очевидной, развиваются компетенции учащихся, связанные с их личными навыками, а также они играют важную роль в формировании творческих способностей студентов. Преподаватель основное внимание уделяет развитию их творческого потенциала, а не только получению знаний. Развитие компетенций студента способствует всестороннему развитию его творческих способностей. В связи с этим в современных условиях переход от метода накопления знаний к компетентностному подходу является одной из основных задач преподавателя. С этой целью в статье приведены и обоснованы размышления о формировании творческих компетенций студентов на уроках истории.

Ключевые слова: преподаватель, студент, компетенция, творчество, формирование, сотрудничество, мышление, интеграция, урок, история, активные методы обучения.

METHODS OF FORMING STUDENTS' CREATIVE COMPETENCIES IN HISTORY LESSONS

The use of active teaching methods in everyday lessons, aimed at developing students' competencies, including creativity, enables teachers and students to come to class with thorough prior preparation and innovative approaches. In the process of implementing active teaching methods, the connection between theory and real life becomes more evident, students' competencies related to their personal skills are developed, and these methods also play an important role in shaping students' creativity. The teacher focuses primarily on developing students' creative abilities rather than merely imparting knowledge. The development of students' competencies contributes to the comprehensive growth of their creative potential. Therefore, in modern conditions, the transition from the traditional knowledge-based approach to the

competency-based approach is one of the main tasks of the teacher. For this purpose, the article presents and substantiates ideas regarding the formation of students' creative competencies in history lessons.

Keywords: teacher, student, competency, creativity, formation, cooperation, thinking, integration, lesson, history, active teaching methods.

Дар бораи муаллиф
Раҳимов Шуҳрат Саймаҳмудович
Ассистенти кафедраи таърих ва фалсафа
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055 Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 48/5
E-mail: rahimov84-84@mail.ru

Об авторе
Рахимов Шухрат Саймахмудович
Ассистент кафедры истории и философии
Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана
734055 Таджикистан, г. Душанбе, улица Борбад 48/5
E-mail: rahimov84-84@mail.ru

About the author
Rahimov Shuhrat Saymakhmudovich
Assistent Department of History and Philosophy
International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
734055, Tajikistan, Dushanbe, 48/5 Borbad Street
E-mail: rahimov84-84@mail.ru

ТДУ 378+37.01+378.3

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Давлатов З. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар шароити низоми кредитӣ яке аз масъалаҳои асосе, ки дар маркази таваҷҷуҳи педагогҳо қарор дорад, ташаккули қобилиятҳои тафаккури донишҷӯён мебошад. Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён воситаи муҳимест, ки ба ташаккул ва малакаҳои зеҳнӣ, таҳлилӣ ва эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Ба андешаи П.И. Пидкасистий ва А.Ф. Меняев [8, с. 312], маҳз истифодаи усулҳои фаъолгардонӣ яке аз самтҳои калидӣ дар баланд бардоштани сифати омодагии бакалаврҳо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин дар шароити муосири таҳсилот, ки ба самти донишандӯзии мустақил ва рушди шахсият равона шудааст, масъалаи ташаккул ва инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯён аҳаммияти вижа пайдо мекунад. Фаъолияти маърифатӣ на танҳо ҷараёни дарк ва ҳосилкунии дониш аст, балки он ҷараёни мураккаби зеҳнӣ ва эҷоде мебошад, ки шахсро ба худшиносӣ, худтакмилдиҳӣ ва худфаъолиятӣ раҳнамун месозад. Дарёфти роҳу воситаҳои шаклгирии фаъолии маърифатҷӯёнаи таълимгирандагн зимни ҷараёни таълим дар радифи масъалаҳои муҳимми педагогика ҷой дорад. Ба дуруст ҳал шудани он болоравии савияи таҳсил, ангезиши таълимгирандагон барои ноил шудан ба натиҷаҳои таълимӣ ва эҷодӣ вобаста аст. Оид ба рушди фаъолияти эҷодии маърифатии насли наврас Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26-уми январи соли 2021 ироа гардид, қайд намудаанд: «Ҳадафи мо боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳои ояндасоз мебошад».

Мафҳум ва моҳияти фаъолияти маърифатӣ

Фаъолияти маърифатӣ ҳамчун маҷмуи амалҳои фикрӣ ва амалии донишҷӯён дар ҷараёни омӯзишу пажӯҳиш муайян карда мешавад. Он зинаҳои зеринро дар бар мегирад: қабул, таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ ва татбиқи дониш. Аз нуқтаи назари равоншиносон (Л.С. Выготский, А.Н. Леонтьев, Ж. Пиаже), фаъолияти маърифатӣ механизми асосии рушди зеҳнӣ ва иҷтимоии шахсият мебошад. Вобаста ба ин муҳаққиқон як қатор намудҳои қобилиятҳои фикриро ҷудо кардаанд: иҷрои амалҳо аз рӯи намуна, амалҳои реконструктивӣ, вариантивӣ, эҷоди масъалаҳои нав, амалҳои эвристикӣ ва амалҳои интуитивӣ [9, с. 456; 2, с. 416]. Ҳар яке аз ин намудҳо на танҳо қобилияти фикриро рушд медиҳанд, балки имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои назариявӣ ва амалиро медиҳад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи усулҳои ҷустуҷӯй-мушкилотӣ дар машғулиятҳои амалӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки фаъолиятҳои маърифатии худро самаранок рушд диҳанд. Ин раванд ба ташаккули тафаккури мантикӣ, малакаҳои таҳлилӣ ва қобилияти кор бо иттилооти гуногун мусоидат мекунанд [1, с. 192; 3, с. 240].

Ба андешаи Г.С. Свиридов [12, с. 244], фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён воситаи асосии фаъолгардонии қобилиятҳои тафаккурӣ мебошад. Тавассути ташкили дуруст ва интихоби машқҳои мувофиқ, донишҷӯён имконот пайдо мекунанд, ки фаъолияти зеҳнии худро дар сатҳҳои гуногун рушд даҳанд. Ин раванд боиси ташаккули тафаккури танқидӣ ва эҷодӣ мегарда. Ҳамчунин, таҳқиқоти муосир нишон медиҳад, ки усулҳои инноватсионӣ ва иттилоотӣ ба рушд ва фаъолшавии фаъолияти маърифатии донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад [11, с. 368].

Аз таҳлили масъала бармеояд, ки истифодаи методҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён яке аз самтҳои муҳимми баланд бардоштани сифати тайёрии бакалаврҳо мебошад. Ин усулҳо имконият медиҳанд, ки донишҷӯён на танҳо донишҳои назариявиро аз худ намоянд, балки малакаҳои мустақилона фикр кардан, ҳалли масъалаҳои нав ва рушди тафаккури эҷодиро низ дар худ ташакул диҳанд [6, с. 352].

Қобилияти маърифатӣ дар ҳар як марҳилаи кор ташаккул меёбад, аммо дараҷаи олии татбиқи онҳоро марҳилаи эҷодӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми таҳияи сохтори нав, азхудкунии унсурҳои аллакай офаридашуда, чизҳои навро ба вуҷуд меорад [7, с. 57].

Шмелева С.А. бар он ақида аст, ки ҳадафи таҳияи модел барои рушди қобилиятҳои маърифатӣ рушди сифатҳои шахсӣ, салоҳият ва касбияти донишҷӯён мебошад [15, с. 16].

Чудинский Р.М. бар он ақида аст, ки раванди эҷоди модел яке аз мушкилоти муосири омӯзиши илмии педагогӣ мебошад. Ӯ мутмаин аст, ки моделҳо ва таҷрибаҳои моделӣ қариб дар ҳама фанҳои умумии техникии мавриди омӯзиш мавҷуданд ва истифодаи оқилона ва самараноки онҳо имкон медиҳад, ки омӯзиши амиқи ашё ва падидаҳои шинохташаванда анҷом дода шавад ва онҳоро ба сатҳи тадқиқотӣ равона созад [14, с. 238]. Татбиқи модели рушди қобилиятҳои маърифатии донишҷӯёни бакалавр дар низоми таҳсилоти кредитӣ дар Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки як қатор ҳадафҳои навро дар доираи таҳқиқоти мазкур ҳал кунем, аз ҷумла:

- муайян кардани дақиқи ҳадафи рушди қобилиятҳои маърифатии донишҷӯёни бакалавр, ки бояд ба даст оварда шаванд;
- ташкили мониторинги раванди арзёбии қобилиятҳои маърифатии донишҷӯёни бакалавр дар низоми таҳсилоти кредитӣ;
- баланд бардоштани қобилиятҳои маърифатии донишҷӯёни бакалавр дар низоми таҳсилоти кредитӣ.

Шакл ва роҳҳои ташкили фаъолияти маърифатӣ

Фаъолияти маърифатӣ - ин раванди фаъолонаи азхудкунии дониш, малака ва маҳоратҳо мебошад, ки тавассути тафаккур, дарк, хотира, диққат ва эҳодкорӣ амалӣ мегардад. Ҳадафи он инкишофи қобилияти фикрронӣ ва мустақилияти донишҷӯён аст. Фаъолияти маърифатӣ яке аз омилҳои асосии инкишофи тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва қобилиятҳои эҳодии шахс мебошанд. Маърифат- ин раванди дарк ва фаҳмиши воқеият твассути ҳисиёт, таҷриба ва тафаккур аст. Дар системаи таълимӣ, ташкили дуруст ва илмии фаъолияти маърифатӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён мустақилона дониш андӯзанд, масъалаҳоро таҳлил кунанд ва хулосаҳои мантиқӣ бароранд.

Шаклҳои фаъолияти маърифатӣ аз рӯи хусусияти ташкилӣ ва сатҳи мустақилияти донишҷӯён фарқ мекунанд. Онҳо метавонанд ба шаклҳои зерин тақсим шаванд.

Фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим шаклҳои гуногунро мегирад:

- **лексияҳои фаъол**, ки тавассути саволу ҷавоб ва муҳокима донишҷӯёнро фаъол месозанд;
- **семинар ва машғулиятҳои амалӣ**, ки донишҷӯёнро ба таҳлил, баҳс ва хулосабарорӣ водор мекунанд;
- **лоиҳаҳо ва корҳои мустақилона**, ки қобилияти таҳқиқотӣ ва худомӯзиро ташаккул медиҳанд;
- **технологияҳои иттилоотӣ**, ки муҳити интерактивӣ ва шароити омӯзиши фардикуниро таъмин менамояд.

Барои инкишофи фаъолияти маърифатии самаранок роҳҳои гуногун истифода мешванд:

Роҳи мушоҳида ва таҷриба: Омӯзгор донишҷӯёнро ба мушоҳидаи мустақими ҳодисаҳои табиӣ ва таҷрибаҳои илмӣ ҷалб мекунад. Ин роҳ фаҳмиши амиқи воқеиятро таъмин менамояд.

Роҳи муқоиса ва таҳлил: Донишҷӯ ҳодисаҳо ва ашёҳоро муқоиса карда, алоқа ва фарқиятҳои онҳоро муайян мекунад. Бо ин роҳ тафаккури мантиқӣ ва таҳлилӣ ташаккул меёбад.

Роҳи саволгузорӣ ва масъалагузорӣ (проблемавӣ): Омӯзгор савол ё масъала мегузорад, ки донишҷӯён бояд мустақилона роҳи ҳалли онро ёбанд. Ин усул фаъолияти маърифатиро фаъол месозад.

Роҳи таҳқиқоти илмӣ: Дар ин роҳ донишҷӯён мисли таҳқиқотчии ҷавон амал мекунад-далел ҷамъ меорад, таҳлил мекунад ва натиҷагири менамояд. Мисол: иҷрои корҳои тадқиқотӣ ё лоиҳаи илмӣ.

Роҳи бозиҳои таълимӣ ва моделсозӣ: Тавассути моделсозии вазъияти воқеӣ ва бозиҳои таълимӣ беҳтар дарк мекунанд ва дар амал татбиқ менамоянд.

Роҳи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ: Истифодаи воситаҳои рақамӣ, симулятсияҳо ва интернет дар таълим фаъолиятро интерактивӣ ва ҷолиб мегардонад.

Фаъолияти маърифатӣ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим аст. Омӯзгор бояд натанҳо дониш диҳад, балки шароити мусоид барои фаъол гардидани шуури маърифатии донишҷӯён фароҳам оварад. Шакл ва роҳҳои дурусти ташкили он калиди рушди тафаккури илмӣ ва шахсияти эҳодкор мебошанд.

Яке аз вижагиҳои ташкили таълими интерактивӣ дар раванди омӯзиши муосир ихтисос ёфтааст. Қайд намдан ба мавридаст, ки омӯзиши интерактивӣ шакли махсуси ташкили фаъолияти маърифатӣ мебошад. Яке аз ин мақсадҳо фароҳам овардани шароити мусоиди омӯзиш мебошад, ки донишҷӯ комёбӣ, арзиши зеҳнии худро эҳсос менамояд ва ин раванди таълимро маҳсулнок мегардонад. Нишон додан мумкин аст, ки стратегияи асосии таълими муосир бояд ба фаъолияти мустақил, ташкили муҳити худомӯзӣ ва дарсҳои таҷрибавӣ-амалӣ, ки дар он донишҷӯ интихоби амал ва ташаббус нишон дода метавонад, инчунин нақшаҳои таълимии тағйирёбанда, ки дар он донишҷӯ метавонад дар муҳити мувофиқ кор кунад равона карда шавад.

Омилҳои таъсиррасон ба рушди фаъолияти маърифатӣ

Ба рушди фаъолияти маърифатӣ як қатор омилҳо таъсири назаррас доранд:

1.**Муҳити таълимӣ**-истифодаи усулҳои фаъоли педагогӣ (методикаҳои проблемавӣ, технологияҳои инноватсионӣ);

2. **Ҳавасмандӣ**-шавқи шахсӣ ва ангезаҳои дохилии донишҷӯён;

3.**Худомӯзӣ ва мустақилият**- имкони истифодаи манъбаҳои илмӣ ва таҷрибаҳои амалӣ;

4.**Муносибати устод-донишҷӯ**-ҳамкории баробар ва ҳавасмандгардонӣ.

Фаъолияти маърифатӣ дар низоми кредитии таҳсилот

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати илм ва технология, низоми таҳсилот ба тағйироти ҷиддӣ ниёз дорад. Яке аз шаклҳои муосири ташкили раванди таълим **низоми кредитии таҳсилот** мебошад, ки дар аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, тадриҷан ҷорӣ гардида истодааст. Ин низом на танҳо сохтори таълимро тағйир медиҳад, балки ба рушди **фаъолияти маърифатии донишҷӯён** такони ҷиддӣ мебахшад.

Тайи чанд соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави таҳсилот ҷорӣ гашт, ки ҳадафи он ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ мебошад. "Бознигарии низоми таълим идома дорад ва амалияи таълим аз омӯзгорон тақозо мекунад, ки ба куллӣ ҷараёни таълиму тарбия ва услуби он бо навгонӣ анҷом диҳанд, то кору фаъолияти омӯзгорон ва хонандагон сифатан тағйир ёбад.

Дарёфти роҳу воситаҳои шаклгирии фаъолии маърифатии донишҷӯён зимни ҷараёни таълим дар радифи масъалаҳои муҳимми педагогика ҷой дорад. Ба дуруст ҳал шудани он болоравии савияи таҳсил, ангезиши муҳасилин барои ноил шудан ба натиҷаҳои таълимӣ ва эҷодӣ вобаста аст.

Дар низоми кредитӣ донишҷӯ нақши фаъолтар пайдо мекунад, зеро ӯ бояд қисми зиёди омӯзишро мустақилона ба роҳ монад. Ин низом талаб мекунад, ки донишҷӯён ба таҳқиқ, ҷустуҷӯи мустақил, таҳлили манбаъҳои иловагӣ ва ҳалли масъалаҳои эҷодӣ машғул шаванд. Ҳамин тариқ, фаъолияти маърифатӣ яке аз асосҳои калидии муваффақияти таҳсилоти кредитӣ ба шумор меравад.

Тарбияи ибтидоӣ ҷабҳаи муҳимми рушди минбаъдаи кӯдак ва таълиму тарбияи дурусти онҳо ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин синну сол дониш, малака ва маҳорати шахс дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, идеологӣ, сиёсӣ, экологӣ, фарҳангӣ ва ғайра ташаккул меёбад. Дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, хислатҳои ахлоқии ин давраи синну сол мавқеи махсусро ишғол мекунад. Шахси бомаърифат чӣ дар муассисаи таълимӣ ва чӣ дар муҳити хонавода доир ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ташкил ва мазмуни онҳо донишҳои ибтидоӣ гирифта, малакаҳои муайяни худро ташаккул медиҳад. Ҳалли бомуваффақияти мушкилоти ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар кӯдакон, алалхусус, синни томактабӣ ва ибтидоӣ ба сифати тайёр намудани онҳо ба зинаҳои дигари таҳсилот бевосита вобаста мебошад. Барои ташаккули сифатҳои ахлоқии тарбиятгиранда маҳорати касбӣ ва таҷрибаи омӯзгор аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Муносибати дуруст ба вазифаҳои худ, ҳисси масъулият самаранокии ташаккули чунин сифатҳои мусбат, ба монанди эҳтиром ба муҳити зист, риояи реҷаи ҳаррӯза, ташкили дурусти муносибат бо ҳамсолон, эҳтироми дӯстиро таъмин мекунад. Дар ин аснод ҳамаҷониба таъмин намудани муассисаи таълимӣ бо маводҳои таълиму тарбиявӣ ва инчунин ба самти рушди салоҳиятмандии технологӣ роҳнамоӣ кардани кормандони педагогӣ самаранокии таҳсилоти хонандагонро низ баланд месозад [4, с. 53].

Фаъолияти маърифатӣ ҳамчун омили асосии ташаккули шахсияти соҳибмаърифат, мустақил ва қобили рақобат баромад намуда, дар низоми кредитӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳо, шаклҳо ва роҳҳои рушди фаъолияти маърифатӣ дар ин низом масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

Муайян намудани омилҳое, ки ба самаранокии фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯён таъсир мерасонанд, аз масъалаҳои муҳимми педагогикаи муосир мебошад. Ба чунин омилҳо, пеш аз ҳама, омилҳои санитарӣ-гигиенӣ, омилҳои ҳавасмандгардонӣ ва инчунин шароити объективӣ ва ҳолатҳои иҷтимоиву равонӣ, ки ба фаъолияти таълимӣ таъсир мерасонанд, дохил мешаванд [9, с. 184].

Дар як қатор таҳқиқотҳои равияи психология ва педагогика (Л.Н. Сизоненко ва дигарон) таъкид мегардад, ки сатҳи баланди ҳавасмандии маърифатӣ ва фаъолияти таълимии донишҷӯён аз сифати тайёрии онҳо ва сатҳи умумии рушди зеҳнӣ вобаста мебошад. Муаллиф бар он назар аст, ки тағйироти сифатии системаи омодасозии донишҷӯён ва самаранокии фаъолияти минбаъдаи касбии онҳо ба тавсеаи дониши фундаменталӣ, рушди қобилиятҳои таҳлилӣ ва ташаккули салоҳиятҳои шахсӣ вобаста аст [13, с. 212].

Аз нуқтаи назари равонӣ, таълим ҳамчун раванд ва фаъолияти инфиродӣ аз хусусиятҳои шахсӣ ва ҳолатҳои дохилии донишҷӯён вобаста мебошад. Ҳар як донишҷӯ дорои хусусиятҳои зеҳнӣ, эҳсосӣ ва иродавии хоси худ буда, онҳо ба дараҷаи ҳавасмандӣ ва самаранокии таълим таъсири мустақим доранд.

Ба андешаи В.И. Жернов ва М.Е. Дуранов, барои омодагии самарабахши донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ зарур аст, ки ниёзҳои маърифатӣ ва касбии онҳо ташаккул ёбанд. Муаллифон таъкид менамоянд, ки ин ниёзҳо на танҳо ангезаи асосии фаъолияти маърифатӣ мебошанд, балки дар ташаккули сифатҳои шахсӣ ва касбии донишҷӯён нақши калидӣ доранд [5, с. 156]. Ҳамин тариқ, ҷудо ва муайян кардани ниёзҳои маърифатӣ ҳамчун шарти зарурии рушди мустақилияти маърифатӣ ва ҳавасмандии касбӣ баромад мекунад.

Мувофиқи назари О.П. Науменко, таҳкими шавқи маърифатӣ ва худомӯзии донишҷӯён заминаи асосӣ барои ташаккули мустақилияти маърифатии бакалаврҳо мебошад. Ҳангоми омӯзиши фаннҳои касбӣ ва табиӣ, татбиқи усулҳои фаъол ва технологияҳои интерактивӣ метавонад рушди худшиносии маърифатӣ ва афзоиши ҳавасмандии дохилиро таъмин намояд.

Фаъолияти маърифатӣ маҷмуи равандҳои зеҳнӣ ва амалии инсонро дар бар мегирад, ки ба дарк, фаҳм, азхудкунӣ ва татбиқи дониш равона шудаанд. Ба унсурҳои асосии фаъолияти маърифатӣ равандҳои зерин дохил мешаванд:

- тафаккур ва мулоҳиза;
- таҳлил ва синтез;
- муқоиса ва умумисозӣ;
- хулосабарорӣ;
- худназоратӣ ва худбаҳодиҳӣ.

Дар раванди таълим фаъолияти маърифатӣ на танҳо ба аз худ кардани дониш, балки ба ташаккули қобилияти мустақилона фикр кардан, қабули қарор ва ҳалли масъалаҳо мусоидат менамояд.

Дар низоми кредитӣ донишҷӯ на ҳамчун қабулкунандаи ғайрифаъоли иттилоот, балки ҳамчун субъекти фаъоли раванди таълим баромад мекунад. Фаъолияти маърифатии ӯ асосан тавассути шаклҳои зерин амалӣ мегардад:

- омӯзиши мустақилонаи маводи таълимӣ;
- таҳияи корҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ;
- иҷрои лоиҳаҳо ва супоришҳои эҷодӣ;
- иштирок дар муҳокимаҳо ва семинарҳо;
- истифодаи манбаъҳои электронии таълимӣ.

Баланд будани ҳиссаи кори мустақил боис мегардад, ки донишҷӯ масъулияти бештарро барои натиҷаи таҳсилаш ба уҳда гирад ва малакаҳои худидоракунӣ ва худомӯзиро инкишоф диҳад.

Барои самаранок рушди фаъолияти маърифатӣ дар низоми кредитӣ истифодаи усулҳои фаъоли таълим аҳаммияти калон дорад.

Аз ҷумла:

- таълими проблемавӣ, ки донишҷӯро ба ҷустуҷӯ ва таҳқиқ водор мекунад;
- кейс-стади, барои таҳлили вазъиятҳои воқеӣ;
- таълими лоиҳавӣ, ки тафаккури эҷодӣ ва ҳамкориро рушд медиҳад;
- технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;
- баҳодиҳии ташаккулдиҳанда (formative assessment).

Ин усулҳо донишҷӯёнро ба фаъолияти фаъол, таҳлилӣ ва интиқодӣ ҷалб менамоянд.

Нақши омӯзгор дар рушди фаъолияти маърифатӣ

Дар низоми кредитӣ нақши омӯзгор тағйир ёфта, ӯ бештар ҳамчун роҳнамо ва машваратчӣ баромад мекунад. Вазифаҳои асосии омӯзгор чунинанд:

ташкили муҳити омӯзишии ҳавасмандкунанда;

роҳнамоӣ дар кори мустақил;

пешниҳоди бозхурди саривақтӣ;

ташаккули тафаккури интиқодӣ ва илмии донишҷӯён.

Муносибати ҳамкорона байни омӯзгор ва донишҷӯ омили муҳимми рушди фаъолияти маърифатӣ мебошад.

Аҳаммияти фаъолияти маърифатӣ дар тайёр намудани мутахассисон

Рушди фаъолияти маърифатӣ ва мустақилонаи донишҷӯён дар низоми кредитӣ ба тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир, эҷодкор ва худтакмилдиҳанда равона шудааст. Ин раванд маҳорати худомӯзӣ, тафаккури интиқодӣ ва қобилияти татбиқи донишҳои назариявиро дар амалия ташаккул дода, сифати таълимро баланд мебардорад.

Рушди фаъолияти маърифатӣ дар низоми кредитӣ ба тайёр намудани мутахассисони:

- соҳибдониш ва соҳибмалака;
- қобили мутобиқшавӣ ба тағйирот;
- дорои тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ;
- омода ба омӯзиши якумрӣ мусоидат мекунад.

Ин сифатҳо дар бозори меҳнати муосир аҳаммияти ҳалкунанда доранд.

Муҳокима. Дар ҳақиқат маҳз илму маориф аст, ки ҳар фарди миллат ба василаи он дониш меандӯзад, давлату ҷомеа пешрафт менамояд ва дар умум, сатҳи маърифати шаҳрвандон дар ҳамаи самтҳо таъмин мешавад.

Рушди қобилиятҳои маърифатии донишҷӯён дар шароити низоми таҳсилоти кредитӣ дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки моделҳои марбут ба рушди қобилиятҳои маърифатии донишҷӯён эҷод карда шаванд. Истифодаи усулҳои моделсозӣ айни замон барои фаҳмидани вазъи умумии таълимӣ, тағйироти он ва пешгӯиҳо барои фаъолиятҳои таълимӣ, бахусус барои донишҷӯён, барои танзими омодагии касбии онҳо муҳим ҳисобида мешавад.

Ҳамин тариқ, мо модели рушди қобилиятҳои маърифатии донишҷӯёни бакалаврро тавассути муайян кардани равишҳо, субъектҳои мутақобила ва шаклҳо, усулҳо, усулҳо, абзорҳо, унсурҳо, меъёрҳо, сатҳҳо ва марҳилаҳои рушди он дар ташкили раванди таълим бо донишҷӯёни бакалавр таҳқиқ мекунем.

Ҳангоми муайян кардани модели раванди рушди қобилиятҳои маърифатии донишҷӯёни бакалавр дар заминаи низоми таҳсилоти кредитӣ дар Тоҷикистон, мо принсипҳои зеринро истифода бурдем:

- равиши ангезанда ва арзишманд ба мавзуи фаннӣ (шарикӣ, кори муштараки эҷодӣ байни муаллим ва бакалавр, ки ба ҳадафҳои муштарак асос ёфтааст ва ангезаи мусбат барои ба даст овардани малакаҳо, қобилиятҳо ва донишҳои касбӣ);
- якпорчагӣ (дастгирии методологӣ барои рушди қобилиятҳои маърифатии донишҷӯёни бакалавр дар заминаи низоми таҳсилоти кредитӣ фаъолияти пурраи низоми таҳсилот ва ташкили фаъолиятҳои таълимиро таъмин мекунад);
- пайвастагӣ (пайвастагии марҳилаҳои мушаххаси рушд, нигоҳдории ҳама унсурҳо, эҷоди системаи умумии ҳадафҳо ва моҳияти қобилиятҳои маърифатии донишҷӯёни бакалавр);
- сохтор (баррасии раванди рушди қобилиятҳои маърифатии донишҷӯёни бакалавр дар заминаи низоми таҳсилоти кредитӣ ҳамчун системаи мушаххаси унсурҳои ба ҳам алоқаманд, ки имконияти омӯзиши хусусиятҳои асосии ҷанбаи омӯхташаванда, унсурҳо ва сохтори онро фароҳам меоранд);
- Ҳаракатпазирӣ (истифодаи абзорҳо, усулҳо ва усулҳои гуногун барои рушди қобилиятҳои тафаккури донишҷӯёни бакалавр ҳангоми рушди ин қобилиятҳо);
- Тамаркуз (муқаррар кардани ҳадафи дақиқи омӯзиш, ки қобилияти интиқоли ангезаҳои омӯзишии беруна ба ангезаҳои дохилӣ тавассути рушди қобилиятҳои тафаккури донишҷӯёни бакалаврро дар назар дорад, ки имкониятҳои бештарро барои ба даст овардани донишҳои нав барои онҳо фароҳам меорад);
- Самаранокӣ (ба назар гирифтан ва дарки салоҳиятҳои муҳим, мантиқ ва сохтори қобилиятҳои тафаккури донишҷӯёни бакалавр);

- Мутобиқшавӣ (роҳнамоии раванди рушди қобилиятҳои тафаккури донишҷӯёни бакалавр тавассути татбиқи ислоҳоти зарурӣ, ки бо таъсири муҳити беруна муайян карда мешаванд).

Бо роҳи мустақилона ҳал кардани вазифаҳои ҳалли масъалаҳо, бакалаврҳо малакаҳои тафаккури худро инкишоф медиҳанд, ангезаи амалӣ кардани ин малакаҳоро тавассути намоиши малака ва қобилиятҳои касбӣ инкишоф медиҳанд, эътимод ба худ ва ба даст овардани таҷрибаи касбӣ инкишоф медиҳанд.

Талаботи дуюми педагогӣ таҳия ва татбиқи барномаи таълимӣ (барномаи корӣ) мебошад, ки дар низоми таҳсилоти кредитӣ унсури марказӣ буда, самаранокторин равишҳо ва технологияҳои таълимиро барои татбиқи раванди таълим муайян месозад.

Хулоса. Аз таҳлил бармеояд, ки истифодаи методҳои фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён яке аз роҳои асосии ташаккули тафаккури эҷодӣ ва танқидӣ мебошад. Фаъолияти маърифатии донишҷӯён ҳамчун муҳаррики асосии рушди шахсият ва пешрафти таълим баромад мекунад. Барои таъмин намудани рушди он истифодаи усулҳои фаъоли таълим, ҷалби донишҷӯ ба худомӯзӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ зарур мебошад. Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки фаъолияти маърифатӣ танҳо дар ҳолате ба таври муассир ташаккул меёбад, ки дар раванди таълим омӯзиш, пажӯҳиш ва худомӯзӣ ҳамгиро шаванд.

Ҳамин тавр, ташаккул ва инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим омили асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад. Фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар раванди таълим бо фароҳам овардани шароити мустақилият, интихобпазирӣ ва натиҷамандӣ рушди ҳамаҷонибаи қобилиятҳои зеҳнии донишҷӯёнро таъмин менамояд. Самаранок татбиқ намудани ин низом аз сатҳи касбияти омӯзгор, истифодаи усулҳои фаъоли таълим ва масъулияти худи донишҷӯ вобастагии зич дорад.

Адабиёт

1. *Бабанский, Ю.К. Оптимизация процесса обучения / Ю.К. Бабанский. - М.: Педагогика, 1982. - 192 с.*
2. *Выготский, Л.С. Мышление и речь / Л.С. Выготский. - М.: Лабиринт, 2001. - 416 с.*
3. *Давыдов, В.В. Проблемы развивающего обучения. / В.В. Давыдов. - М.: Педагогика, 1986. - 240 с.*
4. *Ёров, А. Б. Ташаккулдиҳии маҳорат ва малакаҳои технологии омӯзгорон дар раванди таълим ва тарбияи муассисаҳои таҳсилотӣ / А. Б. Ёров, Р. М. Холмуродов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2023. №3 (17) С. 52-56*
5. *Жернов, В.И. Профессиональная направленность и формирование познавательных потребностей студентов педагогического вуза / В.И. Жернов, М.Е. Дуранов. - Москва: Академический проект, 2020. - 156 с.*
6. *Леонтьев, А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев. - М.: Смысл, 2004. – 352 с.*
7. *Маджидов, Х. Психолого-педагогические основы формирования мыслительных способностей студентов-бакалавров в высших учебных заведениях в условиях кредитной системы образования / Х. Маджидов, З.А. Давлатов // Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук. 2022. № 1 (11). С. 56-66.*
8. *Меняев, А.Ф. Методика активизации познавательной деятельности студентов / А.Ф. Меняев. - Казань: Изд-во Казанского университета, 2003. - 312 с.*
9. *Петрова, Е.А. Гигиенические и социально-психологические факторы учебной деятельности студентов / Е.А. Петрова. - Санкт-Петербург: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2018. -184 с.*
10. *Пидкасистый, П.И. Педагогика / П.И. Пидкасистый. - М.: Педагогическое общество России, 2000. - 456 с.*
11. *Полат, Е.С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования / Е.С. Полат. - М.: Академия, 2017. – 368 с.*
12. *Свиридова, Г.С. Самостоятельная работа студентов как фактор развития их творческих способностей / Г.С. Свиридова. - М.: Академия, 2010. - 224 с.*
13. *Сизоненко, Л.Н. Развитие познавательной активности и формирование профессиональной компетентности студентов в процессе обучения / Л.Н. Сизоненко. – Киев: Вища школа, 2017. - 212 с.*
14. *Чудинский, Р.М. Модельный эксперимент при обучении бакалавров направления «Технологическое образование» общетехническим дисциплинам / Р.М. Чудинский // Вестник Тамбовского университета. Серия: Гуманитарные науки. - 2008. № 3 (59). С. 238-244*
15. *Шмелева, С.А. Модель профессиональной подготовки выпускника педагогического вуза / С.А. Шмелева // Вестник ТГТТУ (TSPUBulletin). - 2012. -№ 5 (120). - С. 16-22.*

ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Мақолаи мазкур ба масъалаи рушд ва инкишофи фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар шароити муосири таҳсилоти олӣ бахшида шудааст. Дар он нақши фаъолияти маърифатӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳимми ташаккули салоҳиятҳои касбӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоии донишҷӯён мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф моҳият, хусусиятҳои асосӣ ва сохтори фаъолияти маърифатиро таҳқиқ намуда, аҳаммияти онро дар баланд бардоштани самаранокии раванди таълим ва ташаккули шахсияти фаъолу мустақили донишҷӯ нишон медиҳад. Дар мақола шаклҳои асосии ташкили фаъолияти маърифатии донишҷӯён, аз ҷумла фаъолияти инфиродӣ, гурӯҳӣ ва коллективӣ, инчунин имкониятҳои истифодаи онҳо дар раванди таълим баррасӣ гардидаанд. Таъкид мешавад, ки фаъолияти маърифатии донишҷӯ танҳо аз азхудкунии донишҳои назариявӣ иборат набуда, балки қобилияти мустақилона ҷустуҷӯ, таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст ва истифодаи донишҳоро дар ҳолатҳои гуногуни таълимӣ ва касбӣ низ дар бар мегирад. Муаллиф ба он таваҷҷуҳи махсус медиҳад, ки дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот нақши фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ва масъулияти онҳо барои натиҷаҳои таълим меафзояд. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити мувофиқ барои иштироки фаъоли донишҷӯ дар раванди таълим, ташаккули малакаҳои худомӯзӣ ва худназоратӣ, инчунин истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ метавонад ба баланд гардидани сифати таҳсилот мусоидат намояд. Натиҷаҳои таҳлил барои такмили раванди таълим, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти маърифатӣ ва ташаккули шахсияти мустақилу эҷодкори донишҷӯ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Калидвожаҳо: фаъолияти маърифатӣ, донишҷӯён, раванди таълим, таҳсилоти олӣ, фаъолсозии маърифатӣ, фаъолияти мустақилона, мустақилияти донишҷӯ, усулҳои фаъоли таълим, технологияҳои инноватсионии таълим, ҳавасмандии маърифатӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ПРОСВЕТИТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

Данная статья посвящена проблеме развития и совершенствования познавательной деятельности студентов в современных условиях высшего образования. В ней анализируется и рассматривается роль познавательной деятельности как одного из важнейших компонентов формирования профессиональных, интеллектуальных и социальных компетенций студентов. Автор исследует сущность, основные особенности и структуру познавательной деятельности, раскрывая её значение в повышении эффективности образовательного процесса и формировании активной и самостоятельной личности студента. В статье рассматриваются основные формы организации познавательной деятельности студентов, включая индивидуальную, групповую и коллективную деятельность, а также возможности их применения в образовательном процессе. Подчёркивается, что познавательная деятельность студента не ограничивается усвоением теоретических знаний, а включает также способность самостоятельно осуществлять поиск, анализировать, сопоставлять, обобщать и применять полученные знания в различных учебных и профессиональных ситуациях. Особое внимание автор уделяет тому, что в условиях внедрения кредитной системы образования возрастает роль самостоятельной деятельности студентов и их ответственности за результаты обучения. В связи с этим создание благоприятных условий для активного участия студентов в образовательном процессе, формирование навыков самообразования и самоконтроля, а также использование современных образовательных технологий могут способствовать повышению качества образования. Результаты проведённого анализа имеют теоретическое и практическое значение для совершенствования образовательного процесса, повышения эффективности познавательной деятельности и формирования самостоятельной и творчески ориентированной личности студента.

Ключевые слова: познавательная деятельность, студенты, образовательный процесс, высшее образование, активизация познавательной деятельности, самостоятельная деятельность, самостоятельность студентов, активные методы обучения, инновационные образовательные технологии, познавательная мотивация.

FORMATION AND DEVELOPMENT OF EDUCATIONAL ACTIVITIES OF STUDENTS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

This article is devoted to the problem of developing and improving students' cognitive activity in the modern higher education environment. It analyzes and examines the role of cognitive activity as one of the key components in the formation of students' professional, intellectual, and social competencies. The author explores the essence, main characteristics, and structure of cognitive activity, highlighting its importance in improving the effectiveness of the educational process and fostering an active and independent student personality. The article examines the main forms of organizing students' cognitive activity, including individual, group, and collective activities, as well as the possibilities of their application in the educational process. It is emphasized that students' cognitive activity is not limited to the acquisition of theoretical knowledge but also involves the ability to independently search for, analyze, compare, generalize, and apply

acquired knowledge in various educational and professional situations. Particular attention is paid to the fact that, under the implementation of the credit-based education system, the role of students' independent learning activities and their responsibility for learning outcomes increases. Therefore, creating favorable conditions for students' active participation in the educational process, developing self-learning and self-monitoring skills, and applying modern educational technologies can contribute to improving the quality of education. The results of the analysis have theoretical and practical significance for improving the educational process, increasing the effectiveness of cognitive activity, and fostering an independent and creative student personality.

Keywords: cognitive activity, students, educational process, higher education, activation of cognitive activity, independent learning, student autonomy, active teaching methods, innovative educational technologies, cognitive motivation.

Дар бораи муаллиф
Давлатов Заъфар Амирович
Номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими физика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: zafardavlatov@mail.ru

Об автора
Давлатов Заъфар Амирович
Кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания физики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: zafardavlatov@mail.ru

About the author
Davlatov Zafar Amirovich
Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer, Department of Physics Teaching Methodology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: zafardavlatov@mail.ru

ТДУ 372.815.99

АЛОҚАМАНДИИ ТИПИ МИЗОҶ БО ДАРАҶАИ КОНФОРМИЗМ

Маҷидова Б., Аминов А. И.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Дар шароити рушди босуръати ҷомеа ва мураккаб гардидани муносибатҳои иҷтимоӣ омӯзиши омилҳое, ки ба рафтори инсон дар гурӯҳ таъсир мерасонанд, аҳаммияти махсусро касб менамояд. Яке аз чунин падидаҳои муҳимми иҷтимоӣ-психологӣ конформизм мебошад, ки дар раванди муносибатҳои байниҳамдигарии одамон зоҳир гардида, ба қабули меъёрҳо, арзишҳо ва ақидаҳои гурӯҳӣ вобаста аст. Конформизм дар бисёр ҳолатҳо ҳамчун воситаи мутобиқшавии шахс ба муҳити иҷтимоӣ хизмат намуда, ба рафтор, муносибат ва фаъолияти инсон таъсири назаррас мерасонад. Дар айни замон дараҷаи зоҳиршавии конформизм дар шахсони гуногун яксон набуда, ба хусусиятҳои фардию психологии онҳо вобастагӣ дорад.

Яке аз омилҳои муҳимми муайянкунандаи хусусиятҳои рафтори инсон мизоҷ ба ҳисоб меравад. Мизоҷ ҳамчун хусусияти модарзодии шахс тарзи аксуламал, суръат, устуворӣ ва фаъолиятнокии рафтори инсонро муайян менамояд. Хусусиятҳои типологии системаи асаб, ки асоси физиологии мизоҷро ташкил медиҳанд, метавонанд ба дараҷаи тобоварӣ ба фишори иҷтимоӣ ва муносибат ба таъсири гурӯҳ таъсир расонанд. Аз ин рӯ, омӯзиши хусусиятҳои алоқамандии байни мизоҷ ва конформизм на танҳо аҳаммияти назариявӣ дорад, балки барои амалияи психологӣ, фаъолияти педагогӣ, идоракунии гурӯҳҳо ва машварати психологӣ низ муҳим мебошад. Фаҳмидани хусусиятҳои мазкур имкон медиҳад, ки усулҳои самараноки ташаккули мустақилияти шахсӣ, муқовимат ба фишори иҷтимоӣ ва беҳтар намудани муносибатҳои байнишахсӣ таҳия карда шаванд.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Тадқиқоти мазкур хусусияти назариявӣ-таҳлилӣ дошта, ба омӯзиши алоқамандии байни типҳои мизоҷ ва дараҷаи конформизм дар шахс бахшида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот адабиёт ва манбаъҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои мизоҷ, хусусиятҳои типологии шахсият, конформизм ва рафтори иҷтимоӣ-психологӣ мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

Асоси назариявии тадқиқотро равияҳои психофизиологии И.П. Павлов, назарияи типологияи шахсияти Ҳ. Айзенк, назарияи конформизми иҷтимоии С. Аш, равияи иҷтимоӣ-психологии М. Шериф ва назарияи диссонанси когнитивии Л. Фестингер ташкил медиҳанд.

Дар раванди тадқиқот методҳои зерин истифода шуданд:

- таҳлили назариявии адабиёти психологӣ ва педагогӣ;
- методи муқоисавӣ;
- методи таҳлил ва ҷамъбасти маълумоти илмӣ;
- методи системасозӣ ва гурӯҳбандии маводи назариявӣ;
- мушоҳида.

Тавассути таҳлили муқоисавии назарияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотҳои психологӣ хусусиятҳои алоқамандии байни типҳои мизоҷ ва дараҷаи конформизм муайян карда шуданд. Ҳамчунин омилҳои фардӣ, гурӯҳӣ, вазъиятӣ ва фарҳангии таъсиррасон ба рафтори конформӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Қисмати асосӣ. Асрори табиати инсон, сабабҳо ва маромҳои рафтори ӯ аз қадим диққати одамонро ба худ ҷалб мекард. Инсоният кӯшиш менамуд одамонро аз рӯи табиаташон ва хусусиятҳои хоси ба ҳам монандашон ба гурӯҳҳо ҷудо намояд, то рафтори онҳоро дар вазъиятҳои мушаххаси ҳаётӣ пешгӯӣ намудан мумкин бошад [13, с. 286].

Аввалин тавсифи мизоҷро ҳанӯз дар асри панҷуми пеш аз мелод ҳаким ва табиби юнонӣ Гиппократ пешниҳод намуда буд. Ба андешаи ӯ, дар ҷисми инсон чор моеъи асосӣ вуҷуд доранд: хун, зарда, зардаи сиёҳ ва балғам. Омезиши онҳо дар бадани инсон бо таносубҳои гуногун мизоҷи ӯро муайян месозад.

Аз мутафаккирони Шарқ таълимоти нисбатан мукаммалро оид ба мизоҷ табиб ва ҳакими тоҷик Абӯалӣ Ибни Сино пешниҳод намудааст. Мувофиқи таълимоти ӯ, мизоҷ - ин хусусияти ботинии одам, табиати инсон аст, кайфиятест, ки аз омезиши чор унсур: оташ, бод, хок ва об ба ҳам мерасад [13, с. 287].

Мизоҷ, ҳамчун тавсифи модарзодии шахс, дар ташаккули рафтори инсон, аз ҷумла дар аксуламали ӯ ба фишори иҷтимоӣ ва меъёрҳои гурӯҳӣ нақши калидӣ мебозад. Мувофиқи назарияи И.П. Павлов, мизоҷ бо хосиятҳои системаи асаб, ба монанди қувва, мувозинат ва мутаҳаррикии ҷараёнҳои асаб муайян карда мешавад. Ин хосиятҳо ба он таъсир мерасонанд, ки инсон бо ҷаҳони атроф чӣ гуна муносибат мекунад ва ба он чӣ гуна мутобиқ мешавад.

Маҳз дар раванди чунин мутобиқшавӣ конформизм ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва психологӣ зоҳир мегардад, зеро он ифодаи майли шахс ба қабул ва риоя намудани ақидаҳо, рафтор ва меъёрҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ мебошад.

“Конформизм яке аз падидаҳои маъмултарини психологии фишори гурӯҳӣ (аз лот. conformis - монанд, мувофиқ) мебошад. Конформизм дар он зоҳир мегардад, ки шахс назар ва рафтори худро зери фишори воқеӣ ё хаёлии гурӯҳ тағйир медиҳад. Конформизми иҷтимоӣ (берунӣ) ва шахсӣ (дохилӣ)-ро фарқ мекунанд. Ҳангоми конформизми иҷтимоӣ ақида ва рафтори гурӯҳро шахс танҳо зоҳиран қабул мекунад, аммо дар ботини ӯ муқовимат ба ақидаи гурӯҳӣ боқӣ мемонад. Ин танҳо як итоаткории намоишӣ ба андешаи таҳмилшудаи гурӯҳ аст, ки мақсади он ба даст овардани дастгирӣ ё зери танқид қарор нагирифтан, мебошад. Ҳангоми конформизми дохилӣ қарор гирифтан, шахс зери фишори дигарон, воқеан фикру рафтори худро ба фикру рафтори гурӯҳ тобеъ мекунад” [3, с. 51].

Шахс метавонад дар натиҷаи фишори иҷтимоӣ, вобаста ба дараҷаи худшиносӣ ё эътимод ба фаъолияти гурӯҳ мавқеи худро тағйир диҳад ва онро ба ақидаи аксарият мувофиқат намояд. Конформизм метавонад дорои шаклҳои гуногун бошад, аз қабули иттилоот то мутобиқшавии эмотсионалию рафторӣ бинобар сабаби қабул шудан аз ҷониби гурӯҳ. Муносибати байни типи мизоҷ ва дараҷаи конформизм яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти психологӣ мебошад. Аҳаммияти ин дар он аст, ки мизоҷ ба сифати механизми дохилии танзимкунандаи рафтор буда, он метавонад ба қобилияти шахс дар зидди фишорҳои гурӯҳӣ муқовимат кардан ё, баръакс, зуд ба гурӯҳ мутобиқ шудан таъсир расонад. Масалан, сангвиникҳо, ки мутаҳаррикии баланди ҷараёнҳои асаб доранд, ба шароитҳои нав ба осонӣ мутобиқ мешаванд ва мекӯшанд, ки ҳамоҳангиро дар гурӯҳ нигоҳ доранд. Дар натиҷа онҳо ба рафтори конформӣ бештар моил мегарданд. Холерикҳо, ки бо мутаассиршавандагии баланд ва ноустувории эмотсионалӣ фарқ мекунанд, вобаста ба вазъият ҳам рафтори конформӣ ва ҳам рафтори ғайриконформӣ нишон дода метавонанд. Ҳаракатҳои беихтиёронаи онҳо баъзан ба муқовимат ба фишори гурӯҳӣ оварда мерасонад, хусусан агар он ба манфиатҳои шахсии онҳо зид бошад. Флегматикҳо, ба шарофати вазнинӣ ва беташаббусии худ, ба таъсири беруна камтар дучор мешаванд ва ба рафтори мустақилона майл доранд, ки ин сатҳи конформизми онҳоро паст мекунад. Меланхоликҳо, ки ҳассосияти баланд ва муқовимати паст ба стресс доранд, аз тарси муноқишаҳо ё радди гурӯҳ шудан рафтори конформӣ нишон дода метавонанд.

Конформизм ба танқиднопазирии ҳайратангез вобастагӣ дорад. Ҳамаи суханонеро, ки атрофиёни муқаррарӣ ба шахсони конформизмдошта мегӯянд, ҳамаи он маълумотҳоеро, ки онҳо тавассути шабакаҳои барои худ муқаррарии иттилоот мегиранд, ин ҳама барои онҳо ҳақиқат аст. Агар тавассути ин шабака маълумотҳои баръало аз ҳақиқат дур ворид шаванд ҳам, онҳо чун пештара ин маълумотҳоро ҳақиқати бебаҳс қабул мекунанд [1].

Конформизм падидаи мураккаби иҷтимоӣ-психологӣ буда, аз таъсири омилҳои берунӣ ва омилҳои дохилӣ пайдо мешавад. Ба омилҳои берунӣ фишори гурӯҳӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ, ба омилҳои дохилӣ бошад, хусусиятҳои шахсӣ, ба монанди мизоҷ, арзишҳо ва тамоюлҳо тааллуқ доранд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки экстравертҳо (сангвиникҳо ва холерикҳо) бисёр вақт рафтори конформӣ нишон медиҳанд, зеро онҳо ба тасдиқи иҷтимоӣ ва ҳамкории фаъол бо атрофиён тамоюли бештар доранд. Интровертҳо (флегматикҳо ва меланхоликҳо), баръакс, ба ақидаи гурӯҳ вобастагии камтар дошта, ба қабули қарорҳои мустақилона майл доранд. Ба ғайр аз ин, устувории эмотсионалӣ, ки ба флегматикҳо ва сангвиникҳо хос аст, сатҳи конформизмро паст мекунад, зеро чунин одамон ба стресс ва фишори атрофиён камтар дучор мешаванд. Ноустувории эмотсионалӣ, ки ба холерикҳо ва меланхоликҳо хос аст, баръакс, рафтори конформиро тақвият дода метавонад, зеро чунин одамон кӯшиш менамоянд, ки аз муноқишаҳо ва эмотсияҳои манфӣ канорагирӣ кунанд.

Равишҳои назариявии омӯзиши алоқамандӣ дар байни мизоҷ ва конформизм равишҳои психофизиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, когнитивӣ ва фарҳангиро дар бар мегиранд. Равиши психофизиологӣ, ки онро И. П. Павлов ва Ҳ. Айзенк таҳия ва пешниҳод кардаанд, тасдиқ мекунад, ки мизоҷ бо хусусиятҳои системаи асаб муайян карда мешавад ва ин хусусиятҳо ба рафтори инсон дар гурӯҳ таъсир мерасонанд. Ба ақидаи И.П. Павлов типи фаъолияти олии асаб, яъне типи мизоҷ рафтори одамро ба худ хос мегардонад, ба тамоми симои одам таъсир

мегузорад, ҳаракатнокӣ ва устувории протсессҳои психикии ӯро муайян мекунад, вале дар баробари ин қобилият, эътиқод ва асосҳои ахлоқии одамро ҳаргиз муайян намекунад [8, саҳ. 290]. Масалан, одамоне, ки системаи асаби зӯри дар мувозинатбуда доранд (сангвиникҳо ва флегматикҳо), ба фишори берунӣ камтар осебпазиранд, ҳол он ки одамони системаи асаби заифдошта (меланхоликҳо) ба конформизм бештар майл доранд.

Равияи иҷтимоӣ-психологӣ, ки дар асарҳои Саламон Аш ва Музаффер Шериф пешниҳод шудааст, ба нақши фишори гурӯҳӣ дар ташаккули рафтори конформӣ диққат медиҳад [1, с. 227]. Лекин хусусиятҳои инфиродӣ, ба монанди мизоҷ, таъсири гурӯҳро зиёд ё кам карда метавонанд. Масалан, экстравертҳо ба тасдиқи иҷтимоӣ ҳассостаранд, ки ин онҳоро конформитар мекунад. Равиши когнитивӣ, ки дар назарияи диссонанси (номувофиқии) когнитивии Леон Фестингер асос ёфтааст, тасдиқ мекунад, ки одамон ба таъмини мувофиқат дар байни эътиқод ва рафтори худ кӯшиш мекунанд. Мизоҷ ба он таъсир мерасонад, ки шахс бо диссонанс (номувофиқӣ) чӣ гуна муносибат мекунад. Масалан, одамони аз ҷиҳати эмотсионалӣ устувор (флегматикҳо) зиддиятҳоро осонтар таҳаммул мекунанд ва ба конформизм камтар майл доранд. Равиши фарҳангшиносӣ, ки Г. Хофстед таҳия кардааст, таъкид мекунад, ки дар фарҳангҳои гуногун сатҳи конформизм тағйирпазир шуда метавонанд. Лекин хусусиятҳои инфиродӣ, ба монанди мизоҷ, ҳатто дар доираи як фарҳанг нақши муҳим мебозанд. Масалан, дар фарҳангҳои коллективистӣ экстравертҳо нисбат ба интровертҳо сатҳи баландтари конформизмро нишон дода метавонанд.

Таҳқиқотҳои эмпирикӣ тасдиқ мекунанд, ки мизоҷ ба дараҷаи конформизм таъсири зиёд мерасонад. Масалан, таҳқиқотҳои Ҳ. Айзенк нишон доданд, ки экстравертҳо ба рафтори конформӣ бештар майл доранд, зеро онҳо ба ангезаҳои берунӣ ва тасдиқи иҷтимоӣ диққат медиҳанд. Интровертҳо, баръакс, ба ақидаи гурӯҳ вобастагии камтар доранд. Озмоишҳои С. Аш нишон доданд, ки сатҳи конформизм на танҳо ба фишори гурӯҳӣ, балки ба хусусиятҳои инфиродии иштирокчиён низ вобаста аст [1, с. 227]. Масалан, одамоне, ки сатҳи баланди изтироб доранд (меланхоликҳо), бисёр вақт ба фикри ғалати гурӯҳ розӣ мешуданд. Таҳқиқотҳои муосир, ки аз тарафи Смит ва шогирдонаш ба таври озмоишӣ гузаронида шуданд, тасдиқ мекунанд, ки сангвиникҳо ва холерикҳо бисёр вақт дар ҳолатҳои номуайянӣ рафтори конформӣ нишон медиҳанд, ҳол он ки флегматикҳо ва меланхоликҳо ба рафтори мустақилона майл доранд.

Ҷанбаҳои гендерӣ низ ба алоқамандӣ дар байни мизоҷ ва конформизм таъсир мерасонанд. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки занон ба ҳисоби миёна нисбат ба мардон ба конформизм бештар майл доранд. Ин ҳам ба омилҳои биологӣ ва ҳам ба омилҳои иҷтимоӣ вобаста аст. Масалан, занон бештар ба ҳамоҳангии иҷтимоӣ майл дошта, аз муноқишаҳо канорагирӣ мекунанд, ки ин ифодагари бештар конформӣ будани онҳо мебошад. Дар навбати худ мизоҷ фарқиятҳои гендериро зиёд ё кам карда метавонад. Масалан, занони сангвиник нисбат ба занони флегматик сатҳи баландтари конформизмро нишон дода метавонанд. Мардони холерик, баръакс, нисбат ба мардони меланхолик рафтори мустақилонатар нишон дода метавонанд. Таҳқиқоти Иглӣ ва Карлӣ ба ин мисол шуда метавонад, ки дар он нишон дода шудааст, ки дар вазъиятҳо вобаста ба ҳамкории иҷтимоӣ занон бисёр вақт ба фикри гурӯҳ розӣ мешаванд. Лекин мардоне, ки сатҳи баланди устувории эмотсионалӣ доранд (флегматикҳо), нисбат ба мардоне, ки сатҳи пасти устувории эмотсионалӣ (меланхоликҳо) доранд, хеле кам рафтори конформӣ нишон медиҳанд.

Фаҳмидани алоқамандӣ дар байни мизоҷ ва конформизм аҳаммияти калони амалӣ дорад. Дар идоракунии кормандон донистани мизоҷи онҳо имкон медиҳад, ки рафтори онҳо дар гурӯҳ пешгӯӣ гардида, стратегияҳои муассири ҳавасмандгардонӣ таҳия карда шаванд. Дар соҳаи маориф ба назар гирифтани хусусиятҳои инфиродии хонандагон ба фароҳам овардани муҳити роҳат барои таҳсил ва паст кардани сатҳи рафтори конформӣ мусоидат мекунад. Дар машварати психологӣ фаҳмидани алоқамандӣ дар байни мизоҷ ва конформизм имкон медиҳад, ки барномаҳои инфиродӣ барои кор бо донишомӯзону кормандон аз тарафи психолог таҳия карда шаванд.

Ҳамин тавр, алоқамандӣ дар байни мизоҷ ва конформизм падидаи мураккаб ва гуногунҷанба буда, омӯзиши минбаъдаро талаб мекунад. Мизоҷ, ҳамчун хусусияти модарзодии шахс, ба дараҷаи конформизм таъсири назаррас мерасонад ва муайян мекунад, ки шахс ба фишори гурӯҳӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ чӣ гуна аксуламал нишон медиҳад. Ҷанбаҳои фарҳангӣ ва гендерӣ ин алоқамандиро зиёд ё кам мекунанд, ки инро ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳо ва таҳияи тавсияҳои амалӣ ба назар гирифтан лозим аст. Фаҳмидани ин алоқамандӣ на танҳо донишҳои назариявиро амиқтар мекунад, балки имкон

медиҳад, ки стратегияҳои самаранок барои кор бо одамон дар соҳаҳои гуногуни фаъолият таҳия карда шаванд.

Рафтори конформӣ падидаи мураккаби иҷтимоӣ-психологӣ буда, ба он, ба ғайр аз мизоҷ, омилҳои зиёд таъсир мерасонанд. Ин омилҳоро ба якчанд категория тақсим кардан мумкин аст: инфиродӣ, гурӯҳӣ, вазъиятӣ ва фарҳангӣ. Онҳоро муфассалтар дида мебароем.

Омилҳои инфиродӣ ба хусусиятҳои шахсиятии инсон, тавсифҳои психологӣ ва таҷрибаи ҳаётии ӯ вобастаанд. Яке аз омилҳои инфиродии асосӣ худбаҳодиҳӣ ва боварӣ ба худ мебошад. Одамоне, ки худбаҳодиҳии паст доранд, бисёр вақт рафтори конформӣ нишон медиҳанд, зеро онҳо бештар ба андешаҳои атрофиён вобастаанд ва кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо писанд бошанд. Баръакс, одамони худбаҳодиҳии баланддошта ба конформизм камтар майл доранд, зеро онҳо ба мулоҳизаҳо ва қарорҳои худ боварӣ доранд. Озмоиши С. Аш ба ин мисол шуда метавонад, ки дар он одамони худбаҳодиҳии пастдошта бисёр вақт ба фикри ғалати гурӯҳ розӣ мешуданд, ҳатто агар он ба эътиқоди шахсии онҳо мухолиф бошад ҳам.

Дигар омили муҳимми инфиродӣ сатҳи зеҳн ва қобилиятҳои когнитивӣ мебошад. Одамоне, ки сатҳи баланди зеҳн ва қобилиятҳои инкишофёфтаи когнитивӣ доранд, ба конформизм камтар майл доранд, зеро онҳо метавонанд маълумотро аз нуқтаи назари танқидӣ баҳогузорӣ карда, қарорҳои мустақилона қабул кунанд. Масалан, таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки одамони сатҳи баланди маълумотнокидошта ба фишори гурӯҳӣ камтар дучор мешаванд, зеро онҳо ба таҳлили маълумот ва баровардани хулосаҳои шахсӣ одат кардаанд.

Омили сеюми инфиродӣ сатҳи изтиробнокӣ дар шахс аст. Одамоне, ки сатҳи баланди изтироб доранд, бисёр вақт рафтори конформӣ нишон медиҳанд, зеро онҳо аз муноқишаҳо ва эмотсияҳои манфӣ вобаста ба радди эҳтимолии гурӯҳ канорагирӣ кардан мехоҳанд. Масалан, таҳқиқоти Иглӣ ва Карлӣ (2003) нишон дод, ки одамони сатҳи баланди изтиробдошта бисёр вақт ба фикри гурӯҳ розӣ мешаванд, ҳатто агар он ба эътиқоди шахсии онҳо зид бошад ҳам.

Омили чоруми инфиродӣ синну сол аст. Ҷавонон, бахусус наврасон, ба рафтори конформӣ бештар майл доранд, зеро барои наврасон имконияти дар доираи дӯстон дидани ҳавасу машғулиятҳои умумӣ аҳаммияти калон дорад; инчунин садоқат, поквиҷдонӣ ва меҳрубонӣ муҳиманд. Наврасони дер инкишофёфта ба ҷустуҷӯи чунин алоқае майл доранд, ки ҳиссиёти онҳоро фаҳмида, андешаю ақидаҳои онҳоро тарафдорӣ кунад, инчунин дастгирии эмотсионалиро аз тарафи ҳамсолон барои ҳалли мушкилиҳои гуногун вобаста ба инкишофи синнусолӣ таъмин намояд [2, с. 156].

Омилҳои гурӯҳӣ ба тавсифҳои гурӯҳе, ки шахс дар он қарор дорад, вобастаанд. Яке аз омилҳои асосии гурӯҳ андозаи гурӯҳ аст. Ҳар қадар гурӯҳ калонтар бошад, ҳамон қадар эҳтимоли рафтори конформӣ зиёдтар мешавад, зеро шахс ҳис мекунад, ки аҳаммияти камтар дошта, ба андешаи аксарият вобастагии бештар дорад. Масалан, дар озмоиши С. Аш сатҳи конформизм бо зиёд шудани миқдори иштирокчиёне, ки фикри ғалатро дастгирӣ мекарданд, афзоиш ёфт.

Дигар омили муҳимми гурӯҳ муттаҳидии аъзоёни он аст. Ҳар қадар гурӯҳ муттаҳидтар бошад, ҳамон қадар эҳтимоли рафтори конформӣ бештар мешавад, зеро шахс кӯшиш менамояд, ки ҳамоҳангиро нигоҳ дорад ва аз муноқишаҳо канорагирӣ кунад. Масалан, таҳқиқоти Фестингер нишон дод, ки одамон бештар ба меъёрҳои гурӯҳӣ дар гурӯҳҳои муттаҳид, ба монанди оила ё доираи наздики дӯстон итоат мекунанд.

Омили сеюми гурӯҳ мавқеи шахс дар гурӯҳ аст. Одамоне, ки мавқеи паст доранд, бисёр вақт рафтори конформӣ нишон медиҳанд, зеро онҳо кӯшиш мекунанд, ки мавқеи худро баланд бардоранд ва ба аъзоёни обрӯмандтари гурӯҳ писанд шаванд. Масалан, таҳқиқоти Милгрем [18] нишон дод, ки одамони мавқеи пастдошта бисёр вақт ба фармонҳои шахсони обрӯманд итоат мекунанд, ҳатто агар ин фармонҳо ба эътиқоди шахсии онҳо зид бошанд ҳам.

Омилҳои вазъиятӣ ба тавсифҳои вазъияте, ки шахс дар он қарор дорад, вобастаанд. Яке аз омилҳои асосии вазъият сатҳи номуайянӣ мебошад. Ҳар қадар вазъият номуайянтар бошад, ҳамон қадар эҳтимоли рафтори конформӣ бештар мешавад, зеро шахс кӯшиш менамояд, ки маълумоти иловагӣ гирад ва сатҳи изтиробро паст кунад. Масалан, таҳқиқоти Шериф (1935) нишон дод, ки одамон дар вазъиятҳо вобаста ба номуайянӣ, ба монанди баҳодиҳии нуқтаи ҳаракаткунандаи нур дар хонаи торик, ба меъёрҳои гурӯҳӣ бештар итоат мекунанд.

Дигар омили муҳимми вазъият сатҳи масъулиятшиносӣ аст. Ҳар қадар сатҳи масъулиятшиносӣ баландтар бошад, ҳамон қадар эҳтимоли рафтори конформӣ камтар мешавад, зеро шахс оқибати амалҳои худро дарк карда, кӯшиш менамояд, ки мустақилона

қарор қабул кунад. Масалан, таҳқиқоти Аш [5] нишон дод, ки одамон хеле кам ба фишори гурӯҳӣ тобеъ мешаванд, агар онҳо барои қарорҳои худ масъулиятро ба зимма гиранд.

Омили сеюми вазъият сатҳи стресс аст. Ҳар қадар сатҳи стресс баландтар бошад, ҳамон қадар эҳтимоли рафтори конформӣ бештар мешавад, зеро шахс кӯшиш мекунад, ки сатҳи изтиробро паст карда, дастгирии гурӯҳро ба даст орад. Масалан, таҳқиқоти Милгрем нишон дод, ки одамон бисёр вақт ба фармонҳои шахсони обрӯманд дар вазъиятҳои стресс, ба монанди озмоиш бо ҷараёни барқ итоат мекунанд.

Омилҳои фарҳангӣ ба хусусиятҳои фарҳанге, ки инсон дар он зиндагӣ мекунад, вобастаанд. Яке аз омилҳои асосии фарҳангӣ сатҳи индивидуализм ё коллективизм мебошад. Дар фарҳангҳои коллективистӣ (масалан, дар Чин, Ҷопон) сатҳи конформизм баландтар аст, зеро ба ҳамоҳангии гурӯҳӣ ва масъулияти иҷтимоӣ диққат дода мешавад. Дар фарҳангҳои индивидуалистӣ (масалан, дар ИМА, Аврупои Ғарбӣ) сатҳи конформизм пасттар аст, зеро мустақилӣ ва соҳибихтиёрӣ қадр карда мешавад. Масалан, таҳқиқоти Ҳофстейт [17] нишон дод, ки одамон аз фарҳангҳои коллективистӣ нисбат ба одамон аз фарҳангҳои индивидуалистӣ бештар ба меъёрҳои гурӯҳӣ итоат мекунанд.

Дигар омили муҳимми фарҳангӣ сатҳи таҳаммулпазирӣ ба номуайянӣ мебошад. Дар фарҳангҳо бо сатҳи пасти таҳаммулпазирӣ ба номуайянӣ (масалан, дар Ҷопон, Юнон) сатҳи конформизм баландтар аст, зеро одамон кӯшиш менамоянд, ки номуайяниро пешгирӣ карда, қоидаҳои мураттаби рафторро таъмин кунанд. Дар фарҳангҳо бо сатҳи баланди таҳаммулпазирӣ ба номуайянӣ (масалан, дар ИМА, Шветсия) сатҳи конформизм пасттар аст, зеро одамон ба номуайянӣ бештар таҳаммулпазир буда, тайёранд, ки қарорҳои мустақилона қабул кунанд.

Натиҷаҳо. Натиҷаҳои таҳлил нишон доданд, ки мизоҷ ҳамчун хусусияти модарзодии шахс ба дараҷаи конформизм таъсири назаррас мерасонад. Муайян гардид, ки сангвиникҳо бо сабаби фаъолнокӣ ва майли баланд ба муносибатҳои иҷтимоӣ бештар ба рафтори конформӣ моил мебошанд. Холерикҳо вобаста ба вазъият метавонанд ҳам рафтори конформӣ ва ҳам нонконформиро нишон диҳанд. Флегматикҳо нисбат ба дигар типҳои мизоҷ устувории бештар дошта, ба фишори гурӯҳӣ камтар тобеъ мешаванд. Меланхоликҳо бошанд, бинобар ҳассосияти баланд ва сатҳи баланди изтироб, бештар ба қабул намудани фикри гурӯҳ майл доранд.

Инчунин муайян карда шуд, ки ба рафтори конформӣ омилҳои фардӣ, гурӯҳӣ, вазъиятӣ ва фарҳангӣ таъсири зиёд мерасонанд. Ҳудбаҳодиҳӣ, сатҳи изтиробнокӣ, андозаи гурӯҳ, муттаҳидии аъзоён, сатҳи стресс ва хусусиятҳои фарҳангӣ метавонанд дараҷаи конформизмро зиёд ё кам намоянд.

Муҳокима. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки байни хусусиятҳои мизоҷ ва дараҷаи конформизм алоқамандии муайян мавҷуд аст. Ин натиҷаҳо бо назарияҳои И.П. Павлов, Ҳ. Айзенк, С. Аш, М. Шериф ва Л. Фестингер мувофиқат мекунанд. Мизоҷ ҳамчун механизми дохилии танзимкунандаи рафтор ба қобилияти шахс дар муқовимат ба фишори иҷтимоӣ таъсир мерасонад.

Таҳқиқот нишон дод, ки экстравертҳо бештар ба тасдиқи иҷтимоӣ ниёз дошта, аз ин рӯ ба конформизм бештар майл доранд. Интровертҳо бошанд, дар бисёр ҳолатҳо мустақилияти бештар нишон медиҳанд. Дар баробари ин, омилҳои фарҳангӣ ва гендерӣ низ ба дараҷаи конформизм таъсир мерасонанд. Дар фарҳангҳои коллективӣ сатҳи конформизм бештар ба назар мерасад, зеро дар чунин муҳит ҳамоҳангии гурӯҳӣ аҳаммияти баланд дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд барои такмил додани фаъолияти психологӣ, педагогӣ ва идоракунии гурӯҳҳо истифода шаванд.

Хулоса. Ҳамин тавр, конформизм падидаи мураккаби иҷтимоӣ-психологӣ буда, ба он омилҳои гуногуни инфиродӣ, гурӯҳӣ, вазъиятӣ ва фарҳангӣ таъсир мерасонанд. Яке аз омилҳои муҳимми таъсиррасон мизоҷ мебошад, ки хусусиятҳои аксуламал ва муносибати шахсро ба фишори иҷтимоӣ муайян мекунад.

Фаҳмидани алоқамандии байни мизоҷ ва конформизм имконият медиҳад, ки стратегияҳои муассири ташаккули мустақилияти шахсӣ, пешгирии таъсири манфии фишори иҷтимоӣ ва беҳтар намудани муносибатҳои байнишахсӣ таҳия карда шаванд.

Адабиёт

1. *Аминов, А. Конформизм ва конформӣ ҳамчун категорияи иҷтимоӣ - психологӣ / А. Аминов // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2023. – № 2 (16). С. 226-229.*
2. *Аминов, А. Таъсири психологии гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ ба рафтори наврасон / А. Аминов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2024. – №4 (22). С. 156-161.*

3. *Аминов, А. Хусусияти синнусолии конформизм / А. Аминов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2021. – №4 (36). С. 51-53.*
4. *Аминов, А. Хусусиятҳои мутобиқшавии шахс ба гурӯҳи хурди иҷтимоӣ / А. Аминов, М. Раҷабова // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2023. – №3 (17). – С. 232-235.*
5. *Аш, С. Исследование конформизма // Современная зарубежная социальная психология: Тексты / С. Аш. – Москва: Изд-во МГУ, 1984. – С. 50–68.*
6. *Выготский, Л.С. Психология развития человека / Л.С. Выготский. – Москва: Смысл; Эксмо, 2005. – 1136 с.*
7. *Донишномаи психологӣ зери мураттибии Саидзода Н., Разоқов Х., Аминов А. / Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025. – 381 с.*
8. *Ильин, В.А. Групповое давление и групповое влияние: конформизм, нонконформизм, личностное самоопределение / В.А. Ильин, М.Ю. Кондратьев // Социальная психология и общество. 2012. - № 1. - С. 44–58*
9. *Леонтьев, А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев. – Москва: Смысл; Академия, 2005. – 352 с.*
10. *Маклаков, А.Г. Общая психология / А.Г. Маклаков. – Санкт-Петербург: Питер, 2016. –583 с.*
11. *Павлов, И.П. Полное собрание сочинений. Т. 3, кн. 2. / И.П. Павлов. – Москва; Ленинград: Изд-во АН СССР, 1951. – 438 с.*
12. *Психология / Д. Майерс; пер. С англ. И.А. Карпиков, В.А. Старовойтова. – 4-е изд. – Минск.: "Попури", 2009. – 848 с.:ил.*
13. *Психология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ (Давлатов М., Юнусова Н.М., Расулов С.Х. ва диг.; Зери таҳрири Давлатов М. – Душанбе, "Собириён", 2010, 336 с.*
14. *Фестингер, Л. Теория когнитивного диссонанса / Л. Фестингер. – Санкт-Петербург: Речь, 2000. – 318 с.*
15. *Eagly, A.H. The Female Leadership Advantage: An Evaluation of the Evidence / A.H. Eagly, L.L. Carli // The Leadership Quarterly. – 2003. – Vol. 14, № 6. – P. 807–834.*
16. *Eysenck, H.J. Dimensions of Personality / H.J. Eysenck. – London: Routledge & Kegan Paul, 1947. – 308 p.*
17. *Hofstede, G. Culture's Consequences: International Differences in Work-Related Values / G. Hofstede. – Beverly Hills: Sage Publications, 1980. – 328 p.*
18. *Milgram, S. Obedience to Authority: An Experimental View / S. Milgram. – New York: Harper & Row, 1974. – 224 p.*
19. *Sherif, M. The Psychology of Social Norms / M. Sherif. – New York: Harper & Brothers, 1936. – 248 p.*

АЛОҚАМАНДИИ ТИПИ МИЗОҶ БО ДАРАҶАИ КОНФОРМИЗМ

Дар мақолаи мазкур масъалаи алоқамандии типи мизоҷ бо дараҷаи конформизм ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимми психологияи иҷтимоӣ ва психологияи шахсият мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллифон аҳаммияти омӯзиши омилҳои фардӣ ва иҷтимоиро дар ташаккули рафтори конформӣ баррасӣ намудаанд. Қайд карда мешавад, ки конформизм ҳамчун шакли мутобиқшавии шахс ба меъёрҳо ва талаботи гурӯҳӣ зоҳир мегардад. Дар мақола нақши мизоҷ ҳамчун хусусияти модарзодии шахс дар танзими рафтор ва муносибат ба фишори иҷтимоӣ нишон дода шудааст. Муайян гардид, ки хусусиятҳои типологии системаи асаб ба сатҳи мутобиқшавии шахс ба фишори гурӯҳӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар мақола инчунин таъсири омилҳои фардӣ, гурӯҳӣ, вазъиятӣ ва фарҳангӣ ба рафтори конформӣ баррасӣ гардидааст. Қайд мешавад, ки худбаҳодиҳӣ, сатҳи изтироб, андозаи гурӯҳ ва муттаҳидии он метавонанд сатҳи конформизмро тағйир диҳанд. Муаллифон нишон медиҳанд, ки дар фарҳангҳои коллективӣ дараҷаи конформизм нисбат ба фарҳангҳои индивидуалӣ баландтар мебошад. Ҳамчунин ҷанбаҳои гендерии рафтори конформӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Калидвожаҳо: мизоҷ, конформизм, шахс, фишори иҷтимоӣ, рафтори конформӣ, системаи асаб, типи мизоҷ, муносибатҳои гурӯҳӣ, экстраверт, интроверт.

ВЗАИМОСВЯЗЬ МЕЖДУ ТИПОМ ТЕМПЕРАМЕНТА И СТЕПЕНЬЮ КОНФОРМИЗМА

В данной статье рассматривается проблема взаимосвязи типа темперамента с уровнем конформизма как одна из актуальных проблем социальной психологии и психологии личности. Авторы анализируют значение индивидуальных и социальных факторов в формировании конформного поведения. Отмечается, что конформизм проявляется как форма приспособления личности к нормам и требованиям группы. В статье показана роль темперамента как врождённой характеристики личности в регуляции поведения и отношении к социальному давлению. Установлено, что типологические особенности нервной системы оказывают значительное влияние на уровень подверженности личности групповому давлению. В статье также рассматривается влияние индивидуальных, групповых, ситуативных и культурных факторов на конформное поведение. Отмечается, что самооценка, уровень тревожности, размер группы и степень её сплочённости могут изменять уровень конформизма. Авторы показывают, что в коллективистских культурах уровень

конформизма выше, чем в индивидуалистических культурах. Кроме того, анализируются гендерные аспекты конформного поведения.

Ключевые слова: темперамент, конформизм, личность, социальное давление, конформное поведение, нервная система, тип темперамента, групповые отношения, экстраверт, интроверт.

THE RELATIONSHIP BETWEEN TEMPERAMENT TYPE AND THE DEGREE OF CONFORMISM

The article examines the relationship between temperament type and the level of conformity as one of the important issues in social psychology and personality psychology. The authors analyze the significance of individual and social factors in the formation of conformist behavior. It is noted that conformity manifests itself as a form of an individual's adaptation to group norms and requirements. The article highlights the role of temperament as an innate personality characteristic in the regulation of behavior and attitudes toward social pressure. It was determined that the typological characteristics of the nervous system significantly influence an individual's susceptibility to group pressure. The article also examines the influence of individual, group, situational, and cultural factors on conformist behavior. It is emphasized that self-esteem, anxiety level, group size, and group cohesion can affect the level of conformity. The authors demonstrate that conformity is higher in collectivist cultures than in individualistic cultures. In addition, gender aspects of conformist behavior are analyzed.

Keywords: temperament, conformity, personality, social pressure, conformist behavior, nervous system, temperament type, group relations, extrovert, introvert.

Дар бораи муаллифон

Маҷидова Бибиҳафиза
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: bmacidova@gmail.com

Аминов Абдулмаҷид Исоқович
Муаллими калони кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: toj1k92@mail.ru

Об авторах

Маджидова Бибихафиза
Доктор педагогических наук, профессор кафедры специальной педагогики и инклюзивного образования
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: bmacidova@gmail.com

Аминов Абдулмаджид Исоқович
Старший преподователь кафедры общей и педагогической психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: toj1k92@mail.ru

About the authors

Majidova Bibikhafiza
Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Special Pedagogy and Inclusive Education
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: bmacidova@gmail.com

Aminov Abdulmajid Isoqovich
Senior Lectuter, Department of General and Pedagogical Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: toj1k92@mail.ru

ТДУ 159.922.73

НАҚШИ МУАССИРИ ИНСТИТУТИ ОИЛА ДАР РУШДУ ТАШАККУЛИ ҲАМАҶОНИБАИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ АЗ ДИДГОҲИ ПСИХОЛОГИЯИ МУОСИР

Ғаниева Б. Ҷ.
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Оила ҳамчун нахустин институти иҷтимоӣ заминаи мусоидест, ки пояҳои ҷамъияти инсонӣ тавассути он устувор аст. Маҳз дар муҳити созгори оила қобилияту истеъдод, ахлоқу одоб, нутқ, ирода, тафаккур, шавқу рағбат, урфу одат, расму оин, худшиносӣ, ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва дигар сифатҳои иродавӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, дар ҷомеаи муосир ташкил ва ташаккули оилаи солим яке аз масъалаҳои муҳиму ҳалталаб ба шумор меравад. Барои тарбияи насли аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ солим танҳо бунёди оилаи солим ва устувор замина ва имкониятҳои муҳимро муҳайё месозад.

Хушбахтона, дар кишвари мо оила дар ҳимояи давлат қарор дошта, пайваста нисбат ба рушду такомули он ғамхорӣ зоҳир мегард. Дар кишвари мо оила дар ҳимояи давлат қарор дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар суханронияш оид ба бунёди оилаи солиму устувор, тарбияи фарзандони солеҳ, рушду парваришу омӯзиши наслҳои имрӯзу оянда дар руҳияи ватандӯстӣ, баҳри пойдорию устувории Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, оилаи солиму фарзандони солеҳро асоси давлату миллати устувору солим арзёбӣ менамояд. “Ташкили оила дар ҳаёти инсон вазифаи басо муҳим ва масъулиятнокест. Оила зиндагиро мукаммал месозад, бахту саодат меорад, аммо ҳар як оила пеш аз ҳама масъулияти азим ба дӯш дошта, он аҳаммияти давлатӣ дорад” [6, с.44]. Дар ниҳоди фарзандон парваридани арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ, худогоҳию хештаншиносӣ, ватандӯстию ватанпарварӣ, башардӯстию адолатпарварӣ вазифаи оила маҳсуб меёбад. . “Оила ва ҷамъият шахсони хирадманд, хушахлоқ ва баркамолро мепарастанд!” [6, с.10]. Барои мардуми тамаддунофари тоҷик оила ниҳоди муқаддас эътироф гаштааст. Зеро барои инсон оила ягона ҷоест, ки он ҷо оромиш дорад ва ҳар куҷое, ки равад, ҳамеша қувваи ҷозибаи оила ӯро ба худ ҷазб мекунад. Оила чун ниҳоди асосии ҷомеа, макони тарбияи маънавӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ буда, муваффақу комёб гаштани он ба ҳар узви он вобастааст, ба хусус ба падару модар. Оилаи муосир дар рушди маърифатӣ ва омӯзишу парвариши кӯдак нақши муҳим мебозад. Волидон нахустомӯзгори фарзандон буда, дар онҳо шавқи донишандӯзӣ, малакаҳои тафаккур, нутқ ва худтанзимкуниро ташаккул медиҳанд. Аз нигоҳи Лев Выготский, омӯзиши кӯдак дар минтақаи рушди наздик бо иштироки фаъолонаи калонсолон сурат мегирад. Маҳз падару модар барои фаъолияти ҳамҷоя муошират муколама, интиқоли таҷриба, мутолиаи китоб, муҳокима ва шарҳи рӯйдоду воқеаҳо, машғулиятҳои эҷодӣ шароити мусоид фароҳам меоранд, ки метавонад рушди зеҳн, хаёлот ва тафаккури интиқодии кӯдакро тақвият бахшад..

Аз нигоҳи психологияи муосир муҳити оилавӣ шавқу рағбат ба омӯзишро тақвият бахшида, дар кӯдакон муносибати мусбатро ба он ташаккул медиҳад. Аҳаммияти махсус дар оилаи муосир ба тарбияи эҳсосӣ дода мешавад. Дар замони муосир сатҳи баланди стресс яке аз паҳншудатарин шиддатнокии баланди руҳӣ маҳсуб меёбад. Дар баробари ин сарбории зиёди иттилоотӣ, набз ва характери фаъолият боис мегардад, ки кӯдакон бештар бо мушкилоти эҳсосӣ, изтироб ва ноустуворӣ рӯ ба рӯ шаванд. Дар ин самт маҳз оила омили асосии дастгирии эҳсосӣ ва ҳифзи равонии кӯдак мебошад.

Оила муасиссаи аввалини иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки тавассути он кудак меъёр ва арзишҳои иҷтимоиро аз худ мекунад, соҳибтаҷриба мешавад ва ба фазои васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ ворид мегардад [5, с.178]. Осудагию оромии оила ободиву суботи ҷомеаро дар пай дорад. Дар ниҳоди фарзандон парваридани арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ, худогоҳию хештаншиносӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ, башардӯстиву адолатпарварӣ вазифаи оила ба ҳисоб меравад. “Мо сифатҳои одамият, одамдӯстӣ, поквичдонӣ, ростгӯӣ, хоксорӣ, ҳалимӣ, оштинопазирӣ нисбат ба беадолатиро аввалан дар хона меомӯзем” [9, с.238].

Оила ҳамчун омили пешбарандаи рушди шахсияти кӯдак муайянкунандаи сарнавишти ояндаи ӯ буда, равиши зиндагии ӯро дар ҳолати муътадил нигоҳ медорад. Оила институти ягонаи иҷтимоиест, ки дар он давраи аввалини мутобиқшавии ҳаёти инсон сурат гирифта,

низоми муносибатҳои ӯ бо худ, наздикон ва шаклҳои гуногуни фаъолият муайян карда мешавад.

Муҳити тарбиявии оила нахустин омили тарбия тавсиф шуда, дар он ҳаёт ва фаъолияти кӯдак ба роҳ монда мешавад. Кӯдак ҳанӯз аз замони туфулият ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ ташаккул меёбад ва муҳити зист барои ӯ на танҳо шарт, балки манбаи рушд низ мебошад. Барои кӯдак оила макони аслии зисти ӯ маҳсуб ёфта, ҳузури одамони наздик дар оила ба кӯдак таъсиргузор аст. Хислатҳои меҳрубонӣ ё номеҳрубонӣ, ҷасурӣ ё тарсуӣ, устуворӣ ё ноустувориро кӯдак аз шахсони наздик ба худ мегирад. Маҳз дар оила кӯдак дар бораи худу олами ҳастӣ донишҳои зарурӣ пайдо мекунад. Ба андешаи В.А.Сухомлинский “оила муҳити аввалинест, ки дар он инсон бояд некӣ карданро омӯзад”. Агар волидон нерӯи баланди маданию маърифатӣ дошта бошанд, вай на танҳо асосҳо, балки маърифатро дар кӯдакон дар тамоми умр идома медиҳанд.

Ташаккули шахсияти кӯдак дар оила масъалаи асосии психология ва педагогика мебошад. Шахсияти кӯдакро дар оила чӣ шакл медиҳад? Магар ин танҳо таҳкими бевоситаи ғояву дидгоҳи дуруст ва намунаи шахсии волидайн аст? Рушди кӯдак бо нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми муносибатҳои оилавӣ, инчунин хусусияти ин муносибатҳо муайян карда мешавад. Волидон ба сифати аввалин тарбиятгари фарзандон таъсири амиқ доранд, ки ин аз таъсири мураббияи боғча, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ва омӯзгорони фаннӣ бештару амиқтар аст. Зеро худи табиат ба онҳо дар тарбияи фарзанд бартарӣ медиҳад. Муошират бо волидон дар кӯдакон фазои муътадили зиндагӣ, ҳисси эътимоду боварӣ ва амнияту бехатариро ба вуҷуд меорад.

Хусусияти дигари тарбияи оилавӣ ин аст, ки дар оила ҳамчун гурӯҳи хурди иҷтимоӣ нафарони синну соли гуногун ҳаёт ба сар мебаранд. Ба он намояндагони якчанд насл дохил мешаванд, яъне падару модар, бобою бибӣ ва бобокалону модаркалон. Вобаста ба давру замон ин маънои гуногунии арзишҳо, меъёрҳо, ғояҳо, нуқтаи назар ва эътиқодҳоро дорад. Дар як маврид як нафар дар оила метавонад ҳам тарбиятгар ва ҳам тарбиятгиранда бошад. Новобаста аз ин печидагиҳо, зарфиятҳо ва зиддиятҳо аҳли оила якҷоя вақт мегузаронанд, рӯзгорро якҷоя идора мекунанд, иду тантанаҳоро ҷашн мегиранд, расму анъанаҳои оилавиро эҷод мекунанд ва ба муошрату муносибатҳои гуногун ворид мешаванд.

Оила ба инкишофи шахсияти кӯдак метавонад бо роҳҳои зерин таъсиргузор бошад ва нақши оила аз дидгоҳи психологияи муосир дар чунин ҳолатҳо зуҳур меёбад:

- Оила маконест, ки кӯдак дар он ҷо худро роҳат ҳис карда, эҳсоси бехатарӣ мекунад. Инчунин оила ҳисси бехатарии кӯдакро ҳангоми муошират бо олами беруна ва омӯхтани усулҳои нави кашф ва вокуниш ба он кафолат медиҳад. Дастгирии эмотсионалӣ ва муҳаббати пайвандон рушди солимии психологии кӯдакро тақвият мебахшад.

- Кӯдакон аз падару модари худ намунаҳои муайяни рафторро меомӯзанд. Ё худ бо истифодаи панду андарз ва ё ҳикояву афсонаҳои таъсирбахш волидон метавонанд ба кӯдак таъсиргузор бошанд.

-Волидайн манбаи таҷрибаи ҳаётан муҳим мебошанд. Беҳуда нагуфтаанд:

Ҷавон гарчи шоҳи дабирон бувад,

Ба вақти чора муҳтоҷи пирон бувад.

Яъне таҷрибаи волидон барои фарзандон василаи омӯзиш аст.

- Волидайн ба рафтори кӯдак тавассути намуна овардани рафтори нек ва ташвиқи он ё худ рад кардани рафтори муайян, инчунин бо истифода аз ҷазо ё додани дараҷаи қобили қабули озодӣ дар рафтори кӯдак таъсир мерасонанд.

-Муошират дар ҳама намуди фаъолияти инсон зоҳир мегардад. Муошрати оилавӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки ақидаҳо, меъёрҳо, муносибатҳо ва ғояҳои худро ташаккул диҳад. Яке аз омилҳои муҳимми рушди кӯдак сифати муошират дар оила мебошад. Инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак аз возеҳу равшан будани муошрати байни аъзоёни оила низ вобаста аст.

- Фарогирии кӯдак ба тамоми фаъолиятҳои ҳаётан муҳим - зеҳнӣ ва маърифатӣ, меҳнатӣ, иҷтимоӣ, эҷодӣ, бозӣ ва муошрати озод.

- Дар замони муосир, ки пур аз таҳаввулотиу тағйирот аст, маҳз оила метавонад кӯдакро ба ин тағйироту навгониҳо омода созад ва ба ин васила мутобиқшавии онҳоро таъмин намояд.

-Таъсири оила ба кӯдак дар тамоми умр идома меёбад., ки он мунтазам ва ҳар рӯзу ҳар вақти сол ба амал омаданаш имконпазир аст. Таъсири мусбату манфии онро ҳангоми аз оила дур будан: дар боғча, мактаб ва баъдтар дар кор ва дар сафар будан идрок менамояд.

- Таъсири оила ба кӯдак баробари тарбия ва рушд ба таълим низ нигаронида шудааст. Волидон дар оила метавонанд ба рушди зеҳнӣ ва омӯзиши кӯдак саҳмгузор бошанд.

- Барои рушду тарбия ва омӯзиши кӯдак ҳар як ҳодиса ва рӯйдоди гуворо ё ногуворе, ки дар оила рӯй медиҳад, метавонад таъсиргузор бошад.

Оила фазои муайяни ахлоқиву равонӣ буда, дабистони нахустини муносибатҳои иҷтимоӣ барои кӯдак маҳсуб меёбад. Кӯдак тасаввуротҳои нахустинро дар боби некию бадӣ, одобу ахлоқи накӯ, поквичдонӣ, ботамизӣ, покдилӣ ва бонангу номусӣ, ҳақиқат, адлу инсоф, сабру таҳаммул, эҳсоси муҳаббат, дӯстӣ, масъулият ва эҳтиром ба арзишҳои моддӣ ва маънавиро маҳз дар оила аз шахсони наздики худ меомӯзад.

Тасаввуротҳои кӯдакон дар бораи оила дар заминаи омилҳои умумӣ: фазои психологӣ, ҳаётбахшӣ, ҷанбаҳои эҳсосӣ, талабот, дарки олами иҳоташуда, ташкили низоми оила ташаккул меёбад. Хусусияти назаррас дар ин ҳолат фазои беназири оила, чаҳорчӯбаи он, робитаи оила бо ҷаҳони беруна, дараҷаи ошкорбаёнии он мебошад, ки бо фаъолияти оила дар доираи ҷомеа дар маҷмуъ алоқаманд аст.

Дар маҷмуъ, оилаи муосир барои кӯдак бояд дабистони воқеӣ бошад, ки ҳам расму оин, арзишҳои анъанавиро ҳифз кунад ва ҳам бо ҷаҳони пуртаҳаввулоту тағйирёбанда мутобиқ шавад, то кӯдаки солим ва хушахлоқ ва муаддабро тарбия кунад. Маҳз дар оила кӯдак мустақилӣ, матонат, боварӣ, муҳаббат, самимият, муносибат, муошират, ахлоқи накӯ, шарму ҳаё ва хусусиятҳои барҷакси зикршударо пайдо карда, меомӯзад. Бо вуҷуди бартариятҳои зиёд таъсири тарбиявии оила нисбат ба дигар институтҳои иҷтимоӣ маҳдуд аст. Яъне оила аз доираи имкониятҳои фардии хешовандон, сатҳи рушди онҳо, омодагии зеҳнӣ ва фарҳангӣ ва шароити зист берун нест.

Муносибатҳои оилавӣ муҳимтарин ва пойдортарин муносибатҳои инсонӣ мебошанд. Аз ҷумла муносибатҳои психологӣ ошкорбаёнӣ, боварӣ, ғамхорӣ ба аъзои оила, дастгирии эмотсионалию маънавии ҳамдигарро дар бар мегиранд. Низоми мураккаби муносибатҳо ба рушд, таълим ва тарбияи кӯдак бевосита таъсир мерасонад. Дар ин муносибатҳо ҳам мувофиқат ва ҳам ихтилоф вуҷуд дошта ба раванди рушд, таълим натиҷаи тарбияи волидон таъсири мусбат ё манфӣ мерасонад. Чӣ бояд кард, ки таъсири мусбати оила ба кӯдак бештар ва таъсири манфӣ камтар шавад? Дар бисёр маврид мунтазам вайрон шудани одоби муносибатҳои дохили оила аз ҷониби падару модар: ба якдигар бовар, таваҷҷуҳ, эҳтиром, ғамхорӣ, дастгирӣ надоштан омили асосии дар таълим, рушд ва тарбия халал ворид кардан мегардад. Дар ҳоле, ки ҳамсарон бо ҳам дар сатҳи шахсони баркамол муносибат надошта бошанд, якдигарро чуноне ки ҳастанд қабул надоранд, шавқу рағбатҳо гуногун, манфиатҳо дигаргунаанд дар рушду тарбияи кӯдак муваффақ шудан мушкил мегардад. Барои аз байн бурдани таъсироти ин омилҳо дар рушду тарбияи фарзанд оила муаззаф аст. Педагоги барҷастаи шуравӣ В.А.Сухомлинский қайд менамояд: “Дар оилаҳое, ки муносибати ҳамсарон мусолиҳатомезу муносиб аст, роҳ барои фарзандон ҳамеша боз аст. Дар ин оила эътимоду бовариҳо бо зебогиҳои инсоният ва ороишу амнияти ботинӣ зиёд аст. Онҳо ба ҳар чӣ, ки ғайриахлоқӣ ва ё зиддиҷтимоӣ аст, оштинопазирона муносибат мекунанд [7, с. 19].

Дар оила баъзан ҳолатҳое мешаванд, ки он барои кӯдак дар тамоми давраи зиндагияш таъсири манфиро боқӣ мегузорад. Мисол, барои фарзанд дар рӯзҳои аввали ҳаёт аз модар ҷудо шудан басо хатарзо аст. Вале он ҳолати паҳншуда нест. Аммо аз падар ҷудо ба воя расидан бештар ба назар мерасад, яъне ҳолати паҳншуда аст, ки ба он чандон таваҷҷуҳ карда намешавад. Кӯдаки бе падар ба воя расида, аз таъсири боварибахшу оромишбахшанда, тамкин ва сабақи ибратомӯзи падар маҳрум мегардад. Чунин фарзандон дар ҷомеа дар худ эҳсоси нобоварӣ ва ноустуворӣ пайдо карда, мавқеашонро наёфта раҳгум мезананд. Дар оила модар ба фарзанд дарси одамияту инсонгароӣ меомӯзаду падар бошад, ӯро ба омӯзиши тартибу низом ва муносибатҳои ҷамъиятӣ раҳнамоӣ мекунад. Ба қавли М.Шварс: “модар моро ба инсон наздик менамояду падар ба инсоният (ҷамъият)”.

Дар оила падару модар ҳамеша дар як радиф қарор доранд. Марду зане, ки соҳибмаърифату хирадманд, соҳибилму соҳибҳунаранд, ҳар оина метавонанд муассиси оилаи солим ва фарзандони солеҳу намуна, хушрафтору хушахлоқ бошанд. “Муносибатҳои кунунии издивоҷу хонадорӣ тақозо мекунад, ки шавҳар ва зан дараҷаи баланди фарҳанги маънавию ахлоқӣ ва психологию педагогӣ дошта бошанд. Ба насли наврас ҳаматарафа бояд мадад расонд, то ки сифатҳои шахсияташонро бомуваффақият инкишоф диҳанд, ба сифатҳои худ ва сифатҳои дигарон сарфаҳм рафта тавонанд” [9, с.238].

Соҳибмаърифат будани марду зан метавонад оиларо аз ҳама гуна зиёну зарар эмин дорад. Ва зиндагии хушбахтонаро барои ҳама аъзои оила таъмин созад. Бузурге гуфтааст:

Оила бошад зи ду кас бегазанд,
Марди низомию зани ҳушманд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”, ки сирф қонуни миллӣ буда, аз нигоҳи коршиносон падидаи нодир эътироф гаштааст, дар ҳалли мушкилоти оилаҳо, ба воя расондани насли солиму бунёдкор ва ободгару созанда такони ҷиддие гардид. Ҳадафи асосии ин қонун дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ тарбия намудани кӯдак мебошад ва ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона карда шудааст.

Таълиму тарбияи кӯдак ба воя расонидани насли солиму тарбиядида ва омода намудани мутахассисони баландихтисосу бомаърифат, навовару эҷодкор, мустақилу босалоҳият мебошад, ки пешрафту тараққиёт ва ободии ояндаи ватани азизамон ба зиммаи онҳо гузошта хоҳад шуд. Ба ин васила ин қонун таҳкимбахши масъулияти падару модар ва баъдан мактабу ҷомеа мебошад..

Фарзанд чун гуфтору рафтор, ҳарфу амали падару модарро яксон мебинад, ӯ ҳаминро меомӯзад, ки ин шарти нахустини тарбияи фарзанди накӯхисолу накӯрафтор мебошад. Якдигарро эҳтиром кардани падару модар беҳтарин намуна барои фарзанд буда метавонад. Унсурулмаолии Кайковус дар “Қобуснома”- и хеш мефармояд: “...падару модарро ҳам тавон аст, ҳам фармон. Аммо тавон аст ба парвардани ту ва фармон аст ба хубӣ омӯхтан” [8, с. 26]. Аз ин рӯ, муҳити оила, муносибати волидайн, кору рафтори онҳо ба тарбияи фарзанд таъсирбахш аст.

Хулоса, оилаи муосир барои кӯдак бояд дабистони воқеӣ бошад, ки ҳам расму оин, арзишҳои анъанавиро ҳифз кунад ва ҳам бо ҷаҳони пуртаҳаввулоту тағйирёбанда мутобиқ шавад, то кӯдаки солим ва хушахлоқ ва муаддабро тарбия кунад ва ба хотири оилаи солим доштан дар муносибат бо фарзандон ҳамеша ҳалиму ғамхор ва меҳрубон будан лозим мешавад. Фазои мусоиду солими оила имкон медиҳад, ки аъзоёнаш роҳат, якдилу бомулоҳиза ва нисбати якдигар муҳибу дилсӯз бошанд. Ҳамарӯза аз омӯзишу парвариши онҳо дар хона ва мактаб бохабар буда, ба роҳи рост ҳидоят намудан ин вазифаи муқаддаси оила ба шумор меравад. Ба хотири фардои неки онҳо падару модар бояд барои кӯдакон намунаи ибрат бошанд. Оила ва ҷомеа мақсад нақша, талабот ва ниёзҳои худро доранд. Дар замони пуртазод, пуртаҳаввулот ва ҷаҳонишавӣ ояндаи ҷомеа аз солимӣ, сатҳи маърифатнокӣ, маънавиёти баланд, одобу ахлоқ, эҳтироми арзишҳои умумибашариву миллии ҳар як узви он вобаста аст. Чунин нафарон дар ҷомеа метавонанд интихоби роҳи дуруст- ҳамзистии осоишта, маърифату ахлоқи накӯи инсониро пеша намуда, оилаҳои солимро ташкил намуда, баҳри ҷомеаи башарӣ нафъовар ба воя расанд.

Адабиёт

1. *Афанасева Т. М. Оила. - Душанбе, 1987. - 256 с.*
2. *Абӯалӣ ибни Сино. Тадбири манзил. Осори мунтахаб. Ҷилди дуюм. - Душанбе, 1983.*
3. *Қодиров С., Давлатов М.Психологияи иҷтимоӣ. - Душанбе: Сино, 2004.*
4. *Лутфуллоев М. Педагогикаи башар. - Душанбе, 2008. - 243 с.*
5. *Мирзоева Ш.Г. Трансформатсияи фарҳанги оиладории ҷавонон дар Тоҷикистон // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Нақши институти оила дар рушди босуботи давлатдории миллӣ”. - Душанбе, 2022. - 277 с.*
6. *Раҳимзод Ҳ.Л. Асосҳои оила ва оиладорӣ. – Хуҷанд, 2005. - 162 с.*
7. *Сухомлинский В.А. О воспитание. Издательство Концептуал, 2019. - 320 с.*
8. *Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Душанбе: 2014, 248 с.*
9. *Шарифзода Ф. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим, Душанбе, 2020.- 484 с.*
10. *Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. – Душанбе, 2010. – 544 с.*

НАҚШИ МУАССИРИ ИНСТИТУТИ ОИЛА ДАР РУШДУ ТАШАККУЛИ ҲАМАҶОНИБАИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ АЗ ДИДГОҲИ ПСИХОЛОГИЯИ МУОСИР

Муаллифи мақола нақши оиларо дар таълим, тарбия ва рушди кӯдак аз дидгоҳи психологияи муосир мавриди таҳлилу пажӯҳиш қарор додааст. Муаллиф мақому ҷойгоҳи оиларо дар омӯзиш, тарбия ва рушди кӯдак муҳим мешуморад. Муносибатҳои оилавӣ муҳимтарин ва пойдортарин муносибатҳои инсонӣ мебошанд. Аз ҷумла муносибатҳои психологӣ ошкорбаёнӣ, боварӣ ва ғамхорӣ ба якдигар, дастгирии эмотсионалӣ ва маънавии ҳамдигарро дар бар мегиранд. Низоми мураккаби муносибатҳо ба рушд, таълим ва тарбияи кӯдак бевосита таъсир мерасонад. Дар маҷмуъ, оилаи муосир барои кӯдак бояд дабистони воқеӣ бошад, ки ҳам расму оин, арзишҳои анъанавиро ҳифз

кунад ва ҳам бо ҷаҳони пуртаҳаввулоту тағйирёбанда мутобиқ шавад, то кӯдаки солим ва хушахлоқ ва муаддабро тарбия кунад.

Калидвожаҳо: оила, волидайн, кӯдак, рушд, таълим, тарбия, арзишҳои маънавию ахлоқӣ, сифатҳои шахсият, насли солим, муносибатҳои оилавӣ.

ЭФФЕКТИВНАЯ РОЛЬ ИНСТИТУТА СЕМЬИ В РАЗВИТИИ И ВСЕСТОРОННЕМ ФОРМИРОВАНИИ ЛИЧНОСТИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ СОВРЕМЕННОЙ ПСИХОЛОГИИ

Автор данной статьи проанализировал роль семьи в воспитании и образовании ребенка с психологической и современной точек зрения. Автор считает, что роль и место семьи в воспитании и образовании ребенка имеют важное значение. Семейные отношения — самые важные и прочные из всех человеческих отношений. Психологические отношения характеризуются открытостью, доверием и взаимной заботой, а также эмоциональной и духовной поддержкой. Сложная система взаимоотношений напрямую влияет на развитие, образование и воспитание ребенка. В целом, современная семья должна быть настоящим детским садом для ребенка, сохраняя обычаи, традиции и ценности, одновременно адаптируясь к быстро меняющемуся миру, чтобы вырастить здорового, воспитанного и хорошо воспитанного ребенка.

Ключевые слова: семья, родители, ребенок, развитие, образование, воспитание, духовные и моральные ценности, черты характера, здоровое потомство, семейные отношения.

THE EFFECTIVE ROLE OF THE FAMILY IN THE DEVELOPMENT AND OVERALL FORMATION OF ELEMENTARY SCHOOL CHILDREN'S PERSONALITIES FROM THE PERSPECTIVE OF MODERN PSYCHOLOGY

The author of this article analyzed the role of the family in a child's upbringing and education from a psychological and modern perspective. The author believes that the role and place of the family in a child's upbringing and education are crucial. Family relationships are the most important and lasting of all human relationships. These psychological relationships are characterized by openness, trust, and mutual care, as well as emotional and spiritual support. A complex system of relationships directly impacts a child's development, education, and upbringing. In general, a modern family should be a true kindergarten for a child, preserving customs, traditions, and values while adapting to a rapidly changing world to raise a healthy, well-behaved, and well-mannered child.

Keywords: family, parents, child, development, education, upbringing, spiritual and moral values, character traits, healthy offspring, family relationships.

Дар бораи муаллиф
Ганиева Бунафша Ҷумабоевна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734009, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33
E-mail: simin62@inbox.ru

Об авторе
Ганиева Бунафша Джумабоевна
Кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии и социологии управления
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734009, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саида Носира, 33
E-mail: simin62@inbox.ru

About the author
Ganieva Bunafsha Jumaboevna
Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Psychology and Sociology of Management
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734009, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Street, 33
E-mail: simin62@inbox.ru

ТДУ 159.922.7:37.015.3

ТАЪСИРИ ПСИХОЛОГӢ ВА ПЕДАГОГИИ ОМИЛҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ СИННУСОЛИИ ХОНАНДАГОН БА САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ (аз нуқтаи назари Л.С.Виготский ва А.Леонтев)

Носирова Г. М.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар шароити муосири рушди низоми маориф масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ яке аз самтҳои муҳим ба шумор меравад. Самаранокии раванди таълим на танҳо аз мазмуну усулҳои омӯзиш, балки аз омилҳои психологӣ, педагогӣ ва хусусиятҳои синнусолии хонандагон низ вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши таъсири муҳити таълимӣ, муносибати омӯзгор бо хонанда ва инкишофи равонии шахсият дар ҷараёни таҳсил аҳаммияти махсус касб менамояд.

Дар замони муосир, илмҳои педагогика ва психология муайян намудаанд, ки таълим дар раванди инкишофи кӯдак наметавонад танҳо ба сатҳҳои аллакай ташаккулёфтаи фаъолияти равонӣ маҳдуд гардад, балки пеш аз ҳама ба он функсияҳои психикӣ нигаронида мешавад, ки дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, зери таъсири мақсадноки педагогӣ фаъол ва такомул меёбанд. Ба ибораи дигар, таълим ҳамчун омили пешбарандаи рушди равонӣ баромад намуда, на танҳо натиҷаҳои қаблан ҳосилшудаи инкишофро инъикос мекунад, балки ба шаклгирӣ ва густариши равандҳои нави психикӣ мусоидат менамояд.

Ба воситаи таҳлили мазкур тасмим гирифтаем, таъсири омилҳои психолого-педагогии раванди таълим ва хусусиятҳои синнусолии хонандагон ба самаранокии фаъолияти таълимро то ба қадри имкон муайян намоем. Таҳлил дар заминаи консепсияҳои назариявии Л.С.Виготский ва А.Н.Леонтев анҷом дода мешавад. Дар асоси назарияи инкишофи фарҳангӣ-таърихии Выготский, махсусан мафҳуми «минтақаи рушди наздик», нишон дода мешавад, ки самаранокии таълим ба сатҳи ҳамкории педагог ва хонанда ва ташкили дурусти дастгирии таълимӣ вобастагии мустақим дорад. Ҳамзамон, назарияи фаъолияти Леонтев имкон медиҳад, ки раванди таълим ҳамчун низоми мураккаби фаъолият, ки бо ангезаҳо, мақсадҳо ва амалиётҳо муайян мегардад, таҳлил карда шавад.

Масалан, омӯзиши хатнависӣ дар кӯдакон одатан дар марҳилае оғоз мегардад, ки маҷмуи функсияҳои зарурии психикӣ барои ташаккули нутқи хаттӣ ҳанӯз ба сатҳи пурра нарасидаанд. Бо вуҷуди ин, маҳз дар ҷараёни таълим ва азхудкунии фаъолонаи ин малакаҳо, фаъолияти нутқии кӯдак тадриҷан хусусияти шуурнок ва танзимшавандаро касб мекунад. Дар натиҷа, на танҳо қобилияти навиштан, балки ҷанбаҳои муҳимми фаъолияти маърифатӣ, аз ҷумла рушди тафаккур, худназоратӣ ва мустақилияти зеҳнӣ низ такмил меёбанд.

Дар ҳамин замина, мафҳуми давраҳои сенситивӣ (ҳассос) аҳаммияти назарраси назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Давраҳои сенситивӣ ҳамчун марҳилаҳои хоси инкишофи психикӣ тавсиф мегарданд, ки дар онҳо қобилияти қабули таъсири педагогӣ ба ҳадди олӣ расида, шароити мусоид барои ташаккул ва такомули функсияҳои равонӣ фароҳам меояд. Маҳз дар чунин давраҳо таъсири таълимӣ метавонад ба натиҷаҳои назаррас ва устувор оварда расонад, дар ҳоле ки берун аз ин марҳилаҳо самаранокии ҳамон таъсир ба таври назаррас коҳиш меёбад.

Дар баробари ин: “Дараҷаи дуюм — минтақаи наздиктарини рушд — имкониятҳои эҳтимолии инкишофи кӯдакро дар бар мегирад. Дар ин сатҳ, гарчанде ки кӯдак ҳанӯз қодир нест вазифаҳоро мустақилона иҷро кунад, аммо бо дастгирии омӯзгор, истифодаи роҳнамоии мақсаднок, саволҳои ҳидояткунанда ва намунаҳои амалӣ метавонад онҳоро ҳал намояд. Маҳз ин минтақа нишондиҳандаи потенсиали рушди минбаъдаи кӯдак ба ҳисоб рафта, самти асосии таъсиррасонии таълимро муайян мекунад” [2, с. 26].

Таълим ба фаъолсозии минтақаи наздиктарини рушд нигаронида шуда, тадриҷан он функсияҳои психикиро, ки аввал дар сатҳи эҳтимолӣ қарор доранд, ба дараҷаи инкишофи актуалӣ интиқол медиҳад. Чунин гузариш дорои аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ мебошад, зеро моҳияти динамикии робитаи байни таълим ва инкишофро ошкор намуда, имконият медиҳад, ки таҷрибаи педагогӣ ба таври илмӣ асоснок такмил дода шавад. Дар натиҷа, интихоби усул ва шаклҳои таълим ба самте равона мегардад, ки рушди зеҳнӣ ва маърифатии хонандагонро бештар таъмин менамояд.

Раванди таълим бояд на ба сатҳи аллакай ташаккулёфтаи инкишоф, балки ба минтақаи наздиктарини рушд нигаронида шавад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки функсияҳои психикӣ дар ҳолати ташаккул фаъол гарданд ва рушди шахсият ба таври динамикӣ ва пайдарпай таъмин карда шавад. Ин мавқеъ бо назарияи фаъолияти А. Леонтев низ мувофиқат дошта, таъкид мекунад, ки: “Рушди равонӣ дар раванди фаъолияти мақсаднок ва иҷтимоишуда амалӣ мегардад” [7, с. 55].

Бо вуҷуди ин, таҳлили маводи таҷрибавии бадастомада нишон медиҳад, ки минтақаи наздиктарини рушд наметавонад ҳамчун ягона механизми таъсиррасонии таълим ба инкишофи кӯдак арзёбӣ гардад. Нақши таълим фарохтар буда, он на танҳо тавассути кӯмакрасонии мустақими калонсол — дар шакли саволҳои ҳидояткунанда, пешниҳоди намунаҳо ва тақлид — амалӣ мегардад, балки ҳамчунин тавассути ташкили мақсадноки фаъолияти мустақилонаи хонанда низ ба роҳ монда мешавад. Ба ибораи дигар, педагог метавонад муҳити таълимиро ба тавре созмон диҳад, ки хонанда бидуни дастгирии бевосита, мустақилона масъалаҳоро ҳал намояд ва дар раванди ин фаъолият ба сатҳи нави инкишофи зеҳнӣ расад.

Дар чунин ҳолат, гарчанде ки унсури тақлид пурра аз байн намеравад, аммо он бо фаъолияти мустақили маърифатӣ ҳамоҳанг гардида, ба рушди амиқтари равандҳои зеҳнӣ мусоидат мекунад. Ҳалли мустақилонаи масъалаҳо имконият медиҳад, ки хонанда на танҳо донишҳои мавҷударо истифода барад, балки унсурҳои нави таҳлил, муқоиса ва хулосабарориро низ аз худ намояд. Ин раванд ба назарияи фаъолияти А.Леонтев мутобиқат дошта, таъкид мекунад, ки инкишофи психикӣ дар ҷараёни фаъолияти фаъол ва иҷтимоишуда амалӣ мегардад.

Масалан, дар шароите, ки хонанда бе ёрии мустақими омӯзгор ва бидуни саволҳои роҳнамо фаъолият мебарад, қобилияти мустақилияти зеҳнии ӯ фаъол гардида, равандҳои маърифатӣ ба таври худҷӯш инкишоф меёбанд. Ҳангоми иҷрои супориши ба тасвири растаниҳо, хонанда пайдарпай ба таҳлили объектҳо гузашта, хусусиятҳои морфологии онҳоро муайян менамояд. Дар марҳилаи аввал, ҳангоми тавсифи растании донагиҳо, ӯ бештар ба ҷудо намудани унсурҳои зоҳирӣ — шоха, гул, муғча ва барг — таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки ин ба сатҳи ибтидоии таҳлил ва тавсифи умумӣ ишора менамояд.

Ҳамин тавр, рушди фаъолияти зеҳнӣ дар ҷараёни чунин вазифаҳо хусусияти пайдарпай ва марҳилавӣ дошта, аз таҳлили одӣ ба шаклҳои мураккабтари маърифатӣ мегузарад, ки ин бори дигар робитаи мураккаб ва бисёрҷанбаи таълим ва инкишофро тасдиқ мекунад.

Дар ҷараёни мушоҳидаи шакли дуюми растании сабзавотӣ тағйироти сифатӣ дар фаъолияти маърифатии хонанда ба таври равшан зоҳир мегардад. Ӯ аз марҳилаи номбаркунии одии унсурҳои сохторӣ гузашта, ба таҳлили хусусиятҳои морфологӣ рӯ меорад: шакли баргҳоро («нӯгтез»), хусусияти сохтории онҳоро («буридашуда»), инчунин тафовутҳои зоҳирии пояро аз рӯи ғафсӣ ва тунукӣ қайд мекунад. Ин ҳолат далели гузариши фаъолияти зеҳнӣ аз сатҳи тавсифи ибтидоӣ ба сатҳи таҳлили муфассал ва тафриқавии объект мебошад, ки бо ташаккули унсурҳои фикрронии таҳлилӣ ва дифференсиалӣ тавсиф мегардад.

Дар тасвири растании сеюм (боз ягон шакли дигар) ин раванд боз ҳам амиқтар гардида, фаъолияти маърифатии хонанда хусусияти мураккабтар касб мекунад. Аз ҷумла, ӯ унсури нави объект — муғчаро ҷудо намуда, аломати ҷойгиршавии қисмҳоро («аз паҳлӯ») муайян месозад, хусусиятҳои қаблан даркшударо такмил медиҳад («тунук», «нӯгтез»), унсури муқоисавиро ворид мекунад («ба газна монанд аст») ва ниҳоят, андозаи гулҳоро ба таври тафриқавӣ арзёбӣ менамояд («хурдтар», «боз ҳам хурдтар», «базӯр намоён»). Ин тағйирот нишон медиҳад, ки фаъолияти зеҳнии хонанда ба сатҳи таҳлили муқоисавӣ, умумисозӣ ва дифференсиатсияи мураккаб мегузарад, ки нишонаи рушди босифати равандҳои маърифатӣ мебошад.

Таҳлили пайдарпайи се объект имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки ҳар як марҳилаи нави мушоҳида ба натиҷаҳои марҳилаи қаблӣ такя мекунад. Яъне, хонанда дар раванди таҳлили объекти нав аз таҷрибаи қаблан андӯхтаи худ истифода бурда, онро такмил ва ғанӣ мегардонад. Ин ҳолат ба хусусияти кумулятивии рушди маърифатӣ ишора намуда, инкишофи пайдарпай ва марҳилавии фаъолияти зеҳниро тасдиқ мекунад.

Хусусияти муҳимми таҷрибаи мазкур дар он аст, ки рушди фаъолияти зеҳнии хонанда бидуни дахолати мустақими омӯзгор, танҳо дар натиҷаи ташкили мақсадноки шароити таълимӣ таъмин мегардад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки таъсири таълим на танҳо тавассути

механизми минтақаи наздиктарини рушд, балки тавассути фаъолсозии захираҳои дохилии инкишоф ва ташкили фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ низ амалӣ мегардад.

Дар робита ба ин метавон таъкид намуд, ки мафҳуми минтақаи наздиктарини рушд танҳо яке аз механизмҳои асосии таъсиррасонии таълим ба раванди инкишофи психикӣ мебошад, вале онро набояд ҳамчун ягона воситаи шарҳи ин раванд маҳдуд намуд. Дар баробари он, шаклҳои дигари таъсири педагогӣ низ мавҷуданд, ки ба рушди маърифатии хонандагон мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, ташкили фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ, инкишофи қобилияти мушоҳида ва таҳлил, инчунин ташаккули малакаҳои муқоиса ва умумисозӣ аз ҷумлаи чунин механизмҳо ба ҳисоб мераванд.

Аз ин нуқтаи назар, минтақаи наздиктарини рушд дар робитаи зич бо дигар омилҳои инкишофи фаъолияти психикӣ қарор дошта, дар маҷмуъ як низоми ягона ва мураккаби таъсири педагогиро ташкил медиҳад. Ин низом имкон медиҳад, ки рушди шахсият на танҳо тавассути кӯмак ва роҳнамоии беруна, балки ҳамзамон тавассути фаъолсозии захираҳои дохилии маърифатӣ амалӣ гардад.

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки фаъолияти зеҳнии хонанда дорои хусусияти динамикӣ буда, дар ҷараёни таълим пайваста тағйир ва такомул меёбад. Рушди он метавонад на танҳо дар шароити дастгирии мустақими омӯзгор, балки тавассути фаъолияти мустақилона низ амалӣ гардад. Илова бар ин, таҷрибаи қаблан бадастомада ҳамчун заминаи муҳимми рушди минбаъда хизмат намуда, ба такмил ва ғанигардонии фаъолияти маърифатӣ мусоидат мекунад. Дар ин замина, раванди таълим бояд ба таври комплексӣ ва системавӣ ташкил гардида, ҳамаи механизмҳои асосии инкишофи равонӣ ба инобат гирифта шаванд.

“Ошкор намудани шаклҳои гуногуни алоқаи байни таълим ва инкишоф, инчунин таҳлили ҳамгироии онҳо, яке аз вазифаҳои муҳимми тадқиқоти психолого-педагогӣ ба ҳисоб меравад. Иҷрои ин вазифаҳо аҳаммияти назариявии хоса дорад, зеро ба дарки амиқтари қонуниятҳои робитаи мутақобилаи таълим ва инкишоф мусоидат менамояд” [2, с. 247]. Ҳамзамон, аҳаммияти амалии ин масъала низ бузург аст, зеро натиҷаҳои чунин таҳқиқот метавонанд барои такмили равандҳои таълимӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти педагогӣ истифода шаванд.

Дар ҳамин замина, консепсияи Л.Виготский дар бораи «минтақаи наздиктарини рушд» яке аз равишҳои калидии фаҳмиши робитаи таълим ва инкишоф ба ҳисоб меравад: “Ташкили ин минтақа ҳамчун шакли махсуси таъсиррасонии педагогӣ тавсиф мегардад, ки дар он омӯзгор тарзи иҷрои вазифаҳоро нишон дода, хонанда тавассути тақлид ва роҳнамоии мақсаднок онҳоро аз худ мекунад” [2, с. 114].

Бо вуҷуди аҳаммияти назариявии ин равиш, маҳдудияти муайяни он низ ба назар мерасад. Аз ҷумла: “Дар чунин шакли ҳамкорӣ нақши омӯзгор ҳамчун роҳнамо афзалият пайдо карда, имконияти рушди мустақилияти зеҳнии хонанда то андозае маҳдуд мегардад. Дар ҳоле ки, дар шароити таълими муосир, рушди фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонандагон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок баромад мекунад, ки ба ташаккули тафаккури эҷодӣ ва қобилияти худидоракунии маърифатӣ мусоидат менамояд” [7, с. 32].

Муносибати муосир ба масъалаи таълим ва инкишоф талаб мекунад, ки минтақаи наздиктарини рушд дар ҳамбастагӣ бо дигар шаклҳои фаъолияти маърифатӣ баррасӣ гардида, раванди таълим ба таври ҳамаҷониба ва интегративӣ ташкил карда шавад.

Бо вуҷуди ин, истифодаи мафҳуми минтақаи наздиктарини рушд дар ташкили раванди таълим аҳаммияти худро гум накарда, ҳамчун яке аз механизмҳои муассири таъсиррасонии педагогӣ боқӣ мемонад. Он имконият фароҳам меорад, ки хонандагон дар шароити дастгирии мақсадноки омӯзгор амалҳои нави маърифатиро аз худ намуда, тадриҷан аз сатҳи фаъолияти вобаста ба сатҳи фаъолияти мустақилона гузаранд. Дар ин раванд, таълим на танҳо интиқоли дониш, балки воситаи фаъолсозии потенсиали рушди зеҳнӣ мегардад.

Яке аз ҷанбаҳои калидии робитаи таълим ва инкишоф ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолии мактаббачагон мебошад. Таҳқиқотҳои соҳаи психологияи рушд нишон медиҳанд, ки ҳар як давраи синнусолӣ дорои имкониятҳо ва маҳдудиятҳои хоси худ буда, интихоби усул ва шаклҳои таълим бояд мутобиқ ба ин хусусиятҳо амалӣ гардад [7, с. 22]. Ин муносибат имкон медиҳад, ки таъсири педагогӣ самараноктар гардида, раванди азхудкунии дониш ва ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ мутобиқ ба сатҳи рушди кӯдак сурат гирад.

Дар ҳамин замина, масъалаи барвақт оғоз намудани таълим ва тарбия низ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Тибқи назарияҳои психологияи рушд: “Даврaҳои ибтидоии кӯдакӣ бо қобилияти баланди қабул ва азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ фарқ мекунанд. Дар ин марҳила, равони кӯдак ба таъсирҳои муҳити зист хеле ҳассос буда, ҳар гуна таҷрибаи бадастомада

метавонад ба ташаккули минбаъдаи шахсият таъсири муайян расонад” [4, с. 89]. Аз ин рӯ, беэътиноӣ ба тарбия ва таълими барвақт метавонад боиси аз даст рафтани имкониятҳои муҳимми рушди шахсият гардад.

Дар маҷмуъ, таҳлили масъала нишон медиҳад, ки робитаи таълим ва инкишоф дорои хусусияти мураккаб ва бисёрсатҳа мебошад. Минтақаи наздиктарини рушд ҳамчун яке аз унсурҳои асосии ин низом баромад намуда, дар баробари он дигар шаклҳои таъсиррасонии педагогӣ, аз ҷумла ташкили фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ ва мутобиқсозии таълим ба хусусиятҳои синнусолӣ низ нақши муҳим мебозанд.

Дар раванди тарбияи кӯдак риояи принсипи ягонагии таъсири тарбиявӣ низ зарур аст. Кӯдак бояд дар муҳити ҳамоҳанг ва муттаҳиди тарбиявӣ рушд ёбад, зеро гуногунӣ ва номувофиқии равишҳои тарбиявӣ метавонад боиси саргардонӣ ва ноустувории рафторӣ ӯ гардад. Ҳарчанд ҳар як узви оила ба кӯдак таъсири муайян мерасонад, ин таъсирҳо бояд ҳамоҳанг ва ба як ҳадафи умумӣ равона бошанд.

Мутаассифона, дар баъзе ҳолатҳо волидон ба масъалаи тарбияи кӯдак аҳаммияти кофӣ намедиҳанд ва онро ҳамчун равандест, ки худ аз худ ташаккул меёбад, қабул мекунанд. Аммо аз нуқтаи назари психолого-педагогӣ чунин муносибат нодуруст буда, метавонад ба ташаккули номукаммали сифатҳои шахсият оварда расонад.

Дар баробари ин, нақши волидайн дар раванди тарбия аз ҷиҳати илмӣ асоснок шудааст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи тифлӣ модар нақши калидӣ мебозад, зеро робитаи эҳсосии байни модар ва кӯдак дар ин марҳила ниҳоят қавӣ мебошад. Модар метавонад ҳисси амният, оромӣ ва муҳити мусоиди равониро таъмин намояд. Падар бошад, дар марҳилаҳои минбаъда, махсусан дар ташаккули сифатҳои иҷтимоӣ, иродавӣ ва масъулиятшиносӣ, нақши муҳимро иҷро мекунад.

Ҳамоҳангии таъсири тарбиявии оила ва муассисаҳои таълимӣ, инчунин ба назар гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ ва равонии кӯдак, шарти асосии рушди муваффақонаи шахсият ба ҳисоб меравад.

Таҳлили равандҳои тарбиявӣ нишон медиҳад, ки дар инкишофи шахсияти кӯдак пайдарҳамии муайяни таъсирҳо мушоҳида мегардад, ки ҳар яке дорои вазифаи махсус мебошад. Дар марҳилаи ибтидоӣ модар ҳамчун манбаи асосии тарбияи аввалин баромад намуда, заминаи эҳсосӣ ва амниятиро фароҳам месозад; дар марҳилаҳои минбаъда падар ба ҳайси омили муҳимми иҷтимоишавӣ ва ташаккули сифатҳои иродавӣ нақш мебозад; омӯзгор бошад, ҳамчун субъекти касбии таълим, рушди маърифатӣ ва зеҳнии кӯдакро роҳнамоӣ менамояд.

Дар илмҳои психология ва педагогика се усули асосии тарбияро фарқ мекунанд, ки он чунин шарҳ дода мешавад: “Авторитарӣ, демократӣ ва либералӣ — фарқ карда мешаванд, ки ҳар кадоми онҳо ба ташаккули шахсият таъсири хоси худро мерасонанд. Усули авторитарӣ, ки ба назорати сахт ва фишори равонӣ такя мекунад, метавонад ба ташаккули шахсияти вобаста, тарсончак ва камфаъол оварда расонад. Илова бар ин, чунин равиш дар баъзе ҳолатҳо сабаби пайдоиши аксуламалҳои манфӣ мегардад “[3, с. 72].

Дар муқобил, усули либералӣ, ки бо набудани назорати кофӣ ва бепарвоӣ тавсиф мешавад, метавонад ба ташаккули беинтизомӣ, масъулиятнопазирӣ ва суст гардидани малакаҳои иҷтимоӣ оварда расонад.

Аз нуқтаи назари илмӣ: “Усули демократӣ самараноктарин арзёбӣ мегардад, зеро он ба ҳамкории баробар, эҳтироми шахсияти кӯдак ва дастгирии эҳсосӣ асос ёфтааст. Дар чунин муҳит кӯдак имконияти рушди мустақилият, худназоратӣ ва қобилияти қабули қарорҳоро пайдо намуда, ҳамчун шахсияти фаъол ва эҷодкор ташаккул меёбад” [3, с. 89].

Дар маҷмуъ, истифодаи ҳар як усули тарбиявӣ бояд мақсаднок ва бо такя ба асосҳои илмӣ сурат гирад. Тарбия ва таълим ҳамчун равандҳои ҳамбаста бояд ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият равона гарданд, зеро набудани самтнокии педагогӣ метавонад ба ташаккули нодурусти арзишҳо ва рафтори иҷтимоӣ оварда расонад.

Аз дидгоҳи психологияи рушд: “Давраи кӯдакӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад, зеро маҳз дар ҳамин марҳила пояҳои асосии шахсият, ҷаҳонбинӣ ва рафтори иҷтимоӣ гузошта мешаванд. Тавре ки таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, рушди минбаъдаи инсон ба заминае такя мекунад, ки дар солҳои аввали зиндагӣ ташаккул ёфтааст” [4, с. 56]. Дар ин раванд нақши омӯзгор ва муҳити таълимӣ ниҳоят муҳим мебошад, зеро омӯзгор на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки ташкилкунандаи фаъолияти маърифатӣ ва роҳнамои рушди зеҳнии хонанда ба ҳисоб меравад. Нодуруст ташкил намудани раванди таълим метавонад дар марҳилаҳои баъдӣ боиси мушкилоти ҷиддии маърифатӣ ва иҷтимоӣ гардад.

Дар ҳамин замина, истифодаи усулҳои гуногуни таъсири педагогӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ, эҳсосӣ ва инфиродии кӯдак амалӣ гардад. Дар ҳолатҳои изтироби эҳсосӣ ё рафтори якравона, истифодаи усулҳои дастгирии эҳсосӣ ва ҳавасмандсозии мусбат — аз қабили таваҷҷуҳ, меҳрубонӣ ва тақвияти рафтори дуруст — нисбат ба усулҳои фишорӣ самараноктар арзёбӣ мегардад.

Дар ҳолатҳои такроршавии рафтори номатлуб, истифодаи сарзаниши педагогӣ ҳамчун воситаи танзими рафтор имконпазир аст, аммо он бояд кӯтоҳ, равшан, бо оҳанги ором ва бе таҳқири шахсияти кӯдак сурат гирад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки сарзаниши шадид ва аз ҳад зиёд метавонад ба коҳиши худбоварӣ ва пайдоиши изтироби дохилӣ оварда расонад.

Аз нуқтаи назари илмӣ: “Истифодаи усулҳои тарсондан (масалан, бо образҳои ваҳмангез) ҳамчун воситаи тарбия номақбул аст, зеро чунин амалҳо метавонанд ба ҳолати равонии кӯдак таъсири манфӣ расонда, боиси ташаккули тарсҳои устувор ва маҳдуд гардидани рушди сифатҳои муҳимми шахсият гарданд” [5, с. 91].

Дар баробари ин, барои рушди фаъолияти маърифатӣ истифодаи бозиҳои конструктивӣ ва фаъолиятҳои эҷодӣ аҳаммияти хоса дорад. Бозиҳои сохтмонӣ, ки ба истифодаи шаклҳои геометрӣ ва элементҳои гуногун асос ёфтаанд, ба рушди тафаккури фазоӣ, қобилияти таҳлил ва ҷамъбаст, инчунин малакаҳои ҳалли масъала мусоидат менамоянд. Ин раванд бо назарияи фаъолияти А.Леонтев мувофиқат дошта, нишон медиҳад, ки ташаккули равандҳои олии психикӣ маҳз дар ҷараёни фаъолияти фаъол ва мақсаднок амалӣ мегардад [7, с. 11].

Ташкил намудани раванди таълим ва тарбия бо такя ба принсипҳои илмӣ ва бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродӣ ва синнусолии кӯдак шарти асосии рушди ҳамаҷонибаи шахсият ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, истифодаи бозиҳои муаммогӣ ва мантиқӣ ҳамчун воситаи муҳимми педагогӣ барои рушди фаъолияти маърифатии кӯдак аҳаммияти хоса дорад. Чунин навъи фаъолиятҳо ба ташаккули қобилияти фикрронӣ, муқоиса, таҳлил ва қабули қарор мусоидат намуда, имконият медиҳанд, ки кӯдак на танҳо донишҳои навро аз худ намояд, балки малакаҳои маърифатии худро мустақилона такмил диҳад.

Дар масъалаи интихоби бозичаҳо, равиши муосири педагогӣ бар он асос ёфтааст, ки муҳити бозӣ бояд ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак мусоидат намояд. Дар ин замина, аҳаммияти асосӣ на ба мансубияти гендерии бозича, балки ба имконияти рушди тафаккур, эҷодкорӣ ва малакаҳои иҷтимоӣ дода мешавад. Бо вуҷуди ин, дар раванди тарбия метавон хусусиятҳои гендерии рушдро ба назар гирифт, аммо бидуни маҳдуд намудани имкониятҳои маърифатӣ ва эҷодии кӯдак.

Аз ин рӯ, тарбияи самараноки кӯдак бояд ба таври комплексӣ ва илмӣ асоснок ташкил карда шавад. Дар чунин раванд, дастгирии эҳсосӣ, танзими оқилонаи рафтор, ташкили фаъолияти маърифатӣ ва фароҳам овардани муҳити эҷодӣ бояд дар ҳамбастагӣ истифода шаванд. Танҳо дар чунин шароит рушди пурраи зеҳнӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии шахсият таъмин мегардад.

Дар баробари ин, дар раванди рушди иҷтимоии кӯдак нақши муошират ва бозӣ бо ҳамсолон низ ниҳоят муҳим мебошад. Тадқиқотҳои психологияи рушд нишон медиҳанд, ки фаъолияти муштараки бозӣ яке аз шаклҳои асосии иҷтимоишавии кӯдак ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, муайян намудани шароит ва муҳити муносиб барои бозии кӯдак, аз ҷумла интихоби ҳамсолон, аҳаммияти калидӣ дорад. Муҳити иҷтимоӣ метавонад ба ташаккули сифатҳои шахсият таъсири мустақим расонад ва дар ҳолати номусоид боиси пайдоиши хусусиятҳои манфӣ гардад.

Илова бар ин, робитаи мутақобилаи таълим ва тарбия дар муҳити оила ва мактаб яке аз омилҳои асосии рушди ҳамаҷонибаи шахсият мебошад. Таҷрибаи педагогӣ нишон медиҳад, ки самаранокии таълими мактабӣ бидуни дастгирии муҳити оилавӣ пурра таъмин намегардад. Оила ҳамчун муҳити ибтидоии иҷтимоӣ заминаи ташаккули арзишҳо ва ҷаҳонбинии кӯдакро фароҳам оварда, ҳамкории он бо муассисаи таълимӣ барои рушди устувори шахсият аҳаммияти хоса дорад.

Аз нуқтаи назари психологияи рушд: “Ҳар як давраи синнусолӣ дорои имкониятҳои махсуси инкишофи равонӣ мебошад. Давраи томактабӣ, махсусан, барои рушди нутқ, тафаккур ва қобилияти азхудкунии забонҳо мусоид арзёбӣ мегардад. Дар чунин шароит кӯдакон метавонанд якчанд забонро нисбатан осон аз худ намоянд, зеро қобилияти қабул ва коркарди иттилооти забонӣ дар ин марҳила баланд аст” [6, с. 74].

Ҳамзамон, хусусияти кунҷковӣ ва шавқу завқи кӯдак нисбат ба олами атроф дар ин давра афзоиш меёбад. Саволҳои пайвастаи «чаро?» нишондиҳандаи фаъолияти фаъоли

маърифатии ӯ мебошанд. Аз ин рӯ, муносибати дуруст ба чунин саволҳо аҳаммияти бузург дошта, ҷавобҳои фаҳмо ва асоснок ба рушди тафаккури мантиқӣ ва қобилияти таҳлил мусоидат менамоянд.

Дар ҳолате, ки волидон ба ин саволҳо беэътиноӣ зоҳир менамоянд ё кӯдакро барои кунҷковӣ сарзаниш мекунанд, эҳтимоли коҳиш ёфтани фаъолияти маърифатӣ ва бозмондани рушди зеҳнии ӯ ба вуҷуд меояд. Бинобар ин, фароҳам овардани муҳити дастгиркунанда ва ҳавасмандкунанда барои рушди фикрронӣ аҳаммияти хоса дорад.

Дар раванди таълим, истифодаи саволҳои проблемавӣ яке аз усулҳои муассири рушди тафаккур ба ҳисоб меравад. Саволҳое, ки ба таҳлил ва муайян намудани сабабу натиҷа равона шудаанд, фаъолияти зеҳнии кӯдакро фаъол намуда, ӯро ба андеша ва хулосабарорӣ водор месозанд.

Дар ҳамин замина, ташаккули қобилияти муҳокимаронӣ ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми рушди зеҳнӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунад. Рушди тафаккур дар раванди муошират ва ҳамкорӣ бо дигарон сурат мегирад, ки дар он савол ва ҷавоб воситаи асосии фаъолсозии равандҳои маърифатӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, рушди шахсият ва тафаккури кӯдак натиҷаи таъсири мутақобилаи як қатор омилҳо — муҳити оилавӣ, фаъолияти таълимӣ, муошират бо ҳамсолон ва ташкили фаъолияти маърифатӣ — мебошад. Танҳо дар шароити ҳамоҳангии ин омилҳо имконияти ташаккули шахсияти мустақил, фаъол ва дорои ҷаҳонбинии васеъ таъмин мегардад.

Адабиёт

1. *Ананьев Б.Г. Человек как предмет познания. – Л.: ЛГУ, 1968. – 339 с.*
2. *Выготский Л.С. Мышление и речь. – М.: Педагогика, 1982. –265 с.*
3. *Гальперин П.Я. Введение в психологию. – М.: Изд-во МГУ, 1976. – 150 с.*
4. *Иматова Л.М.Асосҳои методии таҳқиқи инкишофи нутқи мураттаби кӯдакони синни калони томактабӣ. – Душанбе, 2012. – 112 с.*
5. *Карабанова О.А. Социальная ситуация развития ребёнка: структура, динамика, принципы коррекции: дисс. … д-ра психол. наук. – М., 2002. – 379 с.*
6. *Қодиров Қ. Асосҳои психологияи педагогӣ. – Душанбе, 2010. – 256 с.*
7. *Леонтьев А.Н. Язык и сознание. – М.: Политиздат, 1977. – 74 с.*
8. *Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. – Душанбе, 2007. – 440 с.*
9. *Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. – СПб.: Питер, 2002. – 158 с.*
10. *Эльконин,Д.Б. Психология развития. – М.: Академия, 2001. – 384 с.*
11. *Эрих Фромм Э. Искусство любить. – М.: АСТ, 2010. – 221 с.*
12. *Эрик Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис. – М.: Прогресс, 1996. – 344 с.*
13. *Эдвард Ли Торндайк Э.Л. Основы обучения. – М.: Педагогика, 1981. – 256 с.*
14. *Эдвард Толмен Э. Целенаправленное поведение у животных и человека. – М.: Наука, 1980. – 487 с.*

ТАЪСИРИ ПСИХОЛОГӢ ВА ПЕДАГОГИИ ОМИЛҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ СИННУСОЛИИ ХОНАНДАГОН БА САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ (АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ Л.С.ВИГОТСКИЙ ВА А.ЛЕОНТЕВ)

Дар мақола хусусиятҳои синнусолии хонандагон ҳамчун омили муҳимми муайянкунандаи самаранокии таълим баррасӣ гардида, таъсири онҳо ба ташаккули ангезаҳои таълимӣ, сатҳи дарк ва азхудкунии донишҳо шарҳ дода мешавад. Муаллиф таъкид менамояд, ки мутобиқсозии усулҳо ва шаклҳои таълим ба хусусиятҳои психологии синнусолии хонандагон метавонад ба баланд гардидани натиҷанокии фаъолияти таълимӣ мусоидат намояд. Дар он бо такя ба консепсияҳои назариявии Л.С. Виготский ва А.Н. Леонтев механизми таъсири раванди таълим ба рушди зеҳнӣ ва маърифатии кӯдакон таҳлил гардидааст. Масъалаҳои муҳими ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ, усулҳои тарбия (авторитарӣ, демократӣ ва либералӣ), таъсири муҳити иҷтимоӣ ва хусусиятҳои синнусолии кӯдакон дар раванди тарбия ва таълим баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, метавонанд барои такмил додани равандҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, инчунин барои рушди равишҳои инноватсионии психолого-педагогӣ истифода шаванд.

Калидвожаҳо: хонанда, синни хурди мактабӣ, минтақаи наздиктарини рушд, раванди таълим, фаъолият, волидайн, шахсият, инкишофи равандҳои психологӣ.

ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКОЕ ВЛИЯНИЕ ФАКТОРОВ УЧЕБНОГО ПРОЦЕССА И ВОЗРАСТНЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ НА ЭФФЕКТИВНОСТЬ УЧЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ (С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ Л. С. ВЫГОТСКОГО И А. Н. ЛЕОНТЬЕВА)

В статье возрастные особенности учащихся рассматриваются как ключевой фактор, обусловливающий эффективность обучения. Раскрывается их влияние на формирование учебной мотивации, уровень понимания и усвоения знаний. Подчёркивается, что адаптация методов и форм

обучения к психологическим особенностям возраста учащихся способствует повышению результативности учебной деятельности. В ней на основе теоретических концепций Л. С. Выготского и А. Н. Леонтьева проанализирован механизм влияния учебного процесса на интеллектуальное и познавательное развитие детей. Рассмотрены важные вопросы взаимодействия семьи и образовательного учреждения, методы воспитания (авторитарный, демократический и либеральный), влияние социальной среды и возрастные особенности детей в процессе воспитания и обучения. Результаты исследования обладают теоретической и практической значимостью и могут быть использованы для совершенствования образовательного процесса в общеобразовательных учреждениях, а также для разработки инновационных психолого-педагогических подходов.

Ключевые слова: учащийся, младший школьный возраст, зона ближайшего развития, образовательный процесс, деятельность, родители, личность, развитие психических процессов.

PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL IMPACT OF EDUCATIONAL PROCESS FACTORS AND STUDENTS' AGE CHARACTERISTICS ON THE EFFICIENCY OF LEARNING ACTIVITY (FROM THE PERSPECTIVE OF L.S. VYGOTSKY AND A.N. LEONTIEV)

The article examines students' age-related characteristics as a key factor influencing learning effectiveness. Their impact on the formation of learning motivation, the level of comprehension, and knowledge acquisition is analyzed. The author emphasizes that adapting teaching methods and forms to the psychological characteristics of students' age contributes to increasing the effectiveness of learning activity. Based on the theoretical concepts of L.S. Vygotsky and A.N. Leontiev, it analyzes the mechanism of the educational process's influence on children's intellectual and cognitive development. Important issues of cooperation between family and educational institutions, parenting styles (authoritarian, democratic, and liberal), the impact of the social environment, and age-related characteristics of children in the process of upbringing and education are examined. The research findings have both theoretical and practical significance and can be applied to improve the educational process in general education institutions, as well as todevelop innovative psychological and pedagogical approaches.

Keywords: student, primary school age, zone of proximal development, educational process, activity, parents, personality, development of psychological processes.

Дар бораи муаллиф
Носирова Гулноза Музафаровна
Унвончӯи кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: gulnozanosirova1@gmail.com

Об авторе
Носирова Гульноза Музафаровна
Соискатель кафедры общей психологии и педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: gulnozanosirova1@gmail.com

About the author
Nosirova Gulnoza Muzafarovna
Applicant for a Degree at the Department of General and Pedagogical Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: gulnozanosirova1@gmail.com

ТДУ 159.922.1(575.3)

ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ МУТОБИҚШАВИИ ҲАМСАРОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИК

Раҷабова М. Х.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик масъалаи мутобиқшавии ҳамсарон яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Зеро устувории оилаҳои ҷавон маҳз дар асоси мутобиқати иҷтимоӣ-психологии ҳамсарон шакл мегирад. Мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии ҳамсарон ҳамеша дар фазои мушаххаси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сурат мегирад. Он равандест, ки танҳо ба хусусиятҳои инфиродии шахсият ё сатҳи ҳамфикрии ду нафар маҳдуд намешавад. Баръакс, мутобиқшавӣ дар чорчӯбаи низоми арзишҳо, меъёрҳои рафтор, интизориҳои ҷамъиятӣ ва сохтори анъанавии оила ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мутобиқшавии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик бидуни таҳлили муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии он нопурра хоҳад буд. Яке аз хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи тоҷик дар он аст, ки оила на танҳо воҳиди хусусии зиндагии шахсӣ, балки институти иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Никоҳ дар ин муҳит бештар ҳамчун амали иҷтимоӣ ва фарҳангӣ арзёбӣ карда мешавад. Ин вазъият ба ташаккули интизориҳои мушаххас нисбат ба нақшҳои ҳамсарон, тарзи рафтор, тақсими масъулият ва муносибат бо муҳити васеи хешутаборӣ мусоидат мекунад. Ҳамин интизориҳои пешакӣ боис мешавад, ки аксар вақт ҳанӯз то издивоҷ дар шуури ҷавонон заминаи ибтидоии мутобиқшавии баъдии онҳо дар ҳаёти оилавӣ шакл мегиранд.

Дар ҷомеаи дорои хусусиятҳои коллективистӣ, ки барои фарҳанги тоҷикон хос аст, муносибатҳои оилавӣ танҳо масъалаи ду нафар нест. Онҳо дар шабакаи васеи робитаҳои иҷтимоӣ аз ҷумла хешутаборӣ, ҳамсоягӣ, маҳалла ва анъанаҳои динӣ ҷойгир мешаванд. Ин вазъият метавонад ҳам омили муҳофизатӣ ва ҳам омили фишор ба оилаҳои ҷавон бошад. Аз як тараф, ҳузури дастгирии иҷтимоӣ ва меъёрҳои устувори ахлоқӣ метавонад устувории никоҳро таҳким бахшад. Аз тарафи дигар, интизориҳои аз ҳад зиёд ё дахолати доимии муҳити беруна метавонанд фазои автономии диадии ҳамсаронро маҳдуд созанд. Омори расмии демографӣ низ то андозае ин мураккабиро инъикос мекунад. Тибқи маълумоти расмӣ, дар солҳои охир шумораи ақди никоҳ дар Тоҷикистон тағйирёбанда буда, дар баъзе даврaҳо коҳиш ё афзоиш ёфтааст. Дар ҳоле ки ҷудошавии оилаҳои ҷавон дар солҳои охир кам ба назар мерасад, вале ин боз ҳам нигаронкунанда мебошад. Бинобар ҳамин мо набояд аз рӯи натиҷаи омор хулосабарорӣ кунем. Онҳо метавонанд индикатори ғайримустақими мушкилоти мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии ҳамсарон дар марҳилаҳои аввали ҳаёти оилавӣ бошанд, гарчанде ки сабабҳои демографӣ ҳамеша бисёрсатҳавӣ мебошанд [3, с. 76].

Мушоҳидаҳо собит менамонд, ки оилаҳои ҷавон дар бисёр ҳолатҳо аз волидон вобастаанд ва аз ин хотир ба таври бояду шояд наметавонанд мустақилияти худашонро нишон диҳанд. Ин вобастагии моддӣ ва маънавии оилаи ҷавон, пеш аз ҳама ба волидон марбут мебошад [11, с. 78]. Яке аз хусусиятҳои муҳимми дигари муҳити иҷтимоии оилаҳои тоҷик ин ҳифзи модели оилаи васеъ дар бисёр минтақаҳои кишвар мебошад. Ҳамсарони ҷавон аксар вақт зиндагии муштаракро дар доираи хонаводаи калон оғоз мекунанд, ки дар он волидон ё дигар аъзои калонсол нақши таъсиргузор доранд. Аз нуқтаи назари психологияи иҷтимоӣ, ин сохтор метавонад ба ҳамбастагии баланд мусоидат намояд, аммо ҳамзамон чандирии муносибатҳои диадиро маҳдуд месозад. Ҳамсарони ҷавон на танҳо бояд ба якдигар мутобиқ шаванд, балки ба низоми мавҷудаи муносибатҳо, иерархия ва интизориҳои насли калонсол низ мутобиқ гарданд.

Дар чунин шароит мутобиқшавӣ шакли мураккабтар пайдо мекунад. Агар дар моделҳои классикии ғарбӣ мутобиқшавӣ асосан ҳамчун раванд байни ду шахс баррасӣ шавад, дар муҳити оилаҳои мо тоҷикон аксар вақт ин раванд байни ду шахс ва як низоми иҷтимоӣ табдил меёбад. Аз ин рӯ метавон хулоса бароварда, ки маҳдуд кардани таҳлили мутобиқшавии ҳамсарон танҳо ба сатҳи диадӣ метавонад қисман тасвирро нодуруст намояд, зеро таъсири муҳити васеи иҷтимоӣ дар ин раванд хеле назаррас аст. Тақсими анъанавии нақшҳои гендерӣ низ ба мутобиқшавӣ таъсири худро мерасонад. Дар бисёр ҳолатҳо аз мард нақши таъминкунандаи асосӣ ва аз зан масъулияти нигоҳдории муҳити дохилии оила интизор мешавад. Дар шароити муосир, ки бо муҳоҷират, шаҳрнишинӣ ва болоравии сатҳи таҳсилоти занон алоқаманд аст, ин интизориҳо тадриҷан тағйир меёбанд, аммо на ҳамеша ин

тағйирот бо тағйири шуур ва интизориҳои шахсӣ ҳамоҳанг шуда метавонад. Номувофиқати интизориҳои анъанавӣ ва воқеияти муосир метавонад ба коҳиши ҳамфикрӣ ва афзоиши ихтилофҳо дар оилаҳои тоҷик оварда расонад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз омилҳои калидиест, ки сохтори мутобиқшавии ҳамсаронро дар оилаҳои тоҷик ба таври ҷиддӣ тағйир медиҳад. Ҷудоии ҷисмонӣ, ки метавонад моҳҳо ё ҳатто солҳо идома ёбад, ба шаклгирии навъи махсуси муносибатҳои ҳамсарон оварда мерасонад. Дар чунин ҳолат мутобиқшавӣ дар ду сатҳ сурат мегирад якум мутобиқшавии эмотсионалӣ ба шароити ҷудоӣ дуюм бошад мутобиқшавии сохторӣ ба тағйири нақшҳо. Зан аксар вақт маҷбур мешавад вазифаҳои қаблан «мардона»-ро низ иҷро намояд, дар ҳоле ки мард дар муҳити хориҷӣ бо низоми нави иҷтимоӣ мутобиқ мешавад. Ин тағйирот метавонад ҳам ҳисси масъулият ва ҳам фосилаи эмотсионалиро афзоиш диҳад. Аз нигоҳи психологияи муносибатҳо, ҷудоии тӯлонӣ метавонад ҳамбастагии эмотсионалиро коҳиш диҳад, агар механизмҳои муошират фаъол ва дастгирии эмпатикӣ нигоҳ дошта нашаванд. Аммо дар баъзе ҳолатҳо, метавонад ҳисси қадршиносӣ ва масъулияти муштаракро таҳким бахшад. Ҳамин дуҷониба будани таъсир нишон медиҳад, ки муҳоҷират на танҳо омили хавф, балки омили тағйирдиҳандаи сохтори мутобиқшавӣ дар оила ба шумор меравад. Ҳамин тариқ, хусусиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷик ба мутобиқшавии ҳамсарон таъсири зиёд мерасонанд. Мутобиқшавӣ дар ин муҳит равандест, ки дар он на танҳо хусусиятҳои шахсӣ ва сифати муошират диадӣ, балки сохтори оила, нақшҳои гендерӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва шароити иқтисодӣ ҳамзамон иштирок мекунанд. Ин фаҳмиш заминаи муҳим барои таҳлили минбаъдаи эмпирикӣ фароҳам меорад, зеро нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои мутобиқшавӣ ва қаноатмандӣ бояд дар контексти воқеияти иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар шарҳ дода шаванд. Яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, ки дар оилаи мо тоҷикон ба равандҳои мутобиқшавии ҳамсарон таъсири мустақим мерасонад ин никоҳи барвақтӣ мебошад. Гарчанде дар солҳои охир сатҳи таҳсилот ва огоҳии иҷтимоӣ афзоиш ёфтааст, вале дар баъзе минтақаҳо издивоҷ дар синни нисбатан ҷавон ҳанӯз ҳам роиҷ аст. Аз нуқтаи назари психологияи рушди шахс, марҳилаи ҷавонӣ давраи ташаккули устувори худшиносӣ, арзишҳои инфиродӣ ва малакаҳои муошират баробарҳуқуқ мебошад. Вақте ки никоҳ дар марҳилаи номукаммали ташаккули шахсият ба амал меояд, мутобиқшавӣ хусусияти мураккабтар пайдо мекунад. Дар чунин шароит ҳамсарон аксар вақт на танҳо ба ҳамдигар, балки ба нақши нави иҷтимоӣ мутобиқ мешаванд. Норасоии таҷрибаи муошират мустақил, вобастагии баланд ба волидон ва норасоии малакаҳои ҳаллу фасли ихтилофҳо метавонад сатҳи мутобиқшавии ҳамсаронро коҳиш диҳад. Мушкилоти асосӣ дар чунин ҳолат на синну сол, балки омодагии психологӣ ба масъулияти муштарак мебошад. Ҳисси масъулият, қобилияти идоракунии эмотсия ва малакаи гуфтушунид тадриҷан ташаккул меёбанд. Дар ҳолате ки ин захираҳо ҳанӯз устувор нестанд, сатҳи қаноатмандӣ аз никоҳ метавонад зуд тағйир ёбад [8, с. 80].

Масъалаи дигар, ки бо мутобиқшавии ҳамсарон дар ҷомеаи мо тоҷикон зич алоқаманд аст, нақши дин ва арзишҳои ахлоқӣ мебошад. Дин дар бисёр оилаҳо на танҳо системаи эътиқодӣ, балки меъёри рафтор ва манбаи танзими муносибатҳо маҳсуб меёбад. Меъёрҳои сабр, гузашт кардан, эҳтиром ба калонсолон ва нигоҳ доштани оила ҳамчун арзиши олӣ метавонанд устувории муносибатҳои ҳамсаронро таҳким бахшанд. Аз ин ҷиҳат, дин метавонад ҳамчун омили муҳофизатии мутобиқшавӣ байни ҳамсарон баррасӣ гардад. Бо вуҷуди ин, агар арзишҳои динӣ танҳо дар шакли меъёрҳои сахт ва яктарафа татбиқ шаванд, онҳо метавонанд фазои муошират озод ва баробарҳуқуқро маҳдуд созанд. Масалан, дар ҳолате, ки яке аз ҳамсарон эҳсосоти худро баён карда наметавонад ё ихтилофҳоро бо сабаби «таҳаммул кардан лозим аст» фурӯ менишонад, сатҳи қаноатмандии эмотсионалӣ метавонад коҳиш ёбад. Аз ин рӯ, нақши дин дар мутобиқшавии ҳамсарон дуҷониба аст. Он метавонад ҳам омили устуворкунанда ва ҳам омили фишори пинҳон бошад. Вобаста ба тарзи таҷассум ва фаҳмиши он дар оилаҳои тоҷик.

Вазифаҳои тадқиқот:

1. таҳлили омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии мутобиқшавии ҳамсарон;
2. омӯзиши нақши оилаи васеъ ва муҳоҷират;
3. таҳлили таъсири нақшҳои гендерӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ;
4. баррасии механизмҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ.

Методҳои таҳқиқот:

Таҳқиқоти мазкур хусусияти назариявӣ-таҳлилӣ дошта, дар асоси омӯзиш ва ҷамъбасти адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ анҷом дода шудааст. Барои муайян намудани хусусиятҳои

иҷтимоӣ ва фарҳангии мутобиқшавии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик якчанд усулҳои илмӣ истифода гардиданд.

Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои зерин истифода шуданд:

– таҳлили назариявии адабиёти психологӣ ва иҷтимоӣ;

– усули муқоисавӣ;

– таҳлили системавӣ;

– усули ҷамъбаст ва тафсири назариявӣ.

Пойгоҳи назариявии таҳқиқотро корҳои муҳаққиқони соҳаи психологияи оила ва муносибатҳои ҳамсарӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳлил асарҳои илмии Алешина Ю., Волкова А., Витек, Расулов С, Барфиев, Х. Раҳимзода ва дигар муҳаққиқон истифода гардиданд.

Ҳангоми омӯзиш мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии ҳамсарон ҳамчун низоми бисёрсатҳавӣ баррасӣ гардид, ки се сатҳи асосиро дар бар мегирад:

1. Сатҳи шахсӣ – хусусиятҳои инфиродӣ ва малакаҳои муошират;

2. Сатҳи диадӣ – муносибатҳои мустақими ҳамсарон, ҳамфикрӣ, мувофиқати нақшҳо ва наздикии эмотсионалӣ;

3. Сатҳи иҷтимоӣ-фарҳангӣ – таъсири арзишҳо, меъёрҳои иҷтимоӣ ва динӣ, сохтори оила, муҳоҷират, муҳити фарҳангӣ ва шабакаи иҷтимоӣ.

Ин равиш имконият медиҳад, ки мутобиқшавии ҳамсарон на ҳамчун падидаи ҷудогона, балки ҳамчун раванди мураккаби иҷтимоӣ-психологӣ таҳлил карда шавад. Дар муҳити иҷтимоии тоҷикон масъалаи барҳӯрди наслҳо низ аҳаммияти махсус дорад. Ҳамсарони ҷавон аксар вақт байни арзишҳои анъанавии волидон ва тамоюлҳои муосири инфиродгароёна қарор мегиранд. Ин барҳӯрд метавонад боиси ихтилоф байни ҳамсарон гардад. Дар чунин ҳолат мутобиқшавӣ на танҳо ба ҳамсар, балки ба модели нави ҳамзистӣ дар байни наслҳо равона мегардад. Тағйирёбии босуръати муҳити иҷтимоӣ аз ҷумла шаҳрнишинӣ, густариши технологияҳои рақамӣ ва таъсири фарҳангҳои хориҷӣ низ ба динамикаи мутобиқшавӣ таъсир мерасонад. Муошират рақамӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дастрасӣ ба моделҳои гуногуни зиндагӣ интизориҳои навро ташаккул медиҳанд. Агар ин интизориҳо бо воқеияти иҷтимоӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ мутобиқат накунанд, эҳтимоли ноустувории қаноатмандӣ афзоиш меёбад. Дар айни замон, технологияҳо метавонанд воситаи нигоҳ доштани робитаи эмотсионалӣ, махсусан дар шароити муҳоҷират бошанд. Ҳамин гуногунҷиҳатӣ нишон медиҳад, ки муҳити муосир ҳам омили хавф ва ҳам омилиимконият барои ҳамсарон гардад [11, с. 106].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки мутобиқшавии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик бояд дар чорчӯбаи бисёрсатҳавӣ таҳлил карда шавад. Дар ин раванд се сатҳ ба таври возеҳ мушоҳида мегардад: сатҳи диадӣ (муносибати мустақими зану шавҳар), сатҳи системавӣ (сохтори оила ва шабакаи иҷтимоӣ) ва сатҳи фарҳангӣ (арзишҳо, меъёрҳо ва интизориҳои ҷамъиятӣ). Ҳар як сатҳ метавонад мутобиқшавиро ё таҳким бахшад ё мураккаб созад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлили эмпирикии нишондиҳандаҳои мутобиқшавӣ ва қаноатмандӣ зарур аст, ки ин заминаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба назар гирифта шавад. Натиҷаҳои миқдорӣ танҳо дар сурате маънои амиқ пайдо мекунанд, ки онҳо дар контексти воқеияти зиндагии оилаҳои ҷавони тоҷик шарҳ дода шаванд. Ин мавқеъ имкон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо тавсифи оморӣ, балки шарҳи психологӣ ва иҷтимоии равандҳои мутобиқшавиро фароҳам оварад. Дар таҳқиқи мутобиқшавии ҳамсарон муқоисаи муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистон бо моделҳои ғарбӣ аҳаммияти назариявӣ дорад. Дар ҷомеаҳои ғарбӣ никоҳ бештар ҳамчун интихоби инфиродӣ ва иттиҳоди ду шахси мустақил арзёбӣ мешавад. Мутобиқшавӣ дар чунин муҳит асосан дар сатҳи диадӣ яъне сифати муошират байни ду нафар, мувофиқати арзишҳо, идоракунии ихтилофҳо ва наздикии эмотсионалӣ баррасӣ мегардад. Ҳарчанд таъсири муҳити иҷтимоӣ дар он ҷо низ вуҷуд дорад, аммо сатҳи автономияи шахсӣ нисбатан баланд аст.

Дар ҷомеаи тоҷик баръакс, никоҳ то ҳол хусусияти коллективӣ дорад. Он на танҳо иттиҳоди ду шахс, балки пайвастани ду хонавода ва ду шабакаи иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, мутобиқшавӣ на танҳо ба ҳамдигарфаҳмии ҳамсарон, балки ба муносибат бо волидон, хешутабор ва меъёрҳои маҳаллӣ низ вобаста аст. Бинобар ин метавон гуфт, ки дар муҳити оилаҳои тоҷик мутобиқшавӣ бештар хусусияти бисёрсатҳавӣ дошта, ҳам сатҳи диадӣ, сатҳи хонавода ва сатҳи иҷтимоӣ ҳамзамон фаъоланд. Ин фарқият нишон медиҳад, ки истифодаи моделҳои таҳияшуда дар муҳити ғарбӣ бидуни мутобиқсозӣ ба воқеияти маҳаллӣ метавонад тасвири нопурра диҳад.

Механизмҳои таъсири муҳити иҷтимоӣ ба мутобиқшавӣ дар чанд самт зоҳир мегарданд. Аввал, меъёрҳои ҷамъиятӣ сатҳи таҳаммул ва гузашт карданро ташаккул медиҳанд. Дар муҳити дорои арзишҳои устувори анъанавӣ, ҳамсарон метавонанд бештар омода бошанд, ки ихтилофҳоро таҳаммул кунанд ва никоҳро ҳамчун уҳдадории дарозмуддат қабул намоянд. Ин метавонад устуворii зоҳириро баланд бардорад. Аммо агар таҳаммул танҳо ба фурӯ нишондани эмотсияҳо асос ёбад, сатҳи қаноатмандии дохилӣ коҳиш меёбад. Ҳамин ҷо фарқияти муҳимми байни устуворii зоҳирӣ ва қаноатмандии воқеӣ ба вуҷуд меояд. Дуюм, нақшҳои гендерӣ дар муҳити гуногун ба тарзи мутобиқшавӣ таъсири фарқкунанда мерасонанд. Дар ҷомеаҳои дорои баробарии нисбатан баланд, интизориҳо нисбат ба тақсими масъулият бештар музокирашавандаанд. Дар муҳити анъанавӣ, интизориҳо метавонанд устувор ва пешакӣ муайян бошанд. Агар яке аз ҳамсарон интизориҳои муосир дошта бошад ва дигаре ба модели анъанавӣ такя кунад, номутобиқатии интизориҳо метавонад ба коҳиши ҳамфикрӣ ва афзоиши ихтилоф дар оилаи ҷавон оварда расонад. Аз ин ҷиҳат, тағйири босуръати иҷтимоӣ дар Тоҷикистон шароити гузаришро ба вуҷуд овардааст, ки дар он ду низоми арзишӣ ҳамзамон фаъоланд. Сеюм, муҳоҷират ҳамчун падидаи иҷтимоӣ на танҳо ҷудоии ҷисмонӣ, балки тағйири сохтори эмотсионалӣ ва коммуникативии никоҳро ба вуҷуд меорад. Дар муқоиса бо ҷомеаҳое, ки муҳоҷират камтар маъмул аст, дар Тоҷикистон шакли никоҳи фосилавӣ бештар ба назар мерасад. Дар чунин ҳолат мутобиқшавӣ ба воситаи муошират рақамӣ, интиқоли маблағ ва даврaҳои кӯтоҳи вохӯрӣ идома меёбад. Ин метавонад ҳам ҳисси масъулияти муштаракро афзоиш диҳад ва ҳам эҳсоси дурии эмотсионалиро ба вуҷуд орад. Механизмҳои эмпатия ва эътимод дар чунин вазъият нақши ҳалкунанда мебозанд. Чаҳорум, омодагии психологӣ ба никоҳ дар муҳити иҷтимоӣ бо сатҳи таҳсилот ва таҷрибаи мустақилияти шахс алоқаманд аст. Дар муҳити шаҳр, ки сатҳи таҳсилот ва иштироки занон дар бозори меҳнат бештар аст, модели мутобиқшавӣ метавонад баробарҳуқуқтар бошад. Дар муҳити деҳот, ки меъёрҳои анъанавӣ устувортар нигоҳ дошта шудаанд, мутобиқшавӣ метавонад бештар ба риояи нақшҳои пешакӣ муайяншуда асос ёбад. Ин фарқиятҳо нишон медиҳанд, ки мутобиқшавии ҳамсарон дар Тоҷикистон якхела набуда, балки вобаста ба заминаи иҷтимоӣ тағйир меёбад [11, с. 10].

Аз дидгоҳи интегративӣ, метавон гуфт, ки мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик дар марҳилаи гузариш қарор дорад. Аз як тараф, арзишҳои анъанавӣ устуворii муайянро таъмин мекунанд. Аз тарафи дигар, тағйироти иқтисодӣ ва фарҳангӣ интизориҳои навро ба миён меоранд. Ин ҳамзистии арзишҳои анъанавӣ ва муосир метавонад ҳам манбаи рушди муносибатҳо ва ҳам сабаби ихтилоф гардад. Ҳамин таҳлилҳо нишон медиҳад, ки барои фаҳмидани сатҳи қаноатмандӣ аз никоҳ дар оилаҳои ҷавони тоҷик бояд на танҳо нишондиҳандаҳои диадӣ, балки контексти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба назар гирифта шавад. Натиҷаҳои эмпирикӣ танҳо дар он сурат пурра маънидод мешаванд, ки онҳо дар заминаи ҳамин воқеияти иҷтимоӣ шарҳ дода шаванд. Мутобиқшавии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик на раванди изолятсияшуда, балки раванди дар ҳамбастагӣ бо муҳити иҷтимоӣ амалкунанда мебошад. Дар идомаи таҳлили муқоисавӣ ва механизмҳои таъсир, зарур аст чанд вазъиятҳои типологиро нишон диҳем, ки чӣ гуна мутобиқшавии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик дар шароити воқеӣ шакл мегирад. Барои фаҳмидани қонуниятҳои мутобиқшавӣ танҳо номбар кардани омилҳо (муҳоҷират, оилаи васеъ, дин, нақшҳои гендерӣ) кофӣ нест. Муҳим он аст, ки ин омилҳо дар таҷрибаи ҳаётии ҳамсарон чӣ гуна ба ҳам таъсир мерасонанд ва кадом шаклҳои устувори муносибатро ба вуҷуд меоранд. Аз ҳамин рӯ, пешниҳоди сенарияҳои типологӣ имкон медиҳад, ки равандҳои пинҳон дар зери сатҳи рӯйдодҳои рӯзмарра амал мекунанд, равшантар гарданд. Яке аз вазъиятҳои маъмул «мутобиқшавии диадӣ дар дохили оилаи васеъ» мебошад. Дар чунин вазъият ҳамсарони ҷавон муносибатҳои худро дар муҳити ҳамешагӣ ва «назоратшаванда»-и хонаводаи калон оғоз мекунанд. Ин муҳит метавонад аз як тараф дастгирии иқтисодӣ ва маишӣ диҳад аз қабили тақсими корҳо сабуктар мешавад, таҷрибаи калонсолон ба ҳамсарон кӯмак мекунад, эҳсоси амният ба вуҷуд меояд. Аз тарафи дигар, чунин муҳит автономияи диадиро маҳдуд месозад, ки қарорҳои якҷояи ҳамсарон, ҳудуди шахсӣ, тарзи муошират эмотсионалӣ ва ҳатто ҷабҳаҳои майдаи зиндагӣ метавонанд зери таъсири арзёбӣ ва дахолати дигарон қарор гиранд. Механизми асосии ноустуворӣ дар ин ҳолат одатан он аст, ки ҳамсарон ба ҷои сохтани меъёрҳои дохилии худ маҷбур мешаванд меъёрҳои «берунӣ»-ро қабул кунанд. Дар натиҷа, мутобиқшавӣ метавонад зоҳирӣ бошад (муносибат аз берун ором менамояд), аммо қаноатмандии дохилӣ на ҳамеша баланд аст. Барои муваффақ шудани ин вазъият дар оилаҳо, одатан ду шарт муҳим мешавад якум возеҳии сарҳадҳо, дуюм қобилияти ҳамсарон барои

гуфтушуниди эҳтиромомез бо насли калонсол. Ҳолати дуюмро метавон «никоҳи фосилавӣ дар заминаи муҳоҷират» номид. Ин вазъият дар ҷомеаи тоҷик хусусияти махсус дорад, зеро муҳоҷирати меҳнатӣ танҳо масъалаи иқтисодӣ нест, балки он ба низоми эҳсосӣ ва нақшии оила таъсири мустақим мерасонад. Дар чунин никоҳ мутобиқшавӣ дар ду вақт ва ду фазо сурат мегирад. Аввалан дар хона, ки аксар вақт зан бо фарзандон ва хешовандон мемонад ва дуввум дар муҳити муҳоҷират, ки мард дар он ҷо ба низоми дигар мутобиқ мешавад. Хавфи асосӣ на танҳо дурии ҷисмонӣ, балки дурии эмотсионалӣ аст. Ҳамсарон тадриҷан ба ду тарзи зиндагӣ одат мекунанд, таҷрибаҳои рӯзмарраи муштарак кам мешавад, муошрати эмотсионалӣ метавонад фақат ба масъалаҳои маишӣ маҳдуд гардад. Агар дар ин вазъият эмпатия, эътимод ва қоидаҳои возеҳи муошират нигоҳ дошта шаванд, никоҳ метавонад устувор бимонад ва ҳатто қаноатмандӣ дар сатҳи муайян ҳифз гардад. Аммо агар муошрати эмотсионалӣ хомӯш шавад, эҳтимоли ихтилофҳо, шубҳа, рашк ё эҳсоси танҳоӣ зиёд мешавад. Аз ин рӯ, дар ин вазъият нишондиҳандаҳои ҳамбастагӣ ва чандирии оила нақши ҳалкунанда мегиранд, зеро оила маҷбур мешавад, ки сохтори худро ба шароити ғайриоддӣ мутобиқ созад. Вазъияти сеюм барҳӯрди интизориҳои гендерӣ дар муҳити гузариш аст. Дар Тоҷикистон имрӯз ҳам арзишҳои анъанавӣ қавӣ ҳастанд ва ҳам интизориҳои муосир тадриҷан афзоиш меёбанд. Ҳамсарони ҷавон метавонанд бо намунаҳои гуногуни зиндагӣ калон шуда бошанд. Яке дар муҳити шаҳр бо идеяи баробарҳуқуқӣ, дигаре дар муҳити анъанавӣ бо тақсими қатъии нақшҳо. Механизми асосии ихтилоф дар ин ҳолат одатан номаълум будани қоидаҳо мебошад. Масалан кадом қарорҳоро кӣ қабул мекунад?, масъулиятҳо чӣ гуна тақсим мешаванд?, ҳудуди мустақилият куҷост?, муносибат бо хешовандон то чӣ андоза иҷозат дорад?. Агар ин масъалаҳо дар сатҳи гуфтушуниди солим ҳал шаванд, мутобиқшавӣ ба самти ҳамкорӣ меравад. Агар не, муносибат ба шакли муқобилгузорӣ ва «ҷангҳои хомӯш» мегузарад, ки зоҳир шуданаш ҳатман баланду дағал нест, вале тадриҷан қаноатмандиро коҳиш медиҳад. Бинобар ин дар ин ҳолат, аз ҳама бештар, ҳамфикрӣ, мувофиқати арзишҳо ва қобилияти гуфтушуниди созанда муайянкунанда мебошад. Вазъияти чаҳорумро бошад метавон «никоҳи барвақтӣ ва мутобиқшавии нопухта» ном гузошт. Дар чунин ҳолат ҳамсарон метавонанд ҳанӯз захираҳои зарурии психологии муносибатҳои баробарҳуқукро пурра ташаккул надода бошанд. Дар сатҳи амалӣ ин ба набудани малакаҳои муошрати эмотсионалӣ, вобастагӣ аз волидон ва аз ҳад баланд будани таъсири муҳити беруна оварда мерасонад. Дар ин вазъият ихтилофҳо на ҳамеша аз “мушкилоти ҷиддӣ”, балки аз масъалаҳои маишӣ ва номуайянии нақшҳо оғоз меёбанд. Хавфи асосӣ дар он аст, ки ҳамсарон аз аввал модели «муколама»-ро намеомӯзанд ва ба ҷои он ё ба канорагирӣ ё ба таслимшавии яктарафа одат мекунанд. Дар натиҷа, қаноатмандӣ метавонад зоҳирӣ нигоҳ дошта шавад, аммо таҷрибаи дарунӣ қонеъкунанда набошад. Барои муваффақ шудан, дар чунин вазъият дастгирии психологӣ, омӯзиши малакаҳои муошират ва ташаккули ҳисси масъулияти муштарак аҳаммияти махсус дорад. Вазъияти панҷум, ки дар ҷомеаи тоҷик баъзан нодида гирифта мешавад, «устувории зоҳирӣ ва қаноатмандии пинҳонан паст» мебошад. Дар фарҳанги дорои меъёрҳои қавии иҷтимоӣ ҳамсарон метавонанд бо сабаби фишори ҷамъиятӣ, тарси обрӯ ё талаботи анъанавӣ никоҳро нигоҳ доранд, ҳатто агар қаноатмандии эмотсионалӣ паст бошад. Ин вазъият муҳим аст, зеро нишон медиҳад, ки устувории никоҳ ҳатман бо қаноатмандии баланд баробар нест. Дар ин ҷо механизми психологӣ бештар нисбат ба наздикии эмотсионалӣ ба танзими иҷтимоӣ (назорат, арзёбӣ, меъёр) такя мекунад [11, с. 48].

Ҳамин вазъиятҳои типологӣ нишон медиҳанд, ки мутобиқшавии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик на як роҳ, балки маҷмуи роҳҳои эҳтимолӣ дорад, ки ҳар кадоми онҳо бо конфигуратсияи муайяни омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ алоқаманд аст. Онҳо инчунин нишон медиҳанд, ки як омил (масалан, муҳоҷират ё оилаи васеъ) метавонад дар баъзе ҳолатҳо омили муҳофизатӣ бошад, дар ҳолатҳои дигар омили хавф низ шуда метавонад. Ин вобаста ба он ки низоми оилавӣ то чӣ андоза чандир аст ва муошрати эмотсионалӣ чӣ гуна танзим мешавад. Аз ин рӯ, таҳқиқоти эмпирикӣ бояд на танҳо ба ченкунии умумӣ, балки ба таҳлили сохтори таъсир ва робитаҳои байни нишондиҳандаҳо равона гардад, то ин гуногунҷиҳатӣ ба таври илмӣ шарҳ дода шавад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик наметавонад ҳамчун раванди маҳдуди диадӣ фаҳмида шавад. Он дар як низоми бисёрсатҳӣ амал мекунад, ки дар он се қабат ба таври доимӣ бо ҳам ҳамкорӣ доранд: 1. сатҳи шахсӣ (хусусиятҳои инфиродӣ ва малакаҳои муошират), 2. сатҳи диадӣ (ҳамфикрӣ, мувофиқати нақшҳо, наздикии эмотсионалӣ) ва 3. сатҳи иҷтимоӣ-фарҳангӣ

(арзишҳо, анъанаҳо, сохтори оила, муҳоҷират, меъёрҳои динӣ). Маҳз дар ҳамин ҳамбастагии сатҳҳо хусусияти махсуси мутобиқшавии ҳамсарон дар муҳити оилаҳои тоҷик зоҳир мегардад. Агар дар бисёр моделҳои классикии ғарбӣ мутобиқшавӣ асосан ҳамчун масъалаи ҳамоҳангсозии ду шахс баррасӣ шавад, дар воқеияти оилаҳои мо тоҷикон он бештар ба ҳамоҳангсозии ду шахс дар дохили як низоми иҷтимоӣ табдил меёбад. Ин низом дорои меъёрҳои устувор, интизориҳои пешакӣ муайяншуда ва шабакаи густурдаи назорати иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, муваффақияти мутобиқшавӣ аз қобилияти ҳамсарон барои нигоҳ доштани тавозуни ҳассос миёни талаботи муҳити беруна ва талаботҳои дохилии муносибат вобаста аст.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар ҷомеаи тоҷик аксар вақт ду намуди устуворӣ ба ҳам омехта мешаванд: устувории иҷтимоӣ ва устувории эмотсионалӣ. Устувории иҷтимоӣ метавонад аз ҳисоби меъёрҳои анъанавӣ, фишори ҷамъиятӣ ё арзишҳои динӣ нигоҳ дошта шавад, дар ҳоле ки устувории эмотсионалӣ ба сифати муошират ҳамсарон, эмпатия ва наздикии равонӣ вобаста аст. Ҳар ду навъ устуворӣ метавонанд ба ҳам мувофиқат кунанд, вале на ҳамеша. Дар баъзе ҳолатҳо никоҳ устувор мемонад, аммо қаноатмандии эмотсионалӣ паст аст. Дар ҳолатҳои дигар бошад, маҳз наздикии эмотсионалӣ сабаби устувории дарозмуддат мегардад. Муҳоҷират, тағйири нақшҳои гендерӣ ва гузариши иҷтимоӣ нишон медиҳанд, ки мутобиқшавӣ дар муҳити муосири тоҷик хусусияти динамикӣ гирифтааст. Ин дигар на мутобиқшавӣ ба сохтори устувори пешина, балки мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбанда мебошад. Чандирии низоми оилавӣ, қобилияти бознигарии нақшҳо ва омодагӣ ба гуфтушуниди баробарҳуқуқ нақши муҳим мебозанд. Аз ин нуқтаи назар, ҳамбастагӣ ва мутобиқшавии низоми оилавӣ, ки дар моделҳои системавӣ таъкид мешаванд, барои оилаҳои тоҷик аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Таҳлили вазъиятҳои типологӣ нишон дод, ки як омил метавонад дар шароити гуногун натиҷаҳои мухталиф диҳад. Масалан, оилаи васеъ метавонад ҳам омили муҳофизатӣ ва ҳам манбаи фишор бошад. Муҳоҷират низ метавонад ҳам ҳисси масъулиятро тақвият диҳад ва ҳам фосилаи эмотсионалиро афзоиш диҳад. Аз ин рӯ, таъсири омилҳо ҳамеша тавассути сифати муошират диадӣ ва сатҳи эмпатия миёнаравӣ мешавад. Маҳз ҳамин механизми миёнаравӣ шарҳи амиқтари робитаи байни мутобиқшавӣ ва қаноатмандӣ аз никоҳро фароҳам меорад [11, с. 54].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик як падидаи комплексӣ мебошад, ки дар он омилҳои инфиродӣ, диадӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамзамон амал мекунанд. Қаноатмандӣ аз никоҳ дар ин замина ҳамчун нишондиҳандаи интегративӣ зуҳур мекунад, ки натиҷаи мувозинати ин омилҳо мебошад. Агар мувозинат нигоҳ дошта шавад, қаноатмандӣ устувор мегардад ва агар яке аз сатҳҳо ноустувор гардад, эҳтимоли коҳиши қаноатмандӣ ва афзоиши ихтилофҳо меафзояд.

Азбаски мутобиқшавӣ дар муҳити тоҷик хусусияти бисёрсатҳавӣ дорад, зарур аст онро ҳам дар сатҳи диадӣ, ҳам дар сатҳи системавӣ ва ҳам дар сатҳи эмотсионалӣ чен намуд. Маҳз чунин равиши комплексӣ имкон медиҳад, ки робитаи воқеии байни мутобиқшавии ҳамсарон ва қаноатмандӣ аз никоҳ дар оилаҳои ҷавони тоҷик ба таври илмӣ ва бо далелҳои оморӣ асоснок карда шавад.

Адабиёт

1. *Аминов А. Хусусиятҳои мутобиқшавии шахс ба гурӯҳи хурди иҷтимоӣ / Аминов А. Раҷабова М. Х. //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ –2023. –№3 (17). – С. 232-235.*
2. *Алешина, Ю. Е. Удовлетворенность браком и межличностное восприятие в супружеских парах с различным стажем семейной жизни / Ю. Алешина // Дисс. канд. психол. наук. - М., 1995. - 250 с.*
3. *Алешина, Ю.Е. Социально-психологические методы исследования супружеских отношений. Спец. практикум по социальной психологии / Ю.Е. Алешина, Л.Я. Гозман, Е.М. Дубовская // Изд-во Московского Университета, 2002. – 120 с.*
4. *Барфиев, А. М. Тамоюлҳои тағйиротҳои вазифаҳои оила дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон / А. М. Барфиев // Взаимодействие таджикской и русской философии в новое и новейшее время : материалы международного круглого стола, посвященного 310-летию со дня рождения М.В. Ломоносова и Дню философии, Душанбе, 19 ноября 2021 года. – Душанбе: Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, 2021. – С. 156-160.*
5. *Волкова, А.Н. Социально-психологические факторы супружеской совместимости / А.Н. Волкова \\ Дисс.. канд. психол. наук. – СПб. 2001.-236 с.*
6. *Витек, К. Проблемы супружеского благополучия / К. Витек. — М., 2004 – 258 с.*

7. *Волкова А.Н., Штилъбанс В.И. На пороге семьи. — СПб. 2003 – 263 с.*
8. *Дастури психологияи амалӣ /Зери таҳрири Н.М. Юнусова. // А.Н. Волкова, В.И. Штилъбанс. – Душанбе: Собириён, 2004*
9. *Расулов, С. Ҷанбаҳои психологии оиладорӣ / С. Расулов, Н. Раҷабов // Фишурдаи мақолаҳои конференсияи илмӣ –амалии ҷумҳуриявӣ "Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ва сарчашмаи рушди ҷомеа". –Душанбе: Сино, 2015. С. 85-89*
10. *Раҷабова, М.Х Таҳлил мушкилиҳои оилаҳои ҷавон аз нигоҳи психологияи муосир / М. Х. Раҷабова, З.Р. Сафарова // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф –2025. –№3 (51). – С. 52-56*
11. *Раҳимзода, Х. "Маърифати оиладорӣ". Китоби дарсӣ барои синфи 10 / Х. Раҳимзода, Ш. Ёрмуҳаммадзода, Л. Назирова Н. Амонов. - Душанбе:, Маориф, 2015.-192 с*
12. *Тайгуншоева, Ҷ. Оила ниҳоди боэътимод ва муқаддас // Фишурдаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ "Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ ва сарчашмаи рушди ҷомеа / Ҷ. Тайгуншоева. - Душанбе: Сино, 2015. - С. 94-97.*

ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ МУТОБИҚШАВИИ ҲАМСАРОН ДАР ҶОМЕАИ ТОҶИК

Муаллиф дар мақолаи худ дар бораи мутобиқшавии ҳамсарони тоҷик, хусусиятҳои мутобиқшавии оилаҳои тоҷик ва таъсири мутобиқати психологӣ ба муносибатҳои оилавӣ маълумот овардааст. Мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии ҳамсарон ҳамеша дар фазои мушаххаси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ сурат мегирад. Он равандест, ки танҳо ба хусусиятҳои инфиродии шахсият ё сатҳи ҳамфикрии ду нафар маҳдуд намешавад. Баръакс, мутобиқшавӣ дар чорчӯбаи низоми арзишҳо, меъёрҳои рафтор, интизориҳои ҷамъиятӣ ва сохтори анъанавии оила ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мутобиқшавии ҳамсарон дар ҷомеаи тоҷик бидуни таҳлили муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии он нопурра хоҳад буд. Яке аз хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи тоҷик дар он аст, ки оила на танҳо воҳиди хусусии зиндагии шахсӣ, балки институти иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Инчунин ба андешаи муаллиф ба мутобиқшавии психологии ҳамсарони ҷавони тоҷик омилҳои зиёд таъсир мерасонад. Инчунин мутобиқшавии психологии ҳамсарон ба шахсони калонсоли оила низ вобастагӣ дорад. Дар раванди таҳлили адабиётҳои мухталиф, мутобиқшавӣ ё номутобиқӣ натиҷаи раванди ҳамкорӣ мебошад. Дар фаъолияти муштарак агар натиҷаи кор самаранок бошад, қаноатмандӣ на танҳо аз худ, балки аз ҳамсар низ ба миён меояд. Азбаски мутобиқшавӣ дар муҳити тоҷик хусусияти бисёрсатҳавӣ дорад, зарур аст онро ҳам дар сатҳи диадӣ, ҳам дар сатҳи системавӣ ва ҳам дар сатҳи эмотсионалӣ чен намуд. Маҳз чунин равиши комплексӣ имкон медиҳад, ки робитаи воқеии байни мутобиқшавии ҳамсарон ва қаноатмандӣ аз никоҳ дар оилаҳои ҷавони тоҷик ба таври илмӣ ва бо далелҳои оморӣ асоснок карда шавад.

Калидвожаҳо: мутобиқшавии ҳамсарон, оилаҳои тоҷик, никоҳ, қаноатмандӣ аз никоҳ, вазъиятҳои оилавӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ.

СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ АДАПТАЦИИ СУПРУГОВ В ТАДЖИКСКОМ ОБЩЕСТВЕ

В своей статье автор предоставляет информацию об адаптации таджикских супругов, особенностях адаптации таджикских семей и влиянии психологической адаптации на семейные отношения. Социально-психологическая адаптация супругов всегда происходит в специфической социально-культурной среде. Это процесс, не ограничивающийся индивидуальными особенностями личности или уровнем взаимопонимания двух людей. Напротив, адаптация формируется в рамках системы ценностей, норм поведения, социальных ожиданий и традиционной структуры семьи. Поэтому изучение адаптации супругов в таджикском обществе было бы неполным без анализа его социокультурной среды. Одной из важных особенностей таджикского общества является то, что семья — это не только частная единица личной жизни, но и социальный институт. Также, по мнению автора, на психологическую адаптацию молодых таджикских супругов влияет множество факторов. Психологическая адаптация супругов также зависит от старших членов семьи. В процессе анализа различных литературных источников адаптация или неадаптация является результатом процесса сотрудничества. В совместной деятельности, если результат работы эффективен, удовлетворение возникает не только у самого человека, но и у его супруга. Поскольку адаптация в таджикской среде носит многоуровневый характер, необходимо измерять её на диадическом, системном и эмоциональном уровнях. Именно такой комплексный подход позволяет научно и статистически обосновать реальную взаимосвязь между адаптацией супругов и удовлетворённостью браком в молодых таджикских семьях.

Ключевые слова: адаптация супругов, таджикские семьи, брак, удовлетворенность браком, семейные обстоятельства, трудовая миграция.

SOCIO-CULTURAL FEATURES OF ADAPTATION OF SPOUSES IN TAJIK SOCIETY

In this article, the author provides information on the adaptation of Tajik spouses, the characteristics of Tajik family adaptation, and the impact of psychological adaptation on family relationships. The socio-

psychological adaptation of spouses always occurs in a specific socio-cultural environment. This process is not limited to individual personality traits or the level of mutual understanding between two people. Instead, adaptation is formed within a system of values, norms of behavior, social expectations, and the traditional family structure. Therefore, a study of the adaptation of spouses in Tajik society would be incomplete without an analysis of its socio-cultural environment. One of the important characteristics of Tajik society is that the family is not only a private unit of personal life but also a social institution. Furthermore, according to the author, the psychological adaptation of young Tajik spouses is influenced by many factors. The psychological adaptation of spouses also depends on older family members. An analysis of various literary sources reveals that adaptation or non-adaptation is the result of a collaborative process. In joint activities, if the work results are effective, satisfaction arises not only for the individual but also for their spouse. Since adaptation in the Tajik environment is multi-layered, it is necessary to measure it at the dyadic, systemic, and emotional levels. This comprehensive approach allows us to scientifically and statistically substantiate the true relationship between spousal adaptation and marital satisfaction in young Tajik families.

Keywords: spousal adaptation, Tajik families, marriage, marital satisfaction, family circumstances, labor migration.

Дар бораи муаллиф
Раҷабова Манижа Хуршедовна
Докторант (Phd) –и кафедраи психологияи умумӣ ва педагогика
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: rajabova09@icloud.com

About the author
Rajabova Manizha Khurshedovna
Doctor (PhD) of the Department of General and Educational Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: rajabova09@icloud.com

Об авторе
Раджабова Манижа Хуршедовна
Докторант (PhD) кафедры общей и педагогической психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: rajabova09@icloud.com

ТДУ 37.0153(575.3)

БЕХАТАРИИ СОЛИМИИ ПСИХОЛОГӢ ВА ФАРҲАНГИ ПСИХОЛОГӢ ДАР МУҲИТИ ТАЪЛИМӢ

Саидмирова С. М., Абдураҳмонов Ш. Н.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Мусалам аст, ки инсон аз рӯзҳои аввали ҳаёти худ дар муҳити иҷтимоӣ ва ҳаётӣ фаъолият менамояд ва пайваста бо он дар робита қарор дорад. Байни инсон ва муҳити атроф муносибатҳои мутақобилаи таъсиррасонӣ ва вобастагӣ вуҷуд дорад, ки ҳар яке ба ташаккул ва рушди дигаре таъсир мерасонад. Таҳқиқ ва омӯзиши ин раванд дар психология таърихи тӯлонӣ дошта, то имрӯз ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимми психологияи педагогӣ ва иҷтимоӣ мавқеи худро нигоҳ доштааст. Дар ҷомеаи муосир муҳити таълимӣ яке аз воситаҳои асосии иҷтимоишавии шахс ба ҳисоб меравад, зеро маҳз дар доираи низоми таҳсилот интиқол ва азхудкунии арзишҳо, меъёрҳои иҷтимоӣ ва таҷрибаи ҷамъиятӣ аз як насл ба насли дигар амалӣ мегардад.

Дар чунин шароит масъалаи амнияти равонӣ аҳаммияти махсусро касб менамояд. Ин ба он вобаста аст, ки дар ҷомеаи муосир зуҳуроти гуногуни зӯроварии равонӣ, фишорҳои иҷтимоӣ ва муноқишаҳои байниҳамдигарӣ бештар ба назар расида, метавонанд ба ташаккул ва рушди психикаи кӯдакон ва наврасон таъсири номатлуб расонанд. Зӯроварии психологӣ метавонад дар шакли таҳқир, масхара, таҳдид, муносибати беэҳтиромона, нодида гирифтан ва дигар шаклҳои фишори психологӣ зоҳир гардад. Чунин муносибатҳо дар муҳити таълимӣ сатҳи изтироб, стресс ва ноамниро зиёд намуда, ба ташаккули шахсият халал мерасонанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши муҳити таълимӣ ва амнияти равонии он аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад. Таҳқиқи омилҳое, ки ба ташаккули муҳити бехатар мусоидат менамоянд, имконият медиҳад, ки роҳҳои беҳтар намудани фазои психологӣ дар муассисаҳои таълимӣ муайян карда шаванд.

Маводҳо ва усулҳои тадқиқот. Тадқиқоти мазкур хусусияти назариявӣ-таҳлилӣ дошта, ба омӯзиши муҳити таълимӣ ва амнияти равонии он бахшида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои муҳити таълимӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, амнияти равонӣ, фарҳанги равонӣ ва зӯроварии психологӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шуданд.

Асоси назариявии тадқиқотро равияҳои гуманистии А. Маслоу, назарияи муносибатҳои иҷтимоӣ, равияи экологӣ ба муҳити таълимӣ ва консепсияҳои психологияи педагогӣ ташкил медиҳанд. Ҳангоми таҳлил масъалаҳои муҳимми рушди шахс дар муҳити таълимӣ, нақши муносибатҳои субъект-субъектӣ ва таъсири муҳити иҷтимоӣ ба саломатии равонии хонандагон баррасӣ гардиданд.

Дар ҷараёни тадқиқот маҷмуи методҳои илмӣ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки ба онҳо таҳлили назариявии адабиёти психологӣ ва педагогӣ, методи муқоисавӣ, таҳлил ва ҷамъбаст намудани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва инчунин басистемадарорӣ маводи назариявӣ дохил мешаванд. Ҳамзамон, барои баррасии амиқи масъала таҳлили консептуалии муҳити таълимӣ ва амнияти равонӣ анҷом дода шуд. Дар раванди омӯзиш инчунин аз назарияҳо ва равияҳои гуногуни илмӣ, ки ба масъалаҳои муҳити таълимӣ ва нақши он дар рушди шахс бахшида шудаанд, истифода гардид.

Қисмати асосӣ. Шахс аз оғози ҳаёти худ дар муҳити муайяни иҷтимоӣ ва табиӣ зиндагӣ намуда, пайваста бо унсурҳои он дар робитаи мутақобила қарор мегирад. Муносибати инсон бо муҳити атроф хусусияти дуҷониба дошта, ҳам муҳит ба ташаккул ва рушди шахс таъсир мерасонад ва ҳам худи шахс ба муҳити зиндагии худ таъсиргузор мебошад. Масъалаи таъсири муҳит ба инкишофи шахсият аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти психология ба ҳисоб рафта, омӯзиши он дар тӯли солҳои зиёд мавриди таваҷҷуҳи олимон қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз механизмҳои муҳимтарини иҷтимоишавии инсон дар ҷомеаи муосир муҳити таълимӣ ё худ низоми маориф ба шумор меравад, ки низоми иерархии ҳадафҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои таълиму тарбияи насли наврасро дар бар гирифта, манфиатҳои ҷомеа тавассути он инъикос ва таҷассум меёбанд.

Табиист, ки дар илмҳои муосири чи педагогӣ ва чи психологӣ моҳияти раванди таълим ва низоми маориф аз чанд ҷиҳат баррасӣ мегардад: ҳамчун низоми таълимӣ; ҳамчун раванди

таълим; ҳамчун фаъолияти таълимӣ; ҳамчун натиҷаи инфиродӣ ё маҷмуии раванди таълим; ва ҳамчун муҳити таълимӣ, ки бо хусусиятҳои хоси худ вориди таҳқиқи илмҳои педагогӣ ва психологӣ мегардаданд.

Фаъолияти таълиму тарбия ҳамеша дар доираи муҳити муайяни иҷтимоӣ, моддӣ ва фазоӣ сурат мегирад. Дар психологияи педагогӣ чунин маҷмуи шароитҳо ва омилҳо бо мафҳуми «муҳити таълимӣ» ифода ёфта, ҳамчун яке аз объектҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ мавриди омӯзиш қарор дорад. Бояд қайд намуд, ки аксар муҳақиқони соҳаи педагогика ва психология рушди таълиму тарбияро дар муҳити иҷтимоӣ ба муошират ва муносибати байнишахсӣ ё байни ҷамъиятӣ иртибот медиҳанд. Дар ин росто муҳақиқи ватанӣ Н. Саидзода қайд менамояд, ки «Барои психологияи иҷтимоӣ ва педагогика, муайян кардани нақши муошират дар раванди таълим, ташаккули коллектив ҳамчун объект ва субъекти тарбия, муайян кардани имкониятҳо ва ҳудуди идоракунии педагогӣ ва дахолат ба раванди муошират барои мақсадҳои таълимӣ хеле муҳим аст» [11, с. 231].

Сифати муҳити таълимӣ аз ҷумлаи омилҳои муҳиме ба ҳисоб меравад, ки ба раванди рушд, ташаккул ва камолоти хонандагон таъсири назаррас мерасонад. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «муҳит» аз дидгоҳҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Аз ҷумла, он ҳамчун маҷмуи таъсирҳо ва омилҳое баррасӣ мегардад, ки ба ҷараёни ҳаёт ва рушди шахс таъсир расонида, самти онҳоро муайян менамоянд. Ҳамчунин муҳит ҳамчун тамоми он чизе маънидод мешавад, ки субъекти фаъолиятро иҳота ва фаро гирифтааст. Дар баъзе мавридҳо он ҳамчун объект, восита ё маҷмуи шароитҳое тавсиф мешавад, ки фаъолияти инсон дар доираи онҳо амалӣ мегардад.

Яке аз самтҳои муҳимми психологияи муҳити атроф ба омӯзиши қонуниятҳои рушд ва ташаккули психикаи кӯдак дар шароити ҳамкории мустақим бо муҳити муқаррарии ҳаётӣ ва таълимӣ бахшида шудааст. Дар доираи ин самти илмӣ масъалаҳои таъсири муҳит ба хусусиятҳои психологии шахсият, раванди иҷтимоишавӣ ва рушди маърифатии кӯдакон мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Муҳаққиқони соҳа дар натиҷаи таҳқиқоти сершумор хусусиятҳо, сатҳҳо, навъҳо ва ҷузъҳои сохтории муҳити таълимиро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода, таърифҳо ва моделҳои назариявиро пешниҳод намудаанд, ки барои дарки илмии моҳият ва нақши муҳити таълимӣ заминаи муҳим фароҳам меоранд.

«• ба назарияи муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дар он категорияи «муносибат» ҳамчун робитаи интихобӣ ва огоҳонаи инсон бо объекти барои ӯ аҳаммиятнок маънидод мешавад; инчунин ҳамчун иқтидори вокуниши равонии шахсият нисбат ба ягон ашё, раванд ё воқеияти мушаххас тавсиф мегардад;

• ба низоми тасаввуроти психологияи экологӣ, ки мактабро ҳамчун «низоми иҷтимоӣ-экологӣ» баррасӣ намуда, муҳити таълимиро ҳамчун «низоми таъсирҳо ва шароитҳои ташаккули шахсият, инчунин маҷмуи имкониятҳои рушди он, ки дар муҳити иҷтимоӣ ва фазоӣ-предметӣ ҷой доранд» муайян мекунад.

• ба принсипи антропологӣ дар психологияи рушд; моҳияти психологии ин низом ҳамкории омӯзгор ва хонандагон мебошад. Маҳз ҳамин ҳамкорӣ ҷузъи асосии муҳити таълимиро ташкил медиҳад ва ҳам ба раванди таълим ва ҳам ба тарбия таъсир мерасонад» [2, с. 74].

Бо ҳамин асос метавон гуфт, ки муҳити таълимӣ ҳамчун яке аз мафҳумҳои калидии психологияи педагогӣ маҷмуи шароитҳои мақсаднок ташкилшудаеро дар бар мегирад, ки барои ташаккул, рушд ва худтакмилдиҳии шахсият замина фароҳам меоранд. Ин шароитҳо дар доираи муҳити иҷтимоӣ ва фазоии предметӣ амал намуда, имкониятҳои гуногуни инкишофи иштирокчиёни раванди таълиму тарбияро таъмин менамоянд.

Аз нуқтаи назари психологӣ, муҳити таълимӣ пеш аз ҳама низоми муносибатҳои фаъолиятӣ ва коммуникативӣ, инчунин ҳамкории мутақобилаи ҳамаи иштирокчиёни раванди таълиму тарбияро ифода мекунад. Моҳияти он на танҳо дар мавҷудияти шароити моддӣ, балки дар хусусияти муносибатҳо, тарзи муошират ва ҳамкории субъектҳое зоҳир мегардад, ки дар ин муҳит фаъолият доранд.

Воқеияти муҳити таълимӣ маҳз тавассути низоми муносибатҳои байни омӯзгорон, хонандагон ва дигар иштирокчиёни раванди таълим муайян гардида, дар амал таҷассум меёбад. Аз ин рӯ, ҳангоми шарҳи амалии ин мафҳум зарур аст, ки он шароит ва имкониятҳое мушаххас карда шаванд, ки барои рушди мусбат, худшиносӣ ва ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти иштирокчиёни раванди таълиму тарбия мусоидат менамоянд.

Тавре, ки А. Маслоу таъкид менамояд: «...маҳз муҳити хуб барои хонанда яке аз омилҳои асосии худтакмилдиҳӣ ва соимии психологӣ мебошад» [4, с. 14]. Албатта, дар иртибот ба андешаи А. Маслоу савол гузоштан мумкин аст, ки кадом нишона аломати муҳимми муҳити “хуб” (барои рушди шахсият) ба шумор меравад?

Ба андешаи мо, чунин нишона метавонад амнияти равонии муҳити таълимӣ бошад. Яъне, амнияти равонии муҳити таълимӣ ва хусусияти муошират иштирокчиёни он ин ба роҳ мондани талабот дар доираи хоҳишҳо мебошад.

Тавсифи психологии муҳити таълимӣ нопурра ҳисобида мешавад, агар дар он шароитҳои зарурӣ барои ошкор гардидани табиати ботинии шахс пурра муайян карда нашавад,. Ба назари мо, маҷмуи ин шароитҳоро метавон бо мафҳуми «амнияти равонӣ» ифода намуд.

Барои дарёфти моҳияти ин мафҳум метавон ба равиши консептуалӣ дар фаҳмиши низоми амнияти таълимӣ такя кард. Амният падидаест, ки бидуни он на шахсият, на созмони иҷтимоӣ, на ҷомеа, на иқтисод ва ҳатто давлат наметавонанд ба таври муътадил рушд намоянд.

Мутахассисони ин соҳа чунин ҷузъҳои онро ҷудо мекунанд: «амнияти сиёсӣ; амнияти ҳарбӣ; амнияти иқтисодӣ; амнияти иҷтимоӣ; амнияти фарҳангӣ»[2, с. 36].

Дар доираи ин равиши назариявӣ, амнияти равонӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳимми амнияти иҷтимоӣ арзёбӣ гардида, дар як қатор бо намудҳои дигари амният, аз қабили амнияти тиббӣ, генетикӣ, истеъмолӣ, таълимӣ, нафақавӣ ва дигар шаклҳои ҳифзи иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Дар шароити муҳити таълимӣ амнияти равонӣ чунин ҳолати муносибатҳо ва ҳамкориҳоро ифода менамояд, ки дар он ҳамаи иштирокчиёни раванди таълиму тарбия худро аз ҷиҳати равонӣ муҳофизатшуда ва қадршуда эҳсос мекунанд. Дар чунин муҳит шахс аз таъсироти манфӣ, аз ҷумла таҳқир, фишори равонӣ, тарсондан, зӯроварии рамзӣ ва дигар шаклҳои таъсири номатлуб эмин буда, имконияти фаъолияти озодона ва рушди шахсиро соҳиб мегардад. Маҳз чунин фазои равонӣ барои ташаккули ҳамаҷонибаи шахсият, рушди қобилиятҳо ва худтакмилдиҳии шахс заминаи мусоид фароҳам меорад. Амният ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми фаъолияти устувор ва рушди муназзами низомҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, техникӣ, экологӣ ва биологӣ баррасӣ мегардад. Сатҳи рушди низоми иҷтимоию иқтисодӣ ва дараҷаи суботи он заминаи ташаккули амнияти таълимиро ташкил медиҳад, ки ҳадафи асосии он таъмини рушди устувор, ҳифзи саломатӣ ва нигоҳ доштани ҳолати муътадили ҷомеа ва ҳар як шахс мебошад.

Амнияти иҷтимоӣ, ки амнияти равонӣ низ ҷузъи таркибии он ба ҳисоб меравад, ба самаранокии фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ дар самти қонеъ намудани ниёзҳо, манфиатҳо ва ҳадафҳои аҳолӣ вобаста аст. Дараҷаи ин амният одатан тавассути як қатор нишондиҳандаҳо, аз ҷумла сифати зиндагӣ, давомнокии умр, сатҳи солимии равонӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ арзёбӣ карда мешавад. Дар ин замина мактаб ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимми иҷтимоӣ нақши махсусро иҷро менамояд. Азбаски аксарияти кӯдакон ва наврасон дар фаъолияти он иштирок мекунанд, муассисаи таълимӣ ба раванди таъмини амнияти иҷтимоӣ ва равонӣ таъсири бевосита мерасонад. Аз ин рӯ, мактаб метавонад дар асоси принсипҳои умумии амнияти таълимӣ низоми дохилии ҳифзи амният ва дастгирии равониро ташаккул диҳад.

Таъмини амнияти иҷтимоӣ дар сатҳҳои гуногун амалӣ мегардад. Ба ин сатҳҳо сатҳи байналмилалӣ, давлатӣ, ташкилотӣ, касбӣ ва шахсӣ дохил мешаванд. Дар доираи масъалаи муҳити таълимӣ махсусан сатҳҳои ташкилотӣ, касбӣ ва шахсӣ аҳаммияти бештар доранд, зеро мактаб маҳз ҳамон муҳитест, ки дар он фаъолияти касбӣ амалӣ гардида, барои рушди шахсии ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Дар назарияи амният яке аз мафҳумҳои асосӣ мафҳуми «таҳдид» мебошад. Таҳдидҳо вобаста ба манбаи пайдоиши худ гурӯҳбандӣ мешаванд. Аз ҷумла, таҳдидҳои табиӣ, эпидемиологӣ, техногенӣ ва иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд. Дар доираи таҳдидҳои иҷтимоӣ гурӯҳи махсуси таҳдидҳои иҷтимоӣ-психологӣ низ фарқ карда мешавад, ки онҳо бо афзоиши шиддати иҷтимоӣ, муноқишаҳо ва вайроншавии муносибатҳои созандаи байнишахсӣ алоқаманд мебошанд.

Маҳз таҳдидҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар муҳити таълимӣ аҳаммияти махсус доранд, зеро онҳо метавонанд ба фазои муошират, ҳисси амният ва рушди шахсии хонандагон таъсир расонанд.

«Манбаъҳо оид ба масъалаҳои амният онро ба таври гуногун шарҳ медиҳанд. Дар баъзе мавридҳо амният ҳамчун сифати низоми муайян арзёбӣ мешавад, ки имконият ва тавоноии онро барои ҳифзи худ муайян мекунад. Дар дигар мавридҳо амният ҳамчун низоми кафолатҳо тасвир мешавад, ки рушди устувор ва ҳимоя аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷиро таъмин менамояд» [6, с. 234].

Амнияти равонӣ ҳамчун ҳолати муҳофизатшавии шуур ва шахс аз таъсироти манфии беруна метавонад тавассути ду самти асосӣ таъмин карда шавад. Самти аввал ба ташаккули таносуби муътадили вобастагӣ ва мустақилияти шахс вобаста буда, тавассути рушди автономияи солим амалӣ мегардад. Самти дуюм бошад, ба қобилияти шахс барои идора ва танзими вокунишҳои худ дар вазъиятҳои муҳим, мураккаб ва ғайристандартӣ марбут мебошад. Татбиқи ин стратегияҳо ба ташаккули муҳити таълимии аз ҷиҳати психологӣ устувор мусоидат намуда, барои рушди самараноки шахс ва фаъолияти осоиштаи иштирокчиёни раванди таълим шароити мусоид фароҳам меорад.

Мафҳуми амнияти равонӣ имрӯз дар доираи фаъолияти касбии намояндагони соҳаҳои гуногун васеъ истифода мешавад. Аммо дар муҳити муассисаҳои таълимӣ ва махсусан дар ҷараёни ҳамкорӣ бо хонандагон масъалаи амнияти равонӣ ва фарҳанги амният аҳаммияти махсусро касб менамояд. Дар чунин шароит ҳадафҳои фарҳанги амният мазмуни психологӣ пайдо намуда, ба ташкили шароит ва имкониятҳое равона мегарданд, ки рушди бехатар ва солими иштирокчиёни муҳити таълимиро таъмин мекунанд. Ин раванд ҳамзамон ба таҳкими нақши муассисаи таълимӣ ҳамчун яке аз ниҳодҳои асосии иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Ғояҳои мазкур бояд дар доираи муносибатҳои «инсон — шахсият» ё муносибатҳои субъект-субъектӣ татбиқ карда шаванд. Дар чунин муносибатҳо на танҳо хусусияти ҳамкорӣ, балки эҳтимоли расонидани осеби равонӣ низ бояд ба назар гирифта шавад.

Муносибатҳои байни одамон метавонанд шаклҳои гуногун дошта бошанд. Онҳо метавонанд бар пояи ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ бунёд ёбанд, ё баръакс, хусусияти истифодачӯёна ва истисморкунанда дошта бошанд. Дар баъзе ҳолатҳо муносибатҳо бо фишор ва тобеият тавсиф мешаванд, дар ҳолатҳои дигар бошад, бо ғамхорӣ, дастгирӣ ва кӯмак ба ҳамдигар зоҳир мегарданд. Дар ҳар яке аз ин шаклҳои муносибат шахс дар муҳити иҷтимоии дорои хусусиятҳои гуногун қарор мегирад. Аз ин рӯ, дараҷаи амнияти равонии ӯ низ метавонад фарқ кунад. Ин ҳолат ба таври мустақим ба самт, суръат ва самаранокии рушди шахсият таъсир мерасонад. Масалан, муҳити иҷтимоӣ ва доираи наздики муошират барои кӯдак ҳамчун шарти муҳим ва манбаи асосии рушди ӯ хизмат мекунанд. Бо вуҷуди ин, дар баробари нақши рушддиҳанда, онҳо метавонанд ба манбаи таъсирҳои манфӣ ва осебҳои психикӣ низ табдил ёбанд, агар дар онҳо муносибатҳои носолим, фишор ва ё дигар омилҳои хавфнок мавҷуд бошанд.

Дар ин замина метавон гуфт, ки таҳқиқи муҳити психологӣ ва амнияти равонӣ бояд ҳам ба имкониятҳои рушд ва ҳам ба хатарҳои эҳтимолӣ диққат диҳад, зеро ҳар ду омил барои ташаккули шахсият муҳиманд.

Дар таҳлили консепсияи умумии амният мо қайд мекунем, ки мафҳуми марказии он ки хусусияти вайроншавиро ба миён меорад, ин таҳдид мебошад.

Дар ин росто барои саҳеҳияти кори таҳқиқоти чунин саволеро ба миён гузошт:

- Дар раванди ҳамкории иштирокчиёни муҳити таълимӣ чӣ чиз метавонад таҳдид эҷод кунад?
- Чӣ метавонад монеа гардад барои ҳамкории онҳо?
- Аз чӣ бояд ҳифз карда шаванд, то амнияти равонӣ таъмин гардад?

Дар доираи ин равиш, манбаи асосии таҳдид омилҳои иҷтимоӣ-психологӣ ба ҳисоб рафта, онҳо бештар дар шакли зӯроварии равонӣ зуҳур менамоянд. Чунин таъсирот метавонанд ҳам боиси пайдоиши стресс ва шиддати дохилии шахс гарданд ва ҳам ба ташаккули муноқишаҳо ва шиддати байнифардӣ мусоидат намоянд.

Аз ин нуқтаи назар, зӯроварии равонӣ ҳамчун яке аз таҳдидҳои ҷиддитарин ба амнияти равонии муҳити таълимӣ арзёбӣ мешавад. Бинобар ин, коҳиш додани сатҳи зуҳуроти он дар ҷараёни ҳамкории байни ҳамаи иштирокчиёни раванди таълиму тарбия метавонад яке аз самтҳои асосӣ ва самараноки ташаккули муҳити аз ҷиҳати психологӣ бехатар дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор равад.

Масъалаи амният махсусан муҳим аст бо сабаби афзоиши доимии амалҳои зӯроварӣ нисбат ба шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ва ҷомеаҳои калон ба миён гузошта мешавад.

- Зӯроварии ҷисмонӣ дорои таърифи ҳуқуқӣ буда, аз нуқтаи назари педагогӣ маҳкум мешавад ва шаклҳои он равшананд. Аммо зӯроварии равонӣ чӣ гуна аст ва чӣ маъно дорад?

Мутаасифона дар адабиётҳои педагогӣ ва психологӣ ин омил ба таври пурра омӯхта нашудааст.

Ин нишон медиҳад, ки омӯзиши зӯроварии равонӣ ва таъсири он ба муҳити таълимӣ яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқотии психологияи педагогӣ мебошад, зеро он ба таъмини рушди солимӣ ва ҳифзи психологии хонандагон дар раванди таълим таъсири бевосита дорад.

Албатта, вақте, ки сухан дар бораи зуроварӣ меравад, моро лозим меояд, ки таърифи умумӣ дода бошем: «Зӯроварӣ — таъсири ҷисмонӣ ва равонӣ ба инсон (ҳамчун мавҷуди иҷтимоӣ), ки ғайриқонунӣ сатҳи ахлоқӣ (руҳонӣ), равонӣ ва сатҳи зиндагии ӯ (аз ҷумла ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ) –ро паст мекунад ва ба вай фишорҳо осебҳои ҷисмонӣ ва равонӣ мерасонад» [5, с. 112].

Аз ин рӯ, омӯзиши падидаи зӯроварӣ дар муҳити мактабӣ ва фароҳам овардани фазои амнияти равонӣ барои рушди солим ва ҳаматарафаи шахс аҳаммияти махсус дорад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто таъсирҳои равонии ба назар ноаён низ метавонанд ба ҳолати психикии кӯдакон ва наврасон таъсири амиқ расонида, дар оянда боиси паёмадҳои ҷиддӣ ва дарозмуддат гарданд.

Маълум аст, ки ҳар гуна фишор, маҳдудсозии озодӣ ё кӯшиши водор намудани инсон ба амалҳое, ки ба хоҳиш ва мавқеи шахсии ӯ мувофиқат намекунанд, одатан вокуниши муқовиматиро ба вуҷуд меоранд. Чунин муқовимат метавонад ҳам шакли берунӣ ва ҳам шакли дохилӣ дошта бошад.

Муқовимати берунӣ дар ҳолатҳое зоҳир мегардад, ки шахс ошкоро ба талабот ё меъёрҳои пешниҳодшуда мухолифат нишон медиҳад. Дар муҳити таълимӣ чунин рафтор аксаран ҳамчун вайрон кардани интизом, сарпечӣ аз дастурҳои калонсолон, итоат накардан ба қоидаҳои муқарраршуда ё дигар шаклҳои рафтори номатлуб арзёбӣ мегардад.

• Муқовимати дохилӣ — вақте шахс аз тамосҳо канор мекашад, худро айбдор мекунад, муносибати манфӣ ба худ дорад ё ба худ зарар мерасонад (аутоагрессия).

Натиҷаҳои таҳлил ва омӯзиши анҷомдодаи мо нишон медиҳанд, ки коҳиш додани сатҳи зӯроварии равонӣ дар муҳити таълимии мактаб, ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми таъмини амнияти равонӣ, метавонад на танҳо ба беҳтар гардидани фазои таълимӣ мусоидат намояд, балки ҳамчун воситаи муассири пешгирии шаклҳои гуногуни вобастагӣ, аз ҷумла вобастагӣ ба маводи мухаддир ва таҳкими солимии равонии хонандагон низ хизмат кунад. Дар чунин шароит раванди таълиму тарбия самараноктар гардида, барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият заминаи мусоид фароҳам меорад.

Яке аз омилҳои ҷиддии хавфи равонӣ дар муҳити муосир қонеъ нагардидани ниёзҳои муҳимми кӯдакон, наврасон ва ҷавонон ба ҳисоб меравад. Маҳрум мондани онҳо аз эҳсоси амният, дастгирӣ, қабулшавӣ ва эҳтиром метавонад ба пайдоиши мушкилоти гуногуни психологӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Бо такя ба далелҳо ва натиҷаҳои бадастомада метавон хулоса кард, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии психологӣ ва сифатии муҳити таълимии мактаб сатҳи амнияти равонии он мебошад. Ин нишондиҳанда бо дараҷаи мавҷудият ё набудани зӯроварии равонӣ дар муҳити таълимӣ робитаи мустақим дошта, маҳз зӯроварии равонӣ ҳамчун омиле арзёбӣ мегардад, ки метавонад ба солимии психологӣ, рушди шахсият ва некӯаҳволии равонии иштирокчиёни раванди таълиму тарбия таъсири манфӣ расонад.

Амнияти равонӣ моҳияти муҳити таълимиро чунин шарҳ медиҳад: «Ҳолате, ки дар он нишонаҳои зӯроварии равонӣ дар ҳамкории бо хонандагон вуҷуд надорад; шароитест, ки ба қонеъ гардонидани талаботҳо дар муносибату муошарати мусоидат мекунад; муҳит бо ороми ва фазои солим таъмин бошад, он гоҳ саломатии равонии хонандагон таъмин мегардад» [4, с. 27].

Ҷузъҳои асосии консепсияи амнияти равонии муҳити таълимӣ аз инҳо иборатанд:

1. Маориф ҳамчун соҳаи таъминкунандаи рушди шахсият. Ин мавқеъ бар он асос меёбад, ки мактаб ҳамчун ниҳоди муҳимми иҷтимоӣ на танҳо вазифаи интиқоли донишро иҷро мекунад, балки ба ташаккули шахсияте мусоидат менамояд, ки қобилияти рушд, худшиносӣ ва худтакмилдиҳиро доро мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, муассисаи таълимӣ бояд шароитеро муҳайё созад, ки рушди устувор ва ҳамаҷонибаи шахсиятро таъмин намояд.

Аз нуқтаи назари психология, дар низомҳои авторитарӣ фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ, бештар ба назорат ва танзими рафтори инсон равона карда мешавад. Баръакс, дар доираи парадигмаи гуманистӣ чунин ниҳодҳо ҳамчун муҳите баррасӣ мегарданд, ки барои қонеъ намудани ниёзҳои асосии шахс ва рушди имкониятҳои ӯ

мусоидат мекунанд [4, с. 16]. Дар ин замина масъалаҳои тарбия, солимии равонӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди психологӣ бояд яке аз самтҳои марказии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бошанд.

Ин нуқтаи назар таъкид мекунад, ки муҳити муассисаҳои таълимӣ бояд на танҳо ба интизоми таълимӣ, балки ба рушди психологӣ ва эҳтиёҷоти равонии кӯдак низ аҳаммият диҳад, то шахсият дар фазои солим ва боэътимод ташаккул ёбад.

2. Мактаб ҳамчун ҷузъи таркибии фазои таълимӣ. Фазои таълимӣ низоми мураккабест, ки на танҳо ҳудуди муайяни ҷуғрофӣ, балки маҷмуи хусусиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва педагогиро низ дар бар мегирад. Маҳз ҳамин хусусиятҳо имконият фароҳам меоранд, ки ниёзҳои марбут ба рушд, иҷтимоишавӣ ва ташаккули фарҳангии кӯдакон ва наврасон қонеъ гардида, ҳамзамон сатҳи зарурии амнияти онҳо таъмин карда шавад.

Дар ин замина низоми таълимӣ ҳамчун сохтори ташкилӣ амал намуда, барои татбиқи вазифаҳои мазкур масъулият дорад. Ин низом аз муассисаҳои алоҳидаи таълимӣ иборат буда, яке аз ҳадафҳои муҳимми онҳо фароҳам овардани шароит ва имкониятҳои мусоид барои ҳифз ва таҳкими амнияти равонии муҳити таълимӣ мебошад.

Фазои ягонаи таълимӣ дар асоси сиёсати мақсадноки давлатӣ ва таълимӣ ташаккул меёбад. Чунин сиёсат ба таъмини шароити мусоид барои нигоҳдорӣ ва таҳкими солимии ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоии ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим равона гардида, рушди бехатар ва самараноки онҳоро таъмин менамояд.

Муҳити таълимӣ бояд ҳам аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ва ташкилӣ тарҳрезӣ шавад ва ҳам аз ҷиҳати равонӣ бо технологияҳои махсуси дастгирии психологӣ муҳофизат карда шавад.

3. Хатарҳо ба амнияти равонии муҳити таълимӣ. Яке аз таҳдидҳои асосӣ ба амнияти равонии муҳити таълимӣ дар низоми муносибатҳои байни иштирокчиёни раванди таълим таҷрибаи осеби равонӣ мебошад. Чунин осеб метавонад ба рушди мусбати шахсият ва солимии психологии ӯ таъсири манфӣ расонида, қонеъ гардидани ниёзҳои асосии шахсро маҳдуд созад. Дар натиҷа, барои худинкишофдиҳӣ, худифода ва худамалисозии шахс монеаҳо ба вуҷуд меоянд. Манбаи муҳимтарини чунин осебҳо зӯроварии равонӣ ба шумор меравад, ки дар ҷараёни ҳамкориҳои байнишахсӣ зуҳур мекунад.

Таҳлили адабиёти илмии марбут ба масъалаи зӯроварии равонӣ нишон медиҳад, ки он метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир гардад. Аз ҷумла, таҳқир кардан ё паст задани шаъну эътибори шахс дар назди дигарон, истифодаи суханони қабеҳ, масхара ва истеҳзо, таҳдид намудан, додани лақабҳои таҳқиромез, маҷбур сохтани шахс ба иҷрои амалҳое, ки ба хоҳиши ӯ мухолифанд, нодида гирифтан, муносибати беэҳтиромона ва душманона, инчунин дигар шаклҳои таъсиррасонии манфии психологӣ ба ин гурӯҳ дохил мешаванд. Амнияти равонӣ чунин низоми муносибатҳои байнишахсиро дар назар дорад, ки дар он ҳар як иштирокчии муҳити таълимӣ худро ҳамчун узви арзишманд ва пазируфташуда эҳсос менамояд. Дар чунин муҳит ҳисси мансубият, эътимод ва боварӣ ба амният ташаккул ёфта, шахс худро аз таҳдидҳои равонӣ ҳифзшуда эҳсос мекунад. Ҳамзамон, чунин муносибатҳо ба нигоҳдорӣ ва таҳкими солимии равонӣ мусоидат менамоянд.

4. Таҳкими амнияти равонии муҳити таълимӣ. Таҳкими амнияти равонӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва хадамоти психологӣ баррасӣ мегардад. Мақсади асосии он фароҳам овардани шароите мебошад, ки ҳифз, дастгирӣ ва рушди солимии психологии хонандагонро таъмин намояд. Аз ин рӯ, таъмини амнияти равонӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки низоми маориф ба ҳисоб меравад.

5. Муҳити таълимии равонӣ-бехатар. Муҳити таълимиро метавон равонӣ-бехатар номид, агар он барои иштирокчиён аҳаммияти шахсӣ ва иҷтимоӣ дошта, ниёзҳои асосии онҳоро ба муошират эътимоднок, эҳтиром ва дастгирӣ қонеъ гардонад. Дар чунин муҳит ҳимояи равонии шахс таъмин гардида, муносибатҳо дар асоси муколама, ҳамкорӣ ва эҳтироми мутақобила ташкил мешаванд. Истифодаи технологияҳои психологӣ ва педагогии ба ҳамкорӣ нигаронидашуда, инчунин пешгирии ҳар гуна шаклҳои зӯроварии равонӣ, аз шартҳои асосии ташаккули муҳити таълимии бехатар ба шумор меравад [10, с. 53].

Албатта, дар натиҷаи истифодаи чунин технологияҳо шахсияти равонӣ солим ба воя расида, моҳиятан ҷанбаҳои амнияти равонӣ меҳвари он буда метавонад.

Солимии равонии шахс танҳо дар сурати мавҷуд будани шароити мусоиди зиндагӣ ва рушд таъмин мегардад. Яке аз муҳимтарин чунин шароитҳо муҳити таълимии аз ҷиҳати психологӣ бехатар ба ҳисоб меравад. Маҳз дар чунин муҳит шахс имконият пайдо мекунад, ки худро ҳифзшуда, арзишманд ва озод дар рушди қобилиятҳо ва имкониятҳои худ эҳсос намояд.

Ҷанбаи муҳимми дигар фарҳанги равонӣ ҳамчун омил ва шарти таъмини амнияти равонии муҳити таълимӣ мебошад. Зеро ташаккул ва нигоҳдории муҳити бехатар на танҳо ба шароити моддӣ ё ташкилии муассиса вобаста аст, балки ба сатҳи фарҳанги равонии иштирокчиёни раванди таълим низ алоқамандии зич дорад. Ин фарҳанг пеш аз ҳама дар мазмун ва хусусияти фаъолияти педагогӣ, инчунин дар тарзи муносибат ва ҳамкории байни омӯзгорон, хонандагон ва дигар иштирокчиёни муҳити таълимӣ инъикос меёбад.

«Мо фарҳанги равониро ҳамчун хусусияти интегралӣ дар муҳити таълимӣ мебинем, ки ҳамзамон бо амнияти равонӣ саломатии психикии хонандагон ва муаллимонро таъмин мекунад» [9, с. 106].

«Фарҳанги равонӣ — ин таҳсилоти интегралӣ ва баландсифатест, ки хусусиятҳо ва қобилиятҳои равонии инсонро муттаҳид мекунад**.** Онҳо бо принсипҳои координатсионӣ ва субординатсионӣ алоқаманд буда, он хусусиятҳои мотиватсионӣ**,** эмотсионалӣ**,** интеллектуалӣ**,** коммуникативӣ**,** хусусиятҳои регулятивӣ ва ғайраро дар бар гиранд»[11, с. 138].

Натиҷаҳо. Таҳлили назариявии масъала нишон дод, ки муҳити таълимӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди шахсият ва иҷтимоишавии хонандагон мебошад. Муайян гардид, ки муҳити мусоиди таълимӣ ба рушди қобилиятҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ ва коммуникативии шахсият мусоидат менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқот муайян карда шуд, ки амнияти равонӣ ҷузъи муҳимми муҳити таълимӣ буда, ба саломатии психологии хонандагон таъсири назаррас мерасонад. Ҳолате, ки дар он хонанда худро ҳифзшуда, эҳтиромшуда ва озод ҳис мекунад, ба рушди фаъоли шахсият ва фаъолияти таълимии ӯ мусоидат менамояд.

Инчунин муайян гардид, ки яке аз таҳдидҳои асосии муҳити таълимӣ зӯроварии равонӣ мебошад. Зӯроварии равонӣ метавонад дар шакли таҳқир, масхара, таҳдид, муносибати беэҳтиромона ва фишори психологӣ зоҳир гардида, ба ҳолати равонии хонандагон таъсири манфӣ расонад. Нишон дода шуд, ки паст намудани сатҳи зӯроварии равонӣ метавонад омили муҳимми таҳкими саломатии равонӣ ва пешгирии рафторҳои девиантӣ гардад.

Натиҷаҳои таҳлил ҳамчунин нишон доданд, ки фарҳанги равонӣ ва муносибатҳои субъект-субъектӣ дар муҳити таълимӣ ба ташаккули фазои мусоиди психологӣ мусоидат менамоянд. Муносибатҳои эҳтиромона, дастгирӣ ва ҳамкорӣ сатҳи эътимод ва амнияти психологиро баланд мебардоранд.

Муҳокима. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки муҳити таълимӣ на танҳо фазои таълим, балки муҳити рушди психологӣ ва иҷтимоии шахсият мебошад. Ин натиҷаҳо бо назарияҳои гуманистии А. Маслоу мувофиқат мекунанд, ки муҳити мусоидро яке аз омилҳои асосии худтакмилдиҳӣ ва рушди шахсият мешуморад. Таҳлил нишон дод, ки амнияти равонӣ яке аз шартҳои асосии фаъолияти самараноки муҳити таълимӣ мебошад. Дар ҳолате ки муҳити таълимӣ аз таҳдид, фишор ва зӯроварии равонӣ озод аст, хонанда имконияти бештар барои рушди қобилиятҳои шахсӣ ва иҷтимоии худро пайдо менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин аҳаммияти муносибатҳои байнишахсӣ ва фарҳанги равониро дар муҳити таълимӣ тасдиқ менамоянд. Муносибатҳои субъект-субъектӣ, ки бар асоси эҳтиром, ҳамкорӣ ва дастгирӣ ташаккул меёбанд, метавонанд сатҳи изтироб ва ноамниро коҳиш диҳанд. Дар баробари ин, муайян гардид, ки зӯроварии равонӣ яке аз омилҳои асосии вайроншавии муҳити солими таълимӣ мебошад. Аз ин рӯ, масъалаи пешгирии шаклҳои гуногуни фишори психологӣ бояд яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва хадамоти психологӣ бошад.

Хулоса. Ҳамин тавр, муҳити таълимӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди шахсият ва иҷтимоишавии хонандагон ба ҳисоб меравад. Сифати муҳити таълимӣ ба ҳолати равонӣ, фаъолияти таълимӣ ва ташаккули шахсияти кӯдак таъсири бевосита мерасонад. Муайян гардид, ки амнияти равонӣ ҷузъи муҳимми муҳити таълимӣ буда, барои ҳифзи саломатии психологии хонандагон ва рушди мусбати онҳо аҳаммияти калон дорад. Муҳити бехатари психологӣ ба худтакмилдиҳӣ, ташаккули муносибатҳои мусоид ва рушди фаъолияти маърифатии хонандагон мусоидат менамояд. Инчунин нишон дода шуд, ки зӯроварии равонӣ яке аз таҳдидҳои асосии муҳити таълимӣ буда, метавонад ба рушди психикии шахсият таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, паст намудани сатҳи зӯроварии равонӣ ва таҳкими фарҳанги равонӣ бояд яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти муассисаҳои таълимӣ гардад. Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки роҳҳои такмили муҳити таълимӣ ва таҳкими амнияти равонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуда, барои рушди солими шахсияти хонандагон шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Адабиёт

1. *Аминов, А. Таъсири психологии гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ ба рафтори наврасон / А. Аминов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2024. – № 4 (22). – С. 156-161.*
2. *Баева, И.А. Психологическая безопасность в образовании: / И.А. Баева, // монография. — Санкт-Петербург: Союз, 2002. — 270 с.*
3. *Донишномаи психологӣ зери мураттибии Саидзода Н., Разоқов Х., Аминов А. / Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025. – 381 с.*
4. *Мясищев, В. Н. Личность и неврозы / В. Н. Мясищев. - Л., 1960. - 455 с.*
5. *Психология. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ / Зери таҳрири М. Давлатов. – Душанбе, 2010.–335 с.*
6. *Расулов, С. Педагогическое общение-ведущий фактор педагогического мастерство / С. Расулов, М. Давлатов. // Вестник Таджикского государственного национального университета. Серия общественных наук – Душанбе, 2007. - №4 (36).–234 с.*
7. *Саидзода, Н.Т. Асосҳои психологияи синусолӣ ва омӯзгорӣ / Н.Т. Саидзода. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2025. – 211 с.*
8. *Саидов, М. Маҷмуаи таълимӣ-методии "Асосҳои психологӣ ва педагогии фаъолияти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ» / М. Саидов, Н. Саидов. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022.–156 с.*
9. *Семикин, В.В. Психологическая культура в педагогическом взаимодействии: дис. ... д-ра психол. наук: / В.В. Семикин. - Санкт-Петербург, 2004. — 379 с.*
10. *Сухомлинский, В.А. О воспитании / В.А. Сухомлинский. – М.: Школьная пресса, 2003.*
11. *Саидмирова, С. М. Андешаҳои тарбиявӣ ва панду ҳикматҳои Абдураҳмони Ҷомӣ / С. М. Саидмирова // Идоракунии давлатӣ. – 2020. – №. 3(47). – С. 136-140.*
12. *Саидмирова, С. Психологияи машваратӣ Қ.1 /С.Саидмирова, А. Аминов. - Душанбе: Истеъдод, 2026.-232с.*
13. *Саидмирова, С. Научно-мировоззренческая направленностӣ педагогических воззрений Абдурахмана Джами.- С. Саидмирова. -Душанбе: Дониш, 2022.-214 с.*
14. *Шарипов, А.М. Муошрати педагогӣ – як намуди махсуси эҷодкорӣ дар мактаби муосир / А.М. Шарипов, Н.Т. Саидзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. - 2025.№ 4 (26) - С. 226-231.*

БЕХАТАРИИ СОЛИМИИ ПСИХОЛОГӢ ВА ФАРҲАНГИ ПСИХОЛОГӢ ДАР МУҲИТИ ТАЪЛИМӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаи муҳити таълимӣ ва нақши амнияти равонӣ дар рушди шахсияти хонандагон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар мақола таъкид мешавад, ки инсон аз оғози ҳаёти худ дар ҳамкорӣ бо муҳит қарор дошта, рушди психикии ӯ дар робитаи доимӣ бо муҳити иҷтимоӣ сурат мегирад. Муҳити таълимӣ на танҳо маҷмуи шароити моддӣ, балки низоми муносибатҳои байнишахсӣ, ҳамкорӣ ва фазои эмотсионалии муассисаи таълимиро низ дар бар мегирад. Дар мақола зӯроварии равонӣ ҳамчун яке аз таҳдидҳои асосии муҳити таълимӣ тавсиф шудааст. Муаллифон шаклҳои гуногуни зӯроварии равонӣ, аз ҷумла таҳқир, масхара, таҳдид, муносибати беэҳтиромона ва фишори психологиро таҳлил менамоянд. Нишон дода мешавад, ки чунин омилҳо метавонанд сатҳи изтироб ва ноамнии хонандагонро баланд бардоранд. Асоси назариявии таҳқиқотро назарияҳои гуманистии А. Маслоу, назарияи муносибатҳои иҷтимоӣ ва равиши экологӣ ба муҳити таълимӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот таҳлили назариявии адабиёти психологӣ ва педагогӣ, методи муқоисавӣ ва системасозии маводи илмӣ истифода шуданд.

Калидвожаҳо: муҳити таълимӣ, амнияти равонӣ, психологияи педагогӣ, шахсият, зӯроварии равонӣ, муҳити иҷтимоӣ, саломатии равонӣ, иҷтимоишавӣ, муносибатҳои байнишахсӣ, фарҳанги равонӣ.

БЕЗОПАСНОСТЬ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЫ, ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРА И ПСИХИЧЕСКОЕ ЗДОРОВЬЕ ШКОЛЬНИКОВ

В данной статье рассматривается проблема образовательной среды и роль психологической безопасности в развитии личности учащихся. В статье подчеркивается, что человек с первых дней жизни находится во взаимодействии с окружающей средой, а его психическое развитие осуществляется в постоянной связи с социальной средой. Образовательная среда включает в себя не только совокупность материальных условий, но и систему межличностных отношений, взаимодействие участников образовательного процесса и эмоционально-психологическую атмосферу учреждения. В статье психологическое насилие характеризуется как одна из основных угроз образовательной среды. Авторы анализируют различные формы психологического насилия, включая унижение, насмешки, угрозы, неуважительное отношение и психологическое давление. Показано, что подобные факторы могут повышать уровень тревожности и чувства незащищенности у учащихся. Теоретическую основу исследования составили гуманистические идеи А. Маслоу, теория социальных отношений и экологический подход к образовательной среде. В процессе исследования

использовались методы теоретического анализа психолого-педагогической литературы, сравнительный метод и систематизация научных материалов.

Ключевые слова: образовательная среда, психологическая безопасность, педагогическая психология, личность, психологическое насилие, социальная среда, психическое здоровье, социализация, межличностные отношения, психологическая культура.

THE SECURITY OF EDUCATIONAL ENVIRONMENT, PSYCHOLOGICAL CULTURE, AND PSYCHICAL HEALTH OF SCHOOLCHILDREN

This article examines the problem of the educational environment and the role of psychological safety in the development of students' personalities. The article emphasizes that a person interacts with the surrounding environment from the very beginning of life, and psychological development occurs in constant connection with the social environment. The educational environment includes not only material conditions, but also a system of interpersonal relationships, interaction among participants in the educational process, and the emotional and psychological atmosphere of the institution. The article identifies psychological violence as one of the main threats to the educational environment. The authors analyzes various forms of psychological violence, including humiliation, ridicule, threats, disrespectful treatment, and psychological pressure. It is shown that such factors can increase anxiety and feelings of insecurity among students. The theoretical basis of the study includes A. Maslow's humanistic theories, the theory of social relations, and the ecological approach to the educational environment. The research employed methods of theoretical analysis of psychological and pedagogical literature, comparative analysis, and systematization of scientific materials.

Keywords: educational environment, psychological safety, pedagogical psychology, personality, psychological violence, social environment, mental health, socialization, interpersonal relationships, psychological culture.

Дар бораи муаллифон

Саидмирова Савринисо Мирзоевна
Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ssaidmirova@listl.ru

Абдураҳмонов Шерзод Норматович
Асистенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: sher3od@bk.ru

Об авторах

Саидмирова Савринисо Мирзоевна
Кандидат педагогических наук, доцент, заведующая кафедрой общей психологии и педагогики
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ssaidmirova@listl.ru

Абдурахмонов Шерзод Норматович
Асистент кафедры общей и педагогической психологии
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: sher3od@bk.ru

About the authors

Saidmirova Savriniso Mirzoevich
Candidate of Pedagogical Sciences, associate Professor, Head of the Department of General Psychology and Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: ssaidmirova@listl.ru

Abdurakhmonov Sherzod Normatovich
Assistant the Department of General Psychology and Pedagogy
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: sher3od@bk.ru

ТДУ 159.923.2

СОХТОРИ ХУДМУАЙЯНКУНИИ ШАХС ДАР ПСИХОЛОГИЯ

Бобоёров З. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар сохтори худмуайянкунии шахсӣ ду ҷанбаи асосиро ҷудо мекунанд, ки дар маҷмуъ худмуайянкунии шахсиро ташкил медиҳанд ва онҳо «Ман»-консепсия ва худшиносӣ мебошанд. Ҷанбаҳои гуфташударо ба тариқи муфассал дида мебароем.

Дар сохти психологии шахс «Ман»-консепсия ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Калимаи «консепсия» (лат. conceptio — идеяи ягона, андешаи пешбаранда) маънои системаи назарҳо оид ба фаҳмиши падидаро дорад. Аз ин рӯ, «Ман»-консепсия системаи ягонаи назарҳо, сохтори маърифатӣ-эмотсионалии дарки худ, муносибат ба худ ва ҷаҳон мебошад.

Мафҳуми “Ман-консепсия” ҳамчун мафҳуми илмӣ дар адабиёти илмӣ рӯйи кор омадааст. Ин системаи динамикии тасаввуроти шахс дар бораи худ, ки ҳам дарки воқеии сифатҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва дигар сифатҳои ӯ ва худбаҳодиҳӣ, инчунин дарки субъективии омилҳои берунии ба ин шахс таъсиркунандаро дар бар мегирад, мебошад. Р.Бёрнс, яке аз олимони барҷастаи англис дар соҳаи психология, ки бо масъалаҳои худшиносӣ машғул буд, ба ин мафҳум чунин таъриф медиҳад: «Мафҳуми “Ман-консепсия” – ин маҷмуаи тасаввуроти инсон дар бораи худ ва худбаҳодиҳии шахсӣ мебошад. Қисмати тавсифии “Ман-консепсия”-ро аксар вақт образи “Ман” меноманд. Ҷузъи марбути муносибат ба худ ё сифатҳои инфиродии шахсро худбаҳодиҳӣ ё худқабулкунӣ меноманд. Дар асл, “Ман-консепсия” на танҳо чӣ будани фард, балки инчунин дар бораи худ чӣ фикр дорад, ба фаъолияти худ ва имкониятхои тараққиёти худ дар оянда чӣ назар мекунад, муайян мекунад» [2, с. 31].

Дар «Ман»-консепсия шахс метавонад чунин образеро дар бораи худ ба вуҷуд орад (ва ба он бовар кунад), ки ба воқеият мувофиқ нест ва боиси низоъ бо он мегардад. Баръакс, консепсияи мувофиқ ба мутобиқшавии бомуваффақият ба муҳит ва одамони дигар мусоидат мекунад.

Дар психологияи муосир «Ман»-консепсия ҳамчун системаи ягонаи ақидаҳои шахс дар бораи худ дониста мешавад. Омӯзиши адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дар аксари моделҳои таҳияшудаи «Ман»-консепсия муҳаққиқон образи «Ман»-ро ҳамчун зерсохтори маърифатӣ ва муносибати эмотсионалӣ ва арзишмандии шахс ба худ фарқ мекунанд, ки он худмуносибатнамоӣ номгузорӣ гардида, аксуламалҳои рафториро ба вуҷуд меорад.

Таҳқиқотҳои соҳаи иҷтимоӣ-психологӣ дар зери мафҳуми «Ман»-консепсия ҷанбаҳои зеринро ифода мекунанд:

1. Ҷанбаи мурофиавӣ («Ман»-консепсия бо фаъолияти пешбаранда, ки бо муносибат ба дигарон, нисбат ба худ, ҳамгироии равандҳои гуногуни иҷтимоию равонӣ алоқаманд аст).
2. Ҷанбаи интераксионистӣ (тасаввурот дар бораи худ вобаста ба васеъ шудани доираи таъсири мутақобила низ васеъ мегардад).
3. Ҷанбаи иҷтимоию танзимкунанда (тасаввурот дар бораи худ ҳамчун омили шахсии танзими рафтори иҷтимоӣ).
4. Ҷанбаи иҷтимоӣ-нақшӣ (тағйирёбии тасаввурот дар бораи «Ман» дар мувофиқа бо мазмуни нақши иҷтимоӣ ба амал меояд).

Ҷанбаҳои мазкур шаҳодатдиҳандаи он мебошанд, ки «Ман»-консепсия дар вазъияти иҷтимоӣ ташаккул ёфта, натиҷаи таҷрибаи иҷтимоии шахс мебошанд. «Ман»-консепсия дар психологияи иҷтимоӣ ҳамчун муносибатҳои иҷтимоӣ омӯхта мешавад. Образи «Ман» дар асоси ҳаммонандкунии худ бо гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ ифода меёбад.

Худмуайянкунии ҳар як шахс дар раванди муносибат бо одамони дигар инкишоф меёбад. "Ман" ҳамчун таркибе, ки шахс маълумотро дар бораи ҷаҳони атроф ва дар бораи худ чӣ гуна коркард мекунад, муайян менамояд. Нақши "Ман" маҷмуи ҳама чизест, ки шахс дар бораи худ медонад ва метавонад тасаввур кунад. Худро қадрдонӣ кардан бошад, ҳамчун худэҳтиромнамоӣ маънидод карда мешавад. Дар умум, дараҷаи баланди худэҳтиромнамоӣ нисбат ба дараҷаи пасти он бартарӣ дошта, дараҷаи худэҳтиромнамоӣ метавонад тавассути таҷрибаи мусбӣ афзоиш ёбад.

Дар ин ҷой инчунин, мафҳуми худтанзимкунӣ низ ба «Ман»-консепсия дохил шуда, он чунин таъриф дода мешавад. Худтанзимкунӣ гуфта, рафтори шахс дар назар дошта шудааст,

ки аз ҷониби омилҳои беруна ё дохилӣ сафарбар карда мешавад. Одамони дорои дараҷаҳои баланд ва пасти худтанзимкунӣ дар бисёр ҳолатҳо ба таври гуногун рафтор мекунанд ва нафароне, ки дар онҳо худтанзимкунӣ аз ҳад зиёд ё хеле кам дида мешавад, нисбат ба одамони дорои дараҷаи миёнаи худтанзимкунӣ ба таври назаррас мувозинатро аз даст медиҳанд. Худтаъсирбахшӣ мафҳуми дигари «Ман»-консепсия буда, ба арзёбии шахс дар бораи қобилияти онҳо барои иҷрои вазифа, расидан ба ҳадаф ё бартараф кардани монеа ишора мекунад. Дараҷаи баланди худтаъсирбахшӣ бисёр фаъолиятҳоро, аз варзиш то таҳсилот беҳтар мекунад.

Маркус ва Нириус бар ин назаранд, ки «Ман»-консепсия дар ҳар лаҳзаи муайяни вақт консепсияи кориест, ки барои тағйир додан ба таҷрибаҳои нав, аксуламалҳои нав ва иттилооти нави марбут ба шахсияти шахс кушода аст. Гарчанде ки дар бораи шахсияти ояндаи худ тасаввуроти равшан дошта бошем ҳам, одамони дигар, одатан, танҳо шахсияти ҳозираи моро дарк мекунанд ва номутобиқатии ин намояндагӣ метавонад боиси нороҳатӣ гардад.

Тадқиқоти Нидерланд ва дигарон нишон доданд, ки одамоне, ки шумораи хеле ками «Ман»-и эҳтимолии ояндаро доранд, аз ҷиҳати эмотсионалӣ ба фикру мулоҳизаҳо осебпазиранд. Масалан, агар шахс 20 имконоти гуногуни касбро баррасӣ кунаду донад, ки ӯ барои яке аз онҳо қобилиятҳои заруриро надорад, чандон муҳим нест, зеро барои ӯ нуздаҳ имконоти дигар вуҷуд дорад. Аммо, агар нақшаҳои ин нафар танҳо бо як касб алоқаманд бошанд, маълумоте, ки дар ӯ қобилияти зарурӣ дида намешавад, харобиовар хоҳад буд. Ҳамин тариқ, маълум мешавад, ки андешаҳои мураккаб дар бораи сохтори «Ман»-и шахсии худ аз ҷиҳати эмотсионалӣ назар ба андешаҳои одӣ манфиатовар мебошанд.

«Ман»-консепсия бо синну сол ва зери таъсири омилҳои вазъият тағйир меёбад: масалан, аз даст рафтан ё гирифтани кори нав, дохил шудан ба хизмати ҳарбӣ. Маълум мешавад, ки мафҳуми «Ман» сабтшуда набуда, ҳодисаҳои беруна боиси тағйир ёфтани он шуда метавонанд. Тадқиқотҳои охирин нишон доданд, ки ин тағйиротҳо тақрибан ба таври худкор (автоматӣ) ҳангоми дучор шудан бо ҳаммонандкуниҳои гуногуни гурӯҳӣ, ки метавонанд ба «Ман» алоқаманд бошанд, ба амал меоянд.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ-психологӣ мукаммалтарин мафҳуми «Ман»-консепсияро Р.Бёрнс (1986) таъриф додааст. Ӯ пешниҳод мекунад, ки «Ман»-консепсия ҳамчун маҷмуи муносибатҳои ба худ нигаронидашуда баррасӣ карда шавад. Тибқи сохтори сеҷонибаи муносибати иҷтимоӣ, «Ман»-консепсия низ аз се унсур иборат мебошад:

1) образи «Ман» - андешаҳои фард дар бораи худ;

2) худбаҳодиҳӣ – баҳодиҳии аффективӣ ба ин ақида, ки вобаста ба сатҳи қабули хислатҳои муайяни худ, дараҷаи шиддатнокии гуногун дорад;

3) аксуламалҳои рафторӣ – он амалҳое, ки аз образи «Ман» ва худбаҳодиҳӣ ба вуҷуд меоянд [2, с. 32].

Мувофиқи нуқтаи назари Р.Бернс ишораҳои зикршуда дар се шакл зоҳир мешаванд:

• «Ман»-и воқеӣ, ки он муносибатҳоеро, ки бо қобилиятҳо, нақшҳо, ҳолатҳои воқеӣ алоқаманданд («ман-дар ҳақиқатан») инъикос менамояд;

• «Ман»-и иҷтимоӣ (оина), ки он муносибатҳоро инъикос мекунад, ки бо ақидаи шахс дар бораи он ки дигарон ӯро чӣ гуна мебинанд («Ман-аз диди дигарон»);

• «Ман»-и идеалӣ муносибатҳоеро инъикос мекунад, ки бо ақидаҳои шахс дар бораи «ман»-и дилхох ("Ман"-чӣ гуна будан мехостам") алоқаманданд.

Ба ибораи дигар, мафҳуми «Ман»-консепсияро Р.Бернс ҳамчун истилоҳи дастаҷамъӣ барои маҷмуи тасаввуроти шахс дар бораи худ истифода мебарад.

Ҷанбаи маърифатии «Ман»-консепсия ин эҳсоси худ, он чизест, ки ман дар бораи худам медонам, мебошад ва бо равандҳои маърифатӣ алоқамандӣ дорад. Чун қоида, сохторҳои маърифатии «Ман»-консепсия хислатҳои асосии дарки одатҳоро инъикос мекунанд. Дарвоқеъ, ба воситаи ин ё он маҷмуи хусусиятҳои инфиродӣ, ҳама гуна нақш ё хусусиятҳои мақоми худ тавсиф дода мешаванд.

Тафовут байни «Ман»-консепсия чунин сабабҳоро дошта метавонад:

1. Муносибат ба таҷрибаи воқеии шахс. Баъзеҳо ба таҷрибаи ҷорӣ алоқаманданд, дигарон бошанд, баръакс, бо таҷрибаи гузашта алоқаманданд.

2. Дараҷаи аҳаммият ё марказӣ. Баъзе образҳои «Ман» ҳамчун образи канорӣ амал мекунанд.

3. «Ман»-консепсия ҳам мусбат ва ҳам манфӣ буда метавонад. Дар аксари асарҳо муаллифон таваҷҷуҳи худро ба «Ман»-консепсияи мусбат равона мекунанд. Дар баробари

ин, муаррифии манфӣ, ки шояд барои таҳқиқ бештар ҷолибтар бошад, хеле камтар таҳқиқ шудааст. Ҳамин тавр, Ҷ. Бин тахмин кард, ки шахсиятҳои депрессивӣ баъзе нақшаҳои «Ман»-депрессивиро дошта, он боиси дарки таҳрифи худ мегардад.

Таркиби «Ман»-консепсия мураккаб ба шумор меравад, зеро он тамоми рӯйдодҳои муҳимми гузашта, ҳама хотираҳои ҳодисаи рухдода, донистани он ки мо ҳоло кӣ ҳастем ва эътиқоди моро дар бораи кӣ будани мо дар оянда инъикос мекунад. Ба ибораи дигар, таркиби «Ман» маҷмуи ҳама чизест, ки шахс дар бораи худ медонад ва метавонад тасаввур кунад. Бинобар сабабе, ки дониш ва тасаввуроти инсон пайваста тағйир меёбад, мафҳуми «Ман» низ бояд тағйир ёбад. Аз ин рӯ, "Ман" маркази ҷаҳони иҷтимоии ҳар як шахс буда, таркиби "Ман" хеле хуб таҳия шудаст ва аз ин бармеояд, ки шахс метавонад иттилооти марбут ба "Ман"-и худро беҳтар коркард кунад. Маълумоти марбут ба "Ман" бештар диққатро ҷалб мекунад, дар хотира нигоҳ дошта мешавад ва аз он ҷо ба хотир овардани он осонтар маҳсуб меёбад. Истинод ба худ, як мисоли таъсироти маърифатии «Ман» мебошад, яъне хотира дар атрофи шавқу ҳавасҳои асосии шахс ташаккул меёбад.

Диққати одам дар ҳар лаҳза метавонад ба ботин ё берун, ба олами атроф нигаронида шавад. Мутамарказӣ ҳамчун дараҷае муайян карда мешавад, ки диққати шахс ба "Ман"-и худ нигаронида шудааст. Ин раванд ба ёд овардани рӯйдодҳои марбут ба гузашта ва коркарди иттилооти муҳимми ҷориро талаб мекунад. Мутамарказӣ ба дурустии хотираи биографӣ (тақдиди маълумоти воқеӣ дар бораи худ) ва мураккабии мулоҳизаҳое, ки «Ман»-ро тавсиф мекунанд, таъсир мерасонад.

Ҳангоми гузаштан аз давраи кӯдакӣ ба давраи наврасӣ самтнигарониш ба «Ман»-и худ фаъол гардида, баъзе калонсолон нисбат ба дигарон бештар ба худашон таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Бо вуҷуди ин, таъсири вазъият муҳим аст ва суҳбат бо «Ман»-и худ ба осонӣ тавассути фармонҳои одӣ (дар бораи хислатҳои мусбии худро дар айни замон фикр кардан) ё бо ишораҳои беруна, ба монанди мавҷудияти камераи видеоӣ ё оина оғоз мешавад.

Мутамарказ ба «Ман»-и худ дар як муддати маҳдуд метавонад фаҳмишро дар бораи худ беҳтар созад. Бо вуҷуди ин, таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд ба «Ман»-и худ (масалан, дар одамоне, ки депрессияро аз сар мегузаронанд) метавонад танҳо як кӯшиши давомдор барои фаҳмидани худро нишон диҳад, на ин ки дар бораи худшиносии зиёд [12, с.16].

Чун қоида, шахс бештари маълумот дар бораи ҷанбаҳои мусбат ва манфии «Ман»-и худро дар алоҳидагӣ дар хотира нигоҳ медорад. Кайфияти шахс, дар навбати худ, аз рӯйи он муайян карда мешавад, ки диққат ба чӣ равона шудааст: унсурҳои мусбат ё манфии «Ман»-и худ. Агар инсон танҳо дар бораи хислатҳои манфии худ фикр кунад, рӯҳияи ӯ метавонад ба осонӣ бад шавад. Аммо на танҳо худпарастӣ ба рӯҳия таъсир мерасонад, кайфият низ ба тарзи фикрронии инсон дар бораи «Ман»-и худ таъсир расонида метавонад. Масалан, агар инсон аз ихтилоф бо дӯсти наздикаш ранҷад, эҳтимол бештар ба хотираҳои манфӣ мутамарказ мешавад ва ба оянда ноумедона муносибат мекунад.

Ҳангоми дучор шудани шахс бо рӯйдодҳои бениҳоят манфӣ ва стресс, доштани якчанд ҷанбаҳои мусбии «Ман»-и худ муҳим шуморида мешавад. Мавҷудияти унсурҳои ҷудогонаи мусбати "Ман", ки шахс ба онҳо такя карда бошад, метавонад нақши муҳофизатӣ аз пайдоиши депрессия дар вазъияти стрессиро бозад.

Ҷанбаи аффективӣ яке аз ҷанбаҳои дигари «Ман»-консепсияро ташкил медиҳад. Ҷанбаи мазкур муносибати эмотсионалӣ-баҳогузорӣ ба худ мебошад. Инсон «Ман»-и худро аз рӯи маҷмуи хислатҳое, ки дар бораи худ медонад, баҳогузорӣ мекунад. Ҷузъи маърифатии «Ман»-консепсия аз ҷониби шахс бетараф дарк карда намешавад, балки ҳамеша ҳиссиёт ва баҳодиҳии муайянро бедор мекунад, ки шиддатнокии онҳо вобаста ба шароити иҷтимоӣ ва худи муҳтавои маърифатӣ метавонад фарқ кунад. Одатан, ин ҷузъи «Ман»-консепсия бо мафҳуми «худбаҳодиҳӣ» муайян карда мешавад.

Умуман, як қатор тадқиқотҳо қайд мекунанд, ки характери муносибатҳои худ бо хусусиятҳои таҷрибаи ҷамъиятии шахс дар тамоми ҳаёти ӯ алоқаи зич дорад. Ҳамин тавр, пояҳои муносибати худшиносӣ дар давраи кӯдакӣ гузошта мешаванд ва омили асосӣ - ин хусусияти муносибатҳои падару модар ва кӯдак (вобастагии барвақт ва қавӣ, баҳогузории мусбати волидайн) мебошад. Дар синни дертар, ба муносибати худшиносӣ таҷрибаи аз сар гузаронидани ҳолатҳои осебпазир (дар беморхона, марги шахси наздик, талоқ, нокомии иҷтимоӣ ва ғ.) таъсир мерасонад.

Равиши дигари масъалаи худбаҳодиҳӣ ин муқоисаи мафҳуми худэҳтиромнамоӣ, тафовути байни «Ман»-конпсепсия ва «Ман»-и идеалӣ мебошад. Чӣ қадаре ки ихтилоф зиёд бошад, ҳамон қадар дараҷаи худбаҳодиҳӣ паст мешавад. Яъне, агар шахс ҳар қадар бештар

фикр кунад, ки хислатҳои ӯ ба «Ман»-и идеалӣ мувофиқ нестанд, дар натиҷа ин нафар ҳамон қадар муносибати манфиро нисбати худ роҳандозӣ мекунад. Агар муносибат мусбат бошад, метавон гуфт, ки шахс дорои хислатҳои муайяни «Ман»-и идеалӣ мебошад.

Ҳамин тавр, агар шахс худро бо аъзои гурӯҳи худ муқоиса кунад ва ин муқоиса ба нафъи ӯ набошад, дараҷаи худэҳтиромнамоии ӯ паст мешавад. Муваффақият дар гурӯҳи худ дар пасманзари нокомии нисбии дигарон метавонад сабаби қавитар барои эҳтироми худ нисбат ба муваффақияти баробар дар гурӯҳи калонтар ва муваффақтар бошад. Ба ибораи дигар, як стратегия барои нигоҳ доштани муносибати мусбӣ нисбати худ ин мутамарказ ба нокомилии дигарон аст. Ин ҷо муҳим аст мафҳуми *Локус-назоратро тавзеҳ диҳем.* Локус-назорат – ин аз ҷониби одамон ҳаёти худро ҳамчун аз ботин тавассути кӯшишҳо ва амалҳои худ идора мекунанд ё ҳамчун тасодуф ё таъсири қувваҳои беруна аз берун назорат мегардад, фаҳмида мешавад. Аксари тадқиқотҳое, ки мувофиқи назарияи омӯзиши иҷтимоии Ҷулиан Роттер анҷом дода шудаанд, ба як тағйирёбандаи шахсият, ки Локус-назорат номида мешавад, мутамарказ карда шудаанд.

Ҳамчун як сохтори марказии назарияи омӯзиши иҷтимоӣ, Локус-назорат то чӣ андоза одамон қувваҳои водоркунандаро дар ҳаёти худ назорат мекунанд, дар бар мегирад. Як гурӯҳи одамон қувваи водоркунандаи асосии фаъолӣ ва муваффақияту нокомии онҳо аз омилҳои беруна, аз қабили тақдир, бахт, хушбахтӣ, одамони тавоно ва қувваҳои пешгӯинашавандаи муҳити зист вобастагӣ дорад. Нафарони ба истилоҳ "Берунгаро" бовар доранд, ки онҳо гаравгони тақдиранд.

Баръакси ин, гурӯҳи одамоне ҳастанд, ки қувваи водоркунанда ва сарчашмаи асосии фаъолӣ, комёбию нокомиро дар омилҳои ботинии шахсӣ мебинанд ва онҳоро шартан метавон «Дарунгаро» номид.

Гарчанде ки эътиқод ба назорати берунӣ ё дохилиро метавон ҳамчун як хислати шахс дар маънои фарқиятҳои инфиродӣ баррасӣ кард. Дар ин масъала Роттер чунин ишора мекунад, ки «Берунгаро» ва «Дарунгаро» "намудҳо" нестанд, зеро ҳар яке аз ин хусусиятҳо на танҳо категорияи худро доранд, балки инчунин ба андозаи кам, яке аз дигараш тафовут дорад. Ба ибораи дигар, баъзе одамон хеле «Берунгаро» ва бархеи дигар, бениҳоят «Дарунгаро» ҳастанд, аммо бо вуҷуди ин, баъзе нафароне низ вомехӯранд, ки байни ин ду қарор доранд.

Тавассути "Шкалаи Е-Э"-и Роттер метавон Локус-назоратро ташхис ва омӯзиш намуд. Он аз 23 ҷуфт муҳокимаҳои интихобӣ бо 6 саволи иловагӣ барои пӯшонидани ҳадафи ин санҷиш иборат аст. Тадқиқот дар асоси шкалаи Е ва Э нишон медиҳад, ки яке аз фарқиятҳои калидии «Берунгаро» ва ё «Дарунгаро» ин тарзи ҷустуҷӯи маълумот дар бораи муҳити худ мебошад ва «Дарунгаро»-ён нисбат ба «Берунгаро»-ён эҳтимоли бештар рӯй овардан ба саломатиро афзалтар мешуморанд. Онҳо инчунин дар масъалаи мазкур (саломатӣ) чораҳои эҳтиётӣ меандешанд. Масалан, тамокукаширо бас мекунанд, ба машқ кардан оғоз мекунанд ва мунтазам ба духтур муроҷиат мекунанд. Масъалаи рӯй овардан ба беҳдошти саломатӣ дар масъалаи мазкур ҳам метавонад мусбат ва ҳам манфӣ бошад. Ишораҳои гуфташуда ба типи шахсияти «ипонхандрия» шабоҳат дорад, ки мутаассифона ин нафарон диққати бештари худро ба саломатии хеш равона мекунанд ва дар чорабиниҳои табобатӣ бошад, мутаассифона, мушкилот ба миён меоянд.

Ин нафаронро ҳатто аз даврони кӯдакӣ метавон мушоҳида намуд. Дар вақти бемор шуданашон волидайн ба фарзандон ғамхорӣ карда, онҳоро руҳбаланд мекарданд. Дар натиҷа, онҳо парҳезро риоя мекарданд, дандонҳои худро хуб шуста, мунтазам худро ба духтури дандон ва дигар духтурон нишон медоданд.

Тадқиқотҳо инчунин нишон медиҳанд, ки одамоне, ки “Берунгаро” ҳастанд, нисбат ба одамони “Дарунгаро” бештар мушкилоти равонӣ доранд. Масалан, мувофиқи андешаи Фарес, изтироб ва афсурдагӣ дар “Берунгароён” бештар ва дар худбаҳодиҳӣ нисбат ба “дарунгаро” пасттар аст. Ғайр аз он, одамони “Дарунгаро” нисбат ба шахсони ”Берунгаро” эҳтимоли камтар ба бемории руҳӣ гирифтор шуданро доранд.

Нафарони “Дарунгаро” дар мактаб хуб таҳсил мекунанд, камарбанди бехатариро истифода мебаранд, мушкилоти оилавии худро ҳал мекунанд, пули зиёд ба даст меоранд ва барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ аз лаззатҳои зиндагӣ лаҳзае даст мекашанд.

“Берунгаро” нисбат ба таъсири дохилӣ бештар таҳти таъсири иҷтимоӣ қарор доранд. Дар воқеъ, Фарес муайян кард, ки шахсони “дарунгаро” на танҳо ба таъсироти беруна муқовимат мекунанд, балки ҳангоми мавҷудияти имконият кӯшиш мекунанд рафтори дигаронро назорат кунанд. Хулоса, шахсони “Дарунгаро” нисбат ба “Берунгаро” ба

қобилияти худ дар ҳалли мушкилот эътимоди бештар доранд ва аз ин рӯ, новобаста ба андешаҳои дигарон мустақилона амал мекунанд.

Ҳамин тариқ, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки «Ман»-консепсия аз ҷониби назарияҳои гуногун ба таври мухталиф таъриф ва шарҳ дода шудааст, аз қабили:

1. "Ман чизе, ки дорам, ҳамонам." Маънои ин мафҳумро У.Ҷеймс равшан ифода кардааст.

2. "Он чизе ҳаст, ки маро ҳамон хел дидан мехоҳанд". Ин мавқеъро инкишоф дода, зери мафҳуми «Ман»-консепсия маҷмуи ақидаҳои шахс дар бораи худ, ки бо баҳодиҳии онҳо алоқаманд аст (И.С. Кон, С.Р. Пантилеев, М. Розенберг ва ғ.) фаҳмида мешуд.

3. «Маҷмуи муносибатҳое, ки ба худи шахс нигаронида шудааст...» (Р. Бернс), аз ҷумла, унсурҳои сохторӣ: образи «Ман», худбаҳодиҳӣ, аксуламалҳои рафторӣ ва интизорӣ (Г.Г. Овчинникова, Е.Т. Соколова, В.А.Ядов ва дигарон).

4. Системаи образҳои «Ман» ва образҳои шахс, ки дар он «образҳои «Ман» доимо тағйир меёбанд ва як тасвир ду бор ба вуҷуд намеояд...».

5. Такрорнашавандагӣ, асолати «асосхои нейросохтории фардии «Ман»-и шахс» (В.Т. Бахур).

Фаҳмиш ҳамчун механизми психологии худмуайянкунии шахс. Аксари муҳаққиқон нишондиҳандаҳо ва механизмҳои асосии худмуайянкунии шахсиро (К.А.Абулханова-Славская, Л.И.Божович, В.А.Бодров ва ғайра) дар самти арзиш ва самтнигарониши ҳаётӣ, консепсияҳо ва нақшаҳои ҳаётӣ ва маъноии шахсӣ мебинанд. Дар илми равоншиносӣ омӯзиш ва тадқиқотҳои илмиро дар масъалаи фаҳмиш П.П.Блонский [3], Н.И.Жинкин [5], В.П.Зинченко [6], В.В.Знаков [7; 8], Г.С.Костюк [9], Н.Т.Морозова [10], С.Л.Рубинштейн [11] ва дигарон анҷом додаанд.

Е.А. Сорокумова [13] проблемаи фаҳмишро тахлил намуда, якчанд ҷанбаҳои раванди фаҳмишро, аз қабили равандҳои шифоҳӣ ва ғайришифоҳиро қайд менамояд. А.А.Брудный [4] фаҳмишро як масъалаи фалсафӣ-психологӣ медонист; С.Л.Рубинштейн [11], А.А.Бодалев фаҳмишро ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳимми дарки шахс аз ҷониби худи шахс таҳлил кардаанд. Г.М.Андреева [1] ва В.В.Знаков [7] шинохти иҷтимоӣ ва фаҳмишро дар муошират омӯхтаанд. Нуқтаи умумии ин равишҳо ғояи фаҳмиш ҳамчун раванди инъикоси фаъоли воқеияти атроф, ки ҷузъи муҳимми маърифат аст, дида баромада шудааст.

Фаҳмиш мафҳуми хеле васеъ буда, мазмуни аниқ ва ҳаҷми муайянро надорад. Аксар вақт дар психология бо шинохтан шабоҳат дода мешавад, ки на он қадар дуруст аст. Шинохтан раванди азхудкунии донишро дар бораи ашё ва ҳодисаҳо дар бар мегирад. Фаҳмиш бошад, мафҳуми васеътарест, ки ҷузъи донишро дар бар мегирад. Фаҳмидани он на танҳо дониш дар бораи предмет-объект, балки дарки моҳияти он чизест, ки маълум аст. Фаҳмидан на танҳо азхудкунӣ, балки имкони интиқоли чизи фаҳмидашуда, инчунин ҷанбаи эҷодиест, ки имкони дидани уфуқҳои навро дода, кашф ва эҷоди донишҳои нав ба навро медиҳад.

Адабиёт

1. *Андреева Г.М. Социальная психология.- М., 1980. – 429 с.*
2. *Бёрнс Р. Б. Что такое Я-концепция // Бёрнс Р. Б. Развитие Я-концепции и воспитание : пер. с англ. — М. : Прогресс, 1986. — С. 30-66.*
3. *Блонский П. П. Память и мышление // Избранные психологические произведения. - М., 1964.- с. 287 – 503.*
4. *Брудный А. А. Понимание и текст // Загадки человеческого понимания.- М., 1990.- С. 114 - 128.*
5. *Жинкин Н. И. Механизмы речи. М., 1958.- 357 с.*
6. *Зинченко В. П. Работа понимания // Психол. Наука и образование,- 1997.- № 3.- С. 42 – 52*
7. *Знаков В.В. Понимание в познании и общении.- М., 1994.-235 с.*
8. *Знаков В.В. Понимание как проблема психологии человеческого бытия.- Психологический журнал.- том 21, № 2.- С. 7–15*
9. *Костюк Г. С. Вопросы психологии понимания // Сов.педагогика.-М., 1948.- № 9.- С. 105 - 112.*
10. *Морозова Н. Г. О понимании текста//Известия АПН РСФСР.- Вып. 7.- 1947.- С. 191 - 239.*
11. *Рубинштейн С. Л. Бытие и сознание. - М., 1957.- 328 с.*
12. *Слободчиков И. М. Переживание одиночества в рамках формирования «Я-концепции» подросткового возраста. (фрагмент) // Психологическая наука и образование. — 2005. — № 1.*
13. *Сорокоумова Е.А. Психология самопознания детей младшего школьного возраста. дисс. доктора псих. наук. Самара. 2002. – 308с.*

СОХТОРИ ХУДМУАЙЯНКУНИИ ШАХС ДАР ПСИХОЛОГИЯ

Мақолаи мазкур ба баррасии сохтор ва хусусиятҳои равонии худмуайянкунии шахс, аз ҷумла ҷанбаҳои асосии он — «Ман»-консепсия ва худшиносӣ бахшида шудааст. Дар он бо такя ба андешаҳои олимони барҷаста (Р. Бёрнс, У. Ҷеймс, Ҷ. Роттер ва дигарон) сохтори сеҷонибаи «Ман»-консепсия (образи «Ман», худбаҳодиҳӣ ва аксуламалҳои рафторӣ), шаклҳои зоҳиршавии он («Ман»-и воқеӣ, иҷтимоӣ ва идеалӣ) ва нақши худтанзимкуниву худтаъсирбахшӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф инчунин мафҳуми локус-назоратро (дарунгаро ва берунгаро) ва таъсири онро ба рафтор, саломатӣ ва ҳолати равонии шахс баррасӣ намуда, дар охир масъалаи фаҳмишро ҳамчун механизми муҳими психологии худмуайянкунӣ ва фарқияти он аз раванди оддии шинохт мавриди омӯзиш қарор додааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ташаккули ягонагӣ ва мувозинати сохтории «Ман»-консепсия барои мутобиқшавии бомуваффақияти иҷтимоӣ ва рушди устувори шахсият заминаи асосӣ мебошад.

Калидвожаҳо: худмуайянкунии шахс, «Ман»-консепсия, худбаҳодиҳӣ, образҳои «Ман», худтанзимкунӣ, локус-назорат (дарунгаро ва берунгаро), фаҳмиш, раванди маърифатӣ.

СТРУКТУРА ЛИЧНОСТНОГО САМООПРЕДЕЛЕНИЯ В ПСИХОЛОГИИ

Данная статья посвящена рассмотрению структуры и психологических особенностей личностного самоопределения, включая его основные аспекты — Я-концепцию и самосознание. В ней с опорой на идеи выдающихся ученых (Р. Бернс, У. Джеймс, Дж. Роттер и др.) проанализирована трехкомпонентная структура Я-концепции (образ «Я», самооценка и поведенческие реакции), формы ее проявления (реальное, социальное и идеальное «Я»), а также роль саморегуляции и самоэффективности. Автор также рассматривает понятие локуса контроля (интернальный и экстернальный) и его влияние на поведение, здоровье и психологическое состояние личности. В завершение исследуется проблема понимания как важного психологического механизма самоопределения и его отличие от обычного процесса познания. Результаты исследования показывают, что формирование единства и структурного баланса Я-концепции является основной основой для успешной социальной адаптации и устойчивого развития личности.

Ключевые слова: личностное самоопределение, Я-концепция, самооценка, образы «Я», саморегуляция, локус контроля (интернальный и экстернальный), понимание, познавательный процесс.

THE STRUCTURE OF PERSONAL SELF-DETERMINATION IN PSYCHOLOGY

This article is devoted to the examination of the structure and psychological characteristics of personal self-determination, including its main aspects — the Self-concept and self-awareness. Based on the ideas of prominent scholars (R. Burns, W. James, J. Rotter, and others), it analyzes the three-component structure of the Self-concept (Self-image, self-esteem, and behavioral responses), its forms of manifestation (real, social, and ideal Self), and the role of self-regulation and self-efficacy. The author also examines the concept of locus of control (internal and external) and its influence on behavior, health, and psychological well-being of the individual. Finally, the issue of understanding as an important psychological mechanism of self-determination and its difference from the ordinary cognitive process is studied. The research results demonstrate that the formation of unity and structural balance of the Self-concept serves as a fundamental basis for successful social adaptation and sustainable personal development.

Keywords: personal self-determination, Self-concept, self-esteem, Self-images, self-regulation, locus of control (internal and external), understanding, cognitive process.

Дар бораи муаллиф
Ҳабибуллозода Зокирҷон Ҳабибулло
Унвонҷӯи кафедраи кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: boboyorovzokir0@gmail.com

Об авторе
Хабибуллозода Зокирджон Хабибулло
Соискатель кафедры педагогики и психологии начальной школы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: boboyorovzokir0@gmail.com

About the author
Habibullozoda Zokirjon Habibullo
Applicant at the Department of Primary School Pedagogy and Psychology
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: boboyorovzokir0@gmail.com

ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати A4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи ибораҳои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳаммияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ» нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.
2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.
3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.
4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.
5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.
6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.
7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.
8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.
9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].
10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.
11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.
12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.
13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник педагогического университета. Серия педагогических и психологических наук». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.
14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).
15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.
16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.
17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).
18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University. Series of Pedagogical and Psychological Sciences» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.

2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.

3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.

4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.

5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.

6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.

7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.

8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.

9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].

10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.

11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.

12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.

13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University. Series of Pedagogical and Psychological Sciences». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.

14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.

15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.

16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.

17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.

18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия педагогических и психологических наук

2026, № 3 (29)

Издательский центр
Таджикского государственного педагогического
университета им. С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.pedagog.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60х80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 28.09.2026 г. Заказ № 125
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С. Айни